ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2019. №3

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2019. №3

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2019. No.3

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2019

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 8 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ	*Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Юсуфзода Носирҷон Салимӣ	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айни*
Раҳматуллозода Сахидод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Назарзода Сайфиддин	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*
Исмоилов Шамсулло Исмоилович	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва назарияи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*
Абдуллозода Масрур Аҳмад	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Кучаров Аламхон	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*
Саидов Ҳалимҷон Азизович	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Мамадназаров Абдусалом	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Муродов Мурод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Хоҷаев Давлатбек	*Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич	*Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2019. – №3. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №0038/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: 10.**01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.***

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд.

Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2019

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафарализода Худжамурод Куддуси	*Кандидат политических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Рахмонзода Абдуджаббор Азиз	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*
Юсуфзода Носирджон Салими	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, ректор Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни*
Рахматуллозода Сахидод	*Доктор филологических наук, профессор, директор Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*
Назарзода Сайфиддин	*Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*
Исмоилов Шамсулло Исмоилович	*Доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка и теории языкознания Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*
Абдуллозода Масрур Ахмад	*Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета*
Кучаров Аламхон	*Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондент АН РТ*
Саидов Халимджон Азизович	*Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*
Мамадназаров Абдусалом	*Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*
Муродов Мурод	*Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*
Нагзибекова Мехринисо Бозоровна	*Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*
Ходжаев Давлатбек	*Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*
Дустов Хамрохон Джумаевич	*Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2019. – №3. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №0038/ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2019

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY

Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 8 times a year.

CHIEF EDITOR:

Imomzoda Mukhammadyusuf Saidali	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi	*Candidate of political sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

***EDITORIAL BOARD**:*

Rahmonzoda Abdujabbor Aziz	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Yusufzoda Nosirjon Salimi	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Rector of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini*
Khorkashev Sakhidod	*Doctor of Philology, Professor, Director of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Nazarzoda Saifiddin	*Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Ismoilov Shamsullo Ismoilovich	*Doctor of Philology, Professor of the Tajik language and theory of linguistics of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*
Abdullozoda Masrur Akhmad	*Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*
Abdusattorov Abdushukur	*Doctor of Philology, Professor of the Department of the History of Tajik Literature of the Tajik National University*
Kucharov Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Saidov Khalimdzhon Azizovich	*Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*
Mamadnazarov Abdusalom	*Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Khodzhaev Davlatbek	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*
Dustov Khamrokhon Dzhumaevich	*Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2019. – №3. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.

© TNU, 2019

УДК 491.5:393

ТЕМАТИЧЕСКАЯ КЛАССИФИКАЦИЯ ЭТНОГРАФИЧЕСКОЙ ЛЕКСИКИ, ОТНОСЯЩЕЙСЯ К ТРАУРНЫМ ТРАДИЦИЯМ

Хонхужаева А.
Самаркандский государственный университет им. А. Навоӣ

Словарный состав таджикского литературного языка состоит из слов различных слоев, наиболее употребляемыми среди которых являются слова диалектного происхождения.

Диалектные слова в словарном составе таджикского языка имеют тысячелетнюю историю, в течение многих веков они постепенно развивались, образуя точную систему и укоренившись в речи.

Можно сказать, что процесс мышления и развития внутреннего мира, духовности человека точно передается в терминологии.

Поэтому терминология включает в себя все типы деятельности общества, и развивается в качестве самостоятельного раздела лексикологии.

Вследствие чего, в данном разделе диалектные слова изучаются с точки зрения семантики словарной группы.

К сожалению, в языкознании, данная сторона вопроса не изучена до конца.

Только в некоторых трудах ученых о том или ином диалекте иногда встречаются этнографические слова, в связи с чем данные труды можно считать первыми шагами в этом направлении.

На сегодняшний день одной из актуальных проблем лингвистики становится вопрос лингвистического изучения этнографической лексики похоронных и свадебных обрядов.

В традициях каждого народа имеются свои этнографизмы.

Особое место среди них имеют похоронные обряды, поскольку данный обряд в течение многих веков был связан с жизнью народа и сквозь века дошел до наших дней.

История этого обряда отражает все процессы, связанные с ним, и является отдельной темой для изучения.

Материалы, собранные по самаркандскому диалекту таджикского языка, несомненно внесут ясность в неизученные аспекты данной темы.

Часть лексики этого обряда широко используется среди населения, однако некоторые из них применяются только в узком кругу.

Наряду с разделением обряда на традиции, лексические единицы, применяемые в нем, целесообразно будет изучать разделив на группы.

С учетом всего вышеизложенного, лексику похоронных обрядов Самаркандского диалекта таджикского языка можно разделить на следующие тематические группы:

а) Слова, отображающие различные профессии или лиц, их исполняющих хаварчи, пайкол [жанозагӯ] (созыватель на похороны, вестник);

домуло [чилёсингӯ [й]] (мулла);

имом [жанозахон] имам, совершающий похоронную молитву;

покшӯ[й] [мурдашӯ[й]] (обмывальщик);

мункар – накир, бихалифа, гӯянда/ овозандоз (плакальщик, плакальщица);

обимахрамгир (очищающий, если покойного намечается похоронить на утро после смерти, совершается обряд омовения от пояса до пят, который исполняется одним из близких родственников);

ходим, гӯркоб, домулои қироаткунанда, домулои хатмбахш [человек совершающий ежедневное чтение Корана до годовщины смерти, в доме покойного, начиная с первой пятницы, после третьего дня, со дня смерти покойного];

В течение сорока дней, в доме покойного зажигается **нӯкча** (свеча), **бӯйробоф** [ткач циновок, во время обмывания, используется циновка];

кулол [гончар, изготавливающий специальную посуду, в которую наливается вода для обмывания].

Как мы отмечали выше, при подготовке покойного к захоронению, отдельные специальные обряды совершаются специально подготовленными лицами.

Например: созыватель, ходит по домама махалли и близлежащих улиц и сообщает людям о времени похорон, также меняются муллы, от одного обряда к другому.

Например: обычно похоронный намаз совершается имамом-хатибом махалли, в которой проживал покойный.

На кладбище молитву читает уже другой мулла. После возвращения в дом покойного, специально приглашенный мулла совершает молитвы для прибывших на похороны в течение трех дней.

Несколько примеров диалектных текстов:

- Дига гузаро-ба-ям жанозая расондет-мӣ? (Вы сообщили другим гузарам о джаназе (похоронной молитве)?)

- Ҳа, гузар-ба, паншта гузаройи атроф-ба чойхонешон-ба рафта гуфтам (Да, я сообщил в махалле и пяти махаллям вокруг нашей).

- Покшӯ дарун-ба даромад-мӣ? Не ҳоли надаромадас. Э, тезонед, вахт рафт, мурда-я мачид-ба жанозеш-а мехонан. (Зашел ли к покойному обмывальщик? – Нет, еще не вошел. – Э, поторопите его, время идет, похоронную молитву покойного будут читать в мечети).

- Агар дадетон-а мемон кадантӣ бошетон, оби маҳрам-ба гифтан даркор. Кӣ оби маҳрам-а мигират? (Если Вы хотите отложить похороны до завтрашнего рассвета, Вам нужно будет совершить обряд малого омовения (оби махрам), кто будет это совершать)?

- Гӯркоб-ба хавар додетон-мӣ? Чан-ба гӯр тайёр мешудас?... (Вы сообщили могильщику, когда будет готова могила?)

б) Инструменты, средства исполнения и наименование мест совершенствования обряда

Каждый ритуал, совершаемый отдельными лицами, возникает в зависимости от места и времени возникновения необходимости.

Например, обмывание покойного происходит в отдельном помещении, ритуал осуществляется обмывальщиком при помощи своего ученика или помощника.

Или плакальщица, собрав людей в круг, особым причитанием готовит всех к плачу.

Таким образом, каждый процесс исполняется в соответствии с особой целью.

Ритуалы осуществляются посредством различных приспособлений или предметов, которые также могут быть разделены на группы, которые мы приводим ниже:

1) Наименование места, на котором обмывальщики [мурдашӯён] осуществляют свой ритуал

Доска ходжи (тахтаи ҳожиён) используется для обмывания тела покойного.

Процесс обмывания осуществляется на доске ходжи.

Кроме того, обмывальщик (мурдашӯй) пользуется следующими предметами: **белая ткань [хомсуф], ножницы, иголка, нитка, базилик, растение наъно, циновка (буйра), офтоваи сафолин (глиняный кувшин), вата, лаган или таз, сатил (ведро)** (в прежние времена вода, в которой обмывался покойный, выливалась в специально отведенное место (обрез)).

На сегодняшний день вода, в которой обмывался покойный, собирается в тазик, переливается в ведро, выливается под дерево и закапывается.

Следует отметить, что вода для обмывания покойного, подогревается ходимом (помощником), и если в казане, где подогревалась вода остается немного воды, ею брызгают в лица пришедших на похороны женщин со словами **ба сабукӣ тобеъ** (к облегчению).

Из белой ткани (**сурф**) готовят мужскую накидку (**чодар**), рубаху (**кутта**), штаны (**эзор**). Затем их раскладывают по порядку и делают из этого саван.

Для женщин готовится головная накидка (**сарбанд**), накидка (**чодар**), штаны (**эзор**), платье (**кутта**), повязка для груди (**синабанд**), далее все по порядку раскладывается и готовится саван.

Кроме того, готовится повязка для челюсти (**суфманаҳбандак**), повязка для соединения больших пальцев ног (**лелабанд**), и после покрытия саваном, перевязываются голова, спина и ноги покойного.

Обмывальщик сообщает о готовности покойного и уходит.

Тело, обычно, в соответствии с этнографическими традициями, укладывается в гроб почтенными мужчинами.

Среди собранных нами сведений, имеются также слова, которые произносятся во время укладывания покойного в гроб.

А. Части, касающиеся гроба: **Тобут, норбон, сарпӯш, мех [шесты на которых закрепляется ткань вокруг гроба.**

Б. Ткани, оборачиваемые вокруг гроба: **суф** (**белая ткань**), **бахмал**, **атлас, фаранг** и другие.

Если покойный был человеком преклонного возраста, то впереди гроба вешается мужской халат (**жома, чапон, чакман**), или если это женщина - паранджа.

Поверх гроба накрывается новая ткань, обычно бархат.

Людей, которые встречаются по пути на кладбище во время похорон, называют “мехмон”.

На кладбище могильщикам преподносятся халаты, полотенца, чай, навват, рубахи, жойнамоз (коврик для молитв) и определенная сумма денег.

Если покойный человек преклонных лет, собравшимся преподносится **йиртиш** (кусок материи).

Раньше преподносили платок с завернутым в него чаем, сейчас преподносят деньги или чай.

2). Инструменты используемые могильщиками и наименование места их работы

Профессия могильщика, как и профессия обмывальщика, передается по наследству.

Обычно могильщики постепенно привлекают к своей работе своих детей.

Например, на кладбище Ходжа Ахрори Вали мы нашли династию могильщиков.

На сегодняшний день здесь этой профессией занимаются Амон ака, Джуракул ака.

Их отцы Джаббор бобо и Саттор бобо занимались этим вместе.

Дети Амон ака также копают могилы вместе с отцом.

Таким образом, профессия является династической.

Для того, чтобы выкопать могилу, используются специальные инструменты: каланд (кетмень**), теша, мисрон, лом, сатил** (ведро**), сатилча (**ведерко**), канаб, ғишт, каландча, кетмонча, тешача, пойтеша.**

Место захоронения покойного в Самарканде называется **гур**.

Гур также состоит из нескольких частей: **айвон** [первая часть могилы], **лаҳад** [внутренняя часть могилы].

Следует отметить, что в Центральной Азии, в соответствии с климатическими условиями, используется два вида могил:

Могила с внутренней частью и внешняя могила (**гӯри лаҳад и қабри шомӣ**)

Могилы с внутренней частью имеют многовековую историю, и по сей день используются в Самарканде, Душанбе и некоторых регионах Таджикистана.

Внешние могилы (Кабри шом) копаются в основном в каменистой или горной местности.

В могиле под голову покойного укладывается **хоки дуво** (**молитвенная земля**).

Развязывается челюсть, пояс, большие пальцы ног, голова и ноги покойного.

Внутренняя часть закрывается глиной или кирпичами, после чего песком заполняется внешняя часть могилы. На могиле образуется холмик (**гумбаз**).

После годовщины со дня смерти (**оши сол**), близкими покойного устанавливается надгробный камень.

3). Наименование одежды и других атрибутов используемых в день похорон

Данная одежда также может быть разделена на группы:

а) Наименование мужской одежды. Начиная с первого дня траура, близкие покойного надевают головные уборы **дуппи** и халаты, повязанные на поясе шелковыми или обычными поясами.

Члены семьи, в частности дети покойного, братья, муж, носят со дня траура до годовщины головной убор **дуппи**.

На третий день, после специальной молитвы, членам семьи развязывают пояса, церемония называется **миёнкушон**.

б) Наименование одежды и атрибутов членов семьи, родственников и женщин

Калиш, маҳсӣ, кавш, калтача (халат), фӯта [пояс], рӯмолча [на поясе прикрепляется специальный платок], куртаи кабуд (синее платье), қарс [накидка на голову], ремолчаи сарбандак (платок на голову), специальная накидка на шею.

в) Слова, отражающие процесс проведения церемонии.

В настоящем разделе рассматриваются слова, касающиеся похоронных обрядов, которые также могут быть распределены по группам.

Конечно, эти слова имеют диалектное значение, однако они близки к литературному языку, в плане произношения.

Авоз андохтан (причитания), если кто-то в семье умирает, члены семьи покойного собираются в круг и начинают причитать.

Авозандозӣ осуществляется в разное время похоронного обряда (до выноса тела, когда близкие родственники покойного причитают собравшись в круг):

женщины осуществляют причитания в различных церемониях похоронных обрядов, например, во время встреч и проводов.

Во время выноса покойного, причитания повторяются.

Данная церемония называется в литературном и диалектном таджикском языке одинаково “овозандозӣ”.

Жаноза гуфтан (совершение похоронной молитвы)-о времени похоронной молитвы сообщается в литературном и диалектном языке,этот процесс формируется как “**ба жаноза хабар кардан**”.

Фотиҳа хондан (совершение молитвы) – перед выносом покойного, родственники, соседи по махалле и соболезнующие раскрывают в молитве руки и говорят “Да благословит его душу Аллах”.

Миён бастан (подпоясывание) – родственники и члены семьи покойного подпоясываются в первые дни траура. В основном подпоясываются члены семьи покойного, посредством чего показывают, что находятся в трауре.

Мужчины надевают головные уборы дуппи, чапаны, подпоясываются поясом.

Миён кишодан (распоясывание**)–** эта церемония осуществляется на третий день похорон.

После совершения соответствующей молитвы, домулла разрешает всем распоясаться.

Мужчины распоясывают друг-друга.

Дуойу фотийа кадан (совершение молитвы)– после захоронения покойного, соседи по махалле и пришедшие на похороны, возвращаются в дом покойного, молятся, и этот процесс продолжается до третьего дня.

В остальные дни, а точнее, в четверг (канун пятницы) и в воскресенье (канун понедельника), люди будут приходить и молиться за душу покойного.

Покшӯ кадан – обмывание покойного.

Об гарм кадан – помощник подогревает воду для обмывания.

Об пошидан (опрыскивание) - брызгать в лица близких и членов семьи покойного теплой водой.

Вода брызгается для облегчения страданий.

Кроме того, пришедшие на похороны умываются водой.

Кафан кадан – после обмывания, тело покойного заворачивается в саван.

Кафан *а.*кусок белой ткани, в которую заворачивается покойный после обмывания

кафан дӯхтан (подготовка савана) подгон белой ткани по росту покойного перед обмыванием;

кафандӯз (швец савана) человек, шьющий саван для покойников.

Кафанӣ كفنى (саван) ткань, подготовленная для савана;

гӯрию кафанӣ (могила, саван) день траура, средства, подготовленные к похоронам.

Кафанпеч /кафанпеч кардан (оборачивание в саван) оборачивание покойного в саван [2, с. 667].

Ҷаноза хондан (читат молитва) – за душу покойного совершается похоронный намаз – джаназа у дома покойного или в мечети.

Джаназу совершает имам-хатиб или ответственный мулла, собравшиеся также молятся за покойного.

Тобут бардоштан (поднят гробь) – после укладывания покойного в гроб, его ставят на носилки, затем выносят наружу.

Гроб несут члены семьи, родственники, пришедшие по очереди.

Впереди идут подпоясанные родственники покойного.

Если кто-то присоединяется, чтобы понести гроб, ему дают такую возможность.

Кавутӣ додан (преподнесение синего) – близким родственникам женщинам преподносят синюю ткань, из которой они шьют платье которое носят до сорока дней или до года.

Гӯр кофтан (копание могилы)–для захоронения покойного копают могилу.

При копании могилы существует два процесса: айвонкоби и лахадкоби (копание внешней могилы и внутренней могилы).

Айвонкобӣ – копание внешней части могилы.

Лаҳадкобӣ – копание внутренней части могилы.

Ғишт мондан, чим мондан (складывание кирпичей, укладывание травой)- вход во внутренню часть могилы укладывается кирпичами или травой, для устранения попадания песка внутрь.

Соғона мондан (установка надгробного камня) – спустя год после смерти покойного, на могиле устанавливается надгробный камень.

Оби маҳрам рехтан (совершение обряда омовения) – если похороны отложены на утро следующего дня, совершается обряд омовения.

Хатмёсин хондан (сорокократное чтение молитвы Ёсин) – для облегчения страданий умирающего, домулло читает над ним суру Ёсин.

Садр кадан (причитание)– групповое причитание женщин.

Жар андохтан (рыдания) – специальные женские похоронные танцы.

Гулхалонӣ (украшение цветком)– на сороковой день траура проводится обряд одаривания цветком, после которого женщина, одаренная цветком, вправе носит нарядную одежду и освобождается от траура.

г) Слова, выражающие обычаи похоронного обряда

В течение одного года после похорон, эти слова используются в качестве наименований обрядов, например:

Ҷаноза –Первый день похорон.

Бегоҳи се – третий день смерти.

Бегоҳи ҷумъа – четверг, обычно день молитв.

Бегоҳи ҷуми нав –первый четверг.

Бегоҳи душамми–воскресенье, в этот день собираются родственники и гости для молитв.

Бист–проводится на двадцатый день после похорон. Приглашаются соседи по махалле и родственники. Обычно, приглашаются мужчины. **Бист:1.** Бист [число, количество, 20]; 2. Бист, маросиме, ки пас аз бист рӯзи фавти марҳум гузаронида мешавад [1, с. 480]

Азокушоён – эти обряды проводятся родственниками и членами семьи с приглашением близких родственников. Обычно проводятся для женщин.

Хатми Қуръон – обряд, проводимый до двадцатого дня или сороковин в доме близких родственников покойного.

Чил (қирқ)–проводится спустя сорок дней после похорон. На церемонию приглашаются мужчины и женщины. **Чил** 1. Чил [число, количество 40]; 2. Чил, маросиме, ки пас аз чил рӯзи фавти марҳум гузаронида мешавад [2, 780].

Оши сол (йил оши) – обычно, этот обряд проводится спустя 5,7,9 или 11 месяцев.

Соли тахт – обряд проводится спустя 12 месяцев после смерти покойного.

В дни священного месяца **Рамадан** или **Курбан** байрама также отмечается родственниками покойного в качестве скоромного ужина с чтением молитв.

День памяти и почести. 9 мая. –в этот день, родственники поминают покойного и посещают его могилу, убирают кладбище, несут цветы. Выводы. Диалект Самаркандских таджиков также имеет литературное происхождение. Лексический состав языка все время растет. При этом наблюдается переход некоторых слов в разряд устаревших или их употребление в новом значении. В результате развития общества, лексический состав языка подвержен двум факторам: обогащению благодаря внутренним и внешним факторам, что также заметно в глаза и в составе этнографизмов. Под внутренними факторами, понимается возникновение новых слов и понятий в составе таджикского языка, а под внешними факторами понимаются слова арабского или иного происхождения. Процесс свадеб и похорон в словарном составе этнографизмов таджикского языка весьма разнообра- зен и имеет ряд особенностей, связанных с духовной жизнью, а также родом деятельности, различными сферами производства, ценностями, особенностями быта и другими.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Маҳмудов М. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Бердиев. - Душанбе, 2012. – 946 с.
2. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – Москва: Наука, 1969. - С. 667.
3. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. - С. 480.

ТАСНИФОТИ МАВЗӮИИ ВОЖАГОНИ ЭТНОГРАФИИ МАРБУТИ МАРОСИМИ МОТАМ

Таркиби луғавии забони тоҷикӣ аз қабатҳои гуногун иборат буда, яке аз он қабатҳо лексика ё вожаҳои ифодагари расму оинҳои мардумӣ [этнографӣ] мебошад. Вожагони мардумшиносӣ [этнографӣ] чун яке аз воҳиди муҳимми забон маҳсули як қатор давраҳо буда, дар даврои асрҳои бисёре ташаккул меёбад. Бинобар ин, дар он далелу намунаҳои луғавии ба давраҳои гуногун ва алоҳидаи ҳаётӣ ҷамъиятӣ мансуббударо мушоҳида намудан мумкин аст. Аз ин ҷост, ки вожаҳои ифодагари мафҳуми мардумӣ ва расму оинҳо аз қабили калимаҳои хеле қадимӣ буда, дар таркиби луғавии ин ё он забон мавқеи муайянро ишғол мекунанд. Дар омӯзиши вазъи этнолингвистии ин ё он маҳал, омӯзиши вижагиҳои он лексика ё вожагони маросими мотам аҳаммияти аввалиндараҷа касб мекунад. Маросими мотам яке аз маросимҳои калонтарин ва маъмултаринест, ки онро тамоми халқиятҳои дунё ва қишрҳои мухталифи ҷомеаи инсонӣ аз сар мегузаронанд. Баъзе миллатҳо майит ё мурдаро месӯзонанд, баъзеи дигар то гӯронидан якчанд рӯз дар хона нигоҳ медоранд, зардуштиёни Ҳиндустон аз рӯйи оини бостонии худ ҷисми мурдаро дар ихтиёри зоғони заған монда, пасон устухонҳои онро ҷамъ карда дар дахмаҳо мегузоранд ва мусалмонон майитро ба хок месупоранд, ки ин худ гувоҳию шаҳодати тафовут ё фарқият дар мавриди иҷрои маросими мотами халқиятҳо мебошад: лексикаи маросимҳои пешазмотам; лексикаи маросими мотам; лексикаи марҳилаи маросими дафнкунӣ; лексикаи марҳилаҳои маросими пасаздафнкунӣ; вожагони этнографии маросими мотам аз нигоҳи сохтор; вожагони этнографии сода; вожагони этнографии сохта; вожагони этнографии мураккаб; вожагони этнографии таркибӣ ё дар шакли ибора.

Калидвожаҳо: расм, оин, мардумӣ, вожагон, мардумшиносӣ, калимаҳо, қадимӣ, майит, мурда, гӯронидан, дахма, хок, супоридан, маросими мотам, лексика, маросимҳои пешазмотам, дафнкунӣ, пасаздафнкунӣ, сохтор, сода, сохта, мураккаб, таркибӣ ё дар шакли ибора.

ТЕМАТИЧЕСКАЯ КЛАССИФИКАЦИЯ ЭТНОГРАФИЧЕСКОЙ ЛЕКСИКИ, ОТНОСЯЩЕЙСЯ К ТРАУРНЫМ ТРАДИЦИЯМ

В данной статье изучена проблема тематической классификации этнографической лексики (в том числе, разные профессии и их исполнители, инструменты, слова, выражающие процесс траурных традиций и одежд), относящейся к траурным традициям.Словарный состав таджикского литературного языка состоит из слов различных слоев, наиболее употребляемым среди которых являются слова диалектного происхождения. Диалектные слова в словарном составе таджикского языка имеют тысячелетнюю историю, в течение многих веков, они постепенно развивались, образуя точную систему и укоренившись в речи. Можно сказать, что процесс мышления и развития внутреннего мира, духовности человека точно передается в терминологии. Поэтому терминология включает в себя все типы деятельности общества и развивается в качестве самостоятельного раздела лексикологии. Поэтому в данном разделе диалектные слова изучаются с точки зрения семантики той или иной словарной группы. К сожалению, в языкознании, данная сторона вопроса не изучена до конца. Только в некоторых трудах ученых о том или ином диалекте иногда встречаются этнографические слова, в связи с чем данные труды можно считать первыми шагами в этом направлении. На сегодняшний день одной из актуальных проблем лингвистики является вопрос лингвистического изучения этнографической лексики похоронных и свадебных обрядов.

Ключевые слова: молитва, тюбетейка, сорок, двадцать, служащий, похороны, умерший, погребение, имам, гроб, кладбище.

THEMATIC CLASSIFICATION OF ETHNOGRAPHIC VOCABULARY RELATED TO MOURNING TRADITIONS

This article examines the problem of thematic classification of ethnographic vocabulary (including various professions and its performers, tools, words expressing the process of mourning traditions and clothes) related to mourning traditions. In today's globalization process, Tajik linguists face critical issues such as the study of the logical composition of every dialect in Tajik, comparing each of them with group and remote dialects, finding the right lines of literary language in the literary language, and recommending them to the creative community. Without having to re-examine and investigate the artistic, scientific and technical literature translations, elaborate and semi-written, bilingual and multilingual, syllabic dictionaries, linguistic and informative dictionaries, filling and refinement of the terminology layer of the Tajik language dictionary No good results can be achieved. Therefore, studying ethnographic expressions on wedding ceremonies, studying the ethnographic lexicon of ceremonies helps to determine the history and the present state of that language, the relationship between language owners with other peoples and the linguistic base of the language. "The dictionary content of the language varies according to historical and social needs and needs of the community. The potential language in the dictionary is always superior to the amount of vocabulary consumed there. This feature, which is typical of the dictionary, makes it possible for the speakers to freely and easily enjoy the word richness. In the linguistic case, the birth of a baby in the Samarkand Tajik dialects is in the cradle (gahvorabandon), five (gahvorabaxsh), chillaqochdi (chillagurizon), hair cutting (muysargiron), It is of particular importance to study the ethnographic traditions of a wedding, 12 years anniversary of birthday.

Key words: prayer, skullcap, forty, twenty, servant, burial, deceased, burial, imam, grave, cemetery**.**

Сведения об автора: ***Хонхужаева Анзурат*** - Самаркандский государственный университет им. А. Навои, старший преподаватель кафедры таджикского языка и литературы. E-mail: **akijon@mail.ru**.
Тел.: **(+998) 915-28-98-00**

Information about the author: ***Honhuzhaeva Anzurat*** - Samarkand State University named after A. Navoi, senior teacher of the Tajik language and literature department. E-mail: **akijon@mail.ru.** Tel.: **(+998) 915-28-98-00**

УДК: 491.550

СИСТЕМАИ ШАКЛҲОИ КАТЕГОРИЯИ ЗАМОНИ ФЕЪЛИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Маҷидов Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тадқиқи муназзаму доимии сохтори грамматикии забон ва ба ин васила тарҳандозии гунаҳои меъёрии он боиси инкишофу равнақи ҳамаҷонибаи он мегардад. Бо вуҷуди он ки дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ грамматикаи забони тоҷикӣ ба тариқи васеъ тадқиқ шуда, роҷеъ ба категорияҳои ҷудогонаи он, аз ҷумла, категорияи феъли он асару мақолаҳои муҳаққиқон Розенфельд А.З. [12; 13], Расторгуева В.С. ва Каримова А.О [10], Розенфелд А.З. ва Ниёзӣ Ш. [11], Маъсумӣ [4] ва боз дигарон ба вуҷуд омадаанд, бисёре аз масъалаҳои ин бахш то имрӯз ҳалли воқеии худро пайдо накардаанд. Ин, албатта, сабабҳои зиёд дорад. Аз ҷумла, ба ҳисоб бояд гирифт, ки тадқиқи воқеии сохти грамматикии забони тоҷикӣ, асосан, аз ибтидои асри ХХ шурӯъ шуда, як андоза дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ авҷ гирифта буд, ҳол он ки системаи мунтазам инкишофёбандаи забон, минҷумла, сохтори грамматикии он тадқиқу пажӯҳиши доимиро талаб мекунад. Дигар ин ки, дар корҳои тадқиқотии ба ин мавзӯъ бахшидашудаи асри гузашта бештар ба сохтори грамматикии забони русӣ такя гардида, бисёре аз ҳодисаҳои грамматикӣ аз он нусхабардорӣ шудаанд. Ва ниҳоят, мавриди муқаррар намудани мафҳумҳо, категорияҳо ва воҳидҳои грамматикии сирф тоҷикии мо муносибати онҳо бо тафаккур, инъикосгари тафаккур будани сохти грамматикӣ ба ҳисоб гирифта нашудааст. Дар воқеият, «агар забон ба тариқи умум ифодагари тафаккуру шуури соҳибзабонон

бошад, грамматикаи он дар шакли ниҳоят умумиятдодашуда ва муҷаррад инъикосгари сохтори дохилии ҳамин забон аст» [5, с.141].

Шояд ба ҳамин сабабҳост, ки дар асару монографияҳои доир ба ин мавзӯъ банашррасида дар масъалаҳои муқаррар намудани сарҳадоти ҳиссаҳои нутқ, категорияҳои морфологии чунин гурӯҳбандии калимаҳо, маъноҳо ва шаклҳои грамматикии ифодаи онҳо, сохтори воҳидҳои морфологӣ ва гурӯҳҳои сохториву маъноии ҳиссаҳои нутқи ҷудогона ва масъалаҳои зиёди дигар ба ҳарҷумарҷиҳои фаровон роҳ дода шудаанд. Агар боз ҳам саҳеҳтар доир ба ин мавзӯъҳо фикр баён карданӣ бошем, ҳақиқат ин аст, ки на фақат соҳибзабони бомаърифат, ҳатто муҳаққиқони зиёди соҳа низ доир ба ин мафҳумҳо тасаввуроти равшан надоранд. Масалан, доираи воҳидҳо, моҳияти категорияҳои бисёре аз ҳиссаҳои нутқ то имрӯз аниқ карда нашудаанд. Ба хотир оваред, баҳсҳоеро, ки дар атрофи ба кадом ҳиссаи нутқ мутааллиқ будани ин ё он калима (исм, сифат ё зарф) ба вуҷуд меомаданду имрӯз ҳам давом доранд [8, с. 98-101]. Ё ин ки вазъияте, ки ҷонишинҳову зарфҳо доранд низ боиси ташвиш аст. Дар мавриди ба гурӯҳҳои алоҳидаи маъноӣ ҷудо кардани ҷонишинҳо, масалан, ҷузъҳои асосии парадигмасози онҳо ба ҳисоб гирифта нашудааст. Ҳол он ки дар гурӯҳи саволӣ калимаҳои **кӣ, чӣ**; ишоратӣ **ин, он**; номуайянӣ **ҳеҷ;** таъйинӣ **ҳар, ҳама;** инкорӣ **ким** ҳамин гуна мавқеъ доранд. Тадқиқи муқоисавии ҷонишинҳои гурӯҳҳои номбаршуда бо забонҳои дигар муқаррар кардааст, ки маҳз ҳамин ҷонишинҳо дар сохтани парадигматикаи онҳо мақоми ҳалкунанда доранд [7, с. 49-54]. Мо бошем бисёр вақт бо гумони он ки баъзе аз онҳо баромади тоҷикӣ надоранд (масалан, ким) ҳатто дар китобҳои дарсии меъёрӣ онҳоро ҷой намедиҳем.

Айни ҳамин вазъиятро дар тайъини хосиятҳо, сохторҳо ва категорияҳои феъли забони тоҷикӣ метавон мушоҳида кард. То ҳол доир ба гурӯҳҳои сохторӣ ва категорияҳои феъли забони тоҷикӣ тасаввуроти аниқу бебаҳс надорем. Чунончи, дар адабиёти таълимии барои мактабҳои олии мамлакат пешниҳодшуда доир ба ин масъалаҳо фикри ягонаи муаллифонро мушоҳида намекунем. Ҳол он ки барои дарки саҳеҳи ин ҳиссаи нутқи ниҳоят мураккабу асосии забони тоҷикии мо бояд доир ба навъҳои гурӯҳҳои сохторӣ, анвои шаклҳои грамматикӣ ва категорияҳои грамматикии онҳо маълумоти аниқу бебаҳс дошта бошем.

Омӯзиши системаноки сохтори забон, аз ҷумла, сохтори грамматикаи он тақозо мекунад, ки тамоми маълумоти дар ин бобат мавҷуда ва имконпазир ба як низоми муайян дароварда шавад. Ҷадвали шаклҳои замонии категорияи феъли забони тоҷикӣ ба ҳамин мақсад мураттаб гардидааст. Маводе, ки дар ҷадвали замимаи ҳамин мақола [ниг. с. 12-14] оварда шудааст, шаҳодат бар он медиҳад, ки феъли забони тоҷикӣ аз бобати сохтор ба се навъ: сода (феълҳои сода ва сохта): **рафтан, даргирондан;** таркибӣ: **кор кардан, тамом шудан**; фразеологӣ: **аз сар гузаронидан, ба даст овардан**; аз рӯйи шаклҳои грамматикӣ ба ду навъ: шаклҳои сода (онҳое, ки ба тавассути бандакҳои феъливу хабарӣ сохта шудаанд: **рафтам, рафтаам**) ва шаклҳои таркибӣ (онҳое, ки бо феълҳои ёвар сохта шудаанд: **рафта будам, аз назар гузаронида истодааст**) ва ба панҷ категорияи грамматикӣ: шахсу шумора, тарз, сиға, замон, намуд таҷзия мешаванд. Аз он ҷумла, сиғаҳо дар ин ҷадвал ба панҷ навъ ҷудо карда шудаанд, ки хели панҷуми дар сарчашмаҳо қайд нашудаи онҳоро сиғаи нақлӣ ташкил медиҳад, парадигмаҳои замонҳо на фақат шаклҳои замонҳои гузашта, ҳозира ва ояндаро дар бар гирифтаанд, дар онҳо ҳамчунин шаклҳои замони оянда дар гузашта низ оварда шудаанд.

Дуруст аст, ки ҷадвали мавриди назар ҷадвали виртуалии системаи феъли забонамон буда, на ҳама шаклҳои имконпазири он дар гунаи меъёриашон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Аз ин ҷумла, масалан, дар замонҳои ояндаи сиғаҳо феълан танҳо шаклҳои наздик: **рафтаниям, рафтанӣ будам** (хабарӣ); **рафтанӣ будаам** (нақлӣ); **рафтанӣ будагистам** (эҳтимолӣ) ва монанди инҳо ба кор бурда мешаванд.

Шаклҳои замони оянда дар гузашта нисбат ба замонҳои дигар серистеъмолтаранд ва гоҳо дар шаклҳои ҳикоягӣ низ истифода шудаанд, вале дар ҳамин маврид ҳам, шаклҳои дури замонӣ ба кор бурда намешаванд. Масалан, шаклҳои навъи **рафтанӣ буда буд**, **донистанӣ буда буд**.

Танҳо шаклҳои сиғаи шартӣ аз ин бобат як андоза фарқ доранд. Ҳарчанд ки дар забони адабии хаттӣ на ҳама шаклҳои он дар истифодаанд, дар забони шифоҳии мардум ҷадвали пурраи онҳо ба кор бурда мешавад. Чунонки, ба тариқи зайл:

Замони гузашта	**Замони ҳозира**
Рафта бошам (наздик)	Равам (наздик)
Мерафта бошам (ҳикоягӣ)	Меравам (ҳикоягӣ)
Рафта буда бошам (дур)	_____ (дур).
Замони оянда	**Замони оянда дар гузашта**
Рафтанӣ бошам (наздик)	Рафтанӣ шавам (наздик)
Мерафтанӣ бошам (ҳикоягӣ)	Рафтанӣ мешавам (ҳикоягӣ)
Рафтанӣ буда бошам (дур)	Рафтанӣ шуда бошам (дур)

Мутаассифона, ин ҳама категорияҳо, парадигмаҳо ва воситаҳои грамматикии феъли забонамон, хоссатан, категорияҳои сиға, намуд ва замон ба тариқи бояду шояд тадқиқ нашудаанд. Чунин харҷумарҷиро бештар дар доираи категорияҳои замон ва намуд, ки бо ҳам алоқамандии тавъам доранд, зиёд мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар ин мақола ба диққати хонандаи муҳтарам баъзе мулоҳизаҳою натиҷагириҳои пешакӣ роҷеъ ба системаи шаклҳои замони феълии забони тоҷикӣ ҳавола карда мешаванд. Мавриди тазаккур аст, ки маълумоти мавҷудаи доир ба замонҳои феъл банашррасида чандон пурра ва саҳеҳ нест. Дар адабиёти ба феъли тоҷикӣ бахшидашуда бо такя ба ду асоси он шаклҳои замони гузашта, ҳамчунин се шакли замони ҳозира – аорист, замони ҳозираву ояндаи сиғаи хабарӣ, шакли замонии сиғаи амрӣ ва танҳо як шакли замони ояндаи дури сиғаи хабарӣ дода шудаанд [4, с.287-310; 2, с.211-226]. Аз рӯйи ин маълумот гӯё шаклҳои дигари замонӣ дар забони тоҷикӣ вуҷуд надоранд.

Ҳол он ки асосҳои феъл на ҳама шаклҳои замониро ба вуҷуд оварда метавонанд. Сабаб ин аст, ки баъзе шаклҳои таркибии ҳатто замони гузашта ҳам ба тавассути сифати феълии замони гузашта сохта мешаванд. Биноан табиист, ки шаклҳои замонии оянда бо сифати феълии замони оянда ба вуҷуд оварда шудаанд. Чизи дигаре ки дар ин маврид ба инобат гирифта шавад, ин аст, ки дар байни шаклҳои замонӣ ва маъноҳои ифодагари онҳо фарқҳои ҷиддӣ мавҷуд аст. Ё ба таври дигар, як шакли замони ҷудогона маъноҳои гуногуни замонҳои дигари ҳатто сиғаи дигарро низ, мумкин аст ифода карда бошад. Масалан, шакли ҳозираву ояндаи сиғаи шартӣ: **меравам** дар ифодаи замони ҳозираву ояндаи сиғаи хабарӣ ҳам ба кор бурда мешаванд, ё шакли замони гузаштаи наздики сиғаи хабарӣ дар намуди давомдор: **омада истодааст** ба вазифаи замони ҳозираи наздики ҳамин сиға низ дар истифода аст.

Дар сарчашмаҳо ҳамчунин мафҳуми феълҳои замони муайян оварда шуда, талқин карда мешавад, ки воситаи ифодаи грамматикии онҳо гӯё ёвари **истодан** мебошад [ниг. 1]. Ҳол он ки феъли ёвари **истодан** дар форсии тоҷикӣ аз қадим категорияи намуди давомдорро месозад. Ба ақидаи муҳаққиқони шарқшиноси даврони шӯравӣ Лившиц В.А. [3, с.64-65], Смирнова Л.И. [15, с.63-67] ба ин вазифа феъли **истодан** ҳанӯз дар Авасто, форсии қадим ва паҳлавӣ дар истифода будааст. Ба назари ин ҷониб, шояд шаклҳои феълӣ бо ёвари **истодан** бо маъноҳои иловагиашон ба вазифаҳои дигар истифода шаванд, аммо онҳо, пеш аз ҳама, ифодагари категорияи намуд мебошанд ва дар доираи сиғаҳову замонҳои гуногуни феъл ин маънои вижаро ифода мекунанд.

Дар сарчашмаҳои мавриди назар ҳамчунин дар мавридҳои зиёд хабарҳои номии таркибие, ки анҷомаашон бандакҳои мухталифи хабарианд, ҳамчун шаклҳои замонии феълӣ муаррифӣ шудаанд: **полковник будагист, дар ҳамон ҷо будагист** [11, с.14], **ягон масъалаи муҳим будагист** [2, с.227]. Ё, баръакс, таркибҳои феълии бо сифатҳои феълии замони оянда сохташуда ба ҷумлаи хабарҳои номӣ мансуб дониста шудаанд: **мебаромадагӣ шуд, рафтанӣ шудам, часпиданӣ шуд** [18, с.19].

Дар ин маврид ҳам саволи ҳақоние ба миён меояд, ки чаро бо сифатҳои феълии замони гузашта шаклҳои замонии феълро ба вуҷуд овардан мумкин будаасту сифатҳои феълии замони оянда фақат хабари номӣ месохтаанд? Табиист, ки дар ҳалли ин масъала низ мантиқ риоя нашудааст. Фарқи шаклҳои таркибии ифодагари замони феъл аз хабарҳои таркибии ба онҳо мушобеҳ дар ҳамин аст, ки аввалиҳо воситаҳои забонии ифода буда, дар қолабҳои тайёр вуҷуд доранд, гурӯҳи дуюм бошанд ҳодисаи нутқ буда, хосияти лаҳзавӣ доранд.

Теъдоди чунин харҷумарҷиҳо дар ин сарчашмаҳо хеле фаровонанд. Дар воқеият, шаклҳои замонии феъли забонамон ба маротиб зиёданд ва бисёре аз онҳо дар забони хаттии адабиамон низ истифода мешаванд, дар забони зиндаи мардумӣ бошад дар ин вазифа шаклҳои ниҳоят фаровони морфологӣ корбурд мегарданд.

Хулосаи калом, категорияи замони феъли забонамон яке аз категорияҳои басо муҳимми он буда, на фақат шаклҳои замони гузаштаву ҳозира дорад, ҳамчунин тавре ки аз маводи ҷадвал бармеояд, замони оянда ва оянда дар гузаштаро низ ифода карда метавонад.

Пеш аз он ки, дар хусуси ин ҳама шаклҳои грамматикии замонӣ таваққуф кунем, таърифи категорияи замони феъли тоҷикиро бояд муқаррар намоем. Дар сарчашмаҳои муътабари илми муосири лингвистӣ категорияи замони феълро чунин таъриф додаанд: «Категорияи грамматикие, ки муносибати амалро бо ибтидои лаҳзаи иҷрои он ифода мекунад, категорияи замон номида мешавад» [14, с.64]. Ба тавре ки аз ин таъриф бармеояд, ибтидои лаҳзаи иҷрои амал ҳамчун нуқтаи шурӯи он ба ҳисоб гирифта мешавад. Одатан ҳар як амал се лаҳзаи шурӯъ дорад: гузашта, ҳозира, оянда, вале дар доираи ҳар яке аз ин лаҳзаҳо боз тобишҳои иловагии мухталиф низ вуҷуд дошта метавонанд. Чунончи, шаклҳои асосӣ ва ё муттакои ифодагари замони наздик, ҳикоягӣ (фосиладор) ва дур аз ҳамин ҷумла мебошанд [6, с.50]. Ба тавассути ин шаклҳо дар доираи замонҳои гузашта,

ҳозира ва оянда лаҳзаи иҷрои амал боз ҳам аниқтар гардонида мешавад: Муқоиса шавад, ҳамин гуна лаҳзаҳо дар шаклҳои ҷудогонаи замони гузаштаи сиғаи хабарӣ: **рафтам** (наздик), **мерафтам** (ҳикоягӣ), **рафта будам** (дур).

Дар мавриди муқаррар намудани на фақат шаклҳои мухталифи замони феъл, ҳамчунин категорияҳои дигари феъли забонамон такя ба ин шаклҳои муттако ниҳоят зарур аст, зеро ки ҳама гуна шаклҳои категориявии феъли забонамон маҳз дар асоси ҳамин се шакли грамматикии муттакои замонӣ тавлид меёбанд. Чизи дигаре, ки дар мавриди муқаррар намудани шаклҳои замонии феъл бояд ба ҳисоб гирифта шавад, воситаҳои грамматикии ифодаи онҳо аст. Дар мавриди таъйини воситаҳои грамматикии ифодаи замон робитаи ин категорияро бо категорияи сиға бояд ба ҳисоб гирифт, чунки дар доираи ҳар сиғаи муайян категорияи замон воситаҳои грамматикии хосси худро дорад. Масалан, дар доираи сиғаи хабарӣ ба ҳайси чунин восита бандакҳои феълӣ, дар тасрифи сиғаи нақлӣ (агар шаклҳои мавҷудаи нақлиро ҳамчун сиғаи мустақил қабул кунем) – бандакҳои хабарӣ, дар ҳудуди сиғаи шартӣ – феъли **будан** дар шакли **бошад**, дар ҳалқаи сиғаи эҳтимолӣ – феъли **будан** дар шакли **будагист** ва ниҳоят дар доираи сиғаи амрӣ – шаклҳои шахси дуюми танҳо ё ҷамъи асоси замони ҳозираи феъл, сифати феълии замони оянда, феълҳои ёвари **будан** ва **шудан** дар шаклҳои амрӣ истифода мешаванд. Ин воситаҳои грамматикӣ дар айни замон нишондиҳандаҳои шаклҳои замонии феъли забони тоҷикӣ низ ба шумор мераванд. Илова бар ин, воситаҳои грамматикӣ дар забони шифоҳиамон барои ифодаи шаклҳои дури замонӣ феълҳои ёвари таркибии **буда бошад, буда будагист, буда будаст, буда будааст** ва шаклҳои мухаффафи онҳо **буда бошад, будагист, будудаст, будудааст** ба кор бурда мешаванд ва аз падидаҳои тозаи дар забонамон бавуҷудоомада дарак медиҳанд, ки муҳаққиқон сабабҳои пайдоиши онҳоро кайҳо қайд карда буданд [9, с.34-35].

Азбаски ҳама шаклҳои замони гузашта ва ҳозира дар адабиёти мавҷуда ҳамаҷониба тасвир ёфтаанд ва намунаҳои онҳо дар ҷадвал оварда шудаанд [9, с.12-14], дар ин бобат таваққуф накарда диққати хонандаи муҳтарамро ба шаклҳои замони оянда ва шаклҳои замони оянда дар гузашта (шаклҳои замонии ният), ки дар ягон адабиёти илмӣ тасвир нашудаанд, ҷалб менамоем. Чунонки, дар мавриди сохтани баъзе аз шаклҳои замони гузашта ҳамчун феъли асосии он сифати феълии замони гузашта истифода мешавад, дар ташкили шаклҳои замони оянда ва оянда дар гузашта сифати феълии замони оянда корбурд шудааст. Ҳамчун нишондиҳандаи ин шаклҳои замонӣ вобаста ба он ки дар кадоме аз ин сиғаҳо истифода шудаанд, феъли ёвари будан ва шаклҳои дигари сиғавии онҳо ба кор бурда мешаванд. Дар сиғаи хабарӣ ин вазифаро ҳамчунин бандакҳои хабарӣ низ дар мавридҳои муайян адо кардаанд, ки мо шартан онҳоро тарзи классикӣ номгузорӣ кардем. Масалан, **рафтаниам** (наздик), **мерафтаниам** (ҳикоягӣ), **хоҳам рафт** (дур). Шаклҳои маъмулии имрӯзаи онҳо ба тариқи зайл ба вуҷуд меоянд: **рафтанӣ будам** (наздик), **мерафтанӣ будам** (ҳикоягӣ), **рафтанӣ буда будам** (будудам – дур).

Дар назар бояд дошт, ки дар ин маврид бандакҳои хабарӣ чун феъли ёвари **будан** маҳз замони ояндаи феълро нишон медиҳанд, вале дар мавриди истифода шудани онҳо ҳамчун нишондиҳандаи хабари номӣ онҳо ҳатман ба замони ҳозира далолат мекунанд на ба замони оянда. Муқоиса шавад, мисолҳои зайл: **вай донишманд аст** (хабари номӣ) – **донистанӣ аст** (шакли феълии замони оянда), **вай гуреза аст** (хабари номӣ) – **гурехтанӣ аст** (шакли феълии замони оянда).

Дар забони адабии хаттии муосири тоҷикӣ аз имкониятҳои ниҳоят фаровони замони ояндаи феъл танҳо шаклҳои мутааллиқи ояндаи наздик истифода шудаанд. Масалан, дар шакли ояндаи наздики сиғаи хабарӣ бо ёвари **будан**:

Вай акнун аз тирамоҳи ҳамин сол **хонданӣ буд** (Ф.М.). Ман акнун ба назди шумо **рафтанӣ будам** (Ф.М.). Вай акнун ба шуъбаи адресҳои милитсия **телефон карданӣ буд**, ки Суриков даромада омад (Ф.М.). Рафиқам ба ман ҳайрон нигоҳ карда **савол доданӣ буд** (Ф.Н.). Вай ҳамаи мавҷудоти артелро бо нӯги нохун **гирифтанӣ буд** (Р.Ҷ.). Мо чӣ қадар дода метавониста бошем, ҳаминро **донистанӣ будам** (Р.Ҷ.). Анвари ҷиноятқорро **бахшиданӣ будӣ** (Ҷ.И.). Ман **гуфтанӣ будам**, ки шумо аз паси мардум ғайбат карда нагардед (Ҷ.И.).

Шакли замони ояндаи наздики сиғаи хабарӣ бо бандакҳои хабарӣ ҳам ифода шуда метавонад:

Ман дар ҳақиқат, ба шумо **некӣ карданӣ ҳастам** (С.У.). Коре, ки **сар карданӣ ҳастӣ** хело масъулиятнок аст (Р.Ҷ.). Пеш аз ҳама, дар бораи он чиз гуфтанӣ ҳастам, ки бештар аз ҳама маро ба ҳаяҷон овард (Ҷ.И.). **Оштӣ шуданӣ ҳастам**, – гуфт ӯ қатъӣ (Ф.М.). Чӣ, туро чӯрӣ **карда гирифтанӣ аст**? (П.Т.).

Шакли ояндаи наздики сиғаи хабарӣ, мумкин аст, бидуни ёвари будан ё бандакҳои хабарӣ ифода шуда бошад. Дар ин сурат чунин воситаҳои грамматикӣ фақат дар назар дошта мешавад:

Шумо **чӣ гуфтанӣ**? Намедонед, ки қонуни советӣ барои гумони ботил ҷазо медиҳад? (Ф.М.). Ман ба шумо як чизро **нишон доданӣ**, лекин ба ҳамин шарт, ки ханда накунед (П.Т.). Духтарам имсол мактаби ин ҷоро тамом карда ба шаҳр ба институт **рафтанӣ** (Р.Ҷ.).

Замони ояндаи феъл дар шакли ояндаи наздики сиғаи нақлӣ ҳам ба кор рафтааст:

Маълум шуд, ки ба шуъбаи вилоятии маориф аз марказ комиссия **омаданӣ будааст** (Ҷ.И.).

Замони ояндаи феъли забонамон бо шакли ояндаи наздики сиғаи шартӣ низ корбурд шуда метавонад. Дар ин маврид феъли ёвари будан дар шакли **бошад** ба кор бурда мешавад:

Дар ҳамон ҷо **мондани бошем**, менависам (Р.Ҷ.). Агар ягон чиз **навиштанӣ бошед**, рафиқ капитан, аз ҳама аввал дар бораи ҳамон Николай Кастенко нависед (Ф.Н.). Агар шумо бо ӯ **во хӯрданӣ бошед**, дар бораи вай ба мо ягон очерк нависед (Ф.Н.). **Навиштанӣ бошӣ**, аз инҳо дида одамҳои бештар хизмат карда дар ин ҷо ҳастанд (Ад. ва санъат).

Шаклҳои дигари замони оянда ҳарчанд ки дар забони хаттии адабии муосир ба назар нарасидаанд, вале дар забони зиндаи мардумӣ хеле серистеъмол мебошанд. Масалан, шаклҳои замони ояндаи ҳикоягӣ дар сиғаи хабарӣ ба тариқи **мерафтанӣ будам, мегирифтанӣ аст, медиданист** дар муҳовараи тоҷикии мо пайваста ба кор бурда мешаванд. Ба ҳамин монанд шакли ояндаи дур низ дар гуфтугӯйи мардум истифода бурда мешавад. Чунончи, ба тарзи **рафтанӣ буда будаст** (будудаст), **рафтанӣ буда бошад** (будошад), **рафтанӣ буда будагист** (будудагист).

Дар ин маврид ҳаминро таъкид бояд кард, ки шояд шакли ифодагари замонҳои дури сиғаи шартӣ: **буда бошад** (=будошад) аз форсиҳои бурунмарзӣ ворид шудааст. Дар ҳар сурат ин падидаи тоза ба нафъи инкишофи сохтори грамматикии забонамон аст. Чунонки дар ибтидои асри XX бисёре аз шаклҳои феълии забонамон (масалан, шаклҳои замони сиғаи эҳтимолӣ, сифати феълии замони гузашта бо пасванди **-гӣ: рафтагӣ, гирифтагӣ** аз забони зиндаи мардумӣ ба забони адабии хаттӣ ворид шудаанд [16, с.112, 123, 126-127], шаклҳои ҳикоягӣ ва дури замони оянда низ, мумкин аст, бо мурури вақт ба истифодаи забони адабӣ ворид мегарданд.

Тавре ки дар аввал қайд карда шуд, ба ҷуз шаклҳои замони оянда дар забонамон боз чунин шаклҳои замоние низ корбурд мешаванд, ки нияту хоҳиши соҳиби амалро дар замони гузашта ифода мекунанд. Ба ифодаи дигар ин шаклҳо амали замони ояндаро ифода мекунанд, ки дар замони гузашта дар назар дошта шудааст. Шартан ин шаклҳои замониро замонҳои оянда дар гузашта номидан мумкин аст. Шаклҳои мухталифи ин замон аз шакли сифати феълии замони ояндаи феъли асосӣ ва шакли замони гузаштаи ёвари **шудан** сохта мешаванд. Дар доираи сиғаи хабарӣ ҳамаи шаклҳои замонии он – шаклҳои наздик, ҳикоягӣ ва дур ифода шудаанд. Масалан, замони оянда дар гузаштаи наздик:

Ман ба пеши ӯ **рафтанӣ шудам** (С.У.). Баъзе касон маро дар нажодпарастӣ **муттаҳам карданӣ шуданд** (Ад. ва санъат). Ман ӯро аз ин гумони беҷо **баровардани шуда** гуфтам… (С.У.). Падарам бо маслиҳати ҳамсояҳо ӯро ба духтур бурда **нишон доданӣ шуд** (С.У.). Шайтон маро чандин маротиба **аз роҳ баровардани шуд** (С.У.). Шарофат ҳарфи маро шунида чизе **гуфтанӣ шуд** (П.Т.). Онҳо аз ҷояшон хеста ба мо **ҷой доданӣ шуданд** (Ф.Н.). Ронамро ба таги шикамаш монда вайро **чапагардон карданӣ шудам** (С.У.). Модарам ҳамдеҳаи худро ба хонаамон **таклиф карданӣ шуд** (С.У.).

Шакли ҳикоягии замони оянда дар гузашта низ дар забони адабии хаттии имрӯзаамон хеле серистеъмол аст:

Мо ба Қурғон равон шудем, Хидир акнун бо ман **муомилаи нағз карданӣ мешуд** (С.У.). Агенти сиёсии ҳукумати подшоҳӣ ба ин ислоҳот **роҳбарӣ карданӣ мешуд** (С.А.). Анварҷон ғурунг – ғурунг карда, ӯро **ором карданӣ мешуд** (Ҷ.И.). Акнун вай оҳиста-оҳиста ғиринғос зада **гиристанӣ мешуд** (Р.Ҷ.).

Шакли дури замони оянда дар гузашта низ дар забони адабии хаттӣ зиёд ба кор бурда мешавад:

Ман аз девор **гузаштанӣ шуда будам**, ки вай аз он тараф кокули маро кашида, аз дасташ сар надода истод (С.У.). Ман ба болои сараш рафта **ёрӣ расонданӣ шуда будам,** ки чашмашро кушод ва фурсате ҳайрон нигоҳ карда монд (Ф.Н.). Хушомадхӯҷа онро **партофтанӣ шуда буд**, ки оташ тамоми рӯю мӯйи ӯро фаро гирифт (Р.Ҷ.).

Дар доираи сиғаи нақлии забони адабӣ фақат шакли наздики замони оянда дар гузашта ба назар мерасад:

Ба ман **зан гирифта доданӣ шудаанд** (С.У.). Ба аламу ғусса тоб оварда натавониста худро **ҳалок карданӣ шудааст**, аммо Ҳаит хабардор шуда ӯро халос кардааст (С.У.). Ҳукумати Николай барои кор ёфта додан ба занони бекор ва муҳтоҷ ҳамин тарз як ҷо **барпо карданӣ шудааст** (С.А.). Баъд аз он усто чанд муддат фикр карда-фикр карда як ҳаллоҷии дигар **сохтанӣ шудааст** (С.У.).

Ба ин тариқа, истифодаи нопурраи шаклҳои замони оянда ва оянда дар гузашта дар забони адабии хаттиамон нишона аз маҳдудиятҳои парадигмавии категорияи замони феъли забонамон набуда, аз падидаи тозаи грамматикӣ будани онҳо шаҳодат медиҳад. Ниёзмандии соҳибони забон ба тарзҳои нави ифодаи замони феъл ин шаклҳоро дар забони зиндаи мардуми тоҷик, аз ҷумла, забони адабии шифоҳии тоҷикӣ ба вуҷуд овардааст ва дер ё зуд парадигмаҳои пурраи онҳо дар забони адабии хаттӣ низ пайдо хоҳанд шуд.

ЗАМИМА

Ҷадвали системаи шаклҳои имконпазири (виртуалии) категорияи замони феъли забони тоҷикӣ

	Замон / Сиға	Замони гузашта			Замони ҳозира		Замони оянда			Замони оянда дар гузашта (ният)		
		наздик	Ҳикоягӣ	дур	наздик	Ҳикоягӣ (ҳозираву оянда)	наздик	ҳикоягӣ	дур	Наздик	ҳикоягӣ	дур
1.	Хабарӣ	Рафтам; Кор кардам Аз сар гузаронидам	Мерафтам; Кор мекардам; Аз сар мегузаронидам	Рафта будам Кор карда будам Аз сар гузаронида будам	-	-	а) Рафтаниям; б) Рафтанӣ будам; Кор карданӣ будам; Аз сар гузаронидanӣ будам	Мерафтаниям; Мерафтанӣ будам; Кор мекардanӣ будам; Аз сар мегузаронидanӣ; будам	Хоҳам рафт Рафтанӣ буда будам (будудам) Кор кардanӣ буда будам (будудам) Аз сар гузаронидanӣ буда будам (будудам)	Рафтанӣ шудам Кор кардanӣ шудам Аз сар гузаронидanӣ шудам	Рафтанӣ мешудам Кор кардanӣ мешудам Аз сар гузаронидanӣ мешудам	Рафтанӣ шуда будам (шудудам) Кор кардanӣ шуда будам (шудудам) Аз сар гузаронидanӣ шуда будам (шудудам)
2.	Нақлӣ	Рафтаам Кор карда-ам Аз сар гузаронидаам	Мерафтаам Кор мекардаам Аз сар мегузаронидаам	Рафта будаам Кор карда будаам Аз сар гузаронида будаам	-	-	Рафтанӣ будаам Кор кардanӣ будаам Аз сар гузаронидanӣ будаам	Мерафтанӣ будаам Кор мекардanӣ будаам Аз сар мегузаронидanӣ будаам	Рафтанӣ буда будаам (будудаам) Кор карда-нӣ буда будаам (будудаам) Аз сар гузаронидanӣ буда будаам (будудаам)	Рафтанӣ шудаам Кор кардanӣ шудаам Аз сар гузаронидanӣ шудаам	Рафтанӣ мешудаам Кор кардanӣ мешудаам Аз сар гузаронидanӣ мешудаам	Рафтанӣ шуда будаам (шудудаам) Кор карда-нӣ шуда будаам (шудудаам) Аз сар гузаронидanӣ шуда будаам (шудудаам)
3.	Шартӣ	Рафта бошам Кор карда бошам Аз сар гузаронида бошам	Мерафта бошам Кор мекарда бошам Аз сар мегузаронида бошам	Рафта буда бошам Кор карда буда бошам Аз сар гузаронида буда бошам	Равам Кор кунам Аз сар гузаронам	Меравам Кор мекунам Аз сар мегузаронам	Рафтанӣ бошам Кор кардanӣ бошам Аз сар гузаронидanӣ бошам	Мерафтанӣ бошам Кор мекардanӣ бошам Аз сар мегузаронидanӣ бошам	Рафтанӣ буда бошам Кор кардanӣ буда бошам Аз сар гузаронидanӣ буда бошам	Рафтанӣ шавам Кор кардanӣ шавам Аз сар гузаронидanӣ шавам	Рафтанӣ мешавам Кор кардanӣ мешавам Аз сар гузаронидanӣ мешавам	Рафтанӣ шуда бошам Кор кардanӣ шуда бошам Аз сар гузаронидanӣ шуда бошам

4.	Эҳтимолӣ	Рафта-гистам Кор карда-гистам Аз сар гузаро-нида-гистам	Мераф-тагистам Кор мекарда-гистам Аз сар мегуза-ронида-гистам	Рафта буда-гистам (ё буду-дагис-там) Кор карда буда-гистам (ё буду-дагис-там) Аз сар гузаро-нида буда-гистам (ё буду-дагис-там)	-	-	Рафтанӣ будагис-там Кор карданӣ будагис-там Аз сар гузаро-нидани будагис-там	Мераф-танӣ будагис-там Кор мекар-данӣ будагис-там Аз сар мегуза-рони-данӣ будагис-там	Рафтанӣ буда будагис-там (будуда-гистам) Кор карданӣ буда будагис-там (будуда-гистам) Аз сар гузаро-нидани буда будагис-там (будуда-гистам)	Рафта-нӣ шу-дагис-там Кор карда-нӣ шу-дагис-там Аз сар гузаро-нидани шуда-гистам	Раф-танӣ мешу-дагис-там Кор кар-данӣ мешу-дагис-там Аз сар гуза-рони-данӣ мешу-дагис-там	Рафтанӣ шуда будагис-там (шудуда-гистам) Кор карданӣ шуда будагис-там (шудуда-гистам) Аз сар гузаро-нидани шуда будагис-там (шудуда-гистам)
5.	Амрӣ	-	-	-	Рав Кор кун Аз сар гуза-рон	(арх. Мерав Кор мекун Аз сар мегуза-рон)	Дониста бош! Зинда бош! Поянда бош! (арх. Зинда бод, Поянда бод, Нест бод)	-	-	Рафта-нӣ шав Кор карда-нӣ шав Аз сар гузаро-нидани шав	-	-

Эзоҳ: 1) Ҳамчун мисол феълҳои навъи сода, таркибӣ ва фразеологӣ дар шакли шахси якуми танҳо (ба ҷуз сиғаи амрӣ) оварда шудаанд.

2) Шаклҳои мухаффафи тасрифӣ (дар қавсайн) бо такя аз намунаҳои забони шифоҳии тоҷикӣ оварда шудаанд, ки на ҳамаи онҳо дар забони адабии хаттӣ инъикоси худро ёфтаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳмадова Ӯ. Шаклҳои феълӣ бо ёридиҳандаи «истодан» дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ӯ.Аҳмадова. – Сталинобод, 1961.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Ҷ. 1. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
3. Лившиц В.А. О внутренных законах развития таджикского языка / В.А. Лившиц // Забоншиносӣ. Маҷаллаи илмӣ. – № 1. – Душанбе, 2010.
4. Маъсумӣ Н. Феъл // Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Қ.1. – Душанбе: Ирфон, 1973. – С. 231-324.
5. Маҷидов Ҳ. Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2014. – 352 с.
6. Маҷидов Ҳ. Оид ба категорияи намуди феъл дар забони тоҷикӣ / Ҳ. Маҷидов // Паёми донишгоҳ. Маҷмӯаи илмӣ. – № 1. – Душанбе: Сино, 1990.
7. Муродов Б. Вижагиҳо ва умумияти истифодаи ҷонишинҳои манфии забони тоҷикӣ ва англисӣ дар ҷумла / Б. Муродов // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои филологӣ. – № 1. – 2018. – С. 49-54.
8. Ниёзмуҳаммадов Б. Обзори китобҳои дарсӣ ва мақолаҳои илмие, ки дар онҳо бахшида ба боби зарф фикру мулоҳизаҳо ронда шудаанд / Б.Ниёзмуҳаммадов. Забоншиносии тоҷик. (Асарҳои мунтахаб). – Душанбе: Дониш, 1970. – С. 95-101.
9. Расторгуева В.С. Доклад по опубликованным работам под общим названием «Исследование по таджикской диалектологии» / В.С. Расторгуева. – АДД. – М., 1964.
10. Расторгуева В.С., Керимова А.А. Система таджикского глагола / В.С.Расторгуева, А.А. Керимова. – М.: Наука, 1964. – 291 с.
11. Розенфелд А.З. Феъл // Грамматикаи забони тоҷикӣ / А.З.Розенфелд, Ниёзӣ. – Қ.1. – Сталинобод, 1956. – С. 105-150.
12. Розенфельд А.З. Глагол / А.З. Розенфельд // Очерки п грамматике современного таджикского языка. – Вып. II. – Сталинабад: Изд. АН Тадж. ССР, 1954. – 79 с.
13. Розенфельд А.З. Материалы к исследованию сложно-составных глаголов в современном таджикском литературном языке / А.З. Розенфельд // Очерки по грамматике таджикского языка. – Вып. I. – Сталинабад: Изд. АН Тадж. ССР, 1953. – 47 с.
14. Розенталь Д.Э., Теленкова М.А. Словарь справочник лингвисти-ческих терминов / Д.Э.Розенталь, М.А.Теленкова. –М.: Просвещение, 1978. – 543 с.
15. Смирнова Л.И. Язык «Та·рихи Систон» (грамматическое описание) / Л.И. Смирнова // Труды АН. Тадж. ССР. Институт языка и литературы. – Т.СХ. – Исследование по исторической грамматике таджикского языка. – Вып. I. – Сталинабад, 1959. – 143 с.
16. Ҳоҷиев С. Забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX / С.Ҳоҷиев. – Душанбе, 1987. – 166 с.

17. Шербоев С. Хабарҳои феълӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / С.Шербоев. – Душанбе, 2004.– 145 с.
18. Эшонҷонов А. Именное сказуемое в современном таджикском литературном языке / А.Эшонҷонов. – АКД. – Сталинабад, 1959. – 30 с.

СИСТЕМАИ ШАКЛҲОИ КАТЕГОРИЯИ ЗАМОНИ ФЕЪЛИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Тадқиқи муназзаму доимии сохтори грамматикии забон ва ба ин васила тарҳандозии гунаҳои меъёрии он боиси инкишофу равнақи табииву ҳамаҷонибаи он мегардад. Ҳарчанд ки дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ сохтори грамматикии забони тоҷикӣ тадқиқ шуда, аз ҷумла роҷеъ ба категорияи феълии он асару мақолаҳои зиёде ба вуҷуд омадаанд, бисёре аз масъалаҳои он то имрӯз ҳалли воқеии худро пайдо накардаанд. Ин сабабҳои зиёд дорад. Масалан, ба ин ҷумла хеле дер шуруъ шудани тадқиқи воқеии илмии сохтори грамматикии забони тоҷикӣ, ба инобат гирифта нашудани хосиятҳои аналитикии он ва аз ҳама асосӣ сарфи назар гаштани робитаи қавии байни сохтори грамматикии забон бо тафаккур дохил шуда метавонанд. Маҳз бо ҳамин сабабҳо доир ба гурӯҳҳои сохторӣ, шаклу маъноҳо ва категорияҳои грамматикии яке аз ҳиссаҳои нутқи мутаккои забони тоҷикӣ – феъл то имрӯз тасаввуроти аниқу бебаҳси илмӣ мавҷуд нест. Ҳол он ки омӯзиши системаноки сохтори феъли забони тоҷикӣ собит мегардонад, ки он дар баробари гурӯҳҳои сохтории муайян ба шаҷараи шаклҳои фаровони грамматикӣ низ соҳиб аст, дар доираи онҳо як ҳиссаи чашмрасашон ифодагари категорияи замони феъл мебошанд. Дар адабиёти илмии то ба имрӯз банашррасида доир ба феъли забони тоҷикӣ бошад таъкид шудааст, ки шаклҳои замонӣ танҳо дар заминаи ду асоси он – асоси замони гузашта ва ҳозира тавлид меёбанд. Шаклҳои замонии феъли забони тоҷикӣ дар воқеият нафақат дар заминаи асосҳои он, ҳамчунин сифатҳои феълии замони гузашта, оянда ва воситаҳои грамматикии навъи бандакҳои феълӣ, хабарӣ; феълҳои ёвари «будан», «шудан» ва шаклҳои мухталифи дигари онҳо ба вуҷуд оварда мешаванд. Дар асоси ин ҳама воситаҳои грамматикӣ шаклҳои мухталифи замонии феъли забони тоҷикӣ – замони гузашта, ҳозира, оянда ва оянда дар гузашта тавлид ёфта метавонанд, ки соҳибзабонони тоҷик кайҳост барои ифодаи фикри худ аз онҳо самаранок истифода мебарад.

Калидвожаҳо: шакл, сохт, сохтор, сохти грамматикӣ, категорияи грамматикӣ, феъл, замони ҳозира, оянда, гузашта; замони оянда да гузашта.

СИСТЕМА ФОРМ КАТЕГОРИИ ВРЕМЕНИ ГЛАГОЛА В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Системное и стабильное исследование грамматического строя языка и создание на этой основе различных его нормативных вариантов способствует его естественному и всестороннему развитию. Хотя грамматический строй таджикского языка, в том числе и категории глагола, в годы советской власти были исследованы, и по этой проблеме изданы многочисленные монографии и статьи, очень многие его вопросы до сего дня остаются неразрешенными. Это связано со многими причинами. К таковым можно отнести небольшой срок фактического научного исследования грамматического строя таджикского языка, игнорирование его аналитического строя и непосредственной связи с человеческим мышлением. По этим причинам до сего дня по вопросам структурных типов, форм и семантики, а также грамматических категорий одной из основных частей речи таджикского языка-глагола нет единства мнений. Хотя системное исследование строя таджикского глагола свидетельствует о том, что таджикский глагол наряду со структурными разновидностями обладает большой сетью грамматических форм, значительная часть которых выражает категорию времени. В опубликованных по вопросам таджикского глагола работах подчеркивается, что временные формы образуются на базе двух основ-основы прошедшего и настоящего времени. В действительности, наше исследование выявило, что временные формы глагола таджикского языка образуются не только на базе глагольных основ, но и посредством причастия прошедшего и будущего времени, глагольного окончания, глагола-связки и вспомогательных глаголов “будан”, “шудан”, а также различных их форм. Отдельные временные формы таджикского языка, например формы прошедшего, настоящего и будущего времени, а также форма будущего в прошедшем образуются на базе именно таких грамматических средств, которыми носители таджикского языка давно оперируют для более точного выражения своих мыслей.

Ключевые слова: форма, строй, структура, грамматический строй, грамматическая категория, глагол; настоящее, прошедшее, будущее время; будущее время в прошедшем.

SYSTEM OF FORM CATEGORIES OF VERB TENSES IN TAJIK LANGUAGE

Systemic and stable study of language grammatical structure and establishing variety of normative variantscontribute into its comprehensive development. Although grammatical lstructure and verbcategories of Tajik language have been studiedduring soviet times and multiplemonographs and papers have been published, there are still pending issues. It has manyreasons, such asa short history of factual scientific researchesof grammatical structureof Tajik language, disregarding its analytical order and direct link to human thinking. Therefore there are no shared viewpoints on structural types, forms, semantics, grammatical categories of verb- one of the critical parts of Tajik language.Although systemic studyof Tajik verbs structure demonstrates that Tajik verb alongside its varieties has a wide network of grammatical forms, the majority of which expresses the tense category. Published papers on Tajik verbsemphasize that tense forms are formed on 2 bases-past tense and present tense.In fact, our research revealed that tense verb forms in Tajik language are formed not only on verb stem but as well via past participle and future participle, verb ending, copular verband auxiliary verbs “to be” and “to become” and their diverse forms. Some verb tense forms in Tajik language, and future in the past tense are formed on alike grammatical tools, which Tajik natives use to more clearly express their thoughts.

Key words: form, structure, grammatical structure, grammatical category, verb; present, past, future tense; future in the past tense.

Сведения об авторе: ***Маджидов Хамид*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992 37) 238-07-51**

Information about the author: ***Madzhidov Hamid*** - Tajik National University, doctor of philological sciences, professor of the department of modern Tajik literary language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992 37) 238-07-51**

УДК: 491.550-54

ҲАМНИШИНИИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВӢ АЗ ЛИҲОЗИ МАНШАЪ

Кабиров Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар системаи лексикии (низоми луғавии) забон воҳидҳои луғавӣ ё аз лиҳози маъно ва ё аз ҷиҳати шакл (сувар) байни ҳамдигар иртибот дошта, боиси ташаккули гурӯҳҳои лексикӣ-семантикӣ (луғавӣ-маъноӣ) мегарданд. Воҳидҳои луғавии ин гурӯҳҳо дар ҷараёни нутқ ё худ занҷираи гуфтор дар ҳолатҳои муайян ба шакли ҷуфт ҳамнишин мешаванд, ки ин ҳамнишинии воҳидҳои мазкур ба асоси қоидаву меъёрҳои муайян сурат мегирад. Хусусан, ҳамнишинӣ ба сурати ҷуфт дар гурӯҳҳои лексикӣ-семантикии муродифот ва мутазод назаррас мебошад:

1. **Ҳамнишинии муродифот.** Мусаллам аст, ки муродифот яке аз гурӯҳҳои муҳим ва меҳварии системаи лексикӣ-семантикии забон буда, барои бо тамоми ҷузъиёту рангорангӣ, муассиру дилхоҳ ифода намудани ашё, ҳаводис, мафҳумҳо ва ҳадафу маром нақши калон доранд. Вижагии хосси дигари муродифот ин аст, ки онҳо дар занҷираи гуфтор бештар ба сурати ҷуфт ҳамнишин шуда ва мавриди истифода қарор мегиранд. Зимнан, қобили зикр аст, ки ба таври ҷуфт баҳамоӣ, яъне ҳамнишинии муродифотро муҳаққиқон бо истилоҳҳои гуногун номгузорӣ кардаанд. Чунончи, навъҳои: хушу хурсанд, ҷангу ҷадал, зебу зинат, гарду чанг ва амсоли инҳоро Н. Маъсумӣ «ибораҳои синонимӣ» номида бошад [3, с.154], Б. Сиёев ба онҳо истилоҳи «воҳидҳои ҷуфт»-ро мувофиқ донистааст [6, с.28]. Муҳаққиқ Р. Набиева бошад, онҳоро «таркибҳои ҷуфт» ном бурдааст [Набиева, 1970, с.27] ва ғ. Таврe ки дида мешавад, олимони шинохта дар мавриди бо кадом ном ифода намудани муродифоти ҷуфтистеъмол назари ягона надоранд.

Воқеан, агар мо ба таърифи ибораву таркиб эътибор диҳем, равшан мегардад, ки воҳидҳои луғавии мазкурро «ибораҳои синонимӣ» ва ё «таркибҳои ҷуфт» номидан, ба андешаи мо, мувофиқ набуда, ҳамчунин онҳоро «воҳидҳои ҷуфт» ном бурдан низ созгор нест, чаро ки дар забон воҳидҳои дигар (фонема, морфема, калима, ибора, ҷумла ва матн) вуҷуд дошта, чӣ гуна воҳид будани намунаҳои мазкур равшан намегардад [1, с.121].

Бо дарназардошти андешаҳои боло, ягона истилоҳе, ки табиату моҳият ва шакли баҳамоӣ ва ҳамнишинии онҳоро комилан инъикос мекунад, истилоҳи «ҷуфтҳои муродифӣ» (ҷуфтҳои синонимӣ) мувофиқ мебошад, зеро ки онҳо аз ду калима – як ҷуфт иборат буда, дар айни замон ба ҳам муродифанд [1, с.121].

Ҳамчунин бисёр забоншиносон, аз ҷумла А. А. Реформатский низ, намудҳои лоб-чело, глаза- очи, губы- уста ва монанди онҳоро ҷуфтҳои муродифӣ (синонимические пары) ном бурдааст [5, с.91].

Меъёрҳои ташаккули ҷуфтҳои муродифӣ ҳам ба ҷанбаи маъноӣ ва ҳам ба ҷанбаи овозии (шаклии) вожаҳои ҳамнишиншаванда вобаста мебошад. Ба таври дигар, дар ташаккули ҷуфтҳои муродифӣ дар занҷираи гуфтор ҳам робитаи парадигматикӣ (амудӣ, интихобӣ) ва ҳам робитаи синтагматикӣ (уфуқӣ, занҷирӣ, ҳамнишинӣ) саҳм мегиранд. Яъне дар ҷараёни нутқ вобаста ба ҳадафу муҳтавои мавриди назар вожаҳои муродифӣ ба асоси меъёру қоидаҳои муайян, тибқи меҳвари амудӣ ва меҳвари уфуқӣ ҳамнишин мешаванд ва ҷуфти муродифиро ташкил медиҳанд, яъне ҳар як вожа наметавонад, ки бо ҳар як муродифи худ ҳамнишин шавад. Дар ин замина забоншиноси борикбин Б. Сиёев дар мақолааш: «Таърихи воҳидҳои ҷуфт дар забони адабии тоҷик» корбурди 72 ҷуфти муродифиро дар асари «Таърихи Бадахшон» муайян намуда, ба таври мисол вожаи «гард»-ро гирифта, муқаррар менамояд, ки вожаи мазкур бо калимаҳои зиёд (20 калима) муродиф буда, силсилаи муродифиро ташкил намудааст. Лекин ин калима (гард) аз байни 20 муродифаш танҳо бо вожаи «чанг» (гарду чанг) ҷуфти муродифиро ташкил намудааст [6, с.28].

Воқеан, агар мо ба шаклу моҳияти ҷуфтҳои муродифӣ амиқан таваҷҷуҳ намоем, метавон натиҷагирӣ кард, ки раванди ташаккули ҷуфтҳои муродифӣ ба ҷараёни инкишоф ва ташаккулёбии равониву суфтагардии забонамон дар тӯли асрҳо вобаста буда, ин ё он муродиф дар давраи муайяни таърихӣ дар доираи меъёру қолабҳои забон ҷуфти муродифиро ташкил намуда ва он ҷуфт тадриҷан забонзаду серистеъмол ва тақрибан устувору рехта мегардад.

Мусаллам аст, ки забон ҳамеша ба равониву мавзунӣ ва содагӣ майл дошта, ҷуфтистеъмолшавии воҳидҳои забонӣ ба ҳамин раванд вобаста буда ва маншаъ мегиранд. Чунончи, ҷуфтҳои муродифӣ ҳангоме равониву мавзунӣ ва гӯшнавозӣ касб менамоянд, ки ба воситаи пайвандаки ***-у*** (бидуни ивазкунии пайвандаки ***-у ва/ва*** ҷойивазкунии ҷузъҳоташаккул ёфта бошанд. Агар ин навъ воҳидхои ҷуфтистеъмол ҷойи ҳамдигарро иваз намоянд ва ё бо пайвандаки *ва* оянд, равониву мавзунӣ ва оҳангнокии онҳо аз байн

меравад. Муқоиса кунед: ***зебу зинат// зеб ва зинат//зинату зеб, урфу одат// урф ва одат//одату урф, ризқу рӯзӣ// ризқ ва рӯзӣ//рӯзиву ризқ, расму русум// расм ва русум//русуму расм, нону намак// нон ва намак//намаку нон, сурху сафед// сафеду сурх//сурх ва сафед, ширу шакар//шир ва шакар// шакару шир*** ва ғайра.

Ҳамчунон гурӯҳи зиёди ҷуфтҳои муродифиро вожаҳое ташкил медиҳанд, ки дар онҳо меъёри асосии ташаккулёбӣ яксон будани овоз ё худ ҳамсадои оғозии калима (нағмаи ҳуруф –аллитератсия) мебошад. Масалан, ***тару тоза, талу теппа, хасу хошок, хатту хол, хару хингал, сангу сафол, долу дарахт, ҷангу ҷидол, боду борон, мӯру малах, табу тоб, қошу қавоқ***ва ғайра.

Нуктаи ҷолиби дигар дар ин доира ин аст, ки дар ташаккулу зуҳури ҷуфтҳои муродифӣ мансубияти забонии вожаҳои муродифӣ низ нақши муайян доранд. Агар мо аз лиҳози маншаъ ба ҷуфтҳои муродифи назар афканем, маълум мешавад, ки чун мақоли: «аввал хеш, бад дарвеш » асосан, вожаи тоҷикӣ бо вожаи тоҷикӣ, вожаи арабӣ бо вожаи арабӣ, вожаи туркӣ (ӯзбекӣ) бо вожаи туркӣ ҳамнишин шудаанд, ё худ ба ифодаи Хоҷа Насруддини Тӯсӣ, байни вожаҳои ҳамнишин бояд таоруф (ошноӣ) бошад.

Чунончи, тоҷикӣ бо тоҷикӣ: хасу хошок, боду борон, долу дарахт, каму кост, марзу бум (марзбум), талу теппа, имову ишора, гилаву ҷингила, хоку хун, сангу сафол, тару тоза ва ғ. Арабӣ бо арабӣ: фатҳу зафар, ҳарбу зарб, ишқу муҳаббат, шаъну шавкат, расму оин, расму русум, урфу одат ва ғ. Туркӣ бо туркӣ (ӯзбекӣ): қошу қавоқ, қилу қол ва ғайра.

Албатта, аз лиҳози мансубияти забонӣ ҷуфтҳои муродифии омехта (муштаракзабон) низ ба мушоҳида мерасад, ки ин аз ҳамгироии забонҳо дар тӯли асрҳо шаҳодат медиҳад.

Чунончи: тоҷикӣ – арабӣ: ҷангу ҷадал, зебу зинат; арабӣ– тоҷикӣ: адлу дод, таҳсину офарин, ризқу рӯзӣ.; тоҷикӣ– юнонӣ: нангу номус.

Тавре ки зикр шуд, дар занҷираи гуфтор (нутқ) ҳамнишинии ҷуфтҳои муродифӣ ба асоси ду робитаи мазкур сурат мегирад. Масалан, аз силсилаи муродифии **ҷанг, ҳарб, муҳориба, корзор, ҷадал, муноқиша, хархаша,ҷанҷол, задухӯрд, арбада, муҷодила, муқотала, қитол**… дар занҷираи гуфтор вожаи сарсилсилаи **ҷанг** ба асоси меҳвари интихобӣ (амудӣ) вожаҳои **ҷанҷол** (**ҷангу ҷанҷол**) ва **ҷадал** (**ҷангу ҷадал**) интихоб ва ҳамнишин намудааст, зеро ҳамсадои “**ҷ**”калимаи **ҷанг**дар заминаи нағмаи ҳуруф (аллитератсия), ҳамнавоӣ ва мавзунии онҳоро тавлиду таъмин карда, боиси ҳамнишинии онҳо дар робитаи уфуқӣ (занҷирӣ) гаштааст. Ин равандро ба шакли зайл метавон ифода намуд:

Занҷираи гуфтор (нутқ). Лозим ба ишора аст, ки баъзан вожаҳои ҷуфтҳои муродифӣ дар алоҳидагӣ муродиф нестанд, лекин ҳангоми ҳамнишину ҷуфт шудан маънои ягона, бутун ва яклухтро ифода мекунанд ва дар ин маврид ду вожаи мустақил хусусияти муродифиро касб менамоянд.

Чунончи, тару тоза – наву ботароват (нисбат ба сабзавот) – гули тару тоза; дар бозор алафҳои тару тоза фаровон шудааст; нону намак – дастархондор (ҷавонмарди бонону намак мебошад); қошу қавоқ – турушрӯй (аз қошу қавоқаш барфу борон мерезад);- ҳаво (атмосфера) (обу ҳаво муътадил шудааст) ва ғ.

Ҳамнишинии мутазодҳо. Илм собит намудааст, ки мавҷудияти олами воқеӣ ба қонуни баҳамзидҳо асос ёфтааст, зеро, воқеан, тамоми мавҷудоти олам дар асосу ҷанбаи тазодӣ қарор дошта, ҳам таназзулу ҳам рушду инкишофи ҳаёт, табиату ҷамъият дар муборизаи баҳамзидҳо қарор доранд. Маҳз мутазодҳо ба сифати яке аз котегорияҳои муҳимми луғавӣ – маъноии забон ба шумор рафта, барои инъикосу ифодаи ҳамин мафҳумҳо, ҳодисаву воқеаҳо ваҳиссиётҳои мухталифу зидмаънои олам корбаст мешаванд.

Бояд зикр намуд, ки оид ба паҳлуҳои мутазод олимони тоҷик Н. Маъсумӣ, М. Муҳаммадиев, Х. Ҳусейнов, Р. Ғаффоров,Б. Камолиддинов, Ҳ. Маҷидов ва чанде дигар забоншиносон зимни баррасии забон ва услуби нависандагони ҷудогона маълумот додаанд. Лекин дар ин замина муҳаққиқ Ҳ. Талбакова перомуни антонимҳо бештару мафассалтар тадқиқот анҷом дода, доир ба онҳо «Луғати антонимҳои забони адабии тоҷик»-ро ба табъ расонидааст [7].

Далелҳои забонӣ собит менамоянд, ки бештари мутазодҳо ба ҳиссаҳои нутқи сифату зарф тааллуқ доранд, зеро ки онҳо, асосан, ба аломатҳо ва хусусияти онҳо сару кор (сари кор) доранд. Инҷониб ҷонибдори андешаи забоншинос Ҳ. Талбакова мебошам, ки ӯ барҳақ менигорад; «Ба ақидаи баъзе забоншиносон, ки мегӯянд: «Ҳамон калимаҳое, антоним мешаванд, ки маънои сифатӣ дошта бошанд ва баромадашон аз решаҳои гуногун иборат бошанд» розӣ шудан мушкил аст, зеро аксарияти калимаҳои забон– исмҳо,

сифатҳо, феълҳо, зарфҳо ва ҳатто ҷонишинҳову баъзе гурӯҳҳои пешояндҳо низ хусусияти зидмаъноӣ зоҳир менамоянд» [7, с.9].

Зимнан, ишораҳое ба назар мерасад, ки тавассути ҳиссачаи инкории **на-** (дар назм **ма-**) феълҳои аз қабили:**овард – наовард,омад – наомад, рафт – нарафт, гӯй – магӯй, шин – машин, ширин – ширин не** ва ғ. сохташуда гӯё мутазод мебошанд. Ба андешаи мо, ва профессор Ҳ.Маҷидов дар ин ҷо тавассути **на-** ифодаи инкор аст [2, с. 84] ва бесабаб ҳам **на- (ма-**)-ро ҳиссачаи инкорӣ намегӯянд. Лекин шакли **рафт-омад, хез-шин, гӯй –хомӯш** инкори оддӣ набуда, чун амали зидро ифода мекунанд, аз ин рӯ, мутазод мебошанд.

Масъалаи нозуки дигаре, ки дар боби мутазодҳо ба назар мерасад, ин фаҳмишу баррасӣ ва истилоҳи онҳо дар илми забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ мебошад. Мусаллам аст, ки дар илми адабиётшиносӣ мутазодро бо истилоҳи **тазод** ном мебаранд. Воқеан, ҳар ду истилоҳ (мутазоду тазод) ҳамреша буда, лекин дар доираи истилоҳи **мутазод** калимаҳои зидмаъно мадди назар буда, аммо дар адабиётшиносӣ ба ҳам зидду муқобил гузошатани ду ҳодисаву воқеа дар асари бадеиро **тазод** мегӯянд ва имкон дорад, ки дар он матн ё шеър вожаҳои зидмаъно вуҷуд надошта бошад.

Масалан: Лайлӣ сари зулф шона мекард,
Маҷнун дурри ашк дона мекард.

Маъмулан, мутазодҳо бештар ба шакли ҷуфт, яъне бидуни фосила ҳамнишин мешаванд ва ин ҳамнишинӣ, аз як тараф, ба воситаи пайвандаки **–у** сурат гирифта, аз ҷониби дигар, аввал вожаи кӯтоҳ (бештар якҳиҷоӣ) омада, баъдан вожаи нисбат ба вожаи якум дарозтар ҷой мегирад, ки ин қоидаи ташаккулёбии воҳидҳои ҷуфтистеъмоли луғавӣ боиси равониву хушоҳангии онҳо дар занҷираи гуфтор мегардад. Чунончи: **пасту баланд, дурру наздик, гарму хунук, дӯсту душман, хурду калон, зеру забар, масту ҳушёр, шому саҳар, наву куҳна, пиру барно** ва ғ.

Агар ба ин намунаҳо таваҷҷуҳ намоем, мебинем, ки аз лиҳози дарбаргирии ҳиҷоҳо онҳо фарқ намуда ва инчунин агар мо пайвандаки «-у»-ро ба «ва» ва ё ҷойи ҷузҳоро иваз намоем, воқеан, тақозои забон, ки суҳулати талаффузу равонӣ ва **сарфаинеруи гуфтор** (универбатсия) мебошад, аз байн меравад.

Вижагии ҷуфтҳои мутазод ин аст, ки бо вуҷуди ду вожаи мутақобилмаъно ба асоси қонуни ҷозибаи олам паҳлуи ҳам қарор мегиранд, дар айни замон онҳо аз рӯйи мансубияташон ба ин ё он ҳавзаи маъноӣ (семантическое поле) муродифи вожаи баёнгари маънои яклухти онҳо мегарданд. Масалан: **гарму хунук– ҳарорат; дуру наздик – фосила, масофа; хурду калон – ҳаҷм; талху ширин –таъм; дӯсту душман–муносибат; сиёҳу сафед–ранг; чапу рост–тараф** ва ғ.

Мавриди зикр аст, ки дар навбати худ ҷузъҳои ҷуфтҳои мутазод ҳар яке дар алоҳидагӣ силсилаи муродифии худро доранд. Чунончи, аз ҷуфти мутазоди **хурду калон** ҷузъи **хурд** дорои муродифҳои **кеҳ, кӯчак**, **майда, реза** буда, бо вожаи **реза** (**хурду реза**) ҳамнишин шуда, ҷуфти муродифиро ташкил диҳад, ҷузъи **калон** бошад, бо вожаҳои **меҳ, бузург, азим, аъзам**, **кабир** муродиф буда, бо вожаи **бузург** (**калону бузург**) ҳамнишин мешавад.

Перомуни мутазод низ мебояд зикр кард, ки баъзе вожаҳо бо ҷилваҳои маънои маҷозӣ ва ё ишоратӣ (нисбатӣ) бо вожаҳое мутазод мешаванд, ки дар асл, дар алоҳидагӣ байни онҳо муносибати мутазодӣ ба назар намерасад. Чунончи, дар байти Ҳофиз:

Ҳангоми тангдастӣ дар айш кӯшу мастӣ,
К-ин кимиёи ҳастӣ **Қорун** кунад **гадо**ро

вожаи **гадо** бо **Қорун**, ки ишора ба боигарӣ ва сарватмандии ӯст, мутазод шудааст. Ё ки вожаи **сафед** мутазоди **сиёҳ** буда, бо вожаи **сурх** муносибати мутазодӣ надорад. Лекин дар ҷумлаи «Сурхҳо ба сафедҳо ғалаба карданд» нисбат ба ду гурӯҳи зидду мухолиф ишора шуда, хусусияти мутазодӣ пайдо кардаанд.

Ҷузъҳои ҷуфтҳои мутазод низ аз лиҳози маншаъ мухталифанд. Чунончи: тоҷикӣ-тоҷикӣ: хурду калон, пасту баланд, дуру наздик, гарму хунук ва ғ.; арабӣ- арабӣ: ҳаёту мамот, лайлу наҳор, назму наср, одилу золим, ҳабибу рақиб ва ғ.; тоҷикӣ- арабӣ: дӯсту рақиб, ранҷу роҳат, ёру ағёр, зеру забар ва ғ.; арабӣ- тоҷикӣ: субҳу шом, сулҳу ҷанг, меҳру вафо ва ғ.

Тавре ки дида мешавад, робитаи печ дар печ байни гурӯҳҳои лексикӣ-семантикии муродифот ва мутазодҳо вуҷуд дошта, онҳо дар ташаккули системаи лексикии забон, дар қатори дигар воҳидҳои лексикӣ, ҷойгоҳи хосси худро доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Кабиров Ш. Хусусиятҳои лексики «Таърихи Бадахшон» / Ш.Кабиров. - Душанбе, 1984.
2. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. - Ҷ. 1.
3. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Сталинобод, 1959.
4. Набиева Р. Язык «Таърихи салотини манғития» Мирзо Абдулазима Соми, АКД / Р.Набиева. - Душанбе, 1978.
5. Реформатский А. А. Введение в языкознание / А. А. Реформатский. – М.: «Просвещение», 1967.

6. Сиёев Б. Таърихи воҳидҳои ҷуфт дар забони адабии тоҷик / Б. Сиёев // Мактаби советӣ, 1968. - № 9.
7. Талбакова Ҳ. Луғати антонимҳои забони адабии тоҷик / Ҳ.Талбакова. - Душанбе, 2000.

ҲАМНИШИНИИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВӢ АЗ ЛИҲОЗИ МАНШАЪ

Дар мақолаи мазкур, аввалан, оид ба масъалаи ҳамнишинии воҳидҳои луғавӣ маълумоти мухтасар дода шуда, сониян, воҳидҳои луғавии муродифот ва мутазод мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Меҳвари мақоларо масъалаи ҳамнишинии ҷуфтҳои муродифӣ ва мутазодӣ ташкил дода, меъёру қоидаҳо ва омилҳои ташаккули ҷуфтҳои муродифӣ ва мутазодӣ муайян карда шудааст. Яъне, аз силсилаи муродифот кадом муродиф ба муродифи ҳамон силсила «ҳуқуқ»-и ҳамнишин шудан дорад, нишон дода шудааст. Аз баррасӣ ва таҳлили мавод маълум мешавад, ки чун забон пайваста ба равониву содагӣ ва мавзунӣ тамоюл дорад, дар ҳамин замина ҷуфтҳои муродифӣ ва мутазодӣ низ шакл гирифтаанд. Дар ташаккули ҷуфтҳои муродифӣ ва мутазодӣ ба ҷойи пайвандаки **ва** корбурди пайвандаки **–у**, ҳамшакл будани ҳамсадоҳои аввали калима, яъне нағмаи ҳуруф (аллетератсия) ва ҳамчунон мансубияти забонии онҳо нақши асосӣ доранд. Илова бар ин, маъмулан дар мавриди ҳамнишинии ҷуфтҳои мазкур аввал вожаи кӯтоҳ (якҳиҷоӣ) ва баъдан вожаи ду ё сеҳиҷоӣ қарор мегирад, ки ин меъёр ҳам дар равонӣ ва хушоҳангии ҷуфтҳои муродифӣ ва мутазодӣ саҳмгузор мебошад.

Калидвожаҳо: ҳамнишинӣ, муродифот, мутазод, силсилаи муродифӣ, ҷуфтҳои муродифӣ, ҷуфтҳои мутазодӣ, баромади вожаҳо.

СОЧЕТАЕМОСТЬ ЛЕКСИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ СИНОМИЧЕСКОГО РЯДА

В данной статье первоначально вкратце рассматривается вопрос сочетаемости лексических единиц, а далее более подробно анализируется сочетаемость лексических единиц синонимов и антонимов. Основную цель статьи составляет сочетаемость парных синонимов и антонимов. В этом ракурсе определяются правила и критерии образования парных синонимов и антонимов. Устанавливается, какой синоним из синонимического ряда может и имеет «право» сочетается с определенным словом (синонимам) синонимического ряда. Поскольку любой язык, в том числе таджикский, требует и склонен к плавности и созвучию, синонимические и антонимические пары образуются в рамках данного требования языка. В связи с этим, при образовании синонимических и антонимических пар вместо соединительного союза **ва** используется союз – **у**, также в этом направлении немаловажную роль играет аллитерация согласных букв, а также происхождение лексических единиц, т.е. синонимов и антонимов. К тому же при образовании синонимических и антонимических пар определённую роль играет состав слова, т.е. однослоговые слова стоит на первом места, а двух и трехслоговые слова на втором. Таким образом, вышеуказанные критерии и правила в целом обеспечивают плавность, ритмичность и музыкальность таджикского языка.

Ключевые слова: сочетаемость, синонимы, антонимы, синонимический ряд, синонимические пары, антонимические пары, происхождение слов.

COMBINATION OF LEXICAL UNITS AND ITS TONGUE ACCESSORY

In the beginning of the article the author brings short information to the problem of combination of lexical units and then about synonyms and antonyms. The carridge of the article is problems of combination of synonymic and antonymic pairs, define of norms, rules and cause of forming synonymic and antonymic pairs. It means that from synonymic lines which synonym has the rule of combination to that synonymic line. It becomes clearly from analyze of the material the tongue has inclination to smooth and fluent, therefore in a base appear synonymic and antonymic pairs. In forming of synonymic and antonymic pairs instead of conjunction be used conjunction , the same of a word, it means as tongue accessory the main role plays alliteration. In addition to combination of these pairs brings short words (one-compound), and then brings compound words and this norm carry in deposit and in smooth and in melodious of synonymic and antonymic pairs.

Key words: combination, synonyms, antonyms, a synonymic line, synonymic pairs, antonymic pairs.

Сведения об авторе: ***Кабиров Шахбозбек*** - Таджикский национальный университет, профессор кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 904-09-38-36**

Information about aphtors: ***Kabirov Shahbozbek*** - Tajik National University, professor the Department of Tajik Languageand Methods of Teaching Tajik Language and Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17. Tel.: **(+992) 904-09-38-36**

УДК: 491.550

НАВЪҲОИ ТАНОСУБИ ПАРАДИГМАТИКИИ ФЕЪЛ

Гулназарова Ж.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нишон додани маъно чун воситаи мухобират дар системаи забон дар таносуб – муносибати байниҳамдигарӣ ва мавқеи воҳидҳои забон дар системаи он моҳияти ин аломати луғавист. Аз ин ҷост, ки муносибати мушаххаси воҳидҳои забонии дар як сатҳи системаи забонӣ ҷойдошта ба ду қисмати асосӣ ҷудо шудааст. Дар матн ва нутқ мавриде мешавад, ки калимаҳо бо ҳамдигар алоқаманд гардида, байни ҳам муносибате пайдо мекунанд ва ин алоқамандӣ то андозае аст, ки наметавон дар як маврид ду аломатро баён кард ва яке аз онҳо интихоб мешавад. Интихоб дар заминаи монандӣ ё фарқият ба вуҷуд меояд, яъне калимаҳо вобаста ба ифодаи кулл ва ҷузъ, навъ ва ҷинс, наздикмаъноӣ, муқобилмаъноӣ ва мавзӯъ бо ҳам ҳамнишин мегарданд, ки ин таносуби парадигматикист. Инчунин, калимаҳо дар матн ва нутқ бо ҳам меоянд ва дар ин маврид қонуниятҳои алоқа

ва мувофиқат дар сатҳи ҷумла ва матн амалӣ мегарданд ва муносибати байни онҳо синтагматикӣ номида мешавад. Маънои тамоми воҳидҳои забониро дар муқоиса бо якдигар яку якбора омӯхтан ягон самара ва натиҷае нахоҳад дод. Аз ин рӯ, ба қисматҳо ҷудо намудан ва дар муқоиса омӯхтани маънои онҳо бештар хусусиятҳои умумӣ ва тафриқавиро дараҷа ба дараҷа дар системаи забон муайян месозад. Ҳангоми муқоисаи маъноӣ ду лексемаи муқоисашаванда бояд аз ҷиҳате умумият дошта бошанд ва ҳамон моҳияти умумӣ қодир бошад, ки дар рафти муқоиса асос шавад. Ин нишонаро нишонаи умумии (интегралӣ) маъноӣ ва нишонаҳоеро, ки дар рафти муқоиса ва таносуб тафовутро нишон медиҳанд, нишонаҳои тафриқавии (дифференсиалӣ) маъноӣ меноманд. Дар забон истифодаи калима дар ду самт созгор мегардад: яке – имконияти интихоби калима, яъне ҳамнишинии маъноӣ бо дигар калимаҳое, ки байни онҳо «муҳити мундариҷавӣ»-и маъмулӣ муайян шудааст ва дигаре – имконияти таносуб бо калимаҳои дигар, ки дар натиҷаи санҷишу омӯзиш маънодории ҳар як калима муайян мегардад. Дар қисмати интихобӣ метавон калимаро чун аъзои парадигмаи луғавӣ-маъноӣ, аниқтараш гурӯҳи парадигмаҳои дар заминаи ин ё он хусусияти маъноӣ муттаҳидшуда диди назар кард [10, с.19].

Дар ин замина маънои мафҳумии калима мавқеи асосӣ дорад. Зеро, чи хеле ки забоншинос Ҳ. Маҷидов зикр мекунад, «хусусиятҳои шайъҳо, ҳодисаҳо, муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо дар амали муназзами тафаккур аз ҳам ҷудо карда мешаванд. Дар натиҷа робитаҳои байни он шайъҳо, қонуниятҳои умумии мавҷудият ва инкишофи онҳо муайян мегарданд» [9, с.32].

Пас, дар асоси маънои мафҳумии калимаҳо таносуби маънои луғавии калимаҳо дар забон муайян мегардад ва «дар заминаи амали таҷзияи ҳодисаҳои умумӣ моҳияти шайъ ва ҳодисаҳои ҳамҷинс аниқ карда шуда, дар шакли як мафҳуми умумиятдодашуда ҷамъбаст карда мешавад» [9, с.32].

Гурӯҳи калимаҳоеро, ки аз рӯйи муносибат ва таносуби маъноӣ муттаҳиданд, парадигмаҳои луғавӣ-маъноӣ меноманд. Таносуб ё муносибат мисли маъно хусусияти асосии калимаҳо мебошад. Дар мувофиқа бо маъно ва шакли овозӣ хусусият ва сифати ин ё он калимаро ошкору аниқ намудан вазифаи асосии таснифоти маъноӣ мебошад.

Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки калимаҳо дар заминаи дорои кадом маъно буданашон ба ҳамдигар мувофиқат мекунанд ва ба таври умумӣ ва хулосавӣ ашё ва падидаи ҳақиқатро инъикос менамоянд.

Пас, омӯзишу таҳқиқ нишон медиҳад, ки маънои калима ва таносуб дар ҳолати мутеъ будан қарор доранд. Як калима пеш аз он ки бо калимаи дигар дар равобити маъноӣ бошад, бояд худ дорои маънои муайяне бошад. Аз ин ҷост, ки «робита на худи маъно, балки нишондиҳандаи асосӣ ва махсуси он мебошад» [5, с.72-73].

Робита маҳз нишондиҳандаи маъноист, на маъно, зеро муносибати онҳо тавассути қонуни созгори маъноӣ сурат мегирад. Қонуни созгори маъноӣ талаб мекунад, ки калимаҳои ба ҳам мувофиқ ва созгоршуда бояд дар ифодаи маъноҳои худ ақаллан як маъно (сема)-и умумӣ дошта бошанд.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки робитаи маъноии калимаҳо дар ҳолати таъсири қонуни муайяншуда воситаи муҳим ва асосӣ барои ҷудо ва муайян сохтани маъноҳои мухталифи калимаҳо маҳсуб меёбад.

Ҷузъҳои силсилавии парадигма маъно ва ҷамъшавандаҳои маъноӣ аст. Намудҳои маъно аз рӯйи вазифа, сохт ва хусусияти ҷузъҳои ба ин ё он гурӯҳ дохилшаванда ва алоқамандии онҳо бо маънои умумиашон (архисема) муайян мегарданд. Вобаста ба ин чун маъноҳои аслӣ ва иловагӣ мавқеи муҳим доранд.

«Дар байни маъноҳои мухталифи луғавӣ, ки инъикоси шайъҳо, ҳодисаҳо ва аломатҳои ҷудогонаи онҳо дар шуури одамон мебошанд, яке аз онҳо мақоми аввалият, сарсилсилагӣ дорад» ва «дар бештарини мавридҳо омили ба вуҷуд оварандаи алоқаи мантиқию шайъии байни калима ва маъноҳои дигари он хидмат мекунад» [9, с.47]. Маъноҳои гуногуни луғавӣ бо тарзу усулҳои мухталиф ба вуҷуд меоянд. Бо усули инкишофи тадриҷии маъно мафҳуми ифодакунандаи калима сифатан тағйир меёбад, ки боиси пайдоиши маъноҳои нав мегардад ва ин маъноҳо давоми мантиқии маъноҳои мавҷударо ташкил медиҳанд [9, с. 56-57].

Дар ин мавриди аввал типология – муқоисаи низоми ҷузъҳо (маъно ва ҷамъшавандаҳои маъноӣ) бояд муайян шавад.

Дар забоншиносии тоҷик дар мавриди маънои мафҳумии калимаҳо ва робитаи онҳо чӣ тавре ки зикр кардем, Ҳ. Маҷидов нуктаҳои ҷолиб қайд кардааст ва забоншинос Ш. Кабиров дар мавриди робитаву таносуб ва ҳамнишинии вожаҳо низ чунин иброз намудааст: “Ҳамнишинии вожаҳо ба асоси робитаи парадикматикии (интихобии) калимаҳо мутобиқи ба ҳам печида будани маънои вожаҳо ё худ маъно андар маънои калимот сурат мегирад”[4, с. 82]. Категорияҳои луғавӣ-маъноӣ аз ин ё он ҷиҳат робитаю алоқамандии маъноии силсилаи вожаҳоро нишон медиҳанд.

Ҳар ду муҳаққиқ ин ҳодисаро дар мисоли муродифот, калимаҳои сермаъно, мутазод калимаҳои ҳамовоз [9, с.24-31; 4, с.82] хеле хуб матраҳ намудаанд. Дар муродифот силсилаи вожаҳои аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздик, дар мутазод силсилаи вожаҳои зидмаъно, дар сермаъношавӣ силсилаи тобишҳои маъноии як вожа, дар ҳамгунӣ ё ҳамовозӣ ифодаи маъноҳои гуногун тавассути як қиёфаи овозӣ вожаҳо муттаҳид мегарданд.

Шумули маъноӣ дар маънои мафҳумии калимаҳо робитаи маъноии ҷинс ва навъро нишон медиҳад. Ҷузъвожагӣ робитаи маъноии кулл ва ҷузъро инъикос мекунад. Аъзовожагӣ робитаи маъноии маҷмӯъ ва аъзоро, ки як ҷузъи он маҷмӯъ не, балки аъзои он аст, нишон медиҳад ва воҳидвожагӣ равобити маъноии ҳиссаи, қисми, воҳиди, андозаи мафоҳимро, ки тавассути калимаҳо ифода меёбанд, таҷассум менамояд [11].

Лексикаи феълӣ низ дар асоси таносуби маъноӣ робитаи маъноиро дар марзи маъноии худ ба вуҷуд меорад. Дар баробари таносуби парадикматикии муродифот, мутазод, сермаъношавӣ, омонимшавӣ ва гипонимия (шумули маъноӣ) таносуби маъноии мавзӯиро дорост.

Котсова Е.Е. қайд мекунад, ки мафҳуму вожаҳое, ки дар гурӯҳи гипонимӣ шомиланд, таносуби маъноии онҳо дар асоси навъ ва ҷинс сурат мегирад ва ҳар вожа дар матн вобаста ба гиперсема (маънои умумӣ) ва гипосемаи (зермаъно) худ ба ин ё он навъи гипонимӣ шомил мешавад [ниг.: 6, с.25-38]. Дар гипонимияи феълҳои маънои умумии гуфторро ифодакунанда метавон муродифот, сермаъноӣ ва мутазодро низ дар дохили вожаҳои ин гурӯҳи гипонимӣ дарёфт. Бояд гуфт, ки дар гурӯҳи гипонимӣ феъли **гуфтан** мавқеи марказӣ дорад:

Ба ҳоҳар **гуфт**: «Эй, к-аз меҳрварзӣ
Ба фарқам чун дарахти бед ларзӣ» [1, с.155].

Дигар феълҳои гипонимӣ ҳар яке илова ба маънои марказии гуфторро ифода кардан маънои тафриқавӣ низ доранд. Бояд гуфт, ки дар таносуби парадигматикии гипонимӣ «дар маъноҳои мафҳумии калима ҳамчунин мавридҳои истеъмоли онҳо сабт шудаанд. Вобаста ба он ки чунин маъноҳо дар кадом мавридҳо ба кор бурда мешаванд, ба оҳангу ҷилоҳои махсус соҳиб мегарданд, ки дар сабку услубҳои гуногун тавассути калимаҳои мухталиф ифода мегарданд»[9, с.26].

Баён кардан ҳар навву куҳанро,
Расониданд то ин ҷо суханро [1, с.214].

Бигуфт: «Аз ҳусни ту ҳар кас **сухан ронд**,
Зи васфат бар сари ман гавҳар афшонд [1, с.345]

Ба пеши ӯ нишинад, **роз гӯяд**,
Ҳикоятҳои дерин **бозгӯяд** [1, с.344].

Дар намунаҳо агар феълҳои *гуфтан, баён кардан, сухан рондан,* маънои умумии гуфтан-ро ифода кунанд, феълҳои *роз гуфтан, бозгуфтан* маънои тафриқавии асрор гуфтан ва нақл карданро низ ифода мекунанд.

В-аз он пас **кардаш** аз ҳар ҷо **саволе**,
Бипурсидаш зи ҳар кореву ҳоле [1, с.329].

Зулайхоро чу доя ончунин дид
Зи дида ашкрезон **ҳол пурсид** [1, с.249].

Ҷавобаш дод дигарбора доя,
Ки, эй ҳур, аз ҷамолат бурда моя [1, с.267].

Феълҳои *савол кардан, пурсидан, ҳол пурсидан* бо ҳамдигар дар муносибати муродифотӣ қарор дошта бошанд, феъли *ҷавоб додан* бо феълҳои мазкур дар муносибати муқобилмаъноист.

Феъли *хондан* дар байти аввал ба маънои таъйин ва эълон кардан омадааст ва дар байти дуюм ба маънои даъват кардан истифода шудааст, ки падидаи сермаъношавии феъл аст:

Ба ҷойи худ ба тахти зар нишондаш,
Ба сад иззат Азизи Миср **хондаш** [1, с.330].

Дар ин андеша буд ӯ, к-аш падар **хонд,**
Падарвораш ба пеши хеш биншонд [1, с.183].

Дар намунаи зер феъли хондан дар шакли *ҳамехондӣ* ба маънои мутолиа кардан ва дар шакли *хондан* ба маънии гуфтан корбаст гардидаанд.

Дӣ **ҳамехондӣ** ба даъвӣ матлае,
К-ин на матлаъ, балки баҳри гавҳар аст.
Кай сазад як баҳри танҳо **хонданаш**,

З-он ки ҳар мисраъ зи баҳре дигар аст [2, с.118].

Феъли хондан ба маънои номидан:

Ва лиҳозо вайро «нахлбанди шуаро» ***мехонанд*** [2, с.14].

Калима ё мафҳум дар ҳолатҳои гуногун тобишу ҷилоҳои маъноии хешро метавонад бо ҳар ранг нишон диҳад. «Ҷолиби диққат аст, ки маъноҳои мафҳумии калимаҳо на ҳама вақт дар шакли холис зоҳир мешаванд. Бисёр вақт онҳо ба унсурҳои мухталифи эҳсосотӣ, обуранги субъективӣ ва тобишҳои услубӣ олудаанд. Бахусус, паҳлуҳои гуногуни олами ботинии инсон – эҳсосоти гуногун, майлҳои иродавӣ, тавсифу баҳодиҳиҳои ҳодисаҳои воқеӣ бисёр вақт дар шакли тобишҳои мухталифи маъноҳои мафҳумӣ зоҳир мегарданд» [9, с.26].

Фиғон зад, к-эй Азиз, оҳистатар бош,
Зи таъҷили уқубат барҳазар бош [1, с.290].

Хаёли ёр пеши дида биншонд,
Ҳам аз дида ҳам аз лаб **гавҳар афшонд** [1, с.166-167].

Дар гипонимияи феълҳои гуфтор дигар қабатҳои таносуби парадигматикӣ низ ворид шудаанд. Феълҳои *гуфтан, баён кардан, сухан рондан, бозгуфтан* муродифанд, феълҳои *савол кардан* ва *ҷавоб гуфтан* мутазод ва дар намунаи феъли *хондан* сермаъноӣ зоҳир шудааст.

Дигар навъи таносуби парадигматикӣ таносуби маъноии мавзӯӣ мебошад. Феълҳои омӯхтан, андӯхтан, хондан, навиштан, ёд гирифтан, ҳифз кардан дар гурӯҳи мавзӯии омӯзиш муттаҳид мешаванд:

…ба ***омӯхтан****и муқаддамоти каломи араб ва* ***андӯхтан****и қавоиди фунуни адаб иштиғол намуд…* [2, с.330-331]

Чунон закию тезфаҳм будааст, ки дар ҳаштсолагӣ Қуръонро ба тамом ***ҳифз кард*** *ва қироат* ***биёмӯхт*** *…*[2, с.439]

Гар наёрӣ **хонду** натвонӣ **навиштан** ё зи вазн,
Зодаи табъат бурун бошад гаҳи назмоварӣ [2, с.437].

…аз китоби «Гулистон», ки аз анфоси мутабаррикаи шайхи номдор ва устоди бузургвор Муслиҳиддин Саъдии Шерозист, раҳматуллоҳи таоло,…сатре чанд ***хонда мешуд*** [2, с.13].

Л.П. Крисин қайд менамояд, ки дар таносуби парадигматикӣ ба ғайр аз муносибати калимаҳо вобаста ба мафҳуми навъ ва ҷинс, кулл ва ҷузъ вожаю ифодаҳо аз рӯйи умумияти ин ё он мавзӯъ ҳамнишин мегарданд [7, с.64-65].

Ҳангоми омӯзишу баррасии маҷмӯи калимаҳо аз лиҳози маъноӣ-мантиқӣ вобаста ба мавзӯъ ва соҳае, ки мавриди истифода қарор мегирад, новобаста аз он ки аз ҷиҳати маънои луғавӣ ин калимаҳо ба ҳамдигар чӣ муносибате доранд, тасниф мешаванд. Дар рафти таснифи маънои мавзӯӣ таркиби он метавонад тағйир ёбад. Бояд зикр кард, ки муносибати байни ҷузъҳои маънои мавзӯӣ як хел нест. Ф.П. Филин доир ба фарқи ин навъи маъно овардааст, ки аломатҳои ҷузъи ин маъно «на дар асоси алоқаи луғавӣ-маъноӣ, балки бештар дар асоси таснифоти худи ашёҳо ва падидаҳо» [12, с.231] мураттаб мегарданд. Л. М. Василев қайд мекунад, ки дар маънои мавзӯӣ ҳамон як ҳолати намудӣ (типӣ) ё як мавзӯъ мавҷуд аст [3, с.110]. Яъне, дар маънои мавзӯӣ таносуби вобастагии ғайризабонӣ дар байни ҷузъҳои вобаста ба як мавзӯъ муттаҳидгашта ва ҳархела будани муносибатҳо ё умуман вуҷуд надоштани муносибат байни баъзе ҷузъҳо дида мешавад. Пас, маънои мавзӯӣ аломатҳои хусусиятҳои муқарраршудаи ашё ва падидаҳои воқеӣ мебошанд.

Умумияти навъҳои таносуби парадигматикӣ дар он аст, ки инъикоскунандаи ҳақиқати воқеӣ мебошанд, новобаста ба он ки ҳар як онро чӣ гуна инъикос мекунад. Ин ё он ҷузъи навъи дигари таносуби парадигматикӣ, агар семаи он мувофиқ ояд, ба ин ё он маънои мавзӯӣ ворид шуда, қисми таркибии маънои мавзӯӣ маҳсуб меёбад. Таносуби мавзӯӣ яке аз аломатҳои луғавӣ-маъноист. Фарқи маънои мавзӯӣ аз навъҳои дигар дар он аст, ки калимаҳои дар дигар навъи таносуби маъноӣ муттаҳидшуда дар худ маҳсули қонуну қоидаҳои инкишофи маънои луғавии забонро инъикос мекунанд. Муносибати калимаҳои дохили маънои мавзӯӣ фақат дар асоси муносибати зоҳирии байни мафҳумҳо муайян мегардад.

Ҳангоми омӯзиши таносуби парадигматикии феълҳо на танҳо алоқаи сирф маъноӣ (сермаъноӣ, муродифот, мутазод, шумули маъноӣ), инчунин алоқаи луғавӣ-грамматикӣ низ муайян мегардад. Тафовути маъноии дохиликалимагӣ ва дохилигурӯҳӣ бо шаклҳои мухталифи алоқаи луғавӣ дар шакли ҳамон як калима бо ибораҳо ё баъзе таври муқобилгузории ҳамешагии низоми луғавӣ метавонад сурат гирад.

Пас типологияи маъно вуҷуд дорад. Махсусияти ин типология гуногунҷабҳа будани ӯст. Дар мавриди омӯзиши таносуби парадигматикӣ метавон як вижагӣ ва метавон вижагиҳои гуногунро, ба мисли луғавӣ-маъноӣ, мавзӯӣ, сохторӣ-функсионалӣ дар ҷузъҳои

дар таносуббуда ба назар гирифт. Навъҳои таносуби маъноӣ тавассути миқдор ва сифати ҷузъҳои маъноии ба он мансуббуда, инчунин ба тарз ва усули муносибати байни онҳо, дар таркиби таносуби маъноӣ муайян мегардад. Аз рӯйи миқдор як калима дар таносуби маъноӣ метавонад соҳиби чанд ҷузъи маъноӣ бошад. Вобастагии сифатӣ гуногун аст ва маҳз тавсифи сифатии маъно аз рӯйи қоида ба хусусиятҳои функсионалӣ омезиш меёбад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. - Душанбе: Адиб, 1986. - Ҷ.4. - С.137-382.
2. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. - Душанбе: Адиб, 1989. Ҷ.7. – С.339-540.
3. Васильев Л.М. Семантика русского глагола / Л.М. Васильев. – М.: Высшая школа, 1981.- 184 с.
4. Кабиров Ш. Роҷеъ ба масоили ҳамнишинии вожаҳо / Ш. Кабиров // Сухан аз арши барин омадааст. – Душанбе, 2014. – С.78-83.
5. Кобозева И.М. Лингвистическая семантика / И.М. Кобозева. – М., 2007. – 352 с.
6. Котцова, Е.Е. Гипонимия в лексической системе русского языка (на материале глагола): монография [Текст] / Е.Е. Котцова. – Архангельск: Изд-во Помор.ун-та, 2010. – 365 с.
7. Крысин Л.П. Современный русский язык. Лексическая семантика. Лексикология. Фразеология. Лексикография Учебное пособие / Л.П. Крысин. –М.: Издательский центр Академия, 2009 – 240 с.
8. Кронгауз М.А. Семантика / М.А. Кронгауз. – М., 2005. – 352 с.
9. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. - Ҷ.1.– 241 с.
10. Реформатский А.А. Введение в языкознание / А.А. Реформатский. – М.,1955. – 396 с.
11. Сафавӣ Куруш. Даромаде ба маъношиносӣ. – Теҳрон, 1376. – 460 с.
12. Филин Ф.П. О лексико-семантических группах слов / Ф.П. Филин. – София, 1957. –340 с.

НАВЪҲОИ ТАНОСУБИ ПАРАДИГМАТИКИИ ФЕЪЛ

Дар мақола муаллиф доир ба навъҳои таносуби парадигматикӣ ва вижагиҳои маъноии феъл дар ин навъи таносуб баҳс мекунад. Маънои тамоми воҳидҳои забониро дар муқоиса бо якдигар яку якбора омӯхтан ягон самара ва натичае нахоҳад дод. Аз ин рӯ, ба қисматҳо ҷудо намудан ва дар муқоиса омӯхтани маънои онҳо бештар хусусиятҳои умумӣ ва тафриқавиро дараҷа ба дараҷа дар системаи забон муайян месозад. Умумияти навъҳои таносуби парадигматикӣ дар он аст, ки инъикоскунандаи ҳақиқати воқеӣ мебошанд, новобаста ба он ки ҳар як онро чӣ гуна инъикос мекунад. Ин ё он ҷузъи навъи дигари таносуби парадигматикӣ, агар семаи он мувофиқ ояд, ба ин ё он маънои мавзӯӣ ворид шуда, қисми таркибии маънои мавзӯӣ маҳсуб меёбад. Таносуби мавзӯӣ яке аз аломатҳои луғавӣ-маъноист. Фарқи маънои мавзӯӣ аз навъҳои дигар дар он аст, ки калимаҳои дар дигар навъи таносуби маъноӣ муттаҳидшуда дар худ маҳсули қонуну қоидаҳои инкишофи маънои луғавии забонро инъикос мекунанд. Муносибати калимаҳои дохили маънои мавзӯӣ фақат дар асоси муносибати зоҳирии байни мафҳумҳо муайян мегардад. Лексикаи феълӣ низ дар асоси таносуби маъноӣ робитаи маъноиро дар марзи маънои худ ба вуҷуд меорад. Дар баробари таносуби парадигматикии муродифот, мутазод, сермаъношавӣ, омонимшавӣ ва гипонимия (шумули маъноӣ) таносуби маъноии мавзӯиро дорост.

Калидвожаҳо: маъно, интихоб, мувофиқат, таносуби парадигматикӣ, феъл, муродифот, мутазод, сермаъноӣ, шумули маъноӣ, мавзӯӣ.

ТИПЫ ПАРАДИГМАТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ ГЛАГОЛА

В данной статье автор ведет спор о типах парадигматических отношений и смысловых характеристиках глагола в данном типе отношений. Одновременное изучение значения всех языковых единиц в сравнении с друг с другом не даст никакого эффекта и результата. Поэтому, разделение на части и изучение их значений в сравнении в основном определяют его общие и отличительные свойства от категории к категории в языковой системе. Общность типов парадигматических отношений заключается в том, что они являются отражением реальной действительности, независимо от того как его они отражают. Тот или иной тип парадигматических отношений, если подойдет его сема, входит в то или иное тематическое значение и считается составной частью тематического значения. Тематическое значение является одним из словарно-смысловых признаков. Отличие тематического значения от других типов состоит в том, что слова объединенные в другом типе смыслового отношения, отражают в себе результат законов и правил развития словарного значения языка. Отношение слов внутри тематического значения определяются только на основе внешних отношений между понятиями. Глагольная лексика также на основе смыслового значения формирует смысловую связь на своей смысловой границе. На равне с парадигматическим отношением синонимия, антонимия, полисемия и гипонимия имеют смысловое тематическое отношение.

Ключевые слова: значение, выбор, сочетаемость, парадигматические отношение, глагол, синонимия, антонимия, полисемия, гипонимия, тематический.

TYPES OF PARADIGMATIC RELATIONS OF THE VERB

In this article, the author disputes the types of paradigmatic relations and the semantic characteristics of the verb in this type of relations. Simultaneous study of the meaning of all language units in comparison with each other will not give any effect and result. Therefore, the division into parts and the study of their values in comparison mainly determine its general and distinctive properties from category to category in the language system. The commonality of types of paradigmatic relations lies in the fact that they are a reflection of reality, no matter how they reflect it. This or that type of paradigmatic relations, if its seme approaches, is included in one or another thematic meaning and is considered an integral part of the thematic meaning. Thematic value is one of the vocabulary and semantic features. The distinction of thematic meaning from other types consists in the fact that words combined in another type of semantic relation reflect in themselves the result of the laws and rules of development of the vocabulary meaning of a language. The relation of words within a thematic meaning is determined only on the basis of external relations between concepts. Verbal vocabulary also on the basis of semantic meaning forms a semantic connection at its semantic boundary. Equal to the paradigmatic relation, synonymy, antonymy, polysemy and hyponymy have a semantic thematic relation.

Key words: meaning, choice, compatibility, paradigmatic relationship, verb, synonymy, antonymy, polysemy, hyponymy, thematic.

Сведения об авторе: ***Гулназарова Жило*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 918-68-19-70**

Information about the author: ***Gulnazarova Zhilo*** **–** Tajik national University, candidate of philological Sciences, associate Professor of language history and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 918-68-19-70**

УДК: 491.550-5:42-5

ГРАММАТИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ АРТИКЛЯ И ЕГО МЕСТО В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Ахмедова Н.К.
Худжандский политехнический институт Таджикского технического университета им. М.С. Осими

Интеграция Республики Таджикистан в мировое сообщество, открытие её границ вызвали повышенный интерес к изучению иностранных языков, а точнее, к свободному и активному владению иноязычной речью не только молодёжи, но и у людей зрелого возраста.

Сопоставительно-типологическое исследование языков на современном этапе получило всемирную активизацию, занимая одно из ведущих мест в кругу общеязыковедческих дисциплин.

У истоков этой науки стояли такие выдающиеся исследователи 20-го столетия, как Е.Д.Поливанов, Л.В.Щерба, И.И.Мещанинов и др. В более поздних исследованиях этого направления в трудах В.Н.Ярцевой, А.И.Смирницкого, В.А.Звегинцева, В.Д.Аракина, В.Г.Гака и многих других разрабатывается широкий круг вопросов [1. с.10].

В данной статье хотелось рассмотреть вопросы о грамматическом значении и месте артикля в таджикском и английском языках.

Артикль – это служебная часть речи, являющаяся основным определителем имени существительного. Особенностью артикля как части речи является то, что он не передаёт отношений между словами и что он прикреплен к одной части речи – существительному, которому он сопутствует и которому он сообщает известные оттенки значения. [5.216] В силу этого артикль превращается в показатель существительного как части речи:это его свойство можно рассматривать как его морфологическую функцию. В английском языке имеется два артикля: определенный **the** и неопределенный. **a,an A** moment later Arthur rose**.** Kissed **the** hand,and went softly away across **the** dewy grass (Voynich.The Gadfly,p.20). Прошло несколько минут, Артур поднялся, поцеловал руку каноника, и неслышно ступая, пошёл по росистой траве (Войнич. Овод.с.13) [9, с.13].

Якчанд дақиқа гузашт.Артур бархоста дасти устодаш**ро** бӯсид ва аз болои алафи шабнам зада охиста-охиста қадам гузошта рафт (Э.Л.Войнич .Занбӯр.с.19).

Поскольку определенный и неопределенный артикли сообщают имени известные оттенки значения, отсутствие артикля также известным образом отражается на значении имени в плане соотношения общего и отдельного.

Проблема грамматического значения артикля и его места в языке – один из самых сложных вопросов английской грамматики, и решается он различными авторами далеко не однозначно.

Проблема места артикля в языке представлена двумя основными теориями: одна из них рассматривает сочетание артикля с существительным как аналитическую форму существительного, другая относит артикль к служебным частям речи и трактует артикль плюс существительное как сочетание особого типа. Представители теории аналитической формы приравнивают, таким образом, артикль к вспомогательной части аналитической формы. В пользу этого взгляда выдвигаются в основном следующие доводы: артикль является морфологическим показателем имени существительного; он не обладает лексическим значением. Доводы эти довольно серьезны; однако они представляются недостаточно убедительными. Хотя артикль действительно является морфологическим показателем имени, и в этом его основное формальное назначение в языке, все же он не составляет вместе с именем такой неразделимой единицы, как, например, аналитическая форма глагола. Прежде всего, он является определителем имени, т.е. между ним и именем существует синтаксическая связь, невозможная между компонентами аналитической формы. Артикль может быть заменен местоимением: определенный артикль – указательными местоимениями **this, that**,

неопределенный – местоимением **some;** вспомогательный глагол аналитической формы ничем заменен быть не может. Кроме того, хотя артикль действительно не имеет лексического значения, он имеет собственное грамматическое значение или даже значения. На этом основании представляется правильным рассматривать его как компонент сочетания и как служебную часть речи [3, с.26-36].

Мнения расходятся также в отношении количества артиклей. За последние годы получила широкое хождение теория трех артиклей: определенного, неопределенного и так называемого нулевого (отсутствие артикля). Теория нулевого артикля, разумеется, непосредственно связана с теорией нулевой морфемы. Однако признать существование нулевого артикля, т. е. его нулевого экспонента, можно лишь в том случае, если артикль рассматривается не как отдельное слово, а как морфема, т. е. является фактически структурным компонентом существительного, наравне со словоизменительными и словообразовательными суффиксами.

Если же рассматривать артикль как слово, то по справедливому указанию Б. А. Ильиша, независимо от того, как относиться к понятию нулевой морфемы, понятие нулевого слова не представляется приемлемым. Слово – самостоятельная единица, которая может или присутствовать, или отсутствовать в предложении или словосочетании, но не может быть представлена нулевым экспонентом. Нередко встречается термин «опущение артикля», но это, как замечает Б. А. Ильиш, недоразумение: никакого опущения, т.е. пропуска, здесь нет. Термин «опущение артикля» применим в случаях стилистически обусловленных, например, в газетных заголовках, телеграммах: CONGRESSMAN MAKES STATEMENT.[5.120]

В английском же языке большинство имен существительных неразрывно связаны с артиклем. Именно на основе этого языкового факта в ранней описательной грамматике возникла мысль, что артикль является как бы знаком показателем существительного. И само существительное выделялось грамматиками среди других частей речи преимущественно по этому признаку.

Концепции артикля как показателя существительного придерживается целый ряд авторов ранних грамматик, в том числе автор первой английской грамматики E.Vorlet. Progress in English Grammar, 1585-1735; a study at the Development of English Grammar and of the Interdependence among the Early English Grammarians. Vol 1-4, Luxembourg, 1964. Английской грамматики У. Буллокар (William Bullokar, 1585), А Хюьм (Alexander Hume ,1617), Ч. Бутлер (Charles Butter, 1633), И Уортон (Geremish Wharton, 1654), У Уоркер (William Walker,1655), Дж. Подейнштейнер (Gohannish Padensteiner, 1670), М.Маттер (Michael Maittaire, 1712).

Определение артикля как разновидного прилагательного дает впервые Дж. Уоллис (John Wallis, 1653). После Уоллиса артикль трактуется как прилагательное в грамматиках С.Теллеуса (B.Tellaeus,1665), Дж. Брейтлэнда (John Brightland, 1711) ,У.Лаутона (William Longhton, 1734), Дж.Гринвуди (Games Greenwood, 1737), Д.Феррoу (D.Farro, 1754).

Сознавая, очевидно, все своеобразие английского артикля, ряд грамматиков рассматривал его как самостоятельную часть речи. Впервые эти трактовка артикля встречается в грамматике Б.Джонсона (Ben Johnson,1640). Вслед за Джонсоном подобной точке зрения придерживаются Дж.Хауэлл (J.Howell,1662), Т.Арнольд (Theodor Arnold,1718).

Так, Лаут считал артикль самостоятельной частью речи и определял его следующим образом:

«Артикль-это слова, предшествующие существительным, с целью их выделения и указания на то, как далеко простираются их значения». Уже в этом определении прослеживается попытка Лаута отразить влияние артикля на изменение значения существительного.

Начало периода английской классической научной грамматики ознаменовалось выходом в свет в 1891году первого тома грамматики Г.Суита (Henry Sweet,1891).

По вопросу о месте артикля в системе частей речи преобладающей становится концепция, согласно которой артикль включается в разряды местоимений или местоименных прилагательных. В его основу, несомненно, положено происхождение артиклей. У существительного артикль-это некое местоимённое прилагательное (Adjective pronoun), Е. Крейзинга (Etsko Kruisenga,1911) включает артикль, соответственно, в разряды указательных и неопределенных местоимений. Это объясняется тем, что они рассматривают артикль как слова, ведущие свое происхождение не от местоимений, а от прилагательных.

В советской англистике артикль рассматривается как самостоятельное слово, как некая определительная служебная часть речи.

Мы видим, что проблема артикля в английском языке, в целом, предоставляет собой весьма сложный комплекс вопросов, каждый из которых может стать объектом самостоятельного исследования.

Поскольку артикль-служебное слово, а не морфема, то соединение его с существительным, в результате которого образуется грамматическая форма существительного, вполне обоснованно может рассматриваться как аналогическая грамматическая форма [4, 56].

«Артикль представляет собой особую разновидность служебных слов.

Как постоянный сопроводитель имени существительного, артикль образует вместе с именем существительным сложную или аналитическую форму слова и является в этой форме слова носителем грамматических значений присущих имени существительному: в этом отношении артикль сходен по своей функции с морфемой, хотя отнюдь не является ею».

Особенностью актуализации высказываний в таджикском языке является развитие категории определенности // неопределенности при помощи особого грамматического средства артикля как способа коммуникативного членения [6, с.36-38].

Следует отметить, что вопрос функциональной зависимости артикля в таджикском языке становился объектом анализа во всех учебниках таджикского языка. Наиболее полно эта грамматическая категория нашла свое отражение в Академической грамматике таджикского языка. Из имеющихся исследований необходимо указать на специальные работы К. Усманова, и С.Я. Мухтаровой, посвященные сопоставительно-типологическому изучению категории определенности /неопределенности в таджикском и английском языках. (Усманов, 1980, Мухтарова, 1980), средства выражения актуализации высказываний в таджикском языке специально указываются также в работах М. Норматова (1968), А. Собирова (1973) и А.А. Саидмамадова (1990). Семантика определенности неопределенности, обозначаемая артиклем, в наибольшей степени приближена к логическому членению предложения на новое» (рему) и «старое» (тему), основной функции актуального членения предложения. Исходя из этого, артикль, обозначая определенность / неопределенность существительного, выражает коммуникативную нагрузку в предложении , обрамляя рему-сказуемое:

Стало смеркаться, и Оленин стал думать о вечеринке. Приглашение мучило его (Л. Толстой).

Хотя артикль употребляется только при именах существительных , его влияние при выражении «старого» и «нового» косвенно распространяется и на другие компоненты в предложении и именно в нем нужно искать «новое» в предложении. Артикль, наоборот, указывая на неизвестность предмета, намекает на поиски «нового» в других членах предложения [6, с.35].

В таджикском языке функцию неопределенного артикля выполняют аффиксоид-е и числительное як. Послелог -ро употребляется в функции определенного артикля, поэтому, выражая известность, он входит в сообщении в состав «старого». Например: Модари ман се рӯз инҷониб дами гарме нахӯрдааст. (Истикбол) [7, с.36].

Существительные с артиклем-е в таджикском языке в приведенных высказываниях чаще всего входят в состав ремы предложения.

Следует отметить, что смысловые функции артикля в английском и таджикском языках выражаются при помощи порядка слов[6, с.36]. Сравните:”Well,I have never heard the like of it”(Tom Sawyer .p.54)

Ман дар тамоми умрам ин хелаш**ро** нашунидам.(Том Соир с.164) [8, с.164].

When she had placed **the** tea things on **the** table, **the** girl suddenly announced excitedly. (M.Gorky. Mother.p.277)

Духтарак табакҳо ва чойнику **пиёларо** ба рӯи стол чида истода,нохост бо чаққанӣ гуфт. (Горкий.Модар С.288)

Khabiba made me repeat **the** poem several times, then took **the** book from my hand and read it to me herself.(S.Aini .In the village.p.98)

Хабиба заставила меня несколько раз прочесть это, а потом,взяв у меня из рук книгу,прочла мне всю книгу.(С.Айни В кишлаке.с.60)

Ҳабиба баъд аз ба ман ду-се бор хондани он ғазал китоб**ро** аз дастам гирифта он ғазал**ро** чунон дилсӯзона хонд (С.Айни Дар қишлоқ. с.116)

I see **the** moon.-Ман моҳ**ро** мебинам [10, с.116].

A man is waiting for you in **the** yard. Мард**е** як мард,кадом як мард шуморо дар **саҳни ҳавлӣ** интизор аст. Ман кулоҳи нав**е** харидам. I bought **a** new hat. **The** bread which they have bought was baked yesterday.Ноне**,** ки онҳо хариданд,дина пухта шудааст. Have you done **the** homework? – Вазифаи хонаги**ро** иҷро кардӣ?

Таким образом, определенность / неопределенность как грамматическая категория, заключающая значение известного-неизвестного, в таджикском языке является одним из средств выражения компонентов актуального членения [7, с.38].

Наличие у артикля в английском языке семантической, морфологической и синтаксической функции даёт основание рассматривать его как часть речи.

Поскольку у артикля отсутствует назывная функция, самостоятельное лексическое значение, он должен быть причислен к служебным частям речи.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Арзуманов С. Забони тоҷики. Учебник таджикского языка для высших учебных заведений/ С. Арзуманов, А. Сангинов. -Душанбе, 1982. – 414с.
2. Ахмедова Н.К. Словообразовательная структура сложных наречий в таджикском и английском языках / Н.К. Ахмедова // Вестник таджикского национального университета. Серия филологических наук. -Душанбе: Сино, 2017. - № 4/4. - С.43-45.
3. Израилевич Е.Е. Практическая грамматика английского языка / Е.Е. Израилевич, К.Н. Качалов. -М., 1955. -359 с.
4. Иванова И.П. Теоретическая грамматика современного английского языка / И.П. Иванова. -М.: Высшая школа, 1981.
5. Ильиш Б.А. Современный английский язык теоритический курс / Б.А. Ильиш. -М., 1948.
6. Жигадло В.Н. Современный английский язык / В.Н. Жигадло Л.Л., Иванова. –М., 1956. 220 с.
7. Усманов К. Грамматикаи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / К.Усманов. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. -380 с.
8. Mark Twain. The adventure of Tom Soyer / Twain Mark. -120 с.
9. Voynich E.L.The Gadfly / E.L.Voynich. -M., 1958. - 336с.
10. С.Айни Ёддоштҳо. Қ.1.Дар қишлоқ. -Д.,1986. -270 с.

АҲАММИЯТИ ГРАММАТИКИИ АРТИКЛ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур фикру андешаҳои олимони забоншиноси англис оид аҳаммияти грамматикии артикл ва мавқеи он дар забони англисӣ баррасӣ гардид. Дар забони англисӣ 2 намуди артикл вуҷуд дорад: артикли муайянии **the** ва номуайянии **a,an.** Дар забони тоҷикӣ исми номуайян метавонад бо артикли –е- бо калимаи як, бо ҷонишинҳои номуайянии “**ягон**, **ким- кадом**, **кадом як ё бе ягон**” ва исмҳои муайян бо пасоянди –**ро** ифода шаванд. Хулоса, забони англисӣ дорои системаи артиклҳои мушаххасу бонизом аст. Дар ин система артикли the, ба артиклҳои “a” ”an” муқобил гузошта мешаванд. Аъзои якуми ин тазод ба муайянӣ ва аъзоёни дуюми он ба номуайянии исм далолат мекунанд. Бар хилофи забони англисӣ дар забонӣ тоҷикӣ системаи муназзами артиклҳо мавҷуд нест. Артиклҳои мавҷудаи “–е-“ ва” як” таззоди бонизомро ташкил намекунанд ва ин рӯ, онҳо истифодаи фаръӣ доранд.

Калимавожаҳо: артикл, муайянӣ, номуйянӣ, исм, категорияи лексикӣ, ҷонишинҳо.

ГРАММАТИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ АРТИКЛЯ И ЕГО МЕСТО В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается вопрос о грамматическом значении артикля и его месте в таджикском и английском языках. Артикль -это служебная часть речи, являющаяся основным определителем имени существительного. В английском языке имеется два артикля: определенный(**the)** и неопределенный (**a,an)**. В таджикском языке функцию неопределенного артикля выполняют аффиксоид-е и числительное як. Послелог -ро употребляется в функции определенного артикля, поэтому, выражая известность, он входит в сообщении в состав «старого». Проблема грамматического значения артикля и его места в языке - один из самых сложных вопросов английской грамматики, и решается он различными авторами далеко не однозначно. Проблема места артикля в языке представлена двумя основными теориями: одна из них рассматривает сочетание артикля с существительным как аналитическую форму существительного, другая относит артикль к служебным частям речи и трактует артикль плюс существительное как сочетание особого типа. Представители теории аналитической формы приравнивают, таким образом, артикль к вспомогательной части аналитической формы.

Ключевые слова: артикль, определённый, неопределённый, существительное, лексическая категория , местоимение.

GRAMMATICAL IMPORTANCE OF THE ARTICLE AND ITS PLACE IN TAJIK AND ENGLISH

In given article is considered question about grammatical importance of the article and its place inTajik and English. The Article is an official part speech, being main finder of the name noun. In English there are two articles: definite (the) and indefinite (a,an). In Tajik language function vague article execute affix”-e” and numeral “ one”. Poslelog “-ro” is used in functions of definite article, so expressing popularity, it falls into message in composition "old". The Problem of grammatical importance of the article and its place in language - one of the most important questions among English grammar scientists. The Problem of the place of the article in language is presented two main theories: one of they consider the combination of the article with noun as analytical form noun, the other refers the article to official parts speech. The Representatives to theories of the analytical form level, thereby, article to auxiliary part of analytical form.

Key words: article, indefinite, definite, noun, lexical, pronoun.

Сведения об авторе: ***Ахмедова Нусрат Кадыровна*** **-** Худжандский Политехнический институт Таджикского технического университета им.М.С. Осими, к.ф.н., доцент кафедры иностранных языков.
E-mail: **nusratkhon 1959@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-730-03-00**

Information about the author: ***Akhmedova Nusrat Kadyrovna*** - Khujand Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after M.S. Osimi, Ph.D., Associate Professor, Department of Foreign Languages.
E-mail: **nusratkhon 1959@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-730-03-00**

УДК: 491.550-3 (03)

АЗ ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ ИСТИЛОҲИ «ВАРЗИШ» ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Шафоатов А.Н.
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов

Пайдоиши аксарияти анвоъ ва рукнҳои варзишро муҳаққиқони соҳа ба ҷамоаи ибтидоӣ мансуб медонанд. Маҳз истодагарӣ карда тавонистан дар муқобили ҳаводиси табиат - гармову сармо, селу тӯфон, дучор омадан ба душворию сахтиҳо аз қабили қаҳтию хушксолӣ, гуруснагию ташнагӣ ва раҳоӣ ёфтан аз ҳамалоти ҳайвоноти ваҳшӣ одамони ибтидоиро барои зинда мондан водор сохтааст, ки баҳри омӯзиши таҷрибаву касби маҳорат ба таҳрик дароянд, роҳҳои наҷотро ҷустуҷӯ кунанд. Ин мантиқи зиндагӣ ва хоҳиши зинда монданро тезиси машҳури Ч. Дарвин: «Ҳар мавҷуде, ки «омодатар» бошад, боқӣ мемонад» [15, с.36], ба саҳеҳӣ тасди қ карда метавонад. Омили «зинда мондан» барои пайдоиш, ташаккул ва рушди анвои гуногуни варзиш, ки ҳадафи шуғл доштан ба он боиси обутоб ёфтани бадан, серҳаракатӣ, сабурӣ ва ривоҷи дигар нишондодҳои ҷисмонию рӯҳии одамон мегардид, заминаи мусоид ба шумор мераванд. Бино ба таъкиди Ш.Сафаров «Человек тратил энергию во время бега, прыжков, плавания, при занятиях по гребле, метания камня и копья и он не знал, что некоторые его виды трудовой деятельности являлись видами спорта. У него складывалось мнение, что он сильный (богатыр), смелый, ловкий и стойкий. Его состязания с животными весьма радовали человека. Его действия продолжались последователями и вписывались в летопись истории. Мастерски используя камни и дерево, человек оставлял для будущих потомков «спортивные снаряды» [7, с.122]. Ба ҳамин минвол, варзиш дар ибтидо ҳамчун зарурати ногузири иҷтимоӣ барои бақои ҳаёти одамон хизмат карда, нақши он дар раҳоӣ аз таъсири ҳодисоти табиӣ, ҳалли мушкилоти зиёди иқтисодӣ, равнақи шикорчигӣ ва зироаткорӣ, дифоъ аз ҳуҷумҳои қабоили ҳамсоя батадриҷ назаррас гашта, дар даврањои минбаъдаи рушди ҷомеа он ба яке аз унсурҳои фаъоли тамаддуни инсонӣ табдил ёфтааст.

Дар гузашта шуғл доштан ба варзишро ҳадаф қавӣ гардонидани нерӯи ҷисмонӣ ва касб кардан ба хислатҳои ҳамидаи инсонӣ арзёбӣ мекарданд, ҳамон тавре ки Фирдавсии Тӯсӣ ёдовар шуда:

Зи **неру** буд мардро **ростӣ,**
Зи **сустӣ кажӣ** зоиду костӣ [15, с.39].

Ба қавли муҳаққиқи эронӣ Муҳаммад Ризои Исмоилӣ, «Дар Эрони бостон тарбияти баданӣ бар асоси омӯзиши умумӣ аз панҷсолагӣ ва бо аҳдофи саломатӣ, нерумандӣ, беҳдошт, таъмини зиндагии рӯзмарра, ҷавонмардӣ, ростӣ, покдилӣ ва поктанӣ оғоз мешуд. Бар асоси оини Зардушт, дини эрониёни бостон, покизагии тан аз вазоифи динӣ ва нопокии тан ва беморӣ мансуб ба Аҳриман аст. Эрониёни бостон муътақид буданд, ки саломатии рӯҳ аз саломатии бадан вобаста аст. Онҳо тандурустиро дар шароити аввалия медонистанд ва дуо мекарданд, ки Аҳуромаздо ба онҳо фарзанди тандуруст ва неруманд бидиҳад» [15, с.37].

Шикор, саворӣ, аробадавонӣ, нишонгирӣ бо тир ва камон, партоби найза, чавгон, куштӣ//гуштӣ ва муборизаи тан ба тан аз фаъолиятҳои тарбияти баданӣ тавзеҳ мешуд. Иҷрои чунин амалиётҳо барои пайдоиши варзиш ва номгузории хелҳои он замина гардида, барои рушди номгузорӣ ва истилоҳсозӣ шароит фароҳам овардааст.

Оид ба масъалаи аз даврањои дури таърих маншаъ гирифтани пайдоиши варзиш ва анвои он муҳаққиқони соҳа чунин нигоштаанд: «В Малой Азии 8 тысяч лет назад до нашей эры (предки арийцев Ирана), в Египте 4 тысячи лет назад до нашей эры люди участвовали в соревнованиях по лёгкой и тяжёлой атлетике, игры в меч, кулачному бою ударами ногой» [8, с.123].

Варзиш ва истилоҳоти ба он алоқаманд дар таърихи забоншиносии тоҷик бевосита мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст, вале аз лиҳози муҳиммияти соҳа дар обутоби ҷисмонии инсон, бартараф намудани як қатор бемориҳо ва дар маҷмӯъ барои пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ пурқимат будани он ҳанӯз дар осори Абӯалӣ ибни Сино таъкид ёфтааст. Ҳамон навъе ки ӯ нигоштааст: «давомнокии умри инсон аз бисёр ҷиҳат аз шуғл доштани ӯ бо варзиш вобастагӣ дорад». Ш. Сафаров ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, навиштааст, ки «сам учённый был хорошим спортсменом. Его дух и весь организм были настолько крепкими и здоровыми, что, даже находясь в заключении, он, несмотря на голод и холод, мог вести плодотворную творческую деятельность» [8, с.158].

Варзиш истилоҳи сохта буда, он аз решаи **варз—**асоси замони ҳозираи феъл, сиғаи амрӣ, шахси сеюми шумораи танҳо ва пасванди – **иш** сохта шудааст. Дар «Фарҳанги

забони тоҷикӣ» (1969) заминаи ин вожа асоси замони ҳозираи феъли **варз** ва масдари **варзидан** арзёбӣ шуда, дар асоси он рӯйидани калимаҳои сохтаи **варзида, варзиш, варзидан** ва вожаҳои таркибии **дӯстӣ варзидан, ишқ варзидан** ба қайд гирифта шудааст [11, Ҷ.1, с.225]. Ба таври дигар гӯем, маънои луғавии он «шуғл, мунтазам иҷро кардани коре» мебошад. Маънои дигари вожаи **варз** «кишт, зироат» мебошад:

Надорад зану зодаву кишту **варз,**
Ба чизе надонад ба ноарз арз [11, Ҷ.1, с.225].

Ин вожа дар шаклҳои **барз//барза** дар таркиби калимаҳои барзгар//барзагар ва барзгарӣ//барзагарӣ [11, Ҷ.1, с.147] низ маънои марбут ба «зироат»-ро ифода кардааст [16, Ҷ.1, с.125]:

Мир ҳама гандуми деҳқон хӯрад,
Барзгар аз қурси ҷавин нагзарад (Носири Хусрав).

Хаббоз аз барои **барзагар** нон пазад ва **барзагар** барои ӯ кишт намояд [11, Ҷ.1, с.147].

Дар забони адабии тоҷик шакли **барза** дар таркиби вожаи мураккаби **барзагов** ба маънои «гови кишт», «гови зироат» дар истифода буда, ҳамин шаклу маъниро ҳанӯз дар асрҳои X-XII вожаи «варза» ифода кардааст: **варза**-зироаткунанда, деҳқон, кишоварз, барзгар; **гови варза**-барзагов, ки онро дар гузашта **варзгов** ҳам мегуфтанд:

Гӯшт бар **гови варза** некӯтар,
Зиннати мард дониш асту ҳунар [11, Ҷ.1, с.225].

Ё ин ки истилоҳи **варзигар** ба маънои исми шахс: деҳқон, барзгар, кишоварз маъмул будааст:

Суворон ҷаҳонро ҳамедоштанд,
Ва **варзигарон варз** мекоштанд [11, Ҷ.1, с.225].

Ба ин тариқа, дар байни маъноҳои вожаи **варз//барз** 1) «шуғл», «машғулият, машқ кардани коре» [11, Ҷ.1, с.225]; 2) кишт, зироат таърихан равобити семантикӣ вуҷуд доштааст, ки яке мафҳуми амал ва дуюмӣ исми амал ва мафҳуми ашёро вобаста ба натиҷаи амал ифода кардаанд. Ба асоси замони ҳозираи феъл қарин будани решаи **варз** дар мисолҳои **варзида** ба маъноҳои «1) сифати феълӣ ва феъли ҳоли замони гузашта; 2) машқдида, ботаҷриба, моҳир дар коре» боз ҳам рашантар ин қаробатро нишон медиҳад: Султон Зайналобиддин дар улуми мусиқӣ нек **варзида** буд [11, Ҷ.1, с.225]. Ҳамчунин шакли масдарии он-**варзидан** ба маъноҳои «1) шуғл кардан, машғул шудан, пай дар пай кардани коре»: Агар султон **адолат варзад**, дар савоби ҳар тоат, ки аз раоё содир шавад, шариқ бошад [11, Ҷ.1, с.225].

Ё ки:

Май хӯрдану гирди гулрухон гардидан,
Беҳтар зи ҳазор зоҳидӣ **варзидан** [11, Ҷ.1, с.225].

2) «Кишту кор кардан, бо зироат машғул шудан»:

Ҳама возиҷ пур ангуру ҳама ҷой асир,
З-он-ч **варзид** кунун бар бихӯрад **барзгаро** [11, Ҷ.1, с.225].

3) Ба сифати феъли ёридиҳанда дар таркиби феълҳои таркибии номӣ:

Накӯкор мардум набошад бадаш,
Наварзад касе **бад,** ки нек оядаш [11, Ҷ.1, с.225].

Аз баррасии хусусиятҳои маъноии вожаи **варз** бармеояд, ки он моҳиятан бо ёридиҳандаи феълии «кардан» қаробати семантикӣ доштааст.

Пас, вожаи **варзиш** ҳамчунин бо истилоҳи **спорт** (sport) муродиф мебошад. **Спорт** (sport)–вожаи иқтибосии англисӣ буда, ба ду маънӣ : 1) составная часть физической культуры–комплексы физических упражнений, имеющие целью развитие и укрепление организма человека, его нравственное воспитание и достижение им высоких результатов; 2) система организации и проведения соревнований по этим комплексам (Словарь иностранных слов, 1987, 469). Ё ин ки мушаххастар гӯем, «**спорт**-калимаи англисӣ буда, маъноияш «бозӣ, хушнудӣ, хурсандӣ, саргармшавӣ, вақтхушӣ» мебошад» [7, с.115].

Варзиш чи дар гузашта ва чи дар замони ҳозира ҳамчун як ҷузъи тарбият маъмул аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбияти бо варзиш марбутро «тарбияи ҷисмонӣ» меноманд ва дар забони форсӣ он бо истилоҳи «тарбияи бадан» маъмул мебошад [15, с.414].

Варзиш ба маънои истилоҳии худ (машқ, шуғл, машғулияте бо мақсади обутоби бадан ва ҳосил кунонидани малакаю маҳорати муайян) дар забони адабиёти классикии тоҷик аз асри X инҷониб арзи вуҷуд дорад ва бо ҳамин шаклу маънӣ дар «Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ дучор омадааст:

Шумо дер монеду хуррам бувед,
Ба ромиш сӯи **варзиш** шавед [14, Ҷ.1, с.119].

Дар осори манзум ва мансури адабиёти классикии тоҷики асрҳои X-XIX ва ибтидои садаи XX тасвири эпизоду ҳодисаҳои паҳлавонӣ, қувваозмоиҳо, набарду муҳорибаҳо ҷойи муҳимро ишғол мекунанд, ки инъикоси онҳо бо истифодаи истилоҳоти соҳаи варзиш сурат мегирад.

Дар асарҳои илмӣ ва таърихии ин давра варзиш ҳамчун истилоҳи касбӣ ба кор рафтааст, мавқеи истифодаи онро дар алоҳидагӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар сарчашмаҳои адабӣ-бадеӣ ва илмӣ-таърихӣ мо бештар бо истилоҳоте дучор омадем, ки онҳоро аз рӯйи маъно ба варзиши зеҳнӣ, варзиши амалӣ, хусусияти низомӣ доштан ва ба ҳайси воситаи тасвири бадеӣ ҷудою тасниф кардан мумкин аст.

Ба ҳамин тариқ, аз баррасии хусусиятҳои луғавию маъноии истилоҳи «варзиш» дар осори адабӣ аён мегардад, ки вожаи мазкур дар забони адабиёти классикӣ бештар дар ду шакл воқеъ мешавад: а) ба маънои истилоҳӣ; б) ба маънои маҷозӣ. Калимаҳои варзиш ҳамчун истилоҳ аз обуранги бадеӣ маҳрум буда, ба онҳо хусусияти сермаъноӣ касб намудан, синониму антонимҳои зиёд доштан хос намебошад. Дар мавриди ҳамчун калимаи муқаррарӣ истеъмол ёфтан он ба хосиятҳои гуногуни луғавию маъноӣ соҳиб мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Амид Ҳасан. Фарҳанги Амид. – Теҳрон: Амири Кабир, 1373. - 1254 с.
2. Анварӣ С. Вожаҳои низомӣ дар «Шоҳнома». - Душанбе: Маориф, 1994. - 120 с.
3. Ахманова О.С. Словарь лингвинистических терминов / О.С. Ахманова. – М.: Наука, 1966. - 605 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. - Душанбе: Дониш, 1985. - 356 с.
5. Даниленко В.П. Русская терминология / В.П. Даниленко. - М.: Наука, 1977. – 148 с.
6. Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти варзиш; мураттиб Н. Турсунов. – Душанбе, 1985. - 185 с.
7. Сафаров Ш. Бозиҳои миллӣ ҳамчун тамаддуни халқи тоҷик / Ш.Сафаров. – Душанбе: Матбуот, 2011. - 328 с.
8. Сафаров Ш. Национальные игры как отражение цивилизационных особенностей таджикского народа / Ш.Сафаров. - Душанбе: Мир издателей, 2012. - 320 с.
9. Сафаров Ш. Таърихи бозиҳои миллии халқи тоҷик / Ш.Сафаров. - Душанбе: Мубориз, 2015. - 525 с.
10. Словарь иностранных слов. – М.: Русский язык, 1987. – 608 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - 951 с.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - 996 с.
13. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. Ҷ. 1. - Душанбе: Деваштич, 2004. - 388 с.
14. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 1. - Душанбе: Адиб, 1986.
15. Исмоилӣ Муҳаммад Ризо. Тарбияти баданӣ ва варзиш. - Теҳрон, 1391.- 313 с.
16. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот: таҳияи А.Нуров. Ҷ.1. - Душанбе: Адиб, 1987. - 480 с.

АЗ ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ ИСТИЛОҲИ «ВАРЗИШ» ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Мақолаи мазкур ба омӯзиши таърихи ташаккул ва таҳаввули истилоҳи “варзиш” дар забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Пайдоиши аксарияти анвоъ ва рукнҳои варзишро муҳаққиқони соҳа ба ҷамоаи ибтидоӣ мансуб медонанд. Дар осори манзум ва мансури адабиёти классикии тоҷики асрҳои X-XIX ва ибтидои садаи XX тасвири эпизоду ҳодисаҳои паҳлавонӣ, қувваозмоиҳо, набарду муҳорибаҳо ҷойи муҳимро ишғол мекунанд, ки инъикоси онҳо бо истифодаи истилоҳоти соҳаи варзиш сурат мегирад. Дар асарҳои илмӣ ва таърихии ин давра варзиш ҳамчун истилоҳи касбӣ ба кор рафтааст, мавқеи истифодаи онро дар алоҳидагӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар сарчашмаҳои адабӣ-бадеӣ ва илмӣ-таърихӣ мо бештар бо истилоҳоте дучор омадем, ки онҳоро аз рӯйи маъно ба варзиши зеҳнӣ, варзиши амалӣ, хусусияти низомӣ доштан ва ба ҳайси воситаи тасвири бадеӣ ҷудою тасниф кардан мумкин аст. Ба ҳамин тариқ, аз баррасии хусусиятҳои луғавию маъноии истилоҳи «варзиш» дар осори адабӣ аён мегардад, ки вожаи мазкур дар забони адабиёти классикӣ бештар дар ду шакл воқеъ мешавад: а) ба маънои истилоҳӣ; б) ба маънои маҷозӣ. Калимаҳои варзиш ҳамчун истилоҳ аз обуранги бадеӣ маҳрум буда, ба онҳо хусусияти сермаъноӣ касб намудан, синониму антонимҳои зиёд доштан хос намебошад. Дар мавриди ҳамчун калимаи муқаррарӣ истеъмол ёфтан он ба хосиятҳои гуногуни луғавию маъноӣ соҳиб мешавад.

Калидвожаҳо: забони адабиёти классикӣ, истилоҳи варзишӣ, хусусияти сермаъноӣ, хосиятҳои гуногуни луғавию маъноӣ, варзиши зеҳнӣ, варзиши амалӣ, маънои истилоҳӣ.

ИЗ ИСТОРИИ ФОРМИРОВАНИЯ И ЭВОЛЮЦИИ ТЕРМИНА «СПОРТ» В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Данная статья посвящена изучению истории формирования и эволюции термина “спорт” в таджикском языке. Появление большинства видов и элементов спорта исследователи области относят к первобытному обществу. В поэтическом и прозаическом наследии классической таджикской литературы X-XIX веков изображение богатырских эпизодов и случаев из жизни героев занимают важное место, и их отражение начинается с использования спортивной терминологии. В научных и сторических трудах того периода термин спорт используется как профессиональная терминология и позиции его использования мы будем рассматриывать в отдельности. Нужно отметить, что в литературно-художественных и научно-исторических источниках мы в основном встречаемся с теми терминами, которые по смыслу можно отнести к интеллектуальному, практическому и военному спорту. Таким образом, из исследования словарных и смысловых свойств слова «спорт» в литературном наследии становится понятным, что данное слово в языке классической литературы в основном встречается в двух видах: а) в терминологическом значении; б) в метафорическом значении. Спортивные слова как термин не имеют художественной окраски, им не свойственна многозначность, не имеют большого количества синонимов и антонимов. При использоваании их как обычных слов они приобретают различные словарные и смысловые значения.

Ключевые слова: язык классической литературы, спортивная терминология, свойство многозначности, различные словарные и смысловые значения, интеллектуальный спорт, практический спорт, терминологическое значение.

FROM THE HISTORY OF FORMATION AND EVOLUTION OF THE TERM "SPORT" IN THE TAJIK LANGUAGE

This article is devoted to the study of the history of the formation and evolution of the term “sport” in the Tajik language. The appearance of most types and elements of sports is attributed to the primitive society. In the poetic and prosaic heritage of the classic Tajik literature of the nineteenth and nineteenth centuries, the depiction of heroic episodes and episodes from the lives of the characters occupies an important place, and their reflection begins with the use of sports terminology. In the scientific and historical works of that period, the term sport is used as professional terminology and we will consider the positions of its use separately. It should be noted that, in literary, artistic, and scientific and historical sources, we mainly meet with terms that can be referred to as an intellectual, practical, and military sport. Thus, from the study of vocabulary and semantic properties of the word “sport” in the literary heritage it becomes clear that this word in the language of classical literature mainly occurs in two forms: a) in the terminological sense; b) in a metaphorical sense. Sports words as a term have no artistic coloring, they are not peculiar polysemy, do not have a large number of synonyms and antonyms. When used as ordinary words, they acquire different vocabulary and semantic meanings.

Key words: the language of classical literature, sports terminology, the property of polysemy, various vocabulary and semantic meanings, intellectual sport, practical sport, terminological meaning.

Сведения об авторе: ***Шафоатов А.*** - Таджикский физкультурный институт им. С.Рахимова, кандидат филологических наук, заведующий кафедры языков. **Адрес:** 734026, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Лучоб, 53

Information about the author: ***Shafoatov A***. - Tajik Institute of Physical Education. S. Rakhimova, Candidate of Philological Sciences, Head of the Department of Languages. **Address:** 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Luchob, 53

УДК: 491.550-3

БАЪЗЕ МАЪЛУМОТҲО ДАР БОРАИ СОХТОРИ ОВОЗИИ ШЕВАИ ТОҶИКОНИ КӮЛОБ

Сайдалиева С.С.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ

Дар солҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ илми шевашиносии тоҷик дар соҳаи омӯхтан ва тадқиқ намудани шеваҳои тоҷикии ҳудуди ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон муваффақиятҳои калонеро ба даст овард. Вале то ҳол шеваҳои тадқиқнашуда низ ҳастанд, ки омӯхтани онҳо хеле зарур аст ва барои аз байн нарафтани калимаҳои тоҷикӣ мусоидат мекунад. Шеваҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳури низ аз ҳамин қабили шеваҳое буданд, ки то солҳои 1967 хеле кам омӯхта шуда буданд.

Шеваҳои баъзе ноҳияҳо ҳатто дар адабиёти шевашиносӣ ҳам номбар нашудаанд. Аз ин рӯ, дар солҳои 1959-1963 гурӯҳи шевашиносии Донишкадаи забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Академияи фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаматарафа тадқиқ кардани шеваҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро ба миён гузошт.

Мувофиқи нақшаи кории гурӯҳ бо ин мақсад, бори аввал бо роҳбории номзади фанҳои филологӣ, дотсент Л.В. Успенская ба Ҳисор гурӯҳи тадқиқотӣ равон карда шуд. Натиҷаи он тадқиқотро Л.В. Успенская дар «Шеваҳои тоҷикони райони Ҳисор» ном асари худ ҷамъбаст кардааст.

Л.В. Успенская хусусиятҳои овозӣ, сарфӣ, наҳвӣ ва луғавии шеваҳои ноҳияи Ҳисорро тадқиқ намуда, дар асоси фактҳо исбот кардааст, ки дар ноҳияи Ҳисор ду шеваи аз ҳам фарқкунанда мавҷуд аст. Яке шеваи қисми ҷанубӣ ё худ шеваи қисми даштии Ҳисор, дигаре шеваи қисми шимолӣ ё худ қисми кӯҳии Ҳисор мебошад [4, с.56].

Муаллиф дар хотимаи асар, бо фактҳои раднашаванда исбот мекунад, ки шеваи қисми кӯҳӣ, агар бо хусусиятҳои овозии худ ба шеваҳои Варзобу Қаратоғ наздикӣ дошта бошад, пас бо хусусиятҳои сарфии худ ба шеваи Варзоб монанд аст, яъне дар ин шева ҳам хусусиятҳои шеваҳои шимолӣ – ғарбӣ ва ҳам шарқӣ-ҷанубӣ дида мешаванд [2, с.67]. Бинобар ин, шеваи қисми кӯҳӣ ба гурӯҳи шеваҳои мобайнӣ дохил мешавад. Шеваҳои қисми водӣ бошад, бо хусусиятҳои овозӣ, сарфӣ ва лексикии худ бо шеваҳои гурӯҳи Кӯлобӣ монандӣ дорад [1, с.107].

Дар митақаи Кӯлоб бошад се шеваи аз ҳам фарқкунанда мавҷуд аст, ки дар ин шеваҳо калима ва гӯйишҳои зиёде маҳфузанд. Ин шеваҳо хусусиятҳои овозӣ, сарфӣ, наҳвӣ ва лексикии ба худ хос доранд. Аммо имрӯзҳо қисми бештари калимаҳои шеваи митақаи Кӯлоб ба гурӯҳи калимаҳои куҳнашуда ворид шудаанд ва қисме аз онҳо хусусиятҳои овозиашонро иваз кардаанд.

Тадқиқот нишон доданд, ки дар деҳаҳои дурдасти минтақаи Кӯлоб нисбат ба шаҳрҳо хусусиятҳои овозӣ ва грамматикии шеваи ин мардум то ҳанӯз побарҷост.

Аз ин рӯ, маводҳоро мо асосан аз ноҳияи дурдасти Шамсиддин Шоҳин, деҳаҳои Кафтар, Доғистон, Хайркорон, Дараи Об, Себдара, Хоҷағалтон, Зулмобод гирд овардем.

Мо ба воситаи ин мақола мехоҳем оид ба баъзе хусусиятҳои овозии, шеваи мардуми минтақаи Кӯлоб чанд нуктаеро оварда бошем.

Дар шеваи Кӯлоб шаш фонемаи садонок вуҷуд дорад: **а, и, ъ, е, у, о.**

Маълумотномаи ҳамаи ин садонокҳоро Р. Л. Неменова ва В.С. Соколова дар корҳои илмиашон «Кулябские говоры таджикского языка», «Итоги Кулябской диалектологической экспедиции» [2, с.121-125] додаанд. Аз ин ҷиҳат, мо танҳо баъзе хусусиятҳои онро қабул мекунему халос.

У, о, ъ – садонокҳои қатори ақиб, **а, и, е** садонокҳои қатори пеш мебошанд.

Ҳамаи садонокҳои шеваи Кӯлоб монанди садонокҳои забони адабӣ вобаста ба вазъияти овозиашон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: а) садонокҳои устувор: о, у, е;

Яке аз садаонокҳои ноустувор фонемаи **а** садоноки ғайрилабии қатори пеш, поёнӣ мебошад. Ин фонема дар шароитҳои фонетикӣ ба дигаргуниҳои миқдорӣ ва сифатӣ дучор мешавад [5, с.36]. Мақоми асосии фонемаи **а** дар ҳиҷои заданок, дар байни ҳамсадоҳо (ғайр аз ҳамсадоҳои пасизабонии чуқур **қ, ҳ, г**) дида мешавад: **тав- таб; туп- туб; шав- шаб; гав-гап; савад-сабад; абр – авр; себ – сев;**

Дар аввали калима, дар шароити пеш аз ҳамсадоҳои пасизабонии чуқур омадани фонемаи **а** забон ба қафо кашида мешавад: **ақив - ақиб, ақиқ - ҳақиқ, ақл - ҳақл, ағба – ҳағба.**

Фонемаи **и** садоноки ғайрлабии қатори пеш мебошад. Ин фонема дар ҳиҷои кушодаи безада ихтисор мешавад: **китоб – ктоб, фиребгар – фребгар, гирифтан – грфтан, бигир – бги, тиреза – треза, бинӣ – бнӣ, хирс –хрс, зимистон – змистон,**

Фонемаи **ъ** - сактадори қатори ақиб дар ҳамаи шеваҳои ҷанубӣ дучор мешавад. Маълумоти пурраи вай дар асари Неменова Р. Л. нишон дода шудааст [3, с.13].

Фонемаи **ъ** дар шеваи Кӯлоб бештар дар ноҳияи Ховалинг ва қисмате аз деҳаҳои ноҳияи Шамсиддин Шоҳин истифода мешавад. Ин фонема дар баъзе калимаҳо, дар ҳиҷои кушоди безада, садонокҳои **а, и** ва гоҳо **у** - ро иваз мекунад: **алов – ъалов – оташ, Умар – ъмар, ид – ъид, муаллим – маълим, уқоб- ъуқоб**, **айб – ъайб.**

Аз он ҷумлаи **садонокҳои устувор** фонемаи **у,** садоноки лабии қатори ақиб (бардошти боло) мебошад [6, с.132]. Ин фонема аз у-и забони адабӣ сифатан фарқ надорад, вале миқдоран фарқи куллӣ дорад, яъне вай устувор аст.

Вай ба **у**-и забони адабӣ ғайр аз ӯ пеш аз **ҳ** – и ҳалқӣ (ба ӯ-и дароз) мувофиқат мекунад.

Ин ҳодиса ба аксарияти шеваҳои ҷанубӣ характернок аст [Соколова]:

муза – мӯза, ҷуш – ҷӯш, му – мӯй, ру- рӯй, бу – бӯй, шу – шӯй, хуш – хӯш, дуд –дӯд, ҷу – ҷӯй, ху –хӯй.

Фонемаи **о** ва **е,** аз ҷиҳати маълумономаи миқдорӣ аз фонемаи **о** ва **е** – и забони адабӣ фарқи намоён надоранд.

Баъзе хусусиятҳои ҳамсадоҳо

Дар системаи ҳамсадоҳо ба шеваи Кӯлоб ҳамсадоҳои чуқури **ҳ** – арабӣ ва айн дахлдор мебошанд.

Фонемаи **ҳ** ҳамсадои ҳалқии чуқури молишхӯрдаи бечаранг мебошад. Вай дар калимаҳои арабӣ дучор мешавад: **амро – ҳамро, амра – Ҳамра, арам – Ҳарам, ҳамон - Ҳуму, РаҲим – Раҳим, РаҲмон – Раҳмон.**

Фонемаи **ҳ** дар нутқи калонсолон устувор буда, дар нутқи ҷавонон ноустувораст. Яъне, ин фонемаҳо дар нутқи ҷавонон бо овозҳои забони адабӣ ба таври мувозӣ кор фармуда мешаванд [6, с.43].

Дар шеваи Кӯлоб фонемаи Ҳ – ҳамсадои ноустувор буда, дар аввал мобайн ва охири калимаҳо меафтад:

а) Дар аввали калимаҳо: **езум- ҳезум, ма –ам – ман ҳам**, **оҷӣ– ҳоҷӣ, асан – ҳасан, аёт – ҳаёт, ишор – ҳушёр.**

б) Дар байни калимаҳои **дар - даҳр, шар – шаҳр, мефама – мефаҳмад, мемон – меҳмон, Амад – Аҳмад, қарӣ - қаҳрӣ, Отам – Ҳотам, Абдуламид –Абдулҳамид.**

в) Дар охири калимаҳои **бега – бегоҳ, ра – роҳ , ка – коҳ, ча – чоҳ, да – даҳ, ша- шаҳ, ниго – нигаҳ.**

Фонемаи **б** дар охири калима баъд аз бандакҳо ва дар байни ду садонок ба сонанти лабулабии шавшувдори **в** мубаддал мешавад: **ов – об, хов – хоб, шав – шаб, ҷаоб – ҷавоб.**

Дар калимаҳои мамлакат, афсона ҳамсадоҳои **м** ва **ф** ба сонанти **в** иваз мешаванд: **мавлакат, авсона.**

Ивазшавии овозҳо дар шеваи Кӯлоб аз ивазшавии овозҳои забони адабӣ ба кулли фарқ дорад:

1. **Ивазшавии садонокҳо.**

а) Ба **у** иваз шудани **о**;

Фонемаи **о** пеш аз овозҳои димоғии **н** ва **м** ба **у** иваз мешавад: **хун – хон, нун – нон, ҷун – ҷон, рун – рон, ҳаму - ҳамон, ҷаҳун- ҷаҳон, фасун – фасон, парун – парон, хазун - хазон, кайҳун – кайҳон, ресмун – ресмон, кафун – кафон, дарун – дарон, расун – расон, дандун – дандон.**

2. Ивазшавии ҳамсадоҳо.

Дар чунин калимаҳо иваз шудани ҳамсадоҳо мушоҳида карда мешавад.

а) **р** ба **л**: **залул – зарур, залал - зарар, девол – девор**: **р** ба **н нмол– рӯймол.**

б) ч-ҷ: панч- панҷ. Баъзан дар вақти шумурдан садоноки **«ҷ»** ба садоноки **«ш»** иваз мешавад**: паншта гуспанд – панҷто гӯсфанд.**

3. Афтидани овозҳо. Махсусан ҳамсадои д дар охири калима, баъд аз садонокҳо меафтад, алалхусус дар феълҳо: **мебина – мебинад**, **миоя – меояд, мега – мегуяд, бшин – шинед, бра – равед, ббин – бинед.**

Дар ин шева аз таркиби калимаҳо баъзан ҳиҷоҳо низ меафтанд: **иқа – ин қадар, уқа – он қадар, амиқа – ҳамин қадар, кадесай - карда истодааст.**

Хулоса, хусусиятҳои овозии шеваи тоҷикони Кӯлоб, то ҳанӯз ба пурраги охӯхта нашудааст. Ин шева яке аз шеваҳои забони тоҷикӣ ба шумор рафта, калимаҳои зиёде бо гӯйишҳои гуногун дар деҳаҳои ин минтақа дар истифодаанд, ки ин ба қадимӣ будани забони тоҷикӣ далолат мекунад. Калимаҳо бошанд, бой будани захираи луғавии ин забони кӯҳанбунёдро муаррифгаранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Успенская Л.В. Говоры таджиков Гиссарского района / Л.В. Успенская. - Душанбе: Институт языка и литературы АН Тадж. ССР, 1962. - Труды т. XV. - 120 с.
2. Неменова Р.Л. Куябские говоры таджикского языка / Р.Л. Неменова. – Душанбе, 1965. - 250 с.
3. Ҳамроқулов Х.Т. Шеваҳои тоҷикони райони Бойсун / Х.Т. Ҳамроқулов. – Душанбе, 1961. - 120 с.
4. Соколова В.С. Итоги Кулябской диалектологической экспедитсия / В.С. Соколова. 1951. - 120 с.
5. Давлатов А.Н. Ҷумлаҳои содаи яктаркиба дар «Қобуснома» / А.Н. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). - Душанбе: Сино, 2016. - №4/3(203). - С.36-39
In this article, the author considers cases of exceptions in the use of the present-future tense of the verb in Arabic. We can say that the verb in the Arabic language as a separate part of speech and in combination with a noun has both common features and different from each other. The commonality of the verb and the noun in Arabic is that they have a case. A verb, as having a category case, changes its case under the influence of various factors. This happens in the present and future tense. Investigating this question, we found out that in Arabic sources there are moments of using the present tense verb, which do not correspond to the grammatical rules, and it should be noted that these ambiguities of the present tense manifest in its case. More precisely, there are examples in Arabic poetry in which the case of the present tense verb is not observed, and the author cites several cases in which the present day tense Arabic verb does not comply with the Arabic verb rules. Some examples are also given that do not correspond to the use of the present-future tense of the verb. Although linguists explained such moments as a consequence of the influence of the Arabic dialect, most of them are perceived as exceptional. There is also another group of scholars who explain this situation with the requirement of writing poetic rhymes, since many verbs in the Arabic language were not used according to the rules. In the end, it can be concluded that examples contradicting the rules, especially regarding the verb, are explained both by the influence of the dialect and the poetic requirements that were used in the Arabic language very specifically and occurred in many sources, but are not recognized by a number of scholars.

Key words: case, present-future tense, verb, tense, Arabic, exception, rules, declination, requirements, poetry.

Сведения об авторе: ***Якубов Т.*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

Information about the author: ***Yakubov T.*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК:491. 550-3

СТРУКТУРНЫЙ АНАЛИЗ ВОЗВРАТНЫХ МЕСТОИМЕНИЙ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Талабова Т.М.
Таджикский национальный университет

Возвратные местоимения в английском языке так и называются, потому что служат для выражения категории возвратности. А возвратность мы наблюдаем в том случае, когда подлежащее и дополнение в предложении являются одним и тем же лицом (предметом). Категория возвратности также может выражать значение взаимного действия двух и более производителей. Возвратное местоимение в английском языке образуются путем прибавления к притяжательным местоимениям **my, our, your**, личным местоимениям **him, her, it, them** и неопределенному местоимению **one** окончания - **self** (в единственном числе) и - **selves** (во множественном числе):

Лицо	Единственное число	Множественное число
1	myself –худам	ourselves –худамон
2	yourself – худат	yourselves –худатон
3	Himself-худаш Herself-худаш	themselves –худашон

	itself –худ	
И еще неопределенно-личная форма - oneself		
В роли возвратных местоимений они переводятся как: **худ**		
В роли усилительных местоимений они переводятся как: **худ**		

При изучении местоимений в английском языке, мы установили разницу между употреблением I, Me, Myself. Иногда бывает сложно выбрать, какое именно местоимение стоит использовать в предложении. Рассмотрим значение этих местоимений.

I- используется только когда в предложении речь идет о самом авторе. Это всегда автор действий. “I” что-то делает, это подлежащие его действие, так строится все предложение.

I can remember the tail slapping and banging and the thwart breaking and the noise of clubbing [9, с.22].~ Думашро ёд **дорам**, ки алвонҷ медоду ба ин тарафу он тараф мезад ва шохтири шикастаро ва овози куфтани чубдавро [3, с.23].

В предложение используется личное местоимение английского языка **I,** которое указывает, что действие совершается со стороны первого лица. Личное местоимение **I** переведено на таджикский язык как **«дорам»,** то есть в вышеупотребленном английском предложении личное местоимение **I** переведено с помощью глагола доштан. К данному глаголу было добавлено окончание **–ам**, само окончание **–ам** указывает на первое лицо. В таджикском языке таких случаев много, где окончания добавляются к частям речи и указывают на лицо. А в данном таджикском предложении по контексту можно определить, к какому лицу направлено действие.

I must get him another skirt and a jacket for the winter and some sort of shoes and another blanket [9, с.22].~ **Ман** бояд ба у як куртаи дигар ва як нимтанаи зимистони, ягон пойафзол ва як кампали дигар низ пайдо кунам [3, с.23].

В данном примере используется личное местоимение **I,** которое на таджикский язык переведен как «ман». Ман – это личное местоимение первого лица единственного числа. Из данного предложения можно определить, что речь идет о самом авторе.

Me- это объект, на который направлено действие. Т.е. на “меня”(ба ман), на “**me**”. “I” стоит перед глаголом- сказуемым, “**me**” никогда не будет стоять перед глаголом, только после него, ближе к концу предложения. “**Me**”- это дополнение.

This gentleman, Mr. Wilson, has been my partner and helper in many of my most successful cases, and I have no doubt that he will be of the utmost use to **me** in yours also [9, с.14]. ~Мистер Уилсон, - ба марди фарбеҳ руй оварда гуфт вай, - ин ҷентелмен жар тадқиқи бисёр корҳои басе барорнокам ба ман ёрии дустона расондаанд. Шак надорам, ки дар кори шумо низ нафъи у ба **ман** хеле зиёд мерасад [3, с.5].

В вышеупотребленном предложении употребляется «**me**». **Me**- является объективной формой личного местоимения первого лица. Оно относится к человеку, над которым совершается действие. Местоимение «**me**» переводится на таджикский язык как **«ман».** Из контекста можно понять, что действие совершается со стороны первого лица единственного числа и действие направлено на само действующее лицо.

Нам известно, что возвратные местоимения в английском языке соответствуют возвратным местоимением в таджикском языке **«худ**». В английском языке это может привести к небольшой путанице. Чтобы точно знать, использовать ли в определенном случае возвратное или личное местоимение, мысленно подставляйте в предложение слово **«худ».** Например:

“Jane, your little feet are bare; lie down and cover **yourself** with my quilt [8, с.56]. ~ Љен, пойҳояш хунук хурданд. Ба барам даро, бо кампали ман **худро** бупечон [2, с.77].

В этом предложении используется возвратное местоимение **yourself,** личное местоимение не может бить употреблено. Поэтому переводчик перевел возвратное местоимение **yourself** таджикским местоимением **«худ»** с добавлением послелога **–ро**.

Myself-означает на таджикском «худам». Употребление возвратного местоимения **myself** намного проще, его можно употребить только в двух случаях:

1. Когда надо подчеркнуть значимость или контраст (при переводе на таджикский язык будет «ман худам»)

My name said he, is Mr. Duncan Ross, and I am **myself** one of the pensioners upon the fund left by our noble benefactor [9, с.17]. ~ Номи ман мистер Дункас Росс, - гуфт вай, ва **ман ҳам** аз ҳамон фонде, ки валинеъмати меҳрубони мо пас аз сари худ барои мо гузоштааст, наваҷа мехурам [3, с.13].

В данных предложениях в английском языке используется возвратное местоимение **myself** . В таджикском варианте в переводе используется «ман **ҳам**», то есть кроме **«ман худам»** можно перевести как **«ман хам».** В данном предложении личное местоимение первого лица единственного числа подчеркнуто возвратным местоимением.

2. Когда вы делаете что-то для себя (сам над собою совершаете действие или когда в предложении вы про себя уже говорили)

I could not fail **myself** and die on a fish like this," he said [9, с. 32]. ~ Худо накунад, ки ман сусти **кунам** ва аз дасти чунин як моҳи мурам, -гуфт у [3, с.115].

Если хотят выделить в предложении существительное, не являющееся подлежащим, то возвратное местоимение ставится сразу после этого существительного. Например:

Bagheera stretched himself at full length and half shut his eyes. "Little Brother," said he, "feel under my jaw" [11, с.6].~ **Богира ёзида**, чашмонашро пушид. -Додаракам, -гуфт у, -таги чоғамро палмос [4, с. 16].

В данном предложении **Bagheera stretched himself**. В таджикскои переводе данное словосочетание переводится как **Богира ёзида**. То есть действующее лицо совершало действие по отношению к себе. И для того чтобы выделить действующее лицо, используется возвратное местоимение **himself.**

Несмотря на то что в разных языках местоимение имеет разное название, все же выполняет одну и ту же функцию, т.е. местоимение в основном заменяет существительное и используются вместо знаменательных частей речи. Местоимение в таджикском языке имеет длинную историю, так как в разных наставлениях таджикского языка, в содержании ряда словарей средних веков, вместо термина «местоимение» использовался арабский термин «замир». Термин «замир» использовался в первой грамматике таджикского языка, которая была написана еще в 1926 году, т.е. до 30-х годов вместо термина «чонишин» использовался термин «замир». Термин «чонишин» нашел свое место в грамматике таджикского языка уже позднее, в начале 30-х годов и прочно закрепился в таджикской грамматике [1, с.10].

Термин местоимение (ҷонишин) имеет широкое и узкое значение. В широком значении это совокупность всех единиц, которые могут заменять местоимение, и в результате за счет всех тех слов, которые могут заменять местоимение, расширяется. Но в узком значении, даны определенные слова, которые определенную функцию.

В современном таджикском языке местоимения описаны в синхронном аспекте М.А. Нахангговой (1971), а энклитические (атонические) формы личных местоимений А.Л. Бухоризода (1954).

В таджикском языкознании традиционно выделяется местоимение как особый класс слов. Сам термин «ҷонишин», как и в ряде индоевропейских языков, обозначает буквально «заместитель».

Однако, несмотря на наличие большого числа грамматик и ряда специальных исследований, в изучении истории таджикских местоимений существует много серьезных пробелов: нет исчерпывающей научной классификации местоимений, не прослежены пути их формирования и развития, не исследованы также процессы прономинализации, депрономинализации и взаимоотношения между разрядами местоимений и т.д.

Возвратные местоимения показывают нам, что человек совершает действие по отношению к самому себе. Почему они возвратные? Потому что действие направлено на того, кто его совершает, то есть возвращается к нему. В таджикском языке мы чаще всего показываем это с помощью **–худ,** добавляя к нему окончания –**ам, -аш, амон, ашон, атон,** которые добавляем к действиям. Например: порезался *(худамро буридам), поломалось (худаш шикаст).* В английском для этого есть специальные слова, которые образуются путем добавления к местоимениям my, your, our, them her, him, it -self (если речь идет об одном человеке/предмете); -selves (если речь идет о нескольких людях/предметах).

Использование возвратных местоимений в английском языке. Возвратные местоимения мы используем в 2-х случаях: 1. Чтобы показать, что действие человека направлено на него самого. Например: I bethought **myself** to ring the bell [8, с.65]. ~ Саранҷом ман **худро** маҷбур намудам, ки занг бизанам [2, с.90].

В этом случае наше местоимение ставится перед действием, которое делает человек по отношению к себе. На таджикский язык мы переводим это действие, добавляя послелог**–ро** к возвратному местоимению **«худ».** Схема образования будет следующей: Действующее лицо + возвратное местоимение + действие. Примеры: Don't touch it, you can cut yourself. Нарас метавони худро бури.(ҳаҷне худат худатро). She introduced herself when entered in the room. Вай худашро муаррифи кард вакте ба хуҷра даромад (худаш худашро).

В предложениях больше всего встречаются возвратные местоимения 3-го лица, как и в таджикском, так и в английском. Возвратное местоимение 3-го лица, мужского рода в английском языке образуется с помощью личного местоимения he в объектном падеже + суффикс self.

His father was Zoroastrian convert to Islam, but Bistami **himself** sought to enrich his new faith with mystical teaching and the practice of yoga to which he had been introduced **by** a local Buddhist master [12, с.24]. ~ Падараш гаравидаи Зардушти ба Ислом буд, аммо **худи** Бистоми кушиш

мекард, ки имони навашро бо таълимоти ирфони ва машки йога, ки ба у устоди будпарасташ таълим дода буд, ғани гардонад [5, с.36].

Как мы видим в вышеуказанном предложение используется возвратное местоимение **himself,** данное местоимение переводится на таджикский язык как «**худ**». Переводчик для большей выразительности и чтоб подчеркнуть значение предложения использовал суффикс **–и** при переводе этого предложения (Т.е переводом на русский будет «он сам»).

It is worth noting, that not only did the great Ibn Sina have Zoroastrians as students but he **himself** translated a Zoroastrian text into Arabic [12, с.93]. ~ Бояд таъкид кард, ки Ибни Синои бузург на фақат шогирдони зардушмазҳаб дошт, балки **худаш** матнҳои зардуштиро ба араби тарҷума мекард [5, с.133].

В данном примере переводчик использовал возвратное местоимение «худ» с добавлением суффикса –**аш**, получилось **худаш** в переводе **himself.** Этим переводчик хотел подчеркнуть, что действующие лица самостоятельно, сам выполнял какие-то действия.

Возвратное местоимение 3-го лица, женского рода в английском языке образуется так же, как и возвратное местоимение мужского рода, т.е. с помощью личного местоимения **she** в объектном падеже + суффикс **self**, **itself** образуется с помощью личного местоимение **It** + суффикс **self**.

Not only did it fail to tap into Chinese and Indian learning it even failed to avail **itself** of the scientific and medical Knowledge of the Nestorians at Gumdeshaper [12, с.94].~ Ғарб на фақат тавонист ба илми чини ва ҳинди дастраси дошта бошад ва аз ин истифода барад балки ҳатто натавонист дониши илми ва тибби несториёни Гунди Шопурро мавриди истифода қарор диҳад [5, с.134].

В вышепреведеном предложении используется возвратное местоимение **itself**, которое образуется путем добавления суффикса **self** к личному местоимению третьего лица **It.**

She was pensive a few minutes, then rousing **herself**, she said cheerfully [8, с.49]. ~ Якчанд дақиқа у ба андеша фуру рафт, баъд **худро** ба даст гирифта, хушҳолона гуфт [2, с.68].

В этом предложении используется возвратное местоимение третьего лица единственного числа **herself** на таджикский язык переводится как **«худ».** В отличие от английского языка, в таджикском языке худ используется со всеми лицами в возвратном местоимении. А в этом предложении к возвратному местоимению **«худ»** добавлен послелог –**ро.** В таджикском языке лицо можно определить по контексту и понять, к какому лицу направлено действия.

С точки зрения значения грамматических функций, **худ, хештан** противопоставляются по двум признакам: и **хештан** являются, во-первых, местоимен иями - существительными (или собственно местоимениями) и могут в предложениях выступать в тех же синтаксических функциях, что и личные и лично-предметные местоимения (подлежащее, прямое дополнение, косвенное дополнение, определение), тогда как **худ** (в качестве местоимения) выступает, как правило, только в функции посессивного определения, во-вторых, совмещают в себе значения местоимений возвратных, указывающих на тождество с субъектом действия, состояния, процесса, обозначаемого глаголом, со значением местоимений определительных, "указывающих на то, что данное действие выполняется субъектом самостоятельно, без помощи других, и одновременно подчеркивающих или усиливающих принадлежность одному из лиц речи, тогда как **худ** имеет лишь значение притяжательного местоимения.

Местоимение **худ** употребляется как в самостоятельном собственно-возвратном значении, так и в функции притяжательного местоимения, заменяя имя и выступая в первом из этих значений, оно употребляется в роли подлежащего:

…the one with blind heart and ignoramus with different contrivance showing **his** wealth, to present **themselves** in the village as the last prophets [7, с.4]. ~… курдилу ҷоҳил барои намоиш додани сарвати **худ** дастак зада, **худро** пайғамбари охирзамони деҳа метарошанд [7, с.4].

В данном предложении используется два раза слово **«худ»**. Одно в качестве возвратного местоимения, другое в качестве притяжательного местоимения. К возвратному местоимению «**худ**» добавлен послелог **–ро**, в английском предложении используется возвратное местоимение **themselves,** которое стоит во множественном числе. В таджикском варианте перевода используется единственное число **«худро».**

К этому употреблению близка и функция усилительной частицы, в которой **худ** нередко встречается.

В дальнейшем **худ** в самостоятельном значении стало употребляться преимущественно в изафетной конструкции: **худи ман, худи у** и т.д.

“I should think you ought to be at home **yourself**,” said he, “if you have a home in this neighbourhood: where do you come from?” [8, с.79]. ~ **Худи шумо** мебоист кайҳо ба хонаатон ҳозир мегаштед, -гуфт вай, -агар хонаатон дар ҳамсояги бошад. Аз кучо пайдо шудед? [2, с.111].

Как мы отметили уже выше, возвратное местоимение «худ» может употребляется в изафетной конструкции. В вышеприведенном предложении используется **худи шумо.** К возвратному местоимению «худ» добавлено окончание –и и после идет личное местоимение множественного числа **шумо.**

"I go," said Tabaqui, quietly. "You can hear Shere Khan below in the thickets. I might have saved **myself** the message" [11, с.1]. ~Ман меравам, -гуфт оромона Табаки. –Ҳа нагуфта **худи шумоён** овози Шерхонро аз буттазори поён хоҳед шунид. Беҳуда ин навигариро ба шумо расонам, гуфта чони **худро** дар азоб монондаам [4, с.7].

В английском предложении используется возвратное местоимение **myself** которое переведено на таджикский язык как «худ» с добавлением послелог **–ро**. Но если сравнить английское предложение с таджикском, то можно увидеть, что переводчик во время перевода **You can hear** использовал возвратное местоинние с личным местоимением множественного числа **шумо** с добавлением окончания **–ён**. То есть перевод смысловой с помощью использования стилистического приема «**добавления**».

His drandfather was a royal duke and **he himself** has been to Eton and oxford [9, с.23]. ~ Бобои вай герсог буд, **худи ӯ** дар Итон ва Оксфорд тањсили илм кардааст [3, с.24].

В данном предложении используется возвратное местоимение **himself** с личным местоимением третьего лица единственного числа **he.** В переводе на таджикский язык данные местоимение переведены как **«худи ӯ».** В предложении используется возвратное местоимение **«худ»,** к которому добавлено окончание **–и,** и после идет личное местоимение единственного числа **«ӯ».** В данном предложении кроме изафетной конструкции возвратное местоимение также имеет в усилительное значение. Возвратное местоимение усиливает значения личного местоимения в предложении и указывает, что действие происходило со стороны действующего лица.

Однако между препозитивным и постпозитивным употреблением местоимения **худ** ощущается некоторое смысловое различие (т.е. не кто-либо иной, а сам он).

Made himself comfortable in the armchair, took a deep breath, noted satisfactority to **himself**…[7, с.11] ~ Ба кресло барољат нишаста, нафаси чуқур кашид ва қаноатмандона **ба худ** гуфт…[7, с.11].

В данном предложение возвратное местоимение **himself** переводится как **«худ».** Из данного предложения можно понять, что действие совершается со стороны действующего лица, т.е некто иной, как он сам.

Для дальнейшего развитая языка характерно распространение местоимения **худ** за счет других возвратных местоимений. С этим связано и усиление способности его грамматической сочетаемости. В XVII в встречаем часто форму **худа** (например, в «Хронике» Ибни Қураёс) и ее широкое употребление в «Таърих-и Бадахшан» (XIX а) [1, с.5].

Местоимение **хеш** в языке классического периода в основном выступает атрибутивно, выражая принадлежность. Однако для домонгольского периода характерен ряд специфических употреблений этого местоимения:

- независимое субстантивное употребление, подобное **худ**:
- зависимое, объектное, при котором, однако, **хеш** не относится к подлежащему:
- субстантированное местоимение **хеш** имеет значение родственника, субстантивация **хеш** говорит о его способности участвовать в словообразовании, при этом оно принимает суффикс **–ванд.**

Местоимение **хештан** является композитом. В языке ранней классической прозы вместо **хештан** часто употребляется в том же значении словосочетание **тани худаш**«сам»:

В среднеперсидском засвидетельствованы, как **хештан**, так и **тани худаш**. Примеры восходят к зороастрийским книгам IX в., что может говорить о новоперсидском влиянии.

Само слово **хештан** употребляется, как правило, субстантивно.

Случаи его адъективного, притяжательного употребления очень немногочисленны.

В работе исследуются также ступени дальнейшего развития моделей **худаш - худат - хештан** [1, с.27].

Таким образом, в языке классического периода в качестве возвратных местоимений употребляются **худат, худ, хештан**, которые различаются и по частоте употребления, и по функции, и по способности сочетаться с другими словами.

В XIX веке большое распространение получает местоимение **худам**, не встречавшееся в новоперсидском языке раннего периода. Так, например, в «Таърих-и Бадахшан» оно использовано 20 раз, встречалось также и в тексте «Таърих-и Салотин-и Мангития». В современном таджикском литературном языке форма **худро** стало грамматическим архаизмом и в качестве возвратного местоимения используется в основном форма **худ**. Изменились и сочетания с этим словом: вместо сочетаний **ту худат, худ, мо, шумо, эшон, онон,** таджикского классического языка возникли **худи ман, худи ту** или употребляются формы **худам, худат,**

худаш и т.д., местоимение **хештан** в современном таджикском языке встречается только в архаизированном книжном стиле и в поэзии [1, с.27].Например:

Пештар расми орододаи завқааш низ рӯйи девор буд, аммо ӯ онро гирифта болои тоқчаи кунҷи хона, як куртаи тозаи **худаш** гузошта буд, зеро аз дидани он пирамард дилтанг менамуд ва эҳсоси танҳоӣ мекард [6, с.22]. ~ Once there had been a tinted photograph of his wife on the wall but he had taken it down because it made him too lonely to see it and it was on the shelf in the corner under **his** clean shirt [10, с.5].

В данном предложение «худ» идет в качестве притяжательного местоимения. В английском предложении тоже используется возвратное местоимение **his.** То есть кроме возвратного местоимения, «худ» может также употребляться в качестве притяжательного и усилительного местоимения.

Возвратное местоимение **хештан** в композитах: засвидетельствованы существительные, образованные путём присоединения суффикса - Т к прилагательным, в составе которых - **хештан** и основа наст. вр. глагола: **хештаншиноси**"самосознание" и т.п. Модель с местоимением хеш в классических текстах нами не обнаружена. В современном таджикском языке, по данным словарей, **хеш** лишь выйдя из состава местоимений, выступает в качестве основного компонента двух слов: **хешутабори** «родство» [1, с.28].

Местоимения в словообразовании прилагательных и числительных. Словообразование прилагательных от местоименных основ осуществляется по следующим типам:

Прилагательные, образованные путем аффиксации: префикс бе+ возвратное местоимение: **бехуд** «смущенный, возмущенный»; **бехуд**" расстроенный"; **бехештан** «расстроенный»; слова этого типа, как правило, обозначают свойства лица.

The fact is, I was a trifle beside **myself**; or rather out of myself, as the French would say: I was conscious that a moment's mutiny had already rendered me liable to strange penalties, and, like any other rebel slave, I felt resolved, in my desperation, to go all lengths [8, с.6]. ~ Ман яксара **бехуд**, ё дурустараш, чуноне фаронсавиҳо мегуянд, берун аз худ, будам: мефаҳмидам, ки алангаи яклаҳзаинаи ғазаб бароям аллакай кули ҷазоҳои имкониятпазирро фурурез хоҳад кард, бинобар ин, монанди ҳама гуна гуломи ба тсён бархоста, аз ночори ба ҳама чиз оиода будам [2, с.10].

В вышеприведенном предложении используется возвратное местоимение первого лица единственного числа **myself.** Возвратное местоимение **myself** на таджикский язык переводится как **«худ».** Но в предложении используется словосочетание **beside myself,** это словосочетание переведено на таджикский язык как «**бехуд».** Слово **«бехуд»** образуется путем аффиксации: префикс бе+ возвратное местоимение.

Прилагательное, образованные путем словосложения с местоимениями:

Возвратное местоимение **худ** в композитах: а) **худ** + существительное: **худсар**«самовольный»; б) **худ**+ существительное + суффикс - а: **худдонам** «самонадеянный»; в) **худ**+ основа настоящего времени глагола: **худшикан «**послушный» и т.п.; г) **худ** + причастие прошедшего времени: **худкарда** «самоуправный», **худруста-** «естественный».

Архаическое возвратное местоимение хеш в композитах: а) **худ**+существительное: **худсар** «самостоятельный»; **худсар** «своенравный»; б) **хуш**+ основа настоящего времени глагола; **хушбин** «самодовольный, самоуверенный»;

Возвратное местоимение **хештан** в композитах встречено в сочетании с основой настоящего времени глагола: **хештанбин-** «самодовольный, самоуверенный».

ЛИТЕРАТУРА

1. Сияев Б. Формирование местоимений в таджикском языке: авт… дисс… док. филол.наук. - Душанбе, 2003. - 56 с.
2. Бронте, Шарлота. Ҷен Эйр. Роман.–Душанбе, ТҶБ «Истиқбол» 2010. - 412 с.
3. Дойл, Артур Конан. Ҳикояҳо дар бораи Шерлок Холмс; тарҷ.аз русӣ. - Душанбе: Адиб, 1982. – 480 с.
4. Киплинг Р. Маугли [на тадж.языке] / Р.Киплинг. - Душанбе: Маориф, 1976. - 266 с.
5. Старр Фредерик С. Маърифати гумшуда. Асри Тилоии Осиёи Маркази ва истилои араб то Темурланг / С. Старр Фредерик. - Душанбе: «Эр-граф», 2016. - 692 с.
6. Ҳэмингвей Э. Пирамард ва баҳр / Э. Ҳэмингвей. - Душанбе: Нашриёти Бухоро, 2014. - 168 с.
7. Ҷумъа Қуддус. Маҳмадраҳими К. Ширин [қисса]. – Душанбе: Адиб, 2006. - 176 с.
8. Bronte, Charlotte. Jane Eyre, [Электронный ресурс] www.english-thebest.ru, 328.]
9. Doyle, Arthur Conan. The Adventures of Sherlock Holmes электронная библиотека Royallib.ru
10. Hemingway, Ernest. The old man and the Sea. [Электронный ресурс]www.Asiaing.com
11. Kipling, Rudyard. The jungle book [Электронный ресурс], www.english-thebest.ru, 71.
12. Starr S. Frederick. Central Asia's golden age from the Arab conquest to Temerlane. Fourth printing, and first paperback printing, 2015.

ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ ҶОНИШИНҲОИ НАФСӢ –ТАЪКИДӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Аз ҳама ҷолиб то чӣ андоза мураккаб будани ҷонишинҳо ва тарзи дуруст истифода барии онҳо дар дарсҳои бахшида ба грамматика мебошанд. Дар маҷмӯъ, кӯшиши фаҳмидани категорияҳои гуногуни ҷонишин андаке душвор аст, аммо онҳо аз ҷумла калимаҳои осоннавис ва осонталлафуз мебошанд. Ҳамагон

ҷонишинҳоро бе ягон мамоният ҳам ба таври шифоҳӣ ва хам ба таври хаттӣ истифода мебаранд. Ҷонишинҳои нафсӣ бо пасвандҳои – self ва selves сохта мешаванд ва ҳангоми мувофиқ омадани ҳам субъект ва хам объект истифода мешаванд. Онҳо ҳамчун объек ё ин ки объекти бевосита амал мекунанд. Ҷонишинҳои нафсӣ инҳояд: myself, yourself, himself, herself, oneself, itself, ourselves, yourselves, themselves. Вожаҳои грамматикӣ дар назари аввал каме душвор ва худсарона менамоянд, аммо вақте, ки ба омӯзиши онҳо шурӯъ менамоед, ақидаи душвории онҳо нест хоҳад шуд. Фикр мекунем ҷонишинҳо нутқи моро боз ҳам бурротар мекунанд. Бо дарназардошти он ки дар як ҷумла мо метавонем як калимаро якчанд маротиба истифода кунем, ҷонишинҳо ба мо имконияти иваз намудани чунин калимаҳои такроршавандаро медиҳанд ва мо метавонем муошрати худро мунтазам давом дихем.

Калидвожаҳо: ҷонишин, худ, ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ, ҷумла, грамматика, калима.

СТРУКТУРНЫЙ АНАЛИЗ ВОЗВРАТНЫХ МЕСТОИМЕНИЙ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Интересно то, насколько сложными могут быть местоимения и их правильное использование при изучении их, например, на уроке, посвященном грамматике. Мы заметили, что в целом, попытка понять различные категории местоимений может быть несколько трудной, но они, возможно, являются легко произнесенными и написанными словами. Мы все говорим и пишем их без колебаний. Возвратные местоимения - это слова, оканчивающиеся -self и -selves, которые используются, когда субъект и объект предложения совпадают (например, я верю в себя). Они могут действовать как объекты или косвенные объекты. Девять английских возвратных местоимений - это myself, yourself, himself, herself, oneself, itself, ourselves, yourselves, и themselves. Грамматические термины могут показаться сложными и немного произвольными, когда вы впервые их слышите, но на самом деле это не так, как только вы их узнаете. Термин рефлексив является хорошим примером. Через латынь рефлексивный относится к рефлексии; это полезно запомнить, потому что рефлексивное местоимение отражает предмет предложения. Я думаю, что местоимения помогают нам в более плавном, возможно, даже более быстром темпе выражении речи. Принимая во внимание, что мы будем снова и снова использовать только одни и те же слова, местоимения позволяют нам продолжать наше общение, не останавливаясь, чтобы постоянно представлять темы наших сообщений. Вместо этого мы можем перейти к более важным аспектам нашего общения или других разговоров в целом.

Ключевые слова: местоимения, сам, рефлексивные, возвратные местоимения, предложение, грамматика, слово.

THE STRUCTURAL ANALYSIS OF REFLEXIVE PRONOUNS IN THE ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

The interesting thing is how complicated pronouns and their proper uses can be when looking at them in a more technical setting such as a class dedicated to grammar. I've noticed that overall trying to understand the different categories of pronouns can be a bit difficult, but the flip side to that is that they are perhaps the easily spoken and written words. We all speak and write them without hesitation. If we think about it, the lack of pronouns in a our language, both written and spoken, would be exhausting. Reflexive pronouns are words ending in - *self* or - *selves*that are used when the subject and the object of a sentence are the same (e.g., *i believe in myself*). They can act as either objects or indirect objects. The nine English **reflexive pronouns** are *myself, yourself, himself, herself, oneself, itself, ourselves, yourselves,* and *themselves*. Grammatical terms might seem complicated and a bit arbitrary when you first hear them, but they really aren't, once you get to know them. The term *reflexive* is a good example. Through latin, *reflexive* is related to *reflect*; this is useful to remember because a **reflexive pronoun** *reflects back* upon a sentence's subject. Pronouns help us, i think, on a smoother, maybe even faster pace. Whereas we would use nothing but antecedents over and over again, pronouns allow us to continue our communication without having to stop to constantly represent the subjects of our sentences. Instead we can actually move on to more important aspects of our communication or other conversations altogether

Key words: pronouns, self, reflexive, reflexive pronouns, sentence, grammar, word,

Сведения об авторе: ***Талабова Тахмина*** **–** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **talabova@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 987-54-54-47**

Information about the author: ***Talabova Takhmina*** - Tajik National University, doctoral Ph.D. of the university-wide department of English. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **talabova@inbox.ru.** Tel.: **(+992) 987-54-54-47**

УДК: 491.550-56:44.56

ВОҲИДҲОИ ҶАМЪСОЗИ ИСМ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ

(таҳлили муқоисавӣ дар мисоли повести «Одина»-и С.Айнӣ)

Намозова Ш.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Исм ҳамчун ҳиссаи нутқ предмет ва мафҳумҳои предметонидашударо ифода мекунад [4, с.90], вале дар зимни иҷрои ин вазифа дорои қоидаву тобишҳои зиёди грамматикӣ ва меъёрҳои забонӣ мебошад. Исм, ки дар ҷумла мубтадо шуда меояд, тамоми амалу ҳаракат ба вай нигаронида шудааст. Ҳатто ҳолатҳои грамматикии дигар ҳиссаҳои нутқ барои саҳеҳу равшан шудани аломатҳои исм равона мешаванд.

Дар ин қатор яке аз масъалаҳои нозуки исмҳо дар ҷумла ифодаи дурусту бехато дар шумора мебошад. Яке аз категорияҳои грамматикии исм, ки бевосита дар ҷумла зоҳир мегардад, категорияи шумора аст. Мавқеи шумора дар миёни дигар аломатҳои морфологӣ

назаррас аст, зеро хабар (феъл), ки дар якҷоягӣ бо мубтадо (исм) сутуни ҷумла ба ҳисоб мераванд, ҳамеша ба шахсу шумораи исм мутобиқат карда меистад, ки инро тасрифшавии феълҳо меноманд. Аз ин нуқтаи назар, омӯзиши доираи зоҳиршавии шумораи предмет, тартибу муқаррароти муайянкардаи забон ва дараҷаи дурустиву саҳеҳии ин масъала зарур аст.

Шумора ба сифати категорияи дастурии исм куллан аз шумора ҳамчун ҳиссаи нутқ фарқ мекунад ва вазифааш ҳам дар ҷумла дигар аст. Вай дар ду шакл зуҳур мекунад – шумораи танҳо ва ҷамъ. Шакли танҳои исм на фақат предмети ягона, як предмет, балки предметҳои зиёди номуайянро ҳам ифода мекунад. Шакли танҳои исм мафҳуми ҷинсӣ дорад, вай ҳамчун намояндаи гурӯҳи ҳамҷинсон воқеъ мегардад [4, с.100]. Аммо ифодаи исм дар шумораи ҷамъ тамоман чизи дигар аст ва шаклҳои гуногуни таърихан ва дар ҷараёни инкишофи забон ба вуҷудомадаро фарогир аст.

Ба он нигоҳ нокарда, ки дар масъалаи ҷамъбандии исмҳо қайдҳову гуфтаҳо бешуморанд ва донишмандон дар мисоли адабиёти насриву назмии ҳам классикию ҳам муосир мавзӯъро ба риштаи баҳс кашидаанд, вале то ҳол паҳлуҳои норӯшани он боқӣ мондаанд.

Оид ба ифодашавии исмҳои ҷамъ ва ҷомеъ, тафовуту наздикиҳои онҳо Ёрмирзоева М. таҳқиқот анҷом дода, хусусиятҳои исмҳои ҷомеъ ва ифодашавии исмҳои ҷамъро муайян намуда, мегӯяд: *«Исмҳои ҷомеъ ва ҷамъ аз ҷиҳати ифодаи маъно бо ҳам наздик буда, дар баробари ин, тобишҳои маъноие ба мушоҳида мерасанд, ки байни категорияи ҷамъ ва ҷомеъ тафовут мегузоранд»* [6, с.75].

Муҳаққиқи эронӣ Аббос Тирафкан мавзӯи ҷамъбандиро дар муқоисаи гӯйишҳои забонҳои сиистионӣ, форсӣ ва тоҷикӣ омӯхта, то кадом андоза бо ҳам шабеҳият доштани ҷамъсозии исмҳоро дар забонҳои омӯхташаванда эзоҳ додааст. Номбурда қайд менамояд, ки "*Исм аз назари теъдод ба муфрад (танҳо) ва ҷамъ ҷудо мешавад. Исми муфрад бар як чиз, ё як фард, ё як мафҳум далолат мекунад. Исми ҷамъ бошад бар чанд чиз, ё чанд фард, ё чанд мафҳум далолат менамояд*" [10, с. 103].

Тавре зикр кардем таҳлилҳои амиқи илмӣ оид ба мавзӯи мавриди назар зиёд анҷом дода шудаанд. Ҳатто бо усули муқоисавӣ дар забонҳои гуногунсохт забоншиносон тадқиқ гузаронида, дараҷаи умумияту тафовутҳоро дақиқ намудаанд. Муносибати ҷамъбандӣ дар доираи ифодашавии исмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар кори илмии донишманди соҳа Тағоева Т. сурат гирифтааст. Аз гуфтаҳои муаллиф бармеояд, ки ифодашавии шумораи исмҳо на танҳо бо ёрии ададҳо, балки тавассути воҳидҳои дигари забон, мисли пасвандҳои ҷамъсоз, зарфҳои миқдор ва ҷонишинҳо ҳам инъикос меёбанд [8, с.107].

Ифодашавии иқтибосоти тоҷикӣ-форсиро дар забони фаронсавӣ Ҷумаев Т. омӯхта, дар бобати инъикоси шумораи ҷамъи исмҳо чунин меорад: "*Шумораи ҷамъи исм дар забони тоҷикӣ ба воситаи пасванди "-ҳо" ва ҳамгунаҳояш "-он, -вон, -ён, -гон" сохта мешавад. Дар нутқи хаттии забони фаронсавӣ ин ҳолат бештар бо роҳи агглютинативӣ, яъне иловашавии пасвандҳои "-s, -x" ба исм ба вуҷуд меояд, вале роҳҳои дигари ифодаи исм дар шумораи ҷамъ низ мавҷуд аст: а) тағйир ёфтани охири исм (флексия): travail-travaux; б) бо калимаҳои ёридиҳанда (аналитикӣ): une voix-des voix; с) шаклан дигаршавии исм (супплетивизм): œil-yeux*" [5, с.55]. Ҳамчунин, Назарова М. ба омӯхтани ҷамъбандии исмҳои ифодакунандаи касбу кор ва машғулият дар забонҳои тоҷикию фаронсавӣ машғул шуда, чунин қайд менамояд: "*Дар забони тоҷикӣ категорияи ҷамъ бо пасвандҳои "-ҳо" ва "-он (-ён, -вон, -гон)" ифода ёбад, дар забони фаронсавӣ асосан бо пасванди "-s" ифода мегардад*" [7, с.85]. Ин андешаи муҳаққиқро эътироф кардан чандон қобили қабул буда наметавонад. Аз муҳтавои мақола маълум мегардад, ки муаллиф омадани исмҳои ифодакунандаи касбу корро дар шумораи ҷамъ ба инобат гирифта, андешаи болоро навиштааст. Дар умум бошад, воситаву роҳҳои дигари ҷамъбандии исмҳо дар забони фаронсавӣ вуҷуд дорад.

Гак В.Г. категорияи шумораро дар забонҳои фаронсавию русӣ таҳлил намуда, мегӯяд: «*Дар ҳарду забон категорияи шумора дорои ду зеркатегория (субкатегория) мебошад: шумораи танҳо ва ҷамъ. Ин категория аз ҷиҳати маъноӣ хосси исмҳои шумурдашаванда (ҷондору беҷони муайян, аслии кул) буда, ба исмҳои шумурданашаванда (модӣ «об», абстракт «афзоиш», ягонаи муайян «Офтоб») гайримаъноӣ (асемантической) маҳсуб меёбад*» [2, с.112].

Аз мутолиаи сарчашмаҳо маълум мешавад, ки ҳолати ҷамъбандии исмҳо дар забонҳои муқоисашаванда бештар тавассути суффиксҳои ҷамъсоз сурат мегирад. Чунончи, дар забони тоҷикӣ воҳидҳои асосии ҷамъсоз ин пасвандҳои "-ҳо, -он (-гон, -вон, -ён)" мебошанд. Ҳамчунин, аз забони арабӣ бандакҳои "-от, -ин" низ дар баъзе исмҳои иқтибосшудаи арабӣ ба забони тоҷикӣ мушоҳида карда мешавад. Аммо дар фарқ аз забони тоҷикӣ, воҳидҳои дигари ифодакунандаи шумораи ҷамъ дар забони фаронсавӣ дида мешавад, монанди артикл ва детерминантҳо (сифатҳои соҳибию ишоратӣ).

Омӯзиши муқоисавии категорияи шумора ва аломатҳои грамматикии вай дар забонҳои тоҷикию фаронсавӣ имконият медиҳад, ки минбаъд дар тарҷумаи матнҳову асарҳо нозукиҳои мавзӯъ ба назар гирифта шавад. Хусусан, дар асоси маводи ягон асар таҳлилкунӣ боз ҳам доираи фаҳмишро васеъ мекунад.

Забони асарҳои офаридаи Садриддин Айнӣ тамоми меъёрҳои грамматикию ахлоқии забони ҳам классикӣ ва ҳам муосири тоҷикиро дар бар мегиранд ва корбурди дурусту саривақтии хусусиёти морфологию синтаксисии ҳар як ҳиссаи нутқ аз маҳорати баланди нависандагии устод шаҳодат медиҳанд.

Дар повести “Одина” ҳам гуфтаҳои болоро мушоҳида намудан мумкин аст. Махсусан, ҷойи исм ва категорияҳои грамматикии вай намоёнтар нисбат ба дигар ҳиссаҳои нутқ мебошад. Муаллиф дар зимни овардани исмҳо дар шумораи ҷамъ чун анъана аз бандакҳои ҷамъсози забони тоҷикӣ “-ҳо, -он, -ён, -вон, -гон” истифода намудааст, вале пасванди “-ҳо” нисбатан бештар истифода гардидааст. Сабаби аслии ин дар он аст, ки пасванди мазкур одатан бо ҳама гуна исмҳо ва дар ҳама ҳолатҳо омаданаш мумкин аст ва дар истифодаи он маҳдудият вуҷуд надорад.

Одина ҳар рӯз пагоҳӣ аз оғил ***молҳоро*** *гирифта, ба чаро мебурд ва бегоҳ* ***ҳезумҳои*** *он рӯз аз дараву кӯҳ шикаста гундоштагиашро ба хар бор карда, рамаро пеш андохта, ба хонаи хӯҷаини худ меовард* [1, с.6].

Тавре дар ҷумлаи фавқ мебинем, суффикси “-ҳо” дар ду маврид кор фармуда шуда, ҳам бо исми ҷондор ва ҳам бечон омадааст.

Тарҷума: *Au lever du soleil, tout endormi encore, il faisait sortir* ***le bétail*** *de l’enclos en pierres. Tard le soir, il rentrait à la maison, ayant chargé l’âne de* ***branche*** *sèches ramassées au-dessus des abîmes* [12, с.214].

Исми “мол” ҳамчун ифодакунандаи ҳайвон дар шумораи ҷамъ омада, ҳам бузу гӯсфандон ва ҳам харро дар назар дорад, вале дар варианти тарҷумашуда вай дар шумораи танҳо “le bétail” (ҳайвон) омадааст, ки он ҳама ҳайвонҳоро ифода карда наметавонад. Ё худ исми “ҳезум” дар шумораи ҷамъ самараи ранҷи якрӯзаро ифода менамояд, ки мутарҷим онро танҳо бо овардани “*branche*” (шоха) нишон додааст. Ҳол он ки мутолиакунанда дар зери ин исм танҳо як шохаи дарахтро мефаҳмаду халос. Гарчанде мақсади ҷумла дар варианти тарҷумашуда омадааст, вале вобаста ба хусусияти ҳиссаҳои нутқ ҷумла ноқис аст. Ба чунин шакл ҷумлаи фаронсавиро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардан мумкин аст:

Бо баромадани офтоб, дар ҳоле ки ҳама дар хоб буданд, вай ҳайвонро аз оғили сангин мебароварда. Дар бевақтии шаб бо хари аз шохаи хушки аз баландии ҷариҳо ҷамъкардагӣ боркардашуда вай ба хона бармегашт (Н.Ш.).

Пасвандҳои дигари ҷамъсоз низ дар забони асар мавриди корбаст қарор гирифтаанд. Онҳо қонунҳои истифодаашонро нигоҳ дошта, бештар бо исмҳои ҷондор ба кор бурда шудаанд.

Монанди дигар ***ҳамватанони*** *худ ба тарафҳои Фарғона рафта муздурӣ ва ҳаммолӣ намояд* [1, с.15].

Дар ҷумлаи боло исми “ҳамватан” ба воситаи пасванди “-он” ҷамъбандӣ шуда, гурӯҳе аз шахсонро ифода намудааст. Дар варианти тарҷумашуда низ исми мазкур бо ёрии суффикси “-s” дар шумораи ҷамъ “compatriote” (ҳамдеҳа, ҳамватан) зикр мешавад.

Тарҷума*: … et de partir travailler à Fergana ainsi que nombre de ses* ***compatriotes*** [12, с.222].

… ва рафта дар Фарғона кор кардан мисли шумори ҳамватанонаш (Н.Ш.)

“… суффикси -он бо тақозои қолибҳои анъанавӣ бештар бо исмҳои ҷондор, алалхусус, бо исми шахс меояд” [4, с.102]. Дарвоқеъ, пасванди “-он” дар қиссаи “Одина” бо исмҳои ҷондор омадааст, вале ҳолатҳои бо исмҳои ғайришахс омадани ин суффиксро низ дар асар зиёд мушоҳида намудан мумкин аст .

Пасванди ҷамъсози “-гон” ҳам ба исмҳои ҷондор ва ҳам бечон васл мешавад. Хусусияти барҷастаи он ба овози охири калима рабт дорад. Он исмҳое ин суффиксро қабул мекунанд, ки бо садоноки “а” ба охир мерасанд. Исботи ин гуфтаҳоро дар ҷумлаҳои зерини повест мушоҳида карда метавонем.

Калошавандагон *гӯсфандро даҳ танга нарх карда, дар пушти санад навиштанд* [1, с.14].

Тарҷума*: **Les vieillards** estimèrent la valeur de la brebis à dix tengas, et l’inscrivirent cérémonieusement sur la reconnaissance de dette* [12, с.220].

Шогирдпешагони *ҳоким пагоҳирӯз ҳанӯз офтоб набаромада аз хоб бархостанд* [1, с.24].

Тарҷума*: **Les surveillants** se réveillèrent à l’aube* [12, с.227].

Маълум мешавад, ки устод Айнӣ ҳам дар зимни корбурди пасванди мавриди назар қонуни забонро риоя намудаанд. Мутарҷими асар айнан исмҳои дар шумораи ҷамъ овардаи муаллифро ба воситаи бандаки “-s” (vieillard-мӯйсафед, surveillant-нигаҳбон) ҷамъбандӣ менамояд.

Мӯйсафедон арзиши гӯсфандро 10 танга нарх карда, онро ботакаллуф дар забонхати қарзӣ навиштанд (Н.Ш.)

Нигаҳбонон саҳарӣ аз хоб бедор шуданд (Н.Ш.)

Пасванди “-гон” бо исмҳои беҷон низ кор фармуда мешавад, мисли ***ситорагон, сайёрагон***, вале дар матни повести “Одина” ин гуна ҷумлаҳоро мушоҳида накардем.

Суффикси ҷамъсози “-ён” ҳам дорои қонунияти махсус мебошад. Ягона хусусияти вай, мисли пасванди “-гон”, ба овози охири калима вобаста мебошад. Исмҳои ҷондор ва беҷоне, ки бо садоноки “и” ё “о” ба анҷом мерасанд, одатан дар шумораи ҷамъ пасванди мазкурро қабул мекунанд. Тавре дар ҷумлаи зерин нависанда меорад:

*...ононе, ки фақир буданд, лекин ҷавониву қувват доштанд, нафси худро ба ятимии чандинсола, ба иборати дигар, ба гуломии умрӣ ба **боёну** судхӯрон фурӯхта бадалашро барои ришва пешкаш карданд* [1, с.21].

Дар ҷумлаи овардашуда исмҳои **бой** ва **судхӯр** дар шумораи ҷамъ омада, аввалӣ бо суффикси “-ён” ва дувумӣ бо пасванди “-он” сохта шудаанд. Дар тарҷумаи фаронсавии ҷумла танҳо яке аз исмҳо (***usurier-судхӯр***) оварда шудааст, ки ба воситаи суффикси “-s” дар шумораи ҷамъ зикр мешавад.

Тарҷума: *Mais pour ceux qui ne possédaient rien, cela allait mal. S’ils étaient jeunes et forts, ils se vendaient en esclavage pour quelques années, aux **usuriers** cupides, pour avoir la possibilité de graisser la patte à leurs oppresseurs* [12, с.224].

*Аммо барои онҳое, ки ҳеҷ чиз надоштанд, ин кор ба душворӣ паси сар шуд. Агар онҳо ҷавон ва тавоно ба шумор мерафтанд, худро ба гуломӣ барои чандин сол ба **судхӯрони** хасис мефурӯхтанд, то ки ба ситамгоронашон имкони додани пораро дошта бошанд.*

Пасванди дигари ҷамъсоз дар забони тоҷикӣ “-вон” мебошад. Ин суффикс асосан бо исмҳое меояд, ки овози охирашон “у, ӯ” аст. Аммо чунин исмҳоро метавон бо “-ён” низ ҷамъбандӣ кард.

*Дар ин чарогоҳҳои пуралаф бозӣ кардани бузону бузғолагон, ҷастухези гӯсфандону баррагон, рамидану давидани **оҳувон** ...* [1, с.31].

Ҷумлаи болоӣ фарогири якчанд исм буда, бештарашон дар шумораи ҷамъ зикр шудаанд. Чунончи, исмҳои **чарогоҳ, бузу бузғола, гӯсфанду барра, оҳу** ба воситаи пасвандҳои ҷамъбандӣ омадаанд, аммо ҳар як суффикс махсусияташро нигоҳ доштааст. Пасванди “-вон” ба исми *оҳу* васл шуда, шуораи ҷамъро нишон медиҳад. Варианти баргардоншудаи ҷумла ҳам ҳолати мазкурро дорад ва аслан суффикси “-s” вазифаи ҷамъсозиро анҷом додааст.

Тарҷума: *Ici, sur les gras pâturages, vous verrez les jeux des chèvres et des chevreaux, les bonds pensifs des brebis, les promenades timides des **gazelles**.* [12, с.234].

Дар ин ҷо, дар чарогоҳҳои ҳосилхез, шумо бозиҳои бузу бузғолагон, ҷаҳиши гӯсфандони ошӯфта, ҳаракати беҷуръатонаи оҳувонро хоҳед дид (Н.Ш.)

Тавре гуфта шуд, аз забони арабӣ суффиксҳои “-ин, -от” барои ифодаи шумораи ҷамъ дар чанде аз иқтибосоти арабӣ мавриди истеъмол қарор доранд. Мисли “деҳот, ахборот...”. Дар қиссаи “Одина” чунин ҳолатҳо ба чашм нарасид. Лекин қайд намудан зарур аст, ки пасванди “-ҳо”-и тоҷикӣ метавонад ивазкунандаи “-от”-и арабӣ бошад. Чунончи, метавонем “деҳаҳо, ахборҳо...” гӯем, ҳол он ки “ахбор” худ, аллакай, исми ҷомеъ буда, ҷамъи “хабар”-ро ифода мекунад.

Аз таҳлилҳои анҷомдодашуда бармеояд, ки ифодашавии исмҳо дар шумораи ҷамъ дорои нозукиву қонуниятҳои махсус аст.

Дар забонҳои омӯхташаванда ҷамъбандӣ ба воситаи пасвандҳо сурат гирифта, онҳо мавқею ҷойи худро дар ҷумла касб мекунанд. Бештар исмҳои забони тоҷикӣ бо ёрии пасванди “-ҳо” ҷамъсозӣ шуда, дар забони фаронсавӣ ба воситаи суффикси “-s” ифода меёбанд. Дар забони повести “Одина”-и устод Садриддин Айнӣ низ суффикси мазкур нисбат ба дигар пасвандҳои ҷамъбандӣ серистеъмол аст. Мутарҷими фаронсавии асар ҳам аксаран исмҳои ҷамъро бо “-s” нишон медиҳад.

Ҳар забон дар навбати хеш дорои меъёрҳои муайян мебошад ва зимни баргардон намудани ин ё он матн аз як забон ба забони дигар риоя кардани онҳо боиси саҳеҳию мукаммалии он матн ё ҷумла мегардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Одина (повест). – Душанбе: Маориф, 2014. – 178 с.
2. Гак В.Г. Сравнительная типология французского и русского языков // В.Г.Гак. – Л.: Просвещение, 1976. – 302 с.
3. Гак В.Г. Теоретическая грамматика французского языка / В.Г. Гак. – М.: Добросвет, 2000. – 832 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
5. Джумаев Т. Оформление категории числа таджикско-персидских заимствований во французском языке / Т.Джумаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия филология. – 2015. – №4/8 (180). – С.53-57.

6. Ёрмирзоева М. Тафовути исмҳои ҷамъ ва ҷомеъ / М.Ёрмирзоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. – 2014. – №4/2 (133). – С.74-77.
7. Назарова М. Ифодаи ҷамъ бо исмҳои ифодакунандаи касбу кор ва машғулият дар забонҳои тоҷикӣ ва форонсавӣ (дар асоси романи «Духтари оташ»-и Ҷ.Икромӣ) / М.Назарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. – 2013. – №4/4 (116). – С. 85-89.
8. Тагоева Т. Количественные отношения в системе существительных / Т.Тагоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия филология. – 2015. – №4/7 (180). – С.107-109.
9. Тагоева Т. Способы выражения категории количества в системе существительных таджикского и английского языков / Т.Тагоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия филология. – 2015. – №4/10 (187). – С. 51-53.
10. Тирафкан А. Баррасӣ ва татбиқи сохтвожаи тасрифии ҷамъ дар гӯйиши сиистон, забони форсии эрон ва забони тоҷикӣ / А.Тирафкан // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. – 2013. – №4/6 (122). – С.103-106.
11. Ҷумъаева Б. Баъзе хусиятҳои категорияи ҷамъбандии ҷонишинҳо дар романи «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода / Б.Ҷумъаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. – 2011. – №1 (65). – 247-249.
12. Aini S. La mort de l'usurier (nouvelles). Traduites du tadjik et du russe par S. Borodine et V. Voinot // S. Aini. – Paris: Les éditeurs français réunis, 1957. – 317 p.

ВОҲИДҲОИ ҶАМЪСОЗИ ИСМ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ

(таҳлили муқоисавӣ дар мисоли повести «Одина»-и С.Айнӣ)

Бо таваҷҷуҳ ба он ки исм ва хусусиятҳои он мавриди омӯзиши зиёд қарор гирифтаасту андешаҳо гуногун пешниҳод шудаанд, таҳлили грамматикии ин ҳиссаи нутқ барои рушди минбаъдаи илми забоншиносӣ таъсигурзор буда метавонад. Муаллиф дар мақола кӯшидааст, ки роҳу воситаҳои сохташавии ҷамъбандии исмҳоро дар забонҳои тоҷикию форонсавӣ нишон диҳад ва бо овардани ҷумлаҳо аз повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ гуфтаҳояшро исбот созад. Воҳидҳои асосии ҷамъсозӣ дар исмҳои забонҳои муқоисашаванда пасвандҳои махсус мебошанд, ки вазифаҳои онҳо маҳз дар шумораи ҷамъ нишон додани исм ба шумор меравад. Аммо ин қабил суффиксҳо мавқеъҳои муайяни истифодаро соҳибанд ва вобастаанд ба чанд хосияти калима, мисли овози таркибӣ, ҳиҷо, овози охири калима, инчунин услуби нигориши нависанда ва ғайра. Пасвандҳои ҷамъсоз дар забони тоҷикӣ «-ҳо, -он (-гон, -ён, -вон)» мебошанд. Илова бар ин, аз забони арабӣ бандакҳои «-от, -ин» ба воситаи калимаҳои иқтибосшуда дохил шудаанд. Ҳарчанд онҳо камистеъмол бошанд ҳам, лекин моҳияти дастуриашонро то андозае нигоҳ доштаанд. Воситаҳои ҷамъбандии забони форонсавӣ суффиксҳои «-s, -x» мебошанд, вале дигар ҳолатҳои инъикоси исмҳо дар шумораи ҷамъ ҳам дида мешавад. Ин асосан вобаста аст ба худи ҳамон исм. Шумораи баъзе исмҳоро аз воҳидҳои ёрирасон, мисли артиклҳо, сифатҳои соҳибӣ ва ишоратӣ муайян намудан мумкин аст. Баъзеи дигар охири худро дигар мекунанду гурӯҳи сеюм шаклан тағйир меёбанд. Устод Айнӣ зимни зикри шумораи ҷамъ меъёрҳои забони тоҷикиро риоя карда, бамаврид пасвандҳоро кор мефармояд ва мутарҷими асар низ то андозае онро нигоҳ доштааст.

Калидвожаҳо: исм, шумораи ҷамъ, забони тоҷикӣ, пасванд, овоз, таркиби калима, меъёр, забони форонсавӣ, тағйирёбӣ.

СПОСОБЫ ОБРАЗОВАНИЯ МНОЖЕСТВЕННОГО ЧИСЛА ИМЁН СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ В ТАДЖИКСКОМ И ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКАХ

(сравнительный анализ в примере повести «Одина» С.Айни)

В виду того, что имя существительное и его особенности являются объектом многих исследований и учитывая различные мнения, грамматический анализ этой части речи способствует дальнейшему развитию языкознания. В данной статье автор старается объяснить пути и способы строения множественного числа имён существительных в таджикском и французском языках, приводя примеры из повести «Одина» С. Айни. Основные единицы строения множественного числа имён существительных в сравнимых языках - это специальные суффиксы, целью которых является выражение существительных во множественном числе. Но стоит заметить, что этот вид суффиксов обладает определённым способом выражения, что зависят от некоторых свойств слова как составного звука, слога, конечного звука слова, а также стиля выражения автора и т.п. Суффиксами, образующими множественное число в таджикском языке, являются «-ҳо, -он (-гон, -ён, -вон)». Кроме этого, окончания «-от, -ин» вошли как взаимозаменяемые слова из арабского языка. Хотя они малоупотребляемы, но всё же суть их выражения в определённом уровне сохраняется. Способы строения множественного числа во французском языке - это суффиксы «-s, -x», и существуют и другие пути строения. В основном это зависит от самого существительного. Некоторые числа существительных можно определить по их вспомогательным единицам из артиклей, притяжательных и указательных прилагательных. Некоторые из них меняют окончания, а третья группа меняет вид и строения. С. Айни при употреблении строения множественного числа, соблюдая рамки-нормы таджикского языка очень целесообразно употребил суффиксы и переводчик повести определённым образом тоже постарался это вся учесть.

Ключевые слова: имя существительное, множественное число, таджикский язык, суффикс, звук, состав слова, норма-рамки, французский язык, изменения.

THE UNITS OF FORMING PLURAL FORM IN TAJIK AND FRENCH LANGUAGES

(comparison analyses on examples of S. Ainy's story "Odina")

Taking into account that the noun ant it's peculiarities are under the researches and there are lot's of different ideas around this part of speech, so it promotes to the further development of linguistic. The author tries to explain and show the ways and forming of plural form of nouns in Tajik and French by given examples from the novel of "Odina" of S. Ainy. The main units of forming plural forms of nouns in compared languages are special suffixes, which express the plural forms of nouns. But, it's important to stress that these kinds of suffixes possess the definite ways of expressing, which depends on some properties of the word, such as compound sound, syllable, the lost sound of the word, and also the style of author's expressing and etc. The suffixes which form the plural form of nouns in Tajik are "-ҳо, -он (-гон, -ён, -вон)". Besides the endings such as "-от, -ин" came as a borrowed words from Arabic. Though they use not so widely, but they possess the definite point or level. The ways of forming plural forms of nouns in French are known with suffixes "-s, -x" also there are the other ways of forming plural forms of nouns. Mainly it depends on the noun. One can define the forms of nouns from their auxiliary units, from the articles, from the possessive and demonstratives too. Some of them change the

computation or endings, but the other change the kind and forming. Using the forming of plural forms of nouns, S. Ainy follows the standards of Tajik language, also he effectually used the suffixes and the interpreter tried to it all into account.

Key words: the noun, plural form, Tajik language, suffix, sound, the composite of word, standard, French language, changes.

Сведения об авторе: ***Намозова Шахло Хамзаевна*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель общеуниверситетская кафедра немецкого и французского языков. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр., Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 987-81-57-65**

Information about the author: ***Namozova Shakhlo Khamzaevne*** – Tajik national university, senior teacher of the department of German and French languages. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 987-81-57-65**

УДК: 42:372.881.111.1 (575.3)

ХУСУСИЯТҲОИ ХОССИ НУТҚИ МАЗМУНАН НАҚЛШУДА ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Орзуева П.Ҷ., Алиева Г.З.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Нутқи мазмунан нақлшуда яке аз мавзӯъҳои ҷолиби диққат ва дар як маврид то андозае мураккаби забон мебошад. Бояд зикр намоем, ки дар нутқи мазмунан нақлшуда гуфтаҳои шахси дигар бо тағйири хусусиятхои луғавӣ, грамматикӣ ва услубӣ оварда мешаванд.

Ҳангоми ифодаи ҷумлаҳо аз нутқи айнан нақлшуда ба нутқи мазмунан нақлшуда дар забони тоҷикӣ ҷонишинҳо, шахсҳо, бандакҳо тағйир меёбанд. Онҳо бо шахс ва шумораи хабару мубтадои ҷумлаи пайрав мувофиқ кунонида мешаванд [5, с.157].

Дар забони англисӣ нутқи мазмунан нақлшуда нисбат ба забони тоҷикӣ то андозае мураккабиҳо дорад. Дар забони англисӣ ҳамин қоида ва қонуниятҳои дар боло зикршударо низ дидан мумкин аст, аммо ҳангоми ифодаи ҷумлаҳо аз нутқи айнан нақлшуда ба нутқи мазмунан нақлшуда як қатор тағйиротҳо ба вуҷуд меоянд. Ҳамин гуна тағйиротҳоро асосан дар қоидаи мутобиқатии замонҳо дар забони англисӣ дидан мумкин аст.

Дар нутқи айнаннақлшуда ҷумлаҳо вобаста аз мақсади баён аз лиҳози намуд метавонанд гуногун бошанд, яъне, ҷумлаҳои амрӣ, хитобӣ, саволӣ ва ғ. Ҳангоми ифодаи онҳо дар нутқи мазмунан нақлшуда ҳар яке аз рӯйи қоидаҳои махсуси худашон баён мешаванд. Аз ин рӯ, дар алоҳидагӣ омӯхтани онҳо мувофиқи матлаб мебошад.

Феълҳое, ки нутқи мазмунан нақлшударо ифода мекунанд, метавонанд шаклҳои гуногуни замониро дошта бошанд. Агар феъл, яке аз шаклҳои замонҳои ҳозира ва ё ояндаро дошта бошад, он гоҳ феъл-хабари ҷумлаи пайрав, ки мазмуни нутқи айнаннақлшударо медиҳад, тағйир намеёбад:

He says that; he will live in Dushanbe; he lives in Dushanbe; he lived in Dushanbe.

Ӯ мегӯяд, ки дар Душанбе зиндагӣ хоҳад кард; дар Душанбе зиндагӣ мекунад; дар Душанбе зиндагӣ кардааст [4, с.140].

Дар аксар маврид шахси нақлкунанда дар бораи ҳодисаҳое нақл мекунад, ки аллакай ба вуқӯъ омадаанд. Аз ин рӯ, феълҳое, ки нутқи мазмунан нақлшударо ифода мекунанд, дар бештар маврид шакли Past indefinite –ро мегиранд, ки зарурати тағйири шаклҳои феълиро ба миён меоварад (яъне, тағйири хабари ҷумлаи пайрав аз рӯйи қоидаи мувофиқатии замонҳо (Sequence of Tenses).

He said that he would live in Dushanbe; he lived in Dushanbe; he had lived in Dushanbe.

Ӯ гуфт, ки дар Душанбе зиндагӣ хоҳад кард; дар Душанбе зиндагӣ мекунад; дар Душанбе зиндагӣ кардааст.

Бояд зикр намоем, ки агар феъл дар сарҷумла дар замони гузашта бошад, аз рӯйи қоидаи- *Sequence of tenses - мувофиқатии замонҳо* иваз карда мешавад**.**

Қоидаи мутобиқати замонҳо асосан дар ҷумлаҳои пайрави пуркунанда (ҷумлаҳои пайрави пуркунанда хабари сарҷумларо пурра мекунанд ва эзоҳ медиҳанд) риоя карда мешавад. Яъне, агар хабари сарҷумла дар замони гузашта ифода ёфта бошад, пас хабари ҷумлаи пайрав низ бояд дар яке аз замонҳои гузашта ояд:

He said “I speak English”. Ӯ гуфт: «Ман бо забони англисӣ гап мезанам».

He said that she spoke English. Ӯ гуфт, ки бо забони англисӣ гап мезанад [11, с.87].

Замони ҳозира ба замони гузашта иваз карда мешавад:

Direct speech:	**Indirect speech:**
She said “We often write letters” Вай гуфт: «Мо тез-тез нома	She said they often wrote letters. Вай гуфт, ки онҳо тез- тез нома

менависем»	менависанд

Замони ҳозираи давомдор ба замони гузаштаи давомдор:

Direct speech:	Indirect speech:
She said “We are writing a letter”. Ӯ гуфт: «Мо нома навишта истодаем»	She said they were writing a letter. У гуфт, ки онҳо нома навишта истодаанд

Замони ҳозираи мутлақ (perfect) ба замони гузаштаи мутлақ:

Direct speech:	Indirect speech:
She said “We have just written a letter” Ӯ гуфт: «Мо навакак нома навиштем»	She said they had just written a letter. Ӯ гуфт, ки худи ҳозир нома навиштаанд

Бояд зикр намоем, ки ҳамин гуна тағйиротҳо ҳангоми ифодаи ҳамаи замонҳо ба вуҷуд меоянд. Дар ин баробар, тағйиротҳои дигар дар ифодаи дигар намуди ҷумлаҳо низ ба назар мерасанд ва тағйири ифодаи онҳо ҳатмист.

Дар нутқи мазмунан нақлшуда ҳоли макон ва замон тез- тез партофта мешаванд: He said, “I’m coming to see you *now*” - Ӯ гуфт: «Ман ҳоло ба дидани шумо меоям». He said that he was coming to see me. - Ӯ гуфт, ки ба дидани ман меояд [11, с.87].

Ҳангоми истифодаи қоидаҳои мувофиқати замонҳо, ҳоли замон, макон ва қоидаҳои дигар бояд ҳамеша дар назар дошта шаванд, ки мантиқи сухан муқобили онҳо набошад. Сухан гуфтан- эҷод кардан аст ва риоя кардани мантиқ дар он муҳим мебошад. Ҳангоми баён намудани нутқи айнан нақлшуда аксар мавридҳое мешаванд, ки истифодаи қоидаҳо, тағйири замонҳо ва тавофутҳои дигар нодурустиҳоро ба вуҷуд меоранд. Аз ин рӯ, мантиқи ифода кардани ҷумлаҳо низ ҳамеша бояд дар назар гирифта шаванд. Масалан:

Zarina said, “It is a bit cold today”. I am going to wear my coat”.

Зарина гуфт, «Имрӯз андаке ҳаво сард аст. Ман палтоямро пӯшиданиям».

Zarina said that it is a bit cold today. He is going to wear his coat.

Зарина гуфт, ки имрӯз ҳаво сард аст. Ӯ палтояшро пӯшиданист [11, с.95].

Агар дар нутқи айнан нақлшуда вақти муайяни иҷрои амал ифода ёфта бошад, он гоҳ қоидаи тағйири замонҳо тамоман истифода намешавад. Дар ин ҳолат шакли *past indefinite* дар ҷумлаҳои пайрави пуркунанда дар нутқи мазмунан нақлшуда нигоҳ дошта мешаванд:

“I was born in 1978”, said Usmon.

«Ман соли 1978 таваллуд шудаам», гуфт Усмон.

Usmon said that he was born in 1978.

Усмон гуфт, ки соли 1978 таваллуд шудааст [11, с.78].

Ҳамин тавр, мантиқи баёни нутқ метавонад аз қоидаҳои муҳимми грамматикӣ бартарӣ дошта бошад. Аз ҳамин сабаб дар грамматикаи забони англисӣ ҳолатҳое вомехӯранд, ки дар онҳо қоидаҳои мутобиқатии замонҳо риоя намешаванд ё ин ки маҳдуданд.

Don’t you remember <u>the teacher told us that lead is heavier than iron</u>?

Магар дар ёд надорӣ, ки устод ба мо гуфт, ки сурб аз оҳан вазнинтар аст? [2, с.135].

Аммо дар ҳамин ҳолат ҳам дар як маврид дар ҷумлаи пайрав метавонад *past indefinite tense* истифода шавад, яъне аз рӯйи қоидаи мутобиқатии замонҳо: The teacher told her class that lead was heavier than iron. - Устод ба шогирдонаш (аҳли синф) гуфт, ки сурб аз оҳан вазнинтар аст [1, с. 198].

Дар нутқи мазмунан нақлшуда амру хоҳиш бо воситаи infinitive (масдар) ифода меёбад, яъне, феъл бо шакли масдариаш (infinitive) иваз мегардад. Дар шакли инкорӣ бошад, ҳиссачаи **not** ба масдар илова мешавад, ҳоли макон ва замон мувофиқи маъно тағйир меёбанд:

He said to me, “Don’t come **tomorrow**”.- He asked me not to come the **next day** [3, с.89].

Агар ҳангоми ифода иҷрокунандаи амал зикр нашуда бошад ва ё зарурати зикри ӯ набошад, он гоҳ феъл-ифодакунандаи нутқ дар нутқи мазмунан нақлшуда дар тарзи мафул (passive) меистад:

Stop making all that noise, children.

The children **were asked** to stop making all that noise [11, с.65].

Як қатор ҷумлаҳо ба монанди *let me help you, let’s do it* ва ба ҳамин монанд, асосан бо феълҳои *to offer, to suggest* ифода меёбанд.

Let’s go to a movie. - I suggested that we should go to a movie [4, с.12].

Дар забони англисии муосир дар ҳамин намуд ҷумлаҳо тарзи кӯтоҳи баён ба назар мерасад, яъне пайвандаки <u>*that*</u> метавонад истифода нашуда, хабари ҷумлаи пайрав бо масдар бе ҳиссачаи to (infinitive) ифода ёбад:

Direct speech:	Indirect speech:
She said to him:, “Open the window(do not open the window)”	She told him to open the window (not to open the window)
She said to him:, “please open the window (do not open the window)”	She asked him to open the window (not to open the window).
My brother said «Don’t go home now».	My brother told me not to go home.
Don’t get up. Stay in bed for a couple of days and take aspirin twice a day.	The doctor told me not to get up, to stay in bed for a couple of days and to take aspirin twice a day.

Умуман, мушоҳида мешавад, ки дар забони англисӣ ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда қоида ва қонуниятҳои фарқкунандаи то дараҷае мураккабро дорад. Нутқи мазмунан нақлшуда дар забони англисӣ роҳу воситаҳои гуногунеро пешниҳод месозад, ки он дар забони тоҷикӣ ба назар намерасад. Бояд зикр намоем, ки мавзӯи мазкур аз мавзӯъҳои актуалии забоншиносии муқоисавӣ маҳсуб меёбад ва таҳлили пурраи он тадқиқотҳои махсусро талаб мекунад. Омӯзишҳо нишон доданд, ки дар забоншиносии муқоисавӣ ин мавзӯъ ҳанӯз мавриди тадқиқоти махсус қарор нагирифтааст ва рӯшанӣ андохтан ба баъзе мушкилоти он метавонад то дараҷае дархури ин масъала бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аракин, В. Д. Сравнительная типология английского и русского языков / В. Д. Аракин. – Л.: 1979. – 260 с.
2. Аракин. В. Д. Практический курс английского языка / В.Д. Аракин. – М.: Владос. 2003. – 515 с.
3. Блох. М.Я. Теоретические грамматика английского языка / М.Я. Блох. – М.: Высшая школа, 1983. – 383 с.
4. Гордон. Е.М. Грамматика современного английского языка / Е.М. Гордон. И.П. Крылова. – М.: Высшая школа, 1980. – С. 268–304.
5. Грамматикаи забони тоҷикӣ (ГЗТ). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Қ. 1. – Сталинобод, 1956. – 232 с.
6. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (ГЗАҲТ). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Қ.2. – Душанбе, 1985. – 420 с.
7. Каушанская В.Л. Грамматика английского языка / В.Л.Каушанская, Р.Л. Ковнер и др. – М., Пресс, 2008. – 380 с.
8. Шахматов А. А. Синтаксис русского языка / А.А. Шахматов. – Л.: Учпедгиз, 1941. – 620 с.
9. Усмонов К. Грамматикаи назарии забони англисӣ / К. Усмонов. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2010. – 236 с.
10. Смирницкий А.И. Очерки по сопоставительной грамматике русского и английского языков / А.И. Смирницский. – М., 1975. – 289 с.
11. Туйғунов Н. Х. Грамматикаи забони англисӣ / Н.Х. Туйғунов. -Душанбе, 2013. -184 с.
12. Blokh, M.Y. A Course in Theoretical English Grammar / M.Y. Blokh. - M.: Vischaya Schkola, 1983. – 383 pp.
13. Close, P. A. A Reference Grammar for Students of English / P.A. Close. – M., 1979. – 341 pp.
14. Gordon, E. M. A Grammar of Present-Day English (Parts of Speech) / E.M. Gordon, L.P. Krylova. – M.: Vischaya Schkola, 1974. – 336 pp.

ХУСУСИЯТҲОИ ХОССИ НУТҚИ МАЗМУНАН НАҚЛШУДА ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақола андешаҳои муаллифон оид ба нутқи мазмунан нақлшуда дар забони англисӣ ва хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо нисбат ба забони тоҷикӣ мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор гирифтааст. Муаллифон кӯшиш намудаанд, ки дар заминаи маводҳои ҷорӣ таҳлили муқоисавии баъзе паҳлуҳои нутқи мазмунан нақлшударо дар муқоиса ба забони тоҷикӣ нишон диҳанд.Нутқи мазмунан нақлшуда дар забони англисӣ қоидаҳои хосси худро дорад. Ин таври ифода ва қонуниятҳо дар аксар забонҳои дигар, аз он ҷумла дар забони тоҷикӣ нисбатан камтар ба назар мерасад. Нутқи мазмунан нақлшуда дар забони англисӣ асосан дар заминаи тағйиротҳои сохтории ҷумлаҳо ба миён меояд. Бояд зикр намуд, ки тағйирот қариб дар тамоми намуди ҷумлаҳо бо иваз шудани сохтори ҷумла ба миён меоянд, ки ин тарзи ифода танҳои хосси забони англисӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар забони тоҷикӣ тағйирот нисбатан камтар аст, ки ҳангоми омӯзиш чандон мушкилӣ намеоварад. Мушоҳида мешавад, ки дар аксар маврид ҷумлаҳо аз лиҳози маъно ба тартиб омадаанд ва дигар кардани мавқеи онҳо ифодаи маъноро аз лиҳози мантиқ вайрон хоҳад кард. Бояд зикр намуд, ки огаҳ будан аз қонуниятҳои нутқи мазмунан нақлшуда дар забони англисӣ ба гӯянда имкон медиҳад, ки аз қоидаҳои маъмули ҷумлабандӣ огоҳ бошад, нозукиҳои таносуби маъно ва роҳҳои ифодаи ҷумлаҳоро ба хубӣ бифаҳмад ва матлаби худро тарзе баён карда тавонад, ки ҳам ба меъёрҳои забони адабӣ мувофиқ бошад ва ҳам сухан фасеҳу зебо ифода гардад.

Калидвожаҳо: нутқи мазмунан нақлшуда, истифода, хусусият, тафовут, умумият, синтаксис, хусусияти хос, таҳлил, тафовут, сохтор.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ КОСВЕННОЙ РЕЧИ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье авторы рассматривает некоторые особенности косвенной речи в английском языке и предлагает свою точку зрения по этому вопросу. Авторы статьи стараются провести сравнительный анализ косвенной речи на основе существующих материалов таджикского и английского языков. Косвенная речь в английском языке имеет свои особые правила. Эти особенности встречаются реже в других языках, в том числе и в таджикском языке. В английском языке косвенная речь образуется на основе структурных изменений предложения. Надо отметить, что структурные изменения можно встречать во всех видах предложений, которые свойственны только английскому языку. Анализ показывает, что в таджикском языке такие изменения в предложениях встречаются намного реже и не приводят к трудностям при изучении языка. Анализ показывает, что в большинстве случаев в предложении все значения взаимосвязаны, и изменение времени глаголов приведет к ошибочным высказываниям. Одним общим правилом образования косвенной речи является правильное

использование согласования времен. Необходимо отметить, что изучение правил косвенной речи даст возможность различать оттенки значений и употреблений слов, которые соответствуют требованиям языка.

Ключевые слова: косвенная речь, употребление, особенности, различие, общность, синтаксис, свойственные особенности, анализ, различие, структура.

ESSENTIAL FEATURES OF THE INDIRECT SPEECH IN THE ENGLISH LANGUAGE

In the article, the authors analyze the distinctive features of indirect speech in English and offers his points of view. The authors of the article try to conduct a comparative analysis of indirect speech on the basis of existing materials in the Tajik and English languages. Indirect speech in English has its own special rules. Such specific features are less common in other languages, including Tajik. In English, indirect speech is formed on the basis of structural changes in the sentence. It should be noted that structural changes can be found in all kinds of sentences that are peculiar only to the English language. Analyzes show that in the Tajik language such changes in sentences are less, comparatively do not lead to difficulties in learning the language. Analyzes show that in most cases all sentences in meanings are related, and changing the tense of the verbs will lead to erroneous statements. It should be noted that one common rule for the formation of indirect speech is the correct use of the sequence of tenses. It should be noted that the study of the rules of indirect speech creates the possibility of being aware of the simple grammatical rules of a language and distinguish features of meaning that match the requirements of a language.

Key words: indirect speech, usage, features, difference, commonality, syntax, intrinsic features, analysis, difference, structure.

Сведения об авторах: Орзуева Парвина Джамолидиновна - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры иностранных языков, **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Н.Карабаева 64/14. E-mail: **o.parvina @bk.ru.** Тел.: **(+992) 918-92-33-87**
Алиева Гулафзо Зафаровна - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Н.Карабаева 64/14

Information about the authors: ***Orzueva Parvina Jamolidinovna*** - Tajik State University of Finance and Economics, Assistant of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. N. Karabaeva 64/14. E-mail: **o.parvina @ bk.ru.** Tel.: **(+992) 918-92-33-87**
Aliyeva Gulafzo Zafarovna - Tajik State University of Finance and Economics, Assistant of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. N.Karabaeva 64/14

УДК: 494.550-3:82

САБКИ ИСТИФОДАИ ВОЖАҲОИ КУҲНАШУДА ВА КАМКОРБУРД ДАР «САФАРНОМА»-И НОСИРИ ХУСРАВ

Амонова М.Н.
Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон

Мафҳуми «калимаҳои куҳнашуда» дар забон наметавонад ба сурати мутлақ арзи ҳастӣ кунад, зеро ҳар вожа метавонад дар замоне корбурд дошта бошад, ки асар дар он таълиф гаштааст, аммо баъдан аз истеъмоли фаъол хориҷ гардад. Аз ин рӯ, ба архаистӣ будани вожагони таркиби матни «Сафарнома» на аз рӯйи ҳолати кунунии тариби луғавии забони тоҷикӣ, балки вобаста ба хусусиёти корбурди луғоти забони даврони Носири Хусрав баҳо додан мумкин аст. Ин калимаҳо аслан аз таркиби луғавии забон батамом хориҷ нагашта, балки ба қатори лексикаи ғайрифаъол (пассив) медароянд. Онҳо барои соҳибони забон бегона набуда, балки ба ягон сабабе дар истеъмол қарор надоранд. Вобаста ба сабаби аз истеъмол хориҷ шуданашон ин калимаҳоро дар забоншиносӣ ба гурӯҳи архаизмҳо ва историзмҳо тақсим кардаанд. Архаизмҳо вожагоне мебошанд, ки воқеияти мавҷударо ном мебаранд, аммо ба иллате ҷойи онҳоро муродифоташон ишғол кардаанд. Историзмҳо бошанд, калимоте ҳастанд, ки ба сабаби аз байн рафтани мафҳумҳое, ки бо онҳо ном бурда шудаанд, дигар аз корбурд баромадаанд. Истифодаи калимаҳои куҳнашуда дар асари бадеӣ, пеш аз ҳама, ба мақсадҳои услубӣ сурат мегирад: историзмҳо барои тасвири воқеияте, ки дар асар сухан дар бораи он меравад, ба кор рафтаанд, аммо нависанда тавассути вожагони архаистӣ мехоҳад хонандаро ба калимае, ки дар замони воқеияти тасвиршуда мустаъмал буд, ошно кунад ва ба ҳамин васила ӯро вориди лаҳзае созад, ки дар асари бадеӣ баён кардааст.

Аз байни луғоту истилоҳоте, ки ба гурӯҳи историзмҳо мансубанд, метавон калимаҳои ифодакунандаи тақвими форсии тоисломиро мисол оварда. Дар «Сафарнома» маъмулан санагузории сафарҳо бо солшумории қамарии арабӣ анҷом шудааст, аммо гоҳо дар сафаҳоти асар аз солшумории шамсии форсӣ, ки дар минтақаи тасвиршуда ҳанӯз маъмул буд, низ истифода карда, «порсиёнсол» будани моҳ ва «яздигурдӣ» будани соли онро таъкид намуда, ба баробарии он бо солшумории исломӣ ишора кардааст: *Рӯзи панҷшанбе, шашуми ҷимодиюлохири санаи чорсаду сию ҳафт, нимаи* ***даймоҳи порсиёнсол*** *бар* ***чаҳорсаду даҳи яздигурдӣ*** *сару тан бишустам ва ба масҷиди ҷомеъ шудам*… [5, с.8].

Нависанда дар ҷойи дигар мансуб ба таърихи мардумони Форс будани чунин солшумориро таъкид намудааст: *Панҷуми муҳаррами санаи чорсаду сию ҳашт,* ***даҳуми мурдодмоҳи санаи чорсаду понздаҳ аз таърихи Форс*** *ба ҷониби Қазвин равон шудам*…[5, с.9].

Носири Хусрав ҷо-ҷо ба қадимӣ будани тақвими форсӣ низ ишора карда, ба ин васила он қадар маъмул набудани онро қайд кардааст: *Аввали* ***баҳманмоҳи қадим*** *буд ва ҳавои он ҷо азим хуш буд* [5, с.15]; … *он рӯз панҷуми* ***исфандурмуздмоҳи қадим*** *буд, сол бар чаҳорсаду понздаҳ аз таърихи Аҷам* [5, с.18].

Аз сабки корбурди санаи форсӣ метавон дарёфт, ки дар он айём расман санагузории арабӣ ба кор мерафтааст, аммо мардуми одӣ ҳанӯз ҳам аз истилоҳоти мансуб ба тақвими пешини форсӣ истифода мекардаанд. Қобили зикр аст, ки ишора ба тақвими форсӣ ҳангоми санагузории сафарҳои адиб танҳо дар қисми оғозини асар, яъне то боздид аз шаҳри Ҷубал сурат гирифтааст, аз он пас, ки сафари ӯ аз Бейрут ба шаҳрҳои дигари арабнишин идома кардааст, дигар баробарии тақвими қамарии арабӣ бо тақвими шамсии форсӣ зикр нашудааст. Нависанда дар сафаҳоти баъдӣ танҳо баъзан номи моҳҳои форсиро меоварад: *…аввали моҳи урдибиҳишт харбузаи фаровон расида буд ва худ ҳама меваҳо ба зимистон он ҷо ёфт шавад* … [5, с.75].

Теъдоде аз калимаҳое, ки Носири Хусрав зимни боздид аз манотиқи мухталиф барои ифодаи мафҳум ва ашёҳои воқеӣ истифода кардааст, дар забони форсӣ-тоҷикӣ ба нудрат истифода гардидаанд ва аз ин лиҳоз, онҳоро метавон ба қатори вожагони камкорбурд дохил кард. Ин калимаҳо қисман дар даврaҳои баъдӣ аз истеъмол хориҷ шуда, ба қатори калимаҳои архаистӣ дохил шудаанд, ки чанд намунаи онҳоро меоварем:

Кингоҷ «машварат, кенгош» калимаи туркист, аммо зоҳиран дар замони таълифи асар дар мудирияти давлатӣ ҳамчун истилоҳи расмӣ-коргузорӣ ба кор мерафтааст. Ин вожаро адиб танҳо дар боби «Сифати Лаҳсо» ҳангоми тасвири ҳукмронии шаш писари султон Абӯсаид ва шаш вазири онҳо, ки ҳама корро бо машварати ҳамдигар анҷом медодаанд, ба кор бурдааст: *Ва ҳар кор, ки бошад, ба* ***кингоҷи*** *якдигар месозанд*… [5, с.89].

Хорбор «хӯроки андак, қути лоямут; маъкул, арзоқ» [5]. Ин калима аслан форсист, аммо аз он ҷое, ки нависанда ҳангоми истифодаи ин вожа шарҳи онро низ овардааст, маълум мешавад, ки он калима дар гуфтори мардум ҳатто дар замони ӯ он қадар маъмул набудааст: *Ва* ***хорбор****, яъне маъкули ин шаҳр, аз шаҳрҳо ва вилоятҳо баранд, ки он ҷо ҷуз моҳӣ чизе набошад* [5, с.97].

Кос «1. ҷоми шароб; 1. коса, пиёла». Ин калима шакли решагии калимаи *коса* буда, ба ҳамин сурат дар забони форсӣ-тоҷикӣ хеле кам корбурд дорад ва нависанда онро танҳо ҳангоми тасвири манзараи чоҳҳои Ҷаърона ном мавзеи наздики Макка ба кор бурдааст: *Ва наздики ин чоҳҳо кӯҳпораест, ки бад-он мавзеъ гӯдҳо дар санг афтодааст ҳамчун* ***косҳо*** [5, с.83].

Бурчак низ калимаи камкорбурдест, дар матни интиқодии «Сафарнома» Таҳиягари ин нашр Дабир Сиёқӣ онро ба сурати «барчак» оварда, дар феҳристи луғот ба маънии «теғаи шамшер ва муқобили даста» тавзеҳ додааст, аммо ноширии чопи асар дар Берлин онро дар қиёс бо вожаи *барча* ба маънии «найза» овардааст, ки чунончи аз матн бармеояд, он қадар саҳеҳ нест: *Ва ман дар Миср дидам, ки шамшере аз султон оварда буданд аз Яман, ки даста ва бурчаки ӯ аз як пора ақиқи сурх буд монанди ёқут* [5, с.76].

Хашшоб. Ин вожаро Носири Хусрав ҳангоми тасвири воқеияти шино кардан дар дарёи Шат барои ифодаи чароғи роҳнамои баҳрӣ, ки дар ҷойҳои дигари асар «мино» гуфтааст, ба кор бурдааст. Ӯ чӣ ном доштани ин ашёро аз ҳамсафаронаш пурсидааст ва онҳо «гуфтанд: «Хашшоб». Сипас нависанда ба тасвири ҷузъиёти он асбоб пардохта, дар матни бахши «Сифати аъмоли Басра» барои баёни он мафҳум фақат аз вожаи «хашшоб» истифода кардааст: *Ва* ***хашшоб****, баъзе мегӯянд, бозаргоне бузург сохтааст* [5, с.97]; *Ва чун аз* ***хашшоб*** *бигузаштем, чунонки нопадид шуд, дигаре ба шакли он падид омад*… [5, с.98].

Чунонки аз мисолҳои болоӣ маълум мегардад, калимаҳои камкорбурд аксаран дар мавридҳое истифода шудаанд, ки худи тасвири воқеият аз нависанда онҳоро тақозо кардааст, аз ин ҷиҳат истеъмоли онҳо хусусияти услубӣ касб кардааст. Масалан, вожаи «хорбор» ҳангоми тасвири воқеияти шаҳри Меҳрбон, ки ба дасти писарони малики Порс Абоколинҷор буд, ба кор рафтааст, аз ин рӯ, эҳтимол дорад, ин истилоҳ дар минтақаҳои дигари сарзамини мардумони форсигӯ ривоҷ надоштааст. «Кингоҷ» истилоҳе будааст, ки дар дарбори малики Лаҳсо ривоҷ доштааст, аммо вожаи «хашшоб» танҳо ҳамчун истилоҳи хосси гуфтори сокинони Басра ба ҷоқи калимаи роиҷи «мино» истифода гардида, «бурчак//барчак» танҳо дар мавриди тавсифи шамшери яманӣ ба кор рафтааст. Чунин қонунмандии услубии истифодаи вожагони камкорбурд ба маҳорати нависанда дар коргирии воситаҳои забонӣ барои амалӣ намудани ғоя ва мундариҷаи аслии асар алоқамандии ҷудонопазир дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Алимардонов А. Дахолати пайравони мазоҳиб дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав / А.Алимардонов // Номаи Пажӯҳишгоҳ. Вежаномаи Носири Хусрав. – 2003. - № 4. – С. 111-126.

2. Арабзода Н. Носири Хусрав (таҳқиқи назариёти фалсафӣ). – Душанбе: Маориф, 1994. – 176 с.
2. Арабзода Н. Ҷаҳони андешаи Носири Хусрав. Нашри дуюми такмилёфта. – Душанбе: Нодир, 2003. – 257 с.
3. Баҳор М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ; баргардони Исрофилниё Ш.Р., Саркоров Н. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 569 с.
4. Додихудоев Х. Философия крестьянского бунта / Х. Додихудоев. - Душанбе: Дониш, 1987. – 279 с.
5. Носири Хусрав. «Сафарнома». - Душанбе: Ирфон, 1970. - 118 с.

САБКИ ИСТИФОДАИ ВОЖАҲОИ КУҲНАШУДА ВА КАМКОРБУРД ДАР «САФАРНОМА»-И НОСИРИ ХУСРАВ

Дар мақола таъкид бар он меравад, ки мафҳуми «калимаҳои куҳнашуда» дар забон ҳамеша мавриди истифода қарор гирифта наметавонад. Ҳар як калима дар замони худ истифода шуда, баъдтар дар замонҳои дигар метавонад аз истифода берун шавад ё фаромӯш гардад. Баъзан ба таври ғайрифаъол мавриди истифода ҳам қарор мегиранд. Аз ин рӯ, ба архаистӣ будани вожаҳои таркиби матни «Сафарнома» на аз рӯйи ҳолати кунунии тариби луғавии забони тоҷикӣ, балки вобаста ба хусусиёти корбурди луғоти забони даврони Носири Хусрав баҳо додан мумкин аст. Ин калимаҳо аслан аз таркиби луғавии забон батамом хориҷ нагашта, балки ба қатори лексикаи ғайрифаъол (пассив) медароянд. Онҳоро соҳибони забон ҳеҷ гоҳ бегона нашумурда, балки бо сабабҳои муайян дур аз корбурд қарор медиҳанд. Вобаста ба сабаби аз истеъмол хориҷ шуданашон ин калимаҳоро дар забоншиносӣ ба гурӯҳи архаизмҳо ва историзмҳо тақсим кардаанд. Архаизмҳо калимаҳое ҳастанд, ки воқеияти мавҷударо ном мебаранд, аммо ба иллате ҷойи онҳоро муродифоташон ишғол кардаанд. Историзмҳо бошанд, калимоте ҳастанд, ки ба сабаби аз байн рафтани мафҳумҳое, ки бо онҳо ном бурда шудаанд, дигар аз корбурд баромадаанд. Истифодаи калимаҳои куҳнашуда дар асари бадеӣ пеш аз ҳама, ба мақсадҳои услубӣ сурат мегирад: историзмҳо барои тасвири воқеияте, ки дар асар сухан дар бораи он меравад, ба кор рафтаанд, аммо нависанда тавассути вожагони архаистӣ мехоҳад хонандаро ба калимае, ки дар замони воқеияти тасвиршуда мустаъмал буд, ошно кунад ва ба ҳамин васила ӯро вориди лаҳзае созад, ки дар асари бадеӣ баён кардааст.

Калидвожаҳо: сабк, куҳнашуда, вожа, тақвим, солшуморӣ, нависанда, андеша, истилоҳ, корбурд, забон.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ АРХАИЗМОВ И ИСТОРИЗМОВ В «САФАРНАМЕ» НОСИРА ХУСРАВА

Понятие «устаревшее слово» не может существовать в языке в абсолютной форме, потому что любое слово может быть использовано во время сочинения произведения, однако потом выйти из употребления. В связи с этим, архаистичность слов текста «Сафарнаме» можно оценивать не по настоящему состоянию лексического состава таджикского языка, а в зависимости от особенностей использования лексики языка периода Носира Хусрава. Эти слова, по существу, не исключаются полностью из лексического состава языка, а входят в состав пассивной лексики. Они не являются чужими носителям языка, а по каким-то причинам не употребляются. В зависимости от причины их выхода из употребления, в языкознании эти слова распределяют на группы архаизмов и историзмов. Архаизмами называют слова, которые обозначают существующую реальность, но по какой-то причине их места заняли синонимические слова. А историзмы – это слова, вышедшие из употребления в связи с исчезновением понятий, которые они обозначали. Использование устаревших слов в художественном произведении осуществляется прежде всего по стилистическим соображениям: историзмы использованы для изображения реальности, о которой говорится в произведении, но писатель при помощи архаистических слов хочет познакомить читателя со словом, которое было употребительным во времена описываемых событий и таким способом ввести его в то время, о котором говорит в произведении. Среди слов и терминов, которые можно отнести к историзмам, можно назвать слова, обозначающие персидский доисламский календарь. В «Сафарнаме» датирование путешествий обычно осуществляется по арабскому лунному исчислению, однако иногда писатель на страницах произведения использует также и персидское солнечное исчисление, которое всё ещё было распространено в описываемом регионе и подчёркивает, что исчисление месяцев осуществляется по-персидски, а годов – по йездегирду, а также указывает на их соответствие с исламским летоисчислением

Ключевые слова: стиль, устаревший, слова, календарь, летопись, писатель, идея, термин, потребление, язык.

THE USE OF ARCHAISMS IN "SAFARNAM" NOSIRA KHUSRAV

The concept of an “obsolete word” cannot exist in a language in an absolute form, because any word can be used while composing a work, but then go out of use. In this regard, the archaism of the words of the text “Safarname” can be assessed not by the present state of the lexical composition of the Tajik language, but depending on the peculiarities of using the vocabulary of the language of the Nosir Khusraw period. These words, in essence, are not completely excluded from the lexical composition of the language, but are part of the passive vocabulary. They are not foreign speakers, and for some reason are not used. Depending on the reason for their withdrawal from use, in linguistics these words are divided into groups of archaisms and historicisms. Archaisms call words that signify an existing reality, but for some reason, synonymous words have taken their place. And historicisms are words that have become obsolete due to the disappearance of the concepts that they denoted. The use of obsolete words in a work of art is carried out primarily for stylistic reasons: historicism is used to depict the reality spoken in the work, but the writer wants to acquaint the reader with the word that was used during the described events using archaistic words. the moment that speaks in the work. Among the words and terms that can be attributed to historicism, can be called words denoting the Persian pre-Islamic calendar. In Safarnah, travel dating is usually done according to the Arab lunar calculus, but sometimes the writer also uses the Persian solar calculus on the pages of the work, which was still common in the region being described and emphasizes that months are calculated in Persian and years. and also indicates their compliance with the Islamic calendar.

Key words: style, outdated, words, calendar, chronicle, writer, idea, term, consumption, language.

Сведения об авторе: ***Амонова М.Н.*** - Таджикский институт предпринимательства и сервиса, кандидат филологических наук, доцент кафедры культурологии и языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Борбад 48/5. Тел.: **(+992) 919-13-29-33**

Information about the author: ***Amonova M.N.*** - Tajik Institute of Business and Services, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Cultural Science and Languages. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave. 48/5. Tel.: **(+992) 919-13-29-33**

УДК: 491.550-3:82

ВИЖАГИҲОИ КАЛИМАСОЗИИ ВАНДӢ ДАР «ЗАФАРНОМАИ ХУСРАВӢ»

Асоева Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калимаи сохта васлшавии сунъии решаву вандҳо набуда, дар он ҷузъҳо ба ҳам аз ҷиҳати маъно мувофиқат мекунанд ва мувофиқати маъноии асосу ванд ба онҳо имконият медиҳад, ки ба ҳам васл шуда, маънои наве пайдо кунанд, ки он маъно ҳам дар асос ва ҳам дар калимаҳои сохта равшан зоҳир мешавад. Дар забони тоҷикӣ калимаҳои сермаъно ва омонимӣ ниҳоят зиёданд. Ба кадом маъно омадани ин гуна калимаҳо маҳз дар асосҳои сохта барҷаста намоён мегардад, чунки дар калимаҳои сохта мутобиқати маъноии асосу вандҳо мушоҳида мешаванд. Вандҳо бо ҳама гуна маънои ҳамон як калима омада наметавонанд, танҳо бо оне меоянд, ки бо вай аз ҷиҳати маъно мувофиқанд аст. Баъзе калимаҳо дар таърихи забон тадриҷан аз таркиби луғавӣ баромада бошанд ҳам, ҳамчун асоси калимаҳои сохтаву мураккаб дурудароз умр мебинанд. Ин қабил калимаҳо дар алоҳидагӣ ҳеҷ маъниро ифода намекунанд, маънои аслии онҳоро маҳз илми таърихи забон муайян мекунаду бас. Масалан, **кад** дар таркиби калимаҳои **кадхудо, кадбону, оташкада, донишкада** барин калимаҳо ҳоло ҳам боқист ва маҳз ба туфайли ҷузъи дуюм маънии хона доштани **када** равшан мешавад, ҳоло **кадхудо** ба маънии **соҳибхона, хонадор ва кадбону** ба маънии бонуи хона, соҳибхоназан истифода мешавад.

Шамси Қайси Розӣ ба аксар масоили калимасозии забони форсии тоҷикӣ вобаста ба илми қофия равшанӣ андохтааст, ки гӯё аз нигоҳи имрӯз ва барои имрӯзиён тарҳрезӣ шудаанд. Ӯ аз рӯйи тартиби алифбои арабӣ ҳарфҳои (пасвандҳои) калимасозу шаклсозро вобаста ба қофиясозиашон як-як баён кардааст, ки қариб тамоми воситаҳои калимасозии забони форсии тоҷикиро фаро гирифтаанд. Ба сифати намуна чанде аз онҳоро меорем. Шамси Қайси Розӣ як миқдор пешванду пасвандҳои шаклсозу калимасози дигарро бо мисолҳо шарҳу эзоҳ додааст. Чунончи, пасвандҳои тасғирии **-ча**, **-ак:** ғуломча, дарича, боғча, сароча, мардак, писарак; пасванди мавзеъсози **-лох**: санглох, девлох; пасванди **-манд** (ба маънии наҳт): донишманд, ҳоҷатманд, ҳунарманд, дардманд; пасванди исми фоилсози **-гор**: офаридгор, омӯзгор; пасванди исми касбу ҳунарсози **-гар**: заргар, косагар, тиргар; пасванди масдарсози **-ор**: рафтор, гуфтор, кирдор. Ин пасванд гоҳе маънии дигар диҳад: шармсор, нагунсор ва гоҳе ба маънии мавзеъсозӣ ояд (исми макон): **кӯҳсор, шохсор;** пасванди **-а**, ки ба охири баъзе исмҳо омада навъеро аз ҷинсе мумтоз (ҷудо) гардонад: дандона, чашма, забона, даста, сабза, сапеда. Ба охири феълҳо омада, маънии фоилият зам кунад: **донанда, гӯянда, кунанда**, дар охири исмҳо омада, маънои лаёқату нисбат диҳад: **шоҳона, зиракона, мардона**; пасванди **-ӣ** ба охири масдар омада, маънии лаёқат ва лузумиятро медиҳад: **доштанӣ, кардanӣ, хӯрданӣ [Д.Хочаев].** Омӯзишу таҳқиқи хусусиятҳои грамматикии забон ва таҳқиқу баррасии категорияву воситаҳои дастури он дар асоси осори бадеӣ, таърихии насрӣ дорои аҳаммияти калони назарӣ ва амалӣ мебошад. Пасвандҳои калимасоз дар забони адабии тоҷикӣ яке аз воситаҳои грамматикии қадим буда, дорои як қатор вазифаҳои грамматикӣ мебошанд, чи дар алоқамандии калимаҳо дар ҷумла, чи дар калимасозӣ ва чи дар ибораорой мавқеи муайянеро ишғол менамоянд. Аз ин сабаб масъалаи омӯхтани хусусиятҳои грамматикии пасвандҳои калимасозӣ чун як категорияи муҳимми грамматикаи забони адабии тоҷикӣ аз доираи таҳқиқоти илмӣ берун намондааст. Маълумотҳое, ки доир ба вазифаҳои грамматикии пасвандҳои калимасоз дар як қатор китобҳои дарсӣ, асарҳои таҳқиқотӣ ва луғатҳои тафсирии давраи тоинқилобӣ дода шудаанд, аз нуқтаи назари илми забоншиносӣ хеле боарзишанд.

Дар калимаҳои сохтаи забони тоҷикӣ ду навъи морфема мушоҳида мешавад: 1) морфемаи решагӣ **ва** 2) морфемаи ёридиҳанда. Ба морфемаи решагӣ асоси аслӣ дохил мешавад, ки унсури ҳатмӣ ва таъминкунандаи маънои калима мебошад. Пасванд**, пешванд** ва миёнванд ба гурӯҳи морфемаҳои ёридиҳанда медароянд. Морфемаи ёридиҳандае, ки ба охири асос ҳамроҳ шуда, барои сохтани калима хизмат мекунад, пасванд номида мешавад. Пешвандҳо пеш аз асос омада, иисбат ба пасвандҳо бештар мустақилият зоҳир мекунанд. Онҳо бо хусусияти калимасозӣ низ аз пасванд фарқ мекунанд, бар акси пасванд бештар аз ҳисоби калимаҳои гурӯҳи муайян калима месозанд. Доираи калимасозии баъзе пешвандҳо маҳдуд аст. Масалан, пешванди **ҳам-** танҳо аз исм исму сифат ва пешвандҳои феълсоз аз феъл танҳо феъл месозанд. Пасванду пешвандҳо дар сохтани қариб ҳамаи

ҳиссаҳои мустақили нутқ иштирок мекунанд, аммо доираи истифодаи онҳо як хел нест. Пасвандҳо миқдоран зиёд буда, бештар исм, сифат ва зарф, аммо пешвандҳо асосан сифату феъл ва зарф месозанд. Миёнвандҳо дар байни асосҳои калимаи мураккаб меоянд. Пасванду пешванд ҳам калима ва ҳам шакл, аммо миёнванд аксар калима месозад. Миёнванд (интерфикс) аз рӯйи семантика низ аз пасванду пешвандҳо тафовут дорад. Пасванду пешванд маънои равшани мантиқиву грамматикӣ зоҳир мекунанд, миёнванд танҳо маънои калимасозӣ дорад. Миёнванди **-у** моҳиятан ба пайвандаки пайвасткунанда монанд аст: **рафтуомад, бурдуовард, даводав, занозан.** Дар забони тоҷикӣ асосан ду миёнванд дида мешавад: -о- ва -у- (-ю-).

Дар исмсозӣ танҳо пешванди **ҳам-** иштирок менамояд. Ин пешванд аз исм исмҳое месозад, ки ҳамроҳӣ, шарикӣ ва муносибати дутарафаи шахс ва предметҳоро мефаҳмонад:

-ҳамроҳ: «Иннолиллоҳи ва инноилайҳи роҷиъун», чунончи дар ҳамин мавриди шоҳзодаи оламиён амирзода Мирнасруллоҳ Муҳаммад баҳодурсултон иртикоби пойтахт– Бухорои Шариф намуда ба ҳ**амроҳии** давлатхоҳони худ чӯли Қарширо дар як шаб тай намуда, омада бемуҳобан ба музофоти Бухоро дохил шуда, ба зиёрати мазори фоизуланвори ҳазрати хоҷаи бузург мушарраф гардида, аз он ҷо воқеаи ҷулуси Мирмуҳаммад Ҳусайнхонро шунида, аз ҳамон ҷо ба машварати давлатхоҳони худ бозгашт карда, ба нили мақсуд ба сӯйи дорулҳукумати Қаршӣ муроҷиат фармуд [13, с.19], ... дафъатан ба ҳ**амроҳии** давлат- хоҳони худ саворӣ намуда ба як шабгир худро ба Бухорои Шариф расонида… [13, с.20].

-ҳамвора: Чун ба маёмини ҳазрати раҳдон амири соҳибқирони саодаттавъамон ба мустақарри сарири салтанат то ба як сол фориғболу бемалол ба як минвол қарор ёфта, **ҳамвора** дар иъло турфаи дини Муҳаммадӣ ва ба тарвиҷи оину сунани Аҳмадӣ иштиғол пазируфта...[13, с.29].

Пешвандҳои мазкур аз исм сифат месозанд ва дар асари таърихии «Зафар- номаи хусравӣ» чунин мисолҳоро пайдо намудем:

ба-: Рӯзи чаҳорум худи ҷаноби олӣ низ дар фалаки малак рафтор маъа муқаррабону наздикони **бадавлат** саворӣ карда чун боди вазон аз дарёи заҳор убур фармуда озими роҳ шуда дар муддати панҷ рӯз мароҳил тай намуда дар вилояти Қаршӣ расида чанд рӯз истироҳат намуд [13, с.46].

бо-: Дар унфони давлату комронӣ ва оғози салтанату кишварситонӣ машоихи кибор ва соҳибнафсони **бовиқор** намуда, аз дуои иҷобатасари онҳо баҳравару **бонасиб** мебуд [13, с. 29].

бе-: Баъд аз оне, ки гирудори сипоҳи тарафайн билкуллия таскин ёфт, ҷаноби амири соҳибқирони зафарқарин... пойи давлату тамкин дар дидаи рикоби зафаринтисоб ниҳода, инони камияти ҷаҳонпайморо ба маркази давлат маътуф дошта, **бегазанди** ағёр ба даруни шаҳри Бухоро дохил шуда...[13, с.28]. ...ба инъомоти **бекарон** ва ба авотифу эҳсон, мамнуну масрур гардонида, сарафрозӣ бахшид [13, с.28]. …осори тарбияти **беандоза** шомил гардида буд...[13, с.31]. Ҳуззори маҷлис замини убудият бӯса дода ба арзи олӣ расониданд, ки мардуми афғония бисёр мардуми ҷоҳили **беандеша** мебошанд [13, с.45].

на-: То ин ҷамоати фасодомода, ба дабдабаи ӯзбакӣ садди роҳ шуда, аз мастӣ бодаи ғурур ва пиндори ҳушёр **насозем** намешавад гуфта, филфавр ба фармоиши олӣ ба қушуноти қаламрав, сало дар дода...[13, с.45].

но-: ...ва дар он рӯз ҳамчунон ин ҳодисаи ҳоиларо ба сипоҳи фуқарои шуҳрат **нокарда** хуфтан вазоратпаноҳ иёлатогоҳ - Муҳаммадҳакими қушбегӣ - ки муҳимми вазорати давлатхонаи олӣ дар каффи кифояти ӯ буд, хабари ваҳшатасарро ба арза мундариҷ намуда... [13, с.21].

Дар усули морфологии калимасозӣ пасвандҳо мавқеи асосиро ишғол мекунанд. Вазифаи асосии ҳар як пасванд бо он муайян карда мешавад, ки вай ба калимаи сохтааш чӣ гуна маъно мебахшад. Пасвандҳо дар ҳамин замина тасниф карда мешаванд. Аммо бисёр пасвандҳои калимасози забони адабии тоҷикӣ сермаъно ё омоморфемаанд. Ҳангоми таъйин намудани вазифаи ***вандҳо*** сермаъноӣ [омоморфемагӣ], инчунин аз кадом ҳиссаҳои нутқ ва аз чӣ хел асосҳо сохтани онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад. Вақте ки пасвандҳо аз ин ҷиҳат аз назар гузаронида мешаванд, тафовути онҳо аз якдигар боз ҳам равшантар зоҳир мегардад. Баъзе **вандҳо** танҳо аз исм, баъзеи дигар аз сифат ва сеюмӣ аз шумора ё феъл исм месозад. Пасвандҳое ҳастанд, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм месозанд ва ин ба маънои исми сохта таъсир нарасонида наметавонад. Агар пасванд аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ танҳо як хел исм (чунончи, исми шахс) созад, онҳо бо тобишҳои маъноӣ бояд аз ҳам тафовут дошта бошанд. Пасвандҳои **исмсози** забони тоҷикӣ хеле бисёр ва гуногунвазифа мебошанд. Ҳар як пасванд мавқеи махсуси истифода дорад. Пасвандҳое, ки исми шахс ва ғайришахс месозанд, дар тарзи морфологии калимасозӣ равшантар зоҳир мешаванд. Масалан, пасвандҳои **-чӣ**, **-гар**, **-гор** танҳо исми шахс, вале пасвандҳои **-ӣ**, **-ак**, **-гоҳ**, **-зор**, **-истон**, **-дон** танҳо исми ғайришахс месозанд. Дар таърихи забони форсӣ-тоҷикӣ ин тарзи

вожасозӣ роиҷ будааст. Чанде аз ин пасвандҳо дар асари «Зафарномаи хусравӣ» корбаст гардидаанд.

Доираи истифодаи баъзе вандҳо васеъ ва баъзеи дигарашон танг мебошад. Ин алоқамандӣ нисбат ба пасванду пешванд дар бандаку миёнванд суст воқеъ мешавад. Сермаҳсуливу каммаҳсулии вандҳо низ ба алоқаи морфемагӣ вобаста аст.

-Пасванди **-ӣ.** Ин пасванд аз нигоҳи адои вазифа сермаҳсул аст ва нақши фаъоли дар калимасозӣ доштаи он дар «Зафарномаи хусравӣ» мушоҳида мешавад: …шоҳаншоҳи олитабор нисор карда, муборакбод**ӣ** намуданд, шаҳзодаи олампаноҳ аз фазлу карами ҳазрати илоҳ ба дараҷаи **амирӣ** ва ба мартабаи **султонӣ** расида, забон ба ҳамду сипоси эзидӣ баргушод. Ҷумҳури сакана ва умуми мутаваттина, забони ниёзманд**ӣ** ба дуою санои **подшоҳӣ** гушода мегуфтанд [13, с.17]. Инҳо низ ба истиқболи амири ҷалолатназир шитофта ба шарафи рикоббӯсии ҳумоюн фоиз гардида, камари **бандагӣ** ва **ҳавохоҳӣ** бар миёни ҷон баста, ҳошияи **фармонбардорӣ** бар дӯши ҷон афганда, ҳодии тариқ гардида **роҳӣ** шуданд [13, с.26]. …дарвозаҳои шаҳрро хокрез карда, бурҷ ва боруи ургонро мустаҳкам намуда, роҳи омадушуди мардумро ба рӯйи худ баста, **ҳисорӣ** шуда нишастааст [13, с.27]. Ҳамоно лашкари **берунӣ** чун балои **ногаҳонӣ**, ки аз сӯйи осмон нозил шуда, якбора **лаҷомрез,** ба даруни шаҳр дохил шуда, сурин андохтанд [13, с.27]. …тохту тороҷ намуда фуқарои туманотро... ба танг оварда буд ва ҷамоати **қиркюз** низ аз ҷониби Уротеппа ва Дизак ва ч**амоати кенагасияи** муфсиди **шаҳрисабзӣ** инҳо низ душмании ҷибиллии худҳоро изҳор намуда, аз ҳар ҷониб тозу боз менамуданд [13, с.45].

Муаллифи «Зафарномаи хусравӣ» ба воситаи пасванди **-ӣ** аз як исми макон (**Шаҳрисабз**) боз чунин исми нисбӣ (**шаҳрисабзӣ**) сохтааст, ки ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Ин ҷо пасванди **-ӣ** нисбат ба макон ишора менамояд. Вале вазъи сохтмони вожаи **султонӣ** дигар хел аст: бар хилофи қоида аз як исми мушаххас (манзур аз **султон** дар матн) исми мушаххаси дигар созмон ёфтааст, ки ин тартиби калимасозӣ дар адабиёти илмӣ таъкид шудааст. Дар ин мавқеъ ҳам пасванди **-ӣ** самт ва сӯйро ба чизе мефаҳмонад. Ҳамон навъе, ки хотирнишон намудем, пасванди **-ӣ** аз гурӯҳи пасвандҳои фаъоли калима- соз ба шумор меравад ва ҳамин сермаҳсулии он дар забони асари «Зафарномаи хусравӣ» ҳам дарк карда мешавад. Ҳатто дар калимасозӣ бо ин пасванд гоҳе зиёдаравӣ ҳам дида мешавад. Барои мисол аз сифат ва зарфҳои мувофиқи қоида ташкилёфтаи **роҳ** (**роҳӣ**-...ҳодии тариқ гардида **роҳӣ** шуданд [13, с.26], **ногаҳон** (**ногаҳонӣ** – Ҳамоно лашкари **берунӣ** чун балои **ногаҳонӣ**, ки аз сӯйи осмон нозил шуда, якбора **лаҷомрез,** ба даруни шаҳр дохил шуда, сурин андохтанд, [13, с.27] ва монанди инҳо бо **-ӣ** сохтани исми маънӣ, ки аломат ва ҳолату вазъиятро мефаҳмонанд, бар хилофи қоида нест ва ба истилоҳи донишмандони қадим дур аз суннати калимасозӣ нест.

-Пасванд -гор. Ин пасванд дар забони муосири тоҷикӣ **каммаҳсул** буда, ба воситаи он аз исму асосҳои феъл исмҳои шахс сохта мешавад: аз исмҳои маънӣ исми нав сохта мешавад, ки *а) шахсро аз рӯйи амалиёту машғулияташ мефаҳмонад:* **хизматгор, мададгор, комгор...:** Шоистаи сарири хилофат ва ҷаҳондорӣ ва сазовори афсари азамат ва **комгорӣ** мар соҳибдавлатеро сохт, ки пешниҳоди ҳиммати олирутбаташ ба тақвияти дини мубин буда…[13, с.10]. Ниҳоли давлатро дар боғи **комгорӣ** аз барои он нишонид, ки то дар баҳор…гулҳои макрамат бишкуфонад ва гулбуни подшоҳиро дар бӯстонсарои адл аз он сероб гардонид, ки бо дасти марҳамат хори бедод аз пойи мазлумони ситамрасида бардорад [13, с.11]. Муаллифи «Зафарномаи хусравӣ» ба воситаи пасванди **-ӣ** аз як исми маънии сохта **(комгор)** боз чунин исм (**комгорӣ**) сохтааст, яъне ин калима бо ду унсури калимасоз ба вуҷуд омадааст, аммо вазифаи онҳо яксон ба назар намерасад. Агар пасванди **-гор** ба исми шахс ишора дошта бошад, пасванди **-ӣ** ба исми маънӣ ишора менамояд.

-Пасванди -бон. Дар забони муосири тоҷикӣ морфемаи **-бон** маънои луғавии худро барҳам дода, ба категорияи пасванди калимасоз гузаштааст. Ба категорияи пасванди калимасоз гузаштани **-бон** дар калимаҳои **миз+бон, нигоҳ+бон, бод+бон** ва **соя+бон** равшан зоҳир мегардад. Пасванди **-бон** аз исмҳои конкрет исми нав месозад, ки шахсро аз рӯйи касбу кор ва машғулият ифода мекунад ва тобиши назорат дорад: **боғ+бон, гала+бон, осиё+бон, сарой+бон, дар+бон, тарозу+бон** ва ғ.: Ин холати пурмалолатро ба якбор **дидбонон ва ҳочибон** дида дарвозаи Арки олиро ба рӯйи Мирмуҳаммад Ҳусайнхон… кашиданд ва ҷамоати **мерганон** аз болою поёни дарвоза ба шиббаи тир гирифта чандеро аз пой дарандохтанд [13, с.23].

-Пасванди -вор. Пасванди мазкур дар исмсозӣ бемаҳсул буда, дар асар барои ифодаи монандӣ корбаст гардидааст: Биноан алайҳи ин зарраи бемиқдор ва хоксори беэътибор монанди қалам сар бар хатти қадар ниҳода ва умед аз карами бемунтаҳо намуда, **ғаввосвор дар баҳри тафаккур фурӯ рафта,** ҳазфпораи чанд фароҳам оварда, бар соҳили зуҳур расонида…[13, с.8]. Муҳаммад Баҳодурсултон фарзанди арҷманде ба арсаи зуҳур омад, ки то фалаки даввор… назираш дар ҳеч қарн ба ин чунин дурри **шоҳвор** наяфтода [13, с.31]. …истионат аз рухи пурфутуҳи он **бузургвор** дархост фармуда, пагоҳ он рӯз аз он

ҷо ба фарри давлат саворӣ намуда, дар асъади соъот ба шаҳри Самарқанди фирдавсмонанд дохил гардида…[13, с.22].

-Пасванди -вар. Дар забони адабии тоҷикӣ **и**н пасванд дар исмсозӣ бемаҳсул буда, дар асар он аз исмҳои маънӣ исми нав месозад, ки шахсро аз рӯйи хислату қобилият мефаҳмонад: **муздвар, номвар, сарвар:** Миёнкол ва атрофи вилояти Самарқанд вайронӣ намуда саркашӣ ва инодро пешниҳоди хотири худҳо гардонида Одинақулбиро аз ҷамоати хитой ва Маъмурбиро аз ҷамоати қипчоқ ва Ҳакимхонро аз ҷамоати қароқалпоқ ва ин ҳар се **номвар**ро он муфсидони бадахтар ба худҳо хону **сарвар** бардошта…, аҳолию маволии дар се ҳисни хасинро яғмову тороҷ намуда аз он ҷо ба ҳамон паск хурӯҷ карда омада, вилояти Каттақурғон ва Панҷшанберо муҳосира намуда ба даст дароварда ба дигар килой Миёнкол музоҳим гардиданд [13, с.32]. Навиди хурсандии ин муқаддима саросари **сарварро** шоҳзодаи соҳибқирон зафартавамон ба амири ҷалолатнишон волиди худ арзадошт намуда, ба дарбори гардунмадори олӣ фиристод [13, с.14].

-Пасванди -ак. Ин пасванд сермаҳсул буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ яъне аз исмҳои конкрет номи ашё месозад, ки ба асосаш аз ягон ҷиҳат монанд буданро мефаҳмонад: ...аввалан мартаба Муҳаммадшарифбии тӯбчибогаӣ ҷамоати эронӣ ва зӯрободӣ, тӯпҳои қалъакушойро ба кор бурда чандон тӯп ва **занбӯрак** паёпаӣ кушоданд, ки ғӯлаҳои тӯби қалъакӯб ва хирмани нафт ба даруни қалъа афтода хонаҳои андарунӣ аз соиқаи барқ ва илтиҳоби шарор даргирифт ва аз ҷиҳоти арбаъа асокири нусрат маъсир ғавғо ва сурн меандохтанд [13, с.32].

-Пасванди -ча. Ин пасванд аз исмҳои конкрет номи ашё, ҷонварон ва истилоҳи забоншиносӣ сохтааст: **олуча, тоқча, остинча, думча, дӯлча, мӯрча, ҳиссача: …**амири некусияр аз он сарзамин …кӯч карда, зафар дар рикоб, нусратҳаминон, роҳӣ шуда омада дар муқобили шаҳр дар мавзеи **Бозорча**, лашкаргоҳ карда, фуруд омада, атрофи лашкари мансурро сангар фармуда, қарор гирифт [13, с.28].

-Пасванди -она [-ёна]. Ин пасванд дар исмсозӣ каммаҳсул аст, бештарини исмҳо бо пасванди **-она** аз сифат гузаштаанд. Ин пасванд аз исмҳои конкрет ва маънӣ исме месозад, ки асбоб, музд, туҳфа ва инъомро мефаҳмонад ва мансуби истилоҳи иқтисодианд: **тозиёна, шомиёна, бобоёна, моҳона, муҳрона, котибона, тӯёна, хизматона, идона, байъона ва ғ.**

-Пасванди -ок. Ин пасванд бемаҳсул буда: а) аз асоси замони ҳозираи феъл ва б) аз калимаи тақлидӣ номи ашё, беморӣ ва амал сохтааст ва чанд вожаи соҳаи иқтисодӣ низ ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд: **хӯрок, пӯшок, сӯзок, хуррок**.

-Пасванди -дон. Ин пасванд сермаҳсул буда, аз исмҳои конкрет исми зарфият, номи асбоб месозад: **алавдон, хокистардон, дегдон, сиёҳидон, қаламдон, нондон, намакдон, шамъдон, тухмдон, яхдон, каҳдон, ғалладон, патрондон, папиросдон.**..

-Пасванди -гоҳ. Ин пасванд сермаҳсул буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм месозад, ки макон ва номи ашёро ифода мекунад: Шаҳаншоҳи марҳамат **дастгоҳи** мултамиси онҳоро мабзул дошта, аз хатоҳои гузаштаи инҳо даргузашта ҳамаро қалам бар ҷароиди хатокории инҳо даркашид ва низ сарманшаи соҳиби нифоқ ҷамоати хитойқипчоқ…[13, с.12]. …ба шаҳри Андарун, ки **қароргоҳи** хусравон ва мустақарри сарири салтанати султонӣ аст, нузули иҷлол арзонӣ фармуд. Уламои изом, содоти киром, умарои завиюлэҳтиром, ҳама иттифоқ намуда… [13, с.34]. …муқаддаматан бо хаймаву **хиргоҳ** ба савби Бухорои Шариф кашида, таййи мароҳил намоянд [13, с.34].

а) аз исмҳои конкрет: **бозор+гоҳ, бандар+гоҳ, гулӯ+гоҳ, камар+гоҳ, лашгар+гоҳ, нахчир+гоҳ, сайд+гоҳ** ва ғ.: **…**амири некусияр аз он сарзамин …кӯч карда, зафар дар рикоб, нусрат ҳаминон, роҳӣ шуда омада дар муқобили шаҳр, дар мавзеи Бозорча, **лашкаргоҳ** карда, фуруд омада, атрофи лашкари мансурро сангар фармуда қарор гирифт [13, с.28].

б) аз исмҳои абстракт. Дар ин гурӯҳ исмҳои абстракт амалу ҳолатҳои гуногунро ифода менамоянд, пасванди **-гоҳ** аз онҳо исме месозад, ки макони амалу ҳолат ва машғулиятро мефаҳмонад: **ҷавлонгоҳ, қурбонгоҳ, қатлгоҳ, қароргоҳ, шикоргоҳ, тамошогоҳ, сайргоҳ, саёҳатгоҳ, размгоҳ, базмгоҳ, паногоҳ, машваратгоҳ, коргоҳ, иқоматгоҳ, интихобгоҳ, идгоҳ, зиёратгоҳ, дарсгоҳ** ва ғ.: Аз ин сурати ҳодисоти… нуқси давлати шоҳаншоҳӣ аст, амири соҳибқирони зафариқтиронро ирқи ғайрату ҳамияти соҳибқиронӣ дар ҳаракат даромада, ба ҷиҳати маслаҳату кенгаш, сарони сипоҳ ва умарои ҳашаматогоҳро ба **боргоҳи** сипеҳр иштибоҳ талабида аз ҳар умур гуфтушунид намуда, маслиҳатро дар якҷо қарор дода, ба савобдиди давлатхоҳон ба ҷамъ намудани лашкар фармон дод [13, с.34].

-Пасванди -иш. Пасванди -иш серистеъмол, вале каммаҳсул буда, аз асоси замони ҳозираи феъл исми амал месозад: ***дониш, биниш, ситоиш, сабзиш, сӯзиш, вазиш, бахшиш, бахшоиш, бориш, нолиш, осоиш, навозиш*** ва ғ. Дар асар бо пасванди **-иш** аз асоси замони ҳозираи феъл исмҳои зерин сохта шудааст: Бар хотири отири хурдабинони ҷароиди **донишу биниш** пӯшида намонад, ки чунончи, ки Мирмуҳаммад Ҳусайнхон тавъан ва карҳан бар тахти хукмронӣ муддати чаҳор моҳ камобеш ба ҷойи падари худ нишаста…[13,

с.32]. Чун **оромишу қарор** ба доруссалтанати Бухоро зуҳур ёфта, хотири анвари маъдалатгустари амири соҳибқирони некусиярро минкуллил вуҷуҳ аз ҳар умур ҷамъияти тамом ҳосил омад...[13, с.30].

-Пасванди -зор. 1) Ба воситаи ин пасванд аз исмҳои ифодакунандаи растанию наботот истилоҳоти иқтисодие сохта мешаванд, ки макон ва фаровонии ашёро мефаҳмонанд: **тут+зор, ток+зор, себ+зор, саксавул+зор, нок+зор, ниҳол+зор, най+зор, лола+зор, дарахт+зор, гул+зор, хаданг+зор, арча+зор, анҷир+зор, анор+зор, ангур+зор, шафтолу+зор, пахта+зор, хор+зор алаф+зор, сабза+зор** ва ғ.:

2) Бо ёрии пасванди **-зор** инчунин аз исмҳои ифодакунандаи ашёҳои шумурданашаванда ва ё шумурданашон аз имкон дур исмҳое месозанд, ки макон ва фаровонии асоси худро далолат мекунанд: Ҷойи ту **шӯраю регзор**, ба **боғу чаман** туро чӣ кор? Калимаи **хароба** худ исми макон бошад ҳам, пасванди -зор қабул мекунад [харобазор]. Дар ин ҳол маконро ифода кардани пасванди **-зор** ба ҷойи дуюм гузашта, хусусияти услубӣ пайдо мекунад ва ифодаи фаровонии асоси калима вазифаи асосии он мешавад.

-Пасванди -истон [пас аз садонок **-стон,** дар назм инчунин -ситон]. Ин пасванд ҳам мисли пасванди **-зор** бо исм омада, макон ва фаровонии ашёи асосии калимаро мефаҳмонад, аммо мавқеи истеъмоли **-истон** ва **-зор** фарқҳо низ дорад. Пасванди **-истон** бо исмҳои конкрет омада, макон ва фаровонии предмети асосиашро ифода менамояд: …муфсидони мамлакати **Туркистон** аз дастбурди сиёсаташ нагунсор гадиданд [13, с. 18]. Агар пасванди **-истон** бо исмҳои ифодакунандаи набототу растаниҳо ва калимаи **регу санг** ояд, бо пасванди **-зор** ҳамвазифа мешавад: **гулистон, нахлистон, наистон, сарвистон, боғистон, регистон, сангистон** ва ғ.: Вақти асри аз он рӯз дурустии такфин ва таҷҳизи акаи худро карда ҷанозаро дар болои ҳавзи **Регистон** ба ҳамроҳии аъёну ашрофони мамлакат ва аркони давлат хонда, …гашта омада ба мустақарри сарири салтанат қарор гирифт [13, с.18].

Дар калимасозӣ бо пасванди **-истон** низ назари тозаи муаллифи «Зафарномаи хусравӣ» эҳсос мешавад. Аз чанд мисоле, ки бо ин пасванд пайдо кардем, дар якеаш бо исми мушаххас (Туркистон) омада, дуи дигар исми маъниянд ва **-истон** ҳамон вазифаи сарфии худро анҷом додааст. Ҳамвазифа будани **-истон** бо **-зор** дар дастурҳои илмӣ таъйид шудааст. «Агар суффикси **-истон** бо исмҳои ифодакунандаи набототу растаниҳо ва калимаи **регусанг** ояд, бо суффикси **-зор** ҳамвазифа мешавад». Муаллифи «Зафарномаи хусравӣ» аз исми моддии **рег**, ки баромади тоҷикӣ дорад, вожаи **регистонро** корбаст намудааст ва **-истон** гувоҳ бар макон ва фаровонии исм аст: Вақти асри аз он рӯз дурустии такфин ва таҷҳизи акаи худро карда ҷанозаро дар болои ҳавзи **Регистон** ба ҳамроҳии аъёну ашрофони мамлакат ва аркони давлат хонда... [13, с.18].

-Пасванди -сор. Ин пасванд бемаҳсул буда, танҳо бо чанд исми конкрет омада, макон ва фаровонии онҳоро мефаҳмонад: ***кӯҳсор, чашмасор, шохсор, нагунсор:*** …чамани мулкро таровату назокат бе **чашмасор** маёмини дин надода ва ситоиш бо ороиши мар воҳибул атоёро, ки **чашмасор**и динро… [13, с.9]. муфсидони мамлакати Туркистон аз дастбурди сиёсаташ **нагунсор** гардиданд [13, с.18].

-Пасванди -чӣ. Ин пасванд дар истилоҳоти хосси туркӣ-ӯзбекӣ мисли босмачӣ [ба маънои роҳзан], шарир [ҷамъи он ашрор], қарақчӣ, овчӣ-шикорчӣ [ӯзбекӣ ов ба маънои шикор+чӣ], қочоқчӣ-қочоқбар ва ғ. бидуни муодил ё баробариҳои тоҷикӣ ба кор бурда мешавад. Чанде аз вожаҳои русӣ дар шакли мухаффаф дар талаффузи лаҳҷа бидуни риояи қавоиди овоӣ бо ин пасванд аз туркӣ-ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ ворид шудаанд: **пудратчӣ** [аз русӣ подрядчик]-паймонкор, чиптачӣ-кассир. Барои натиҷагирии дақиқ дар корбурди пасванди **-чӣ** дар забони тоҷикӣ бояд ин пасвандро бо қолабҳои бунёдии забони тоҷикӣ мавриди муқоиса қарор дод. Танҳо аз ин роҳ метавон меъёри истифодаи пасванди туркӣ-ӯзбекии **-чӣ**-ро дар забони адабии муосир мушаххас ва муқаррар намуд. Корбурди қолабҳои вожасозӣ бо пасванди **-чӣ**-ро дар муқоиса бо қолабҳои суннатии вожасозии забони тоҷикӣ метавон чунин арзёбӣ кард: **-чӣ=-бар:** қочоқчӣ=қочоқбар;**-чӣ=-бон**: сарҳадчӣ-сарҳадбон=марзбон [форсии миёна marz [o]bān]; подачӣ=подабон; **-чӣ=-гар:** андовачӣ=андовагар, ҳисобчӣ=ҳисобгар, муҳосиб; ҳуҷумчӣ= ҳуҷумгар, муҳоҷим; ташрифотчӣ = ташрифгар; ташкилотчӣ=ташкилгар, ташкилкунанда; саёҳатчӣ=саёҳатгар, сайёҳ, қадоқчӣ=қадоқгар; таълиму тарбиячӣ = тарбиятгар ва ғ.

Ҳамчунин ки аз муқоисаи луғоту истилоҳоти бо пасванди **-чӣ** сохташуда бармеояд, ин пасванд қолабҳои фаровони суннатиро, ки дар осори гузашта дорои собиқаи хаттӣ мебошанд, маҳдуд ва мансух сохтааст. Истифода аз ин равиш дар вожасозии забони тоҷикӣ ба манфиати рушди забон набуда, балки маҳдуд кардани забон аз имконоти дохилӣ ва равишҳои суннативу таърихии он мебошад. Забони тоҷикӣ-форсӣ дар вожасозии хеш дорои равишҳо ва қолабҳои гуногун буда, ин қолабҳо ҳамчун мероси қарнҳо дар рушди забон ва таркиби луғавии он истифода мешаванд ва набояд бо унсурҳои бегона махлут ва ё омезиш дода шаванд [5, с. 56]: Хулосаи калом ин ки ба сабаби фасоди

ҷамоати муфсидони **бадниҳод** то ба инқизои панҷ сол харачу марач ба вилояти Самарқанд ва ба сойири қасаботи Миёнкол ба як минвол мебуд ва низ дар аснои ин ҳодиса **Муҳаммад Раҳимхони урганчӣ,** ки ирқи душмании худро дар ҳаракат оварда, зиқии вақтро ғанимат дониста атрофи вилояти... [13, с.45].

Пасванди -ӣ[-гӣ] аз исм исм месозад: аз исмҳои ифодакунандаи касбу кор ва ихтисос исмҳое месозад, ки амал ва соҳаи фаъолиятро мефаҳмонанд: ***дехқонӣ, косибӣ, шофёрӣ, инженерӣ, савдогарӣ, коргарӣ, кирмакпарварӣ, чорводорӣ, шоирӣ, олимӣ*** ва ғ.: …шоҳаншоҳи олитабор нисор карда, муборакбодӣ намуданд, шаҳзодаи олампаноҳ аз фазлу карами ҳазрати илоҳ ба дарачаи **амирӣ** ва ба мартабаи султонӣ расида, забон ба ҳамду сипоси эзидӣ баргушод. Ҷумҳури сакана ва умуми мутаваттина, забони ниёзмандӣ ба дуою санои **подшоҳӣ** гушода мегуфтанд [13, с.17]. Инҳо низ ба истиқболи амири ҷалолатназир шитофта ба шарафи рикоббӯсии ҳумоюн фоиз гардида, камари **бандагӣ** ва ҳавохоҳӣ бар миёни ҷон баста, ҳошияи фармонбардорӣ бар дӯши ҷон афганда, ҳодии тариқ гардида роҳӣ шуданд [13, с.26]. …дарвозаҳои шаҳрро хокрез карда, бурҷ ва боруи ургонро мустаҳкам намуда, роҳи омадушуди мардумро ба рӯйи худ баста, **ҳисорӣ** шуда нишастааст [13, с.27]. Ҳамоно лашкари **берунӣ** чун балои **ногаҳонӣ**, ки аз сӯйи осмон нозил шуда, якбора **лачомрез,** ба даруни шаҳр дохил шуда, сурин андохтанд [13, с.27].

Ҳамин тариқ, дар асари «Зафарномаи хусравӣ» нақши пасванду пешвандҳои исмсоз хеле назаррас буда, дар калимасозии анъанавӣ ин вандҳо нақши муассир доранд ва бо ин роҳ таркиби луғавии забони асар ва забони адабии тоҷикии асри XIX-ро хеле ғанӣ кардаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. С.Айнӣ. Куллиёт. - Душанбе: Ирфон, 1976. - Ҷ.12. – 770 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Д.: Дониш, 1985. - Ҷ.1. – 356 с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Китоби 1. Лексикология, фонетика ва морфология. – Душанбе: Маориф, 1973. – 464 с.
4. Муҳаммадиев М. Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ / М.Муҳаммадиев // Масъалаҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1967. – С.56-60.
5. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш.Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1972. – 79 с.
6. Сабзаев С.М. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар / С.М. Сабзаев. – Душанбе: Маориф, 1991. – 80 с.
7. Хоркашев С. Калимасозии исм бо пасвандҳо / С. Хоркашев. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 143 с.
8. Хоркашев С. Ташаккули таркиби луғавӣ ва калимасозӣ / С. Хоркашев. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 106 с.
9. Хромов А. Л. Чаҳордаҳ мақола / А. Л. Хромов. – Душанбе, 2010. – 174 с.
10. Ҳалимов С. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик аз рӯйи забони «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ / С. Ҳалимов // Масъалаҳои забон ва адабиёт. – Душанбе, 1975. – Қисми 1/2. – С. 283-307.
11. Ҳалимов С. Забони адабии ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ) / С.Ҳалимов, К.Шукурова. – Душанбе, 1989. – 100 с.
12. Ҳомидов Д. Забони тоҷикӣ ва номшиносӣ / Д. Ҳомидов. – Душанбе: Сино, 2018. – 164 с.
13. Зафарномаи Хусравӣ. – Хуҷанд, 2011. – 189 с.

ВИЖАГИҲОИ КАЛИМАСОЗИИ ВАНДӢ ДАР «ЗАФАРНОМАИ ХУСРАВӢ»

Дар забони тоҷикӣ калимаҳои сермаъно ва омонимӣ ниҳоят зиёданд. Ба кадом маъно омадани ин гуна калимаҳо маҳз дар асосҳои сохта барчаста намоён мегардад, чунки дар калимаҳои сохта мутобиқати маъноии асосу вандҳо мушоҳида мешавад. Вандҳо бо ҳама гуна маънои ҳамон як калима омада наметавонанд, танҳо бо оне меоянд, ки ба вай аз ҷиҳати маъно мувофиқанд. Шамси Қайси Розӣ ба аксар масоили калимасозии забони форсии тоҷикӣ вобаста ба илми қофия равшанӣ андохтааст, ки гӯё аз нигоҳи имрӯз ва барои имрӯзиён тарҳрезӣ шудаанд. Ӯ аз рӯйи тартиби алифбои арабӣ ҳарфҳои (пасвандҳои) калимасозу шаклсозро вобаста ба қофиясозиашон як-як баён кардааст, ки қариб тамоми воситаҳои калимасозии забони форсии тоҷикиро фаро гирифтаанд. Ба сифати намуна чанде аз онҳоро меорем. Шамси Қайси Розӣ як миқдор пешванду пасвандҳои шаклсозу калимасози дигарро бо мисолҳо шарҳу эзоҳ додааст. Пасвандҳои калимасоз дар забони адабии тоҷикӣ яке аз воситаҳои грамматикии қадим буда, дорои як қатор вазифаҳои грамматикӣ мебошанд, чи дар алоқамандии калимаҳо дар ҷумла, чи дар калимасозӣ ва чи дар ибораороӣ мавқеи муайянеро ишғол менамоянд. Маълумотҳое, ки доир ба вазифаҳои грамматикии пасвандҳои калимасоз дар як қатор китобҳои дарсӣ, асарҳои таҳқиқотӣ ва луғатҳои тафсирии давраи тоинқилобӣ дода шудаанд, аз нуқтаи назари илми забоншиносӣ хеле боарзишанд.

Калидвожаҳо: вожаҳо, забон, сохтор, калимаҳо,гурӯҳбандӣ, луғатҳо, истилоҳ, забоншиносӣ, реша, калимаҳои аслан тоҷикӣ, вожаҳои умумиэронӣ, зергурӯҳҳо, арабӣ, таркиби луғавӣ, забони тоҷикӣ.

СУФФИКСАЛЬНЫЕ СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНЫЕ ОСОБЕННОСТЙ В В «ЗАФАРНАМЕ ХУСРАВИ»

В таджикском языке очень много многозначных и омонимичных слов. Какое значение передается данным словам и в каком значении строятся данные слова, становится очевидным именно в производных основах, так как в производных словах наблюдается смысловое соответствие основы и окончания. Суффиксы не могут быть приведены со всеми значениями одного и того же слова, приводятся только с тем, которое близко им по значению. Шамс Кайс Рази внес ясность в некоторые проблемы словообразования персидско-таджикского языка относительно науки рифмования. Он в соответствии с арабским алфавитом даёт разъяснения относительно суффиксальных и словообразовательных суффиксов. В качестве примера в данной статье приведены некоторые из них. Шамс Кайс Рази на примерах также даёт пояснения относительно некоторых словообразовательных префиксов и суффиксов. Словообразовательные суффиксы в литературном таджикском языке являются одним из древнейших грамматических средств и имеют ряд грамматических функций, занимают определенное место в наличии связей в предложении и в словообразовании и красноречии. Сведения о грамматических функциях

словообразовательных суффиксов в ряде учебников, исследовательских работах и толковых словарях дореволюционного периода, с точки зрения лингвистической науки, имеют большую ценность.

Ключевые слова: слова, язык, структура, группировка, языкознание, подлинно таджикские слова, общеиранские слова, подгруппы, арабский, словарный состав, таджикский язык.

SUFFIXAL WORD-FORMATIVE FEATURES IN ZAFARNAM KHUSRAVI

There are a lot of polysemantic and homonymous words in Tajik. What meaning is given to the given words and in what meaning the given words are built, it becomes obvious precisely in the derived fundamentals, since in the derived words the semantic correspondence of the stem and the end is observed. Suffixes can not be given with all the meanings of the same word, are given only with the one that is close to them in meaning. Shams Kais Razi clarified some problems of the formation of the Persian-Tajik language regarding the science of rhyming. It is in accordance with the Arabic alphabet gives an explanation regarding the suffix and word-formation suffixes. As an example, this article lists some of them. Shams Kais Razi with examples also gives explanations regarding some derivational prefixes and suffixes. Derivative suffixes in the literary Tajik language are one of the most ancient grammatical means and have a number of grammatical functions, occupy a certain place in the presence of connections in the sentence and in word formation and eloquence. Information about the grammatical functions of word-formation suffixes in a number of textbooks, research papers and explanatory dictionaries of the pre-revolutionary period, from the point of view of linguistic science, are of great value.

Key words: words, language, structure, grouping, linguistics, genuinely Tajik words, common Iranian words, subgroups, Arabic, vocabulary, Tajik language.

Сведения об авторе: ***Асоева Бунафша*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
Тел.: **(+992) 918-75-14-77**

Information about the author: ***Asoeva Bunafsha*** - Tajik National University, applicant for the Department of History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Tel.: **(+992) 918-75-14-77**

УДК: 491.71.3:491.550.3:61

СЕМАНТИКО-СИНТАКСИЧЕСКИЕ СПОСОБЫ МЕДИЦИНСКОГО ТЕРМИНООБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Турахасанов К.Ш.
Таджикский национальный университет

Как нам известно, семантический способ терминообразования в медицинской терминосистеме таджикского языка выступает с различной степенью продуктивности. На основании тесного сотрудничества и взаимодействия с общелитературным языком происходит образование общемедицинской терминологии без изменения формы, но с новым производным значением. Обычно в процессе семантического медицинского терминообразования в семантической структуре термина происходят различного рода изменения значения семантики термина: расширение, сужение. Перенос значение слов с одного объекта на другой происходит на основании ассоциации в рамках концептуальной структуры, в которой он функционирует [1, 2, 3].

Отправным моментом в нашем исследовании послужило соответствующее положение, выдвинутое ДС. Лотте о том, что «термины строятся на основе существующих слов, так, слово получает вполне определенное содержание, т.е. к ранее зарегистрированным значениям слова прибавляется еще новое значение [6, с.432].

В языкознании изменения значений слова называют семантической вариацией, а в терминоведении –терминологизацией слов общелитературного языка.

Одной из важных характеристик терминов медицинской науки и различных медицинских отраслей является их вторичная номинация. В медицинской терминологии вторично номинированные термины образовались в результате метафорического и метонимического переноса слов. Медицинские термины «первичная номинация» и «вторичная номинация»-введены А.А.Потебней [11], А.Реформатским [12], Т.А. Чхеидзе [16], Т.Д.Лось [5] и Е.С. Кубряковой [4]. Эти исследователи рассматривают вторичную номинацию как любое производное значение, т.е. использование фонетического облика как существующей единицы в качестве имени для нового обозначаемого.

Надо отметит, что семантическое образование медицинских терминов проявляется в различных терминологических подсистемах медицины, в частности, в различных разделах медицинской науки. Терминологизация медицинских слов в общелитературном языке ведёт к дальнейшему развитию значения термина, которое продолжает эволюционировать в терминологической системе, приобретая новые уточнённые определения термина, старая форма термина пополняется новым содержанием. Например, арабское слова «идрор» означает не просто стипендию, пенсию, а в медицинской науке в качестве термина обозначает мочу,

мочеиспускание, идрор кардан –мочится; идрори беранг-моча бесцветная, идрори римдор-моча гнойная, идрори сурх-моча красная, идрори хунолуд- моча крововая, идрори табошир- моча млекоподобная. идрори тира- моча мутная, идрори дарднок- мочеиспускание болезненное, идрори боазоб- мочеиспускание затрудненное, идрори шабонгоњї- мочеиспускание ночное… [8, с.14].

В данном терминосочетании наблюдается семантический сдвиг, т. е.расширение значения слов в результате необходимости дальнейшего развития термина.

Можно смело утверждать, что семантическое медицинское терминообразование является одним из источников пополнения медицинской терминосистемы таджикского литературного языка. Медицинские термины, образованные семантическим путём можно рассматривать как универсальные и уникальные в своём роде.

В состав уникальных и универсальных медицинских терминов они вошли вследствие того, что они прошли прцесс «освоения» и «усвоения» (терм. Реформатский А). и были включены в специальные отраслевые словари, такие как Словарь медицинской вирусологии [4], Терминологический словарь важнейших инфекционных и паразитарных болезней человека [7], Словарь клинической терминологии[3], Словарь стоматологических терминов [1], Словарь анатомических терминов [5] и.т.д.

В качестве примера рассмотрим несколько медицинских терминов таджикско-персидского языков. Думмал-думмали гурда-абсцесс почки; адам- адами гурда –агенезия почки; тањлил-тањлили пешоб- анализ мочи; ќаър- ќаъри масона- дно мочевого пузыря; тањќиќ- тањќиќи пешоб- исследование мољи; иртишоњ- иртишоњи пешоб- инфильтрация мочевая; ихтилол –ихтилоли асаби пешобкунї- нейрогенные расстройства мочеиспускания; олат-олати ихрољ- эвакуатор.

Итак, вышеприведенные медицинские термины в таджикско-персидском языке заимствованы из арабского языка. При этом первоначальное значение слов под воздействием концептуальной структуры сужалось или специализировалось для того, чтобы обозначать определенные понятия в сфере медицинской терминологии, в частности травматологии, стоматологии, урологии, неврологии, офтальмологии деонтологии.Такие медицинские термины, как тањлил, ихрољ, думал, адам, тањќиќ, иртишоњ, олат, с одной стороны, в терминосистеме носят абстрактный характер, несмотря на предметную соотнесённость.

С другой стороны, происходит метафоризация терминосистемы различных медицинской отрасли, которая в доступной форме помогает передать суть моделируемого объекта, коротко выразит наиболее значимых в некотором контексте свойства [10, с.15].

Надо сказать, что метафоризация приводит к образованию нового термина, который в медицинской терминосистеме представляет собой явление, характеризующееся информативной ёмкостью, это абстрактная, но всё же реальная совокупность характеристик медицинских терминов в функциональной действительности различных отраслей медицины.

Вышеуказанный способ продуктивен для общемедицинской терминологии в таджикско-персидском языке. Вторичная номинация в семантике медицинского термина отражает результат процесса действия в критериях концептуальной структуры медицинского терминообразования таджикского языка. Общеупотребительное значение «первичная номинация» служит отправным моментом, является ведущим при переносе на ассоциативно-образную или экспрессивную основу.

Можно сказать, что слова общелитературного языка являются одним из основных источников пополнения словарного состава медицинской терминологии, проявляя активность в рамках семантическом пути терминообразования. Преобразованные термины становятся полноправными терминами в общемедицинской терминосистеме таджикского языка [9].

Одним из источников пополнения медицинской терминосистемы является синтаксический способ образования медицинской терминологии таджикского языка.

Терминологические словосочетания очень неоднородны по своей понятийной и материальной структуре. Способ образования терминологического словосочетания принципиально не отличается от образования свободного словосочетания на базе подчинительных связей в общелитературном таджикско-персидском языке и опирается на языковые структурные связи производящего и производного элементов [Пейсиков].

Среди медицинских терминов таджикского языка преобладают термины - словосочетания. Они составляют большое количество в словарном массиве таджикского языка, таким образом, синтаксический способ является наиболее продуктивным в образовании многокомпонентных терминов в терминосистеме различных медицинских отраслей. Термины-словосочетания обладают семантическим преимуществом перед простыми терминами. Многокомпонентные терминологические словосочетания отбирались нами методом текстового поиска и сплошной выборки из средневековых и древних современных терминологических и толковых медицинских словарей. Наиболее продуктивной дериватологической моделью в составе

двухкомпонентных терминосочетаний: воспаление матки-газаки бачадон; гребень уретры-теѓаи пешобрез; дефинитивная моча-пешоби охирин; дуга почечная-камони гурдавї; задержка мочи-ќабзи пешоб; извержение семени- ихрољи манї; камнегонные средства-дорунъои сангрон; камень мочеточника-санги пешобрав;камень почки-санги гурда; камень лоханки- санги њавзак; камень чашечки- санги љомча; кора почки- ќишри гурда; дефект речи-иллати нутќ; дуга зубная-камони дандон; защита зубов- њифзи дандонњо; застой крови- бастагии хун; зуб боковой-дандони канора; зубная болезнь- бемории дандон [8].

Следует отметить, что в таджикском и персидском языке кроме двухкомпонентных терминосочетаний имеются и многокомпонентные (наиболее популярны трёхкомпонентные) медицинские термины. Например: дастгоҳи гурдаи сунъӣ - аппарат искусственной почки, канори паҳлуи гурда - край почки летаральный, канори мобайнии гурда- край почки медиальный. Норустии маљрои пешоб- незаращение мочевого протока, таҳлили умумии хун-общий анализ крови, таҳлили умумии пешоб-общий анализ мочи, тадқиқи кимиёвии пешоб - химическое исследование мочи. ғилофаки муҳофизи дандон - защитная коронка зуба, дандонҳои ҷоғи поён- зубы нижней челюсти [8]. Таким образом , проведенный выше анализ показывает, что все типы составных терминов относятся к различной степени семантической слитности. Наиболее определённая часть составных медицинских терминов, в частности, та, где общее значение выводимо из значений компонентов, близка к свободным словосочетаниям. Но терминологичность делает их одним из видов устойчивых сочетаний.

В общемедицинской терминосистеме таджикско-персидского языка невысок процент терминологических словосочетаний смешанного типа, в композиции которых реализуются два или более способов связи между компонентами. Например: нишасти созаи дандонњо- усадка конструкции зубного протеза, нишасти баданаи дандонгуни камонак- усадка каркаса бюгельного протеза, замимаи мунчашакли томрехтаи нешакдор- цельнолитная культевая штифтовая вкладка [8].

Данное термины – словосочетания относятся к смешанному типу, но необходимо отметить, что поликомпонентные термины неудовлетворяют такое требование, как краткость, предъявляемое к терминологии. Надо особенно отметить, что это, в свою очередь, создаёт определённые трудности при внедрении и усвоении термина.

Следует отметить, что, поскольку в составе поликомпонентного медицинского термина, распространены термины, которые обладают точным специализированным значением. В специализированных текстах вначале употребляется полная форма, затем аббревиатура [13, с.14].

Преобладание термина - словосочетания над простыми терминами, на наш взгляд, является не признаком, а следствием системности медицинской терминосистемы. Медицинские термины - словосочетания строго специализированы, что ярко выражено как в семантике , так и в структуре.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Гусков В.С. Терминологический словарь по психиатрии / В. Гуськов. - М.;1965. -341 с.
2. Карас З.Л. Акушерско- гинекологическая терминология / З.Л. Карас. - Сталинабад, 1939.-134 с.
3. Карузин П.И. Словарь анатомических терминов / П.И. Карузин. - М.; Л.; 1928. - 122 с.
4. Кубрякова Е.С. Что такое словообразование? / Е.С. Кубрякова. - М., Наука, 1965. -78 с.
5. Лось М.В. Термины медицинской вирусологии и генетики вирусов / М.В. Лос. - Ташкент: Медицина, АН Узб. ССР, 1969. - 78 с.
6. Лоте Д.С. Основы построения научно-технической терминологии . / Д.С. Лоте. -М., 1961.-158 с.
7. Лобан К.М. Терминологический словарь важнейших инфекционных и паразитарных болезней человека / К.М.Лобан. -М., 1968. -28 с.
8. Кодири Т. Луғати истилоҳоти пешобшиносӣ / Т.Р. Кодирӣ, К.Ш. Турахасанов. - Душанбе, 2008. -128 с.
9. Назарзода С. Ташаккули истлоҳоти иҷтимоӣ-сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи ХХ. - Душанбе, 2004. -302 с.
10. Пейсиков Л.С. Лексикология современного персидского языка / Л.С. Пейсиков. - М.: Изд-во. МГУ, 1975. -115 с.
11. Потебня А.А. Из записок по русской грамматике / А.А.Потебня. - М., 1958. - Т. 1-2. - 840 с.
12. Реформатский А. Что такое терминология? / А.Реформатский. - М., АН СССР, 1961.-С.46-65.
13. Саидов Х. Система дипломатических терминов в таджикском и английского языках / Х.Саидов. - Душанбе, 2013. - 335 с.
14. Хаитова Ш. Баъзе масъалаҳои назариявии илмии истилоҳшиносӣ / Ш.Хаитова. - Душанбе, 2013. -223 с.
15. Чавчавадзе Т. Именное словосложение в персидском языке и проблема сложного слова: афтореф. дисс… канд.фил. наук. - М., 1986. - 48 с.
16. Чхеидзе Т.Д. Именное словообразование в персидском языке. - Тбилиси: Мецниереба. 1969. - 121 с.

РОҲУ УСУЛҲОИ СЕМАНТИКӢ-СИНТАКСИСИИ ИСТИЛОҲСОЗИИ ТИББӢ ДАР ЗАБОНИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ

Таҳлил ва таҳқиқи истилоҳоти тиббӣ дар забони форсии тоҷикӣ мақоми хоссаро ишғол менамояд. Воқеан, истилоҳсозиву истилоҳофаринӣ яке аз роҳу воситаҳои асосии бою ғанӣ гардидани таркиби луғавии ҳар забон, аз ҷумла забони тоҷикӣ ва забони илмии тиббӣ ба шумор меравад. Ба омӯзиши хусусиятҳои забонии истилоҳоти мухталиф донишмандони зиёде, бахусус, забоншиносон ва коршиносон рӯй овардаанд. Дар мақолаи мазкур масоили муҳимми истилоҳсозии тиббӣ ва роҳу воситаҳои истилоҳофаринӣ дар онҳо

таҳлилу баррасӣ гардидааст. Умуман қайд намудан бамаврид аст, ки дар илми забоншиносӣ доир ба ин масъала фикру андешаҳо мухталифанд. Муаллифи мақола чунин андеша дорад, ки дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ истилоҳоти соҳавии тиббӣ ҷойи намоёнро ишғол менамояд, зеро яке аз роҳу воситаҳои бою ғанӣ гардонидани таркиби луғавии ҳар як забон ин истлоҳсозиву истилоҳофаринӣ маҳсуб меёбад. Хамин тариқ, дар мақолаи мазкур муаллиф бори аввал дар асоси дастовардҳои илмии забоншиносии муосир истилоҳоти тиббиро дар осори қадимтарин аз нигоҳи роҳу усулҳои семантикиву синтаксисӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар мақола ҳамчунин истилоҳоти соҳаҳои гуногуни тиб таҳлилу баррасӣ шудаанд. Хангоми таҳлилу баррасии истилоҳоти тиббӣ муаллиф ба истилоҳоти мураккаб, таркибӣ ва иборавӣ низ аҳаммияти махсус додааст, ки дар истилоҳсозии тиббии тоҷикӣ мавқеи муайянро касб намудаанд. Дар натиҷаи мисолҳои таҳлилгардида равшан гардид, ки баъзе аз истилоҳоти тиббиро истилоҳоти иқтибосии арабӣ ташкил медиҳанд. Бинобар ин, чунин истилоҳоти иқтибосӣ дар истилоҳсозии тиббӣ нақши муҳим доранд.

Калидвожаҳо: истилоҳсозӣ, истилоҳофаринӣ, истилоҳгузинӣ, низоми истилоҳот, таркиби луғавӣ, забони истилоҳоти илмӣ, истилоҳоти истилоҳсозии тиббӣ, иқтибосӣ.

СЕМАНТИКО-СИНТАКСИЧЕСКИЕ СПОСОБЫ МЕДИЦИНСКОГО ТЕРМИНООБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА

Семантический анализ медицинских терминов в таджикском языке занимает особое место. В языкознании определение значения слова играет важную роль. В данной статье исследуется очень важная проблема, которая включает в себя основы современной и древней системы медицинского терминообразования таджикско- персидского языка. Необходимо отметить, что существуют различные мнения относительно этих феноменов в лингвистике. По мнению автора статьи, некоторые учёные считают, что семисиология и семантика это один и то же понятие, которое выражает абсолютно идентичную функцию-обозначения лексического значения слова-термина в языке. Таким образом, в статье впервые автор анализирует семантический и синтаксический методы общемедицинского терминообразования в таджикском языке. Исследуются особенности терминопроизводства в различных отраслях медицинской науки по определённым моделям. Также автор рассматривает место двухкомпонентных, трёхкомпонентных и многокомпонентных терминов в медицинской терминологии таджикского языка. Многочисленные приведённые медицинские термины показывает, что основную часть словарного состава современного таджикского языка составляют арабские медицинские термины. Также они играют определённую роль при образовании медицинской терминологии таджикского языка.

Ключевые слова: семантика, термин, терминология, выбор термина, медицинское терминообразование, терминосистема, лингвистика, компонент, терминообразование.

SEMANTIC AND SYNTACTIC METHODS OF MEDICAL TERM FORMATION OF THE TAJIK-PERSIAN LANGUAGE

The semantic analysis of medical terms in the Tajik language occupies a special place. In linguistics, the definition of the meaning of the word plays an important role. This article explores a very important issue that includes the fundamentals of the modern and ancient system of medical terminology of the Tajik-Persian language. It should be noted that there are different opinions regarding these phenomena in linguistics. According to the author of the article, some scientists believe that seminiology and semantics are one and the same concept, which expresses an absolutely identical function-designation of the lexical meaning of a word-term in a language. Thus, in the article for the first time the author analyzes the semantic and syntactic methods of general medical terminology in the Tajik language. The features of thermal production in various branches of medical science are studied according to certain models. The author also considers the place of two-component, three-component and multi-component terms in the medical terminology of the Tajik language. Numerous given medical terms show that the main part of the vocabulary of the modern Tajik language is Arabic medical terms. They also play a certain role in the formation of the medical terminology of the Tajik language.

Key words: semantics, term, terminology, term selection, medical terminology, term system, linguistics, component, term formation.

Сведения об авторе: ***Турахасанов К.Ш.*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735362, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 918-15-43-10**

Information about the author: ***Turahasanov K.Sh.*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Tajik Language and Methods of Teaching Tajik Language and Literature. **Address:** 735362, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 918-15-43-10**

УДК: 491.550-56 (575.34)

ҶУМЛАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ҶАНУБУ ШАРҚИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ

Гадоев Н.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Воҳидҳои фразеологӣ ба таъриху анъана ва урфу одати халқ алоқамандии зич доранд. Онҳо дар даврaҳои дуру дарози таърихӣ ташаккул меёбанд ва суфтаю рехта мешаванд. Воҳидҳои фразеологӣ мисли калимаҳо маънои лексикӣ-грамматикии худро дар ҷумла равшантар зоҳир менамояд ва ягон вазифаи наҳвиро иҷро мекунанд. Воҳидҳои фразеологӣ боигарии асосии забону гуфтори лаҳҷаро ташкил менамоянд. Онҳо аз нигоҳи маъно, ҳаҷму доираи истеъмолӣ гуногунанд. Маъноҳое, ки аз ҷумлаҳои фразеологӣ бармеоянд, характери коммуникативӣ доранд ва дар ҷараёни нутқ бо воҳидҳои

фразеологӣ ҳамнишин шуда, вазифаи худро ихро менамоянд. Дар забоншиносӣ хумлаҳои фразеологӣ назар ба дигар воҳидҳои фразеологии забон камтар тадқиқ шудаанд. Ҳар кадом олими забоншинос перомуни ҷумлаҳои фразеологӣ ба таври худ мулоҳиза ва андеша рондааст. Хулоса, аҳли тадқиқ доир ба ҷумлаҳои фразеологӣ хулосаҳои ягона надошта, онҳо вобаста ба аломатҳову хусусиятҳои воҳидҳои фразеологӣ ақидаҳои худро пешниҳод менамоянд.

Оид ба нақш ва мавқеи ҷумлаҳои фразеологӣ дар забон забоншиноси рус В.П. Жуков чунин менависад: “Вобаста ба он ки ҷумлаҳои фразеологӣ ба қатори воҳидҳои лексикӣ дохил нестанд, хусусиятҳои онҳоро дар қисмати синтаксис аз назар гузаронидан ба мақсад мувофиқ аст” [3, с.100]. Маъноҳое, ки аз ҷумлаи фразеологӣ бармеоянд, характери коммуникативӣ дошта, дар ҷараёни нутқ алоқамандона ба воҳидҳои фразеологӣ мепайвандианд. Дар забоншиносӣ ҷумлаи фразеологӣ ба таври бояду шояд тадқиқ нашудааст. Дар тадқиқи ҷумлаҳои фразеологӣ ду ақида ҳаст:

1. Муҳтавои фикри аввал ин аст, ки бештар ба семантикаи хумлаҳои фразеологӣ аҳамият дода, онҳоро маънои муодили семантикии калима меноманд. Ақидаи аввалро олими рус Н.М. Шанский дастгирӣ менамояд [12, с.154].

2. Забоншиносон В.В. Виноградов, Т.В. Дибина, Ш.И. Шеболева, В.И. Кодухов, И.Б. Голубь, А.В. Дудников, Жуков В.П. доираи таснифоти воҳидҳои фразеологиро боз ҳам васеътар нишон дода, ҷумлаҳои фразеологиро ба қолабҳои структуравии ибораҳои фразеологӣ дохил накарда, баръакс дар байни онҳо тафовут мегузоранд [7, с.57]. Дар ин масъала ҳаминро бояд қайд кард, ки баъзе ҷумлаҳои фразеологӣ воқеан ҳам муодили як калимаанд: Аз **дунйо гъзаштан- мурдан**, **офтоби сари кӯҳ шудан- пирӣ**. Дар мавриди дуюм, ҳаминро гуфтан бамаврид аст, ки вобаста ба матн ҷумлаҳои фразеологӣ ба қолибҳои таркибии воҳидҳои фразеологӣ шомил мешаванд. Онҳо метавонанд як фикри анҷомёфтаро ифода намоянд: **Банд-а дъроз партофтан** (барои ислоҳ шудан муҳлат додан), **по-ра чени курпа-т дароз кадан** (дар зиндагӣ ҳадди худро нигаҳ доштан) ва монанди инҳо.

Дар забоншиносии тоҷик оид ба ҷумлаҳои фразеологӣ забоншиносон Ҳ. Маҷидов, Х. Халилов, Р. Саидов бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Ин олимони номбаршуда дар корҳои илмии худ доир ба ҷумлаҳои фразеологӣ боби алоҳида худо намудаанд. Ҳ. Маҷидов дар бораи ҷумлаҳои фразеологӣ чунин ақида дорад.”Як хусусияти ҷумлаҳои фразеологӣ дар он аст, ки онҳо аз ҷиҳати луғавию грамматикӣ ҳамчун воҳиди забон дар ҳолатҳои гуногуни нутқ фикри анҷомёфтаро мефаҳмонад” [6, с.342].

Инчунин, доир ба омӯзиш ва тадқиқи ҷумлаҳои фразеологӣ, сохт таркиб, маъно ва тобишҳои маъноии онҳо забоншиноси маъруфи тоҳик Ҳ. Халилов саҳми арзанда дорад. Мавсуф ҷумлаҳои фразеологиро як навъи алоҳидаи воҳидҳои фразеологӣ мешуморад. Таҳлили хумлаҳои фразеологӣ аз ҷиҳати сохту таркиб, тафовутгузории муаллиф дар байни ҷумлаҳои фразеологӣ ва ҷумлаҳои озоди наҳвӣ меъёри хеле хубро ба роҳ мондааст. Андешаҳои муҳаққиқ ва хулосаҳои ӯ оид ба ҷумлаҳои фразеологӣ ҳамагӣ дурусту саривақтианд. Хулосаи муҳаққиқ чунин аст, ки ҷумлаҳои фразеологӣ ҳамон воҳидҳои фразеологианд, ки шаклан ба ҷумлаҳои одии синтаксисӣ наздик буда, мувофиқи ифодаи маъноашон аз онҳо фарқ менамоянд [11, с.69-71]. Тафовути онҳо, пеш аз ҳама, хусусиятҳои рехтаву маъмул будан, ҳамчун воҳидҳои дорои тобишҳои ҳиссӣ-муассирии нутқ, хусусияти умумиистеъмолӣ пайдо намудан, инчунин аз семантикаи яклухти онҳо пайдо мегардад. Ҷумлаҳои фразеологӣ се хусусият доранд:

1.Аксари онҳо ба нормаи забони адабӣ мувофиқ ҳастанд: **бозор хънък шидан, хънъки дайров кадан, хъшбошӣ кадан, дар ҷуни касе мурдан, хъшт ай қолаб хестан** ва гайра.

2.Ҷумлаҳои характери гуфтугӯйӣ дошта, ба забони зиндаи мардуми маҳал тааллуқ доранд: **толеъ-т бъландӣ кад**, **ба як тори мӯйи тъ намеарзад, умр ба сар бурдан, устухон съфед шидан** ва монандт инҳо.

3. Онҳо дар ифодаи маънои яклухт хеле фаъоланд. Ҳарчанд калима ҳамчун ҷузъи асосии таркиби воҳиди фразеологӣ маънои луғавии худро қисман нигоҳ медорад, вале дар онҳо тобишҳои образнокию бадеӣ ба маъноҳои модалӣ ғалаба мекунад ва дар унсурҳои ғайрифразеологии матнҳо таносуби шаклию семантикӣ ташаккул ёфта, яклухтии ҷумлаҳои фразеологӣ тағйир наёфта, устувор мемонад. Инчунин, ҷумлаҳои мавриди назар хусусияти асосии худ – хабаррасониро нигоҳ медоранд. Ҷумлаҳои фразеологиро аз матн худо кунем ҳам, хусусияти коммуникативии худро гум намекунанд, мисли ҷумлаҳои муқаррарӣ фикри нисбатан пурра ва тамомшудро ифода мекунанд. Дар ҷумлаи фразеологӣ маълумот ва хабар ба таври махоз ба маънои фразеологиаш ба шунаванда расонида мешавад. Онҳо маънои нуткро равшантар, муъҷазтар ва образнок намуда, ба шунаванда фаҳмо месозанд. Чунин хумлаҳо такмилдиҳандаю ҷилодиҳандаи маънои бадеӣ маҳсуб мешаванд. Ҷумлаҳои фразеологӣ чун ҳамаи хелҳои дигари воҳидҳои фразеологӣ дар қолабҳои таркибии рехта маъноҳои яклухтро ифода мекунанд, яъне аз ҷиҳати ифодаи маъно ҷумлаҳои фразеологӣ ба гурӯҳҳои дигари фразеологӣ монандӣ доранд. Ин қабил

ҷумлаҳо дар лаҳҷаҳои номбурда аз нигоҳи миқдор нисбат ба ибораҳои фразеологӣ кам бошанд ҳам, истеъмоли онҳо дар гуфтори соҳибони лаҳҷа хеле фаровон ба назар мерасанд. Онҳо ҳамчун воҳиди фразеологӣ дар қолабҳои гуногун сохта шуда, маъноҳои яклухту бутунро ифода менамоянд. Аз ин рӯ, ҷумлаҳои фразеологиро аз ҷиҳати дар бар гирифтани маъно ба навъҳои зерин тасниф намудан мувофиқи мақсад аст:

1.Баъзан ҷумлаҳои фразеологӣ ҳангоми муошират як мафҳумро ифода менамоянд. Чунончи, ҷумлаҳои фразеологии "**димоғи касе сӯхт** ба маънои хафа шудан, **"чашми касе бехо тофт"** ба маънои бадният будан; "**афтови сари ку шудан"** ба маънои пирӣ, барҷомондагӣ; **"дар алов ов рехтан"** ба маънии "барангезонидани касе ба муқобили шахси дигар"; **раи кор баста шидан** (ноомади кор), **ба дъсти чап хестан** "(барор нагирифтани кор,), **"ай ов қоқ бъруман** (бегуноҳии касе исбот шудан), **хъдмурда шидан** (харобу лоғар шудан), **қасам хӯрдан** (қавл додан), **қасам шъкастан (**вафо накардан ба аҳд). **руйи дига гаштан** (ранхидан**), зъмина песундан** (хомӯш мондан, даҳон накушодан), **бачаи чор кас медидагӣ** (бачаи қобил, бачае, ки аз уҳдаи ҳамаи кор мебарояд) ва монанди инҳо.

2. Гурӯҳи дигари ҷумлаҳои фразеологӣ хусусияти коммуникативӣ дошта, дар онҳо интонатсияи анҷомёфтаро мушоҳида менамоем. Ин хусусияти хабарӣ доштани ҷумлаҳои фразеологӣ дар муошират дар алоқамандии онҳо бо ҷумлаҳои дигар зоҳир мегардад. Онҳо дар нутқи соҳибони лаҳҷа монанди ҷумлаҳои одии наҳвӣ фикру интонатсияи баохиррасидаро ифода карда, ба категорияҳои хабар, модалият ва унсурҳои дигари ҷумла соҳиб мешаванд. Ҳоло якчанд ҷумлаи фразеологиро аз назар мегузаронем, ки дар худ хусусияти хабаррасониро нигоҳ доштаанд: **тайи чъшм кадан** (касеро наззора кардан), **дарди сари касе шидан** (касеро ранх додан), **хангу ханхол-а ховундан** (тарафҳои муқобилро ба сулҳу якдигарфаҳмӣ даъват намудан), **гапи калун задан** (худро аз ҳама боақл нишон додан), **шарми рӯ набундан** (одаме, ки на шарм мекунаду на изо мекашад), **ранги пусти пиёз тънък будан** (киноя ба одаме, ки тез дар қаҳр меояд, оташ мегирад), **курсира холӣ кадан** (аз вазифа рафтан), **қадам канда нашидан** (ба як хо бисёр равуо кардан), **ба по рост шидан** (давлатманд шудан), **зиндагира дарёв кадан// зиндагира бақап кадан** (муродифи "ба по рост шидан,"), **хандара ниго дошта натунистан** (аз ҳад зиёд хушҳол будан), **ранг бурданъ ранг овардан** (сахт тарсидан; ногаҳон бемор шудан), **дъстъ по съст шидан** (муродифи "ранг бурданъ ранг овардан) ва ғайраҳо.

3. Дар лаҳҷаи мазкур баъзе ҷумлаҳои фразеологии хабарӣ вомехӯранд, ки хабари онҳо танҳо дар шакли инкор меоянд, вале ин ҷумлаҳо маънои мусбатро ифода менамоянд: **пашшара озор надодан, аз касе сари тарс надоштан** (аз ҳеҷ кас наметарсид), **чъшъм напаридан** (нисбат ба воқеаву ҳодисаҳо бепарво будан), **ай дънё яг коса ов нахурдан** (ишора ба касе ин дунёро дар хавонияш тарк гуфт), **илоҳи, дар по-т хор назана** (сиҳату саломат бошӣ), **касеро чъшми дидан надоштан** (касеро аз хад зиёд бад дидан), **қадам канда нашидан** (хонаи касеро охурча кардан), **хандара гъръфта натунистан** (ниҳоят хушҳол шудан), **хъши кор кадан надоштан** (ишора ба одами танбалу ноуҳдабаро), **хуни гарм надоштан** (ишора ба одами камқуввату беҳавсала), **қуввати хъфазани надоштан** (ишора ба одами лоғару касалманд), **шарми ру набундан** (аз ҳеҷ кас шарм накардан), **дасти кама надидан** (ба тангдастӣ мувохеҳ нашудан, ҳама вақт бою бадавлат мондан) ва монанди инҳо.

Як хусусияти барҷастаи чунин ҷумлаҳои фразеологӣ дар он аст, ки онҳо маъноҳоеро ифода менамоянд, ки онҳоро аз калимаҳои дохили ҷумла дарк кардан мумкин нест.

4.Як гурӯҳи ҷумлаҳои дигаре дар ин лаҳҷа вомехӯранд, ки ягон маънии мушаххасро ифода накарда, танҳо ба нутқ тобишҳои гуногуни маъноӣ-модалӣ мебахшанд. Инчунин, ҷумлаҳои номбурда аз обуранги бадеӣ ва образнокии сухан маҳруманд. Чунин ибора ва ҷумлаҳо дар ягон шакли тасрифӣ шах шуда мондаанд ва як навъ дуои неку бади одамонро нисбат ба одамони дигар дар сари ҳар қадам ифода мекунанд: к**алтавъ кутаи гап, ру-т лаҳча, ру-т сия (муродифи "рут лаҳча"), хъдо хоҳад, хъдо бъгират, ру-т дар таи хок, аз пайъш нагард, гуфти у мардак, кънда бодът бъхра, афтът дар гур (бърава), нун бъзанам, ки..., бало ай пасъш, хъдо-подшоҳ, ай хъдо бъгардъм, хъдо курът къна**, **қанд-та бъзан, шалпар нашавед, саломат бошед, хъдо баракатът бъта, баракат шава** ва ғайра.

Ҷумлаҳои фразеологӣ дар шакли муҷаррад, берун аз матн ифодакунандаи мафҳумҳои алоҳида мебошанду бас. Ҳамин ки ин гуна воҳидҳои фразеологӣ дар матни муайян, дар алоқамандӣ бо ҷумлаҳои дигар ба кор бурда шуданд, таркиби як андоза мураккаби онҳо гӯё барқарор мешавад. Дар ин маврид ҷумлаи фразеологӣ на фақат аз ҷиҳати сохт, балки аз рӯйи ифодаи фикри том ва оҳангу интонатсия низ аз ҷумлаҳои дигари матн фарқ мекунад. Азбаски вазифаи асосии ҷумлаҳои фразеологӣ яклухт ифода кардани маъно аст, чун як воҳиди алоҳидаи фразеологӣ дар забон эътироф карда мешавад ва аз рӯйи он ки дар онҳо тобишҳои гуногуни модалӣ таҷассум меёбад, онҳоро ба қисматҳои алоҳидаи семантикӣ ҷудо кардан ҷоиз аст: **Хоки по-тон шавъм, зинда дар гур**

шавам, рутъ сийа хъдо бъзанат, илоҳим тъхъм-ът намуна, хъдо бъгир-ат, Ба алво гуфтан даҳан шърин намешава, Яг дъст садо надора. Вақти мева пъхтан гӯши боғун (боғбон) кар мешава. Бори ках ба манзил намераса. Гушта ай астоғун худо карда намешава ва монанди инҳо. Чунин ҷумлаҳо дорои семантикаи яклухт буда, тобишҳои шартӣ-хоҳишмандӣ, модалӣ-субъективӣ ва объективии гӯяндаро, ки дар шакли замони ҳозира-ояндаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ (аорист) устувор шуда мондаанд, ифода менамоянд.

Ихтисораҳо: Анҷ-Анҷиров; Т-Тагнов; Р-Роғ; С.М- Саримағзор; Й-Йол; С.Н.-Саринамак; Н-Новачун; Ҳам.-Ҳамадонӣ; Ф- Фархор; ҷ.К.-ҷанубии Кӯлоб; Ш-Шӯрообод; П.-Порвор; Д-Ҷ – Даштиҷум; Паш. – Пашадара; Ш.қ - шимоли Кӯлоб.

А Д А Б И Ё Т

1. Бачаев М. Фразеологияи забони тоҷикӣ дар асарҳои тарҷумавӣ / М. Бачаев // Тарҷума - балоғати сухан. - Душанбе, 2005. - Ҷ.2. - С.184-190.
2. В.В. Виноградов. Избранные труди. (лексикология и лексикография). – Москва, 1977. - С.140-162.
3. Жуков В.П. Русская фразеология / В.П. Жуков. - М.: Высш.шк., 1986. - 310 с.
4. Қодиров Д.С. Структурно – грамматическая характеристика диалектной фразеологии. (на материале дарвозного говора таджикского языка) АКД / Д.С. Қодиров. - Душанбе, 2007. - 21 с.
5. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. - Душанбе, 2011. - 385 с.
6. Маджидов Х. Лексико-семантических особенности глоголных фразеологических единиц современного таджикского литературного языка: автореф. дисс… док… фил. наук / Х.Маджидов. - Душанбе, 1998. - 27 с.
7. Саидов Р. Воҳидҳои фразеологӣ дар назми халқӣ. Қ. 2. / Р. Саидов. – Душанбе, 1992. – 134 с.
8. Ҷалилов Ҳ. Дар бораи воҳидҳои фразеологӣ ва вазифаи синтаксии онҳо / Ҳ. Ҷалилов. - Душанбе: Ирфон, 1976. - С.69-71.
9. Шанский Н.М. Очерки по русскому фразеологию / Н.М. Шанский. - М.: Изд-во МГУ, 1968. - 312 с.

ҶУМЛАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ҶАНУБУ ШАРҚИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ

Дар ин мақола перомуни ҷумлаҳои фразеологӣ, сохт таркиб, маъно ва тобишҳои маъноии онҳо сухан меравад. Маъноҳое, ки аз ҷумлаи фразеологӣ бармеоянд, хусусияти хабаррасонӣ дошта, дар ҷараёни нутқ алоқамандона ба воҳидҳои дигари матн мепайванданд. Таҳлили ҷумлаҳои фразеологӣ аз ҷиҳати сохту таркиб ва тафовутгузорӣ дар байни ҷумлаҳои фразеологӣ ва ҷумлаҳои озоди наҳвӣ дуруст ба роҳ монда шудааст. Дар мақола омадааст, ки ҷумлаҳои фразеологӣ ҳамон воҳидҳои фразеологианд, ки шаклан ба ҷумлаҳои одии синтаксисӣ наздик буда, мувофиқи ифодаи маъноянашон аз онҳо фарқ менамоянд. Тафовути онҳо, пеш аз ҳама, маънои маҷозӣ касб намудан, хусусиятҳои рехтаву маъмул доштан, ҳамчун воҳидҳои дорои тобишҳои ҳиссӣ-муассирии нутқ, хусусияти умумиистеъмолӣ пайдо намудан, аз семантикаи яклухти онҳо пайдо мегардад. Дар ҷумлаҳои фразеологӣ интонатсияи анҷомёфтаро мушоҳида менамоем. Ин хусусияти ҷумлаҳои фразеологӣ дар алоқамандии онҳо бо ҷумлаҳои дигар зоҳир мегардад. Онҳо дар нутқи соҳибони лаҳҷа монанди ҷумлаҳои одии наҳвӣ фикру интонатсияи баохиррасидаро ифода карда, ба категорияҳои хабар, модалият ва унсурҳои дигари ҷумла соҳиб мешаванд.

Калидвожаҳо: ҷумлаҳои фразеологӣ, сохт, таркиб, тобишҳои маъноӣ, воҳидҳои фразеологӣ, маънои маҷозӣ, интонатсияи анҷомёфта, хабаррасонӣ.

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ПРЕДЛОЖЕНИЯ В ВОСТОЧНЫХ И ЮЖНЫХ ГОВОРАХ КУЛЯБСКОГО РЕГИОНА

В данной статье речь идет о фразеологических предложениях, их структуре, составе, значении и смысловых оттенках. Значения, которые исходят из фразеологического предложения, имеют оповещательный характер и в процессе речи связываются с другими единицами текста. Проведен анализ фразеологических предложений с точки зрения структуры и строя и различия среди фразеологических предложений и свободных синтаксических предложений. В статье констатируется, что фразеологические предложения это те фразеологические единицы, которые по форме близки к простым синтаксическим предложениям, и в соответствии с выражением их значения различаются от них. Их различие в основном состоит из приобретения метафорического значения, наличия фразелогических и употребительных слов, как единицы имеющей чувственно-воздействующий оттенок речи, приобретают общеупотребительные свойства, что исходит из их обобщенной семантики. В фразеологических предложениях мы наблюдаем завершенную интонацию. Это свойство фразеологических предложений в из взаимосвязи с другими предложениями. Они в речи обладателей говора как простые синтаксические предложения выражают завершенную мысль и интонацию и приобретают категории подлежащего, модальности и других элементов предложения.

Ключевые слова: фразеологические предложения, структура, состав, смысловые оттенки, фразеологические единицы, метафорические значения, законченная интонация, оповещение.

PHRASEOLOGICAL PROPOSALS IN THE EAST AND SOUTH TALKS OF THE KULYAB REGION

This article deals with phraseological sentences, their structure, composition, meaning and semantic shades. Values that come from a phraseological sentence are of an alert nature and are associated with other text units in the process of speech. The analysis of phraseological sentences in terms of structure and structure and differences among phraseological sentences and free syntactic sentences is carried out. The article states that the phraseological sentences are those phraseological units that are close in form to simple syntactic sentences, and, according to the expression, their meanings differ from them. Their distinction mainly consists of the acquisition of metaphorical meaning, the presence of phraseological and common words, as units that have a sensually influential tone of speech, acquire common properties, which comes from their generalized semantics. In the phraseological sentences we observe the complete intonation. This is a property of phraseological sentences in out of relationship with other sentences. They are in the speech of the owners of the dialect as simple syntactic sentences express the complete thought and intonation and acquire the categories of subject, modality and other elements of the sentence.

Key words: phraseological sentences, structure, composition, semantic shades, phraseological units, metaphorical meanings, complete intonation, warning.

Сведения об авторе: ***Гадоев Нурхон*** – Таджикский государственный педагогический университет им.С.Айни, кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и практики языкознания. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Рудаки 121. Тел.: **(+992) 985-38-00-54**

Information about the author: ***Gadoyev Nurkhon*** - Tajik State Pedagogical University named after S.Aini, candidate of philological studies, associate professor of the theory and practice of linguistics department. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,. Rudaki ul., 121. Tel.: **(+992) 985-38-00-54**

УДК: 491.550+34 (575.3)

ХУСУСИЯТҲОИ МАЪНОИИ ИСТИЛОҲОТИ МАЪМУРИЮ КОРГУЗОРӢ

Давлатов И.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Фонди луғавии ҳар як забони миллӣ аз системаи мураккабе иборат буда, дар баробари луғати умумихалқӣ лексикаи махсусро низ дар бар мегирад. Ин қабати лексикӣ бештар дар сухан ва муносибатҳои коммуникатсионии шахсоне ба кор бурда мешавад, ки дар ин ё он соҳаи илму техника, адабиёту фарҳанг ва истеҳсолот ба фаъолияти касбӣ машғул мебошанд. Ба ибораи дигар, лексикаи махсус як қисми вожаҳои забони миллӣ мебошад, ки аз ҷиҳати истеъмол, пеш аз ҳама, ба забони муошират ва муносибатҳои коммуникатсионии одамони дорои як касбу кор ё касбу кори ба ҳам наздик тааллуқ дорад [8, с. 54].

Вожаҳои коргузории расмӣ маҷмӯи калимаҳои расмии давлатдориро ташкил медиҳанд. Чунин калимаҳо мафҳумҳои муҳими сиёсию давлатиеро ифода мекунанд, ки онҳо дар мураттаб сохтани на фақат ҳуҷҷатҳои олии давлатӣ, хамчунин дар танзими ҳуҷҷатҳои ифодагари муносибатҳои байналхалқӣ истифода бурда мешаванд [7, с.144-146].

Истилоҳоти маъмурию коргузориро вобаста ба соҳаи истеъмолашон боз метавон ба чанд гурӯҳ ҷудо намуд.

І. Номи санаду ҳуҷҷатҳо. Санад вожаи арабӣ буда, дар луғати арабӣ-русӣ ба маънои «такягоҳ, пуштибон; танба, тиргак; нишебӣ, ёна; дастхат, забонхат; ҳуҷҷат; вексел» зикр шудааст [2, с.377]. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин маъниҳои ин вожа зикр гардидаанд: «1. дастхате, ки қарз ё уҳдадории касеро таъкид мекунад, ҳуҷҷат: 2. далел, бурҳон» [10, с.187]. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» **санад** ҳамчун «ҳуҷҷат, далели навишта барои исботи даъво ё муддаое; ҳуҷҷат, далел» оварда мешавад [12, с.201]. Дар забони адабии муосири тоҷикӣ вожаи **санад** ҳамчун истилоҳи маъмурию коргузорӣ дорои маънои мушаххас мебошад. Он ба маънои истилоҳи маъмурию коргузории **«акт»**-и забони русӣ ба кор бурда мешавад. **Санад** ҳуҷҷате мебошад, ки ба воситаи он ягон амалиёт ё кори иҷрокардашуда тасдиқ карда мешавад. Ин ҳуҷҷатро ҳайате аз шаҳрвандон, ходимони муассиса ё корхона таҳия карда бо имзоҳояшон тасдиқ менамоянд. Баъзан як шахс низ метавонад ба танҳоӣ санад таҳия намуда воқеаи рӯйдодаро сабт намояд. Аз тарафи комиссияи босалоҳият маҳсулоти нав, ихтироот, бинои маъмурӣ ё истиқоматӣ санҷида шуда, санад таҳия карда мешавад. Баъзан дар корхонаву муассисаҳо барои аз ҳисоб баровардани молу амвол ва асбобу анҷоми куҳнаву фарсудашуда комиссия ташкил карда мешавад. Ҳайати комиссия баъд аз дида баромадани ашёи корхона санад тартиб медиҳад ва дар охири он аъзои комиссия имзо мегузоранд. Роҳбарияти корхона дар асоси санади тартибдодашуда дастур, фармоиш ё қарор содир менамояд.

Вожаи **ариза** аз феъли арабӣ гирифта шудааст. Феъли мазкур дар забони арабӣ сермаъно буда, ба маъноҳои «1. рӯй додан, воқеъ шудан, ба вуқӯъ пайвастан; 2. пешниҳод кардан, нишон додан, дарҷ кардан; арз кардан; 3. нишон додан, баровардан, ба намоиш гузоштан» корбаст мешавад [2, с.508]. Калимаи **ариза** бошад, дар луғати арабӣ-русӣ «талабнома, илтимоснома, ариза, изҳор, изҳорот, баён, маълумот; арзномаи дастаҷамъӣ, илтимосномаи дастаҷамъӣ» шарҳ ёфтааст [2, с.509]. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҳамчун «номаи хоҳишу илтимос, номаи шикоят, дархост» ҷой дода шудааст [9, с.84].

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» бошад, «1. номаи хоҳиш ва илтимос доир ба ягон кор ё аҳволи худ, ки ба касони масъули дахлдор ё ба номи идораҳо навишта мешавад, арзи ҳол, номаи баёни ҳол; 2. арз, хоҳиш, илтимос, шикоятнома» маънидод гардидааст [11, с.77].

Ҳамчун истилоҳи маъмурию коргузорӣ **ариза** номаи хоҳишу илтимос, номаи шикояту дархост мебошад. Дар коргузориву ҳуҷҷатнигорӣ ариза барои ба кор даромадан, аз кор рафтан, дар ҳолати ба рухсатӣ баромадан ва ғайра навишта мешавад. Яъне, ариза санадест, ки дар он хоҳишу илтимос, шикоят, дархост ва хабари расмӣ ба мақомоти

дахлдор навишта мешавад. Агар ариза дархосту хоҳиши шахсро ифода кунад, аз тарафи як нафар ва агар аризаи шикоятӣ ё дархости дастаҷамъӣ бошад, аз ҷониби якчанд нафар навишта мешавад.

Баёнот-изҳороти хаттии шахсе, ки боиси ба вуҷуд омадани ин ё он амали ғайриодӣ мегардад. Баёнот шакли ҷамъи **баён** мебошад. **Баён** масдар ё исми амали феъли аҷвафи арабӣ аст. Феъли овардашуда маънои «возеҳ будан, возеҳ шудан, ошкор шудан, намудор шудан, зоҳир шудан, ошкор гардидан»-ро дорад [1, с.96]. **Баён** бошад вожаи ниҳоят сермаъност. Дар фарҳанги арабӣ-русӣ 9 маънои ин калима зикр гардидааст: «1. равшанӣ, возеҳӣ, аниқӣ, муайянӣ; ошкорӣ, яқинӣ; 2. баён кардан(и), эзоҳ додан(и), шарҳ додан(и), тавзеҳ додан(и) баён, эзоҳ, шарҳ, тавзеҳ; 3. хабар, маълумот, эълон; 4. изҳорот, эъломия, баёнот; 5. муроҷиатнома, баёния, хитоба, манифест; 6. ҳусни баён, ҳусни сухан; 7. хабар, огоҳӣ, нома, маълумотнома; маърӯза, гузориш; 8. барнома; 9. рӯйхат, номгӯй [2, с.96]».

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи **баён** ҳамчун «1. зоҳир кардани чизе, кушода гуфтани он чӣ дар дил аст, изҳор; 2. сухани фасеҳ, ифодаи равшан» омадааст [9, с.121].

Ҳамрешаи калимаҳои зикршуда **баёния** низ вожаи арабӣ буда, ҳамчун истилоҳи маъмурию коргузорӣ ба маънои «1. иттилоотия, навишта ва хабари расмӣ аз тарафи созмоне, идорае ё шахси масъуле дар истеъмол аст [11, с.119]. Дар забони тоҷикӣ аз исми **баён** бо феълҳои ёридиҳандаи **кардан** ва **намудан** феъли таркибии номии **баён кардан (намудан)** сохта мешавад, ки маънои «изҳор кардан, гуфтан; нақл кардан»-ро дорад [11, с.119].

Дархост калимаи аслии тоҷикӣ мебошад. Маънои он «хоҳиш, талаб илтимос; пурсуҷӯ ва талаби масъулият ба хотири иҷро шудани амале» [9, с.335] «хоҳиши хаттӣ бо тақозои чизе, номаи расмӣ бо талаби чизе» мебошад. Дар соҳаи маъмурию коргузорӣ **дархост** санаде мебошад, ки ба унвони мақоми расмии муассиса ё корхона навишта шуда, дар он ягон эҳтиёҷ зикр карда мешавад. Дар он баъди зикри вазифа ва ному насаби роҳбари корхона ё муассиса (аз гӯшаи чапи варақ) номи санад (аз мобайни варақ) ва баъдан матн оварда мешавад. Дар поёни матни дархост таърихи рӯз, ному насаб ва имзои дархостқунанда оварда мешавад [13, с.35-87; 4, с.22].

Забонхат калима (исм)-и мураккаб буда, бо навъи тобеи калимасозӣ калимаҳои аслии тоҷикии **забон** ва вожаи арабии **хат** сохта шудааст [5, с.153-165]. Дар луғат ба маънои «санаде, ки касе дар он чизеро ба зимма гирифтааст» ҷой дорад. Ҳамчун истилоҳи коргузории расмӣ **забонхат** санадеро ифода мекунад, ки ба воситаи он гирифтани маблағ, миқдори муайяни мол ё чизи дигар тасдиқ карда мешавад. Забонхат дар шакли дастнавис дар як нусха таҳия мешавад. Дар он миқдори маблағ, мол ё ашёи гирифташуда аввал бо рақам ва баъдан дар қавсайн бо ҳарф навишта мешавад [13, с.47-48].

Эълон исми амал ё масдари феъли навъи чоруми арабӣ мебошад. Дар қомуси арабӣ-русӣ ба маънои «1. интишор кардани чизе; эълон кардани чизе, интишора; 2. эълон, огоҳинома, хабарнома; 3. эълоннома, плакат» омадааст [2, с.535]. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои «ифшо, изҳор, огоҳӣ; хабар кардан, ошкор кардан» [10, с.616], дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» бошад ба маънои «1. ошкор кардан; 2. огаҳӣ, хабардиҳӣ, маълумгардонӣ; эълон кардан, хабар додан, маълум гардонидан; 3. эълоннома, реклама» оварда шудааст. Дар услуби маъмурию коргузории забон **эълон** санаде мебошад, ки дар он роҷеъ ба чорабинӣ, рӯйдод ё иқдоме пешакӣ хабар дода мешавад. Дар он баъди зикри номи санад аз мобайни сатри варақ таърихи рӯз соат ва маҳалли баргузорӣ ва номи чорабинии доиршаванда, ҳамчунин кумитаи тадорукоти чорабинӣ зикр карда мешавад [13, с.87; 4, с.33].

Барқия вожаи арабӣ буда, нома ё мактуби таъҷилиест, ки ба унвони касе ё ба ҷое фиристода мешавад [11, с.141]. Барқия ҳуҷҷатест, ки ба воситаи телеграф барои ба зудӣ расонидани хабаре ирсол карда мешавад. Дар идораи телеграф бо услуби ба худаш хос дар варақа (бланка)-и махсус навишта мешавад. Он ду навъ мешавад: муқаррарӣ ва фаврӣ. Барқияи фаврӣ назар ба барқияи муқаррарӣ ба ҷойи таъйиншуда зудтар рафта мерасад ва арзишаш аз барқияи муқаррарӣ зиёдтар аст. Кӯтоҳ ва мухтасар баён кардани ҳадаф аз хусусиятҳои муҳимми барқия мебошад. Дар он ҳатто аломатҳои китобат навишта намешаванд, ки ин ҳам барои сарфа кардани маблағ ва ҳам барои осон кардани кори ходими телеграф мебошад. Дар шароити кунунӣ барқияро ба воситаи почтаи электронӣ ё ба воситаи дастгоҳи факс низ равон кардан мумкин аст. Ин имкон медиҳад, ки иттилои зарурӣ дар лаҳзаи кӯтоҳи вақт ба ҷойи зарурӣ рафта расад [13, с.34-35].

Сафархат калима (исм)-и мураккаби тобеъ буда, аз вожаҳои арабии **сафар** ва **хат** сохта шудааст. Ҳуҷҷатест, ки барои сафари хориҷа ё сафари расмӣ ба корманд дода мешавад [12, с.222].

Вожаи сохтаи **сафария** бошад, аз калимаи арабии сафар бо пасванди **-ия** таркиб ёфтааст. Он санадест, ки ба коргар ё корманд ҳангоми сафар барои анҷом додани вазифае ба муассиса ё ташкилоти дигар дода мешавад. Он гувоҳномаест, ки коргар ё кормандро

расман ба маъмурияти маҳалли мақсад шинос менамояд. Дар **сафария** зикри маҳалли мақсуд ва таърихи рафту омад ҳатмист [13, с. 52].

Вожаи **нома** калимаи аслии тоҷикӣ буда, сермаъност. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба чунин маъноҳо зикр шудааст: «1. хат, мактуб, навишта, руқъа; 2. фармон, амри хаттӣ, ҳукми хаттӣ; 3. асар, китоб; 4. рӯйхат, феҳрист» [9, с. 867]. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» бошад, дар баробари зикри ду маънои дар боло ёдшуда «навиштае, ки ба касе ё ба ҷойе мефиристонанд» маънидод гардидааст [11, с. 930].

Дар забони тоҷикӣ як идда истилоҳоти мураккаби коргузории расмӣ бо калимаи **нома** сохта шуда, номи санаду ҳуҷҷатҳои мухталифро ифода менамоянд. Шарҳи баъзеи ин истилоҳотро, ки дар ҳуҷҷатгузории муосир ба кор бурда мешаванд, зарур медонем.

Маълумотнома санадест, ки дар он роҷеъ ба фаъолияти шахс, вазъу ҳолати дар зиндагӣ рӯйдода, доир ба фаъолияти меҳнатӣ, таъмини нафақа, миқдори музди меҳнат, даромад, собиқаи кор, вазъи саломатӣ, дар бораи таҳсил дар таълимгоҳ, роҷеъ ба масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, ҷойи истиқомат, ҳайати оила, масоҳати манзил ва ғайра маълумот дода мешавад. Далелҳое, ки дар маълумотнома дарҷ карда мешаванд, бояд дақиқу асоснок ва пурра бошанд. Маълумотнома бо муҳри муассисае, ки онро пешниҳод кардааст, тасдиқ карда мешавад [13, с. 54-57].

Тасдиқнома санадест, ки далелеро тасдиқ мекунад ва ё мавҷудияти чунин далелро инкор менамояд. Тасдиқнома аз рӯйи талабу дархости як муассиса ба муассисаи дигар фиристода мешавад. Масалан, барои донишҷӯе, ки синнаш ба хизмати ҳарбӣ мувофиқ аст, тасдиқнома талаб карда мешавад. Дар матни тасдиқнома хулосаву пешниҳод зикр намешавад. Дар он танҳо матлаб оварда мешаваду халос [13, с. 29-30].

Созишнома дар луғат ба маънои «ҳуҷҷат дар бораи созиш дар масъалае» зикр шудааст [12, с. 257].

Зоднома «ҳуҷҷатест, ки ба кӯдаки навзод дода мешавад ва шахсияти ӯро то гирифтани шиноснома муайян мекунад, шаҳодатномаи таваллуд». Дар бораи **зоднома** ҳаминро илова карданием, ки вожаи зебои тоҷикӣ мебошад. Ҳарчанд ҳуҷҷате, ки имрӯз ба кӯдаки навзод барои муайян кардани шахсияти ӯ аз тарафи мақомоти Сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад, расман **«Шаҳодатномаи таваллуд»** ном дорад, вале дар гуфтору навишти зиёиёни имрӯзаи тоҷик бештар вожаи **зоднома** дар истеъмол аст. Хуб мешуд номи ҳуҷҷат низ расман **«Зоднома»** шавад, зеро **«Шаҳодатномаи таваллуд»** тарҷумаи таҳтуллафзии **«Свидетельство о рождении»**-и русӣ мебошад. **Зоднома** бошад, мувофиқи меъёрҳои калимасозии забони тоҷикӣ сохта шудааст.

Васиятнома. Вожаи арабии **васият** «панду насиҳат ва супоришҳои шахсе, ки наздик ба мурдан аст; орзу ва хоҳишҳои шахси наздик ба марг» мебошад [9, с. 227].

Савганднома ба маънои «қасамнома, аҳдномаи бо қасам таъкидшуда» мебошад [10, с. 168]. Ин вожа ҳам аз захираи истилоҳоти маъмурию коргузорӣ ба ҳисоб меравад. Дар забони имрӯза онро ба маънои «матни савганд» ба кор бурдан мумкин аст. Масалан, **савгандномаи сарбозон** ба маънои «матни савганди низомӣ», савгандномаи табибон «матни савганди табибон», **савгандномаи президент** «матни савганди президент, ки қабл аз шурӯъ кардан ба иҷрои вазифа ба забон меорад» ва ғайра.

Сулҳнома маънои «аҳду паймони сулҳу оштӣ, қарордоди сулҳ»-ро дорад. Дар матн онро дар баробари **қарордоди сулҳ, созишномаи сулҳ** ба хотири гурез аз такрори ноҷо истифода бурдан мумкин аст, вале **сулҳнома** нисбат ба **қарордоди сулҳ** ё **созишномаи сулҳ** ихчамтар ва фишурдатар мебошад.

Эълоннома. Ин вожа дар баробари **эълон** дар забони тоҷикӣ корбаст мешавад, ки маънои «хабарнома, огоҳинома, варақае, ки дар он эълон навишта шудааст»-ро дорад [10, с. 616; 12, с. 675].

Ифтихорнома «ҳуҷҷати хаттиест, ки ҳамчун як навъи мукофот барои хизматҳои махсус ба шаҳрвандон, корхонаҳо ва созмонҳо дода мешавад [11, с. 566]». Ин вожа ҳам дар системаи истилоҳоти маъмурию коргузории забони тоҷикӣ собиқаи тӯлонӣ надорад. Ба воситаи он ибораистилоҳи **«почетная грамота»**-и забони русӣ ифода карда мешавад. Қаблан дар замони шӯравӣ «почетная грамота»-ро таҳтуллафзӣ «грамотаи фахрӣ» [6, 188], тарҷума карда буданд, ки ба рӯҳу табиати забони тоҷикӣ бегона буд. Вожаи **ифтихорнома** мувофиқи қонуну қоидаҳои калимасозии забони тоҷикӣ офарида шудааст ва ба воситаи он мафҳуми аслӣ хеле дақиқ ифода карда мешавад.

II. Гурӯҳи дигари истилоҳоти маъмурию коргузориро вожаҳое ташкил медиҳанд, ки дар нома ва номанигорӣ ба кор бурда мешаванд. Ин гуна вожаҳоро калимаҳои муросилотӣ низ меноманд. Ин гуна калимаҳо аз қадимулайём дар таркиби забони хаттии форсии тоҷикӣ мавқеи махсус доштанд ва имрӯз ҳам аз чунин мавқеъ барҳӯрдоранд. Баръакси дигар истилоҳоти маъмурию коргузорӣ аксар вожаҳои муросилоти тобишу ҷилоҳои эҳтиром ва лутфу марҳаматро нисбат ба шахсе, ки нома ба ӯ нигаронида мешавад, ифода мекунанд. Бархе аз ин гуна вожаҳоро дида мебароем.

Аълоҳазрат маънои «олиҷаноб, ҷаноби олӣ»-ро дорад. Ин калима ифодакунандаи ҳисси эҳтиром аст, ки пеш аз ба забон овардани номи одамони бузург, махсусан подшоҳон гуфта мешавад [9, с.110: 11, с.105].

Улёҳазрат шакли муаннас ё ҷинси занонаи **аълоҳазрат** мебошад. Нисбат ба занони олимақому олимартаба ба кор бурда мешавад. Дар гузашта ҳамчун унвони малика ва занони шоҳ дар истеъмол буд [12, с.366].

Ҷалолатмаоб ба маънои «ҷаноб, ҳазрат» истеъмол гардида, нисбат ба шахсони воломақом, шоҳону роҳбарон ба кор бурда мешавад [12, с.579].

Арҷманд маънои «1. соҳибэҳтиром, боқадру қимат, боиззат, гиромӣ, соҳибқадр, иззатманд, азизу муҳтарам; 2. сазовор, лоиқ, муносиб; пурқимат, гаронбаҳо»-ро дорад [9, с.88-89: 11, с.71]. Дар номанигорӣ ҳангоми муроҷиат ба шахсони соҳибэҳтиром ё нисбат ба шахсони наздик ба кор бурда мешавад.

Валинеъмат маънои «одами олиҳиммат, сахӣ, соҳибэҳсон, мураббӣ, неъматдиҳанда, хӯҷаин; олиҳиммат, тарбиятгар, сарпараст»-ро дорад [9, с.223; 11, с.263]. Ҳамчун унвони эҳтиромии падар ёд мешавад.

Муаззам «азим ва бузург шумурдашуда, бузург донисташуда, касе, ки ӯро бузург мешуморанд, бузург» мебошад [9, с.707; 11, с.821]. Ҳамчун сифат нисбат ба падар ё нисбат ба шахсе, ки аз эҳтирому обрӯйи зиёд бархӯрдор аст, ба кор бурда мешавад. Ба монанди **падари муаззам, қиблагоҳи муаззам.**

Мукаррама муаннас ё шакли ҷинси занонаи **мукаррам** мебошад. Маъноаш «киромидошта, азизу муҳтарам» аст [9, с.723]. Одатан нисбат ба модар истифода мешавад: **модари мукаррама, волидаи мукаррама.**

Умуман, ҳаминро қайд карданием, ки калимаю вожаҳои муросилотӣ, ки саршори лутфу марҳамат мебошанд хеле зиёданд. Ин вожаҳо дар гузашта хеле зиёд истифода мешуданд ва имрӯз ҳам дар муросилоти ирсолшаванда то андозае корбаст мешаванд.

III. Як қисми муҳимми истилоҳоти маъмурию коргузориро вожаҳое ташкил медиҳанд, ки дар соҳаи сиёсӣ ва дипломатӣ ба кор бурда мешаванд. Бояд гуфт, ки дар давоми қариб сад сол ин қабати лексикии забони тоҷикӣ аз инкишоф боз монда буд, вале дар охири асри гузашта ба шарофати соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба роҳ мондани муносибатҳои сиёсию дипломатӣ бо давлатҳои мухталифи ҷаҳон ва густариши ҳамкориҳо бо созмону ташкилотҳои гуногуни байналхалқию минтақавӣ ин қабати лексикии забони тоҷикӣ аз нав рӯ ба инкишоф овард. Айни замон вожаҳои сиёсиву дипломатӣ дар забони тоҷикӣ дар ҳоли ташаккул қарор доранд. Инак, бархе аз ин гуна вожаҳоро дида мебароем:

а) бархе аз ин гуна вожаҳо номи мансабу мақомҳои давлатию ҳукуматӣ ва соҳавиро ташкил медиҳанд:

Пешво. Вожаи аслии тоҷикӣ мебошад. Ба маънои «роҳнамо, сардор, муршод, роҳбари бузург» меояд [11, с.92]. Муродифи арабии ин калима **доҳӣ** ва муродифи русию аврупоиаш **лидер** мебошад. Дар забони тоҷикӣ қаблан ҳамчун вожаи маъмулӣ вуҷуд дошт. Аз 9-уми декабри соли 2015 баъди аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – пешвои миллат» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон расман **Пешвои миллат** номида шуд. Яъне, **Пешвои миллат** дар байни истилоҳоти маъмурию коргузории забони тоҷикӣ навтарин мебошад.

Сарвазир ба маънои «сардори вазирон, вазири аввал» меояд; дар баъзе давлатҳои имрӯзаи ҷаҳон «сардори ҳукумат, сардори ҳайати вазирон»-ро чунин меноманд [12, с.210]. Дар кишварҳои ҳамзабони Эрону Афғонистон бо истилоҳи **нахуствазир** ва **садри аъзам** низ ном бурда мешавад.

Роҳбар // Раҳбар. Ин вожаи аслии тоҷикӣ буда, маъноаш «роҳнамо, касе, ки роҳ нишон медиҳад, ҳидояткунанда, ҳодӣ, роҳнамун; он ки роҳ нишон медиҳад, он ки касонро дар роҳе ҳидоят мекунад, роҳнамо; сардор; мудир, роҳбари идора». Дар кишвари мо мансабдорони сатҳҳои гуногунро роҳбар меноманд. Ин вожа бо муайянкунанда омада, сатҳу дараҷаи мансабҳоро мушаххас мегардонад. Ба монанди: **роҳбари давлат, роҳбари дастгоҳи ичроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари корхона** ва ғайра.

Вазир таърихан мансабдори олимақомеро меномиданд, ки баъд аз подшоҳ (султон ё малик) мавқеи якумро ишғол мекард ва мутасаддии кулли корҳои дохилӣ ва хориҷии мамлакат ҳисоб мешуд [9, с.221: 11, с.256]. Масалан: **вазири дасти рост** ба маънои «вазири аввал, вазири содиқ ва боэътимод» омада, маҷозан «мададгори наздиктарин, ёрирасони содиқтарин»-ро ифода мекунад [11, с.256]. Ҳамчун истилоҳи маъмурию коргузории имрӯза **вазир** «узви ҳайати ҳукумат мебошад, ки сарварии вазоратеро ба уҳда дорад [11, с.256]». Масалан: **вазири адлия, вазири корҳои хориҷӣ** ва ғайра.

Сафир маънои луғавиаш «фиристода» мебошад. Ба маънои «вакил, қосид, элчӣ, миёнрав» низ корбаст мешавад [10, с.217]. Ҳамчун истилоҳи маъмурию коргузорӣ «намояндаи дипломатии як давлат дар давлати дигар» мебошад [12, с.224]. **Сафири**

фавқулода ва мухтор «намояндаи дипломатии як давлат дар давлати дигар» ва **сафири кабир** «олитарин намояндаи дипломатии як давлат дар давлати дигар» мебошад [12, с.224].

Вакил дар забони адабии имрӯзаи тоҷик ба ду маъно истеъмол мешавад, ки ҳар ду маъноях истилоҳӣ мебошад. Аввалан ба маънои «он ки иҷрои коре, аз тарафи касе, муассиса ё ҷамъияте ба ӯ супурда шудааст; намоянда; гумошта, фиристода [11, с.260]». Масалан: **вакили анҷуман, вакили муътамад, ҳайати вакилони ҳукуматӣ**. Масалан, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мушовир маънои «машваратдиҳанда, маслиҳатдиҳанда, машваратчӣ»-ро дорад [9, с.787; 11, 866]. Ба воситаи ин калима ибораистилоҳоти **мушовири ҳуқуқӣ, мушовири иқтисодӣ, мушовири фарҳангӣ, мушовири ҳарбӣ** ва ғайра сохта мешаванд.

Маъмур. Маънои луғавии ин вожа «1. амршуда, фармонгирифта» мебошад [11, с.786]. Ҳамчун истилоҳи маъмурию коргузорӣ ба маънои «он ки ба ӯ амр шудааст, то ягон кори давлатиро ба анҷом расонад; корманди давлатии вазифадоршуда, мутасаддӣ барои иҷрои коре; амалдор, мансабдор» корбаст мешавад [11, с.786]. Мисол: **маъмури давлатӣ, маъмури гумрук, маъмури меҳмонхона** ва ғайра.

б) номи муассисаҳои давлатию ҳукуматӣ ва мақомоту идораҳо:

Дастгоҳ дар забони адабии муосири тоҷикӣ асосан ба се маъно вомехӯрад: «1. асбобу олат ё мошин барои сохтани чизе ё ба иҷро расонидани коре» [11, с.426]. Масалан: **дастгоҳи автоматӣ, дастгоҳи аккосӣ, дастгоҳи бофандагӣ, дастгоҳи харротӣ, дастгоҳи пармагарӣ, дастгоҳи бетонрезӣ ва ғайра;** «2. идораи иҷроияи марказӣ, мақомоти идоракунандаи марказӣ» [11, с.426]. Масалан: **дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгоҳи вазорат** ва ғайра; «3. ҷоҳу ҷалол, ҳашамат» [11, с.426]. Масалан: **дову дастгоҳ**. Ин вожа ба маъное, ки таҳти рақами 2 дар боло оварда шуд (идораи иҷроияи марказӣ, мақомоти идоракунандаи марказӣ), истилоҳи соҳаи маъмурию коргузорӣ мебошад.

Маъмурият. Ба воситаи ин вожа «1. корҳое, ки барои иҷро ба ягон маъмури давлатӣ ё ҳукуматӣ супурда шудааст; 2. мақомоти иҷроия, роҳбарият» ном бурда мешавад [11, с.786]. Масалан: **маъмурияташро ниҳоят хуб ба ҷо овард, маъмурияти корхона.**

Вазорат. Ин калима ҳам «муассисаи марказии ҳукуматӣ, идора кардани соҳае, ба он вогузор шудааст» ва ҳам «биное, ки ин муассиса ҷой гирифтааст, вазоратхона»-ро ифода менамояд [11, с.258].

Комиссариат калимаи фаронсавӣ аст. «Идора ё мақомоте мебошад, ки ба он комиссар роҳбарӣ менамояд» [11, с.620]. Масалан: **комиссариати ҳарбӣ.**

Хадамот шакли ҷамъи вожаи **хизмат** мебошад. Ба маънои «кор кардан барои касе; 2. кор, фаъолият; 3. вазифа, коре, ки инсон ё чизи дигар ба иҷрои он уҳдадор аст; 4. кор ва фаъолияти шоёни эҳтиром ва сазовори таҳсини умум» истеъмол мешавад [12, с.434]. Хадамот ҳамчун истилоҳи маъмурию коргузорӣ «муассисаи марказии давлатӣ ё ҳукуматиест, ки ин ё он навъи хизматрасонӣ ба уҳдаи он вогузор карда шудааст». Масалан: **хадамоти алоқа, хадамоти гумрук** ва ғайра.

Сафорат ҳам ба маънои «кор ва вазифаи сафир ё намояндаи дипломатӣ» [12, с.224] ва ҳам ба маънои «биное, ки дар он сафорат ҷойгир шудааст» истеъмол мешавад. Масалан: **сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия.**

Раёсат дар луғат ба маънои «раисӣ, сардорӣ, садорат, мақоми болотарини идора дар муассиса, корхона, созмон, ҳизб ва ғайра, саридора» зикр шудааст [12, с.143]. Ин вожа солҳои охир ҳамчун истилоҳи маъмурию коргузорӣ маънои мушаххас касб карда, ба маънои «қисми зертобеи ягон идораву муассисаи давлатӣ» ба кор бурда мешавад, яъне муродифи вожаи русии **«управление»** мебошад. Масалан: **раёсати бозрасии давлатии автомобилӣ.**

Идора аслан исми амал буда, маънои «1. низом додан, роҳбарию роҳнамоӣ кардан, саришта намудани кори мамлакате ё муассисае»-ро дорад [11, с.536]. Ҳамчун истилоҳи маъмурию коргузорӣ маънои мушаххас гирифта исм ба исми макон табдил ёфтааст. Дар истилоҳи маъмурию коргузорӣ «ҷойе, ки дар он корҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ анҷом дода мешаванд, муассиса; умуман номи қисми маъмурию коргузории муассисаю корхонаҳоро» идора меноманд [11, с.536]. Масалан: **идораи молия, идораи рӯзнома, идораи сохтмон** ва ғайра.

в) қисми дигари ин гуна вожаҳо сифатҳое мебошанд, ки ба вожаҳои ифодакунандаи мансабҳои давлатӣ мансуб мебошанд. Ба монанди:

Президентӣ «мансуб ба президент, аз тарафи президент»-ро ифода мекунад [12, с.118]. Масалан: **квотаи президентӣ, мансаби президентӣ.**

Маъмурӣ ба маънои «мансуб ва оид ба маъмурият» [11, с.786]. Масалан: **бинои маъмурӣ, маркази маъмурӣ, шуъбаи маъмурӣ, чораи маъмурӣ** ва ғайра.

г) баъзеи онҳо исмҳои амале мебошанд, ки ба воситаи онҳо фаъолияти аз тарафи мансабдорони маъмурию давлатӣ анҷомдодашуда ифода карда мешаванд.

Раисӣ ба маънои «сардорӣ, ба ҷо овардани вазифаи раис» [12, с.144]. Масалан: **маҷлисро раисӣ кардан.**

Сарварӣ ба маънои «сардорӣ, сарӣ, пешвоӣ». Масалан: **сарварӣ кардан.**

Пешвоӣ ба маънои «раҳнамо будан; раҳнамоӣ, ҳидоят, сардорӣ» [12, с.92].

Вазирӣ ба маънои «амал ва шуғли вазир; вазир будан, мақоми вазир ё вазорат» [11, с.256].

Сафирӣ ба маънои «амал ва шуғли сафир, сафир будан; роҳбарӣ ба сафорат».

Хулоса, истилоҳоти маъмурии коргузорӣ қабатҳои гуногуни таърихии забонро тай намуда, то андозае сода ва суфта гурдида бошанд ҳам, раванди воридшавии наввожаҳо дар қолаби мазкур идома дорад. Ҳолатҳои ба маъниҳои мухталиф омадани истилоҳоти коргузорӣ ба мушоҳида мерасад, ки хосияти истилоҳотиро вайрон месозад, чунки сермаъноӣ бар хилофи меъёрҳои истилоҳот мебошад. Бархе аз истилоҳоти овардашуда ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ шомил буда, қисми дигар умумиистеъмол ва боқимонда наввожаҳоро ташкил мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Байзоев А.М. Язык „Донишнома” Абуали ибн Сина терминология и словообразование): автореф. канд. дисс…фил. наук / А.М. Байзоев. – Душанбе, 1992. - 22 с.
2. Баранов Х.К. Русско-арабский словарь / Х.К. Баранов. – М.: Русский язык, 1985. – 944 с.
3. Джураев Т.К. Научно-техническая терминология эпохи Авиценны и ее современное употребление / Т.К. Джураев. – Душанбе, 2009. – 170 с.
4. Диловаров М., Қурбонов С. Ҳуҷҷатнигорӣ / М.Диловаров, С.Қурбонов. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. -119 с.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. – Душанбе: Маориф, 1973. – Қ. 1. – 452 с.
6. Луғати русӣ-тоҷикӣ. – М.: Русский язык, 1985. – 1280 с
7. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ.Маҷидов. - Душанбе, 2007. – Ҷ.1. – 242с.
8. Нуров П.Г. Таджикская научно-техническая терминология. Становления и развития, теоретические основы, прикладные аспекты / П.Г. Нуров. – Душанбе, 2009. – 168 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: Советская энциклопедия. - Ҷ.1. - 1969. - 951 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ. 2. - 996 с.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 950 с.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ.2 – 946 с.
13. Хокироев Р.Г. Корҳои мустақилонаи донишҷӯён / Р.Г. Хокироев. – Душанбе: Сино, 2008. – 87с.

ХУСУСИЯТҲОИ МАЪНОИИ ИСТИЛОҲОТИ МАЪМУРИЮ КОРГУЗОРӢ

Дар мақола истилоҳоти маъмурию коргузорӣ аз ҷиҳати маъно мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Мисолҳо аз ҷиҳати фарогирӣ ба асар ё давраи муайян нигаронида нашуда, балки ба хотири гуногунандешӣ марҳилаҳои гуногунро фаро мегирад. Танҳо вобаста ба соҳаи истеъмолашон аз қабили номи санаду ҳуҷҷатҳо, бахши сиёсӣ ва дипломатӣ, мансабу мақомҳои давлатию ҳукуматӣ ва соҳавӣ, номи муассисаҳои давлатию ҳукуматӣ ва мақомоту идораҳо дар алоҳидагӣ гурӯҳбандӣ карда шуда, аз ҷиҳати маъно шарҳи худро ёфтаанд. Чунин тарзи омӯзиш имконият медиҳад, ки маънии аслии истилоҳ ба зудӣ муайян карда шуда, дараҷаи истеъмол, синонимҳояшон ва гунаҳои қобили қабул шарҳ дода шаванд. Бо вуҷуди он ки истилоҳот набояд синоним дошта бошанд, дар таҳлил муайян гардид, ки истилоҳоти зерин дар худ синоним дошта, гунаи ягонаи истеъмолшаванда надоранд: зоднома, шаҳодатномаи таваллуд; сафархат, сафария, сулҳнома, қарордоди сулҳ, созишномаи сулҳ; сарвазир, нахуствазир, садри аъзам ва ғайра. Ҳолати мазкур духӯрагиро ба миён меоварад, ки боиси баҳс дар мавриди синонимнопазир будани истилоҳот мегардад. Мақола имконият медиҳад, ки гунаҳои умумиистеъмоли қобили қабул интихоб ва мавриди истифода қарор гиранд. Ҳангоми тадқиқ муайян карда шуд, ки аксарияти истилоҳоти маъмурию коргузорӣ, ки ифодакунандаи мазмуни лутфу эҳтироманд, иқтибосоти забони арабиро ташкил мекунанд. Иқтибосоти арабии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ тавре дар забони тоҷикӣ ҳазм гардидаанд, ки ҳатто тафовути байни онҳоро аз калимаҳои тоҷикӣ фаҳмидан мушкил мебошад.

Калидвожаҳо: сафархат, сулҳнома, санад, ариза, забонхат, эълон, баёнот, барқия, дархост, тасдиқнома, созишнома.

СПЕЦИФИКА ЗНАЧЕНИЯ АДМИНИСТРАТИВНО-ДЕЛОВЫХ ТЕРМИНОВ

В статье были рассмотрены административно-деловые термины в соответствии с их значением. При этом термины были взяты не только из конкретной литературы, но и из источников различных времён. Так названия актов и документов политических и дипломатических, государственных должностей, названия государственных учреждений, правительства и органов правления приведены в соответствии со своим значением. Такой способ изучения позволит определить главную значимость термина и уровень использования синонимов в различных констектах. Вне зависимости от того, что в терминах не должны использоваться синонимы, в исследовании было замечено, что данные термины имеют синонимы: «шаҳодатномаи таваллуд; сафархат, сафария, сулҳнома, қарордоди сулҳ, созишномаи сулҳ; сарвазир, нахуствазир, садри аъзам» и т.д. Эти случаи ведут к двумысленности и требуют изучения таких синонимов в терминах. В статья говорится о возможности практического исползования данных терминов. Во время исследования было выявлено, что среди множества административно-деловых терминов, которые приведены в качестве примеров, предпочтение были отданы арабскому языку. Арабские слова в административно-деловых терминах таджикского языка так закрепились, что их невозможно отличать от таджикских слов.

Ключевые слова: путёвка, мирный договор, акт, заявление, расписка, объявление, объяснение, телеграмма, заявка, письменное подтверждение, договор.

CHARACTERISTIE OF IMPORTENCE ADMINISTRATIVE-BUSINESS TERMS

In article administrative business term correspondence to by importance were leanted to discuss**.** For instance these terms were taken not only with concrete literature but also from different literature of the different times. Only in correspondence to use as name of the acts and the document in sections politicians and diplomacies, and in area of the state job title, name of the state institution government and organ rul bound separately, have found the sense in correspondence to by it is importence. Such way of the study will allow certain main value of the term and using of synonyms in different available forms. Outside of dependent from that in term must not use the synonyms in invertigations were founded to that given terms has a synonyms: **зоднома, шаҳодатномаи таваллуд; сафархат, сафария, сулҳнома, қарордоди сулҳ, созишномаи сулҳ; сарвазир, наҳуствазир, садри аъзам** and so on. This mate bring about discussion by property of the synonyms in term. The article enables that this type of using can take and become consumer. During investigations was found that ensemble administrative business terms. Which are listad the example of the preference were taken from Arabic language. The Arabic words in administrative business terms of Tajik language so penetrated that impossible distinqwish them.

Key words: pass, peace treaty, act, statement, receipt, advertisement, explaintion, telegram, demond, written actnowledgement, agreement.

Сведение об авторе: ***Давлатов И.А.*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры современного таджикского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail: **Ayni.Kum@mail.ru.** Тел.: **(+992) 905-05-99-99**

Information about the author: ***Davlatov I.A.*** - Tajik National University, graduate student of the department of modern Tajik language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **Ayni.Kum@mail.ru.** Tel.: **(+992) 905-05-99-99**

УДК:42:+491.550(575.3)

О ПОНЯТИИ ПЕРЕВОДЧЕСКОЙ ЭКВИВАЛЕНТНОСТИ (НА МАТЕРИАЛЕ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ)

Кесамирова С.Р.
Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзода

В настоящее время в теории перевода существуют разные межъязыковые трансформации. Перевод - это вид языкового посредничества, который ориентирован на иноязычный оригинал. Он рассматривается как иноязычная форма существования сообщения, содержащегося в оригинале.

Одна из главных задач переводчика заключается в максимально полной передаче содержания оригинала, и в этом случае, как правило, фактическая общность содержания оригинала и перевода весьма значительна.

Следует различать потенциально достижимую эквивалентность, под которой понимается максимальная общность содержания двух разноязычных текстов, допускаемая различиями языков, на которых созданы эти тексты, и переводческую эквивалентность - реальную смысловую близость текстов оригинала и перевода, достигаемую переводчиком в процессе перевода. Пределом переводческой эквивалентности является максимально возможная (лингвистическая) степень сохранения содержания оригинала при переводе, но в каждом отдельном переводе смысловая близость к оригиналу в разной степени и разными способами приближается к максимальной.

Целью данной статьи является анализ уровней переводческой эквивалентности и способов их достижения через различные трансформации.

Эквивалентность в переводе обозначает перевод, осуществляемый на уровне, необходимом и достаточном для передачи неизменного плана со- держания при соблюдении норм переводящего языка. По мнению В.С. Виноградова, «Эквивалентность перевода – сохранение относительного равенства содержательной, смысловой, семантической, стилистической и функционально-коммуникативной информации, содержащейся в оригинале и переводе…» [4, с.81]. Некоторые учёные (А.В. Фёдоров, Л.С. Бархударов, В.Н. Комиссаров) утверждают, что равенство между эквивалентностью и тождественностью должно полностью сохранять содержание оригинала. Подход к определению переводческой эквивалентности заключается в том, чтобы не пытаться решать, в чём должна состоять общность перевода и оригинала, а сопоставить большое число реально переводимых слов и фраз с их оригиналами и сделать вывод, на чём основывается их эквивалентность. Основной целью переводческой эквивалентности является степень сохранения содержания оригинала при переводе, но в каждом отдельном переводе смысловая близость к оригиналу в разной степени и различными методами приближается к максимальной смысловой близости текста.

Таким образом, для осуществления адекватного перевода важны не только знания иностранного языка и широкий кругозор, но и теоретические знания в области перевода, в том числе знание теории эквивалентности вообще и переводческой эквивалентности в частности.

В процессе перевода переводчик сталкивается с разными трудностями и старается использовать различные способы для того, чтобы сохранить значение содержания текста оригинала.Одна из главных задач переводчика заключается в максимально полной передаче содержания оригинала. Под *максимально полной общностью содержания* понимается переводческая эквивалентность, означающая реальную смысловую близость текстов оригинала и перевода.

Разница в структурах исходного языка и переводящего языка и особенностях перевода текстов на каждый из этих языков в разной ситуации могут ограничивать возможность полного сохранения смысла содержания перевода текста оригинала. Поэтому переводческая эквивалентность может основываться на сохранении разных элементов смысла, содержащихся в оригинале. В зависимости от того, какая часть содержания передаётся переводчиком, различаются разные степени эквивалентности. В.Н. Комиссаров определяет пять уровней эквивалентности перевода. Он указывает, что «на любом уровне эквивалентности перевод может обеспечивать межъязыковую коммуникацию. Любой текст выполняет какую-то коммуникативную функцию: сообщает какие-то факты, выражает эмоции, устанавливает контакт между коммуникантами, требует от рецептора какой-то реакции или действий и т.п.» [5, с.51]. То есть, по мнению Комиссарова, переводчик не только должен понять тонкости языковых единиц и их связь, но и сделать выводы из содержания данного текста ИЯ, иначе говоря из этого текста извлечь дополнительную информацию, которая не только то, что говорит источник, но и то, что он подразумевает.

Как отмечает Л.С. Бархурдаров, «процесс перевода, или межъязыковая трансформация, осуществляется не произвольно, а по каким-то определённым правилам, в каких-то строго определённых рамках, при выходе за которые мы уже лишаемся права говорить о переводе. Чтобы иметь право называться переводом (в первом значении), текст на ПЯ должен содержать в себе что-то такое, что содержится и в тексте наИЯ» [3, с.9]. Этим он хочет сказать, что переводчик не должен произвольно что-то добавлять в текст перевода, а наоборот, ему предстоит перевести текст ИЯ в рамках правил, которые существует в теории переводоведения.

Кроме пяти уровней эквивалентности, которые выделил В.Н. Комиссаров, ещё существуют два отдельных вида эквивалентности в переводе. К первому виду эквивалентности относятся те слова и словосочетания оригинала, которые имеют абсолютные соответствия в языке перевода и называются эквивокабульными эквивалентами. Например:

Change – тағйирот, дигаргунӣ, chance – тасодуф, фурсат, charity – хайрхоҳӣ, мухаббат, мадоро, parent- волид, падар ё модар, волида, newsman – рӯзноманигор, scar – захм, teenager – наврас, навҷавон, tea-pot – чойник, team – гурӯҳ, даста, allnightlong – тамоми шаб, amanoftheletters – марди олим, аҳли қалам, togaincontrol – зери назорат гирифтан и т.д. [6]. Из этих примеров можно понять, что английские слова и словосочетания при переводе на таджикский язык имеют соответствия по значению. Хотя слова *newsman, tea-pot* являются сложными, состоящими из двух корней, они, по правилам перевода, имеют полную эквивалентность. То есть в этих примерах видно, что к английским словам существуют соответствия в таджикском языке, а к словосочетаниям имеются таджикские словосочетания по смыслу.

К второму виду относятся те слова, которые в ПЯ трансформируются в словосочетания, или, наоборот, словосочетания трансформируются в простые слова, и они являются неэквивокабульными эквивалентами. Например:

Furniture – асбобу анҷоми хона, boiler – зарфи махсуси обҷӯшонӣ, tocatchsight – дидан, tocatchhold – часпидан, cartoon- тасвири мазҳакавӣ, филми тасвирӣ, core – мағз ва даруни чизе, apoorcreature – бечора, cub – бачаи ҳайвони ваҳшӣ, dressmaker – дузандаи либоси занона, tokeepaneyeon – поидан, float – ҷисми шиновар бар рӯйи об, kennel – хоначаи саг, tokickthebucket – мурдан, фавтидан, letterofinvitation – даъватнома, togoforarun – давидан [6] и т. д.

В примерах слово *furniture* в таджикском языке переводится в форме словосочетания. Английское словосочетание aletterofinvitation переводится на таджикский язык как одно сложное слово *даъватнома,* и это - имя существительное. Следует обратить внимание, что при переводе некоторых английских словосочетаний морфологическая структура ИЯ и ПЯ меняется: blackberry- мармиљон, blackboard – тахтаи синф, blackmail- тањдид. Эти английские сложные слова состоят из двух корней - из прилагательного и существительного - и переводятся на таджикский язык как существительные. Такие соответствия называются неэквиразрядными. Это те случаи, когда часть речи текста оригинала заменяется другой частью речи в переводящем языке. К эквиразрядным относятся слова или словосочетания, представляющие собой сопоставимые лексические единицы, относящиеся к одинаковым частям речи. Например: n.blame –гуноҳ (сущ.вина), n.desert – биёбон (сущ.пустыня), v.gain – бурд

кардан (гл.завоевать, заслуживать), adj.tender – нозук (прил.нежный) и др. Части речи этих английских слов при передаче на таджикский язык не меняются.

По словам В.Н. Комиссарова, мы можем определить пять уровней эквивалентности в переводе.

Эквивалентность первого уровня включает в себя сохранение цели смыслового содержания текста оригинала. Этот уровень используется при передаче переносного значения текста оригинала в тексте перевода. Сравним примеры:

On the air – аз тариқи радио; He has an air of importance – Ӯ намуди ҷиддӣ дорад; I believe so – ман ҳамин хел фикр мекунам; I must pay a call on my sick friend – Ман бояд дӯсти маризамро хабар гирам; It can't be true! – Ҳеҷ мумкин нест. Can it be true? – Наход?; Who cares? – Ба кӣ лозим аст?; He was carried away by the music – Мусиқӣ ӯро ҷалб кард; Excuse me, I have to change – Мебахшед, ман бояд либосамро иваз кунам; He is always cool in the face of danger – Ӯ нисбати хатар доимо хунсард аст; as the crow flies – маҷ. Рост; Curiosity killed a cat – Кунҷкобӣ ба хубӣ ба анҷом намерасад; She was dying of curiosity – Ӯ аз кунҷкобӣ бетоқат шуд; How dare you! – Чӣ ҳел шумо ҷуръат мекунед, I dare say – Ба фикри ман, Ба андешаи ман; Deeds, not words – Шахсро на аз рӯйи гуфтораш, балки аз рӯйи амалаш мешиносанд; It/ That depends – Кӣ медонад?; The devil is not so black as he is painted – Тарсончак чор чашм дорад; East or West, home is best – Ҷон хонаи худ, дилу ҷон хонаи худ; Easier said than done – Ба гуфтан осон аст; He has a finger in the pie – Ӯ дар ин кор даст дорадит. д.

Из этих примеров мы можем сделать вывод, что к этому уровню в большей мере относятся афоризмы, пословицы. Чаще всего при выборе эквивалента используется переносное значение текста оригинала. Например, если перевести буквально предложение *I must payacall on mysick friend, mo paya call* означает «платить за звонок». Однако как видно из перевода, ни о каком платеже или звонке речи не идет. Переводчик сообщает цель и смысл содержания исходного языка. Таким образом, в данном типе эквивалентности в переводе главное – не лексическая адекватность, а смысловая. С точки зрения языковых единиц этот вывод справедлив в отношении всего сообщения в целом, даже если одно или два слова в оригинале имеют прямые или косвенные соответствия в переводе.

Английская пословица *The devilis not so black a she is painted*– описывает чувство страха и осторожности: здесь говориться, что дьявол на самом деле не является таким черным, каким его рисуют. Когда мы анализируем эквивалент в таджикском языке – *Тарсончак чор чашм дорад (русс.: досл. у труса четыре глаза или не так страшен черт, как его малюют),* то в языке перевода о дьяволе ничего не говорится. Эти примеры указывают на выбор эквивалента, при этом следует обратить внимание на форму пословицы, эмотивную установку предложения и на стилистическую и поэтическую функцию оригинала. Применение этих правил позволяет переводчику достигнуть цели правильного эквивалента для текста оригинала.

На втором уровне эквивалентности общая часть смысла текста оригинала и перевода не только передаёт одинаковую цель, но и отражает одну и ту же внеязыковую ситуацию. Сохранение одинаковых ситуаций в переводах сопровождается структурно-семантическими расхождениями с оригиналом. Одна и та же ситуация может описываться через различные комбинации присущих ей особенностей. В языке появляются такие высказывания, которые воспринимаются носителями языка как синонимичные. В любом высказывании присутствует информация, позволяющая переводчику обдумывать, какая ситуация в нём описывается.

Для второго уровня эквивалентности характерна идентификация в оригинале и переводе одной и той же ситуации при изменении способа её описания. Например:

It's very good of you – Шумо меҳрубон ҳастед; Hecould not graspmymeaning – Ӯ мақсади маро нафаҳмид; Hiss peech was greeted bydeadsilence – Нутқи ӯро бо сукути том пешвоз гирифтанд; They had good grounds for thin kingso – Барои ба ин ақида омадан онҳо сабаби кофӣ доштанд; Hehadanexcellentidea – Ба сараш фикри аъло омад; Herushedheadlongintodanger – Ӯ бошитоб худро ба оғӯши хатар андохт и. т. д. [6]

Можно утверждать, что переводы в смысловом аспекте более точны, чем при первом уровне эквивалентности перевода. Сопоставим переводы:

Hehadanexcellentidea – Ба сараш фикри аъло омад (2 уровень) (У него была отличная идея).

Curiositykilledacat – Кунҷкобӣ ба хуби ба анҷом намерасад. (1 уровень) (Любопытство убило кошку или любопытной Варваре на базаре нос оторвали)

В примерах оригинала и перевода фактически описываются одни и те же действия, указывающие на одинаковую реальность, поскольку в языке перевода используется «ба сараш», то есть сначала «в голову» приходит мысль, несмотря на то, что в тексте оригинала слово «голова» не присутствует. Здесь подобрано близкое соответствие тексту оригинала. Важен

выбор одинаковой ситуации, и при переводе переводчик может использовать синонимы, чтобы передать смысл содержания исходного языка.

На третьем уровне используется способ семантического перефразирования сообщения оригинала в сообщение перевода. Здесь переводчик воспринимает смысл текста оригинала и старается найти логически соответствующую фразу, чтобы трансформировать текст. Например:

A flush of shame colored her cheeks – Шарм ранги рӯяшро тағйир дод. (Блескты дар аскрасил её щёчки).

He ground the axe on the grindstone – Ӯ табарро чарх гардонд.

She is handy with a needle – Ӯ дузандаи моҳир аст.

В этих примерах сохраняется общее понятие, с помощью которого осуществляется описание ситуации оригинала в переводе. Можно видеть смысловое перефразирование в языке перевода. Общность понятийной основы означает, что в оригинале и переводе ситуация описывается путём указания на одинаковые её признаки. Отношения между содержанием оригинала и перевода в подобных случаях могут соответствовать логическим отношениям между понятиями. Аналогичные отношения часто обнаруживаются и между оригиналами и переводами рассматриваемого уровня. Очень часто перефразирование выбирается переводчиком по стилистическим соображениям.

На четвертом уровне эквивалентности важен синтаксический параллелизм, то есть синтаксическая структура высказывания текста оригинала должна совпадать с текстом перевода. На этом уровне нужно обратить внимание на синтаксическую структуру в процессе перевода. В тексте перевода следует использовать слова того или иного типа в определённой последовательности и с определёнными связями между отдельными словами. Если в ИЯ даются однородные члены предложения, то и в переводе придётся употреблять тот же член предложения. Например, рассмотрим небольшой отрывок из книги Эрнеста Хемингуэя «Старик и море» и его перевод на таджикский язык:

He was an old man who fished alone in a skiff in the Gulf Stream and he had gone eighty-four days now without taking a fish. In the first forty days a boy had been with him. But after forty days without a fish the boy's parents had told him that the old man was now definitely and finally salao, which is the worst form of unlucky and the boy had gone at their orders in another boat which caught three good fish the first week [12, c.9].

Пирамарде танҳо бо заврақи худ дар Гулф Стрим моҳигирӣ мекард ва ҳоло ҳаштодучор рӯз шуда, ки ҳеч моҳӣ нагирифта буд. Чиҳил рӯзи аввал писараке ҳамроҳаш буд. Аммо баъд аз чиҳил рӯзи бесайдӣ падару модари писарак ба ӯ гуфтанд, ки пирамард аниқу яқин ***salao***, яъне бадтарин баргаштабахт аст ва писарак бо талқини онҳо ба заврақи дигар рафт, ки воқеан, дар ҳафтаи аввал се моҳии хуб гирифт [13, с.5].

В этом отрывке можно заметить значительную общность синтаксической организации оригинала и перевода. Каждому члену предложения в оригинале соответствует однотипный член предложения в ПЯ. Все эти предложения в тексте перевода соотнесены с синтаксическими структурами текста оригинала.

На пятом уровне эквивалентность достигается максимальной близостью содержания оригинала и перевода. Этот уровень имеет некоторые особенности - высокую степень параллелизма синтаксических структур, максимальное соответствие в составе лексики и сохранение основных частей содержания оригинала. Например:

The butcher's shop is closed on Monday. – Дӯкони гӯштфурӯш рӯзҳои душанбе кор намекунад (Лавка мясника по понедельникам не работает).

Shedip ped her hand in the water. – Ӯ дасташро ба об ѓӯтазанонд (Он замочил руки в воде).

Hen est ledhimselfin to the warm bed. – Ӯ дар бистари гарм осуда хоб рафт (Он спокойно спал в теплой постели) [6].

В этих предложениях и семантика слов, и синтаксическая структура, и все части предложения, и их содержание адекватны в максимальной степени.

Таким образом, для адекватного перевода необходимо знать эти уровни эквивалентности, чтобы повысить качество переводов. Следует отметить, что понятие переводческой эквивалентности очень широкое и наблюдается на разных языковых уровнях – грамматическом, лексическом и т.д.

В теории перевода наблюдаются разные уровни эквивалентности, направленные на сохранение специфических аспектов языковых единиц оригинала в переводе, отдельные моменты которых мы рассмотрели на конкретных примерах.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Алпатов В.М. История лингвистических учений. Учеб.пособие / В.М. Алпатов. -4-е изд., испр. и доп. - М.: Языки славянской культуры, 2005. - 368 с.
2. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова; зав. ред. И.К. Сазонова. - М.: Советская энциклопедия, 1966. – 608 с.

3. Бархударов Л.С. Язык и перевод (Вопросы общей и частной теории) / Л.С. Бархударов. – М: Междунар. отношения, 1975. - 240 с.
4. Виноградов В.С. Введение в переводоведение (общие и лексические вопросы) / В.С. Виноградов. - М.: Изд-во ин-та общ.сред. образования РАО, 2001. - 224 с.
5. Комиссаров В.Н. Теория перевода (лингвистические аспекты): учебник для ин-тов и фак.товиностр. яз / В.Н. Комиссаров. - М.: Высш. шк., 1990. - 253 с.
6. Мамадназаров А. Фарҳанги донишгоҳи англисӣ – тоҷикӣ. English – Tajik University Dictionary. Монография. - Душанбе: «Эр-граф», 2009. - 486 с.
7. Мюллер М.С. Новый большой русско-английский словарь, Т.1 -3. / М.С. Мюллер; под ред. Мюллер М.С.: Лингвистика. 1997. – 3208 с.
8. Мюллер В.К. Новый англо-русский словарь / В.К.Мюллера. Русский язык, 1998. – 3200 с.
9. Нелюбин Л.Л. Толковый переводоведческий словарь / Л.Л. Нелюбин. -3-е изд., перераб. - М.: Флинта: Наука, 2003. - 320 с.
10. Реформатский А.А. Введение в языковедение / А.А. Реформатский; под ред. В.А. Виноградова. – М.: Аспект Пресс, 1996. - 536 с.
11. Рецкер Я.И. Теория перевода и переводческая практика / Я.И. Рецкер. – М.: Международные отношения, 1974. – 110 с.
12. Copyright 1952 By Ernest Hemingway Renewal Copyright @ 1980 by Mary Hemingway. All rights reserved, including the right of reproduction in whole or in part in any form.
13. Эрнест Ҳемингвей. «Пирамард ва бахр» (тарҷума аз забонианглисӣ) / Эрнест Ҳемингвей. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 168 с.

МАФҲУМ ДАР БОРАИ МУОДИЛНОКӢ ДАР ТАРҶУМА ДАР АСОСИ МАТНИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақола масъалаҳои марбут ба мушкилиҳои гуногуни раванди тарҷума мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф зимни баррасии масъалаи мавриди назар ақидаҳои муҳаққиқон А.В. Фёдоров, Л.С. Бархударов, В.Н Комиссаров ва дигаронро мавриди баррасӣ қарор дода, доир ба онҳо ақидаи шахсии худро иброз доштааст. Инчунин, дар мақола бо овардани мисолҳои мушаххас паҳлуҳои асосии масъала равшан карда шудаанд. Нишон дода шудааст, ки гоҳо як калимаи сода аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ҳамчун ибораи сертаркиба ва баръакс як ибораи англисӣ бо як калимаи содаи тоҷикӣ тарҷума карда мешавад. Муаллиф қайд мекунад, ки барои ҳифзи мазмун ва мундариҷаи матн ва баргардони нисбатан пурра ва мукаммали он тарҷумон усулҳои мухталифро истифода мекунад. Вобаста ба он ки кадом қисми мазмун аз тарафи тарҷумон тарҷума карда мешавад, дараҷаҳои муодилнокии гуногун фарқ карда мешаванд. Муайян карда шудааст, ки дар муодилнокии дараҷаи аввал мақсади тарҷумон асосан тарҷумаи муҳтавои мазмуни матни асл мебошад. Ин дараҷа барои гузаронидани маънои маҷозии матни асл ба матни тарҷума истифода бурда мешавад. Дар дараҷаи дуюми муодилнокӣ қисмати умумии мазмуни матни асл ва тарҷума нафақат мақсади ягонаро ифода мекунанд, инчунин инъикоскунандаи худи ҳамон як ҳолати фарозабонӣ мешаванд. Дар дараҷаи сеюм усули тасвироти семантики ҷойивазкунии ибора аз матни асл ба матни тарҷума мебошад. Дар ин намуди тарҷумаи муодилнокӣ тарҷумон мазмуни матни тарҷумашавандаро аз худ карда, кӯшиш мекунад, ки ибораи аз рӯйи мантиқ наздику муносибро ёфта, онро ба забони тарҷума интикол диҳад. Дар дараҷаи чоруми муодилноки бештар ба структураи синтаксисии матни асл ва тарҷума эътибор дода мешавад. Дараҷаи панҷум ба ҳадди максималӣ расида, дар он мувозеҳи синтаксисӣ, мутобиқати воҳидҳои лексикӣ ва структураи монандӣ (дастурҳои таҳлилӣ) дида мешавад.

Калидвожаҳо: тарҷума, англисӣ, тоҷикӣ, муодилнокӣ, муодилнокии эквивокабулӣ, муодилнокии ноэ квивокабулӣ, муодилнокииэквиворазрядӣ, муодилнокии ноэквиворазрядӣ, дигарбаёнии маъноӣ.

О ПОНЯТИИ ПЕРЕВОДЧЕСКОЙ ЭКВИВАЛЕНТНОСТИ (НА МАТЕРИАЛЕ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ)

В статье рассматриваются вопросы, связанные с различными трудностями, возникающими в процессе перевода. Говоря об изучаемой проблеме, автор рассматривает взгляды таких исследователей, как А.В. Фёдоров, Л.С. Бархударов, В.Н. Комиссаров и других, высказывая при этом своё мнение. Также в статье на конкретных примерах освещаются основные аспекты рассматриваемой проблемы.В ней показывается, что иногда одно простое слово английского языка переводится на таджикский язык в виде словосочетания и, наоборот, английское словосочетание переводится одним простым таджикским словом. Автор говорит о том, что для сохранения содержания текста и максимально полной его передачи переводчик использует различные способы. В зависимости от того, какая часть содержания передаётся переводчиком, различаются разные уровни эквивалентности. Отмечается, что эквивалентность первого уровня включает в себя сохранение цели смыслового содержания текста оригинала. Этот уровень используется при передаче переносного значения текста оригинала в тексте перевода. На втором уровне эквивалентности общая часть смысла текста оригинала и перевода не только передаёт одинаковую цель, но и отражает одну и ту же внеязыковую ситуацию. На третьем уровне используется способ описания семантического перефразирования сообщения оригинала в сообщение перевода. Здесь переводчик воспринимает смысл текста оригинала и старается найти логически соответствующую фразу, чтобы трансформировать текст. На четвертом уровне эквивалентности рассматривается синтаксическая структура высказывания текста оригинала и перевода. Пятый уровень предлагает максимальное сближение и указывает на то, что здесь важен синтаксический параллелизм, соответствие лексических единиц и аналогичная структура оригинала и перевода.

Ключевые слова: перевод, английский язык, таджикский язык, эквивалентность, эквивокабульные эквиваленты, неэквивокабульные, эквиразрядные соответствия, неэквиразрядные соответствия, семантическое перефразирование.

ABOUT THE CONCEPT OF TRANSLATION EQUIVALENCE ON MATERIAL OF THE ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

The article deals with issues related to various difficulties in the translation process. Speaking about the problem being studied, the author considers the views of such researchers as A.V. Fedorov, L.S. Barkhudarov, V.N. Komissarov. and others, expressing their personal opinion about this. Also in the article, based on specific examples, the main aspects of the problem under consideration were highlighted. It has been shown that sometimes one simple word from English is

translated into Tajik in the form of a multi-compound phrase and vice versa, the English word combination is translated by one simple Tajik word. The author says that in order to preserve the meaning of the content of the text and to fully transmit it, the translator uses different methods. Depending on what part of the content is transmitted by the translator, different degrees of equivalence are distinguished. It is noted that the equivalence of the first degree includes the preservation of the purpose of the semantic content of the original text. This level is used when transferring the portable value of the original text in the translation text. In the second degree of equivalence, the general part of the meaning of the text of the original and the translation not only conveys the same goal, but also reflects the same extralinguistic situation. In the third degree, a method is used to describe the semantic rephrasing of the original message in a translation message. To this extent, the translator perceives the meaning of the original text and tries to find the corresponding phrase logically to transform the text. In the fourth degree of equivalence the syntactic structure of a statement of the text of the original and the translation is considered. The fifth degree reaches the maximum levels and it indicates that in this level the overlapping, compliance of lexical units and similar structure of the original and the syntactical structure of translation is important .

Key words: translation, English, Tajik, equivalence, ekvivoequalence, noekvivoequalence, ekvirazryadny, neekvirazryadny, semantic rephrasing.

Сведение об авторе: ***Кесамирова Саодат*** – Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзода, соискатель кафедры сопоставительной типологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **nigina90_90@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 900-00-70-97**

Information about the author: ***Kesamirova Saodat*** – Tajik State Institute of Languages named after S. Ulugzoda, aspirant, the Department of comparative-typology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str. 17/6. E-mail: **nigina90_90@inbox.ru**. Tel.: **(+992) 900-00-70-97**

УДК: 491.550-3-54:891.550-1:82

ВОЖАҲОИ БАЁНГАРИ ЭҲСОСОТУ МАЙЛҲОИ ИРОДАВИИ МАНФӢ ДАР АШЪОРИ АШӮР САФАР

Ҷалилова А.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар баробари вожаҳои малеҳ дар захираи луғавии забонамон гурӯҳи вожаҳое мавҷуданд, ки маъноҳои қабеҳ, дурушт ва ҳақоратомезро ифода мекунанд, ки онро дар илми забоншиносӣ вулгаризм меноманд. Ин вожаҳои қабеҳро шоирон ва нависандагон дар эҷодиёти худ барои инъикос намудани образҳои манфии персонажҳо истифода мебаранд. Вожаҳои қабеҳ на танҳо дар асарҳо, инчунин дар ҳаёти ҳар шахс, яъне муносибати байни одамон истифода мегарданд ва аз нигоҳи мавқеи услубӣ онҳоро профессор Ҳ. Маҷидов «Калимаҳои услуби паст» номидааст [6, с.162-167].

Ин қабил калимаҳо дар забони осори бадеӣ мақоми хос дошта, «нависанда ба воситаи онҳо кӯшиш менамояд, ки то дараҷае характери манфӣ доштани гӯяндаи нутқро кушода диҳад» [20, с.40].

Дараҷаи дуруштиву қабеҳияти ин навъ вожаву таркибҳо дар як зина набуда, онҳо бо ҷилоҳои махсуси манфии худ фарқ мекунанд ва профессор Ҳ. Маҷидов чунин калимаҳои дорои услуби пастро ба се гуруҳ: калимаҳои ифодагари бепардагӣйӣ, калимаҳои ифодагари дашномҳои раво ва калимаҳои барбарӣ ҷудо намудааст [6, с.162-167].

Калимаҳои қабеҳ дар осори шоирону нависандагон гоҳ-гоҳ истифода шудаанд. Масалан, дар дар асарҳои Убайди Зоконӣ, Носири Хусрав, Фахриддини Ироқӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Умари Хайём, Аҳмади Дониш метавон ҷо- ҷо ин қабил калимаҳоро пайдо кард, ки онҳо барои фош намудани ҳаёти иҷтимоии даврони худ аз ин дуруштвожаҳо истифода намудаанд.

Ашӯр Сафар низ дар эҷодиёташ ба вожаву таркиб ва ибораҳои дуруштмаънову қабеҳ рӯ оварда, эҳсосоти манфии худро аз тариқи корбурди онҳо баён намудааст. Ӯ аксаран рафтору кирдори шахсонеро зери танқид қарор медиҳад, ки ҳар рӯз мо бо онҳо вомехӯрем ва шоҳиди кирдори ношоями онҳо мегардем.

Муҳаққиқ Фарҳод Шафиев дар робита ба ҳамин масъала навиштааст: «Ашӯр Сафар шоири ҳаҷвнигор ҳам ҳаст ва дар ҳаҷв ба дараҷаи устодӣ расидааст. Ҳаҷви шоир нишонрас аст. Ӯ тавассути услуби ҳаҷвнигорӣ ба муқобили тамоми падидаҳои номатлуби зиндагӣ мубориза мебарад. Мардум ҳам ҳаҷви ӯро хуш пазируфтаанд. Шоир ҷомеаи поку беолоиш ва зиндагии ҳалолу покизаро меписандид. Аз ин лиҳоз, ба ҳар кучо, ки мерафт аз суханҳои нешдору маҷозомези ӯ ҳазар мекарданд... Баъзан шоир ба ҳаҷви ниҳоят тезу тунд гузашта, персонажҳои асарҳои ҳаҷвиашро бо суханҳои қабеҳ мазаммат мекунад» [21, с.121]. Гуфтаҳои зикршудаи донишмандонро ба инобат гирифта, корбурди калимаҳои қабеҳро дар эҷодиёти шоири сухансанҷу нуктадон Ашӯр Сафар дида мебароем. Чунончи:

Яке басо *қавоқӣ*,
Дарун – дарун *зуқоқӣ* [12, с.73].

Ё ки:

З-ин рӯ *зуқонданд,*

Бисёрам имрӯз [12, с.43].

Калимаи ***қавоқ*** аз рӯйи таърихи баромадаш калимаи туркӣ буда, дар «Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро» чунин шарҳ дода шудааст: равоқи чашм; ҷоест, ки дар байни абрӯ ва мижаҳои болоӣ ҷой гирифтааст; поёни нофи одам [4, с. 256]. Аммо дар мисоли мазкур ба гурӯҳи вожаҳои сохта дохил шуда, дар шакли ***қавоқӣ*** омадааст, ки маънои *туршрӯ, хашмолуд, таъби хираро* [19, Ҷ-II. с.681] ифода намудааст.

Вожаи ***зуқоқӣ*** дар шеваи ҷануб дар шаклӣ *зъқоқӣ* буда, аз решаи *зъқ дилтанг, маҳзун* сохта шудааст. Дар ин порчаи шеърӣ калимаи қабеҳи ***зуқоқӣ*** бо такрори дарун-дарун омада, ибораи манфиеро сохтанд ва ба шахсе нисбат дода мешавад, ки *дилтанг, хасис, чашмгурусна* ва *зихна* мебошад. Дар порчаи шеърии дигар калимаи ***зуқондан*** (*зъқондан*) омадааст, ки ба маънои *сарзаниш кардан* [6, с.279] корбаст гардидааст.

Калимаи мураккаби ***косалес*** ба маънои маҷозии *хушомадгӯй, туфайлихӯр* ва *чоплус* маълум мебошад ва дар забони зинда, асосан, ба маънои маҷозиаш корбаст мегардад [2, с. 99]. Чунончи:

Ончунон «сабзида» рафтӣ, к-оқибат,
Косалеси ходими савдо шудӣ [12, с.54].

Ё ки:

Косалесонро ҳамеша доштам аз худ ризо,
Дарди хешу акрабояш нағз бинмудам даво [12, с.109].

Ашӯр Сафар низ ин калимаро дар ашъораш ба маънои маҷозӣ истифода бурда ва дар «Ғиёс-ул-луғот» чунин шарҳ додааст: *ҳарисон, гадоён ва дунҳимматон* [7, ч-II. с.157].

Офтоби гарм рӯйи сабзаҳо нур афканад,
Сабза бар кибр омада худро ба *карруфар* зада [15, с.59].

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ***карру фар*** чунин маъноро ифода намудааст: *шаъну шавкат, ҳашамат ва дабдаба* [16, Ҷ-I. с.410]. Аммо дар порчаи зерин дар шакли мураккаб *карруфар* ифода ёфта, карр – зӯр, қувва [16, Ҷ-I. с.539] ва фар - *шаъну шавкат, ва дабдаба*ро гӯянд [16, Ҷ-I. с.410], ки ин ду ҷузъ бо миёнванди *«-у-»* пайваст гардидааст. Лекин дар забони гуфтугӯйӣ аслан оҳанги манфӣ дошта, *кибру худписандиро* ифода мекунад. Дар каломи Ашӯр Сафар низ ба ҳамин маънӣ корбаст гардидааст.

Ашӯр Сафар дар мавриди қаҳру ғазаб барои баёни нафрату адовати зиёди хеш нисбат ба шахси каммояву бефарҳангу беақл боз ҳам ба таҳқиру қабеҳгӯӣ ба алфози дурушт рӯ меорад. Инчунин қайд менамояд, ки баъзе ашхос дар аблаҳиву нодониву нофаҳмӣ аз чорпои боркаш ҳам бадтаранд. Чунончи:

Гарчи дорад аспи роҳпоят қанот,
Лек пеши *харфаросатҳо хар* аст [13, с.528].
Гӯшти *хар* ҳам фурӯшанд ин касон аз нокасӣ,
К-аз *харон* андар *харӣ* соҳибқирон афтодаанд [15, с.151].
Рӯзе Мурғобӣ-директори хунук,
Омадӣ бар синф бо як Мурғи курк.
Медиҳад ин Мурғи курк дарси шумо,
Гӯш бинмоед, гӯш, эй чӯҷаҳо [14, с.291].

Вожаи ***хунукрӯ*** аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, аз ду калимаи мусбат *хунук* ва *рӯ* таркиб ёфта, дар якҷоягӣ маънои манфиро далолат мекунад ва дар забони халқ нисбат ба шахсе гуфта мешавад, ки *симояш дилкаш нест, нозеб, безеб ва бадрӯй* мебошад. Аммо дар ин порчаи шеърӣ нисбат ба ҳайвон гуфта шудааст. Чунони:

Саге думкалтаю бӯри *хунукрӯ,*
Ки мардум Чорчашмаш мебурд ном [12, с.152].

Вожаи содаи ***насақ*** аз рӯйи пайдоишаш арабӣ буда, маънои *тарз, равиш; тартиб, қоида; ҳолат, аҳвол; ҷазо ва муҷозотро* [16, Ҷ-I. с.835] ифода мекунад. Аммо дар мисоли зерин тағйири маъно намуда, ба маънои *масхара, мазоҳ, ҳазл, шӯхӣ* ва *хандасор* [5, с.481] омадааст. Чунончи:

-Аз чӣ наорӣ он табақ,
Ё ки ту пеш орӣ *насақ* [13, с.462].

Вожаи сохтаи ***лаънатӣ*** аз рӯйи пайдоишаш арабӣ буда, ба гурӯҳи калимаҳои қабеҳ дохил мешавад. Чунончи:

-Зи «лой» агар занем гап, чӣ мешавад, бигӯ, калон?
-Чи кор дорӣ, *лаънатӣ,* ту мушт хоҳӣ бар даҳон? [12, с.60].

Лаънатӣ, охир туро гум мекунам,
Занчаатро з-они мардум мекунам [14, с.15].

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» низ чунин шарҳ дода шудааст: *дуои бад, бадгӯӣ, дашном, изҳори нафрат* [16, Ҷ-I. с.598]. Дар мисоли мазкур ҳам ба ҳамин маъно корбаст гардидааст, ки хашму ғазаби зиёдро нисбати шахсе ифода намудааст.

Дар байти:

Ҳаст ин ҷо одаме ҳам дар миён,

Ки *хушомадгӯй* хонам, ростӣ [13, с.177].

Вожаи ***хушомадгӯй*** дар байни халқ назар ба маънои аслӣ ба маънои маҷозии *чоплус* ва *лаганбардор* маъмул мебошад ва аз рӯйи сохт мураккаб буда, аз се калимаи малеҳ: *хуш, омад* ва *гӯй* таркиб ёфтааст. Инчунин, шоир ин калимаро низ дар мисоли мазкур ба маънои маҷозӣ корбаст намудааст.

Вожаи арабии ***касофат*** аз решаи *касиф* (ифлос) гирифта шуда ё ба тағйироти маънӣ гирифтор гардидааст ва ё доираи маънии худро маҳдуд сохтааст. Вай дар луғат *ғафс, ғализӣ*, *гирифтани офтоб ва моҳ* маънидод шудааст [16, Ҷ-I.с.543]. Дар забони дарӣ касофат мусарро гӯянд, иртобат бо ифлос. Аммо дар мардуми ҷануб онро дар ифодаи мафҳуми одами *шумқадам* ва *нопок* ба кор мебаранд. Чунончи:

Хуршед рӯй пӯшад аз дидани *касофат,*
Боди равон ба ҳар кӯ бо дав барад ҳикоят [15, с.145].

Ё ки:

Зиндагӣ бо ин *касофатзодаҳо,*
Гӯй, ки бар дидаи кӣ дилбар аст? [13, с. 532].

Дар байти:

Чор сӯ тарёкӣ рафтан *бераҳа,*
Рехт аз фанду дурӯғи бешумор [9, с. 7].

Вожаи ***бераҳа*** ба гурӯҳи калимаҳои сохта дохил шуда, роҳи чапғалат, роҳи ғайримаъмул; бераҳа кардан, касеро аз роҳ задан, гумроҳ кардан, ба роҳи ғалат бурданро ифода кардааст. Вале дар забони гуфтугӯйӣ вожаи мазкур ба маънои *каҷрафтор, бадахлоқ* (*шахси бераҳа*) низ истифода мешавад.

Вожаи содаи ***даҳан*** дар забони адабӣ оҳанги мусбат дошта, ба худ пешванди «*бе-*» қабул намуда, тағйири маъно намудааст. Чунончи:

Онҳое, ки банди хархашаи мову ман шуданд,
Лофи зиёд гуфта ҳама *бедаҳан* шуданд [15, с.173].

Бедаҳан шахсеро гӯянд, ки *баддаҳон, бадзабон, бадгап, сергап, лаққӣ* мебошад, суханҳои *ноҷо ва бемантиқро* ба забон оварда, яъне *беандеша, бетааммул* сухан мегӯяд.

Дар байти:

Ба рӯзи ростӣ, бошӣ агар *ғар,*
Бигардад як бари рӯят муқарар [13, с.487].

Вожаи ***ғар***-ро Карим Замонӣ *марди занбоз, шаҳватҷӯй* ташреҳ намудааст ва шоҳид ин байтро меорад:

Ҳаму хубе, дилбаре меҳмони ғар,
Бонги чангу барбате дар пеши кар [3, дафтари 6, с.1134].

Бояд гуфт, ки дар нутқи омиёна вожаи ***ғар*** нисбати ҳам марду ҳам зани бадкораву булҳавас ва беҷогард ба кор бурда мешавад. Аммо дар мисоли мазкур ба маънои *одами бад* ва *бадкор* омадааст.

Дар байти:

Маст гашта *лаққии* ҳар дар шудам,
Бар суханҳои қабеҳ чокар шудам [12, с.39].

Ё ки:

Се-чор *лаққизодаи* омодаи ғайбат,
Нафъе нарасонда сари мӯе ба ҷамоат [12, с.45].

Вожаи ***лаққӣ*** дар забони омиёна маъмул буда, ба гурӯҳи калимаҳои манфӣ дохил мешавад ва ба маънои *сергап, серҷоғ, ҳарзагӯй, бемаънигӯ, пургӯй* ва *ёвагӯй* истифода бурда мешавад. Дар ашъори А. Сафар низ ба ҳамин маъно корбаст гардидааст.

Калимаи содаи ***пакар*** хосси забони омиёна буда, дар мисоли зерин муродифи *гаранг* мебошад. Чунончи:

Карда будам дарди сар беҳад *пакар,*
Рафта буд аз ёди ман шаъни падар [12, с.39].

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ин вожа чунин шарҳ дода шудааст*: ғамгин, малӯл, хастадил* ва *ҳайрон* [17,ҷ-II. с. 60]. Аммо дар «Фарҳанги Доро» чунин шарҳ ёфтааст: ноумед, *афсурда; гиҷ, саргашта, ҳайрон; хавф аз пирӣ* [1, с.319].

Дар байти:

Ҳар ки айбатро бигӯяд, *ганда* мехонӣ варо,
Бо қасам тӯҳматгару *шарманда* мехонӣ варо [12, с.133].

Ё ки:

Дар гиряву фиқ-фиқ шудӣ,
Шарманда чун *фосиқ* шудӣ [12, с.116].

Вожаи ганда аз нигоҳи сохтор сохта буда, аз ҷузъи ганд: дар забони паҳлавӣ gand бӯйи бад, бадбӯйӣ, уфунат; касофат [1, с.101] ва кардан инчунин пасванди «-а» таркиб ёфта, маънои гандагиро ифода намуда, танҳо ба порчаи шеърӣ содагиву оҳанги халқӣ

бахшидааст ва нисбат ба муродифи адабиаш бад бартарие надошта, дар мисоли мазкур ашхосеро далолат мекунад, ки бад, бадхӯй, бадаъмол мебошанд. Дар «Фарҳанги Доро» ин калима чунин маънидод гардидааст: бад (зидди хуб); ганд <одами ганда, одати ганда, гапи ганда, кори ганда, ганда дидан, ганда шудан, якеро ба дигаре ганда кардан (ба маънии бад нишон додан), ганда нигоҳ кардан [16, с.101].

Дар асл *ганда* аз *гандида*, *аз вайроншуда* маншаъ гирифта, *бадбӯйиро* ифода мекунад [2, с. 80]. Инчунин калимаи сохтаи *шарманда* аз ҷузъи *шар* (калимаи арабӣ буда, маънои *бадӣ, зиён, зарарро* дорад [8, Ҷ.II. с.327]) ва пасвандҳои *–манд* ва «*-а»* таркиб ёфта, дар мисолҳои боло ба маънои *шармсор, хиҷолатзада, хиҷил, шарманда кардан, касеро дар хиҷолат монондан, беобрӯ кардан (касеро бо фош кардани ягон кори қабеҳ), шарманда шудан, дар хиҷолат мондан* [19, Ҷ.II, с.655] омадааст. Ин калимаҳо дар забони гуфтугӯйӣ хеле серистеъмоланд.

Вожаи ***пук*** *(дарунхолӣ)* дар «Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро» чунин шарҳ дода шудааст: ҳар чизе, ки ба қадри даркорӣ пур набошад; одами камақли сустдаҳон, ки ҳар сирро, бе он ки қасд карда бошад, дар ҳар ҷо гуфтан мегирад [4, с.190]. Аммо дар мисоли зерин ба маънои *бефаҳм* ва *нодон* омадааст. Чунончи:

Гашт райпо аз раиси *пук* пок,
Ҳам мудири мо шудаст акнун *ликок* [12, с.121].

Дар мисраи дигар калимаи содаи ***ликок*** омадааст, ки ба маънои мусбат *ҷунбонак, ликонак шудан, суст шудани кор* истифода бурда мешавад, аммо дар мисоли мазкур тағйири маъно намуда, ба маънои *дар вазифа ноустувор будан* омадааст.

Вожаи ***шақ-шақ*** тақлиди овози парранда (акка) буда, дар мисоли зерин пасванди *–ӣ* қабул намудааст ва ба маънои маҷозӣ омада, *пургӯйиро* далолат кардааст. Чунончи:

Эй аккаи шақшақӣ,
Шақ-шақкунон мелаққӣ [12, с.187].

Дар мисраи дигар бошад, бо сабаби ба вуҷуд наомадани хатоии услубӣ ба ҷойи калимаи малеҳи *сухан кардан*, калимаи қабеҳи *мелаққӣ* оварда шудааст.

Дар байти:

Якташ буд бисёр *гоҷ,*
Нӯги биниш як қулоч [13, с.44].

Вожаи ***гоҷ*** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ дода шудааст: *аҳмақ, аблаҳ* [17,ҷ-II. с. 261]. Инчунин дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» чунин оварда шудааст: *гоҷала (гоҷ) лаққӣ, ҳарзагӯй* [6, с.159]. Ин калима ба шаклу маънии мазкур ба лаҳҷаи мардуми Яғноғлик, яъне гурӯҳи раштӣ мансуб аст. Дар «Фарҳанги Доро» доир ба ин калима чунин маълумот дода шудааст: гоҷ; *аблаҳ, аҳмақ, фачгап, кавда* [1, с.190]. Инчунин, дар гӯйиши мардум шахси *беҳудагӯ* ва *гарангро гич мегӯянд.* Ашӯр Сафар ин калимаро дар ашъораш ба ҳамин маъно корбаст намудааст.

Вожаи мураккаби ***ҳавоигӯ*** хосси забони омиёна буда, ба маънои *дурӯг (сафсата, подарҳаво) гуфтан, беҳудагӯӣ (ҳарзагӯӣ, сафсатагӯӣ) кардан; муболиға кардан* омада, бо шаклу маънии мазкур танҳо дар лаҳҷаи мардуми ҷануб ва шимоли Кӯлоб дар гардиш мебошад [5, с. 785] ва ба шахсе нисбат дода мешавад, ки беасос, бедалел сухан мегӯяд, яъне надониста ва нофаҳмида сухангӯйӣ мекунад. Чунончи:

Шунидам: пеши ту, ҳам дар забони ту,
Мани ҳақгӯ *«ҳавоигӯ»* лақаб дорам [14, с.80].

Дар байти:

Аҷаб мафияе, ки аз азал *шикамчарон* бошанд,
Хумор ояд, ба сӯйи майфурӯшон дав-давон бошанд [14, с.30].

Вожаи мураккаби ***шикамчарон*** дар ҳаққи шахсе гуфта мешавад, ки *пурхӯр буда*, он ҳамеша дар пайи хӯрокхӯрӣ ва дар ҷустуҷӯйи хӯрокҳои лазиз мебошад. Шоир низ онро бо ҳамин маъно дар порчаи мазкур корбаст намудааст.

Вожаи ***фач*** хосси забони омиёна мебошад ва дар «Фарҳанги Доро» чунин шарҳ ёфтааст: *фач/фаж:* паҳлавӣ āazag бадӣ*;* суғдии монавӣ. *βyj, ’βj* бад, зишт, дард, гуноҳ, бемаза *, βj, ’βyz, βz, ’βj ’βz, βyz, ūyž, ūazdya;* авестоӣ. *Ūada;* сакоии хутанӣ. *ūásdā, решаи ūad: ūand;* решаи ҳинду-аврупоӣ. *ūhen* 1. таъми бенамакӣ ё камнамакии таом. 2. хӯроки бенамак ё камнамак. 3. таом ё нӯшокии бемазза. 4. гуфтори пуч, сухани бемаънӣ ва беҳуда. 5. шахси беҳудагӯ, фачгап. 6. *(маҷ.)* беҳуда, бемаънӣ [1, с.448-449]. Вале дар мисоли зерин ба маънои *бад* омадааст. Чунончи:

Шохи оҳу чаро каҷ!
Овози ӯ чаро *фач?* [12, с.80].

Дар байти:

Карданд аҷаб кашокаш,
Хӯрдан аҷаб *фашофаш* [12, с.75].

Вожаи тақлидии ***фаш-фаш***, ки бо нимтире навишта мешавад, дар мисоли мазкур ба худ миёнванди *«-о-»* қабул намуда, якҷо навишта шудааст ва хосси забони омиёна буда,

амали иҷро намудани предметро далолат намуда, ба маънои *тез-тез ва саросема хурок хӯрдан* омадааст.

Вожаи мураккаби ***балохӯр*** аз ду реша *бало* ва *хӯр* таркиб ёфта, ба гурӯҳи калимаҳои манфӣ дохил мешавад ва нисбати ашхосе гуфта мешавад, ки *пурхӯр мебошанд.* Чунончи:

Қафо монад *«балохӯр»* бо ҳама зӯр аз *бало хӯрдан*,
Наяст осон ба саҳрои мазоҳаш роҳ паймудан [11, с.14].

Аммо ибораи ***бало хӯрдан*** дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин шарҳ дода шудааст: шахсе, *ки аз ҳисоби дастранҷи дигарон рӯз мегузаронад, муфтхӯр* [18, Ҷ-І. с.134].

Дар байти:

Соли аввал *мурд* бобоят Расул,
Хок кардаш дар ҳамин саҳро қабул [15, с.85].

Вожаи ***мурдан*** ба гурӯҳи калимаҳои қабеҳ дохил мешавад. Муродифҳои мусбати он *аз дунё гузаштан, қазо кардан, чашм пӯшидан, бандагиро ба ҷо овардан* ва ғайра мебошад.

Ашӯр Сафар дар ашъораш вожаву таркиб ва ибораҳои манфиеро барои фош намудани ҳаёти иҷтимоии даврони худ ва инъикос намудани образҳои манфии персонажҳо, инчунин дар ҳаёти шахсии худ, яъне муносибат байни пастинатиҳои мардум, сиёҳкориҳо, кӯтоҳназарон ва ғайра истифода намудааст, ки хеле ҷолиби диққат мебошанд. Вай то андозае кӯшидааст, ки хислати манфии ин гуна шахсонро бо тарзу воситаҳои таъсирноки ҳаҷвӣ тасвир созад.

А Д А Б И Ё Т

1. Доро Наҷот. Фарҳанги Доро. – Душанбе: Пайванд, 2012. – 572 с.
2. Кабиров Х. Султони мулки сухан / Х. Кабиров. – Душанбе, 2011.–150 с.
3. Карим Замонӣ. Шарҳи ҷомеи «Маснавии маънавӣ» (дар ҳафт дафтар) – Теҳрон: интишороти иттилоот, 1384 ҳ.ш. Дафтари якум, 1140 с. Дафтари шашум, -1262 с.
4. Маҳмудов М. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро / М. Маҳмудов, Б. Бердиев. – Душанбе: Дониш: 1989. – 280 с
5. Маҳмудов М. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / М. Маҳмудов, Ғ.Ҷӯраев, Б. Бердиев. – Душанбе: 2012. – 952 с.
6. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатнома / Ҳ. Маҷидов. –Душанбе, 2007. -Ҷ.1. -242 с.
7. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёсуллуғот. - Душанбе: Адиб, 1988. -Ҷ.II.– 416 с.
8. Нуров А.Фарҳанги осори Ҷомӣ / А. Нуров. -Душанбе; ЭСТ, 1984. –Ҷ. II. – 608 с.
9. Сафаров А. Самари умр / А. Сафаров. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 271 с.
10. Сафаров А. Рӯзи сиёҳ / А. Сафаров. – Душанбе: Маориф, 1984. – 80 с.
11. Сафаров А. Раиси Миралӣ / А. Сафаров.– Душанбе: Ирфон, 1985. –47 с.
12. Сафаров А. Гапи подор / А. Сафаров. - Душанбе: Ирфон, 1987.– 224 с.
13. Сафаров А. Гулбоғ / А. Сафаров. – Душанбе: Адиб, 1990. – 544 с.
14. Сафаров А. Хӯшаи нур / А. Сафаров. – Душанбе: Адиб, 1998. – 224 с.
15. Сафаров А. Борони ҳидоят / А. Сафаров. – Душанбе: Адиб, 2008. –336 с.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – Москва: Советская энсиклопедия, 1969. –Ҷ. І. – 952 с.
17. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – Москва: Советская энсиклопедия, 1969. –Ҷ. ІІ. – 952 с.
18. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. (А– Н). -Душанбе: 2008. -Ҷ. І. - 950 с.
19. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. (О– Я). -Душанбе: 2008. - Ҷ. ІІ. - 945 с.
20. Ҳусейнов Х. Забон ва услуби «Одина»-и устод Айнӣ / Х. Ҳусейнов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 255 с.
21. Шафиев Ф. Ашӯр Сафар ва муҳити адабии Кӯлоб / Ф.Шафиев. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – 162 с.

ВОЖАҲОИ БАЁНГАРИ ЭҲСОСОТУ МАЙЛҲОИ ИРОДАВИИ МАНФӢ ДАР АШЪОРИ АШӮР САФАР

Дар мақолаи мазкур чанде аз вожаҳои баёнгари эҳсосоту майлҳои иродавии манфии ашъори А. Сафар мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аз мисоли порчаҳои шеърӣ маълум мегардад, ки истифодаи моҳиронаи чунин ибораҳо ашъори шоирро пурмазмун ва пуробуранг намудаанд. Дар ашъори шоир вожаҳои баёнгари эҳсосоту майлҳои иродавии манфӣ ба назар мерасанд ва таҳқиқу таҳлили онҳо аз нигоҳи забонӣ тақозои замон мебошад. Истифодаи онҳо ба ҳусну қубҳи шеър таъсир намерасонад. Ҳангоми истифодабарии оқилона вазну қофияи шеър халал наёфтааст. Дар ин мақола бештар вожаҳое мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, ки онҳо образҳои манфии шахсони манфиатҷӯву судхӯр ва кӯтоҳназару сиёҳкорро инъикос кардаанд. Чунин вожаҳо дар гуфтори омиёнаи мардум вомехӯранд, шоир нисбат ба шаклҳои адабии гуфтугӯӣ намуди омиёнаро бештар корбаст намудааст. Ашӯр Сафар, ки устоди шеъри ҳаҷвӣ низ буд, дар байни мардум бо шеърҳои ҳаҷвиаш маҳбуб гардида буд. Чунин истифодабарии калимаҳо ё терминҳо дар ашъори классикони тоҷик низ вомехӯранд.

Калидвожаҳо: вожа, таркиб, калимаҳои қабеҳ, маъноҳои дурушт ва ҳақоратомез, калимаҳои услуби паст, ҳаҷв, суханҳои нешдору маҷозомез, порчаи шеърӣ, маънои маҷозӣ.

ЛЕКСИКА, ВЫРАЖАЮЩАЯ ОТРИЦАТЕЛЬНЫЕ ЧУВСТВА И ВОЛЕВЫЕ ЖЕЛАНИЯ В ТВОРЧЕСТВЕ АШУРА САФАРА

В данной статье подвергнуто исследованию несколько слов, выражающих отрицательные чувства и волевые желания в творчестве А. Сафара. Из примеров стихотворных строк становится ясно, что мастерское употребление таких словосочетаний делает творчество поэта содержательным и красочным. В творчестве поэта наблюдаются слова, выражающие отрицательные чувства и волевые желания, и их исследование и анализ с лингвистической точки зрения является велением времени. Их употребление не оказывает влияние на красоту и недостатки стихотворения. При их умелом употреблении не причиняется ущерб ритму и рифмовке стихов. В этой статье больше всего подвергнуты исследованию слова, которые отражают отрицательные образы лиц, стремящихся к выгоде, ростовщиков, недальновидных и подлых. Такие слова встречаются в народном просторечии, поэт относительно литературных форм преимущественно употреблял просторечие. Ашур Сафар, являющийся мастером

сатирических стихотворений, был любим среди народа. Такое употребление слов или терминов также встречается в творчестве классиков таджикской поэзии.

Ключевые слова: слово, состав, ругательные слова, грубые и ругательные значения, лексика низкого стиля, сатира, язвительные и аллегорические слова, стихотворный отрывок, переносное значение.

LEXICO EXPRESSING NEGATIVE FEELINGS AND WILL-WISHING DESIRES IN THE CREATIVITY OF ASHUR SAFAR

In this article, several words were expressed, expressing negative feelings and strong-willed desires in the works of A. Safar. From examples of poetic lines it becomes clear that masterful use of such phrases makes the poet's work meaningful and colorful. In the work of the poet words are expressed that express negative feelings and strong-willed desires, and their study and analysis from a linguistic point of view is the dictates of time. Their use does not affect the beauty and shortcomings of the poem. With their skillful use they do not damage the rhythm and rhyme of the poems. In this article, words that reflect negative images of persons seeking profit, usurers, short-sighted and mean ones are most exposed to research. Such words are found in folk vernacular, the poet in relation to literary forms predominantly used vernacular. Ashur Safar, who is a master of satirical poems, was loved among the people. Such use of words or terms is also found in the works of the classics of Tajik poetry.

Key words: word, composition, abusive words, coarse and abusive meanings, vocabulary of low style, satire, stinging and allegorical words, poetic passage, figurative meaning

Сведения об авторе: ***Джалилова Анварби Негматовна*** **-** Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, ассистент кафедры таджикского языка и методики переподавания. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова, 16. Тел.: **(+992) 985-06-30-51**

Information about the author: ***Jalilova Anvarbi Negalmatova*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, assistant of the Tajik language department and methods of teaching. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, st. S.Safarova, 16. Tel.: **(+992) 985-06-30-51**

УДК: 491.550+891.550-1

НАҲВ: АЗ ЛУҒАТ ТО ИСТИЛОҲ

Исмонов К.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз ҷумлаи мавзӯоти баҳсбарангез дар забоншиносии араб чигунагии ба майдон омадани забоншиносии мазкур ва, ҳамзамон бо ин, таҳлилу баррасии вазъу ташаккули истилоҳоти марбут ба он аст. Воқеан, баррасии таърихи ташаккули истилоҳот бисёр лаҳзаҳои печидаи ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва ҳатто дараҷаи тараққиёти ин ва ё он соҳаро дар марҳилаҳои мухталифи шаклгирии миллатҳо равшан месозад. Ҳар андешаи нави маънавӣ ва ҳар падидаи тозаи моддӣ, ки дар ҷомеа пайдо мешавад, тағйирот ва дигаргуние дар низоми вожагон ва истилоҳоти ҷории забони он ҷомеа падид меоварад [8, с.3].

Тибқи қоида истилоҳ ба маонии луғавии вожа робитаи ногусастанӣ дошта, такя ба яке аз маонии луғавӣ сифати комили шайъ ва ё сифате аз онро дар худ таҷассум мекунад. Вале ҳолатҳое ҳам мешавад, ки истилоҳи илме бе такя ба маонии луғавии вожа ва бе ягон ифодаи сифати мадлули худ аз ин ё он падидаи илмӣ намояндагӣ мекунад. Ва истилоҳи наҳв низ, бе тардид, ба ҳамин гурӯҳи дувуми истилоҳот дохил мешавад.

Дар фарҳангномаҳои тафсирии арабӣ 8 маънои луғавии вожаи наҳв оварда шуда, калимаҳои қасд, сарф, мисл, миқдор, ҷиҳат/ноҳия, навъ/қисм ва баъз ҳамчун муродифи он ёдоварӣ гаштааст. Муродифоти тафсиркунандаи вожаи наҳвро Довудӣ ном наҳвии араб ин гуна ба ришгаи назм кашидааст:

Линнаҳви сабъу маъонин қад атат луғатан,
Ҷамаътуҳо зимна байтин муфрадин камуло.
Қасдун ва мислун ва миқдорун ва ноҳиятун,

Навъун ва баъзун ва ҳарфун фаҳфаз-ил-масало [2, с.58; 6, с.7]. (Тарҷума: Аз нигоҳи луғавӣ наҳв ба ҳафт маонӣ меояд, ки онҳоро дар як байт гирдоварӣ намудам: қасду монандӣ, миқдору тараф, навъу бархе ва гӯша. Пас, инҳоро дар хотир дор). Дар ин байт маонии ҳаштум, ки муродифи сарф-баргардондан аст, оварда нашудааст.

Маонии луғавии наҳв дар “Фарҳанги шомили арабӣ-тоҷикӣ”-и устод С.Сулаймонов ба таври зайл оварда шудааст: наҳв 1) сӯ, тараф, ҷиҳат, самт, оҳанг, қасд; 2) ниҳоят, охир; 3) кунҷ, гӯша; 4) маҳал, минтақа, бахш, ноҳия; 5) равиш, расм, ҷинс, тарз, навъ, намуд; 6) монанд, мисл; 7) андоза, миқдор [10, с.1219]. Вожаи наҳв дар забони тоҷикӣ на ба маънои луғавӣ, балки танҳо ба ҳамон маънои истилоҳияш, ки ифодагари дастур, грамматика ва синтаксис [10, с.1219; 11, с.904] аст, корбурд мешавад. Ҳарчанд дар нимаи дувуми асри гузашта вожаи мазкур ба гурӯҳи вожаҳои архаизмӣ дохил мешуда бошад ҳам, вале бо соҳибистиқлолӣ ба гунае ин вожа дубора эҳё гашт ва имрӯз дар китобу мақолаҳои

донишмандони забону адаб истилоҳи наҳв на фақат дар робита ба дастури забони арабӣ, балки ҳамчун ҷойгузини истилоҳи синтаксис истифода мешавад.

Аз баррасии таърихи наҳви арабӣ бармеояд, ки истилоҳи наҳв ба монанди худи илми наҳв ба фарқ аз дигар истилоҳоти забоншиносӣ на дар оғози пайдоши Ислом, балки каме дертар ба майдон омадааст. Зеро донишмандони мусулмону араб нахуст ба донишҳои исломиву шаръӣ рӯ оварда, ҳама малакаву истеъдоди худро барои фаҳму дарк ва тафсиру таъвили он равона намуда буданд. Чи тавре Ҷалолиддини Суютӣ таъкид намудааст: “Сар аз асри дувуми ҳичрӣ донишмандони исломӣ ба гирдоварии ҳадиси набавӣ пардохта, дар фиқҳи исломӣ ва тафсири Қуръони карим китобҳо таълиф намуданд. Баъд аз анҷоми тадвини донишҳои мазкур донишмандон ба гирдоварии донишҳои ғайришаръӣ, аз ҷумла ба ҷамъи забону наҳв рӯ оварданд”. Андешаҳои наҳвӣ ва бархе талошҳое, ки дар асри аввали ҳичрӣ дар робита ба масоили забонӣ сурат гирифтааст, аслан на барои забон, балки бинобар ангезаи динӣ доштан ва фаҳми оёти қуръонӣ ба майдон омадааст [5, с.79]. Ба ин тартиб, истилоҳоти наҳвии эъроб, заммаву фатҳа ва касраву сукун, накираву маърифа, мавсулаву замир, исму феъл, ҳарф ва ғ., ки аз истилоҳоти калидии наҳв ба шумор мераванд, пеш аз истилоҳи наҳв аз ҷониби донишмандон мавриди корбурд қарор мегирифтаанд.

Дар таърихи наҳви арабӣ ин нукта таъкид мешавад, ки то ривоҷ ёфтани истилоҳи наҳв донишмандон андешаҳои забонӣ ва дастурии худро дар зери дигар истилоҳ истифода менамуданд. Масалан, вожаи “ал-арабия”, ки имрӯз ба забони арабӣ итлоқ мешавад, дар асрҳои аввали ҳичрӣ ба маънои дастури забон корбурд мешудааст. Аз ҷумла, дар осору ривоёти саҳобагону тобеин истилоҳи “ал-арабия” ба таври васеъ корбурд мешудааст. Чунончи, Умар ибни Хаттоб (р) таъкид намудааст: “таъаллам-ул-арабията, фаиннаҳо тушаббибу-л-ақла ва тазиду филмуруа” (Тарҷума: дастури арабиро омӯзед, зеро он ақлро расо ва ҷавонмардиро меафзояд) [6, с.8].

Ин вожа на фақат пеш аз ташаккули истилоҳи наҳв, балки пас аз он низ аз ҷониби донишварон ба маънои забоншиносӣ истифода мешудааст. Аз ҷумла, номгӯи зерини китобҳои донишмандони гузашта: “ал-Возеъ фи илм-ил-арабия”-и Зубайдӣ, “ал-Ламаъ фи илм-ил-арабия”-и Ибни Ҷиннӣ, “ал-Муфассал фи илм-ил-арабия”-и Замахшарӣ, “Асрор-ул-арабия”-и Ибни Анборӣ, “ал-Хулосат-ул-алфия фи илм-ил-арабия”-и Ибни Молик, “ал-Азҳарията фи илм-ил-арабия”-и Холид ал-Азҳарӣ ва ғ., ки ҳамагӣ ба қонуниятҳои сарфиву наҳвии арабӣ бахшида шудаанд, далели корбурди таърихии истилоҳи арабия ба маънои наҳв мебошанд [2, с. 65].

Вожаи калом, ки имрӯз дар забони арабӣ ифодагари маонии луғавию истилоҳии 1) гуфта, гуфтор, гап, сухан; ҷумла, ибора; суҳбат, гуфтугӯ; забон; 2) фиқҳ. марбут ба илми калом; 3) каломӣ [10, с.1081] ва дар забони тоҷикӣ ифодагари 1. сухан, гап, гуфтор ва 2. илме мебошад, ки дар он аз эътиқодҳои динӣ баҳс карда мешуд [11, с.582], истилоҳи дувуме унвон мешавад, ки муодили вақти наҳв будааст. Чунончи, аз Абуласвад ад-Дуалӣ ривоят мекунанд, ки вақте хатоҳои забонии ғайриарабҳоро шунид, гуфт: “Инҳо бародарони моанд, пас, чаро мо онҳоро калом, яъне наҳв наомӯзонем” [6, с.9].

Истилоҳи савуме, ки дар таърихи забоншиносии араб ба маънои наҳв корбурд мешудааст, истилоҳи лаҳн мебошад. Вожаи лаҳн, ки дар “Фарҳанги шомили арабӣ-тоҷикӣ” маони зайли луғавии он оварда шудааст: 1) қасд (оҳанг) ба коре; 2) иштибоҳ, ғалатхонии ҳаракатҳо (эъроб); 3) овоз, ово, садо (-и мусиқӣ); 4) наво, нағма, оҳанг; 5) шеваи сухан, забон, лаҳҷа; 6) лағзиш, иштибоҳ, ғалат, хато, саҳв (дар сухан); 7) маъно, мурод, мафҳум [10, с.1111] ва дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба маонии 1. оҳанги гуфтор; овоз. 2. нағма, оҳанг, наво [11, с.717] корбурд мешавад, дар марҳилаи пеш аз ташкилшавии забоншиносии араб, ки ба истилоҳи марҳилаи шафавии забоншиносии мазкур низ ёд мегардад, баёнгари риояи қавоиди наҳвӣ будааст. Чунончи, аз халифаи дувуми рошидин Умар ибни Хаттоб (р) ривоят менамоянд, ки гуфта: “таъалламу ал-фароиза, ва-с-сунната, ва-л-лаҳна, камо татаъалламуна-ал-Қуръона” (фароизу суннат ва лаҳнро омӯзед, ҳамон гунае, ки Қуръонро меомӯзед”. Вақте Язид ибни Ҳорун ин ҳадисро ривоят кард, аз ӯ пурсиданд: Мо ал-лаҳну? Қола: ан-наҳву (Лаҳн чист? Гуфт: наҳв). Ибни Асир низ дар ҳошияи ин ҳадис гуфта, ки “мурод дар ин ҷо омӯзиши забони арабӣ бо эъроб мебошад” [6, с.9]. Вале каме баъдтар, дар оғози ташкилшавии забоншиносии араб лаҳн аз маънои наҳв удул карда, ҳамчун истилоҳе, ки ифодагари хато намудан дар қавоиди наҳвӣ мебошад, истифода мегардад. Маҳз далолати вожаи лаҳн ба риояи қоида дар як марҳилаи таърихӣ ва ишора ба хато дар марҳилаҳои баъдӣ муҷиби дар гурӯҳи вожаҳои аздод ёд шудани он гаштааст. Аз ҷумла, Абулқосим ал-Анборӣ мегӯяд: “лаҳн аз ҷумлаи аздод аст, чун ба сухани саҳеҳ ва сухани хато итлоқ карда мешавад” [6, с. 12].

Истилоҳи дигаре, ки аз нигоҳи донишмандони гузаштаву имрӯзи араб аз истилоҳи наҳв таърихи қадимтар доштаву то имрӯз ба гунае муодилу ҷойгузини он шуда меояд, истилоҳи эъроб мебошад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки вожаи эъроб дар асри савуми ҳичрӣ ба маънои истилоҳи наҳв истифода мешудааст. Чунончи аз-Заҷҷоҷӣ (ваф. 337ҳ.)

мегӯяд: «наҳв эъроб ва эъроб наҳв номида мешавад, зеро мақсуд (аз ҳар ду вожа) ҷустҷӯйи як илм аст» [1, с.91]. Бархе аз пажӯҳишгарон аз ривояте, ки ба Умар ибни Хаттоб (р) нисбат дода мешавад: «бояд Абуласвад ба аҳли Басра эъробро таълим диҳад» [9, с.53], чунин истинбот мекунанд, ки калимаи эъроб ҳамчун истилоҳи забоншиносӣ аз калимаи наҳв дида таърихи қадимтаре дорад. Ҷалолиддини Суютӣ низ такя ба ин ривоят ва сухани Молик ибни Анас, ки гуфта: «эъроб перояи забон аст, пас, забонҳои худро аз ин пероя маҳрум насозед» [12, с.23], истифодаи эъробро ба маънои наҳв ҳанӯз аз асри якуми ҳичрӣ мешуморад [6, с.14]. Вале донишмандон барои равшан кардани масъала мегӯянд, ки агар ривояти мазкур дуруст бошад, дар он сурат вожаи эъробро дар он на ҳамчун истилоҳи забоншиносии араб, балки ба маънои луғавияш бояд маънидод намоем, зеро илми наҳв баъд аз хилофати Умар (р) ба майдон омадааст ва аз ҳар гуна мантиқ дур аст, ки пеш аз таъсиси илме истилоҳоти он машҳур бошад [3, с.257]. Ба назари мо эъроб дар марҳилаи нахуст на ба маънои наҳви истилоҳӣ, балки ба маънои пайравӣ ва пойбанд будан ба равиши забони адабии араб ва таҷассуми вижагиҳои арабӣ дар гуфтор будааст.

Аз сарчашмаҳои дигари қадима, ки эъроб дар онҳо ба маънои наҳв истифода шудааст, китоби «Милҳат-ул-эъроб»-и Ҳарирӣ (ваф.576ҳ.) ва «Фусул-ул-хамсун»-и Ибни Муътӣ (тав.628ҳ) мебошад

Ба ҳамин тартиб, агар дидгоҳи забоншиносони гузаштаи арабро дар мавриди эъроб пайгирӣ намоем, дармеёбем, ки аксари онҳо ба эъроб ҳамчун як падидаи меҳварии забони арабӣ назар намуда, гоҳе онро баробари наҳв ва гоҳе наҳвро дар он хулоса намудаанд ва дар таҳкиму боқӣ мононданди он дар забони арабӣ ҳиммат гумоштаанд [7, с.53].

Маҷоз аз вожаҳои дигари арабист, ки дар баробари дар феҳристи нахустин истилоҳоти забоншиносии араб будан, боз дар марҳилаи ташкилёбии ин забоншиносӣ ба маънои наҳв, ҳатто фаротар аз он - забоншиносӣ истифода мешудааст. Бад-ин гуна, ки далолати ин истилоҳ танҳо ба дигаргунии охири вожаҳо маҳдуд нагашта, балки ба услуби баёну нозукадоии суханвар ишора менамудааст [6, с. 15].

Чи тавре ишора шуд, мушкилоти истилоҳи забоншиносӣ ва он ҳам дар сархати истилоҳоти мазкур қарор гирифтани вожаи наҳв ин пайванди бевосита надоштани он ба падидаҳои дастуриву забонӣ мебошад. Ҳамин аст, ки донишмандони араб дар дарозои таърих ба гунае маънои истилоҳии наҳвро ба маонии луғавии он пайванд намудаанд. Аз ҷумла, Ибни Сикит маънои истилоҳии наҳвро баргирифта аз маъное мешуморад, ки далолат ба таҳрифу дигаргунӣ менамояд: “Наҳвиро ба он хотир наҳвӣ меноманд, ки суханро бо навъҳои эъроб таҳриф мекунад”. Вале бештари донишмандон маънои истилоҳии наҳвро баргирифта аз маъное медонанд, ки ифодагари қасд аст. Дар робита ба ин Ибни Форис ишора намудааст, ки “мақсад аз наҳв қасди усули калом ва сухан гуфтан ба гунаест, ки арабҳо сухан мегӯянд” [2, с.59].

Нуктаи ҷолиб дар робита ба таърихи истилоҳи наҳв он аст, ки тибқи ривоятҳо истилоҳи мазкур дар замони Абуласвад ад-Дуалӣ ба майдон омада бошад ҳам, вале корбурди он каме баъдтар аз ҷониби Абдуллоҳ ибни Абӯисҳоқи Хазрамӣ сурат гирифтааст, ки мавсуф ба таъкиди таърихнигорон нахустин наҳвие ба шумор меравад, ки ба мустақилияти наҳв аз дигар илмҳои забоншиносӣ ишора намудааст. Дар ҳоле ки таърифи наҳв ҳамчун истилоҳе, ки бори илмеро ба дӯш мекашад, дар авохири асри савуми ҳичрӣ ва он ҳам аз ҷониби Ибни Сироҷ ворид шудааст. Чунончи Ибни Сироҷ дар таърифи наҳв мегӯяд: “Наҳв илмест, ки гузаштагон ба он аз таҳқиқу истиқро (индуксия)-и каломи араб даст ёфтаанд [2, с.66].

Бад-ин тартиб, аз нигоҳи истилоҳӣ наҳв ба илме гуфта мешавад, ки меҳвари онро сохтори ҷумла ва иртиботи калимаҳо бо ҳамдигар ва тағйироти эъробии исму феълҳо ташкил мекунад. Чунин таърифи наҳв ба пажӯҳанда имкон медиҳад, ки наҳвро муодили синтаксис унвон намояд, вале таҳқиқ ва баррасии ин илм маонии онро фаротар намуда, муодил ба грамматика ва дастури забон мегардонад. Ба ибораи дигар, наҳви араб танҳо ба баёни сохтори ибораву ҷумла ва алоқаи байни калимаҳо маҳдуд нагашта, балки дар худ савтиёту морфологияро низ дар бар мегирад, аз ин рӯ, метавон наҳви арабиро грамматикаи араб номид.

Хулоса, истилоҳи наҳв бархоста аз забони арабӣ буда, аз ҳеҷ забоне тарҷума нагаштааст ва ин ифодагари он аст, ки забоншиносии араб, чи аз нигоҳи ташкил ва чи аз нигоҳи истилоҳофаринӣ, аз забоншиносиҳои ҳиндиву юнонӣ ва сурёнӣ таъсир напазируфтааст. Ҳамзамон, истилоҳи наҳв гоҳе ба маънои маҳдуд- синтаксис ва гоҳе ба маънои васеъ-забоншиносӣ фаҳмида мешавад. Ҳангоми ифода намудани маънои синтаксис муодили он истилоҳи эъроб ва дар мавриди ифодаи забоншиносӣ муодили он истилоҳи аларабия шуда метавонад.

Чи тавре ишора шуд, корбурди истилоҳи наҳв дар мутуни китобҳои форсии тоҷикии тоинқилобӣ, хусусан, дар китобҳои ба забоншиносӣ марбут ба таври густарда ба назар расад ҳам, вале аз солҳои сиюми асри гузашта то арафаи соҳибистиқлолӣ истифодаи ин истилоҳ дар забони тоҷикӣ камранг гаштан гирифт ва ба назар мерасад, ки пас аз

соҳибистиқлолӣ ба гунае ин истилоҳ боз эҳё гашта, аз ҷониби забоншиносони тоҷик ҳамчун муодили синтаксис ба кор меравад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулқосим аз-Заҷҷоҷӣ. Ал-Изоҳ фи илал-ин-наҳв: таҳқиқу Мозин Муборак. – Дор-ун-нафоис, 1979. – 159 с. [бо забони арабӣ].
2. Алӣ Ҳасан Матар. Ан-Наҳву луғатан ва истилоҳан Маҷаллату Туросино, ал-адад 27, 1412. -С.57-72. [бо забони арабӣ].
3. Алӣ Ҳасан Матар. Ал-Эъроб фи истилоҳ-ин-нуҳот–Маҷаллатту Туросино, ал-адад 32-33. –Рачаб-Зулҳиҷча 1413. -С. 255-273. [бо забони арабӣ].
4. Аҳмад ибни Форис. Ас-Соҳибай фи фиқҳ-ил-луғати ва сунан-ил-араби каломиҳо – ал-Қоҳира: матбаъат-ул-Муайид, 1910. – 245 с. (бо забони арабӣ).
5. Аҳмад Мухтор Умар. Албаҳс-ул-луғавӣ инда-л-араб маъа диросатин ликазият-ит-таъсир ва-т-таассур.- Ал-Қоҳира: Олам-ул-кутуб, 1985. -383 с. (бо забони арабӣ).
6. Иваз Аҳмад ал-Қавзӣ. Ал-Мусталаҳ-ун-наҳвий нашатуҳу ва татаввуруҳ ҳато авохир-ил-қарн-ис-солис-ил-ҳиҷрий. –Ҷомиъат-ур-Риёз, 1981. – 235 с. (бо забони арабӣ).
7. Исмонов К.Б.Тобишҳои лексикӣ-грамматикии эъроб дар забони тоҷикӣ / К.Б. Исмонов.-Душанбе: «Душанбе-Принт”, 2015. -192 с.
8. Назарзода Сайфиддин. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо. –Душанбе: Бухоро, 2013. -371 с.
9. Салоҳ Ривоӣ. Ан-Наҳв-ул-арабий: нашатуҳу, татаввуруҳ, мадорисуҳу, риҷолуҳу. – ал-Қоҳира, 2003. – 756 с. (бо забони арабӣ).
10. Сулаймонӣ С. Фарҳанги арабӣ – тоҷикӣ.– Душанбе: Эрграф, 2010.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. - Ҷ.1. - 950 с.
12. Ҷалолиддин ас-Суютӣ. Ал-Музҳир фи улум-ил-луғати ва анвоъиҳо: таҳқиқу Абулфазл Иброҳим, Алӣ Муҳаммад ал-Бухорӣ. - ал-Қоҳира: Мактабату дор-ит-турос. -Ҷ.1. – 651 с. (бо забони арабӣ).

НАҲВ: АЗ ЛУҒАТ ТО ИСТИЛОҲ

Мақола ба баррасии яке аз баҳсбарангезтарин масъалаи забоншиносии араб-пайдоиш ва ташаккули вожаи наҳв ҳамчун истилоҳи умдаи забоншиносӣ бахшида шудааст. Баҳсбарангезии масъала аз он маншаъ мегирад, ки пайванди маъноии истилоҳии наҳв ба маънои луғавии он бисёр камрангу назарногир аст. Аз баррасии таърихи забоншиносии араб бармеояд, ки истилоҳи наҳв, ба монанди худи илми наҳв, ба фарқ аз дигар истилоҳоти забоншиносӣ на дар оғози пайдоши Ислом, балки каме дертар ба майдон омадааст. Зеро донишмандони мусулмону араб нахуст ба донишҳои исломиву шаръӣ рӯ оварда, ҳама малакаву истеъдоди худро барои фаҳму дарк ва тафсиру таъвили он равона намуда буданд. Дар мақола ишора ба он мешавад, ки то ривоҷ ёфтани истилоҳи наҳв донишмандони арабу аҷам андешаҳои забонӣ ва дастурии худро дар зери дигар истилоҳ истифода менамуданд, ки вожаи “ал-арабия” аз ҷумлаи онҳост. “Ал-арабия” ҳарчанд имрӯз ба забони арабӣ итлоқ шавад ҳам, дар асрҳои аввали ҳиҷрӣ ба маънои дастури забони мазкур корбурд мешудааст. Мақола ишора ба он менамояд, ки истилоҳи наҳв дар таърихи тоинқилобии забони тоҷикӣ корбурди васеъ дошта, дар забоншиносии тоҷики замони Шӯравӣ истифодааш камранг гашта буд, вале бо соҳибистиқлолӣ касб кардани кишвар истилоҳи мазкур дар мутуни забоншиносӣ ба гунае эҳё гаштааст.

Калидвожаҳо: забоншиносӣ, наҳв, эъроб, арабия, маҷоз, истилоҳ, луғат, забошиносии тоҷик.

НАХВ: ОТ ОПРЕДЕЛЕНИЯ ДО ТЕРМИНА

Статья посвящена одной из самых спорных проблем арабского языкознания – появлению и развитию термина “нахв” (грамматика) как ключевого термина лингвистики. Спорность проблемы исходит из смыслового значения слова “нахв”, которое имеет мало общего с его словарным значением. Как показывает история арабского языкознания, термин “нахв” как наука и “нахв” (грамматика) появились не в начале Исламского периода, а немного позже, так как мусульманские и арабские ученые вначале все свои знания и способности направляли на осознание и разъяснение исламских и шариатских знаний. В статье указывается, что до распространения термина “нахв” арабские и таджикско-персидские ученые при написании своих трудов по арабскому языкознанию использовали другие термины, в частности термин “ал-арабия”. Несмотря на то, что “ал-арабия” в наше время понимается как арабский язык, в первые годы хиджры под этим определением понимали учебник по арабскому языку. Автор указывает, что термин “нахв” до Октябрьской революции широко использовался также в таджикском языке, однако в советский период несколько был ограничен в использовании. В годы независимости этот термин постепенно возвращается в научный обиход и все чаще ученые-языковеды пользуются им в своих трудах по таджикскому языкознанию.

Ключевые слова: лингвистика (языкознание), грамматика, падеж, арабизмы, метафора, термин, словарь, таджикское языкознание.

NAHV: FROM WORD TO TERM

The author of article is considered on one of the most debatable problem of Arabic linguistic, the rise and development of word “nahv” (syntax) as a linguistics term. He has the opinion, that there is a weak connection between the meaning of word of “nahv” and term of it. He believes, the term of “Nahv” as its science started not at the beginning of Islam like others linguistics terms, but it started after a bit period of time. He said that, at the beginning of Islam, Islamic and Arabic scholars interested only in Islamic knowledges and sharia laws. lso author said, till rise of the term of “Nahv” Arabic and nonarabic linguists used another term like “Al-Arabiya”. However, in modern day they are using al-arabiya, but not on the same meaning. The author gives a sign that before the October Revolution in Tajik linguistics used the term of “Nahv” very widely, but during ruling of USSR Tajik linguists ignored it. However, after independence of Tajikistan the term became more popular.

Key words: linguistics, nahv, i`rab, arabiya, metaphor, term, dictionary, tajik linguistics**.**

Сведения об авторе: ***Исмонов К.*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 917-44-40-40**

Information about the author: ***Ismonov K.*** - Tajik National University, Candidate of Philology sciences, Associate Professor of Arabic Philology Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 917-44-40-40**

УДК: 491.71-3 (470) (575.3)

ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ КОНЦЕПТА BEAUTY - КРАСОТА (ПО ДАННЫМ СЛОВАРЕЙ И НАЦИОНАЛЬНЫХ КОРПУСОВ)

Бойматова Н.К.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Изучение концепта *красота* является актуальной проблемой, несмотря на то, что она стала предметом исследований в структуре разных лингвистических методов и концептов как суть, имеющая основную функцию в создании картины мира носителей языка, а также фундаментальную роль оценочности в языковом общении.

В нашей статье рассматриваются средства репрезентации понятия "*beauty-красота*", представляющего собой систему, в которой можно выделить ядро, ближнюю, дальнюю и крайнюю периферию: основной лексемой, представляющей понятие красоты, является в английском языке слово *"beauty – красота"*.

Теоретической основой работы послужили семантические и когнитивные концепции, представленные в работах Богдановой С.Ю., Вежбицкой А., Воркачева С.Г., Карасика В.И., Кубряковой Е.С. и др. Целью исследования является описание состава и семантики языковых средств, объективирующих концепт «*красота»* в английском языке, выявить национальную специфику языковой объективации исследуемого концепта в английской концептосфере. Объектом исследования выступают языковые средства объективации концепта «*красота*» в английском языке. Концепт красота подвергался комплексному анализу по данным словарей английского и русского языков, параллельного корпуса Национального корпуса русского языка и British National Corpus.

При анализе выявлено, что всеми словарями выделяются следующее значение понятия *beauty* в английском языке: *красота - это сочетание качеств, дающих наслаждение и радость чувствам, интеллект; красота - это совокупность качеств, возвышающих душу; красота - особенно хорошая характеристика; красота - элегантность, отличное качество*.

Яке аз пасвандҳои хеле серистеъмол, ки барои сохтани исмҳои моддии ифодакунандаи касбу кор хизмат мекунад, пасванди *– чӣ* мебошад. “Пасванди калимасози *– чӣ* бо калимаҳои мушаххаси аз ҷиҳати сохташон бештар сода меояд: *самоворчӣ, парашютчӣ, шайпурчӣ, дуторчӣ*...; онҳо ба исмҳои сода ва мураккаб, ки корхонаву муассиса ва соҳаи фаъолиятро мефаҳмонанд, пайваст мешаванд: хазиначӣ, китобхоначӣ, адабиётчӣ...” [5, с.53]. Новобаста аз он ки корбурди ин пасванд дар даврони шӯравӣ дар зери таъсири забонҳои туркиву ӯзбекӣ хеле маъмул гашта буд, баъд аз мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ тамоили иваз кардани он ба пасвандҳои *-гар, -гор, -бон, -дон, -дор* оғоз гардид ва ҳоло низ идома дорад. Барои мисол вожаҳои зеринро меорем: *иқтисод**чӣ** - иқтисод**дон**, ҳисоб**чӣ** - ҳисоб**гар**, таҳлилчӣ - таҳлил**гар***. Барои сохтани исмҳои моддии ифодакунандаи касбу кор пасванди *-анда* ва решаҳои *шинос* (аз асоси феъли шинохтан), *дон* (донистан), *дор* (доштан) низ меоянд: *иштирокчӣ – иштироккун**анда,** **пардохтчӣ** - пардохткун**анда,** кафолат**чӣ** -кафолатдиҳ**анда**, бонк**чӣ** - бонк**дор,** хазина**чӣ** – хазина**дор,** фурӯш**анда**, гир**анда*** ва ғ. Якчанд мисол бо пасвандҳои зикршуда:

*Комиссия иборат аз **сарҳисобчӣ** Солиев Д., **ҳисобчиён** Бобокалонова Ф., Ашӯрова Ҳ. ва **хазиначи**и китобхона Қаландаров И. хазинаи китобхонаи Лоҳутиро бозрасӣ намуданд* [2, с.189].

***Хазинадор** шахси **мансабдор**е мебошад, ки воридшавии даромадҳои давлатӣ ва пардохтҳоро аз ҳисоби буҷет ба роҳ мемонад* [9, с.225].

Бояд зикр намуд, ки решаҳои *шинос, дон, дор* истилоҳоти аз ҷиҳати сохташон мураккаб месозанд.

Пасванди ***-нокӣ**,* ки зарфсоз аст, дар ташаккулдиҳии истилоҳоти соҳаи бонкдорӣ ҳам саҳмгузор буда, исмҳои маънӣ сохтааст: м*аҳсул**нокӣ**, самара**нокӣ**, давом**нокӣ**, даромад**нокӣ**, фоида**нокӣ*** ва ғ. Мисол:

***Самаранок**и иқтисод аз тағйирёбии ҳиссаҳои алоҳида вобастагӣ дорад* [7, с.109].

Пасванди исмсози ***– ор*** асосан шахсро далолат мекунад ва дар сохтани истилоҳоти бонкӣ каммаҳсул аст: *парасто**р**, харидо**р***. Мисолҳо:

*Инкишофи савдо **харидор** ва фурӯшандаро водор кард, ки нархро муайян кунанд* [2, с.163].

*Дар ин ҷо инчунин намоишгоҳи махсуси армуғон амал мекунад, ки дар он тамошобинон метавонанд яғон туҳфаро ҳамчун хотира аз Тоҷикистон **харидорӣ** намоянд* [7, с.58].

Пасванди ***–анда*** исмҳои ифодакунандаи касбу кор ва шуғлу фаъолият месозад ва дар соҳаи бонкдорӣ фаъолона истифода бурда мешавад: *гир**анда**, қабулкун**анда**, пардохткун**анда**, воридшав**анда**, содиршав**анда**, ташкилкун**анда**, таъсисдиҳ**анда*** ва ғ. Масалан:

*Меркантилистон асоси тараққиёти саноати маҳаллиро дар васеъ гардонидани доираи маҳдудиятҳо ва баланд бардоштани боҷу хироҷ ба молҳои **воридшаванда** медиданд* [7, с.191].

Тавре ки дар боло зикр гардид, пасвандҳои ***-ан (-ян), -гонӣ, -иш*** каммаҳсул буда, мо бо онҳо танҳо якчанд истилоҳ мушоҳида кардем, ба монанди: *тахмин**ан**, қатъи**ян**, бозор**гонӣ**, нав**гонӣ**, арз**иш**, гард**иш***. Ба таври мисол аз адабиёти тахассусӣ:

*Дар шароити рушду муносибатҳои бозор**гонӣ** мавҷудияти нуқтаҳои мубодилаи арз дар бонкҳо зарурати ҳаёт мебошад* [2, с.127];

*Тахмин**ан** дар асри XII то милод дар Хитой, дар асри VII то милод дар давлатҳои Баҳри Миёназамин - Лидия ва Эгин пулҳои металлии ҳаҷм ва вазнашон якхела бори аввал пайдо шудаанд* [7, с.254].

Қисми зиёди истилоҳоти соҳаи бонкдорӣ аз ҷиҳати сохт **мураккаб** мебошанд. “Ҷузъҳои калимаҳои мураккаб ҳуқуқи калимагӣ надоранд, онҳо дар натиҷаи васлшавӣ ба асос табдил ёфта, ҳамчун морфема воқеъ мешаванд” [1, с.119]. Ин истилоҳот одатан аз ду ва зиёда решаҳо иборат буда, бо роҳҳои зерин сохта мешаванд:

1) реша+реша: *корхона, бонкдор, хазинадор, маблағгузор, сармоягузор, сарпараст, рақобатпазир, имконпазир*, *дерфурӯш, қиматфурӯш, евросаҳмия, вомбарг, саҳмгузор, вомгир, пардохтталаб, пулрасон, нархнома, суратҳисоб, дарозмуддат, камомад, замонатнома, изофабардошт, макроиқтисод, гайрипардохт, гайримақбул, пасандоз* ва ғ. Масалан:

*Ин намуди **пасандоз** аз ҷониби бонкҳо ... кушода мешавад* [9, с.161];

***Бонкдор роҳбар** ва **соҳибмулк**и сармояи бонкӣ, ки дар соҳибкории бонкӣ саҳм мегирад, мебошад* [9, с.40]; *... Имкон бошад, ки аслӣ будани он дарҳол санҷида шавад ва имконияти истифодаи он **дарозмуддат** бошад* [7, с.240].

2) реша+инфиксҳои о, у+реша: *дод**у**гирифт, пур**о**пур, гарм**о**гарм* ва ғ.

Масалан: *Барои мардум зарур буд, ки моли махсус аз тарафи ҷамъият эътироф шавад; барои истифода дар **харидуфурӯш** одию боварибахш бошад...* [7, с.240];

Бояд зикр кард, ки дар баъзе истилоҳоти сохташон мураккаб, ки решаҳояшон арабӣ мебошанд, ба ҷойи инфикс артикли ***-ал*** (***-ул***) низ истифода бурда мешавад. Масалан:

*Тӯли ҳазорсолаҳо инсоният аз зинаи сукунат то ба зинаи **фавқулинкишоф** рушду камол ёфт* [7, с.63].

3) реша+реша+пасванди *–ӣ*. “Дар калимасозии омехта суффикси –ӣ сермаҳсул ва серистеъмол аст. Бо ин суффикс аз ибораҳои гуногун исми амал сохта мешавад” [1, с.125]. Дар истилоҳсозӣ низ пасванди мазкур чунин вазифаро иҷро мекунад: *бақияпулӣ, пардохтпазирӣ, баҳодиҳӣ, гайридавлатӣ, изофапулӣ, баҳогузорӣ, ҳисобдорӣ, сармоягузорӣ, гайримоддӣ, маблағгузаронӣ, маблағгузорӣ, гайрибуҷетӣ, сарватдорӣ, хусусигардонӣ, хоҷагидорӣ* ва ғ. Масалан:

*Раванди гузаштан ба нархҳои озоди **чаканафурӯшӣ** бо алоқамандии қавӣ бо вазъи иқтисодиёт сурат мегирад* [7, с.46];

*Таҳти мафҳуми иқтисод нафақат муносибатҳои байни шахсони алоҳида, оила, гурӯҳҳо, синфҳо, корхонаҳо, соҳаҳо, оид ба тарз ва услуби хонаводаю **хоҷагидорӣ** ва **давлатдорӣ**, балки муносибатҳои **умумибашарӣ** перомуни ташаккули равандҳои **байналмилали**и истеҳсолот, илму техника, асъор, молия, муҳофизати қувваи коргарӣ, **ҳамкорӣ** доир ба коинот, экология, сарфаю **саришtакорӣ** ва ғайра дар назар дошта мешаванд* [7, с.64].

4) реша (аз феълҳои таркибӣ) + пасванди *–анда*: *истеҳсолшаванда, пардохткун**анда**, нақдшав**анда**, кафолатдиҳ**анда**, рушдёб**анда**, пастшав**анда**, муфлисшав**анда**, бойшав**анда**, қарздиҳ**анда**, иҷрокун**анда**, мусодиракун**анда**, мусодирашав**анда**, таъсисдиҳ**анда**, андозсупор**анда*** ва ғ. Масалан: ***Қарздиҳанда** ин бонки марказие (миллие) мебошад, ки ба муҳлати муайян ва шартҳои муайян пул қарз медиҳад ...* [9, с.109].

5) реша (аз феълҳои таркибӣ) +пасванди *–а*: *иҷозатшуд**а**, кушодашуд**а**, таъсисёфт**а**, хусусишуд**а**, хайрияшуд**а**, тасдиқнашуд**а**, арзоншуд**а**, қиматшуд**а**, лағвгардид**а**, эътибордошт**а*** ва ғ. Чунончи:

*Хароҷоти интиҳоӣ ҳамчун таносуби ҳаҷми **афзунгашта**и хароҷоти тағйирёбанда ва ҳаҷми **афзунгардида**и маҳсулот муайян карда мешавад* [9, с.109].

Тавре ки мисолҳои мазкур нишон медиҳанд, истилоҳоти мураккаби соҳаи бонкдорӣ пурра мувофиқи қонуну қоидаҳои грамматикаи забони адабии тоҷикӣ сохта шудаанд ва мувофиқи талаботи имлои нави забони тоҷикӣ корбурд мешаванд.

Дар байни истилоҳоти соҳаи бонкдорӣ **ибораҳо,** ки мо онҳоро ба гурӯҳи истилоҳоти *таркибӣ* ворид кардем, ҷойи хеле намоёнро ишғол мекунанд.

Ибораҳо дар забони тоҷикӣ аз рӯйи кадом ҳиссаи нутқ будани калимаи асосии таркиби ибора ба хелҳои гуногун ҷудо мешаванд: *исмӣ, сифатӣ, шуморавӣ, ҷонишинӣ, зарфӣ, масдарӣ, феъли ҳолӣ, сифати феълӣ*.

Дар **ибораҳои исмӣ** вожаи асосӣ исм аст, вай дигар вожаҳоро ба худ тобеъ мекунад. Чунин ибораҳо дар истилоҳоти соҳаи мазкур хеле фаровон ба назар мерасанд: ***пасандоз**и бонкӣ, **подош**и пулӣ, **пул**и гарав, **санҷиш**и аслӣ, с**арватҳо**и асъорӣ, **қарз**и кафолатнок,*

***сармоягузори**и такрорӣ, **саҳмия**и одӣ, **саҳмия**и имтиёзӣ, **таҷдид**и сохтор, **уҳдадори**и қарзӣ, **суратҳисоб**и мухобиротӣ, **харочот**и ҷорӣ, **ҳисоб**и бандшуда* ва ғ. Ибораҳои овардашуда аз ҷиҳати алоқаи наҳвиашон *ибораҳои изофӣ* мебошанд, чунки бандаки изофии *–и* ба калимаҳои муайяншаванда (дар ин ҷо исмҳо) пайваст шуда, муайянкунандаро ба он тобеъ кардааст. Масалан:

*... Дар он замонҳо иқтисод ҳамчун **хоҷагиҳои воқеӣ** ва хонавода ба тавсиб мерасид ва **робитаҳои иқтисодӣ** дар он вақт **шакли молӣ** дошта, бидуни мубодила сурат мегирифтанд* ... [7, с.63];

*Моли махсус бояд сабуку камҳаҷм бошад ва дорои **арзиши устувор** бошад* [7, с.240].

Як қисми ибораҳои исмӣ дар таркибашон пешоянд доранд. "Омӯзиши ибораҳои исмии пешояндӣ, тарзи ташкили ибораҳо бо пешояндҳо, басомади ибораҳои пешояндӣ дар забони адабӣ, ифодаи маъноҳои грамматикӣ дар ин қабил ибораҳо аз аҳамият холӣ нест" [3, с.93]. Доир ба масъалаи таҳлили *ибораҳои исмии пешояндӣ* дар илми забоншиносӣ таҳлилу тадқиқот давом ёфта истодаанд. Дар ин хусус мо чунин нуқтаи назар дорем, ки дар истилоҳоти соҳаи бонкдорӣ низ ибораҳои пешояндор хеле зиёд ба назар мерасанд: *амалиёт бо арзи хориҷӣ, амалиёти "аз боло ба поён", арзиш аз истифодабарӣ, бозори зуд ба фурӯш раванда, даромади молиявии ба даст наомада, пардохти қисм ба қисм, саҳми афзалиятнок бе ҳуқуқи овоздиҳӣ, саҳми одӣ бо ҳуқуқи овоздиҳӣ* ва ғ.

Қобили зикр аст, ки баъзе истилоҳоти соҳаи бонкдорӣ бо *ибораҳои изофии мураккаб*, яъне *занҷири изофӣ* сохта шудаанд. Мисол:

*Иқтисод ва **густариши доираи мафҳумҳои иқтисодӣ**, маҳз пас аз **заволи низоми гуломдорӣ**, **амиқ шудани тақсими ҷамъиятии меҳнат** ва **ҷамъиятигардонии истеҳсолот дар шароити капитализм** аниқ мегардад* [7, с.63]. Дар истилоҳоти ин соҳа ибораҳои *сифатӣ, шуморагӣ ва ҷонишинӣ* дида нашуданд.

Ибораҳои феълӣ дар навбати худ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд: феъл+исм, феъл+сифат, феъл+зарф, феъл+феъли ҳол, масдар+масдар.

Қолаби *феъл+исм*: *тахфиф **кардан**, қарз* додан*, қурб **надоштан**, ҳақ **додан**, фоида **гирифтан**, бунёд **сохтан*** ва ғ. Азбаски дар чунин ибораҳо масдар ба ҳайси калимаи асосӣ истифода бурда шуда, калимаҳои дигарро ба худ тобеъ мегардонад, чунин ибораҳоро дар забоншиносии тоҷик ибораҳои масдарӣ номидаанд.

Қолаби *феъл+сифат* низ дар сохтори истилоҳоти мазкур саҳмгузор аст, вале каммаҳсул мебошад: *васеъ **кардан**, обод **намудан**, намоён **шудан**, баробар **кардан*** ва ғ.

Қолаби феъл+ зарф низ дар ташаккулёбии истилоҳоти соҳаи мазкур саҳм гирифта, аз феъл ҳамчун калимаи асосӣ ва зарф сохта мешаванд, чунин истилоҳот нисбатан каманд: ***зуд** ирсол кардан, **тез** барҳам додан, **мунтазам** пардохт кардан, **баъзан** лағв шудан, **ногаҳон** муфлис шудан, **доим** рушд ёфтан, **саривақт** ҳисобӣ кардан, **пай дар пай** ҳисобот додан, **ройгон** ҷиҳозонидан* ва ғ.

Қолаби феъл+феъли ҳол ва *масдар+масдар* дар забони тоҷикӣ хеле маъмул аст (феъл+феъли ҳол: *хандон гуфтан, напурсида даромадан, гирякунон рафтан*; масдар+масдар*: аз бемор шудан тарсидан*, *ба рафтан тайёр шудан*), аммо дар истилоҳоти соҳаи бонкдорӣ ба назар нарасид.

Ибораҳои феъли ҳолӣ - *таҳлил карда бекор намудан, **тафтиш гузаронида** ба хулоса омадан, **ҳисоб карда** фоиз баровардан, **ошкор карда** андоз бастан, лағв карда аз буҷет баровардан* ва ғ. – дар истилоҳоти соҳаи бонкдорӣ хеле зиёданд, онҳо аз феъли ҳол ва феълҳо сохта мешаванд ва аксаран ибораҳои мураккаб мебошанд. Мисол: *Дар натиҷаи санҷиши аудиторӣ қарор бароварда шуд, ки воситаҳои пулии истеҳлокӣ **лағв карда бароварда шаванд**.*

Ибораҳои сифати феълӣ. Чунин ибораҳо дар таркиби ибораҳои номӣ меоянд ва ибораҳои тафсилӣ месозанд. Дар чунин истилоҳот вожаи асосӣ сифати феълӣ аст. Масалан: *бонки аз нав **таъсисёфта**, пули аз муомилот **баромада**, корхонаи муфлис **эълоншуда**, саҳмияҳои ба фурӯш **нарафта*** ва ғ. Масалан: *Амонатгузор мехоҳад воситаҳои пулии худро ба муҳлати номуайян нигоҳ дошта, ба он маблағҳои иловагии худро ҷамъ намуда, ба воситаи **фоизҳои аз тарафи бонк гузаронидашуда** бақияи воситаҳои худро афзун намояд* [4, с.160].

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ ва мисолҳо доир ба тарзҳои ташаккули истилоҳоти соҳаи бонкдорӣ дар забони тоҷикӣ бояд гуфт, ки:

1) истилоҳоти соҳаи мазкур аз ҷиҳати ташаккулёбии худ ба *сода, сохта, мураккаб* ва *таркибӣ (ибораҳо)* ҷудо мешаванд;

2) истилоҳоти **сода** ба мисли вожаҳои содаи умумиистеъмол тавассути пешванду пасвандҳо ба **сохта** мубаддал мешаванд, аммо дар ташаккули онҳо на ҳамаи аффиксҳои забони тоҷикӣ корбаст мегарданд. Аз пешвандҳои калимасоз дар сохторбандӣ ва ташаккулёбии истилоҳоти соҳаи бонкдорӣ пешвандҳои *ҳам-, бар-, дар, боз-, бе-, но-* иштирок мекунанд. Дар созмон ёфтани истилоҳоти сохта пасвандҳои *–ӣ (-гӣ, -вӣ), -нок, -*

нокӣ, -манд, -чӣ, -ор, -анда, -гар, -гор фаъол мебошанд ва сермаҳсултарини онҳо пасванди *–ӣ* аст. Пасвандҳои *-ан (-ян), -гонӣ, -иш* каммаҳсуланд;

3) қисми зиёди истилоҳоти соҳаи бонкдорӣ аз ҷиҳати сохт **мураккаб** мебошанд. Ин истилоҳот одатан аз ду ва зиёда решаҳо иборат буда, пурра мувофиқи қонуну қоидаҳои грамматикаи забони адабии тоҷикӣ сохта шудаанд;

4) истилоҳоти таркибии соҳаи бонкдориро **ибораҳои исмӣ, феълӣ, феъли ҳолӣ, сифати феълӣ** ташкил медиҳанд. Дар навбати худ ибораҳои феълӣ ба гурӯҳҳое, ки аз қолабҳои *феъл ва исм, феъл ва сифат, феъл ва зарф, феъл ва феъли ҳол, масдар ва масдар* ташкил ёфтаанд, ҷудо мешаванд. Ибораҳои *сифатӣ, шуморагӣ, ҷонишинӣ* дар сохтани истилоҳоти соҳаи баррасишаванда корбаст намешаванд;

5) яке аз хусусиятҳои барҷастаи истилоҳоти соҳаи бонкдорӣ дар он аст, ки дар ин истилоҳот ибораҳои изофии мураккаб (занҷири изофӣ) фаровон корбаст мешаванд;

6) таҳлили маводи луғатҳои дузабона ва тафсирии истилоҳоти соҳаи бонкдорӣ, инчунин китобҳои дарсии ба ин соҳа тааллуқдошта нишон медиҳад, ки ин истилоҳот мунтазам дар ҳолати рушд ва такмилёбӣ буда, воҳидҳои истилоҳии мавҷуда аз ҷиҳати маъно ва сохти худ мутобиқи меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ ташаккул дода шудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология // Акад.фанҳои РСС Тоҷикистон. Ин-ти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ. – Душанбе: Дониш, 1985. - Ҷ. 1. - 355 с.
2. Давронов А. Практический курс таджикского языка (учебное пособие для студентов экономических факультетов вузов) / А. Давронов, Ф. Искандарова. – Душанбе: Шахпар, 2011. – 268 с.
3. Исмоилова Ш. Муродифоти ибораҳои исмӣ бо пешояндҳои таркибӣ / Ш. Исмоилова // Паёми Донишгоҳи миллӣ. - №4/7 (217). – С.92-98.
4. Луғати муосири истилоҳоти иқтисодӣ; мураттиб: Хонҷонов А. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 224 с.
5. Мирзоев Г. Суффиксальное словообразование в современном таджикском языке / Г. Мирзоев. – Душанбе: Дониш, 2018. – 185 с.
6. Назарзода С. Краткий словарь социальной и политической терминологии. – Душанбе, 2006. -192 с. (на тадж.яз.)
7. Табаров Х.Н. Таджикский язык: учебник для студентов экономических факультетов вузов / Х.Н.Табаров, Ф.Д.Искандарова, Р.Р. Раджабова. - Душанбе, РТСУ, 2018. - 470 с.
8. Тӯраҳасанов Қ. Дастури таълимии забони тоҷикӣ барои факултетҳои иқтисодӣ / Қ.Тӯраҳасанов, Г.Шукуров, А.Бобобеков ва диг. – Душанбе, 2009. – 84 с.
9. Шарифов Ф.Н. Луғати мухтасари истилоҳоти бонкдорӣ / Ф.Н. Шарифов. – Душанбе: Эр-граф, 2012. – 384 с.
10. Элчибеков А. Истилоҳоти иқтисодии забони тоҷикӣ аз нигоҳи сохтор / А. Элчибеков // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. - №4 /7 (217). – С.69-76.

ТАРЗҲОИ ТАШАККУЛИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ БОНКДОРӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мавриди назар оид ба истилоҳоти соҳаи бонкдорӣ ва тарзҳои ташаккули онҳо дар забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ сухан меравад. Муаллиф бар он ақида аст, ки истилоҳоти ин соҳаро аз ҷиҳати сохтор ба гурӯҳҳои сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ (ибора) ҷудо кардан мумкин аст. Истилоҳоти сода ба мисли вожаҳои содаи умумиистеъмол тавассути пешванду пасвандҳо ба сохта мубаддал мешаванд, аммо дар ташаккули онҳо на ҳамаи аффиксҳои забони тоҷикӣ корбаст мегарданд. Аз пешвандҳои калимасоз дар сохторбандӣ ва ташаккулёбии истилоҳоти соҳаи бонкдорӣ пешвандҳои ҳам-, бар-, дар, боз-, бе-, но- иштирок мекунанд. Дар созмон ёфтани истилоҳоти сохта пасвандҳои –ӣ (-гӣ, -вӣ), -нок, -нокӣ, -манд, -чӣ, -ор, -анда, -гар, -гор фаъол мебошанд. Қисми зиёди истилоҳоти соҳаи бонкдорӣ аз ҷиҳати сохт мураккаб мебошанд. Ин истилоҳот одатан аз ду ва зиёда решаҳо иборат буда, пурра мувофиқи қонуну қоидаҳои грамматикаи забони адабии тоҷикӣ сохта шудаанд. Истилоҳоти таркибии соҳаи бонкдориро ибораҳои исмӣ, феълӣ, феъли ҳолӣ, сифати феълӣ ташкил медиҳанд. Ибораҳои сифатӣ, шуморагӣ, ҷонишинӣ дар сохтани истилоҳоти соҳаи баррасишаванда корбаст намешаванд. Яке аз хусусиятҳои барҷастаи истилоҳоти соҳаи бонкдорӣ дар он аст, ки дар ин истилоҳот чунин намуди алоқаи наҳвӣ, ба монанди ибораҳои изофии мураккаб (занҷири изофӣ) фаровон корбаст мешаванд. Таҳлили маводи аз луғатҳои дузабона ва тафсирии истилоҳоти соҳаи бонкдорӣ, инчунин китобҳои дарсии ба ин соҳа тааллуқдошта нишон медиҳад, ки ин истилоҳот мунтазам дар ҳолати рушд ва такмилёбӣ буда, воҳидҳои истилоҳии мавҷуда аз ҷиҳати маъно ва сохти худ мутобиқи меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ ташаккул дода шудаанд.

Калидвожаҳо: истилоҳот, ташаккулдиҳӣ, бонкдорӣ, сода, сохта, мураккаб, таркибӣ, ибора, пешванд, пасванд, занҷири изофӣ.

СПОСОБЫ ФОРМИРОВАНИЯ ТЕРМИНОВ БАНКОВСКОЙ ОТРАСЛИ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В аннотируемой статье автор рассматривает над вопросы формирования банковской терминологии таджикского современного литературного языка. Автор считает, что термины этой сферы по строению можно подразделить на простые, производные, сложные и составные (словосочетания). Простые термины трансформируются в производные, но в их формировании употребляются не все аффиксы таджикского языка. Из словообразовательных приставок в структурировании и формировании терминов банковской отрасли принимают участие приставки ҳам-, бар-, дар, боз-, бе-, но-. При построении производных терминов активность проявляют суффиксы –ӣ (-гӣ, -вӣ), -нок, -нокӣ, -манд, -чӣ, -ор, -анда, -гар, -гор. Большую часть терминов банковской сферы составляют сложные по структуре слова. Как правило, эти термины состоят из двух или более корней, они построены в полном соответствии с правилами и законами грамматики современного таджикского литературного языка. Составные термины банковской отрасли образуются из словосочетаний, стержневыми словами которых являются существительные, глаголы, причастия и деепричастия. Термины-словосочетания, в которых стержневыми словами являются прилагательные, числительные, местоимения, в построении рассматриваемой нами области терминов не наблюдаются. В терминологии данной сферы часто используется

такой вид синтаксической связи, как изафетные словосочетания (изафетная цепь). Автор доказывает, что термины банковской сферы постоянно находятся в состоянии развития, а имеющиеся терминологические единицы по своей структуре и семантике сформированы в соответствии с нормами таджикского литературного языка.
Ключевые слова: термин, формирование, банковская отрасль, простые, производные, сложные, составные, словосочетания, приставки, суффиксы, изафетная цепь.

FOR PAPER "ORIGINALLY TAJIK AND BORROWED LITERARY TERMS (COMPARATIVE ASPECT)"

In the annotated article, the author discusses the ways of development of science terminology in the Soviet period and in the period of State independence of Tajikistan, the selection and appointment of terms, sources of their formation, the scope of terminology in general, and literary terminology in particular. The author of the article argues that not all the terms in the field of literary criticism that are included in the Tajik language through Russian correspond to the rules and norms of the grammar of the Tajik literary language. This is due to the fact that the overwhelming majority of borrowed terms entered the Tajik language by means of sublinear translation and tracing, so these terms have not yet found their adequate and worthy analogies, they cannot fully reflect the semantics of Russian and European terms. To prove the correctness of her point of view, the author refers to the scientific works of well-known Tajik literary critics, where the terms like *story, image, genre, ideal, plot,* etc. of Russian and European origin are used. The author argues that despite this, the creation and expression of terms in the field of literary studies in the Tajik language is a requirement of time, and inspires terminologists and literary critics to select sustainable, understandable, and adequate variants of terms.
Key words: term, term creation, literary criticism, norm, plot, composition, poetics, rubai, gazelle, lyrics.

Сведения об авторе: ***Музаффарова Ш.М.*** – Российско-Таджикский (Славянский) университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Турсун-заде 30

Information about the author: ***Muzaffarova S.M.*** - Russian-Tajik (Slavic) University, candidate of philological sciences, associate professor of the Tajik language department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Tursun-zade 30

УДК:491.71:491.550 (575.3)

КОНЦЕПТИВ «ЛИНЕЙНОЕ (СОЦИАЛЬНОЕ ВРЕМЯ)» В РУССКО-ТАДЖИКСКИХ СООТВЕТСТВИЯХ

Эшназарова С.М.
Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улуғзода

При взаимодействии с окружающей действительностью человек в своём сознании обрабатывает информацию о ней. Языковая модель мира и есть такой результат обработки информации сознанием личности и коллектива. Языковая модель мира может иметь различные семиотические воплощения: некоторые из них осознаются коллективом (как религиозные и социальные), другие являются сферой бессознательной социальной психологии (например, семантика естественного языка). Языковая модель мира – это программа, диктующая поведение личности и коллектива, поскольку определяет набор операций для воздействия на мир, правила их применения и мотивировку. Реализация модели мира может осуществляться в самых разнообразных формах поведения человека и в результатах данного поведения.

Концептив «социальное время», будучи фрагментом концепта «время», существует с ним в общем объективном времени, при этом являясь порождением человеческого сознания. Обладая синхронными и диахронным аспектами, социальное время соотносится с объективными физическими категориями длительности, последовательности событий материального мира.

По утверждению В.В. Колесова, в переводе с языка того времени на современное понятие *«время»* означало *«вертун»*. Наши далёкие предки не видели никакой разницы между верчением волчка и верчением времени [4, с.43]. Таким образом, время в русском языке включает в своё значение также конкретный признак «вращение».

Время, будучи вместилищем событий, содержит также их локализацию, которая связана с началом, серединой и концом, как самих событий, так и временных отрезков, соотносённых с данными событиями.

Начало, середина, конец. В рассматриваемое макрополе входят слова со значениями *'начало'*, *'середина', 'конец'*, что подразумевает выявление места обозначаемого отрезка времени в пределах длительности всего события в целом, а также его соотнесение с частями, например, существование начала, в то время как место середины обусловлено её положением между началом и концом.

Слова *аввал, охир* в таджикском языке являются заимствованными из арабского языка с первоначальными значениями: *аввал* 1) *«начало»,* 2) *«первый»; охир «последний, недавний»*.

В русской и таджикской языковых традициях *время* воспринимается в двух аспектах:

1) с одной стороны, как вместилище событий с их началом, концом и последовательностью (историческое, линейное время);

2) с другой, как циклическое время, связанное с возрастом, сезонными циклами.

Концептивит «протяжённость во времени,

установленная человеком»

Так как человек осознает продолжительность и последовательность конкретных периодов, то результатом такого осознания и становится возникновение точного измерения времени. Следующий временной отрезок – это *год/сол*. В.В. Колесов указывает на существование первоначального семантического темпорального компонента в лексическом значении указанного слова при подведении итогов, т.е. «время подведения итогов, когда дело сделано (хорошо)», отсюда и растёт семантика лексемы *«праздник»* в ряде славянских языков [5, с.24-39].

Типичная черта русского и таджикского языкового сознания состоит в концептуализации времени по параметру оценочности: год бывает удачный, подходящий, урожайный, плодоносящий и т.д.

Как в русском, так и в таджикском языке год бывает високосным – *соли кабиса.*

Месяц. В качестве типологической универсалии выступает обозначение месяца.

Считается [6, с.186], что протоиндоевропейские соответствия месяца выражали изначальную единицу измерения времени согласно лунным фазам, единицу, которая легла в основу индоевропейского времяисчисления и вошла в современные языки без каких-либо семантических изменений. Такая же система измерения времени применялась таджиками. Вероятно, по этой причине, помимо значения календарного месяца концептивит *моҳ* включает также значение «*луна», «месяц*» (астрономическое тело, видимое для людей невооруженным взглядом). После принятия ислама таджики, как и остальные мусульмане мира, всё ещё используют фазы луны в целях определения времени. Таджики применяют лунный календарь для определения начала священного месяца Рамазан.

Также социальное время связано с прагматическим освоением человеческой деятельности, с календарными циклами.

По утверждению Н.Д. Арутюновой, человек не обладает специальным органом для восприятия времени, однако время структурирует психический склад человека. При том, что чувство времени связано с восприятием природных циклов, психические структуры основаны на линейном времени, разделённом «точкой присутствия» на прошлое, будущее, и включающем их в единый поток настоящего. Подобное деление основано на главном условии, обуславливающем положение человека в мире: скрытость от него будущего, известность (пережитость) прошлого и данность (переживаемость) настоящего [1, с.688]. Таким образом, концепт «время» относится к многомерным социопсихическим образованиям, служащим ориентирами бытия.

Лингвистические исследования характеризуются применением разнообразных подходов, которые способствуют вычленению значимых признаков концепта «время» в качестве многомерного формирования в языке. Так, В.И. Карасик называет 22 признака [2, с.89].

Необходимо указать также на большую объяснительную силу лингвистического разграничения трёх интерпретаций времени: хронологическое время, релятивное время и эгоцентрическое время. Хронологическое время выражено в датах и фиксировании временных интервалов на некой принятой социумом шкале, к примеру, год 1564 (по христианскому летоисчислению) или 1211 (по Хиджре) и др. Релятивное время выражено понятиями *"раньше - одновременно - позже",* его точка отсчёта является произвольно выбранным моментом. Эгоцентрическое время основано на моменте осознания времени в качестве прошедшего, настоящего и будущего.

Принимая хронологическое понимание времени в качестве «максимально объективного», необходимо не забывать о том, что история человечества включает множество летоисчислений, и потому, признавая существующую на данный момент объективность времени, всё-таки следует признать её весьма относительной.

Календарь – это определённая система счёта продолжительных промежутков времени с подразделениями их на отдельные, более короткие периоды (годы, месяцы, недели, дни) [3, с.7]. Этимология слова «календарь» основана на латинском слове *kalendae*, заимствованном из греческого языка. Так, в Древнем Риме именовалось первое число каждого месяца, когда, по юридическим законам, следовало оплачивать проценты по займам. Также со словом «календарь» связано название славянского праздника солнцеворота - *коляды.*

Календарь отражает астрономические явления (включая смену дня и ночи, лунные фазы и смену времён года). На базе астрономических явлений были установлены единицы измерения отрезков времени: сутки, месяц, год. История мировой цивилизации включает различные календари, в чью основу ложились самые разнообразные события и мотивы.

Так как основой лексико-семантической группы со значениями единиц измерения времени, являются календарные понятия, и эти понятия могут не совпадать у разных этносов и в разных языках, то, соответственно, отмечается и различное деление времени.

Многочисленные попытки согласования между собой понятий «сутки», «месяц» и «год» стали причиной того, что в разные эпохи различными народами были созданы три типа (астрономических) календарей: лунные, связанные с движением Луны и созданные для согласования течения суток и лунного месяца; лунно-солнечные, включавшие попытки согласования всех трёх единиц времени; и солнечные, которые приблизительно согласовывают сутки и год.

Каждой части астрономического календаря свойственна определённая продолжительность и расположение в ряде других календарных частей. Так, календарный год является хронологически упорядоченной суммой временных отрезков (12 месяцев /365 дней). Итак, астрономический календарь является репрезентацией языковой модели времени, ориентированной на само время, т.е. моделью «Поток времени» [1, с.896].

Носители таджикского языка пользуются русскими названиями месяцев. Хотя в последнее время всё чаще стали пользоваться арабскими заимствованиями.

Мусульманских месяцев - 12: мухаррам, сафар, раби I, раби II, джумада I, джумада II, раджаб, шаабан, рамадан, шавваль, зу-л-када, зу-л- хиджжа. Самым благословенным из них считается 9-й, рамадан - месяц поста. В последний месяц года совершается паломничество в Мекку - хадж, что и отражено в его названии - зу-л-хиджжа, «месяц хаджа». Четыре месяца - 1-й, 7-й, 11-й, 12-й - считаются священными и закрытыми для всякого военного действия.

Неделя. Точному выделению времён года и его частей большинство народов научилось в эпоху раздельного существования – сказалось влияние более развитых культур, в первую очередь, вавилонская астрономия, распространившая повсюду своё влияние. Именно вавилоняне положили начало семидневной неделе. Отметим, что и в исследуемых языках понятие *неделя - њафта* обладает единым семантическим признаком «пространство во времени из семи дней».

Первоначальное название русского слова *«неделя» – седмица.* После принятия Русью христианства неделя обрела значение первого дня Пасхи - воскресенья Христово, отображая, таким образом, сакральность времени и его соотнесённость с библейскими событиями. Конечно, значение «часть месяца, семь дней» является более древним, а «воскресенье» более поздним, христианским.

Дни недели. Наименования дней недели являются одной из самых сложных микрогрупп, хотя число лексических единиц в ней невысоко. Слова со значением дней недели в исследуемых языках формируют собственную замкнутую систему внутренне, выстроенную, казалось бы, в целом достаточно рационально. У всех названий дней недели существует внутренняя форма. Основой названий в русском языке - *вторник, среда, четверг, пятница* - стали порядковые числительные *второй, четвертый, пятый* (по отношению к воскресенью). «Среда» является старославянским словом, соответствующим русскому «середа», обозначающему понятие «середина недели».

Условно неделя делится на будни и выходные дни. Изначальным, древним, определенным христианской традицией выходным днём в русской лингвокультуре является воскресенье. В таджикской лингвокультуре также отмечается связь названия выходного дня с религиозной традицией:. самым благословенным днем недели считается пятница (йаум ал-джум'а, «день собрания»). Данный день признается мусульманами днём отдыха и празднуется еженедельно, как суббота у евреев, а воскресенье – у христиан.

Так, мусульмане говорят о почтении к пятнице от самого пророка Мухаммеда, который совершал в данный день публичную молитву. Религиозные учёные утверждают также, что день Страшного суда попадет на пятницу, что днём рождения Мухаммеда и его зятя Али была также пятница и что распространение «света Ислама» началось именно в пятницу. Также в пятницу же 1 мухаррама, т.е. первого числа первого месяца лунного года, случилось бегство пророка из Мекки в Медину в 622 году, принятом в исламе за первый год мусульманского летосчисления.

Глубоковерующие люди в ҷумъа («пятницу») обычно не работают, посвящая день богослужению: посещая мечети, совершая молитву более торжественную, нежели в обычные дни, и слушание проповеди (хутба). Люди надевают праздничную одежду, готовят гораздо более обильную и вкусную пищу, ходят друг к другу в гости. Хотя современное таджикское общество живёт также по рабочей неделе, как и современное русское общество (пять либо шесть рабочих дней и один-два выходных в субботу и воскресенье), однако для религиозных носителей таджикского языка воскресенье является будним днём, не выделяющимся из ряда других дней. Ночь на пятницу считается самой счастливой и благоприятной, в особенности для заключения браков.

В русском и таджикском языках понятие выходного дня связано также с походом за покупками и наблюдается такое определение воскресенья, как *базарный день, ярмарка.*

Час. Для обозначения 1/24 части суток в русском языке используется слово ***час***, в таджикском - ***соат.***

Интерпретация концептива «час» в русском и таджикском языках обладает собственной спецификой. Час, в отличие от времени и дня, не включает космологические ассоциации (ср. связь дня с восходами и заходами солнца).

Понятие часа как меры измерения суток появляется в 11 веке, когда на Руси были созданы первые солнечные часы - в Спасо-Преображенском соборе г. Чернигова, построенном в 1031 - 1036 гг. Практические потребности вызвали изобретение точного инструмента времени - часов.

Атрибуты времени в русском и таджикском языках интуитивно уподобляются пространственным атрибутам. Рассмотрим лексемы и идиомы, репрезентирующие микроконцепт *“миг”* в русском и таджикском языках: *час - м 1. (отрезок времени) як соат; четверть часа - чорьяк соат; полтора часа - яку ним соат; битый час - як соати дароз, вақти дуру дароз; опоздать на час - як соат дер мондан; ехать со скоростью шестьдесят километров в час - бо суръати шаст километр дар як соат роҳ рафтан; Здесь работы всего на час - Ин фақат кори яксоатааст 2. (время по часам) соат; в час ночи - дар соати яки шаб; в пять часов утра -дар соати панҷи пагоҳӣ; Который час? - Соат чанд [шуд]?; седьмой час - соат аз шаш гузаштааст 3. (время, предназначенное для чего-л.) вақт, соат; приёмные часы - соати қабул; час обеда - вақти наҳорӣ; час отдыха - вақти истироҳат (дамгирӣ); академический час - соати академики // мн. часы (лекции) соатҳои даре, даре; получить часы в институте - дар институт дарс гирифтан 4. (время, пора) вақт, соат; ранний час - пагоҳии барвакт; поздний час - бевақтии шаб // книжн. (назначенный срок) мӯҳлат, вақти муайян; час расплаты - соати (рӯзи) интиқом; час свидания - соати мулокот, вақти вохӯрӣ 5. мн. часы (воен.) - каровулӣ, навбатдорӣ; стоять на часах - қаровул истодан; смениться с часов - аз навбатдорӣ рафтан 6. тк. мн. часы церк. намуди ибодати православӣ <> адмиральский час (уст. шутл.) вактитаҳтӯл; звёздный час - омади кор; тобидани бахт; комендантский час - соати комендантӣ; мёртвый час - хоби нисфирӯзӣ; последний (смертный) час - дами вопасин; часы пик - вақти авҷи кори нақлиёт; час пробил (настал) - вакташ расид (омад), вақту соаташ расид; час в час - айнан дар вақташ; час от часу - соат ба соат; Час от часу не легче - Соат ба соат бадтар; В добрый час - Омади кор диҳад, комёби ёратон бод, барори кор мехоҳем; до этого (сего) часа - то ин дам, то алвақт, то алҳол; не по дням, а по часам - расти хеле зуд (бисьёр тез) калон шудан (сабзидан); не ровен час - худо накунад (нишон надиҳад), мабодо; по часам - дар вақти (мӯҳлати) муайян; с часу на час - 1) (с каждым часом) соат ба соат 2) (в любую минуту, в ближайшее время) дар вақти наздик, дар хар соат, дар ҳар дақиқа, дар дами...; сей же час - ҳозир, дарҳол, ҳамин соат (замон); тем часом (уст.) - дар айни ҳол; в тот же час - дарҳол, ҳамон соат, хамон дам, хамон он; через час по чайной ложке (погов.) - уштурро бо кафлес об додагӣ барин; рыцарь на час - паҳлавони ношуд, қаҳрамонтарошӣ ношуд; халиф (калиф) на ~ ирон. ҳокими дурӯз.*

Миг, мгновение. Слова *миг, мгновение* обозначают изначально «минимально короткий промежуток времени».

В русском языке для обозначения кратковременных интервалов имеются два синонима: *мгновение* и *миг*. Употребление в русском языке слов *момент, миг* и *мгновение* представляет весьма интересную картину: слова *миг/мгновение* обладают большой эмоциональной силой и, как правило, сочетаются с большим количеством оценочных прилагательных.

Рассмотрим лексемы и идиомы, репрезентирующие микроконцепт *“миг”* в русском и таджикском языках: *миг - лањза, дам, он, они вољид; Этот миг я запомнил на всю жизнь. - Ин лањза як умр дар хотирам монд; в один миг - дар як дам, дар як он; в тот же миг - дар айни њамон лањза; дар айни њамон вакт (хол).*

В русском языке *миг* может быть долгожданным, вожделенным, ослепительным; *мгновение* может быть последним, историческим, текущим и др.

Считаем необходимым отметить, что в рассматриваемом концептивите «Линейное (социальное) время» частичных и нулевых соответствий не обнаружено, но вполне возможно, что дальнейшие глубокие исследования вопроса внесут определённые изменения в наши наблюдения.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Арутюнова, Н.Д. Язык и мир человека / Н.Д. Арутюнова. - М.: Языки российской культуры, 1999. - 896 с.
2. Карасик В.И. Языковые концепты как измерения культуры (субкатегориальный кластер темпоральности) / В.И. Карасик // Концепты. - Архангельск, 1997. - Вып. 2. - 89 с.
3. Климишин И.А. Календарь и хронология / И.А. Климишин. - М.: Наука, 1990. - 320 с.
4. Колесов В.В. История русского языка в рассказах / В.В. Колесов. - М., 1994. - 164 с.

5. Колесов В.В. Имя - знамя - знак / В.В. Колесов // Сравнительно-типологические исследования славянских языков и литературы. К IX Международному съезду славистов. - Л., 1983. - С. 24 - 39.
6. Отрембский Я. Из области славянского и балтийского словообразования, ст.-сл.*mesecb*и лит.*menuo* II Балто-славянский сборник. - М., 1972. - С. 186-187.
7. Русско-таджикский словарь. - М. Русский язык, 1985.
8. Ожегов, С.И. Толковый словарь русского языка / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. - М.: ООО «ИТИ Технологии», 2003. - 944 с.

МАФҲУМИ "ЗАМОНИ ХАТТӢ (ИҶТИМОӢ)" ДАР ТАНОСУБҲОИ РУСӢ-ТОҶИКӢ

Дар ин мақола мафҳуми “Замони хаттӣ (иҷтимоӣ)” дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳлил қарор мегирад. Таъкид мешавад, ки ба иҷтимои аломатҳои замонӣ шаклҳои муайян дорад, зеро он дар асоси фаъол будани соҳибони забони муайян ва аъзоёни ҷомеаи забонӣ таъйин мешавад. Мавҷудияти ҷомеа ба дастёбии сатҳи мушаххас дар ҳамоҳангии усулҳои иҷтимоии гуногун вобаста аст. Маҳз ҳамин имконияти сухан рондан бартарии усулҳои иҷтимоиро фароҳам месозад. Ҳангоми таъсири мутақобил бо воқеияти атроф, инсон дар шуури худ иттилоотро дар бораи он коркард менамояд. Модели забонии ҷаҳон маҳз натиҷаи ҳамин гуна коркарди иттилоот аз ҷониби шахсият ва коллектив аст. Модели забонии ҷаҳон барномаест, ки тарзи рафторро ба шахс ва коллектив талқин менамояд, зеро маҷмӯи амалиётҳоро барои таъсир ба ҷаҳон қоидаҳои истифодаи онҳо ва сабабҳои онҳоро муайян менамояд. Азбаски модели ҷаҳон инсон давомнокӣ ва пайдарҳамии давраҳои мушаххасро дарк мекунад онро дар шаклҳои гуногуни рафтори инсон, ва натиҷаҳои чунин рафтор амалӣ кардан мумкин аст. Дар натиҷаи чунин идрок ченаки аниқи вақт ба миён меояд. Вақт зарфиятдиҳандаи воқеа буда, ҳамчунин маҳалли иҷрои онро дар бар мегирад, ки он дар ибтидо, миёна ва охири худи воқеаҳо ва низ фосилаҳои замонӣ, ки бо ин воқеаҳо нисбат доранд, робита дорад.

Калидвожаҳо: ҷомеа, тақвим, лексема, давра, давомнокӣ.

КОНЦЕПТИВ «ЛИНЕЙНОЕ (СОЦИАЛЬНОЕ ВРЕМЯ)» В РУССКО-ТАДЖИКСКИХ СООТВЕТСТВИЯХ

В статье подвергается анализу концептив «Линейное (социальное время)» в русском и таджикском языках. Отмечается, что социальное происхождение временных обозначений несёт конкретные очертания, поскольку определяется активностью носителей конкретного языка, членами языкового социума. Существование социума обусловлено достижением определённой степени координации многочисленных социальных ритмов. Именно это даёт возможность говорить о доминировании социальных ритмов. При взаимодействии с окружающей действительностью, человек в своём сознании обрабатывает информацию о ней. Языковая модель мира и есть такой результат обработки информации сознанием личности и коллектива. Языковая модель мира – это программа, диктующая поведение личности и коллективу, поскольку определяет набор операций для воздействия на мир, правила их применения и мотивировку. Реализация модели мира может осуществляться в самых разнообразных формах поведения человека и в результатах данного поведения. Так как человек осознает продолжительность и последовательность конкретных периодов, то результатом такого осознания и становится возникновение точного измерения времени. Время, будучи вместилищем событий, содержит также их локализацию, которая связана с началом, серединой и концом, как самих событий, так и временных отрезков, соотнесённых с данными событиями.

Ключевые слова: социум, календарь, лексемы, цикл, протяжённость.

THE CONCEPT OF "LINEAR (SOCIAL) TIME" IN THE RUSSIAN-TAJIK CORRESPONDENCES

The article analyzes the concept of "Linear (social time)" in the Russian and Tajik languages. It is noted that the social origin of the temporal designations carries a specific shape, since it is determined by the activity of speakers of a particular language, members of linguistic society. The existence of society is due to the achievement of a certain degree of coordination of numerous social rhythms. This is what gives the opportunity to talk about the dominance of social rhythms. When interacting with the surrounding reality, a person processes information in his mind about it. The language model of the world is a result of informational processing by the consciousness of the individual and the collective. The linguistic model of the world is a program that dictates the behavior of the individual and the group, since it defines a set of operations to influence the world, the rules for their application and motivation. Implementation of the model of the world can be carried out in the most diverse forms of human behavior and in the results of this behavior. Since a person is aware of the duration and sequence of specific periods, the result of this awareness is the emergence of an accurate measurement of time. Being a reservoir of events, time also contains its localization, which is associated with the beginning, middle and end, of both the events themselves and the time periods associated with these events.

Key words: society, calendar, lexemes, cycle, length

Сведения об авторе: ***Эшназарова Сарвиноз Маматовна*** **–** Таджикский государственный института языков им. С. Улугзода, соискатель. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **noza85@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-71-33-85**

Information about the author: ***Eshnazarova Sarvinoz Mamatovna*** - Tajik State Institute of Languages named after S. Ulugzoda, applicant. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Muhammadiev, 17/6. E-mail: **noza85@mail.ru.** Tel.: **(+992) 907-71-33-85**

УДК: 42-56:372.881.111.1 (03) (575.3)

ХУСУСИЯТҲОИ ХОССИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ҲАНГОМИ ТАРҶУМА

Ширинбекова С.Ҳ., Акрамова З.А.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки паҳлуҳои мухталифи маънои воҳидҳои фразеологӣ, ҳам аслӣ ва ҳам маҷозӣ, ҳамеша боиси хушобуранг баён ёфтани фикр мегарданд. Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки воҳидҳои фразеологӣ дар ҳарду забон як хел мавриди истифода қарор мегиранд ва то дараҷае аз ҳамдигар тафовут ва умумиятҳо доранд. Ҳамин тафовут ё умумиятҳо ҳангоми тарҷума ба забони англисӣ ва ё худ баръакс ба мутарҷимон ҳамеша мушкилиҳоро пеш меоранд. Аниқ сарфаҳм рафтани маънои асосии калима, маҷоз ва ё асл будани он, муродиф шудани он дар ҷумла дар аксар маврид нофаҳмиҳоро ба мутарҷимон ва ё худ забономӯзон ба миён меоварад. Аслан, аксари муҳаққиқон зикр мекунанд, ки тарҷума як навъи санъати сухан аст ва тарҷумон бояд ҳамин санъатро моҳирона, устодона ба кор барад, то ин ки маънои асл дар асари тарҷумашуда коста нагардад. Тарҷума худ яке аз воситаҳоест дар таҳкими равобити гуногуни халқҳои олам. Тарҷума кардан ҳамеша ва дар ҳама даврҳо имконият фароҳам меовард, ки халқҳо ба ҳамдигар алоқаманд бошанд, аз урфу одат, маданият, фарҳанги ҳамдигар бархӯрдор гарданд [11, с.102].

Фразеология хазинаи забон мебошад. Дар фразеологияи миллии забони англисӣ, воҳидҳои фразеологии дигар миллатҳо низ вуҷуд дорад. Фразеологизмҳо, яъне воҳидҳои фразеологӣ, як ҷиҳати муҳимми забон мебошанд, ки забон бе онҳо вуҷуд дошта наметавонад. Фразеологияи забони англисӣ хеле бой ва ғанӣ буда, таърихи бисёрасра дорад. Забони англисии муосир забони таҳлилӣ мебошад. Зиёдшавии таҳлили забони англисӣ тамоми воҳидҳои фразеологии забони англисиро маҳдуд месозад [13, с. 43]. Масалан: ***The man of the hour –*** *Қаҳрамони давр.* ***He is dying for her –*** *Вай дар ишқи ӯ месӯзад.* ***You better ask for your cards –*** *Беҳтар ин аст, ки аз кор равӣ* [13, с.47].

Тавре ки дар боло зикр намудем, воҳидҳои фразеологӣ воқеаҳои аз ҳад зиёд омехтаро меомӯзанд ва дар забонҳои мухталиф усулҳои омӯзиши худро доранд. Ақидаҳои забоншиносон дар баъзе мушкилоти фразеологӣ аз якдигар фарқ мекунад. Бо вуҷуди ин, вазифаи муҳимми забоншиносоне, ки дар соҳаи фразеология кор мекунанд аз кӯшишҳои пайдо намудани роҳу усулҳое иборат аст, ки ҳам барои назарияи фразеология ва ҳам барои таълим додани забонҳои хориҷӣ муҳим мебошад.

Дар забони англисӣ воҳидҳои фразеологии мақоми волои услубдошта се навъ мешаванд: фразеологизмҳои архаистӣ, ки онҳо аз истеъмол берун шудаанд ва ё берун шуда истодаанд; фразеологизмҳои адабию китобатӣ; ибораҳои рехтаи иқтибосӣ, ки дар забони англисӣ низ дар нутқи ҳаррӯза истифода мешаванд [3, с. 89]. Истифодаи ҳамаи навъҳои фразеологизмҳо нутқро зебо, таъсирбахш ва пуробуранг мегардонад. Аз ин хотир, донистану истифода бурда тавонистани воҳидҳои фразеологӣ яке аз шартҳои асосии забондони хуб будан аст.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки фразеологизмҳо дар забони англисӣ аксар маврид ибораҳои сирф англисӣ мебошанд, ки муаллифонашон номаълуманд. Маълум мешавад, ки аксари онҳо ибораҳое мебошанд, ки дар миёни халқ истифода мешудаанд ва муаллифони асосии онҳо низ халқ маҳсуб меёбад. Бо мақсади тақвияти андешаҳо чанд намуна меоварем: **bite off more than one can chew** – панҷ ангуштро ба даҳон андохтан, яъне ба коре даст задан, ки аз уҳдааш намебарой, ба ғунҷоиши даҳон нигоҳ накарда ба даҳон андохтан, ичро карда натавонистани кор; **to have a bee in once 's bonnet** – дар фикри ягон кор банд будан ё банд шудан ба коре ва ғ. [4, с.132].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фразеологизмҳои сирф англисӣ бо урфу одатҳои мардум ва омилҳои таърихӣ алоқаманданд. Ба ин гурӯҳ воҳидҳои фразеологии мазкурро номбар кардан мумкин аст: воҳидҳои фразеологие, ки урфу одатҳои халқи англисро мефаҳмонанд: **Good vine need's no bush** – *майи хуб ба тамғаи бор мӯҳтоҷ нест. Бори хуб муҳтоҷ ба муаррифӣ надорад [3, с.95];* воҳидҳои фразеологие, ки ба воқеаҳои ҳақиқати таърихидошта иртибот доранд: **play fast and loose** – *бозии ғайри қоидавӣ, яъне бемасъулият будан.* (Ин ибора бо бозии қадимаи халқ иртибот дорад, ки бо он дар намоишгоҳҳо дар Англия бозӣ мекарданд); воҳидҳои фразеологие, ки бо номи нависандагони Англия: олимон, шоҳон ва ғайра алоқаманданд [3, с. 98]; фразеологияҳое, ки дорои номҳо мебошанд, масалан: **Jack makes a good Jill** – *агар Ҷек хуб бошад Ҷил ҳам хуб аст. Шавҳари хуб, ҳамсари хуб дорад* [3, с.98].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ роҳу воситаҳои ифодаҳои худро доранд. Воҳидҳои фразеологӣ бо ифодаи маъно, мавқеи

истеъмол ва вазифаҳои синтаксисӣ ба калимаҳо наздик бошанд ҳам, бо сохти таркибии худ аз онҳо фарқ мекунанд. Илова бар ин, бояд зикр намуд, ки мувофиқати пурраи маъногии фразеологизмҳо дар забонҳои муқоисашаванда низ ҷой доштанд. Аз он ҷумла, **at first sight** – *аз нигоҳи аввал*; **face to face** - рӯ ба рӯ; **to break a, promise** – *паймон шикастан* ва ғайраҳо. Ҳамин гуна мувофиқатҳои маъногӣ бар он шаҳодат медиҳанд, ки фразеологизмҳо дар забонҳои мавриди омӯзиш умумиятҳо низ доранд. Бояд қайд намуд, ки тарҷума ва таҳқиқи воҳидҳои фразеологӣ ва дар умум фразеологизмҳо аз як забон ба забони дигар метавонад, ки ба бисёр камбудиҳо рӯшанӣ андозад. Аз ин рӯ, аз нигоҳи тарҷума пешниҳод намудани он ҳамеша манфиатовар аст.

Аслан, ҳангоми тарҷумаи ибораҳои фразеологӣ аксарияти фразеологизмҳои маъмул роҳи дурусти худро пайдо мекунанд, аммо дар баробари он усулҳои гуногуни тарҷума сабабгори истифода нашудани ҳамин вожаҳо дар забони тарҷумашаванда гардиданашон мумкин аст. Мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо гоҳе тарҷумаи таҳтуллафз, гоҳе тасвирӣ ва то ҷое мутарҷимон кӯшиш менамоянд, ки дар забони тарҷумашаванда муродифи мувофиқ пайдо намоянд. Аслан, тарҷумаи вожа ё калима аз кӯшиши дар забони тарҷумашаванда ёфтани вожаи ҳаммаънои он оғоз мешавад. Аксарияти калимаҳои забони тоҷикӣ ва ё англисӣ дар ҳарду забон вожаҳои ҳаммаънои худро доранд. Дар назарияи тарҷума вожаи забони тоҷикиро, ки маъноияш ба ягон калимаи забони англисӣ наздик мебошад, **мувофиқати вожагӣ ё мувофиқати луғавӣ** меноманд [11, с.106].

Воҳидҳои фразеологӣ ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ махсусан дар асарҳои бадеӣ фаровон истифода мешаванд ва онҳо бо забонҳои гуногуни дунё бо тарзҳои мухталиф тарҷума мешаванд ва ба хонандагон пешниҳод мегарданд. «Нуқсони асосии тарҷумаҳо –мегӯяд забоншинос ва мутарҷим Камолиддинов Б., дар забони онҳост. Бисёр тарҷумонҳо забони тоҷикиро намедонанд ва қоидаю қонунҳои онро дағалона вайрон мекунанд. Онҳо калимаю ибораҳои вайронро кор мефармоянд, мавриди истеъмоли таъбирҳои машҳурро дуруст муайян карда наметавонанд, ҷумлаҳое тартиб медиҳанд, ки ё вайрон аст, ё хеле дағалу носуфта» [5, с. 83] .

Воҳидҳои фразеологӣ дар забон маъноҳои ба худ хос доранд. Забоншинос Маҷидов Ҳ. қайд мекунад, ки «ифодаи маънои яклухти ба ҳиссаҳо ҷудонашаванда аз хусусиятҳои муҳимми воҳиди фразеологӣ мебошад. Воҳиди фразеологӣ бо маънои яклухт ва тобишу оҳангҳои фардии худ хели махсуси маъноро ба вуҷуд меоварад" [6, с. 13]. Муайян кардани маънои онҳо, аниқ дарк кардани он ҳамчун воҳиди фразеологӣ, дар маънои маҷозӣ омадани онҳо ҳамеша ба мутарҷим мушкилиҳоро пеш меорад. Дар мавриди тарҷумаи онҳо забоншинос Мирзоева М.М. зикр менамояд, ки «воҳидҳои фразеологиро ба фразеологизми забони тарҷумашаванда баргардонидан лозим аст. Ин роҳи фразеологии тарҷума буда, тарҷумаи идеалӣ ҳисоб меёбад. Дар ҳолати ҷой надоштани муодили мувофиқ усули дигар- роҳи ғайрифразеологии тарҷумаро ба кор мебаранд» [7, с. 43].

Ба забони англисӣ ифода кардани ибораҳои фразеологӣ вазифаи мушкил дар назди мутарҷимон мебошад. Тавассути густурдагии маъно, маҷозият, кӯтоҳӣ ва дурахшии маъно ибораҳои фразеологӣ дар забон нақши муҳимро мебозанд. «Дуруст аст, ки як қатор воҳидҳои фразеологӣ аз ҷиҳати ҷузъҳои дохилиашон тағйир ёфта метавонанд. Дар ин маврид вариантҳои нави воҳидҳои фразеологӣ ба вуҷуд меоянд.

Тарҷума ҳамчун илм қонун ва қонуниятҳои худро дорад. Забоншинос ва мутарҷим М.Б.Нағзибекова дар асараш қайд мекунад «…аз як забон ба забони дигар тарҷума кардан мумкин аст, вале гузашта аз ин тарҷума талаби асосиро аз тарҷумон таъкид мекунад: тарҷумон уҳдадор аст забонеро, ки аз он тарҷума мекунад, донад. Тарҷумон фақат забони бегонаро фаҳмида ва бо ҳамин воқеияти бевositаи фикри халқи дигарро фаҳмида гирифта, дар паҳлуи мутафаккирон ва шоироне, ки ин халқ ба вуҷуд овардааст, меистад» [5, с. 67]. Дар ҳақиқат, вазифаи тарҷумон тарҷумаи фаҳмо, дарки аниқи маънӣ ҳангоми тарҷума, нигоҳ доштани асолати забони асари тарҷумашаванда мебошад.

Забоншинос Муллоҷонова З. дар ҳамин мавзӯъ зикр менамояд, ки «мутарҷим бояд ҳамчуноне ба забони дигар тарҷума намояд, ки ба хонандаи дигар чи гунае ки асар дар нусхаи асл таассурот мебахшад, ҳамон гуна таъсирпазир бошад» [8, с.113].

Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки дар тарҷума принсипҳо ва дуруст мавриди истифода қарор додани онҳо нақши асосӣ дорад, яъне дуруст баргардонидани фикри нусхаи асл, калимаҳои матни аслро вусъат дода тавонистан, хонда шудани тарҷума ҳамчун матни асл, нигоҳ доштани услуби матни асл принсипҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд. Ҳангоми тарҷума қонуниятҳои зикршуда бояд ҳамчуноне риоя шаванд, ки ифодаи маълумотро бо ҷузъиёташ маъноҳои вожаҳои алоҳидаро таъмин карда тавонад, аниқтараш нусхаи саҳеҳи матни асл бошад. Аслан се принсипи асосии тарҷума пешниҳод мешавад: тарҷума бояд пурра ғояҳои матни аслро диҳад; услуб ва тарзи ифодаи тарҷума ба матни асл монанд бошад; тарҷума низ мисли матни асл осон хонда шавад [11, с.110].

Умуман, роҳу усулҳои гуногуни тарҷумаро номбар кардан ва бар онҳо таҳлилҳо гузаронидан мумкин аст, ки мутарҷимон ҳангоми тарҷума истифода мебаранд, аз он

ҷумла ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ. Албатта, бо пайдоиши тарҷумонҳои касбӣ робитаҳо, ҳамкориҳои дуҷониба ба марҳилаҳои сифатан нав расидааст, вале дар асл ин робита аз оғози пайдоиши нахустин давлатҳои қадим арзи вуҷуд кардааст ва то имрӯз идома дорад. Дар ҳақиқат, вазифаи тарҷумон тарҷумаи фаҳмо, дарки аниқи маънӣ ҳангоми тарҷума, нигоҳ доштани асолати забони асари тарҷумашаванда мебошад. Илова бар ин, дар тарҷума одатан мутарҷимон аз фарҳангҳои гуногун истифода мебаранд. Ҳангоми муқоисаи вожаҳо дар фарҳангҳо муносибати маъноӣ дар байни ин калимаҳо муайян карда мешавад. Бояд зикр намуд, ки огаҳ будан аз қонуниятҳои тарҷума ба мутарҷим имкон медиҳад, ки нозукиҳои таносуби маъно ва роҳҳои ифодаи ҷумлаҳоро ба хубӣ бифаҳмад ва матлаби худро тарзе баён карда тавонанд, ки ҳам ба меъёрҳои забони адабӣ мувофиқ бошанд ва ҳам сухан фасеҳу зебо ифода гардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аракин В. Д. Практический курс английского языка / В.Д. Аракин. – М.: Владос. 2003. – 515 с.
2. Блох М.Я. Теоретические грамматика английского языка / М.Я. Блох. – М.: Высшая школа, 1983. – 383 с.
3. Виноградов В.В. Об основных типах фразеологических единиц в русском языке / В.В. Виноградов. Лексикология и лексикография: Избр. Тр. - М.: Наука, 1986.
4. Каушанская В.Л. Грамматика английского языка / В.Л. Каушанская, Р.Л. Ковнер и др. – М., Пресс, 2008. – 380 с.
5. Камолиддинов Б. Тарҷума ва балоғати сухан / Б. Камолиддинов, М.Б. Нағзибекова – Душанбе, 2005. - Ҷ. 2. – 184 с.
6. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1982.
7. Мирзоева М.М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои С.Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ / М.М. Мирзоева. – Душанбе: Матбуот, 2008. – 160 с
8. Муллоджонова З.А. Стиль оригинала и перевод / З.А. Муллоджонова. – Душанбе: Дониш, 1976. – 136 с.
9. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А.Мамадназаров. – Душанбе: Саҳбо, 2007. – 1080 с.
10. Маджидов Х. Лексико-семантические особенности глагольных фразеологических единиц современного таджикского литературного языка, АКД / Х.Маджидов. - Душанбе, 1968. – С. 123.
11. Туйғунов Н. Таҳлили муқоисавӣ-семантикии лексикаи ифодагари узвҳои бадан дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асарҳои С.Айнӣ / Н. Туйғунов. -Душанбе, 2012. – 164 с.
12. Фёдоров А.В. Введение в теорию перевода / А.В. Фёдоров. – М.: Изд-во лит-ры на иностр. языке, 1953. – 374 с.
13. Blokh, M.Y. A Course in Theoretical English Grammar / M.Y. Blokh. - M.: Vischaya Schkola, 1983. – 383 p.

ХУСУСИЯТҲОИ ХОССИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ҲАНГОМИ ТАРҶУМА

Дар мақола андешаҳои муаллиф оид ба воҳидҳои фразеологӣ дар забони англисӣ ва хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо нисбат ба забони тоҷикӣ мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф тавонистааст, ки дар заминаи тадқиқотҳои мавҷуда дар самти забоншиносии муқоисавӣ баъзе хусусиятҳои хосси воҳидҳои фразеологиро дар муқоиса ба забони тоҷикӣ нишон диҳад. Воҳидҳои фразеологӣ дар забони англисӣ хусусиятҳои хосси худро доранд. Ин хусусиятҳо махсусан ҳангоми тарҷума нозукиҳои бештареро зоҳир менамоянд. Воҳидҳои фразеологӣ дар забони англисӣ хусусиятҳои гуногун доранд. Бояд зикр намуд, ки як гурӯҳи онҳо танҳо хосси забони англисӣ мебошанд, аз ин рӯ, ҳангоми тарҷума фаровон истифода намудан аз принсипҳо ва усулҳои гуногуни пешниҳодшуда мувофиқи матлаб мебошад. Мушоҳида мешавад, ки дар аксар маврид воҳидҳои фразеологӣ аз лиҳози маъно ба тартиб омадаанд ва дигар кардани мавқеи онҳо ифодаи маъноро аз лиҳози мантиқ вайрон хоҳад кард. Бояд зикр намуд, ки огаҳ будан аз қонуниятҳои тарҷума ба мутарҷим имкон медиҳад, ки ҳангоми баргардонидани матни асл аз қоидаҳои маъмули ҷумлабандӣ истифода барад, нозукиҳои таносуби маъно ва роҳҳои ифодаи ҷумлаҳоро ҳангоми тарҷума дуруст дарк намояд, тарзе баён карда тавонад, ки маънои аслии матн бетағйир боқӣ монад ва ҳам сухан фасеҳу зебо ифода гардад.

Калидвожаҳо: ибораҳои фразеологӣ, тарҷума, хусусият, тафовут, умумият, принсипҳо, хусусияти хос, методҳо, тафовут, навъҳои ибораҳои фразеологӣ.

СВОЙСТВЕННЫЕ ОСОБЕННОСТИ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ ПРИ ПЕРЕВОДЕ

В статье автор рассматривает отличительные особенности фразеологических единиц в английском языке. На основе существующих исследований в таджикском языке и методов перевода автор статьи предлагает свои решения. Надо отметить, что наука о переводе предлагает множество методов перевода фразеологических единиц, которые широко используются при переводе художественных произведений. Известно, что при переводе предложений используются разные методы, иногда встречаются структурные изменения предложения. Фразеологические единицы в английском языке имеют свои особенности, то есть, существуют фразеологизмы, которые свойственны только английскому языку. Поэтому при переводе надо использовать различные методы и принципы перевода, которые способствуют точной передаче текста. Надо отметить, что основной задачей переводчика является точный перевод, точное понимание смысла фразеологической единицы при переводе текста. Переводчик должен перевести текст оригинала так, чтобы работа, переведенная на другой язык, имела такое же действие, как в языке оригинала.

Ключевые слова: фразеологические единицы, перевод, особенности, различие, общность, принципы, методы, сравнение, типы фразеологических единиц.

ESSENTIAL FEATURES OF IDIOMS AND THEIR DIFFICULTIES IN TRANSLATION

In the article, the author considers the distinctive features of idioms in the English language. Based on existing research in the Tajik language and translation methods, the author offers her own points of view. It should be noted that the science of translation offers many methods for the translation of idioms that are widely used in the translation of works. It is known that when translating sentences, different methods are used, sometimes structural changes occur in the sentence. Idioms in the English language have their own peculiar features, that is, there are expressions that are peculiar only to the English language. Therefore, when translating it is necessary to use various methods and principles of translation that

facilitate accurate translations of the text. It should be noted that the main task of the translator is an exact translation, an accurate understanding of the meaning of the idioms when translating the text. The translator must translate the original text so that a work translated into another language has the same effect as in the original language.

Key words: phraseology, translation, features, distinction, commonality, principles, peculiar features, methods, comparison, types of phrase expressions.

Сведения об авторах: ***Ширинбекова Сайли Асанбековна*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Н.Карабаева 64/14. E-mail: **sailigul8181@mail.ru**
Акрамова Зулфия Абдурахмоновна - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры иностранных языков. **Адрес:** Таджикистан, 734067, г. Душанбе, улица Н.Карабаева 64/14. E-mail: **tuygunovnosir@mail.ru**

Information about the authors: ***Shirinbekova Sayly Asanbekovna*** – Tajik State University of Finance and Economics, Assistant of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova Str., 64/14. E-mail: **sailigul8181@mail.ru**
Akramova Zulfiya Abdurakhmonovna – Tajik State University of Finance and Economics, Assistant of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova Str., 64/14. E-mail: **tuygunovnosir@mail.ru**

УДК: 491.550-5:82-1

КОРБУРДИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ НАҚИБХОН ТУҒРАЛИ АҲРОРӢ

Муҳаммадиева С.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аз байти мазкури шоир Нақибхони Туғрал чунин бармеояд, ки ӯ яке аз суханварони боистеъдоду бомаҳорати охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба шумор рафта, дар суҳансароӣ тариқи пухтагонро пеша кардааст ва ба ин васила дар бою ғанӣ гардидани забони шевою гуворои тоҷикӣ саҳми арзанда гузоштааст. Тарзи баёни фаҳмою гуворо ва забони ширину дилнишини ӯ на танҳо ҳаводорони шеъру адабро, балки муҳаққиқони соҳаи забон ва адабиёти тоҷикро низ ба худ ҷалб намудааст.

Аз ҷумла, забоншинос ва адабиётшиноси маъруфи тоҷик, шодравон Носирҷон Маъсумӣ хусусиятҳои ҷолиби эҷодиёти онро чун далел оварда, ба таври зайл таъкид намудааст: «Таҳлили мухтасари хусусиятҳои эҷодиёти Туғрал, таркиби луғавии забони ӯ ва истеъмоли услубии боигарии забон ба мавҷудияти услуби дурангаи шоир гувоҳӣ медиҳад. Қисми асосии лирикаи Туғрал ба услуби соданависии ӯ мансуб аст, ки асоси он содагии забон ва фаҳмоии маънии калимаҳо мебошад. Дар ин равияи услубӣ шоир лавҳаҳои бисёри рангину дилнишин офарида ҳунарнамоӣ кардааст. Баъзан калимаҳои халқии гуфтугӯиро кор фармуда, ғазалҳои худро аз ҷиҳати забон ва оҳанг ба лирикаи халқӣ наздик мекунад. Хусусан ғазалҳое, ки бо табъи шӯх ва ширинкорӣ гуфта шудаанд, дорои ҳамин хел оҳанг мебошанд» [4, с.58-59]. Носирҷон Маъсумӣ дар ҷойи дигар ба ҷиҳати калимасозии забони ашъори шоир чунин баҳо додааст: «Забони шоир дар калимасозӣ (мисли ноҷавонмард ва ноошнойром) ва махсусан дар калимабандӣ, хусусиятҳои аҷибе дорад» [4, с.59]. Вобаста ба ин хусусиятҳои аҷиби калимасозӣ забоншинос Шаҳло Музаффарова бо унвони «Баъзе хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии калимаҳо дар ашъори Туғрал» мақолае таҳия намудааст, ки хеле ҷолиб аст. Ш. Музаффарова калимаҳои дар даҳ ғазали Нақибхон Туғрал бударо ба калимаҳои сода, сохта ва мураккаб ҷудо намуда, дар бобати хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии ҳар кадоми ин гурӯҳ маълумоти мухтасар додааст. Аз ҷумла, дар хусуси калимаҳои мураккаб ва хусусиятҳои сохторию маъноии он маълумоти мухтасар дода, таъкид менамояд, ки дар даҳ ғазали Нақибхон Туғрал 20 калимаи мураккаб ба назар расид, яъне назар ба калимаҳои сода ва сохта хеле каманд. Ш. Музаффарова калимаҳои мураккаби дар ашъори Нақибхон Туғрал истифодашударо ба калимаҳои мураккаби пайваст ва мураккаби тобеъ ҷудо намуда, ба баъзе тобишҳои тавсифии онҳо ишорае кардааст [5, с.38-44].

Маълум аст, ки калимасозӣ яке аз роҳҳои инкишофёбию бой гардидани захираи луғавии забон ба шумор меравад. Аз ин рӯ, олимони забоншинос ба ин масъала рӯй оварда, бо тадқиқотҳои ҷиддӣ роҳу усулҳои мухталифи калимасозиро ошкор намуданд [2, с.110-125; 3, с. 89-92]. Дар ин бобат хизмати забоншиноси мумтоз, шодравон профессор Шарофиддин Рустамов бағоят бузург аст. Муҳаққиқи заррабин дар асари бунёдии илмӣ-тадқиқотии хеш «Исм» моҳияту хусусиятҳои калимасозии исм ва қолабҳои калимасозиро хеле равшану возеҳ баён кардааст. Аз ҷумла калимасозии исмҳои мураккаб ва хелҳои қолабию сохтории исмҳои мураккаб хеле муфассал баррасӣ шудаанд [7, с.140-175]. Дуруст аст, ки калимаҳои мураккаб барои кӯтоҳ ва рехта ифода кардани фикр имконият

медиҳанд. Онҳо на танҳо ибораҳои гуногун, балки ҷумлаҳоро низ иваз карда метавонанд [7, с. 144]. Бо назардошти чунин мақоми калимаҳои мураккаб мо тасмим гирифтем, ки мавқеъ ва хелҳои қолабию тобишҳои маъноии калимаҳои мураккаби дар ашъори Нақибхон Туғрал ҷойдоштаро дида бароем ва то ҳадди имкон мақоми онҳоро дар инкишофи ҳусни сухани шоир муайян намоем. Тибқи мисолҳои аз ашъори Туғрал гирдовардаамон маълум мегардад, ки дар забони осори ӯ калимаҳои мураккаб хеле фаровон истифода шудаанд.

Калимаҳои мураккаби осори шоир вобаста ба сохти калимасозиашон ва тарзи алоқаи маъноии байни ҷузъҳояшон ба ду гурӯҳ: калимаҳои мураккаби пайваст ва калимаҳои мураккаби тобеъ ҷудо мешаванд.

1. **Калимаҳои мураккаби пайваст.** Калимаҳои мураккаби пайваст гурӯҳи ҷудогонаеро ташкил дода, бо хусусиятҳои хосси худ аз калимаҳои мураккаби тобеъ фарқ мекунанд. Калимаҳои мураккаби пайвасти осори Туғрал бо тарзу роҳҳои гуногун сохта шудаанд:

а) аз такрори исм: сарсар [6, с.88], саросар [6, с.220];

б) такрори феъли фармоиш: кашокаш [6, с.252];

в) аз исму исм ва миёнвандҳо: саропо [6, с.76], хонабардӯш [6, с.107], шабехун [6, с.120], дастуруламал [6, с.152], обуранг [6, с.174], ҳалқабаргӯш [6, с.206], шуълабардӯш [6, с.241], ҷаннатулфирдавс [6, с.247].

Байти зер дорои калимаҳои мураккаб аст ва яке аз онҳо бо миёнванди «о» сохта шудааст, вожаи «саропо»:

Бувад назора чун оина **лаззатгири** дидорат,
Саропо дидаи наргис бувад маҳви тамошоят [6, с.137].

г).аз феълҳои замони ҳозира: сӯзугудоз [6, с.113];

ғ). аз феълу феъл тавассути миёнванди у: ҷустуҷӯ [6, с. 142], гуфтугӯ [6, с.173];

2. Калимаҳои мураккаби тобеъ. а) аз исму исм: Ин гурӯҳи калимаҳои мураккаб сермаҳсуланд: арақгул [6, с.85], абрӯкамон [6, с. 241], бутхола [6, с.112], булбулоҳангӣ [6,189], ваҳшатсаро [6, с.107], ваҳшатром [6, с.156], ваҳшаткамин [6, с.134], гуландом [6, с.90], гулбадан [6, с.96], гулоб [6, с.108], гулрӯ [6, с.223], гулпераҳан [6, с.245], ғунчадаҳон [6, с.177], дилхун [6, с.73], дорушшифо [6, с.131], дилозор [6, с.231], дандонгуҳар [6, с.245], ёқутлаб [6, с.223], Исосифат [6, с.226], ишқбозӣ [6, с.173], қамарораз [6, с.226], лабшакар [6, с.245], лайлиасос [6, с.173], майхона [6, с.75], мардумгиёҳ [6, с.116], Масеҳэъҷоз [6, с.196], маъникаминиҳо [6, с.81], маъниқаринӣ [6, с.81], муборакбод [6, с.103], муғбача [6, с.218], мӯкамар, [6, с. 239], муштарииқбол [6, с.75], найшакар [6, с.173], озодиписанд [5, с.124], оташнасаб [5, с.112], падарлаънат [6, с.279], парирухсор [6, с.135, 6, с.226], парирӯ [6, с. 92], размошно [6, с.138], раҳгузорат [6, с.231], Самарқанд [6, с.204], санавбарқад [6, с.245], сарманзил [6, с.286], сармашқ [6, с.82], сархат [6, с.133], ситамкада [6, с.165], соҳибқиронӣ [6, с.212], соясифат [6, с.98], субҳсифат [6, с.257], татаббӯъхона [6, с.118], фармонраво [6, с.191], харгӯш [6, с.174], хармуҳра [6, с.93], хештан [6, с.103], хиҷолатмоя [6, с.118], хунбаҳо [6, с.144], ҳайратасар [6, с. 245], ҳайратбаёнӣ [6, с.212], ҳикматшиор [6, с.236], шабранг [6, с.170], шаҳбайт [6, с. 207], шаҳбоз [6, с. 196], шаҳноз [6, с.82], шаҳпар, [6, с.101], шаҳрух [6, с.192], шодисамар [6, с.245], шоҳинватан [6, с.76], чандинсола [6, с.191], ҷаҳоноро [6, с.101, 195], ҷафокирдор [6, с.227], ҷафокор [6, с.232].

Вожаи мураккаб дар ғазали минбаъда низ ба назар мерасад, ки аз исму исм сохта шудааст:

Бо барги рухсори гулат, эй **гулбадан,** хорам макун!
Нози ғаматро лоиқам, сӯзону дар норам макун! [6, с.96].

Дар мисраи зер аз ду исм-**муштарӣ** ва **иқбол** сохта шудани калимаи мураккабро ба унвони мисол меоварем:

Муштарииқболи назмам, лек дар бозори даҳр,
Ҷуз қумоши ғам набошад дигаре савдои ман! [6, с.75].

Дар байти дигар шоир калимаи мураккаби «майхона»-ро корбаст намудааст:

Ёди айёме, ки сӯйи мо хироме доштӣ,
Бо каф аз **майхонаи** алтоф ҷоме доштӣ! [6, с.78].

Ё дар ғазали дигар вожаи «шаҳноз», ки аз ду исм ба вуҷуд омадааст, мураккаб буда, яке аз мақомҳои «Шашмақом» аст:

Ба мизроби дигар қонуни ишқат соз мекардам,
Навои пардаи «ушшоқат» аз **«шаҳноз»** мекардам [6, с.82].

б) аз исму сифат. Ин тарз калимасозии исмҳои мураккаб каммаҳсул аст, чунки қолаби аз сифату исм сохтани исмҳои мураккаб нисбат ба қолаби калимасозии факки изофат хеле барвақт пайдо шуда, мавқеи асосиро ишғол намудааст [7, с. 152]. Мисол: дилтанг [6, с. 189], дилхаста [6, 225], дилфигор [6, 235], сарбаланд [6, с. 104], саргарм [6, с. 100], сарсабз [6, 99], сармаст [6, с. 90, 151, 245], сарфароз [6, с. 113], сарҷӯш [6, с. 237], синачок [6, с. 231], хонавайрон [6, с. 116], шабнам [6, с.81];

в) аз сифату исм. Ин тарзи калимасозии исмҳои мураккаб серистеъмоланд: [6, с. 155], аҳвалтинатон [6, с. 96], аҷоибхона [6, с. 154], бадхӯ [6, с. 137], гулгунсалаб [6, с. 218], кӯчикдаҳан, [6, с. 93], мушкилосонӣ [6, с. 116], наварӯс [6, с. 219], навбаҳор [6, с. 164], навниҳолон [6, с. 196], ноошнойром [6, с. 141], осудадилон [6, с. 182], парешонҳол [6, с. 245], пуризтироб [6, с. 197], пурсамар [6, с. 69], пурфусун [6, с. 109], пуршарор [6, с. 220], равшандилон [6, с. 101, 113], сангиндил [6, с. 225], симинзақан [6, с. 93], симинсоқ [6, с. 74], сиркангубин [6, с. 195], сустмағзон [6, с.150], талхком [6, с. 116], тирабахтиҳо [6, с.142], тундхӯй [6, с. 233], хубрӯй [6, с. 142], ҷарасовоз [6, с. 197], ширинзабон [6, с. 250], ширинсухан [6, с. 70], ҷалипо [6, с. 245:

Он қадар дар боғи имкон карда сомони карам,
Шохи ҳар нахле, ки бинӣ, **пурсамар** дорад баҳор [6, с. 69].

Дар ин байт калимаи **«пурсамар»** мураккаб буда, аз ду реша- «пур» ва «самар» сохта шудааст ва сифат мебошад. Агар ин вожаро дар алоҳидагӣ таҳлил намоем, «пур» сифат аст ва «самар» - исм.

Дар байти дигар:

Рашк барад аз ҳасад тӯтии Ҳиндустон,
Туғрали **ширинсухан** аз шакаристони кист? [6, с.70].

Дар ин мисраъ вожаи **«ширинсухан»** сифати мураккаб асту он низ аз сифату исм иборат аст.

Калимаи мураккаби **«пурфиғон»** низ ба ин мисол шуда метавонад:

Сабре бикун, эй дили балокаш,
Хомӯш, ки **пурфиғон** шудастӣ! [6,с.79];

г) аз исму сифати феълӣ: гарданкашӣ [6, с. 217], ғамкашида [6, с. 226], дилшуда [6, с. 256], саргашта [6, 228], ситамкашӣ [6, с. 226], соғаркашӣ [6, 223];

ғ) аз исму феъли ҳол: каҳкашон [6, с. 74], ғазалхонӣ [6, с. 116], донаронӣ, дурфишонӣ [6, с.147], парфишонӣ [6, с. 212], раҳравон [6, с. 151], сухангӯён [6, с.203], шабравон [6, с. 156], ҳукмронӣ [6, с.212]. Дар байни ҷузъҳои ин калимаҳо номуносибати атрибутӣ, балки муносибати объектӣ мавҷуд аст, на ҷузъи якум, балки ҷузъи дуюм асосӣ буда, исм тобеи феъл аст. Вале феъли кашон, ки ҷузъи асосии исми каҳкашон мебошад, ба воситаи суффикси -он на аз феъли монда, балки аз феъли гузаранда сохта шудааст. Дар ин қабил феълҳо суффикси –он феълҳои бавосита месозад [7, с. 162];

д) аз исму асоси замони ҳозираи феъл: анҷуманоро [6, с. 78], дилоро [6,115], афсунсоз [6, с. 196], бадомӯз [6, с. 246], барбатнавоз [6, с. 218], боданӯш [6, 218], болафшон [6, с. 178], бутпараст [6, с. 238], бӯстонафрӯз [6, 89], гиребонгир [6, с. 170], гуҳарафшон [6, с.93], гуҳаррез [6, с. 186], дамсоз [6, с. 223], даргузар [6, с. 218], дастбанд [6, с. 75], дастбӯс [6, с. 197], дилафрӯз [6, с. 239], дилбар [6, с.77], дурбор [6, с.234], дилдор [6, с. 92], дилдӯз [6, с. 193], дилозор [6, с.231], дилҷӯй [6, с. 70], доғдор [6, с. 124], домангир [6, 151], дуогӯ [6, с. 71], дурдошом [6, с. 156], душманнавоз [6, с. 140], зӯрозмоиҳо [6, с.111], лабрез [6, с.219], майгусор [6, с. 219], майнӯш [6, с. 115], майхора [6, с.239], маънизо [6, с. 75], маҳмилнишиниҳо, маъникаминиҳо [6, с.144], маҷлиснишин [6, 237], меҳнаткаш [6, с.144], меҳнатсанҷ [6, с. 193], меҳнатсаро [6, 99], мӯйчиниҳо [6, с. 81], мӯшикофӣ [6, с. 72], нағмасоз [6, с.152], насиҳатгӯ [6, с.122], нафасшумор [6, 126], новакафкан [6, с. 80], обдор [6, с.235], обутоб [6, с.184], оинадор [6, с.128], оинапардоз [6, с. 188], оташпараст, [6, с. 191], парвонасӯз [6, с.240], пардадор [6, с.127], печутоб [6, с.184], поандоз [6, с.82], пойбанд [6, с.118], поймол [6, с. 77], раҳбар [6, с.77], раҳнамо [6, с.152], роҳзан [6, с. 241], рӯҳафзо [6, с.223], саброзмо [6, с.152], сардор [6, с.96], саршор [6, с. 223], ситоракаш [6, с. 106], сифлапарвар [6, с.109],такопӯ [6, с.71], такутоз [6, с.184], тасаллибахш [6, с.81], тирандоз [6, с. 80, 196], турктоз [6, с.113], тӯбишикан [6, 80], улфатпарастиҳо [6, с.161, 187], хадангандоз [6, с. 161], хаймазан [6, с.224], хӯшачин [6, с.190], хӯшачиниҳо, хилватгузинӣ [6, с. 81], ҳаводор [6, с.257], шабфурӯз [6, с.240], шакаррез [6, с.201], шакаршикан [6, с. 80], шакарфишон [6, с.240], шакарханд [6, с. 259], шарарбез [6, с. 186], ҷавҳардор [6, с.227], ҷадидсоз [6, с.233], ҷаҳонбин [6, с.223].

Дар мисраъҳои ғазали минбаъда вожаи «такутоз» мураккаб буда, бо миёнванди «у» сохта шудааст. Инчунин вожаи «гулчин» ҳам мураккаб мебошад:

Гарчи дар роҳи муҳаббат дар **такутозам** ҳанӯз:
Нест мизробам, бурун аз пардаи созам ҳанӯз.
Баски будам аз баҳори ҳусн **гулчини** вафо,
Аз шикасти бӯи гул ёбӣ ту овозам ҳанӯз [6, с.184].

Ё ин ки:

Обутоби сунбули зулфи бутон дидам, вале
Печутоби турраи марғулаи мӯи ту нест [6, с.71].

Вожаҳои мураккаб дар ашъори Туғрал бо роҳҳои гуногун сохта шудаанд. Дар байти мазкур исмҳои мураккаби «**обутоб»** ва **«печутоб»** бо миёнванди **«у»**, аз исму асоси замони ҳозираи феъл сохта шудаанд.

Дар байти зерини Туғрал якбора сето калимаи мураккаб аст ба мисли **«новакафкан», «тирандоз»** ва **«абрӯкамон».** Вожаҳои **«новакафкан» ва «тирандоз» аз** исму асоси замони ҳозираи феъл таркиб ёфтаанд:

Тире зада бар ҷони ман мижгони **новакафканат,**
Эй турки **тирандози** ман, **абрӯкамони** кистӣ?! [6, с. 80].

Абёти зер низ дорои чунин сохторанд:

Сарви қадат андар чаман бишкаст қадри норван,
Эй аръари **тубишикан,** сарви равони кистӣ?!
Ман тӯтиям **шаккаршикан,** Ҳиндустонам зулфи ту,
Бо холи ҳиндуи лабат Ҳиндустони кистӣ?! [6, с. 80].

Дар ғазали дигар калимаҳои мураккаб фаровонанд:

Зи худ бисёр дур афтодам аз **маъниқариниҳо,**
Маро **сармашқи** ҳайронист акнун **мӯйчиниҳо.**
Тавон дар мазраи боғи ҷаҳон гул аз адаб чидан,
Ки сад хирман намой ҳосил аз ин **хӯшачиниҳо.**
Муроде, ки бувад ғайр аз тасаллибахши оромаш,
Набошад баҳра Лайлиро аз ин **маҳмилнишиниҳо.**
Зи шарми он ки фардо маҳрами меҳри бутон бошӣ,
Ба шабнам ғӯта зан имрӯз аз **хиҷлатҷабиниҳо** [6, с. 81].

Чуноне ба назар расид, вожаҳои «маъниқариниҳо», «сармашқ», «мӯйчиниҳо», «хӯшачиниҳо», «маҳмилнишиниҳо», «хиҷлатҷабиниҳо» калимаҳои мураккаб буда, барои ифодаи ҳолати рӯҳии шахси ошиқ ба кор рафтаанд.

Дар мисраъҳои дигари ин ғазал вожаҳои «маъникаминиҳо», «хилватгузиниҳо» низ мураккаб мебошанд:

Даме з-андешаи дил дар паи сайди маонӣ шав,
Агар бошад расо фикри ту дар **маъникаминиҳо.**
Кунун ҷинси қумоши хешро, Туғрал, ба арз орам:
Муроде кай шавад ҳосил аз ин **хилватгузиниҳо** [6, с.81].

Дар мисраи дигар низ калимаи мураккаби «пойандоз» ҷой дорад:

Ба маҳзи лутф сӯи кулбаи ман мехиромидӣ,
Ба роҳат пардаҳои дида **пойандоз** мекардам [6, с.82].

Дар байти дигар низ вожаи мураккаб дида мешавад:

Навбати аҳди **бӯстонафрӯз,**
Чун вафою висоли ёр гузашт [6, с.89].

Ё мисраи дигар:

Сар бохтам ман бо сарат, сарро нагирам аз дарат,
Сардори ишқи бесарам, **сардори сардорам** макун [6, с.96].

Калимаи **сардор** аз исми **сар** ва феъли замони ҳозираи **дор (доштан)** сохта шудааст.

е) аз шумораву исм. Ин тарзи калимасозӣ каммаҳсул аст [6, с.156.]: чорсӯ [6, с.91], садсола [6, с.112, 116], ҳазорпо [6, с.165], дудил [6, с. 233], саддона [6, с.248];

ё) шумораи мураккаб: дусад [6, с. 227];

ж) ҷонишинҳои мураккаб: ҳарчанд [6, с. 111], ончунон [6, с.194];

з) ҷонишин+замони ҳозираи феъл: худнамоиҳо [6, с.111]:

Шоир ҷонишини «ҳарчанд»-ро дар байти зер истифода намудааст:

Наомад заврақи ман дар канори соҳили васлаш,
Ба баҳри ишқ **ҳарчанде** ки кардам нохудоиҳо [6, с.111];

и) пайвандакҳои мураккаб: гарчи [6, с.122], агарчанде [6, с.193], азбаски [6, с.235];

й) аз сифати феълию исм. Ба мисли: «парокандалашкар». Он бемаҳсул буда, дар сифат сермаҳсул аст, ки дар он ҷо сифати феълӣ ҷузъи асосӣ шуда меояд [7, с.157]. Аммо ин тарзи калимасозиро мо дар «Мунтахаботи ашъор»-и Туғрал, ки мавриди тадқиқ қарор додаем, пайдо накардем.

Заминаи асосии калимаҳои мураккаб ва воҳидҳои синтаксисӣ, пеш аз ҳама, ибора мебошад. Аз ҳамин ҷиҳат калимасозии исмҳои мураккаб масъалаи муносибати исмҳои мураккаб ва ибораҳоро ба миён мегузорад [2, с.119]. Ҷузъи тобеи исми мураккаб шуда омадани ибора низ мумкин аст: Ясавулони дарбор мувофиқи фармоиши амир **намадисиёҳпӯшонро**…: доданд (С.Айнӣ). Ин тарзи калимасозӣ дар сифат нисбатан серистеъмол аст: одами **молимардумхӯр, гӯштимурғхӯр,** хасиси **чиркидандонхӯр,** гули **намозишомкушо** ва ғ. [2, с.125].

Дар забони тоҷикӣ боз тарзи дигари сохтани калимаҳои мураккаб вуҷуд дорад, яъне исмҳои мураккаби сеҷузъа дар қолаби исмҳои дуҷузъа сохта шудаанд. Дар ин гуна исмҳо яке аз ҷузъҳо (асосан дуюм) сода ва дигаре мураккаб мебошад: **шашмақомхон, мардикорбача, сартарошхона** [2, с.25]. Вожаи мураккаби дар байти зер таҷассумёфта аз се калима иборат аст-**«чабҳа+гиреҳ+карда»:**

Манъи карами хеш кунӣ чанд зи ибром,

Эй, **ҷабҳагиреҳкарда,** ту аз дасти дуо пурс! [6, с.182].

Бояд зикр намуд, ки баъзе аз ин калимаҳои мураккаб якчанд маротиба корбаст шудаанд.

Асоси калимаҳои сохта ва мураккаб ҳамчун воҳиди мустақили луғавӣ низ истифода шуда, аз он калимаҳои гуногун сохта мешаванд. Ин аст, ки манбаи асосии калимасозӣ вожаҳои бунёдӣ, решагӣ ба шумор мераванд. Баъзе калимаҳо дар таърихи забон тадриҷан аз таркиби луғавӣ баромада бошанд ҳам, ҳамчун асоси калимаҳои сохтаву мураккаб дуру дароз умр мебинанд. Ин қабил калимаҳо дар алоҳидагӣ ҳеҷ маъниро ифода намекунанд, маънои аслии онҳоро маҳз илми таърихи забон муайян мекунаду бас. Масалан, «**кад»** дар таркиби **кадхудо, кадбону, оташкада, донишкада** барин калимаҳо ҳоло ҳам боқист ва маҳз ба туфайли ҷузъи дуюм маънии **хона** доштани **када** равшан мешавад, ҳоло **кадхудо** ба маънии **соҳибхона, хонадор** ва **кадбону** ба маънии **бонуи хона, соҳибхонадон** истифода мешавад [2, с.110]. Калимасозии аффиксҳои «кад» ва «када»-ро Бобомуродов Ш. низ дар китоби худ қайд намудааст [1, с.98]. Дар ин росто Туғрал дар ашъори безаволаш калимаи мураккаби **ситамкадаро** [6, с.165] мавриди истифода қарор додааст, ки хеле ҷолиб садо медиҳад ва барои бой шудани таркиби луғавии забонамон нақши муайяне дорад.

Боз як нуктаи диққатҷалбкунандае дар ашъори Туғрал ба назар расид, ки як калима тавонистааст дар сохтани воҳидҳои луғавии дигар хизмат намояд, амсоли: вожаи **гул** – гуландом, гулбадан, гулоб, гулгашт, гулгунсалаб, гулрӯ, гулпераҳан; **дил**- дилҷӯй, дилхун, дилбар, дилдор, дилоро, дилтангӣ, дилхоҳ, дилдӯз, сангиндил, дилхаста, дилдодагон, дилфигор, дилозор, дудил, дилафрӯз, дилшуда; **шакар-**шакаршикан, найшакар, шакаррез, шакарфишон, лабшакар, шакарханд; **шаҳ-** шаҳноз, шаҳпар, шаҳрух, шаҳбоз, шаҳбайт; **май**-майхона, майнӯш, майгусор, майхора ва ғ., ки мо ҳангоми омӯхтани мавзӯи «Манбаъ ва роҳҳои инкишофи забони тоҷикӣ» дар мактаби олӣ истифода бурда метавонем. Ба гуфти профессор – Шарофиддин Рустамов: «Сар калимаи сермаъно буда, дар луғатҳо аксари он маъноҳо дарҷ шудаанд. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик «сар» ба вазифаи ҷузъи якуми калимаи мураккаб фаровон истифода мешавад. Калимаи мураккаб маънои ҳар як ҷузъро дар худ таҷассум мекунад ва шахсро мефаҳмонад, ки ба гурӯҳе сардор ва роҳбар аст, кадом гурӯҳ ва чи гуна касон будани онҳоро ҷузъи дуюми калимаи мураккаб далолат мекунад: сарлашкар. Ин қолаби калимасозӣ вобаста ба талаботи замон дар забони тоҷикӣ инкишоф ёф**та,** морфемаи сар-маънои худро васеъ намудааст. Чунончи дар исмҳои саркотиб, сармуҳаррир ва ғ. сар-на ба маънии сардори котибҳо, балки дараҷаи мансабро ифода мекунад ва дар ин калимаҳои ҳиссаи дуюм исми ҷузъ буда, вазифаю мансабро мефаҳмонад. Агар ҷузъи дуюми калимаҳои мураккаб исми ғайришахс бошад, исми мураккаб на шахсро, балки номи предмет ва амалро далолат мекунад» [7, с.147-150]. Ва мо калимасозию сермаъноии вожаи «сар»-ро дар ашъори Туғрал пайдо намудем: **сар**-саропо, сармашқ, сарсар, сармаст, сардор, сарсабз, саргарм, сарбаланд, сарфароз, сарнавишт, саргузашт, сархат, саромад, саросар, саршор, саргашта, сарҷӯш, сарманзил.

Дар забони адабии тоҷик калимасозии исмҳои мураккаб хеле сермаҳсул мебошад. Калимаҳои мураккаб барои кӯтоҳ ва рехта ифода кардани фикр имконият медиҳанд. Онҳо ибора ва ҷумлаҳоро низ иваз карда метавонанд [2, с.119]. Вожаҳои мураккаб барои сохтани калимаҳои нав асос мешаванд. Дар эҷодиёти Туғрал мураккабшавии исм, сифату зарф, шумораву ҷонишин ва пайвандакҳо дида шуд, ки онҳо калимаҳои нав сохтаанд.

Қобили тазаккур аст, ки мо дар дарсҳои худ ҳангоми баррасии мавзӯи «Имлои калимаҳои мураккаб» вожаҳои мураккаби соҳаи иқтисодӣ, аз қабили **андозбандӣ, андозсупорӣ, бонкдорӣ, бозоргирӣ, ғайрибонкӣ, иқтисоддон, қарздиҳӣ, маблағгузорӣ, макроиқтисод, муфлисшуда, сармоягузор, сармоягузоришаванда, саҳмиядор, соҳибкор, ҳисоббарор, ҳисоббаробаркунӣ** ва ғайраҳоро истифода мебарем. Аммо, барои он ки дарс ҷолиб, пурмазмуну муассир гузарад ва донишҷӯ дар оянда байни миллатҳои дигар аз боигарии забони тоҷикӣ, адабиёт ва фарҳанги миллати тоҷик сухан карда тавонад, мо аз эҷодиёти адибони классику муосир мисолҳо меорем ва ин маротиба эҷодиёти Нақибхон Туғралро мавриди истифода қарор додем.

Хулоса, вобаста ба талаботи замон, инчунин дониши баланду мукаммал доштанаш Туғрал дар ашъори худ калимаҳои мураккабро истифода мекунад, ки ин гуна вожаҳо дар сохтани калимаҳои нав, гуногунрангӣ, бою ғанӣ гаштан ва рушди таркиби луғавии забонамон нақши назаррас доранд. Ҳадаф аз нигоштани ин мақола ва инъикоси калимаҳои мураккаб дар ашъори шоири тоҷик Туғрал дар он аст, ки устодони фанни забони тоҷикии мактабҳои олӣ ва миёна дар машғулиятҳои худ аз ин гуна мисолҳо истифода намоянд, инчунин ба ҳаводорони назми Туғрал ва пажӯҳишгарони осори ӯ дар ин масъалаву мавзӯъ «қатрае аз баҳр» кумаке карда бошем.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобомуродов Ш. Луғати мухтасари калимасозии забони адабии тоҷик / Ш.Бобомуродов, А. Мӯминов. - Душанбе: Маориф, 1983. - 116 с.

2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1985. - Қ.1. - 356 с.
3. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б.Камолиддинов. - Душанбе: Ирфон, 1967. - 185 с.
4. Маъсумӣ Н. Мунтахаботи ашъори Туғрал; мураттиб ва муаллифи муқаддимаи китоб. - Душанбе: Ирфон, 1964. - 164 с.
5. Музаффарова Ш.М. Баъзе хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии калимаҳо дар ашъори Туғрал / Ш. М. Музаффарова // Ганҷинаи бегазанд (маҷмӯаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолии устодони кафедраи забон ва адабиёти тоҷик). - Душанбе: ДАТ, 2016. - 208 с.
6. Туғрал. Мунтахаботи ашъор. - Душанбе: Ирфон, 1964. - 286 с.
7. Рустамов Ш. Исм / Ш. Рустамов. - Душанбе: Дониш, 1981. - 220 с.
8. Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ / С.Шербоев. - Душанбе: Шуҷоиён, 2009. - 454 с.

КОРБУРДИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ НАҚИБХОН ТУҒРАЛИ АҲРОРӢ

Муаллиф дар мақола ҷиҳати сохтории калимаҳои мураккаберо, ки дар ғазалиёти Туғрали Аҳрорӣ истифода шудааст, мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар мақолаи мазкур калимаҳои осори шоир вобаста ба калимасозиашон ба ду гурӯҳ: калимаҳои мураккаби пайваст ва калимаҳои мураккаби тобеъ ҷудо карда карда шуда, бо тарзу роҳҳои гуногун сохта шудани онҳо нишон дода шудааст. Муаллиф роҳҳои сохта шудани вожаҳои мураккаби пайвастро бо чунин тарз нишон додааст: а) аз такрори исм: сарсар; б) такрори феъли фармоиш: кашокаш; в) аз исму исм ва миёнвандҳо: саропо; г) аз феълҳои замони ҳозира: сӯзугудоз; ғ) аз феълу феъл тавассути миёнванди у: ҷустуҷӯ. Дар бораи калимаҳои мураккаби тобеъ низ маълумот дода шуда, ҷиҳати сохти ҳар яки онҳоро муайян намудааст: а) аз исму исм: анҷуманоро; б) аз исму сифат: дилтанг; в) аз сифату исм: навбаҳор; г) аз исму сифати феълӣ: ғамкашида; ғ) аз исму феъли ҳол: сухангӯён; д) аз исму асоси замони ҳозираи феъл: афсунсоз; е) аз шумораву исм: чорсӯ; ё) шумораи мураккаб: дусад; ж) ҷонишинҳои мураккаб: ҳарчанд; з) ҷонишин ва замони ҳозираи феъл: худнамоиҳо; и) пайвандакҳои мураккаб: агарчанде; й) аз сифати феълию исм: парокандалашкар. Аз калимаҳои мураккабе, ки муаллиф аз осори Нақибхон Туғрал интихоб карда, сохти онҳоро мавриди таҳқиқ қарор додааст, устодони макотиби олӣ ва миёна метавонанд дар дарсҳои худ истифода намоянд.

Калидвожаҳо: калимаҳои мураккаб, сохтори калимаҳои мураккаб, исм, сохтор, гурӯҳбандӣ, ҳолати империативӣ, олӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СЛОЖНЫХ СЛОВ В ГАЗЕЛЯХ НАКИБХОНА ТУГРАЛА АХРОРИ

Автор в статье исследовал структуру сложных слов, используемую в газелях Туграла Ахрори. В данной статье он разделяет сложные слова, которые существуют в произведении поэта на две группы: сложносочинённые и сложноподчиненные, анализируя их структуру. Структура и классификация сложносочинённых слов представлены таким образом: а) повтор существительного: сар+сар (резкий); б) повтор повелительного наклонение глагола и связки: каш+о+каш (драка); в) существительное, существительное и связка: сар+о+по (полностью); г) глагол настоящего времени: сўзугудоз (страдать); д) глагол, глагол и связка: љуст+у+љў (изыскать); О сложноподчинённых слов тоже упоминается в статье, которые были составлены следующим образом: а) из существительного и существительного: анљуман+оро (красноречивый); б) из существительного и прилагательного: дил+танг (беспокоящийся); с) из прилагательного и существительного: нав+бањор (ранняя весна); г) из существительного и причастия: ѓам+кашида (перенёсший горе): д) из существительного и деепричастия: сухан+гўён (речистый); е) из существительного и глагола настоящего времени: афсун+соз (чародей); ё) из числительного и существительного: чор+сў (перекрёсток); ж) сложное числительное: ду+сад (двести); з) сложные местоимения: њар+чанд (сколько ни; и) местоимение и глагол настоящего времени: худ+намоиње (хвастаться); к) сложные союзы: агар+чанде (несмотря, хотя); и) из причастия и существительного: пароканда+лашкар (разбросанное войско). Сложные слова, которые автор выбрал из газелей Туграла, и анализировал учителя высших и средних школ могут использовать на своих занятиях по теме «Правописание частей речи».

Ключевые сова: сложные слова, структура сложных слов, существительное, структура, классификация, империативное настроение, высшее.

THE USE OF COMPLEX WORDS IN NAKIBHON TUGHRALI AHRORI'S POEMS (GASELS)

The author in the article analyzed the structure of complex words used in poems (ghazals) of Tughrali Akhrori. In the article the author divides the complex words that exist in the work of the poet into two groups: compound and complex, analyzing their structure. The structure and classification of compound words are presented as follows: a). from the noun repetition: sar + sar (sharp); b). from the repetition of the imperative mood of the verb and ligament: kash + o + kash (fight); at). from the noun, noun and ligament: sar + o + po (complete); d). from the present tense verb: suzugudoz (to suffer); d). from the verb, the verb and myeonv conjunction: just + u + ju (find); complex words are also mentioned in the article, which were defined as follows: a) from the noun and noun: anjuman + oro (eloquent); b). from the noun and adjective: dil + tang (anxious); c). from the adjective and noun: nav + bahor (early spring); d). from the noun and the participle: gham + kashida (endured grief): f) .from the present noun and verb: afsun + kors (sorcerer); g) from the numeral and the noun: chor + su (intersection); g) .complicated numeral: do + sad (two hundred); h) compound pronouns: har + chand (though; and). place and verb present tense: [el + namoiho (brag); k) .complex unions: agar + chande (despite, though); and). from the participle and the noun: parokanda + lashkar (scattered troops). The teachers of higher and secondary schools can use in their lessons while teaching the "Spelling of parts of speech." The difficult words that the author chose and analyzed from the gazelles of the Tugral Ahrori.

Key words: difficult words, the structure of complex words, noun, structure, classification, imperative mood, higher.

Сведения об авторе: ***Мухаммадиева Савринисо*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, преподаватель кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Н.Карабаева 64/14. Тел.: **(+992) 93-333-48-69**

Information about the author: ***Mukhammadieva Savriniso*** - Tajik State Financial and Economic University, teacher of the Tajik language department. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. N. Karabaeva 64/14.
Tel.: **(+992) 93-333-48-69**

УДК: 491.550-56:491.71-56

ФУНКЦИОНАЛЬНЫЕ И СТРУКТУРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ГЛАГОЛОВ ЭМОЦИОНАЛЬНОГО ОЩУЩЕНИЯ ТАДЖИКСКОГО И РУССКОГО ЯЗЫКОВ

Файзиева С.А.
Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г.Худжанде

В многочисленных лингвистических исследованиях безусловно важное место, как показывает обзор научной литературы, занимает традиционная актуальная для мировой филологии проблема- языка эмоций. В отличие от традиционного психологического описания эмоций, лингвистический подход к их изучению (преимущественно семасиологический) представляет значительную теоретическую и прикладную значимость и ценность не только для филологии, но, в целом, для всего гуманитарного знания, так как подобная научная ориентация исследования позволяет выявить особенности языковых предпочтений и доминант, в целом, специфику устройства ментального мира представителей определенной этнической общности, языкового коллектива, его менталитет.

Важное положение в многоуровневых научных лингвоспецифических изысканиях занимает традиционно актуальная для современного общего языкознания проблема – исследование особенностей словесных единиц и их функционирование в семантическом пространстве интеграции элементов структур, в различных функционально- семантических полях, создаваемых в Тя и Ря [*] взаимодействующими и пересекающимися часто функционально- семантическими категориями контекста, которые определяют особенности словесных единиц, их функциональный статус в контексте, представляя «центр» и «периферию» в композиции словесных знаков структуры образуемого глагольного концепта.

Комбинаторика языковых категорий в выражении эмоциональных ощущений (ощущать, чувствовать, испытывать радость, гнев, страх, грусть, печаль, восхищение или сочувствие), определяя ГЭО Тя и Ря как номинативную и смысловую единицу, занимает важное положение в многоуровневых лингвоспецифических способах их структирования, поскольку она, как частный парадигматический компонент устройства контекста, строго учитывает все возможные от данного значения дериваты, связывая их с аспектуальными дискурсами, так как каждый семантический класс ГЭО Тя и Ря, выделяемый по денотативному принципу, характеризуется обычно специфическим, только ему присущим набором аспектуальных значений. Отсюда становится необходимым изучать технику языковой лексико-семантической избирательности компонентов структуры ГЭО Тя и Ря, а также онтологию эмоциональных концептов, поскольку процесс осознания чувств непременно предполагает обозначение его соответствующим словом, определение условий его семантически конкретного варьирования в среде множества единиц контекста, что непременно будет способствовать адекватному осознанию и выражению испытываемого чувства.

В основу дифференциации эмоциональных ощущений на базисные (радость, печаль, удивление, огорчение, волнение, горе, любви и др.) и производные (радоваться, печалиться, огорчаться, горевать, волноваться, любить), на наш взгляд, в сопоставляемых языках может быть положен филогенетический критерий. Отсюда возникает целый ряд лингвистически важных вопросов, связанных с определением характерностей языковой природы элементов структуры ГЭО Тя и Ря. Признание взаимодействия «ощущений» и вызываемых ими «эмоций» неизбежно обуславливает необходимость изучения вопросов, связанных с созданием и функционированием смысла и структуры глаголов эмоционального ощущения Тя и Ря. При интеграции лексических знаков для выражения ощущений и эмоций в символическом словесно-знаковом текстовом или речевом произведении, обозначив лишь некоторые обобщенные признаки данного восприятия или этой психической ситуации, главным предметом выражения ощущений (радости, печали, восхищения, тоски, грусти, сочувствия, сожаления, огорчения и мн.др.) становятся возникающие в лингвистике контекста под воздействием внутренних переживаний семантические заряды словесных знаков, принципы отображения и стадии формирования мысли, законы её теоретического построения, общая структура символических языковых образований, осмысление понятия «язык эмоциональных ощущений», свойства семантической структуры в языковом выражении этих ощущений (не

[*] В статье использованы символы – Тя (таджикский язык), Ря (русский язык), ГЭО (глаголы эмоционального ощущения), ЭК (эмоциональные концепты).

физическое ощущение голода, холода, а психическое ощущение эмоций радости, печали, страха и т.п). Они естественно, требуют каждый раз для своего концептуального формирования «новые средства». Ведь эмоциональные ощущения сами по себе почти неуловимы, а все слова, символизирующие эти эмоции или ощущения, должен быть закреплены словом и обладать достаточной определенностью:

Дарди ишқе кашидам, ки мапурс, Как я страдал, как я любил- не спрашивай меня.

Заҳри ҳачре чашидаам, ки мапурс. Как яд разлуки долгой пил- не спрашивай меня. (Х. Шерози).

Эмоциональные заряды этих конструкций (глаголы дарди ишге кашидам - страдал, любил, заҳри хальре чашидам - яд разлуки пил) по самой своей природе допускают целую шкалу степеней обобщения: от конкретного эмоционального ощущения до символических их обозначений, создавая благоприятные возможности для определения условий их варьирования в контексте художественно - образных высказываний. Для того, чтобы действительно познать языковую природу глаголов эмоционального ощущения Тя и Ря охватить, изучить все их лингвоспецифические особенности, все связи дистрибуций (окружения), все «опосредствования», во избежание ошибок, недооценок их особенностей при изучении системы языковой их структуры, надо использовать не только принцип формальной логики, но и принцип диалектической логики. Это даёт возможность осмыслить характерности системы образования ГЭО, как открытой (незамкнутой), одновременно однозначной (радоваться- шод шудан и обрадоваться- шод шудан) и многозначной, симметричной и ассиметричной, статичной и динамичной системы в пространстве языка.

В структуре глаголов эмоционального ощущения сопоставляемых языков найдут свое объективное отражение во всех проявлениях их языковой жизни, на всех стадиях развития их семантики пределы и законы диалектической логики, процесс, позволяющий изображать словесно - символические картины, сцены, фигуры эмоциональных ощущений, созерцая которые, возможно представлять и категориальную, и иерархическую классификацию знаковых единиц структуры ГЭО Тя и Ря. Символизм знаков структуры глаголов эмоционального ощущения Тя и Ря опосредованно передает эмоциональное состояние, настроение и отношение человека особым сочетанием слов (сомневаться - шубҳа кардан, сомневаться в чем- либо – дар чизе шубҳа кардан) и даже особыми образами, часто противоречащими действительности (фразеологизированные образцы ГЭО).

В целом, языковая избирательность при вербализации семантики конкретного эмоционального концепта является процессом, устройством, репрезентирующим специфичность представления и способы выражения, фиксации и описания логико-семантической структуры ГЭО, а через них и модели структуры соответствующих эмоциоконцептосфер Тя и Ря. Структура этой части действий состоит из нескольких этапо-компонентов: **Первый компонент** (лексический фон – основной, актуальный компонент эмоционального ощущения значим, «известен») всем носителям того/иного языка, той или иной культуры. Выраженный вербально, он становится базой для структирования ГЭО и в перспективе через глаголы данного класса-номинативным средством коммуникации. **Второй компонент** дополнительный (словообразовательные средства) обнаруживает свою значимость лишь при интеграции с первым компонентом, т.е при соединении с лексическим фоном. **Третий компонент** эмоционального концепта (ГЭО)- его внутренняя форма, т.е. смысловой концепт данного глагола. Это многомерный мыслительный конструкт, отражающий процесс познания ощущений, познания мира психологических чувств, его результатов и хранящий информацию о них, которые ассоциируются со структурой лексических значений слов (лексического фона глаголов) и имеют тесную связь с понятиями:

а) денотат
б) коннотат
в) денотативная сема
г) коннонативная сема
д) эмотивная сема
е) оценочная сема.

Свое представление о сути действий трех слоев значения мы демонстрируем в следующей таблице:

1-й компонент лексический фон ГЭО		2-й-компонент (словообразовательные ресурсы)		3-й компонент (внутренняя форма смыслового концепта)	
В Тя	В Ря	В Тя	В Ря	В Т я	В Ря
афсес	сожаление	Аорист хӯрдан афсес хурдан	сожалеть	Чувство печали. Скорби. Огорчения, вызванное какой-	

				нибудь утратой, сознанием невозможности изменить или осуществить что - нибудь
њасрат, uусса	тоска	Аорист кашидан ғусса кашидан	тосковать	Душевная тоска, соединяется с грустью
андењ, њузн	грусть	андеҳ+суфф гин+аорист шудан андӯҳгин шудан	грустить	Испытывать чувство грусти, ощущение, вызывающее грусть
uазаб	злость	Предлог ба+uазаб+аорист омадан// ғазаб+ суфф. нок+аорист ба uазаб омадан, uазабнок шудан	злиться	Чувство гневного раздражения. Недоброжелательства против кого-нибудь
шодї	радость	Аорист кардан шодӣ кардан	радовать	Ощущения большого душевного удовлетворения
њасад	зависть	Аорист бурдан ҳасад бурдан	завидовать	Чувство досады, вызванное благополучием, успехом другого
uам	печаль	ғам+ суфф. + нок+ аорист=uамнок шудан, будан	печалиться	Чувство грусти и скорби, состояние душевной горечи
хиљолат	смущение	Аористы шудан, кардан, гаштан хиҷолат шудан	смущаться	Чувство замешательства, состояние застенчивости, стыда
азият	мучение	Аорист кашидан, ба азият дучор гаштан, азият кашидан	мучиться	Испытывать муки, страдание от чего-нибудь

Как видно из данных таблицы, само значение ГЭО оказывается в Тя и Ря образованием сложным, включающим в себе ряд различных лексико-грамматических значений . Значение ГЭО в сопоставляемых языках троякое:

1) Оно вызывает известное психологическое ощущение.
2) Оно задает контекстуальные условия их употребления.
3) Оно называет (символически) известное ощущение или впечатление от него.

ГЭО в Тя и Ря есть объемный мыслительный конструкт человеческого сознания, некое суммарное психологическое суждение, по своей структуре состоящее из самого понятия эмоции и ценностного представления о нем социума. Таким образом, эмоциональный концепт (ГЭО) Тя и Ря включает в себе три компонента:

1) основной, актуальный компонент (лексический фон);
2) дополнительный компонент (словообразовательные средства).
3) внутренняя форма (смысловая потенция слова).

Лингвистический статус каждого из этих компонентов подтверждается его активным использованием в процессе конструирования ГЭО Тя и Ря:

В Ря -

Лексический фон, символизирующий эмоциональные ощущения в структуре ГЭО Ря	Глаголообразующие форманты (суффиксы, префиксы, окончания)	Начальная структура ГЭО	Формы времени ГЭО
радость	префикс, суффикс	радоваться, обрадоваться	пр., н.,буд.
печаль	префик,суффикс	печалиться, опечалиться	пр., н; буд.
удивление	префикс, суффикс	удивиться, удивляться	пр., н; буд.
растерянность	префикс,суффикс	растеряться	пр., н; буд.
сомнение	префикс, суффикс	сомневаться, засомневаться	пр., н; буд.
огорчение	префикс, суффикс	огорчаться	пр., н; буд.
смущение	префикс, суффикс	смущаться	пр., н; буд.
восхищение	префикс, суффикс	восхищаться	пр., н; буд.
испуг	префикс, суффикс	испугаться, пугаться	пр.,н; буд.

спокойствие	префикс, суффикс	успокоиться, покоиться	пр., н; буд.
любовь	префикс, суффикс.	любить, полюбить, разлюбить	пр., н; буд
горе	префикс, суффикс	горевать, загоревать	пр., н; буд
сострадание	префикс, суффикс.	сострадать, пострадать	пр., н; буд

В Тя-

Лексический фон, символизирующий эмоциональные ощущения в структуре ГЭО Тя	Глаголообразующие форманты (суффиксы, префиксы, глагол –аорист, окончания)	Начальная структура ГЭО	Формы времени
хурсандӣ ғамгинӣ ҳайронӣ саргумӣ шарм шубҳа тарс ҳаяҷон азият андеҳ ғамшарик ханда гирья хамдардӣ	аорист аорист аорист аорист аорист предлог+сущ.+аорист суффикс,предлог+сущ.+аорист предлог+сущ.+аорист сущ.+ аорист андеҳ+суффикс+аорист сущ.+аорист сущ.+ аорист сущ+аорист префикс+сущ.+аорист	хурсанд будан ғамгин шудан ҳайрон мондан саргум гаштан шарм кардан дар шубҳа мондан тарсидан, ба тарс афтодан ба ҳаяҷон омадан азият кашидан андуҳгин шудан ғамшарик гаштан ханда намудан гиристан, гиря кардан хамдардӣ намудан	Глаголы эмоционального ощущения указанных классов в Тя весьма продуктивны, динамичны и имеют формы всех времен и наклонений.

Например; *Баъд аз баромадани офтоб ғадре осуда шудед. Аз дили зан ханӯз шубҳа бартараф нашуда бошад ҳам, барои итоати шавҳар аз ҷояш хест. Ғамгин нашавед, тақсир!- гуфт Ермон-Полвон ба мулло. Ман ҳайронам, ба ки тоза кардан ва ресидани пахта лозим. (Айни «Ғуломон»).*

Например; *Акрам- бай, арендатор карван-сарая, выслушав все эти утешительные вести, громко рассмеялся. (Айни. «Рабы»). Акрамбои иҷоранишин ҳамаи ин хабарҳои хушро шунавида, хурсанд шуда, қаҳқос зада хандид. (С.Айнӣ. «Ғуломон»).*

Здесь в контексте Тя и Ря смысловой объем сочетаний «қаҳқос зада хандид»- «громко рассмеялся», таким образом, шире объема глагола эмоционального ощущения «хандид»- «рассмеялся», так как эмоциональный концепт включает в себе помимо понятия «хандид» - «рассмеялся» и образ совершаемого действия, являющийся в свою очередь его обязательным компонентом. По образному замечанию в глубине семантики эмоционального концепта «рассмеялся»- хандид мерцает и образ данного совершаемого действия (громко-ғаҳгос зада).

Сопоставительный синхронно – диахронический анализ особенностей глаголов класса эмоционального ощущения Ря и Тя позволил определить их сущностные характеристики, составить их дискурсную типологию и лингвистические классификации, выявить сходства и некоторые различия в их динамической лингвистической объективации, увидеть в целом общие и специфические черты их формирования и функционирования в сопоставляемых лингвокультурах.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1.Бабенко Л.Г. Лексические средства обозначения эмоций в русском языке / Л.Г. Бабенко. – Свердловск: Изд-во Урал. ун-та, 1989.
2. Бондарко А.В. Очерки по семантике русского глагола / А.В. Бондарко. – Уфа, 1971.
3. Васильев Л.М. Семантика русского глагола / Л.М. Васильев. – М.: Высшая школа, 1981-1984. – С. 13.
4. Вежбицкая А. Язык. Культура. Познание / А. Вежбицкая. – М.: Рус. словари, 1997. – С. 326-375.
5. Джемс У. Что такое эмоция? / У. Джемс // Психология эмоций. Тексты. – М.: Изд-во МГУ, 1984. – С.83-92.
6. Карасик В.И. Культурные концепты: проблема ценностей / В.И. Карасик // Языковая личность: культурные концепты: Сб. науч. Тр. – Волгоград: Перемена, 1996. – С.3-16.
7. Лук А.Н. Эмоции и личность / А.Н. Лук. – М.: Знание, 1982.
8. Маъсуми Н.А. Феъл ҳамчун ҳиссаи нутқ // Забони адабии ҳозираи тоҷик. Кн.1. – Душанбе: Ирфон, 1973.
9. Мошеев И.Б. Сопоставительно-типологическое исследование глагольной системы русского и таджикского языков. Учебное пособие / И.Б. Мошеев. – АДД. Тбилиси, 1989.
10. Расторгуева В.С. Система таджикского глагола. Учебное пособие / В.С. Расторгуева, А.А. Керимова. – АНСССР: Ин-т языкознания. – Отв. ред. В.И. Абаев, – Москва: Наука, 1964.

МАХСУСИЯТҲОИ ФУНКСИОНАЛӢ ВА СОХТОРИИ ФЕЪЛҲОИ ДОРОИ ҲИССИ ЭМОТСИОНАЛИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ

Дар мақола дар чанбаи хеле фишурда тавсифотҳои функционалӣ ва сохтории феълҳои ҳисси эмотсионалии забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Консептҳои феълии забони русӣ бо гурӯҳи номинантҳои эмотсионалии ғам, андӯҳ, ғусса дар муқоиса бо эквивалентҳои тоҷикии онҳо бо шуури русии забонӣ бо тарзҳои гуногун тасаввур мегарданд, чунки онҳо дорои самтнокии васеи ассотсиативӣ – образӣ ва махсусияти этносии хеле муассир мебошанд. Ин синфи феълҳои ҳисси эмотсионалии забони русӣ ҳамчун миллӣ – нишонгузорӣ гурӯҳбандӣ мешаванд, ки дар ин бора номинантҳои базисии онҳо ва дублетҳои эҳсосотии онҳо(ғам- андӯҳ, андӯҳ - ғусса, андӯҳ -алам) шаҳодат медиҳанд, ҳарчанд «кручина – ғам, алам» дар забони русӣ ба луғати беҳаммаъно нисбат дода мешавад. Онҳо (ин синфи феълҳо) метавонанд ба забони тоҷикӣ бо исмҳои мавҳум ва воситаҳои баёнӣ интиқол дода мешаванд (андуҳ-андӯҳгин шудан-печалиться, пазмонӣ - пазмон гаштан-тосковать, ғамӣ будан-грустить). Бояд қайд намуд, ки чунин номинатсияҳои базавии эҳсосотҳо чун қоида дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба пайдоиши маъниҳои такрорӣ (муштақи ғайримарказӣ) мусоидат менамоянд, ки дар сохтори феълҳои ҳисси эмотсионалӣ инъикос меёбанд, ҳарчанд семантикаи унсурҳои он дар диахронияи забонҳои муқоисашаванда зер итаъсири омилҳои лингвистикӣ ва экстралингвистӣ метавонад танг ва ё васеъ гардад.

Калидвожаҳо: захираҳои калимасоз, синфҳои семантикӣ, воситаҳои калимасоз, манзари луғавӣ, шакли дохилӣ, консепти маъноӣ, сохтори ибтидоӣ.

ФУНКЦИОНАЛЬНЫЕ И СТРУКТУРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ГЛАГОЛОВ ЭМОЦИОНАЛЬНОГО ОЩУЩЕНИЯ ТАДЖИКСКОГО И РУССКОГО ЯЗЫКОВ

В статье рассмотрены в весьма сжатом аспекте функциональные и структурные характеристики глаголов эмоционального ощущения таджикского и русского языков. Русские глагольные концепты с группой эмоциональных номинантов печали, грусти, тоски, по сравнению с их таджикскими эквивалентами, мыслятся русским языковым сознанием многочисленными образами, поскольку они располагают в нем значительно более широкой ассоциативно-образной направленностью, обладают ярко выраженной этноспецификой. Эти классы глаголов эмоционального ощущения русского языка квалифицируются как национально-маркированные, о чем свидетельствуют их базисные номинанты и дублеты эмоций (грусть - тоска, тоска - печаль, тоска - кручина), хотя «кручина» в русском языке относится к безэквивалентной лексике. Они (данные классы глаголов) могут быть транслируемы в таджикский язык абстрактными существительными и описательными средствами (андуњ - андуњгин шудан - печалиться, пазмонї - пазмон гаштан - тосковать, ғамӣ будан - грустить). Следует отметить, что так называемые базисные номинации эмоций, как правило, в Тя и Ря предшествуют появлению вторичных (производных периферийных) обозначений, отражающихся в структуре глаголов эмоционального ощущения, хотя семантика их элементов в диахронии сопоставляемых языков под воздействием лингвистических и экстралингвистических факторов может сужаться или расширяться.

Ключевые слова: словообразовательные ресурсы, семантические классы, словообразовательные средства, лексический фон, внутренняя форма, смысловой концепт, начальная структура.

FUNCTIONAL AND STRUCTURAL FEATURES OF VERBS OF EMOTIONAL SENSING OF THE TAJIK AND RUSSIAN LANGUAGES

The article deals with a very concise aspect of the functional and structural characteristics of the verbs of the emotional feeling of the Tajik and Russian languages. Russian verbal concepts with a group of emotional nominees of sadness, sadness, longing, compared with their Tajik equivalents, are thought of by the Russian language consciousness in numerous ways, since they have a much wider associative-figurative orientation in it, have a pronounced ethno-specificity. These classes of verbs of the emotional feeling of the Russian language qualify as nationally-labeled, as evidenced by their basic nominees and duplicates of emotions (sadness - longing, longing, sadness, longing), although the “longing” in Russian refers to equivalent vocabulary. They (these classes of verbs) can be translated into the Tajik language by abstract nouns and descriptive means (anduњ-anduњgin shudan-grieve, pasmon - pazmon Gaschan-pusher, Budam-sad). It should be noted that the so-called basic nominations of emotions, as a rule, in Tya and Rya precede the appearance of secondary (derived peripheral) symbols, reflected in the structure of the verbs of emotional sensation, although the semantics of their elements in the diachrony of the compared languages may be narrowed or influenced by linguistic and extralinguistic factors expand.

Key words: word-formation resources, semantic classes, word-formation tools, lexical background, internal form, semantic concept, initial structure.

Сведения об авторах: ***Файзиева Сарварджон Ахмадовна*** – Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г.Худжанде, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского и русского языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Исмоила Сомони, 169.
E-mail: **sarvar.fayziyeva@mail.ru.** Тел.: **(+992) 927-50-82-92**

Information about the authors: ***Fayzieva Sarvardzhon Akhmadovna*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Tajik and Russian Language Department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Ismoil Somoni Avenue, 169.
E-mail: **sarvar.fayziyeva@mail.ru**. Tel.: **(+992) 927-50-82-92**

УДК: 4+42

МАХСУСИЯТҲОИ МАЪНОИВУ УСЛУБИИ ТАРҶУМАИ ТАСВИРИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

(дар заминаи маводи матбуот)

Наврузшоев Б.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ақидаи муҳаққиқон доири усулҳои тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ гуногун аст. «Доир ба масъалаҳои гуногуни назарии тарҷума дар асоси маводи мушаххас баҳс кардан мумкин аст. Лекин мулоҳизаи дуруст он аст, ки натиҷа бошад, ба тарҷумон кумак расонад, роҳҳои қобили қабули ҳалли ин ё он масъалаи тарҷумаро нишон диҳад» [4, с.143].

Қисме аз воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои дигар муодили худро надоранд. Ба онҳо, пеш аз ҳама, фразеологизм ва реалияҳое, ки хосси забони дигар нестанд, дохил мешаванд. Дар баргардондани чунин воҳидҳои фразеологӣ ба забони дигар дар баробари тарҷумаи таҳтуллафзӣ [калка], тарҷумаи тасвирӣ низ истифода бурда мешавад.

Тарҷумаи тасвирии фразеологизмҳо дар ҳолати набудани муодил ва ё аналоги воҳидҳои фразеологӣ дар забони тарҷумашаванда бо усули таъбир, тафсир ва шарҳ додан истифода бурда мешавад, ки дар ҷараёни он ифодаи маънои ибораҳои як забон ба забони дигар ба воситаи ибораҳои озоди синтаксисӣ сурат мегирад.

Мо дар ин мақола баъзе мушоҳидаи худро доир ба хусусиятҳои маъноиву услубии тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ баён мекунем.

Ҳангоми таҳқиқу баррасии мавзӯъ мисолҳоро аз забони матбуоти муосири тоҷик гирд оварда, таносуби маъноию шаклии онҳоро дар забонҳои муқоисашаванда мавриди тадқиқ қарор додем:

Сулҳи миллӣ ва қатъи ҷанги шаҳрвандӣ, имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон дар ҳамин заминаҳо ба даст омад [Садои мардум, 2008, №23]; *On this basis General Agreement on the Establishment of Peace and National Accord were achieved* [Референт].

Ибораи ба даст омадан бо маъниҳои *ҳосил шудан, ба вуҷуд омадан* корбаст мешавад [6, с.316] ва дар мисоли мазкур бо маънои *ба чизе ноил шудан* истифода шудааст. Мутарҷим онро ба забони англисӣ бо таркиби to be achieve, яъне истифода аз усули тарҷумаи тасвирӣ баргардондааст.

Феъли to achieve дар «Oxford Russian Dictionary» бо маъноҳои зерин шарҳ ёфтааст:

1. *комёб шудан, ноил шудан, расидан ба матлабе; чизеро ба даст овардан; пайдо карда шудан, кофта бароварда шудан;*

2. [*carry out*] *иҷро кардан, ба анҷом расондан, ба ҷо овардан* [8, с.45].

Инчунин дар «Фарҳанги англисӣ - тоҷикӣ» чунин маъниҳои он зикр шудааст: *ба чизе расидан, ноил шудан* [3, с.27].

Аз таҳлили мисоли мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки тарҷумаи тасвирӣ на ҳама вақт ба коҳиши маънӣ оварда мерасонад, баъзан маъниро муассир низ ифода мекунад. Ин навъи тарҷума аслан на бо ёрии воҳидҳои фразеологӣ, балки бо тафсири онҳо сурат мегирад ва одатан бо таъбирҳои фразеологие, ки дар забони тарҷумашаванда муодил надоранд, корбаст мешавад.

Неруҳои муайяни сиёсии дохилӣ ба мушкилоти номбурда ҷомаи исломӣ пӯшонда, ба ин иқдомашон барои гурӯҳҳои ноогоҳ ва гаразнок майдони аъмоли харобиоварро фарроҳтар месозанд [Садои Мардум, 2009, №10]; *Some internal political forces give these problems a religious character, thus opening a wide field for subversive actions of self- interested groups* [Референт].

Таъбири ҷома пӯшондан [ба гап, сухан, дурӯғ] [bring [come] to fruition] бо маънои *суханороӣ, иборапардозӣ кардан, дар гапе муболига намудан, чизеро аз будаш зиёд карда нишон додан* корбаст мешавад.

Дар мисоли боло таъбири мазкур бо маънои *сӯистеъмол аз чизе* истифода шудааст, ки бо маънии *ба бадӣ кор фармудан, чизеро нодуруст ба кор бурдан* далолат мекунад [7, с.268].

Тарҷумаи он ба забони англисӣ бо усули тасвирӣ сурат гирифтааст: [ҷома пӯшондан - give something [a religious] character]. Ибораи give something [a religious] character ба маънои *ба чизе хусусияти махсус додан* истифода шудааст. Дар фарҳангҳо ҳаммаънои он

таркиби феълии to abuse somebody or something бо маънии *сӯистеъмол кардан аз чизе* [*злоупотреблять,-ить*] зикр ёфтааст [9, с.149]. Таркиби сӯистеъмол кардани чизе дар «The larger Persian-English Dictionary» чунин шарҳ дода шудааст: to misuse – *сӯистифода кардан;* put to wrong use – *нодуруст истеъмол кардан* [8, с. 568].

Аз ин мисол маълум мешавад, ки тарҷумаи тасвирии фразеологизмҳо метавонад дар шакли муқоиса, шарҳу эзоҳ додан, баён ва тасвиру тасниф кардан истифода шавад, ки мундариҷаи воҳидҳои фразеологиро дар шакли кӯтоҳ ва равшан ифода мекунад.

Ин гуна ихтилофот сабаби ошӯбҳои иҷтимоӣ гашта, метавонистанд ҷомеаи замони худро ба кӯйи нобудӣ баранд [Садои Мардум, 2008, №11]; *Such contradictions are the causes of social unrest, which may put a society to bring of disappearance* [Референт].

Ибораи чизеро ба кӯйи нобудӣ бурдан дар мисоли боло бо маънои *чизеро [нест] нобуд кардан*, *аз байн бурдан* истифода шудааст. Тарҷумаи он ба забони англисӣ бо ибораи bring of disappearance сурат гирифтааст, ки бо маънои *ба нобудӣ бурдан, аз миён [бурдан] рафтан* корбаст мешавад [2, с.1057]. Ибораи bring of disappearance маънои ибораи чизеро ба кӯйи нобудӣ бурдан – ро дар шакли кӯтоҳ ва равшан ифода кардааст.

Қуръони Карим ба забони тоҷикӣ анҷом пазируфт, ки ҳоло ба китоби рӯйидастии шаҳрвандони кишвар табдил ёфтааст [Ҷумҳурият, 2008, №22]; *A new Tajik translation of Koran has been issued which has become a book in constant use for our citizens* [Референт].

Таъбири китоби рӯйидастии касе [табдил ёфтан] будан бо маънии *ба чизи* [*касе*] *азиз* [*муътабар, боиззат, арзишнок*] *мубаддал гаштан* омадааст. Аслан чунин тарзи ифода бо китобҳои муқаддас [«Қуръон» ва «Инҷил»], нодир ба кор бурда мешавад. Мутарҷим дар баргардондани он ба забони англисӣ аз усули тарҷумаи тасвирӣ истифода намуда, онро бо ибораи something become in constant use [for constant reference, in constant use] тарҷума кардааст ва ба мақсад ноил шудааст. Тарҷумаи бомавриди чунин ибораҳо шаҳодат медиҳанд, ки захираи луғавии тарҷумон ғанист, ҷилоҳои маъно ва мавқеи услубии ибораҳоро дар ҳар ду забон нағз медонад.

Бо баҳонаи диндорӣ ё бединӣ оташи ҷанги шаҳрвандиро ҳамчун ҷанги куфри имон дар медиҳанд [Садои Мардум, 2008, №34]; *Abusing religious sentiments of people and having support from extraneous sponsors are destabilizing societal order and provoking civil wars, which they are calling* «*the wars against infidels*» [Референт].

Воҳиди фразеологии оташи чизеро дар додан дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» бо маънои маҷозӣ чунин маънидод шудааст: *фитна хезондан, миёни одамон бо гаммозӣ ҷанг андохтан* [5, с.933]. Инчунин таъбири тухми адоват коштан [киноя *аз ихтилоф андохтан байни одамон]* дарҷ шудааст [5, с.39].

Дар тарҷумаи таркиби мазкур мутарҷим аз усули тарҷумаи тасвирӣ истифода бурда, онро бо феъли to provoke ифода намудааст, ки бо маънои *игво ангехтан, фитна ангехтан, шӯрондан* дар истеъмол аст.

Инчунин дар фарҳангҳо барои ифодаи ин маънӣ ибораҳои to sow [the seeds of] discord [dissention ё strife] – *тухми адоват коштан* [сеять *семена раздора, сеять раздор*] [2, с.855] ва carry on an intrigue – *фитна андохтан/ ангехтан, ҳилаву найрангбозӣ кардан* тафсир шудааст [8, с.445]. Агар тарҷумон аз онҳо истифода мекард, маънии ибораи мазкур равшан ифода меёфт.

Халқи мо бо иршоду роҳнамоии чунин нобиғаҳо ва бузургони худ забонро ҳамчун гавҳари ноёб дарёфт ва онро ба ҳама васоили имконпазир ҳифз намуд, равнақ бахшид ва шуҳраи офоқ сохт [Садои Мардум, 2008, №23]; *Guided by instruction and prescription of its ingenious and prominent representatives, our people cherished its language as a unique treasure, protected it by all means, developed and spread it across the world* [Референт].

Ибораи шуҳраи офоқ сохтан, аслан, дар осори классикӣ бисёр дучор мешавад. Дар мисоли овардашуда ба маънои *машҳур будан дар тамоми ҷаҳон, машҳур гардидан* корбаст шудааст. Мутарҷим ба ин маънӣ ибораи spread it across the world - ро ба кор бурдааст, ки *машҳур будан дар тамоми ҷаҳон* маънидод мешавад [таҳтул. дар ҷаҳон паҳн кардан]. Инчунин дар фарҳангҳо таркибу ибораҳои to glorify - *касеро ё чизеро машҳур кардан*; to bring glory [to] – *ба касе ё чизе шуҳрат овардан*; to make somebody famous – *машҳур кардан, намудан* [3, с.407] дарҷ ёфтаанд, ки дар бобати фаро гирифтани маънӣ бо ибораи шуҳраи офоқ сохтан баробаранд.

Имоми Аъзам ба ҳаракати шуубия бо назари нек нигоҳ мекард [Садои Мардум, 2008, №18]; *The Great Imam had an understanding glance towards the movement of shuubiyya* [Референт].

Таъбири бо назари нек нигоҳ кардан дар мисоли боло ба маънои *нисбат ба касе фикру ақидаи хуб доштан, ба касе хайрхоҳона нигоҳ кардан* истифода шудааст [2, с.685]. Мутарҷим дар тарҷумаи он аз маънӣ каме дур рафтааст, яъне онро had an understanding glance – *нигоҳи маънидор* тарҷума намудааст, ки маънии ибораи бо назари нек нигоҳ кардан - ро пурра ифода карда наметавонад.

Бори вазнин ва кори зӯри ин ҳавлии серодам бештарин ба гардани ман буд [Садои мардум, 2009, №08]; *Almost all the heavy household tasks lay on my shoulders and there were chores enough in that densely inhabited courtyard* [Реферант].

Таъбири ба гардани касе будан дар ФИР бо ду маъно корбаст мешавад: 1. *чизеро ба уҳда, ба зиммаи худ гирифтан, ба чизе розӣ шудан, чизеро қабул кардан; 2. иқрор шудан* [6, с.209]. Дар мисоли мазкур он ба маънои *тамоми кору бори рӯзгор ба зиммаи касе будан* омадааст. Мутарҷим онро ба забони англисӣ бо ибораи lay on my shoulders баргардондааст, ки дар луғатномаҳо ба чунин маъно шарҳ ёфтаанд: *боғайрат ба коре сар кардан; ба ягон кор бо ҷиддият пардохтан* [*энергично взяться за работу, за дело*] [8, с.826].

Дар «Фарҳангҳои фразеологии англисӣ - русӣ» бо ҳамин маънӣ ибораи put on somebody's shoulders [on the shoulders of somebody; shift on to other shoulders] қайд шудааст, ки ба маънои *ба гардани касе бор шудан, ба масъулияти касе гузошта шудан [масъулият, харочот]* [взвалить, переложить на чьи-л. плечи\\ ответственность, расходы] [2, с.825] корбаст мешавад.

Аз таҳлили ин чанд мисол ба чунин хулоса омадем:

- тарҷумаи тасвирӣ на ҳама вақт маънии воҳидҳои фразеологиро пурра дар бар мегирад;

- ин навъ тарҷума дар ҳолати набудани муодили таъбирҳои рехта дар забони тарҷума истифода мешавад; - дар тарҷумаи тасвирии фразеологизмҳо тарҷумон аз обуранги бадеӣ ва шарҳу маънои ибораҳои рехтаи забони асл даст кашида, онро бо ибораи озоди беобуранг ифода мекунад, ки на ҳама вақт ба нафъи кор аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Арзуманов С.Д. Русско-таджикский словарь / С.Д.Арзуманов, Х.А.Аҳрорӣ, М.Беҳбудӣ и др. - М.: Русский язык, 1985. - 1280 с.
2. Кунин А. В. Англо-русский фразеологический словарь / А. В. Кунин. - М.: Советская энциклопедия, 1984. - Ҷ.1,2. - 942 с.
3. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ – тоҷикӣ / А. Мамадназаров. – Душанбе: Матбуот, 2007. - 1079 с.
4. Тилавов Б. Армуғони мутарҷим / Б.Тилавов // Садои Шарқ. - 1967. - №4. - С.143-147.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ.1. - 951 с.
6. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик / М. Фозилов. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. –Ҷ.1. -952 с.
7. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик / М.Фозилов. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1964. - Ҷ.2. - 802 с.
8. Haim S. The larger Persian-English Dictionary / S.Haim. - Tehran: Farhang Mouser, 2005. - 978 p.
9. Oxford Russian-English, English – Russian Dictionary. - New York. Oxford University Press, 2000. – 1293 p.
10. Randall B. Olson, Rochelle A. Olson. Standard Tajik-English Dictionary / B.Randall. - Б.: Аль Салам, 2001. – 624 p.

МАХСУСИЯТҲОИ МАЪНОИВУ УСЛУБИИ ТАРҶУМАИ ТАСВИРИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Ин мақола ба масъалаи тарҷумаи тасвирии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ба забони англисӣ бахшида шудааст. Масъалаи мазкур барои таҳлили илмии сарватҳои луғавии ҳарду забонҳои генетикӣ хеле муҳим аст. Қисме аз воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои дигар муодили худро надоранд. Ба онҳо, пеш аз ҳама, фразеологизм ва реалияҳое, ки хосси забони дигар нестанд, дохил мешаванд. Дар баргардондани чунин воҳидҳои фразеологӣ ба забони дигар дар баробари тарҷумаи таҳтуллафзӣ (калка), тарҷумаи тасвирӣ низ истифода бурда мешавад. Муаллиф як қатор воҳидҳои фразеологиро пешниҳод намуда, онҳоро тарҷума мекунад. Барои таҷрибаомӯзон аҳаммият ва истифодаи бамавқеъ ва роҳҳои тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ муҳим мебошад. Инчунин, муаллиф қайд мекунад, ки ин навъ тарҷума, бештар барои ифода намудани маънои ибораҳои рехта ба воситаи ибораҳои озоди синтаксисӣ истифода бурда мешавад. Тарҷумаи тасвирии фразеологизмҳо дар ҳолати набудани муодил ва ё аналоги воҳидҳои фразеологӣ дар забони тарҷумашаванда истифода бурда мешавад, ки, дар ҷараёни он ифодаи маънои ибораҳои як забон ба забони дигар ба воситаи ибораҳои озоди синтаксисӣ сурат мегирад.

Калидвожаҳо: тарҷумаи тасвирӣ; ибораҳои рехта; таҳқиқоти муқоисавӣ; воҳиди фразеологӣ; забонҳои генетикӣ; сохтори фразеологии забонҳо.

СЕМАНТИКО-СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ОПИСАТЕЛЬНОГО ПЕРЕВОДА ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА НА АНГЛИЙСКИЙ ЯЗЫК

Настоящая статья посвящена проблеме описательного перевода фразеологических единиц таджикского языка на английский язык. Данная проблема является актуальной для научного анализа богатого фонда фразеологизмов двух генетически родственных языков. Часть фразеологических единиц таджикского языка не имеет аналогов в других языках. Прежде всего, они включают в себя фразеологизмы и реалии, которые не имеют аналогов в других языках. Данная статья позволит выявить типологические особенности в структуре, семантике фразеологизмов в сопоставляемых языках, а также определить потребность всестороннего описания способов выражения и перевода глагольных фразеологических единиц в таджикском и английском языках. Автор представляет широкий спектр фразеологических единиц и показывает их употребление и объясняет пути их перевода на таджикский язык. Для языковой практики важно помнить и знать законы употребления и перевода идиоматических выражений с таджикского языка на английский язык. Автор отмечает, что этот перевод заключается в передаче смысла таджикского оборота свободным словосочетанием. Описательный перевод фразеологических единиц применяется в том случае, если в английском языке отсутствуют эквиваленты и аналоги.

Ключевые слова: описательный перевод, фразеологические словосочетания, сопоставительно-типологическое исследование, фразеологическая единица, генетически родственные языки, фразеологическая система языков.

SEMANTICO - STYLISTIC FEATURES OF THE DESCRIPTIVE TRANSLATION OF PHRASEOLOGICAL UNITS OF THE TAJIK LANGUAGE IN THE ENGLISH LANGUAGE

This article is devoted to the problem of the descriptive translation of the phraseological units of the Tajik language in English and Tajik languages. This problem is relevant for the scientific analysis of a rich collection of phraseological units of two genetically related languages. This article will make it possible to identify typological features in the structure, semantics of phraseological units in the compared languages, and also to determine the need for a comprehensive description of the ways of expression and translation of verbal phraseological units in Tajik and English. The author presents a wide range of phraseological units and shows their use and explains how to translate them into the Tajik language. For language practitioners, it is important to remember and know the laws of the use and translation of idiomatic expressions from the Tajik language to English. Also the author notes that this translation consists in conveying the meaning of the Tajik turnover in a free phrase. The descriptive translation of phraseological units is used if there are no equivalents and analogues in the English language. It can be an explanation, a comparison, a description, an interpretation - all means that convey the content of a phraseological unit in the most clear and concise manner. Each literary style has its own peculiarities in translation, in particular, the principle of translation of fiction differs from the translation of scientific literature, but in both cases it is literal translation that destroys the principle of translation.

Key words: descriptive translation; phraseological phrases, comparative typological research, phraseological unit, genetically related languages, phraseological system of languages.

Сведения об авторе: ***Наврузшоев Бахридин Хушхолович*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры английского языка и сравнительной типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г.Душанбе пр. Рудаки 17. E-mail:**-bakhakhush @ mail.ru.** Тел.: **(+992) 933-98-80-45**

Information about the author: ***Navruzshoev Bakhridin Khushkholovich*** - Tajik National University, candidate of philological sciences, associate professor of the department of English language and comparative typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe, Rudaki Ave.17. E-mail: **-bakhakhush @ mail.ru.** Tel.: **(+992) 933-98-80-45**

УДК: 491.550-3:82

РОЛЬ ЛЕКСИЧЕСКИХ СИНОНИМОВ В ВЫРАЖЕНИИ ВРЕМЕННОГО ОТТЕНКА В ХУДОЖЕСТВЕННЫХ ПРОИЗВЕДЕНИЯХ С. АЙНИ

Мирзоева М.М.
Таджикский национальный университет

В истории таджиков устод Айни признан не только как поэт и писатель, но и как прекрасный ученый-энциклопедист, знающий в совершенстве традиции и историю своего народа. Поэтому он старался точно описать исторические события посредством своеобразных единиц языка, в частности при помощи лексических синонимов. Как известно, «в синонимах отражается признак различного периода истории жизни общества, который можно считать временным оттенком слова» [7, с.83]. Например, в период правления Бухарского эмира слово миршаб обозначало «главаря ночной полиции». Позднее его заменило слово сарполис (начальник полиции). Писатель использует это слово и поясняет его в скобках: … ӯро аз кор гирифта, ба шаҳр миршаб (сардори политсия) таъйин намуд [5, с.23] // ... его уволили и назначили в городе миршабом (начальником полиции).

Или же слова фирқа и партия в 20-30-ые годы вошли в обиход таджикского языка и стали применяться широко:

– Ба фирқа дохил шудаӣ? // - Ты вступил в партию?

– Яъне ба партияи коммунистӣ даромадаӣ ё не? [4, с.242] // - Ты вступил в коммунистическую партию или нет?

После 90-ых годов прошлого столетия эти слова заменило арабское њизб, которое в настоящее время стало более употребительным.

В этом примере глаголы дохил шудан и даромадан являются также синонимами в значении «стать членом какой-либо организации или партии». Первое – литературное, второе – разговорное слово.

С. Айни использует несколько синонимов в одном предложении. Так, последовательное употребление синонимов даёт возможность писателю не только точно описать состояние предмета, но и сопоставить его с управляющей системой периода, описываемого в произведении и таким образом дать реальную оценку происходящему:

4-уми марти соли 1917 (ба ҳисоби кӯҳна) буд. Чархҳои завод бо губчак – гарданаҳои хӯрдашуда, бо дандонҳои судашуда ва бо тасмаҳои фарсудаи худ монанди идораҳои ҳукумати подшоҳӣ базӯр мегаштанд [1, с.228] // 4-ое марта 1917 года. Колеса завода со

своими протёртыми губчаками, растёртыми зубцами (зазубринами) и изношенными ремнями (лентой, тесьмой) еле двигались (крутились) наподобие управления царского правительства.

С. Айни, используя последовательно три синонима – хӯрдашуда (протёртый, стёртый), судашуда (стёртый), фарсуда (стёртый, изношенный) с общим значением «старый, изношенный», сопоставляет их с «гнилым» строем царского правительства, который находился на грани распада. По происхождению все три синонима – таджикские. Из этого ряда слова хӯрдашуда и судашуда – общеупотребительные, а фарсуда – книжное, они имеют отраслевой характер, так как чаще употребляются в технической литературе.

В романе «Ғуломон» (Рабы) главные и зависимые слова двух словосочетаний проявляют синонимичность между собой: савдогарони инсон и тоҷирони одам (торговцы людьми):

Бахшӣ … матои худро (Зебои сесоларо) ба тоҷирони одам … ба тарзи амонат супурд [2, с.44] // Надзиратель отдал торговцам людьми свой товар (трехлетнюю Зебо) на хранение; Савдогарони инсон ба сафар рафтанд ... [2, с.45] // Торговцы людьми уехали.

Главные слова тоҷир и савдогар, зависимые – одам и инсон – синонимы. Этим способом писатель подчеркивает незначительность, обесценивание человеческой жизни в период рабовладельчества. Это подтверждает наличие в контексте слова матоъ (товар), использованного в переносном значении и указывающего на человека. (Писатель в скобках даёт пояснение: трехлетняя Зебо). С. Айни употребляет это слово не случайно, так как второе его значение «товар, предмет реализации» [10, с.772]. С другой стороны, для правителей времен рабовладельческого строя и богатых людей золото, богатства были превыше человеческой жизни. Тоҷир – слово арабского происхождения и обозначает «торговец, купец, коммерсант» [11, с.353], савдогар – таджикское слово в значении «человек, занимающийся торговлей, купец» [11, с.188]. Смысловыми оттенками эти слова не отличаются, однако, существуют различия в сфере и степени употребления. Тоҷир – малоупотребляемое слово, присущее литературному языку, а савдогар имеет широкое употребление и встречается в книжном и разговорном стилях. Вне текста эти слова имеют нейтральный оттенок, но в контексте приобрели отрицательную эмоциональную окраску. На современном этапе синонимом вышеуказанных слов является слово фурӯшанда, которое объединяет значение «продавец» и «торговец» и употребляется наравне со словом савдогар.

Слова инсон и одам имеют общее значение «человек, род человеческий», однако в некоторых контекстах не являются взаимозаменяемыми, так как одам имеет свои нюансы. Это слово также может употребляться в значении «слуга», чего нельзя сказать о слове инсон.

Писатель достаточно осторожно относился к выбору слов. Причинами столь осторожного отношения к этой проблеме являются опасения за принятие этого слова народом, вхождение его в словарный состав языка, соответствие данного слова нормам литературного языка. С этой целью Айни при выборе слов приводит их толкование и во многих случаях это лексические синонимы, относящиеся к различным пластам словарного состава языка. Писатель также принимает во внимание степень восприятия своего читателя, и поэтому во всех своих произведениях он даёт толкование – перевод слов русского, тюркского, арабского и европейского происхождения. Например, таджикские слова муфт и ройгон, которые соответствуют значению «бесплатно, даром; безвозмездно», используются в паре, как определяемое слово муфт, а ройгон – приложение. Слово муфт широкоупотребительное слово, но ройгон – свойственно литературной речи:

Акнун ман ин даҳ сар занро муфт – ройгон парво мекунам [2, с.13] // Теперь я буду даром кормить этих десять женщин.

Чтобы показать обесценивание человека, его жизни, особенно женщин, писатель использует нумератив сар (голова), который относится к существительным, обозначающим животных (скот), т.е. в переносном значении соотносит это слово с человеком и этим подчеркивает то, что человек приравнивается к животному. Этот оттенок значения также исходит из составного глагола парво кардан (растить), который обычно употребляется в случае разведения скота [11, с.70].

В следующем предложении таджикское слово зиндон (тюрьма) поясняется арабским ҳабс (тюрьма):

… аз вай чӣ гуна аз зиндон – аз ҳабси абадӣ халос шуда, соҳиби шариат шуда баромадани Қорӣ Ибодро пурсидам [3, с.57] // … у него спросил, как вышел Кори Ибод из тюрьмы и как стал хозяином шариата.

Зиндон синоним слов бандихона, ҳабсхона, маҳбас, которые проявляют однозначность в общем значении «место лишения свободы, где держат заключенных» со словом ҳабс, имеющими значения: 1. задержать; 2. задержка; быть в тюрьме [11, с.474]. Слово ҳабс в таджикской классической литературе также употреблялось в значении «место содержания заключенных»:

Бихандид, ки ӯ занни беҳуда бурд,

Надонад, ки хоҳад дар ин ҳабс мурд (Саъдӣ) [9, с.711].
Засмеялся, что его предположения пустые,
Не знает, что умрет в этой тюрьме.

В «Словаре синонимов таджикского языка» М. Мухаммадиева зафиксированы ряд слов ҳабсхона, маҳбас, бандихона, зиндон (тюрьма) [8, с.261], из которых ҳабсхона – доминанта, маҳбас и бандихона-слова ограниченные в употреблении. Зиндон имеет исторический характер и употребляется в своём непосредственном значении. Автор также считает слова обхона (однин из зинданов эмира) и канахона (ист. клоповник (подземная тюрьма в Бухарском эмирате и Хивинском ханстве)) синонимами в своих исторических значениях (в Бухарском ханстве и в Хиве они считались одной из разновидностей тюрьмы) со словом зиндон и приводит примеры из романа «Дохунда» С. Айни:

– Ин ҷоро зиндон мегӯянд, ки яке аз бандихонаҳои амир аст.

– Магар амир боз бандихонаи дигар ҳам дорад?

– Амир чанд чиз дорад, дор дорад, манор дорад, зиндон, обхона ва канахона дорад [8, с.261].

– Это место называют тюрьмой, где эмир держит заключенных.

– Разве у эмира есть ещё другие тюрьмы?

– У эмира есть несколько вещей: есть виселица, есть минарет, есть тюрьма, обхона и канахона (клоповник).

Иногда С. Айни принимает во внимание период возникновения или появления того или иного предмета, а также момент происходящего действия. Например, таджикское занг и русское звонок:

Ин кӯбача барои амирон вазифаи занг – звонокро адо мекард [2, с. 59] // Это колотушка выполняла для эмиров функцию звонка (т.е. использовалась в качестве звонка).

Слова кӯбача (колотушка) и занг (колокольчик, звонок) имеют общее значение: «предмет, при помощи которого стучат в дверь». Звонок – русское слово, обозначающее «колокольчик, звон, звонок, звук, шум». Причина сопоставления этих слов состоит во времени действия предмета. Термин кӯбача использовался до революции, занг – принадлежит послереволюционному периоду. Для верного восприятия современниками сути предмета писатель поясняет эти слова русским звонком.

В следующем примере С. Айни приводит основную форму слова духтур – доктор:

… он вақтҳо дар деҳаҳо доктор набуд. Дар деҳаи мо бошад, ҳамон табиби куҳнаи нодон ҳам набуд [5, с.146] // В деревне врачей не было, а в Сактаре не было даже знахаря [6, с.114].

В данном отрывке автор использует слова, обозначающие один род деятельности: доктор и табиб, как нам кажется, автор хотел подчеркнуть, что в то время не хватало докторов, т.е. людей имеющих специальное медицинское образование, во втором предложении табиби куҳнаи нодон – человек, занимающийся врачеванием, очевидно, не имеющий представление о медицине. Кроме значения «лекарь», обозначает ученую степень специалистов различных сфер науки и техники. Этот оттенок значения отсутствовал в таджикском варианте слова, однако в последнее время этот термин начал употребляться учеными в данном конкретном значении. Изначально это слово использовалось в своём исходном варианте, позднее – как духтур. Особенность заимствованных слов проявляется в том, что они в другом языке приобретают дополнительный смысловой оттенок и видоизменяются с учетом фонетических законов.

Иногда писатель посредством синонимов указывает на происхождение населения определенных местностей или их положения в обществе:

Аслӣ (из арабского асл и суффикса -ӣ) // қадимӣ (из арабского қадим и суффикса -ӣ) (древний): Аҳолии аслӣ – қадимии ин деҳа тоҷикон буданд [5, с.8] // Издревле жителями этого селения были таджики;

Инҳисор (арабское) // монополия (греческое): Дар маркази деҳа – дар Деҳнави Абдуллоҷон тагламадӯзон... бошанд ҳам, дар инҳисор – монополияи тагламаҷаллобон буданд ва самараи меҳнати онҳоро он ҷаллобон мехӯрданд [5, с.10] // В центре селения – в Дехноу Абдулладжан – тоже были сапожники, но они были в составе (монополии) сапожников, и плод их труда присваивали перекупщики.

Таким образом, устод Айни посредством синонимов описывает происходящее, точно определяет сущность предметов, их функции, показывает социальные отношения членов общества.

ЛИТЕРАТУРА

1. Айнӣ, С. Одина. Куллиёт. - Ҷ. 1. - Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1958. – 183 – 327 с.
2. Айнӣ, С. Ғуломон. Куллиёт. - Ҷ. 3. - Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1960. – 485 с.
3. Айнӣ, С. Ҷаллодони Бухоро. Акнун навбати қалам аст. - Душанбе: Ирфон, 1978. - С. 9-79.
4. Айнӣ С. Дохунда. - Душанбе: Ирфон, 1984. - 428 с.

5. Айнӣ С. Ёддоштҳо. - Қ. 1, 2. - Душанбе: Адиб, 1990. - 352.
6. Айни, С. Бухара (пер. С. Бородина). - Ч. 1, 2. - Душанбе: Ирфон, 1980. - 257 с.
7. Камолиддинов, Б. Ҳусни баён (Культура речи). Учебное пособие / Б. Камолиддинов. - Душанбе: Маориф, 1989. - 118 с.
8. Мухаммадиев, М. Словарь синонимов таджикского языка / М. Мухаммадиев. - Душанбе, 1993. - 272 с.
9. Словарь таджикского языка; под ред. М.Ш. Шукурова, В.А. Капранова, Р. Хошима, Н.А. Маъсуми. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - Т. II. – 949 с.
10. Таджикско-русский словарь. - Душанбе, 2006. - 784 с.
11. Толковый словарь таджикского языка. - Душанбе, 2008. - Т. II. - 949 с.

НАҚШИ МУРОДИФОТИ ЛУҒАВӢ ДАР ИФОДАИ ОБУРАНГИ ЗАМОН ДАР АСАРҲОИ БАДЕИИ С. АЙНӢ

Дар мақола сухан дар хусуси хусусиятҳои услубии муродифоти луғавӣ, аз ҷумла обуранги замон дар асарҳои С. Айнӣ меравад. Маълум мешавад, ки дар баробари дигар обуранги услубӣ калимаҳо дорои обуранги замон низ мебошанд, ки ба воситаи он шоиру нависандагон ба замони пайдоиши ашё ва ҳодисаву воқеаҳо далолат мекунанд. Нависанда дар осори насриаш ҳодисаҳои таърихиеро, ки дар замони зиндагонии ӯ ба вуқӯъ пайвастаанд, дақиқ тасвир менамояд. Ӯ на танҳо ҳодисаву воқеаҳоро тасвир мекунад, балки муносибати хӯҷаинони ҳаётро нисбат ба ғуломонашон бармало нишон медиҳад, моҳияти онҳоро шарҳ медиҳад ва бад-ин васила вазифаҳои ашёҳои гуногунро мекушояд. Тавассути муқоиса ӯ ба сохти давлатдории замон, ки дар арафаи фаноёбӣ буд, баҳои воқеӣ медиҳад. Калимаҳое, ки обуранги замонро ифода мекунанд, дар ҳолати аз истеъмол баромадан бо наввожаҳо иваз мешаванд. Нависанда дар ҷараёни шарҳи калима бо муродифаш, тавзеҳи ҷузъи асосӣ ва тобеи ибораҳо, ки байни ҳам муносибати ҳаммаъноӣ зоҳир менамоянд, аз обуранги замон истифода мебарад.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, муродифоти луғавӣ, обуранги услубӣ, обуранги замон, семантика, воқеаҳои таърихӣ, шарҳи калимаҳои ҳаммаъно.

РОЛЬ ЛЕКСИЧЕСКИХ СИНОНИМОВ В ВЫРАЖЕНИИ ВРЕМЕННОГО ОТТЕНКА В ХУДОЖЕСТВЕННЫХ ПРОИЗВЕДЕНИЯХ С. АЙНИ

В статье речь идёт о стилистических оттенках лексических синонимов, в частности, выражении временного оттенка в художественных произведениях С. Айни. Оказывается, что наравне с другими стилистическими особенностями слова обладают также временным оттенком, посредством которого поэты и писатели указывают на время возникновения предмета или происшествия. Писатель в своей прозе точно описывает исторические события, происходящие в период его жизни. Он не только описывает события и всё происходящее, но и наглядно демонстрирует отношение хозяев жизни к своим рабам, поясняет сущность тех или иных событий, раскрывая функции различных предметов. Путём сравнения он точно характеризует существующий правящий строй, который переживал свои последние дни. Слова, имеющие временное значение, выходят из употребления и заменяются новыми. Писатель демонстрирует оттенок времени в процессе пояснения слов их синонимами, интерпретации главных и зависимых компонентов словосочетаний, которые являются синонимами.

Ключевые слова: таджикский язык, лексические синонимы, стилистические оттенки, временной оттенок, семантика, исторические события, интерпретация слов-синонимов.

ROLE OF LEXICAL SYNONYMS IN EXPRESSION OF THE TEMPORARY SHADE IN WORKS OF ART S. AYNI

In article it is about stylistic shades of lexical synonyms, in particular expression of a temporary shade in works of art by S. Ayni. It turns out that on an equal basis with other stylistic features of a word possess also temporary shade by means of which poets and writers point to time of emergence of a subject or incident. The writer in the prose precisely describes the historical events which are taking place in the period of his life. He not only describes events and all events, but also clearly demonstrates the attitude of owners of life towards the slaves, explains their entity, opening functions of different objects. By comparison he precisely characterizes the existing ruling system which endured the last days. Showing a time shade, words go out of use and are replaced with new. The writer shows time shade in the course of an explanation of words their synonyms, interpretations of the main and dependent components of phrases which are synonyms.

Key word: Tajik, lexical synonyms, stylistic shades, time shade, semantics, historical events, interpretation of words synonyms.

Сведения об авторах: ***Мирзоева Мохира Мадибрахимовна*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры стилистики и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр Рудаки 17. Телефон: **(+992) 93-711-30-28**

Information about the authors: ***Mirzoeva Mohira Madibrohimovna*** - Tajik National University, Candidate of Philology, Associate Professor of the Chair of Stylistics and Literary Editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 937-11-30-28**

УДК:372.881.111.1 (575.3)

ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БО РОҲИ УСУЛҲОИ НАВИ ТАЪЛИМ

Умаров Ф.А., Сайдалиева Г.М.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Баррасӣ намудани масъалаҳои нақши бозиҳо дар таълими забонҳои хориҷӣ бар он зарурат аст, ки имкониятҳои таълим комил гарданд ва меҳнати устод ва шогирдон самараноктар гарданд. Дар ин самт истифодаи усулҳо ба сифати заминаҳои омодагӣ ба

омӯзиши касбӣ хеле аҳамиятнок мебошанд. Яке аз ин заминаҳо истифодаи бозӣ дар нақшҳо дар раванди таълим мебошад, ки самаранок маҳсуб меёбад.

Равоншиносон бар он назаранд, ки бозӣ дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз усулҳои хеле натиҷабахш аст. Бозӣ дар замири кӯдакон ҳиссиёти мусбатро нисбат ба муҳит бедор месозад, дар онҳо равандҳои мусбиро таълим медиҳад, ки бешак аз ҳама ҷиҳат ба манфиати кор мебошад.

Дар доираи бозиҳо дар макотиби миёна ҳангоми таълими забони англисӣ бештар бозиҳо дар заминаи нақшҳои муайян ба миён гузошта мешаванд. Инчунин, бозиҳо бо қонунҳо, сохтани биноҳо ва ба ин монанд амалҳо иҷро карда мешаванд, ки дар замири шогирдон ба ғайр аз омӯзиши забон фаъолиятҳои мусбати дигарро зам менамояд. Бояд гуфт, ки ҳар як бозӣ дар худ хусусиятҳои мусбатро таҷассум менамоянд. Маҳз ҳамин гуна амалиёт барои дарк намудани худшиносии шогирдон равона карда шудааст [1, с.5].

Бояд зикр намоем, ки миёни амалҳои дигар, пеш аз ҳама, ба фаъолнокии хонандагон таваҷҷуҳи махсус дода мешавад, яъне фаъолнокии хонандагон, ҳадафнокии ҳар як дарс, маводи махсуси таълимӣ, истифодаи аёният, саҳнаҳо, ҳаҷми зиёди маводи лексикӣ, истифодаи шакли ҷамъи фаъолияти шогирдон, кори мустақил бо ҳар як хонанда, кор дар гурӯҳ, муҳити хушҳолона ва амсоли инҳо.

Ҳамин тавр, ҳар як амале, ки хонанда зери роҳбарии устод ба амал меоварад, бояд ҳадафи худро дошта бошад:

- беҳадаф савол бояд дода нашавад, агар зарурат набошад;
- фақат гуфтаҳоро рӯйбардор кардан нашояд, беҳтар аст онро бо шаклҳои гуногуни муошират ба ҳамсинфонаш равона кунад, масалан ба шакли мактуб ва ғайра;
- нутқ бояд танҳо дар шахси сеюм гуфта нашавад, онро беҳтар аст миёни ҳам дар шакли муошират ва ё нақл пешниҳод созанд [4, с. 54].

Тавре ки таҷрибаи педагогон нишон медиҳад, бозии кӯдак яке аз усулҳои самараноки таълим ҳисобида мешавад, ки тавассути он кӯдак шавқу ҳавасаш нисбат ба омӯзиши забони хориҷӣ бештар ва беҳтар мегардад.

Бояд зикр намоем, ки истифодаи бозӣ дар дарсҳои забонҳои хориҷӣ ҳануз самти пурра наомӯхташуда ба шумор меравад. На ҳамаи бозиҳо барои расидан ба ҳадафҳо мувофиқат мекунанд. Аз ин рӯ, интихоби бозӣ аз маҳорат ва ҳадафи машғулият вобаста аст. Ин ҳадаф бояд дар худ мақсаду мароми дар дарс банақшагирифташударо таҷассум карда тавонад, ки, пеш аз ҳама, аз устод вобаста аст. Интихоби бозӣ бояд аз бозиҳои дигар шаклан ва ҳам аз нигоҳи мақсад фарқ кунад. Бозиҳои интихобшуда, пеш аз ҳама, дар худ марому ҳадафи барномаи таълимии ҳамон дарсро таҷассум намоянд. Бо дарназардошти шакли бозӣ ва раванди омӯзиш устод раванди бозиро назорат ва идора мекунад [10, с.25].

Таҷрибаҳо нишон додаанд, ки бе гузаронидани амалиёти бозӣ ва машқҳои мустаҳкамкунӣ, аз худ намудани лексикаи дарси забони хориҷӣ натиҷаҳои хубтареро ба бор намеоварад ва меҳнати сахти ақлониро талаб менамояд, ки ин амал шавқу завқи забономӯзиро аз байн мебарад. Дар адабиёти хориҷӣ бозӣ дар нақшҳо ба маънои бозиҳои театрикунонидашуда фаҳмида мешавад. Ҳамаи ин номгузориҳо ҳамон як амалро, яъне мустаҳкам намудани ҳадафҳои тарҳрезишудаи дарсро дар бар мегиранд.

Омӯзишҳо нишон доданд, ки оид ба нақши бозиҳо олимони гуногун ибрози андеша намудаанд. Аз он ҷумла, Крупская ва Макаренко бар он андеша буданд, ки бозӣ дар мустаҳкам намудани мавзӯи асосии дарс нақши калидиро мебозад [12, с.89]. В. М. Филатова [7, с.21], зикр менамояд, ки иҷрои бозӣ дар дарсҳо бо фаъолияти амалии устод, ки бахше аз корҳои ташкилии дарсро ташкил медиҳанд, алоқаманд мебошад.

Бозӣ дар нақшҳо шакли арзишманди инкишофи кӯдак ба шумор меравад. Он дар давраи мактабӣ оғоз ёфта, дар ин давра дар кӯдак ҷанбаҳои мухталифи фаъолияташро ошкор месозад, ҳавасманд мегардонад ва дар ӯ ҳисси мустақилиятро бедор месозад.

Бозӣ дар нақшҳо – ин амали таълимӣ, фаъолият маҳсуб меёбад. Аз нуктаи назари иштирокчиён бозӣ дар нақшҳо – ин бозиест, ки дар раванди он онҳо нақш иҷро мекунанд. Аз нуктаи назари устод бозӣ дар нақшҳоро метавон ҳамчун шакли омӯзонидани муошират пешниҳод сохт. Бозӣ дар нақшҳо назоратшаванда аст ва онро идора кардан зарур меояд ва он дар худ имкониятҳои калони омӯзишро дорад.

1. Бозӣ дар нақшҳоро метавон ҳамчун намунаи муҳимтарини омӯзиши муошират пешниҳод намуд.
2. Бозӣ дар нақшҳо ҳадафҳои гуногуни мусбиро дар иҷрои нақшаҳои таълим дорад.
3. Бозӣ-нақшҳо ба хонанда имкон медиҳанд, ки дар баробари омӯзиш ба нақш ворид шуда шавқу ҳавасашро низ гум накунад.
4. Бозӣ дар нақшҳо имкониятҳои хонандагонро нисбат ба аз худ намудани лексикаи дарс васеъ менамояд.
5. Бозӣ дар нақшҳо заминаҳои ҳамкориҳои таълимӣ ва омӯзиширо фароҳам меоварад. Хонанда маҳорати кор дар гурӯҳҳо, имконияти муоширатро бо мавзӯи

дилхоҳаш бо хонандагони дигар дарёфт мекунад, ки ба раванди омӯзиш таъсири мусбӣ доранд.

6. Бозӣ-нақшҳо муҳиммияти омӯзишӣ доранд. Агарчанде хонандагон дар ин асос бо саҳнаҳои театрикунонидашуда ошно мешаванд, аммо дар ин баробар мавзӯи интихобшудаи дарс, ҳадафи барномаро низ аз худ менамоянд [9, с.90].

Бояд зикр намоем, ки машқҳои гуногун дар омода намудани бозиҳо мавҷуданд. Устод, пеш аз ҳама, бояд дар ин миён аз ҳама беҳтар ва мувофиқтарашро интихоб намояд.

Умуман, ин гуна амалҳо ва бозиҳоро устод метавонад вобаста аз ҳадафи дарс ва барномаи таълимӣ интихоб намояд. Баъд аз анҷоми бозиҳо устодро зарур аст, ки барои иҷрои амал баҳогузорӣ намояд ва хонандагонро шавқманд созад. Ба ғайр аз таваҷҷуҳ нисбат ба омӯзиши забон ҷанбаҳои дигари таълим низ бояд ба назар гирифта шаванд.

Бояд зикр намоем, ки оид ба намудҳои бозӣ ду гурӯҳи асосиро тақсим кардан мумкин аст. Бозиҳои назорат ва идорашаванда ва озод аз рӯйи нақшҳо. Бозиҳои идорашаванда нисбатан сода буда метавнонанд дар асоси гуфтугӯ ва ё муҳокимаи матн сурат гиранд. Дар зинаи аввал хонандагон бо мақсаду мароми бозӣ ошно шуда онро тамрин мекунанд, сипас дар якҷоягӣ бо устод мазмуну муҳтавои матнро муҳокима ва баррасӣ менамоянд. Мустаҳкам намудани лексикаи дарс дар ин намуди бозӣ ҳатмист. Дар раванди бозӣ вобаста аз шароит устод метавонад, ки маслиҳатҳо диҳад.

Намуди дувуми бозиҳо бозӣ дар нақшҳо дар заминаи матн мебошад. Дар ин ҳолат баъд аз шиносоӣ бо матн устод метавонад, ки аз хонандагон хоҳиш намояд ягон нақшро аз қаҳрамонҳои асосии матн иҷро намоянд ва аз дигар хонандагон хоҳиш намоянд, ки бо ӯ мусоҳиба гузаронанд. Тавре ки дар ҳолати боло гуфтем, дар ин ҷо ҳам устод метавонад ба сифати маслиҳатчӣ нақш иҷро намояд, яъне назорат кунад.

Оид ба намуди бозии озод ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки хонандагон дар интихоби мавзӯъ озоданд. Интихоби лексикаи дарс, гузаронидани амалҳо аз хонандагон вобастагӣ дорад, яъне ба зиммаи онҳо гузошта мешавад. Устод метавонад, ки якчанд мавзӯъҳоро пешниҳод намояд ва шогирдон бо дарназардошти завқашон онро интихоб намоянд, сипас дар заминаи интихоби онҳо лексикаи дарс муайян карда шуда, он мустаҳкам ва омӯхта мешавад.

Умуман, бозӣ бо қоидаҳо аслан мавзӯъҳои пешакӣ тайёршударо дар бар мегирад, яъне хонанда пеш аз гузаронидани бозӣ вазифадор карда мешавад. Дар ин замина мавзӯи интихобшуда баррасӣ ва ҳал карда мешавад [9, с.19].

Дар худи ҳозир ҳадафи асосии таълим ва истифодаи усулҳои гуногун, аз он ҷумла истифодаи бозӣ, омӯзонидан ва тараққӣ додани нутқи хонанда мебошад. Паҳлуи асосии мусбати бозиҳо дар он аст, ки хонанда имконияти озод гап заданро пайдо мекунад.

Дар солҳои охир дар забоншиносӣ таваҷҷуҳи махсус ба таълим ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ бо истифода аз усулҳои навтарин, махсусан тавассути бозиҳо ва дигар амалҳои шавқмандкунанда ба роҳ мондани таълим хеле назаррас аст.

Истифодаи бозӣ дар марҳилаҳои гуногуни омӯзиш, пеш аз ҳама, ба хонандагон имконият фароҳам меоварад, ки онҳо дар доираи шароитҳои омодашуда дониш ва маҳоратҳои худро сайқал диҳанд. Шавқу ҳаваси хонандагон аз як тараф, агар ба бозӣ бошад, аз тарафи дигар, мавзӯъ ва ҳадафҳои дарсро ба пуррагӣ аз худ менамоянд. Шароит фароҳам меояд, ки ҳамаи хонандагон, аз он ҷумла нисбатан сустхонҳо низ дониши худро такмил диҳанд.

Дар фарҳанги «An Etymological Dictionary of Persian, Engliash and other Indo-European Languages» баромади таърихии феъли кардан чунин аст: Indo-European: kwer, qwer; Avestan/ Old Persian: kar, kara – to work; Persian: kâridan – to do [13, с.262].

Дар матни «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» аз асоси замони ҳозира-оянда ва гузаштаи феъли *кардан* исмҳои иҷрокунандаи амал сохта шудаанд. Исмҳои фоъил (иҷрокунандаи амал)-и сохтаи феъли *кардан* дар матни асар бо се роҳ сурат гирифтааст: 1) вожа + кун (асоси замони ҳозира-ояндаи феъли *кардан*) + анда (пасванди сифати феълисоз); 2) вожа + кун (асоси замони ҳозира-ояндаи феъли *кардан*); 3) вожа + кард (асоси замони гузаштаи феъли *кардан*)+ анда (пасванди сифати феълисоз).

А) Роҳи якуми сохта шудани исми фоъил бо феъли *кардан* ва пасванди исмсози –анда. Сифатҳои феълӣ бо суффикси **-анда** ба исм хеле зиёд гузаштаанд. Ин ҷараён барвақт сар шуда бошад ҳам, ҳоло босуръат давом дорад ва бисёр терминҳо бо он сохта шудаанд. Хусусияти терминсозии суффикси **-анда** нишон медиҳад, ки ин суффикс ба қатори омоморфемаҳои калимасоз гузаштааст [2, с.128].

Муҳаққиқи тоҷик Б.Сияев ҳангоми баррасии дастхати «Таърихи Балъамӣ», ки бо «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» тақрибан дар як замон таълиф шудааст, дар бораи сифати феълисозии пасванди **-анда** ба чунин хулоса омадааст: «*Шакли сифати феълӣ бо суффикси* ***-анда*** *аз асоси замони ҳозираю суффикси* ***-анда*** *сохта шуда, дар дастнавис афзунтар истеъмол мешавад.*

Ин шакл ҳам аслан субстантиватсия шуда, ҳамчун исми феълӣ истифода шудааст. Дар ин маврид вай асосан ба тамоми хусусиятҳои исм соҳиб мебошад. Яъне, вай метавонад суффикси ҷамъбандӣ қабул намояд, бо пешояндҳо ояд ва дар таркиби изофӣ муайяншаванда бошад» [5, с.76].

Чи тавре дар боло ишора шуд, сохта шудани исми фоъил бо феъли *кардан* ва пасванди исмсози –анда дар матни асар сермаҳсул буда, 113 вожа сохтааст: Ва девон ҳама **бинокунанда** ва ба об фурӯшаванда [7, с.361]; …ё ту аз **бозикунанда**гонӣ? [6, с.829]; Ҳар кӣ

битарсад аз **васияткунанда** майлеро… [6, с.104]; …**вафокунанда**гон ба паймонашон, чун вафо кунанд… [6, с.103]; Худованди мо, ки туӣ **гирдкунанда**и мардумон рӯзеро… [6, с.176]; …ҳар кӣ хор кунад ӯро Худой, набувад ӯро касе **гиромикунанда**… [6, с.849]; Ва ҳар_киро роҳ намояд Худой, нест ӯро ҳеч **гумкунанда** [7, с.374]; Ва мо андар шакем аз он чӣ мехонед моро сӯйи ӯ **гумонкунанда** [6, с.589]; …на мункир шавад ба оятҳои мо, магар ҳар **ғадркунанда**е носипос неъматро [7, с.241]; Ё гурӯҳ, шуморост подшоҳии рӯзи **ғалабакунанда**гон андар замин… [7, с.386]; Шумо андар ин **дирангкунанда**гонед [7, с.440]; (Ва) бидеҳ моро аз наздики ту раҳмат, ки туӣ ту **диҳанда** [6, с.176]; …Худои азза ва ҷалла дӯст дорад **додкунанда**гонро [7, с.495]; …эшонанд эшон як-**дукунанда**гон [7, с.234]; Ва нест он зиндагонӣ **дуркунанда** ӯро аз азоб… [6, с.86]; Ин духтарони ман ба занӣ ба шумо диҳам, агар шумо **занкунанда**гонед [6, с.687]; …васият кунанд бад-он ё авоме на **зиёнкунанда** [6, с.250]; Ҳаққо, ки ӯст **зиндакунанда**и мурдагон… [7, с.235]; …ва ҳаққо, ки манам **зинҳоркунанда** ва ёри шумо… [6, с.496]; Ки Иброҳим бурдбор аст (**зорикунанда** ва бозгарданда) [6, с.590]; …андар дилҳошон беморӣ аст ва **ирҷофкунанда**гонанд андар Мадина… [7, с.253]; …ва мардони **ёдкунанда** Худои азза ва ҷалларо бисёр… [7, с.249]; …табоҳ кардем эшонро ва нест **ёрикунанда** эшонро [7, с.461]; …ва ҳаст дев мардумро **ёринокунанда** [7, с.50]; …Худои азза ва ҷалла на дӯст дорад ҳар **кашикунанда** ва **фахркунанда** [7, с.239]; …Худой на дӯст дорад он ки бошад **кибркунанда** ва **фахркунанда** [6, с.254]; **Коркунанда**и ранҷманд [7, с.685]; …ва шароби **масткунанда** хӯрдан эшонро андаромӯхт… [7, с.303]; …донад Худои азза ва ҷалла **машғулкунанда**гонро аз шумо… [7, с.247]; …пас, мунодӣ кард **мунодикунанда**е… [6, с.610]; Магар **намозкунанда**гон [7, с.636]; Мо роҳ намудем ӯро роҳе – аиммо **шукркунанда** ва аиммо куфроноварда ва **носипосикунанда** [7, с.659]; Ва Худои азза ва ҷалла ҳукм кунад ва нестгардонанда ва **нуқсонкунанда** ҳукми ӯро… [6, с.657]; Ва наёбанд эшонро аз беруни Худои азза ва ҷалла дӯсте ва ёре ва на **нусраткунанда**е [7, с. 247]; …мо будем **огоҳкунанда**гон [7, с.443]; …биниҳанд ҷомаҳои эшон ҷуз **ороишкунанда**гон ба зинат… [7, с.35]; …ва нестӣ шумо **оҷизкунанда**гон [6, с.560]; Ва пинҳон ҳамекардӣ андар тани хеш он чӣ Худои азза ва ҷалла **пайдокунанда** буд онро… [7, с.250]; …ва пас чун **пайкоркунанда**ест ҳувайдо [7, с.318]; …ва набуданд **пешикунанда**гон [7, с.166]; покизакунанда [6, с.187]; **Пуркунанда**гон аз он шикамҳо [7, с.542]; …ва ман шуморо **насиҳаткунанда**еам устувор [6, с.431]; …ва бор Худоё ва неко ёро ва **нерукунанда**, водоранда душманонро аз шумо [6, с.494]; …ва нестем мо **раҳокунанда** худоёни хешро аз гуфтори ту… [6, с.588]; …ман расули Худои азза ва ҷаллаам сӯйи шумо **ростгаркунанда** онро… [7, с.589]; …ва ин китобе аст **росткунанда** ба забони тозӣ… [7, с.452]; Кист **рукякунанда** [7, с.658]; …ва нест бархе эшон, пас, **рӯйкунанда** қиблаи бархеро [6, с.98]; …ва **сабркунанда**гон андар сахтӣ… [6, с.103]; …набудӣ во **сачдакунанда**гон [6, с.685]; Ва Худой аст беҳтарини ҳама нисориш ва **сиголишкунанда** [6, с.493]; …ва Худой нест **ситамкунанда** мар бандагонро [6, с.848]; Ӯст Худои офаринандаи офаридгор, **сураткунанда** [7, с.560]; Ва нестед аз шумо **сусткунанда**гон андар замин… [7, с.424]; …бинӣ эшонро **рукуъкунанда**гон ва **сучудкунанда**гон… [7, с.475]; Ё Зулқарнайн, ки он Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ **табоҳикунанда**анд андар замин… [6, с.750]; …фармонбардорони **тавбакунанда**гон… [7, с.614]; **Тавбаткунанда**гону обидону парастандагону сипосдорону рӯзадорону… [6, с.524]; …ва пок дор хона аз палидӣ мар **тавофкунанда**гон ва истодагон… [6, с.850]; Ва чунки бархонанд бар ӯ оятҳои мо баргарданд **такаббуркунанда**… [7, с.238]; …ва Худои азза ва ҷалла **тамомкунанда** аст нури ӯро… [7, с.589]; …ва **тангкунанда** бад-он дили ту… [6, с.583]; …ӯ буд аз **тасбеҳкунанда**гон [7, с.336]; …Худой аст расвову ҳалок ва куштаву **ташвирзадакунандаи** ҳама ногаравидагон аз паси чаҳор моҳ [6, с.505]; Ва набошад Худои ту **фаромӯшикунанда** [6, с.770]; …буд паёмбаре **ҳабаркунанда** [6, с.769]; Ҳар гурӯҳеро кардастем ҷойгоҳи эшон **хайркунанда**анд онро [6, 854]; Ва ба дурустӣ, ки биёмаданд бад-он деҳ – он-к борида омад бад-он борони бад ва **харобкунанда** [7, с.51]; …Худой дӯст надорад ҳаргиз **хиёнаткунанда**гонро ба аҳд шикастан ва ҷуз аз он [6, с.498]; Мапиндоред, ки Худои таоло **хилофкунанда**и ваъдаҳои пайғомбарон аст [6, с.673]; Эшонанд, ки эшонрост азобе **хоркунанда** [7, с.238]; Ва ӯст ӯ – бениёз аз ҳама ва аз ҳама чиз ва **хурсандкунанда** [7, с.520]; …ҳамедун ӯ **хусуматкунанда** аст пайдо [6, с.699]; Ва нест Худои ту **ҳалоккунанда**и деҳҳо ба ситаме… [6, с.594]; …бархе аз эшон сазоворатар ба бархе андар китоби Худой аз муъминон ва **ҳичраткунанда**гон… [7, с.246]; Ва чун бихонанд бар эшон оятҳои мо – **ҳувайдокунанда**и пайдо… [7, с.287]; Ба ҷуз Худой меҷӯям **ҳукмкунанда**… [6, с.392]; …Худои ман наздик аст ва **ҷавобкунанда** [6, с.588]; Чун бирасад бад-ӯ бадии **ҷазаъкунанда** [7, с.636]; Фазл кард Худой ба **ҷиҳодкунанда**гон ва хостҳои эшон… [6, с.277]; Ҳастӣ ту аз **ҷодукунанда**гон [7, с.72]; …бидодем Мӯсоро ва Ҳорунро

чудокунандаи ҳақ аз ботил ва рӯшноӣ… [6, с.828]; Нест моро ҳеч **шафоаткунанда**гон [7, с.68]; Ҳар гурӯҳе бад-он чи наздики эшонрост, **шодикунанда**гонанд [1, 863]; …басанда аст Худой **шуморкунанда** [7, с.250]; …бихонанд Худойро **яктокунанда**гон ӯро дин… [7, с.240]; **Пуркунанда**гон аз он шикамҳо [7, с.542]; …Худояст **авнкунанда** бар он чӣ сифат мекунед [6, с.604]; …Худой аст беҳамтой, **азизкунанда**и муъминони дурусткор [6, с.515]; …нахоҳад буд Худои азза ва ҷалла **азобкунанда** эшонро… [6, с.493]; …Худой ҳаст **афвкунанда** ва омӯзгор… [6, с.255]; …ва эшон на **афзункунанда**гон бошанд [6, 386]; …набуданд эшон бад-ӯ **афсӯскунанда**гон [6, с.683]; …нест **бадалкунанда** сухани Худойро [6, с.561]; Чунон-к бифиристодем мо бар **бахшишкунанда**гон [6, с.689], …ва нагирифтаам ва нагирам **бероҳкунанда**гонро пуштибонвор [6, с.746]; Ё Муҳаммад, ки ман **бимкунанда**еам пайдо [6, с.689].

Б) Бо роҳи дуюм сохтани вожа дар матни «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» каммаҳсул буда, теъдоди вожаҳои сохташуда ба 38 адад мерасад**:** Андоза кардем ва нек **андозакун**онем [7, с.664]; …моем – мо **афсӯскун**он [6, с.18]; …агар ҳастед мева **бозкун**он [7, с.628]; …ва мабош аз **гумонкун**он [6, с.564]; Ва будем ва мегуфтем бо **гуфтугӯйкун**он [7, с.653]; …сипоси Худой эшонанд **ғалабакун**он [6, с.362]; …кор кун, ки мо **коркун**онем [7, с.406]; Биёфарид мардумро аз гиле овоздиҳанда чун гили **кӯзакун**он [7, с.534]; …ва моем аз забари эшон **қаҳркун**он [6, с.436], …ӯ марде аст бошуҷоат ва мардона ва боилм ва дониш ва **мазоҳкун** [7, с.201]; Оё бад-ин сухан шумоед **мудоҳанакун**онед? [7, с.543]; Вой бар **намозкун**он [7, с.711], …ва мо ӯро **насиҳаткун**онем [6, с.604], …ва наед шумо **оҷизкун**он [6, с.394], Ин ду **пайкоркун**онанд, ки ме пайкор кунанд андар ваҳдонияти Худояшон [6, с.849], пешикун [7, с.668], рағбаткун [6, с.517]; …ва эшонанд **рукуъкун**он [6, с. 362]; сабркун [6, с.177]; …ва пок дор хона аз палидӣ мар тавофкунандагон ва истодагон ва муқимон ва **рукуъкун**он ва **саҷдакун**онро [6, с.850]; …ва «ғоизун» **ситезакун**он бошанд… [6, с.445]; …ва пок доранд хонаи ман **тавофкунонро** ва нишастагонро ва **рукуъкун**онро ва **суҷудкун**онро [6, с.92]; …Худой дӯст дорад **таваккулкун**онро [6, с.227]; …Худой дӯст дорад **тавбакун**онро… [6, с.123]; Он касҳо, ки айб мекунанд ба **тавъкун**он ба садақа ва аз гаравидагон андар садақа… [6, 520]; Ва бад-он **тадбиркун**они корҳо [2, 668]; Вой **таффофкун**онро! [7, с.675]; …агар ҳастед хобро **таъбиркун**он [6, с.607]; …мардони **тоаткун** ва занони **тоаткун**… [7, с.249]; Ва мабош **хиёнаткун**онро ёрманд [6, с.287]; …ҳаст моро аз хоҳишкунон, ки хоҳишгарӣ кунанда моро… [6, с.429]; Сабркунон ва ростгӯён ва фармонбардорон ва **ҳазинакун**он ва омурзишхоҳон дар саҳаргоҳ [6, с.177]; …ӯст беҳтари **ҳукмкун**он [6, с.611]; …ҳастӣ ту аз **ҷодукун**он [7, с.70]; …ва ӯст беҳтари **ҷудокун**он [6, с.385]; Нест Худой донотар ба **шукркун**он? [6, с.425]; Вархон номаи кирдоратро, басандааст ба тани ту имрӯз бар ту гувоҳ ва **шуморкун** [6, с.720].

В) Бо роҳи сеюм танҳо як вожа – **пушткарданда**, сохта шудааст: Пас, баргаштед ба ҳазимат **пушткардандагон** [6, с.511].

Феъли кардан бо пешвандҳои **андар-** (шакли дигараш **дар-**), **би-**, **боз-**, **вар-**, **во-**, **но-**, **ҳаме-**ва **ҳамеби-**(пешвандҳои **ҳаме-** ва **би-** дар якҷоягӣ) омада, шаклҳои нави грамматикӣ сохтааст. Преффиксҳои мазкур ба феъл тобишҳои нави грамматикӣ ва услубӣ додаанд. Аз сабабе ки ин гуна пешвандҳо маънои аслӣ (лексикӣ)-и феълро тағйир дода метавонанд, префиксҳои шаклсоз номида мешаванд [2, с.186].

Пешвандҳои шаклсози феъл дар матни «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ҳамагӣ 9 шакли феълӣ сохтаанд: …ва ин дасти ту ба ҷайб **андаркунӣ** сапед ва тобон гардад… [6, с.813]; …ва хорӣ ё **даркунад** ӯро дар зери хок [6, с.705]; Акнун масъалаҳо, ки пурсида буданд, ёд кунем ва ҷавоб **бозкардани** он [6, с.23]; …то аз он зиреҳ **ҳамекард** [6, с.30]; …номи ӯ ба Таврот андар ёфтанд ва сифати ӯ **бикарданд**… [6, с.31]; Ё пушаймониё, бар он чӣ аз ҳад андар гузаштам андар тоат **нокардан**и Худои азза ва ҷалла… [7, с.375]; …пироя **варкунандашон** андар биҳишт аз дастбиринҷинҳо аз зар… [7, с.743]; То ҷудой **вокунад** Худои азза ва ҷалла он палидкорро аз он покори муъмин ба биҳишт… [6, с.494]; …ҳар он вақт ки Довуд, алайҳиссалом, ҳукме **ҳамебикардӣ**… [6, с.843]

Замони гузаштаи феъли кардан бо пасванди -а омада, 53 адад сифати феълӣ ва ё исми мафъул сохтааст: …ва нестем мо **азобкарда**гон [7, с.332]; …ман даст ба зирехе **андаркарда** будам… [6, с.234]; …махӯред рибо – **афзункарда** бо фузун карда [6, с.208]; Ва бад-он қадаҳ андардамид **афсункарда** ва бихӯрд… [6, с.578]; …на моем **зиндакарда**гон [7, с.444]; …чоҳи фурӯгузошта ва кӯшки **баландкарда** [6, с.852]; Эшонанд **безоркарда**гон аз он чӣ мегӯянд бар эшон… [7, с.30]; …эй Лут, бошӣ ту аз **берункарда**гон [7, с.71]; Бингар, чи гуна буд саранҷоми **бимкарда**гон [7, с.333]; Намонд, яъне на дер шуд, ки овард гӯсолае **бирёнкарда** [6, с.589]; Ин аст дӯзах, он-к будед **ваъдакарда**и он [7, с.318]; …номае, ки бубинад онро

вокарда [6, с.720]; **Гиромикарда**гон (некон, покон) [7, с.671]; Ё мехоҳӣ эшонро музди эшон аз товон кардани **гаронкарда**гон [7, с.517]; …эшонанд андар бадтарин ҷойгоҳе ва **гумкарда**тар роҳе [7, с.50]; …ва нестем мо **ғалабакарда**гон [7, с.543]; …асбони **доғкарда**… [6, с.176]; …он ваъда аст ҷуз **дурӯғкарда** [6, с.589]; …сутурдагон сарҳои хеш ва мӯй **камгарда**гон натарсанд [7, с.475]; Берун рав аз сурати фариштагон, ки ту ба **лаънаткарда**ӣ ва ронда…[6, с.693]; …андозандат андар дӯзах **маломаткарда** ва **дуркарда** ва ронда аз ҳама некӣ [6, с.723]; Ва он кадисо бад-он сифати маъмур ва манқуш ва ба зару нуқра матҳункарда оташ дарафтод ва ҷумла бисӯхт… [7, с.710]; Ки эшонанд аз шунидан **маъзулкарда**гон [7, с.73]; …аз он оятҳои **муҳкамкарда**… [6, с.176]; Ҳамепиндорад одамӣ, ки бигзорандаш **муҳлаткарда** [7, с. 658]; Китобе **муҳркарда** [7, с.676]; Гувоҳи ӯро **наздиккарда**гон [7, с.676]; Савганд ёд кардем ба **намозкарда**гон [7, с.330]; …ин ҳаме мадад фиристанд шуморо Худованди шумо ба панҷ ҳазор аз фариштагони **нишонкарда** [1, 208]; …ваъда **нокарда** боз ҳам овард Худои азза ва ҷалла коре… [6, с.495]; …ки эшон **номаломаткарда**гонанд [7, с.636]; …агар ҳангоие аст **номуздкарда** ба азоб [6, с.795]; …тавоф кунанд ба гирди Хонаи Каъба ва **озодкарда**, яъне аз ғарқи вақти Нуҳ [6, с.850]; Ва додем эшонро китоби **падидкарда** [7, с.335]; Китобе аст **пайдокарда** ҳуҷҷатҳои он [7, с.406]; Ки эшонанд, эшон **пирӯзкарда**гон [7, с.337]; Чун овоз дод ӯро Худои ӯ ба рӯдкадаи **поккарда**, номи он – Туво [7, с.668]; …бардоштем фарзандони эшонро андар киштӣ **пуркарда** [7, с.316]; Туӣ аз **росткарда**гон [7, 332]; …ва ҷӯйҳо аз ангубини **софикарда**… [7, с.461]; … андароремашон ба сояи **соякарда** [6, с.257]; ...дӯзах подоши шумост – подоште **тамомкарда** ба уқубат [6, с.726]; …ва будаме фаромӯше **фаромӯшкарда** [7, с.766]; …биншинед бо **хилофкарда** [6, с.521]; ӯ аз бандагони мост **холискарда** [6, с.605]; …ва бошад ӯ аз **хоркарда**гон [6, с.606]; Пас, мехӯред аз он чӣ ба ғанимат ёфтаед шумо **ҳалолкарда**е поку бежа(ҳ)… [6, с.501]; Ҳаром бод **ҳаромкарда** [7, с.49]; …чун оянд ба шумо занони гаравидагони **ҳичраткарда**гон… [7, с.570]; …ва эшон эшонро сипоҳеанд **ҳозиркарда**гон [7, с.318]; …пас неку буд **ҷавобкарда**гон [7, с.333]; …чун гӯяд кофирон фармон намебаранд, магар мардеро **ҷодуикарда** [6, с.724]; … мо **шуморкарда**гонем? [7, с.332]; Аммо зани **шӯйкарда** ва расида, пайғамбар гуфт… [6, с.128].

Дар матни асар аз асоси замони ҳозираи феъли *кардан* ва пасванди зарфсози **-он** зарф сохта шудааст, ки теъдодашон ба **14** адад мерасад: …ва Убай(й) ибни Халаф **бонгкунон** ҳамедавид… [6, с. 242]; Ва манишинед ба ҳар роҳе **ваъдакунон**… [6, с.433]; Пас, он писари доя гирён ва **зорикунон** ба хона боздавид… [7, с.538]; Он касҳо, ки кофир шуданд эшон **кайдкунон** [7, с.517]; Ки **нафақакунон** андар маъсият бошанд бародарони девон [1, 722]; …ва нафрин кардашон **нафринкунон** [6, с.101]; …эшон бошанд андар марғзор **ромишкунон** [7, с.232]; … биюфтанд **сачдакунон**… [7, с.243]; …бар ӯ таваккул кунанд **таваккулкунон** [6, с.610]; …ба замин омаданд **тасбеҳкунон** ва **таҳлилкунон** [6, с.423]; …чун дилҳо наздики гулӯгоҳ бошад **хашмкунон**… [7, с.385]; …бозгаштанд **ҳадискунон**… [6, с.761]; Ва баргаштанд эшон **шодикунон** [6, с.516].

Хулоса, дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ»» калимасозӣ тавассути феъли кардан ва муштақоти он, чи ҳамроҳи калимаҳои асили тоҷикӣ ва чи дар якҷоягӣ бо иқтибосоти арабӣ, ба таври густарда истифода шудааст ва барои таъмини муодили вожагони арабӣ ҳангоми тарҷума ба мутарҷимон кумаки назаррасе намудааст. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки бештари калимаҳои бо феъли мазкур сохтаи дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» овардашуда имрӯз низ дар забони адабии тоҷикӣ ба таври васеъ корбурд мешавад ва ҳанӯз ҳам дар калимасозии морфологӣ ва синтаксисии муосири тоҷик феъли кардан аз ҷойгоҳи волое бархӯрдор мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Амид Ҳ. Фарҳанги форсӣ. - Эрон: Роҳи рушд, 1389. - 1088 с. [бо забони форсӣ].
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1985. Ҷ.1. - 356 с.
3. Муҳаммадиев М. Роҳи лексикӣ- семантикии калимасозӣ / М. Муҳаммадиев // Мактаби Советӣ. -1973. -№ 9. –С.32-34.
4. Озартоши Озарнӯш. Таърихи тарҷума аз арабӣ ба форсӣ. - Суруш. - 134 с. (бо забони форсӣ).
5. Сияев Б. Очерки таърихии феъли забони адабии тоҷик / Б.Сиёев. - Душанбе: Дониш, 1968. - 164 с.
6. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ. Таҳия ва таълиқоти Н.Ю. Салимов, Н.Ш. Зоҳидов, Н.И. Ғиёсов, А.А. Ҳасанов, А. Самиев. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. Қ.1. - 884 с.
7. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ. Таҳия ва таълиқоти Н.Ю. Салимов, Н.Ш. Зоҳидов, Н.И. Ғиёсов, А.А. Ҳасанов, А. Самиев. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. - Қ.2. -744 с.
8. Хоркашев С. Ташаккули таркиби луғавӣ ва калимасозӣ / С.Хоркашев. – Душанбе: Сабрина-К, 2014. - 106 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - Москва: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ.1. - 951 с.
10. Ҷӯраев Р. Этимологияи 100 калима / Р. Ҷӯраев. – Душанбе: Маориф, 1985. - 28 с.
11. Cheung J. Etymological Dictionary of the Iranian Verb / J.Cheung. – Leiden-Boston, 2007. - 600 p.

12. Mac Kenzie D.N. A concise. Pahlavi Dictionary / D.N. Mac Kenzie. - London, 1986. - 236 p.
13. Nourai A. An Etymological Dictionary of Persian, Engliash and other Indo-European Languages / A.Nourai. - 823 p.

ВОЖАСОЗИИ ФЕЪЛИ «КАРДАН» ДАР «ТАРҶУМАИ ТАФСИРИ ТАБАРӢ»

Дар мақола калимасозӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» дар намунаи феъли кардан мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар натиҷаи омӯзиш маълум гардид, ки дар матни «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» аз асоси замони ҳозира-оянда ва гузаштаи феъли *кардан* исмҳои иҷрокунандаи амал сохта шудаанд. Исмҳои фоъил (иҷрокунандаи амал)-и сохтаи феъли *кардан* дар матни асар бо се роҳ сурат гирифтааст: 1) вожа + кун (асоси замони ҳозира-ояндаи феъли *кардан*) + анда (пасванди сифати феълсоз); 2) вожа + кун (асоси замони ҳозира-ояндаи феъли *кардан*); 3) вожа + кард (асоси замони гузаштаи феъли *кардан*)+анда (пасванди сифати феълисоз). Аз пажӯҳиш бармеояд, ки ду роҳи аввалӣ бисёр роиҷ, аммо роҳи савумӣ бисёр ба нудурат сурат гирифтааст. Дар мақола ҳамчунин корбурди вандҳо бо феъли кардан дар калимасозӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» корбурди феъли кардан, чи бо калимаҳои асили тоҷикӣ ва чи дар якҷоягӣ бо иқтибосоти арабӣ, ба таври густарда ба назар мерасад. Маълум аст, ки вожасозӣ бо ин феъл барои таъмини муодили вожагони арабӣ ҳангоми тарҷума ба мутарҷимон кумаки назаррасе намудааст. Муаллифи мақола ишора ба он менамояд, ки бештари калимаҳои бо феъли «кардан»-сохтаи дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» овардашуда имрӯз низ дар забони адабии тоҷикӣ ба таври васеъ корбурд мешаванд ва ҳанӯз ҳам дар калимасозии морфологӣ ва синтаксисии муосири тоҷик феъли кардан аз ҷойгоҳи волое бархӯрдор мебошад.

Калидвожаҳо: «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ», забони адабии тоҷикӣ, калимасозӣ, феъли кардан, пешвандҳо, пасвандҳо.

СЛОВООБРАЗОВАНИЕ ГЛАГОЛА «*КАРДАН (ДЕЛАТЬ)*» В «ПЕРЕВОДЕ «ТАФСИРИ ТАБАРЇ»

В статье рассмотрено словообразование в произведении «Перевод «Тафсири Табари» на примере глагола *делать - кардан*. В результате изучения стало известно, что в тексте «Перевода «Тафсири Табари» из основы настоящего - будущего и прошедшего времени глагола *делать - кардан* построены глаголы действия. Глаголы действия (исполняющие действие) производного глагола *кардан* в тексте произведения обозначены тремя путями: 1) слово + *кун – делай* (основа настоящего – будущего времени глагола *делать - кардан*) + анда (суффикс глаголообразующего прилагательного); 2) слово +*кун – делай* (основа настоящего – будущего времени глагола *делать - кардан*); 3) слова + сделал (основа прошедшего времени глагола *кардан*)+анда (суффикс глаголообразующего прилагательного). Из исследования вытекает, что два первых пути очень распрорстраненные, но третий путь очень редко встречается. Также в статье рассмотрено использование суффиксов с глаголом *делать - кардан*. В произведении «Перевод «Тафсири Табари» использование глагола *делать – кардан* и с использованием исконно таджикских слов и с использованием заимствованных арабских слов очень распротранено. Очевидно, что словообразование с этим глаголом окажет действенную помощь переводчикам для обеспечения эквивалента арабских слов при переводе. Автор статьи указывает на то, что большинство слов с глаголом *делать – кардан,* приведенных в произведении «Перевод «Тафсири Табари» и сегодня очень широко используются в таджикском литературном языке и занимает высокие позиции в морфологическом и синтаксическом словообразовании.

Ключевые слова: «Перевод «Тафсири Табарї», таджикский литературный язык , словообразование, глагол делать, префикс, суффикс.

WORD FORMATION OF THE VERB "CARDAN (TO DO)" IN "TRANSLATION OF" TAFSI TABAR "

The article describes the word formation in the work “Translation of Tafsiri Tabari” on the example of the verb to do - gimbal. As a result of the study, it became known that in the text of the “Translation“ Tafsiri Tabari ”, the verbs of action were constructed from the basis of the present - the future and the past tense of the verb“ do ”. The action verbs (performing the action) of the derived verb cardan in the text of the work are indicated in three ways: 1) the word + kun - do (the basis of the present - the future tense of the verb - cardan) + anda (the suffix of the verb-forming adjective); 2) the word + kun - do (the basis of the present - the future tense of the verb - cardan); 3) the words + made (the basis of the past tense of the verb cardan) + anda (suffix of the verb-forming adjective). From the research it follows that the first two paths are very common, but the third path is very rare. The article also discusses the use of suffixes with the verb do - gimbal. In the work “Translation of“ Tafsiri Tabari ”, the use of the verb“ do-gimbal ”using both native Tajik words and using borrowed Arabic words is very common. Obviously, word formation with this verb will effectively assist translators to provide the equivalent of Arabic words in translation. The author of the article points out that most of the words with the verb do - cardan, given in the work “Translation“ Tafsiri Tabari ”are very widely used in the Tajik literary language even today and occupy high positions in morphological and syntactic word formation.

Key words: “Translation“ Tafsiri Tabaria ”, Tajik literary language, word formation, verb do, prefix, suffix.

Сведения об авторе: ***Муминов Фаррух Баладжонович*** - Институт языка и литературы им. А.Рудаки, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21. Тел.: **(+992) 915-27-15-30**

Information about the author: ***Muminov Farrukh Baladzhonovich*** - Institute of Language and Literature. A. Rudaki, the applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, pr. Rudaki 21. Tel.: **(+992) 915-27-15-30**

УДК: 491.550-3:372.881 (575.3)

НЕОПРЕДЕЛЕННЫЕ МЕСТОИМЕНИЯ «*БАЪЗЕ, ЯГОН, КАДОМ*» И ИХ ПЕРЕВОДЫ НА ФРАНЦУЗСКИЙ ЯЗЫК

(на основе романа Дж. Икрами «Дочь огня»)

Назарова М. О.
Таджикский национальный университет

Неопределенные местоимения указывают на предмет и его признак в общих чертах и приблизительно. В эту группу входят слова **баъзе - некоторые, ягон – какой - то, фалон – кто - то, кадом – кто, чандин – несколько, якчанд – несколько, андак – немного, чанде** – несколько и т.п. Местоимение ***баъзе*** служит для выражения неопределенности существительных. В нашем исследуемом объекте указанное местоимение употреблено для выражения понятия неопределенности.

Местоимение *баъзе* отделяет неопределенный компонент от общего. Это местоимение применялось в качестве прилагательного и употреблялось перед неопределенным объектом: ...монанди **баъзе** занони фаран□ипартофтаи мо ба сари худ ҷомаеро гирифта... (Айнӣ). **Баъзе** аз инҳо ғилофи корд медӯхтанд (Айнӣ). Существует возможность использовать местоимение **баъзе** как субстантивированное местоимение. В этом случае оно употребляется вместе с суффиксом, образующим множественное число.

В следующем примере неопределенное местоимение ***баъзе*** употреблено для выражения значения неопределенности:

– Ашраф ҷон, – гуфт заргар, – Ашрафҷон, писари сандуқсоз омада буд, ***баъзе маслиҳатҳо*** *дошт* [7, с.213].

–Это приходил Ашрафджон, сын сундучника, кое о чем посоветоваться [6, с.210].

– Achraf–djon est venu me voir. C'est le fils du fabricant de malles. Il m'a demandé ***conseil*** [14, с.271].

Во французском контексте переведено лишь существительное ***маслиҳат***: ***conseil***. Сокращено слово ***баъзе***, в результате чего нейтрализовалось значение неопределенности существительного.

Неопределенное местоимение *ягон.* Слово ***ягон*** известно как средство выражения неопределенности и единичности существительного. В романе «Дочь огня», как и другие грамматические синонимы, слово ***ягон*** употреблено для выражения категории неопределенности и единичности существительного. Однако его круг употребления более узок, в сравнении с артиклей «–е» и числительным ***як***. Он действует в качестве синонима артикля ***«–е»*** и других грамматических средств выражения неопределенности. Слово ***ягон*** обычно употребляется в двух значениях: первое – для выражения неопределенности и единичности существительного и второе – подчеркивания основного значения:

Мулло шуда ба ***ягон*** *мадраса мударрис мешавад ё ки ба* ***ягон*** *туман қозӣ?* [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, с.277].

Муллой не станет или в медресе мударрисом, казием тоже нет [6, с.271].

Elle ne deviendra ***ni*** *mollah,* ***ni*** *kazii* [14, с.352].

– Ман ***ягон*** *сухани беҷо нагуфтам, тақсир! Гуфт нонвой* [7, с.428].

–Помилуйте, господин раис, я ни одного плохого слова не сказал! [6, с.406].

– Je ***n'ai rien*** *dit mal! fit le cuisinier* [14, с.515].

В продемонстрированном примере неопределенность существительного выражена неопределенным местоимением ***ягон***, перевод которого во французском ***ni– ni,*** на таджикском языке ***на на***. В другом предложении ***ягон*** во французском переводе заменено ***n'ai rien***, который используется во время отрицания глагола с отрицательной частицей ***ne … rien***. Перевод вполне охватывает содержание исходного текста. Слово ***rien*** переводится также «ничто, ничего».

– Аз вай ҳам барҷомондатар ***ягон кас*** *набуд?* [7, с.479].

– А кого–нибудь подряхлее вы не смогли найти? [6, с.447].

– Vous n'auriez pu trouver ***quelqu'un*** *de pire!* [14, с.565].

– Аз рӯи қоида, мо ***ягон машкобро*** *маҷбур карда наметавонем* [7, с.479].

–По нашим обычаям, мы не можем заставить водоноса… [6, с.447].

– Nous ne pouvons obliger ***un porteur*** *d'eau…* [14, с.450].

Переводчик удачно передал неопределенное сочетание ***ягон кас – quelqu'un***. Выражение ***ягон машкоб*** переведено ***un porteur***, в котором неопределенность обозначено неопределенным артиклем мужского рода ***un***.

Аксар вақт ё маст шуда меомад, ё бангу тарёк кашида девона мешуд ва бо ҳар ***баҳонае*** *моро дошта мезад ва қисса мухтасар, ки мо* ***ягон рӯзи*** *нек ва* ***хурсандие*** *надоштем* [7, с.249].

Избивал он нас по любому поводу: то придерется к какой–нибудь ничтожной мелочи, то просто придет пьяный или накурится опиума [6, с.246].

Il nous battait pour un rien: parfois pour une bêtise, ou bien parce qu'il était ivre ou encore lorsqu'il avait fumé de l'opium. En ***un mot****. Nous ne passions pas* ***un jour*** *tranquilles* [14, с.317].

В вышеприведенном примере три существительных указывают на значение неопределенности: ***баҳонае – какой–либо повод – un rien***, ***ягон рӯз – когда–нибудь – un jour, хурсандие – радость.*** Данные существительные в таджикском языке связаны артиклем «–е» и словом ***ягон*** и переводчик передал эти слова на французский язык словами ***un rien, un jour.*** Неопределенность выражена неопределенным артиклем мужского рода ***un***.

– Не гуфт Олимхоҷа, – ***ягон кори*** *зарури дигар будагист, – ба ҳар ҳол то оша пухта, шуморо қоил накунам, ба* ***ҳеҷ ҷо*** *намеравам* [7, с.454].

– Да нет, – возразил Олимходжа, – видно, что–нибудь серьезное, иначе он не стал бы специально за мной посылать [6, с.427].

– Non, répliqua Olim–Khodja. Ce doit être ***quelque chose*** *de plus sérieux, sans quoi il ne m'aurait pas envoyé chercher. Mais sa* ***ne*** *fait* ***rien*** *je n'irai pas tant que le pilaf ne sera pas prêt* [14, 543–544].

Шояд дар ҳамин кор ҳам ***ягон хайрияти*** *мо будагист…* [7, с.303].

Может, оно и к лучшему все, может, нас ждет что–то очень хорошее… [6, с.298].

Peut–être est–ce mieux d'ailleurs, peut–être ***quelque chose de très bon*** *nous attend–il…* [14, с.385-386].

Словосочетание ***ягон кор*** на французский язык переведено ***quelque chose***. ***Quelque*** – неопределенное местоимение, которое употреблено с неопределенным словосочетанием ***quelque chose,*** которое обозначает также «что–нибудь». Выражение ***ягон хайрияти*** на французский язык передано словосочетанием ***quelque chose de très bon***, которое соответствует его содержанию.

… лекин мувофиқи супориши қушбегӣ ва қозӣ барои амир ***ягон духтари*** *боақлу ҳуш ва соҳибҷамолро ёфтан лозим* [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, с.234].

… но тогда ведь все равно приходится искать для эмира какую–нибудь красивую, умную девушку [6, с.230-231].

...mais alors il lui faudrait trouver ***une autre jeune fille****, belle et intelligente, pour l'émir* [14, с.298].

Ман ёд надорам, ки ***ягон косиби*** *бечора ва ё ки* ***зани деҳқон*** *сабукпо шуда бошад* [7, с.418].

А вот я чего–то не упомню, чтобы какая–нибудь бедная женщина, жена ремесленника или дехканина, бегала к любовникам [6, с.398].

Mais je ne me souviens pas, pour ma part, ***qu'une pauvre femme****, l'épouse* ***d'un artisan*** *ait osé prendre un amant* [14, с.504].

В иллюстрированных примерах неопределенность на французском языке выражена сочетанием ***une autre jeune fille***, которое имеет и другое значение. Во втором примере неопределенность выражена словом ***qu'une pauvre femme***, которое сформировано из сокращенной формы вопросительного местоимения ***que*** и неопределенного артикля женского рода ***une***. Следует отметить, что во французском языке если одно слово заканчивается гласным, а второе начинается им же, то слово сокращается и отмечается апострофом. Эта ситуация часто наблюдается в местоимениях и артиклях.

Ба ин кас фармон доданд, ки аз кирдори ҷадидҳо бохабар шаванд, намонанд, ки онҳо ***ягон фитнае*** *бардоранд* [7, с.447].

… они приказали моему мужу глаз с них не спускать, смотреть, как бы они не устроили каких–нибудь беспорядков [6, с.422].

Il a ordonné à mon mari de ne pas les quitter des yeux, de veiller à ce qu'ils ne créent ***aucun désordre*** [14, с.536].

Наход ки он кас ***ягон*** *роҳи наҷотро нишон надиҳанд?* [7, с.332].

Неужели и она ничем не поможет? [6, с.327].

Se pourrait–il qu'elle ***non plus*** *ne puisse pas m'aider?* [14, с.418].

В вышеприведенных примерах неопределенность выражено словом ***ягон***, во французском языке ***aucun*** и словосочетанием ***non plus***. Слово ***aucun*** вполне заменяет исходную единицу (***ягон***), но слово ***non plus*** переведено ***дигар не*** (больше не).

…ту чилимро зуд алав карда бурда те, ки боз ***ягон маҳал*** *нахезад* [7, с.335].

–Разожги, доченька, поскорее чилим – у меня руки в тесте, и отнеси поскорее, а то, чего доброго, опять поднимется скандал… [6, с.330].

Apporte–le lui au plus vite, sinon il va encore y avoir ***un scandale****…* [14, с.422].

Майлаш, илоҳӣ бой боз ***ягон ҳила*** *накунад* [7, с.342].

Господи, хоть бы коварный бай не придумал еще какую–нибудь гадость! [6, с.336].

Seigneur pour vu que le baï n'aille pas inventer encore ***quelque méchanceté****!* [14, с.431-432].

Словосочетание ***ягон маҳал*** на французский переведено ***un scandale***, в котором неопределенность выражена неопределенным артиклем мужского рода ***un***. Во втором примере слово ***ягон ҳила*** верно передано словом ***quelque méchanceté***.

–Шумо, албатта, инро ба амир ё ки ба ***ягон каси*** *дигар мекардагистед?* [7, с.224–225].

–Вы, наверно, намереваетесь поднести ее эмиру или еще кому–нибудь… [6, с.222].

– Vous avez sans doute l'intention d'en faire cadeau à l'èmir ou à ***quelqu'un*** *d'autre…* [14, с.286].

Ман аз кай боз мехостам, ки худо ба ман ***ягон дилҷӯе*** *расонад, ки ба вай ҳиссаи пинҳони худро гӯяму баъд ҳар чӣ шавам, майлаш, аз тақдирам* [7, с.245].

Я давно уже молю бога, чтобы он послал мне такого человека, которому можно довериться, а потом – будь что будет [6, с.241].

Depuis longtemps déjà je demande à Dieu qu'il m'envoie ***un homme*** *auquel je puisse faire confiance. Après, advienne que pourra* [14, с.312].

В вышеприведенных предложениях верно переведены неопределенные существительные ***ягон кас – quelqu'un, ягон дилҷӯе – un homme***. Наблюдения показывают, что неопределенный артикль во французском языке не имеет определенного места, иногда он стоит перед существительным или после прилагательнего. Слово ***ягон*** часто употребляется в разговорном языке, и писатель широко использует его в речи персонажей для индивидуальности произведения.

В романе «Дочь огня» употреблено ещё неопределенное местоимение ***кадом*** (который, какой). Относительно позиции местоимения ***кадом*** ученый–лингвист Р. Гаффаров пишет, что слово «кадом» как местоимение утратило своё лексическое значение и служит в качестве грамматической формы в выражении неопределенности существительного. Данная разновидность категории неопределенности свойственна разговорной речи. Именно по этой причине Рахим Джалил редко употребляет его в своей описательной речи, но часто в речи персонажей. Другой особенностью неопределенного местоимения **кадом** является выражение настойчивости (подтверждения):

Ман намедонам, ки шумо духтари ***кадом*** *парӣ ва ё малак ҳастед* [7, с.215].

Я не знаю, чья вы дочь, кто вы, пери или ангел… [6, с.212].

Je ne sais de qui vous êtes la fille, j'ignore qui vous êtes… [14, с.273].

… Магфират бо ***кадом*** *афсун ҷоду кард?* [7, с.339].

Какими чарами околдавала его Магфират? [6, с.333].

Par ***quels*** *charmes Magfirat l'avait– elle envoûté?* [14, с.426].

Слово ***кадом*** на французском контексте отсутствует, т.е. не переведено, а во втором выражено вопросительным местоимением ***quels***. Следует отметить, что во французском языке местоимения соответствуют существительному по роду и числу. Например, только одно слово ***кадом*** на французский язык переведено в мужском роде ***quel,*** в женском роде ***quelle***, и в обоих родах во множественном числе ***quels, quelles***.

Шамсия хуб гиря карду баъд оби чашмонашро пок карда истода ***ким–чиҳо гуфт****, гӯё боз ҳам шеърҳо хонд ва ба Фирӯза хуб дарду ҳасрат кард…* [7, с.203].

Наплакавшись вволю, Шамсия вытерла мокрое от слез лицо и снова заговорила, но Фируза уже не вникала в смысл ее слов, она думала о своем [6, с.199].

Chamsia essuya ses larmes et ***se remit à parler****. Mais Firouza ne l'écoutait plus, ses pensées étaient occupées ailleurs* [14, с.257].

Ещё одно средство выражения неопределенности в таджикском языке – это слово ***ким–чиҳо***, которое соответствует равняется французским ***quelque chose.*** Однако в контексте слово ***ким–чиҳо*** отсутствует.

В романе мы столкнулись с рядом предложений, в которых слово ***чиз*** и артикль ***«–е»*** обозначают неопределенность и выражают неизвестный предмет для говорящего и слушающего:

Ниҳоят Шамсия ба гӯши Фирӯза ***чизе*** *гуфтааст, ки вай дарҳол розӣ шуда, ба назди ӯ рафтааст* [7, с.224].

Тогда Шамсия что–то ей шепнула, и Фируза пошла [6, с.221].

Alors Chamsia lui avait chuchoté ***quelque chose*** *et Firouza l'avait suivie* [14, с.286].

Неопределенность в таджикском языке выражается также словом ***чизе*** (что–нибудь) и переводится на французский ***quelque chose.*** Это верный перевод. Обозначает «что–нибудь». Французский вариант происходит из слова ***quelque – ягон (что–нибудь), une chose –*** чизе.

Гиря гулӯи Шамсияро фушурда гирифт ва ӯ ба ин суханҳо ***чизе*** *гуфта натавониста, дар ҷогаҳаш тапиду бас* [7, с.228].

У Шамсии от жалости больно сжалось сердце, горло перехватила спазма, она ничего не ответила Фирузе [6, с.225].

La coeur de Chamsia s'emplissait de pitié, elle avait la gorge serrée. Elle ***ne*** *répondit* ***rien*** *à Firouza* [14, 289].

Оймулло боз таъзим карду ***чизе гуфта*** *натавонист* [7, с. 286].
Оймулло снова поклонилась, промолчав [6, с.279].
Oïmoullo s'inclina une fois encore mais garda ***le silence*** [14, с. 364].

В приведенных примерах неопределенность, выраженная словом ***чизе***, переводчик заменил его в первом примере отрицательной частицей ***не … rien*** – ничто и существительным ***le silence – хомӯшӣ (чизе гуфта) –*** тишина.

Таким образом, слова «**баъзе**, ***як, ягон»*** очень часто употреблены в речи персонажей, что доказывает их принадлежность разговорному стилю. Они употреблены для выражения категории неопределенности существительного. Следовательно, эти грамматические средства в большинстве случаев употребляются в качестве синонима неопределенного артикля «–е». Писатель уместно употребил их в зависимости от ситуации в своей описательной речи и в речи персонажей, при передаче их знаний и мировоззрения.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Гак, В.Г. Теоретическая грамматика французского языка: учебник / В.Г. Гак. – М.: Добросвет, 2004. – 862 с.
2. Ғаффоров, Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил (дар асоси материали романи «Одамони Ҷовид») / Р. Ғаффоров. – Душанбе, 1966. - С. 104-118.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода. – Душанбе: Дониш, 1986. - Ҷ.2. – 368 с.
4. Джалолов, О.Дж. Категория множественного числа и некоторые вопросы современного таджикского языка. Издательство академия наук. Таджиской ССР / О.Дж. Джалолов. – Сталинабад, 1961. – 160с.
5. Илия, Л.И. Пособие по теоретической грамматике французского языка / Л.И. Илия. – М., 1979. – 359 с.
6. Икрами, Дж. Дочь огня; перевод В. Смирновой, Л. Бать, М. Явич. – М.: «Советский писатель», 1964. – 488 с.
7. Икромӣ, Ҷ. Духтари оташ: Роман / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 528 с.
8. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Сталинобод, 1959. – 294 с.
9. Рустамов, Ш. Таснифоти ҳиссаҳаи нутқ ва мавқеи исм / Ш. Рустамов. – Душанбе: Ирфон. 1972. – 156 с.
10. Рустамов, Ш. Имя существительное (на таджикском языке) / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1980. – 220 с.
11. Халилов, А.И. Ибораҳои изофӣ дар забони адабии тоҷик / А.И. Халилов. - Душанбе, 1964. - 93 с.
12. Damourette J., Pinchon E. De mot à la pansée. Essai de grammaire de la langue française / J.Damourette, E.Pinchon. - P., 1951. – T.1. - 468 p.
13. Dubois J. Grammaire structurale du français. Nom et pronom / J. Dubois. – Paris Librairie Larousse 1965. – 500 p.
14. Ikrami, Dj. La fille du feu.(roman traduit du russe par Antoinette Mazzi) Editions du Progrès. Moscou 1966. – 612 p.

ҶОНИШИНҲОИ НОМУАЙЯНИИ «БАЪЗЕ, ЯГОН, КАДОМ» ВА ТАРҶУМАИ ОНҲО ДАР ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ

Дар ин мақола дар бораи ҷонишинҳои номуайянии забони тоҷикӣ ва тарҷумаи онҳо дар забони фаронсавӣ дар асоси романи «Духтари оташ»-и Ҷ. Икромӣ сухан меравад. Чунончи муаллиф қайд мекунад, дар забони тоҷикӣ ҷонишинҳои номуайянии «*баъзе, ягон, кадом»* предмет *ва* хусусиятҳои онро аз ҷиҳати умумӣ ва тахминан нишон медиҳанд. Ин ҷонишинҳо барои ифодаи мафҳуми номуайянӣ истифода мешаванд. Дар забони фаронсавӣ ин номуайянӣ асосан бо ёрии ҷонишинҳои «*certain*, *ni ni, ne … rien, quelque»* ифода меёбад. Қайд кардан лозим аст, ки дар ифодаи категорияи номуайянии исм калимаи «*ягон»* одатан дар ду маъно ифода меёбад: якум барои ифодаи номуайянӣ ва ягонагӣ ва дуюм барои қайд кардани мафҳуми асосӣ. Таҳлилҳои дар асоси мисолҳо овардашуда нишон медиҳанд, ки номуайянӣ дар забони фаронсавӣ бо ҷонишинҳои номуайянии гуногун ифода меёбанд.

Калидвожаҳо: ҷонишини номуайянӣ, забони тоҷикӣ, забони фаронсавӣ, шаклҳои таркибӣ, артикл, исм, забон, ҷумла.

НЕОПРЕДЕЛЕННЫЕ МЕСТОИМЕНИЯ «*БАЪЗЕ, ЯГОН, КАДОМ*» И ИХ ПЕРЕВОДЫ НА ФРАНЦУЗСКИЙ ЯЗЫК

В данной статье рассматриваются неопределенные местоимения «*баъзе, ягон, кадом»* и их переводы на французский язык на основе романа Дж. Икрами «Дочь огня». Как отмечает автор, в таджикском языке неопределенные местоимения «*баъзе, ягон, кадом»* указывают на предмет и его признаки в общих чертах и приблизительно. Данные местоимения употребляются для выражения понятия неопределенности. На основе приведенных примеров из романа Дж. Икрами «Дочь огня» автор показывает, что с помощью неопределённого местоимения, например, «*ягон»* и его составных форм, сказуемое предложения формируются в неопределённой форме. На французский язык эта неопределённость обозначается в основном неопределёнными местоимениями «*certain*, *ni ni, ne … rien, quelque»*. Следует отметить, что в выражении категории неопределенности существительного слово «*ягон»* обычно употребляется в двух значениях: первое – для выражения неопределенности и единичности существительного и второе – подчеркивания основного значения. Анализ приведённых примеров показывает, что неопределенность во французском языке выражается различными неопределенными местоимениями.

Ключевые слова: неопределённое местоимение, таджикский язык, французский язык, составные формы, артикль, существительное, язык, предложение.

INDEFINITE PRONOUNS OF «*БАЪЗЕ, ЯГОН, КАДОМ*» AND THEIR TRANSLATIONS IN FRENCH

In this article we are talking about indefinite pronouns «*баъзе, ягон, кадом*» and their translations into French based on the novel Ikrami "Daughter of Fire". As the author notes, in Tajik language indefinite pronouns «*баъзе, ягон, кадом*» indicate the subject and its features in general and approximately. These pronouns are used to express the concept

of uncertainty. On the basis of the examples cited in the novel “The Daughter of Fire” by J. Ikrami, the author shows that, for example, with the help of an indefinite pronoun, the «*ягон*» and its compound forms, the predicate, are formed in an indefinite form. In French, these uncertainties are designated mainly by indefinite pronouns certain, «*ni, ne ... rien, quelque*». It should be noted that in the expression of the category of vagueness of the noun, the word «*ягон*» is usually used in two meanings: the first is for expressing the vagueness and singularity of the noun, and the second is for underlining the basic meaning.
The analysis of the given examples shows that uncertainty in French is expressed by various indefinite pronouns.
Key words: indefinite pronoun, Tajik language, French, compound forms, article, noun, language, sentence.

Сведения об авторе: ***Назарова Мунира Ортукалиевна*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры европейских исследований факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 93-409-46-15**

Information about the author: ***Nazarova Munira Ortuqalievna*** – Tajik National University, the assistant of the Department of European studies, Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 93-409-46-15**

УДК: 491.550+491.155

МУАРРАБОТ (НАВВОЖА)-ҲОИ ХОРИҶӢ (АНГЛИСӢ) ДАР ЗАБОНИ АРАБИИ МУОСИР

Тураев А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони арабӣ чун яке аз забонҳои қадими ҷаҳон дар даврaҳои муайяни таърихӣ дар пешрафти илму фарҳанги ҷаҳонӣ нақши арзанда бозида, дар тӯли таърихи зиёда аз 1400-солаи худ ҳангоми муносибату бархӯрдҳо бо халқҳо ва фарҳангҳои мухталиф амонатҳои бисёре аз худ додааст ва чизҳои зиёде аз дигарон гирифтааст. Чунин доду ситад дар таърихи башарият чун як падидаи табиӣ қаламдод гардида, ба ақидаи аксари донишмандон, дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳо нақши барҷаста бозидааст.

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи наввожаҳо ё худ неологизмҳои хориҷӣ- (англисӣ) дар забони муосири арабӣ бахшида шудааст. Чунонки пайдост, ҳар як забон дар зери таъсири равандҳои мухталиф ва воқеаву ҳодисаҳо ба фонди луғавии хеш калима ва ибораҳои бегонаро қабул менамояд. Дар ин ҷода забони арабӣ истисно набуда, ғайр аз калимаҳои бегонае, ки аз ҳамсояҳо ва кишварҳои ҳоким қабул намудааст, ҳамчунин як зумра вожаҳоеро пазируфтааст, ки аз забонҳои аврупоӣ бо сабабҳои мухталиф ба фонди луғавии он ворид шудаанд ва дар бойсозӣ ва калимасозии забони арабӣ нақши муҳим доранд. Ин зумра калимаҳо асосан, вожаҳое мебошанд, ки ба илму техника ва ҳунарҳо мансуб мебошанд. Ин гуна калимаҳоро дар забоншиносӣ бо номи "неологизм"-ҳо ё худ "навпардозӣ"-ҳо баён мекунанд.

Истилоҳи "неологизм" дар Фарҳанги энсиклопедии забоншиносӣ чунин шарҳ дода шудааст: "Неологизм аз калимаи юнонии "*неос*" нав ва "*логос*" калима гирифта шуда, маънои калима ё таркиби калимаро гӯянд, ки дар як давраи муайяни таърихии забон ба вуҷуд меояд, ё худ як маротиба дар матн ё гуфтор истифода мегардад" [2, с.331].

Агар забони арабӣ дар асрҳои миёна бештар аз забони форсӣ ва дигар забонҳои ҳамҷавори худ мутаассир гардидаву аз онҳо вожаҳоеро ба иқтибос қабул карда бошад, баъд аз вуруди истеъморгарони фаронсавӣ ба сарзаминҳои араб ва боло гирифтани робитаҳои адабию фарҳангӣ байни мардуми арабу ғарбиён иқтибосгирии забони арабӣ аз забонҳои фаронсавию итолиёвӣ ва англисӣ бештар сурат гирифт. Хусусан, муддате дар зери султаи Англия қарор доштани баъзе сарзаминҳои арабнишин ва таъсири сиёсию иқтисодии Амрико ба баъзе кишварҳои араб боиси он гардидааст, ки воридшавии вожаҳои англисӣ ба забони арабӣ бештар гардаду ба гунае дар байни иқтибосоти муосири араб ҷойгоҳи хосседро ташкил диҳад. Агар дар охирҳои асри XIX ва авоили асри XX забони фаронсавӣ ба забони арабӣ таъсири бештар дошта бошад, пас баъд аз солҳои бистуми асри XX забони англисӣ забони фаронсавиро дар ин ҷода танг намуд, ба гунае ки забони арабӣ дигар тамоми истилоҳоти илмию техникиро аз англисӣ ва тавассути англисӣ иқтибос менамуд [3, с.147].

Дар тӯли зиёда аз ҳазору чаҳорсад сол дар таркиби луғавии забони арабӣ теъдоди қобили мулоҳизае аз калима ва иқтибосоти хориҷӣ ворид гардидааст. Раванди иқтибосгирӣ аз забонҳои бегона, ки ба рафтуомадҳо, кишваркушоиҳо, ҷангҳо ва дигар ҳаводиси иҷтимоӣ алоқаи мустаҳкам дорад, як раванди табиии инкишофи ҷамъият мебошад. Забон чун падидаи иҷтимоӣ, ки вазифаи асосии он таъмин кардани муошират ва якдигарфаҳмӣ дар байни одамон аст, ҳамеша ба бархӯрд ва алоқаҳои онҳо вобаста аст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳар забоне метавонад дар қисмати иқтибосот таъсиргузор ва таъсирпазир бошад. Ба ин маъно, ки дар баробари ба иқтибос додани калимаҳое аз худ

боз худ ба иқтибоси калимаҳое аз забонҳои дигар рӯ ба рӯ мешавад. Ба ин маъно, ки забони арабӣ дар баробари таъсир намудан ба забони англисӣ боз дар зери таъсири он қарор гирифтаву калимаҳоеро аз он иқтибос намудааст. Аммо ба забони арабӣ иқтибос шудани калимаҳои англисӣ он қадар таърихи қадимае надорад, балки гузариши аввалин калимаҳои ин забон ба арабӣ ба авоили асри гузашта бармегардад [4, с.283].Ва ба ақидаи Богаева Л.В. дар забони англисии муосир зиёда аз ҳазор калимаи арабӣ ва аз решаи арабӣ баромада вуҷуд дорад [1, с.42].

Яке аз роҳҳои воридшавии калимаҳои англисӣ ба забони арабӣ тарҷумаи китобҳои илмӣ-техникӣ аз забони мазкур ба забони арабӣ мебошад, ки то имрӯз дар бойгардонии фонди луғавии забони арабӣ тавассути иқтибосгирии калимоти англисӣ идома дорад. Бо пешравии Англия дар ҳама ҷанбаҳои саноатию иқтисодӣ ва фарҳангию техникӣ забони англисӣ, бавижа барои ифода намудани ихтирооти муосир, забони байналмилалӣ гашта, дар бештари кишварҳои олам забони идораву кор гардид ва ба таври умум ҳокимияти худро бар тамоми забонҳои дигари олам ҷорӣ намуд [10, с.45].

Аз ҷумла Мустафо Бинҳалиф ба омӯзиши оморию муқоисавии забонҳо дар кишварҳое пардохт, ки ба таври маъмулӣ забонеро, аз қабили забони англисӣ, фаронсавӣ, испанӣ ва арабӣ барои баровардани ниёзҳои рӯзмарраи худ истифода менамоянд. Пажӯҳишгари мазкур пас аз анҷоми таҳқиқоти оморияи худ ба ин хулоса расид, ки забони англисӣ дар муқоиса ба дигар забонҳо аз нигоҳи истифодашавӣ бартарии зиёде дорад. Шумораи нафароне, ки забони англисиро истифода менамоянд, дар ин таҳқиқоти оморӣ беш аз миллиард нафар мебошанд, дар ҳоле ки ба забони фаронсавӣ тақрибан яксаду панҷоҳ миллион, ба забони испанӣ тақрибан яксаду ҳаштод миллион ва ба забони арабӣ тақрибан яксаду бисту ҳафт миллион рост меояду бас [3, с.148].

Таъсири забони англисӣ ба забони арабӣ дар як муддати кӯтоҳе ба дараҷае расида буд, ки ҳатто забоншиносон зери таъсири он мондаанд. Аз ҷумла Иброҳим Анис аз беэъробӣ ва осонбаёнии забони англисӣ илҳом гирифта, барои аз байн бурдани эъроби арабӣ даъват менамояд ва барои таъйиди фикри худ ин падидаи забониро зодаи зеҳни як гурӯҳи муайяни мардумон мешуморад. Ӯ дар китоби «Мин асрор-ил-луға» фаслеро зери унвони «Қиссат-ул-эъроб» оварда, дар он таъкид месозад, ки «эъроб ягон рабте ба забони арабӣ ва баёни маонии наҳвӣ надорад, балки он зодаи як гурӯҳ донишмандоне мебошад, ки дар муҳити ироқӣ ба воя расида буданд. Ба ақидаи ӯ шояд эъроб дар ҳама модарзабонҳо вуҷуд доштааст, аммо чи гунае ки аз забонҳои ҳинду-аврупоӣ падидаи мазкур (case-ending) аз байн рафтааст, аз забонҳои сомӣ низ бояд он рафта бошад» [5, с.202].

Донишмандони мутаассир аз забонҳои аврупоӣ, бавижа забони англисӣ, ҳатто барои тарк намудани хатти арабӣ ва гузариш ба хатти лотинӣ даъват менамуданд. Дархост барои гузариш ба хатти лотинӣ нисбатан қадим аст, ки аз соли 1880 вақте Вилҳелм Спита (WilhelmSpita), ки мудири Дор-ул-кутуби Миср буд, пешниҳод кард, ки забони арабӣ ба лаҳҷа гардонда шуда, ба ҳуруфӣ лотинӣ навишта шавад, аз ҳамон вақт ин дархост оғоз шуд. Ӯ дар китоби худ: «Қавоид-ул-арабийати-л-оммияти фи Миср» ҷадвалеро пешниҳод намуд, ки ҳарфҳои арабӣ бо ҳуруфи лотинӣ муқоиса карда шуда буданд [11, с.18].

Он чизе, ки дар ин мавзӯъ қобили зикр аст, ин дархости ҳуруфи лотинӣ бо номи Абдулазиз Фаҳмӣ машҳур шуд, зеро ӯ кӯшиши зиёдеро дар ин бора ба харҷ дод. Ӯ роҳи гузариш ва бартариҳои онро шарҳ дода, саъй кард, то мардумро ташвиқ ба он намояд. Пешниҳоди Фаҳмӣ чунин буд:

1.Ҳарфҳои зерин: бе - ب, се - ث, дол - د, ре -ر, зе -ز,син -س, фе - ف, қоф-ق, коф-ك, лом-ل, мим-م, нун-ن, ҳе-ه, вов-و ва ё-ي бояд ба ҳуруфи зер: (b, t, d, r, z, s, f, q, k, l, m, n, w, y) мубаддал карда шаванд.

2.Бояд барои ифодаи овозҳои ҳуруфи арабӣ, дар ҳуруфи лотинӣ баъзе иловаҳо ворид карда шавад. Вай барои ҳарфи алиф ҳарфи лотинии «a» - ро интихоб намуда, дар болояш куҳае гузошт, ки ба ин шакл (â) шуд. Барои ҳарфи "се" (ث) ҳарфи «t» - ро интихоб намуда, дар сараш ду тиреро гузошт, ки ба шакли салиб монанд шуд (ŧ). Барои ҳарфи "дол" «d» - ро интихоб намуда, дар болояш тирчаеро гузошт (đ). Барои ҳарфи "син" «s» - ро бо як тирчаи болоӣ интихоб намуд, ки чунин аст: ŝ

3.Илова намудани ҳарфҳои лотинии зер: x, c, v, p, j, gба алифбои забони арабӣ барои навиштани исмҳои хос ва истилоҳоти илмиву калимаҳои арабишуда истифода карда шаванд.

4.Такя намудан ба садонокҳои лотинӣ бар ивази ҳаракатҳои арабӣ, яъне ба ҷойи фатҳа «a» ба ҷойи замма «u» ва ба ҷойи касра «i» гузошта шуда, барои сокин ҳеҷ аломате набояд интихоб намуд. Аммо ба ҷойи ташдид бояд ҳарф такроран оварда шавад. Танвин бошад метавонад арабӣ бошад ё нуни кӯчаке дар охири калима гузошта шавад.

5.Ба ивази ҳамзаи васл бояд вергули англисӣ (,) гузошта шавад, вале бояд он каме аз сатр боло навишта шавад [6, с.244-246].

Воридшавии калимаҳои як забон ба забони дигар дар натиҷаи робитаҳои дутарафа ва дар асоси омилҳои таъсиркунанда сурат мепазирад. Омилҳои мазкур метавонанд таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ бошанд. Гоҳе пас аз кишваркушоӣ, истеъмор ва ё ҷангу муҳоҷират чунин мешавад, ки калимаҳои як забон ба забони дигар даромада, боиси муборизаи байни муфрадоти бумӣ ва муфрадоти аҷнабӣ гашта, анҷоми он аз ду шарт берун нест: калимаи яке аз он ду забон бар дигаре чира гашта, дар натиҷа тамоми сокинони он сарзамин дигар бо он ҳарф мезананд ва гоҳе яке бар дигаре ғолиб омада наметавонад, дар ин сурат, калимаҳои ҳар ду забон дӯш ба дӯши ҳам зиндагӣ мекунанд[7, с.69].Ба андешаи донишмандон омилҳои таърихӣ-иҷтимоие, ки дар вуруди калимаҳои англисӣ бар забони арабӣ сабаб гаштаанд, ба чор қисм ҷудо мешаванд:

1.Бархӯрди тамаддун;

2.Муҳоҷирати меҳнатӣ;

3.Саҳлангорӣ дар посдории забони арабӣ;

4. Рӯйдодҳои сиёсӣ [9, с.122-123].

Алӣ Абдулвоҳид Вофӣ омили асосиро дар интишор ёфтани забони англисӣ дар сарзаминҳои гуногун ғасбкорию истеъморгарӣ шуморида, сухани худро чунин таъйид менамояд: интишори забон, пеш аз ҳама, ба ҳуҷуму истеъмор вобастагӣ дорад. Масалан, дар асари истеъмор шудани Амрико, Австралия ва Ҷануби Африқо аз ҷониби аврупоиён забонҳои англисӣ, испанӣ ва фаронсавӣ интишор ёфтаву забони маҳаллии мардум аз байн рафтааст.

Бузургтарин омиле, ки забоншиносони араб дар мавриди таъсирпазирии забони арабӣ аз англисӣ ёдовар мешаванд, ин саҳлангорӣ намудани соҳибзабонон нисбат ба забони арабӣ мебошад,зеро ба таъбире забони арабӣ дар байни арабҳо ғариб гаштааст. Ба ин маъно, ки арабҳо имрӯз кӯшиш менамоянд, ки номгузории худ ва номгузории марказҳои савдо ва ғайраро бо англисӣ гузоранд ва бештари ҷавонони араб сухан гуфтан бо забони хориҷӣ, бавижа бо забони англисиро нишонаи бофарҳангӣ ва замонавӣ будан мешуморанд[9, с.133].

Барои таъйиди фикри худ дар зер чанд намунаро ёдовар мешавем:

فاكس-бо забони англисӣ ин калима чунин шакли навишт дорад: **Fax**ва аслаш аз забони англисӣ буда, ба забони арабӣ иқтибос шудааст. Дар натиҷаи иқтибос шудан тағйир ёфтааст. Чунончи садоноки [a]-и забони англисӣ дар забони арабӣ ба алиф мубаддал гаштааст. Дар маъно бошад ягон тағйирот нест. Калимаи мазкур дар ҳар ду забон ифодагари як маъно мебошад. Маънои ин калима ирсоли хабар ба воситаи мошинаҳои махсус аст.

بنك-ин калима аз калимаҳои асили англисӣ буда, чунин шакли навишт дорад: **bank**. Ин калима аз забони англисӣ ба забони арабӣ иқтибос шуда, дар натиҷаи иқтибос мисли дигар калимаҳо тағйир наёфтааст,зеро ҳарфҳое, ки дар ин калима ҳастанд, дар забони арабӣ низ ба ин овоз ҳарфҳо вуҷуд доранд. Ин калима шакли арабӣ ҳам дорад, бо вуҷуди ин ба ин забон иқтибос шудаву гузаштааст. Дар истифода бошад дар ҳарду забон ба як маъно истифода мешавад.

غرلة- ин калима аслаш англисӣ буда, чунин шакли навишт дорад: **gorilla** ва мисли дигар калимаҳои иқтибосии англисӣ аз забони англисӣ ба забони арабӣ иқтибос шуда ва ба тағйирот дучор шудааст. Масалан, ҳарфи [g]-и забони англисӣ ба ҳарфи ғайни забони арабӣ мубаддал гаштааст.

Дар забони англисӣ ҳарфи [g] ду овоз дорад, агар пеш аз садонокҳои [e] [i] [y] ояд, ҳамчун овози (ҷ) талаффуз карда мешавад. Ва агар пеш аз садонокҳои боқимонда ва пеш аз ҳамсадоҳо ва дар охири калима ояд, ҳамчун овози (г) талаффуз карда мешавад.

Дар ин калима бошад ҳарфи **[g]** овози (г)- ро ифода кардааст. Дар маъно бошад ягон тағйирот нест. Дар ҳарду забон як ҳайвонро ном мебаранд.

بنجوين-ин калима аслаш англисӣ буда, чунин шакли навишт дорад: **penguin**ин ҳайвони обиро дар арабӣ بطرق мегӯянд. Бо вуҷуди ин, ин калима аз забонӣ англисӣ ба забони арабӣ иқтибос шудааст. Ва ҳарфи [i]-и забони англисӣ дар забони арабӣ ба (ё) мубаддал гаштааст. Дар маънои калима бошад ягон тағйирот нест. Дар ҳарду забон номи як ҳайвонро ишора мекунад.

كعكة- ин калима дар забони англисӣ чунин шакли навишт дорад: cake. Калимаи мазкур низ аз забони англисӣ ба забони арабӣ иқтибос шудааст. Агарчи муодили ин калима дар забони арабӣ вуҷуд дошта бошад ҳам, бо вуҷуди ин иқтибос шудааст. Дар натиҷаи иқтибос ин калима мисли дигар калимаҳо тағйири ҷиддӣ наёфтааст, чунки дар забони арабӣ ҳарфе ҳаст, ки овози (к)-ро ифода кунад. Бинобар ин, ҳарфи [k]-и забони англисӣ дар забони арабӣ тағйир наёфтааст. Дар маъно ҳам тағйирот нест. Дар ҳарду забон ба як маъно истифода мешавад. Дар навишт бошад, дар охири калима тои марбута мегузоранд.

مكرفون- асли ин калима англисӣ буда, чунин шакли навишт дорад: **micrafoun**. Ин калима низ мисли дигар калимаҳо аз забони англисӣ ба забони арабӣ иқтибос шудааст.

Дар забони арабӣ ин калимаро مكبر الصوت мегӯянд, аммо «микрафон» маъмултар аст. Дар ин калима ҳарфи [m]-и забони англисӣ дар забони арабӣ ба «мим» мубаддал гаштааст. Дар маъно ҳам ягон тағйирот нест, дар ҳарду забон як чизро ном мебаранд.

كنرية- ин калима аслаш англисӣ буда, чунин шакли навишт дорад: Canary, ки ба забони арабӣ иқтибос шудааст. Ҳарфи [n]-и забони англисӣ дар забони арабӣ ба «нун» мубаддал гаштааст. Дар маъно ҳам тағйирот нест, дар ҳарду забон бо он як парандаро номиифода мекунад.

Хулоса, чуноне ки мушоҳида мегардад, раванди пайдоиши "наввожа"-ҳо дар забони арабӣна танҳо аз фонди луғавии худи забони арабӣ, балки аз забонҳои дигар, аз ҷумла забонҳои аврупоӣ низ ҷой дошта, ин падидаро метавон ба пайдоиши техника ва технологияи нав мансуб донист. Забони арабӣ ин гуна наввожаҳоро баъди қабул кардан ба қоидаҳои фонетикӣ ва морфологии худ тобеъ намуда, онҳоро мавриди истифода қарор медиҳад, ки онҳо баъди ба арабӣ ворид шудан ба тағйиротҳои мушаххаси фонетикӣ дучор мешаванд, ки намунаи онро дар мисолои боло мушоҳида намудем. Аз ҷониби дигар, воридшавии наввожаҳои хориҷӣ ба забони арабӣ яке аз роҳҳои бой гардонидани фонди луғавии забони арабӣ ва таъмин кардани ниёзмандиҳои рӯзмарраи ҷомеа мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Богаева Л.В. К вопросу об арабских заимствованиях в английском языке / Л.В. Богаева // Вестник Московского университета. Серия Востоковедение. - М., 1977. - №1. - С. 42.
2. Будагов Р.А. Ввдение в науку о языке / Р.А. Будагов. – М.: «Учпедиздат», 1958. – С.331.
3. إبراهيم الحاج يوسف. دور المجامع اللغة العربية في التعريب. طرابلس، 2002. ص.147.
4. إبراهيم السامرائي. فقه اللغة المقارن. دار العلم للملايين، بيروت، 1983. ص.283.
5. إبراهيم أنيس. من أسرار اللغة. مكتبة الأنجلو المصرية، 2010. ص.202.
6. إميل بديع يعقوب. فقه اللغة العربية و خصائصها. دار العلم للملايين 1982. ص.244-246.
7. علي عبد الواحد وافي. نشأة اللغة عند الإنسان و الطفل. مصر-القاهرة، 2003م. ص. 69
8. محمد نواز. اللغة الإنجليزية و أثرها على اللغة العربية الإعلامية. الرسالة لنيل درجة الدكتوراه. اسلام آباد، 2008 م. ص.122-123
9. محمد نواز. اللغة الإنجليزية و أثرها على اللغة العربية الإعلامية. ص.133
10. منشورات مجمع اللغة العربية الأردني.ط.1. عمان، 1985.ص.245.
11. نفوسه زكريا سعيد. تاريخ الدعوة إلى العامية و آثارها في مصر. الطبعة الأولى. إسكندرية: دار نشر الثقافة، 1383 ه- 1964 م.ص.18.
12. [Захираи электронӣ] www.almaany.com (дата обращение 15.04.2019)

МУАРРАБОТ (НАВВОЖА)-ҲОИ ХОРИҶӢ (АНГЛИСӢ) ДАР ЗАБОНИ АРАБИИ МУОСИР

Дар мақола роҷеъ ба ҷойгоҳи наввожаҳои бегона дар забони адабии арабӣ сухан рафта, собит карда мешавад, ки дар забони адабии муассири арабии имрӯза ду навъ наввожаҳо арзи вуҷуд кардаанд: 1) наввожаҳое, ки аз захираи луғавии забони арабӣ гирифта шуда, бо роҳҳои мухталифи сарфӣ калимаи нав сохта мешавад; 2) қарз гирифтани вожаҳои сирф хориҷӣ ба ҳайси калимаҳое, ки дар забони арабӣ вуҷуд надоранд. Дар мақола исбот карда мешавад, ки истифодаи калимаҳои хориҷӣ барои таъмини ниёзмандиҳои ҳаррӯзаи забон як ҳодисаи табиӣ буда, ҳамаи забонҳои ҷаҳон барои таъмини эҳтиёҷоти худ аз чунин калимаҳо истифода мекунанд. Намунаи чунин калимаҳо дар забони арабӣ дар дохили мақолаи мазкур зикр гардида аст. Ҳамчунин ишора гардидааст, ки забони англисии муосир дар як давраи муаяни таърихӣ аз забони арабӣ низ зиёда аз ҳазор калимаро ба фонди луғавии худаш ворид сохтааст, ки ин ҳодиса нишонгари он аст, ки падидаи иқтибосгирӣ ва иқтибосдиҳӣ як ҳодисаи табиӣ ва зарурӣ мебошад.

Калидожаҳо: муарработ, забони арабӣ, фонди луғавӣ, забони англисӣ, вожаҳои иқтибосӣ, забони адабӣ.

ИНОСТРАННЫЕ (АНГЛИЙСКИЕ)НЕОЛОГИЗМЫ В СОВРЕМЕННОМ АРАБСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье речь идет о месте иностранных неологизмов в литературном арабском языке и устанавливается, что в литературном современном арабском языке имеются два типа неологизмов: 1) неологизмы, отобранные из словарного запаса арабского языка и различными морфологическими путями строится новое слово; 2) заимствование исключительно иностранных слов в качестве слов, которые не существуют в арабском языке. В статье утверждается, что использование иностранных слов для обеспечения повседневных нужд языка является обычным явлением и все языки мира для обеспечения своих нужд используют данные слова. Пример таких слов в арабском языке обозначено внутри данной статьи. Также указывается, что современный английский язык в определенный исторический период перенес из арабского языка свыше тысячи слов в свой словарный фонд и этот случай является показателем того, что явление заимствования и заимствования заимствований является обычным и необходимым явлением.

Ключевые слова: арабизмы, арабский язык, словарный фонд, английский язык, заимствованные слова, литературный язык.

FOREIGN (ENGLISH) NEOLOGISMS IN THE MODERN ARABIC LANGUAGE

The article deals with the place of foreign neologisms in literary Arabic and establishes that there are two types of neologisms in literary modern Arabic: 1) neologisms selected from the Arabic vocabulary and a new word is constructed in different morphological ways; 2) borrowing exclusively foreign words as words that do not exist in Arabic. The article argues that the use of foreign words to ensure the daily needs of a language is common, and all the languages of the world use these words to meet their needs. An example of such words in Arabic is indicated within this article. It also indicates that modern English in a certain historical period transferred from the Arabic language over a thousand words to its vocabulary and this case is an indicator that the phenomenon of borrowing and borrowing borrowing is a common and necessary phenomenon.

Key words: Arabisms, Arabic, vocabulary, English, borrowed words, literary language.

Сведения об авторе: ***Тураев Абунаср Махмадходжаевич*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры арабской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **turaev-abunasr@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-21-99-82**

Information about the author: ***Turaev Abunasr Makhmadhojaevich*** - Tajik National University, applicant for the Department of Arabic Philology at the Faculty of Languages of Asia and Europe. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **turaev-abunasr@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-21-99-82**

УДК: 491.550-54:42

ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРИЮ МАЪНОИИ ҶУМЛАҲОИ УНВОНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Назарова М.Р., Асомова У.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино

Аз рӯйи маълумотҳои дастраскардаамон оид ба ҷумлаҳои унвонӣ маълум гашт, ки дар забони англисӣ, русӣ ва олмонӣ, оид ба масъалаи таҳқиқу фаҳмиши конструксияи (сохтори) номинативӣ ҳамчун хели алоҳидаи ҷумлаи яктаркиба байни забоншиносон ақидаи ягона мавҷуд набуд. Аввалин шуда академик А. А. Шахматов дуаъзоӣ будани сохти ҳамаи ҷумлаҳоро рад мекунад ва алоқаи психологиро ҳамчун воҳиди фикр мешуморад ва ифодаи муттафиқи (якҷояи) субъект ва предикатро дар сохти ҷумлаи якаъзогии бефеъл муайян мекунад. Ин ақидаи як гурӯҳи олимон аст. Масалан, академик И.И. Мешанинов ифодаи мафҳуми субъект ва предикат доштани калимаи «пожар» ва аз рӯйи ифодаи грамматикӣ набудани мафҳумҳои мубтадо ва хабарро дар ин калима муайян мекунад [6, с.107-108]. Н.С. Валгина тасдиқ мекунад, ки ҷумлаи унвонӣ тағйирёбии модалӣ надорад, яъне шакли замони гузаштаву оянда надорад. Маънои хабариятро оҳанги муайяншуда (констатирующие интонация) ифода мекунад. Ба ақидаи Н. С. Валгина ҷумлае ҳаст, ки ишоратро ифода мекунад ва ба замон ва дигар категорияҳо эҳтиёҷ надорад, мисли: Вот мелница. Тарҷумаи тоҷикиаш чунин аст: Ана осиё! Тарҷумаи англисияш ба ин тариқ аст: Here ‘s a mill. Баъдтар В.В. Виноградов ва Н.Ю. Шведова пешниҳод мекунанд, ки мафҳуми хабарият асоси ҷумла ҳаст, ки метавонад бо худ ду сараъзо қабул кунад.

Ҷумлаҳои унвонӣ дар забони тоҷикӣ. Ҷумлаҳои унвонӣ дар забони тоҷикӣ як хели ҷумлаи яктаркиба буда, танҳо аз таркиби мубтадо иборатанд ва ягон предмет ҳодиса, ҳолат ҷой ва замонро номбар мекунанд. Ин навъи ҷумла ба оҳанги хосси ҷумлаҳои ҳикоягӣ ва хитобӣ талаффуз карда мешавад. Онҳо зоҳиран ба калима ва ибора монанд бошанд ҳам, бо интонатсияи махсус ва муносибати ба ҳастӣ доштаашон аз онҳо фарқ мекунанд: **Бухоро.** Субҳи содиқ медамад [9, с.48]. ~ **Bukhara.** Day is breaking. Тӯй. Ҳама хурсандӣ мекарданд. ~ Wedding. Everybody made merry. Дар ҷумлаҳои унвонӣ ба ғайр аз мубтадо ва муайянкунанда дигар аъзоҳои пайрав вуҷуд дошта наметавонанд. Дар ин навъи ҷумла интонатсия имконият медиҳад, ки гӯянда фикри худро пурра ифода кунад. Мисол: **Бинои пурҳашамати дуошёна.** Дар пештоқи он бо ҳарфҳои калон «лавҳаи хонаи маданият» гузошта шудааст (Маориф ва маданият, №18, 1964.). ~ **The huge two-stored building.** There is a signboard with capital letters, House of culture` on the archway (Муаллиф*).

Дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳои унвонӣ вобаста ба вазифаашон ду хел мешаванд: тасвирӣ ва ишоратӣ.

Ҷумлаҳои унвонии тасвирӣ. Ин хели ҷумлаҳои унвонӣ хосси забони бадеӣ ва саҳнавӣ мебошанд. Дар ҳолати тасвир кардани ягон предмет, ифода кардани ҳодисаҳои табиат, барои номбар кардани манзара, ки ҷойи амалиёти персонажҳо ва ё предмети тасвиршаванда мебошад, истифода мешаванд. Инчунин барои ифода кардани ҳар хел ҷамъомадҳо, барои ҳар хел ҳодисаҳои овозиро номбар кардан ҷумлаҳои унвонии тасвирӣ истифода мешаванд. Дар забони гуфтугӯӣ ин хели ҷумлаҳои унвонӣ камистеъмоланд. Мисол: **Ҳарами шоҳ.** Дар як тарафи хонаи истиқоматии Комде ҷой гирифтааст. ~ **King’s harem.** Comde’s own room is in one side of the house. **Аспдавонӣ.** Аспдавониро ҳам медонем. Бе вай ҳам ҷони аспҳо баромада мондагӣ [10, с.114]. Horse race. We also know horse racing. Horses lather without it.

Ҷумлаҳои унвонии ишоратӣ

Ҷумлаҳои унвонии ишоратӣ ба ҳастии предмети номбаркардаашон ишора карда, диққатро ба он ҷалб мекунанд [7, с.123]. Гӯянда барои нишон додани предметҳои дуру наздик ин хел ҷумлаи унвониро истифода мекунад. Ҷумлаҳои унвонии ишоратӣ ҳиссачадор ва беҳиссача мешаванд. Ин хели ҷумла дар асарҳои бадеӣ ва дар гуфтугӯ бисёр истифода мешавад. Он ба воситаи ҳиссачаҳои ана, мана ва исм ифода мегардад. Мисол:

Мана ҳуҷҷатам [13, с.89]. ~ Here is my document. **Мана шаҳодатнома** [13, с.12]. ~ Here is the birth certificate. **Раис ана баъзеи он ҳуҷҷатҳоятон** [12, с.103]. ~ Rais (chairman, chief) here are some of those your documents. (Муаллиф*) Ҷумлаҳои содаи яктаркибаи унвонии ишоратӣ дар тарҷума бо ҷумлаҳои дутаркибаи англисӣ муродифанд.

Ҷумлаҳои унвонӣ дар забони тоҷикӣ аз ҷиҳати таркиб ду хел мешаванд. Ҷумлаҳои унвонии хуллас ва тафсилӣ.

Ҷумлаҳои унвонии хуллас асосан аз як калима иборатанд ва ин калима одатан исм буда, бештар макони амалиёту воқеаҳо бо он ифода меёбад. Масалан: **Пули сангин.** Замоне ягона гузаргоҳе буд аз дарёи Вахш [14, с.168]. Pulisangin. There was an only crossing over Vakhsh river at one time. **Осиё … Қитъаи бузурги ман**… беихтиёр ин калимаҳо аз даҳонам мебароянд [13, с.84]. ~ **Asia… My great Continent…** I say such words by chance. Ҷумлаҳои унвонии хулласи тоҷикӣ дар тарҷума бо забони англисӣ ҳамтоянд. Яъне, дар забони англисӣ ҳам бо як калима ифода меёбанд.

Ҷумлаҳои унвонии тафсилӣ аз мубтадо ва муайянкунандаҳои изофӣ ва беизофӣ таркиб меёбанд: **Субҳи босафо.** Қишлоқи Гулистон ба оғӯши рӯз медарояд [9, с.15]. ~ It is clear (serene) morning. It is daylight in Guliston village. **Пагоҳонӣ баҳор.** Насими навозишгар бӯйи димоғпарвари гули дарахтони шафтолу ва себро пароканда мекард [10, с.5]. ~ **It is Spring early morning.** The soft wind (gentle breeze) gives off the fragrant smell of apple and pitch trees. Ана як тугмаи шикаста, ана порчаи матое [13, с.183] ~ Here is a broken button and some rags.

Ҷумлаҳои унвонии хитобӣ. Ҷумлаҳои унвонии хитобӣ нисбатан кам дучор мешаванд. Онҳо бо оҳанги махсус талаффуз шуда, диққати шунавандаро ба худ бештар ҷалб мекунанд: **Ана Юнусбой! Ана Қаришбек! Ана Мирзо Усмон!** [8, с.108]. ~ Here is Unusboy! Here is Qarishbek! Here is Mirzo Usmon! Ҷумлаҳои унвонӣ дар забони тоҷикӣ мафҳумҳои замон, макон, номи таълимгоҳҳо, обу ҳаво, гулу растаниҳо ва номи маросимҳои гуногун ва дигар манзара ва ҳодисаҳои табиатро ифода мекунанд: **Ҷӯйи Мӯлиён.** Дар он ҷо подшоҳон ва аъёну ашрофи Бухоро кӯшку саройҳои накуманзар доштанд [9, с.206]. ~ It is Mullion stream (brook). The kings and noble families in Bukhara had splendid castles and palaces there. **Шаҳри Нисо, тангкӯчаи назди ҳавлии Фирдавсӣ** [12, с.206]. It is Niso City, the alleyway near the Firdousi's yard . **Қишлоқи хушрӯй.** Нигоҳ кунед ҳама ҷо каб-кабуду сап-сурх (10, с.294). ~ It is a beautiful village. Look everywhere is light green and red.

Ҷумлаҳои унвонӣ дар забони англисӣ.

Ҷумлаҳои унвонӣ дар фарҳанги англисию - русӣ бо истилоҳи англисии "nominal" ё "nominative sentence" ифода ёфта, дар тарҷумаи русӣ «назывное ё номинативное» буда, дар забони тоҷикӣ маънои унвониро доранд. Оид ба ин навъи ҷумла дар забони англисӣ М.Я. Блох, Л.С. Бархударов, Б.А. Илиш, В.Л. Каушанская ва дигарон таҳқиқҳо гузаронидаанд.

Дар забони англисӣ истилоҳи «nominal sentence" ба ду навъи ҷумла тааллуқ дорад. Навъи якуми ҷумлаи унвонӣ ҷумлае ҳаст, ки хабар феъл нест, аммо вай бо мубтадо ба воситаи феъли пайваст (глагол связка) ҳамроҳ мешавад. Навъи якуми ҷумлаҳои унвонӣ дар забони англисӣ навъи маъмул ва серистеъмол мебошанд, ки дар он хабар аз бандак ва хабарият иборат аст. Феъли пайваст феъли «to be» мебошад. Масалан, ҷумлаи "Jane is a doctor" ба ҳамин навъи ҷумла тааллуқ дорад. Хабар дар ин ҳолат хабари номӣ мешавад, чунки маркази он исми «doctor» мебошад.

Навъи дуюми ҷумлаи унвонӣ ҷумлаҳое мебошанд, ки тамоман феъл надоранд. Ин навъи ҷумлаи унвонӣ дар забони англисӣ на он қадар серистеъмол буда, дар он феъли «to be" тамоман вуҷуд надорад, лекин дар сохтори ҷумла дар назар дошта мешавад. Ин навъи ҷумлаи унвонӣ бо калима ва ибораҳои мисли – **"the sooner the better"** ~ "чем быстрее, тем лучше", ё **"the more, the merrier"** ~ "чем больше нас будет, тем веселее" [17] ифода меёбанд. Ҳамаи ин калимаҳо ҳамчун ҷумла истифода шуда метавонанд, новобаста аз оне ки феъл надоранд. Феъли «to be" дар мазмуни ин ибораҳо ишора карда мешавад. Ин хели ҷумлаҳои унвонӣ дар забони расмии англисӣ нисбатан камистеъмоланд ва дар нутқи гуфтугӯӣ маъмуланд.

Ҷумлаи унвонии тафсилии экзистенсиалӣ серистеъмолтарин навъи ҷумлаҳои унвонӣ мебошад. Таркиби ин навъи ҷумлаҳои унвонӣ одатан аз мубтадо ва муайянкунанда иборат аст. Чи тавре ки дар боло қайд шуд, ҷумлаҳои унвонӣ бештар дар тасвири манзараҳои табиӣ, офариниши типу образҳои бадеӣ мушоҳида мешаванд. Онҳо ба нутқ салосату фасоҳат мебахшанд. Масалан, В. Сароян дар ҳикояи худ "The Daring Yong Man on the flying Trapeze" («Отважный молодой человек на летающей трапеции»., 1934.) [17] чунин тасвир овардааст: Horizontally wakeful amid universal widths, practicing laughter and mirth, satire, the end of all of Rome and yes of Babylon… ~ Дар уфуқ рӯҳболандӣ дар миёни арзи ҷомеъ, хандаи ҳақиқӣ ва шодӣ, ҳаҷв, фаноёбии тамоми Рим ва зуҳури Вавилон… Ин

ҳикоя аз чунин ҷумлаҳои унвонии тафсилӣ иборат аст. Дар ҷумлаҳои унвонии тафсилӣ нависанда силсилаи дарки шуури қаҳрамони худро бо суръат тасвир мекунад.

Ҷумлаҳои унвонӣ дар забони англисӣ низ чун забони тоҷикӣ номи шахс, макон, замон ва ашёро номбар мекунанд ва онро бо дигар исм мушаххас мегардонанд, яъне бе ифодаю алоқаи феъл (хабар) меояд. My family. ~ Оилаи ман. My house ~ Хонаи ман.

Номҳои китоб, сарлавҳа, корхона, идора дар як қатор асарҳои забоншиносони рус, англис, тоҷик ва ӯзбек ҷумлаи унвонӣ шуморида шудаанду дар баъзеашон не. Масалан, дар забони англисӣ номгӯи сарлавҳаҳо (headlines) дар газетаю маҷаллаҳо, номи китобҳо ҷумлаи унвонӣ шумурда мешаванд. Мисли **"Jones Winner",** ки маънои "Jones is the Winner" (Ҷон ғолиб аст) -ро дорад. Ё **«The White Monkey**». ~ Маймуни сафед. **«The silver spoon»** ~ Қошуқи нуқрагин. **«The man of property».** ~ Марди доро.

Дар забони тоҷикӣ номи китобҳо, лавҳаҳо, сарлавҳаҳо ҷумлаи унвонӣ шуда наметавонанд. Дар китоби «Омӯзиши ҷумлаҳои содаи яктаркиба»-и Норматов М ва Рашидов Ш. фарқияти ҷумлаҳои унвони аз номҳои китоб, идора ва лавҳаҳо чунин нишон дода шудааст: «Дуруст аст, ки номҳои китобҳо дорои тобиши ниҳоят нозуки ба мазмуни асар далолаткунанда мебошанд, вале ҳаргиз як маънои томро фаҳмонда наметавонанд. Бигузор, ки номҳо мазмуни асарҳоро ифода кунанд, вале ин далели ҷумлаҳои унвонӣ будани онҳо шуда наметавонад» [7, с.124]. Яъне, номи ҷумлаҳои унвонӣ дар баробари номбар кардани предмет, ҳастии онро низ мефаҳмонад, номи асарҳо бошад ҳеҷ гоҳ мавҷудияти предметро намефаҳмонад.

Дар забони англисӣ зарбулмасалҳое, ки дар онҳо хабар ифода наёфтааст, ҷумлаи унвонӣ ҳисобида мешаванд: **More haste, less speed.** ~ Оҳиста рав, ҳамеша рав. ~ Чем больше спешка, тем меньше скорость. Ин ҷумла дар тарҷумаи тоҷикиаш аз руйи сохтор ва мазмун ҷумлаи умумишахс мебошад. Инчунин, дар забони англисӣ ҷумлаҳои мисли «**What a great day today**" [17]. ~ Имрӯз чӣ рӯзи бошукӯҳе! ~ Какой потрясающий день! - ба ҷумлаҳои унвонӣ тааллуқ доранд. Чунин навъи ҷумлаҳо дар забони англисӣ хеле зиёд вомехӯранд. **What a beautiful piece of work!** ~ Чӣ кори хубе (маҳсулот)! ~ Какая прекрасная работа! Какое прекрасное изделие (произведение)!

Дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳои унвонӣ бештар дар ифодаи маъноҳои манзараҳои табиат, тасвири обу ҳаво, мафҳуми замон ва мафҳуми макон истифода мешаванд. Ҷумлаҳои унвоние, ки маънои замонро доранд, ба ягон аъзо эҳтиёҷ надоранд. Як ё якчанд калима як фикри ба охиррасидаро ифода мекунанд ва дар онҳо интонатсияи предикативӣ роли калон мебозад. Азбаски мафҳуми замон хеле васеъ аст, ҷумлаҳои унвоние, ки мафҳуми замонро ифода мекунанд, хеле зиёданд. Масалан, бо солу моҳ, шабу рӯз ва фаслҳои сол ифода ёфтани ҷумлаҳои унвониро дар забони тоҷикӣ зиёд дучор шудан мумкин аст: **Шаби торики зимистон.** Имкони пеши поро дидан набуд… **Августи соли 1941. Бегоҳӣ.** Назокат ва Бисиддиқа аз дари кӯча меоянд [15, с.89]. ~ It is a dark winter's night. It was impossible to see the road. It was in August 1941. Nazokat and Bisiddiqa came home in the evening. **Субҳи барвақт.** Ҳама ҷо ором, аммо аз ин ҳавлича аз чор тан се тан ҳанӯз ҳам бедор буд. It is dawn. Everywhere is quite, but in this little yard three of four persons did not sleep yet. **Саҳари барвақт.** Орзумурод диплом, дастури кор ва як даста нақшаю қоғазҳои иловагии рисолаи дипломиашро ба портфел андохта, аз ҳавлӣ баромад [12, с. 193]. ~ It is early morning. Orzumurod has put the diploma and the work, the whole bale of plan and additional papers of his thesis into the brief-case and left the yard. **Шаб.** Чароғони беҳадду ҳисоби само чашмак мезаданд [10, с.338]. ~ It is night. The uncountable and boundless sparkles were twinkling.

Ҷумлаҳои унвоние, ки мафҳуми замон дар онҳо бо рӯзу шаб ифода ёфтааст, дар тарҷумаи англисиашон баъзан ҳамтоанд ва баъзан муродифи ҷумлаҳои бешахс мешаванд.

Таҳлили маводи гирдовардаи мо нишон дод, ки дар забони англисӣ низ истифодаи ҷумлаҳои унвонӣ хеле зиёд буда, хусусиятҳои нақибу барҷастаи услубӣ доранд. Таҳлили ҷумлаҳои унвонӣ (номинативӣ) дар забонҳои тоҷикию англисӣ нишон медиҳад, ки набудани феъл дар сохтори номинативии ин забонҳо хусусияти барҷастаи услубӣ дорад. Аломати асосии грамматикии ҷумлаҳои унвонӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ сохти яктаркибагии онҳо, хусусияти морфологии сараъзоҳо, оҳанг (интонатсия) ва нақши грамматикии онҳо мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аракин, В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков / В.Д. Аракин. - М.: Просвещение, 1989. – 254 с.
2. Бархударов Л.С. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов, Д.А. Штелинг. - 4-е изд. – М., 1973. – 196 с.
3. Блох, М.Я. Теоретическая грамматика английского языка / М.Я. Блох. - 3-е. изд. – М.: Высшая школа, 2000. -178 с.
4. Ильиш К.Н. Практическая грамматика английского языка / К.Н. Ильиш, Е.Е. Израилевич. - М.: Высшая школа, Изд. 8, 1960. – 640 с.
5. Каушанская, В.Л. Грамматика английского языка / В.Л. Каушанская. - М.: Просвещение, 1978. – 300 с.
6. Мещанинов, И.И. Члены предложения и часты речи / И.И. Мещанинов - М. - Л.: АН ССР, 1945. - 196 с.

7. Норматов, М. Омӯзиши ҷумлаҳои содаи яктаркиба / М. Норматов., Ш. Рашидов. - Душанбе: Маориф, 1988. – 152 с.
8. Садриддин Айни. Энсиклопедияи насри муосири точику форс. - Душанбе, 2010. – 560 с.
9. Улугзода Сотим. Субхи Чавонии мо. - Сталинобод, 1956. -Ч. 3- 362 с.
10. Чалол Икромӣ. Шодӣ. Роман. - Сталинобод, 195. - 398с.
11. Чалилов Рахим. Одамони Ҷовид. Роман. - Сталинобод, 1954. - 478с.
12. Фотех Ниёзи. Вафо. Иборат аз ду китоб. – Душанб: Ирфон, 1966. - 391с.
13. Фазлиддин Мухаммадиев. Тири Хокхурда (Повест). - Сталинобод, Нашрдавточик, 1961. - 111с.
14. Хочаев Мухиддин. Нанг ва номус. (Ростиро завол нест). – Душанбе: Ирфон, 1986. – 224 с.
15. Шукухи Аминчон. Нону намак. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 112 с.
16. Sadriddin Aini. The Sands of Oxus: Reminiscences of Sadriddin Aini/ Muzda Publisher. - Iran. 1998. – 149 с.
17. [Захираи электронӣ] http://twitter.com /wise GEEK.

ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРИЮ МАЪНОИИ ҶУМЛАҲОИ УНВОНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур муқоисаи хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои унвониро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси маводи асари бадеӣ фарогир аст. Дар қисмати муқаддимавии мақола назари донишмандону забоншиносони ватаниву хориҷӣ оид ба мавҷудияти ҳама навъҳои ин сохтори ҷумла дар забонҳои муқоисашаванда ифода карда шудааст. Дар қисмати муқоисавии мақола навъҳои ҷумлаҳои содаи яктаркибаи унвони дар забони тоҷикӣ ва роххои ифодаи онҳо дар забони англисӣ, дар асоси мисолҳо аз асархои тарҷумашудаи адибони тоҷику англисзабон, вобаста ба вазифа, сохтор ва мазмунашон таҳлил шудаанд. Дар хулосаи мавзӯъ натиҷаи муқоисаи ҷумлаҳои содаи яктаркибаи унвонӣ дар забонҳои тоҷикию англисӣ ба таври мухтасар ифода шудаанд, аз ҷумла роҳҳои ифодаи ҷумлаҳои унвонии ишоратӣ, унвонии тасвирӣ, унвонии хитоби дар забони англисӣ аз ҷиҳати сохтор, маъно ва вазифаашон натиҷагирӣ шудааст.

Калидвожаҳо: хусусияти морфологӣ, унвонӣ, ҷумлаи унвонии ишоратӣ, интонатсия, унвонии хитобӣ.

СТРУКТУРНЫЕ И СМЫСЛОВЫЕ СВОЙСТВА НАЗЫВНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Данная статья посвящается строению и значению назывных предложений в английском и таджикском языках на основе художественных текстов. Во вводной части статьи приводится точка зрения учёных, отечественных и зарубежных исследователей относительно всех видов назывных предложений в сопоставляемых языках. В основной части статьи исследуются простые односоставные номинативные предложения в английском языке и способы их передачи в таджикском языке на примере произведений художественной литературы, переводов на английский и таджикский языки с точки зрения цели высказывания, структуры и значения предложения. Выводы статьи о результатах сопоставления простых односоставных назывных предложений английского и таджикского языков кратки, в том числе указываются способы передачи указательных, повествовательных и восклицательных предложений с точки зрения их строения, значения и цели высказывания.

Ключевие слова: морфологическое особенности, назывные предложения, указательные назывные предложения, интонация,

THE PECULIARITIES OF STRUCTURE AND SEMANTIC OF THE NOMINAL SENTENCES IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article comprised the peculiarities of structure and semantic of the nominal sentences in Tajik and English languages on the basis of fiction materials. On the introductory part of the article were mentioned the ideas of home and foreign linguists and scholars about being of all types of this structure of sentence in comparison languages according to their function, structure and meaning. On the comparative part of the article were analyzed kinds of the nominative sentence in Tajik language and ways of their expression in English on the basis of examples from translated works of Tajik and English writers. In conclusion were mentioned laconically the result of comparison of the nominative one member sentences in Tajik and English languages including ways of expression of the demonstrative nominative sentence, the descriptive nominative sentence and the exclamatory nominative sentence in English according to their meaning and their structure.

Key words: morphological peculiarities, nominal, demonstrative nominal sentences, intonation, exclamatory nominal sentence.

Сведения об авторах: ***Назарова Мухаббат Рахмонкуловна*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, ассистент кафедры английского языка и сравнительная типология факультет языков Азии и Европы. Тел.: **(+992) 985-54-43-97**
Асомова У.И. – Таджикский государственный медицинский университет им. Абуали ибн Сина, асистент кафедры иностранных и латинских языков**. Адрес:** Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Рудаки 139. Тел.: **(+992) 987-64-00-19**

Information about the authors: ***Nazarova Muhabbat Rahmonqulovna*** - Tajik National University, candidate of philological science, assistant of the department of English language and comparative typology, faculty of Asian and European languages. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17, 734025. E-mail: muhabbat_nazarova@mail.ru. Tel: **(+992) 985-54-43-97**
Asomova U.I. - Tajik State Medical University named after Abuali Ibn Sina, latin and english teacher, department of foreign and latin languages. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Rudaki 139. Tel.: **(+992) 987-64-00-19**

УДК: 491.550-56

ТАҲҚИҚИ СОХТИ ВОЖАҲО ДАР ЗАБОНШИНОСИИ КЛАССИКИИ ТОҶИК

Шукуров Г.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони тоҷикӣ дар масири таърихи инкишофи худ, арзишҳо ва имконоти вожасозиву истилоҳофаринии хешро аз даст надодааст ва аз нерумандтарин забонҳо ба ҳисоб меравад, аммо ташаккули меъёрҳои вожасозии он зина ба зина сурат гирифта, бештар тамоюли софтару эҷодкоронаро касб кардааст.

Дар илми лексикология вожа меҳвари андешаву афкори илмӣ- таҳқиқотӣ аст. Аз дидгоҳи олимони соҳаи забон бештар ду паҳлу ё ду масъалаи вожашиносӣ таҳқиқу баррасӣ шудааст: паҳлуи сохторӣ ва паҳлуи маъноӣ. Оид ба паҳлуи сохтории вожаҳо дар забоншиносии тоҷик ва рус, инчунин Аврупо ва Амрико таҳқиқотҳои зиёде рӯйи кор омадаанд. Натиҷаи таҳқиқотҳо ба он оварда, ки забони тоҷикӣ аз замони пайдоиш тоимрӯз неруи вожасозиву истилоҳофаринӣ дошта, дар даврaҳои гуногуни таърихӣ рушду таҳаввули он яксон сурат нагирифтааст.Дар тӯли таърихи рушди забони тоҷикӣ, ки зиёда аз се ҳазор солро дар бар мегирад, меъёрҳо ва имконоти лексикии вожасозиву истилоҳофариниивижаи забони тоҷикӣ тавсеа ёфта, бинои забонро устувору пойбарҷо нигоҳ доштаанд ва бо вуҷуди таҳаввул ва дигаргуниҳои зиёд забони тоҷикӣ новобаста аз шароити таърихӣ асолати хешро ҳифз намудааст. Бо ин забон осори гаронбаҳои илмиву адабӣ боқӣ мондааст, аз ҷумла «Катибаи Бесутун», «Ёдгори Зарирон» ва дигар намунаҳои илмиву адабӣ. Аз ҳама бештар аз замони маликушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ то имрӯз осори гаронбаҳои илмиву фарҳангӣ ҳамчун хазинаи бебаҳо ҳифз шуда, хазинаи гаронбаҳои илмиву фарҳангии моро ташкил додаанд.

Таҳқиқи маъхазҳои қадим гувоҳи онанд, ки ин забони тоҷикӣ имконоти васеи вожасозӣ ва истилоҳсозӣ доштааст ва аз замони пайдоиш то кунун асолати эҷодии хешро ҳифз намудааст. Ҳанӯз дар забони форсии миёна гурӯҳи истилоҳоту вожагоне аз забонҳои юнонӣ, оромӣ, суриёнӣ, ҳиндӣ як қатор истилоҳоти махсуси бахшҳои гуногун мавҷуд буданд, ки дар асоси қонуну қавоиди хосси забони қадимӣ сохта шуда буданд. Дар онҳо таносуби маъно, шакл ва меъёрҳои истилоҳсозӣ устувор ва бехалал, тибқи қонуну қавоиди забонӣ сурат гирифтаанд. Профессор Д. Саймиддинов чунин андеша дорад: «Пайдоиш ва густариши гурӯҳҳои луғавӣ маҳсули ҳама даврaҳои таърихии ташаккули забонҳои эронӣ мебошанд. Бунёди гурӯҳҳои луғавӣ ба таври умум аз забонҳои эронии бостон оғоз гардида, дар забони форсии миёна дар ҳудуди ҳамин сатҳи забонӣ тавсеа пайдо кардааст» [4, с.80].

Дар таърихи чандҳазорсолаи такомулу рушди забони тоҷикӣ ба воситаи пешванду пасванд сохтани вожа ва истилоҳоти нав маъмул буд. Мисол, дар форсии миёна пешванди a//an. Ин пешванд маънои инкор дошта, сифат ва ё хусусияти вожаҳоро дар ҳамин маъно ташхис менамояд [4, с.138].

Дар форсии нав тибқи нишондоди сарчашмаҳо муфассалтар Ибни Сино дар «Донишнома», Исмоили Ҷурҷонӣ дар «Захираи Хоразмшоҳӣ», Ҳаким Майсарӣ дар «Тибби Юсуфӣ» ва «Донишнома»- и хеш истилоҳу вожаҳои махсуси соҳаи тибро пешниҳод намудааст, ки омӯхтанӣ аст. Ин давраи таърихӣ, ки замони рушду такомули забони форсии тоҷикӣ буд, илми забоншиносиро намояндагони асрҳои гуногун дар тӯли ҳазор соли охир пеш бурданд. Дар он замон вожа ва истилоҳотро аз лиҳози сохтириву маъноӣ таҳқиқ намудаанд, ки дар илми забоншиносӣ бо номи илми сарф (морфология) зикр ёфтааст. «Илми сарф- мегӯяд профессор Д. Хоҷаев баҳс мекунад дар бораи шакли калима, тағйири он бо суратҳои мухталиф, ки аз тағйири шакл маънои наве пайдо мешавад. Пас, илми сарф аз рӯйи мавзӯи баҳс ва моҳияташ ба як бахши грамматика, ки морфология ном дорад, наздик аст» [8, с. 109].

Муҳаққиқони аввали ҳазораи Х забони форсии тоҷикӣ, ки шуморашон ва осори ба мерос мондаашон омӯхта нашудааст, дар бораи вожа ва тағйироти шакливу маъноии он андешаҳои ҷолиб баён намудаанд.

Абӯнасри Форобӣ дар «Эҳсос- ул -улум» илми сарфро ба чаҳор қисм ҷудо мекунад:

1. Илми калимаҳои мураккаб
2. Илмикалимаҳои танҳо
3. Илми қонунҳои калимаҳои мураккаб
4. Илми қонунҳои калимаҳои танҳо [8, с.110].

Абӯалӣ ибни Сино низ доир ба илми сарф андешаҳои ҷолиб баён намудааст. Ӯ дар «Донишнома» фаслеро таҳти унвони «Падид кардани маънии ном ва куниш ва ҳарф» ҷудо намудааст, ки ба таснифоти ҳиссаҳои нутқ бахшида шудааст. Ӯ асоси сарфии калимаҳоро аз лафзи муфрад(танҳо) дониста, тамоми калимотро ба се ҳисса: исм (ба истилоҳи Сино «ном»), феъл (ба таъбири Сино «куниш») ва ҳарф ҷудо намудааст [8, с.111].Чунончи ӯ

мегӯяд: «Лекин фарқ миёни исм ва калима он аст, ки исм далел бувад бар маънӣ ва набувад ба кайи он маънӣ. Чунон ки гӯӣ: мардум, дӯстӣ, аммо калима далел бувад бар маънӣ ва кайи он маънӣ. Чунон ки гӯӣ «бизад», ки далел бувад ба «задан» ва бар он ки андар гузашта бувад, бар касе, ки он маънӣ ӯро бувад чун «зананда», «хазанда». Валекин он кас ё он чиз муайян набувад, ки донӣ, ки кадом аст» [8, с.112- 113].

Иқтибосоти фавқуззикр далели он аст, ки ибни Сино моҳияти сарфии исму феълро дақиқ ва дуруст нишон додааст.

Дар мавзӯи шакли калима, муносибати гуногуни байни калимаҳо дар таркиби ибораю ҷумла ва шаклҳое, ки ба калима маънои нави грамматикӣ медиҳанд, дар «Бурҳони қотеъ» зимни шарҳи вожаҳои гуногунсохт ва морфемаҳои – со, - сор, - гон, - лох, - вор, - вар ва ғайра маълумоти пуразиши илмӣ додааст.

Воҷидалии Муҷмалӣ дар «Матлаъ – ул - улум ва маҷмаъ- ул- фунун» ба хусусиятҳои калимасозии баъзе пешвандҳо ишора кардааст.

Донишманди дигар Шамси Қайси Розӣ, ки дар илми нақди адабӣ хеле забардаст будааст, як қатор қоидаҳои морфологии забони форсии тоҷикиро тавзеҳ додааст, ки дар асараш «Ал-муъҷам» омадааст.

Дар тавзеҳи калимасозии ҳарфи «бе» Шамси Қайси Розӣ хусусияти калимасозии вожаи «об» - ро меорад, ки хеле ҷолиби диққат аст. Ӯ мегӯяд: «Ва аз ҷинси «бе» ҳеҷ ҳарфи зоид, ки ба авохири калимот дарояд нест, илло калимаи «об», ки дар бисёр мавозеъ калимаҳоро бо ҷузъи «об» меорад: дӯло, селоб, ғароб, гирдоб, сароб, тезоб ва ғайра»[8, с.174].

Олими дигар Насируддини Тӯсӣ дар «Меъёр – ул - ашъор» низ андешаҳои хешро оид ба унсурҳои калимасозу шаклсоз дар забони тоҷикӣ баён намудааст. Мисол, дар мавриди пасванди «-о» ва «-ак» чунин мегӯяд: «Ва низ «алиф»»- и нидо , чунон ки гӯи «писро» ва ҳамчунон қоф- и тасғирро «вов» «бувад» ва «нун» - и масдар, чунон ки дар лафзи «гуфтан» ва «кардан» ҳам ҳамин қабил аст» [8, с.12].

Таҳқиқи калима дар «Чаҳор гулзор- Ҳоҷа Ҳасани Нисорӣ (1517-1554) хеле такмил меёбад. Ӯ аффиксҳои калимасозу шаклсози забони тоҷикиро бо мисолҳои мушаххас нишон дода, тасрифи феълро дар ҳамаи шаклҳои замонаш меорад. Дар боби феъл унсурҳои шаклсозу калимасози зеринро зикр мекунад: - анд,- ӣ, - ед, - ам, - ем (бандакҳои феълӣ), - анд, -и, - ед, -ат, - ем,- ам, -аст (бандакҳои хабарӣ), ме- (пешванд) буд(феъли ёвар барои замони гузаштаи дур), бошад (барои замони гузаштаи шартӣ), хоҳад (барои шакли замони оянда)на (барои шакли инкории феъл) [9, с.7].

Таҳқиқи сохти вожаҳо ва дигар воҳидҳои забонӣ дар забоншиносии классикии тоҷик то ҳол ба таври комил омӯхта нашудааст. Дар замони соҳибистиқлолӣ зарурати баррасии комил ва ҳамаҷонибаи осори забонишиносии классикии тоҷик пеш омадааст, ки он барои таҳқиқи забони осори классикони форсу тоҷик ва инчунин барои рушди забоншиносии миллии тоҷик нақши муҳим хоҳад дошт.

А Д А Б И Ё Т

1. Будагов Р. А. История слов в история общества / Р.А. Будагов. - М., Просвещение, 1971. - 268 с.
2. DoktorMuhsinAbulqosimi. Dasturitorikhiizaboniforsi. - Tehron, 1378. - 425 p.
3. Саидризо Ализодаи Самарқандӣ. Сарфу наҳви тоҷикӣ. - Душанбе, 2006. - 70 с.
4. Саймуддинов Д. Вожасозии забони форси миёна / Д. Саймуддинов. - Душанбе, 2001. - 310 с.
5. Расторгуева В.С. Система таджиксого глагола / В.С. Расторгуева, А.А. Керимова. - М., 1964. - 290 с.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ: дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошимов, Н.А. Маъсумӣ. - М.: Советская энциклопедия.-Ҷ. 1. 951 саҳ.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ: дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошимов, Н.А. Маъсумӣ. - М.: Советская энциклопедия 1969. - Ҷ. 2. - 949 с.
8. Хоҷаев Д. Ташаккул ва таҳаввули илми забоншносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна / Д. Хоҷаев. - Душанбе, 1998. - 149 с.
9. Хоҷаев Д. Андешаҳои Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар боби феъли забони тоҷикӣ (форсӣ) / Д.Хоҷаев // Адаб. – 1993. - №3.
10. Ҳусейнов Ҳ. Луғати терминҳоизабоншиносӣ / Ҳ.Ҳусейнов, К.Шукурова. - Душанбе: Маориф, 1983. - 256 с.
11. Шамси Қайси Розӣ. Алмуъҷам.- Душанбе:Адиб, 1991.
12. Шукуров Г. Таҳаввули забони адабии тоҷик дар даврони Истиқлол / Г.Шукуров. - Душанбе: Эр- граф, 2011. - 155 с.

ТАҲҚИҚИ СОХТИ ВОЖАҲО ДАР ЗАБОНШИНОСИИ КЛАССИКИИ ТОҶИК

Дар мақола доир ба таърихи таҳқиқи сохти вожаҳо маълумот дода шуда, саҳми забоншиносони классикии форсу тоҷик дар рушди илми сарф ва осори пуразиши онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи ду олими варзидаи тоҷик профессорон Д. Саймиддинов ва Д. Хоҷаев назарияи илмии забоншиносии классикии тоҷикро доир ба сохти вожа мавриди таҳлил қарор дода ва то ҳол арзиши илмӣ доштани андешаҳои забоншиносони классикии тоҷик, мисли Абӯалӣ ибни Сино, Шамси Қайси Розӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, Хаким Майсарӣ ва дигар донишмандони нотакрори забоншиносии классикии тоҷикро исбот намудааст. Дар мақола, махсусан, ба таснифоти илми забоншиносӣ

дар гузашта аҳаммият дода шуда, гурӯҳбандии илмӣ забон дар осори Ибни Сино оварда шудааст. Ибни Сино илми забонро ба се гурӯҳ тақсим намудааст: ном, куниш ва ҳарф. Ба назари муаллиф илми забоншиносии тоҷик дар асрҳои минбаъда рушд намуда, бозёфтҳои илмии зиёдеро дарёб кардааст. Дар таҳқиқоти минбаъда, ки дар асрҳои баъдинаи рушди илми забоншиносии тоҷик ба вуҷуд омадааст, назари муҳаққиқон доир ба сохти вожа ва вазифаи сарфии он тағйир ёфта, пояи илмии андешаҳои онҳо устувортар гардидааст. Масалан, дар осори илмии Хоҷа Ҳасани Нисорӣ афкори илмии забоншносӣ нисбат ба сохти вожаҳо ва вазифаи сарфии онҳо такмил ёфтааст. Дар охир муаллиф андешаҳояшро мушаххас ҷаъмбаст намуда, омӯзиши назарияҳои илмии забоншиносии классикии тоҷикро барои рушди илми забоншиносии миллии тоҷик муҳим арзёбӣ намудааст.

Калидвожаҳо: вожа, гурӯҳҳои луғавӣ, забони форсии миёна, Ибни Сино, Шамси Қайси Розӣ, Меъёр - ул - ашъор, Чаҳор гулзор, калимаҳои мураккаб, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, сохти вожаҳо, истилоҳсозӣ.

ИССЛЕДОВАНИЕ СТРОЕНИЯ СЛОВ В КЛАССИЧЕСКОМ ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКОЗНАНИИ

В статье приводятся сведения об истории исследования строения слов, вкладе персидско-таджикских лингвистов в развитии морфологической науки и их бесценного наследия. Автор на основе исследований двух видных таджикских ученых профессоров Д. Саймиддинова ва Д. Ходжаева подверг анализу научную теорию таджикского классического языкознания относительно строения слова и доказал научную ценность таджикских классических лингвистов как Авиценна, Шамс Кайс Рази, Ходжа Хасан Нисори, Хаким Майсари и других неповторимых ученых классической таджикской лингвистики. В статье в основном акцентируется внимание на характеристике науки языкознания в прошлом и приводится классификация науки о языке в наследии Ибн Сины. Ибн Сина разделяет науку о языке на три группы: название, действие и слово. С точки зрения автор статьи таджикская лингвистическая наука также получила развитие в последующие века и достигла выдающихся успехов в этом направлении. В исследованиях, которые были завершены в последующих веках развития таджикской лингвистической науки, изменился взгляд исследователей относительно строения слов и их морфологической функции и укрепилась научная платформа их размышлений. Например, в научном наследии Ходжа Хасана Нисори усовершенствовалась научная мысль относительно строения слов и их морфологической функции. В конце автор подытоживая свои мысли считает важным изучение научных теорий таджикского классического языкознания в деле развития национального языкознания таджиков.

Ключевые слова: слова, семантические группы, средне-персидский язык, Ибн Сино, Шамс Кайс Рози, Меъёр - ул - ашъор, Чахор гулзор, сложные слова, Ходжа Хасани Нисори, структура слов, терминология.

STUDY OF THE STRUCTURE OF WORDS IN CLASSICAL TAJIK LANGUAGE KNOWLEDGE

The article provides information about the history of the study of the structure of words, the contribution of Persian-Tajik linguists in the development of morphological science and their invaluable heritage. Based on the research of two prominent Tajik scholars, professors D. Saimiddinov v. D. Khodjaev, he analyzed the scientific theory of Tajik classical linguistics regarding the structure of the word and proved the scientific value of Tajik classical linguists like Avicenna, Shams Kays Razi, Khoja Hasan Nisori, Hakim Maysari and other non-initiators like Shamsa Kays Razi, Khoja Hasan Nisori, Hakim Maysari and other non-initiators like Khakim Rasi, Khoja Hasan Nisori, Hakim Maysari and other non-initiators like Khamsa Kays Razi, Khoja Hasan Nisori, Hakim Maysari and other non-initiators like Khamsa Kays Razi, Khoja Hasan Nisori, Hakim Maysari and other non linguists. classical Tajik linguistics. The article mainly focuses on the characteristics of the science of linguistics in the past and provides a classification of the science of language in the heritage of Ibn Sina. Ibn Sina divides the science of language into three groups: name, action and word. From the point of view of the author of the article, the Tajik linguistic science also developed in the following centuries and achieved outstanding success in this direction. In the studies that were completed in the subsequent centuries of development of the Tajik linguistic science, researchers' views on the structure of words and their morphological function changed and the scientific platform of their reflections strengthened. For example, in the scientific heritage of Khoja Hasan Nisori, scientific thought was improved on the structure of words and their morphological function. In the end, the author, summing up his thoughts, considers it important to study the scientific theories of Tajik classical linguistics in the development of the national linguistics of the Tajiks.

Key words: words, semantic groups, Middle Persian, Ibn Sino, Shams Qais Rosi, Meyer-ul-ashor, Chakhor gulzor, difficult words, Khoja Hasani Nisori, structure of words, terminology.

Сведения об авторе: ***Шукуров Гулназар Холович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 935-40-63-18**

Information about the author: ***Shukurov Gulnazar Holovich*** - Tajik National University, candidate of philological sciences, associate professor of the Tajik language and teaching methods of the Tajik language and literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 935-40-63-18**

УДК: 42:372.881.111.1 (575.3)

УСУЛҲОИ ТАЪЛИМИ МАҲОРАТИ АЗХУДКУНИИ ГРАММАТИКАИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Давлатзода Ҳ., Сайдалиева Г.М.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Грамматика – масъалаи баҳсноки доимӣ дар таълим мебошад. Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳалли масъалаи зикршуда андешаҳои хеле зиёд баён шудаанд. Бахши грамматика қисми асосӣ дар истифодаи усули тарҷумавӣ мебошад. Омӯзиши ҳама забонҳои дунё тавассути пешниҳоди грамматикаи забон сурат мегирад. Грамматика ҳамчун предмети асосӣ таълим дода мешавад.

Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки чанде аз забоншиносон таълими грамматикаро дар забон нодида гирифтаанд, ки ин амалро бисёр сарчашмаҳои дигар рад мекунанд[10, с.35]. Аз тарафи дигар, дар шароити кунунӣ истифодаи грамматикаро дар таълимӣ забон афзалиятнок мешуморанд, аммо ҳоло ин амал дар таълим ҳадаф набуда, балки ҳатмӣ маҳсуб меёбад. Аз тарафи дигар, бояд зикр намоем, ки машғул шудан ба грамматика дар бештар маврид ба хонандагон ҳангоми дарс маъқул нест, вале новобаста аз ин иҷрои машқҳои грамматикӣ амали ҳатмист.

Грамматика лексикаро ташкил медиҳад, он тамоми нутқро фарогир аст. Грамматика ба занҷирае монанд аст, ки ҳамаи калимаҳои забон бо он алоқаманданд. Тавассути истифодаи грамматика имконияти ифодаи тамоми нозукии нутқ, дурустии ифода фароҳам меояд [8, с.12].

Муҳиммияти омӯзиши грамматикаи забони хориҷӣ дар он зоҳир мегардад, ки он ба мо имконияти аз худ намудани грамматикаи забони модарии хешро ба таври беҳтар фароҳам меоварад. Қобилияти таҳлил, ибрози андешаро созмон медиҳад, яъне дар раванди омӯзиши он ҳадафҳои таълим амалӣ кунонида мешаванд.

Грамматика «ҳадафҳои шахсии устод нест, он яке аз бахшҳои муҳимми муошират бо забонҳои гуногун мебошад». Ҳамин гуна хулосаро ҳанӯз дар соли 1934 А. А. Любарская ба миён оварда буд: «Дар ягон зинаи омӯзиш грамматика худҳадафгузорӣ нест, бидуни он заминаҳои асосии омӯзиш таъмин намегарданд. Дарки пурраи матн аз худ намешавад, забони зиндаи гуфтугӯи омӯхта намешавад. Он бояд дар таълими забон мавқеи муҳим дошта бошад» [4, с. 36].

Грамматика - вожаи серпаҳлу, сермафҳум ва сермаъност. Аз як тараф, он ҳамчун унвони «сохтори забонӣ» ба ҳамин восита сохтори сарфиву наҳвии калимаҳоро дар забон дар бар мегирад, ки соҳибзабон онро дар даврaҳои таҳсил аз худ менамоянд. Аз ҷониби дигар, «грамматика» - ин назарияи забон, илми забоншиносӣ ҳамчунин дониши сохтории забон аст [7, с. 74].

Дар раванди амал кардан бо маводҳои грамматикӣ хонандагонро зарур аст, ки дониши зеҳнии грамматикии худро сайқал дода, онро дар муошират бо шаффофият истифода баранд. Ҳадафи асосии омӯзиши грамматика дар он аст, ки омӯзандагон (хонандагон) тавонанд маҳорати гуфтори озод ва ҳамчунин нозукиҳои тарҷумаро дар забони омӯхташаванда ба таври амиқ дарк намоянд. Маҳорат дар умум, ҳамчун ҷанбаи амиқи фаъолияти даркнамоӣ фаҳмида мешавад. Амиқии амалиёт нишонаҳои асосии маҳорат аст. Ҳадафҳои асосии мустаҳкамкунии донишҳои грамматикӣ, пеш аз ҳама, коркарди маҳоратҳо мебошад, ки тавассути амиқгардонӣ метавонанд ба маҳорат мубаддал гарданд [10, с. 35].

Шарти асосии ташкили маҳорати фаъоли грамматикӣ, пеш аз ҳама, мавҷуд будани шумораи муайяни маводи лексикӣ мебошад, ки тавассути он маҳорат метавонад пайдо шавад. Амалҳои грамматикӣ метавонанд танҳо дар заминаи хазинаи луғавии муайян ташкил карда шаванд. Маҳорати грамматикӣ – ин қобилияти гӯянда нисбат ба интихоби дурусти гуфтор дар заминаи меъёрҳои муайян мебошад ва ин амал бояд дар як миқа задан ба амал бароварда шавад.

Масъалаҳои маҳорат ва истифодаи усулҳо дар илми педагогика ҳанӯз ҳам баҳснок аст ва тадқиқотҳои ояндаро тақозо мекунад. Олими машҳур Бим И. дар заминаи тадқиқоти худ зарурати таълими грамматикаро дар гуфтор зикр намуда, на дар бораи омӯзиши маҳорати грамматика сухан мегӯяд, балки оид ба иҷрои амалҳо, ҳам морфологӣ ва ҳам синтаксисӣ, бо истифодаи он сухан мекунад [1,с. 63]. Тадқиқотчӣ С. Ф. Шатилов маҳоратҳои грамматикиро ба гурӯҳҳои зерин тақсим мекунад: морфологӣ, морфологӣ-синтаксисӣ, синтаксисӣ [13, с. 56]. Олими бузург Р. П. Милруд оид ба маҳоратҳои гуфтор ва қобилият сухан ронда масъалаҳои зарурiро дар раванди муошират пешниҳод месозад [13, с. 78].

Маҳорати сермаҳсули грамматикӣ – ин қобилияти гӯянда дар интихоби усули гуфтор ва истифодаи меъёрҳои мушаххаси ҳамон забон мебошад. Вазифаҳои нутқ ҳамеша нияти

муошират ва хабар расондан, ба чизе бовар кунонидан ва амсоли инҳо мебошад. Аз ин рӯ, олими машҳур Е. И. Пассов қайд мекунад, ки меъёрҳои грамматикӣ ва вазифаҳои нутқ бояд миёни ҳам алоқамандӣ дошта бошанд [7, с. 34].

Дар илми педагогика се меъёри муайянро дар ташкили маҳорати грамматикӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Раванди ташкили маҳоратҳои грамматикиро аз нуқтаи назари гуногун тарҳрезӣ менамоянд. Дар айни замон дар таълими забонҳои хориҷӣ равандҳои гуногуни ташкили маҳорат мавҷуданд. Дар доираи раванди ташкили маҳоратҳои грамматикӣ ду усулро дидан мумкин аст: дидуктивӣ ва индуктивӣ.

Усули дедуктивӣ маънои андешаҳои ақлониро дорад. Дар заминаи усули дедуксия зинаи аввали ташкили маҳорат ва қобилият –шиносоӣ-, мебошад, ки дар заминаи шиносонидан бо қоида ва мисолҳо ба амал бароварда меншавад. Зинаи дуввум- тамрин, ки дар худ иҷрои амалҳои расмии маҳдудро дар бар мегирад. Зинаи сеюм – таҷрибаи гуфтор (тамрин нутқ) – дар заминаи машқҳои тарҷумавӣ ба амал бароварда мешавад.

Омузишҳо нишон медиҳанд, ки олимон андешаҳои мухталифро ҳангоми мустаҳкам кардани грамматикаи забон пешниҳод намудаанд. Дар ин замина махсусан андешаҳои И.Л.Бим назаррасанд. Номбурда чунин андешаҳоро ҳангоми мустаҳкам намудан ва омӯхтани грамматика пешниҳод сохтааст [1, с. 40].

Таълим ва омӯзиши грамматикаро на ҳамчун худмақсадгузорӣ, балки ҳамчун ифодаи меъёрии нутқ баррасӣ намудан лозим аст, маҳорати пурра ва амиқи донишҳои грамматикиро таъмин намудан зарур аст. Номбурда дар мустаҳкам ва таълим додани грамматика ду ҳадафи асосиро зикр намудааст: якум ҳадаф таълими дуруст ифода намудани фикр дар заминаи меъёрҳои грамматикӣ мебошад, дуввум таълими дарк намудани ҳодисаҳои грамматикӣ ҳангоми хониш ва тавассути он аз худ намудани маълумоти мушаххас мебошад [1, с. 40].

Ба ин ҳадафҳо бояд меъёрҳои фаъоли грамматикӣ мувофиқат кунанд. Илова ба ин, бояд зикр намоем, ки меъёрҳои пассивӣ грамматикӣ низ мавҷуданд, ки истифодаи онро дар навишт ва принсипҳои сермаъногӣ дидан мумкин аст [5, с. 125].

Ташкил ва омода намудани маводҳои грамматикӣ дар таълими забони англисӣ хеле муҳим аст. Ин амал пеш аз ҳама мувафақият ва ба натиҷа ноил шуданро мушаххас мегардонад: «истифодаи ҳар як ҳодисаи грамматикӣ бояд ба ҳадди зарурӣ бароварда шавад зикр мекунад А. А. Леонтьев, бояд то ҳадди маҳорат бароварда шавад. Зуд иҷро кардани амалҳо танҳо дар ҳамон ҳолате ба амал баровада мешавад, агар меъёр бо вазифа тавъам гарданд. Аз худ намудани шаклҳо дар ҳақиқат кафолати истифодаи дурусти онро намедиҳанд. Ин амал ба он оварда мерасонад, ки хонанда шаклҳоро аз ёд медонад, метавонад феълҳоро тасриф кунад, аммо дар ифодаи оддитарин ифода ҳангоми гуфтор оҷиз монад. Аз ин рӯ, қонуни муҳими мустаҳкам намудани грамматика таълими шаклҳои грамматикӣ дар заминаи иҷрои машқҳо ва раванди нутқронӣ мебошад. Танҳо дар ҳамин сурат метавонад, ки маҳорати истифодаи қонуниятҳои грамматикӣ ба миён ояд. Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми нутқ гӯяда на барои зебо кардани он аз меъёрҳои грамматикӣ истифода мебарад, балки бо мақсади ифода намудани ин ва ё он андеша кор мефармояд» [4, с. 175].

Аз ин рӯ, машқҳо бояд хусусияти комуникативӣ дошта бошанд, онҳо ба машқҳои тайёрӣ, ба омӯзиши грамматика нигаронидашуда, аз худ намудани маҳорати грамматикӣ, ва нутқ-рушд додани маҳорати гуфтор ҷудо карда мешаванд [8,с. 8].

Барои он ки усули беҳтарини самараноки маҳоратҳои грамматикӣ ва усулҳои беҳтари нутқи шифоҳироро муайян кунем, бояд пеш аз ҳама махсусиятҳои синну солиро ба назар гирем, азбаски ҳар як синну сол хусусиятҳои равонӣ ва педагогии худро дорад.

Ҳамин тавр, дар таълими забонҳои хориҷӣ, аз он ҷумла англисӣ нақши таълими грамматика агар асосӣ бошад, ҷанбаҳои дигари омӯзиш аз лиҳози равонӣ низ бояд аз назарҳо дур набошад. Дар синну соли мактабӣ инкишофи нутқ агар аз лиҳози аз худ намудани асосҳои грамматикӣ бошад, аз тарафи дигар зиёд шудани захираҳои луғавӣ низ мавқеи муҳим дорад.

Умуман, грамматика асоси тараққиёти забон ва омӯзиши он маҳсуб меёбад. Донистани он барои аз худ намудани тамоми маҳоратҳои забонӣ нутқ, хониш, навишт ва амсоли инҳо муҳим аст. Вақте сухан дар бораи мустаҳкамунии маҳорати аз худ намудани асосҳои грамматикӣ меравад бояд қатъӣ донист, ки ин амал донистани меъёрҳои мушаххаси забономӯзист, ки бидуни он забон дақиқ ва дуруст омухта нахоҳад шуд. Бо дарки амиқи онки грамматика нақши ҳалкунандаро дар омӯзиши забон дорад, устодон бояд воситаҳо ва усулҳои таълими онро дар шароити мактаби миёна пешниҳод намоянд. Ҳалли умумии масъалаҳои амалӣ, таълимӣ, тарбиявӣ танҳо дар шароити муносибати дуҷониба бо дарназардошти ҷанбаҳои равонӣ ва хусусиятҳои синну солӣ имконпазир аст.

А Д А Б И Ё Т

14. Бим, И.Л. Некоторые актуальные проблемы организации обучения иностранным языка. Учеб. для вузов / И.Л. Бим. - М., 2001. - С. 61-64.
15. Зимняя, И.А. Педагогическая психология.Учеб.для вузов / И.А. Зимняя. - М.: Логос, 2002. - С. 175-179.
16. Клименко, А.Д. Теоретические основы методики обучения иностранного языка в средней школе: учебн. Пособие / А.Д. Клименко, А.А. Миролюбова. - М.: Педагогика, 1981. – 389с.
17. Кушнир, А.А. Педагогика иностранного языка.Учебник / А.А. Кушнир. - М.: Школьные технологии, 1997. - 191 с.
18. Немов, Р.С. Психология.Учебник / Р.С. Немов. - Просвещение, 1995. - 256 с.
19. Радугин, А.А. Психология и педагогика.Учеб пособие для вузов / А.А. Радугин. - М.: Центр, 1999. - 256 с.
20. Рогова Г.В. Методика обучения английскому языку на начальном этапе в средней школе. Пособие для учителя / Г.В. Рогова, И.Н. Верещагина. - М: Просвещение, 1988. - 224 с.
21. Селевко, Г.К. Современные образовательные технологии. Учебное пособие / Г.К. Селевко. - М.: Народное образование, 1998. - 256 с.
22. Слободчиков, В.А. Контроль в обучении иностранному языку в средней школе: пособие для учителей / В.А. Слободчиков. - М.: Просвещение, 1986. - 111 с.
23. Туйгунов Н.Х. Грамматикаи забони англисӣ. Васоити таълимӣ / Н.Х.Туйгунов. - Душанбе, 2013. - 184 с.
24. Талызина, Н.Ф. Педагогическая психология: учебник / Н.Ф. Талызина. - М.: Академия, 2003. - 288 с.
25. Филатов, В.М. Методика обучения иностранным языкам в начальной и основной общеобразовательной школе: учеб.пособие для студентов педагогических колледжей / В.М. Филатов. - Ростов н. /Д: АНИОН, 2003. - 416 с.
26. Щерба, Л.В. Языковая система и речевая деятельность: учеб.пособие / Л.В. Щерба. - Л.: 1974. - С. 58.

УСУЛҲОИ ТАЪЛИМИ МАҲОРАТИ АЗХУДКУНИИ ГРАММАТИКАИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақола андешаҳои муаллиф оид ба усулҳои таълими грамматикаи забони англисӣ ва воситаҳои самаранок таълим додани он мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф бо истифода аз адабиёти илмиву таълимӣ оид ба усулҳои таълими грамматика андешаронӣ намудааст.

Таълими грамматика ҳангоми таълими забонҳои хориҷӣ нақши муҳим дорад, зеро бидуни таълими он хонанда аз усулҳои дуруст сохтани ҷумлаҳо бехабар мемонад ва ин амал ба нодурустии ифода оварда мерасонад. Усулҳои таълими грамматикаи забон гуногунанд. Аз як тараф, агар усулҳои маъмул истифода шаванд, аз тарафи дигар, маҳорати устод хеле зарурист, зеро маҳорати баланд метавонад, ки хонандаро бидуни мушкилӣ ба омӯзиш фаро бигирад. Воситаҳои гуногуни таълим аз зумраи бозиҳои гуногун низ ҳангоми таълим метавонанд истифода шаванд. Вобаста аз синну сол устод метавонад нақшҳо ва бозиҳои мухталифро интихоб намуда, онро ҳангоми таълим истифода барад. Ин амал, аз як тараф агар шавқи хонандаро бедор созад, аз тарафи дигар самаранокии таълимро таъмин месозад. Мушоҳида мешавад, ки дар аксар маврид истифодаи ҳамин гуна амалҳо самараи бештар медиҳанд ва метавонанд, ки дар мустаҳкам намудани донишҳои грамматикии хонандагон мусоидат намоянд. Аз ин рӯ, истифодаи усулҳои пешрафта, ки дар низоми таълими муосир самараноктар маҳсуб меёбад мувофиқи матлаб аст.

Калидвожаҳо: грамматика, усулҳои таълим, хусусият, бартарӣ, нақши бозиҳо, принсипҳо, маҳорат, методҳо, маҳорати омӯзгорӣ, навъҳои бозиҳои таълимӣ.

МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ ГРАММАТИКИ НА УРОКАХ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

В статье автор рассматривает методы преподавания грамматики английского языка и способы проведения эффективных уроков грамматики. На основе существующих педагогических исследований автор статьи предлагает свою точку зрения по способам преподавания грамматики английского языка.Обучение грамматики при проведения уроков английского языка занимает особое место, так как, не зная грамматических правил, обучающиеся не могут быть осведомленными о правилах построения правильных английских предложений, что приводит к неправильному выражению мысли. Надо отметить, что существуют различные способы преподавания грамматики. С одной стороны, современные методы считаются необходимыми, с другой стороны, умение и навыки преподавания играют важную роль. Различные методы преподавания, в том числе разные ролевые игры, могут быть использованы при проведении урока. В зависимости от уровня знания учащихся, преподаватель может выбирать различные ролевые игры, которые способствуют глубокому изучению выбранного материала. Этот метод, с одной стороны, создает условия, которые повышают интерес учащиеся к изучению материалов урока, с другой стороны, обеспечивают эффективность урока преподавателя. Надо отметить, что в большинство случаев использования ролевых игр обеспечивает большую эффективность закрепительных упражнений. Поэтому использование передовых методов в современной системе обучения считается более приемлемым.

Ключевые слова: грамматика, методы преподавания, особенность, преимущество, ролевые игры, принципы, умение, методы, преподавательские навыки, виды ролевых игр.

THE METHODS O TEACHING GRAMMAR IN ENGLISH LESSONS

In the article, the author examines the methods of teaching English grammar and ways to conduct effective grammar lessons. On the basis of existing pedagogical research, the author of the article offers his own points of view on the ways of teaching English grammar.Learning grammar when conducting English lessons occupies a special place, since, not knowing the grammatical rules, the trainers cannot be aware of the rules for constructing correct English sentences, which leads to the incorrect expression of thoughts. It should be noted that there are various ways of teaching grammar. On the one hand, modern methods are considered necessary, on the other hand, the skills and abilities of teaching play an important role.Different teaching methods, including various role-playing games, can be used during the lesson. Depending on the level of knowledge of students, the teacher can choose different role-playing games that contribute to the study of the selected material. This method, on the one hand, creates the condition that students will be interested in studying the lesson materials, on the other hand, it ensures the effectiveness of the lesson of the teacher.It should be noted that in most cases the use of role-playing games provides more efficiency and ensures the effectiveness of fixative exercises. Therefore, the use of advanced methods in the modern system of education is considered more acceptable.

Key words: grammar, teaching methods, singularity, advantage, role-playing games, principles, skills, methods, teaching skills, types of role-playing games.

Сведения об авторе: ***Давлатзода Хабибулло*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Н.Карабаева 64/14. E-mail: **khabibullokh@bk.ru.** Тел.: **(+992) 907-20-80-14; 918-16-18-65**
Сайдалиева Гулдаста Муродовна - Таджикский государственный финансово-экономический университет, старший преподователь кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Н.Карабаева 64/14. E-mail: **gulya-271863@mail.ru**

Information about the authors: ***Davlatzoda Habibullo*** – Tajik State University of Finance and Economics, Assistant of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe Nakhimova Str. 64/14.
E-mail: **khabibullokh@ bk.ru**
Saydalieva Guldasta Murodovna – Tajik State University of Finance and Economics, senior teacher of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe Nakhimova Str. 64/14.
E-mail: **gulya-271863@mail.ru**

УДК: 491.550-56:891.550:82

МУРОДИФОТИ ФЕЪЛҲО ВА ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ФЕЪЛӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ С. АЙНӢ

Ниҳмонова Р.
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шотемур

Дар забони тоҷикӣ миқдори феълҳо чандон зиёд нестанд. Онҳо ҳудуди 300 калимаро ташкил медиҳанд. Ин миқдорро ибораҳои феълии устувори забон пурра мекунанд ва ифодаи ҳама гуна фикри матлуб имконпазир мегардад. Дар захираи фразеологии забони тоҷикӣ гурӯҳи аз ҳама калони ибораҳоро маҳз ибораҳои фразеологии феълӣ ташкил медиҳанд, ки дар осори бадеию публисистӣ ба таври фаровон кор фармуда мешаванд. Хусусан, дар эҷодиёти публитсистии С. Айнӣ ибораҳои фразеологии феълӣ нисбатан зиёдтар ба чашм мерасанд, ки онҳо бо калимаҳои гуногун синоним гардида, мақсадро фасеҳ ва возеҳ ифода мекунанд. Мисол:

Ӯ дар зери пойи бегонагони бадкирдор поймол шудан ва таҳқир ёфтани ёдгориҳои бобою аҷдоди худро дида *азоб ва алам мекашид*, ӯ дар дасти истилогарони бераҳм кушта шудан, ё ин ки ғулом, канизак гардидан ва ё ин ки *таҳқир дидани* фарзандони худ, падар ва модари худ, ҳамширагон ва хоҳарони худро ба чашми худ дида, рӯзе ҳазор бор ба худ марг талаб мекунад, лекин мурдан ба ӯ муяссар намешавад [1, с.304].

Як усули писандидаи устод Айнӣ ин аст, ки ӯ дар ҳамаи асарҳои бадеиву публитсистиаш ВФ-ие, ки ҷузъи феълиашон муштарак аст, яклухт кор мефармояд ва онро як маротиба зикр мекунад. Дар мисоли овардаи мо низ ду ВФ – *азоб кашидан* ва *алам кашидан* омезиш ёфтааст. *Азоб кашидан* ба маънои «азоб кашидан, уқубат дидан ва азоби ниҳоят сахт доштан» омадааст. Он дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» дар шакли *азоби сагро кашидан,* яъне озору азияти сахт доштан, хорию зорӣ кашидан зикр шудааст [3, с.10]. *Алам кашидан* «ғамгин шудан»-ро ифода мекунад. Нависанда ҳар ду фразеологизмро омезиш дода, маънои онҳоро пурра кардааст. Ин ВФ бо ифодаи озоди наҳвӣ *марг талаб кардан* ҳаммаъно шудааст. Ҳам ВФ ва ҳам ифодаи озоди наҳвӣ барои ифодаи ҳолати шахс истифода шудаанд. Дар ин матн феъли таркибии *таҳқир ёфтан* ва таркиби рехтаи *таҳқир дидан* (дар қолаби *азоб дидан*) ба як маъно далолат кардаанд. Малакаи нависанда дар ин бобат аз ин иборат аст, ки ӯ барои ҳар як предмети муҳокима воҳидҳои фразеологии мувофиқро ёфта интихоб мекунад ва вобаста ба сабки инфиродии худ ба онҳо тағйирот дохил менамояд, ки аз ин матлаб халалдор нагардида, баръакс, маънӣ барҷастатар ифода меёбад.

Бояд гуфт, ки як миқдор воҳидҳои забон ба ҳодисаи универбатсия (эҷоз) дучор шудаанд. Аз ҷумла, аз таркиби ВФ-и боло низ калимаи *бор* фурӯгузор шудааст: *бори азоб кашидан* ва *бори алам кашидан,* вагарна байни исмҳои абстракти *азоб, алам* ва феъли *кашидан* ягон таносуби маъноӣ вуҷуд надорад.

С. Айнӣ дар матн муродифоти луғавию фразеологиро бо мақсади инъикоси хислатҳои манфию мусбати қаҳрамонон ва тавсифи ҳодисаву воқеаҳои гуногуни таърихӣ кор мефармояд. Баъзан якчанд калима бо воҳиди фразеологӣ мазмунан ҳаммаъно мегарданд, аммо бо тобишҳои нозуки маъно аз ҳамдигар фарқ мекунанд, бинобар ин, онҳоро ба ҷойи якдигар истифода намудан номумкин аст. Чунончи:

Сарватеро, ки ҳосили дастранҷи ранҷбарон аст, сарфи тӯбу туфанг намуда, олами Шарқро *ба зери бандагии худ даровардан*д ва боқимондаи ин оламро низ мехоҳанд, *ба даст даровард*а тамоми сарвати дунёро ба ҷайби худ кашанд ва ба ҳавасҳои худ сарф намоянд, ранҷбарони ғарбӣ ва мазлумони Шарқиро абадӣ *гулом* ва *хидматгори* худ *намоянд* [1, с.194].

Воҳиди фразеологии *ба зери бандагии худ даровардан* дар ҷумла ба маънои «касеро ғулом, хидматгор, банда кардан ва ба фармони худ даровардан» омадааст. Ин фразеологизм дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» дар ин шакл ифода наёфта, дар шакли *ба зери дасти худ гирифтан* зикр шудааст ва ба маънои «касеро ба итоати худ даровардан, мутеъ гардонидан» далолат мекунад [3, с.474]. Фразеологизми мазкур обуранги адабии китобӣ дошта, ҳолати номатлуброро ифода мекунад ва бо калимаҳои *ғулом ва хидматгор намудан* синоним гардидааст. Калимаи *банда*, ки ҷузъи асосии ин ибора аст ва маънои асосӣ дар он ифода ёфтааст, бо калимаҳои *ғулом* ва *хидматгор* муносибати муродифӣ пайдо кардааст.

Нависанда дар ҳар як матни алоҳида кӯшиш намудааст, ки муродифоти воҳидҳои фразеологиро бо калимаҳои гуногун мавриди истифода қарор дода, муносибати зичи калима ба фразеологизмро нишон диҳад. Бештари воҳидҳои фразеологӣ дар эҷодиёти публитсистии нависанда бо мазмунҳои нав ба кор бурда шудаанд. Баъзан С. Айнӣ ба таркиби фразеологизмҳо вариантҳои нав дохил намуда, матлаброро пурратар ва ҷолибтар ифода менамояд:

Газетаи «Тоҷикистони сурх» дар *фош кардани* тротскистон, бухаринчиён ва миллатчиёни буржуазӣ ва умуман *дар кушодани парда ва ниқобҳои* душманони халқ ҳақиқатан тарҷумони забони оммаи меҳнаткашони Тоҷикистон шуда кор кард ва мубориза бурд [1, с.254].

Воҳиди фразеологии *кушодани парда ва ниқоб* дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» дар намуди *парда аз рӯйи кори касе бардоштан* ба маънои «сири касеро фош намудан, кори пинҳонии касеро зоҳир кардан» омадааст [3, с.807]. Фразеологизми мазкур дар матн ба ҳамин мазмун кор фармуда шудааст. Ин ибора обуранги адабии китобӣ дошта, дар услуби бадеӣ ва публитсистӣ истифода бурда мешавад. С. Айнӣ ба таркиби фразеологизм калимаи *ниқоб*-ро дохил намуда, матлаброро возеҳтар ифода кардааст, зеро душманони халқ ба рӯй ниқоб кашида ба муқобили сохти нав пинҳонӣ мубориза мебурданд. Калимаҳои *парда* ва *ниқоб* дар дохили воҳиди фразеологӣ ба маънои маҷозӣ далолат кардаанд. Маълум мешавад, ки «фразеологизмҳои забони тоҷикӣ хусусиятҳои барҷастаи ба худ хос доранд ва бо ин хусусиятҳои худ аз фразеологизми забонҳои дигар, ҳатто аз фразеологизмҳои забони форсӣ фарқ менамоянд. Хусусиятҳои фарқкунандаи фразеологизми забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, дар инъикос намудани ҳаёт ва муҳити реалии халқи тоҷик, забон, таърих, маданият ва маишати он вобастагии зич доранд. Фразеологияи забони тоҷикӣ дар асоси имкониятҳои забони тоҷикӣ сохта шуда, хусусиятҳои онро дар бар гирифта, садҳо сол маъно ва мавқеи худро гум накарда, то ба имрӯз вирди забон шуда омадааст» [3, с.7-8].

Ба тариқи мувозӣ истифода шудани калима ва фразеологизми ҳаммаъно дар як матн аз алоқамандии зичи онҳо бо ҳамдигар дарак медиҳад, аммо ин воҳидҳо дар аксар маврид наздикмаъноянд. Чунончи:

Барои *ба роҳ андохтани* мактаб ва маорифи тоҷик *ҳозир намудани* муаллим чӣ қадар лозим бошад, *тайёр кардани* китоб ҳам ҳамон қадар зарур аст [1, с.200].

Воҳиди фразеологии *ба роҳ андохтан* ба маънои гусел кардан, фиристодан, раҳсипор кардан, ташвиқ, насиҳат карда розӣ кунондан, чизеро ба ҳаракат даровардан, ба кор даровардан, кореро дуруст карда пеш бурдан омадааст [3, с.897]. Фразеологизми мазкур хусусияти сермаъноӣ дошта, дар ин матн ба маънои ба кор даровардан омадааст. Ҷузъи асосии он калимаи *роҳ* буда, ба маънои маҷозӣ истифода бурда шудааст. Он бо маънои дар матн ифодакардааш дар ҷумла бо калимаҳои *тайёр кардан* ва *ҳозир намудан* муродифи наздикмаъно гардида, нависанда муҳиммияти мактаб ва маорифро тавассути фразеологизм ва муродифҳои луғавӣ зина ба зина ифода намудааст.

Бояд гуфт, ки С. Айнӣ муродифоти луғавиюро фразеологиро на танҳо барои гурез аз такрори бемаврид, балки ба хотири баҳодиҳӣ ба ҳодисаву воқеаҳои гуногун, образнок тасвир намудани амалу ҳолат ва инчунин кушода додани характери мусбат ва манфии қаҳрамонони асар ба кор бурдааст. Нависанда ҳангоми истифода бурдани муродифоти луғавию фразеологӣ ин воҳидҳои забонро аз ҷиҳати мазмун ва тобишҳои нозуки маъноӣ ба матн ва матлаби он мувофиқ намуда, ба кор бурдааст:

Чунонки офтоби сӯзони водии Вахш ба фаъолияти меҳнатии онҳо *монеъ шуда* наметавонад, инчунин селгарии баҳории райони Сталинобод, Кӯктош ва Арал ҳам наметавонист, ки *пеши роҳи онро гирад* [1, с.231].

Фразеологизми *пеши роҳи чизе, касеро гирифтан* киноя аз касеро аз ҳаракате боздоштан, ба рафтан ё омадани касе монеъ шудан, ба касе халал расонидан, ба пешрафти кори касе имконият надодан, чораи чизеро пешакӣ дидан аст [3, с.827]. *Пеши роҳи чизе, касеро гирифтан* ба андозаи гуногун дар ҳама услубҳои забон, хусусан, дар публитсистика ба кор бурда мешавад. Онро аз ибораҳои озод фарқ намудан мушкил аст. Ин ибора бо феъли таркибии *монеъ шудан* синоним гардида, ба хотири таъкиди матлаби нависанда ва гурез аз такрори ноҷо истифода гардидааст. Дар мақолаҳои публитсистии нависанда бо

ёрии калимаи *роҳ* таркибҳои рехтаи зиёде сохта шудаанд, ки бо иловаи ҷузъиёти нав фразеологизмҳои аз ҷиҳати мазмун ва шакл гуногун ба вуҷуд омада, дар матн матлаби нависандаро возеҳтар таҷассум намудаанд.

Воҳидҳои фразеологии забонҳои алоҳида, хусусан забони тоҷикӣ, дорои шаклҳои ба худ хос буда, бештари онҳо муродифи лексикӣ доранд, ки дар инъикоси амалу ҳолат ва мақсади аслии муаллиф нақши бузург мебозанд. Мисол:

Газетаи «Тоҷикистони сурх» дар вақте ва дар ҷое **ба майдон омад**, ки дар он ҷо то он вақт на корхона, на ягон асбоби техникаи чопӣ, на ҳарфчин ва на корректор – хулоса, чизе ва касе, ки барои **ба вуҷуд омадани** газета ва матбуот ёрӣ диҳад ва хидмат кунад, набуд [1, с.254].

Воҳиди фразеологии **ба майдон омадан** дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» дар шакли **ба майдон даромадан** ба маънои пайдо шудан, ба вуҷуд омадан омадааст [3, с. 608]. Дар ин матн низ ба ҳамин мазмун омада, бо ибораи феълии **ба вуҷуд омадан** синоним гардидааст, ки, ба як маъно далолат мекунанд. Фразеологизмҳои **ба майдон омадан** ва **ба вуҷуд омадан** маъниро муътадил ифода намуда, бештар дар нутқи хаттӣ ба кор бурда мешаванд. Ин ибора дар услуби публитсистӣ ва илмӣ зиёдтар мушоҳида мегардад.

Забони тоҷикӣ чунон бою ғанӣ аст, ки С. Айнӣ бо истифода аз калимаю ибораҳо муродифоти воҳидҳои фразеологиро бо калима бамаврид истифода намуда, бештари маврид бо ҳамроҳ кардани калимаҳои нав ба таркиби ибораҳои рехта ва ҷойивазкунии ҷузъиёти он фразеологизмҳои зиёди аз ҷиҳати маъно тамоман ё каме фарқноке ба вуҷуд овардааст. Чунончи, дар мисоли зерин феъли *мурдан* бо ибораи *осори ҳаёти касеро аз дунё бардоштан* аз ҷиҳати маъно наздик шудаанд:

Чунонки ворисони боинсоф пеши бемор бардурӯғ ва бориё ҳарфҳои тасаллиомез зада, ҳақиқатан ҳарчӣ зудтар *мурданашро* аз Худо металабанд, инчунин фарангиён ҳам ба сари бистари бемори Шарқ нишаста тасаллиҳои риёӣ дода, ҳақиқатан ҳарчӣ зудтар *осори ҳаёти ин* бечораро *аз дунё бардошта* ба амлокаш соҳиб шуданро мехостанд [1, с.22-23].

Фразеологизми *осори ҳаёти касеро аз дунё бардоштан* дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» зикр нашудааст. Як маънои феъли *бардоштан* несту нобуд кардан, аз байн бурдани касе, чизе аст. Нависанда аз қолабҳои тайёри забонро (масалан, аз дунё гузаштан) ба назар гирифта, бо тақозои матн чунин ибора сохтааст. Ин ибора дар матн ба маънои марги маҷбурӣ, ҳалок кардани касе омадааст. Бо истифодаи воҳидҳои ҳаммаъно нависанда мақсади аслии аҷнабиёнро фош кардааст. Калимаи *мурдан* мазмунро дурушт ифода намуда, обуранги манфӣ дорад ва эҳсосоти ногуворро ифода мекунад. Чунонки дида шуд, фразеологизм ва калима яке маънои дигареро пурра намуда, ба ҳамдигар таъсир расонида, аммо бо тобишҳои нозуки маъноӣ аз ҳам тафовут доранд.

Муродифшавии калима бо воҳидҳои фразеологӣ ба нависанда имкон медиҳад, ки аз такрори ноҷо худро канор гирифта, инчунин тасвири хусусияти хосси хатти сужаро истифода намояд. Нависанда барои возеҳ баён намудани холати эмотсионалии персонаж дар ҳолати нооромӣ ва тарс ду воҳиди фразеологиро бо калимаи синонимӣ истифода карда, амалу ҳолатро таъсирноктар ифода намудааст. Чунончи:

Ҳангоме ки лашкари рус ба Туркистон қадам ниҳода дар садади истило даромад ва амир дар муқобилат ба Русия аз *ваҳму ҳарос* мутараддид монд, хусусан баъд аз шикаст ва инҳизоми Майдаюлғун қалбан аз муҳориба тамом *дил бардошт,* уламо хуруҷ карда, авомро дар атрофи худ гирд оварда, эълони ҷиҳод доданд, аз синфи уламо *дар бим ва ҳисоб афтод* [2, с.96].

Дар матни боло фразеологизми *дили касеро бардоштан* дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» ба маъноҳои зерин омадааст: ба касе тасаллӣ, дилдорӣ намудан, касеро рӯҳбаланд, далер, хурсанд кардан [3, с.361], аммо дар матн ба маънои аз касе, чизе даст кашидан омада, бо ВФ-и *дил кандан* вариант шудааст.

Фразеологизми *дар бим ва ҳисоб афтод* дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» зикр нашудааст. Ин ВФ дар қолаби *ба андеша афтодан, ба фикр афтодан* сохта шудааст, ки аз таркиби инҳо дар натиҷаи қонуни сарфаи неру вожаи *дарё* фурӯгузор гардидааст. Яъне, шакли пурраи он *дар дарёи бим ва ҳисоб афтодан* аст. Ин ВФ бо таркиби *ваҳму ҳарос* муносибати муродифӣ пайдо кардааст, ҳарчанд аз нигоҳи мансубияти грамматикӣ мутобиқ нестанд.

Аз тадқиқи маводҳои амалии нависанда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки истифодаи давомноки муродифоти воҳидҳои забон яке аз воситаҳои ҷозибанок тасвир кардани матлаб буда, дар ҷойи худ истифода намудани онҳо ба маҳорати баланди нависанда вобаста аст.

С. Айнӣ дар корбурди синонимҳо ва тобишҳои нозуки онҳо маҳорати хосса зоҳир менамояд, ки ин хуб огоҳ будани нависандаро аз адабиёти классикӣ ва забони зиндаи халқ нишон медиҳад. Агар осори пургановати устодро варақгардон намоем, баръало мушоҳида мекунем, ки барои нависанда ду чиз меъёр будааст: забони адабиёти классикӣ ва забони зиндаи халқ, яъне бузургонамон чӣ мегуфтанду чӣ менавиштанд ва дар забони мардумӣ чӣ

мегӯянд. Бинобар ин, ҳангоми корбурди воҳидҳои луғавию фразеологии ҳаммаъно бисёр эҳтиёткорона муносибат мекард. Ин воҳидҳои забон дар публитсистикаи С. Айнӣ ба мақсадҳои муайяни услубӣ истифода гардида, ба мундариҷаи матн мувофиқат менамоянд. Синонимҳо дар публитсистикаи С. Айнӣ барои гурез аз такрори вожаву таъбирҳо ва чанд тариқа баён намудани фикр корбаст шудаанд. Воҳидҳои луғавию фразеологӣ амал, ҳолат ва воқеаҳои таърихиро бо обуранги махсус ифода намуда, нутқи қаҳрамонон ва мақсади муаллифро саҳеҳ ифода менамоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Куллиёт. - Душанбе: Ирфон, 1964. - Ҷ.9. - С. 415.
2. Айнӣ С. Куллиёт. - Душанбе: Ирфон, 1966. - Ҷ.10. - 344 с.
3. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1963. – Ҷ.1. – 951 с.
4. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1964. – Ҷ.2. – 937 с.
5. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик / М. Фозилов. – Душанбе: 1963. – Ҷ. 1. – 951 с.
6. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – Ҷ. 2. – 949 с.

МУРОДИФОТИ ФЕЪЛҲО ВА ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ФЕЪЛӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ С. АЙНӢ

Мақола дар бобати мавқеи ибораҳои фразеологии феълӣ дар пурра кардани системаи феълҳои забони тоҷикӣ, ҳаммаъноии феълҳо бо фразеологизмҳои феълӣ баҳс мекунад. Таъкид мешавад, ки С. Айнӣ аз боигарии луғавию фразеологии забони тоҷикӣ, ки тӯли қарнҳо арзи ҳастӣ кардааст, фоида бурдааст. Нависанда калимаҳо ва навъҳои гуногуни таъбирҳои фразеологии забонро мувофиқи талаби матн бо як маҳорати хосса истифода намудааст. Муродифоти луғавию фразеологӣ дар баёни матлаби нависанда кумак карда, моҳияти масъаларо равшану барҷаста ифода намудаанд. Адиб ҳангоми истифодаи ин навъи муродифот ба тобишҳои маъноии онҳо эътибори ҷиддӣ дода, ҳар кадомро дар ҷойи худ мавриди истифода қарор додааст. Таркибан устувор будани фразеологизмҳо имкон намедиҳад, ки ҷузъи таркибии онҳо тағйир дода шавад, зеро ин боиси аз байн рафтани онҳо ҳамчун воҳиди таркибии системаи забон мегардад, аммо дар эҷодиёти С. Айнӣ ин амал бо эҳтиёт анҷом дода шудааст. Аз гурӯҳҳои сохтории ВФ дар осори публитсистии адиб танҳо таркибҳо ва ибораҳои фразеологии феълӣ бо калима муносибати ҳаммаъноӣ зоҳир намудаанд. Муродифоти луғавию фразеологии осори нависанда дар тасвири воқеаҳои таърихӣ ҳамчун василаи баҳодиҳанда хизмат кардаанд. Онҳо бо мақсади худдорӣ аз такрори бемавриди сухан, дақиқ ифода кардани матлаб, пурра кардани маънои ҳамдигар хизмат кардаанд. Ба мисли муродифоти луғавӣ ва фразеологӣ ин навъи муродифот низ бо тобиши нозуки маъно, обуранги мухталифи услубӣ, доира ва дараҷаи истеъмол аз ҳамдигар тафовут доранд.

Калидвожаҳо: муродифот, воҳидҳои фразеологӣ, муродифоти луғавию фразеологӣ, тобиши маъно, гурез аз такрор, публитсистика, обуранги услубӣ, дараҷаи истеъмол.

СИНОНИМИЯ ГЛАГОЛОВ И ГЛАГОЛЬНЫХ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ПУБЛИЦИСТИКЕ С. АЙНИ

В статье речь идет о роли глагольных фразеологических единиц в обогащении системы глагола таджикского языка, синонимии глаголов и глагольных фразеологизмов на примере публицистики С. Айни. Подчеркивается, что писатель продуктивно употребил лексико- фразеологическую синонимию таджикского языка, которая издревле служила в качестве выразительных средств языка. Лексико-фразеологические единицы использованы писателем в зависимости от требований контекста. Эти единицы способствовали выражению цели писателя, во многом уточняя суть проблемы. С Айни, употребляя языковые единицы, уделяет особое внимание их смысловым оттенкам и использует их по назначению. Хотя устойчивость фразеологизмов не даёт возможность изменить их состав, однако в творчестве С. Айни это осуществляется с предельной осторожностью. Из структурных типов ФЕ в публицистических произведениях писателя синонимичность проявили глагольные фразеологические сочетания и словосочетания. Лексико-фразеологические синонимы в творчестве писателя использованы для описания исторических событий в качестве оценивающего элемента. Они употреблены с целью воздержания от повтора, уточнения цели, дополнения значения друг друга. Подобно лексическим и фразеологическим синонимам данная разновидность синонимии отличается тонкими смысловыми оттенками, стилистическими особенностями, кругом и степенью употребления.

Ключевые слова: синонимия, фразеологические единицы, лексико-фразеологическая синонимия, смысловые оттенки, избежание повторов, публицистика, стилистическая окраска, степень употребления.

THE SYNONYMY OF VERBS AND VERBS PHRASEOLOGICAL UNITS IN JOURNALISM OF S. AINY

The article deals about the role of verbs phraseological units in enrichment of verbs in Tajik linguistics, synonymy of verbs and the verbs phraseological units on journalism of S. Ainy. I need emphasize that the writer often had using lexico phraseological synonymy of the Tajik linguistics which used during many years as a expressively units of the linguistics. The lexico phraseological synonymy was used by writter according with the context. These units contributed to expression writer is purpose brightly and clarifying the court of problem. S. Ainy was using units pays special attention to their semantic shades and used them for their intended purpose.Although the stability of idioms does not give to change their composition but in the work of S. Ainy this done with wariness.From structural types of phraseological units in the journalism works of S. Ainy synonyms were expressed by verbs phraseological units and phrase. The lexico phraseological synonymy in the works of S. Ainy was used for description historical events as a rating element. They are used for the avoiding inappropriate repetitions, clarifying the purpose and complement each others. Like lexical and phraseological synonymy this kind of synonymy differ by nuances of color,stylistic fiatures and degree of use.

Key words: synonymy, the phraseological units, the lexico phraseological synonymy, the meaning shade, to avoid inappropriate repetitions, journalism, stylistic colour, the degree of using.

Сведения об авторе: ***Нихмонова Рангина*** – Таджикский аграрный университет им. Ш.Шотемура, ассистент кафедры английского языка. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Рудаки 146.
Тел.: **(+992) 915-14-00-70**

Information about the author: ***Nihmonova Rangina*** - Tajik Agrarian University named after Sh.Shotemura, Assistant, Department of English. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Rudaki 146. Tel.: **(+992) 915-14-00-70**

УДК: 491.550:372.800.2:004 (575.3)

АСОСҲОИ НАЗАРИИ ЗАБОНШИНОСИИ ПАЙКАРАВӢ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТИИ МУОСИР

Раҳимов Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити рушди технологияи иттилоотӣ ва самтҳои гуногуни илмии марбут ба он, аз қабили забоншиносии татбиқӣ ва ё худ забоншиносии компютерӣ, самти махсуси ин соҳа бо номи забоншиносии пайкаравӣ дар солҳои охир рушду такомул ёфта истодааст. Қисми асосии забоншиносии пайкараviро маводи забон ташкил медиҳад, ки дар он тамоми воҳидҳои забони ба мисоли қоидаҳо, иттилоот ва матнҳо шомиланд. Махсусан, дар бахши тарҷумаи маводи забон ҳайати қиёсии матнҳо ва ҳайати мувозии матнҳо нақши муҳим мебозанд. Масалан, ҳайати мувозии матнҳо маҷмӯи ҳуҷҷатҳоеанд, ки ба ду ва зиёда забонҳо тарҷума гашта, онҳо бо ҷумлаҳо ва нишонагузориҳо муқаррар ва ба тартиб оварда шудаанд.

Ҳайати забонӣ бештар барои коркарди иттилоот аҳамияти аввалиндараҷа дошта, дар баробари ин, ба масоили ғанисозии маводи иттилоотии забон ва дар ин замина барои омӯзиши забони муайян ва ҳамчунин дар масъалаҳои тарҷума нақши муҳим дорад. Ҳамчунин кор бо ҳайати забонӣ чунин муҳиммиятро доро аст:

Аз нигоҳи забоншиносии пайкаравӣ масъалаҳои нисбатан муҳим ва аввалдараҷаи амалиро ба таври зайл баён намудан мумкин аст:

- ғанигардии маҷмӯи тарҷумаҳои ба луғат воридгашта аз ибораҳои устувори дар матни додашуда истифодашуда;
- муайянкуниистифодабарӣ ва аҳамияти калимаҳои конкретӣва ибораҳоисоҳаи предмети муайян дар матн;
- верификатсияи мафҳуми воҳидҳои лексионӣ, ки аллакай, дар луғатҳои дузабона қайд гаштаанд;
- қайдкунии ибораҳои устувор (ё муқаррарӣ) ва ибораи рехта– идиома, ки дохилкунии онҳо ба луғатҳои автоматӣ мувофиқи мақсад аст [1; 3; 5; 7; 10; 12].

Дар асоси базаҳои пурраи матнии матнҳои мувозии ба тартибовардашуда мумкин аст, ки ҷуфти калимаҳои устувор қайд карда шавад. Мисоли ”калимаи додашуда–тарҷума ”.

Истифодаи матнҳои мувозӣ дар лексикографияи дузабона ва биёрзабона, инчунин дар тарҷумаҳои амалӣ ва назариявӣ.

Имрӯзҳо барои ҳалли масъалаҳои тадқиқотӣ дар самти забоншиносии пайкаравӣ самтҳои зеринро мавриди таваҷҷуҳи бештаре қарор додаанд:

- гузоштани интерференсияи забонҳои хеш, муаллифон дар матнҳо бо хусусиятҳоии лексикиву грамматикӣ;
- муайянкунии хусусияти тарҷума дар асоси матнҳои тадқиқшуда ва тарҷумагашта;
- муайянкунии мувофиқати комили тарҷумаи матнҳо.

Дар ин миён сохтани ҳайати мувозии матнҳо баробаркуниро талаб мекунад. Баробаркунии матнҳо дар ҷумла масъалаҳои мушкилро пеш меорад, ки он одатан бо бисёр ҳалҳои гуногун дар ҳангоми натиҷа бадастмеояд:

- ҳалҳои ғайри якхелаи масъалаҳо ва ба қисматҳо ҷудо шудани матн тавассути ҷумла;
- номувофиқатии ҷудокунии матнҳои воридшаванда ва беруншаванда, чунин номувофиқати ҳангоми тарҷумаи дастии матнҳо пайдо мешавад.

Баробаркунии матнҳои ҷумла дарасоси тахминкунии мавҷудияти танҳо шаш мувофиқати имконпазири байни моделҳои тарҷумагашта сурат мегирад. Мувофиқат /Номувофиқатии формалӣ:

- тарҷумаи як ҷумла бо истифодаи як ҷумла сурат мегирад;
- тарҷумаи ду ҷумла бо истифодаи як ҷумла сурат мегирад;
- тарҷумаи як ҷумла бо истифодаи ду ҷумла сурат мегирад.

Ҳангоми автоматикунонии фармони баробаркунӣ дар асоси мувофиқати бобҳои матн қайд мегарданд, ки онҳо ба ин модел мувофиқанд.

Инсоният дар тамоми давраҳои таърихӣ барои ба даст овардан ва нигоҳдошту захирасозии маълумотҳо барои даврони худ ва наслҳои оянда боқӣ гузоштани мероси илмӣ-бадеӣ ҳамеша кӯшиш ба харҷ медод. Дар ин замина кӯшишҳои пайвастаи олимон, муҳандисону таҳқиқотчиён дар риштаҳои гуногуни илм бахусус илмҳои дақиқ, бо мақсади ташкили тарзи муосири ҳаёт хело ҳам арзанда аст. Ин кӯшишу талошҳои имли дар пайи худ инқилобҳо ва кашфиётҳои азимеро ба бор овард, ки сабабгори рушди ҷомеаи башар гардид.

Инқилоби якуми иттилоотӣ-бо ихтирои алифбо вобаста аст, ки он ба пешрафти азими миқдорию сифатӣ оварда расонд. Имконияти аз насл ба насл додани донишҳо пайдо шуд.

Инқилоби дуюми иттилоотӣ-бошад (нимаи асри XVI) ба ихтироикитобчопкунӣ рост меояд, кибарои дар ҳаҷми калон бо тартиби муайян ва бо сифати баланд захирасозӣ ва нигаҳдории маълумотҳои зарурӣ, маводҳои илмӣ бадеӣ ва дигар навъҳои манбаҳои илмӣ хело ҳам мувофиқ буд.

Инқилоби сеюми иттилоотӣ-(охирҳои асри XIX) ба ихтирои барқ рост меояд, ки ихтирои барқ ба пайдоиши воситаҳои электронӣ, аз қабили радио, телевизор телефону телеграф ва ба ин монад, ки барои зудтар дастрас намудани маълумотҳои зарурӣ ва сарфаи ками вақт мусоидат менамояд, асос гузошт.

Инқилоби чоруми итттилоотӣ солҳои 70-80-уми асри XX-ро дар бар мегирад, ки бо пайдоиши технологияҳои микропротсессорӣ рост меояд. Солҳои 70-80-уми асри гузашта давраи рушд ва тараққи намудани компютерҳои фардӣ ба ҳисоб меравад [1; 5; 7; 12]. Ин компютерҳо бо ҳаҷми хурд хотираи васеи нигоҳдории маълумотҳо ва инчунин бо зудкории худ аз наслҳои пешин тафовути зиёд доштанд. Маҳз рушди ин соҳаи ҳаётан муҳим боиси пайдо гардидани имкониятҳои васеъи захирасозӣ, интиқол ва коркарди маълумотҳо бо сифати баланд бо истифода аз усулҳои технологияҳои иттилоотӣ гардид. Инчунин технологияҳои иттилоотӣ барои пайдоиши фанҳои нав, ба монанди “Забоншиносии компютерӣ” ё ин ки “Забоншиносии пайкаравӣ” дар самти омӯзиши забонҳо мусоидат намуд. Забоншиносии компютерӣ бо истифода аз усулҳои технологияҳои иттилоотӣ дар чаҳорчӯбаи илми забоншиносӣ фаъолият намуда, барои омӯзишу пажӯҳиши самтҳои нави таҳқиқ дар ин самти илм хизмат мерасонад. Забоншиносии пайкаравӣ бошад бароиомӯзиш ва таҳияи пайкараҳои забонҳои гуногуни дунё ҳамчун самти нави омӯзиш дар доираи забоншиносӣ фаъолият мекунад.

Забоншиносии пайкаравӣ қисми махсуси забоншиносии татбиқӣ буда, бо сохтан, коркард, истифода ва тадқиқи хусусияти забонии пайкараҳои матнӣ машғул мебошад. Бояд тазаккур дод, ки пайкара ин системаи иттилоотӣ буда, ба ҷамъоварии матнҳои электронӣ дар забонҳои гуногун асос ёфтааст. Пайкараи миллӣ дар забонҳои гуногун асарҳоро аз рӯйи сабк, жанр, услуб дар бар мегирад ва аз ҷониби забоншиносон мутахассисони забоншиносии пайкаравӣ, ки дар соҳаи забоншиносии муосир тадқиқот мебаранд, барои тадқиқоти илмӣ ва омӯзиши забонҳо таҳия мешавад.

Ин мафҳум ва истилоҳ солҳои 60-уми асри XX дар робита бо рушди амалисозии пайкараҳои матн ба миён омадааст. Дар баробари ин, дар солҳои 80-ум бошад ба рушди ин соҳа ташакули техникаи ҳисоб барори кӯмак намуд. Пайкара гуфта, маҷмӯи матнҳоеро меноманд, ки бо як тартиб ва қонуни муайян ҷамовари шудаанд ва бо системаҳои иттилоотӣ-ҷустуҷӯии махсусгардонида шуда таъмин карда шудаанд. Баъзан корпус гуфта дилхоҳ ҷамъоварии матнҳоеро меноманд, ки бо ягон хосият ё аломат бо ҳам муттаҳиданд ва умумият доранд. Аввалин пайкараи калони электронӣ пайкараи Браунӣ (БК,англ. Brown Corpus – BC), ки соли 1960 дар донишгоҳи Браун сохта шудааст, ба ҳисоб меравад. Он дар худ 500 порчаҳои матнӣ дошт, ки дар ҳар яки он 2 ҳазор калима ба забони англисӣ дида мешуд. Он бо забони англисӣ соли 1961 дар ШМА чоп гаштааст. Ба ин монанд пайкараи навбатӣ соли 1970 луғати забони русии Засорина тартиб дода шуд, ки дар худ 1 миллион калима дошт. Самти истифодаи он самтҳои сиёсӣ, санъат, илм ва адабиёт буд. Ба монанди ин амсила инчунин пайкараи забони русӣ соли 1980 дар Донишгоҳи Уппсалаи Шветсия сохта шуд.

Дар баробари рушди босуръати технологияи компютерӣ дар солҳои 80-уми асри гузашта дар ҷаҳон ба сохтани пайкараҳои ҳаҷман калон шурӯъ намуданд. Дар Британияи Кабир ин гуна лоиҳаҳо Бонки англисӣ (Bank of English) дар Донишгоҳи Бирмигем ва пайкараи миллии британиявӣ (British National Corpus, BNC) буд. Дар ИҶШС бошад чунин лоиҳа Фонди мошинии забони русӣ, ки бо ташаббуси А.П. Ершов сохта шуда буд, ба ҳисоб мерафт [1, с.3].

Дар даврони муосир бошад, аз пайкараҳои бузурги забонҳои хориҷӣ ба монанди пайкараи забони русӣ, ки мувофиқ ба омори 7 апрели соли 2018 пайкара дар ҳаҷми 283 млн. калимаву ибораҳо ва матнҳои гуногуни илмиву бадеӣ дар ин забон ҷой дошта таъсис ёфта истодааст. Ҳаҷми умумии тарҳи пайкара бошад мувофиқ ба ин омор 600 млн. калимаву иборот ва махзани бойи илмиву адабии ин забонро бояд дар бар гирад [10].

Пайкараи дигар ин пайкараи забони англисӣ мебошад. Пайкараи миллии забони англисӣ BNC (British National Corpus) аз соли 1991 то соли 1994 аз тарафи Донишгоҳи Оксфорд, Ланкастер ва инчунин китобхонаи Англия дар ҳаҷми 100 млн. калима, матнҳои имлмиву бадеӣ ва калимаҳои гуфтугӯӣ тартиб дода шудааст. Баъд аз ин то соли 2014 ҳолати пайкара бетағйир боқӣ мемонад. Дар моҳи июли соли 2014 аз тарафи нашриёти Донишгоҳи Кембридҷ ва маркази пайкарасозӣ дар Донишгоҳи Ланкастер тасмим гирифтанд, ки пайкараи нави забони англисиро созанд. Дар моҳи июли ҳамон сол ба такмили пайкараи забони англисӣ шурӯъ карданд, ки он асарҳо, матнҳо ва калимаҳои аз ибтидо то миёнаҳои соли 2010-ро дар бар мегирифт. Шакли электронии пайкараи англисӣ-амрикоиро бошад, солҳои 2000 то 2003 профессори самти пайкарашинос Маркс Девис аз Brigham Young University дар ҳаҷми 450 млн. вожаву ибора сохтааст [6; 8; 12].

Пайкараи миллӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

1. Пайкара матнҳои хаттӣ ва шифоҳиро аз рӯйи жанрҳои гуногуни бадеӣ, публитсистӣ, таълимӣ, илмӣ, расмӣ, гуфтугӯӣ ва лаҳҷавӣ дар бар мегирад.
2. Пайкара иттилооти махсуси иловагиро оид ба таркиби матнҳои ба он воридшуда пешниҳод менамояд.

Мавриди зикр аст, ки тавсифи асосии пайкара тарҳбандӣ дониста мешавад, ки онро аз дигар маҷмааҳои одии матнҳо хусусиятҳои махсус фарқ мекунонанд. Барои ташкил кардани пайкараи миллӣ омилҳои диққатҷалбкунӣ, самаранокии китоб, бартарияти баланди илмӣ ё бадеӣ муҳим бошад ҳам, ин махсусиятҳо наметавонанд нишонаи аввалиндараҷаи матнҳо бошанд. Пайкараи миллӣ аз китобхонаи электронӣ бо он фарқ мекунад, ки агар китобхонаи электронӣ маҷмӯи матнҳои «шавқовар» ё «манфиатнок»-ро дар назар дошта бошад, пайкараи миллӣ матнҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо чун мавод барои омӯзиши забон истифода мешаванд. Инчунин, пайкара иттилооти иловагиро оид ба сохтори матнҳо метавонад пешниҳод кунад. Ҳар қадар тарҳбандии матнҳо гуногун бошад, ҳамон қадар арзиши илмиву таълимии он баланд мебошад. Айни замон пайкараи миллии забонҳо 4 намуди тарҳбандиро истифода менамоянд:

1 Метатекстӣ
2. Морфологӣ
3. Лаҳҷавӣ
4. Семантикӣ.

Зикри ин нукта зарур аст, ки системаи тарҳбандиҳои пайкаравӣ ҳамеша дар ҷараёни рушду такомул мебошад. Пайкара аз миқдори охирноки матнҳо сохта мешавад ва барои инъикоси феноменҳои грамматикаи забонӣ комилан мувофиқ аст. Барои намояндагӣ андоза ва ҳам қолабу сохти пайкара муҳим аст. Намояндагии андоза аз масъала вобастааст ва он аз миқдори намунаҳои ёфтшуда дар феномен муайян мегардад. Дар алоқамандӣ аз нуқтаи назари статистикӣ дар забон миқдори хело зиёди калимаҳои камёб (ба нудрат вохӯранда) дида мешаванд. Барои тадқиқи 5000 калимаҳои аввали зуд-зуд истифодашаванда ба пайкара андозаи 10–20 миллион калимаҳо лозим мешавад. Барои тадқиқи 20000 калимаҳои аввали зуд–зуд истифодашаванда бошад, пайкараи дорои зиёда аз 100 миллион калима дошта истифода мешавад.

Дар ибтидои ҷараёни аломатгузории матн марҳилае, ки барои ҳар як корпус ҳатмӣ мебошад, дохил аст:

- токенизатсия (тақсимкунӣ ба аломатҳои орфографӣ, хамчунин шинохти аломатҳои морфологии забон - токенҳо);
- лемматизатсия (мувофиқ кардани қолаби калима ба қолаби луғавӣ);
- таҳлили морфологӣ [7, с.32].

Дар аксар корпусҳо масъалае, ки пеш актуалӣ набуд пайдо мешавад: ҷустуҷӯ бо талабот метавонад, ки миқдори хело зиёди садҳо ва ҳазорҳо натиҷаи ҷустуҷӯро пешниҳод созад, аммо онҳоро дар як муддати муайяни кӯтоҳ аз назар гузаронидан ғайриимкон аст. Барои ҳалли ин масъала системаҳое сохта мешаванд, ки имконияти гурӯҳбандии натиҷаҳо ва ба таври автоматӣ тақсимкунии онҳоро ба зермаҷмӯҳо фароҳам меоваранд [8; 10; 12].

Ба сифати пайкара метавонанд, ки маҷмӯи матнҳое, ки дар интернет даст ёбанд, истифода шаванд. Масалан, миллиард калимаҳои муайяни истифодашавандае, ки барои забонҳои асосии ҷаҳонӣ истифода мешаванд. Барои забоншиносон роҳи аз ҳама машҳур барои кор дар интернет ин тартиб додани дархостҳо барои системаҳои ҷустуҷӯӣ ва тафсиркунии натиҷаҳо бо шумораи саҳифаҳо мебошад.

Дар забони англисӣ чунин илм ё худ методологияро (илм дар бораи сохт) “Googleology” ном гузоштаанд. Барои забони русӣ аз ҳама номи муносиб ин Яндексология аст. Чунин муносибат барои ҳалли синфи масъалаҳои маҳдуд истифода мешавад. Воситаи нишонагузории матн дар веб истифода мешавад. Аммо дар веб хусусиятҳои забонӣ қолаббандӣ нагаштааст.

Роҳи дигар ин ба таври автоматӣ аз интернет бор карда гирифтан ё ҷудо намуда гирифтани миқдори калони саҳифаҳо ва дар оянда истифода бурдани онҳо ҳамчун пайкара мебошад. Ин амал имкон медиҳад, ки параметрҳои забоншиносӣ дар дархостҳо истифода шавад. Ин тарзи кор инчунин имкон медиҳад, ки пайкараи намояндагӣ барои дилхоҳ забон дар интернет зуд сохта шавад. Аз ҳама пайкараи машҳур, ки ҳамчун пайкараи матнӣ шинохта шудааст, истифодаи сафҳаи Википедия ба шумор меравад.

Мавриди ин масъала муҳим аст, ки *с*оли 2006 шабакаи Татоэба (Tatoeba) ба истифода дода шуд, ки он имкони воридсозӣ ва тағйирсозии ҷумлаҳоро дар ҳар гуна забонҳо доро аст. Пештар дар асоси он фақат забони англисиву японӣ дохил буд ва ҳозир бошад зиёда аз 80 забон ворид аст [1, с. 28; 10; 12].

Дар ин замина пайкараи миллии забони тоҷикӣ дар зинаи такмилёбӣ қарор дошта, танҳо кӯшишҳои ба анҷом нарасида дар ин самт ҳанӯз дастоварди ҷиддӣ муаррифӣ шуда наметавонанд.

Бо ташаббуси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамкории Мактаби технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ, дар сомонаи www.termcom.tj бори аввал Пайкараи миллии забони тоҷикӣ тарҳрезӣ ва бунёд гардид. Эҷоди пайкараи (корпуси) забони тоҷикӣ бар пояи на камтар аз 10 миллион вожаи матнҳои тоҷикӣ ба нақша гирифта шудааст.

Пайкараи миллӣ, пеш аз ҳама, барои таъмини матнҳои гуногун барои тадқиқотҳои илмӣ-лексикӣ ва грамматикии забон ва ҳамчунин барои ворид сохтани тағйротҳои бемайлони ҷараёнҳои забонӣ, ки дар даврањои на он қадар тӯлонӣ ба вуҷуд омадаанд, лозим аст. Вазифаи дигари пайкара ин пешниҳоди маълумотҳое аст, ки он ба қисматҳои гуногуни забон вобаста мебошад. Пайкараи миллӣ матнҳои гуногунро аз даврањои рушду такомули забон дар шакли тайёр пешниҳод менамояд. Дар пайкара матнҳо дар шакли нусхаи асл оварда мешаванд. Пайкараи миллӣ айни замон аз зерпайкараҳои зерин иборат аст:

1. Пайкараи амиқи мухтасаршуда, ки дар ин зерпайкара барои ҳар як ҷумла сохтори пурраи морфологиву синтаксисӣ оварда шудааст.
2. Пайкараи матнҳои параллелии забонҳои гуногун, ки дар он тарҷумаи калима ва ибораҳо дар забонҳои гуногун оварда шудааст.
3. Пайкараи матнҳои лаҳҷавӣ, ки дар он сабти нутқи лаҳҷавии минтақаҳои гуногун пешниҳод мешавад.
4. Пайкараи матнҳои шеърӣ, ки дар он тамоми матнҳои дар шакли шеърӣ овардашуда, пешниҳод мегардад.
5. Пайкараи омӯзиши забон, ки дар он маводҳо барои мактаббачагон ҳамчун маводи омӯзишӣ пешниҳод мегардад.
6. Пайкараи нутқи шифоҳӣ, ки дар он сабти шифоҳии матнҳо оварда мешавад.

Пайкараи Рӯдакӣ
Пайкараи Лоиқ
Пайкараи Мавлоно
Пайкараи Фирдавсӣ
Пайкараи Саъдӣ
Пайкараи Ҳабибулло Файзулло
Пайкараи Муъмин Қаноат.

Пайкараи миллии забони тоҷикӣ аз рӯйи сохт ва таркиб худ ба пайкараҳои миллии дигар забонҳо шабоҳат дорад. Масалан, аз рӯйи сохтори пайкараҳои миллии забонҳои муқтадир дар он, пеш аз ҳама, матнҳое ҷойгир мешаванд, ки намоёнгари забони фаъоли муосир бошанд. Ба пайкара матнҳои гуногун, ки қариб ҳама паҳлуҳо ва шохаҳои фаъолияти забони муосирро дар бар мегиранд, дохил мешаванд:

намунаи матнҳои осори маъруфтарин ва маҳбубтарин адибони классикии тоҷик ба мисли Рудакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Ҳофиз, Румӣ;

- насру назми жанрҳои гуногуни адабиёти муосир;
- матни ба эфир паҳншудаи барномаҳои радио ва телевизиони тоҷик;
- матни рӯзномаҳо ва ахбор;
- матни маҷаллаҳо;
- матнҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ;
- матнҳои расмӣ-идорӣ ва ҳуқуқӣ;
- матнҳои луғоту фарҳангҳои маъруфи тоҷикӣ ва дузабона;
- матнҳои маишӣ, ба монанди номанигорӣ ва муошират.

Матнҳо вобаста ба ҳаҷму андозае дар пайкара гирдоварӣ мешаванд, ки ба мукаммалии мазмуну мундариҷаи пайкара ва умуман ба маҷмӯи воҳиди матнҳои мавҷуда мутаносибанд ва барои дастрасии иттилооти умумии зарурӣ аҳаммият доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Баранов, А.Н. Введение в прикладную лингвистику / А.Н. Баранов // Учебное пособие. - М.: Эдиториал УРСС, 2001. - 360 с.
2. 2.Захаров, В.П. Корпусная лингвистика. Учебник для студентов гуманитарных вузов / В.П.Захаров, С.Ю. Богданова. - Иркутск: ИГЛУ, 2011. – 161 с.
3. Шаров, С.А. Частотный словарь русского языка / С.А. Шаров. – М., 2002. – 348 с.
4. Шерстинова Т.Ю. «Один речевой день» на временной шкале о перспективах исследования динамических процессов на материале звукового корпуса / Т.Ю. Шерстинова // Филология. Востоковедение. Журналистика. Серия 9. – СПб., 2009. – С. 26 – 33.
5. Atkins S. Corpus Design Criteria / S.Atkins, J.Clear, N.Ostler // Literary and Linguistic Computing. – 1992. – Vol. 7. - No. 1. – Pp.1-16.
6. Biber D. Corpus Linguistics. Investigating language structure and use / D. Biber, S. Conrad, R Reppen. - Cambridge University Press, 1998. - 283p-s.
7. 7.Českýnárodníkorpus – úvod a příručkauživatele FF UK / Kocek, J. – Kopřivová, M. – Kučera, K. – ÚČNK 2000. – 232 str.
8. Finegan E. Language: its structure and use / E. Finegan. – N.Y.: Harcourt Brace College Publishers, 2004. - 161 p-s.
TERMINOLOGY DESIGNATIVE RELIGIOUS NOTIONS IN TAJIK AND GERMAN LANGUAGES

Each clan or tribe has its own religion, customs and traditions. Depending on this, there are various religious rites and traditions among the people. This process has a direct continuation and leaves its mark on the language. And this causes new words to appear in the language, and its vocabulary is enriched. This article deals with vocabulary related to religion and religious customs and rites. The author emphasizes that terms that have religious meanings in the compared languages have many synonyms. Also, with the help of etymological dictionaries, the author managed to indicate the etymology of each religious term in the article. Based on the analysis and research given in the article, it was proved that although the languages are different, religious terminology in comparable languages express the same concept.
Key words: religion, custom, ritual, tradition, good, love, evil, Tajik, German, Russian

Сведения об авторах: ***Махмаджонов Олимджон*** - Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзаде, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и практики языкознании. . **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6
Лузинаи Зафардухт – Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзаде, докторант Ph.D. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: **lusina@mail.ru**

Information about the authors: ***Makhmadjonov Olimjon*** - Tajik State Institute of Languages named after S. Ulugzade, Doctor of Philology, Professor of the Theory and Practice Department of Linguistics. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Muhammadiev 17/6
Lusinai Zafardukht - Tajik State Institute of Languages named after S. Ulughzade, doctoral student Ph.D. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev str., 17/6. E-mail: **lusina@mail.ru**

УДК: 491.550-3(03)

ВОЖАҲОИ ИФОДАГАРИ МАФҲУМИ ШАХСИЯТИ ВАРЗИШГАР ВА СИФАТҲОИ ҶИСМОНИЮ РӮҲИИ ОНҲО ДАР “ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ

Шафоатов А.Н.
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов

“Шоҳномаро асари қаҳрамонию паҳлавонӣ ҳам меноманд. Ин аст, ки дар забони ин шоҳасар Фирдавсӣ калима-истилоҳоти зиёдеро, ки барои ифодаи мафҳуми шахсият ва сифатҳои ҷисмонию рӯҳии варзишгарон ба кор мераванд, амсоли **паҳлавон (паҳлавонӣ), ял (ялон, ялӣ), гурд (гурдон), гав (гавон), нев (невбанд), диловар, далер, пойдор, аспафган, номвар, мубориз, шермард, пӯянда, тезрав, мардона, фарзона, ҳушёр** ва амсоли инҳо фаровон истифода бурдааст.

Вожаи **паҳлавон** аслан тоҷикӣ буда, маъноҳои «зӯрманд, тавоно, қавӣ, далер, шуҷоъ»-ро ифода мекунад. Ҳамчунин калимаи **паҳлавон** бевосита дар силсилаи синонимии **паҳлавон – баҳодур - ял - гурд - гав - нев–мубориз–шермард** ва ғайра нақши сарсилсила ва ё доминантро бозидааст. Масалан, **паҳлавон**:

Фиристода омад чу боди дамон,
Расонид нома бари **паҳлавон [**10, Ҷ.2, с.48].

Ин унсури луғавӣ бе тағйири маънӣ дар сохтмони вожаҳои муштақ (сохта) ва мураккабу таркибӣ низ ширкат дорад: Чунончи, пасванди –**ӣ** қабул карда, аз исм дар ду ҳолат сифати нисбии **паҳлавонӣ** сохтааст:

Яке ҷомаи **паҳлавонӣ** бикост,
Ҳамон ҷавшани **паҳлавонӣ** бихост [10, Ҷ.2, с.48].

Калимаи **паҳлавон баъд аз худ решаи** дигар гирифта**,** вожаи мураккаби **паҳлавонбача**ро сохтааст:

Пас аз бора Рудоба овоз дод,
Ки, эй **паҳлавонбачаи гурдзод** [10, Ҷ.2, с.48].

Вожаи мазкур пеш аз худ решаи дигар гирифта, ба пайдоиши калимаи мураккаби **ҷаҳонпаҳлавон** ба маънои **«паҳлавони ҷаҳон ё паҳлавони олам»** сабаб гардидааст:

Ҷаҳонпаҳлавон он яли арҷманд,
Ба теғу ба ханҷар ба гурзу каманд.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик истилоҳи **ҷаҳонпаҳлавон** нисбат ба варзишгароне, ки дар сабқатҳои ҷаҳонӣ аз рӯйи ягон навъи варзиш, хусусан, **гӯштингирӣ** (тарзи озод, самбо, дзюдо, гӯштини юнону-римӣ), **якҳарбаҳои муосир** (карате, кунг-фу, кикбоксинг, бокс…) **вазнбардорӣ, гурзпартоӣ** ва ғайра ғолиб омадаанд, роиҷ мебошад.

Ибораи **паҳлавони сутург** ба маънои «паҳлавони бузург, қавиҳайкал, азимҷусса, зӯрманд» [11, с.720] дар байти зерин ба кор рафтааст:

В-аз он пас биёмад дабири бузург,
Чунин гуфт, к-эй **паҳлавони сутург**? [1, с.32].

Роҷеъ ба шарҳи вожаи **паҳлавон** ва истеъмоли он дар «Шоҳнома» С. Анварӣ нигоштааст, ки: «Дар забони «Шоҳнома» вожаи **паҳлавон** зоҳиран бо истилоҳҳои **ҷанговар, баҳодур** баробармаъно бошад ҳам, лекин бо истилоҳ ва ибороти ифодагари мафоҳими унвону дараҷаи низомӣ мутародиф нест» [1, с.27]. Яъне, он сирф истилоҳи соҳаи варзиш мебошад. Равшан аст, ки ин мафҳумот: **паҳлавон, баҳодур** дар нисбати номгузории варзишгарони тануманду аз ҷиҳати ҷисмонӣ обутобёфта бештар роиҷ мебошанд. Дар матнҳои баррасидашуда дараҷаи истифодаи истилоҳи **паҳлавон** нисбат ба калимаи **баҳодур** нуфузи бештар дорад.

Ял – дар луғат ба маънои «паҳлавон, шуҷоъ, далер» тафсир ёфта, ин вожаро Фирдавсӣ ба сифати муродифи фаъоли истилоҳи **паҳлавон** дар нишон додан ва тавсифи шахсияти варзишгарону ҷанговарон истифода бурдааст**:**

Навозиду молиду зин барниҳод,
Бар ӯ барнишаст он **яли** некзод [10, Ҷ.2, с.633].

Ин вожа монанди муродифи зикршудаи худ имкониятҳои фаъоли калимасозӣ зоҳир кардааст, чунончи, пасванди **–ӣ** гирифта, сифати нисбии **ялӣ (**паҳлавонӣ) сохтааст:

Бибастанд миёни **ялӣ** бандавор,
Або ҷодувон сохтанд корзор [10, Ҷ.2, с.634].

Дар матни поён калимаи сифатии **арҷмандро** ба худ тобеъ намуда**,** ибораи исмии изофии **яли арҷманд**ро ба вуҷуд овардааст ва пасванди –он қабул карда, дар шакли ҷамъ-**ялон** низ омадааст:

Ҷаҳонпаҳлавон он **яли арҷманд**
Ба теғу ба ханҷар ба гурзу каманд,
Буриду дариду шикасту бубаст,
Ялонро сару синаву пову даст [Зеҳнӣ, 88].

Ё ин ки дар бунёди ибораи исмии изофии **ялони набард** ба маънои «паҳлавонони ҷангҷӯ, ҷанговар, ҷангдида» ҳам корбаст гардидааст:

Чу Заҳҳоки ҷангию Фаршедвард,
Або сӣ ҳазор аз **ялони набард** [1, с.32].

Исми **ял** дар сохтани сифати нисбӣ дар ибораи **кулоҳи ялӣ** боиси пурраву нишонрас гардидани аҳдофи услубии муаллиф гардидааст, ки ин қолабро муродифоти дигар рӯйи кор оварда натавонистаанд:

Зиреҳдор бо ханҷари кобулӣ,
Ба сар барниҳода **кулоҳи ялӣ** [1, с.69].

Гурд–дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» «паҳлавон, баҳодур, далер, шуҷоъ, нотарс» маънӣ шудааст. Фирдавсӣ, ки шоири дақиқназар аст, ягон вожаро беҳадаф ба риштаи тасвир накашидааст. Ӯ бо мақсади гуногунрангии баён, худдорӣ аз такрори калима ва ҷаззобияту муассирии ҳусни баён рӯ ба вожаҳои ҳаммаъно овардааст. Чунин шакли истифодаи вожаҳоро шоир бо мақсади услубӣ ба кор бурдааст.

Бояд афзуд, ки имкониятҳои калимасозии вожаи **гурд** дар забони адабиёти классикӣ маҳдуд нест:

Аз он донисту рой Меҳроби **гурд,**
Бигуфт: «Он ки ӯ зод, ҳаргиз намурд» [9, Ҷ.1, с.252].

Истилоҳи **гурд** дар тавсифи симо, нишонаҳои ҷисмонӣ, хислату характери персонаж барои тақвияти шахсияти паҳлавон, гарчи исми шахс аст, чун сифат (номдор, сарафроз, ҳушёр) дар матн ба кор рафта, дар матни зер бо калимаи паҳлавон муносибати муродифӣ пайдо кардааст:

Ки ӯ **паҳлавоне** бувад номдор,
Сарафрозу ҳушёру **гурду** савор [9, Ҷ.1, с.242].

Нақши вожаи **гурд** дар калимасозии забони «Шоҳнома» назаррас аст, ҳамчунин пасванди –**ӣ** гирифта, калимаи муштақ**: гурдӣ** (паҳлавонӣ) сохтааст:

Ки кас дар ҷаҳон кӯдаке норасид,
Бад-ин шермардиву **гурдӣ** надид (1, Ҷ.1, с.295).

Калимаҳои мураккаб сохтааст: **гурдафкан** (мағлубкунандаи паҳлавонон):

Инонпечу **гурдафкану** гурздор,
Чу ман кас набинад ба гетӣ савор [9, Ҷ.1, с.295].

Гурдгир (паҳлавонгир, шуҷоъ, нотарс):

Далер асту асбафкану **гурдгир,**

Уқоб андар орад зи гардун ба тир [9, Ҷ.1, с.295].

Гурдзод (паҳлавонзода, паҳлавонписар):

Пас аз он Рудоба овоз дод,
Ки эй паҳлавонбаччаи **гурдзод** [9, Ҷ.1, с.295].

Дар бунёди ибораи исмии изофӣ нақш дорад:

Гурди далер (паҳлавони шуҷоъ):

Зи чандон гаронпоя **гурди далер,**
Хурӯше баромад чу овози шер [9, Ҷ.1, с.153].

Гурдони пархошҷӯй (паҳлавонони набардҷӯй):

Супурд он замон пушти лашкар бад-ӯй,
Ки буд ҷойи **гурдони пархошҷӯй** [1, с.32].

Гав–дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» муодил (вариант)-и вожаи **гов** тафсир ёфта, калимаи сермаъно қаламдод шудааст, ки маънои 6-уми он маҷозан мафҳуми **паҳлавон**, **мубориз**, **далер**ро ифода мекунад:

Биёмад ба майдон яке **гав** Гӯр,
Ки афзун буд ӯро зи сад **гов** зӯр [9, Ҷ.1, с.272].

Пӯшида нест, ки **гов** аз ҷиҳати ҷусса ва қувват ҳайвони қавиҷусса аст ва дар заминаи ташбеҳ пайдо шудани ин мафҳум нисбат ба шахси паҳлавону зӯрманд ва шуҷоъ ҷойи аҷобат надорад. Дар лаҳҷаҳои шимолии забони тоҷикӣ вожои **гов** дар шакли **гав** дар истеъмол буда, имкониятҳои зиёди калимасозӣ низ дорад: **гавбоз** (паҳлавони бузургҷусса, ки говро бардошта метавонад), **гавбуз** (бузи сершир), **гавгард** (гардиши барзагов дар шудгоркунӣ), **гавзӯр** (пурзӯр), гавҷигар, **гавҷусса** ва ҳоказо.

Дар «Шоҳнома» дар шакли **Гав** номи яке персонажҳои маъруф, ки дар паҳлавонӣ машҳур аст, дучор меояд:

Падар чун бидид он ҷаҳондори нав,
Бифармуд, то ном карданд **Гав** [9, Ҷ.1, с.272].

Ин вожа низ имкониятҳои васеи калимасозиро молик аст, чунончи: **Гавзода** (паҳлавонзода):

Аз Эрон ҳар он кас, ки гавзода буд,
Далеру хирадманду озода буд [9, Ҷ.1, с.247].

Фирдавсӣ дар истилоҳофарӣ ба ҳадде устод аст, ки ба шахсият, дараҷаву мақом ва мартабаи варзишгару разманда, аввалан унвони **ҷаҳонпаҳлавонро** дода, баъдан ба ин калима муродифи махсусро, ки мафҳумро боз ҳам аниқтару дақиқ ва мақсадро нишонрас ифода карда тавонад, амсоли **гавонпаҳлавонро** рӯйи кор овардааст:

Гавонпаҳлавон (паҳлавони паҳлавонон, паҳлавони бузург):

Гавонпаҳлавоне бувад зӯрманд,
Ба бозу, ба зӯру ба боло баланд [9, Ҷ.1, с.247].

Ҳамин маъниро дар мисоли вожаи **фаррухгавон** (паҳлавонони зебову накукор) низ мушоҳида кардан мумкин аст:

Бипурсидашон аз нажоди каён
В-аз он номдорони **фаррухгавон** [9, Ҷ.1, с.37].

Дар қолаби ибораи исмии изофӣ (исм+сифат) **гави пилтан** ба маънои «паҳлавони қавибозӯ, пурзӯр» корбаст шудааст:

Гави пилтан гуфт ҷангӣ манам,
Ба овардагаҳ–дар дирангӣ манам [1, с.33].

Калимаи **нев** низ эрониасл буда, он мафҳуми «паҳлавон, далер, шуҷоъ, диловар»-ро ифода мекунад ва ба ҳамин маънӣ дар «Шоҳнома» роиҷ аст:

Ҳамеронд дар пеш бо Тӯс Гев,
Пас-андар парастандаи чанд **нев** [9, Ҷ.1, с.848].

Невбанд (мутеъкунандаи паҳлавонон, мутеъкунандаи паҳлавони бузург):

Дигар офарин кун бад-он **невбанд,**
Сипаҳдори фархунда Пӯлодванд [9, Ҷ.1, с.848].

Вожаҳои **диловар, далер, номдор, номвар, номбардор, номҷӯ, мубориз, шермард, аспафкан** аз ҷумлаи истилоҳоте маҳсуб меёбанд, ки онҳо хусусияти субстантивӣ касб карда, ҳамчун аломат ба ҷойи исми **паҳлавон** ба кор рафтаанд, ки дар матн онҳо метавонанд муносибати муродифӣ пайдо намоянд. Чанд намуна:

Туро зебад, эй **номвар, паҳлавон**,
Ки монанди моҳ аст бар осмон [9, Ҷ.1, с.252].
Барошуфт аз он нури Исфандиёр,
Ҷавоне буд **аспафкану номдор** [9, Ҷ.1, с.93].
Инондорашон чанду солор чанд,
Зи ҷанговарон **номбардор** чанд [9, Ҷ.1, с.184].

Ба ҳамин тариқа, калимаҳои ифодагари мафҳуми шахсияту сифатҳои варзишгарону паҳлавонон дар забони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз ҷиҳати теъдод зиёданд, онҳо асосан тоҷикиасланд ва аксаран дар забони адабии ҳозираи тоҷик низ дар гардиш буда, як қисми ками онҳо: **ял, гав, нев** аз истеъмол баромадаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Анварӣ С. Вожаҳои низомӣ дар „Шоҳнома”.-Душанбе: Маориф, 1994.-120 с.
2. Гулшани адаб. Ҷилди 1.—Душанбе: Адиб,1975.
3. Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти варзиш (мураттиб Н. Турсунов). – Душанбе, 1985.-185 с. 92.
4. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёсуллуғот (таҳияи А. Нуров), ҷ. 1.-Душанбе: Адиб, 1987.-480 с.
5. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёсуллуғот (таҳияи А. Нуров), ҷ. 2.-Душанбе: Адиб, 1988.-416 с.
6. Сафаров Ш. Бозиҳои миллӣ ҳамчун тамаддуни халқи тоҷик. –Душанбе: Матбуот, 2011. –328 с.
7. Сафаров Ш. Таърихи бозиҳои миллии халқи тоҷик.—Душанбе: Мубориз, 2015.-- 525 с.
8. Словарь иностранных слов. –М.: Русский язык,1987. –608 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1.-М.: Советская энциклопедия, 1969.- 951 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2.-М.: Советская энциклопедия, 1969.-996 с.
11. Амид Ҳасан. Фарҳанги Амид. – Теҳрон: Амири Кабир, 1373. - 1254 с.

ВОЖАҲОИ ИФОДАГАРИ МАФҲУМИ ШАХСИЯТИ ВАРЗИШГАР ВА СИФАТҲОИ ҶИСМОНИЮ РӮҲИИ ОНҲО ДАР “ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф вожаҳои ифодагари мафҳуми шахсияти варзишгар ва сифатҳои ҷисмонию рӯҳии онҳоро дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додааст. “Шоҳнома”- ро асари қаҳрамонию паҳлавонӣ ҳам меноманд. Ин аст, ки дар забони ин шоҳасар Фирдавсӣ калима-истилоҳоти зиёдеро, ки барои ифодаи мафҳуми шахсият ва сифатҳои ҷисмонию рӯҳии варзишгарон ба кор мераванд,фаровон истифода бурдааст. Ба ҳамин тариқа, калимаҳои ифодагари мафҳуми шахсияту сифатҳои варзишгарону паҳлавонон дар забони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз ҷиҳати теъдод зиёданд, онҳо асосан тоҷикиасланд ва аксаран дар забони адабии ҳозираи тоҷик низ дар гардиш буда, як қисми ками онҳо аз истеъмол баромадаанд.

Калидвожаҳо: истилоҳоти варзишӣ, “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, шахсияти варзишгар, сифатҳои ҷисмонию рӯҳии варзишгар, ифодаи мафҳуми шахсият, калимаҳои тоҷикиасл, забони адабии ҳозираи тоҷик.

СЛОВА ОБОЗНАЧАЮЩИЕ ПОНЯТИЕ ЛИЧНОСТИ СПОРТСМЕНА И ЕГО ФИЗИЧЕСКИХ И ДУХОВНЫХ КАЧЕСТВ В “ШАХНАМЕ” ФИРДОУСИ

В данной статье автор автор подверг изучению и рассмотрению слова обозначающие понятие личности спортсмена и его физических и духовных качеств в “Шахнаме” Фирдоуси. “Шахнаме” также называют героическим произведением. В ней Фирдоуси использовал огромное количество слов –терминов, которые употребляются при выражении понятия личности и изображения его физических и духовных качеств. Таким образом, можно констатировать, что в языке произведения “Шахнаме” Фирдоуси употреблено огоромное количество слов, обозначающих физическое и духовное качество спортсменов, героев и богатырей и эти слова являясь исконно таджикскими словами и сегодня очень широко употребляются в современном литературном таджикском языке, но некоторая часть этих слов вышло из употребления.

Ключевые слова: спортивная терминология, “Шахнаме” Фирдоуси, личность спортсмена, физические и духовные качества спортсмена, выражение понятия личности, исконно- таджикские слова, современный литературный таджикский язык.

WORDS INDICATING CONCEPTS OF PERSONALITY OF A SPORTSMAN AND ITS PHYSICAL AND SPIRITUAL QUALITIES IN “SHAHNAM” FIRDOUS

In this article, the author has studied and considered the words denoting the notion of the athlete’s personality and his physical and spiritual qualities in “Shahname” Firdousi. “Shahname” is also called a heroic work. In it, Ferdowsi used a huge number of words, terms, which are used to express the concept of personality and the image of his physical and spiritual qualities. Thus, it can be stated that in the language of the work of “Shahnameh” by Ferdowsi a huge number of words are used, denoting the physical and spiritual quality of athletes, heroes and heroes, and these words are originally Tajik words and today are very widely used in modern literary Tajik language, but some These words are obsolete.

Key words: sports terminology, “Shahname” by Ferdowsi, the identity of the athlete, the physical and spiritual qualities of the athlete, the expression of the concept of personality, the original Tajik words, modern literary Tajik language.

Сведения об авторе: ***Шафоатов А.*** - Таджикский физкультурный институт им. С.Рахимова, кандидат филологических наук, заведующий кафедры языков. **Адрес:** 734026, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Лучоб, 53

Information about the author: ***Shafoatov A.*** - Tajik Institute of Physical Education. S. Rakhimova, Candidate of Philological Sciences, Head of the Department of Languages. **Address:** 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Luchob, 53

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ
Л И Т Е Р А Т У Р О В Е Д Е Н И Е

УДК: 891.550:82

ШИНОХТИ ОСОР ВА ШАХСИЯТИ САДРИДДИН АЙНӢ АЗ НИГОҲИ М. ТУРСУНЗОДА

Маҳмадаминов А., Шарифзода Л.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Равобити қарини шахсӣ ва эҷодӣ сабаб гардидааст, ки истеъдоди адабии М. Турсунзода аз тарафи С. Айнӣ кашф гардад ва тамоили минбаъдаи инкишофи эҷодиёти ин адиби навҷӯю навовар ба шарофати тарбияти мустақими чунин шахсияти бузурги адабӣ ва фарҳангӣ ӯро ба фатҳи қуллаҳои мақсуд ҳидоят намояд. Ин равобит равшан собит ва муайян менамояд, ки М. Турсунзода дар лаҳзаҳои ҳассоси зиндагӣ, фаъолияти эҷодӣ ва роҳбарӣ аз маслиҳату машварат ва корномаҳои илмӣ ва муборизаҳои устод Айнӣ суд ҷуста, беҳтарин осори бадеӣ ва илмию интиқодии худро ба майдон овардааст. Айнишиносӣ як самти муҳимми фаъолияти адабиётшиносии М. Турсунзодаро ташкил медиҳад. Аз нахустин нигоштаи М. Турсунзода – шеъри «Ба устод Айнӣ» (1935) то достони «Чароғи абадӣ» (1957) ва дигар мақолаҳои ҷашнӣ ва мактубҳои М. Турсунзода ба С. Айнӣ равшан мушоҳида мешавад, ки шинохти шахсият, осор ва нақши С. Айнӣ дар таърихи адабиёти муосири тоҷик дар маркази таваҷҷуҳи М. Турсунзода қарор гирифтааст. Баробари офаридани шеър ва достон, инчунин дар бисёр мақолаҳои алоҳида дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти С. Айнӣ ва зимни дигар мақолаҳои илмию танқидие, ки М. Турсунзода дар солҳои 40 – 70-уми асри XX таълиф кардааст, ҳини баёни масъала ва муаммоҳои гуногуни адабию бадеӣ доир ба тарафҳои ҷудогонаи эҷодиёт ва шахсияти ин санъаткори беназир қайдҳои характернок ва мулоҳизаҳои қобили таваҷҷуҳ баён намудааст, ки онҳо аз таваҷҷуҳ ва эҳтироми бепоёни ӯ ба ин «устоди бузурги наср, эҷодкунандаи романҳо, повестҳо ва ҳикояҳои бешумор, балки ҳам шоири забардаст, ҳам мунаққид ва адабиётшинос, ҳам таърихнавис, ҳам забоншинос, ҳам ходими давлат ва ҳам муаллими ғамхори нависандагон» [18, с.217-218] равшан шаҳодат медиҳанд.

Шахсият ва осори гаронарзиши устод Айнӣ на танҳо сарчашмаи таҳқиқи олимон, балки мабдаи илҳоми шоирон низ мебошад. Агар олимон ва муҳаққиқон тавассути таҳқиқи илмӣ осори устод Айниро таҳқиқ намоянд, шоирон ва адибони соҳибзавқу огоҳи мо онро таҳқиқи бадеӣ намуда, ба натиҷаҳои ҷолибу омӯзанда ва пешбар ноил гардидаанд. М. Тунсунзода низ мисли дигар эҷодкорони замон аз шахсият ва осори С. Айнӣ баҳра бурдааст. Муносибати М. Турсунзода ба осор ва шахсияти устод Айнӣ аз соири муҳаққиқон ва шоирони замони шӯравӣ фарқ дорад. Ба ин далел, ки осор ва шахсияти С. Айнӣ на танҳо мабдаи илҳоми ӯ гардидааст, балки тафаккури таҳлилии М. Турсунзодаро шакл додааст. Манзури мо низ дар ин мақола нигоҳи иҷмолие ба соири ин нигоштаҳо ва шинохти осор ва шахсияти С. Айнӣ аз нигоҳи М. Турсунзода аст. Бинобар ин, мо ин мавзӯъро дар заминаи андешаҳои М. Турсунзода маҳдуд менамоем, то тавонем биниши М. Турсунзодаро дар шинохти Садриддин Айнӣ таҳлил намоем.

Чунонки таъкид рафт, шинохти осор ва шахсияти С. Айнӣ аз дидгоҳи М. Турсунзода аз дигар адибону донишмандон фарқ дошта, дар заминаи омӯзиши пайваста, на танҳо ба воситаи гуфтугӯҳои хаттӣ зуҳур кардааст, балки дар шакли ҳамкории доимӣ, мусоҳиба ва нишасту суҳбатҳое бо устод Айнӣ низ падид омадаанд, ки аз ҳар ҷиҳат қобили тақдиранд. Аз ин ҷост, ки М. Турсунзода дар мактуби худ, аз таърихи 5-уми марти соли 1936, оид ба корҳои эҷодӣ ва таъсирпазирию ҳаяҷонфизоии асарҳои устод Айнӣ сухан гуфта, ҷӯшиши дарунии худро чунин баён намуда, менависад: «Ман дар рӯзҳои охир достони манзуми қаҳрамондухтари хурдакак – Мамлакатро ба охир расонидам. Чанд рӯз боз ба хондани «Ғуломон» машғул гардида ба охир расонидам. Аз он ҳаяҷоне, ки аз ҳаёти Ҳасан ва хонаводаи он гирифтам, ҳозир ҳам берун шуда натавониста истодаам» [9].

М. Турсунзода, хусусан дар солҳои 50-уми асри XX оид ба шахсият ва осори С. Айнӣ дар саҳифаҳои матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он, хосса матбуоти марказии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ силсилаи мақолаҳои «Нависандаи маъруфи советӣ» [10, с. 3], «Адиб ва олими забардаст»[11, с.53-57], «Садриддин Айнӣ» [12, с.8-22], «Айнии мо» [13, с. 33-51], «Ҳайкали ёдгории асосгузори адабиёти советии тоҷик Садриддин Айнӣ» [14, с. 2], «Сардафтари адабиёти советии тоҷик» [15, с.88-94], «Устоди адабиёти тоҷик» [16, с. 140-145]-ро ба нашр расонидааст, ҳамчунин дар зимни дигар мақолаҳо ва гузоришҳои солонаи Иттифоқи нависандагон ба шахсият ва фаъолияти эҷодии С. Айнӣ ва хусусиятҳои

умдатарини осори нависанда низ жарфандешона назар намудааст. Вале бояд қайд намуд, ки мулоҳизаҳои М. Турсунзода аз мавқеи ҷаҳонбинии илмӣ ба таълимоти материализми таърихӣ такя дорад ва ба назари синфиятгароӣ асос ёбанд ҳам, аз ҳаққиқати объективии масъалаҳо дур нестанд. Ба назари мо, асолат, моҳият, ҳақиқат ва арзишмандии меросбарии халқи тоҷик дар нигоштаҳои М. Турсунзода дар он зоҳир мегардад, ки ин таълифот хусусияти миллӣ ва таърихӣ касб намудааст, ки аз байни нигоштаҳои ӯ, аз ҷумла мақолаҳои ӯ дар бораи шахсият ва осори С. Айнӣ, чунонки зикр намудем, ин андешаро хеле равшан собит менамоянд. Ҳам шеъру достон ва ҳам ин нигоштаҳои М. Турсунзода дар шакли мақола ва гузориш аз нигоҳи муҳтаво, ҳақиқатнигорӣ, таҳлили амиқу муқоисавии рӯзгори С. Айнӣ, равшан кардани нақш ва мақоми ӯ, рӯҳи озодандешӣ, қудрати бузурги созандагии миллати тоҷик аз донишу фарҳанг, хираду заковати фитрӣ саршор будани он дар мисоли корномаи устод Айнӣ ҷойгоҳи хоссаеро ишғол менамояд. Ба қавли донишманди маъруф М. Шукуров «мақоми Айнӣ олист ва яке аз онҳое, ки инро дарк намудааст, М. Турсунзода» [20, с.2] мебошад. Ин аст, ки ҳанӯз соли 1935 М. Тусунзода дар арафаи 30-солагии фаъолияти адабии Садриддин Айнӣ дар ҷашни солгарди ӯ нахустин нигоштаи худро бо номи «Эй табъи оташбор»‡ ба шахсият ва нақши дурахшони устоди бузурги худ бахшида, дар ситоиши устод Айнӣ навиштааст:

Хома то фармон барат, эй табъи оташбор шуд.
Рӯ ба зидди боргоҳу даҳшату дарбор шуд.
Фош кард ӯ ҳилаву асрори макри душманон,
Хонумонсӯзи адуву қиблаву дастор шуд.
Ӯ ба дунёи куҳан монанди шер исён намуд.
Дасти мазлуми ситамкашро гирифту ёр шуд.
Духтари тоҷик, то бишнид арзи хомааш,
Чеҳрааш хандону рахшон, чун рухи Гулнор шуд.
Гашт дармону давои дарди ҳар бечорае,
Лек теғе бар гулуи душмани маккор шуд.
Ҳар нидои ӯ чунин парвоз дорад сӯйи Шарқ,
Ҳоли сайёдони Ҳинду Чин аз он душвор шуд.
Бин, чӣ сон дар рӯзҳои ҷашни устоди бузург,
Ранҷбар бо ӯ қарини суҳбату дидор шуд [8, с.28].

Сатрҳои фавқуззикр нахустин суханони гарму самимии М. Турсунзода дар ҳаққи устоди бузург ва раҳнамояш мебошанд.

Нахуст, чизе, ки дар ин шеър боиси таваҷҷуҳ аст, бо унвони «устоди бузург» [8, с. 28] ёд кардани С. Айнӣ ва қоил будан ба нақши устод дар бедорфикрии мардуми Шарқ аст, ки М. Турсунзодаи ҷавон ёдовар шудааст. Ин аввалин шинохт ва баҳо ба шахсияти С. Айнӣ аз ҷониби М. Турсунзода мебошад. Минбаъд андешаҳои М. Турсунзода вусъат ёфта, паҳлуҳои гуногуни осор ва шахсияти С. Айниро ба хонандаи замони худ равшан менамоянд. Дар шинохти М. Турсунзода фаъолияти ҷамъиятӣ ва адабии С. Айнӣ бисёр васеъ ва ҳартарафа аст, ки онро ба як боғи беинтиҳо шабеҳ медонад, ки он «ҳам меваҳои гуногун, ҳам гулҳои рангоранг ва ҳам осори бешумори ҳунармандӣ дорад ва заҳмати боғбонро комилан муҷассам гардонидааст» [18, с.217]. Воқеан, вақте ки М. Турсунзода ба чунин сурат ва заковат устод Айниро эътироф ва муаррифӣ менамояд, аз самимият ва ҳақиқатнигории як адиб гувоҳӣ медиҳад.

М. Турсунзода дар нигоштаҳои худ кӯшиш менамояд, ки рӯзгор ва шахсияти С. Айниро дар заминаи асарҳои бадеӣ ва тарҷумаиҳолии ӯ равшан намояд. Аз ин ҷост, ки барои М. Турсунзода талош ва ранҷҳое, ки С. Айнӣ дар тӯли рӯзгори пурнишебу фарози худ дидааст, пӯшида наменомонад. Агарчи М. Турсунзода низ мисли соири муҳаққиқони шӯравӣ рӯзгор ва осори С. Айниро бо меъёрҳои методологияи давр баррасӣ намуда, ба шахсияти С. Айнӣ рӯ меорад ва мулоҳизаронӣ менамояд, ба назари мо, самимият, муҳаббат ва ҳақиқатҷӯӣ дар ниҳояти кор намегузорад, ки М. Турсунзода комилан дар мавқеи диди расмӣ сангар бигирад. Аз ин ҷост, ки М. Турсунзода барои касби камолот намудани С. Айнӣ аз наздик шудани адиб ба шоирони Бухоро, мутрибон, аҳли фазл ва махсусан, мушоираҳо, байтбаракҳо, мубоҳисаҳои илмиву овози хуши мутрибон ва ҳофизон, ки дар меҳмонхонаи Шарифҷонмахдум мегузаштанд, ёд мекунад. Ин ҳама «ба Айнӣ таъсири хеле ҷуқур мебахшанд ва ӯро ҳамчун аҳли адаб ба камол расондан мегиранд. Зеҳни ҷавони зиракро бо сӯҳони назм суфта мегардонанд» [18, с. 222].

‡. Ин шеър ҳамчунин бо номи «Ба устод Айнӣ» ду бори дигар низ чоп гардидааст.Ниг.: М. Турсунзода. Ба устод Айнӣ // Тоҷикистони сурх. – 1935. – 22 март. – № 269 (2166). – С. 2; ва бо ҳамин ном дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон». – 1935. – 26 ноябр. – № 214 (687). – С. 3.

Дигар нуктае, ки М. Турсунзода дар нигоштаҳояш ба таъкид овардааст, ин аст, ки С. Айнӣ дастпарвари фарҳанги бузурги тоҷикист ва дар мактаби фалсафаи сиёсию адабии тоҷикӣ тарбия ёфта, дар ақидаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва фалсафию ахлоқӣ ҷаҳони фарҳангу маънавияти тоҷиконро идома додааст. Яъне муаллиф ба мероси маданию адабии гузашта ҳамчун ба заминаи муҳимми фаъолияти эҷодии С. Айнӣ баҳои баланд дода, яке аз сарчашмаҳои ташаккули ҷаҳонбинии ӯро дар ин ганҷинаи адабӣ дида, менависад: «Айнӣ аз ҳамаи боигарии маданияти ҳазорсолаи тоҷикон, ки онро ганҷинаҳои беохири рӯҳи озодихоҳонаи халқ асрҳои зиёде бо эҳтиёт нигоҳ карда омадаанд, ғизо гирифтааст» [18, с.187].

Баъди зикр намудани ин нукта М. Турсунзода назари бештар ба муҳаббати С. Айнӣ ба адабиёт ва дар ҷавонӣ бо заҳмату хизмати бемузд соҳиби девони Соиби Табрезӣ ва Ҳофизи Шерозӣ гардидани С. Айнӣ карда, ду сол меҳнат карда, танҳо ба як девони Ҳофиз соҳиб шуданро кори одами фидоии адабиёт медонад, ки оҳангҳои дилфиреби мусиқии классикии тоҷик, сурудҳои дилнавозу рӯҳпарвари халқӣ, рӯҳи ин ҷавони зиракро ба парвоз меоваранд, шоҳбайтҳои мардони бузурги назм ба ӯ болу пар мебахшиданд. Ҳарчанд ин таъкид ва қазовати М. Турсунзода барои насли замони шӯравӣ қобили мақбул аст, аммо танҳо бо арзишҳои миллии гузаштаи худ ба камол расидан ва гузашта аз ин, барои насли нав, ки тарбиятдидагони мактаби идеологияи Давлати Шӯравӣ буданд ва бо сабабҳои таърихӣ замоне аз арзишҳои маънавии мардуми тоҷик гусаста буданд, замони салтанати Манғит нафастангкунанда буд. Танҳо иддаои ӯ ба он хотир аст, ки халқи тоҷик, махсусан С. Айнӣ дар чунин муҳити тазъйиқовари Бухоро барои худ рӯшноӣ ҷустуҷӯ мекард, аммо афсӯс, ки «дар шароити Бухорои амирӣ парвоз кардан мумкин набуд. Дару девори ғафси ин шаҳри феодалӣ пеши насими форамро мегирифтанд, одамро дар зери бомгӯшаҳои ҳузнангези ҳарамҳо чун мурғи паруболрехта нигоҳ медоштанд» [18, с.223]. Лекин ҳамаи ин маҳрумиятҳоро барои расидан ба саодат ва рӯшноӣ М. Турсунзода монеа намедонад, балки аз ҳар гуна имконият фоида ҷустани С. Айниро дар «муҳити нафастангкунандаи Бухоро» дониста, дар ҷустуҷӯйи нур будани адибро, ки «шояд аз ягон ҷое камтарин шуълае пайдо кунад, то ки нури он роҳи махзани анвори ҷаҳонороро намоён созад» [18, с.224] мебинад.

Баъди зикри рӯзгори С. Айнӣ то соли 1917 М. Турсунзода ба саҳифаи рӯзгори адиб дар замони инқилобҳо ва гароиши ӯ ба маорифпарварон ва тараққихоҳони Бухоро назар намуда, ин амали С. Айниро «хато» ва «гумроҳӣ» унвон додааст. «Дар шаҳри Бухоро... як тӯда ҷадидҳои мунофиқ худро тараққипарвар ва маорифпарвар тарошида, ба амири золим (амир Олимхон – А. М., Л. Ш.) навозишкорона барои ислоҳоти ҷузъӣ муроҷиат карданӣ мешаванд. Айнӣ, ки ба ташкил кардани мактабҳои усули ҷадид, ба навиштани китобҳои нави дарсӣ машғул буд, бо ин ҳаракати ҷадидҳо ҳамроҳ мегардад. Ин, албатта, хатои адиби мо буд. Айнӣ чандин вақт бо чунин гумроҳӣ ҷустуҷӯйи худро идома медиҳад...» [18, с. 225]. Ҳарчанд ин ҳарф ва эроди М. Турсунзода дар нисбати «ҷоҳилони бисёре ба унвони мунавварфикрони Бухоро» (қавли С. Айнӣ), ки худро тараққихоҳ ва рӯшанфикр меҳисобиданд, ҷой дорад, аммо, мутаассифона, М. Турсунзода муносибати С. Айниро бо ин гурӯҳ ва ихтилофҳои ӯро бо роҳбарони он зикр накардааст ва гузашта аз ин, на танҳо С. Айнӣ ба ислоҳоти ҷузъӣ дар низоми идораи аморати Бухоро зид буд, балки Мирзо Муҳиддин, ки баъд аз фирори ҷадидон ба Когон роҳбарии ҷамъияти «Шӯрои Ислом»-ро ба уҳда дошт, аз ҷавонбухориён худро канда дигар «аз майдони сиёсат тамом берун» шудааст. Ин эроди кӯчаки М. Турсунзода, ки аз ноогоҳӣ ва беҳтар нишон додани ҷомеаи сотсиалистӣ сар задааст, ба назари мо, боиси эродгирӣ ва «гумроҳӣ»-и тараққихоҳон, аз ҷумла С. Айнӣ нест, зеро вуҷуди пайвастан ба рухдодҳои сиёсии замон мунавварфикрон Сайидаҳмадхоҷаи Аҷзӣ, Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Абдуррауфи Фитрат ва дигарон, бо вуҷуди ихтилофҳо тақозои рӯзафзуни маънавиёти ҷомеаро таъмин намудаанд.

Тибқи гуфтаи худи С. Айнӣ «революцияи 1905 дар Бухоро таъсири калон бахшид, ҳаракати пругрессивӣ, ки пештар дар доираҳои танги ҷудогона буд, хеле вусъат ёфт. Газетаҳои русӣ ҳар гапро озодона менавиштагӣ шуданд, аз тарафи турк ва тоторҳои Русия, ки пештар ғайр аз «Тарҷумон» газетае надоштанд, газетаҳо ва журнолҳои гуногун баромадан гирифт....

Ҳамаи ин матбуот ба Бухоро ҳам меомаданд ва дар кушода шудани фикри мардуми Бухоро, ки дар зери идораи асримиёнагии амир ва таъсири муллоҳои мутаассиб ях баста буданд, таъсир мекарданд.

Дар ин ҳаракати пругрессивӣ, албатта, ман ҳам ҳамроҳ шудам ва мо дар роҳи ислоҳ кардани мактаб ва мадрасаҳо ташвиқот мебурдем» [2, с.111-112]. Вале чунонки мушоҳида намудем, ин баҳои додаи худи С. Айниро, ки дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам»

(1940) омадааст, аз нзари М. Турсунзода дур мондааст ва мутассифона, аз ин баҳои худи адиб ёд накардааст, то дар мавқеи С. Айнӣ сангар гирифтани худро бирасонад.

Чизи дигар ин аст, ки рӯзгор ва осори ба истилоҳи маъруф пешазинқилобии С. Айнӣ барои М. Турсунзода ҳамчун «муборизи роҳи озодӣ», «ҷӯяндаи нур ва рӯшноӣ» қобили мулоҳиза гардидааст. «...Саргузашти пурмашаққати пеш аз революцсионии устод Айнӣ, – менависад М. Турсунзода, – саргузашти тираву тори халқи тоҷик мебошад. Тақдири нависанда ва халқ дар он давр мисли ду қатраи об ба ҳам монанд буда, аз ашки одамӣ ҳам шӯртар, аз заҳри қотил ҳам талхтар ва аз шом ҳамториктар буд» [18, с.220]. Устод Айнӣ низ худ бар ин орзу будааст, ки «ҳаёти замони амирро то метавонам фош кунам, ки ҷавонони мо чӣ будани он ҳаётро донанд» [1, с.108].

Падидаи дигар, ки ба ин ҷиҳати масъала рӯй овардани ҳам устод Айнӣ ва ҳам М. Турсунзодаро собит месозад, муҳити сиёсии давр ва талаботи ба истилоҳ «методи реализми сотсиалистӣ» аст. Яъне муҳити сиёсӣ ва идеологияи ҳоким ҳамеша таъсиррасони андешаҳост. Аз ин лиҳоз, мо назари М. Турсунзодаро таҳлил намудем, ки ӯ низ аз ин селоби пуртуғёни давр раҳо нашудааст.

Агар ба ҳақиқати таърихи замони зиндагии то соли 1917-и устод Айнӣ ва халқи тоҷик назар намоем, мебинем, ки на танҳо С. Айнӣ, балки халқи тоҷик низ чунин муҳити рӯзгорро аз сар мегузаронидааст. М. Турсунзода низ ин ҷиҳати масъаларо хеле амиқ дарк карда, ҳанӯз дар замони дар қайди ҳаёт будани устод Айнӣ гуфтааст: «Дар зиндагӣ хеле кам воқеъ мегардад, ки тарҷумаи ҳоли як одам ба тарҷумаи ҳоли халқи ӯ мувофиқ ояд. Саргузашти Садриддин Айнӣ, хушбахтона, айнан ҳамин тавр аст. Роҳи ҳаёти Айнӣ аз солҳои тираи гузаштаи торик то қуллаҳои дурахшони имрӯза бо ҳаёти халқи мо зич вобаста аст... ҳаёти Айнӣ рамзи роҳи тайкардаи халқи мо шудааст» [18, с. 186]. Ҳамин мулоҳиза қуллаи баланди айнишиносии М. Турсунзода аст, ки заминаи бавуҷудоии достони «Чароғи абадӣ» гардидааст. Дар тасвири М. Турсунзода устод Айнӣ аз доираи фарзанди як халқу миллат баромада, ба фарзанди шуҳратманду маҳбуби Осиё ва Шарқ табдил ёфта, садои ин қитъаи бузурги олам гаштааст:

Адиб аз нав таваллуд шуд, ҷавон шуд,
Адиби дӯстдори тоҷикон шуд...
Касе, ки халқро машҳур гардид.
Нахустин бор сер аз нур гардид.
Ватан аз ҷаҳлу торикӣ шуд озод.
Ба Айнӣ шаъну шуҳратҳо фиристод.
Худи устод машъал шуд, алав шуд.
Чароғи мардуми дунёи нав шуд.
Ба рӯяш нур бинам, барқ бинам.
Ҳувайдо саргузашти Шарқ бинам... [17, с.294-295].

Чунончи аз ин байтҳо ва дар маҷмӯъ, муҳтавои достони «Чароғи адабӣ» мушоҳида мешавад, М. Турсунзода ҷанбаҳои воқеии рӯзгори С. Айниро ба назм дароварда, устод Айниро «ҳам ақлу ҳам ҳуш»-и халқ медонад. Ин офаридаи М. Турсунзода, ки комилан зодаи табъи шоирии адиб аст, аз нигоштаҳои дигари ӯ мутафарриқ набуда, балки онҳоро як навъ ҷамъбаст намудааст. Устод Айнӣ дар тасаввури М. Турсунзода фидоии адабиёту фарҳанги ҳазорсолаи тоҷик мебошад. Ҳақ ба ҷониби Х. Отахонова аст, ки «М. Турсунзода устод С. Айниро... чун хирадии халқ таҷассум намудааст...» [7, с.4].

Ҳамин тавр, М. Турсунзода устод Айниро адиб ва донишманде медонад, ки сарояндаи тақдири халқи тоҷик шуда, «ҳамаи он чиро, ки халқи ситамдидаи тоҷик диду аз сар гузаронид, С. Айнӣ ҳам аввал дар айёми кӯдакӣ, баъд дар ҷавонӣ ва дар охир дар вақти марди баркамол шуданаш дид ва аз сар гузаронид» [18, с. 187]. Ин аст, ки М. Турсунзода ҳам дар осори манзум ва ҳам дар мақолаҳои худ кӯшидааст, бузургии устод Айниро бо дидаи тааммуқ нигарад, вале мулоҳизаҳои ӯ на ҳамеша ба ин кӯшиш муросо кардааст. Аммо муҳим ин аст, ки ӯ ин кӯшишро дар ҳамаи нигоштаҳои худ дар маркази диққат қорор додааст. Бо самимият, муҳаббат ва эҳтиром устоди бузург хондани С. Айнӣ, ин арҷгузорӣ ба кӯшишу ҷоннисориҳои ин фарзанди хирадманду фарзонаи миллати тоҷик мебошад, ки барҳақ боиси худшиносӣ ва ифтихори наслҳои минбаъда гардидааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Аз мактубҳои С. Айнӣ ба адибони тоҷик (Ба чоп тайёркунанда: К. Айнӣ) // Шарқи сурх. – 1956. – №4. – С. 100-114.
2. Айнӣ С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам (Зери назар ва бо пешгуфтори Муҳаммад С. Осимӣ) (Бо кӯшишу эҳтимом ва дебочаи Камол С. Айнӣ). – Душанбе: Дониш, 1978. – 194 с.
3. Асимов М. С., Брагинский И. С. Садриддин Айни. – М. : Знание, 1978. – 64 с.
4. Маҳмадаминов А. Айнишиносӣ ва замони ҳозира. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 160 с.
5. Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой. Равшангари бузург. – Душанбе: Адиб, 2006. – 340 с.

6. Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. – Душанбе: Чопхонаи «Пайванд», 2006. – 456 с.
7. Отахонова Х. Ифтихор ва виҷдони миллат (Симои Айнӣ дар осори Мирзо Турсунзода) // Омӯзгор. – 2002. – 12 апрел. – № 15. – С. 4.
8. Турсунзода М. Эй табъи оташбор // Барои адабиёти сотсиалистӣ. – 1935. – № 11-12 (35-36). – С. 28.
9. Турсунзода М. Устоди муҳтарам Айнӣ (Мактуби М. Турсунзода ба С. Айнӣ аз таърихи 5 марти соли 1936) // Бойгонии Осорхонаи адабии Садриддини Айнӣ, фонди 326, воҳиди маҳфузи 491/1.
10. Турсун-заде М. Выдающийся советский писатель // Правда. – 1953. – 27 апреля. – № 117 (12685). – С. 3.
11. Турсунзода М. Адиб ва олими забардаст // Коммунисти Тоҷикистон. – 1953. – № 4. – С. 53-57.
12. Турсунзода М. Садриддин Айнӣ // Шарқи сурх. – 1953. – № 4. – С. 8-22.
13. Турсун-заде М. Наш Айни // Таджикская советская литература. – Сталинабад: Таджикгосиздат., – 1954. – С. 33-51.
14. Турсунзода М. Ҳайкали ёдгории асосгузори адабиёти советии тоҷик Садриддин Айнӣ // Тоҷикистони советӣ. - 1956. – 17 декабр. – № 344. – С. 2.
15. Турсунзода М. Сардафтари адабиёти советии тоҷик // Шарқи сурх. – 1958. – № 5. – С. 88-94.
16. Турсун-заде М. Мастер таджикской литературы // Литературный Таджикистан. Книга 2. – 1958. – С. 140-145.
17. Турсунзода М. Асарҳои мунтахаб (Иборат аз се ҷилд). Ҷилди 2. – Душанбе: Нашрдавтоҷик., 1962. – С. 294-295.
18. Турсунзода М. Куллиёт. Иборат аз шаш ҷилд. Ҷилди 3. Осори адабӣ-танқидӣ (Мураттиб ва муаллифи эзоҳот: Ю. Бобоев) / М. Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 432 с.
19. Фиш Р., Хашим Р. Глазами совести. – М. : Сов. писатель, 1980. – 296 с.
20. Шукуров М. Турсунзода ва Айнӣ // Маданияти Тоҷикистон. – 1981. – 25 сентябр. – № 77. – С. 2.
21. Ятимов С. Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт (Масъалаҳои назариявӣ) // Ҷумҳурият. – 2018. – 4 декабр. – № 238-239 (23581- 582). – С. 2, 3, 4.

ШИНОХТИ ОСОР ВА ШАХСИЯТИ САДРИДДИН АЙНӢ АЗ НИГОҲИ М. ТУРСУНЗОДА

Мақолаи мазкур ба масъалаи шинохти осор ва фаъолияти гуногунсоҳаи С. Айнӣ аз нигоҳи М. Турсунзода бахшида шуда, равобити адабӣ ва эҷодии ин ду шахсияти маъруфро дарбар мегирад. Дар мақола таъкид мегардад, ки М. Турсунзода дар лаҳзаҳои ҳассоси зиндагӣ, фаъолияти эҷодӣ ва роҳбарӣ аз маслиҳату машварат ва корномаҳои илмӣ ва муборизаҳои устод Айнӣ суд ҷуста, беҳтарин осори бадеӣ ва илмию интиқодии худро ба майдон овардааст. Хусусан шеър, достон ва мақолаҳои гуногуни М. Турсунзода, ки ба шахсият ва осори С. Айнӣ бахшида шудаанд, барои таҳқиқи масъалаи шинохт ҷолиби диққат буда, бисёре аз масъалаҳои муносибати ин ду устоди суханро равшан менамоянд. Аз ҳамин нуқтаи назар, муаллифон дар мақола ба хулоса омада, таъкид менамоянд, ки М. Турсунзода устод Айниро адиб ва донишманде медонад, ки сарояндаи тақдири халқи тоҷик шуда, «ҳамаи он чиро, ки халқи ситамдидаи тоҷик диду аз сар гузаронид, Айнӣ ҳам аввал дар айёми кӯдакӣ, баъд дар ҷавонӣ ва дар охир дар вақти марди баркамол шуданаш дид ва аз сар гузаронид». Ин аст, ки М. Турсунзода ҳам дар осори манзум ва ҳам дар мақолаҳои худ кӯшидааст, бузургии устод Айниро бо дидаи тааммуқ нигарад, вале мулоҳизаҳои ӯ на ҳамеша ба ин кӯшиш муросо кардааст. Аммо муҳим ин аст, ки ӯ ин кӯшишро дар ҳамаи нигоштаҳои худ дар маркази диққат қарор додааст. Бо самимият, муҳаббат ва эҳтиром устоди бузург хондани С. Айнӣ, ин арҷгузорӣ ба кӯшишу ҷоннисориҳои устод Айнӣ мебошад, ки боиси худшиносӣ ва ифтихори наслҳои минбаъда гардидааст.

Қалидвожаҳо: С. Айнӣ, М. Турсунзода, сарояндаи тақдири халқ, робитаи дӯстӣ ва эҷодӣ, муҳити сиёсӣ, фарзанди маҳбуби Шарқ, заковати фитрӣ, мероси адабӣ, муаллими ғамхори нависандагон, эҷодкори раҳнамо.

ЛИЧНОСТЬ И ТВОРЧЕСТВО САДРИДДИНА АЙНИ В ПОЗНАНИИ М. ТУРСУНЗАДЕ

Данная статья посвящена познанию творчества и многогранной деятельности Садриддина Айни со стороны Мирзо Турсунзаде и литературной и творческой связи двух мастеров художественного слова. В статье рассматриваются некоторые жизненные ситуации М. Турсунзаде, важные моменты его сотрудничества с Айни, благодаря которым он достиг больших успехов в писательском промысле, сочинив свои стихи и поэмы под непосредственным влиянием творчества основоположника таджикской литературы. Много стихов, поэм и статей Турсунзаде посвящены личности и творчества Айни и они являются первичным и надежным материалом для всестороннего познания творчества Айни. Эти материалы способствуют более глубокому проникновению в творческую лабораторию Айни, а также полезны для уяснения многих вопросов касательно литературных связей этих мастеров слова. По мнению автора, Мирзо Турсунзаде был отличным знатоком биографии и литературной деятельности Айни. Он называл его певцом судьбы таджикского народа, то что пережил народ в начале века, пережил и Айни в юности и в зрелом возрасте. Поэтому Турсунзаде в своем творчестве много места отдал Айни, восхваляя его и открывая неизвестные страницы его жизнедеятельности и раскрывая его художественное мастерство. Мирзо Турсунзаде с большим уважением и теплотой сердца называет Айни своим наставником – устодом, подчеркывая его самоотверженный литературный труд и духовную борьбу за высокие идеалы того времени, за счастье и процветание таджикского общества. Эти прославления Турсунзаде об Айни, призательность его заслуг перед литературой и обществом служат высоким примером для молодых литераторов и нового поколения во благо их национального самосознания.

Ключевые слова: С. Айни, М. Турсунзаде, певец судьбы народа, дружественные и творческие связи, политическая среда, любимый сын Востока, природный талант, литературное наследие, наставник писателей, творческий путеводитель.

PERSONALITY AND CREATIVITY OF SADRIDDIN AYNI FROM THE STANDPOINT OF M. TURSUNZODA

This article is devoted to the learning of creativity and multifaceted activities of Sadriddin Ayni from the standpoint of Mirzo Tursunzoda and the literary and professional relations of these two masters of artistic expression. The article discusses some of the life situations of M. Tursunzoda, the important moments of his collaboration with Ayni, thanks to which he developed his writing skills by writing poems and odes under the direct

influence of the works of the founder of Modern Tajik literature. Many of Tursunzoda's poems, odes and articles are devoted to Ayni's personality and creativity, and they are the primary and reliable material for a comprehensive introduction of Ayni's creativity. These materials help us to understand Ayni's creative laboratory, and they are also useful for clarifying many questions regarding the literary relations of these masters of a creative writing. According to the author, Mirzo Tursunzoda was an excellent connoisseur of Ayni's biography and literary activity. He introduces Ayni as a singer of the fate of the Tajik people. In his youth and adulthood Ayni experienced the same things, as the people of that days. Therefore, in his works Tursunzoda gave a lot attention to Ayni, praising him and opening the unknown pages of his life and writing activity and revealing his artistic skills. Mirzo Tursunzoda with great respect introduces Ayni as his mentor and ustad. He glorifies Ayni's brilliant literary work and his spiritual struggle for the lofty ideals of the time, for happiness and prosperity of Tajik society. These glorifications of Tursunzoda about Ayni, the appreciation of his contributions to literature and society, serve as an excellent example for young writers and the new generation for the benefit of their national identity.

Key words: S. Ayni, M. Tursunzoda, singer of people's destinies, friendly and creative relations, political surrounding, beloved son of the East, natural talent, literary heritage, mentor of writers, creative guide.

Сведения об авторах: ***Махмадаминов Абдулхай Саидович*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новейшей персидскско-таджикской литературы. Адрес: Республика Таджикистан,734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.
Шарифзода Лутфулло Абдулло – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории и новейшей персидскско-таджикской литературы. Адрес: Республика Таджикистан,734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.
E-mail:**sharifzodal@mail.ru.** Телефон: **+(992) 985-86-86-46**

Information about the authors: ***Mahmadaminov Abdulhai Saidovich*** – Tajik national University, doctor of Philology, Professor of the Department of theory and modern Persian-Tajik literature. Address: Republic of Tajikistan,734025, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.
Sharifzoda Lutfullo Abdullo - Tajik national University, post-graduate student of the Department of theory and modern Persian-Tajik literature. Address: Republic of Tajikistan,734025, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.
E-mail: **sharifzodal@mail.ru.** Telephone: **(+992) 985-86-86**

УДК: 891. 550-1: 82

ҲАКИМ САНОӢ ВА ИСТИҚБОЛИ АШЪОРИ РӮДАКӢ

Солеҳов М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мактаби адабии устод Рӯдакӣ ба адабиёти давр ва минбаъда ва ҳатто адабиёти тасаввуфиву ирфонӣ таъсири фаровон гузоштааст. Саноии Ғазнавӣ яке аз бузургтарин симоҳои адабиёти ирфонист, ки ба ашъори султони шоирон рӯ овардааст. Роҷеъ ба истиқболи ашъори Рӯдакӣ аз ҷониби Саноӣ дар таҳқиқоти донишмандон Саид Нафисӣ, Мазоҳир Мусаффо, Муҳаммадҷаъфари Маҳҷуб, Муҳаммад Мӯин нисбатан муфассал ва дар таҳқиқоти муҳаққиқон А.М.Мирзоев, А. Афсаҳзод, Р. Ҳодизода, А. Абдуллоев, С. Табаров баҳсҳои нисбатан иҷмолӣ қобили вуқӯъ шудаанд.

Аввалин муҳаққиқе, ки оид ба таъсири эҷодиёти Рӯдакӣ дар ашъори Ҳаким Саноӣ (роҷеъ ба таъсиргузорӣ ва таъсирпазирӣ-М.С.) таваққуфи бештаре кардааст, профессор Саид Нафисӣ [11] аст. Ӯ дар таҳқиқоти бунёдии хеш – «Аҳвол ва ашъор…» [11] дар зерфаслҳои «Тазмин аз шеъри Рӯдакӣ» ва «Мазомини Рӯдакӣ дар ашъори дигарон» роҷеъ ба ҳадафи мазкур баҳс ба миён овардааст. Таъкид бояд намуд, ки ҳадафи устод С. Нафисӣ дар зерфаслҳои фавқуззикр умумӣ буда, танҳо дар нисбати эҷодиёти Ҳаким Саноӣ нест.

Мазоҳири Мусаффо дар пешгуфтори ба «Девон»-и Саноӣ навиштаи хеш роҷеъ ба таъсирпазирии Саноӣ аз шоирони пеш аз худ» [2] зерфасле дорад, ки он тадқиқи қиёсии эҷодиёти шоирро фаро мегирад, вале дар ин бахш асосан эҷодиёти шоирони нимаи аввал ва аҳёнан шуарои нимаи дуюми садаи мазкур татқиқи қиёсӣ шудаанд.

Муҳаммад Ҷаъфар дар асари худ зимни фасле « Таъсири шоирони ин даврон ва шеъри эшон дар шеъри давронҳои баъд» [10] роҷеъ ба истиқболи ашъори Рӯдакӣ аз ҷониби мутааххирин ва хосса Саноӣ баҳс ба миён овардааст. «Барои равшан гардонидани матлаб – менависад М. Маҳҷуб – онро (яъне фасли мазкурро –М.С.) ба ду қисмат: «Истиқбол аз шоирони ин даврон ва тазмини шеъри онон» [10] ва «Иқтибосу нақли мазмун аз эшон» тақсим мекунем» [10].

Таҳқиқоти дигаре ки ба сабабҳои таълиф, қиёсу татқиқ, таҳлили нисбатан дақиқи як қасидаи устод Рӯдакӣ ва истиқболи он аз ҷониби мутааххирин бахшида шудааст, ба Муҳаммад Мӯин мутааллиқ аст. М. Мӯин хусусан дар бахшҳои «таъсири он» ва «истиқболи шоирон аз қасидаи Рӯдакӣ» басо ҷолиб баҳс кардааст.

Албатта, оид ба арзиши илмии мақолаи Муҳаммад Мӯин дар таҳқиқоти донишмандони кишвари мо: А.М. Мирзоев, А.Афсаҳзод, С.Ш. Табаров ва дигарон қазоватҳои судманд сурат гирифтааст, ки ин мавзӯи баҳси дигар аст.

Ба абёти маҳфузмондаи (7 байт) қасидаи мазкури Рӯдакӣ аввалин ҷавобияро Муиззӣ гуфта бошад ҳам, аҳли таҳқиқ онро аз нигоҳи асолати ҳунарӣ паст донистаанд. Шиблии

Нуъмонӣ менависад, ки: «Амир Муиззӣ аз машоҳири шуарои он замон аст, вале ин ашъораш қобили муқоиса бо ашъори Рӯдакӣ нест» [12, с. 52]. Ҳаким Саноӣ дар пайравии худ ба қасидаи мазкури Рӯдакӣ дар ҳамон вазн, радифу қофия, ба ҳамон миқдор (7 байт) ва то андозае бо нигоҳдории мазмуни муҳтавӣ ва васоити дигари тасвирҳои бадеӣ ғазал эҷод кардааст. Чунончи:

Ҳусрави Мозандарон ояд ҳаме,
Ё Масеҳ аз осмон ояд ҳаме.
Ё зи баҳри маслиҳат Рӯҳуламин,
Сӯйи дунё з-он ҷаҳон ояд ҳаме.
Ё Сикандар бо бузургони Ироқ,
Сӯйи Шарқ аз Қайравон ояд ҳаме.
Реги Омую дарозӣ роҳи ӯ,
Зери помон парниён ояд ҳаме.
«Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст»,
Асби моро то миён ояд ҳаме.
Ранҷи ғурбат рафту тимори сафар,
Бӯйи ёри меҳрубон ояд ҳаме.
Ин аз он вазн аст гуфта Рӯдакӣ,
«Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме» [1, с.1037].

Мақтаи ғазали мазкур дар нашри аввали «Девон»-и Саноӣ бо эҳтимоми Мударриси Разавӣ (мисраи охир) дар ин шакл аст:

«Боди ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме» [1, с.1037].

Саноӣ ин ҷо дар пайравии қасида ғазал эҷод карда, дар он ҳам аз аносири тазмини пурра ва нопурра кор гирифтааст. Корбурди калимаи вазн бошад, танҳо ба хотири қасидаи кӯчаки боқимонда аст.

Ба андешаи мо, нуфузи эҷодиёти Рӯдакӣ бар ашъори Саноӣ аз пиндори аҳли таҳқиқ фузунтар аст, зеро Саноӣ чун симои машҳур ба ашъори бузургтарин симоҳои адабӣ рӯ овардааст. Ба ин маънӣ Забеҳулло Сафо менависад, ки:

«Шеъри Саноӣ агарчи устодона ва мақрун ба маҳорату лутф аст, лекин мутаассир аз сабки устодони муқаддам ба вай аз қабили Унсурӣ ва Фаррухӣ аст» [7].

Аз қазовати мазкур маълум мешавад, ки Саноӣ дар эҷоди қасидаву ғазал ғолибан ба ашъори Фаррухӣ, Унсурӣ ва Масъуди Саъд рӯ оварда бошад, ба назари мо, дар таълифи қитъаот, рубоиёт ва маснавиҳояш ба эҷодиёти Рӯдакӣ таваҷҷуҳ доштааст. Чунончи, қитъаи зерини Рӯдакӣ:

Ин ҷаҳон пок хоккирдор аст,
Он шиносад, ки дил-ш бедор аст.
Некии ӯ ба ҷойгоҳи бад аст,
Шодии ӯ ба ҷойи тимор аст.
Чи нишинӣ бад-ин ҷаҳон ҳамвор,
Ки ҳама кори ӯ на ҳамвор аст.
Кӯниши ӯ на хубу чеҳраш хуб,
Зишткирдору хубдидор аст [4, с. 28].

Қитъаи ҳаммазмуни Саноӣ ин аст:

Ин ҷаҳон бар мисоли мурдор аст,
Каргасон гирди ӯ ҳазор –ҳазор.
Ин мар онро ҳамезанад михлаб,
Он мар инро ҳамезанад минқор.
Охируамр барпаранд ҳама,
В-аз ҳама бозмонад ин мурдор [1, с. 1036].

Дар қитъаи фавқуззикри Саноӣ ба жанр, мазмуни шеър, қофия ва вазн пайравӣ шудааст, вале консепсияи ғоявии Саноӣ дигар аст. Инчунин, қитъаи Рӯдакӣ дорои матлаъ буда, мураддаф низ ҳаст.

Ё худ байте аз маснавии «Калила ва Димна»-и Рӯдакӣ:

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯйи дӯстон [4, с. 103].

Ба ин маънӣ Саноӣ мегӯяд:

Гуфт ҳакиме, ки муфарраҳ бувад,
Обу маю лаҳни хушу бӯстон.
Ҳаст, валекин набувад назди ақл,
Ҳеҷ муфарраҳ чу рухи дӯстон [1, с.1086].

Абёти Саноӣ қитъа бошад ҳам, ба қофия ва мазмуни байти Рӯдакӣ пайравӣ шудааст.

Тибқи тасдиқи аҳли таҳқиқ, Саноӣ аввалин эҷодкор аст, ки дар бораи худ марсия гуфтааст. Ӯ дар таълифи ин шеър аз як мисраи устод Рӯдакӣ, ки дар вафоти Муродӣ иншо шудааст, илҳом гирифтааст. Чунончи, Саноӣ гуфтааст:

Мурд Саноӣ, ки ҳамоно намурд,
Мурдани он хоҷа на корест хурд.
Ҷони гиромӣ ба падар боз дод,
Колбуди хок ба модар супурд.
Аз малакӣ бо малакӣ рафт боз,
Зинда кунун шуд, ки ту гуфтӣ, ки мурд [1, с.1059].

Як нуктаро бояд гуфт, ки вожаи хоҷа дар асри Х дар нисбати ходимони давлатӣ ба кор рафтааст. Дар нисбати эҷодкорон аз Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ оғоз мешавад.

Марсияи устод Рӯдакӣ ин аст:

Мурд Муродӣ на ҳамоно, ки намурд,
Мурдани он хоҷа на корест хурд.
Ҷони гиромӣ ба падар боз дод,
Колбуди тира ба модар супурд.
Они малак бо малакӣ рафт боз,
Зинда кунун шуд, ки ту гӯйӣ бимурд [4, с.32].

Абёти ҳарду шоир ба манзури жанр, вазн, қофия, мазмун шабеҳанд, вале консепсияи ғоявии Саноӣ ирфонист. Зеро сӯфӣ дар фано бақоро мебинад.

Инчунин қитъаи дигаре боз аз Саноӣ дар ҳамин шаклу мазмун, вале вазну консепсияи ғоявии дигар:

Садри ислом зинда гашту намурд,
Гарчи сурат ба хоки тира супурд.
Дар ҷаҳони бузург сохт макон,
Ҳам ба хурдон гузошт олами хурд.
Пас ту гӯй. Ки марсият гӯяш,
Зиндаро марсият кӣ ёрад бурд? [1, с. 1060].

Саноӣ дар як қитъаи дигари худ, ки маъхази он мазмуни ҳикояте аз боби «Кабӯтар Мутаваққа»-и «Калила ва Димна»-и устод Рӯдакист, чунин мегӯяд:

Бетамаъ бош агар ҳамехоҳӣ,
То наафтӣ зи пояи амҷод.
З-он ки чун мурғи даштӣ аз раҳи тамъ,
Кард оҳанги донаи сайёд.
То шуда ҳалқи ӯ чу ҳалқаи дом,
Ҳамчу ҳарфи тамаъ шудаш абъод.
Ки масореи ганҷхонаи фазл,
Дар кафи молик аст ё ҳаммод.
Роҳ рав, то ба ақл бишносӣ,
Хоки заргар зи хонаи ҳаддод.
Гар нахоҳӣ чу наргису лола,
Чеҳра гаҳ зарду гаҳ сияҳ чу милод.
Дар ҷаҳон ҳамчу савсани ошиқ,
Чеҳра зебанда бошу табъ озод [1, с.1057].

Ҳадафи Саноӣ сирфан орифона буда, ҷаҳони моддӣ накуҳиш мешавад.

Умуман, Саноӣ дар эҷоди рубоӣ низ ба ашъори Рӯдакӣ бештар таваҷҷуҳ кардааст. Чунончи, Рӯдакӣ гуфтааст:

Бе рӯйи ту хуршеди ҷаҳонсӯз мабод,
Ҳам бе ту чароғӣ оламафрӯз мабод.
Бо васли ту кас чу ман бадомӯз мабод,
Рӯзе, ки туро набинам, он рӯз мабод [4, с. 65].

Аз Саноӣ:

Чашмам зи фироқи ту ҷаҳонсӯз мабод,
Бар ман сипаҳи ҳаҷри ту пирӯз мабод.
Рӯзе агар аз ту боз хоҳам мондан,
Шаб бод ҳама умри ман, он рӯз мабод [1, с.1127].

Ё худ:

Моро ба ҷуз аз ту оламафрӯз мабод,
Бар мо сипаҳи ҳаҷри ту пирӯз мабод.
Андар дили мо зи ҳаҷри ту сӯз мабод,
Чун бо ту шудам, бе ту маро рӯз мабод [1, с.1127].

Аз худи Рӯдакӣ:

Дар раҳгузари бод чароғе, ки турост,
Тарсам, ки бимирад аз фароғе, ки турост.
Бӯйи ҷигари сӯхта олам бигирифт,
Гар нашнидӣ, зиҳӣ димоғе, ки турост [4,с. 64].

Аз Саноӣ:

Бар раҳгузари боғ чароғе, ки турост,
Тарсам бинишинад, ар фароғе, ки турост.
Биншонад ҳам оби аҷал оташи ту,
Барбод диҳад хок, димоғе, ки турост [1, с.1114].

Ва боз:

Бар дил зи ғами фироқ доғе дорам,
Дар ёфтани ком фароғе дорам.
Бо ин ҳама пурҳавас димоғе дорам,
«Дар раҳгузари бод чароғе дорам» [1, с.1152].

Саноӣ дар истиқболи ғазалу қасоид, қитъаву рубоӣ, маросӣ ва маснавиҳои Рӯдакӣ наздик ба 50 байт эҷод кардааст. Аз тарафи дигар, консепсияи бадеӣ ва аҳдофи эҷодии ин ду адиб мутафарриқ аст. Эҷоди бадеъ барои Рӯдакӣ «кишту дуруд ва ҳосилу шудгор» аст, вале барои Саноӣ танҳо воситаи изҳори матлаби орифона ва бақои ҷовид аст.

А Д А Б И Ё Т

I.

1. Девони Ҳаким Абдулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ; бо саъй ва эҳтимоми Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1354.
2. Девони Ҳаким Абдулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ; бо саъй ва эҳтимоми Мазоҳир Мусафо. - Теҳрон, 1336.
3. Девони Амир Муиззӣ; бо саъй ва эҳтимоми Аббос Иқбол. - Теҳрон, 1318.
4. Девони Рӯдакӣ; таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам. – Олматӣ, 2007. – 256 с; чопи дувуми такмил ва тасҳеҳшудаи ҳамин китоб. – Душанбе: Бухоро, 2015. – 334 с.

II.

5. Абдулманнони Насриддин. Аз Рӯдакӣ то Аттор. – Хуҷанд: Ношир, 2017.
6. Бадеуззамони Фурӯзонфар. Сухан ва суханварон. – Теҳрон, 1376.
7. Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ. Давраи ҳаштҷилдӣ. Ҷилдҳои 2. – Теҳрон, 1388.
8. Мирзоев А. Сездаҳ мақола. - Душанбе, 1977.
9. Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. Тозиёнаҳои сулук. Нақду таҳлили чанд қасида аз ҳаким Саноӣ. - Теҳрон, 1383.
10. Маҳҷуб, Муҳаммадҷаъфар. Сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ. – Теҳрон, 1345 ш. – 740 с.
11. Саид Нафисӣ. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ; бо кӯшиш ва таҳияи Ҷаъфар Ранҷбар. – Душанбе: Нодир, 2008. – 934 с.
12. Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-аҷам; бо Саъйи А.Набавӣ. – Душанбе, 2016. - Ҷ.I-II.

ҲАКИМ САНОӢ ВА ИСТИҚБОЛИ АШЪОРИ РӮДАКӢ

Мактаби адабӣ-ҳунарии устод Рӯдакӣ мактаби тавонотарини суханварии марҳалаи нави таърихи миллати тоҷик буда, оғози марҳалаи классики рушдро таъмин намуда, таҳаввули минбаъдаи онро тарҳафканӣ сохтааст. Ин мактаб ба фарҳанги шифоҳии миллӣ, ба каломи ҳунарии ҳирфаӣ ва дар ҳамин сатҳ ба каломи ҳунарии тасаввуфӣ-ирфонӣ таҳкиму тақвияти хос эҳдо намуда, асаргузори ҳамешагии онҳо гардидааст. Аввалин симои адабиёти ирфонӣ, ки дар ин ҷода ба таъсирпазирии мактаби Рӯдакӣ ва пайванди он бо каломи ҳунарии ирфонӣ иқдом гузошт, Ҳаким Саноӣ буд. Дар мақолаи мазкур ана ҳамин рисолати таърихии бақоовардаи нахуст-эҷодкори комилҳуқуқи тасаввуфӣ-ирфонии соҳибдевон Саноии Ғазнавӣ тадқиқ шудааст, ки сухани тозаву нигоҳи нав аст. Ин падида тавассути ашъори Аттор мароҳили камолот паймуда, Мавлоно ба олитарин қуллаи дастнорас расонидааст.

Калидвожаҳо: Рӯдакӣ, Саноӣ, ашъор, ҳунарӣ, ирфонӣ, таъсирпазирӣ, таҳаввул, мактаби адабӣ.

ВЛИЯНИЕ ПОЭЗИИ РУДАКИ НА ХАКИМА САНАИ

Литературно-творческая школа Рудаки является выдающейся школой поэзии, которая внесла весомую лепту в открытие нового этапа классического развития, что в дальнейшем обеспечивано устойчивые преобразованияе. Это школа бесспорно способствовали специфическому развитию и процветанию устной народной поэзии, профессиональной поэзии, а также письменного искусства мистицизма - познания. Одним из первых лиц в литературе, кто вдохновился и стал продолжителем школы Рудаки, кто внес свой неоценнимый вклад в развитие искусства поэзии, можно с уверенностью назвать Хакима Санои. В данной статье с новыми словами и новым взглядом говорится о бесценном историческом вклад того, кого бесспорно можно назвать одним из первых авторов произведенний о мистицизме - познания - Санои Газнави. Это явление имеет ясное выражение совершенства, в произведениях Аттора, но Мавлоно удостоился его верщины.

Ключевые слова: Рудаки, Санаи, поэзия, художественная, суфийское, восприимчивость, эволюция, литературная школа.

HAKIM'S SANA'S SENSIBILITY FROM RUDAKI'S POETRY

The literary and creative school of Rudaki is an outstanding school of poetry, in the new stage of the history of the Tajik people, which made a significant contribution to the discovery of a new stage of classical development, which further ensures sustainable education. This school is without a doubt the further founder of the specific development and prosperity of oral folk poetry, professional poetry, and also at this level the written art of mysticism, knowledge. One of the first persons in literature who was inspired and became the successor of the Rudaki school, who made his invaluable contribution to the development of the art of poetry, can safely be called Hakim Sanoi. In this article, with new words and a new look, it is said about an invaluable historical contribution, who undoubtedly can be called one of the first authors of works about mysticism - knowledge - Sanoi Ghaznavi. This phenomenon has a clear expression of perfection, in the works of Attorus, but Mavolono was honored with his top.

Key words: Rudaki, Sanai, poetry, art, Sufi, susceptibility, evolution, literary school.

Сведения об авторе: ***Солехов Мирзо Одинаевич*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры история таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17.
Тел.: **(+992) 981-06-78-75**

Information about the author: ***Solehov Mirzo Odinaevich*** - Tajik National University, lecturer department tajik literature history. **Address**: , 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 981-06-78-75**

УДК: 821.133.1

ВОСХОД, РАЗВИТИЕ И ЗАКАТ СЮЖЕТНОЙ ЛИНИИ ФРАНЦУЗСКОЙ ЛИТЕРАТУРНОЙ СКАЗКИ И ВОЗДЕЙСТВИЕ НА НЕЕ ОРИЕНТАЛЬНЫХ ВЕЯНИЙ

Махмудов Д.О.
Таджикский национальный университет

Время появления первой литературной французской сказки непосредственно связано с «Историей Ипполита, графа Дугласа», написанной Мари-Катрин Лежюмель де Барневиль, графиней д'Онуа в 1690 году.

Следует отметить, что сказочные истории к XIV - XV пользовались популярностью не только во французской провинции, но и в Париже. Следы удивительных историй можно обнаружить в комедии Корнеля, в сатирах Буало, также ими увлекались Людовик XIV, а его министр финансов, Кольбер даже написал одну сказку.

В Версале шли оперные спектакли, мода на которые пришла из Италии в середине XVII века. XVII век активно возрождал традиции античного повествования: Корнель и Расин создали образцы французской Трагедии, Мольер - комедии, Лафонтен возродил басню, Ларошфуко - афоризмы и максимы. Это столетие создало во Франции особый дух культуры, оказавший свое влияние и на последующие века.

Между тем, сказки по своей сути ориентированы на устное повествование и импровизацию, что позволило им стать предпочтительным жанром для светского литературного досуга Франции того периода времени. Такие выдающиеся писатели, как: Клод Проспер Жолио де Кребийон, граф Анн Клод Филипп де Келюс, Шарль Пино Дюкло, аббат Клод Анри де Вуазенон, Пьер Карле де Мариво, Франсуа Огюст Паради де Монкриф, Пьер Клод Нивель де Ла Шоссе; философы: Жан-Жак Руссо, Дени Дидро, Жан ле Рон д'Аламбер, Фредерик-Мельхиор Гримм часто декламировали волшебные истории за светскими обедами. Однако позже, когда сказка обрела свою книжную форму, мода на устное повествование начала ослабевать.

Сказка - жанр по определению вымышленный, тем не менее подтолкнул французскую культуру к практической реализации сказки в литературе. Справедливости ради следует отметить, что франкоязычные волшебные сюжеты «conte» (сказка) встречались и ранее, например, в новеллах Марии Французской (XII в.), в поэмах Тассо, Боярдо, Ариосто, в «Приятных ночах» Страпаролы и «Пентамероне» Базиле (XVI в.) и в более поздних произведениях, таких как; новелла Бонавентуры Деперье - «Ослиная Шкура» (1558) или Лафонтена - «О собачке, которая разбрасывала драгоценности», (1671). Первоначально, французская средневековая сказка выходила в дешевых выпусках «Голубой библиотеки», издававшейся в Труа, либо в виде устных рассказов. Профессионально собирать и записывать сказки во Франции начали позднее, чем в других странах Европы, - только в 1870-е годы [7, с.145].

Активное книжное издание сказок начинается после 1690 года, вслед за публикациями академиком Шарлем Перро трех стихотворных сказок: «Маркиза де Салюс, или Терпение Гризельды», «Смехотворные желания» и «Ослиная Шкура», объединённых в сборник (1694). «Решительный перелом наступает в 1697 году, когда появляются «Истории, или Сказки былых времен» Шарля Перро (8 сказок) — опять-таки приписанные сыну; «Волшебные сказки» (4 тома) графини д'Онуа; «Сказки сказок» (2 тома) Шарлотты Розы Комон де ла Форс. В 1698 году выходят в свет «Новые сказки, или Модные феи» (4 тома) д'Онуа, «Волшебные сказки» и «Новые волшебные сказки» Анриетты Жюли де Кастельно, графини де Мюра, «Знаменитые феи» шевалье де Майи, «Сказки не хуже прочих» Жана де Прешака, «История Мелюзины» Поля-Франсуа Нодо"… Перро обращался к античности, но при этом доказывал, что «сказки, сочиненные нашими предками для своих детей», хотя и менее изящны, но зато более нравственны» [7, с.145]. Французские сказки разрабатывают 36 сюжетов из 115, встречающихся в национальном фольклоре, а главным их источником, как правило, были сборники Страпаролы и Базиле.

В конце XVII века сказка довольно часто отождествляет себя с жанром басни. Тем не менее, вопреки постоянным разговорам о морали и полезности сказок для воспитания детей,

Маргарита Любер заявила, что сказки призваны развлекать, а не наставлять («Сухой и черный», 1743, предисловие).

Развитие главной сюжетной линии французской литературной сказки было продиктовано ее сближением с романом. Первоначально народная сказка, заложив основу и общую структуру его сюжета и определив основные мотивы, стала основным источником появления средневекового рыцарского романа. Композиция, как правило, состояла из встречи — разлуки — подвигов - обретения и сохранилась во Франции XVII века в любовно-героических романах. Однако несколько позже большие и тяжеловесные романы постепенно выходят из моды и распадаются на самостоятельные литературные жанры: письмо, портрет, афоризмы и т.п. Чаще всего в дидактических сказках используется сюжет о братьях или сестрах, один из которых беден и добродетелен, а другой - богат и наделен различными пороками. Герои этих произведений отправляются в путешествия по различным странам, с целью улучшить свой характер, привычки, государственное устройство.

По мере своего развития, французская сказка все дальше удалялась от моральности басен, а сюжетная линия построена на решении всевозможных задач: похищения, кораблекрушения, нападения пиратов, продажа в рабство, переодевания, подслушивания, недоразумения, нечаянные встречи и т.д. С развитием сюжетной линии за счет введения параллельных событий, пересекающихся действий, вводных рассказов усложняется и сама композиция.

К концу XVII-началу XVIII века мода на нравоучительные повествования постепенно сходит на нет. С этого времени сказка предназначена для взрослой аудитории, а не детей: «Я в молодости очаровывался сказками «Тысяча и одной ночи», которые... вовсе не "сказки для детей"» [8, с.130].

Значительным событием в литературном мире не только Франции, но всей Европы, а также катализатором повышения интереса европейского обывателя к сказке становится выход в свет в 1704 году перевода «1001 ночи» Антуана Галлана (последний, двенадцатый, том вышел уже после его смерти, в 1717 г.). Для сначала французского, а затем и всего европейского читателя неожиданно открывается волшебный мир Востока.

Между тем, есть множество доводов к тому, что прообразом «1001 ночи» на арабской почве был, вероятно, сделанный в X веке перевод таджикско-персидского сборника «Хазор Афсона», впоследствии получивший большую популярность в столице восточного халифата, в Багдаде. Например, И. фон Хаммер в 1827 г. высказал предположение, что эти сказки были переведены на арабский язык в царствование халифа Мамуна. С этим мнением солидаризуется и Эструп [9]. Фихрист ан-Недима (987г.) также указывает, что первыми сочинителями фантастических сказок, которые нашли широкое распространение во времена Сасанидов, были персы. Арабы перевели их на свой язык и сами составили подобные им. Первой книгой была - Хазор Афсона. Далее ан-Недим передает содержание завязки сюжета: «о Султане и Шахеразаде» [4, с.3]. До нас дошла лишь преамбула - рассказ о том, что, столкнувшись с неверностью первой жены, царь Шахрияр отправился к своему брату Шахзамону поделиться своим горем…, полностью совпадающая с рамкой «1001 ночи». Насколько большая часть «Хазор Афсона» вошла в арабскую «1001 ночь» или только избранные её сказки — это вопрос второстепенный, не располагая рукописями, которыми пользовался в своей работе Ф. Пети де ла Круа, мы тем не менее можем с достаточной определенностью отождествить его сказки с произведениями, и по сей день сохранившимися в таджикско - персидской письменной традиции.

«1001 ночь» построена по принципу повести, позволяющей включать в сборник всё новые, имеющие самостоятельное значение тексты. Сказки «1001 ночи» условно могут быть разбиты на 3 основные группы; героические («Камар-аз-Заман и Будур», «Бадр Басим и Джаухар», «Повесть о царе Омаре ибн-ан-Нумане», «Аджиб и Гариб»), авантюрные («Повесть об Абу-ль-Хасане из Омана», «Абу-ль-Хасан Хорасанец», «Нима и Нум», «Любящий и любимый», «Аладдин и волшебная лампа») и плутовские («повесть о Маруфе-башмачнике», «сказка о рыбаке по имени Халифа»). С полной уверенностью можно сказать, что из «Хазор Афсона» взята вышеупомянутая преамбула сборника (Шахрияр и Шахрезада), Рыбак и дух, Хасан Басрийский, Ардешир и Хаят-ан-нофуса и т. д. Эти и другие сказки из «Хазор Афсона» являются украшением всей «1001 ночи.

Переводы Антуана Галлана были продолжены Жаком Казоттом и Шависом (1784-1793). Пети де ла Круа печатает «Историю персидского султана и его визирей» (1707), «Тысячу и один день» (1710-1712), предположительно, переведенную с персидской компиляции, приобретенной в Исфахане в 1675. Пети де Ла Круа дружил со своим коллегой Антуаном Галланом. Под влиянием огромного успеха первых семи томов «1001 ночи», Пети де Ла Круа совместно с А. Р. Лесажем, публикует «1001 день» (5 томов, 1710-1712). Сборник «1001 день, персидские сказки» включавший в себя также «Историю Малика и принцессы Ширин» впервые

был переведен на русский язык М. И. Поповым в 1778–1779 году. Некоторые из сказок «1001 ночи», не включенные А. Галланом, перевел Ж. Казот (4 тома, 1788–1789).

Вместе с пришедшими с Востока декорациями сюжетная линия французской литературной сказки впитывает в себя идею переселения душ, которая используется как композиционная связка между совершенно разными историями (Ш.-Л. Монтескье, «Правдивая история», между 1720 и 1738, опубл. в 1892; Т.-С. Геллет, «Чудесные приключения мандарина Фум-Хоама», 1723; К.-А. Вуазенон, «Султан Мизапуф», 1746). В переведенных сказочных повестях идея переселения душ становится одним из главных испытаний. Большинство из основных персонажей сказки, как правило, превращаются в какое-либо животное; в кота, в птицу и т.п.

Примерную структуру публикуемых в этот период времени сказок, можно приблизительно представить следующей схемой:

- Название, как правило содержит псевдо-восточное имя героя;
- подзаголовок - сказка китайская, индийская, правдивая, удивительная и т.п.;
- авторский вводный текст или уведомление об истории;
- обрамление в традициях «Тысячи и одной ночи»;
- краткое описание места действия (волшебной страны);
- мораль истории.

Построение сюжетной линии вполне соответствует традиционным сказкам; завязка - рождение героя, предсказание судьбы, поиски подходящего жениха или невесты и т. п. Основная часть - познание нового, обучение, испытания героя. Каждое конкретное произведение отличается и выбором, и последовательностью соединения элементов сюжета, причем герой - мужчина встречается намного чаще.

Взаимовлияние двух жанров - сказки и романа проявляет себя и в стилистике повествования, где сталкиваются целые пласты «восточной» и «европейской» лексики, и в описании персонажей, быта, в композиции. Нарушение единства сюжетной линии, вызванное восточными влияниями, вызвало к жизни новые типы внутренних связей между эпизодами. Наиболее характерный прием-введение параллельно развивающейся темы, которая дополняет основное действие, расцвечивая основное событие.

После 1760 года популярность литературной сказки постепенно идет на спад. В произведениях Вольтера и Дидро завершился многовековой цикл литературного развития, когда народная сказка дала жизнь роману, из которого выделилась литературная сказка, со временем эволюционировавшая обратно в роман.

Л И Т Е Р А ТУ Р А

1. Бартольд В.В. История изучения Востока в Европе и в России / В.В. Бартольд. – Л., 1925. -С.301.
2. Виноградов В.В. Типология и взаимосвязи средневековых литератур Востока и Запада / В.В. Виноградов. – М., 1974.
3. Гольц Т. Темы, сюжеты и образы таджикско-персидской литературы н русской литературы 20-30-х годов XIX века: автореф. канд. дис.наук / Т. Гольц. - Душанбе, 1979.
4. Горстер А. К литературной истории тысячи и одной ночи / А. Горстер, А. Крымский. – М.: 1900, -С. 3.
5. Мухтар Ш. Таджикская литература во Франции / Ш. Мухтар Душанбе: Ирфон, 1985.
6. Ольденбург С.Ф. Восток-Запад. Исследования. Переводы. Публикации / С.Ф. Ольденбург. - М.: Наука, 1982.
7. Строев А. Французская литературная сказка XVII-XVIII веков. Вступительная статья / А. Строев. – М.: Художественная литература, 1990.
8. Чернышевский Н. Г. Полн. собр. соч., т. XII. / Н. Г. Чернышевский. - С. 130.
9. Эструп Д. Исследование о „1001 ночи" / Д. Эструп. – М.: 1905. - 242 с.
10. Francis Richard, Aux origines de la connaissance de la langue persane en France, in revue Luqmân, 3 e année, N 1, 1986-87, -P. 24.

ТУЛӮЪ, ТАШАККУЛ ВА ҒУРУБИ САМТИ СУЖАВИИ АФСОНАҲОИ АДАБИИ ФАРОНСАВӢ ВА ТАЪСИРИ ТАМОЮЛИ ШАРҚӢ БА ОН

Дар ин мақола муаллиф дар бораи пайдоиши афсонаҳои аввалини адабии фаронсавӣ, ки дар асрҳои XIV – XV ш у ҳрат ёфта буданд, нақл мекунад. Аз ибтидо афсонаи халқӣ ва сужаҳои умумии он мавзӯи асосиро муайян карда, сарчашмаи асосии зуҳуроти романҳои асримиёнагии ҷавонмардӣ гардид. Дар охирҳои асри XVII ва аввали асри XVIII қиссаҳои пандомез мавқеи худро аз даст медиҳанд ва афсона барои шунавандагони калонсол мавқеи муайян пайдо мекунад. Қайд кардан лозим аст, ки катализатори болоравии шавқу рағбати сокинони аврупоӣ ба афсона ин нашр шудани тарҷумаи «Ҳазору як шаб» мебошад, ки соли 1704 аз тарафи Антуан Галлан ба фаронсавӣ ва сипас, ба дигар забонҳои аврупоӣ аз фаронсавӣ тарҷума мешавад. Дар назди хонандагони аврупоӣ ногаҳон ҷаҳони афсонавӣ ва мафтункунандаи Шарқ намоён мегардад. Далелҳои зиёде мавҷуданд, ки тимсоли «Ҳазору як шаб» дар заминаи арабӣ эҳтимол тарҷумаи «Ҳазор Афсона»-и форсӣ-тоҷикӣ мебошад, ки дар асри Х (ба арабӣ) тарҷума шуда, дар пойтахти хилофати араб шаҳри Бағдод хеле ш у ҳрат меёбад. Тарҷумаҳои Антуан Галланро Жак Казотт ва Шавис давом медиҳанд. Дар ин мақола таъсири мутақобилаи ду жанр – афсона ва роман нишон дода мешавад. Инчунин, лексикаи «шарқӣ» ва «ғарбӣ» дар тасвири қаҳрамонҳо, тарзи зист ва дар композитсия бо ҳам бармехӯранд.

Калидвожаҳо: афсонаи адабӣ, сужет, роман, ҷаҳони афсонавӣ, тоҷикӣ-форсӣ, шарқ, аврупоӣ.

ВОСХОД, РАЗВИТИЕ И ЗАКАТ СЮЖЕТНОЙ ЛИНИИ ФРАНЦУЗСКОЙ ЛИТЕРАТУРНОЙ СКАЗКИ И ВОЗДЕЙСТВИЕ НА НЕЕ ОРИЕНТАЛЬНЫХ ВЕЯНИЙ

В данной статье автор рассказывает о появлении первых литературных французских сказкок, которые в XIV – XV вв. пользовались популярностью. Первоначально народная сказка, заложив основу и общую структуру ее сюжета и определив основные мотивы, стала основным источником появления средневекового рыцарского романа. К концу XVII началу XVIII-века мода на нравоучительные повествования постепенно сходит на нет и сказка предназначается для взрослой аудитории. Следует отметить, что катализатором повышения интереса европейского обывателя к сказке становится выход в свет в 1704 году перевод «1001 ночи» Антуана Галлана и перед французским, а затем и европейским читателем неожиданно открывается волшебный мир Востока. Есть множество доводов к тому, что прообразом «1001 ночи» на арабской почве был, вероятно, сделанный в X веке перевод таджикско-персидского сборника «Хазор Афсона», впоследствии получивший большую популярность в столице восточного халифата, в Багдаде. Переводы Антуана Галлана были продолжены Жаком Казоттом и Шависом. Показывается взаимовлияние двух жанров - сказки и романа, которое проявляет себя и в стилистике повествования, где сталкиваются целые пласты «восточной» и «европейской» лексики, и в описании персонажей, быта, в композиции.

Ключевые слова: литературная сказка, сюжет, роман, волшебный мир, таджикско-персидский, Восток, европейский.

SUNRISE, DEVELOPMENT AND DECLINE OF THE STORYLINE OF THE FRENCH LITERARY TALE AND THE IMPACT OF ORIENTAL TRENDS ON IT

The article considers the appearance of the first French literary tales, which in the XIV - XV centuries, enjoyed popularity. Initially, a folktale, laying the foundation and general structure of its subject, and determining the main motives, became the main source of the medieval chivalrous novel. By the end of the XVII century and the beginning of the XVIII century, the fashion for moral narratives was gradually disappearing and the tale was intended for an adult audience. It should be noted that the publication of the “1001 nights” by Antoine Galland in 1704 becomes a catalyst for an increase in the European philistine’s interest in a fairy tale and the magic world of the East unexpectedly opens before the French and then the European reader. There are many arguments that the prototype of the “1001 nights” on Arab soil was probably the translation of the Tajik-Persian collection “Hazor Afsona” in the 10th century, which later became very popular in the capital of the Eastern Caliphate in Baghdad. Antoine Galland's translations were continued by Jacques Casotte and Chavis. It shows the mutual influence of two genres - a fairy tale and a novel, which manifests itself in the style of the story, where whole strata of "eastern" and "European" lexis, and in the description of the characters, life, in the composition.

Key words: literary tale, subject, novel, magic world, Tajik-Persian, east, European.

Сведения об авторе: ***Махмудов Давлатхуджа Орифович*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры иностранных языков факультета Азии и Европы. **Адрес:** 735362, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 934-48-84-39**

Information about the author: ***Makhmudov Davlatkuudja Orifovich*** – Tajik national university, Senior lecturer, Department of Foreign Languages, Faculty of Asian and Europe. **Address:** 735362, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 934-48-84-39**

УДК: 891.55:398:82

ТАЪСИРИ “ЛАТОИФ-УЛ-АМСОЛ”-И РАШИДУДДИНИ ВАТВОТ БА “НАФОИС-УЛ-ФУНУН”-И ШАМСУДДИНИ ОМУЛӢ

Анварова М.Н.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Китоби «Латоиф-ул-амсол ва тароиф-ул-ақвол»-и Рашидуддин Ватвот дар таърихи фарҳангнависии форсу тоҷик аз ҷумлаи нахустин фарҳангҳое ба шумор меравад, ки ба тарҷума ва шарҳи 281 масали арабӣ навишта шудааст. Таълифи ин китоби арзишманд дар соли 573 ҳиҷрии қамарӣ ва мутобиқ ба 1177 милодӣ иттифоқ афтодааст. Ба навиштаи муҳаққиқон ин асарро Рашидуддини Ватвот ба дархости Қутбиддин Муҳаммади Хоразмшоҳ таълиф намудааст. Тибқи дастури ин амир Рашидуддини Ватвот чун илми амсолро аз ҷумлаи улуми арабӣ медонист, маҷмӯае аз масалҳои арабиро фароҳам намуда, онҳоро ба забони форсӣ тарҷума намуд.

“Латоиф-ул-амсол”и Рашидуддини Ватвот аз рӯйи сохт аз 28 боб иборат буда, таснифоти асар ба бобҳои ҷудогона бар асоси 28 ҳарфи алифбои арабӣ сурат гирифтааст. Аз ин ҷо равшан мегардад, ки асари хешро муаллиф вобаста ба тартиби алифбои арабиасос танзим намуда, масалҳои фароҳамовардаи хешро мутобиқ ба алифбо ҷойгузин намудааст. Арзиш ва аҳамияти ин асар, пеш аз ҳама, дар он зуҳур мекунад, ки он асосан дар забони форсӣ ба қалам омада, шарҳ ва тарҷумаи маҷмӯи масалҳои арабиро фаро гирифтааст.

Аз нигоришоти Ватвот пайдост, ки истифодаи масалҳо барои тазйини калом ва оростагии сухан чи дар вақти нутқ ва чи дар ҳоли нигориш муҳим ба назар мерасад. Аз ин лиҳоз, ҳадафи аслии вай бо фароҳам овардани ин амсол мусоидат дар балоғат ва фасоҳати сухани ҳамзамонону ҳамаҳдони хеш маҳсуб меёбад.

Бар асоси таҳлили қиёсии мундариҷа ва муҳтавои “Латоиф-ул-амсол” бо дигар фарҳангҳои ҳамсони қабл аз он таълифшуда равшан мегардад, ки асосан Рашидуддини Ватвот аз “Маҷмаъ-ул-амсол”и Абулфазли Майдонӣ суд ҷустааст, ҳарчанд ишороте дар муқаддимаи он бар ин матлаб нашудааст. Аммо тавре қайд кардем, “Латоиф-ул-амсол” ба зоти худ аз нахустин фарҳангҳои амсол ба шумор меравад, ки дар канори зикри асли арабии амсол тарҷумаи форсии онҳоро низ оварда ва ба қавли Рашидуддини Ватвот дар муқаддимаи китоб “ривоёт ва эроди ҳикоёте, ки тааллуқ бад-он дорад, ба форсӣ набишта, то манфиати он томтар ва фоидаи он омтар бувад” [1, с. 39].

Аввалин будани фарҳанги “Латоиф-ул-амсол” аз назари фарогирии тарҷумаҳои форсии амсол ва ҳикоёту ривоёти марбут ба онҳо боис гардид, ки дар қарнҳои баъдӣ аксари фарҳангнависон ва донишмандон аз тавзеҳот ва тарҷумаҳои Рашидуддини Ватвот дар равиши кори худ истифода намоянд. Таҳлили қиёсии матолиби “Латоиф-ул-амсол” бо фарҳангҳои баъд аз он таълифшуда ин матлабро ба субут мерасонад, ки бисёре аз фарҳангнависон аз маводи ин луғати муътабар истифода кардаанд, ҳарчанд ишороте дар матни кутуби мазкур ба мушоҳида намерасад.

Яке аз чунин осор “Нафоис-ул-фунун фи ароис-ул-уюн”-и Шамсуддин Муҳаммади Омулӣ мебошад, ки ҳарчанд худи асар ба истилоҳ яке аз донишномаҳои муътабари гузашта маҳсуб меёбад, фанни дувоздаҳум “Нафоис-ул-фунун фи ароис-ул-уюн” ба илми амсол бахшида шуда. Муаллиф пас аз шарҳи масал ҳамчун шохаи улум ба зикри амсол ва тарҷумаи онон пардохтааст. Ба назар мерасад, ки дар ҷараёни кори худ аксаран аз китоби “Латоиф-ул-амсол” истифода намудааст. Агарчи Шамсиддин Муҳаммади Омулӣ каломи Ватвотро айнан такрор накардааст, аммо дар мутуни мазкури вай тағйироти андак ба чашм мерасад. Дар навбати аввал ҳаммонандиҳое дар муқаддимаи ҳар ду асар дида мешавад. Ватвот дар пешгуфтори мухтасари худ аз фоидаи амсол ва фароҳамоварии он ба шеваи худ ишорат мекунад ва менависад: “Чунин гӯяд муаллифи китоб Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Абдулхалил ал-Умарӣ ал-Балхӣ маъруф би-р-Рашид ал-Котиб- وفّقهُ الله لخيرِ تبيينِه و أجرِ تَقنينه ки донистани ақволи фусаҳо ва шинохтани амсоли қудамо илме аст аз улуми араб ҳар чи шарифтар ва фанне аз фунуни адаб ҳар чи латифтар ва фавоиди он дар мухотабот бисёр ва авоиди он дар мукотабот бешумор ва ҳар оқил, ки ба мутолааи он иқбол намояд ва он алфози роиқ ва калимоти роеъро дар истеъмол орад, сармояи ақл ва перояи фазли ӯ бияфзояд ва сахоҳати хулқ ва фасоҳати нутқи ӯ зиёдат гардад ва дар мақоми муҳоварат ва мавқифи мушоварат аз халали калом ва залали иқдом раста бошад ва бад-ин сабаб дар чашмҳо муаззам ва дар дилҳо мукаррам шавад” [1, с.39].

Шамсуддин Муҳаммади Омулӣ низ нахуст дар се нукта, ки онҳоро худ бевосита “фоида” номгузорӣ намудааст, маҳсули иҷрои ин кори хешро тавзеҳ медиҳад. Дар фоидаи аввал бевосита ба шарҳи маънии масал ҳамчун илм пардохтааст, чун равиши кори вай, пеш аз ҳама, тафсири масал ба унвони яке аз улум маҳсуб мешавад. Дар фоидаи дувум сабаби илм донистани масалро ташреҳ дода ва баҳси тағйир дар амсол дар фоидаи савум шарҳ ёфтааст. Ҳамин гуна, дар навбати аввал агарчи Ватвот ба таври умум фоидаи амсолро бар таъмини балоғат ва фасоҳати калом ва афзуни фазлу хирад таъкид мекунад, аммо ӯ низ онро яке аз улум ба шумор меоварад ва бад-ин гуна зикр мекунад, ки “донистани ақволи фусаҳо ва шинохтани амсоли қудамо илме аст аз улуми араб” [1, с.40]. Ончунон ки таъкид шуд, Омулӣ низ масалро фанни дувоздаҳум аз “Нафоис-ул-фунун” ба шумор меоварад, ки ин амр ба пайванд ва шабоҳати мулоҳизоти ҳар ду муаллиф дар таъйини масал ҳамчун илм ва фоидаи фароҳамоварӣ ва тавзеҳи он таъкид меварзад.

Бештарини ҳаммонандиҳои матнии ин ду асар дар шарҳи амсол ва ҳикоёту ривоёти мазкур ба мушоҳида мерасад. Ин шева дар навбати аввал ба чанд нуктаи муҳим таъкид мекунад: Аввал ин ки дар бештари маврид ҳар ду муаллиф масалҳои ягона интихоб ва шарҳ кардаанд. Дувум ин ки шояд дар интихоби амсол ҳар ду сарчашмаҳои ягона доранд. Вале муҳимтар аз ҳама чун китоби Ватвот нахустин фарҳангномаҳои амсол бо тарҷумаи форсӣ маҳсуб мешавад, бидуни тардид метавон муътақид бар ин нукта шуд, ки Омулӣ аз тарҷумаҳои ӯ ба унвони сарчашмаи муҳим ва аввалӣ суд бардоштааст. Ҳарчанд дар китоби “Нафоис-ул-фунун” комилан тарҷумаи худи масалҳо дида намешавад, ончунон ки Ватвот қабл аз тавзеҳи масал мавриди истифода ва сарчашмаи тарҷумаи форсии онро меоварад, аммо дар тарҷумаи матолиби марбут ба мавриди истифодаи амсол ва ҳикоёту ривоёт пайвандҳое миёни ҳар ду асар ба таври барҷаста мушоҳида мегардад.

Барои муқоиса чанд намунаро аз ҳар ду асар меоварем.

«Латоиф-ул-амсол»

إنَّ فى المَعَارِيضِ لَمَنْدوحَةً عن الكذبِ- Ба дурустӣ дар суханони сарбаста фарохӣ ва бениёзӣ аст аз дурӯғ.

Ин масал Имрон ибни Ҳусайн (р) гуфтааст ва ӯ аз саҳобаи Пайғамбар аст. Ва маънии ин масал он аст, ки дар сухани сарбаста гуфтан ва аз зоҳири қавл ба таъриз рафтан чора аст аз дурӯғи сареҳ ва истиғност аз ботили қабеҳ.

Ин масалро он ҷо бояд гуфт, ки касе хоҳад то иқдом кунад бар дурӯғ гуфтан мукраҳу муҷбар аст ва мукаллафу музтар.

Ҳикоят: дар аҳди мо подшоҳе будааст золим, мар порсоеро илзом кард то бар маҳзаре, ки дар басти маъдалату нашри макрамати хеш ақд карда буд ва бар ваҷҳи таклифу ташдид ва тариқи таънифу таҳдид, хututи мардумон ситуда, гувоҳе нависад. Он порсойи олим бинавишт, ки зоҳир аз ҳоли ҳар мусалмон, хоса аз ҳолу вулот, ки роиёни уббод ва ҳомиёни билоданд, он аст, ки чун либоси неъмат пешанд дар изҳори шукри мунъим кӯшанд ва ба сӯи адлу салоҳ гироянд ва аз мавоқифи зулму фасод таҷаннуб намоянд ва «ما شهدتُ إلاّ بما علمتُ». Акнун ин ҷумла суханон, ки бар ҳамнишондааст ва ба тариқи таъриз ронда, рост аст ва агар сареҳан бинавиштӣ, ки ин подшоҳ ба адлу некӯкорӣ мавсум аст ва аз зулму бадкирдорӣ маъсум, дурӯғ будӣ ва дар шаръу мурувват ва дину футувват нашоястӣ он. Ва ҳарчи монанди ин бошад аз таъризоти гузида ва эҳтиёлоти писандидааст [1, с. 43].

«Нафоис-ул-фунун». إنَّ فی المَعَارِیضِ لَمَنْدوحَةً عن الکذبِ

Ин масалро Умрон ибн Ҳусайн зада аст ва аз саҳобаи Паёмбар (с) буд. Яъне дар суханони сарбаста гуфтан ва аз зоҳири қавл ба таъриз рафтан чора аст аз дуруғи сареъ ва истиғно аст аз ботили қабеҳ. Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе, ки хоҳад ба дурӯғ иқдом намояд ва пиндорад, ки ӯро дар он макруҳ ва музтар аст [5, с.198- 199].

Муқоисаи ҳамин қисмати аввали тавзеҳи масал баёнгари он аст, ки дар матни ҳар ду китоб қариб фарқияте ба мушоҳида намерасад. Дар навбати аввал ҳар ду сарчашмаи масалро ба Умрон ибн Ҳусайн нисбат медиҳанд, ки аз саҳобагони Паёмбар (с) будааст. Дар шарҳи масал ва мавриди истифодаи он низ ҷумлаҳо анқариб айни ҳамдигаранд ва ҳатто калимоти дар шарҳ истифодашуда шабоҳати айнӣ доранд ва ин нукта худ метавонад далели равшан барои сарчашмаи аслии кори Шамсуддин Муҳаммади Омулӣ қарор гирифтани “Латоиф-ул-амсол”-и Рашидуддини Ватвот бошад. Дар идомаи шарҳи масали мазкур ҳар ду муаллиф ҳикояте овардаанд, ки мазмуни ягона доранд. Ҳикоят дар китоби Рашидуддини Ватвот сурати муфассалтар дорад, аммо дар “Нафоис-ул-фунун” Муҳаммади Омулӣ ҳамон ҳикоятро бо ихтисори лафзӣ ва шакли муъҷаз тазаккур додааст:

“Малике аз мулуки атроф, ки ба зулм мансуб буд, олиме порсоро илзом кард, то бар маҳзаре, ки дар басти маъдалат ва нашри макрамати худ ақд карда буд, ба таҳдид ва таънифи хутут аз аҳли вилояти худ сутуда гувоҳӣ нависад, он олим бар он ҷо навишт, ки зоҳир аз вилоят, ки роъиёни ибод ва ҳофизони билоданд онаст, ки чун либоси неъмат пӯшанд дар изҳори шукри мунъим кушанд ва ба сӯйи адлу салоҳ гароянд ва аз мувофиқати золим ва фасод таҷаннуб намоянд” [5, с.184].

Дар сабки нигориши ҳикоёт баробари монандиҳо мавҷуд будан истифодаи муродифоти матлаб ва нукоте бо тағйир аз сӯйи муаллифи “Нафоис-ул-фунун” ба чашм мерасад. Масалан, Рашидуддини Ватвот қабл аз овардани матни ҳикоят вожаи ҳикоят ҳамчун унвон зикр кардааст, аммо Муҳаммади Омулӣ баробари анҷоми тавзеҳи масал якбора матни ҳикоятро меоварад. Дар охири ҳикоят муаллифон ҳадафи овардани ҳикоят ва матолиби дар он мазкурро ба таври монанд тавзеҳ додаанд. Дар “Нафоис-ул-фунун” ин нукта чунин омадааст: “Ғараз он ки ин калимот бар тибқи таъриз ронда аст ва худро аз шоибаи кизб нигоҳ дошта чи агар сареъ навиштӣ, ки ин малик ба адл ва некукорӣ мавсум аст, дурӯғ будӣ [5, с.185].

Дар мавриди дигар ҳатто ба мушоҳида мерасад, ки матни овардаи Муҳаммади Омулӣ анқариб айни нигориши Рашидуддини Ватвот мебошад. Ин матлаб дар тавзеҳи масали зерин дар ҳар ду асар ба рӯшанӣ ҳувайдост:

“Латоиф-ул-амсол”. “Яъне, чун мард ғоиб шавад, зан гӯяд, ки наздики зани дигар рафтааст ва маҷлиси унсу роҳат ва лаҳву ишрат сохта ва модар гӯяд, ки балое бад–ӯ расидааст ва офтае бад-ӯ боз хӯрда. Он туҳмати занон аз ғояти бешафқатӣ аст ва он фикрати модар аз фарти шафқат ва камоли муҳаббат аст. Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе аз ғайбат ё кори касе андешаманд бошад ва пиндорад, ки ӯро офате расидааст ё хоҳад расид” [1, с.46].

Шарҳи ин мақола бад-ин сурат дар китоби «Нафоис-ул-фунун»-и Муҳаммади Омулӣ низ омада ва ба дар заминаи муқоисаи матни тарҷумаи он равшан мегардад, ки эҳтимолан муаллифи ин асар асосан аз тарҷумаи Рашидуддини Ватвот истифода намудааст, зеро мурур ба тарҷумаи ӯ равшан месозад, ки танҳо дар чанд маврид фарқиятҳои кутоҳе дар калимот ва ҳатто пасванду пешвандҳо ба назар мерасаду халос.

“Нафоис-ул-фунун”. “Зеро ки чун мард ғоиб шавад, зан андешад, ки ба наздики зани дигар рафта ва маҷлиси унсу роҳат ва лаҳву ишрат сохта ва модар аз ғояти шафқати пайваста дар андеша бошад, ки ҳоли ӯ ба чӣ расад. Кош заҳмате бад- ӯ нарасида бошад ва офате бад-ӯ роҳ наёфтад ва ин масал дар вақте гӯянд, ки касе аз ғайбати касе ё кори касе андешанок бошад” [5, с.184].

Аз муқоисаи ин ду нукта матлаби дигаре ҳам ошкор мегардад, ки Муҳаммади Омулӣ асосан ба мавриди истифодаи амсол такя мекунад ва ҳатто тарҷумаи форсии худи масалро намеоварад. Ҷиҳати дигари ба ҳам шабоҳат доштани тавзеҳоти ҳар ду муаллиф дар таъкид ба намунаи маъруфи он дар миёни мардумони порс ифода меёбад. Аз ин ҷо низ равшан мегардад, ки ба эҳтимолияти зиёд аз ин равиши Рашидуддини Ватвот низ Муҳаммади Омулӣ истифода намудааст.

Вобаста ба ин, баробари ҳаммонандиҳо фарқиятҳое дар равиши кори ҳар ду муаллиф ба мушоҳида мерасанд, ки бар чанде аз онон метавон ручӯъ намуд. Аввал ин ки тафсилот ва тавзеҳи амсол дар китоби “Латоиф-ул-амсол” нисбат ба Муҳаммади Омулӣ авлавият дорад. Ин ҳолатро дар мавриди муқоисаи масали аввали дар китоби “Нафоис-ул-фунун” омада, ки дар “Латоиф-ул-амсол” бо шуморагони 6 зикр шудааст, ба мушоҳида мегирем:

“**Латоиф-ул-амсол**”. “**آفة الجمَالِ الخَيَلاءُ**”. Офат некуии хиромиш ва уҷб аст. Ин лафзи Паёмбар аст (с). Лекин бибоядат донист, ки хуяло ду гуна аст: як гуна он ки Худои Азза ва Ҷалл онро дӯст дорад ва як гуна он ки Худои Азза ва Ҷалла онро душман дорад. Аммо он гунаи хуяло, ки Худои Азза ва Ҷалла дӯст дорад, он аст, ки пеши душманон ин бошад дар мавтани ҳарбу мавоқифи таън ва зарб, чунонки Муҳаммад ибни Исҳоқ ибни Ясор (р) ҳикоят мекунад, ки Пайғамбар (с) рӯзи Уҳуд берун омад ду зиреҳ пӯшида ва шамшере дар дасти муборак гирифта ва овоз дод, ки кист, ки ин шамшерро чунонки ҳаққи ӯст, аз дасти ман бигирад? Амирулмуъминин Умар (р) биштофт ва гуфт: Ман ё Расулуллоҳ. Пайғамбар (с) аз вай рӯ бигардонид ва бад-ӯ надод. Дигарбор гуфт: кист, ки ин шамшерро чунонки ҳаққи ӯст, аз дасти ман бигирад? Забир ибнул- Аввом (р) биштофт ва гуфт: Ман ё Расулуллоҳ. Пайғамбар (с) аз ӯ низ рӯ бигардонид ва бад-ӯ надод. Се бори дигар гуфт: кист, ки ин шамшерро чунонки ҳаққи ӯст, аз дасти ман бигирад? Абудуҷона Симок ибни Харшаҳа ал- Ансорӣ (р) биштофт ва гуфт: Ё Расулуллоҳ ҳаққи ин шамшер гирифтан чист? Пайғамбар (с) гуфт: Ҳаққи ӯ дар гирифтан он аст, ки чандонаш бар душманони дини Худои Азза ва Ҷалл занӣ, ки дуто гардад. Абудуҷона даст дароз кард ва шамшер аз дасти мубораки Расул (с) бигирифт. Ва ин Абудуҷона сахт далер ва мардона будааст ва аз одоти маъруф ва хисоли маълуфи ӯ яке он аст, ки дар ҳарбгоҳ бихиромидӣ ва табахтуркунон пеши хасм боз шудӣ ва душманонро бо касрати адад ва вуфури иддати эшон ба кас надоштӣ ва аломати ӯ рӯзи ҷанг асобае сурх будааст ва ӯро бад-он шинохтандӣ ва ҳар гоҳ ки дар мавтани кору маъдани корзор асобаи сурх барбастӣ, мардумон бидонистандӣ, ки дар ҷанг муболиғат хоҳад кард ва димори аъдо бар хоҳад омад. Чун шамшер аз дасти мубораки Расул (с) бигрифт, асобаи сурх берун кард ва сари хешро бадон баст ва рақазгуён ва муборизҷӯён дар ҳарбгоҳ омад, он гоҳ дар миёни ҳар ду саф хиромидан гирифт. Расул (с) гуфт, ки ин рафторе аст, ки Худои Азза ва Ҷалл душман дорад, магар дар ин мавзеъ. Пас ҷанг кард ва доди муборизат дод. Ҷазоуллоҳу ъан дийниҳи хайран. Ва аммо он хуяло, ки Худои таъоло онро душман дорад, нозидан аст ва ба корҳое накуҳида ва амалҳое нописандида ва хиромидан аст аз сари уҷб ва ғуруру кибр ва фухур [1, с.44-45].

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе ба ҷамолу камоли хеш бинозад ва аз хештанбинӣ ва хиромиш ба муроъот ва риъояти ҷониби дӯстон ва ёрони худ напардозад.

Агарчи шарҳи ин масал ба тафсил бар пояи дақиқ намудани сарчашмаи он дар “Латоиф-ул-амсол” омада, аммо баръакси он дар “Нафоис-ул-фунун” хеле мухтасар аст ва, пеш аз ҳама, бо иҷтиноб аз тарҷумаи масал танҳо тааллуқи он ба Паёмбари Акрам (с) таъкид шудааст ҳалос:

“**آفة الجمَالِ الخَيَلاءُ**”. Ин масал Ҳазрати Расул (с) фармудааст ва дар вақте бояд гуфт, ки касе ба ҷамолу камол нозиш ва аз худбинӣ ба муроти мардумон напардозад, аммо бибояд донист, ки хуяло ду навъ аст, яке он ки Ҳақ таъоло ӯро душман дорад ва он хиромидан аст аз сари уҷбу ғурур ва нозидан ба афъоли накуҳида ва аъмоли нописандида” [5, с.185].

Дар ҷараёни нигориши қисмати ниҳоии шарҳи Ватвот ва тавзеҳи мухтасари Омулӣ қаробати матнӣ ба мушоҳида мерасад, чун ҳар ду ҳам вожаи хуялоро аз каломи Паёмбар ба ду навъ шарҳ додаанд. Ин ҷо як навъ қаробате сабкӣ ва муштаракоте дар истифодаи вожагону таъобир ба назар мерасад, ки пайванди ҳар ду асарро бозгӯӣ мекунад. Ба ҳар ду порчаи охир мурур мекунем:

“Латоиф-ул-амсол”. “Ва аммо он хуяло, ки Худои таъоло онро душман дорад, нозидан аст ва ба корҳое накуҳида ва амалҳое нописандида ва хиромидан аст аз сари уҷб ва ғуруру кибр ва фухур” [1, с.45].

“**Нафоис-ул-фунун**”. “аммо бибояд донист, ки хуяло ду навъ аст, яке он ки Ҳақ таъоло ӯро душман дорад ва он хиромидан аст аз сари уҷбу ғурур ва нозидан ба афъоли накуҳида ва аъмоли нописандида” [5, с.185].

Бо такя бар ин умумиятҳо метавон бар ин натиҷа омад, ки воқеан Муҳаммади Омулӣ аз китоби “Латоиф-ул-амсол”-и Рашидуддини Ватвот ба унвони нахустин фарҳанги амсол дар шарҳу тавзеҳи масалҳои арабӣ дар забони форсӣ суд ҷустааст, ҳарчанд кӯшиши вай бештар дар баёни мухтасар ба назар мерасад.

Тавре таъкид гардид, дар баъзе маворид ба мушоҳида мерасад, ки шарҳу тавзеҳи амсол анқариб ба ҳамдигар ягонагӣ доранд ва бо қаробати маъноӣ зикр шудаанд, ки ин нукта нақши сарчашмавии "Латоиф-ул-амсол"-ро барои Шамсуддин Муҳаммади Омулӣ дар равиши таълифи китоби амсол дар асараш нишон медиҳад. Аз ҷумла, дар шарҳи масали зерин Рашидуддини Ватвот овардааст:

ترك الظبي ظله - Бигзошт оҳу хона ва ҷойгоҳу масқати хеш. Маънии зил дар ин маънӣ хонаи оҳуст, ки оҳу дар сояи ӯ бошад ва чун сайёд он ҷо расад ва оҳуро ӯ аз он ҷойгоҳ барангезад. Гӯянд оҳу аз бим бигрезад ва низ бад-он ҷойгоҳ боз наёяд, гӯянд: "**ترك الظبي ظله** ".

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе аз чизе нафрат гирад ва онро бигзорад, чунонки ҳаргиз перомуни он нагардад" [1, с.53].

Муҳаммади Омулӣ низ ҳамин шеваи Рашидуддини Ватвотро дар мавриди шарҳи луғот ва таркибҳои зарурӣ ба кор гирифта, бо ҳамон равиши наздик ба тавзеҳи ӯ дар китоби худ ин масалро овардааст:

ترك الظبي ظله - Маънии зил дар ин масал хонаи оҳуст, ки оҳу дар он хона бошад ва чун сайёд он ҷо расад ва оҳуро барангезад ва оҳу аз бими сайёд бигрезад ва низ он ҷо наравад. Пас, гӯянд: "Тараказ-забию зиллаҳу». Ва ин масал он зананд, ки касе аз чизе нафрат гирад ва ӯро бигзорад, чунонки ҳаргиз дигар перомуни он нагардад" [5, с.191-192].

Зимни муқоиса муайян гардид, ки шарҳи ҳар ду масал бо фарқияте андак омадаанд ва ин матлаб боз ҳам бозгӯи он аст, ки Муҳаммади Омулӣ дақиқан аз китоби Рашидуддини Ватвот истифода намудааст. Танҳо зикри як нукта муҳим аст, ки ба эҳтимоли қавӣ дар ҷумлаи аввали тавзеҳи Рашидуддини Ватвот дар ин нашри анҷомшуда аз ҷониби Ҳабибаи Донишомӯз ғалате рафта ва ба ҷойи вожаи масал мукаррараи маънӣ омадааст: "Маънии зил дар ин маънӣ хонаи оҳуст, ки оҳу дар сояи ӯ бошад...» Чун Муҳаммади Омулӣ онро ба шакли дуруст "Маънии зил дар ин масал хонаи оҳуст " овардааст ва метавон тахмин намуд, ки ин ғалат зимни нашр анҷом шуда ва ба эҳтимоли зиёд дар матни аслии "Латоиф-ул-амсол" саҳеҳ омада бошад. Ин усули кори Муҳаммади Омулиро дар истиқболи Рашидуддини Ватвот дар ҷараёни шарҳи ин масал низ метавон ба мушоҳида гирифт:

تمام الربيع الصيف -Тамомии баҳор тобистон аст. Мақсуд аз баҳорон осори хуб ва атоиби самор аст, ки зоҳир шавад. Ва бештар он дар тобистон бошад ва он вақт ба камол расад. Пас, бад-ин сабаб гуфтанд: "Тамом-ул-рабеъӣ ас- сайфу". Ва низ гуфтаанд, сайф бороне бошад, ки баъд аз рабеъ ояд ва чун он борон биборад муддати рабеъ тамом шавад ва ин масал монанди он аст, ки гӯяд: " الأعمال بخواتيمها". Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки аз касе, ки дар таҳсил ҳоҷати ту хавз карда бошад, дархоҳӣ то онро тамом кунад" [1, с.53].

Муҳаммади Омулӣ низ айни ин тавзеҳотро бо тағйироте хеле андак такрор мекунад, танҳо аз зикри мавриди истифодаи масал худдорӣ намуда:

تمام الربيع الصيف - Мақсуд аз баҳор осори хуб ва итобати самор аст, ки зоҳир шавад. Чун бештар ӯ дар тобистон бошад ва он вақт ба камол расад. Бад-ин сабаб гӯянд: " **تمام الربيع الصيف**". Ва низ гуянд, сайф бороне аст, ки баъд аз рабеъ ояд ва чун он борон биборад рабеъ тамом шавад ва ин масал монанди он аст, ки гӯяд: " الأعمال بخواتيمها" [5, с.193].

Гоҳо маворид барои вуҷуди намунаи амсол дар адабиёти форсӣ Ватвот ба ашъори шуаро руҷӯъ мекунад ва абёти форсиро ҳамчун намунаи форсии масал тазаккур медиҳад. Аз ҷумла, дар тавзеҳи масали "**أتعب من رايض مهر**" овардааст:

"Ранҷуртар аст аз нармкунандаи асби курра. Ҳар ки асби курраро нарм кунад, бешак дар раёсати он ранҷ бинад ва дар мақоми таъаб ва мавқифи насаб бошад ва наздик аст бад-ин масал: "Ло-яъдаму шаққиҳун муҳран". Байт:

Ранҷ бинад зи курра роиз аз он,
Мезанад тозиёна ҳамвораш..." [1, с.57].

Тавзеҳоти Рашидуддини Ватвот бо зикри ҷикояти дигар идома мекунад. Аммо ҳамин масал ҳарчанд дар китоби Муҳаммади Омулӣ низ бо зикри ҳамон ҷикоят омада, аммо хеле мухтасар ба назар мерасад:

"**أتعب من رايض مهر**" Ҳар ки асби курраро хоҳад ки ром гардонад, ночор дар ром кардани ӯ ранҷ бинад. Гӯянд зане роизеро гуфт. Чи сахт аст пешаи ту, ки туро ҳама масолеҳ ва асбоби маош аз кавн мебояд сохт. Роиз гуфт: Эй кадбону дил хуш дор, ки дурӣ миёни олам касби ман ва олами касби ту беш аз чаҳор ангушт нест. Ва ин масалро он ҷо гӯянд, ки касе аз коре ба таъаб афтад [5, с.192].

Дар навбати аввал Муҳаммади Омулӣ аз овардани намунаи дигари арабии масал парҳез намуда ва байти мазкурро, ки барои ифодаи маънии он дар адаби форсӣ ҳамчун масал Рашидуддини Ватвот оварда, муаллифи "Нафоис-ул-фунун" зикр накардааст. Аммо боз ҳам қаробати нигориш дар ҳар ду маврид таҷассуми равшан дорад.

Зикри нуктаи дигар муҳим аст, ки ҳарчанд Муҳаммади Омулӣ ин ҷо аз тазаккури байти форсӣ ҳамчун намунаи масали форсӣ иҷтиноб кардааст, аммо ҳамин шеваи корро

дар асари худ дар мавориди дигар бо истиқбол аз равиши Рашидуддини Ватвот давом додааст. Масалан, пас аз зикри масали “ат –тинатуҳу танзуру ил-тинатиҳӣ” овардааст:

ва Аҷам гӯянд:

Макун бо бадомӯз ҳаргиз диранг,
Ки ангур гирад зи ангур ранг [1, с.194].

Ҳарчанд ин ҷо Муҳаммади Омулӣ байтеро зикр намуда, вале сарчашмаи ин масал як зарбулмасали маъруф дар миёни мардуми тоҷик аст, ки ба таври зайл омадааст: “Ҳамсоя зи ҳамсоя гирад панд, ангур зи ангур гирад ранг”. Муҳаммади Омулӣ ин ҷо исми муаллифи байтро наёварда, аммо дар “Амсол ва ҳикам”- и Деҳхудо, ки ин байтро аслан аз ҳамин сарчашма, яъне “Нафоис–ул- фунун” истифода намудааст, қабл аз зикри исми китоб номи муаллифи байтро Низомӣ таъкид намудааст. Дар фарҳангомаи “Амсол ва ҳикам” бошад зимни зикри масали “Ангур зи ангур гирад ранг” ду байт ба унвони шоҳид оварда, ки яке ҳамин аст ва ин ҷо танҳо номи Низомиро чун муаллифи он ёд намудааст [3, с.308].

Бо таваҷҷуҳ ба муқоисаи ин ду асар муқаррар мегардад, ки, пеш аз ҳама, китоби “Латоиф-ул-амсол”-и Рашидуддини Ватвот ба унвони сарчашмаи муҳимми нигориш барои таълифи Шамсиддин Муҳаммад Омулӣ дар бахши “Китоби масал” аз “Нафоис-ул-фунун”-и вай хидмат кардааст. Шабоҳатҳои зиёди матнии ҳар ду китоб яке аз муҳимтарин далел барои ин мулоҳиза мебошад. Баробари ин, Муҳаммади Омулӣ хеле аз равишҳои кори Рашидуддини Ватвотро давом додааст. Бо ин ҳама Шамсуддин Муҳаммади Омулӣ бештар ба равиши баёни мухтасар кӯшида, ҳатто аз тарҷумаи амсол аз арабӣ ба форсӣ дурӣ ҷустааст. Баробари ин, агар ҳар боб аз китоби Рашидуддини Ватвот ҳудуди 10 масалро фаро гирад, теъдоди амсол дар китоби Шамсуддин Муҳаммади Омулӣ бештар аз ин ҳастанд ва ҳатто то 20 масал ба кор гирифтааст ва ин аз он дарак медиҳад, ки шумораи амсоли дар китоби “Латоиф-ул-амсол” мавҷуд набуда низ, дар “Нафоис-ул-фунун” зиёданд.

Бо такя бар ин мулоҳизоти боло метавон ба натиҷае расид, ки воқеан асари Рашидуддини Ватвот “Латоиф-ул-амсол” барои густариш ва ривоҷи фарҳангнависии амсол дар забони форсӣ ба ҳукми сарчашмаи муҳимме тавониста хидмат намояд. Ағлаби фарҳангномаҳои дар ин замина ба қалам омада, пеш аз ҳама, аз матолиби ин китоб дар ҷараёни шарҳи форсии амсол аз он суд ҷустаанд, ки муқоисаи матолиби “Латоиф-ул-амсол” бо ду фарҳанги баъдӣ аз ӯ ба қалам омада, ин воқеиятро ба субут мерасонад. Дар баробари ин, ҳарчанд Ватвот асли амсолро бештар аз фарҳангҳои арабии масалҳо, хосса Майдонӣ гирифтааст, аммо дар равиши кори худ дар тавзеҳи бештари онон ва дақиқ намудани сарчашмаҳои зуҳури амсол бар пояи кутуби арабиву форсӣ, девони ашъори шуарои арабизабон ва форсисароӣ таваҷҷуҳи амиқ зоҳир намуда, ки ин тадбир дар фарҳангҳои қаблӣ дида намешаванд ва маҳз ба ҳамин хотир аст, ки ин китоб ба унвони сарчашмаи муҳимми ривоҷи фарҳангнависии амсолу ҳикам ба шумор омадааст. Дар баробари ин, зикри ашъори форсӣ низ дар китоб ба мушоҳида мерасад, ки баъдан ин равишро дигар фарҳангнависон истиқбол намудаанд, ки ба намунаҳое аз он ишорат гардид.

А Д А Б И Ё Т

1. Ватвот, Рашидуддин. “Латоиф-ул-амсол”; ба кӯшиши Ҳабиба Донишомӯз. – Теҳрон: Муассисаи интишороти “Мероси мактуб”, 1391. - 290 с.
2. Баҳор, Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. Ҷилди дуюм. - Теҳрон: Амири Кабир, 1373. - 432 с
3. Деҳхудо, Алиакбар. Амсол ва ҳикам. – Теҳрон: Амири Кабир, 1363. - Ҷ.1.
4. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Сайре дар шеъри форсӣ. – Теҳрон: Сухан, 1384. - 600 с.
5. Омулӣ, Муҳаммад. “Нафоис-ул-фунун фи ароис-ул-уюн”; тасҳеҳи Абулҳасани Шеъронӣ. – Теҳрон: Исломия, 1336. - Ҷ. 1.
6. **الزمخشري ، المستقصى فى الامثال العرب /جار الله محمود بن عمر الزمخشري. دار الكتب العلمية. بيروت: 1408ه–1987م.**
7. **الحموي، ياقوت. معجم الأدباء. 2 جلد / ترجمه عبدالمحمد آيتي. . تهران:** سروش. 2002/1423/ 1391ص.
8. **خيرالدّين شمس پاشا، معجم الامثال العربية/ خيرالدّين شمس پاشا.مركز ملک فيصل لبوحوث و درسات اسلامية الرّياض: طبع اوّل 1423\2002.**

ТАЪСИРИ “ЛАТОИФ-УЛ-АМСОЛ”-И РАШИДУДДИНИ ВАТВОТ БА “НАФОИС-УЛ-ФУНУН”-И ШАМСУДДИНИ ОМУЛӢ

Дар мақола таъсири асари Рашидуддини Ватвот “Латоиф-ул-амсол” барои густариш ва ривоҷи фарҳангнависии амсол дар забони форсӣ ба ҳукми сарчашмаи муҳимме тавониста хидмат намояд. Ағлаби фарҳангномаҳои дар ин замина ба қалам омада, пеш аз ҳама, аз матолиби ин китоб дар ҷараёни шарҳи форсии амсол аз он суд ҷустаанд, ки муқоисаи матолиби “Латоиф-ул-амсол” бо ду фарҳанги баъдӣ аз ӯ ба қалам омада, ин воқеиятро ба субут мерасонад. Бо таваҷҷуҳ ба муқоисаи ин ду асар муқаррар мегардад, ки, пеш аз ҳама, китоби “Латоиф-ул-амсол”-и Рашидуддини Ватвот ба унвони сарчашмаи муҳимми нигориш барои таълифи Шамсиддин Муҳаммад Омулӣ дар бахши “Китоби масал” аз “Нафоис-ул-фунун”-и вай хидмат кардааст. Шабоҳатҳои зиёди матнии ҳар ду китоб яке аз муҳимтарин далел барои ин мулоҳиза мебошад. Баробари ин, Муҳаммади Омулӣ хеле аз равишҳои кори Рашидуддини Ватвотро давом додааст. Бо ин ҳама Шамсуддин Муҳаммади Омулӣ бештар ба равиши баёни мухтасар кӯшида, ҳатто аз тарҷумаи

амсол аз арабӣ ба форсӣ дурӣ ҷустааст. Баробари ин, агар ҳар боб аз китоби Рашидуддини Ватвот ҳудуди 10 масалро фаро гирад, теъдоди амсол дар китоби Шамсуддин Муҳаммади Омулӣ бештар аз ин ҳастанд ва ҳатто то 20 масал ба кор гирифтааст ва ин аз он дарак медиҳад, ки шумораи амсоли дар китоби "Латоиф-ул-амсол" мавҷуд набуда низ, дар "Нафоис-ул-фунун" зиёданд.
Калидвожаҳо: таҳлили муқоисавӣ, ҷанбаи оморӣ, муносибат, зарбулмасалҳои арабӣ ва форсӣ.

ВЛИЯНИЕ «ЛАТАИФ-АЛ-АМСАЛ» РАШИДУДДИНА ВАТВАТА НА "НАФАИС-АЛ-ФУНУН"-А ШАМСУДДИНА ОМУЛИ

В статье рассматривается вопрос о том, что произведение «Латаиф ал-амсал» Рашидуддина Ватвата являлось важнейшим источником развития и распространения паремиологических словарей в персидском языке. Авторы большинства аналогичных словарей заимствовали из книги Ватвата прежде всего персидское толкование пословиц, о чем свидетельствует сравнительный анализ двух паремиологических словарей с «Латаиф ал-амсалом» Рашидуддина Ватвата. Сравнительный анализ пословиц показывает, что толкование пословицы в этих книгах практически одинаковое. Текст толкования книги Шамсуддина Омули однозначно свидетельствует, что автор заимствовал его с незначительными изменениями из произведения Рашидуддина Ватвата. Рассказ в книге «Латаиф-ал-амсал» более подробен, Омули же в «Нафаис ал-фунун» приводит тот же рассказ с сокращениями и в более лаконичной форме. Отличие двух сопоставляемых источников проявляется, прежде всего, в том, что у Ватвата толкование пословиц более подробное, по сравнению с «Нафаис ал-фунун». И можно сделать вывод, что «Латаиф ал-амсал» Ватвата являлось важнейшим источником развития и распространения паремиологических словарей на персидском языке.
Ключевые слова: сравнительный анализ, статистический аспект, соотношение, арабская и персидская пословица.

THE INFLUENCE OF THE "LATAIF-AL-AMSAL" RASHIDUDDIN VATVAT " AT "NAFIS-AL-FUNUN" SHAMSUDDIN OMULI

The article viewed on the issue concerned that "Lataif al-Amsal" created by Rashiduddin Vatvat was considered to be the most important source targeted at a development and diffusion of paremiological dictionaries written in the Persian language. The authors of the majority of analogous dictionaries borrowed from the book belonging to Vatvat, first and foremost, Persian interpretation of proverbs; comparative analysis dealing with two paremiological dictionaries with "Lataif al-Amsal" by Rashiduddin Vatvat testifying it. In a nutshell, we conclude that the former in question was the most important source of development and diffusion in reference to paremiological dictionaries written in the Persian language. Designing on the premise of the above-mentioned analysis, one can come to the conclusion that "Lataif al-Amsal" created by Rashiduddin Vatvat was considered to be the most important source targeted at a development and diffusion of paremiological dictionaries written in the Persian language. The authors of the majority of analogous dictionaries borrowed from the book belonging to Vatvat, first and foremost, Persian interpretation of proverbs; comparative analysis dealing with two paremiological dictionaries with "Lataif al-Amsal" by Rashiduddin Vatvat testifying it. In a nutshell, we conclude that the former in question was the most important source of development and diffusion in reference to paremiological dictionaries written in the Persian language.
Key words: comparative analysis, statistical aspect, interaction, Arabic and Persian proverbs.

Сведения об авторе: ***Анварова Маърифат Нарзуллоевна*** - Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, старший преподаватель кафедры арабской филологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru.** Tel.: **(+992) 927-67-36-63**.

Information about the author: ***Anvarova Marifat Narzulloevna*** – Khujand State University named after B.Gafurov, senior teacher at Arabic philology Department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru.** Tel.: **(+992) 927-67-36-63**

УДК: 891.550:016:929

"РИСОЛАИ ДИЛКУШО"- И УБАЙДИ ЗОКОНӢ ВА НИГОҲИ ОМОРӢ БА ПЕРСОНАЖҲОИ ОН

Ғаффоров Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик умуман асрҳои XIII-XIV – махсусан, Убайди Зоконӣ яке аз бузургтарин адибони воқеапардоз ва ҳақиқатгӯ ба ҳисоб меравад, ки ба туфайли афкори зиёди сиёсӣ-иҷтимоии хеш дар дили ҳазорон ҳаводоронаш ҷойи хоссаро интихоб намудааст. Ҳарчанд ки Убайди Зоконӣ аз зумраи адибоне маҳсуб мешавад, ки дар ду ҷанбаи адабиёти классикии форсу тоҷик – ҳам назм, ҳам наср устоди соҳибдафтар аст, аммо шуҳрати беназири вай, қабл аз ҳама, тавассути осори насриаш ба вуҷуд омадааст. Осори насриӣ, бо вижагиҳое, ки молик мебошанд, назири худро дар кулли адабиёти классикӣ надоранд. Дар ҳақиқат, дар таърихи зиёда аз ҳазорсолаи форсу тоҷик асарҳои мансуре, ки аз ҳайси фарогирии мавзӯоти иҷтимоӣ ва истифодаи ҳаҷву тамасхур дар онҳо, бо осори Убайди Зоконӣ баробарӣ бикунанд, офарида нашудаанд.

Хусусияти вижа ва назарраси осори насрии Убайд, қабл аз ҳама, сахт иҷтимоӣ будани онҳо мебошад, ки ҳамин хасиса таваҷҷуҳи ҳар хонандаро нисбат ба дигар осор ба худ бештар ҷалб мекунад. Бо хондан ва шинос гаштан бо асарҳои насрии адиби мазкур метавон бе мушкилӣ бо ҳаёти иҷтимоии замони ӯ ва, махсусан, бо ахлоқу одоб, сатҳи

зиндагонӣ ва тарзи рӯзгузаронии мардуми даврони вай ва, аз ҷумла, аъёну ашрофи замони ӯ ба осонӣ ва бепарда шинос гардид.

Хусусияти аз ҳама намоёни осори насрии Убайди Зоконӣ дар он ҷилвагар мегардад, ки тамоми онҳо куллан дар пардаи танзу киноя ва ҳаҷву масхара баён гардидаанд.

Аз Убайди Зоконӣ то замони мо панҷ асари насрӣ – рисолаи “Ахлоқ-ул-ашроф”, “Ришнома”, “Даҳфасл”, “Садпанд” ва “Рисолаи дилкушо” мерос мондааст, ки ҳар яке дорои хусусиятҳои вижаи сабкӣ мебошанд, ки ин махсусиятҳо дар сохтору тарзи баёни ҳар яке аз осори вай ба хубӣ инъикос мешаванд.

Аз миёни ҳамаи асарҳои насрии Убайди Зоконӣ, бояд қайд намуд, ки рисолаи охир, яъне “Рисолаи дилкушо” аз нигоҳи ҳаҷм, фарогирии мавзӯоти иҷтимоӣ ва хусусияти ҷолбкунандагии зиёд доштанаш яке аз маъруфтарин асарҳои вай ба ҳисоб меравад. Забеҳуллоҳи Сафо ин асари Убайдро ҳамчун муфассалтарин ва беҳтарин осори насрии адиб эътироф намуда, ҳамчунин, ишора кардааст, ки асари мазкур “аз ҳайси аҳамият дар радифи рисолаи “Ахлоқ-ул-ашроф” аст” [8, с.1272].

“Рисолаи дилкушо” пурра асари иҷтимоӣ аст, ки ба василаи хотираҳои зиёди кӯтаҳматни адиб, ки баргирифта аз ҳаёти рӯзмарраи даврони ӯ ва, ҳамчунин, қисмате аз ёддоштҳои таърихӣ, ки ба таври танзу киноя бозгӯкунандаи авзои худи замони адиб мебошанд, инсиҷом пазируфтаанд. Ҳар яке аз ҳикоёти асари мазкур ойинаи иҷтимоънамо ва инъикоскунандаи воқеии ҳаёти ҷомеаи асрҳои XIII-XIV ба ҳисоб рафта, хонанда бо хондани онҳо аз вазъи ҷории даврони зиндагонии Убайд огоҳии зиёд пайдо намуда, бо сатҳи зиндагонии мардуми гуногунсатҳи замони мазкур, хусусан, ахлоқ ва одоби аъёну ашрофи он иттилооти зиёде ҳосил менамояд.

Мавзӯи асосии “Рисолаи дилкушо” танқиди вазъи иҷтимоии замони зиндагонии адиб буда, афкори мунтақидонаи муаллиф дар он ба василаи танзу киноя ва ҳаҷву тамасхур баён ёфтаанд. Дар рисолаи мазкур мавзӯи ҳаҷву истеҳзои аркони воломақоми динӣ ва, ба тавассути он, таҳқири баъзе арзишҳои динӣ ва, ҳатто, гоҳо муқаддасоти диниву мазҳабӣ сахт маҳсус аст [4, с.4; 5, с.4]. Сабаби аслии ба ҳаҷву мутоиба пардохтани Убайди Зоконро муаллифони сарчашмаҳо, аз ҷумла Давлатшоҳи Самарқандӣ, дар малол шудани вай аз Шоҳ Абӯисҳоқ – ҳокими Шероз медонанд, ки бо иллате ӯро ба дарбор роҳ надода ва машғул шудан бо масхарабозон ва ҳаззолони дарборро авлотар аз қабули вай дониста буд [1, с.289], ки, дар натиҷа, Убайд осори ҳаҷвиеро амсоли “Рисолаи дилкушо” ба риштаи наср кашида, ба танқиди шадиди доираи дарбор ва аъёну ашрофи давр пардохта буд. Шоҳ Абӯисҳоқ аз зумраи аввалин феодалони “нав”- и баъд аз истилои муғулон ва, дақиқтар, аз намояндагони нахустини ҳукуматдорони маҳаллии Эрони даврони анҷомёбии истилои муғулон буд, ки дар яке аз қисматҳои Эрон ҳукумати маҳаллии Шерозро барқарор карда буд [3, с.6]. Чун мавзӯи мақолаи мо ихтисос бар паҳлуи дигари масъалаи марбут бо рисолаи мазкур дорад, дар ин бобат суханро тӯл намедиҳем.

Соли таълифи рисолаи мазкур дар ягон сарчашма қайд нагардидааст ва муҳаққиқоне ҳам, ки дар адабиётшиносии даврони шӯравии тоҷик роҷеъ ба ҳаёту фаъолияти адабии Убайди Зоконӣ таҳқиқот бурдаанд, маҷҳул мондани ин мавзӯъро зикр кардаанд [2, с.89; 6, с.212]. Зимнан, бояд қайд кард, ки дар баъзе аз нусхаҳои куллиёти осори адиб, аз ҷумла, нусхае, ки дар Ганҷинаи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами шартии 1063 зери унвони “Девони Убайди Зоконӣ” маҳфуз аст ва, ҳамчунин, нусхае, ки дар Эрон тавассути донишманди шаҳир Аббос Иқбол соли 1313 ба табъ расида буд, “Рисолаи дилкушо” ба назар намерасад. Дар нусхаи омоданамудаи муҳаққиқи эронӣ осори насрии адиб, умуман, ҷой дода нашудаанд.

Аммо, зимнан бояд қайд кард, ки дар Ганҷинаи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаи бисёр нодире таҳти рақами шартии 555/13 ҳифз карда мешавад, ки аз ҳайси қадимият, ҷомеият, сиҳҳат ва зери дастбурди котибон қарор надоштан дорои аҳамияти бузург аст. Чунонки мураттиби осори Убайд, адабиётшиноси даврони шӯравии тоҷик Ҷобулқо Додалишоев дар қисмати муқаддимаи “Осори Убайди Зоконӣ” қайд намудааст, нусхаи мазкур баъд аз 35 соли вафоти шоир китобат гардидааст [7, чаҳор]. Дар ин нусха “Рисолаи дилкушо” ба таври бисёр ҷомеъ ва бе таҳриф китобат шудааст. Куллиёти осори Убайди Зоконӣ, ки тавассути таҳияи адабиётшиноси зикршудаи тоҷик соли 1991 дар нашриёти “Дониш”-и Душанбе ба табъ расида буд ва имрӯз нусхае аз он таҳти рақами шартии 12475 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон ҳифз карда мешавад, мувофиқи ишораи худи мураттиб ва муаллифи муқаддима, дар асоси ҳамин нусхаи қадим ба вуҷуд омадааст. Ҳам дар нусхаи таҳти рақами 555/13 ва ҳам зери шумораи 12475, ки дар ду китобхонаи ҷумҳуриамон ҳифз мешаванд, “Рисолаи дилкушо” дар радифи охирин асари куллиёти адиб омадааст.

Рисолаи мазкур аз ду қисмат – ҳикоёти арабӣ ва ҳикоёти форсӣ иборат буда, ҳикоёти форсӣ қисмати асосӣ ва фарогири онро ташкил дода, аз чаҳор се ҳиссаи онро фаро мегиранд. Матни оғозини он бо ҳамду ситоиши Худо ибтидо ёфта, баъдан, Убайд дар хусуси фазилат ва ақсом (вақаҳот)-и нутқ сухан гуфта, ин байтро дар мавзӯи ҷид ва ҳазл меорад:

Ҷид(д) ҳамасола ҷони мардум бих(в)арад,
Ҳазл ҳамарӯза оби мардум бибарад.

Пасон, ҷиҳати “дафъи малол” ва “тафреҳи бол” ду байти арабиро аз номи ҳукамо оварда, ба хонанда таъкид менамояд, ки “ба мутолиаи навъе аз ҳазл мултафит шавад ва қавли шоирро кор бандад, ки мегӯяд:

Гарчи тавҳиду баён даркор аст,
Қадаре ҳам ҳазён даркор аст” [7, с. 183-184].

Дар “Рисолаи дилкушо” Убайд барои танқиди авзои иҷтимоӣ ва ҳаҷви абнои гуногунқишри рӯзгор, ба хосса аъёну ашрофи даврони худ, 125 ҳикоёти хурду бузургро истифода намудааст, ки намунаҳои бузургтари онро ҳам дар қиёс бо тарзи ҳикоягустарии дигар нависандагони адабиёти классикӣ ва ҳам адабиёти пасин наметавон ҳикоёти калонҳаҷм унвон кард.

Теъдоди иштироккунандагон, яъне персонажҳо ва ё, ба қавле, қаҳрамонони якумдараҷаву дувумдараҷаи ҳикоёти “Рисолаи дилкушо” ба 119 нафар мерасад, ки онҳо аз ҳайси баромади иҷтимоӣ ё тааллуқоти қишриву табақотии ҷомеа, мансубият ба адёну мазоҳиб, макони ҷуғрофӣ, аз нигоҳи синну сол, кору касаба ва гоҳе аз ҳайси ҷинсият ва, ҳамчунин, вобаста ба сутӯҳи ахлоқу одоб мутафовитанд. Бояд қайд кард, ки вобаста ба мушаххасияти фардии қаҳрамонони асар онҳоро ба таври умумӣ метавон ба ду қисми алоҳида табақабандӣ кард: шахсони таърихӣ ва ғайритаърихӣ. Ба шахсиятҳои таърихӣ халифаҳо, шоҳону ҳокимон, амирону вазирон, афроди машҳури диниву мазҳабӣ, шоирон ва олимону донишмандон ва монанди инҳо таллуқ доранд, ки теъдоди онҳо ҷамъан 46 нафарро ташкил медиҳад. Инонро метавон қаҳрамонони мушаххас ва таърихии асар унвон кард. Агар Талҳак – масхарабози Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва Ҷуҳӣ – ҳаззоли таърихии аъробро дар баробари ашхоси воқеии таърихии асар илова намоем, теъдоди персонажҳои он аз 48 нафар боло меравад.

Миёни қаҳрамонони воқеӣ дар рисола се халифа низ – Маҳдӣ-халифа, Ибни Маъбар-халифа ва Маъмун-халифа ва, ҳамчунин, як халифаи беном, ки муаллиф аз вай, ҳамин хел, маҷҳулан ба унвони халифа ном мебарад, иштирок менамоянд [7, с. 184-185, 206, 187, 207]. Халифаҳо дар асар якборӣ ширкат мекунанд. Убайд дар симои халифаҳои зикркардааш ашхоси бадахлоқ, майпараст, дунҳиммат, ҷоҳилу сода ва монанди инҳоро тасвир намудааст.

Аз шоҳон ё ашхоси таърихии дараҷаи яки асар ва аъёни воломақом – инҳо Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, Шайх Сафиуддин – асосгузори давлати Сафавияи Эрон, Шоҳ Абдулмалик – малики Хуросон, Атобак Салғаршоҳ ва вазири аъзами даврони адиб Саид Ғиёсиддин Амир Муҳаммад ба ҳисоб мераванд, ки онҳо ҳам ҳадафи килки хашмгини Убайд қарор гирифтаанд. Султон Маҳмуд дар саҳнаи ҳаҷвиёти Убайд се бор [7, с. 184, 197, 200], Шайх Сафиуддин – ду бор [7, с.202, 210], Абдулмалики Хуросонӣ – як бор [7, с.206], Салғаршоҳ – се бор [7, с.185, 186, 198], Саид Ғиёсиддини вазир як бор [7, с.210] иштирок намудааст. Дар асар ду қаҳрамони маҷҳул низ бо унвонҳои ҳокими Омул ва амири турк ширкат меварзанд, ки эҳтимол меравад, аз ҳуккоми муосири Убайд бошанд [7, с.198, 206].

Ҳамчунин, мебояд зикр намуд, ки дар асар 8 нафар иштирок менамоянд, ки бар номи онҳо хитобаи Хоҷа илова гардидааст. Ин хитоба нишон медиҳад, ки онҳо ё ба аркони давлативу сиёсӣ пайванде доранд ё аз аъёну ашроф маҳсуб мешаванд ва ё ба аркони баландрутбаи рӯҳонияти дарбору давлат тааллуқ доранд. Инҳо Хоҷа Фахруддини Разандӣ [7, с.212], Хоҷа Баҳоуддини Соҳибдевон [7, с.197], Хоҷа Саъдуддини Маҳмудшоҳ [7, с.212], Хоҷа Шамсуддини Соҳибдевон [7, с.198, 211], Хоҷа Абӯбакри Раббонӣ [7, с.190, 190, 200, 200], Хоҷа Изуддини Фарҳадӣ [7, с.209], Хоҷа Абдулкарим (мамдуҳи Маҷди Ҳамгар) [7, с.206, 212] ба ҳисоб мераванд [7, с.212]. Зимнан, бояд қайд кард, ки як персонажи дигар бо хитобаи хоҷа (яъне, бе ному насаби махсус, танҳо бо исми хоҷа) дар ҳикоёти Убайд се бор ширкат варзида, зери ҳадафи ҳаҷви ӯ қарор мегирад [7, с.205, 209, 210]. Муаллиф як бор ҳам писари ҳамин хоҷаи маҷҳулро (ки киноят аз фарзандони аъёну ашроф аст) ба таври масхара бо унвони хоҷазода ва ё дақиқтар: хоҷазодаи амрад ном мегирад [7, с. 203]. Ҳамчунин, дар ҳикоёти Убайд нафари дигаре зери унвони раиси деҳ ду бор ширкат меварзад, ки адиб бар вай ҳам назари таҳқиромез дорад [7, с.186, 205].

Дар “Рисолаи дилкушо”, ҳамчунин, 15 нафар бо хитобаи Мавлоно ширкат меварзанд, ки бегумон онҳо ба аҳли илму адаб ва ё ҳалқаи донишмандону уламои дин мутааллиқ мебошанд. Аз ҷумла: Мавлоно Шамсуддини Дурудгар [7, с. 193], Мавлоно

Маҷдуддин Алӣ [7, с.195], Мавлоно Рукниддини Бакронӣ [7, с.197], Мавлоно Саъдуддини Мултонӣ [7, с.210], Мавлоно Саъдуддини Ҷавҳарӣ [7, с.202], Мавлоно Рукнуддини Абҳарӣ [7, с.202], Мавлоно Аздуддин [7, с.186, 199, 204, 212], Мавлоно Қутбиддини Шерозӣ [7, с.189, 193, 195, 203,], Мавлоно Ҷалолуддин [7, с.202], Мавлоно Шамсуддини Убайдӣ [7, с.189], Мавлоно Аминуддини Додо [7, с. 210], Мавлоно Шарифуддин [7, с.190], Мавлоно Шарафуддини Хаттот [7, с.205], Мавлоно Шарафуддини Канъонӣ [7, с.212], Мавлоно Шарафуддини Санҷарӣ [7, с.206].

Ҷуз аз намояндагони воломақом ва маъруфи диниву мазҳабии дар боло зикршуда, дар ҳикоёти Убайд, ҳамчунин, чанд нафар намояндагони дигари соҳибрикоби рӯҳоният иштирок менамоянд, ки пешоҳангони ахлоқии ҷомеаи мутадайини давраи вай ба ҳисоб мераванд. Вале муаллиф аз онҳо ба таври мубҳаму маҷҳул, бе истифода аз насабномаи мушаххасу асосиашон ном мебарад ва дар ин маврид танҳо бо ановине чун воиз [7, с.194, 211], сӯфӣ [7, с.208], қозӣ [7, с.195, 208], муаззин [7, с.199], хатиб [7, с.186, 204], донишманд [7, с.190], ходими масҷид [7, с.191] басанда мекунад. Ашхоси мазкур ҳам мавриди тамасхур ва ҳаҷви сахти Убайд қарор мегиранд. Ҷое шахсе ба исми писари хатиб ҳам иштирок менамояд [7, с.197], ки Убайд тавассути вай падарашро, яъне худи хатиби деҳро мавриди тамасхур қарор додааст.

Дар асар як нафари дигар бо хитобаи Сайид иштирок менамояд, ки номи пурраааш Сайид Разиюддин Вароминӣ мебошад [7, с. 202, 202, 209].

Ҷуз аз ашхоси дар боло зикршуда, дар асар, ҳамчунин, нафароне иштирок менамоянд, ки насабномаи онҳо хитобае амсоли Хоҷа, Мавлоно ва Сайид надорад, аммо эҳтимол меравад онҳо ба афроди машҳур тааллуқ доранд. Монанди: Абдулҳайи Заррод [7, с.203], Шамсуддин Музаффар (ки муаллиф аз ӯ ба унвони устод ном мебарад) [7, с.197, 211], Сироҷиддини Қамарӣ [7, с.198], Бурҳониддин ва Тоҷиддин (бародарзодагони Мавлоно Аздуддин) [7, с 199], Ҷалоли Вароминӣ [7, с.203], Муҳаммад Хайёт [7, с.188], Хармағзии Чангӣ [7, с.190].

Дар “Рисолаи дилкушо” чаҳор нафар бузургони илму адаби форсу тоҷик низ ширкат мекунанд, ки инҳо Абӯалӣ ибни Сино [7, с.189], Фахриддини Ироқӣ [7, с.208], Шайх Саъдии Шерозӣ [7, с.195] ва Маҷди Ҳамгар – маликушшуарои дарбори Атобак Саъд ибни Абӯбакри Зангӣ [7, с.185-186, 197, 198, 205-206] мебошанд. Зимнан, бояд қайд кард, ки аз чаҳор нафари мазкур нисбат ба дуи охир Убайд ҳаҷву масхараро раво дидааст ва дуи аввалро барои тақвияти мавзӯоти ҳикояҳои тамасхуронаи хеш овардааст.

Дар саҳнаи ҳикоёти Убайд шахсе ба исми паҳлавон Аваз ба назар мерасад [7, с.198, 211]. Чунонки аз номаш бармеояд, ба табақаи баҳодурони қавибозу тааллуқ дорад.

Иштироккунандагони дигари ҳикоёти Убайди Зоконӣ – инҳо афроде мебошанд, ки ба дину мазҳабҳои гуногун, миллату қавмиятҳо, маконҳо, касбу пешаҳо, синну сол ва ҷинсиятҳои мухталиф (ва, ҳатто, бечинс: муханнас [7, с.193] тааллуқ доранд. Дар ҷадвали поён нишондоди болоро мо матраҳ намудаем:

Миллат	**дин**	**Маз-ҳаб**	**касбу пеша**	**Мансу-бияти ҷуғро-фӣ**	**синну сол**	**ҷинсият**	**вазъи ҳаёт**	**мансубият и оилавӣ**	**шахси маҷҳулу номаъ-лум**
Турк-писар (-и якчашм) [7, с.193]	габр [7, 211]	шиӣ [7, 187]	фуқоъ [7, 193]	хуросонӣ [7, 185, 194, 204, 206]	пир [7, 195]	[хотун [7, 198, 198, 203, 206, 210]	ғулом [7, 198, 210]	падар [7, с.198, 198]	яке [7, с.196, 203]
туркмон [7, с. 195]			табиб [7, с. 195, 204, 204]	қазвинӣ [7, с. 187, 192, 192, 195, 195, 198, 198, 204, 208, 210]	пири заиф [7, с. 200]	зан (- е) туркмон [7, с. 187, 188, 192, 196, 198, 199, 207, 209, 210]	ғуломбора [7, с. 193, 196]	писар (- и дарвеш) [7, с. 196, 197]	шахс [7, с.184, 185, 186, 187, 187, 188, 190, 191, 193, 194, 196]
Туркпи-сар [7, с.196]			фассод [7, с. 198]	шерозӣ [7, 191, 209]	писар [7, с.196,	мардак [7, с.189, 192, 198]	ғуломи ҳинду [7, с. 205]	писари хатиб [7, 197]	кас [7, с.199, 204205]

					197]				
туркбача [7, с.204]			қаввол [7, с. 211]	қумӣ [7, с. 200]	писа-рак [7, 198, 206]	духта-рак [7, с. 191]		шавҳар [7, с. 206, 207, 209]	
араб [7, с. 207]			шоир [7, с.206, 208]		Пира-зан [7, с.186]	зани рустоӣ [7, с.188]			
аъробӣ [7, с. 184, 185]			бозор-гон [7, 208]			зани бухоройӣ [7, 192, 193]			
турки хитоӣ [7, с.192]			дузд [7, 190, 200]			мард [7, 198]			
бухорӣ / бухоройӣ [7, с. 192, 193]			хайёт [7, 199]						
			нонво [7, с.191, 199]						
			асас [7, с.195]						
			доя [7, с. 192]						

Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки дар “Рисолаи дилкушо” персонажҳое низ иштирок мекунанд, ки онҳоро ба ҷадвали боло дохил накардем. Аз ҷумлаи онҳо яке дӯст [7, с.204], дигаре туфайлӣ [7, с.199], сеюмӣ – бадшакли бисёрхор [7, с.206], чаҳорум – дарвеш [7, с.191, 196, 196, 211] мебошанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки тамоми ашхосе, ки дар ҳикоёти ҳаҷвӣ ва тамасхуромези Убайд иштирок менамоянд, новобаста ба таърихиву ғайритаърихӣ ё хаёлӣ будан ва новобаста ба сатҳу дараҷаи иҷтимоӣ, бе нигоҳ ба донишманду ҷоҳил будан ва бе нигоҳ ба маъруфияту ношинос будан, ҳамчунин, новобаста ба даврањои гуногун тааллуқ доштанашон ва дар асрҳои мухталиф умр ба сар бурданашон, танҳо ва танҳо ҷиҳати танқиди вазъи иҷтимоӣ ва ахлоқии даврони адиб – асрҳои XIII-XIV мавриди истифода воқеъ гардидаанд ва муаллифи асар тавассути онҳо тарзи зиндагонӣ, одобу ахлоқ ва сатҳи маданияту фарҳанги ҷории замони зиндагонии худро бо истифода аз ҳаҷву ҳазл, тамасхуру истеҳзо ва киноёту танзҳои шадид ба риштаи танқид кашидааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Ассамарқандӣ, Амир Давлатшоҳ бинни Алоуддавла Бахтишоҳ. Тазкират-уш-шуаро; бо саъй ва эҳтимом ва тасҳеҳи Э.Браун. - Лондон, 1318 мутобиқ ба 1900 милодӣ.
2. Бақоев М. Убайди Зоконӣ / М. Бақоев // Очеркҳо аз таърихи адабиёти тоҷик. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV.- Қисми дуюм; муҳаррири масъул: Расул Ҳодизода. - Душанбе: Дониш, 1983. - 229 с.
3. Мирзозода, Холиқ. Сатиранависи бузург Убайди Зоконӣ // Газетаи муаллимон. - Органи КХМ ва Союзи коркунони мактабҳои ибтидоӣ – миёна ва Союзи марказии коркунони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои тадқиқотӣ, коркунони равшаннамоӣ – политикии РСС Тоҷикистон. - №32 (594), 14-уми июли 1939.- С. 6.
4. Мирзозода, Холиқ. Сатиранависи бузург Убайди Зоконӣ // Газетаи муаллимон. - Органи КХМ ва Союзи коркунони мактабҳои ибтидоӣ – миёна ва Союзи марказии коркунони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои тадқиқотӣ, коркунони равшаннамоӣ – политикии РСС Тоҷикистон. - №35 (596), 30-юми июли 1939. - С. 4.
5. Мирзозода, Холиқ. Сатиранависи бузург Убайди Зоконӣ // Газетаи муаллимон. - Органи КХМ ва Союзи коркунони мактабҳои ибтидоӣ – миёна ва Союзи марказии коркунони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои тадқиқотӣ, коркунони равшаннамоӣ – политикии РСС Тоҷикистон. (597), 12-уми августи 1939. - №36. - С. 3-4.
6. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик.- Китоби 2 (асрҳои XII-XV). - Душанбе: Маориф, 1977. - 394 с.
7. Зоконӣ, Убайд. Осор; бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҷобулқо Додалишоев; зери назари Асғари Ҷонфидо ва Аълохон Афсаҳзод. - Душанбе: Дониш, 1991. - 212 с. (бо хатти форсӣ)
8. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёти Эрон. Аз авоили қарни ҳафтум то поёни қарни ҳаштуми ҳичрӣ. - Ҷилди савум. - Бахши дувум. - Теҳрон: Фирдавсӣ, 1363. - 1461 с.

“РИСОЛАИ ДИЛКУШО”- И УБАЙДИ ЗОКОНӢ ВА НИГОҲИ ОМОРӢ БА ПЕРСОНАЖҲОИ ОН

Муаллифи мақола қайд менамояд, ки Убайди Зоконӣ дар насри классикии тоҷик навовариву ибтикор ва таҳаввулоти ҷиддиву бесобиқа ва қобили таваҷҷуҳро ба вуҷуд овардааст. Аз Убайди Зоконӣ панҷ рисолаи насрӣ зери унвонҳои “Ахлоқ-ул-ашроф”, “Ришнома”, “Даҳфасл”, “Садпанд” ва “Рисолаи дилкушо” мерос

мондааст, ки мавзӯи асосии ҳамаи онҳо иборат аз ҳаҷву мутоиба аст. Бузургтарини онҳо аз нигоҳи ҳаҷм "Рисолаи дилкушо" мебошад. Дар асари мазкур Убайди Зоконӣ тамоми намояндагони қишрҳои ҷомеаи худро мавриди ҳаҷву масхара қарор дода, тавассути онҳо вазъи иҷтимоӣ ва ахлоқии даврони худро тасвир намудааст. Барои муайян намудани ҳамаи иштирокдорон – персонажҳои ҳикоёти "Рисолаи дилкушо" муаллифи мақола таҳлили омории таҳҳикро истифода карда, онҳоро аз рӯйи мансубияти табақотӣ, касбу кор, синну сол ва дигар хусусиятҳо ҷудо намудааст. Дар ин маврид муаллиф симоҳо – персонажҳои асарро таҳлили оморӣ намуда, ба хулоса меояд, ки дар ҳикояҳои асари мазкур 119 кас – намояндагони табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ (халифаҳо, шоҳон, ҳокимон, вазирон, амирон, хоҷагон), касбу кори гуногун (донишмандону уламои дин, шоирон, косибону ҳунармандон), дину мазҳабҳои гуногун (габр, шиӣ), синну сол ва ҷинсиятҳои гуногун (пир, зан, мардак, духтарак, писарак) ва монанди инҳо иштирок менамоянд. Ба андешаи муаллиф, Убайди Зоконӣ ҳамаи ин намояндагони гуногунқишри ҷомеаро барои танқиди вазъи сиёсӣ-иҷтимоии даврони худ истифода намудааст. Мақсад аз ҳаҷву тамасхури ҳамаи персонажҳои асари худ ҳам,- қайд мекунад муаллифи мақола,- барои муаллифи "Рисолаи дилкушо" ин, пеш аз ҳама, нишон додани вазъи ниҳоят пасти одобу ахлоқи ҷомеаи даврони худи вай, аз ҷумла, аъёну ашроф аст.

Калидвожаҳо: Убайди Зоконӣ, "Рисолаи дилкушо", ҳаҷв, тамасхур, танз, киноя, аъёну ашроф, наср, халифа, шоҳ, вазир, амир.

"РИСОЛАИ ДИЛКУШО" УБАЙДА ЗАКОНИ И СТАТИЧЕСКИЙ ВЗГЯД НА ЕГО ПЕРСОНАЖИ

Автор статьи отмечает, что Убайд Зокони внес в персидско-таджикскую классическую прозу заслуживающие внимания новаторство и изменения. От Убайда до наших времен остались в наследство пять прозаических произведений под названиями "Рисолаи ахлок" ("Трактат нравственности"), "Рисолаи риш" ("Трактат бороды"), "Дах фасл" ("Десять частей"), "Панднома" ("Книга нравоучений") или "Садпанд" ("Сто назиданий") и "Рисолаи дилкушо" ("Увеселительный трактат"), основными темами которых являются сатира и памфлет. Самым большим по обьему из вышеупомянутых художественных трактатов является "Рисолаи дилкушо". В этом произведении Убайд подвергает насмешливой критике представителей всех слоев своего общества, посредством которых он отображает социальное и нравственное положение своей эпохи. Для раскрытия и уточнения всех образов – персонажей рассказов "Рисолаи дилкушо", используя статический вид научного исследования, автор статьи разделяет их по деятельности, возрасту и другим признакам. В этой связи автор, уточнив все персонажи вышеупомянутого произведения, приходит к выводу, что в нем использовано 119 лиц – представителей разных слоев общества (в том числе хелифы, цари, правители, везири, эмиры), ученые и улемы, поэты и лица, относящиеся разным профессиям и ремеслам, представители разных религий и вероисповедания (габр-огнепоклонник, шиит), разных возрастей и полов (старик, женщина, мужчина, девочка, мальчик) и т.п. По мнению автора статьи, Убайд Закони использовал всех этих представителей разных слоев общества для критики социально-политического положения XIII-XIV вв., когда жил и творил сам автор «Рисолаи дилкушо». Целью насмешки всех персонажей своего трактата,- отметил автор,- для Убайда является, прежде всего, раскрытие социального положения и низкого уровня нравственности общества, особенно высшего класса своего времени.

Ключевые слова: Убайд Закони, "Рисолаи дилкушо", насмешка, сатира, намек, аллегория, высший класс, проза, халиф, царь, везирь, эмир.

"RISOLAI DILKUSHO" UBIDE LAWS AND STATIC POSSIBLE HIS PERSONS

The author of the article notes that Ubayd Zokoni made noteworthy innovations and changes in Persian-Tajik classical prose. From Ubaid up to our times, five prose works entitled "Risolai and Akhlok" ("Treatise of Morality"), "Risolai Rish" ("Tractate of Beard"), "Dak Fasl" ("Ten Parts"), "Pandnoma" ("The Book of Moral Studies") or "Sadpand" ("One Hundred Edifications") and "Risolai dilkusho" ("The Amusement Treatise"), the main themes of which are satire and pamphlet. The largest in terms of the volume of the above-mentioned artistic treatises is "Risolai dilkusho". In this work, Ubaid mockingly criticized representatives of all sectors of his society, through which he portrays the social and moral position of his era. To reveal and clarify all the images - the characters of the stories "Risolai dilkusho", using the static type of scientific research, the author of the article divides them by activity, age and other characteristics. In this regard, the author, specifying all the characters in the aforementioned work, comes to the conclusion that it uses 119 persons - representatives of different sectors of society (including helifs, kings, rulers, vesiri, emirs), scholars and ulama, poets and different professions and crafts, representatives of different religions and religions (Gabr-fire worshiper, Shiites), different ages and genders (old man, woman, man, girl, boy), etc. According to the author of the article, Ubaid Zakani used all these representatives of different layers of society to criticize the social and political situation of the XIII-XIV centuries, when the author Risolai dilkusho lived and worked. The aim of mockery of all the characters of his treatise, - the author noted, - for Ubaid, is, first of all, the disclosure of social status and low level of morality of society, especially the upper class of its time.

Key words: Ubaid Lawi, "Risolai dilkusho", mockery, satyr, hint, allegory, upper class, prose, caliph, king, vizier, emir.

Сведения об авторе: ***Гаффоров Шохрух*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методика преподавания таджикскогоязыка и литературы**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 904-77-55-40**

Information about the author: ***Gafforov Shokhrukh*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Tajik Language Department and the Methods of Teaching Tajik Language and Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 904-77-55-40**

УДК: 891.550:82

ҶАНБАҲОИ ЗАБОНИИ ШАРҲИ «КАЛИМОТИ ҚИСОР»-И БОБО ТОҲИРИ УРЁН

Каримов И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Зимни таҳқиқу арзёбии осоре, ки ҷанбаи ирфонӣ доранд, ё комилан ба таҳқиқи масоили ирфонӣ ихтисос доранд, яке аз масъалаҳои муҳимме, ки бояд мавриди таваҷҷуҳи хос бошад, забони осор аст. Гап дар ин аст, ки ҳар як риштае аз илм чи дақиқу чи адабӣ забону таркибот, истилоҳоти хос дорад, ки дар бозтоби аҳдофу мақулаҳои мавриди назар пураҳамиятанд.

Муҳаққиқони адабиёт аслан пажӯҳишҳоеро, ки дар заминаи ирфону тасаввуф сурат мегиранд ба ду қисмат ҷудо мекунанд: а) таҳқиқоти дарунирфонӣ, б) пажӯҳишҳои берунирфонӣ. Манзур аз гурӯҳи аввал таҳқиқотест, ки дар атрофи андешаву дидгоҳҳои ирфонӣ, масъалаи инсон, ҷаҳону мазоҳири он аз нигоҳи ирфон, масоили сайру сулук, ҳолот ва мақомоти ирфонӣ ё дар перомуни зиндагӣ ва осори орифони ҷудогона анҷом мешаванд. Бар хилофи пажӯҳишҳои дарунирфонӣ таҳқиқоти берунирфонӣ шомили масоилу мақулаҳое монанди шарҳу баёни истилоҳии ирфон, сарчашмаву мабдаи ирфон, моҳияту сиришти ирфон, эҳтиёҷу ниёз ба ирфону забони ирфонӣ аст.

Дар ин миён он чи ки, беш аз ҳама, ҷалби диққат мекунад, забони ирфонӣ аст, ки дар имтидоди замон аз ҷониби муҳаққиқону олимони зиёд ба он ишорат шудааст. Махсусан, дар заминаи истилоҳоти ирфонӣ таҳқиқоту мақолоти муҳимме ба табъ расидааст. Ин таваҷҷуҳу алоқаи амиқ ба ҷанбаҳо ва вижагиҳои забонии мутуни ирфонӣ бастагӣ ба он дорад, ки ирфон пайвандҳои зиёд бо дин дорад. Бояд қайд намуд, ки забони ирфонӣ бар асари хидмати олимону фозилони номвари аъсори гуногун шукӯҳу шаҳомати хос пайдо намудаву дар фарҳангу адаб мустаҳкаму решадор шудааст, ки намунааш осори гаронсанги Айнулқузоти Ҳамадонӣ мебошад.

Таълифоти номбурда аз ҷиҳати маърифату шинохти мақулаҳои ирфонӣ ва тасаввуф, ҷанбаҳои мардумиву сиёсӣ, рушду камол ва таҳаввули забони хонақоӣ ва дигар дидгоҳҳои мухталиф пураҳамият аст. Хидмати ӯ дар такмилу густариши бори маъноӣ ба таркиботу таъбироти забони ирфон бисёр чашмгир аст. Ин ҷанбаро мо зимни шарҳу баёне, ки ба асари «Калимоти қисор»-и Бобо Тоҳири Урён додааст, эҳсос мекунем.

Бояд гуфт, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ худ ба нақшу таъсири забони хос барои мутуни ирфонӣ муътақид буда, маҳзи хотири он борҳо дар осораш ба аҳамияту арҷи баҳрагирӣ ва мурооти шеваи хосси вожагонӣ дар мутун ишорат намудааст.

Қабл аз он ки ба ҷузъиёти мавзӯъ бипардозем, мисоле аз шарҳи мансуб ба ӯ дар атрофи мақулаи «вақт» меорем, ки таъйидгари андешаи болоӣ мебошад: «Мурод аз вақт дар истилоҳи аҳли тасаввуф ҳолате аст, ки аз ноҳияи Ҳақ ба қавли шахси солик ва ориф мерасад, ки бояд тибқи он рафтор намояд ва аз ин ҷиҳат гуфтаанд вақт шамшери буранда аст (бад-он иллат вақт шамшери буранда шуда ва ӯро ба он ташбеҳ кардаанд, ки чун шамшер бурандаву қотеъ аст, вақт низ ба монанди он дар истилоҳи сӯфия чизе аст, ки қотеият дошта ва бояд бар тибқи он амал намуд) ва мумкин аст маънии луғавӣ ва истилоҳии онро ирода намуд (яъне, замони муайян ё ғайри муайян). Ва ба ҳар тақдир ҳосили маънии иборат ин аст: соҳиби вақд касе аст, ки дар ҳоли ӯ ё дар замони ӯ лаҳза ва ҳангоме нест, ки толиби чизе бошад. Зеро, талаб намудани чизе далолат мекунад, ки инсон онро фоқид аст, дар ҳоле ки шахси воҷид фоқиди чизе, ки матлуби ӯ аст, намебошад, то толиби таҳсили он бошад» [6, с. 446].

Акнун чанд андешаро дар атрофи мавзӯи забону ирфон зикр месозем. Равшан аст, ки мутуни ирфонӣ чи мансуру чи манзум, дар чаҳорчӯби вожагони хос баён мешавад. Ин чаҳорчӯби вожагониро маъмулан забони ирфонӣ мехонанд, ки фарогири забони ибороту забони ишорот аст. Тавре ки дар адабиёти ирфонӣ дида мешавад, орифон дар сайру сулуки хеш, ки раванди тӯлониест, ба хотири расидан ба марҳилаи кашфу шуҳуд, пайванду робитаҳои пуршуморе миёни хешу Худову табиат барқарор мекунанд ва ба марзҳои фароуфуқҳои инчаҳонӣ даст меёбанд ва ба ҷаҳоне фароистидлолу ақл барои ӯ рух боз мекунад. Натиҷаи ин амал, яъне, боз шудани фароҳои тозаи олами маънӣ дар қалби ориф ва зуҳури ҳолати гуногун ва дастёбӣ ба ҳақиқатро таҷрибаи ирфонӣ мегӯянд. Аммо бояд донист, ки дар ин ҷо манзур аз таҷрибаи ирфонӣ маънии маъмулии он, яъне, озмоишу озмудан набуда, як навъ эҳсосу шуҳуд, идроке хос бо падидаҳое мебошад, ки дар ботини ориф ба зуҳур мерасад. Ҳосили ин таҷрибаҳо шинохти ирфонӣ аст, ки ба он шинохти ибдоӣ низ мегӯянд. Аз сӯйи дигар, ин шинохт бо мафҳуми шинохти илмӣ фарқ дорад. Зеро маълум аст, ки мафҳумҳои илмӣ иборат аз чизҳое мебошанд, ки аз олами перомун бо кумаки ақлу хирад дарк мешаванд, вале шинохт ё маърифат ҳақиқатест, ки ориф аз олами фаротабиат ва ғайримаҳсус дарк мекунад ва воситаи идроки ӯ басират ё рӯҳу қалби ориф аст.

Бад-ин тариқ метавон гуфт, ки ҷанбаи маърифатии ирфон дар мафҳуми умумии он бо мафҳуми андеша баробарӣ дорад. Шарҳу баёни ин андеша ё кашфи ин андеша, ки аз он ҳамчун шинохти орифона метавон ном бурд, бо забони хос бозтоб мегардад.

Ногуфта намонад, ки шеваи бархӯрди орифон бо масъалаи шинохт ва сифати баёни он бо сабаби таҷрибаи ирфонӣ ду навъ аст, ки дар боло аз он ҳамчун забони иборату забони ишорот ёд намудем. Ин ду навъи бархӯрди орифон бо мавзӯи мавриди назар маърифат ё шинохт аст. Ин, ки ориф дар шарҳу бозтоби таҷрибаҳои хеш чи мақсаде дорад ва ҳадафи ӯ аз интиқоли эҳсосу идрокаш чист, шева ё навъи баёни ӯро муайян месозад. Масалан, агар барои таҳлилу арзёбии таҷрубаи худ, ки ба таври ихтиёрӣ ва ба мақсади таҳқиқ сурат гирифта азм кунад, аз неруи ақлу хиради хеш истифода мекунад ва мекӯшад мавзӯъро ба таври шоиста равшану фаҳмо ба мухотабон баён кунад.

Чунин тарзи бархӯрдро дар истилоҳи орифон «забони иборат» меноманд. Яъне, забони равшану гӯё, ки баёнгари таҷрибаҳо ва зеҳнияти ориф аст. Ҳадафи ниҳоияш таълиму омӯзиш ва шарҳу тафсири таҷрубаҳои ботинӣ мебошад. Чунин бархӯрде бояд мухотабро қаноатманд кунад ва ҳатто ба амри қудсӣ моилтару роғибаш гардонад.

Навъи дуюм «забони ишорат» аст, ки бар хилофи аввалӣ ғайрииродӣ, ногаҳонӣ баён гаштани ҳақоиқи даруниро дар назар дорад. Чунин бархӯрде бо эҳсосу отифа, рӯҳу қалби ориф сару кор дорад.

Шарҳу тафсири ин ҳолат низ вобаста ба таваҷҷуҳу мақсади гӯянда ба шеваҳои гуногун амалӣ мегардад. Аз ҷумла, метавонад баёни рамзӣ, тамсилӣ, истиорӣ, коргирии образҳои бадеӣ, баёни шоирона бошад, ки дар чаҳорчӯби алфоз сурат мегирад.

Шаклҳои мухталиф аз баёни як таҷруба ба маънии маҳдудияти забон дар илқои ин навъ таҷрубаҳо мебошад. Дар чунин мавриде ориф талош меварзад мухотабаш аз он чи зоҳири вожагон доранд, маънии бештаре касб кунад. Чунин шеваи таллаққӣ гувоҳи баённопазирии таҷрубаҳои ирфонӣ мебошад. Дар адабиёти ирфонӣ мо бисёр дидаем, ки орифон ба баённопазирии матолиби мавриди назари худ ишорат кардаанд. Таъбири баённопазирӣ ҳамоно ба маънии номафҳум будани ин ҳол ва имтинои интиқоли он ба дигарон аст. Ҳамин душворбаёнӣ ва баённопазирӣ буд, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба «Калимоти қисор»- и Бобо Тоҳири Урён шарҳ навишт. Шарҳе бо забони хосси ирфонӣ, ки ҷавобгӯи матлаби нависанда аст.

Масалан, дар асари Бобо Тоҳир мазмунан зикр шуда, ки Худованд дунёро қариб қарор додааст, дар ҳоле ки ӯ баъид (дур) аст, чун гузаштаву гузаро аст ва баръакс охиратро «баъид» қарор додааст, дар сурате, ки ӯ наздик мебошад.

Акнун бубинем, ки шарҳи ин матлаб аз ҷониби Айнулқузот чӣ тавр омодааст: «Худованди мутаол дунёро бар ду сифати мутазод «қурбу буъд» қарор дод ва ҳамчунин охиратро ва фарқ миёни дунёву охират дар ин ду сифати мухталиф ин аст, ки Худованди таоло дунёро ба зоҳиру сурат қариб ва наздик қарор дода ва марзи дунё ҳам ба ин муносибат бар ин вазъ шудааст. Илло ин ки дар маънӣ ва ҳақиқат дур ва баъид аст. Зеро ки ӯ гузашта ва чизе ки гузашта ва аз байн рафтааст дур аст ва охираш баръакс ба ҳасби сурат дур ба назар мерасад. Чунончи лафзи охират ба ин маънӣ далолат дорад, вале ба ҳасби воқеъ ва ҳақиқат наздик аст. Чунки охират дар ҳар ону соате ба тарафи инсон меояд ва чизе ки ба ин суръат меояд, қатъан хоҳад буд ва бар ӯ хоҳад расид ва бинобар ин, охират маъдуме аст, ки ба вуҷуди ҳатмиву қатъии он ишорат гашта. Валекин чизе, ки гузашта ба қаҳқаро меравад ва доиман аз инсон дур мешавад, қатъан баъид аст ва он дунёст» [6, с. 408].

Бояд зикр кард, ки Айнулқузот дар бархе аз осораш аҷзу нотавонии хешро дар шарҳу баёни воқеияти осмонӣ изҳор медорад. Ӯ бар ин назар аст, ки бо забони маълулӣ наметавон масоилу мафоҳими ирфониро шарҳу баён дошт. Зеро бо сабаби санахияти таҷрибаи ирфонӣ бо олами моддӣ наметавон аз забони одӣ барои баёни он баҳра ҷуст ва ба таври комил таҷоруби даруниро мунтақил намуд. Ба қавли бисёре аз муҳаққиқон таҷрубаи ирфонӣ зотан дар чаҳорчӯби мафҳумҳо намеғунҷад. Яъне, аҳволи ирфонӣ мустақиман ҳосил мешавад ва наметавонад таҷруба шавад ва ба шакли мафҳум зоҳир гардад. Чун равшан аст, ки мафҳумҳо бо вожагон ба зуҳур мерасанд. Аз ин рӯ, вақте ҳолати ирфонӣ ба сурати мафҳум дарнаояд, пас чи гуна метавон аз баён ҳарф зад.

Ба андешаи гурӯҳе аз муҳаққиқон таҷрубаи ирфонӣ як навъ таҷрубаи отифӣ аст. Таҷрибаи отифӣ монанди таҷрибаи ахлоқӣ равшану муайян нест, ки битавон бо забон баён кард. Ҳарчи отифа амиқтар бошад, баёнаш душвортар аст.

Айнулқузот низ аз душвории баёни ин таҷриба дар олами ваҳдат чунин изҳор медорад: «бош то ба олами ман расӣ, ки заҳмати башарият дар миён набошад, ки худ бо ту бигӯям он чи гуфтанӣ бошад. Дар олами ҳуруф беш аз ин дар иртибот натавон овардан. Кай бошад, ки аз адбори худ бираҳем [1, с. 154].

Ҳамин тариқ, решаи гирифтории ӯ ҳамин аст, ки бо забони мантиқиаш наметавон аз олами фаровоқеии ақлу истидлол сухан гуфт. Ба ҷуз ин дарк накардани мавзӯи таҷруба аз ҷониби мухотабон низ ба маънии баёнпазирӣ фаҳмида мешавад.

Орифон бо дастёбӣ ба ин таҷриба аз баёни он сар боз мезананд ва ё онро дар пардае аз рамзу ибҳом баён мекунанд. Аз тарафи дигар, тарсу бим низ аз хабардор шудани номаҳрамон барои ориф вуҷуд дорад. Зеро моҳияти баъзе аз мавзӯот ва шарҳу тафсири онҳо ҳассосияти бисёре аз уламоро дар тӯли таърих барангехтааст, ки мисолаш сарнавишти худи Айнулқузот аст.

Айнулқузот дар бораи кӯтоҳии аҳли омма тамсили рангу шахси кӯрро ба кор мебарад ва мегӯяд: «чунонки касе бихоҳад барои кӯрӣ аз чигунагии идроки рангҳо сухан бигӯяд, заруратан пайи ҳавоси дигарро пеш мекашад, то аз роҳи баёни иштирокоту ифтироқоти ҳисси баёнӣ бо онҳо ба ин хоста бирасад ва, албатта, ҳатто дар ин сурат тасдиқи он барои кӯр душвор хоҳад буд» [1, с. 46].

Ҳарчанд орифон аксар аз аҷзу нотавонӣ дар таъбири таҷрибаи худ номидаанд, аммо китобҳои ирфонии бисёре таълиф карда ва ба баёни таҷрибаҳои ирфонии худ ҳиммат гуморидаанд. Назарияҳои мухталифе дар бораи чигунагии баёни таҷрибаи ирфонӣ вуҷуд дорад, ки мо аз зикри онҳо сарфи назар мекунем. Танҳо ба баъзе аз вижагиҳои забони ирфонӣ дар таълифоти Айнулқузот ишора менамоем.

Чи тавре ки дар боло қайд намудем, яке аз сабабҳои баённопазирии таҷрибаи ирфонӣ иртиботи ориф бо олами фаровоқеӣ ва табиат мебошад. Дар ҳақиқат ончи ориф дар пайи ба тасвир кашидани он аст, тасаввуроти олами фаромодда ва гузориши ҳақиқати илоҳии касбшуда дар он олам аст. Ин дар ҳоле аст, ки асбобу абзори ориф барои баёну пешниҳоди ҳақиқати онҷаҳонӣ, ҳақиқати инҷаҳонӣ аст. Маҳзи хотири ин баёни маҳдудият ва нотавонии он дар баёни комилу пурраи таҷрубаи ирфонӣ маълум аст.

Аз сӯйи дигар Айнулқузот бар ин назар аст, ки имкон дорад андаке аз таҷрибаи ботиниро бо ҳамин вожагон изҳор намуд. Бо ин маънӣ, ки таҷрибаи ирфонии олами малакут ҳангоми баён бо ин алфоз ба сатҳи олами моддӣ пойин меояд ва ин марҳала оғози роҳ аст. Агар равшантар гӯем, баёни ирфонӣ танҳо таъбири лафзӣ аз як таҷрубаи хос нест, балки канор гузоштани сурати зоҳири калима ва даст ёфтан ба маънои ботини он аст. Ин бошад дар навбати худ кумак мекунад, ки маъноҳои олами ғайб низ дониста шавад. Бар асоси ин ҳар кашфу шуҳуде, ки аз сатҳи ғайбӣ дар қолаби алфоз баён мешавад, печидаву буғранҷ аст. Яъне, вожагон дар зоҳир маънои ноошнову мубҳам доранд, вале дар ботин фарогири маъноҳои амиқу мутаолӣ ҳастанд. Барои тасдиқи фикр боз мисоле аз шарҳи Айнулқузот ба «Калимоти қисор» меорем. Дар китоби мазкур матолиби Бобо Тоҳири Урён (калимаи 381) чунин омадааст: «суфӣ саъаи вуҷудӣ дорад, ки чизе ӯро барнамегирад, вале ӯ ҳама чизро дар бармегирад ва ҳама чиз барои суфӣ аст, вале ӯ барои чизе нест» [6, с.703].

Айнулқузот дар шарҳу тафсири ин калима чунин менависад: «яъне, сӯфӣ дорои ҳолате аст, ки ҷомеаи ашёро фаро мегирад, вале ҳеҷ шайъе аз ашё ҳоли ӯро дар бар нахоҳад гирифт. Ва ӯ ҳамчунин тасарруф дар ҷомеаи умур менамояд, вале ҳеҷ чизе дар ӯ тасарруф наменамояд, бад-ин ҷиҳат ӯ дорои саъаи қалбӣ аст ва иҳота ба ҳама умур дорад. Зеро мавқее, ки қалби сӯфӣ ба нури яқин равшан гардид, ҷомеи ашёро дар бар мегирад ва ба ҳамаи умур иҳота пайдо мекунад ва гӯё қалб бад-ин сабаб қалб номида шуда, ки бо ашёи мухталиф ҳолати мутафовите пайдо мекунад. Ба монанди дигаргунии ойина ба ҳангоми вазъу лаҳазоти ашколи гуногун дар баробари ӯ» [6, с.703].

Бо назардошти ин метавон натиҷа гирифт, ки аз нигоҳи Айнулқузот дар мутуни ирфонӣ калимот шабоҳат ё дупаҳлуи пайдо мекунанд. Ин ба он маъно аст, ки дар як матн вожагон имкон доранд, дар ду соҳат ақлу варои он мавриди баҳрабардорӣ қарор гиранд. Гузашта аз ин, баёни таҷрибаи ирфонӣ бо забони гуфтор бо вожагон бояд ба гунаи чандваҷҳӣ ба кор равад.

Дар поён қобили зикр аст, ки забони мутуни ирфонӣ мавзӯи васее мебошад, ки омӯзиши ҳамаҷонибааш дар дарку шинохти ҷаҳони ирфон ниҳоят арзишманд аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнулқузоти Ҳамадонӣ. Тамҳидот. – Теҳрон, 1333. - 540 с.
2. Бертелс Е. Э. История персидско – таджикской литературы / Е. Э. Бертелс. - М.: Издательство восточной литературы, 1960. – 554 с.
3. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. - Теҳрон. 1373. - Ҷ.II. - 1267 с.
4. Саид Нафисӣ. Сарчашмаи тасаввуф дар Эрон. – Теҳрон: Асотир, 1383. – 310 с.
5. Фирӯза Полон Матин. Айн-ул-қузоти Ҳамадонӣ. Нигоҳе ба зиндагӣ ва осор. Ироннома. - Ню-Йорк, 2011. - №1-3.
6. Шарҳи аҳвол ва осору дубайтиҳои Бобо Тоҳири Урён; бо инзимоми «Калимоти қисор»-и вай мансуб ба Айн-ул-қуззоти Ҳамадонӣ. (Бо кӯшиши доктор Мансур Ҷавод). – Теҳрон, 1379. - 916 с.

ВИЖАГИҲОИ ЗАБОНИИ РИСОЛАИ «КАЛИМОТИ ҚИСОР»- БОБО ТОҲИРИ УРЁН

Мақолаи мазкур ба таҳқиқу арзёбии рисолаи «Калимоти қисор»-и шоир ва орифи бузурги қарни XI Бобо Тоҳири Урён бахшида шудааст. Бо назардошти мураккабии забони рисолаи мазкур ба он шарҳи зиёде навишта шудааст. Яке аз ин шарҳҳо ба олими ҳамзамони ӯ Айнулқузоти Ҳамадонӣ ихтисос дорад. Таҳлил бар асоси шеваи суннатии шарҳи ботинӣ анҷом шудааст. Ба ин маънӣ, ки муҳаққиқ бо истифода аз иқтибосоти муаллифи асар андешаи хешро бо суханони муаллиф ба намоиш мегузорад. Тибқи маъмул

шарҳи мутуни филологӣ таҳлили ҷанбаҳои филологии мероси арзишманду муҳим ба назар мерасад. Махсусан, забон ва услуби осори илмӣ-адабӣ ва таҳлили осори мансур. Бояд хотирнишон сохт, ки дар рисолаи «Калимоти қисор» аслан масоили ирфонӣ мавриди баррасӣ ва шарҳу баён қарор гирифтаанд. Табиист, ки ирфон мисли дигар риштаҳои илм шомили истилоҳоту таркиботи хос аст. Зимни таҳқиқи мутуне, ки хусусияти ирфонӣ доранд, шиноҳти ин истилоҳот ниҳоят зарурӣ ва ҳатмист. Дар мақола истилоҳот ва мафҳумҳое мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд, ки фарогири шарҳу баёни калимоте мисли «ирфон», «маърифат», «ориф» ва ғайра ҳастанд.

Калидвожаҳо: рисола, ирфон, адабиёт, забон, истилоҳот, матн, шоир, шева, суннатӣ.

ЯЗЫКОВЫЕ ОСОБЕННОСТИ ТРАКТАТА БАБА ТАХИРА УРЯНА «КАЛИМОТИ КИСАР» (КРАТКИЕ СЛОВЕСА)

Данная статья посвящена анализу языка трактата великого поэта и мистика XI века Баба Тахира Урёна «Калимоти кисар». Учитывая сложность текста к этому трактату написано много комментариев. Один из них принадлежит соратнику поэта Айнулкуззау Хамадони. Анализ проведен в работе на основе традиционного метода внутреннего комментария, т. е. исследователь, пользуясь авторскими цитатами, иллюстрирует свою мысль словами автора. По традиции в обзоре филологических текстов особенно актуален анализ филологических аспектов прозаического наследия писателей и поэтов, таких как проблемы языка и стиля научно- художественных сочинений, анализ концепции прозаического творчества. Следует отметить, что в трактате «Калимоте кисар» рассмотрены проблемы мистики. Естественно, мистика, как и другие области науки, имеет свою специфическую терминологию и понятия. При исследовании текстов мистического характера знание терминов имеет особое значение. В статье рассмотрены термины и понятия, которые представляют содержательные характеристики слова, связанные со значением: «ирфон», «маърифат», «ориф» и т.п.

Ключевые слова: трактат, мистика, литература, язык, терминология, текст, поэт, метод, традиционный.

THE LANGUAGE FEATURES OF BABA TAHIR URIN TREATISE "KALIMOTI KISAR"

The article analysis the treatise language of the great poet and thirteenth-century mystic Baba Tahir Urin “Kalimoti kisar”, taking into considering the complexity of the text. This treatise has been written a lot of comments. One of them belongs to the colleague of the poet Aynulkuzat Hamadoni.The analysis carried out in the work on the basis of the traditional method of internal commentary, the researcher using author quotes illustrates his thought with author’swords. Traditionally, in the review of philological texts, the analysis of the philological aspects of the prosaic heritage of writers and poets, such as the problems of languages and the style of scientific and artistic writings and the analysis of the concept of prose creativity, is particularly relevant. The problems of mysticism are considered in “Kalimot Kisor”. Naturally, mysticism, like other fields of science, has its own specific terminology and vocabulary. In the research of mystical nature texts of the termsknowledge is particular importance. Such terms as: Irfon”, “marifat”, “orif”, etc.

Key words: treatise, mysticism, literature, language, terminology, text, poet, method, traditional.

Сведения об авторе: ***Каримов Иноятулло Рахимович*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры иранской филологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **enoyat@mail.ru.** Тел.: **(+992) 98-790-66-66**

Information about the author: ***Karimov Inoyatullo Rakhimovich*** - Tajik National University, Ph.D student of the Department of Iranian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **enoyat@mail.ru.** Tel.: **(+992) 98-790-66-66**

УДК:891. 550-1

ТАРҶУМА ВА ИНТИХОБИ МАТН

(нигоҳе ба муҳтавои тарҷумаҳои Фурӯғи Фаррухзод)

Мансурова Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Фурӯғи Фаррухзод дар осмони адаби шеъри форсӣ мисли барқе дурахшид, вале барои ҳамеша бо як дурахшиш номи хешро дар таърихи адабиёти муосир ҷовидон сохт.

Пас аз марги фоҷеабори ӯ дар тӯли замон садҳо мақолоту китобҳои таҳқиқӣ перомуни рӯзгори фардиву зиндагии эҷодии ӯ навишта шуда, ашъораш бо забонҳои мухталифи ҷаҳон баргардон шудааст. Соле нест ба хотири бузургдошти мақому ҷойгоҳи ӯ дар нуқоти мухталифи ҷаҳон ҳамойишу маҳфилҳои адабӣ сурат нагирад. Ин амрест, ки аз бузургиву нубуғи як ҳунарманди воқеӣ дарак медиҳад. Дар ин бора Фарзона Милонӣ, ки имрӯзҳо ба ҳайси доктор дар риштаи забон ва адабиёти форсӣ дар яке аз донишгоҳҳои бонуфузи Амрико, донишгоҳи Вирҷиниё фаъолият менамояд, дар яке аз анҷуманҳои дӯстдорони забони форсӣ дар Чикаго оид ба Фурӯғи Фаррухзод зимни суханронӣ чунин изҳори назар намудааст: «Фурӯғ аз шоиронест, ки чандин даҳа мусоҳибу мухотибу манбаи илҳоми ман будааст. Ашъори зебои ӯ дар водии ғурбат боғи сарсабзу сайёри ман будааст. Боғи ҳамешабаҳорам, боғи пур аз андешаҳои бикр, ки ҳар бор даре бароям кушодаам, паноҳгоҳи амн дар он ёфтаам. Боғе бо дарҳои ҳамешабоз ва дарахтони пур аз гулу мева» [8].

Дар ҳақиқат, аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки ашхоси зиёде, ки дар тамоми гӯшаҳои дунё имрӯзҳо дар ҷодаи илму фарҳанг ва шеъру адабиёт кору фаъолият менамоянд, аз Фурӯғ ҳамеша ёд мекунанду мусоҳибаҳо меороянд. Бояд зикр намуд, ки имрӯзҳо даҳҳо чунин мусоҳиботу анҷуманҳо оид ба зиндагиву фаъолияти Фурӯғи Фаррухзод дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва барномаҳои телевизионии «Садои Амрико», барномаи «Паргор», «BBC Persian» ва дигар барномаҳо аз Амрикову Британиё ва Фаронса намоиш дода мешаванд, ки ин далели нишондиҳандаи ҷаҳонӣ будани шоир Фурӯғи Фаррухзодро дорад.

Чи хеле ки барои мо маълум аст, шоир он вақт ҷаҳонӣ гашт, ки худро аз қафаси танги рӯзгор берун карду ба сӯйи ғурбат парвоз кард ва ба кишварҳои гуногун мусофират намуд. Ӯ дар натиҷаи ошноӣ бо илму фарҳанги Аврупо ва сафарҳои тӯлонӣ ба Инглистону Итолиё ва Олмону Фаронса тавонист, ки дунёи хаёлоту ботини хешро иваз намояд ва шеърҳои боқимондаи хешро бо ҷилваҳои тозатару мазомини ғанитар офаринад.

Номуносиб нест агар дар пайванд ба гуфторҳои болоӣ аз адабиётшиноси эронӣ Машрафиддини Озод нақли қавле шавад. Мавсуф дар китобе бо номи «Парешодухти шеър» чунин овардааст: «Фурӯғ бо шуарои Ғарб ошно буд ва алоқаи хос ба мутолиаи ашъори шуарои Ғарб дошт. Рафтуомадҳои мукаррари ӯ ба Аврупо боис шуда буд, ки аз фарҳанг ва ё ҳаёти шуарои Ғарб таъсир бипазирад. Дар бархе аз шеърҳои Фаррухзод ҷойи по ва нишонаҳои як ё якчанд шоирро мебинем. Монанди таъсирпазирӣ аз Элвиёт ва ё Эдит Ситвэл, ки аз шуарои номии ғарбӣ буданд. Аммо Фурӯғ дорои чунон қудрате буд, ки ин осорро мегирифт, дар шеъри худ ҷазб мекард ва ба сурати тоза арза мекард» [3, с. 51].

Бояд зикр намуд, ки ин сафарҳо барои шоир дар ҷодаи илму ҳунар боз дарвозаи дигареро ба рӯяш боз намуд. Ин роҳ ба сӯйи тарҷумониву баррасии асарҳои гуногуни шоирони Ғарб буд. Ҳамчунин лозим ба тазаккур аст, ки мақсад аз таълифи ин мақола низ дар он аст, ба таври мухтасар нигоҳе намоем ба муҳтавои шеърҳое, ки аз ҷониби Фурӯғ тарҷума шудаву пас аз маргаш ба назар расидаанд.

Гузашта аз ин, ҳадафи мо дар ин мақола баррасии ин нуқта аст, ки чӣ мавзӯъҳое дар шеъри ғарбӣ бештар мавриди таваҷҷуҳи Фурӯғ будааст.

Ошноӣ бо тарҷумаҳо гувоҳ бар ин аст, ки мавсуф бештар ба офаридаҳои шоирони олмонӣ таваҷҷуҳ доштааст. Аксари ашъори тарҷумашуда аз ҷониби ӯ мутааллиқ ба шоирони даҳаҳои нахустини қарни ХХ ба шумор меравад.

Ҳурест Ланге аз нахустин шоироне буд, ки ашъораш таваҷҷуҳи Фурӯғро ҷалб намуда буд. Ҳурест Ланге шоир ва романнависи машҳури олмонӣ буда, дар соли 1914 дар Силзӣ ба дунё омадааст ва дар Мюнхен вафот кардааст. Узви академияи илм ва адабиёти шаҳри Дормаштот ва раиси конгресси фарҳангии иёлати Бовария аст. Ӯ бештар дар риштаи романнависӣ кор менамуд. Китобҳои машҳури ӯ иборатанд аз: «Ҷашни сиёҳ», «Оташи бозӣ», «Дар рӯйи теппаҳои Маскав», «Шамшере дар байни моҳ», «Моҳ мисли хун буд» ва ғайраҳо. Илова бар инҳо, чанд нақшҳои театриро иҷро намуда ва маҷмӯаи ашъорашро бо номи «Ашъоре аз бист сол» ба табъ расонидааст.

Дар зер намунае аз ашъори шоири мазкур нақл мешавад, ки тарҷумаашро Фурӯғ анҷом додааст:

Дар рӯшноии заифи зимистон

Дар рӯшноии заифи зимистон,
Ки аз миёни шохаҳо ба замин менишинад,
Дар замини рангпаридаи боғ.
Ки аз яху барф мадҳуш аст,
Лабҳои тобистон барои ман овоз мехонад.
Ва гули сурати ту мешукуфад.
Дар тирагии хомӯшии зуҳр,
Ки дар зери осмон овехтааст.
Ҷое, ки маҳ ба сахтӣ густариш пайдо мекунад,
Ва баргҳо ба тараи замин мешитобанд.
Бӯсаҳои бепоён ҳастанд,
Ва шабнами моҳи «Жуан».
Дар ҳар мевае, ки бо латофату оромӣ,
Расидагишро ба ман ҳадя мекунад.
Ширинии ту меҷӯшад,
Ва мастӣ барои касе, ки дӯстат дорад.
Оҳ мастии безабон,
Оҳ оташи бепоён [2, с.110].

Барои дарку шинохти амиқтари шеър нигоҳе ба мазмуну муҳтавои он меафканем**.**

Шеъре, ки шоир бо унвони «Дар рӯшноии заифи зимистон» офаридааст, дар назари аввал вақте ки хонанда бахше аз онро мехонад, дар пеши назар тасвирҳои табиат намудор мегардад. Яъне, гувоҳӣ додан аз фасли сардӣ, хусусан рӯзҳои поёнии пойиз, ки мужда аз фарорасии фасли дайро медиҳад.

Барои ҳамагон маълум аст, ки зимистон фасли сардиву яхбандӣ аст ва дар ин бора шоир тасвирҳои зебое намуда мегӯяд, ки дар ин фасл нури офтоб заиф мегардад, ки бо як неруи коҳишёфта оҳиста аз байни шохаҳо ба рӯйи замине, ки аз сардии барф ях баста мадҳуш гаштааст, асар мегузорад. Баргҳои дарахтон ҳама рехтаву тирагӣ ҳама ҷоро фаро мегирад. Дар ин фасл ҳама чи хомӯшу лол аст.

Вале қисмати дувуми шеър ин орзуву ормон ва нишонаҳои ишқро гувоҳӣ медиҳад. Яъне, умед барои фасли гармо, орзуи расидагӣ ба ёр. Шоир эҳсоси дарунии хешро изҳор намуда, ҷӯшиши ишқе, ки сардиҳоро гарму тирагиҳоро равшан ва меваи шаҳдбори он, ки ба кас латофату оромӣ медиҳад, баён месозад ва худро дар ин роҳ масту мадҳуш мебинад, яъне мастие, ки поён надораду бидуни садо зоҳир мегардад.

Ҳамин тавр, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки мазмуни ин шеър гувоҳӣ аз пастиҳову нокомиҳои рӯзгор ва дар охир ба мақсад расидан ё ин ки баъди сармо шурӯъ шудани гарморо тасвир намуда, ба хонанда мужда мерасонад, ки ҳамеша баъд аз тирагиву торикӣ равшанӣ меояд ва бояд бо умеди ояндаи равшан зиндагӣ намуд.

Асли шеър бо тасвирҳое аз симои зимистон ҳамчун фасли сарди сол оғоз мешавад. Дидани манзараҳои ҳузнангези табиати сармохӯрда зеҳни шоирро дар атрофи масоили дигари зиндагӣ мечархонад.

Дигар аз шоироне, ки ашъорашро Фурӯғ тарҷума ва баргардон намудааст, ин Макс Бруд мебошад. Макс Бруд дар соли 1884 дар Прага мутаваллид шуд ва дар шаҳри Тел-Авив дар Исроил вафот кард. Қисмати умдаи зиндагии худашро сарфи навиштани роман ва интиқодоти адабию шеъру намоишномаҳои театрӣ кардааст. Китобҳои ӯ иборатанд аз: «Хотирот дар шеър», «Авҷи эҳсосот», «Китоби ишқ» ва ғайраҳо.

Ин ҷо намунае аз ашъори шоир бо тарҷумаи Фурӯғи Фаррухзод оварда мешавад:

Моҳиҳои биҳишт дар шиша

Ҳар ҷо ҳам, ки мо шино мекунем, дар муқобили даҳонҳоямон,
Ҳамеша шиша аст. Ва чизи дигаре, ки мо намефаҳмем.
Ва ин моро ба иштибоҳ меандозад,
Ва монанди тӯфони дуре ба сӯйи мо мехурӯшад.
Мо дар ин ҷо баргҳои сабз ҳам дорем,
Ва аз миёни ҷангалҳои хуза шино мекунем.
Аз миёни торҳои нарми обу нур,
Баъд мо хомӯш меистем.
Ва ҳис намекунем, ки чи гуна Ватани даври мо бо мо
суҳбат мекунад,
Зарбае аз пушти девор.
Мо ба оромӣ ҳаракат мекунем.Меларзем. Мо шефта шудаем,
Ва дубора ин чизи ғарибе, ки ҳеч вақт назди мо намеояд.
Чизе, ки аз дур бар мо ғолиб мешавад,
Оҳ гардиши ғамнок дар ин хонаи кӯчак.
Мо бо чашмҳои ларзонамон нигоҳ мекунем,
Рангҳои паридае бар рӯйи ҳам анбошта мешаванд.
Коғази бузургу садои деворе, ки
Ҳеч вақт бар назари мо намеояд,
Ҳол хам мешавад, чизе аз миёни гиёҳҳои тира.
Аз миёни маҳу ранг як чизи сафед,
Чашмҳои мо зада мешавад.
Вақте, ки ӯ ба тарафи мо мехазад,
Ин сурати бузургу ғамгини инсонҳо.
Монанди нури сапеди моҳ аст,
Бо вуҷуди ин дар сапедии ӯ, медаванд, ба сахтию лағзон.
Кадари асорату беором,
Чашмҳои сиёҳи ӯ ба атроф, монанди моҳиҳо [2, с.136].

Шеъре, ки Макс Бруд бо унвони «Моҳиҳои биҳишт дар шиша» офаридааст, дунёи зериобӣ, яъне, зиндагии моҳиҳоро фарогир аст. Моҳиҳо ҷонвароне, ҳастанд, ки ҳамеша хомӯш ба тамоми воқеоти атроф менигаранд ва доим тарсу хавфи онро доранд, ки душман онҳоро ба доми худ наандозад. Ва як вақт огаҳ мегарданд, ки инсонҳо онҳоро доштаву дар шишаҳо гузошта аз ҷойе ба ҷойе мебаранд. Дунё барои онҳо мисли шишае аст. Эшон қалбе доранд тарсу ва ҳамеша нигаронӣ доранд ва ба одамоне, ки атрофи онҳоро иҳота намудаанд, бо тарс менигаранд. Маконе, ки инсонҳо барои онҳо омода менамоянд, бо вуҷуди зебоӣ доштану хуб буданаш барои онҳо кӯчак асту дилгиркунанда. Вале бо вуҷуди ҳамаи ин ларзидану тарс доштан дар дили кӯчаки моҳиҳо, онҳо дар пеши чашмони худ инсонҳоеро мебинанд, ки ҳамеша ғамноканду чашмони онҳо гувоҳанд, ки тарсу бим онҳоро фарогир аст. Инсоне, ки дар қуввату тавоноӣ нисбат ба моҳиҳо чандин мартаба бузург аст, дар як лаҳза метавонад аз ин ҷонварони кӯчак хурдтар бошаду тарсноктар.

Пас мақсади шоир низ дар он аст, ки ҳамаи он ашхосу ҷонварони бузурге, ки нисбат ба кӯчактаринҳо ҳукмронӣ доранду тавонотаранд дар як лаҳза метавонанд худ кӯчаку нотавон бошанд, зеро ки ин чархи гардун ҳамеша дар гардиш асту ҳамаро аз як ҷое ба дигар ҷое мебарад ва ҳама чиз иваз мешавад.

Шеъри мазкур ҷанбаи нерумандии фалсафӣ дорад. Инсонро ба тааммулу андеша дар атрофи роҳи ҳастӣ бармеангезад. Зеҳну ҳушро ба чунин натиҷа мерасонад, ки дар паҳнаи ин конуни абадӣ бояд ба ҳама мавҷудот ҳаққи зист қоил шуд. Ҳеҷ мавҷуду махлуқеро набояд нодида гирифт.

Аз мазмуни шеърҳои дар боло овардашуда, ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки Фурӯғи Фаррухзод бештар ба чунин мавзӯъҳои ашъоре таваҷҷуҳ дошт, ки дар онҳо дарду ғами замон, тасвирҳои табиат ва ишқи ноком баён шуда буданд. Ин гуна тасвирҳоро низ метавон дар ашъори худи шоир низ дучор омад.

Бояд қайд намуд, ки перомуни фаъолияти тарҷумонии Фурӯғ то ба имрӯз корҳои илмиву тадқиқотӣ анҷом дода нашудааст ва ин самти фаъолияти шоир то ҳол норавшаниҳои зиёде дорад.

Баррасии тарҷумаҳои Фурӯғ метавонад бисёре аз нукоти тозаро дар заминаи дунёи ҷаҳоншинохтӣ ва завқу саликаи ӯ дар пайванд бо адабиёту шеър равшан созад.

Таъйини вижагиҳои шеваи тарҷумонии шоир мавзӯи дигарест, ки таҳқиқи густурдаро тақозо менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Аббосӣ Б. Ба офтоб саломи дубора хоҳам дод // Шеърҳо, зиндагӣ ва баррасии ашъори Фурӯғи Фаррухзод. - Теҳрон, 1382. - 576 с.
2. Масъуди Фаррухзод. Маҷмӯае аз намунаҳои осори шуарои олмонӣ дар нимаи аввали қарни бистум. - Теҳрон, 1379 – 156 с.
3. Машрафиддини Озод. Парешодухти шеър. - Теҳрон, 1376 – 270 с.
4. Фарзона Милонӣ. Фурӯғи Фаррухзод: зиндагиномаи адабӣ ҳамроҳ бо номаҳои чопнашуда. - Вирҷиниё, 2016 – 550 с.
5. Ҷалолӣ Б. Ҷовидона зистан дар авҷ мондан. - Теҳрон, 1377. – 820 с.
6. Dominic Parviz Brookshaw & Nasrin Rahimieh. Forugh Farrokhzod Poet Of Modern Iran (Iconic Women and Feminine Pioneer of New Persian Poetry). - London, 2010. – 164 p.
7. Farrokhzad Forugh. Another Forugh Farrokhzad / Ahmad Karimi. - Hakkak 1977. - 180p.
8. [Захираи электронӣ] www.aaSoo.com

ТАРҶУМА ВА ИНТИХОБИ МАТН

(нигоҳе ба муҳтавои тарҷумаҳои Фурӯғи Фаррухзод)

Мақолаи мазкур ба баррасии бахше аз тарҷумаҳои Фурӯғи Фаррухзод, ки аз забони олмонӣ ба форсӣ баргардон шудааст, ихтисос дорад. Фурӯғи Фаррухзод дар радифи шеър ба амри тарҷумаи шоирони мағрибзамин таваҷҷуҳи хосса дошт. Мавсуф ба хотири ин муддатҳои тӯлониро дар кишварҳои ғарбӣ сипарӣ намуда буд. Тавре ки аз осори боқимонда дар ин замина равшан аст, ба ҷаҳони андешаи Фурӯғ махсусан шеъри оғози қарни XX- и Олмон таъсири хосса доштааст. Нуктаи дигар, ки зикраш ба мавриди аст, аз мадди таҳқиқ дур мондани ин гӯшаи фаъолияти Фурӯғ мебошад. Ҳарчанд перомуни шеъри Фурӯғ, ҳунари шоирӣ ва ҷойгоҳи ӯ пажӯҳишҳои зиёде анҷом шудааст. Мурури тарҷумаҳо ва қиёси бархе бо шеъри Фурӯғ нишон медиҳад, ки зеҳнияти шоирони ғарбӣ дар ӯ таъсири амиқ доштааст. Гоҳо таҳти ҳамин таъсир шеърҳои ҷудогонае иншо намудааст.

Дар ин мақола танҳо ду шеър мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Вақте назар ба муҳтавову тарҷумаҳои Фурӯғ аз шоирони Ғарб менамоем, дарк мекунем, ки мавзӯву тасвирҳое, ки дар ин шоирон буд, дар ашъори Фурӯғ низ ба чашм мерасад. Яъне, шоир бештар дар шеъраш ва хусусан дар зиндагии хеш ба мавзӯъҳое амсоли тасвирҳои табиат, дарду ғам, ишқу нокомӣ, шефтагиву ҳузнангезӣ таваҷҷуҳи зиёд дошт. Фурӯғ воқеан аз шоироне буд, ки маҳорати хос дошт. Яъне, пайи ашъори шоирони Ғарб дар шеъраш намоён буданд, вале тамоман бо услуби хосси дигар, ки ин аз маҳорату истеъдоди бузург доштани шоир гувоҳӣ медиҳад.

Калидвожаҳо: Ф. Фаррухзод, адабиёт, ашъор, тарҷума, Ғарб, муҳтаво, фаъолият.

ПЕРЕВОД И ВЫБОР ТЕКСТА

(взгляд на тематику переводов Ф. Фаррухзода)

Данная статья посвящена исследованию переводов Ф. Фаррухзода. Большинство литературоведов современной персидской поэзии Ф. Фаррухзода считают одним из успешных последователей нимайистской поэзии. Ф. Фаррухзода всегда привлекало творчество западных поэтов, особенно немецкая поэзия. В раннем творческом возрасте она перед собой поставила цель ознакомить иранскую литературную аудиторию с образцами поэзии великих поэтов Запада. Для осуществлении этой задачи она длительное время находилась в Европе, изучала немецкий язык, перевела лучшие стихотворения знаменитых поэтов начала XX века. Поэтому основной частью творческого наследия Ф. Фаррухзода являются переводы современной немецкой поэзии. К сожалению, в связи с трагической смертью она не успела издать сборник переводов. Хотя переводы поэта под названием «Когда-то придет моя смерть» вышли в свет в начале XXI века, но остались вне поля зрения исследователей. Анализ поэтического наследия Ф. Фаррухзода показывает, что на ее мировоззрение и видение сильно повлияла переводческая поэзия, особенно поэтический мир немецких поэтов. Это влияние особенно сильно ощущается в тематике и содержании ее стихов. Большинство из них наполнены чуством грусти и печали. Часть из них посвящена сущности бытия.

Ключевые слова: литература, перевод, немецкая поэзия, Ф. Фаррухзода, поэт, видение.

TRANSLATING AND CHOICE OF THE TEXT

(a glance on scope of translating of F. Farrukhzod)

This article is devoted to a research of the translations of F. Farrukhzod. Most of literary critics of modern Persian poetry of F. Farrukhzod consider one of successful followers of nimayistsky poetry. F. Farrukhzoda always attracted works of the western poets, especially German poetry. At early creative age she has set the object to acquaint the Iranian literary audience with samples of poetry of great poets of the West for herself. For implementation of this task she a long time was in Europe, learned German, has translated the best of the poem by the famous poets on the beginning of the XX century. Therefor a part of creative heritage of F. Farrukhzod make the translations of modern German poetry. Unfortunately in connection with tragic death she hasn't managed to publish the collection of translations. Though translations of the poet under the name "Once There Comes My Death" was published at the beginning of the XXI century, but I remained out of a field of vision of researchers. The analysis of poetic heritage of F. Farrukhzod shows that her outlook and vision was strongly affected by translation poetry, especially poetic world of the German poets. This influence is strongly felt concerning subject and the maintenance of verses. Most of them have the sad atmosphere. Part of them is devoted by essence of life.
Key words: literature, translation, German poetry, F. Farrukhzod, poet, vision.

Сведения об авторе: ***Мансурова Рухшона Умарходжаевна*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры иранской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **rukhshona.mansurova@list.ru.** Тел.: **(+992) 93-926-72-77**

Information about author: ***Mansurova Rukhshona Umarkhujaevna*** - Tajik National University, postgraduate of department of Iranian philology of Asia and Europe languages faculty. **Adress:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **rukhshona.mansurova@list.ru.** Tel.: **(+992) 93-926-72-77**

УДК:891.550:82(575)

НОМАНИГОРӢ ДАР АҲДИ ТОҲИРИЁН

(дар мисоли номаи Тоҳир ибни Ҳусайн ба фарзандаш Абдуллоҳ)

Юсупов Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Халқҳои Эронзамин аз даврањои қадим давлатдорӣ ва кишвардориро дар беҳтарин шакл роҳандозӣ карда, мањмӯи донишҳои худро доир ба онҳо дар қолаби мактуб ва рисолаҳо китобат мекарданд. Арабҳо, ки дар қиёс бо халқҳои эронӣ дар гузаштаи худ оид ба идораи давлат ва ҳукмронӣ тањрибаи кофӣ надоштанд, пас аз соҳиби империя гаштанашон рӯй ба осор ва намунаи кишвардории Сосониён карданд. Ҳамин буд, ки асарҳои марбути кишвардорӣ ва тањрибаҳои бою ғании мардуми Эронзаминро ба забони худ тарҷума карда, бевосита онҳоро мавриди истифода қарор доданд. Котибону нависандагони арабизабон низ дар ин самт даст ба китобат заданд ва дар ин ҷода осори бозмондаи тоисломии халқҳои эрониро намунаи кори худ қарор доданд. Таърих гувоҳ аст, ки андеша ва тафаккури сиёсии эроният баъди аз байн рафтани давлати Сосониён ба воситаи ҳамин тарҷумаву таълифот маҳфуз монда, ба муҳити кишвардории арабҳо ворид гашт. Намунаҳое аз ин рисолаву мактубҳо дар оини кишвардорӣ то замони мо расида ва аҳаммияти он рисолаву номаҳоро дар ҳифзи тањрибаи кишвардории эронзамин дар қарни нахусти ислом тасдиқ мекунад. Дар ин миён кофист, ки аз Андарзномаи Ардашери Бобакон (226-241м), дуюмин асаре, ки пас аз Авесто то рӯзгори мо расидааст ва он аз вуҷуди номанависии пеш аз исломии ин мардум шаҳодат медиҳад, ёдовар шуд.

Амирони нахустин давлатҳои Эронзамин, ки баъди истилои арабҳо арзи вуҷуд надоштанд, ба ин навъи наср ба манзури он, ки суннатҳо ва одоби кишвардории гузаштагонашонро инъикос мекард, таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамуданд. Таъйиди ин гуфтор дар номанигории амирони хонаводаи Тоҳириён, ки дар таърих ба адабдӯстӣ ва оинҳои гуногуни форсӣ шуҳрат доранд, баръало ба назар мерасад. Дар ин миён намояндаи ин хонавода Тоҳир ибни Ҳусайн ҷойгоҳи хоссаеро касб менамояд.

Яке аз абармардони таърих, ки ҳам дар адабиёти араб ва ҳам дар таърихи мардуми форсзабон соҳиби шуҳрат ва ҷойгоҳу манзалати хоссеро дорост, Тоҳир ибни Ҳусайн аст. Шахси мазкур дар баробари маҳорати воло дар умури лашкардорӣ ва фармондеҳӣ, шоиру котиб ва суханвари болаёқат низ буд. Аз Тоҳир ибни Ҳусайн чанд пораи шеърӣ, нома ва тавқеот боқӣ мондааст, ки ҳамаи онҳо шомили масоили ахлоқӣ ва сиёсӣ буда, аз аҳаммияти адабӣ бархӯрдоранд. Машҳуртарин номаи ӯ номаест, ки ба хотири волии Раққа (205/820) таъйин гаштани Абдуллоҳ, аз ҷониби падари дилсӯзу мушфиқ ва шахсияти дорои тањрибаи фаровон дар кору фаъолият дар симатҳои мухталифи давлатдорӣ навишта шудааст. Мактуб ҳангоми ба дасти мардум расидан ва аз матни ахлоқии он хабардор шудани онҳо, дар бораш баҳсҳои зиёд сурат гирифт ва ҳатто порчаҳо аз ибораҳои онро ба оби тилло навиштаву онро даст ба даст мегардониданд [1,1,205], зеро ҳеҷ кас аз он андарзҳо худро бениёз намешуморид [3,5,457]. Дар андак муддате овозаи мактуби мазкур дар ҳама гӯшаву канори Хилофат пароканда гашт. Халифаи аббосӣ Маъмун дастур дод, то барояш онро бихонанд. Бо шунидани нома Маъмун гуфт: «Абӯтайиб (Тоҳир ибни Ҳусайн) аз корҳои дину дунё, тадбиру раъй ва сиёсату сомони

мулк, раияту ҳифзи султон, итоати халифагон ва ба по доштани хилофат чизе нагузошта, магар он ки устувор дошта ва дар бораи он суфориш кардааст». Маъмун дастур дод, то мактуби мазбур барои ҳамаи омилони давлати вай фиристода шавад [9,8,591]. Номаро аввалин бор Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ дар асари таърихии машҳури худ «Таърих ар-русул ва-л-мулук» [Ҷ.8, с.582-592] нақл карда, [5, с.345] пас аз ӯ сарчашмаҳои барҷастае мисли «Таърихи Бағдод»-и Аҳмад ибни Абӯтоҳири Тайфур (26), «ал-Комил фи-т-таърих»-и Ибни Асир [Ҷ.5, с. 457-465], «Муқаддима»-и Ибни Халдун (215-220) ва дигарон онро ривоят кардаанд. Ибни Асир ҳангоми муаррифии нома мегӯяд: «Ман некутарин бахши ин номаро, ки фарогири оиндорӣ, барангехтани сиришҳои наку ва хислатҳои зебост, овардаам» [3,5, с.457]. Матни пурраи рисола аз тарафи таърихнигори машҳур Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ оварда шудааст ва Муҳаммад ибни Юсуф ад-Дақоқа, муҳаққиқи «ал-Комил фи-т-таърих» низ дар ҳошия ба манбаи қаблӣ истинод меорад.

Мактуб дорои арзиши илмӣ, адабӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ аст [8,1,273] ва вуҷуди он аз лаёқат ва истеъдоди нависандагии муаллифаш дарак медиҳад.

Тоҳир ибни Ҳусайн дар ин мактуб дар мавриди масоили ахлоқӣ таваҷҷуҳи зиёд аз худ нишон додааст. Аҳли адаб миёни панду андарзҳои дар нома омада ва андарзҳои Ардашери Бобак, он муассиси силсилаи Сосонӣ (224-651м) як навъ пайвандро дидаанд. Нигорандаи «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас» оиди он чунин нақл кардааст: «ва онро баробари аҳди Ардашери Бобак шумуранд» [5, с.345]. Муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки нома дар пайравӣ аз панду ҳикматҳои абармардони Эронзамин, мисли андарзномаҳои Ардашер ва Анӯшервон навишта шудааст [2, с.356; 6, с.140]. Ба ҳар ҳол Тоҳир ибни Ҳусайн тавонист, то дар миёни адибону нависандагони давр дастуре таълиф намояд, ки ҳам дархӯри Абдуллоҳ дар умури сиёсиву иҷтимоӣ шавад ва ҳам аз ҷониби хонандагон хуш пазиро гардад.

Нигоранда дар мактуби хеш сараввал аз муносибати банда бо Худо шурӯъ мекунад ва фарзандашро мухотаб қарор дода, барояш ёдовар мешавад, ки ҳеҷ гоҳ рӯзи растохезро фаромӯш насозад ва аз кӯчактарин дастуроти илоҳӣ дастбардор набошад. Ҳамчунин, софии ният ва поквиҷдониро аз хислатҳои зарурии ҳокиму сардор шуморида, фарзандашро ба роҳу равиши паёмбарону солеҳон ва кумак хостан аз Худо дар иҷрои ҳама корҳо дастур медиҳад.

Раиятпарварӣ ва бохабар будан аз аҳволи тобеинро яке аз муҳимтарин вазифаҳои роҳбар дар баробари мардум дониста, ба ӯ дар бораи мансаб маълумоте матраҳ месозад, ки асло ҷоҳу мақомро абадӣ ва ҷовидонӣ нашуморад. Ба ақидаи муаллиф, мансаб дар баробари худ масъулиятҳоеро аз соҳибаш талаб мекунад, ки аз он ҷумлаанд, осоишу некуаҳволии мардум, равона сохтани тамоми кӯшишу тавоноии худ баҳри таъмини амният ва ҳифзи номусу хуни онҳо [3,5, 458].

Тоҳир баргузидани фақеҳон ва баҳрабардорӣ аз илми фиқҳро василаи шинохти Худованд ва пайдо намудани роҳи рост барои инсонҳо арзёбӣ намуда, инро ҳам барои фарзандаш талқин мекунад, ки бо аз худ кардани донишҳои фиқҳӣ ва баҳрабардорӣ аз илми уламои дин метавон хешро аз кирдорҳои нораво маҳфуз дошт [3,5, 458].

Нависанда дар ин бахш аз пандномаи хеш мухотабашро чунин андарз медиҳад, ки дар тамоми кору амал бояд ҳадди эътидолро риоя кард ва ба ифроту тафрит роҳ надод. Ӯ миёнаравӣ ва миёнагузиниро аз беҳтарин хислатҳои ҳокимиву роҳбарӣ ба қалам медиҳад, ки ба воситаи он метавон дар ҷодаи сиёсату зимомдорӣ комёбу сарфароз гашт [3,5, 459].

Муносибат кардани ҳоким дар баробари зердастон аз мавзӯоти муҳимми нома буда, Тоҳир нахуст фарзандашро аз бадгумонӣ нисбати зердастон ва атрофиёнаш ҳушдор медиҳад. Ҳамчунин, вайро ҳидоят бар ин мекунад, ки аз ошкор кардани чизҳои пӯшида парҳез намояд, бесабаб гумони бад дар ҳаққи тобеонаш накунад, қабл аз ҳама, тасаввури нек дар ҳаққи ёрону ҳамсуҳбатонаш дошта бошад, вале ин матлабро ҳам ёдовар мешавад, ки гуфтаҳои боло на дар он ҳад бошад, ки аз ҳолу аҳволи тобеон бехабар монад [3,5, 459].

Доштани хислатҳои дигаре, ки ба назари муаллиф барои ҳар амиру ҳоким зарур аст, ин аст ки аз доираи адлу инсоф берун нарафта, кӯшиши хешро баҳри дилгарм кардани мутеони худ равона созад ва сазои бадкорону золимонро сари вақт дода, нисбати уқубати эшон таъхирро раво набинад, ки дар пояҳои давлату давлатдорӣ зарбаҳои такондиҳандае ворид менамояд. Ҷавоби бидъатҳову шубҳаҳо бо пайравии суннат, ваъда ба вафо ва устувор будан дар қавли хеш, парҳез аз дурӯғ, ҷилавгирии забон аз бадгӯйӣ, бадбинии дурӯғгӯён, дур сохтани суханчинон аз гирду атрофи хеш, аз қабили тавсияҳоест, ки дар матни нома омадааст. Тоҳир огози табоҳию фасодзагиро дар давлату давлатдорӣ дар корҳои норавои мазкур дониста, таъкид мекунад, ки «дурӯғ сари гуноҳон асту зулму ситам поёни он», дӯст доштани мардуми росткору дурустандеш, паноҳ додани нотавонон, пайванди хешу таборӣ, бо виқор будану тасаллут болои нафси худ ва аз тундиву тезӣ ва такаббур дурӣ ҷустан, аз ҷумлаи тавсияҳоест, ки дар қатори хислатҳои муҳим барои фармонраво дастур дода шудааст [3,5, 459-460].

Бо назардошти он ки муаллифи нома дар бахши аввали он роҳу равиш ва хислатҳои муҳим барои як фармонравои муваффақро баён кардааст, метавон ин бахши рисолаи Тоҳирро “Дурӣ аз хислатҳои зишт” унвон кард, зеро дар ин қисмат ӯ фарзандашро насиҳат мекунад, ки набояд фирефтаи мансабӣ шуда, худро соҳибихтиёр дониставу дар ниҳоди хеш ин боварро дошта бошад, ки ман фармонравояму ҳарчи хоҳам анҷом медиҳам. Ба бовари муаллиф, ҳар ҳокиме, ки авсофи мазкурро дошта бошад бовару яқини ӯ суст гашта, давлаташ рӯ ба заъф меорад. эътиқодаш дар баробари Худованд рӯ ба заъф меорад [3,5, 460].

Муаллиф дар хусуси молу мулк чунин ақида дорад, ки он аз даст равандааст ва ҳоким бояд лаҷоми нафси хешро ба даст гирифта, ғуломи ҳавову ҳавас нагардад ва аз шарру бадиҳои нафс худро ба дур андозад. Ҳар он дороиву захираҳое, ки пасандоз карданӣ бошад, онро аз роҳи дуруст ва парҳезгорӣ анҷом диҳад. Молу амволи ҷамъовардашуда бояд дар роҳи беҳбуд бахшидани ҳоли мардум сарф шавад ва дар ободу хуррам гардонидани шаҳрҳо ва пос доштани хуни эшон равона гардад. Нигоранда ба фарзандаш чунин ишора мекунад, ки огоҳ бош! “Ҳар вақто сарвату дороӣ дар ганҷинаҳо нигаҳдорӣ шавад, аз он суде ба даст наояд, вале агар дар роҳи беҳбуди ҳоли раият ва адои ҳаққи онон сарф шавад, он афзоиш ёфта, боиси фараҳу шодӣ дар миёни мардум мегардад ва ингуна рафтори ту мардумро водор месозад, ки дар баробари фармонравои хеш содиқ бошанд” [3,5, с.460-461].

Ба ақидаи нависанда фармонраво набояд озманд бошад. Муаллиф панд медиҳад, ки ҳокиму сардор бояд роҳбари нафси хеш бошад ва аз тамаъкорию ҳарисӣ дурӣ ҷӯяд, зеро шахсе ин сифотро дошта бошад кам ато кардаву бисёр талаб мекунад ва натиҷа чунин хоҳад шуд, ки ҳеҷ кораш пешрав нахоҳад шуд. Ба назари ӯ, ҳокими муваффақ онест, ки ба мардум накукор ва бохабар аз аҳволи онон аст. Ҳамчунин, бухлу ҳасадро яке аз хислатҳои зишт баршумурда, фарзандашро аз онҳо барҳазар медорад. Дар баробари зикри чанде аз хислатҳои бад, нависанда ба баъзе аз рафтору муносибатҳои хуб низ мепардозад ва мухотабашро ҳушдор медиҳад, ки бояд дар муқобили мардум бахшанда бошад ва ҳамвора бо бахшишҳои худ дили раиятро ба даст орад, зеро бахшандагӣ аз беҳтарин корҳои бандагони Худост [3,5, 461].

Мавзӯи бохабар будан аз ҳоли сипоҳиён низ дар панднома ба таври муфассал зикр ёфтааст. Дар ин бахши андарзнома муаллиф оиди муносибати фармонраво ва лашкариён сухан меронад. Ба ақидаи муаллиф бояд ҳоли сипоҳиёнро ба некӣ даровард ва нисбати онон беаҳамият набуд, зеро бетаваҷҷуҳӣ дар баробари сипоҳиён пояҳои давлатдориро суст карда ва онро ба талаф хоҳад овард [3,5, 462].

Таъмини адолат дар ҷомеа, аз ҷумлаи мавзӯотест, ки Тоҳир таъкидан онро ёдовар мешавад. Муаллифи рисола фарзандашро огоҳ мекунад, ки таъмини адолату додрасӣ дар ҷомеа ба доварӣ вобастагӣ дорад ва ба ҳамин хотир туро мебояд, ки миёни мардум баробариву мусовотро барқарор созӣ, то ҳаёти раият ба салоҳ ояд ва зулме болои онҳо нашавад [3,5, 462].

Таваҷҷуҳи нигорандаи номаро масоили боҷу хироҷ ба худ ҷалб кардааст, зеро он барои давлат ва пойдории он хеле муҳим аст. Дар боби хироҷ назари муаллиф ин аст, ки он бояд бар пояи адлу инсоф ситонида шавад. Ҳоким миқдору адади хироҷро он қадар муайян кунад, ки аз тавони мардум берун набошад ва сарфи онро низ супориш медиҳад, ки барои беҳбуд бахшидани ҳолу рӯзгори мардум мавриди баҳрабардорӣ қарор гирад. Инро ҳам ёдовар мешавад, ки ҳеҷ табақа аз пардохти хироҷ маоф набошад ва ҳама бо ҳам ҳаққи боҷу хироҷи давлатро супоранд [3,5, 462].

Гумоштани волиёни лоиқ дар манотиқ яке аз мавзӯҳоест, ки Тоҳир ибни Ҳусайн ба фарзандаш дастур медиҳад ва таъкид мекунад, ки дар интихоби волиён ва сардорони вилояту навоҳӣ чолокиву зиракиро ба кор гирад ва нафароне ба ҳайси волӣ таъйин гарданд, ки ҳоли раиятро рӯ ба беҳбуд оранд ва ҳамчунин мардум аз давлату роҳбарии он розӣ бошанд. Ба назари муаллифи рисола волӣ бояд дорои таҷрибаи корӣ ва шахсияти комил дар ҷодаи сиёсат бошад, то фармонраво тавонад аз аҳволи ҳақиқии он минтақа огоҳ бошад [3,5, 463].

Нигоранда фарзандашро дар ҷодаи сиёсату давлатдорӣ панд медиҳад ва ба ӯ хотиррасон месозад, ки тамоми кӯшишу ғайраташро баҳри анҷоми корҳои имрӯза равона сохта, чизе барои фардо боқӣ нагузорад. Муаллиф сабаби ин гуфтаҳои хешро шарҳ медиҳад, ки барои рӯзи баъд низ корҳое бошад ва онҳо туро аз ичрои аъмоли бозмондаат ғофил месозанд. Агар билфарз дар кори имрӯзат ҳам таъхир кардӣ, кори ду рӯзат табоҳ гашт ва то он вақт, ки ин корҳоятро ба итмом нарасондаӣ, туро машғул месозанд. Ҳар вақте корҳоятро дар вақташ анҷом додӣ, тану нафси худро дар осудагӣ қарор додаӣ [3,5, 464].

Аз дастуроти ахлоқии дигари нома дасти кумак дароз кардан ба эҳтиёҷмандону нодорон аст. Муаллиф дар ин хусус таъкид мекунад, ки нисбати ятимон, бекасон, бевазанон, нобиноён ва мискинону мазлумон сарпаноҳ бошад ва барои некуаҳволии онон

чораандешӣ намояд. Дар идома чанде аз иқдомоти беҳдоштӣ барои табақаҳои муҳточро номбар мекунад, мисли сохтани беморхонаҳо ва таъйини пизишкони махсус баҳри дармони дарди онҳо. Тоҳир ҳамчунин дастур медиҳад, ки бевосита аз ҳоли шаҳрвандон огоҳ бошад ва сухани ононро бепарда шунавад [3, 5, 464].

Ҳамнишинӣ бо донишмандону аҳли илм муҳтавои бахше аз дастуроти Тоҳир ба фарзандаш аст. Муаллиф шахсияти фармонраворо дар он ҳол комил медонад, ки ӯ нишасту бархости зиёд бо донишмандон дошта, ҳамеша маҷлисҳои илмӣ ва табодули афкор бо эшон доир намояд. Оиди муқаррабону мудаббирон бошад, беҳтарини онҳо ҳамонеро медонад, ки айбу нуқси пайдоро пинҳон накарда, дар рӯйи фармонраво мегӯянд. Дар хусуси манотиқи дарихтиёрдошта дастур медиҳад, ки коргузороне гуморида шаванд, ки тамоми хабару рӯйдоди гӯшаву канори шаҳру навоҳиро ба фармонраво бирасонанд ва дар кори худ содиқ бошанд [3, 5, 465].

Тавре аз мутолиаи нома бармеояд, он ҷанбаи диниву ахлоқӣ ва идориву роҳбариро дар худ ҷой дода, котиб дар хитоб ба фарзандаш тамоми ҷузъиёту тафсилоти хислатҳои рӯҳиву маънавӣ ва тарзу равиши қоидаву тартиботи сиришта кардани кори мамлакатро ёдовар шудааст. Донишмандон бар ин ақидаанд, ки нома дар пайравӣ аз панду ҳикматҳои абармардони Эронзамин мисли андарзномаҳои Ардашер ва Анушервон навишта шудааст [2, с.356]. Нависандаи "Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рудакӣ" чунин андеша дорад: "Ҳамоҳангии андарзу тавқеоти Тоҳир бо тавқеоти Анӯшервон баёнгари таъсироти фарҳанги қабл аз исломӣ бар Тоҳир ибни Ҳусайнро дорад" [7, с.349].

Хулоса, бо такя бар тавқеот ва номаҳо, ки аз тарафи Тоҳир ибни Ҳусайн иншо гаштаанд, ба таври яқин гуфтан мумкин аст, ки ӯ ошноии комил аз осори қабл аз исломӣ ва панду ҳикматҳои мардуми форсу тоҷик доштааст. Номаи ӯ намунаи бисёр боризи идомаи суннатҳои андарзнигории паҳлавӣ дар қарнҳои нахусти ислом дар қолаби адабиёти арабизабон маҳсуб мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳмад Шаҳобӣ, Ҳайдар. Таърих-ул-амир. - Миср: Дор-ун-назир, 1993м. - Ҷ. 1. – 370 с.
2. Зоҳидов, Низомиддин. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX. - Душанбе, 2014. - 443 с.
3. Ибни Асир. ал-Комил фи-т-таърих; тасҳеҳи Муҳаммадюсуф ад-Дақоқа. - Берут: Дор-ул-кутуб ал-илмия, 1987м. - Ҷ. 5. - 515 с.
4. Ибни Касир, Исмоил ибни Умар. ал-Бидоя ва-н-ниҳоя; таҳқиқи Абдуллоҳ ибни Абдулмуҳсини туркӣ. 1998м. - Ҷ.14. - 863 с.
5. Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас: таҳқиқи Маликушшуаро Баҳор; таҳия ва нашри электронӣ: Алиризо Каёнӣ. - Теҳрон, 1391ҳ.қ. -485 с.
6. Нафисӣ, Саид. Хонадони Тоҳирӣ; ба эҳтимоми Абдулкарим Ҷарбазадор. - Теҳрон: Интишороти Асотир, 1386ҳ. - 442 с.
7. Нафисӣ, Саид. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ. - Теҳрон: Интишороти китобхонаи Ибни Сино, 1341ҳ. - 683 с.
8. Рифоӣ, Аҳмад Фарид. Аср-ул-Маъмун. - Қоҳира: дор-ул-кутуб ал-мисрийя, 1927м. - 472 с.
9. Табарӣ, Муҳаммад ибни Ҷарир; таҳқиқи Муҳаммад Абулфазл Иброҳим. - Қоҳира: Дор-ул-маориф, 1119м. - Ҷ. 8. - 688 с.

НОМАНИГОРӢ ДАР АҲДИ ТОҲИРИН

(дар мисоли номаи Тоҳир ибни Ҳусайн ба фарзандаш Абдуллоҳ)

Дар мақола вежагиҳои мазмун ва муҳтавои номанигорӣ дар замони Тоҳириён дар мисоли рисолаи Тоҳир ибни Ҳусайн ба риштаи таҳқиқу баррасӣ кашида шудааст. Мақола ишора ба он дорад, ки миёни номаи мавриди баҳс ва андарзҳои пешазисломии мардуми Эронзамин пайванди ногусастанӣ вуҷуд дорад, зеро Тоҳир ва намояндагони дигари ин хонадон аз осору тамаддуни ниёкони хеш огаҳии комил доштаву аз ҳикматҳои онҳо истифода менамудаанд. Маҳз ҳамин огоҳӣ боис гашта, ки амирони сулолаи Тоҳириён дар шароити мураккаби сиёсии давр, чи дар ҷодаи ҳукмронӣ ва чи дар эҷоди адабӣ муваффақ шудаанд. Дар мақола таъкид шудааст, ки номаи Тоҳир бо фарогирии андарзҳо ва услуби нигориши худ метавонад инъикосгари санъати китобати адибони арабизабони форсу тоҷик дар як марҳилаи муайяни таърихӣ (асрҳои VIII-IX-и мелодӣ) бошад.

Калидвожаҳо: Тоҳир ибни Ҳусайн, ислом, адабиёти араб, кишвардорӣ, номанигорӣ, андарзнигорӣ.

КОРРЕСПОНДЕНЦИЯ ВО ВРЕМЕНА ТАХИРИДОВ

(на примере письма Тахира ибн Хусейна к своему сыну Абдуллаху)

В статье дается анализ значения слов и содержания письменности во времена правления Тахиридов, а именно: на анализе трактата Тахира ибн Хусейна. В данной работе рассматривается вопрос содержания спорного письма Тахира ибн Хусейна и его наставления своему сыну. Именно Тахир и его последователи в дальнейшем пользовались этим письмом, которое отражало быт и реалии народов Персии в период до исламизации этих народов. Благодаря высокой степени осведомленности правителей Тахиридов о реалиях своего времени и понимания сложной политической ситуации этого времени они добивались успехов, как в политике, так и в науке. В работе отмечается, что вышеуказанное письмо является историческим достоянием, которое отражает быт и реалии народов того времени (здесь имеется в виду 8-9 век н.э.).

Ключевые слова: Тахир ибн Хусейн, ислам, арабская литература, корреспонденция, назидание.

CORRESPONDENCE DURING THE TAHIRIDS' REIGN
(on the sample of the letter of Tahir ibn Hussein to his son Abdullah)

The article provides an analysis of the meaning of words and the content of writing during the reign of Tahirids, namely, on the analysis of the treatise of Tahir Ibn Hussein. This paper addresses the issue of the content of Tahir ibn Hussein's controversial letter and his instruction to his son. Tahir and his followers who later used this letter, which reflected the life and realities of inhabitants of Persia before the Islamization of these nations. Due to the high degree of awareness of Tahirid rulers about the realities of their time and their awareness of the complex political situation of this time. They were able to achieve success, both in politics and in science even at that time. The work notes that the above letter is a historical asset that reflects the life and realities of these inhabitant of that time (here we refer to 8-9 centuries A.D.).

Key words: Tahir ibn Hussein, Islam, Arabic literature, correspondence, edification.

Сведения об авторе: ***Юсупов Файзуддин*** **-** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры арабской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **faizidin88-88@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-80-60-40**

Information about the author: ***Yusupov Fayziddin*** - Tajik National University, doctoral student Ph.D of the Department of Arabic Philology of the Faculty of Languages of Asia and Europe. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **faizidin88-88@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-80-60-40**

УДК: 891.550:82

МАХСУСИЯТҲОИ ОСОРИ НАСРИИ МАВЛОНО ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ
(дар мисоли "Мактубот")

Наҷмиддинова У.
Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон

Асари "Мактубот» -и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ тақрибан 145 ҳуҷҷати гуногунро дар ҳаҷми аз як то ду саҳифагӣ дар бар мегирад. Ин ҳуҷҷатҳо асосан номаҳо ва муроҷиатҳои Мавлоно ба ҳокимону ашрофони Қуния, аҳли оила ва дӯстони ӯ буда, хеле кам аз ҳаёти маънавии муаллиф иттилоъ медиҳанд.

Мавзӯъҳои муроҷиати Мавлоно дар номаҳояш гуногунанд ва оид ба ин нукта муҳаққиқони эронӣ Юсуф Ҷамшедпур ва Ғуломҳусайн Амин зикр доштаанд ки: «Ин номаҳо барои ташреҳу тафсири матолиби ирфонӣ ва ғавомизу муаззалоти тасаввуф нест, балки ағлаби онҳо супоришномаҳоест, ки ба хотири муридону ниёзмандони худ ба ашхоси зинуфуз навишта аст, вале камтар номае дида мешавад, ки дар он асаре аз нукоти маърифату латоифи тариқат набошад» [1, с. 17].

Аз диди мо, номаҳои Мавлоноро метавон аз лиҳози мазмуну муҳтаво ба чанд гурӯҳ ҷудо намуд. Аввалан, шоир ва мутафаккир барои дастгирии моддии худ, оила, фарзандону наздикон ва ёрону дӯстонаш, қарз додан ё бахшидани он, озод кардани касе аз боҷу хироҷ ё сабукӣ бахшидан дар андозбандӣ ба сабаби зиёнҳои ин гуна ашхос ба ходимони расмии давлатӣ муроҷиат мекунад. Ба ҳамин мазмун ӯ барои таъйини идрорпулӣ ё ҷомапулӣ барои шогирдони мадраса, таъйин ба вазифаи мударрис, имом ё бахшиши гуноҳи ягон шахсе аз ходимони расмӣ хоҳиш мебарад. Дар номаҳои дигаре Мавлоно дастандаркорони давронашро даъват ба саховат мекунад, изҳори хоҳиш ба мулоқот баён месозад, салом мефиристад ё арзи сипос аз кумаку дастгириҳои собиқ ба худ ва ёронаш мекунад. Дар баъзе мактубот ӯ ба муроҷиатшавандагон ваъз мегӯяд, аз онҳо фатво мехоҳад, мадҳи онон мекунад ва ё оёту ҳадис ва қиссаву ашъори баландеро шарҳ медиҳад. Гурӯҳи дигари номаҳои мутафаккир насиҳат ба фарзандонанд ё оид ба масоили иҷтимоӣ, илмию ирфонӣ афкори бикри муаллифро фаро гирифтаанд.

Ҷолиби зикр аст, ки тавассути омӯзиши амиқи номаҳои Мавлоно метавон маълумоти иловагӣ оид ба ҳаёту фаъолияти мутафаккир, махсусан муносибатҳои ӯ дар оила, бо ёрону дӯстон ва бо ҳокимони давр пайдо кард. Аз ҷумла, маълум мегардад, ки Мавлоно ба ҷуз хонааш берун аз шаҳр боғе доштааст, яке аз писаронаш ба ӯ мушкилоти оилавӣ эҷод мекардааст ва ғайра. Табиист, ки ин маълумот баррасии алоҳидаро тақозо мекунад.

Чун аз муҳтавои номаҳои Мавлонои Румӣ сухан меравад, қобили қайд аст, ки дар онҳо ҳам оҳангҳои сӯфиёна, ҳам фақеҳона ва ахлоқию иҷтимоӣ баръало ҳувайдоянд. Аз ҷумла, ӯ ҳокимону амиронро барои ҳалли масъалаҳои ҷомеа даъват мекунад, аз онҳо барои таъмини амнияти мардум сипос мегӯяд: «*Алҳамду лил лоҳ*, ки аҳли ислом ба авдаси рикоби маймуну мавкуби ҳумоюни шумо шодмон гаштанду ғубори ошӯбу фитна аз бисоти рӯзгор ба ҷорӯби адлу инсоф барафшонда шуд".

Ё ҳуд ҷойи дигаре оид ба вазъи иҷтимоии шаҳри Қуния, ки пойтахти давлати Салҷуқиёни Рум ва макони истиқомати Мавлоно ва оилааш буд, фармудааст: "Бар раъйи амир махфӣ набошад, ки то ин тоифа мусаллатанд бар мусулмонон, хавф қоим аст. Агар соате сокин шавад, чунон бошад, ки афъии дар хона сершуда ва гӯшае хуфта, ҳамон мор аст, сар бардорад. Маълум аст, ки Қуния имрӯз саводи аъзам аст, *ҳамоҳал лоҳу таоло би*

тӯли бақоикум. Дар он муддат, ки рикоби ҳумоюни шумо бад-он суғур рафта буд ба ҷиҳати муҳиммот, чанд фитна он ҷо сар баркарда буд ва ҳар шаб хонаеро фурӯ мегирифтанд ва атфолу занонро мекуштанд ва молҳо мебурданд, бо вуфури ҳофизону соисон ва ҷамми ғафиру ҷамъи касир. Агар рикоби ҳумоюни шумо, ки доим қарини саъди акбар бод, намерасид ва таъхир мекард, чанд вайронию хунрезӣ мешуд".

Ногуфта намонад, ки Мавлоно ҳамчун мутафаккире ҳисобида шудааст, ки дар ҷамъият буданро авлотар аз гӯшанишинӣ медонад. Шахсияти Мавлоно харизматӣ аст, ки тибқи андешаҳои М. Вебер «одатан маънии сеҳрнокиро дорад"[2, с.113] ва ба ҳамин сабаб танҳо номи ӯ ҳазоронро дар атрофаш ҷамъ оварда буд. Ин маънӣ аз як номаи ӯ пайдост, ки ба ҳокиме гуфта: "*бил лоҳ ва таол лоҳ*, ки ғарази доӣ салоҳи мулку миллат аст".

Масъалаҳои маърифати тасаввуфӣ, аз қабили худшиносиву Худошиносӣ низ дар номаҳои Мавлоно инъикос гардидаанд. Чунонки маълум аст, як асоси ҷаҳонбинии мутафаккирро ваҳдати вуҷуд ташкил медиҳад ва аз ин ҷост, ки ӯ худшиносиро як зинаи Худошиносӣ донистааст: "Хунук он хоке, ки чун боло барояд бар маркаб, боди хештан фаромӯш накунад ва бидонад, ки ман ҳамон хоки бедасту поям ва ин баландиву ин бод орият аст... Хунук он хок, ки дар он баландӣ хештаншинос бувад ва гӯяд, Худовандо, ман ҳамон хокам, ки хештанро ғалат накардаам..."

Дар мактубҳои Мавлоно ашъори баландпояе низ иқтибос оварда шудаанд, ки моли худи муаллифанд ё аз шоирони дигар ба орият гирифта шудаанд. Мавзӯъҳои ин ашъор гуногун аст. Аз ҷумла, дар бораи ишқи илоҳӣ ва инсонӣ абёти зерини ӯ ҷолиби таваҷҷуҳанд:

Устоди ту ишқ аст, ту он ҷо бирасӣ,
Ӯ худ ба забони ҳол гӯяд, чун кун.

Ё худ:

Ман худ донам, к-аз ту хатое н-ояд,
Лекин дили ошиқон бадандеш бувад.

Дар мавзӯъҳои ахлоқӣ, аз ҷумла мардонагиву рафоқат бошад, байтҳои поин аз номаҳои Мавлоно хеле пуртаъсиранд:

Аз садаф дур талаб, зи оҳу ноф,
Дил зи мардон талаб, зи нодон лоф.

Ё мисоли дигар:

Ҳарчанд, ки ёрони нават муҳташаманд,
Ёрони қадимро фаромӯш макун.

Дар хусуси саховату саховатмандӣ низ мутафаккир ашхосеро, ки дар номаҳояш ба онҳо муроҷиат мекунад, пайваста таъкид мекунад:

З-он пеш, ки додаро аҷал бистонад,
Ҳар дод, ки доданист, мебояд дод.

Ба ҳамин минвол ӯ ба фарзанди хеш низ ҳушдор медиҳад:

Баччаи бат агарчи диина бувад,
Оби дарёш то ба сина бувад.

На танҳо пораҳои манзум, балки насри мусаҷҷаъ низ, ки Мавлоно аз он дар номаҳояш зиёд истифода мекунад, ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз лиҳози мазмун хеле моҳиронаву воло аст: "...хонақоҳ ва хайрот, ки дар олам бино кардаанд, бар умеди он кардаанд, ки бандаи Ҳақ, на бандаи дақ ва ёри хосса, на ёри коса ва ошиқи диндор, на ошиқи динор ва дарвеши ҷондор, на дарвеши нонхор бошад, ки рӯзе аз иқбол иттифоқан дар ин иморат гузар кунад".

Чунонки маълум аст, Мавлоно дар «Маснавӣ»-и худ дар ибтидо қиссае, воқеаи муқаррарие ё худ латифае оварда, баъди он андешаҳои назариявии худро дар мушкилтарин масоили тасаввуфу ирфон ва амсоли он баён мекунад. Ин услуб, ки дар осори Абдуллоҳи Ансорӣ (1006-1089), Саноӣ (1079/1080-1140/1141) ва дигарон решаҳо дорад, дар «Маориф»-и падари Мавлоно - Баҳоуддини Валад низ ба хубӣ корбаст гардида буд ва минбаъд онро писари Мавлоно – Султон валад (1226-1312) ҳам ба таври худ истифода кардааст. Ин услубро дар номаҳои Мавлоно низ мушоҳида мекунем. Қиссаҳои овардаи муаллиф дар ин осораш ҳам хеле ҷолибанд.

Аз ҷумла, оид ба мукофоти амали неку мутафаккир чунин қиссаро дар яке аз номаҳояш овардааст: "Шахсеро гург фарзандашро рабуда буд, дар он ошӯб дарвеше омад, нон хост. Нони гарм аз танӯр бароварда, дар он соли қаҳт ба дарвеш дод ва он гаҳ ба сӯйи кӯҳ рӯй ниҳод, ки аз фарзандаш аз хӯрдани гург устухоне монда бошад, онро ҷое дафн кунаду гӯре созад ва навҳа гоҳе кунад. Чун пештар омад, дид фарзанди худро, ки аз кӯҳ фуруд меомад ба саломат, наърае заду беҳуш шуд. Фарзанд пойи падарро муғмазӣ мекард, чун ба ҳуш омад, аҳвол мепурсид, гуфт: Гург маро бар сари роҳ овард ва ба ниҳонӣ, ба саломат гуфт – "*луқмату би луқма*" (ҳар луқмаеро ҷавоб ҳамон луқма - Х.З.) ва боз гашт. Ва яқин аст, ки ҳеҷ зарраи хайр дар роҳи дин зоеъ нест, хунук он кас, ки аз ин даргоҳ ноумед нашуд".

Дар номаи дигаре Мавлоно як қиссаи ибратомӯзеро оид ба қадри ҳунармандию ҷавонмардӣ ҳикоят мекунад, ки чунин аст: “...муборизеро аспи ӯ захм хӯрд, подшоҳ маркаби хос, ки сарохӯри тозиёни истабл буд, ба ӯ дод ва ӯро савор кард. Ногаҳон бар он маркаб ҳам захм расид, ногаҳон аз забони подшоҳ биҷаст, ки «Дареғ!». Дарҳол он мубориз аз асп фуруд омад ва чандон, ки ядаки дигар подшоҳ пешкаш кард, қабул накарду гуфт: «Ман ҷони азизро аз нусратхоҳии ту дареғ намедоштам ва нагуфтам, ки дареғ, ту ҷиҳати чаҳорпойе, ки ба ман додӣ, дареғ гуфтӣ. Биравам, хидмати подшоҳе кунам, ки қадри рӯҳи ман бидонад ва ин гавҳар ба гавҳаршиносе барам”.

Номаҳои Мавлоно аз ҷиҳати шаклу мазмун имконият медиҳанд, ки қонунмандиҳои шаклу навъи мукотибот - жанри эпистоляриро дар таърихи асрмиёнагии мардуми тоҷик таҳқиқ намоем. Чунонки маълум аст, номи ин навъи наср – “эпистолярӣ”, аз решаи калимаи юнонии “нома” буда, мутахассисон одатан аз ду навъи мукотибот - шахсӣ ва корию расмӣ сухан мекунанд. Сохтори як номаро бошад, дар шакли хеле одияш ба якчанд қисмат, аз қабили қисми муроҷиат, мазмуни асосии нома, эҳтиромоти хулосавию ниҳоӣ, имзо ва таърихи китобат тақсим мекунанд.

Дар номаҳои Мавлоно, ки ҳам шахсӣ ва ҳам корию расмианд, ин махсусиятҳои дар боло зикршуда ба таври аён ҳувайдоанд. Аз ҷумла ӯ муроҷиат мекунад: “Саломи Ҳақ ва раҳмати абадӣ бар зоти шарифи *малиқул умаро, боситул адл, носирул ҳақ, абил мулук вас салотин, адомал лоҳу улуваҳу* бодӣ!” Ё худ: “Фарзанди азизи муқбили муфаззали муҳсини хубэътиқод Баҳоуддин ва фарзанди азизи амҷади асъади ашраф Алоуддин, *домат саъодатуҳумо*!”.

Оид ба қисмати мазмуни асосии нома дар мисоли номаҳои Мавлоно болотар сухан рафт. Дар қисмати эҳтиромоти хулосавию ниҳоӣ бошад, дар ин номаҳо чунин сохтори навъи мукотибот низ аксаран риоя гардидааст. Масалан: “Борӣ таоло рӯйи заминро аз вуҷуди бовуҷуд ва эҳсони бемурру беҳадди он ягонаи ҷаҳон холӣ магардонад. *Омин, ё рабал оламин”; “*Аз баҳри рӯзе, ки умед медоред, ки Қаҳҳори мутлақ тақсирҳои шуморо афв кунад, дар он рӯзе, ки касеро заҳраи шафоат кардан набошад, аз ин заъиф имрӯз захира созаду ҷиҳати он умеди шафоати ин доӣ қабул кунад, то миннатҳо дошта ояд ва савоб ҷазил ва санои ҷамил ҳосил ояд. Ҷовид муҳсин бод, *омин ё раббал оламин”*.

Вале аксарияти номаҳои Мавлоно дар шакли то мо расида, бе қисмати имзоянд ё кулли онҳо сабти таърихи нигориш надоранд. Аз ҷумлаи имзоҳои Мавлоно чунин мисол метавон овард: *“Катабаҳу волидуҳу Балхӣ қавлуҳу, вас салом”*; “*Алмуфтахару би дуоҳи, Муҳаммад бин Муҳаммад бин Алҳусайн Албалхӣ”*.

Забони номаҳои ин шоиру мутафаккири барҷастаи тоҷик асосан форсии тоҷикӣ аст. Аммо дар дохили матн муаллиф калимоту иборот, ҷумлаҳои комил, пораҳои манзуму мансурро дар забони арабӣ зиёд истифода кардааст. Чанд номаи мутафаккир бошад, пурра бо забони арабӣ мебошад. Ҳамчунин, дар чанд номае миқдоре калимаву ибороти туркӣ низ мавриди истифодаи муаллиф қарор дорад [3, с.7].

Дар забони номаҳои Мавлоно забони форсии тоҷикӣ бо тамоми шукӯҳу шаҳоматаш мунъакис аст. Дар баробари ин, баъзе калимотеро метавон пайдо намуд, ки махсусанд. Аз ҷумла, истифодаи калимаҳои “идрорӣ” ё “ҷомагӣ” ба маънии идрорпулӣ (стипендия): “Ҷамоате аз фарзандони мо, ки дар мадрасаи Қаротоӣ, *раҳамаҳул лоҳу*, идрорӣ доранд, хоифанд, ки мударриси бегона биояд ва ҷонро мутаарриз шавад ва мудоро ва муросо, ки сайидул мударрисин Шамсиддин мекунад бо фарзандони мо, он бегона ба акси он кунад”; “Тавфиқ аз макорими ахлоқ ва лутфи шомили Шумо он аст, ки дар тақрир ва итмом ва таъйини ҷомагӣ ҳарчӣ вофиртар ва бештар саъй фармоянд...” Бояд зикр намуд, ки масъулони чопи тоҷикии “Мактубот” номаҳои манзуми Мавлоноро замима кардаанд, ки он аз 7 нома иборат буда, ба унвони Шамси Табрезианд. Ва хамагӣ аз “Девони кабир”-и Мавлоно иқтибос шудаанд. Нома будани чор адад аз ин ғазалҳо дар “Маноқиб-ул-орифин”-и Аҳмади Афлокӣ зикр гардида [4, с.354], боқимондаро ба ҳайси нома муҳаққиқони эронӣ Бадеъуззамони Фурӯзонфар, Ғуломҳусайни Амин эътироф кардаанд. Хулоса, дар асоси “Мактубот” муҳаққиқону ҳаводорони осори Мавлоно **имкон доранд, ки на танҳо аз ҳаёт ва фаъолияти ин сӯфии оламгир маълумот пайдо намоянд, балки махсусиятҳои иҷтимоию фарҳангии даврони** ӯ **ва ҷанбаҳои мухталифи таълимот ва хусусиятҳои бадеӣ, услубӣ ва забонии ин асарро омӯзанд** [5, с.373].

А Д А Б И Ё Т

1. Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Мактубот. – Душанбе, 2017. - 244 с.
2. Вебер М. Избранное. Образ общества / М. Вебер. - М., 1994. - С. 113.
3. Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Мактубот. - Душанбе, 2017. - 244 с.
4. Афлокӣ Аҳмад. Маноқиб-ул-орифин. - Теҳрон, 1386. - С.354.
5. Афлокӣ Аҳмад. Маноқиб-ул-орифин. – Теҳрон. - С. 373.

МАХСУСИЯТҲОИ ОСОРИ НАСРИИ МАВЛОНО ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ
(дар мисоли “Мактубот”)

Дар мақола доир ба осори насрии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, бахусус яке аз асарҳояш “Мактубот” сухан рафта, вижагиҳои махсуси номаҳои шоир ба ёрону дӯстонаш инъикос гардидааст. Ҳамчунин, оид ба номаҳои ин шоиру мутафаккири барҷастаи тоҷик, ҷиҳатҳои услубию забонии насри ӯ, ки асосан форсии тоҷикӣ аст, андешаҳо баён шудааст. Дар дохили матн калимоту иборот, ҷумлаҳои комил, пораҳои манзуму мансур низ бо забони арабӣ зиёд истифода шудааст. Ҳамчунин, дар чанд номае миқдоре калимаву ибороти туркӣ мавриди истифодаи муаллиф қарор гирифта, масъалаҳои маърифати тасаввуфӣ, аз қабили худшиносиву Худошиносии номаҳои Мавлоно низ инъикос гардида, асоси ҷаҳонбинии мутафаккирро, ки вахдати вуҷудро ташкил медиҳад, нисбатан таҳқиқ шудааст. Муаллифи мақола менигорад, ки Мавлоно ашхосеро, ки дар номаҳояш ба онҳо мурочиат кардааст, ба мавзӯъҳои ахлоқӣ, паҳлуҳои мардонагиву рафоқат, саховату саховатмандӣ бо пораҳои шеърии пуртаъсир насиҳат намуда, ёрону дӯстонашро бо оҳангҳои сӯфиёнаву фақеҳона ва ахлоқию ичтимоӣ ба сӯйи дунёи саодату маърифат ҳидоят менамояд. Тавассути омӯзиши амиқи номаҳои Мавлоно муҳаққиқ маълумотро оид ба ҳаёту фаъолияти мутафаккир, махсусан муносибатҳои ӯ дар оила, бо ёрону дӯстон ва бо ҳокимони давр ба таври намуна пешниҳод месозад.

Калидвожаҳо: осори насрии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, асари “Мактубот”, ҷиҳатҳои услубию забонии наср, худошиносии номаҳои Мавлоно, пораҳои шеърии пуртаъсир.

ОСОБЕННОСТИ ПРОЗАИЧЕСКОГО НАСЛЕДИЯ МАВЛОНО ДЖАЛОЛУДДИНА РУМИ
(на примерепроизведения “Мактубот”)

В данной статье речь идёт о прозаическом наследии Мавлоно Джалолуддина Руми, конкретно об одном из его произведений “Мактубот” (Письма). Автор статьи отражает специальную терминологию писем поэта к его близким и друзьям. Также автор статьи выражает своё мнение об исследователях, которые подвергли анализу стилистическую и языковую стороны прозы Мавлоно Балхи. В контекстах писем Мавлоно Балхи использованы слова и словосочетания, полные предложения, прозаические и лирические отрывки на арабском языке. А также в нескольких своих письмах мыслитель использовал некоторое количество тюркских слов и словосочетаний, отражающих проблемы суфийского просвещения, в том числе самопознания и богопознания Мавлоно Балхи. Эти слова и словосочетания подвергаются автором статьи частичному исследованию, как основа мировоззрения мыслителя, составляющая единичность внутреннего мира человека. Автор статьи считает, что Мавлоно Балхи через стихотворные отрывки в своих письмах даёт наставления по темам нравов, мужества, дружелюбия, щедрости и великодушия тем, к кому он обращается, используя суфийские, правовые, социально-этические мотивы и наставляет своих близких и друзей на путь просвещения. С помощью частичного изучения писем Мавлоно, исследователь предоставляет сведения о жизни и деятельности мыслителя, в особенности, в качестве примера приводит сведения о его отношениях с родными, близкими и правителями эпохи.

Ключевые слова: прозаическое наследие Мавлоно Джалолуддина Руми, произведение “Мактубот” (Письма), стилистические и языковые стороны прозы, богопознание Мавлоно Балхи, стихотворные отрывки.

PECULIARITIES OF THE PROZAIC HERITAGE OF MAVLONO JALOLUDDIN RUMI
(on the example of “Maktubot”)

This article focuses on the prose heritage of Mavlono Jaloliddin Balkhi, namely on one of his works "Maktubot"-Letters), which reflects the specific features of the terminology of the poet's letters to his relatives and friends. The author of the article also expresses her point of view on the research that analyze the stylistic and linguistic features of Mavlono Jaloliddin Balkhi,'s prose. In the contexts of letters Mavlono Balkhi used words and phrases, complete sentences, prosaic and lyrical passages in Arabic. Also, in several of his letters, the thinker used a number of Turkic words and phrases reflecting the problems of Sufi education, including Mavlono Balkhi's self-knowledge and the knowledge of God. These words and phrases are partially studied by the author of the article, as the basis of the thinker's worldview, which constitutes the individuality of the person’s inner world. The author of the article believes that in his letters by verse excerpts Mavlono Balkhi, gives instructions on the topics of manners, courage, friendliness, generosity and magnanimity to those whom he addresses, using Sufi, legal, social and ethical motives and admonishes his loved ones and friends towards the world of enlightenment. By a partial study of Mavlono Balkhi's letters, the researcher provides information about the life and activities of the thinker, in particular, as an example, carries out information about his relationship with relatives, fiends and rulers of his time.

Key words: Mavlono Jaloluddin Rumi's prose legacy, the work “Maktubot” (Letters), stylistic and linguistic aspects of prose, the knowledge of God Mavlono Balkhi, poetic excerpts.

Сведения об авторе: ***Наджмиддинова У.*** - Таджикский институт предпринимательства и сервиса, кандидат филологических наук, доцент кафедры культурологии и языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Борбад 48/5. Тел.: **(+992) 93-873-74-66**

Information about the author: ***Najmiddinova U.*** - Tajik Institute of Business and Service, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Cultural Science and Languages. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave. 48/5. Tel.: **(+992) 93-873-74-66**

УДК: 891.550:82

НАҚШИ НОҚИЛ ДАР АНВОИ НАСР

Қутбиддинов А.Ҳ., Иноятова З.П.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аллакай, собит шудааст, ки муаллиф дар асари публитсистӣ шахсияти ичтимоӣ аст. Ин шахсият чеҳраи бофта нест, ҳамон тавре хонандагон ӯро мешиносанд ва ҳамон тавре

ӯро қабул медоранд, ки ӯ дар ҷомеа мақом дорад. Албатта, ӯ дар асари худ мубаллиғи симои худаш нест, балки ҳадафи иҷтимоиро бо тақозои фазову вақт пайгирӣ менамояд. Ӯро натанҳо чун як паҳнкунандаи идеяҳои дар як фосила қарордошта, балки чун як инсони қатории ҷомеа мешиносанд, ки аз забону дили мардум калом гуфта метавонад. Дарди дили ҷомеаро гуфта тавонистан, ташхису ташреҳу таҳлилро ба кор бурдан, имрӯзаро дидаву ояндаро пешгӯӣ карда тавонистан ва дигар омилҳои бунёдӣ маҳбубияти ин муаллифро дар умум меафзоянд. Ин ҳолатро фаъолмандии иҷтимоии муаллиф дар заминаи ҳунару маҳорати ӯ ба вуҷуд меовард: **«Тавзеҳ, тақвият ва мушаххасоти падидаи фаъолмандии эҷодкор аз меъёрҳои асосии самтнокӣ ва некигароии ҳунар аст»** [7, с.25]**.**

Ноқил дар асари бадеиву публитсистӣ ба гунаҳои мухталиф амал менамояд. Дар асари публитсистӣ фаъол будани ӯ бештар тақозо карда мешавад, аммо дар асарҳои бадеие, ки рӯҳи иҷтимоии баланд доранд, нақл дар доманаи тасвир бештар тақозо карда мешавад. Нақл бояд марзи маҳдуд ва қолаби обшуста надошта бошад. Нақл низ ороиши бадеиро талаб намуда, содабаёниву равшан будани мақсад дар он шарти муҳим аст. Ба андешаи Х. Отахонова **«…Айнӣ низ талаб мекунад, ки қаҳрамони асари бадеӣ бояд бештар амал кунад. Нависанда чӣ воқеаҳо ва чи хислатҳои хуб ё бади қаҳрамононро нақл накунад, балки онро чунон тасвир кунад, ки худи хонанда ба рафтори қаҳрамон баҳо дода тавонад»** [4, с.9]**.**

Образи ноқил дар қиссаороиҳо аз забони шахси аввал сурат мегирад. Ноқил дар қиссаҳо аз баёни воқеият дар фосилаи дур қарор надорад. Ҳамчун шахси аввал дар банду басти сужаи асар мусоидат карда, набзи замонро бозгӯ карда метавонад. Ба таври мисол дар асари «Чингизхон»-и В.Г.Ян аз забони дарвеш ҷузъиёти таърихӣ, воқеаҳои реалӣ, ноадолатиҳои иҷтимоӣ, қатлу куштор ва симои шахсиятҳои таърихӣ возеҳан баён карда мешавад. Мавқеи муаллиф гоҳ-гоҳ дар ремаркаҳои алоҳида ба назар расад ҳам, аммо дар маҷмӯъ, ин мавқеъ пассив аст. Дарвеш дар асар ҳар замон фаъол буда, чун як мушоҳидакор ба тартиби хронологӣ воқеаҳои замонро ба риштаи нақл мекашад. Ҳукм ва баҳогузориҳо аз забони ӯ баён мегардад. Дар ин маврид бояд аз як навъ қаробати муаллиф бо ноқили қиссагӯ таъкид намуд. Одатан муаллифони асарҳо олами ботинии худро дар симои яке аз образҳои асар таҳмил медиҳанд. Ин ҷиҳат боис мегардад, ки ноқили қиссагӯи асар ба як восита ва баҳогузории иловагӣ ба ҷараёни воқеоту ҳаводис табдил ёбад ва ин ҳолат дар бештари маврид ба ақоиду мавқеи иҷтимоии муаллиф мувофиқ мебошад.

Нақши фаъоли ноқил дар асар омили бунёдӣ ва қавигардонии сужаи асар ба шумор меравад. Ҳунари ноқилӣ муҷиби бандубасти мусбати мантиқиву сохтории асар ба шумор рафта, маҳбубияту нуфузи муаллифро баланд мебардорад. Ин ҷиҳатро ба назар гирифта, С. Табаров **«нақлу ҳикояти ҳодисаҳо ва баёни батафсили задухӯрдҳо»** [9, с.39] -ро дар асарҳои бадеӣ, омили устувори беҳтар сохтани хатти сужаи асар медонад. Ин раванд бештар дар адабиёти бадеӣ ба мушоҳида гирифта мешавад ва адиб чун ноқили қиссапардоз дар офариниши саҳнаҳо ва офаридани образу симоҳои муайян талош мекунад.

Дар ҳолатҳои алоҳида муаллиф - ноқил барои хонанда чун як довари рӯз эътироф мешавад ва ҳукму баҳои ӯ хонандаро ба таври осон муътақид месозад. Таблиғи ӯ аз минбарҳои баланде сурат мегирад, ки онро ҷомеа эътироф кардааст. Муаллиф дар асари публитсистӣ ислоҳотгар аст ва бо нигоҳи нав оммаро мутаваҷҷеҳ менамояд. Муаллифи асари публитсистӣ дар заминаи таҳқиқи имрӯза фардоро пешгӯӣ карда метавонад: **«Суханвари ҳозиқ аз мушоҳидаи рӯйдодҳо натиҷа гирифтаю инкишофи баъдии онро пешгӯӣ намуда, ба равандҳои таърихӣ бо ҳисси масъулияти махсус наздик мешавад»** [7, с 25]. Вобаста ба ин як омили муҳимми шинохти муаллифи асари публитсистӣ ин ҳузури ӯ дар ҷойи воқеа мебошад. Бояд нигоштаи ӯ ин мушоракатро бо тарзи хос нишон дода тавонад. Таҳрифи воқеа ҳеҷ гоҳ ба манфиати муаллиф нест ва ӯ ҳақ надорад, ки сафедро сиёҳу сиёҳро сафед гӯяд. Муаллифе, ки бо ин ширкат аз пешниҳоди баъзе «фактҳои халалдоркунанда» чашм мепӯшад, ба андешаи А. Аграновский ин «нодории эҷодии ӯст». Дар ин ҷо масъалаи ҷасорату ҷуръат ба миён меояд, ки фарогири паҳлуҳои зиёди дигар аст ва сензураву маҳдудияти афкор аз ҷумлаи онҳост. Барои эҷодкори моҳир даҳҳо роҳу воситаҳое вуҷуд доранд, ки бо назардошти омилҳои мухталиф андешаву мавқеи худро дар заминаи рухдоду факти маълум баён менамояд. Яке аз хусусиятҳои меҳварии асари публитсистӣ он аст, ки **«шахсияти нависанда ва нуқтаи назари вай алоқамандона бо ҳам ҳувайдо бояд шаванд»** [5, с.145]. Ин махсусиятҳоро мо дар очеркҳои сафарии адибону публитсистоне дида метавонем, ки дар онҳо образи асосӣ худи муаллифон ба шумор рафта, тасвири ҷолиби манзараҳои кишвари бегона мавриди ҳадафи дигари онҳо қарор мегиранд. Ин ҷиҳат танҳо дар осори публитсистии мушаххас ба монанди очерку эссе ба назар намерасад, ҳар як асари бадеӣ каму беш ба шарҳи ҳол ва саргузашти нависанда вобастагӣ дорад. Тавре маълум аст, муаллифон дар аксар сафарномаҳо бештар ба тафсили сафар такя намуда, тавассути образи умумӣ ба хонанда маълумот пеш оварданӣ мешаванд, аммо ин махсусият дар сафарномаҳои хонданбоб кам ба назар мерасад. Ба пеш

овардани факту далелҳои зиёд камтар такя намуда, адибони соҳибтаҷриба бештар усули таҳлил ва таҳқиқро интихоб менамоянд, ки ба сифати назарияи то дараҷае илмӣ ба хонанда пешкаш мешавад. Яъне, **«коркарди печидаи таассуротҳои ҳаётӣ ва мушоҳидаҳо…»** [7, с.238] самти муайянкунандаи афкори онҳо мешаванд.

Муаллиф бо ҳунари баланди ноқил буданаш мушоҳидаҳои завқбахши худро бо обуранги бадеӣ тасвир намуда, хонандаро ба сарзаминҳо ва гузаштаҳои рузгори худ ҳамсафар месозад. Дарвоқеъ, маҳорати тасвири бадеӣ дар асар ҳамон вақт муассир ва ҷаззоб аст, ки агар муаллиф хонандаро комилан мутаваҷҷеҳи худ созад ва дар тасаввури ӯ чизи нодидаро ғунҷонида тавонад. Яъне тасвир дар ҳошияи нақл як ҷузъи пурраи канорӣ нест. Бояд ба назар гирифт, ки дар ёддошту навиштаҳои эссемонанд мавқеи муаллиф фаъолтару равшантар ва дар ин замина ҳаракати муаллиф чун як қаҳрамони дигари сухангӯ бештару чашмрас мешавад. Махсусан, дар ёддошт муаллиф ноқилест, ки бештар мебинад, баҳо мегузорад ва факту аснодро ба таври силсила баён месозад. Аз таърихи адабиёти мустанад бармеояд, ки ёддоштнависӣ таърихи тӯлониро соҳиб аст ва бо пайдо шудани имконоти чопу тавсиа ёфтани сухани матбӯъ сифату ташаккули комилро соҳиб гардида, ба як жанри мустақил низ табдил ёфтааст. Хотираву ёддошт ин мавқеу мақом ва сухану баёни мушаххаси адиб мебошад, ки пойбанд ба воқеияти комил буда, сифати нақлӣ дар он дараҷаи баландтар дорад. Хотираву ёддошт дар асоси санаду факту рақаму рухдоди реалӣ шакл пайдо карда, бештар аз забони муаллиф нақл карда мешавад. Чунин ба назар мерасад, ки дар он сужаи ягонаи асар амал надорад. Баръакс, хусусияти санаднокӣ дар он боло рафта, дар ёддошт образу воқеаҳо типӣ кунонида намешаванд ва муаллиф дар доираи ремаркаҳои зиёд дар пайи кашфи ҳақиқат маълум мешавад. Дар робита ба аҷзои ҳунарӣ тахайюлу бофта дар он кам корбаст мегардад ва як ҳадафи асосӣ ин таҳқиқи масъалаи пешгузошта низ мебошад. Дар ин самт ёддошту хотираву эссеҳо ҳукми сабтномаи таърихиро соҳиб мегарданд. Тасвирҳо, саҳнасозиҳо, корбасти муколамаҳо ва дигар унсурҳои ҷолибсозӣ истисно намешаванд ва муаллиф дар асоси дидаву мушоҳидаҳо ва воқеаҳои бевосита азсаргузаронидаи худ чизе гуфтану навиштан мехоҳад, ки моҳияти амиқи иҷтимоӣ доранд. Хитобаву муроҷиату шиорпартоӣ дар ёддошту хотираҳо камтаранд ва ҷанбаи эҳсосӣ тавре шакл мегирад, ки ба назари хонанда чандон аён нест. Сифати нақлии асар ба фаъолмандии иҷтимоии муаллиф таъсири амиқ мегузорад. Ин фаъолмандии эҷодкор эътимоду боварии муаллифро бештар меафзояд. Як рукни шинохти ноқил дар асар он аст, ки **«хонанда ҳудро ҳамроҳи муаллиф мепиндорад»** [7, с.125] ва гӯё бо ин хонанда таколуме сурат гирифта истодааст. Бо тасвири воқеаҳои алоҳида муаллифи ин гуна асарҳо таззодҳои мушоҳидашавандаи ҳаётро баррасӣ кардан мехоҳад. Мункир наметавон буд, ки пафоси адабӣ барои баёни эҳсоси муаллиф мусоидат карда, нақл сифати таблиғиву ташвиқиро пайдо менамояд. Ноқил дар асар камфаъол нест ва тасвирҳои пуробуранг ва суханпардозиву мунаққаш гардонидани фикр барои бунёди асар ҷузъиёти калидӣ ба шумор меравад. Дар ин ҷо шарте амал менамояд, ки он содагӯии муаллиф мебошад. Дар фаъолияти ноқил мақоми иҷтимоию шахрвандии ӯ бештар зоҳир гардида, рухдоду мақсади муайяне қиссапардозӣ карда мешавад. Нависанда дар шарҳи мақсаду ҳадафи худ аз усулҳои мухталифи муътақидгардонӣ кор гирифта, рукни асосӣ – воқеият дар он пойдор нигоҳ дошта мешавад. Мушоҳидаву таҳқиқҳои олимон бозгӯи он аст, ки нависандаи ёддошт ба шунидаҳову аз забони касе нақл кардани воқеаву ҳаводиси замон кам такя карда, ба сифати мушоҳидагари фаъол қисса кардани ҳаводис мақсади асосӣ мегардад. Ба сифати ноқил ӯ саргузашти худу дигаронро, ки ҳамзамононанд, навиштан мехоҳад ва баҳогузориву ҳукмҳо қатъӣ мешаванд. Табиист, ки боз ҳам масъалаи «ман»-и муаллифӣ ба миён меояд ва хосияти равонии асар водор менамояд, ки сухани ноқил фаъолтар бошад. Масалан, таъйинот ва хусусияти жанри эссеро дар ҳамбастагӣ ба «ман-и муаллиф» ба назар гирифта, муҳаққиқ М.Муродов чунин мегӯяд: **«Эссе жанри психологӣ аст. Дар он ҳамеша ду типи қаҳрамон «ман медонам» ва «ман шубҳа дорам»» -ро метавон мушоҳида кард»** [3, с.206]. Дар чунин ҳолат масъулияти муаллиф барои ҳар як ҷузъи ахбор дар доираи факту тавзеҳот бештар мешавад. Хосияти равонии асар боис мешавад, ки муаллифи он амиқияти воқеиятро ба назар гирад. Ин ҷиҳат асос мешавад, ки предмети инъикоси публитсистӣ ба ҳайси далели воқеии ҷаҳонбинӣ дар воқеияти актуалии иҷтимоӣ шинохта шавад. Ҳамин аст, ки муаллифи ин гуна асарҳо ҷустуҷӯ мекунад, саҳифаҳоро варақ мезанад, таҳқиқ менамояд, бо одамони гуногун мулоқоту суҳбатҳо менамояд, ба бойгониву маъхазҳо мурочиат мекунад. Дар ҳамагуна асари адабиёт мавқеи маълуми муаллиф дида мешавад ва хоҳу нохоҳ муаллиф чун як мушоҳидагари фаъоли ҳаёт ба назар мерасад. Танҳо дар асари публитсистӣ ин намои муаллиф қатъитару возеҳтар аст. Ноқил дар асар шахсияти фаъоли иҷтимоист ва донишҳои мутафовутро соҳиб аст. Тавре ишора гашт, ин рисолат дар жанри эссе амиқтар сурат мегирад ва хонанда муаллифи эссеро бояд чун як шахсияти оқилу бомаърифат шиносад. Донишу заковат ва таҷрибаву ҷаҳонбиниҳои муаллифи эссе як омили бидуни баҳс дар мавриди дахолат ба ҷараёни воқеа ба шумор рафта, раванди таъсир ба афкори аудиторияро суръат мебахшад: **«Соҳиби эссе**

бояд шахсияти донишманду оқил, соҳибмаърифату таҷрибаандӯхта бошад. Инро ҳам назарияву амалияи жанр ва ҳам талаби хонанда тақозо дорад… Бо ин усул шахси муаллиф фаъол шуда, дахолаташ ба ҷараёни воқеа, суҳбат, муколама ҳисшаванда мегардад» [8, с. 148]**.**

Таҳқиқу қиёсҳо бозгӯи онанд, ки, дар ҳақиқат, мо ноқили асарро бештар тавассути ширкати фаъол дар доираи «ман»-и ӯ мешиносем. Ин худ як унсур ва рукни асосии асари публитсистӣ мебошад, ки санаднокии навиштаро таъмин менамояд. Муаллиф дар як доираи мушаххаси фарогир дар як воқеа чун иштирокчии маълум ба назар мерасад ва ин ҷиҳат эътимоди хонандаро баланд мегардонад. Хонанда бесаброна интизори мавқеи муаллиф аст ва бовармандии худро бештар дар ҳамин мебинад: **«Мо дар аксар очеркҳо ба калимаҳои «ман» ва «мо» дучор меоем. Оё ин дуруст аст? Бале ин унсури зиёдатӣ не, баръакс унсури пуркунандаи очерк аст, зеро иштироки муаллифро дар воқеаҳо нишон дода, таъсирнокии фактро, ҳаққонияти онро таъкид карда меистад»** [10, с. 105]**.**

Ақидаи дигаре низ вуҷуд дорад, ки нақши ноқил дар асар ба чигунагии мавзӯъ низ иртибот пайдо менамояд. Мавзӯоти иҷтимоӣ, ки як навъ зарурат ба тавзеҳу шарҳи оқил ниёз доранд, бешубҳа нақши ноқилро дар асар меафзоянд. Ноқил дар ин ҳолат чун расонандаи ҳолати воқеии рухдод шинохта мешавад. Дар чунин ҳолатҳо ӯ ба офарандаи як асару навиштаи илмӣ низ табдил меёбад, ки таърихи рӯзро менависад. Ноқил танҳо дар такя ба мавзӯи асар шинохта намешавад. Баъзан дар дохили як навишта ҷузъҳо ва шохаҳои дигар амал менамоянд, ки онро низ метавон дахолати дигари муаллиф дар возеҳтар гардидани мақсад номид. Дар ҳамагуна ҳолату авзо завқи эстетикии муаллифи асар дуюмдараҷа намебошад. Дар ин ҷода хосияти эмотсионаливу психологӣ масъалаи дуюмдараҷа намебошад ва нақл бо хосиятҳои маълуми равонӣ равзанаи афкори хонандаро ҷӯё мегардад. **«Ҳикояҳои ҳамосавӣ, ки аз номи шахси дуюм (худи нависанда) нақл мешаванд, хеле ботааннӣ, ланградор, ботаамул мебошанд»** [6, с. 187]**.**

Нақши ноқил дар асар бештар дар партави ду ҳадафи асосӣ – нишон додани авзои рӯз ва офаридани симо ба назар мерасад. Нақл ва қиссаороиҳо ҳеҷ гоҳ матни маълумотномашакл нест ва нақли муаллиф ҳеҷ гоҳ аз ғановати маонӣ дур буда наметавонад. Ҳадафи адиби воқеъгаро он аст, ки ӯ абадияти номҳо ва рухдодҳои муҳимро дар саҳифаҳои таърих сабт намудан мехоҳад. Махсусан, дар ин роҳ офариниши образҳо ҳамчун як қонунмандии умумии эҷод бештар ба назар мерасад. Нақл ва шеваи қиссаороиҳои адиб муҷиби он мешавад, ки образҳои асар дар қолабҳои гуногун такмил ёбанд. Дар ин ҳолат қаҳрамон дар доираи маҳдуд қарор намегирад ва нақши муаллиф дар намои симоҳо амали ягона нест. Ҳарчанд аз забони қаҳрамон сухан гуфтан низ як унсури шинохти образ ба шумор равад ҳам, вале нигоҳи муаллиф ва нигоҳи дигарон дар таҷзияи мушаххас симои қаҳрамонро сохта метавонанд: **«Нависанда чеҳраи қаҳрамононро ва дигар иштирокдорони асари худро бо ду роҳ меофарад: аз нигоҳи худ ба қаҳрамон ва аз назари дигарон ба он»** [6, с. 191]**.**

Муаллифи асари бадеӣ ҳамчун як ноқили фаъолу ҳамабин ҳадафи таъсир ба шуури муосиринро дорад. Дар ин ҷода сужаи асари ӯ фарогири воқеоту ҳаводиси наву куҳна мешавад. Муаллиф дар баъзе ҳолатҳо ба нақли бевositаи худ қонеъ намешавад ва аз забони қаҳрамонони асар мавқеи иҷтимоии худро равшан кардан мехоҳад. Албатта, ҷиҳати барҷастасозии характерҳо ва образҳои алоҳида чун як ачзои муҳим боқӣ мемонад, вале хосияти мантиқиву равонии асар мавқеи муаллифро дар пояи дигар нишон медиҳад. Муҳаққиқ А.Сайфуллоев дар таҳқиқи муколамаи падару писар дар яке аз ҳикояҳои А.Самадов афкори ботинии падарро муайян карданӣ шуда мегӯяд: **«Ба ин савол нависанда ҷавоб намедиҳад, ин ба вазифаи ӯ дохил намешавад. Ба ин савол мову шумо – муҳаққиқ ва хонанда бояд ҷавоб бигӯем»** [6, с. 123]. Ишораи муҳаққиқ ба он аст, ки муаллифи асар қодир аст, ки аз унсурҳои нисбатан мураккаби эҷод истифода кунад, ки дар пояи маҳорати эҷодӣ сурат мегирад. Ин омил як андоза нақши ноқилии муаллифро коста намояду канор гузорад ҳам, аммо мақсаду ҳадаф ҳамон аст, ки дар шеваи ноқилии муаллиф дида мешавад.

Вазифаи ноқил танҳо дар асарҳои сирф публитсистӣ зоҳир намешавад. Дар асарҳои воқеъгароёна дар таърихи имрӯзу гузашта маълум мебошад, ки нависанда ба таври ҳамеша аз рӯзгору аҳволи ҷомеаи ӯро фарогир сарфи назар намекунад. Ин ҷиҳат дар асари хоссаи бадеӣ нисбатан номаълум сурат мегирад. Дар баробари ин, дар жанрҳои алоҳидаи адабиёт нақши ноқил ҳеҷ гоҳ камшумул намебошад. Ин ҳолатро дар қиссаву ҳикояҳои публитсистӣ бештар мушоҳида кардан мумкин аст. Рӯҳи бадеӣ дар ин гуна асарҳо ғолиб бошад ҳам, муаллифон аз воситаҳои гуногуни баррасӣ намудани симои худ истифода мекунанд. А.Сайфуллоев «Парончакҳо»-и А.Самадовро ба риштаи таҳқиқ кашида, дар бораи худшиносиву такомул, ҷаҳду талош ва нангу ғурури муаллифи асар чунин мегӯяд: **«Қисса аз номи таҳиягар, яке аз қаҳрамонони мушоҳидакору ҳушёр Наим нақл карда мешавад. Вай рустоизода аст, ки дар мактаб ва муҳити деҳа ба воя расида, ба худшиносӣ оғоз менамояд. Падару модари ӯ деҳқонанд ва тафаккуру шуури деҳқонӣ**

доранд. Аз падар ғурур, аз модар меҳрубонӣ, аз ҳар ду нангу номус омӯхтааст» [6, с. 227]. «Парончакҳо»-и А.Самадов аз рӯйи қолиби жанрӣ повест ба ҳисоб меравад. Дар он силсилаи образҳои мусбату манфӣ амал менамоянд. Муаллиф образи дӯстдоштаи худро дорад ва сифатҳои бештари накӯиро дар симои Насим таҷассум карда тавонистааст. Ҳам тариқи услуби нақли муаллифӣ ва ҳам тариқи саҳнаҳои рӯзгор персонажҳои асарро сифатбахшӣ карда, ҷаҳони ботинии қаҳрамонон пайгирӣ карда мешавад. Бухлу ҳасад, ҳирсу ҷаҳолат ва ҳавову ҳавас дар тимсоли образҳои манфӣ хеле хуб ҷило ёфта, хонандаро ба олами андешаҳо даъват менамоянд. Ҳассосияти баёну тасвирҳои муаллиф он аст, ки дар маркази таваҷҷуҳи хонанда ду образи андаке монанд қарор мегирад. Насим ва Наим аз нигоҳи хулқу атвор монанд мебошанд. Аммо Насим дар ҳама бархӯрдҳо фаъол аст ва таваҷҷуҳ ба ӯ бештар зоҳир мешавад. Наим он қаҳрамони мусбати нисбатан канорие мебошад, ки ҳамчун ноқил – муаллиф ҳаводису рухдодро шоҳид мебошад. Ҳама ҷузъиёт аз забони ӯ нақл карда мешавад. Дар саҳнаҳои зиёди асар образи Наимро таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки Наим чун як образи пассив дар асар ба сифати ноқил иштирок дорад: **«Наим фаъол ҳам нест. Вай бештар мушоҳидакор ва ноқили хуб аст. Ноқили холис ва хушзавқ мебошад. Фикру ақида ва ҳиссиёту изтиробашро ошкоро иброз медорад, ё аз дил мегузаронад»** [6, с. 233]**.**

Баҳогузорӣ ба хулқу атвори шахс дар асарҳои бадеиву воқеъгароёна дар навбати аввал масъулият аст. Ин масъулият дар пояи ҷуръат сурат мегирад ва муаллифи асар бо маърифату ҷаҳонбиниҳои қавӣ қаҳрамони худро сифат мебахшад. Дар ин самт масъалаи типикунонии образҳо истисно мебошад. Дар сурати типикунонии воқеаву ҳаводис ва қаҳрамон мавқеи ноқил дуюмдараҷаву ночиз мешавад. Нақши ноқилро дар асар ба назар гирифта, муҳаққиқон ин қаҳрамонро фарде мешиносанд, ки **«…ба ҳар шахс назари таҳлилӣ дорад»** [6, с. 234] ва дар ин роҳ вобастагии ӯ ба авзои иҷтимоӣ зоҳир мешавад.

Хосияти маълуму равшан он аст, ки ҷаҳони ботинии баъзе қаҳрамонони марказии асарҳо ин, пеш аз ҳама, ҷаҳони ботинии худи муаллиф аст. Муаллиф – ноқил дар симои онҳо хостаҳову марому орзуву омоли худро баён мекунад. Набардгоҳҳову майдонҳоро таҳқиқ намуда, ҳаводису масъалаҳои мураккабро аз дидгоҳи фардӣ ташхис менамояд. Ҳамчун як рисолат мушоҳидаҳои ҳаётӣ ва фикри муаллиф ба воситаи ҳиссиёту ҳаяҷон, андешаву мулоҳизаҳои персонаж ифода меёбад ва инро ҳамчун як қаноатмандии муаллиф низ метавон арзёбӣ кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Кӯчарова Н. Публитсистикаи Абдулҳамид Самад: Монографияи илмӣ / Н.Кӯчарова. - Душанбе, 2016. – 192 с.
2. Миршакар М. Куллиёт (Иборат аз 3 ҷилд) ҷилди сеюм, китоби 1-ум. - Душанбе: Ифрон, 1973. - 375 с.
3. Муродов М. Аз се шохаи як илм / М.Муродов. - Душанбе, 2014. - 229 с.
4. Отахонова Х. Падидаҳои навҷӯӣ / Х. Отахонова. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 175 с.
5. Прохоров Е.П. Публицист и действительность / Е.П.Прохоров. – Москва,1973. – С.145.
6. Сайфуллоев А. Ҷону ҷаҳони наср / А.Сайфуллоев. - Душанбе: Ирфон, 2007. – 542 с.
7. Саъдуллоев А. Хосияти адабиёт: Моногафияи илмӣ / А.Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 2000. – 256 с.
8. Саъдулло А. Хурди калонкор // Садои шарқ. – 2003. - № 10-12. – С.148.
9. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. Китоби 2 / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 224 с.
10. Усмонов И.К. Жанрҳои публитсистика: Дастури таълимӣ / И.К.Усмонов. - Душанбе, 2009. - 138 с.

НАҚШИ НОҚИЛ ДАР АНВОИ НАСР

Мавқеи ноқил дар наср фаъол аст ва ноқил дар асари бадеиву публитсистӣ ба гунаҳои мухталиф амал менамояд. Дар насри публитсистӣ фаъол будани ӯ бештар тақозо карда мешавад, аммо дар асарҳои бадеие, ки рӯҳи иҷтимоии баланд доранд, нақл дар доманаи тасвир ҷойи худро меёбад. Нақл низ ороиши бадеиро талаб намуда, содабаёниву равшан будани мақсад дар он шарти муҳим аст. Ноқил дар қиссаҳо аз баёни воқеият мусоидат карда, бо фаъол будани худ набзи замонро бозгӯ карда метавонад. Дар ҳолатҳои алоҳида муаллиф - ноқил барои хонанда чун як довари рӯз эътироф мешавад. Махсусан, муаллифи асари публитсистӣ дорои ақидаҳои ислоҳотгароёна аст ва бо нигоҳи нав оммаро мутаваҷҷеҳ менамояд. Ноқил мушоҳидаҳои завқбахши худро бо обуранги бадеӣ тасвир намуда, хонандаро ҳамсафари худ месозад. Бояд ба назар гирифт, ки дар ёддошту навиштаҳои эссемонанд мавқеи муаллиф фаъолтару равшантар ва дар ин замина ҳаракати муаллиф чун як қаҳрамони дигари сухангӯ бештару чашмрастар мешавад. Махсусан, дар ёддошт муаллиф ноқилест, ки бештар мебинад, баҳо мегузорад ва факту аснодро ба таври силсила пеш меорад. Таҳқиқу қиёсҳо бозгӯи онанд, ки дар ҳақиқат мо ноқили асарро бештар тавассути «ман»-и ӯ мешиносем. Ин худ як унсур ва рукни асосии асари публитсистӣ мебошад, ки санаднокии навиштаро таъмин менамояд. Нақши ноқил дар асар бештар дар партави ду ҳадафи асосӣ – нишон додани авзои рӯз ва офаридани симо ба назар мерасад. Нақл ва қиссаороиҳо ҳеҷ гоҳ матни маълумотномашакл нест ва нақли муаллиф ҳеҷ гоҳ аз ғановати маонӣ дур буда наметавонад. Ҳадафи адиби воқеъгаро он аст, ки ӯ абадияти номҳо ва рухдодҳои муҳимро дар саҳифаҳои таърих сабт намудан мехоҳад. Муаллифи асари бадеӣ ҳамчун як ноқили фаъолу ҳамабин ҳадафи таъсир ба шуури муосиринро дорад. Дар ин ҷода сужаи асари ӯ фарогири воқеоту ҳаводиси наву куҳна мешавад. Вазифаи ноқил танҳо дар асарҳои сирф публитсистӣ зоҳир намешавад. Хосияти маълуму равшан он аст, ки ҷаҳони ботинии баъзе қаҳрамонони марказии асарҳо ин, пеш аз ҳама, ҷаҳони ботинии худи муаллиф аст. Муаллиф – ноқил дар симои онҳо хостаҳову марому орзуву омоли худро баён мекунад. Набардгоҳҳову майдонҳоро таҳқиқ намуда, ҳаводису масъалаҳои мураккабро аз дидгоҳи фардӣ ташхис менамояд.

Калидвожаҳо: наср, ботин, тасвир, ноқил, воқеият, бадеият, муаллиф, иҷтимоиёт, қаҳрамон, шинохт.

РОЛЬ РАССКАЗЧИКА В РАЗНЫХ ВИДАХ ПРОЗАИЧЕСКИХ ПРОИЗВЕДЕНИЙ

Роль рассказчика в прозе велика и рассказчик в художественно-публицистических произведениях действует по-разному. В публицистической прозе он должен быть более активным, но в художественных произведениях, которые выполняют высокую общественную роль, рассказ имеет особое место. Рассказ также требует творческого отображения и должен быть написан простым языком. Рассказчик в своем повествовании помогает раскрыть действительность и открыто говорит о проблемах эпохи. В отдельных случаях автор-рассказчик для читателя является судьей времени. Особенно автор публицистической прозы обладает революционной идеей и новым взглядом, когда обращается к народу. Рассказчик свои удивительные наблюдения выражает творчески и тем самым делает читателя своим путником. Необходимо иметь в виду, что в своих кратких воспоминаниях роль автора является более активной и в этой связи действия автора как другого героя рассказчика имеют выступает более отчетливо. В частности, в воспоминаниях автор является проводником, который больше рассматривает, оценивает и при этом составляет последовательность фактов и дел. Исследования и сравнения показывают, что на самом деле мы узнаем рассказчика произведения с помощью его «я». Это и является одним из основных аспектов публицистического романа, который доказывает действительность написанного. Роль рассказчика в произведении в большинстве случаев преследует две цели – показывать события дня и создание образа. Рассказ и повествование никогда не являлись справочной информацией и никогда рассказ автора невозможно отделять от истинной цели. Целью автора - повествователя является увенчивание имён и важнейших событий, и он хочет отразить их на страницах истории. Автор художественного произведения, как один из активных ясновидящих, имеет цель воздействовать на сознание современников. В этой связи сюжет его произведения охватывает новые и старые события и происшествия. Обязанности рассказчика проявляются не только в публицистических произведениях. Явной чертой характера является внутренний мир некоторых центральных героев произведений, и это прежде всего отражает внутренний мир самого автора. Автор – рассказчик в их образе высказывает свою волю, намерение и желание. Изучая поле битв, анализирует сложные истории и задачи с собственной точки зрения.

Ключевые слова: проза, внутренний мир(душа), образ, рассказчик, действительность, художественность, автор, общественность, герой, ознакомление.

THE ROLE OF THE NARRATOR IN A VARIETY OF PROSE

The role of the narrator in prose is great and the narrator acts in different artistic and publicistic works. In journalistic prose it should be more active, but in works of art that have a high social role, the story has its place to be displayed. The story also requires creative imaging and should be written in simple language. The narrator, in his narratives, helps to reveal the reality and to speak actively about the problems of the epoch. In some cases, the author-narrator for the reader is the judge of time. Especially the author of journalistic prose has a revolutionary idea and a new look turns to the people. The narrator portrays his amazing observations creatively and thereby makes the reader his traveler. It must be borne in mind that in his brief memoirs the role of the author is more active and in this regard, the actions of the author as another narrator's hero have better clarity. In particular, in the memoirs, the author is a conductor who more considers, evaluates and at the same time constitutes a sequence of facts and deeds. Studies and comparisons show that in fact we recognize the narrator of the work with the help of his "I". This is one of the main aspects of the journalistic novel, which proves the reality of the written. The role of the narrator in the work in most cases seems to pursue two goals - to show the event of the day and the creation of the image. The story and the narration have never been background information and the story of the author can never be separated from the true goal. The purpose of the author of the narrator is to cap the names and the most important events and he wants to write them in the pages of the story. The author of the artwork as one of the active clairvoyant has a goal to influence the consciousness of contemporaries. In this regard, the plot of his work covers new and old events and incidents. The duties of the narrator are manifested not only in journalistic works. A clear trait of character is the inner world of some central heroes of the works, and this is above all the inner world of the author himself. The author - the narrator in their image expresses his will, intention and desire. Studying the battlefield, it analyzes complex stories and tasks of its own point of view.

Key words: prose, inner world (soul), image, narrator, reality, artistry, author, public, hero, acquaintance.

Сведения об авторе: ***Кутбиддинов Абдулмумин Хошимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **ADAB-75@mail.ru**
Иноятова Зебо - Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г.Душанбе, пр.Рудаки 17

Information about the authors: ***Qutbiddinov Abdulmumin Hoshimovich*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of International Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **ADAB-75@mail.ru**
Inoyatova Zebo - Tajik National University, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 891.55.09-32+891.550.09-32

МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ЖАНРИ РИВОЯТ ДАР АДАБИЁТИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ

Исматова З.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ

Омӯзиш ва пажӯҳиши вижагиҳои ғоявию бадеии анвои адабӣ дар даврaҳои муайяни таърихӣ яке аз масоили муҳимми илму адаб ба ҳисоб меравад. Меъёрҳои таъйини анвои адабӣ натанҳо назди фарҳангҳои мухталиф, балки дар фарҳангҳои воҳид низ бо баъзе

вижагиҳои хос аз якдигар тафовут доранд. Ба тавре, ки дар адабиёти классикии тоҷик, ки дар таъйини анвои адабӣ меъёрҳои аниқро муайян намуда, дар ин раванд осори зиёди пажӯҳишӣ ба мерос мондааст, дар хусуси қатъияти анвои таъйини анвои адабӣ наметавон ба таври куллӣ ба натоиҷи муайян расид.

Таҳқиқ ва таъйини анвои адабӣ ва ҳамчунин баррасии вижагиҳои хосси он яке аз масъалаҳои муҳим ва баҳсноки бахши адабиётшиносии муосир ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин сабаб бошад, ки солҳои охир масъалаи назарияи жанрҳо ва ҷинсҳои адабӣ дар адабиётшиносии муосир аҳамияти бештар пайдо карда, таҳқиқи ҳудуд, меъёр ва таъйини вижагиҳои хосси онҳо дар маркази таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ривоятҳои шифоҳӣ, ки бештар аз забон ба забон аз замонҳои дур то замони мо омада расидаанд, дар миёни ҳамаи қавму миллатҳо намунаҳои барҷастаи худро пайдо карда, имрӯз ба сифати сарчашмаи адабию таърихӣ мавриди эътирофи муҳаққиқон қарор дода шудаанд. Бояд қайд кард, ки ривоят ҳамчун намунаи барҷастаи адабиёти шифоҳиву китобӣ то ҳол чун жанри мустақил ва алоҳида ба таври васеъ таҳқиқу баррасӣ нагардида бошад ҳам, вале мубоҳиса дар атрофи вижагиҳои жанрии он рӯз ба рӯз афзуда истодааст. Чи хеле ки ба ҳамагон маълум аст, ривоят дар ибтидо ва то имрӯз бештар ба ҳодисоти ғайривоқеӣ ва тахайюлӣ корбаст шуда, ба воқеияти зиндагӣ камтар иртибот дорад. Аз ҳамин сабаб, адабиётшиносон ва муҳаққиқон ривоятро дар мавриди шинохти жанрҳои насрӣ ба таври мухтасар шарҳу эзоҳ додаанд. Пеш аз он ки дар мавриди ин жанр сухан ронем, лозим медонем, ки шарҳу тавзеҳ ва маънои истилоҳии ин вожаро дар луғатномаву фарҳангҳои гузаштаву муосир дида бароем. Масалан, дар бузургтарин фарҳанги форсӣ «Луғатномаи Деҳхудо» маънои луғавии вожаи “ривоят” ба чунин тарз маънидод карда шудааст: «*Ривоят...нақли сухан, ва ё хабар аз касе. Нақл кардани сухан. Вогӯя*[§] *кардан сухани касеро…Ҳадис, хабар, мунтаҳо ба тариқи нақл аз ноқиле то ба ноқиле бирасад ба манқул ана аз пайғамбар ё имоме; достон, қисса, нақл, ҳикоят. Истилоҳе аст, дар нақли ҳадис ва ин истилоҳ мунҳасир ба ҳадис нест, балки қудамои ҳамаи улуми адаб ва торих ва тафсир ва улуми дигарро мисли ҳадис ривоят мекарданд*…» [3 с.100]. Албатта, дар замони Деҳхудо ва то имрӯз «ривоят» ба мафҳуми истилоҳи илмии жанри адабиёти шифоҳӣ дар адабиёти форсу тоҷик ҷойи худро комилан пайдо накардааст. Аз ҳамин лиҳоз бошад, муҳаққиқон вазифаҳои ривоятро ба қиссаву ҳикояву афсона вогузошта, аз мавҷудияти чунин жанр сарфи назар менамоянд.

Дар "Фарҳанги истилоҳоти адабӣ" бошад, ривоят бештар ҳамчун истилоҳи адабиёти шифоҳӣ таърифу тавсиф ёфтааст: "Ривоят истилоҳи ом аст, ки барои ҳар он чи қисса, достон, ҳикояте (ҳикоёте)-ро нақл мекунад, ба кор меравад. Дар забони англисӣ низ истилоҳи *narrative* ҳар қисми ривояте, ки дорои ҳодиса, шахсият ва нақли гуфтор ва аъмоли шахсҳо бошад хоҳ назм ё наср итлоқ мешавад" [10 с. 253]. Аз шарҳу возеҳи ин фарҳангнома чунин бармеояд, ки ривоят ҳамчун жанри адабӣ, ҳодиса, шахсият ва нақли гуфтор ва аъмоли одамонро ба таври афсонавӣ ва нақлӣ баён менамояд, яъне хусусияти нақлии ин жанр аз китобӣ бештар ва барҷастатар мебошад.

Дар «Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ» бошад, ин истилоҳ назар ба адабиёти мавриди назар каме мухтасар баррасӣ шуда, мураттибони он ба он баъзе вижагиҳои иловагиро мансуб донистаанд. Аз ин назари онҳо метавон ба чунин хулоса омад, ки ривоят муаллифи муайян надошта, он аз ҷониби шахси дигар нақл карда мешавад ва воқеаи дар ин гуна ривоятҳо тасвирёфта, гарчанде содалавҳона бошанд ҳам, вале барои шинохти шахсиятҳои афсонавӣ, таърихӣ, динӣ, адабӣ ва фоҷеавӣ аҳамияти калон доранд. Ин нуктаҳоро мураттибони ин фарҳанг ба тарзи зер арзёбӣ намудаанд: «Ривоят-ҳикоят, нақл; ҳикояте, ки дар бораи касе ё воқеае аз забони каси дигар меоранд. Дар фолклоршиносӣ ҳикояҳое, ки мардум дар хусуси баъзе шахс, воқеа ва маҳалҳои муайян нақл мекунанд, ривоят ном доранд. Ин ҳикояҳо баъзан афсонавӣ ва аз ҳақиқат дур бошанд ҳам, аксаран барои фаҳмидани фикри халқ дар бораи шахсҳои таърихӣ ва ҳодисаҳои воқеӣ аҳамияти калон доранд» [5 с.108].

Аз рӯйи мушоҳидаҳои академик Н. Салимов пайдоиш ва ташаккули хусусиятҳои жанрӣ ва мундариҷавии ривоят ба ҷаҳонбинӣ ва тасаввуроти одамони ибтидоӣ, яъне асотир вобаста мебошад: “Маҷмӯи асотири аҳди бостон, ки дар заминаи ҷаҳоншиносии зардуштӣ ва дар сурати ривоёти мутааддид ба миён омада буд, ҳам барои равнақи назм ва ҳам барои пайдоиши осори мансури асримиёнагии форсу тоҷик, бахусус шоҳаҳои ҳамосии он пойгоҳҳои муносиби фикрӣ ва шаклӣ ба вуҷуд овард. Тасодуф нест, ки муаллифони кутуби адабиву таърихӣ ва бадеӣ аз сужаҳои устураҳои қадими форсӣ фаровон истифода кардаанд” [9 с.302].

Дар ҳақиқат, асарҳои таърихие, ки дар асрҳои X-XI ба вуҷуд омадаанд, аз ҳикоятҳои хурд-хурд иборат буда, муҳаққиқони насри бадеӣ, ба мисли Забеҳулло Сафо [2, с.48]. ва Худоӣ Шарифов [11, с.297]. онҳоро ривоятҳои аввалин дар адабиёти тоҷик ҳисобидаанд.

[§] Вогӯя- боз гуфтан, ошкоро гуфтан, баён кардан

Муҳаққиқ Хуршеда Отахонова бошад, сарчашмаи достонҳои қаҳрамониро асосан ба ривояту асотир вобаста медонад. Ин андешаро профессор Худоназар Асозода тақвият дода, бар он такя дорад, ки “Дар гузашта инсонҳои ҳунарманд ва боистеъдод орзуву ормонҳояшонро ба воситаи афсона, латифа, қиссаҳо, ки аксаран дар шакли баёни насрӣ сурат мегирифтанд, ба ҳозирон ва шунавандагон тақдим менамуданд, яъне ҳамон нақл ва баёни афсонавӣ ва ривоятӣ дар пайдоиш ва поягузории асарҳои бадеии насрӣ чун заминае хизмат кардаанд” [7, с.12]. Аз ин андешаҳо ба чунин хулоса метавон омад, ки устура ва ривоят метавонанд ба сифати сарчашма дар ташаккули тафаккури бадеӣ замина ба вуҷуд оранд. Дар ҳақиқат, устура ва ривоятҳои мардумӣ барои ифодаи биниши эстетикии одамон ва ба вуҷуд омадани сужаҳои аввалин дар тафаккури инсоният саҳм гузоштаанд. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки баъзе муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки аксари устураҳо дар шакли ривоят аз даҳон ба даҳон то замони мо омада расидаанд. Ин аз он сабаб мебошад, ки аз сабаби мавҷуд набудани дастгоҳҳои чопӣ устураҳои хусусияти ривоятӣ пайдо карда, тадриҷан аз устура ба забони мардум роҳ ёфта, ба ривоят табдил меёбад. Яъне, устураҳо як қадар аз воқеият сарчашма гирифта бошанд ҳам, дар забони мардум ин хусусият дар устураҳо маҳдуд шуда, бештар ба хаёлот наздик мешавад, гарчанде дар асотир ҳам унсурҳои хаёлӣ хеле фаъол мебошанд.

Ба андешаи мо, раванди гузариши асотир ба ривоят ва дигар жанрҳои насрӣ ба сатҳи саводнокии ноқилон ва ровиён сахт иртибот дорад. Забеҳулло Сафо ин равандро дар назар дошта, ба чунин хулосае меояд, ки: “Дар ин ҳол дар асар дахолати қиссагӯёну наққолон ва завқҳову қароеҳи гуногун дар аҷзои ривоят тағйироте ҳосил мекунад, аммо асл ва моҳияти онҳо барҷо мемонад” [2, с.48], яъне ровиёну ноқилон дар ҳар замон зимни ривоятеро ба иттилои ҳамзамонони худ расонидан, вобаста ба ҷаҳонбинии худ ба он ҳар гуна иловаҳои матнӣ ворид менамуданд, вале муҳтавои он чун маҳаки аслии ривоят боқӣ мемонд.

Адабиётшиноси эронӣ Сируси Шамисо бар он андеша аст, ки ривоятҳо дар Эрони Бостон асосан ба тариқи назм эҷод мешуданд [10, с.253]. Ба ин ақида розӣ шудан наметавон, зеро тамоми осори асотирӣ ва ривоятии то исломие, ки то ба замони мо расидаанд, асосан дар шакли насри сода дастрас буда, мероси назмии ин давр бошад, нисбат ба осори насрӣ камтар то ба замони мо омада расидааст ва ё хусусияти асарҳои назми ин замон то ҳол тадқиқ нагардидааст. Бинобар ин, дар бораи назми ин замон сухан кардан барвақт мебошад. Ниҳоят, дар замони ислом ва баъди он ривояти насрӣ бештар аҳамият пайдо мекунад, зеро тамоми воситаҳои таблиғ ва таълими дини ислом, аз ҷумла дастурҳои таълимӣ, ҳадисҳо, тафсирҳо ва масоили дигар бештар дар шакли насрӣ таҳия гардида, ба ҳодисоту воқеаҳои хаёлӣ ё ба тариқи дигар ривоятӣ такя менамуданд. Ҳамзамон барои ба вуҷуд омадани асарҳои насрӣ дар давраи баъди ислом заминаҳои воқеӣ ва жанрӣ вуҷуд дошт. Илова бар ин, яке аз вижагиҳои ривоят дар ин давра аз он иборат аст, ки ин жанр табиатан ба воқеият камтар робита дорад ва он таҷассумгари ҷаҳонбинии маҳдуди одами замони пешазисломӣ мебошад. Сабаби дар адабиётҳои динӣ аҳаммияти бештар пайдо кардани ривоят ин ба хусусияти зеҳнгароии адабиёти динию мазҳабӣ вобаста аст, чунки дин ба шинохти воқеият кам робита дошта, бештар масъалаҳоеро тасвир менамояд, ки барои инсон дастнорас бошад.

Ба андешаи мо, дар ҳолате ривоят ҳамчун жанри адабӣ таҳқиқ гардад, бештар хусусияти мустақилияти онро ба назар гирифтан салоҳ мебошад. Пеш аз ҳама, дар ривоят ҳодисоту воқеот аз рӯйи меъёрҳои муайяни анвои адабӣ инъикос гарданд ҳам, он наметавонад ба монанди жанрҳои дигари насрӣ дорои сужети комил бошад. Чунин ба назар мерасад, ки ҳар он ҳодисоту воқеоте, ки дар асоси воқеият ё хаёлот ба зуҳури жанрҳои қиссаву достонҳо замина мегардад, ривоят номидан мумкин аст. Чи хеле ки адабиётшинос Худоӣ Шарифов қайд намудааст: “Ривоятҳо асосан аз зиндагии мардум сарчашма гирифта, ҳар ҳодисаву воқеае, ки дар пешгирӣ кардани он оҷиз мебошанд, дар атрофи он мардум ҳар гуна андешаҳои гуногун мебофанд ва он бо мурури замон дар шуури мардум шакл гирифта, тадриҷан ба матни он сурату нақши ҳунари суханварӣ татбиқ мегардад. Дар натиҷа, ин гуна ривоят аз хусусияти шифоҳии худ дур монда ба доираи адабиёти китобӣ ворид мегардад ва муаллифони қиссаҳо ва достонҳо ин гуна ривоятҳоро дар мавридҳои муносиб дар асари худ истифода менамоянд” [11, с.297].

Аз ин нукта ба чунин хулоса метавон омад, ки ривоят дар давраи пайдоиши худ метавонад, се марҳилаи ташаккулро тай намояд:

1. Марҳилаи гуфторӣ
2. Марҳилаи шифоҳӣ
3. Марҳилаи китобӣ

Дар марҳилаи гуфторӣ мардум дар атрофи ҳодисаву воқеаҳо, ки дар шинохти воқеии он оҷизанд, ҳар гуна бофтаҳоеро мавриди гуфтугӯ қарор медиҳанд, ки ин марҳиларо зинаи гуфтории ривоят шуморидан мумкин аст.

Дар марҳилаи дуюм ин гуна бофтаҳои аввалия аз забон ба забон интиқол гардида, бо иловаву бофтаҳои дигар як сужети нисбатан мукаммалеро касб мекунанд ва ин марҳиларо марҳилаи шифоҳӣ гуфтан ҷоиз аст. Дар натиҷа, раванди сеюми ривоятҳо сурату нақши ҳунарӣ пайдо намуда, шакли китобиро ба худ касб намуда, шакли хаттиро ба вуҷуд меоранд. Ривоят дар шакли гуфторӣ ва шифоҳӣ дар эҷодиёти даҳонакии халқ аз рӯйи шинохти жанр нисбатан мустақил бошад ҳам, вале дар адабиёти китобӣ хусусиятҳои жанрии он маҳдуд мегардад ва он дар дохили анвои адабии насрӣ маҳлул мешавад. Дар марҳилаи сеюм матни ривоят вобаста аз ҷаҳонбинии ровиён ташаккул ёфта, хусусиятҳои жанрҳои мукаммал ва мустақилро ба худ касб карда, ба унвони жанрҳои китобӣ пазируфта мешавад. Дар ин марҳила ривоят метавонад дар дохили матнҳои таърихномаву тазкираҳо истифода шавад ва ё дар натиҷаи ташаккул ёфтани матни он ба қисса ё ҳикоят табдил меёбад. Дар ин ҳолат таҳқиқ ва баррасӣ ва ҳатто шинохтани ривоят аз дигар жанрҳо ғайриимкон мегардад.

Бояд зикр намуд, ки аз пайдоиш ва ташаккули баъзе анвои адабӣ чандин қарн сипарӣ шуда бошад ҳам, вале вазифа, ҳудуд, меъёри шинохт, мавзӯъ, сохтор ва дигар вижагиҳои хосси баъзе жанрҳои адабӣ ҳанӯз ба тариқи бояду шояд муайян нагардидааст. Аз ҳамин сабаб бошад, ки муҳаққиқин дар шинохти ин гуна жанрҳо ба як хулосаи амиқ омада наметавонанд. Масалан, ривоят ҳамчун яке аз аввалин жанрҳои адабӣ дониста шуда бошад ҳам, то имрӯз ҳудуд ва вазифаҳои он дар адабиёт майян нагардидааст. Муҳаққиқон зимни таҳқиқу баррасии жанрҳои адабӣ ривоятро дар радифи жанрҳои дигар ба унвони жанри адабӣ эътироф намекунанд. Гарчанде матни ривоятҳо дар асарҳои таърихию тазкиравӣ истифода шаванд ҳам, вале онҳоро аз ҷиҳати мазмун, мундариҷа, сохтор, бадеият ва муҳтаво ба жанрҳои дигар омезиш дода, мустақилияти онро дар зери суол мегузоранд. Ва ё гоҳо ривоятҳоро аз таркиби асарҳои таърихиву тазкиравӣ ҷудо намуда, онро ба устура ва ё қисса нисбат медиҳанд. Вале муҳаққиқон сабаби дар таърихномаю тазкираҳо бо истилоҳи ривоят истифода намудани матнҳои алоҳидаро ба эътибор намегиранд.

Шояд ин беэътиноии муҳаққиқони насри бадеӣ бошад, ки дар фарҳангҳои адабӣ ва соҳавӣ низ хусусиятҳои фарқкунандаи ривоят аз дигар жанрҳо равшану возеҳ ба назар намерасад. Мо дар мақолаи мазкур кӯшиш менамоем, хусусиятҳои жанрии ривоят, пайдоиш ва ташаккули онро ба қадри имкон баррасӣ намоем.

Бояд зикр намуд, ки ривоят қисман ба талаботи анвои адабӣ ҷавобгӯ бошад ҳам, вале то имрӯз дар таҳқиқоти муҳаққиқон он ҳамчун жанри адабӣ эътироф нашудааст. Масалан, ривоятҳое, ки дар “Таърихи Табарӣ”, тазкираҳо, “Таърихи Бухоро” ва ғайра оварда шудаанд, дорои мавзӯъ ва мундариҷаи муайян мебошанд. Чунин ба назар мерасад, ки ривоят дар дохили жанрҳои дигар, хоссатан қиссаю достон ба сифати далел ё такмилдиҳандаи баёни муаллиф омада, мустақилияти худро аз даст медиҳад ва вазифаҳои жанрии он дар дохили анвои дигари адабӣ маҳдуд мешавад. Шояд аз ҳамин сабаб муҳаққиқон ва мураттибони фарҳангҳои адабӣ ба вазифаҳои жанрии ривоят камтар таваҷҷуҳ намуда, ҳатто дар баъзе ҳолатҳо аз таъкиди вазифаҳои жанрии он сарфи назар намудаанд. "Фарҳанги истилоҳоти адабӣ"ривоятро "истилоҳи ом" унвонгузорӣ мекунад ва ин нукта шояд ба сарчашмаи пайдоиши ин жанр ишора шуда бошад [10, с.253]. Ҳамзамон, мураттибони ин луғат бо ин ишораи бамавриди худ пайдоиш ва ташаккули ривоятро ба адабиёти шифоҳӣ нисбат медиҳанд, ки ин хулоса қобили андеша аст. Вале дар таърихномаҳои машҳур ривоятро барои тақвият ва шарҳу эзоҳи масоили ахлоқӣ ва динӣ мавриди истифода қарор медиҳанд, ки он дорои сужети муайян ва банду басти мавзӯи он ба назариёти анвои адабӣ мутобиқ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки истифода намудани ривоят ҳамчун далел баъд аз оёти “Қуръони маҷид” ва аҳодиси расули акрам асосан аз адабиёти динӣ сарчашма мегирад. Шояд дар таърихномаҳо истифодаи ривоят ба сифати далел пайравӣ аз адабиёти динӣ бошад. Аз ҳамин сабаб бошад, ки муҳаққиқон ривоятро ҳамчун далел пиндошта, дигар вижагии онро ба назар нагирифтаанд. Вале дар адабиёти динӣ ривоят ба қатори оятҳои Қуръон ва ҳадис ҳамчун маводи дорои мавзӯъ ва муҳтавои муайян истифода мегардид. Ба назари мо жанрҳои қисса, достон, ҳикоят, ки назар ба ривоят жанрҳои нав буданд ва имкони чопи ин жанрҳо маҳдуд буд, бинобар ин, онҳо ба тариқи нақл ва шифоҳӣ ба мардум дастрас мегардиданд. Ва ҳар маводе, ки ба тариқи нақл ё шифоҳӣ ба ҷомеа расонида мешуд новобаста аз ба кадом жанр тааллуқ доштани он мардум онро ҳамчун ривоят қабул мекард. Аз ин хулоса чунин бармеояд, ки ривоятро ифодакунандаи шакли шифоҳӣ ё нақлии жанрҳои аввалини адабиёт шумурдан мумкин аст, зеро ҳамагуна ҳодиса ва рӯйдодҳои таърихиву фарҳангӣ ё саргузаштҳои шахсони алоҳида чун ба шакли хаттӣ медаромаданд, ногузир дар қолаби ягон жанр маҳдуд мегаштанд.

Ривоят дар Юнони қадим аз назари муҳаққиқин берун намондааст. Масалан, Арасту дар "Бутиқо"-и худ роҷеъ ба ривоят сухан ронда, баъзе хусусиятҳои онро дар замони худ нишон додааст, ки дар шинохти имрӯз ҳам ин ақоид мутобиқат карда метавонад. Арасту

ду шеваи ривоятро мавриди баррасӣ қарор медиҳад: 1) ривоят тавассути ровӣ; 2) ривоят тавассути шахсиятҳои достон [10 с.254]. Ин вижагиҳое, ки Арасту муайян намудааст, бевосита ба замони ӯ хос бошанд ҳам, азбаски ин жанр дар асрҳои минбаъда аз ҷиҳати сохтор ва мавзӯъ ташаккул наёфт, бинобар ин, ба дараҷаи анвои адабӣ расида натавонист. Профессор Худоӣ Шарифов назар ба жанри гуфтор кӯшиши ривоятро ҳамчун жанри адабӣ шинохтанро карда бошад ҳам, вале онро чун жанри адабии мустақил муаррифӣ накардааст: "Ривоят гӯё имкони чун навъи адабӣ шинохтанро дорад, вале вай дар дохили таълифоти адабию илмӣ ва фарҳангӣ зиёд оварда шавад ҳам, ҳосили нияту мақсади холиси офаринандагӣ нест. Ривоят чун шакли шифоҳӣ шинохта мешавад ва дидгоҳи ровӣ нисбат ба мавзӯъ ягонагии ривоятро таъмин мекунад ва тасаввури ӯро ҳам нисбат ба воқеа фаро мегирад" [11 с.297].

Маҳз омӯзиш ва пажӯҳиши масоили анвои адабӣ баъди солҳои 70-ум имкон дод, ки муҳаққиқон пайдоиш, ташаккул ва вазифаҳои жанрии ҳар як анвои адабиро муайян намуда, ҳамзамон меъёру ҳудуди сохтор ва бадеияти онҳо таҳқиқ гардида, аҳамияти онҳо дар ташаккули онҳо маърифати бадеии хонанда равшан гардад.

Чунин ба назар мерасад, ки муҳаққиқон шояд аз сабаби дастрас набудани мавод аз таҳқиқи ҳамаҷонибаи анвои адабӣ канорачӯӣ намудаанд. Адабиётшиноси тоҷик Саъдӣ Маҳдиев зимни таҳқиқи жанрҳои хурди анвои адабӣ дар асрҳои X-XIV истилоҳи ҳикоятро бар ифодаи жанрҳои хурди адабии насрӣ пешниҳод намуда, аз таърихи пайдоиш ва ташаккули жанрҳои дигар, хоссатан ривоят ва гуфтор худдорӣ менамояд [4]. Ҳоло он ки дар ин давра дар қатори ҳикоят жанрҳои достон, афсона, тамсил, қисса, ҳадис, наводир, латифа, ривоят, гуфтор барин жанрҳои маъмул ва сермаҳсул мавҷуд буданд, ки шинохти ҳудуд ва меъёри онҳо дар ташаккули адабиётшиносии муосир таъсири бевосита худро расонида метавонист. Дар тадқиқоти Саъдӣ Маҳдиев дар бораи жанрҳои хурди асрҳои X-XIV сухан равад ҳам, қисса, ривоят, гуфтор, ҳадис барин жанрҳои бештар хусусияти нақлидоштаи шифоҳӣ ба назар намерасад. Гарчанде дар пажӯҳиши минбаъдаи профессор Х. Шарифов [11], Д. Обидов [6], Р. Раҳмонӣ [8] ва дигарон жанри ривоят мавқеи намоёнро пайдо намудааст.

Агар жанрҳои адабии давраи мавриди таҳқиқро шартан ба ду гурӯҳ, яъне хаттӣ ва нақлӣ ҷудо намоем, дар ин ҳолат зарурияти омӯзиш ва таҳқиқи вижагиҳои хосси ривоят ва гуфтор ба вуҷуд меояд, зеро ҳудуд ва меъёри жанрҳо дар таҳқиқи аксари муҳаққиқон "истилоҳи ом" [10, с.253], ки ба тариқи нақл истифода мешавад, муайян нагардидааст. Гарчанде дар таърихнома ва тазкираҳои асри X ва баъди он, аз як тараф, жанри ривоят дар дохили матнҳои асосӣ ба вазифаи далел истифода гардида бошад, аз ҷониби дигар таърихнигорон барои ҳалли масоили баҳснок ривоятеро аз забони мардум ва ё аз шуниди худ истифода менамуданд.

Адабиётшиноси тоҷик Худоӣ Шарифов баъзе хусусиятҳои хосси ривоятро ба қадри имкон нишон диҳад [11, с.297] ҳам, вале ҳанӯз на ҳама вижагиҳои асосии жанри ривоят ба таври амиқу дақиқ муайян гардидааст. Масъалае, ки дар рисолаи “Назарияи наср” нисбат ба ривоят ба миён гузошта шудааст, ин, пеш аз ҳама, ҳамчун жанри адабӣ шинохта шудани он мебошад. Муаллифи рисолаи “Назарияи наср” барои муайян намудани меъёри шинохти жанри ривоят масъалаҳои зеринро ба миён мегузорад: 1) ҳамчун маҳсули адабӣ мустақил набудани жанри ривоят; 2) чун дигар жанрҳои адабӣ мавҷуд набудани матни ривоят дар шакли хаттӣ.

Худоӣ Шарифов ривоятро ҳамчун навъи адабӣ дар дохили таълифоти илмиву адабӣ ва фарҳангӣ шинохтан мехоҳад ва даъво пеш меорад, ки намунаи нақлии онро дар ҳар ҳолат дар шакли хаттӣ тартиб додан мумкин аст. Ва Х. Шарифов ин нуктаро қабул надорад, ки муаррихон матнҳои дар дохили таърихномаю тазкираҳо омадаро шартан ривоят унвон карда бошанд.

Вале Худоӣ Шарифов номустақилияти ин гуна матнҳоро сабаби ба сифати жанр шинохта нашудани ин матнҳо медонад. ба хулосае меояд, ки ин гуна ривоятҳо ҳосили нияту мақсади офаринандагии муаллифон набуда, балки онҳо маҳсули эҷодиёти шифоҳии мардум мебошанд. Дар ин ҳолат хусусияти шифоҳии ривоят бештар гардида, имкони ҳамчун навъи адабӣ шинохтани он ғайриимкон гардад ҳам, он ҳамчун жанри шифоҳӣ дар фолклор аҳамияти бештар пайдо мекунад. Ҳамзамон дидгоҳи ровӣ ва тасаввури ӯ нисбат ба воқеият метавонад ба ташаккули сохтори дохилӣ ва банду басти ривоят таъсир расонад. Дар жанрҳои хаттӣ меъёри асосӣ, пеш аз ҳама, хусусияти эҷодкории ровӣ барҷаста ва муҳим мебошад, вале дар сохтани матни ривоят бошад, ин хусусият камтар ба назар гирифта мешавад. Шояд аз ҳамин назар бошад, ки ривоят дар қатори жанрҳои хурди адабӣ ҷойгоҳи худро муайян накарда, ҳудуд, меъёр ва вазифаи ривоятҳое, ки дар таърихномаҳо оварда шудаанд, муайян нагардидааст.

Муҳаққиқон ҳикоятро ҳамчун жанри мустақиле, ки ҷанбаи таълимӣ дорад ва аз воқеият сарчашма мегирад таъкид кардаанд, вале дар ривоят сухан метавонад ба воқеият мувофиқат накунад ва аз ҳамин сабаб профессор Х. Шарифов ривоятро “хабари машкук”

меҳисобад, ки дар ин ҳолат ҳикоят наметавонад барои ифодаи ривоят истифода шавад. Ва ин нукта метавонад мустақилияти жанрии ривоятро ба миён орад. Ривоят шояд дар ибтидои пайдоиш хусусияти жанрии ноустувор доштабошад, гарчанде манбаи ибтидоии он аз ҳаёти воқеӣ оғоз мегардад ва бо мурури замон дар шуури мардум ташаккул ёфта, вобаста ба ҷаҳонбинии хонанда такмил меёбад ва ҳатто аз сарчашмаи воқеии худ дур меравад. Дар ин марҳила ривоят аз ҷиҳати сохтор ва мазмун такмил ёбад ҳам, вале хусусияти жанрии он маҳдуд мешавад ва жанрҳои дигар дар заминаи матни ривоят ба вуҷуд меоянд.

Ҳамин тариқ, жанри ривоят дар тӯли мавҷудияти худ марҳилаҳои зиёдеро тай намуда, вижагиҳои хосссро ба худ касб намуда бошад ҳам, мутаассифона, дар таърихи адабиёти форс-тоҷик шинохт ва эътибори он ҳамчун жанр аз марҳилаи шифоҳӣ боло нарафтааст. Дар адабиёти хаттӣ низ намунаи ривоятҳо фаровон истифода шуда, онро муҳаққиқон ба сифати як далели адабӣ пиндоштаанд, ҳол он ки дар матни ривоятҳои овардашуда, тамоми банду басти жанри хурди адабиро мушоҳида кардан мумкин аст. Мо бар онем, ки барои ривоятро дар радифи жанрҳои дигар шинохтан бадеият ва банду басти он дар муқоиса бо жанрҳои адабии давраи тоисломӣ ва адабиёти халқу миллатҳои таҳқиқ намудаи ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ба назари мо, барои ривоятро ҳамчун жанри адабӣ шинохтан ба эътибор гирифтани масоили зерин зарур мебошад:

1. Ривоят баробари адабиёти шифоҳӣ ба адабиёти китобӣ низ иртибот дорад.
2. Ривоят заминаи асосии ба вуҷуд омадани анвои адабӣ маҳсуб гардида, барои ба вуҷуд омадани шакли нақлии матнҳои қисса, достон, ҳикоят ва андарз, саргузашту ёддошт ба кор бурда шудааст.
3. Дар сарчашмаҳои адабӣ ва илмӣ пайдоиш ва ба дараҷаи жанрҳои мукаммал расидани ҳодиса, шахсият ва нақли гуфтору аъмоли шахсиятҳо дар шакли назм ва наср ба матни шифоҳии ривоят вобаста мебошад.
4. Маснавиҳои гуногуни насрӣ ва назмӣ, қиссаҳои қадимии ҳамосавӣ ва ишқномаҳо асосан дар заминаи матни шифоҳии ривоят ба вуҷуд омадаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода Х. Воқеияти зиндагӣ ва ҷамъбасти бадеӣ. - Душанбе: Дониш, 1984. - 158 с.
2. Забеҳулло Сафо. Ҳамосасароӣ дар Эрон. – Теҳрон. - С.74.
3. Деҳхудо А. Луғатномаи Деҳхудо. - Теҳрон, 1377. - Ҷ. 7. – 858 с.
4. Махдиев С. Истоки и развитие малых жанров прозы в персидско-таджикской литературы X- XIV вв. / С. Махдиев. – Душанбе: Ирфон, 1986.
5. Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. - Душанбе:Маориф, 1992. - 240 с.
6. Обидов Д. Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик / Д. Обидов. – Душанбе, 2004. - Ҷ 2.
7. Отахонова Х. Таҳаввули достон / Х.Отахонова. - Душанбе: Дониш, 1983. - 263 с.
8. Раҳмонов Р. Афсона ва жанрҳои дигари насри шифоҳӣ. Дастури таълимӣ / Р.Раҳмонов. - Душанбе, 1999. - 104 с.
9. Салимов Н. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX-XIII) / Н.Салимов. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2002. - 398 с.
10. Фарҳанги истилоҳоти адабӣ. Таълифи Симодод. - Теҳрон: Марворид, 1378. - 450 с.
11. Шарифов Х. Назарияи наср / Х.Шарифов. -Душанбе, 2004. - 319 с.

МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ЖАНРИ РИВОЯТ ДАР АДАБИЁТИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур доир ба вижагиҳои ғоявию бадеии анвои адабӣ дар давраҳои муайяни таърихӣ, ки яке аз масоили муҳимми илму адаб ба ҳисоб меравад, сухан меравад. Бояд қайд намуд, ки меъёрҳои таъйинии анвои адабӣ, на танҳо назди фарҳангҳои мухталиф, балки дар фарҳангҳои воҳид низ бо баъзе вижагиҳои хос аз якдигар тафовут доранд. Тавре ки дар адабиёти классикии тоҷик, дар таъйини анвои адабӣ меъёрҳои аниқро муайян гардида, дар ин раванд осори зиёди пажӯҳишӣ ба мерос мондааст, дар хусуси қатъияти таъйини анвои адабӣ наметавон ба таври куллӣ ба натоиҷи муайян расид. Таҳқиқ ва таъйини анвои адабӣ ва ҳамчунин баррасии вижагиҳои хосси он яке аз масъалаҳои муҳим ва баҳсноки бахши адабиётшиносии муосир ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқи мақолаи мазкур ба чунин хулоса меояд, ки солҳои охир масъалаи назарияи жанрҳо ва ҷинсҳои адабӣ дар адабиётшиносии муосир аҳамияти бештар пайдо карда, таҳқиқи ҳудуд, меъёр ва таъйини вижагиҳои хоси онҳо дар маркази таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқ қарор гирифтааст. Зеро аз надонистани меъёри шинохти жанрҳо баъзе анвои адабӣ дар дохили матни жанрҳои дигар маҳдуд шуда, то ба кунҷи фаромӯшӣ расида истодаанд. Бинобар ин, шинохтани ривоят ҳамчун жанри адабӣ ва муайян намудани хусусиятҳои жанрии он яке аз масъалаҳои мубрами адабиётшиносии муосир ба ҳисоб меравад.

Калидвожаҳо: ривоят, анвои адабӣ, ҳикоят, жанр, шифоҳӣ, қисса, достон, ҳамоса.

ОСНОВНЫЕ ЭТАПЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И ФОРМИРОВАНИЯ ЖАНРА ПРЕДАНИЕ В ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В данной статье речь идет об идейно – художественных особенностях литературных видов в определенных исторических периодах, которые считаются одним из важных проблем науки и литературы. Нужно отметить, что определенные нормы литературных видов отличаются не только в различных, но и в единичных культурах характерными им свойствами. Так как в таджикской классической литературе при определении литературных видов установлены точные нормы, в этом направлении унаследовано огромное количество исследовательских работ и относительно категоричности определения литературных видов невозможно достичь определенных

результатов. Иссследование и определение литературных видов, а также рассмотрение их характерных особенностей является одним из важных и спорных проблем современного литературоведения. Автор данной статьи приходит к выводу о том, что в последние годы проблема теории литературных родов и жанров в современном литературоведении приобретает большее значение и исследование границ, норм и определение их характерных особенностей становится более актуальным.Так как из-за незнания норм познания жанров некоторые литературные виды внутри текста других жанров ограничиваются и уходят в небытие. Поэтому, познание предания как литературного жанра и определение его жанровых особенностей является актуальной проблемой современного литературоведения.

Ключевые слова: предание, художественное разнообразие, рассказ, жанр, устный, повесть, поэма, эпическое произведение.

MAIN STAGES OF THE GENERATION AND FORMATION OF THE GENRE PREVENTION IN PERSIAN-TAJIK LITERATURE

This article deals with the ideological and artistic features of literary types in certain historical periods, which are considered one of the important problems of science and literature. It should be noted that certain norms of literary types differ not only in different but also in individual cultures by their characteristic properties. Since the Tajik classical literature has established precise standards for determining literary types, a huge amount of research has been inherited in this direction and it is impossible to achieve definite results regarding the categorical definition of literary types. Research and definition of literary species, as well as consideration of their characteristic features, is one of the most important and controversial problems of modern literary criticism. The author of this article comes to the conclusion that in recent years the problem of the theory of literary genera and genres in modern literary studies is becoming more important and the study of boundaries, norms and determination of their characteristic features becomes more relevant. Because of the lack of knowledge of the norms of knowledge of genres, some literary types within the text of other genres are limited and go into oblivion. Therefore, the knowledge of tradition as a literary genre and the definition of its genre features is an actual problem of modern literary criticism.

Key words: legend, artistic diversity, story, genre, oral, narrative, poem, epic work.

Сведения об авторе: ***Исматова З. Н.*** – Институт языка и литературы им. А.Рудаки, аспирант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21. E-mail: **zulfya_sharq@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-55-52-25**

Information about the author: ***Ismatova Z. N.*** - Institute of Language and Literature. A. Rudaki, graduate student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, pr. Rudaki 21. E-mail: zulfya_sharq@mail.ru.
Tel.: **(+992) 919-55-52-25**

УДК: 891.550:82:39

КАРИМ -ДЕВОНА БОЗ ДАР САҲНА

Фақиров Х.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Пас аз интишори қиссаи Ҳабибулло Назаров “Дар ҷустуҷӯи Карим- Девона” (1961) ва баъди соли 1965 бо паст шудани шиддати баҳс перомуни буду набуди шоири мардумӣ бо номи Абдукарими Қурбон образи номбурда ба саҳнаи театрҳо низ роҳ ёфт. Соли 1969 ҳунарпеша ва драманависи соҳибном Тӯрахон Аҳмадхонов намоишномаи “Карим-Девона”-ро дар асоси асари Ҳабибулло Назаров “Дар ҷустуҷӯи Карим -Девона” иборат аз се парда ва шаш намоиш эҷод намуд.

Драмаи мусиқии мазкурро нахуст ҳунарпеша ва коргардони бомаҳорат, Артисти хизматнишондодаи ҷумҳурӣ устод Ҳабибулло Абдураззоқов дар театри ба номи А.С. Пушкини шаҳри Ленинобод (ҳоло театри ба номи Камоли Хуҷандии шаҳри Хуҷанд) соли 1970 иборат аз ду пардаю шаш намоиш ба саҳна гузошт, ки нақши Карим-Девонаро ҳунарпешагон Н. Дӯстматов ва М. Мадаминов бозидаанд. Ба драмаи мазкур танқид ва театршиносии тоҷик дар вақташ баҳои воқеӣ дода буд [1, с.3].

Баъдан ба намоишномаи мазкур Ходими хизматнишондодаи санъати Тоҷикистон, Ҳунарманди халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ Мирзоватан Миров рӯ оварда, соли 1978 песаи мазкурро дар театри мусиқӣ- мазҳакавии ба номи С.Вализодаи шаҳри Кӯлоб ба саҳна гузошт, ки нақши Карим-Девонаро ҳунарпешагон Салим Муқимов ва Бобоҷон Ҳасанов хеле олӣ бозиданд. Намоишномаи мазкур ба шарафи 100-солагии шоири мардумӣ Абдукарими Қурбон ихтисос дода шуда буд.

Мирзоватан Миров баъди соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар шароити нави таърихӣ бо мақсади дар рӯҳияи қаҳрамонии гузаштагон тарбия намудани ҷавонон соли 2005 маротибаи дуюм ба намоишномаи “Карим – Девона” рӯ оварда, онро дар театри ҷавонон ба номи Маҳмудҷон Воҳидов рӯйи саҳна бароварда. Бозии ҳунарпешагони соҳибноми кишвар Н. Нуриддинов, (Карим-Девона), Н. Меликов (Соҳибназар), С. Муқаддамов (Холиқназар), С.Каримов (Абдулмаҷид), Р. Қосимова (модари Абдулмаҷид), Б.Ятимов (мулло Абдурасул), Т. Розиқов (мулло Сафар), Ш. Солеҳов (Абдумуминбой), Б.Мингбоев

(кӯри Барот) ва дигарон дар ин намоишнома аз тарафи театршиносон баҳои баланд гирифт [2, с. 436-439].

“Спектакль “Карим- Девона” привлекал зрителей не только своими массовыми народным сценами, завораживающей музыкой и хорошими актёрскими работами, но и социальной значимостью. В нём открытым текстом говорилось о том, что в народе не иссякли сны, которые всегда будут противостоять его угнетателям, что народ помнит и чтит своих славных преданных сынов”- мегӯяд театршинос Маҳмадулло Табарӣ [2, с.438-439].

Инак, ба шарафи 140 -солагии шоири мардумӣ Карим – Девона ва 110 –солагии муаллифи қиссаи марғуби “Дар ҷустуҷӯи Карим –Девона” нависанда ва шоир Ҳабибуллоҳ Назаров театри вилоятии мусиқӣ – мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар низ намоишномаи “Карим- Девона”-ро аз рӯйи асари Тӯрахон Аҳмадхонов бо эҳтимоми коргардон–таҳиягар Қурбонмуҳаммад Шукуров бо диди тоза рӯйи саҳна оварда. Кӯшишҳои Қ. Шукуров имконият додааст, ки як намоишномаи мутафовитро ба маърази тамошо гузорад. Мутолиаи ҷиддии қисмати якум ва дуюми қиссаи Ҳ. Назаров “Дар ҷустуҷӯи Карим- Девона” (3) мақолаҳои пурсарусадои перомуни рӯзгор ва осори Карим – Девона дар соли 1964 ва солҳои баъдӣ дар саҳифаҳои рӯзномаи “Маориф ва маданият” интишоршудаи донишмандон Воҳид Асрорӣ, Раҷаб Амонов, Аҳрор Мухторов, Бозор Тилавов, С. Шоҷамолов, З. Ш. Раҷабов, Ҳикмат Раҳмат, К.Мирзоев, И. Ҳусейнов, Д. Саидов, М. Турсунзода ва И.С. Брагинский, Ҳикмат Раҳмат, Ҳасан Юсуфи Файзбахш, махсусан рисолаи илмии Ҳасани Муродиён “Шуълаест к-аз дуд фориғ” [4], ки дар он таълифоти илмию бадеии дар 55 соли охир перомуни рӯзгор ва ашъори шоири мардумӣ Карим- Девона интишоршуда ҷамъбаст гардидааст ва муҳаққиқ ашъори шоирро “Шуълаест, к-аз дуд фориғ” (Бедил) номидааст, ба коргардон Қ. Шукуров имконият додааст, ки ба зиндагиномаи Карим-Девона аз диди нав назар андозад. Махсусан, бо таклифи мушовири коргардон ба намоишнома илова шудани пролог– пешгуфтори ифодакунандаи мазмуни умумӣ ва воқеаҳои асосии намоишнома [ЭСТ,ҷ.6,- Душанбе, 1986, с.101] ва эпилог – охирсухан, муроҷиати хотимавии хор ё ҳунарпеша ба тамошобинон, ки тавассути он мақсади муаллиф ва моҳияти воқеоти песа шарҳ дода мешавад [ЭСТ, ҷ 8.- Душанбе, 1988, с.198], таъсирнокии намошномаро афзоиш додааст. Агар намоишномаи Т. Аҳмадхонов аз тасвири деҳаи Ҷӯрак ва суҳбати улфатҳои дерина- “Абдумуминбой, Муллосафар ва дигарон дар ҳавлии Муҳаммадалии Ашқари “шоир” оғоз ёфта бошад, асари мазкур бо прологи сурудхонии мӯйсафеди Ғуломқодир (суруди “Ғозиён кӯҳи баланду босафову дилбар аст”) ва муколамаи ӯ бо набераш ифтитоҳ меёбад, вале афсӯс, ки ҳангоми намоиши премераи асар аз тариқи телевизиони “Сафина” қисмати прологи он ихтисор шудааст. Бо ин суруд таъкид шудааст, ки “аморати Бухоро ва амири мустабид Олимхон бо ҳама шукӯҳу шаҳоматаш сарнагун шуд, беки Ҳисор, ки душмани ҷони Карим-Девона буд, фано шуд. Ҳатто Ҳукумати Шӯравӣ, ки ҷойгузини онҳо буд, суқут кард, вале кӯҳи Ғозиён ҳанӯз ҳам бо ҳамон виқори азалиаш пойбарҷост ва шеъри Карим-Девона дар фазои он танинандоз” [4, с. 4].

Баъдан Карим–Девона (ҳунарманд Қурбонмуҳаммад Шукуров) суруди “Тақдир ба ман бинмуд карам...”-ро замзамакунон ба майдон мебарояд. Дар қисмати Карим-Девона дар миёни даравгарон низ коргардон навигарӣ ворид намудааст. Ин бахш бо “Мандоғ”-гӯии даравгарон (занону мардон) оғоз меёбад ва ин ҷо Карим- Девона (Қ. Шукуров) шеъри ба тозагӣ ёфтшудаи Карим- Девона “Ман ба дил иқрор кардам, Розия дар хона буд”- ро мехонад. Инчунин дар ин намоиш коргардон ба ҷойи ғазали “Ду абрӯи хамида чун ҳилолат” ғазали “Аз Ҳузури ишқи ту олам мунаввар гаштааст”- ро қироат мекунад. Дар намоишнома ҷо-ҷо калимаю вожаҳои ба гӯйишҳои мардуми Ғозималик хосро истифода кардаанд, ки мисли холеанд ба рӯйи маҳбуба, зеро агар хол бар рӯйи маҳбуба кам бошад, ба ҳуснаш ҳусн мефизояд, вале агар зиёд бошад, ҳусни ӯро мекоҳонад.

Дар қисмати намоиши бозори Шӯриён низ навгонӣ аз он иборат аст, ки Карим-Девона дар бозори Шӯриён дӯсти тахнободиашро мебинад ва муколамаи онҳо бо ӯзбекӣ (меҳмон) ва тоҷикӣ (шоир) сурат мегирад. Дар фуроварди намоишнома пайкараи Карим-Девона ба маърази тамошо гузошта шудааст ва дар атрофаш ҳунарпешагон ҷамъ омадаанд. Дар ҳамин асно шеъри Ҳабибулло Нозирӣ “Дар ин дунё Карим-Девонае буд” дар иҷрои овозхон Саидназар Ғафуров хеле таъсирбахшу саривақтӣ садо медиҳад ва тамошобинро мутмаин месозад, ки кору амали муборизони роҳи адолату озодӣ ва истиқлолият аз тарафи пасовандон беподош наmemонад.

Дар намоишномаи мазкур шоири мардумӣ намояндаи оммаи меҳнаткаш Карим-Девона тасвир ёфтааст, ки алайҳи золимон бо ашъори нешдору ҷоншикараш мубориза мебарад. Агар прологу эпилоги асарро сарфи назар намоем, он аз 8 намоиш иборат аст. Тамошобин Карим – Девонаро дар намоишнома чун шоири фошгӯ, ҳақназар ва далеру нотарс, пуштибони мардуми камбағал ва душмани аҳли ҷоҳ дармеёбад. Ӯ нисбат ба Муҳаммадалии Ашқар (Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Муҳаммад Шомуддинов),

Абдумуминбой (ҳунарпеша Убайдулло Саидов), мулло Сафар (ҳунарпеша Ҷӯрахон Расулов), кӯри Барот (Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Муҳаммад Шомуддинов), Расул-чағир (ҳунарпеша Диловар Ашӯрзода), Ғайрулло (ҳунарпеша Сӯҳроб Шарифов) нафрати бепоён дошта, ҳар лаҳза омода аст, ки онҳоро шармандаю шармсор созад, ба рӯйи Абдулғанӣ (ҳунарпеша Файзалӣ Ҳасанов) барин камбағалҳои тамаллуккор пайваста бо қаҳру ғазаб менигарад, то ки ҳамеша алайҳи мунъимон назарбаланду арҷманд бошанд, вале Карим-Девона доимо нисбат ба Соҳибназар (ҳунарпеша Хоҷамқул Сатторов), Холиқназар (ҳунарпеша Баҳодур Шарифов), Абдулмаҷид (ҳунарпеша Аюб Фақиров), Шарифа (ҳунарпеша Момагул Раҳимова), Маҳтовбӣ (ҳунарпеша Ганҷина Саидова), Аҳмад (ҳунарпеша Фирдавси Турдиалӣ), Юдлош (ҳунарпеша Муҳаммадзоир Толибов), Мулло Абдурасул (ҳунарпеша Отахон Саидов) барин мардуми заҳматпеша ҳусни туваҷҷуҳ дорад.

Коргардон сабаби тахаллуси худро “Девона” интихоб намудани шоирро дар он мебинад, ки номбурда худро девона вонамуд карда, дар такя ба мақоли “Девона дӯсти Худост” ашъори ҳаҷвии зидди амалдорон гуфтаашро рӯирост мехонад, онҳоро дар байни мардум шармсору мулзам месозад, вале золимон низ алайҳи ӯ нақшаҳои густурда мекашанд, ӯро хариданӣ ва даҳонашро бастанӣ, ҳатто бадарға кардanӣ мешаванд.

Дар намоишнома Карим-Девона, агар дар аввал танҳо бо сухан алайҳи золимон мубориза барад, баъдан аз мушоҳида ба амал мегузарад. Ӯ дар хуруҷу шӯришҳои мардумӣ бевосита иштирок мекунад, зеро зулми чандинтарафаи феодалон, андозситониҳои бераҳмона мардуми бенаворо хонахароб карда буд. Меҳнаткашон аз инқилоби Русия илҳом гирифта, муқобили давлатмардони Ҳисору Бухоро исён мебардоштанд. Карим-Девона бошад, ҳам бо ашъори нишонрасу инқилобияш ва ҳам бо сухани бурроят мардумро рӯҳбаланд мекард.

Дар асар образҳои гуногунхислат амал мекунанд ва амалиёти онҳо образи Карим-Девонаро барҷастатар ва комилтар месозад. Яке аз онҳо толибилми мадраса ва ҷамъоварандаи ашъори шоир Карим-Девона Абдулмаҷид (ҳунарпеша Аюб Фақиров) мебошад. Коргардон дар намоишнома аввал муошиқати ӯро бо Маҳтовбӣ (ҳунарпеша Ганҷина Саидова) нишон медиҳад. Онҳо ғазали Карим-Девонаро дар шакли бадеҳа хеле таъсирбахш мехонанд.

Дар намоишнома фарҷоми тақдири Абдулмаҷид бо он меанҷомад, ки “забони сурхаш” “сари сабзаш”-ро ба бод медиҳад. Ба сабаби аз воқеаҳои олам бохабар ва ҳушёру бедор будан ба қатл расонида мешавад. Ҳақиқатан иҷрокунандаи нақши Абдулмаҷид (Аюб Фақиров) мақоми худро хеле хуб адо намуда, мавриди таҳсини тамошобинон қарор гирифт.

Образи Аҳмад (ҳунарпеша Фирдавси Турдиалӣ) низ дар намоишнома хуб баромадааст, зеро ӯ бо вуҷуди борҳо мавриди таъқиб қарор гирифтан барои озодии халқаш мубориза мебарад, вале ба сабаби ба ҳунарпешагони соҳибтаҷриба додани образҳои манфӣ дар асар нисбат ба қаҳрамонҳои мусбат образҳои манфӣ нақши худро хеле хуб ва табиӣ мебозанд, бинобар ин, Аҳмад барин образи мусбат нонамоён шуда мондааст. Махсусан, нақшҳои Муҳаммадалии Ашқар ва кӯри Барот дар иҷрои Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Муҳаммад Шомуддинов ва мулло Сафар дар иҷрои Ҷӯрахон Расулов хеле хотирмон баромадаанд. Қурбонмуҳаммад Шукуров нақши Карим-Девонаро хеле хуб бозидааст. Қаду баст, қиёфа, чашмон (кабуд) ва ҳаракатҳояш Карим-Девонаи воқеиро мемонад.

Рассом-таҳиягари намоишнома Убайдулло Давлатов кӯшиш намудааст, ки саҳнаро хуб ороиш диҳад, вале кӯҳи Ғозиёнро ба ҷойи дар қуллааш абрҳои сафедро тасвир кардан барфи сафед кашидааст, ки воқеияти манзара зери суол мондааст.

Ба намоишнома Корманди шоистаи Тоҷикистон Шералӣ Қосимов мусиқӣ офарида, ба сурудҳои Карим-Девона оҳангҳои марғуб бастааст. Хушбахтона, сурудҳо бехато ва бо овози бурроюю расо иҷро шуда, табъи шунавандагонро болида сохтанд.

Роҷеъ ба намоишномаи мазкур андешаҳои Саидҷаъфар Баёзӣ таҳти унвони “Бурду бохти Каримдевона” (“Адабиёт ва санъат”, 4 октябри соли 2018, №40 (1959) нашр гардид, ки дар он муаллиф ба ҷойи ҳусну қубҳи намоишномаи мазкурро нишон додан, баъди 50 соли интишори намоишномаи устод Тӯрахон Аҳмадхонов “Карим-Девона”(1969) ва баҳои воқеӣ гирифтан аз ҷониби театршиносон имрӯз кадом як “донишу фаҳмиши театрӣ” доштае аз таги нохун чирк меҷӯяд. Бинед, тавсияҳои “театршинос”-ро: ”Масалан, ҷавони балҷувоние (дар Т.Аҳмадхонов- кангуртӣ), ки ба бозор наскфурӯшӣ (нодуруст:арзанфурӯшӣ) омадааст, Каримдевонаро ба меҳмонӣ даъват менамояд. Чун рафтану нарафтани Каримдевона ба Балҷувон номаълум мемонад, барои қонеъ кардани тамошобин бояд Каримдевона ҷавоб медод, ки: ”роҳи дур-азоби гӯр”, писарам. Ман пойи пиёдаю бо хари лангам рафта наметавонам...”. С. Баёзии ғайбдон ҳатто фикр накардааст, ки синни шахсе, ки ҳоло ба 40 нарасидааст ва Карим-Девонае, ки тамоми ҳудуди

Ӯзбекистони имрӯза, аз он ҷумла Самарқанду Бухорову қисмати шимоли Тоҷикистони имрӯзаро пойи пиёдаю харакӣ тай кардааст, чаро то ба Балҷувон рафта наметавонистааст? Бинобар ин, сукути Карим аломати ризост. Баъдан, шеъри Карим на тавассути коғаз, балки аз даҳон ба даҳон кайҳо ба Балҷувон расида буд. Агар ҳамин тавр намебуд, Аҳмад аз куҷо ӯро мешинохт? Бесавод будани шоир низ то ҳол исботи худро наёфтааст. С. Баёзӣ, ки дар бораи Карим-Девона ба ҷуз ЭСТ дигар таълифотеро рӯйи даст надорад, беҳуда ба ҳован об мекӯбад. Оид ба образи мулло Абдурасул низ муаллифи намоишнома дар саҳнаҳои пешина заминаи мусоид муҳайё кардааст ва тамошобини закӣ ба осонӣ аз донишманди закию муътабар будани ӯ огоҳӣ дорад. Агар Баёзӣ оинаи каҷнамои Баёзӣ Абдурасулро каҷ дида бошад, пас, Баёзӣ айбро дар дигарон наҷӯяд, балки дилу нияти худро рост кунад. Ҳатто Баёзӣ ба оғози намоишнома низ эрод мегирад, зеро ӯ ба шунидани афсонаҳои модаркалон, ки бо “Буд- набуд” оғоз ёфта, бо “онҳо он ҷо буданд, мо омадем” одат кардааст. Фаҳмидан намехоҳад, ки адиб асарро аз кадом лаҳзае, ки хоҳад, ҳусни оғоз мебахшад. Мо дар тӯли тамошои чандинкаратаи намоиш боре нашунидем, ки касе аз нафаҳмидани мазмуни он забони шиква кушода бошад. Бо ин тавсияваш Баёзӣ тамошобинро муфтхӯр, бетафаккур ва бе тахайюлоти бадеӣ карданист. Ба тааҷҷуб афтодани Баёзӣ аз оғози намоишнома низ боиси нигаронӣ аст. Охир, асари Т. Аҳмадҳонов дар асоси хатти сужети қиссаи Ҳабибулло Назаров “Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона” навишта шудааст ва сужети мазкур аз соли 1961 то ҳозир барои ягон мутахассиси адабиёту фарҳанг тааҷҷуббарангез набуду имрӯз барои Баёзӣ тааҷҷуббарангез шуд? Мегӯянд, душман, ки айб наёфт, ”Думи сагат - каҷ” мегуфтааст. Баёзӣ дигар камбудӣ ёфта натавониста, баҳонаи хандаовари кам будани зарбулмасалу мақолҳоро дастак кардааст ва оид ба аҳамияти корбасти зарбулмасалу мақолҳо хонандаро панд додан хостааст, ҳол он ки сар то сари ин асарро панду андарзҳои мардумӣ, ибораю вожаҳои рехтаи халқӣ ташкил медиҳад. Агар ҳамин тавр намебуд, ин асар солҳои тӯлонӣ мондагору пойдор наmemонд ва Ҳабибулло Абдураззоқов ва Мирзоватан Миров барин коргардонҳои соҳибтаҷриба ба он рӯй намеоварданд. Нотавонбинии Баёзӣ ба ҳадде расидааст, ки ба анҷоми намоишнома низ нуктагирӣ кардааст, ҳол он ки ба қозихона кашида шудани шоир ва мусодира гардидани хараш маънои онро дорад, ки шоирро беки Ҳисор ба балои азиме гирифтор карданист. Давоми воқеаро ҳам драматург ва ҳам коргардон ба дарки тамошобин ҳавола кардаанд. Эродҳои Баёзӣ ба эпилоги намоишнома низ бепоянд, зеро тамошобин бо наззораи охирсухани намоишнома мақсади коргардонро ба хубӣ дарк месозад ва ба хулосае меояд, ки баъзеҳо тамоми умр ҳайкали зиндаанд, вале ба бархе баргузидагони миллат танҳо пас аз фавт ҳайкал мегузоранд, то ки хотираашон абадӣ дар дилу дидаи мардум боқӣ монанд. Дар охири мақолааш Баёзӣ аз таърихи ба саҳна гузоштани намоишномаи мазкур аз тарафи М. Миров ва Ҳ.Абдураззоқов ёдовар шудааст ва таъкид кардааст, ки тамошобинон онро хуб пазироӣ кардаанд, вале ба сабаби он ки коргардон дар таҳияи намоишномаи мазкур аз ӯ ва ҳамтабақонаш машварат нагирифтааст, ҳатто истиқболи самимию кафкӯбиҳои бардавоми тамошобинони театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар аз ин намоишнома ва иҷрокунандагони он ба дидагони танҳо айбҷӯйи ӯ барнахӯрдааст:

Табъат даме, ки моили айби касон шавад,
Ойина гир, к-аз сари инсоф нагзарӣ (Бедил).

Агар ба ҷойи Баёзӣ устодон Кароматулло Мирзоеву Ато Ҳамдам, Ҳасан Юсуфи Файзбахш, Искандар Бобоев ва Ҳикмат Раҳмат даъвои мушовирии ин намоишномаро мекарданд, нуран алонур буд, вале Баёзӣ ва маслиҳатчиёнаш, ки то имрӯз перомуни Карим-Девона барин шоири мардумии ашъораш гӯё аз сатҳи шеърфаҳмии онҳо паст сатраке навиштанро барои худ ор медонистанд, имрӯз даъвои маслиҳатчигии намоишнома дар бораи Карим-Девонаро доранд. Ба ҷойи ин ҳама жожхойиҳо ва андешаҳои муғризона, агар ҷаноби Баёзӣ маҳорати актёрии ҳар як ҳунармандро мавриди таҳлили амиқ қарор медод, мо пеши ӯ ва ҳунари театршиносиаш сари таъзим фуруд меовардем. Ҳақ бар ҷониби Расул Ҳамзатов аст, ки гуфтааст:” Баъзеҳо на барои он сухан мегӯянд, ки сарашон пур аз фикрҳои бикр аст, балки забонашон мехорад.” Ба ҳар ҳол ба қавли шоир “Ҳар кас, ки сараш дард кунад, ҳақ дорад”.

Дар охир ҳаминро таъкид карданием, ки бо вуҷуди баъзе камбудиҳо рӯйи саҳнаи театри мусиқӣ- мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар омадани намоишномаи “Карим- Девона” муваффақияти бузурги ҳайати эҷодии театри мазкур буда, онҳо тавонистанд, ки ба тамошобини тоҷик як асари марғубу ҷолиби диданиро эҳдо намоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Назаров Ҳ. Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона / Ҳ. Назаров. - Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1961.
2. Ҳасани Муродиён, Қурбонии инқилоб ва ҳақгӯй. (Мусаввада).

3. Ҳабибулло Назаров. Осори мунтахоб. Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона. Мирзо Ризо. - Душанбе: Ирфон, 1978. - Ҷ.1. - 456 с.
4. Ҳасан Юсуфи Файзбахш. Валлай, шудӣ ормонӣ. - Душанбе: Ирфон, 2014. - 119 с.
5. Ҳасан Юсуфи Файзбахш. Карим-Девона, ман ва ҳамдеҳагони ман // Хатлон. - №41 аз 15.10.2013. – С.3.
6. Ҳасан Юсуфи Файзбахш. Карим-Девона, ман ва ҳамдеҳагон. – Душанбе: Ирфон, 2015. - 95 с.
7. Ҳидоятов И. “Сатрҳои оташин”-и Карим-Девона - меҳмони ӯзбекон / И.Ҳидоятов // Рӯзномаи “Маориф ва маданият”.
8. Ҳисомов Қ. Неъматов Т. Карим-Девона / Қ. Ҳисомов // Рӯзномаи “Маориф ва маданият”, 1962. 19 июл.
9. Ҳасани Муродиён. Шуълаест, к-аз дуд фориғ. – Душанбе: Ирфон, 2016. - 225 с.

КАРИМ -ДЕВОНА БОЗ ДАР САҲНА

Мақолаи мазкур ба баррасии мавзӯи басаҳнагузории театрии песаи“Карим- Девона” дар саҳнаи театрӣ бахшида шудааст. Пас аз интишори қиссаи Ҳабибулло Назаров “Дар ҷустуҷӯи Карим- Девона” (1961) ва баъди соли 1965 бо паст шудани шиддати баҳс перомуни буду набуди шоири мардумӣ бо номи Абдукарими Қурбон образи номбурда ба саҳнаи театрҳо низ роҳ ёфт. Соли 1969 ҳунарпеша ва драманависи соҳибном Тӯрахон Аҳмадхонов намоишномаи “Карим-Девона”-ро дар асоси асари Ҳабибулло Назаров “Дар ҷустуҷӯи Карим -Девона” иборат аз се парда ва шаш намоиш эҷод намуд. Драмаи мусиқии мазкурро нахуст ҳунарпеша ва коргардони бомаҳорат, Артисти хизматнишондодаи ҷумҳурӣ устод Ҳабибулло Абдураззоқов дар театри ба номи А.С. Пушкини шаҳри Ленинобод (ҳоло театри ба номи Камоли Хуҷандии шаҳри Хуҷанд) соли 1970 иборат аз ду пардаю шаш намоиш ба саҳна гузошт, ки нақши Карим-Девонаро ҳунарпешагон Н. Дӯстматов ва М. Мадаминов бозидаанд. Баъдан ба намоишномаи мазкур Ходими хизматнишондодаи санъати Тоҷикистон, Ҳунарманди халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ Мирзоватан Миров рӯ оварда, соли 1978 песаи мазкурро дар театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи С.Вализодаи шаҳри Кӯлоб ба саҳна гузошт. Инак, ба шарафи 140 -солагии шоири мардумӣ Карим – Девона ва 110 –солагии муаллифи қиссаи марғуби “Дар ҷустуҷӯи Карим –Девона” нависанда ва шоир Ҳабибуллоҳ Назаров театри вилоятии мусиқӣ – мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар низ намоишномаи “Карим- Девона”-ро аз рӯйи асари Тӯрахон Аҳмадхонов бо эҳтимоми коргардон–таҳиягар Қурбонмуҳаммад Шукуров бо диди тоза рӯйи саҳна овард.

Калидвожаҳо: шоири мардумӣ бо номи Абдукарими Қурбон, образи шоир, намоишномаи “Карим-Девона”, саҳнаи театрҳо, театри вилоятии мусиқӣ – мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар.

КАРИМ -ДЕВОНА ОПЯТЬ НА СЦЕНЕ

Данная статья посвящена рассмотрению темыпостановки пьесы “Карим- Девона” на театральной сцене. дар саҳнаи театрї бахшида шудааст. После издания повести Хабибулло Назарова “В поисках Карима- Девона” (1961) и после утихания споровотносительно существования или несуществования народного поэта по имени Абдукарими Курбон данный образ нашел путь и на театральные сцены. В 1969 году известный таджикский актёр и драматург Турахон Ахмадхонов на основе произведения Хабибулло Назарова “В поисках Карима- Девона” создал спектакль “Карим-Девона”, который состоял из трех актов и шести представлений. Данную музыкальную драму впервые поставил на сцену актёр и режиссер, Заслуженный артист республики Хабибулло Абдураззоков на сцене Театра имени А.С. Пушкина города Ленинабад (сейчас театр имени Камола Худжанди города Худжанда) в 1970 году, который состоял из двух актов и шести представлений, в котором роль Карима-Девона сыграли артисты Н. Дустматов и М. Мадаминов. Впоследствии на данный спектакль обратил внимание Заслуженный деятель культуры Таджикистана, обладатель Государственной премии им. А.Рудаки Мирзоватан Миров и в 1978 году поставил на сцене Театра музыки и комедии имени С.Вализода города Куляба. И теперь, в честь 140 – летия народного поэта Карима – Девона и 110 –летия автора повести “В поисках Карима- Девона” писателя и поэта Хабибулло Назарова в областном театре музыки и комедии имени Ато Мухаммадджонова города Бохтар режиссер-постановщик Курбонмухаммад Шукуров поставил на сцену спектакль“Карим-Девона” по пьесе Турахона Ахмадхонова.

Ключевые слова: народный поэт по имени Абдукарими Курбон, образ поэта, спектакль “Карим-Девона”, театральные сцены, областной театр музыки и комедии имени Ато Мухаммадджонова города Бохтар.

CARIM -DEVONA AGAIN ON STAGE

This article focuses on the topic of the play “Karim-Devon” on the theater stage. The gift of the Saњnai Theater bakhshida Shudaast. After the publication of Khabibullo Nazarov's novel “In Search of Karim-Devon” (1961) and after the decline of controversy regarding the existence or non-existence of a national poet by the name of Abdukarimi Kurbon, this image found its way to theatrical scenes. In 1969, the famous Tajik actor and playwright Turakhon Ahmadkhonov, based on the work of Karim-Devon by Habibullo Nazarov “In Search of Karim-Devon”, consisted of three acts and six performances. This musical drama was first put on the stage by an actor and director, Honored Artist of the Republic Khabibullo Abdurazzokov on the stage of the A.S. Pushkin of the city of Leninabad (now the Kamol Khujandi Theater of the city of Khujand) in 1970, which consisted of two acts and six performances, in which artists N. Dustmatov and M. Madaminov played the role of Karim-Devon. Subsequently, this performance drew the attention of Honored cultural worker of Tajikistan, winner of the State Prize. A. Rudaki Mirzovatan Mirov and in 1978 put on the stage of the Theater of Music and Comedy named after S. Valizod of the city of Kulyab. And now, in honor of the 140th anniversary of the national poet Karim-Devon and the 110th anniversary of the author of the story “In Search of Karim-Devon” by writer and poet Habibullo Nazarov, the regional theater of music and comedy named after Ato Muhammadjonov in the city of Bokhtar was staged by Kurbonmuhammad Shukurov on the stage the play “Karim-Devon” based on the play by Turakhon Ahmadkhonov.

Key words: national poet named Abdukarimi Qurbon, the image of the poet, the play “Karim-Devon”, theatrical scenes, the regional theater of music and comedies named after Ato Muhammadjonov of the city of Bokhtar.

Сведения об авторе: ***Факиров Х.*** **–** Бохтарский государственный университет им Н. Хусрава, докторант Ph.D.
Адрес: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, ул. Айни, 67. Тел.: **(+992) 917-06-51-44**

Information about the author: ***Fakirov Kh.*** - Bokhtar State Universitv named after N.Khusraw, Ph.D student. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, ul. Aini, 67. Tel.: **(+992) 917-06-51-44**

УДК: 891.550-1:82

«МИСБАХ-УЛ-ХИДАЯ ВА МИФТАХ-УЛ-КИФАЯ» ИЗЗУДДИНА КАШАНИ КАК ПАМЯТНИК СУФИЙСКОЙ ПРОЗЫ В ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Мансурова З.А.
Худжандский государственный университет им. Бободжона Гафурова

К изучению персидско-таджикской суфийской литературы невозможно приступить, не ознакомившись с самим понятием «суфизм, суфий», философией суфизма и постулатами этого учения. Следовательно, автор в начале статьи решила предоставить читателю краткий обзор о понятиях суфизма, суфия и суфийской философии.

Суфизм (тасаввуф) и его представители на протяжении многих веков оказывали огромное влияние на культуру, философию, литературу и развитие духовности арабоязычных и персоязычных народов и стран.

Этимология слова «суфий» до сих пор является предметом спора исследователей. Часть суфиев считают его производным от арабского слова «сафа», что в переводе означает «чистота», «чистосердечность». Другие предполагают, что слово «суфий» произошло от греческого sophos, что значит «мудрость». Наиболее достоверным и соответствующим историческим фактам является предположение, что слово «суфий» произошло от арабского «суф» - шерсть и означает «шерстяной». Источники свидетельствуют, что последователи суфизма, выбирая аскетичный образ жизни, носили шерстяную одежду и власяницу – шерстяной плащ, который являлся символом их благочестия, отрешенности и протеста против мирских благ.

Относительно истории появления и формирования мировоззрения исламского суфизма научными исследователями выдвигались несколько версий. Часть из них, основываясь на сходности суфийских постулатов с некоторыми неисламскими воззрениями, предполагали, что суфизм сформировался под влиянием буддизма и христианства (например, суфийское убеждение об аскетичном образе жизни и отрешенности в уповании на Бога сходны с монашеством в христианстве). Например, Рейнхардт Дози (1820-1883) – голландский ученый, знаток арабского языка, истории и литературы придерживается мнения, что основным источником суфизма является зороастрийское учение. Или же известный немецкий востоковед XX-го века Макс Хортен, основываясь на высказываниях суфиев Байазида Бистами (804-874), Джунайда ал-Багдади (ум. в 909 г.) и Халладжа Абу Абд Аллах ал-Хусайна (858-922) выдвинул гипотезу о том, что на формирование суфизма повлияли индуизм и брахманизм. История формирования мировоззрений суфизма и его появления в последние два десятилетия были объектом изучения многих ученых. Сегодня большинство исследователей суфизма придерживаются той точки зрения, что, несмотря на сходность исламского суфизма с неисламскими мистическими течениями, суфизм в исламе представляет собой самостоятельное учение, источником которого является Коран и ислам.

Согласно философии *(хикме)*[1, с.109-115] учения суфизма, целью суфия является познание Истины – Бога путем интуиции и откровения. Суфий признает Бога не разумом, а сердцем. Во время чтения молитв, совершения обрядов и при помощи «мистического вкушения» *(завк),* суфий впадает в состояние экзальтации и оказывается в единении с Богом, божественная истина которого сокрыта внутри сердца. Суфий считает Божий закон *(шариат)* и практический метод *(тарикат)* освещающим путь светильником, но конечной целью является не путь и не светильник, а Истина – эзотерическое познание (*ма'рифа*). На пути постижения Истины суфий преодолевает несколько стадий-остановок *(макамат)*.

В зависимости от путей *(тарикатов*) постижения Истины в исламском суфизме появилось несколько направлений, одним из которых является Сухравардия, названное в честь основателя Шихабуддина Умара Сухраварди.

Шихабуддин Абухафс Умар Сухраварди (1145-1234) один из известнейших представителей суфизма и религиозно-философской мысли XIII века. Сухраварди посвятил свою деятельность «божественной философии» (фалсафаи илохи) и основал орден «Сухравардия», который на протяжении многих столетий объединял большое количество мыслителей, теологов и последователей в Средней Азии, Иране, Ираке, Афганистане, Пакистане и Индии.

Главным трудом Сухраварди считается трактат «Авариф ал-ма'ариф» («Дары божественного знания»), который является своего рода руководством для суфия на пути

постижения Истины. Среди ученых- теологов XIII века, внесших вклад в изучение и распространение «Сухравардия», особое место занимает Иззуддин Махмуд Кашани. Его книга «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» представляет собой вольный перевод «Авариф ал-ма'ариф» Сухраварди на персидский язык, дополненный комментариями и пояснениями со стороны автора.

Иззуддин Махмуд ибн Али Кашани является одним из ярчайших философов, мыслителей и ученых конца XIII и начала XIV вв. К сожалению, данные о биографии этого ученого, которые дошли до нашего времени, очень скудны. Из источников известно лишь то, что он был учеником двух великих последователей суфийского ордена *(тариката)* Сухравардия, которые оказали огромное влияние на формирование его философских мировоззрений. Его первый учитель и наставник - *Нуриддин Абду Самад ибн Али Нетензи Исфахани* (ум. 699 х./1299 г.) ученик *(мурид)* Наджибуддина Али ибн Бузгуши Ширази** был родом из Исфахана, но переехал в Нетенз (*город в центральном Иране, провинции Исфахан.- М.З.)* и основал там свою обитель *(ханака)*. Второй учитель Иззуддина Кашани – *Захируддин Абдуррахман ибн Шайх Наджибуддин Али ибн Бузгуши Ширази* (ум. В 714 х./1314 г.), сын Наджибуддина Али ибн Бузугуши Ширази. Его отец был учеником *(муридом)* и последователем Шихабуддина Умара Сухраварди. В источниках приводится рассказ о том, что когда Захируддин был еще в утробе матери, Шихаббудин Сухраварди прислал его отцу Наджибуддину отрезок от своего святого плаща. Как только Захируддин появился на свет, его завернули в этот отрезок, и он стал его первым одеянием.

«Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» в переводе с арабского языка означает «Светильник праведного пути и ключ одаренности» [3, с.672-868] является одним из величайших произведений персидско-таджикской суфийской прозы XIII века. Иззуддин Кашани в предисловии отмечает, что к работе над переводом «Авариф ал-ма'ариф» приступил «по просьбе друзей и братьев *(по ордену.- М.З.),* которые хотели узнать больше об учениях суфиев, но обладали скудными знаниями арабского красноречия» [2, с.3].

Книга состоит из десяти глав *(боб),* каждый из которых состоит из десяти разделов *(фасл)*:

1. О верованиях *(и'тикадат)* суфиев;
2. О науках *('улум);*
3. О знании (*ма'рифат*)
4. О терминологии суфиев (*истилахат*)
5. О суфийской благодетели (*мустахсинат*)
6. О поведении (*адаб*)
7. О труде (*а'мал*)
8. Об этике (*ахлак*)
9. О стадиях-остановках *(макамат)*
10. О состояниях (*халат*) и заключение (*хатм*)

Книга содержит большое количество стихов, рассказов арабских поэтов и писателей и является ценным источником в исследовании представителей своего времени. Несмотря на то, что книга написана на персидском языке, она содержит большое количество арабских словосочетаний и фраз. Например, калил-ул мата' (قليل المتاع) или же касир-ул-алба' (قصير الألباع) [2, с.3-4]. Следовательно, читатель книги для ее понимания должен обладать знаниями в области философии, теологии, персидской литературы и арабского языка. Возможно, это явилось причиной тому, что данная книга по сей день входит в число малоизученных произведений персидско-таджикской суфийской литературы.

В 1891 году Люит Кой Вайлберфорс Кларк опубликовал английский перевод «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» в Калькутте, Индии как приложение к Дивану Хафиза на английском языке. Автор в своем издании отмечает, что ни «Авариф ал-ма'ариф», ни «Мисбах-ул-хидая» ранее на английский язык не переводились, и что он публикует в своей книге более половины перевода «Мисбах-ул-хидая» [5, с.439-441].

Книга «Мисбах-ул-хидая ва мифтах ул-кифая» была опубликована в 1325 г.х. в Индии. Книга была издана при поддержке Джалаллидина Хумои, который также выступил в роли редактора.

Джалалиддин Хумои разделил материал «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» на семь частей:

1. Метод религиозных размышлений: тавхид, нубувват и ма'ад
2. Знания и эзотерическое познание: обязательное знание и практический путь постижения Истины, практика, вахй, наитие (*илхам),* открытие *(кашф*) и наблюдения *(шухуд*).

** Наджибуддин Али ибн Бузгуши Ширази (ум. 678 х./1276г.) -известный просветитель и наставник (ариф) суфийского ордена Сухравардия

3. Суфийская терминология и пояснения: община и аскеза, трезвость (*сухв*) и опьянение (*сакр*), одежда суфия *(хирка)*, основа обители (*ханака)*.

4. Об этикете индивида и общины: собрания и уединения, этикет наставника *(шейха*) и ученика *(мурида)*, воздержание от еды и одежды.

5. Деятельность в соответствии с направлением ордена: обязательные и рекомендуемые.

6. О поведении: о правде, доброте, постижении, отдаче и любви.

7. Остановки *(макамат)* и состояния *(халат)* идущего по пути практического познания *(салик)*.

Хаджи Халифа в своей книге «Пояснения к «Гулшани раз» упоминает о туркоязычном переводе «Мисбах-ул-хидая», который был выполнен турецкими суфиями - последователями Сухравардия.

В дополнение к этому, Имадуддин Али Кирмани, известный под псевдонимом Имад Факих (ум. в 773 х.), изложил «Мисбах-ул-хидая» в стихотворной форме и добавил также свои комментарии и рассуждения об «Авариф ал-ма'ариф». Его произведение так же, как и «Мисбах-ул-хидая», состоит из десяти глав (*боб*), каждая из которых состоит из десяти разделов (*фасл*). Имад Факих назвал свое произведение «Тарикат-намэ», что в переводе на русский язык означает «Руководство по учению». «Тарикат-намэ» состоит из 2770 бейтов, которые поэт написал в возрасте 40 лет и посвятил Эмиру Мубаризуддину Мухаммад Музаффару. Произведение Имада Факиха было опубликовано в составе сборника сочинений поэта, изданного в 1357 г.х. под именем «Панч ганч» (Пять сокровищ).

«Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» оказало большое влияние на персидско-таджикскую суфийскую литературу, и в целом, на распространение идей ордена Сухравардия в странах Ближнего Востока. В частности, исследователь мусульманского мистицизма и классической арабской литературы, востоковед, автор более 100 работ на английском, русском, азербайджанском, персидском и арабском языках – Кныш А.Д. в своей книге «Мусульманский мистицизм» отмечает: «Среди мусульман, говорящих на персидском языке, ас-Сухраварди известен прежде всего, благодаря сочинению «Светильник праведного пути и ключ к достаточности» (Мисбах ал-хидайа ва мифтах-ал-кифайа) Изз ад-дина Махмуда б. Али Кашани (ум. в 735/1334/-5г.). Оно представляет собой детальное изложение Авариф-ал-ма'ариф, которое дополнено собственными рассуждениями Кашани относительно этики и правил поведения, принятых среди суфиев его эпохи» [4, с.230].

Это произведение привлекает внимание исследователей литературы, культуры и философии Ирана. К сожалению, в Таджикистане «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» еще не подвергалось тщательному научному исследованию. Тем более что после приобретения независимости и распространения идеологии определения национальной идентичности, исследование появления и становления персидско-таджикской философской литературы является одним из способов изучения истоков и самоопределения для таджикского народа. Следовательно, исследование данного произведения, определение его литературной ценности и выявление его места в персидско-таджикской литературе приобретает особое значение.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. 'Абд ал-Хусайн Зарринкуб. Ценность суфийского наследия / М. Махшулова; под ред. А.А. Хисматулина; пер. с перс. с примеч. - СПб.: Петербургское Востоковедение, 2012. - 304 с.
2. «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» Иззуддина Махмуда Кашани, ред. и комментарии Иффат Карбоси и Доктора Мухаммада Риза Барзгар Халики. - Техран, 1969. - 656 с. (на перс.яз.)
3. Баранов Х.К. Большой арабско-русский словарь: В 2 т. Ок. 100000 слов и словосочетаний / Х.К. Баранов. - 12-е изд., стер. - М.: Живой язык, 2008 г.
4. А.Д. Кныш. Мусульманский мистицизм (пер. с англ) / А.Д. Кныш, М.Г. Романовой. - СПб.: Диля, 2004. – 230 с.
5. Диван Хафиза. Л.К. Вайлберфорс Кларк (THE-DIVANI-HAFIZ), Preface by Lieut.-Coi.. H. Wilberforce Clarke, 1891, Calcutta: Government of India Cenral Printing Office, 8 Hasting Street.
6. Суфизм в контексте мусульманской культуры. - М.: Наука, Главная редакция восточной литературы, 1989. - 341 с.
7. Ахроров Ф.М. Религиозно-мистические воззрения Шихабуддина Абухафса Умара Сухраварди на основе его трактата «Авариф-ал-ма'ариф», диссер. ТГПУ им.С.Айни / Ф.М. Ахроров. - Душанбе, 2012.
8. Бертельс Е.Э. Избранные труды. Суфизм и суфийская литература / Е.Э. Бертельс. -М.: Наука. Главная редакция восточной литературы, 1965.- 528 с.

«МИСБОҲ-УЛ-ҲИДОЯ ВА МИФТОҲ-УЛ-КИФОЯ» -И ИЗЗУДДИН КОШОНӢ ҲАМЧУН ЁДГОРИИ ОСОРИ НАСРИИ СӮФӢ ДАР АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК

Дар мақола ёдгории осори насрии сӯфии адабиёти форсу тоҷик «Мисбоҳ-ул-ҳидоя ва мифтоҳ-ул-кифоя» мавриди баррасӣ қарор гирифтасст. Муаллифи асар Изуддин Маҳмуди Кошонӣ – файласуф, намояндаи маданияту адабиёт, теолог ва олими арсҳои XIII-XIV мебошад. Сараввал дар оғози мақола муаллиф ба хонанда дар бораи мафҳумҳои тасаввуф, сӯфӣ ва фалсафаи суфиёна маълумот медиҳад. Дар бораи тарҷумаи ҳоли Иззуддин Маҳмуди Кошонӣ ва ташаккулёбии ҷаҳонбинии ӯ низ маълумот оварда шудааст. Инчунин, дар бораи таърихи таълифи асар, сохтору муҳтавои он ва номгузории бобҳои он

маълумот дода шудааст. Қайд карда шудааст, ки «Мисбоҳ-ул-ҳидоя ва мифтоҳ-ул-кифоя» тарҷумаи озоди асари «Авориф-ул-маъориф»- и Сӯҳравардӣ буда, Иззуддин Маҳмуди Кошонӣ онро бо шарҳҳои иловагии худ оиди хулқу рафтор ва одоби сӯфиёни замонаи худ пурра гардонидааст. Барои омода сохтани мақола муаллиф ҳамчун сарчашма китоби «Мисбоҳ-ул-ҳидоя ва мифтоҳ-ул-кифоя»-ро, ки соли 1969 дар Теҳрон бо забони форсӣ аз чоп баромадааст, истифода бурдааст. Дар муқаддимаи асари худ Иззуддин Маҳмуди Кошонӣ қайд мекунад, ки ба тарҷумаи «Авориф-ул-маъориф» -и Шиҳабуддини Сӯҳравардӣ бо пурсиши дӯстони худ, ки пайравони сӯҳравардия буданд, оғоз кард. Қайд карда мешавад, ки дар чорчӯбаи идеологияи ҳудшиносии миллӣ, омӯзиш ва мавриди баррасии илмӣ қарор додани ёдгории осори форсу тоҷик - «Мисбоҳ-ул-ҳидоя ва мифтоҳ-ул-кифоя» барои мардуми тоҷик аҳаммияти хосса пайдо мекунад.

Калидвожаҳо: насри форсу тоҷик, тарҷумаи «Авориф-ул-маъориф», Мисбоҳ-ул-ҳидоя, сӯҳравардия, Иззуддин Кошонӣ, тасаввуф, адабиёти суфӣ.

«МИСБАХ-УЛ-ХИДАЯ ВА МИФТАХ-УЛ-КИФАЯ» ИЗЗУДДИНА КАШАНИ КАК ПАМЯТНИК СУФИЙСКОЙ ПРОЗЫ В ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В статье рассматривается памятник персидско-таджикской суфийской прозы «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая», автором которого является Иззуддин Махмуд Кашани – философ, деятель культуры и литературы, теолог и ученый XIII-XIV вв. Автор статьи дает читателю представление о понятиях суфизм, суфий и постулатах философии суфизма. В статье дается краткая информация о биографии Иззуддина Махмуда Кашани и формировании его мировоззрения. Также раскрыта история написания произведения, структура содержания и наименование глав. Отмечается, что «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» является вольным переводом «Авариф ал-ма’ариф» Сухраварди, дополненным комментариями Иззуддина Махмуда Кашани относительно этики и правил поведения суфиев той эпохи. Для подготовки статьи автор использовал в качестве источника «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» на персидском языке, изданного в Тегеране в 1969 году. В предисловии произведения Иззуддин Махмуд Кашани отмечает, что приступил к переводу «Авариф ал-ма’ариф» Шихабуддина Умара Сухраварди по просьбе друзей из числа последователей Сухравардия. Отмечается, что в рамках идеологии определения национальной идентичности, изучение памятника персидско-таджикской литературы «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» приобретает особое значение для таджикского народа.

Ключевые слова: персидско-таджикская проза, перевод «Авариф-ал-маариф», Мисбах-ул-хидая, Иззудин Кашани, Сухравардия, Аввариф-ал-маариф, суфизм, суфийская литература.

“MISBAH-UL-HIDAYA VA MIFTAH-UL-KIFAYA” OF ‘IZZUDDIN MAHMUD KASHANI AS A MONUMENT OF SUFI PROSE IN PERSIAN-TAJIK LITERATURE

The article presents a monument of Persian-tajik Sufi proze “Misbah-ul-hidaya va miftah-ul-kifaya” which author is Izzuddin Mahmud Kashani – philosopher, cultural and literature figure, theologist and scientist of XII-XIV centuries. The author of the article presents to the reader concise information about Sufism, Sufi and Sufism philosophy and postulates. Also was given information about Izzuddin Mahmud Kashani’s biography and forming of his mindset. Also you can find information about backstory of writing this opus, description of structure of content and name of the chapters. It is noted that “Misbah-ul-hidaya va miftah-ul-kifaya” is free interpretation of “Avarif al-ma”arif” of Shihabuddin Umar Suhravardi with additional comments of Izzuddin Mahmud Kashani about ethics and behavior rules among Sufis of that period. For preparing article the author used as a source the book “Misbah-ul-hidaya va miftah-ul-kifaya” in Persian language published in Tehran in 1969. In preface of the opus Izzuddin Mahmud Kashani noted that he started translation of “Avarif al-ma”arif” of Shihabuddin Suhravardi by request of his friends - followers of Suhravardiya. It is noted that within the framework of ideology of definition of national identity research of monument of persian-tajik literature “Misbah-ul-hidaya va miftah-ul-kifaya” takes on particular importance for Tajik people.

Key words: Persian-tajik prose, translation of “Avarif al-ma’arif”, Misbah-ul-hidaya, Izzuddin Kashani, Suhravardiya, Sufism, Avarif-al-ma’arif, Sufism literature.

Сведения об авторе: ***Мансурова Зебунисо Абдурауфовна*** **–** Худжандский государственныый университет им. Б.Гафурова, соискатель кафедры арабской филологии факультета восточных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **zina847@gmail.com.**
Телефон: **(+992) 927-04-88-69; 928-33-99-88**

Information about the author: ***Mansurova Zebuniso Abduraufovna*** – Khujand State University named after B.Gafurov, candidate for a degree of Faculty of oriental languages, Arabic philology department. **Address:** Tajikistan, 735700, Khujand, Mavlonbekova Street. 1a **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Pr. Mavlyanbekova 1.
E-mail: zina847@gmail.com Tel.: **(+992) 927-04-88-69; 928-33-99-88**

УДК: 14+82 (575.2)

ВЕЛИЧИЯ «ИРФАНИЧЕСКОЙ ЛЮБВИ» В ГАЗЕЛИ МИР САЙИДА АЛИ ХАМАДАНИ

Кодиров К.
Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава

Изучение ирфанической газели в таджикско-персидской литературе на сей день все еще стоит на начальном этапе развития, хотя в целом ряде работ заложены важные мысли и положения в этом направлении. Не будет преувеличением, если скажем, что в данное время у нас нет даже более или менее обоснованного общего представления об ирфанической газели не говоря уже о том уровне осведомленности об этого жанра, на котором можно было бы составить её общую характеристику. Для создания такой базы необходимо изучать творчество хотя бы наиболее значительных ‘арифов, оставивших существенный след в истории данной

ветви общей персоязычной поэзии.

К числу наиболее ярких и весьма плодовитых творцов ирфанической газели относится Мир Сайид Али Хамадани, творчество которого достаточно далеко не исследовано. Важность ирфанической газели Сайида Али Хамадани обосновывается ещё и тем, что она большей частью посвящена объяснению теогнозиса ирфана, его идеи и цели, а также теоретических положений. В этой газели также можно найти толкование главных положений и узловые вопросы ирфана в их преломлении в предшествовавшей творчеству автора поэзии на фарси.

Ирфанические газели Мир Сайида Али Хамадани утончена по звучанию и глубока по содержанию, в котором человек находит своё пристанище под сенью милости Творца:

Он ки аз сояи лутфи ту нишоне ёбад.
Ҳар кӣ бинад рухи ту, пора равоне ёбад.
В-он ки бар хоки сари кӯйи ту манзил созад.
Айши садсола бар он хок замоне ёбад.
Ташнаи васли ту чун роҳи хаёлат сипарад.
Нузули раҳ ҳар нафасе мулки ҷаҳоне ёбад.
Лаззати дарди ту ҳар мурдадиле кай донад,
Давлат он ёфт, ки аз дарди ту ҷоне ёбад.
Ҳар кӣ дар мулки ғамат нест, надорад айше.
Эй хуш он дил, ки дар ин кӯй маконе ёбад!
Дил гумон бурд, ки бӯйе зи ғамат ёфтааст.
Ин на ганҷест, ки ҳар кас ба гумоне ёбад.
Васфи сӯзи шаби хаҷри ту касеро шояд,
Ки ба ҳар мӯйе аз ин шева забоне ёбад.
Гар кунӣ бар дили пурдарди Алоӣ назаре.
Аз ҷафоҳои фалак якраҳ амоне ёбад.
(Тот, кто от сени Твоей милости раздобудет какой-то след,
Всяк, кто увидит Его лицо, увидит кусок духа.
А тот, кто на пыли Твоей улицы устроит привал,
Столетнее наслаждение получит за какой-то миг.
Жаждущий соединения с Тобой путь мечты когда пройдет,
За каждое дыхание целое царство приобретет.
Наслаждение от боли по Тебе, откуда знать унылому,
Приобрел счастье тот, кто от боли по Тебе душой ожил.
Тот, кто не на земле тоски по Тебе, не знает наслаждения,
О, как радостно сердцу, нашедшему пристанище на той улице.
Сердце полагало, что почуяло аромат тоски по Тебе,
Это не тот клад, что каждый на угадь его находит.
Описать терзания ночи и разлуки с Тобой право того,
Кто на каждом волоске по сто языков той манеры находит.
Если Ты разок взглянешь на измученное сердце Алайи,
Приобретёшь на время покой от притеснений неба) (3, № 546. № 376[б]).

Любовь в газели Мир Сайида Али Хамадани имеет существенное значение в экстатическом отношении, так как ирфанические начала и принципы выражаются в процессе привлекательного и, преимущественно, прозрачного описания, Это обстоятельство и послужила тому, что это тема в ирфанической таджикско-персидской литературе стала предметом чрезвычайного распространения и учебным предметом ирфана. Ирфаническая любовь Мир Сайида Али Хама дани играет весьма существенную роль в распространении идей ирфана и, даже, в прямом воспитании теоретического и прикладного ирфана.

Мир Сайид Али Хамадани поистине является наставником «ирфаннческой любви», ибо его поэзия одухотворила ирфанические учебные принципы Аттара Нишапури и Джалал ид-дина Руми, раскрыл Санайи другими средствами своей поэзии.

Мир Сайид Али Хамадани в комментариях к касыде «Ҳамрияи маймая» («Винная касыда») Ибн Фариза Мисри пишет, что «ишқ» выводится из «ашақа», а она - растение, которое обвивает дерево и делает его жёлтым и сухим. Так же и любовь, которая аннигилирует дерево существа влюблённого в манифестации возлюбленной» (4,68).

В газели Мир Сайида Али Хамадани преимущественно используется понятие «любовь», ибо любовь предстаёт одним из свойственных ирфану символов. Любовь во всём творчестве Мир Сайида Али Хамадани во всех отношениях интерпретируется как духовность. Око, родинка, локоны, лик-всё имеют божественное подобие:

Бар ҷони мустамандон ҷоне зи ғам ниҳоданд,
К-аз сӯзи он ду олам дар ҳайрат уфитоданд.
Чун бар дари ҷалолаш одам ҷаве наярзад,

Бар ҳар гадои муфлис ин дар чаро гушоданд?
Бӯе зи зулфи он моҳ бигзашт бар ду олам,
Зарроти қавн аз он бӯ масти майи видоданд.
Чандин ҳазорт бедил бар бӯйи он саодат,
Дилҳо нисор карданд, ҷонҳо ба бод доданд.
Мастони ҳазраташро оромгоҳ бало шуд,
Бо сад ҳазор меҳнат бо ёди дӯст шоданд.
Қавме, ки пай набурданд бӯе зи хоки он дар,
Дар роҳи кашфу таҳқиқ, онҳо кам аз ҷамоданд.
Чун диди он надоранд, то руйи дӯст бинанд,
Аз модари табиат гуё магар назоданд.
Саргаштагони роҳаш бар нафс агар саворанд,
Ҳаргиз инони ҳиммат бар дасти ӯ надоданд.
Шуридагони ишқаш бар чорсӯйи ғайрат,
Пайваста чун Алойи бо хеш дар ҷиҳоданд.
(На душу несчастных положили душу из печали,
От горения которой два мира ввергпись в изумление.
Раз у порога её красоты мир не стоит и ячменя,
Зачем отворили эту дверь всякому нищему, попрошайке?
Аромат кудрей той луны пронёсся по двум мирам,
Частицы бытия от того аромата опьянены вином любви.
Столько тысяч влюблённых ради аромата того счастья,
Пожертвовали сердца, пустили по ветру жизни.
Опьяненным её присутствием пристанищем стала беда,
С сотнями тысяч мучений мыслью о друге ради.
Племена, которые не почувствовали аромата того порога,
По пути откровений и исканий они хуже камней.
Раз нет у них глаз, чтоб лик друга лицезреть,
Родились они будто родились не иначе, как от матери - природы.
Если её изумлённые путники сидели верхом на плоти,
Узды усердия в его руки бы не вручали.
Возбуждённые её любовью на перекрестке рвения
Постоянно, как Алайи, находятся в битве с собой) (3.№546.№377).

Любовь в газели Мир Сайида Али Хамадани имеет своё обозначение: она является духовной сутью и совершенствуется. С этой позиции газель Мир Сайида Али Хамадани предстаёт выразительницей сущности «ирфанической любви». Так, поэт в газели «Гавҳари маъни» («Жемчужина сути») пишет:

Дилеро, к-аз ғами ишқаш сари мӯе хабар бошад,
Зи ташрифи балои дӯст бар вай сад асар бошад.
Касе чун ғамзаи масташ зи зулфи ӯ парешон шуд.
Зи ному нанги куфру дин ба куллӣ бехабар бошад.
Буте к-аз нозукӣ табъаш малул аст аз гули сурӣ,
Миёни оташи ҷонам мудомаш чун мақар бошад?!
Ту дар гулхан тамаъ дорӣ, ки шохат ҳамнишин гардад,
Кучо ин фарри султонро бад-ин гулхан гузар бошад.
Гадоеро, ки бо султони беҳамто бувад савдо,
Дилаш пайваста решу айш талху дида тар бошад.
Саломатҷӯй, маҳрумӣ зи завқи мансаби шоҳӣ,
Сарири мулк он ёбад, ки азмаш пурхатар бошад.
Касе аз сирри ин маънӣ ба гуфтугӯ нашуд огаҳ,
Ки аз паймудани дарё таҳайюр бештар бошад.
Алӣ, гавҳар касе ёбад, ки ӯ аз сар қадам созад,
Кай уфтад гавҳари маънӣ туро, то қадри сар бошад.
(Сердцу, хотя бы на волосок разделяющему её любовь,
От посещения напасти на друга будет сто последствий.
Тот, кто, как её пьяное кокетство, от её кудрей расстроился,
От имени и чести, веры и ереси будет совершенно далёк.
Кумир, нрав которого от нежности страдает от красной розы,
Место её продолжения очаг пламени моей души.
Ты у топки мечтаешь о том, чтобы царь был тебе собеседником,
Когда же было, чтобы ореол царя проследовал рядом с топкой?
Нищему, у которого отношения с бесподобным государем,
Сердце всегда в ранах, наслаждение - горько, глаза влажные.

Ищи благополучия в лишении восторга положением царя,
Престол страны тому, решительность которого опасна.
Никто о значении этой сущности разговорами не осведомился,
Ибо от морских путешествий мудрости становится больше.
Али, жемчуга достанутся тому, кто из головы делает нога,
Не видать тебе жемчужину смысла, коль тебе дорога олова)
(З.№ 546. Л. 372^{б}-373^{а}).

В газели Мир Сайида Али Хамадани «ирфанический любви» противостоит разуму и спорит с ним. В этом споре постоянно верх берет любовь. Не будет преувеличением, если скажем, что прения и принципиальные споры разума и любви являются тематикой ирфанической газели Мир Сайида Али Хамадани. Во всяком случае, в газеле «Сирри ишқ» («Тайны любви») любовь выступает средством познания Бога:

Ҳар саре, к-аз сирри ишқаш волиҳу шайдо шавад,
Аз баду неки вуҷуди хеш нопарво шавад.
Дар сувайдои дили ҳар кас, ки ин савдо нишаст.
Оқибат ҷону дилаш рӯзе дар ин савдо шавад.
Некномӣ боядат, перомани ин дар магард,
Ҳар кӣ рӯйи маҳ ба гил пӯшад, сабук расво шавад.
Оби ҳайвон боядат, дар зулмати нобуд шав,
К-он ки чашм аз худ бибандад, чун Хизир бино шавад.
Ҳал нагардад ҳаргиз ин мушкил туро, то бо худӣ,
Чун зи худ фонӣ шавӣ, ин мушкилат ҳалво шавад.
Об чун аз абр уфтад, қатра хонандаш ҳама,
Чун ба баҳр андохт худро, номи ӯ дарё шавад.
Гашта аз ғавғои ҳуснаш оламе пуршӯру шар,
Ҳар куҷо зад хайма ин давлат, яқин, ғавғо шавад.
В-ар садаф ӯро ба лутфи хеш гирад дар канор,
Бегумон, аз юмни зоташ дурри беҳамто шавад.
То кай ин оташ ба хас пӯшӣ, Алоӣ, дар назар,
К-охир аз хаспӯши фикрат ин шарар пайдо шавад.
(Каждая голова, безумно влюбившаяся от тайны её любви,
Становится безразличным к добру и злу своего существования.
В черноте сердца где бы ни гнездилась эта страсть,
Непременно его душа и сердце когда-нибудь станут жертвой этой страсти.
Если ты печёшься о добром имени, не крутись вокруг этой двери,
Всяк, кто лик луны мажет глиной, неминуемо опозорится.
Если тебе надобна живая вода, иди в мрак небытия,
Ибо тот, кто закроет на себя глаза, как Хизр, будет зрячим.
Не разрешится у тебя эта задача, пока ты в себе,
Как только исчезнешь в небытие, задача сия разрешится.
Когда вода с тучи падает, все называют её «вода»,
А когда она попадает в море, будет зваться «морем».
От шумихи вокруг её красоты целый мир в переполохе,
Где бы не ставило это царство шатер, непременно будет шум.
А если ее в объятия заключит раковина по милости своей,
Несомненно от благости ее субстанции пойдет искать себе подобия.
До каких пор, Алайи, ты этот огонь хворостом будешь прикрывать?
В конце концов из-под прикрытия раздумья он пламенем вспыхнет)
(З, № 546. Л 371-371^{б}).

«Муҳаббат» Мир Сайид Али Хамадани также признает как любовь, но «ишқ» более конкретна, чем «муҳаббат», ибо всякая любовь - («ишқ») - это «муҳаббат», хотя не всякая «муҳаббат» может быть «ишқ», но «муҳаббат» более конкретна, чем «маърифат» - просветление. От «маърифат» происходят два противоположных явления - «муҳаббат» (любовь) и «адоват» (враждебность, вражда). «Маърифат» же происходит в связи с чем-то.

«Ирфаническая любовь» - центральная тема газели Мир Сайида Али Хамадани. Функционирование этого мотива характернейшим образом для этой поэзии наблюдается в газели «Нолаи оташин» («Пламенный стон»):

Чун ҷамолаш таъна бар хуршеди тобон мекунад,
Офтоб аз рашки ҳуснаш рӯй пинҳон мекунад.
То парешон гашт зулфаш бар рухи чун офтоб,
Боди шавқаш абри ҷонамро парешон мекунад.
Тири ишқаш, к-аз камони абрувон гардад раҳо,
Ақлро медӯзаду қасди дилу ҷон мекунад.

Сарв озодӣ кунад аз сарви қаддаш дар чаман,
Чун ҳавои боғ он сарви хиромон мекунад.
Нолаҳои оташинам дар фироқаш ҳар саҳар,
Қасди эҳроқи ҳуҷуб болои Кайвон мекунад.
Гар даме васлаш ба сад ҷонат муяссар мешавад,
Рав, гаронҷонӣ макун, чун дӯст арзон мекунад.
Чарх чун тоби ғамаш н-овард, з-ин рӯ ҳар замон,
Ҷони мо афсус бар гардуни гардон мекунад.
Ҷон, ки муште хок домангири ӯ шуд, чун сазад,
К-ӯ ба ҷуръат қасди хилватгоҳи султон мекунад.
Гар бад-ин ҷони муҳаққар аз Алоӣ қонеанд,
Хуш барафшон, гар чу лутфаш кор осон мекунад.
(Оттого, что Её красота насмехается над сияющим Солнцем,
Солнце от ревности к Её прелести прячет лицо.
Когда Её кудри рассыпаются на солнцеподобном лице,
Ветер Её притяжения разгоняет облако в моей душе.
Стрела Её любви, выпущенная из лука Её бровей,
Крадет рассудок, покушается на сердце и душу.
Кипарис радуется кипарису Её стана на лугу,
Когда тот кипарис плавно ступает в сад.
Мои жгучие рыдания от разлуки с Ней каждое утро,
Покушаются сжечь покрывала на Сатурне.
Если соединение с Ней за сто жизней на миг улыбнется тебе,
Иди, не скаредничай, раз друг дешево предлагает.
Когда небо не смогло перенести тоску по Ней, потому,
Наша душа досадует на вертящийся небосвод.
Как быть душе, когда горсть праха пристала к Ней,
Намерившись проникнуть в покои султана?
Если за эту жалкую душу довольны тобой, Алайи,
Добром бери, ибо он, как Её милость, облегчает дело) (3, № 546. Л. 372^{б}).

Мир Сайид Али Хамадани к «ирфанической любви» подходит как к одному из важнейших ступеней иерархии от человека к Богочеловеку. Квинтэссенция содержания мотива «ирфанической любви» в газели Мир Сайида Али Хамадани, заключается в сближении с Богом и, в конце концов, аннигиляции в нём. Следовательно, путь от пробуждения человеческого духа от неведения, его возвышение над обыденностью повседневной светской жизни к разумности, от материальности к духовности и прослеживается ‘арифом.

«Ирфаническая любовь» в газели Мир Сайида Али Хамадани выступает выразительницей внутренней, духовной красоты - духовным отражением красоты, символическими признаками возлюбленной, запечатлённых в субстанции любви. Бог - это «маъшуқи аввал» - первая возлюбленная, ибо всё сущее жаждет Её, а она предстаёт истоком всего сущего, фактом их продолжения и совершенствования (1, 33).

Воспевание «ирфанической любви» в газели Мир Сайида Али Хамадани разворачивается вширь и вглубь, не то и до него, в газели Санайи, Атгара, Джалал ид-дина Руми, Хафиза и других ‘арифов мы обнаруживаем наблюдения и указания на этот счёт. Следовательно, газель Мир Сайида Али Хамадани играет важную роль в становлении «ирфанической любви», в конструировании Её структуры и украшении. Он был тем ‘арифом, который к познанию Бога приступил через любовь, проник в тайны этой любви и соединил Её с теорией открытия возлюбленной. Мир Сайид Али Хамадани был в числе тех ‘арифов, которые питал беспристрастную любовь к Богу и изображали его лик в газели. В газели «Маҷлиси рӯҳониёни қудс» («Собрание духовенства святости») он говорил:

Эй руҳи рӯҳпарвару эй руҳи рӯҳном,
Бӯйи ҳаёт аз нафасат медамад мудом.
Ҳар субҳдам зи маҷлиси рӯҳониёни қудс,
Бо ташнагони шавқ диҳӣ шарбати мудом.
Бар хоки кӯйи дӯст гузаштӣ магар саҳар,
К-аз лутфи ҷонфизой ҳама роҳатию ком.
Гар дар сиродиқоти ҷалолаш расӣ даме,
З-ин ҷони мустаманд расони яке паём.
К-он муфлиси шикастаи маҳҷури он ҷаноб,
Бар хоки роҳи ҳайрату мегӯядат салом.
Умрест, то зи сидраи қурбат фитодааст,
Бо деви нафс дар қафаси табъу банди ком.
Не пои сайру не раҳи мақсуду не қарор,

Не сабру не умед, магар рафъати киром.
Дарёи ҷудро чӣ зиён, карда мешавад,
Кори ду қавн агар кунӣ аз як назар тамом.
Дарёи фазл мавҷи карам мезанад ҳар он,
Маркаб, Алоиё! Магар он ҷо кунӣ лигом.
(О дух, ты одухотворяющий, дух - по имени ветер,
Аромат жизни выдыхает твоё дыхание всегда.
Каждое утро собрание духов святости,
Даёшь жаждущим влечения бальзам раскаяния.
По пыли улицы друга ты утром прошла,
Ог животворящей милости - все удовольствия и желания.
Если ты попадешь к шатрам Её красы на миг,
Передай весточку от этой бедной души. [Скажи]
Что тот нищий, разбитый разлукой с Её величием,
Во прах дороги изумления и шлет тебе привет.
Уже целая жизнь, как он упал с ветки Лотуса близости,
С дивом плоти в клетки естества, в путях желаний,
Нет возможности у него ходить, ни пути к цели, ни покоя,
Ни терпенья, ни надежды, разве что возвышение и почёт.
Океану щедрости какой убыток, если на миг,
Разрешатся затруднения двух миров.
Море мудрости волны великодушия шлёт на того,
Верхового, Алайи, тебе остается устроиться там) (З. № 546. Л, 378[а]-378[б]).

«Ирфаническая любовь» в газели Мир Сайида Али Хамадани притягательна и не оставляет места для другой любви и чувств. Для достижения этого состояния Мир Сайид Али Хамадани порывает всякую связь с земной действительностью, со всеми плотскими привязанностями и подчиняет себя целиком той системе, которую создал Бог посредством своей красоты.

В газели посвященной тайнам «ирфанической любви», степени духовного совершенства Мир Сайид Али Хамадани разделяет на четыре ступени: зуҳд (аскетизм), хавф (страх), шавқ (влечение), ишқ, (любовь). В своих газелях Мир Сайид Али Хамадани человека представляет наивысшей стоянкой «ирфанической любви», хотя ещё не пройденными остаются три первые стоянки. Все четыре стоянки поэт сравнивает с источником Света: звёзды (аскет и страх), месяц (влечение к раю), солнце (любовь к Богу). Когда свет солнца покоряет свет других источников, любовь к Богу покоряет человека.

Начальным этапом «ирфанической любви» в газели Мир Сайида Али Хамадани предстаёт покорность Богу («аввал-муҷиби ал-итоат»). В своих газелях Мир Сайид Али Хамадани воспевает покорность, повиновение человека Богу, хотя тот в этой покорности не нуждается. Любовная завязка начинается с сильного влечения («шавқи шадид»). Из газели Мир Сайида Али Хамадани создается убеждение, что истинные влюблённые в Бога хранят в душе надежду, что разберутся в своих жизненных проблемах и неизбежной аннигиляцией увидят Бога. В газели «Оташи ишқи ҷонон» («Пламя любви возлюбленной») поэт говорил:

То наяфшонӣ дар ин раҳ доман аз ҷону ҷаҳон,
Аз ҷаҳони ҷон наёбӣ файзе андар сирри ҷон.
Гар занӣ бар садди яъҷуҷи ҳаво як дам қадам,
Аз насими субҳи асрори кидам ёбӣ нишон.
Чанд бар фавти хаёли орият ноли зи даҳр,
То кай аз баҳри мадори тан ба ғам дорӣ равон?!
Хокдони дев бо ғӯлони нафсонӣ гузор,
Айш бо рӯҳониён кун бартар аз ҳафт осмон.
Руҳи анвори сафо аз бесафоиён мачӯй,
Юмни асрори ҳумо аз манзари бумон мадон.
Ноларо ҳамдам гузину сояро ҳамсоя гир,
Ҷоми ғам бар рӯйи эшон нӯш мекун ҳар замон.
Бедилонро соқӣ аз ашк асту мутриб роҳи дил,
Ошиқонро лаззат аз дард асту роҳат сӯзи ҷон.
Ишқ султон аст, чун меҳмонат ояд нузли ӯ,
Хас чу дар оташ фано шуд, дигар ӯро хас махон.
(Пока не откажешься на этой пути от мира,
Из мира дух блага не получишь о тайне духа.
Если вступишь ногой на укрепление Гога вожделения раз,
От утреннего ветерка древней тайны найдёшь след.

Сколько можно оплакивать смерть бренной мечты о мире,
До каких пор из-за поддержания тела будешь терзать дух?
Оставь эту развалину дивов плотским оборотням,
Наслаждайся с духовными выше седьмого неба.
Дух света чистоты не ищи в нечистых,
Знамение тайн птицы счастья в лице сов не ищи.
Стоны выбери в собеседники, тень сделай соседкой,
Чашу горя пей за них всякое время.
У влюблённых кравчий из слез, а музыкант - путь к сердцу,
Влюблённым наслаждение от боли, покой от тоски) (3, № 546. Л. 375[а]-379[б]).

Газель Мир Сайида Али Хамадони имеет единый исход – «ирфаническая любовь». Газель Мир Сайида Али Хамадони носит духовную выразительность, а затем предстаёт и носительницей божественности, и поэтому поэтические изображения в газели Мир Сайида Али Хамадони-божественны.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Бехруз Сохиб Ихтиёри. «Ганҷинаҳои ирфони исломӣ» («Кладезь исламского ирфана») (Кайҳони андеша). – Тегеран, 1378 ш. – С.12-21. (на перс.яз).
2. Ибни Араби. «Маҷмӯаи расоили ирфонӣ» («Сборник ирфанических трактатов») – Тегеран, 1378 ш. – 201 с. (на перс.яз.).
3. Мир Сайид Али Хамадани. «Ғазалиёт» («Газели») // Рукопись Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия имени Рудаки Академии наук Республики Таджикистан. - № 546.
4. Мир Сайид Али Хамадани. «Ганҷи ирфон» («Сокровища ирфана»). - Составители, комментарии и толкования словаря М. Султанзаде., Х. Асозаде., К.Турдиева. Т.1. – Душанбе: Адиб, 20015. - 380 с.
5. Мир Сайид Али Хамадани. «Ганҷи ирфон» («Сокровища ирфана»). - Составители, комментарии и толкования словаря М. Султанзаде., Х. Асозаде., К.Турдиева. Т.2. – Душанбе: Ирфон, 2015. - 288 с.
6. Мухаммад Шахри. «Ғайрат дар биниши ирфонӣ» («Рвение в ирфане») // Кайҳони андеша. - №41. – Тегеран, 1371 ш. – С. 26-34. (на перс. яз.).

ТАРАННУМИ «ИШҚИ ИРФОНӢ» ДАР ҒАЗАЛИЁТИ МИР САЙИД АЛИ ҲАМАДОНӢ

Истеҳкоми лутф ва маънии ғазалиёти Мир Сайид Али Ҳамадонӣ аз тартиботи хос иборат аст. Таъкид меёбад, ки ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ маҳз аз каломи ошқионаву ирфонӣ иборат аст. Ғазалиёти ӯ ҳолати гуногуни ирфонӣ, сирру асрори зиндагӣ ва муаммоҳои онро инъикос менамояд. Дар ғазали ӯ ҳаракату ҷӯшиш ва ишқи илоҳӣ мавҷ мезанад. Ғазали Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дорои эҳсосоти ирфонӣ аст, ки оромиш надорад, мавҷи он пинҳону ниҳон аст. Оҳанги ғазали Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ лабрез аз ишқи илоҳӣ аст. Мазмуну мӯҳтавои ғазали ӯ дар сатҳи воло аст ва дарунмояи он ишқи илоҳӣ аст. Ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ рӯҳи осмонӣ дошта, шуру эҳсоси фавқуллодаю беназир дорад, лабрез аз ишқу мастӣ ва ҳаяҷонӣ аст. Ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар қолабҳо, меъёрҳо ва андозаҳо баёни орову намунаи барҷастаи рамзу роз аст. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ғазал баҳри ифшои сирру асрори ишқи илоҳӣ розу рамз меҷӯяд. Аз ин назар, домони ғазалиёти ӯ аз нақлу қиссаву ривояту тамсил иборат аст. Ӯ ишқи илоҳиро ягона василаи ибрози андешаҳои орои худ қарор медиҳад. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо истифораву киноя ва маҷоз ва сабки тамсил ғазал эҷод кардааст.

Калидвожаҳо: Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ғазал, лутф, ирфон, бақо, ишқ, истеҳком.

ВЕЛИЧИЯ «ИРФАНИЧЕСКОЙ ЛЮБВИ» В ГАЗЕЛИ МИР САЙИДА АЛИ ХАМАДАНИ

Прочность благости и смысл газели Мир Сайида Али Хамадани связана с особыми составами и созвучием. Отмечается, что газель Мир Сайида Али Хамадани в отношении языка как лексики, так и синтаксического строя, внутренней рифмы и радифа так же звучит ирфанически. Газели Мир Сайида Али Хамадани отражают различные состояние человека и перипетии жизни. В его газели – любовь самое яркое, глубокое понятие и вокруг нЕё крутится огромное ирфаническое творчества Мир Сайида Али Хамадани. Тайна газели Мир Сайида Али Хамадани состоит из символы аллегории ибо поэт не может открыто выразить все сокровенное, хранящееся в памяти и душе. Его газели означают поверенными тайн любви, которые он выражает особыми словами. Газели Мир Сайида Али Хамадани выражены в форме аллегории и символов. Мир Сайида Али Хамадани посредством метафор, метонимий, аллегорий освещает «ирфанической любви». В газели Мир Сайида Али Хамадани «ирфаническая любовь» является из важнейших ступеней иерархии от человека к Богу. Основной мотив сближения с Богом способствует духовной красоты человека. Человек становится отражением красоты символическими признаками возлюбленной, зыпечлённого в субстанции любви. В газели Мир Сайида Али Хамадани познания Бога осуществляется через любовь. Мир Сайида Али Хамадани был в числе тех поэтов, которые питали беспристрастную любовь к Богу и изображали его лик в газель.

Ключевые слова: Мир Сайида Али Хамадани, газель, смысл, ирфан, аннигиляция, любовь, прочность благости.

THE MAJESTY OF "IRPHONIC LOVE" IN THE GHAZAL OF MIR SAYYID ALI HAMADANI

The strength of goodness and the meaning of the ghazal of Mir Sayyid Ali Hamadani is associated with special compositions and consonance. It is noted that the ghazal of Mir Sayyid Ali Hamadani with regard to the language of both vocabulary and syntactic structure, internal rhyme and radifa also sounds irphanically. Gazelles Mir Sayyid Ali Hamadani reflect the different state of a person and the vicissitudes of life. In his gazelle - love is the brightest, deepest concept and the great irfanic works of Mir Sayyid Ali Hamadani revolve around her. The mystery of the ghazal Mir Sayyid Ali Hamadani consists of symbols of allegory because the poet cannot openly express all that is hidden in memory and soul. His ghazals mean attorneys for the secrets of love, which he expresses in special words. The ghazals of Mir Sayyid Ali Hamadani are expressed in the form of allegories and symbols. Mir Sayyid Ali Hamadani by means of metaphors, metonymy, allegory illuminates "irfanicheskoe love." In the ghazal of Mir Sayyid Ali Hamadani, “irfanic love” is one of

the most important steps of the hierarchy from person to God. The main motive of rapprochement with God contributes to the spiritual beauty of man. Man becomes a reflection of the beauty of the symbolic signs of the beloved, baked in the substance of love. In the ghazal of Mir Sayyid Ali Hamadani, the knowledge of God is carried out through love. Mir Sayyid Ali Hamadani was among those poets who had an impartial love for God and portrayed his face in a ghazal.
Key words: Mir Sayyid Ali Hamadani, gazelle, meaning, Irfan, annihilation, love, strength of goodness.

Сведения об авторе: ***Кодиров Каримджон*** – Бохтарский государственный университет им. Н.Хусрава, и.о., профессор кафедры таджикской литературы. **Адрес:** 735041, Республика Таджикистан, г.Бохтар, ул. Айни, 67. Тел.: **(+992) 985-47-66-69**

Information about the author: ***Kodirov Karimdzhon*** - Bokhtar State University named after N.Khusrav, acting, professor of the department of Tajik literature. **Address:** 735041, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini, Str.67.
Tel.: **(+992) 985-47-66-69**

УДК: 891.550-1:82

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ МАНЗУМАИ «АФСОНА»-И НИМО ЮШИҶ

Абдусаломзода А.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар адабиёти ҳар миллате ҷустуҷӯ ва шаклгирии шеваҳои тозаи офаринишу эҷод ниёзе буда, ки аз домани зиндагии инсонҳо бархоста аст. Дар дурустии ин андеша набояд шакку тардиде бошад. Чун агар ҷунбишу ҳаракате барои тағйиру пешрафти роҳҳои шинохташуда набуд, дар соҳоти иҷтимоӣ таҳаввуле сурат намегирифт ва адабиёт дар як ҳолат шахшудаву якранг боқӣ мемонд. Дар адабиёти форсӣ ба гумони ғолиб ба таври умда чунин таҳаввуле аз ибтидои қарни ХХ ва шурӯи Инқилоби Машрута оғоз мегардад. Иллати тағйири сабку услуб ва завқу салиқаҳоро дар домани адабиёт бояд дар иртибот бо падидаҳое омӯхт, ки дар синаи дунё мегузашт. Вуқӯи инқилобот рушду инкишофи кишварҳои ғарбӣ, ошноии мардум бо зиндагии сиёсиву фарҳангии халқҳои дигар, зуҳури адабиёти тарҷумавӣ, нуфузи андешаҳои адабии хориҷиён аз зумраи иллатҳое мебошанд, ки сабабгори таҳаввули адабиёти муосири Эрон шуданд. Пардохтан ба ин адабиёт аз доираи мақолаи мо берун аст. Дар ин мақола танҳо мо ба баъзе аз ибтикороти Нимо Юшиҷ, ки дар адабиётшиносии ҷаҳон ҳамчун поягузори «Шеъри нав» шинохта мешавад, ошно мешавем. Тавре ки аз адабиёти таҳқиқӣ бармеояд, Нимо Юшиҷ ба таври кофӣ бо адабиёти ғарбӣ, махсусан, шеъри фаронсавӣ ва мутуни куҳани форсӣ ошно буд ва дар хилоли даврони нооромии Инқилоб дар пайи ёфтани роҳҳои бурунрафт аз қайду банди шеъри классик буд. Ҳарчанд Нимо сурудаҳое бо шеваи суннатӣ дошт, вале мехост роҳи тозае дар шеъри форсӣ боз намояд. Ҳудуди қариб 15 сол Нимо машғули ҷустуҷӯву талош буд, то ин ки ба марзҳои шигифте аз навпардозиву бидъат расид. Албатта, ашъори ӯ дар заминаи шеърҳои баланду кӯтоҳ суруда шудаанд. Вале дар ин мақола ҳадафи мо нигоҳе ба манзумаҳои Нимо Юшиҷ ва махсусан «Афсона»-и Нимо аст.

Муҳаққиқ У. Сафар дар китобаш «Аз хоки рангбохта» изҳор дошта, ки «То офариниши манзумаи мазкур дар он солҳои нооромии тӯфонӣ шоир ба таври кофӣ бо адабиёти Урупоӣ, махсусан, адабиёти фаронсавӣ, бо мутуни куҳани форсӣ ошно гардида ва муддате сайри ирфони Мавлавӣ намуда буд. Тааммуқу ғавр дар рубоиёти Хайём ва ғазалиёти Ҳофиз ҷаҳони андешаи ӯро комилан дигар намуда буд» [9, с. 11].

Албатта, дар атрофи ҷузъиёти манзумаи «Афсона» таълифоти пуршуморе дар хилоли замон анҷом шуда ва ибтикороти шоир дар халқи «Афсона» мушаххас гардидааст. Ин асари Нимо барои нахустин бор соли 1922 дар маҷаллаи «Қарни бистум», ки сардабираш шоири ҷавонрафта Мирзодаи Ишқӣ ба чоп расид ва машҳаре бар по кард. Манзума муқаддимае дошт, ки шоир онро ба шоирони ҷавон бахшида буд. «Чизе ки бештар маро ба ин сохтмони тоза муътақид кардааст, ҳамоно риояти маънӣ ва табиати хосси ҳар чиз аст ва ҳеҷ ҳусне барои шеъру шоир болотар аз ин нест, ки беҳтар битавонад табиатро ташреҳ кунад ва маъноро ба таври сода ҷилва бидиҳад ва ин қудрату истеъдоди худро бештар ба кор андохта бошад. Ман вақте ки намоиши худро ба ин сабк тамом карда ва ба саҳна додам, нишон хоҳам дод чӣ тавр ва чӣ мехоҳам бигӯям. Хоҳӣ донист ин қадам пешрафти аввалин барои мо будааст… ин сохтмон, ки мебинӣ «Афсона»-и ман дар он ҷо гирифтааст, як тарзи муколамаи табиӣ ва озодро нишон медиҳад. Шояд барои дафъаи аввал писандидаи ту набошад, аммо ба эътиқоди ман аз ин ҳайс, ки метавонад ба намоиш ихтисос дошта бошад, беҳтарин сохтмон аст» [10, с.106].

«Афсона» манзумаест лирикӣ ва романтикӣ. Бояд изҳор дошт, ки шоир дар ин манзума таҳти таъсири шеъри классик қарор дорад. Маълум аст, ки яке аз вижагиҳои мактаби романтизм гироиш доштан ба шеъри ошиқона ва зарофати табъи шоирона аст. Вале аз ҷониби дигар аз мурури манзума бармеояд, ки Нимо аз шеъри шоирони қарни

XIX-и фаронсавӣ, ки он даврон авҷи мактаби романтизм буд, таъсирпазир будааст. Нуктаи дигаре, ки зикраш ба маврид нест, ин аст, ки дар матни манзума мо печидагиву муғлақбаёниеро, ки баъдҳо дар ашъори шоир нуфуз пайдо мекунад, намебинем. Асбобу абзори шоирӣ мисли ташбеҳу истиораву тамсилу дигар ороишҳои бадеӣ кам ё беш дар пайкари «Афсона» мавҷуданд ва ҳузури онҳо марҳилаҳои ибтидоиро аз сар мегузаронанд. Ҳарчанд «Афсона» зарофату зебоиҳои хос дорад, вале онро наметавон авҷи камоли ҳунарии Нимо баршумурд. Аввалин нуктае, ки манзумаро аз дигар сурудаҳо мутафовит месохт, сурати панҷгонаи он буд, ки худи Нимо низ ба сохти он таваҷҷуҳи махсус дошт.

Ба андешаи бархе аз донишмандони адабиёт Нимо дар ин манзума дар садад буд, дар адабиёти муосир ба драмаҳои шоирона поягузорӣ кунад. Шояд манзумаи ӯ қадами бисёр устуворе дар ин роҳ буд. Шавоҳиди зиёде мавҷуд аст, ки пас аз интишор манзума аз ҷониби куҳнапарастон ва суннатгароён истиқболу ҷонибдории зиёде касб накард, баръакс теъдоди зиёде аз мардумро алайҳи ӯ барангехт, вале Нимо дар қиболи ин вокунишҳои таҳқиромез ноумеду дилсард набуд ва бар ин бовар буд, ки мардуме, ки муддати тӯлонӣ ашъореро бо авзони ҳамсону қофияҳои такрорӣ шунидааст, наметавонад якбора аз таъсири онҳо раҳоӣ ёбад. Замон мехоҳад то қолабҳо бишкананд.

Худи шоир нисбат ба шевае, ки баргузида буд, бетараф набуд ва иллати бегонагии мухотабонро ба кораш дар бархе аз навиштаҳояш иброз намудааст. Масалан, баъдҳо дар пешгуфторе, ки дар китоби «Хонаводаи сарбоз» ба чоп расида, чунин баён мекунад: «дар ҳар ҳол ман нӯки хоре ҳастам, ки табиат маро барои чашмҳои алилу нобино таҳия кардааст. Мақсуди муҳимми ман хидмате ҳаст, ки дигарон ба воситаи заъфи фикру эҳсоси инҳироф аз машйи солиме, ки табиат барояшон таъйин кардааст, аз анҷоми он гуна хидмат оҷизанд» [9, с. 29].

Яке аз мавзӯъҳое, ки зимни ошноӣ бо «Афсона»-и Нимо дар зеҳни донишмандону муҳаққиқон ҳутур намуда, мавзӯи сурату шакли манзума аст. Атрофи ин масъала дидгоҳҳои зиёде аст, ки ба сифати намуна мо аз навиштаи адабиётшиноси маъруф Я. Ориёнпур нақли қавл мекунем. Номбурда манзумаро сурудаи ошиқонаи пуршӯре аз навъи ҷадид меҳисобад, ки «бо лаҳну оҳанги сureалистӣ суруда шуда ва абёти хубу таркиботи зебое дар он дида мешавад. Ин асари Нимо бо ин, ки як асари самбулик ва мамлу аз тахайюл аст, қаҳрамонони он зинда ҳастанд ва дасткам беш аз ушшоқи ғазалҳои куҳан аз миёни зиндагон сар ба дар овардаанд» [6, с. 471-473].

Дар манзума ҳикоят аз он ҷо оғоз мегардад, ки девонаи ошиқ дар тирагии шаби сарду дар дараи хилват бо хештани хеш ба гуфтугӯ мепардозад. Ба андешаи муҳаққиқон қаҳрамони шоир рамзе аз шахсиятҳои розолуди Нимо аст. Дар фарҳангу адаби форсӣ ба андешаи Саидқозӣ Саидӣ «девонагӣ мутародифи риндӣ, озодагӣ, оромишу раҳоӣ аз қайду бандҳост. Орифон дарди девонагиро яке аз вижагиҳои волои инсонӣ медонистанд ва дардманд ё аҳли дард ба касе итлоқ мешавад, ки ба мақомоти инсонии волотар роҳ ёфта ва тамоми вуҷудашро дарди маъшуқ фаро гирифта бошад. Нимо ҳам дар навъи худ девонаи фарзонае буд, ки ошиқи шеъру ҳунар буд. Ӯ ниёзи замонаро мешинохт, дар ҳоле ки махофати роҳеро, ки оғоз карда буд, нек дар меёфт» [4, с. 20].

Бояд хотирнишон сохт, ки масири достон бо ривояти худи шоир идомат пайдо мекунад. Шоир изҳор медорад, ки солҳои тӯлонӣ бо шеъру дарёе бекаронаи ҳунар сару кор дошта ва ногаҳон мавҷи хурӯшоне аз шӯру ибтикор падидор мешавад ва ишқ ва навоварӣ ва дар ҳам рехтани асоси куҳнапарастиро ба армуғон меоварад. Албатта, дар ин мақола наметавон перомуни ҷузъиёти муҳтавоӣ сухан гуфт, вале лозим аст ба бархе аз гӯшаҳои он ишорат варзид.

Пас аз мунташир гаштани манзума назари аксарро вазни як каме ғайримаъмулии он ба худ ҷалб сохта буд. Бисёриҳо чунин меандешиданд, ки дар сохтмони шеъри форсӣ корбурди ин вазн тозагӣ дорад. Чун «Афсона» дар баҳри мутадорик зиҳофҳои «фоилун фоилун фоилун фаъ» сохта шуда буд, вале муддате нагузашта собит гардид, ки қабл аз Нимо адибони дигаре аз ҷумлаи муосирин аз вазни он кор гирифтаанд ва Нимо гӯё зери таъсири навиштаи онҳо манзумаро сурудааст. Бар хилофи ин дидгоҳ шоири муосир С. Касроӣ, ки аз шогирдони мумтози Нимо маҳсуб мешавад, таъсирпазирии шоирро аз шоирони муосир дар сароиши «Афсона» қабул надорад. Аз дидгоҳи ӯ сарчашмаи онро бояд дар матни сурудҳои мардумии ноҳияи Юши Мозандарон, ки Нимо аҳли он буд, ҷустуҷӯ намуд.

Касроӣ барои таъйиди андешаҳояш мисолҳои ҷолибе аз осори даҳании мардуми Юш нақл менамояд. Маълум мешавад, ки миёни мардуми ин сарзамин таронаҳои ғамангези марсиягуна мавҷуданд, ки вазнашон ба вазни «Афсона» монандӣ дорад. Масалан, дар ин байт:

Рӯдам, эй рӯдак, эй рӯдам, эй рӯд
Ин чи вақти сафар карданат буд

Сиёвуши Касроӣ изҳор медорад: «Метавон тасаввур кард, ки бар дили Нимои ошнопарвард (ин навҳа) муассир афтода ва онро муносиби ҳоли умумии «Афсона» дидааст» [3, с.108].

Тавре ки гуфтем дар тӯли замон донишмандони зиёде атрофи ҷанбаҳои мухталифи сохториву шаклии манзума изҳори назар намудаанд. Адабиётшинос Б. Сарватиён бар ин назар аст, ки пояи аслии «Афсона» сохтори маснавӣ аст. Танҳо фарқ дар он аст, ки мисраи дувум бо мисраи чаҳорум қофия месозад ва мисраи панҷум ба танҳоӣ нақши хатми як бандро иҷро мекунад. Вазни манзума низ аз оғоз то поён ва дар ҳамаи мисраъҳо ҳифз шудааст, ки метавон онро таркиббанд ном ниҳод ва агар Нимо аз авзони ҳиҷоии ғарб-фаронсавӣ мутаассир буда ё вазни арӯзии шеъри форсӣ, ин чандон муҳим нест ва воқеият ин аст, ки ҳар вазне аз авзон бо арӯзи муъҷаз қобили тақтеъ ва андозагирӣ аст ва вазни «Афсона» дар ду баҳр қобили таҳқиқ аст [7, с. 51-52].

Мавзӯи қобили мулоҳиза дар асари мазкури Нимо ҷойгоҳи қофия аст. Гап дар ин аст, ки қофия ба он низому густурдагие, ки дар шеъри пешин дорад ва инсиҷому истеҳком эҷод месозад, дар «Афсона» ҳузур надорад. Нимо ҳаргиз зери бори қофия намеравад, балки қофия аст, ки ба Нимо изҳори тобеият мекунад. Шеваи барҳӯрд ба доштаҳои «Афсона» дар заминаҳои гуногун сурат гирифтааст. Ба андешаи Тақии Пурномдориён «таҷрубаи «Афсона» агарчи ибҳоми шоиронаро ба Нимо омӯхт, аммо ҳамроҳ бо шеърҳои дигар ҳам амалан ба Нимо нишон дод, ки чигуна қайду бандҳои ҳоким бар сурату қолаб метавонад монеи офариниши табиии шеър гардад» [12, с. 84].

Наметавон гуфт, ки манзумаи шоир дар корбурди қофия комилан фоқиди навиву тозагист. Гоҳ-гоҳе тозагие дар истифодаи қофия дида мешавад. Барои таъйиди гуфтаи болоӣ метавон мисоле аз манзума нақл кард. Ҷое, ки дар мисоли мавриди назар мо мебинем, ки бо чи нозукие шоир калимаи «кӯтоҳ»-ро бо «оҳ» ва «муаммо»-ро бо «аммо» ҳамқофия намудааст:

Афсона:

То ба ҳам ёру дамсоз бошем,
Нуктаҳо омад аз қисса кӯтоҳ.
Андарон гӯша, чӯпонзане зуд,
Ноф аз ширхоре бибуррид

Ошиқ:

Оҳ ! [5, с. 48]

Афсона мегӯяд:

Ман бар он мавҷи ошуфта дидам
Яккатозе саросема.

ва Ошиқ меафзояд:

Аммо
Ман сӯйи гулъузоре расидам
Дарҳамаш гесӯвон чун муаммо [5, с.40]

Нимо дар манзумаи «Афсона» ҳарчанд ба кори худ боварӣ дорад ва дар роҳи расидан ба ҳадафи хеш азми росих дорад, вале дар шеъри ӯ як навъ дудилагиву шакку тардид эҳсос мешавад, ки аз он ҳамчун ҷидоли дарунӣ метавон таъбир кард. Шояд изтироби нохудогоҳ аз адаби муваффақият дар кораш доштааст. Бими шикаст дар анҷоми тарҳи нав, ки дар зеҳнаш шакл мегирифт гоҳу бегоҳ дар баёни ӯ мавҷ мезад, ки, албатта, табиӣ менамояд. Равшан аст, ки пофишорӣ ва истодагӣ дар баробари ҷараёни чандсадсолаи шеъри куҳани форсӣ, ки дар он замон ҳатто тасаввури тағйир дар шаклу муҳтавои он кофӣ буд, девонагиву ҳамоқат бар пешонии инсон бичаспонад, амрест изтиробангезу яъсовар.

Фарҳангу адабиёти бойи форсӣ дорои ҳазорҳо манзума аст, ки дар давраҳои гуногуни таърихи адабиёт иншо шудаанд. Ногуфта пайдост, ки манзумаҳои мавҷуд аз нигоҳи арзишу ҳунар, сабку услуб дар як сатҳу дар як поя нестанд. Вале аз нигоҳи шакл, корбурди қофия ҳамсониҳои зиёд доранд. Ба ҷуз манзумаи «Афсона» аввалин офаридаи бузурги шоир аст, ки шаклан ба тариқу шеваи нав сохта шудааст ва фарогири бахшҳои дилчаспи тағаззуливу ошиқона ва мазмунҳои амиқи фалсафист ва бо доштани ин мазият ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи алоқамандон қарор мегирад.

Муҳаққиқи гаронсанги адабиёти Эрон устод Зарринкӯб дар китоби «Аз гузаштаҳои адабии Эрон» ба таври хулоса ва ҷомеъ дар атрофи шеъри Нимо, таъсирпазирии ӯ аз адабиёти Фаронса, доираи мутолиоти Нимо сухан дар миён гузошта, таъсири романтизми Фаронсаро болои ӯ барҷаста меномад. Аз ҷумла изҳор медорад, ки: «Афсона»-и Нимо дар асре, ки ба вуҷуд омад, ҷиддитарин ибдоъи мутаҷаддидонаи шеъри форсӣ маҳсуб мешуд. Ин асари Нимо Юшиҷ, ки аз ҷиҳати гуногун ёдовари қатъаоти «Шабҳо»-и Алфред де Мусе буд, чизе аз рӯҳи романтизми фаронсавиро бо навъи биниши ирфонии Шарқ даромехта ва ба рағми вазъи содае, ки дошт, хеле пеш аз осори дигар мутаҷаддидони он замон шеъри форсиро такон дод… Қисмате аз ин таҷрубаҳо, яъне эҷоди вазну қолабе

барои он чи дар шеъри форсӣ мутадовил буд, қабл аз ӯ ба василаи Лоҳутӣ, Шамси Касмоӣ, Тақӣ Рафъат шурӯъ шуда буд ва шояд ин таҷрубаҳо чизе ҳам мадюни Верлан, Рембо ва «Молорма» шоирони фаронсавӣ буд, аммо дарвоқеъ фақат ҷасорату истиқомати Нимо буд, ки ин шеваи навро ба масобаи зарурате қонеъ дар адабиёти Эрон қабулонд [11, с. 312-313].

Муҳаққиқ У. Сафар низ роҷеъ ба вижагиҳои шакливу муҳтавоии асари ёдшуда дар китобаш ибрози назар намуда, ба қавли ӯ «Афсона» аз нигоҳи шакл мухаммасгуна буд ва баёнаш сурати бадеӣ дошт. Шоир дар баёни фикру андешаҳои худ дар ин манзума аз шакли монолог-муколама ё ба истилоҳи қадимиён «ҳадиси нафс» кор мегирад. Ҳадиси нафси шоир дар дараи тангу хомӯши шабзадае дар Юш оғоз мегардад. Манзума иборат аз гуфтугӯи ду шахсият бо номҳои «Ошиқ»-у «Афсона» аст. Муколамаи онҳо, ҳарчанд дар зоҳир табиӣ ба назар мерасад, вале ба таври умум симоҳои норавшану асрорангез доранд. Дар ин мунозираи «Ошиқ»-у «Афсона» аст, ки ҷони шоир ба ду қисмат тақсим мешавад.

Аз нигоҳи шоир ҷаҳони ҳастӣ, маргу зиндагӣ, шодиву ғам, баҳору поиз, хулласи калом, ҳамаро «Афсона» медонад. Мунозираи ғарибе миёни «Ошиқ»-у «Афсона» перомуни ҷаҳони ҳастӣ оғоз мегардад ва дар ин гирудор аст, ки ягона мешаванд. «Ошиқ» баъдан аз аслу насаби «Афсона» ҳастӣ ҷӯё мешавад. Мехоҳад бидонад, ки ҳастиро чӣ сиришту моҳиятест, ки тамоми мавҷудоти олам гирифтори ӯянд» [9, с. 15].

Дар хотимаи мақола бояд таъкид намуд, ки манзума бештар ба марсияе монандӣ дорад, ки ба гиромидошти ишқ суруда шудааст.

Таҳқиқи комили «Афсона» гувоҳ бар он аст, ки ҳадафи шоир, қабл аз ҳама, аз нигориши он шинохти масири тозаи фалсафии ӯст, ки баъд аз омӯзишу дарки вофири ӯ дар фарҳангу адаби фаронсавӣ, тааммуқ дар ирфони куҳан ва дунёҳои шигифти шеъри пешиниён пешорӯи ӯ боз шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Кляшторина В.Б. Современная персидская поэзия. Очерки / В.Б Кляшторина. - М.: Изд. вост. лит., 1962. – 148 с.
2. Кляшторина В.Б. «Новая поэзия» в Иране / В.Б Кляшторина. - М.: Наука, 1975 . – 225 с
3. Касроӣ С. Дар ҳавои мурғи омин. – Теҳрон, 1382. -210 с.
4. Метаровад маҳтоб. Ёдмони Нимо Юшиҷ. - Теҳрон, 1373. - 249 с.
5. Нимо Ю. Маҷмӯаи шеърҳои нав, ғазал, қасида, қитъа. - Теҳрон,1380. - 748 с.
6. Ориёнпур Я. Аз Сабо то Нимо. Таърихи 150 соли адаби форсӣ. Ҷилди аввал. - Теҳрон,1379. - 422 с.
7. Сарватиён Б. Андеша ва ҳунар дар шеъри Нимо. - Теҳрон, 1375. - 334 с.
8. Сафар У. Пайроҳаи Нимо. - Душанбе, 1996. - 53 с.
9. Сафар У. Аз хоки рангбохта. - Душанбе, 2010. - 196 с.
10. نیما یوشیخ. افسانه. تهران، کتابفروشي علمي. 1950، 45 ص.
11. زرین کوب عبد الحسین. از گذشته ادبی ایران. تهران، ۱۳۷۵. – ۵۸۸ ص.
12. پورنامداریان تقی. خانه ام ابری است. شعر نیما از سنت تا تجدد. تهران، سروش ۱۳۷۷. – ٤٠١ ص

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ МАНЗУМАИ «АФСОНА»-И НИМО ЮШИҶ

Мақолаи мазкур ба омӯзиши хусусиятҳои бадеии манзумаи «Афсона»-и бунёдгузори «шеъри нав»-и Эрон Нимо Юшиҷ бахшида шудааст. Равшан аст, ки дар адабиёти Эрон аз оғози асри ХХ ба баъд таҳаввулоти зиёде сурат гирифт, ки намунааш падидаи «шеъри нав» аст, ки ба таври махсус солҳои сиюму чилуми асри гузашта ба зуҳур расид. Эҷодиёти шоирони маъруфу саршиноси муосирро адабиётшиносон мутаалиқ ба ҷараёни «шеъри нав» медонанд, ки воқеан самти пешрави назми муосир маҳсуб мешавад. Ҳарчанд натавониста ба таври комил навъҳои суннатии шеърро аз байн барад, вале «шеъри нав» майдонро барои сурату шакли шеъри классики форсӣ маҳдуд сохт. Дар робита бо ин, баррасии ҷанбаҳои мухталифи «шеъри нав» имкон медиҳад роҳҳои рушду камоли шеъри муосир ва шигардҳои таҳаввули он таъйин гардад. Ба ҷуз ин ҷустучӯ дар ин ришта имкон медиҳад, то атрофи падидаи таҷаддуди адабӣ равшанӣ андохта шавад. «Афсона» яке аз манзумаҳои нахустини Нимо аст, ки сурати саҳнавӣ-драммавӣ дорад. Дар мақола муфассал вижагиҳои сохторӣ ва бадеии он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: адабиёт, манзума, Нимо, «шеъри нав», суннат, падида, таҳаввул, таҷаддуд.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПОЭМЫ «АФСАНЕ» НИМА ЮШИДЖА

Данная статья посвящена изучению художественных особенностей поэмы «Афсане», которая принадлежит основоположнику «новой поэзии» Ирана Нима Юшиджу. Как известно, в литературе Ирана с начала XX в. произошли огромные эволюционные процессы, одним из проявлений которых является такой феномен, как «новой стих», появившийся на стыке 30-40-х годов прошлого века. Творчество видных мастеров поэзии литературоведы причисляют к течению «нового стиха», который по праву считается, ведущим направлением современной поэзии, но который однако не стал могильщиком традиционных жанров. Однако «новый стих» серьезно потеснил форму персидской поэзии. В связи с этим изучение различных аспектов «нового стиха» дает возможность уточнить пути развития «нового стиха» и механизмы его эволюции. Кроме того, изыскания в этой области литературы способствуют освещению различных сторон такого важного явления, как литературное обновление. «Афсане» была одной из первых поэм Нима, облечённой в драматическую форму. В статье подробно рассмотрены художественно-структурные особенности поэмы.

Ключевые слова: литература, поэма, Нима, новая поэзия, традиция, феномен, эволюция, обновление.

SOME FEATURES OF THE POEM “AFSONER” NIMA YUSHIJ

The article is devoted to the study of the artistic features of the poem "Afsoner", which belongs to the founder of the "new poetry" of Iran NimaYushiju. There were biggest evolutionary processes Iran literature since the beginning of the XX century which one of the manifestations is such a phenomenon as a “new verse”. It is appeared at the junction of the 30-40s of the last century.Creativity of prominent masters of poetry is attributed by literary scholars to the flow of the “new verse”, which is considered the leading direction of modern poetry but did not become the gravedigger of traditional genres. However, the "new verse" seriously pressed the form of Persian poetry. The study of various aspects of the “new verse” makes it possible to clarify the development paths of the “new verse” and the mechanisms of its evolution.Research in the field of literature contributes to the coverage of various aspects of such an important phenomenon as the literary update. "Afsoner" was one of the first poems of Nîmef Yushi had a dramatic form. The article examines in detail the artistic and structural features of the poem.

Key words: literature, poem, Nima, new poetry, tradition, phenomen, evolution, renewal.

Сведения об авторе: ***Абдусаломзода Абдумалик Махмадулло*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D, кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **abdusalomzodaa@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-20-30-23**

Information about the author: ***Abdusalomzoda Abdumalik Makhmadullo*** - Tajik National University, the doctoral Ph.D researcher at the Department of Iranian philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **abdusalomzodaa@mail.ru**. Tel.: **(+992) 918-20-30-23**

УДК: 891.550:82

ЧЕҲРАҲОИ НОМВАРИ ДАВРАИ МУОСИР ДАР АДАБИЁТИ ФОРСИИ ДАРӢ

Асил Шарифа
Донишгоҳи Форёби Афғонистон

Муқаддима. Афғонистон аз он кишварҳое аст, ки таърихи фарҳангии он ба адвори бостон мерасад. Дар қадимтарин даврaҳои пеш аз ислом ҳамин кишвар маҳди фарҳангҳои ведӣ, авастоӣ, греку бохтарӣ ва греку будоӣ буд. Пас аз ислом маданиятҳои даврaи ғазнавӣ ва темурӣ дар ҳамин ҷо зода шуд ва нашъунамо кард, ки ин сурат такомил ва иртиботи фарҳанг аз сунани бостони ин мамлакат ба шумор меояд. Таҳвил ва инкишофи фарҳанги мамлакат дар асри ҳозир аз айёме оғоз ёфт, ки мардум барои истирдоди озодӣ аз панҷаи истеъмори Британиё омодагӣ доштанд. Ҷаридаи «Сироҷ-ул-ахбор» бузургтарин василаи ин таҳвил буд, ки дар риштаи нависандагии шеъру адабиёти танвири халқ аз нигоҳи таърихи Шарқ ва дунё ва нашри улуми ҷадиди санг нахустин ин таҳдобро гузошт, ки пас аз истирдоди истиқлол низ ба паймонаи зиёде идома ёфт. Маориф ва мадориси ҷадид ба теъдоди зиёд таъсис шуд ва китобҳои бешуморе барои он таълиф, тарҷума ва табъ шуд. Ба ин асос Маҳмуди Тарзиро метавон падари насру нависандагии имрӯз ном ниҳод.

Дар даври пеш аз истиқлол ҷунбиши маҳсусе дар риштаи такомили адабиёт ва ҳунарҳо, аз қабили насрнависӣ, шеърсароӣ, мусиқӣ, наққошӣ ва театр падид омад, ки дар ибтидо, махсусан дар айёми таҷлили ҷашни истирдод озодии таронаҳои ватанӣ суруда шуда, тамсилҳои театр ва иншоди мусиқӣ сурат мегирифт ва рӯзномаҳо ва ҷумлаҳо ба нашри осори насру назм мепардохтанд, ки нависандагони ҷавони он рӯз имрӯз устодони ин риштаанд, аз қабили Бетоб, Шоиқ, Салҷуқӣ ва Довӣ.

Кӯтоҳи сухан ин, ки баҳс кардан дар бораи адабиёти муосири дарӣ, кори осон нест, зеро ин адабиёт хислати вижае дорад. Шарҳи нуровариҳо, услуби шоирон ва табйини доштаҳои ашъору достонҳо бар асоси гироишҳои фикрӣ ва сиёсии шоирон ва достонпардозон, баррасии ҳолати рӯҳӣ ва зиндагии офаринишгарони адабӣ пас аз тасаллути қувватҳои бегона бар ватани мо, ранҷи оворагӣ ва ғурбату бозтоби он дар осори адабӣ, азиятҳое, ки шоирону нависандагони мо аз раҳгузари густариши таҳқир, хушунату амсоли он дар нимаи дувуми даҳаи ҳафтод мутаҳмал шуданд.

Аҳдоф:

1) Баррасии чеҳраҳои номвари даврaи муосир дар адабиёти форсии дарӣ;
2) Вижагиҳои шеъри шоирони даврaи муосир;
3) Ба муаррифӣ гирифтани сабк ва осори шоирони ин даврa;
4) Ривоҷ ёфтани анвои адабӣ, дар ашъори шоирони муосир;

Устод сӯфӣ Абдулҳақи Бетоб. Маликушшуаро сӯфӣ Абдулҳақи Бетоб фарзанди Абдулаҳад Аттор дар соли 1306 қ. дар шаҳри Кобул таваллуд ёфтааст. Шоир, адиб, нависанда, фақеҳ, мутарҷим ва халифа дар тариқаи нақшбандия - Бетоб аз Кобул ҷуз як бор ба қасди зиёрати ҳаҷ ҳаргиз по берун наниҳода, сода ва бетакаллуф зистааст. Дар соли 1331 ш. ба пешниҳоди вазири маориф Муҳаммад Зоҳиршоҳ ба ӯ лақаби «Маликушшуароӣ» бахшида ва алорағми доштани маликушшуароӣ Бетоб ҳеҷ гоҳ ба дарбор нарафта ва аз шигифтиҳост, ки подшоҳи вақтро танҳо як бор дар яке аз маросими

таҷлили рӯзи муаллим аз наздик дидааст. Тақвӣ, вазифашиносӣ ва иззати нафси ӯ забонзади хоссу ом аст [9, с.182].

Устод дар улуми маъқул ва манқул аз арабу адаби наҳв мутабаҳҳир аст. Дар риштаҳои мухталифи адабӣ таълифоти гаронбаҳо ва тароҷими олӣ дошта, девони шеъри ӯ бадеъ аст ва як бор дар Кобул ба чоп расидааст. Бетоб шахси порсо ва дар тасаввуф пайрави маслаки нақшбандия аст. Устод ба қасида камтар майл менамояд ва аз шоирони машҳури ғазалсаройи Кобул аст. Ғазалаш мутамоил ба сабки ҳиндӣ аст, аммо тамом сабки ҳиндӣ нест ва аз такаллуфот орист. Худаш фармоид, ки бинобар мавқеияти Кобул байни Ҳинд ва соири қисматҳои Хуросони Афғонистон ғазалаш байни сабки ҳиндӣ ва хуросонӣ аст. Аз маҳорати устод дар шеър он аст, ки шеъри хуб дар муддати кам месозад. Чунончи борҳо ба муносибати бархе тақрибҳо ашъори матинӣ муносиби ҳоли сохта ва саноеъи маънавӣ ва лафзиро ба камоли маҳорат дар шеър ба кор мебарад [6, с.69].

Бетоб дар сароиши қасида, марсия, қитъа, маснавӣ, махсус мусаддас ғолибан чирадастӣ нишон дода, аммо ба ғазал бештар аз соири анвои шеър гароиш доштааст. Бетоб панҷ сол аз зиндагии хешро дар тарҷумаи тафсири Қуръони маҷид, машҳур ба «Тафсири кобулӣ» гузаронида ва бар чопи он назорати мустақим ва дақиқ доштааст.

Осори муҳимми чопшуда ва чопнашудаи Бетоб. Тарҷумон-ал шофеъ, тарҷумаи кофия, мифтоҳ-ал-ғамуз, усул-ал-таркиб, девони шеър, гуфтори равон дар илми баён, илми бадеъ, илми маъонӣ, бедилшиносӣ, мантиқ, татбиқи санавот, таълифи мутаҷовуз аз даҳ китоби дарсӣ, рисола дар шарҳи аҳвол ва осори Аҳмади Ғаззолӣ, таҳлили порае аз матолиби рисолаи «Ал-савонеҳ фил ишқ», дастури забони форсӣ, нисбият дар арабӣ, муҳокимаи шарҳи Ҷомӣ ва шарҳи Шайх Разӣ [5, с.182-183].

Устод Халилуллоҳ Халилӣ. Устод Халилӣ шоири баландовоза, фарзанди Мирзомуҳаммад Ҳасанхон Муставфӣ ал- мамолик (мутаваллиди 1285 ш. дар Кобул), аз чеҳраҳои мондагори шеъру адабиёти муосири забони форсии дарӣ аст. Ӯ ҳамон қадар ки дар арсаи шеър дар ҷойгоҳи барин қарор дорад, ба ҳамон андоза дар нависандагӣ ва пажӯҳиши адабӣ низ мақоми баландеро доро аст. Халилӣ таҳсилоти улуми қадимаро дар назди уламои машҳури замонаш ба поён расонид ва дар ин замина аз номоварон ба ҳисоб мерафт. Ӯ ба вазифаи гуногун гумошта шуд, аз ҷумла муншии маҷлиси вузаро, раиси мустақили матбуот, мушовири матбуоти дарбори вақт, сафири Афғонистон дар Ҷидда ва Бағдод ва ғайра. Ӯ ҳамчунон муддатҳо муаллими мадорис ва устоди департамент дар Донишгоҳи адабиёти донишгоҳи Кобул низ буд. Халилӣ як бор ба далоили сиёсӣ дар аҳди салтанати Муҳаммад Зоҳиршоҳ дар замони садорати Муҳаммад Ҳошимхон зиндонӣ ва сипас ба Қандаҳор табъид шуд [9, с.70].

Зиндагии Халилӣ бо шурӯи асри ҷадид дар таърихи Афғонистон оғоз мешавад. Ӯ фарзанди давроне аст бар илтиҳоб ва пурҳодиса, ки дар поёнаш Афғонистон барои чанд даҳа вазъияте пойдор, вале шикананда ёфт. Боз дар авохири умри Халилӣ ин пойдорӣ барҳам хӯрд ва шоир мавқеиятҳоеро таҷриба кард, ки дар навҷавонӣ дида буд. Ӯ шоири ба инзиво хазида ва дур аз сиёсат ва иҷтимоъ набуд. Ба ҳамин рӯ, сухан аз зиндагиашро наметавон бидуни назари иҷмолӣ бар авзои мамлакат дар он аср ба сомон расонд [8, с.34].

Намунае аз каломи Халилӣ:

Ҳама мушти хор гаштам, ки занӣ шарорам имшаб,
Ба ҳавот ҳай фишонӣ ҳама ҷо ғуборам имшаб.
Ҳама домҳо гусастам, ҳама бандҳо шикастам,
Зи ҷаҳону ҷон бирастам, ки кунӣ шикорам имшаб [1, с.73].

Розиқи Фонӣ. Муҳаммад Розиқ фарзанди Муҳаммад Сиддиқ дар соли 1322 ш. дар Кобул тавлид шуд. Таълимоти ибтидоӣ ва сонавиро дар Кобул тамом кард. Сипас, ҷиҳати таҳмил Булғория рафт ва дар соли 1356 дар риштаи иқтисоди сиёсӣ аз донишгоҳи Сӯфия ба ахзи санади таҳмилии фавқ лисонаси тавфиқ ёфт. Баъд аз соли 1357 муддате мудири масъули ҷаридаи Самангон ва Бедор буд ва дар соли 1362 дар самти муовини ҷаридаи Помир кор кард. Оғози шоирии ӯ мусодиф бо соли 1340 ш. аст. Ӯ аз ҳамон сол ба баъд ашъорашро дар нашрияҳои мухталиф ба чоп супурд. Нахустин дафтари шеърияш бо номи «Ормони ҷавонӣ» иқболи чоп ёфт, ки нашри онро Вазорати иттилоот ва фарҳанги вақт ба уҳда дошт. Маҷмӯаи дигари шеъри ӯ «Паёмбарони борон» ном дорад, ки дар соли 1365 дар Кобул ба нашр расида буд. Муддати замони зиёде дар Амрико зиндагӣ дошт ва дар он ҷо ду маҷмӯаи шеърӣ бо номҳои «Абру офтоб» ва «Шикасти шаб»-ро чоп кард. Фонӣ достони «Борона»-ро дар соли 1363 дар Кобул нашр намуд ва гузидаи танзҳояшро Анҷумани нависандагони Афғонистон дар соли 1367 дар Кобул ба чоп расонид. Ӯ боре ҷоизаи адабиро дар Кобул, ки аз сӯйи Вазорати иттилоот ва фарҳанг дода мешавад, дарёфт.

Фонӣ дар ғазалсаройӣ тавоноии хуб дорад. Ороишҳои ашъораш бо маҳорат корбурд ёфта ва ба он обуранги зебое бахшидааст. Мазомини сурудаҳои ӯ таъбирҳои сиёсӣ – иҷтимоиро низ ҳамл мекунанд. Албатта, онҳо бори отифиро дар ба дӯш доранд [9, с.236].

Абдулқаҳор Осӣ. Абдулқаҳор Осӣ дар соли 1336 ш. дар рустои малимаи Панҷшер дида ба ҷаҳон кушод. Мактаби ибтидоиро дар зодгоҳи худ ва мутавассита ва сонавиро дар Кобул ба поён расонид. Баъдан дар Донишкадаи зироати донишгоҳи Кобул дарс хонд ва аз он фориғуттаҳсил шуд. Ӯ дар замоне, ки ҳанӯз донишҷӯи Донишгоҳи зироат буд, ба сурудани шеър тамоил пайдо кард ва дар ин замина то он ҷо ки нигорандаи ин сутур ба ёд дорад, бо баъзе аз устодони депортаменти дарии Донишкадаи адабиёт машваратҳое дошт. Дар Анҷумани нависандагони Афғонистон бо Восиф Бохтарӣ низ машвараҳое дар ростои шеъргӯйӣ ба амал меовард ва ашъорашро аз назари ӯ мегузаронид. Чун муддате масъули равобити байналмилалии Анҷумани нависандагони Афғонистон буд. Бинобар он, бо шоирони матраҳи дигар дар он анҷуман ошно шуд ва дар сайқал намудани табъи шоириаш аз онон асароте бардошт.

Дар рагҳои ашъори Қаҳҳор Осӣ хуни муқовимат ва исёнгарӣ меҷӯшид. Аз бегонагони мутаҷовуз нафрат дошт, вайронгариҳои қушуни сурхро накуҳиш мекард ва аз ҷангҳои дохилӣ норозӣ буд. Ба ҳамин ҷиҳат, барои муддате рахт ба диёри Эрон кашид, вале он ҷо дер напоид ва муҷаддадан ба ватан боз гашт. Ӯ дар лобалои ашъори хеш безорӣ аз ҷангу хунрезиро фарёд мекард. Ӯ дар тадовими сурудаҳояш аз «Девони ошиқонаи боғ» ба «Ҷазираи хун» расид ва бо тағйири ногаҳонии забони шеъраш ба шуълаваркунандагони оташи ҷанг дар кишвараш ҳушдор дод.

Хона торик, дилу боғ ва биёбон торик,
Бе ту ҳар кӯчаи ин шаҳрак вайрону торик.
Осмони хаставу хуршед зи по уфтода,
Моҳи овора ба дилгирии зиндон торик [6, с.182].

Холида Фурӯғ аз он шоиразаноне аст, ки дар коҷистони шеъри имрӯзи дарӣ ба масобаи коҷи баланд, қомат афрохтааст. Камтар шоири занонеро суроғ дорем, ки чун ӯ ин қадар ба зудӣ номовар шуда ва дафтарҳои мутааддиди шеъриро ба дасти чоп супурда ва дар сурудани шеър чунон тавонманд шуда бошад, ки таваҷҷуҳи ҷаҳониёнро ба худ маътуф бидорад ва аз яке аз кишварҳо ҷоизаеро насиб шавад. Ӯ то кунун ин дафтарҳои шеъриро ба дӯстдорони шеър арза доштааст: «Қиёми митро», «Панҷарае бар фасли соиқа», «Сарнавишти дӯстҳои насли фонус», «Анбар аз қарни қобил» ва «Дар хиёбонҳои хобу хотира».

Ман фикр мекунам, бозтоби фарозҳои навиштаи Восиф Бохтарӣ ба унвони «Иқлими шеър ва бими асас», бар пешонии дафтари дуюми шеъри Холида Фурӯғ нақш бастааст. Дар ин ҷо барои тавзеҳ бархе аз вижагиҳои шеъри ӯ муносиб мебошад: …оё Холида Фурӯғ, ки дувумин гузинаи шеърҳояшро фародаст дорем, дар заминае, ки шаб бар вопасин сангарҳо соя мегустарад нагуфтааст? Оре, метавон бо нигоҳе ҳарчанд гузаро бар шеърҳои Холида Фурӯғ бад-ин бовар расид, ки зан дар меҳани мо низ гулуҳое ёфтааст, ки фарёдашро монанди сели пӯлодин бар рӯйи пурожанг ва торики таърих фурӯ кӯбад, то нафаси он ба офтоби ҳарчанд хунин мубаддал шавад. Холида Фурӯғ ҳам бо модари фарҳангии хеш Робия, унси шигарф дорад ва ҳам бо хоҳари ҳамнавъи худ Фурӯғи Фаррухзод бисёр самимӣ аст. Дар сароиши ғазал бо шогирдҳои навойин миёни ҳамгунони хеш камҳумост ва бар густараи озмунҳои шоирона дар арӯзи нимойӣ, бавижа дар миёни бонувони шоир аз чеҳраҳои матраҳ ба шумор меояд [7, с.173-180].

Эй бурдаҳо зи хеш билолӣ бароваред,
Аз коргоҳ рӯҳи камолӣ бароваред.
Эй духтарони бодия, эй ҳамраҳони ман,
Эй ҳаҷри сарнавишти висолӣ бароваред [2, с.269].

Лайло Сароҳат Рӯшанӣ. Вай фарзанди шоир ва журналисти бо дард ва бо эҳсос Саршори Шамолӣ ё Саршори Рӯшанӣ аст. Ӯ дар 23 ҷавзои соли 1337 дар Чоряккори вилояти Парвон чашм ба ҷаҳон кушод. Лайло омӯзишҳои нахустинро дар зодгоҳи худ касб кард ва таълимоти сонавиро дар лейсаи «Малолай», таҳсилоти донишгоҳиро дар депортаменти забон ва адабиёти дарии Донишкадаи адабиёти Донишгоҳи Кобул ба поён расонид. Панҷ сол дар лейсаи «Марям» ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти дарӣ ифои вазифа кард. Пас аз он ба Анҷумани нависандагони Афғонистон роҳ ёфт. Муовини муассисаи насвон шуд ва дар айни ҳол масъулияти интишори ҷаридаи «Иршоди алнасвон»-ро ба уҳда гирифт, яъне ӯ ба некуӣ тавонист умури журналистиро низ сару сомон бахшид. Ӯ муддате низ муовини маҷаллаи «Мирман» буд. Баъд аз соли 1375 ба Покистон муҳоҷир шуд ва аз он ҷо ба кишвари Ҳоланд рафта ва дар ин сарзамин ба нашри фаслномаи «Ҳаво дар табъид» тавфиқ ёфт ва ба ҳамкорӣ ва ҳамёрии ҷамъӣ аз фарҳангиёни кишвараш дар арсаи шеър ва адаб фаъолиятҳои чашмгир намуд. Ӯ, ки солҳо аз саратони мағз ранҷ мебурд, охируламр рӯзи чаҳоршанбе 31 саратони соли 1383 дар бемористони кишвари Ҳоланд падруди зиндагӣ гуфт. Майити ӯ ба Кобул интиқол ёфт ва бо икрому изози тамом ба рӯзи нуҳуми асад бо ҳузури теъдоди кассире аз шоирон ва нависандагон дар шуҳадои солиҳин ба хок супорида шуд. Лайло Сароҳат нахустин

алифбои шеъру адабро аз падараш зиндаёд Саршор Шамолӣ фаро гирифт, оҳиста-оҳиста дар боғистони шеър қомат барафрошт ва дар ин аср аз номоварон шуд [9, с.154-158].

Сурудаҳои Лайло аз лутф ва ҷазобати хоссе бархӯрдор будааст. Таъбироти нави шӯрангезе, ки ҷой ба ҷой дар шеъри ӯ дида мешаванд, аз эҳсоси самимона ва андешаҳои жарфу шоирона сухан мегӯянд. Шеъри Лайло дар айни хаёлангезӣ монанди гуфтор ва корбурди худаш мамлу аз сароҳат ва равшанӣ аст ва ин худ ба самимияти он меафзояд ва онро дилнишинтар месозад [8, с. 230].

Омадӣ аммо на ҳамчун абри пурбори баҳорон,
Омадӣ сарду фасурда чун равони сӯгворон.
Омадӣ бебортар аз дастҳои сарди пойиз,
Омадӣ берӯҳтар аз инҷумоди обшорон [3, с.3-6].

Шеъри муосири форсӣ ё адабиёти муосири форсӣ тайи гузашти як қарн аз умри худ дучори таҳаввулоти фаровоне шудааст. Забон яке аз муҳимтарин ҳавзаҳо дар заминаи аносири шеъри муосир аст. Агар хатти сайри забон дар шеъри муосир аз давраи машрута то кунун дар назар гирифта шавад, шоҳиди ҳаракати забони шеър аз ҷониби забони фохир ва адабӣ ба ҷониби забони гуфтор роиҷ дар зиндагии рӯзмарра ҳастем. Майл ба корбурди аносири забони гуфтор ва баҳрамандӣ аз қобилиятҳои билқувваи ин забон дар шеъри муосир лузуми баррасии ин гунаи забонӣ дар шеъри ин даврароро беш аз пеш намоён мекунад. Нимо бо огоҳӣ аз забони фохири адабӣ ба манзури ҳамоҳанг сохтани забони шеъри давраи хеш бо воқеияти зиндагӣ пешниҳод ба коргирии забони гуфторро дар шеъри муосир матраҳ сохт.

Дар оғози садаи бистуми милодӣ Афғонистон бо таҳаввулот ва дигаргуниҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ рӯ ба рӯ мешавад. Дар нахустин даҳаи ин қарн аст, ки бо тағйири муносибатҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ рӯ ба рӯ мегардид. Дар соли 1913 нахустин мадраса ба шеваи мадориси ҷадиди ғарбӣ кушода мешавад ва ба номи амири вақт, Ҳабибия номгузорӣ мешавад. Ин мадраса, ки муаллимони ҳиндӣ омӯзгорони онанд, конунӣ мешавад. Барои ҷунбишҳои фикрӣ ва наҳзати машрутият низ аз ҳамин ҷо сар баланд мекунанд.

Намояндагии шеъри классик ва суннатӣ дар ин даврон Қорӣ Абдуллоҳ Абдулҳақи Бетоб ва Халилуллоҳ Халилӣ мебошанд. Ду тани нахустин ба тартиб маликушшуарои Афғонистон мегарданд ва Халилӣ, ки аз онон ҷавонтар аст, аз як сӯ, ба ҷойи гироиш ба шеваи шеъргаройии мактаби ҳиндӣ ба мактаби хуросонӣ рӯй мекунад ва аз сӯйи дигар, гӯшаи чашме ба шеъри ҷадид дорад ва қатаоте дар фурмҳои ҷадид ва бо мазмунҳои нисбатан навойин арза мекунад. Аз шоирони имрӯзи забони дарӣ устод Бетоб, Халилӣ, Бисмил, Қурбат ва Сафо дар сабки классик ва қадим устоданд.

Шоиқ Ҷамол ва Иброҳим Халил низ дар сурати Шоиқи Ҳиравӣ ва Ашқарӣ аз қадимиён пайравӣ мекунанд. Аз шоирони ҷавон Пажвок, Ойина, Нисон, Зиё Қоризода, Илҳом, Бориқ Шафеианд, ки гоҳ мафҳум ва замоне сурату мафҳум ҳар ду ҷадиданд. Аз насрнависони дарӣ Салҷукӣ, Халилӣ, Пажвок, Махмур, Қадири Туркӣ (хусусан дар осори ҳуқуқӣ, фалсафӣ ва иқтисодӣ) Сафо, Фарҳанг ва Ливол (матолиби иқтисодӣ) ва Луи Рашод (мавъиззаҳои динӣ) ахиран иддае достоннависони ҷавон ва хонандагони ҷавоне, ки шеъру наср менавиштанд рӯйи ҷароид ҷилвагарӣ доранд.

Аз ҷумлаи шоироне, ки дар анҷумани адабӣ бо қуввати ҳарчи бештар аз сабки қудамо ҳимоят мекард ва аз мувозине, ки Рашиди Ватвот ва Шамси Қайс хоҳони он буданд, удул намекард, Қорӣ Абдуллоҳ буд. Шоироне, ки дар ҷумлаи Кобул арзи вуҷуд карданд, теъдоди зиёд буданд. Ашқарӣ ва Ғулом Аҳмади Навид яке ғазалсароёни бисёр маъруфи давраи муосири кишвари мо, аз ин ҷумла буданд.

А Д А Б И Ё Т

1. اندخویی، متین. (۱۳۶۹). گزیدۀ اشعار خلیل الله خلیلی. کابل: انتشارات مطبعۀ دولتی.
2. Танвир Абдулҳалим. Забони суханвар ва номвари Афғонистон. – Пешовар: Интишороти исломии Сабур, 1380. – Ҷ.1.
3. Ҳайрон Муҳаммад Юсуф. Аз сангҳо ва оинаҳо. – Пешовар, 1376
4. رحیمی، نیلاب. (کلیات قهار عاصی. تهران: انتشارات خیام.
5. رضوی غزنوی، علی. (۱۳۸۰). نثر دری افغانستان. چ۲. پشاور: انتشارات جیهانی.
6. ژوبل، محمد حیدر. (۱۳۹۱). نگاهی به تاریخ ادبیات معاصر دری در افغانستان. چ۲. کابل: انتشارات امیری.
7. Ато. Забони суханвар дар пӯяи адаби дарӣ. – Кобул: Интишороти матбааи давлатӣ, 1365.
8. Козимӣ Муҳаммадкозим. Девони Халилуллоҳ Халилӣ. – Теҳрон: Интишороти Ирфон, 1385. – Ҷ.1.
9. Қайюм Абдулқайюм. Мурурe бар адабиёти муосири дарӣ. – Кобул: Интишороти Саъид, 1387. Ҷ.2.

ЧЕҲРАҲОИ НОМВАРИ ДАВРАИ МУОСИР ДАР АДАБИЁТИ ФОРСИИ ДАРӢ

Шеъри муосири форсӣ ё адабиёти муосири форсӣ тайи гузашти як қарн аз умри худ дучори таҳаввулоти фаровоне шудааст. Забон яке аз муҳимтарин ҳавзаҳо дар заминаи аносири шеъри муосир аст. Агар хатти сайри забон дар шеъри муосир аз давраи машрута то кунун дар назар гирифта шавад, шоҳиди ҳаракати забони шеър аз ҷониби забони фохир ва адабӣ ба ҷониби забони гуфтор роиҷ дар зиндагии

рӯзмарра ҳастем. Майл ба корбурди аносири забони гуфтор ва баҳрамандӣ аз қобилиятҳои билқувваи ин забон дар шеъри муосир лузуми баррасии ин гунаи забонӣ дар шеъри ин даврароне беш аз пеш намоён мекунад. Нимо бо огоҳӣ аз забони фохири адабӣ ба манзури ҳамоҳанг сохтани забони шеъри даврааи хеш бо воқеияти зиндагӣ пешниҳод ба коргирии забони гуфторро дар шеъри муосир матраҳ сохт. Дар оғози садаи бистуми милодӣ Афғонистон бо таҳаввулот ва дигаргуниҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ рӯ ба рӯ мешавад. Дар нахустин даҳаи ин қарн аст, ки бо тағйири муносибатҳои ичтимоӣ ва сиёсӣ рӯ ба рӯ мегардид. Дар соли 1913 нахустин мадраса ба шеваи мадориси ҷадиди ғарбӣ кушода мешавад ва ба номи амири вақт, Ҳабибия номгузорӣ мешавад. Ин мадраса, ки муаллимони ҳиндӣ омӯзгорони онанд, конунӣ мешавад. Барои ҷунбишҳои фикрӣ ва наҳзати машрутият низ аз ҳамин ҷо сар баланд мекунанд.

Калидвожаҳо: сабк, ғазал, наққошӣ, шеър, фарҳангӣ, қасида, маснавӣ, марсия, хаёл.

ВЫДАЮЩИЕСЯ ЛИЧНОСТИ СОВРЕМЕННОГО ПЕРИОДА В ПЕРСИДСКО-ДАРИЙСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Современная персидская поэзия или современная персидская литература за последнее столетие подверглась большим изменениям. Развитие литературного процесса в Афганистане обусловлено спецификой исторических и общественных условий страны. Еще одна особенность литературного процесса в Афганистане – существование двуязычия как основы литературных произведений. Язык, на котором активно шли культурные процессы в Афганистане, – дари, афганский диалект фарси, который является языком афганской знати и просвещенных кругов. На нем было написано большинство произведений афганской феодально-аристократической литературы, ориентированной на персидский классический канон. Язык являлся одним из важных составляющих современной поэзии. В Афганистане в соответствие с арабской традицией хорошим тоном у знати считались занятия литературой. Они повышали общественный престиж литераторства, но не способствовали появлению профессиональных писателей, ориентированных на литературное новаторство. Афганские писатели и поэты часто были религиозными или общественными деятелями, а их литературное творчество в значительной степени подчинялось задачам политической или религиозной борьбы.

Ключевые слова: стиль, газель, рисование, стих, культурный, касыда, месневи, элегия, воображение.

OUTSTANDING PERSONALITIES OF THE MODERN PERIOD IN THE PERSIAN-DARIAN LITERATURE

Modern Persian poetry or modern Persian literature has undergone great changes over the past century. The development of the literary process in Afghanistan is due to the specificity of the country's historical and social conditions. Another feature of the literary process in Afghanistan is the existence of bilingualism as the basis of literary works. The language in which the cultural processes in Afghanistan were actively pursued was Dari, the Afghan dialect of Farsi, which is the language of the Afghan nobility and enlightened circles. It was written most of the works of the Afghan feudal aristocratic literature, focused on the Persian classical canon. Language was one of the important components of modern poetry. In Afghanistan, in accordance with the Arab tradition, literature classes were considered a good form for the nobility. They increased the public prestige of literature, but did not contribute to the emergence of professional writers who focused on literary innovation. Afghan writers and poets were often religious or public figures, and their literary work was largely subordinate to the tasks of a political or religious struggle.

Keywords: style, gazelle, drawing, verse, cultural, kasyda, mesnevi, elegy, imagination.

Сведения об авторе: ***Асил Шарифа*** – Университет Форёб Исламской Республики Афганистан, ассистент кафедры персидско-дарийской литературы факультета литературоведения

Information about the author: ***Asil Sharif*** - Foryob University of the Islamic Republic of Afghanistan, Assistant of the Persian-Dariya Literature Department of the Faculty of Literary Studies

УДК: 891.550-1

МОҲИЯТИ МУНДАРИҶАВИЮ ЭСТЕТИКИИ АШЪОРИ МЕҲАНПАРАСТОНА
(дар асоси эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода)

Раҳмонов Ҳ.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз мавзӯи ватану ватандорӣ дида дар адаби бадеӣ ҷовидонатар мавзӯе нест, чун ҳама мавзӯоти арзишманди дигар, аз қабили меҳри модар, сидқу сафои муҳаббат, дӯстиву шафқат, родмардиву сахо, ҳама реша дар хоки муқаддаси ватан доранд. Ҳама арзишҳо бо ватан рабт доранд, зеро ишқу алоқа бо ватан аз гаҳвора оғоз меёбад. Дар зеҳну шуури мардум ватан ончунон азиз аст, ки «хоки ватанро аз мулки Сулаймон хуштар» ва «амири беватанро хору залил» мегӯянд. Ҳақиқате бебаҳс аст, ки саодати воқеӣ танҳо дар ватан ба ҳар касе насиб мешавад. Ҳамин шавқу шӯри муҳаббати ватанро ҳар қаламкаше ба роҳу равиши ба худаш хос баён мекунад. Дар адабиёти пешин ва имрӯзии мо шоире нест, ки дар ин мавзӯъ арзи ихлос накарда бошад.

Устод Рустам Ваҳҳобзода аз ҳамин қабил шоирон аст, ки қисмати аъзами ашъораш ба гиромидошти ватан ва эҳсосоти наҷиби ватандорӣ марбут аст. Ашъори ватанпарастонаи ӯ ончунон саршори завқ ва табъи салими гӯяндааш ҳастанд, ки бо як бор мутолиа кардан дар ойинаи тафаккур тасаввури рӯшанеро аз гирудори ишқи ватандорӣ ҳосил мекунанд ва ҳиссу ҳаяҷонро дар сатҳи баланд меангезанд.

Дар баҳси санъат, хоссатан шеъру шоирӣ, агар ба он аз равзанаи ҳунари ҷаҳонӣ нигариста шавад, ончунон меъёрҳову принсипҳо ва усулҳои арзишдоварӣ зиёданд, ки

ҷангали анбуҳеро мемонанд. Ҳатто сухани пурҳикмати Гёте «барои фаҳмидани шоир ба зодгоҳи ӯ рафтан мебояд» барои ҳар муҳаққиқи шеър ҳамчун раҳнамои методологӣ метавонад ба кор ояд. Шоири маъруфи балқар Қайсин Кулиев дар китобаш «Шоирон ҳамеша бо мардуманд» роҷеъ ба осори мондагори Қизим Мечиев, шоири дигари номвари ин сарзамин бо ҳарорати зиёде ҳарф зада, ба ин гуфтори Гёте изофа мекунад: «Гёте ҳақ аст, аммо ман мегӯям, ки барои амиқтар шинохтани ин ё он кишвар аввалтар аз ҳама шеъри шуарои онро бояд мутолиа кард. Агар ватани шоири бузург ҳамеша китоби боз бошад, пас шеъри он шоир қалби бози он сарзамин аст» [5, с.143].

Чун мавзӯи ин мухтасар баррасии чанде аз вижагиҳои шеъри меҳанпарастонаи шоири маъруфи мо Рустам Ваҳҳобзода аст, гумон намекунем, ки барои ин кор, тибқи фармудаи Гёте, сафар ба зодгоҳаш – ноҳияи кӯҳсор ва сарсабзу хуррами Тоҷикобод зарур бошад. Шояд барои онҳое, ки жарфтару фарохтар аз осори ӯ таълифи чизе мукаммалро ба нақша доранд, чунин як сафар амри воҷиб шавад. Барои мо, ки аз садҳо роҳ ба ин гулистони шеър танҳо аз як пайраҳаи хурде гузар хоҳем кард, андешаи Қайсин Кулиев мувофиқтар аст: шинохти як сарзамин аз мутолиаи шеъри шоири он сарзамин. Ва барои ин кор ду маҷмӯаи ӯ – «Шаҳри хуршед» (2008) ва «Салом» (2015) маводи ниҳоят фаровонеро фароҳам меорад. Шоире нест, ки ба зодгоҳаш аз зовияи шеър боре назар накарда бошад, Рустам Ваҳҳобзода низ истисно нест. Ҳатто ҷойе аз ҷӯшу хурӯши меҳр Тоҷикободашро тимсоли Шарқ номидааст:

Не Самарқанду не Бухоро аст,
Не ба таърих нозише дорад.
Не варо қасру кохи волоест,
Лек номи пуразише дорад…
Гар ба таърих аз даричаи ҳақ
Бингарӣ, Шарқ Тоҷикобод аст… [8, с. 4].

Мавзӯи ватандориву соҳибватанӣ шояд мавзӯи рақами яки адабу фарҳанги ҷаҳонӣ бошад, хосса дар адабиёти навини мо – оғоз аз устод Айнӣ то кунун шоире набуда, ки дафтари аввали ашъораш аз ситоиши ватан шурӯъ намешуда бошад. Дар ин навъи шеър ҳиссиёт ё эҳсос афзалият дошта, пафос – рӯҳ ё рӯҳияи шеърро нисбат ба дигар аносири ҳаловатбахшии он мушаххас мекунад. Аз замони таълифи шеъри «Меҳан, эй меҳан»-и устод Лоҳутӣ шояд кам ё беш сад сол сипарӣ шуда бошад, аммо ҳаловати эстетикии он то ҳазораҳои дигар аз мазраи тафаккури ошиқони сухан нахоҳад рафт, зеро ба қавли муҳаққиқи шеър Абдурраҳмони Абдуманнон дар ин қабил ашъор устод Лоҳутӣ «ғояҳои олии ватандӯстиро бо самимитарин ҳиссиёти инсонӣ гуфта тавонистааст» [1, с.20]:

Танида ёди ту дар тору пудам, меҳан, эй меҳан,
Бувад лабрез аз ишқат вуҷудам, меҳан, эй меҳан.
Ту будам кардӣ аз нобудию бо меҳр парвардӣ,
Фидои номи ту буду набудам, меҳан, эй меҳан…[6, с.20].

Суханшиноси мавсуф ин ва ғазалҳои дигари устод Лоҳутӣ – «Лавҳи мазор», «Бандагӣ даркор нест» ва амсоли инҳоро мансуб ба як равияи махсуси услубӣ – лирикаи публитсистӣ ё публитсистикаи лирикӣ донистааст. Дар ин равия, ба қавли муҳаққиқ «тарзи ифодаи ҳиссиётписанди мавзӯъ ва матолиби иҷтимоиву сиёсӣ, мазмуну моҳияти фалсафиву ахлоқӣ касб кардани мафҳумҳои марбут ба маънии ҳастӣ, иҷтимоъ ва шахс» рӯшан эҳсос мешавад. Агар аз ин дарича ба ашъори меҳанпарастонаи Рустам Ваҳҳобзода бингарем, намунаҳои зиёде хоҳем дарёфт ва билхосса ғазале ба унвони «Тасбеҳи ашк»-ро бо радифи «саҷда мекунам», ки беихтиёр таваҷҷуҳи хонандаро ба худ мекашад:

Ҳар субҳу шом сӯйи Ватан саҷда мекунам,
Дар дил ҳазор захми куҳан саҷда мекунам.
Тасбеҳи ашк бар сари ангушти мижагон,
Ҷон бар лабу ба рӯи кафан саҷда мекунам.
Рӯям ба қибла, ки ватанам сӯйи қибла аст,
Сӯйи ватан ба ваҷҳи ҳасан саҷда мекунам.
Гарчи тиҳӣ шудам зи навоҳои булбулӣ,
Чун ҳудҳуди Сабо ба чаман саҷда мекунам.
Ҳар шом то ба субҳ чу як шамъи поксӯз,
Танҳо на як ҷабин, ҳама тан саҷда мекунам.
Бӯйи Ватан агар бирасад аз сухан маро,
Мисли қалам ба пойи сухан саҷда мекунам…[9, с. 128].

Ин ғазалро бино ба истеҳкоми маънӣ, кандакории ҳар ибораву калима, таровату салосати сухан, ҳиссиёти ҳаяҷонангез, тарзи бағоят самимонаи баёни мақсаду армон метавон гимни сидқу сафои ватандорӣ номид. Он дар олами маънавии шоир бо ангезаҳои ҳиссиву маърифатӣ, бо силсилаи пиндорҳову тасаввуроте барои ҳар касе ошно ба вуҷуд омадааст. Гумон меравад, ки шоир ҳар байтеро дар қолаби ин ғазал мавқеи махсус ҷудо

намуда, байни ҳам вобаставу алоқадор намудааст ва билохира як мазмуни яклухт ҳосил шудааст. Равобити маъноии калимоту вожаву ибораҳои ин ғазал устувор буда, ба масал нардбонеро мемонанд, ки зина ба зина арзиши волои ватан фаҳм мешавад.

Гарчи сӯйи ватан саҷда кардан дар шеъри куҳану нав зиёд дучор шавад ҳам, аммо ифодаи «аз ашки сари мижгон тасбеҳ сохтан»-ро ба нудрат метавон ёфт. Таносуби калом дар байти дуюм ба андозае қавист, ки мазмуни онро (бо чашми ашкбору тану ҷони сӯзон аз дарди қабл аз марг ба рӯйи кафан сар фуруд овардан) метавон дар мағз ба тасаввур гирифт. Ҳамин гуна тасаввури рӯшан аз мутолиаи байти панҷум ба ҳусул меояд: одатан бо пешонӣ саҷда мекунанд, аммо қаҳрамони шоир худро шабеҳи шамъ медонад, ки ба пуррагӣ месӯзад, яъне поксӯз аст ва ин ба тамомӣ сӯхтан ҳама ҷисму ҷонро фаро мегирад. Ва байти мақтаъ низ орое аз камоли табъи гӯянда ёфтааст: расидани бӯйи ватан аз сухан ҳисомезист, мисли он ки зиндаёд Бозор Собир гуфта: «Хаёли деҳа бӯи деҳа дорад». «Ба пойи сухан саҷда кардани қалам» низ хеле зебову пероста ҳосил шуда, хонандаро завқу кайфияти эстетикӣ мебахшад. Байтҳои ин ғазал байни ҳам мантиқан пайванди сахте доранд ва аз ин ҷиҳат, он ғазалиёти ирфонӣ ё сӯфиёнаи навъи мусалсалро ба хотир меорад.

Агар як вазифаи шеър аз нигоҳи эстетика талқини зебоӣ бошад, пас, андар маърифати он шоир воситаҳои бадеиеро ба кор бурдааст, ки дар ниҳоди ҳар касе эҳсосоти неруманд ва равшанеро тавлид мекунад. Ва ин зебоӣ асари ҳунариро ба дараҷаи улвият мерасонад, вақте афкору андешаи шоир ниҳоди касро аз ғояти таассурот лабрез намояд. Бояд дар ҳамин мавқеъ гуфт, ки мабдаи ин ду асолат (зебоиву улвият) ҳамон самимияте ҳаст, ки аз табиати ҳассос ва андешапарвари шоир бармехезад ва дар тору пуди шеър маъво мегирад.

Самимияти шоир агар неруманду рӯшан бошад, хоҳу нохоҳ ба хонанда интиқол меёбад, зеро унсури муҳимми дигар – ҳаяҷонро меангезад. Аммо бояд иқрор шуд, ки на ҳама шуаро имкони бо шеър ҳаяҷонангезиро доранд, ин ҷо ба қавле дуди дили сӯхта ба кор меояд. Дар замонаш Буало гуфтааст, ки «ашъори ман на барои он ба мардум писанд аст, ки ифодаҳо дурустанд, нафосату салосат ва иқоъ (гармония) доранд, балки эҳсоси наҷиберо меангезанд, чунки аз чизе муҳим иттилоъ медиҳанд» [2, с.76].

Ба ин навъи шеър аз ҳар даричаи шинохти шеър, ки ворид нашавед, ду меъёри асосӣ - бадеият ва ҳунари образофаринӣ асосӣ хоҳанд буд. Ва дигар меъёре, ки такя ба фалсафаи ҳунар – зебоишиносӣ дорад, таносуби ақл ва эҳсос дар эҷод аст: ҳар қадар ки ақл кашшофи ғояҳо бошад, ҳамон андоза эҳсоси мусаллаҳ бо тасаввури рӯшан дар дарёфти образҳои муассир пешгом хоҳад буд. Манбаи эҳсос ҳамеша иштиёқ (шӯру шавқ) аст, одатан мо ҳамон лаҳзаи шавқро ҳис ва ё эҳсос меномем, ки бо неруи бузурге дар ниҳоди мо хурӯҷ кунад, иштиёқ бошад, ҷараён ё сели мудаввоми эҳсосоти якмаром аст. Эҳсос дар худии худ дутаркиба аст, дар зебоишиносии ғарбӣ онҳоро аз ҳам ҷудо мекунанд, аммо дар эстетикаи шарқӣ ба як маъно фаҳм мешавад. Ба қавли мутафаккири бузурги фаронсавӣ Клод Гелветсий «шавқу шӯр ё иштиёқ ду навъи зуҳур дорад: якеро ба мо худи табиат эҳдо кардааст (масалан, хоҳиш ва ё эҳтиёҷи хӯрдану ошомидан) ва дуюмиро бевосита табиат надода, он бо мавҷудияти ҷомеаи башарӣ рабт дорад, яъне онҳо сунъиянд (масалан, иззату шарафхоҳӣ, ифтихормандӣ, ҳавасмандӣ ба татбиқи арзишҳои воло ва ғайра). Вобаста ба инҳо ду навъи эҳсос ҷудо мешавад: яке мутааллиқ ба эҳтиёҷоти ҷисмонии мо, ки онро sensations мегӯянд ва дигаре дар робита бо ҷомеа ва парваришёфта аз ҷониби худи одамон аст, ки онро бо истилоҳи sentiments ёд мекунанд» [3, с.518].

Рӯҳи шеърро ана ҳамин навъи дуюми эҳсос таъмин мекунад, махсусан дар лирика. Хуб ё хеле хуб тасвир шудани шавқу шӯр ва эҳсос ҳамон вақт имкон дорад, ки агар дар ниҳоди гӯяндаи шеър онҳо ҳулул ёфта бошанд. Барои офариниши образи воқеӣ ва муассир шоир боистӣ бо шарофати неруи қавии эҳсос дар ниҳоди хеш пешнамуна ва ё мазҳари он образро пайдо кунад. Яқинан, чизе, ки башиддат эҳсос мешавад, ҳамеша дар шеър низ бо ҳамон вусъат тасвир меёбад ва баръакс.

Дар шеъри Рустам Ваҳҳобзода ҳамин меъёре, ки на танҳо дар эстетика, балки дар равоншиносиву фалсафаи иҷтимоӣ ва психолингвистика ва як силсила улуми дигари инсоншиносӣ мавриди пажӯҳиши зиёде қарор гирифтааст, аз ҳама пештару бештар ба мушоҳида мерасад. Маҳз хурӯҷи баланди sentiments бар иловаи абзори дигари орои сухан ва тасовири ҷаззобу маъонии баланд аст, ки ҳар шеъри ӯро мухлисон ҳамчун шеъри пурмоя мепазиранд ва дар ҳар маҳфиле чун намунаи шеъри муосир аз ёд мехонанд. Билхосса, дар шеъри хурд ё миниатюрӣ, ки вақтҳои ахир шоир ба эҷоди онҳо сарукори бештаре дорад, истеъдоду маҳорате басо сутуданӣ ба чашм мехӯранд. Як намуна аз шеъри ба истилоҳ сентименталӣ «Ба пойи Бесутун» аст, ки ҳар байте аз он чун шоҳбайт мақоми мустақил пайдо кардааст:

На сар гуфтам, на по гуфтам, на ҷон гуфтам, на тан гуфтам,
Ватан гуфтам, Ватан гуфтам, Ватан гуфтам, Ватан гуфтам.
Ҳазорон бор “мо” гуфтам, касе ҳамдил нашуд, аммо,

Ҷаҳоне зидди ман шӯрид, агар як бор “ман” гуфтам.
Ба оён дил ниҳодам, дидаву дил бар аён бастам,
Ба ғурбат аз Ватан гуфтам, ба хилват анҷуман гуфтам.
Сапедиҳои чашми интизоронро саҳар дидам,
Насим ар бӯйи хун овард, бӯйи пираҳан гуфтам.
Ҷунунамро чу Маҷнун нозиши саҳро надонистам,
Ба пойи Бесутун истодаму аз Кӯҳкан гуфтам.
Забони шамъи табъам гоҳ-гаҳ домони дил гирад,
Мабодо, ки пушаймон гардам аз он ки сухан гуфтам, -
Пушаймон нестам ҳаргиз, сухан чун аз Ватан гуфтам [9, с.100].

Байти аввали ғазали мазкур ифодаи барҷаставу таъкид бар таъкиди сӯзу сози ватанхоҳӣ, байти дуюм ишорае ҳасратомез ба дарк нашудани нидои қалби қаҳрамони шоир аз ҳамдиливу ҳамбастагӣ, байти савум - боз нидое ормонӣ аз ваҳдати ҷисму ҷони шоир бо пайкари меҳан ҳам дар ғурбату ҳам дар хилват, байти баъдӣ – талмеҳ ё ишораи нозуке ба қиссаи интизории падари нобиношудаи Юсуфи Канъонӣ, баъдан – афзал донистани пофишориҳову меҳнату машаққати Фарҳод аз саҳронишиниву ҷунунварзии Маҷнун, байти дигар – иродаи устувори қаҳрамони шоир ва матонати ӯ аз ҳубби ватан, то андозае, ки “забони шамъи табъ”-и ӯ домони дилашро хоҳад сӯхт аз он ки мабодо пушаймон шуда бошад ва ниҳоят яккамисраи охир – боз иродатмандии қавии қаҳрамони шоир аз сухангӯии бардавом дар ҳаққи ватан... Шеъре дар ниҳояти ҳаяҷонангезӣ, бо патетикаи баланд ва таҳрикбахшанда ба ҷониби улвият. Пирӯзии маънавӣ аз болои шикасти ҷисмонӣ ва ранҷу озори ҳиссӣ. Татбиқи амалии назарияи улвияти Фридрих Шиллер: “На ранҷу кулфат ба худии худ, балки мухолифат ба он патетикист ва муносиб ба тасвир кардан аст...” Ва ҷойи дигар: “ҳаяҷонангезӣ аз он ҷиҳат хислати эстетикӣ пайдо мекунад, ки роҳ ба сӯйи улвият нишон дода тавонад” [12, с.404].

Тасаввури шоир ҳамвора бо ёди ватан аст ва ӯро мебарад ба ғурбату хилват, ба анҷуманҳову ба саҳрои Маҷнуннишин, ба Бесутуни Кӯҳкан, аз пираҳани Юсуф бӯйи меҳан мешамад ва дар ҳама водиву манозил ёду хотироти меҳан эътиқоди ӯро маҳкам нигаҳ медорад. Ҳанӯз Иммануил Кант дар замонаш тасдиқ мекард, ки “тахайюли эҷодкор зери раҳбарии завқ ва дар иттиҳод бо хирад ғояҳо ва образҳои беҳтарини эстетикиро меофарад, маҳсули ин тахайюлу тасаввурро бо чунин паҳноварӣ тафаккур наметавонад ҳазм кунад ва аз ин рӯ, мафҳумҳо ба таври беохир васеъ мегарданд” [10, с.4].

Аз мафҳуми ватан шояд барои шарҳи шоирона васеътар мафҳуме набошад ва ҳар шоире дар заминаи баррасиҳои эҳсосоти субъективии хеш чизе мувофиқ ба тавоноии табъи худ хоҳад гуфт. Дар мавзӯи ватан шояд ҳазорон-ҳазор шеър гуфта бошанд, аммо ба сабке ниҳоят наздик ба завқи мардумӣ (шоир беҳуда дар қавс шеваи онро “халқӣ” нагуфтааст) чунин шеърро ба нудрат пайдо кардан мумкин аст.

Шеъри мазкур нишонаву вижагиҳое аз шеъри дар Юнони қадим маъруфи дифирамбӣ дорад, гарчи ин вожа – дифирамба ҳолиё гоҳо ба маънои манфӣ низ истифода мешавад. Аммо аслан ин навъи шеър дар васфи эзадҳои Олимп, билхосса ба эзади нуру зиёву шароб - Дионис суруда мешуд ва ҳаммаънои волотарин мадҳия, яъне гимнро дошт. Баъдтар онро ҳамчун жанри мусиқӣ эътироф мекардагӣ шуданд ва матни он ритмикаи хоссе дошт, мутантан ва бо пафоси баланд сароида мешуд. Нахустин гӯяндаи онро Архилох (қарни VII-и то милод) медонистанд. Афлотун дар асараш «Ҷумҳур» дифирамбаро ҳамчун воситаи истисноии баёнгарии муаллифии шоирона меномад, ки бо вачд (экстаз) ҳаммарз аст. Аз ин ҷиҳат, метавон ин шеъри шоири мутафаккирро муносибтарин дифирамба дар ҳаққи ватан гуфт.

Дар маҷмӯаи “Салом”-и шоир аз ашъори ватанпарастона кам ё беш 14 шеър ба назар расид, ки аз нигоҳи шеърият ва ҳунар онҳо дар як поя – пояи баланди шеър қарор доранд. Инҳо бо номҳои “Ватан”, “Ёд”, “Ё соқӣ”, “Хатти фардо”, “Пайғом”, “Меҳан”, “Меҳрнома”, “Ошёни меҳр”, “Тоҷикистон”, “Дарди воло”, “Ихлос”, “Авҷи шаҳомат”, “Намози дил” ва ғайра нашр шудаанд. Дар ин мухтасар имкони дастрасии таҳлил ба ҳамаи онҳо нест, аммо наметавон аз шеъри “Ватан”, ки бо камоли самимият сурӯда шудааст, сарсарӣ гузар кард. Ва ҳеҷ имконе надорад, ки байте аз он ихтисор кардаву барои мисол пешниҳод кард, ба ҷуз ба яклухтиву тамомӣ:

Шабе фазои туро гар кунад сиёҳ, Ватан,
Сиёҳ бод бар ӯ рӯйи Меҳру Моҳ, Ватан!
Куҷо паноҳ барад ҷон зи фитнаҳои ҷаҳон,
Ба ғайри ту набувад ҳеҷ ҷонпаноҳ, Ватан.
Зи ҳар гуноҳ, ки мумкин бувад, мубарроям,
Ягона меҳри ту бошад маро гуноҳ, Ватан.
Саре, ки пойи ту бинҳодаам, набардорам,
В-агар ба дорам аз ин саҳву иштибоҳ, Ватан.
Замину обу ҳавову гулу гиёҳу дарахт

Ва дӯстону азизон, на молу хоҳ, Ватан.
Саломати сари мо бе Ватан муяссар нест,
Ба сар иваз натавон кард чун кулоҳ, Ватан.
Миёни ин ватану боқии тамоми ҷаҳон,
Гар интихоб бибояд, дило, бихоҳ, Ватан.
Зи ахтарони фалак фоли ту ҳамегирам,
Агар чу Бежану Юсуф равам ба чоҳ, Ватан.
Хуш аст рӯзи туву рӯзгори ту бе ман,
Мабод бе ту шавад рӯзи ман табоҳ, Ватан.
Ба хун тапида дигар дар бисоти ман нафасест,
Ва охирин нафаси ман ту ҳастӣ, оҳ, Ватан [9, с. 105-106].

Шеъре, ки аз ҳар байташ нидои сидқу сафои ботини гӯяндааш ба гӯши ҳуш мерасад, шеъре иборат аз розу ниёзи қалби саршор аз шавқу завқи шоир ба мамдӯҳаш, ки ватан аст, шеъри хитоба, ки самимияти ифода ва ё ифодаи самимият дар он ба авҷи камол ва қуллаи ҷамол расида. Тасвир ончунон табиӣ ва сидқист, ки ҳар касеро ба вачд меорад: қаҳрамони шоир аз фитнаҳои олам ҷонпаноҳе (ифодаи тоза) ҷуз ватан надорад, ягона гуноҳаш – меҳри ватан аст, сар ба пойи ватан ниҳодан ва агар ин иштибоҳ бошад, омодаи сар ба дор шудан ғояти лутфу сафост, тасаввури мардумии кулоҳи сар иваз накардан, чунки хосияти баде дорад ва ин маъниро ба якто будани ватан пайванд додан, дар бисоти гӯяндаи шеър ҷуз нафаси ба хун тапида ба ёди ватан чизе намонда – инҳо ҳама аз табъи салим ва зеҳни мустақими шоир гӯиё фаввора задаанд. Агар як маънои пафос – ҷӯшу хурӯш бошад, пас, ин шеър саропо ҳамин гуна рӯҳияи осмонӣ ва навъе иффату рози ирфонӣ ҳам дорад. Дар шеъри «Ёд» байте ҳаст, ки онро манифест ва ё маромномаи шоир нисбат ба ватан метавон гӯшзад кард:

Ман «зиндабод» менасароям, ки ин ватан
Бо зиндаболи ман на, ба эҷод зинда аст… [9, с.129].

Дар шеъри «Ё соқӣ» байте ҳаст, ки муҳаббати қаҳрамони шоирро ҳатто дар заминаи номувофиқ омадани кори ватан низ ба исбот мерасонад ва хеле ҳам зебо рух намуда, бавижа таносуби ифодаҳое чун оҳанрабову қутби рӯҳ муносиби ҳол омадаанд:

Ватан то оҳаниндил шуд, дил аз оҳанрабо кардам,
Ба ҳар ҷойе, ки рафтам, қутби рӯҳам Тоҷикистон аст [9, с.133].

Аз гӯшаи имон будани ҳубби ватан баргирифта аз ҳадиси маъруф аст ва ҳамин маънӣ таҷаллӣ мекунад бо шарҳе шоирона дар порае аз шеъри «Ихлос»:

Дур аз ту пораи ноне тавон ёфт,
Бе ғами ту роҳати ҷоне тавон ёфт,
Бе ками ту чанду чандоне тавон ёфт,
Лек бе ту кист мегӯяд, ки имоне тавон ёфт? [9, с.80].

Шеъри «Бо мо» агарчи дар ягон мисрае исми ватан надорад, аммо манзури шоир таҳқиқи амиқи ҳамон гуфтушунуфти доманадорест, ки чаро бо ин фарру шукӯҳу хираду ҳикмату фазл тоҷикон тӯли садсолаҳо аз давлат маҳрум буданд ва рушду тараққиашон ба таъхир уфтод… Ва чаро ин миллатро дар ҳоли осуда намегузоранд ва чанде чуну чароҳои дигар. Посухи шоир:

Гуноҳи мо ба ғайри ин набошад,
Ки фарри тоҷу авранг аст бо мо.
Хатое ҳаст агар моро ҷуз ин нест,
Ки ишқи илму фарҳанг аст бо мо.
Рухе, ки мисли аржанг аст бо ғайр,
Ҳама чин асту ожанг аст бо мо…

Ва дар ниҳояти шеър:

Аз он қисмат, ки карданд Осиёро
Ҳамин як осиёсанг аст бо мо… [9, с. 137].

Оҳанги ин шеър оҳанги даъват ба бедорӣ ва худшиносист, ҳушдоре, ки дар тору пуди ашъори Рустам Ваҳҳобзода печидагии қавӣ дорад. Миллате, ки чунин таърихи пурифтихор ва барои даҳҳо миллатҳои дигар ҳаққи устодиву рӯшангарӣ дорад, набояд ва нашояд, ки ба доми васвасаи сиёсатҳои аҷнабиён биафтад, вагарна он фарри иборат аз дурахши донишу ҳикмат ба чӣ кор меояд? Ҳамин мазмуни сиёсиву иҷтимоӣ дар шеъри хурди дигаре бо унвони «Чаро мехӯрӣ?» амиқтару барҷастатар арзи андом кардааст:

Мусалмон, ки бас асрҳои дароз
Ту савганди аҳду вафо мехӯрӣ,
Бинолӣ, ки душман фиребам диҳад,
Бале, медиҳад…
Ту чаро мехӯрӣ?! [9, с. 189].

Воқеан, ин беҳтарин посух ба онҳоест, ки аз як сӯ, садҳо мадрак аз бузургиву шаҳомати пешина меоранд ва ҳамин ки сухан аз рукуду адами камоли миллат дар соҳоти

мухталифи таъминкунандаи зиндагии шоиста рафт, баҳона пеш меоранд, ки моро ба таври мудаввом дар гузашта фиреб додаанд ва ҳанӯз ҳам имкони пешрафт намедиҳанд. Дар чунин як шеъри хурд ифода кардани як маънои бузурги фалсафию иҷтимоӣ, бешубҳа, ишора ба диди моҳиятбини шоир ба масоили мубрами зиндагӣ мекунад. Гумон меравад, ки ин масъала, яъне худшиносӣ чун хатти сурх аз кулли ашъори ватанпарастонаи шоир мегузарад. Ҳанӯз дар маҷмӯаи «Шаҳри хуршед» бо унвони «Рӯдоба» шоир даричае барои баррасии ин масъала боз карда буд. Ва ин шеъри муртакиби ҳамагӣ ду мисраъ иқтидори маънавии як достонро дорад:

Шарқ дар хуни хештан ғарқ аст,
Зодани офтоб осон нест... [8, с. 159].

Дар ин байт, агарчи дар зоҳир таърихи таваллуди Рустами Таҳамтан дар мадди назар бошад, аз сӯйи дигар, ҷиҳати фарогирифти маъно онҷунон пурғунҷоиш аст, ки кулли муаммоҳои сиёсиву иҷтимоии Шарқ ва сабабу омилҳои вобастагии он ба Ғарб тасаввур мешавад: Шарқи зоишгоҳи хуршед ва нуру зиё ва айни замон мазлуму ғӯтавар дар муаммоҳои хеш, идомаи мазомине марбут ба ноогоҳӣ ва хуфтагии Шарқ, дар осори Иқболи Лоҳурӣ хеле муфассал баён шудааст.

Ҳамин тариқ, Рустам Ваҳҳобзода дар гуфтани шеъри ватанпарастона истеъдоди қавӣ ва табъи карим дорад. Аслан, шеъри ватанро бидуни самимият наметавон гуфт, аммо самимият як ҷузъи сифати шоир аст, аммо заруртарин ва ногузиртаринаш. Ба қавли мутафаккири маъруфи рус Д.И. Писарев «самимият зарур аст, аммо шоир дар ду ҳолат метавонад самимӣ бошад: ё дар ҳоли бузургии комили ҷаҳонбинии хирадмандонааш ва ё дар ҳоли маҳдудияти пурраи афкору дониш ва эҳсосу шавқу рағбаташ. Дар мисоли аввал ӯ Шекспир, Данте, Байрон, Гёте ва Гейне аст, дар мисоли дуюм – ҷаноби Фет. Дар мисоли аввал ӯ бори афкор ва андуҳи ҷаҳони муосирашро мекашад, дар мисоли дуюм – зулфи, аллакай, шоназадаи маҳбубаро дубора шона мезанад ва боз ба дигарон шикоят мебарад, ки ӯро ба ин кор имкони дуруст намедиҳанд…» [7, с. 307]. Ҷойи шубҳа надорад, ки Рустам Ваҳҳобзода бо силсилаи ашъори ватанпарастонааш дар радаи аввали шоироне қарор дорад, ки Д.И. Писарев муайян кардааст.

Воқеан, шеъри ватанро танҳо шоири ҳақиқӣ имкони самимона гуфтан дорад. Ӯ бояд ба хеш ҳисобот диҳад, ки кадом ҳадаферо ба уҳда дорад, ба чӣ ваҷҳе шеъри ӯ ба ақлу зеҳну шуури хонанда таъсиргузор мешавад, кадом иштибоҳеро чун заҳрпечак аз беху бун дар фаҳмиши муқаддасоти меҳан бармеканад. Дар ин маврид ба қавли Генрих Гейне «шоир ё титан (азимҷуссаҳои Юнони бостон, ба мисли Прометей – Ҳ.Р.) аст, ки кӯҳи бадии асрҳо боз боқимондаро ҳамвор мекунад, ё сӯзанакест, ки дар анбуҳи гулҳо ширинӣ мечӯяд. Миёнаҷой нест ва буда ҳам наметавонад».

Ба ҳамин маънӣ устоди зиндаёд Худоӣ Шарифзода дар китоби «Шоир ва шеър» ҳам мегӯяд: «Баёни ҳиссиёт ҳама вақт бояд самимӣ бошад. Шоирон дар чунин шеърҳо асосан сухан аз роҳи рози дилу қалб мегӯянд. Ҳиссиёт аз ҷунбишҳои қалбии шоир мебошад, шоир агар хилофи хоҳиши худ рафтор накарда бошад, шеъри эҳсос бояд дар ниҳояти самимият аз қалби саршор гуфта шавад. Аз чунин шеър ба машом бояд бӯйи дили сӯзон ва қалби ҷӯшон бирасад» [11, с. 123]. Магар аз мисраъҳои зерин «бӯйи дили сӯзону қалби ҷӯшон» намеояд?:

То ба номат кунад таҳрир қавми ту сарнавишташро,
Панҷа дар панҷа афканда борҳо бо қазо, Меҳан.
Муҳра аз меҳри ту дорад қомати интизоронат,
Чашми шабзиндадоронат гирад аз ту зиё, Меҳан [9, с. 94-95].

Ё:

Мекашад аз дилам оҳанг захмаи шоду ғамгинат:
Шарфаи обшоронат, навҳаи сӯгворонат.

Як вижагии диданӣ ва басо сутудании шеъри Рустам Ваҳҳобзода ҳамин аст, ки ба шеър, махсусан ба шеъри ватандӯстона ҳамчун воситаи ибрози маънавият назар мекунад ва вазъу ҳоли зиндагии хешро бо тору пуди ватан як ҷо ба тасвир мегирад. Инак, намунае аз ин ашъор:

Ин Ватанро беш аз ҳар вақти дигар дӯст дорам,
Ҷумла фарзандони ӯро чун бародар дӯст дорам.
Ҳамчу моҳиҳо нафас полоям аз оби зулолаш,
Оташи созандаашро чун самандар дӯст дорам.
Бол меёбам зи авҷи исмати Чилдухтаронаш,
Обшорашро чу меҳри поки хоҳар дӯст дорам.
Хасмро ҷавшангудозу дӯстро равшаннавоз аст,
Шуълаи хуршедро бар тоҷи Лозар дӯст дорам.
Хатти марзашро чу хатти сарнавиштам пос дорам,
Нури хуршедаш чу дасти меҳри модар дӯст дорам.
Тахти Сангинаш бинозам ҳамчу шоҳаншоҳ Ҷамшед,

Хонақоҳи Кӯҳияшро чун қаландар дӯст дорам.
Дар сукути кӯҳсораш ҳикмати сад достон аст,
Ин сукуташро чу наҷвои Паямбар дӯст дорам.
Ин Ватанро то зи бунёдаш музаффар мешиносам,
То ки ҳастам, миллати худро музаффар дӯст дорам.
Дӯши ӯ, имрӯзи ӯ, фардои масъуди Ватанро,
Бо дилу бо ҷону бо имон баробар дӯст дорам.

Шеъри муассири меҳанпарастона, саршор аз меҳр, ҳар байте ишора мекунад ба ягон ҷузъиёте, ки хотирмон аст. Ҳар байте ба сари хеш мустақилмаъност. Тасвир эҳсосбарангез, ифодаҳо пурмаъно, таносуби калом устувор. Сазовори он, ки ҳамчун гимни ватандорӣ бо оҳанг сароида шавад. Шеъре, ки қалби ҳар ғарибу муҳоҷиреро мусаххар хоҳад кард, барои ҳамдиёрони бумӣ - мояи гуманизм. Сабаби тавлиди чунин ашъор, агар яке табъи салим аст, дигаре олим будани гӯяндааш аст, яъне шоири донишманд, фарогирифтаи донишу саводи адабӣ, донандаи шеър ва ё шаҳрванди доимии кишвари шеъру шоирӣ... Шеъри Рустам Ваҳҳобзода исбот мекунад, ки дар иқлими шеър ҷаҳонбинии фарохи мусаллаҳ аз илму дониш нақши аввалдараҷа дорад. Ҳамин сабаб аст, ки аудиторияи шоир пуродам аст, ҳар касе чизе барои равнақи зеҳни хештан дарёфт мекунад. Ин ҳақиқат аст, ки шеъри хуб вакууми шуурро пур мекунад, ончунон ки баъди ғизое хуб кас роҳат мекунад. Сабабаш якҷо омадани се унсури эстетикист: ҳақиқат, накӯӣ ва зебоӣ. «Ҳақиқатро ҳар каси бохирад мефаҳмад, - мегӯяд донишманди маъруфи рус Н.А. Добролюбов, - сӯйи накӯӣ рафтанро ҳар касе мехоҳад, ки ҳиммати рӯҳу ҷонашро аз даст надодааст. Аммо оне, ки ҳам ҳақиқати ашё, ҳам накуиро дуруст эҳсос мекунад ва дар табиати онҳо ҳаёт ва зебоиро дарк мекунад, онҳоро дар образҳои зебову мушаххас ва муайян фаро мегирад, фақат шоир аст, фақат эҷодкори асил аст...» [4, с. 274].

Шеъри Рустам Ваҳҳобзода беҳтарин намунаи шеърест, ки бо манзараҳои олами ашё алоқаи маҳкам дорад, балки то ҷойе манзараро бо калом иваз мекунад. Ба кадом маъно? Фаразан, аз ҳамин шеъри боло рассоми манзаранигор беҳтарин намунаи манзараи як гӯшаи меҳан, балки беҳтарин мавзеъҳои онро метавонад рӯйи ҷиҳози рассомиаш (полотно) биёрад: қаторакӯҳҳои Чилдухтарон, Тахти сангину қасри Ҷамшед, осмони соф, хуршеди нурафшон ва ғайраву ҳоказо. Ҷамъи ин тасвирҳо дар тарҳу қолаби басо мувофиқ шеъри тасхиргари қалбҳо, ангезандаи эҳсос шудааст. Бархе гӯянд, ки шеъри асил то андозае воқеияти объективиро инъикос мекунад, шояд, аммо бартар аз ин, он (яъне шеър) воқеияти субъективӣ – дунёи маънавияти шоирро низ ифода мекунад, яъне арзиши бадеии шеър аввалтар аз дигар аҷзоъ, аз ғановати маънавии таҷассумёфта дар шеър, неру ва умқи эҳсос, ҳаяҷону таассурот, вижагии афкору ғоя, фарохии назар ва идеалҳои гуманистии шоир мушаххас ва таъйин мегардад. Як хосияти шеър ҳамин аст, ки чизҳои ғайрисамимӣ ва аз рӯйи ҳавову ҳавас гуфташуда зуд ба назар мерасанд. Ва ҳам дуруст аст, ки самимияти ифода ба сари худ (ба худии худ) наметавонад ягона меъёри бадеият бошад, аммо бидуни ин самимияти ифодаи мазмуни маънавӣ шеър наметавонад арзиши бадеӣ касб кунад, чунки самимият таҷаллии воқеӣ ё ҳақиқии он чизест, ки шахси шоир онро ҳис мекунад.

Дар ҳар шеъри Рустам Ваҳҳобзода, хоссатан дар ҳамин шеър, шоир воқеияти наве сохтааст, ки дар он ҳам ҷараён ва ҳам натиҷаи фаъолияти эстетикиву маърифатии шоир, олами маънавии ӯ дарҷ шудаанд ва ба он равона шудаанд, ки муносибати наве ба олами ашё дар ниҳоди одамон шакл бигирад ва боис ба рушди шахсияти онҳо гардад. Ин гуна таъсир аз таносуби мустаҳками шакл ва мазмуни шеър ҳосил мешавад. Ба қавли дигар, ғояи бадеӣ дар шакли басо муносиб интихоб шуда таҷассум ёфтааст. Ба ҳам созгор уфтодани ғояи муҳташам бо шакли муносиб арзиши баланди бадеии шеъри мазкурро фароҳам овардааст. Шеъри Рустам Ваҳҳобзода осонхону душворҳазм аст.

Хатти марзашро чу хатти сарнавиштам пос дорам,
Нури хуршедаш чу дасти меҳри модар дӯст дорам...

Куҷои ин байт душворие дорад? Дар назари аввал душворие нест. Аз нигоҳи шоир, ду хат – яке сарҳад ва дигаре сарнавишт барои шахсияте ватандору ватанхоҳ яксонанд: марз халалдор, ки шуд, сарнавишт низ рӯ ба таназзул меорад. Яъне ҳифзи марз ҳимояи сарнавишт, нангу ор, буду набуд, маънои вуҷуд ва мазмуни ҳастиро дар пай дорад. Пос доштани хатти марз ҳаммаънои пос доштани хатти сарнавишт аст. Ба маънии сабуктаре ҳамон гуна, ки худро эҳтиёт ва ҳифз мекунӣ, ҳамон навъ меҳанро бояд муҳофизат кунӣ, вагарна аз даст рафтани яке маънои аз даст рафтани дигариро дорад. Марзу сарнавишт, мисле ки ҷисму ҷон ё тану рӯҳ дар ваҳдатанд, ҳамон гуна ягонагии ҷудонопазир доранд, бе яке дигаре буда наметавонад. Мисраи дувум нисбат ба якум осонхонтар аст: шабеҳи меҳри модар будани нури хуршеди ватанро борҳо хондаву шунидаем.

Агар дар мисраи аввал андеша дар заминаи тахайюле маънавибунёд тавлид шуда бошад, пас, дар мисраи дуюм офтоби оламоро – ҷузъе аз табиат ба кумаки шоир омада: гармии нури хуршед ва гармии дасти меҳри модар ба ҳам якҷо гармиву нармии навозишеро ҳосил кардаанд, ки барои як инсони табиӣ неъматест гаронарзиш, бебаҳо ва

ниҳоят гиромиву муқаддас ва ҳам барои ақлу идроки одами муқаррарӣ ниҳоят фаҳмову дастрас. Таносуби миёни хатти марзу хатти сарнавишт, нури хуршеду дасти меҳри модар дар маҷмӯъ, агар ба забони мусиқӣ бигӯем – симфонияи муҳаббати самимӣ ва сидоқатро фароҳам овардаанд. Аммо аз сари байте чун:

Тахти сангинаш бинозам ҳамчу шоҳаншоҳ Ҷамшед,
Хонақоҳи Кӯҳияшро чун қаландар дӯст дорам...

Ва ё байти зер:

Дар сукути кӯҳсораш ҳикмати сад достон аст,
Ин сукуташро чу наҷвои Паямбар дӯст дорам...

сарсарӣ наметавон гузар кард. Муносибати маъноии Тахти сангину шоҳ Ҷамшед ва Хонақоҳи кӯҳиву қаландар варзиши идрок мехоҳад, андеша ва тагу рӯ кардани хаёлро тақозо дорад. Ҳамчунин “ҳикмати сад достон доштани сукути кӯҳсор” ва “ба наҷвои Паямбар рабт доштани ин сукути кӯҳ” низ мисли он аст, ки ба вартае дар роҳ дучор меоӣ ва бояд андешаи чӣ навъ аз он гузаштанро ба сар дошта бошӣ. Мисли варзишгаре, ки қабл аз вуруд ба майдони ҳарб бояд худро омода кунад, гардану сар биҷунбонад, мушакҳояшро омода созад.

Дигар вижагии шеъри шоир дар эҳтироми беандозаи ӯ ба ҳама ашёи ватан аст: ба ҳар зарраи обу хоки меҳан, ба ҳар инсони ин сарзамин, ба ҳар падидаву зуҳуроте, ки ободиву озодагӣ дар пай дорад. Ин эҳтиромро дар сатр-сатри ҳар шеъраш пайхас мекунем ва шоирро дар пасманзари ин сатрҳои садоқату вафо намунаи як шоири озоду озода ва вораста аз ҳар навъе гирифториҳои номатлуби мафкуравии иҷтимоӣ, аз ҳар навъ гурӯҳу дастаҳо вобаста ба ин ё он идеяҳои гурӯҳӣ мебинем ва бо эҳтиром посухаш медиҳем. Маҳз дар шеъри ватанпарастонаи шоир ин гуна эҳтироми самимӣ ё самимона рушан дарк мешавад ва зимнан бояд гуфт, ки ин навъи шеър дар эҷоди Рустам Ваҳҳобзода собиқаи дерина дорад. Ҳанӯз 36 сол қабл шеъри “Меҳрнома”-аш чоп шуда буд, ки ба қавли муаллифи пешгуфтори “Шаҳри хуршед” Гулрухсор “ба меҳани воқеии худ рӯйи суҷуд овардани шоири навқалам ҷуръат, самимият ва ифтихору ғурури хоссаро тақозо мекард”:

Ба ҷуз меҳрат таманное надорам, Тоҷикистонам,
Умедам, орзуям, ифтихорам, Тоҷикистонам.
Агар тақвими умрам сафҳаи таърихи сахтат нест,
Надорад тозагие рӯзгорам, Тоҷикистонам.
Барои ман ту беш аз хонадоне нестӣ ҳаргиз,
Бадахшонам, Зарафшонам, Ҳисорам, Тоҷикистонам...
Ба ту пайванди ман то ҷовидон сарсабз хоҳад буд,
Чу мерӯяд гиёҳат бар мазорам, Тоҷикистонам... [8, с. 7].

Агар дар байтҳои якуму сеюм хонандаи борикназар чизе ғайриодиеро барои тасвир набинад, ба ҷуз хурӯҷи меҳри саршор аз завқу дилбастагӣ, пас, дар байтҳои дувуму ахир аз дарки маъниҳои баланд ҳатман таъсире ба эҳсос хоҳад гирифт. Тавъам донистани рӯзгорони шоиру меҳанаш, масъулияти бо ҳама сахтиҳову нармиҳояш ҳамтақдирии ватанро ба уҳда гирифтан намунаи волои эҳсоси фарзанди ватан будан аст. Ин гуна дарки ватандӯстона ниҳоят огоҳонаву донишмандона аст, зеро бидуни фаҳму дарки шебу фарози таърихи меҳан рӯзгори шоир тозагие нахоҳад дошт, яъне ватанро бо ҳама талху ширини сарнавишташ дӯст бояд дошт, дар шакли ҷомеъ ва комил. На дар он замоне, ки манфиате аз ҳастии ватан дар ихтиёр дошта бошӣ...

Ду мисраи ахир ончунон истеҳкоми маънӣ дорад, ки хиште аз он девори ифода баркандан ва ё бо калимоте дигар иваз карданро истисно мекунад. Пайванди қаҳрамони шоир бо меҳанаш ҷовидонист ва ин ҷовидонагӣ дар тасаввури гулу гиёҳи болои мазор ба мазраи тафаккур мерасад. Пайванде, ки чун замину замон интиҳо надорад, ҳатто баъди марги ҷисмонӣ дар олами рӯҳонӣ идома меёбад. Инро дар назариёти шеъри аврупоӣ “фикри хосси шоирона” мегӯянд, назаре хос ба ҳамин шахси шоир, ки ҳаммонандаш дар дигар шоирон ба мушоҳида намерасад. Беихтиёр ин ду мисраи ҳакимона бӯйи атрогини байти машҳури устод Лоҳутиро ба машом мерасонад:

Ба дашти дил гиёҳе ҷуз гули рӯят намерӯяд,
Ман ин зебозаминро озмудам, меҳан, эй меҳан...

Тасаввур кунем, ки баъди ин шеър шоир беш аз сӣ сол раҳсипари қуллаи камолот буд, ҳам ба гуфтани шеър сарукори доимӣ дошту ҳам ба пажӯҳиши шеър, яъне шоири шеършинос. Рисолаи номзадиаш дар заминаи таҳқиқи шеъри устод Муъмин Қаноат ва рисолаи вижаи илмиву омӯзишиаш ба унвони “Шеър ва дониш” шиносномаҳои мақоми баланди ӯ дар улуми филологӣ, хоссатан дар фанни шеъранд. Китобҳои шеъраш – “Шаҳри хуршед” ва “Салом” аз касби камоли ӯ дар иқлими шеър муаррифӣ мекунанд. Аммо як нукта набояд ногуфта бимонад: аз ҳамон даврa (1982) то кунун (2018) тарзи баёни самимонааш ҳамон гуна самимӣ боқӣ мондааст, фузунӣ ёфтаасту камӣ не. Махсусан, дар шеъри ватанпарастонааш. Аз маҷмӯаи “Шаҳри хуршед” (2008) мехонем:

Меҳан, нафасе агар туро гум кардам,

Парҳез зи обу хоки мардум кардам.
Дар роҳи ту бигзашта зи дарёи муҳит,
Чун кабк ба хоки ту таяммум кардам... [8, с. 151].

Суггестия ба дараҷаест, ки касро ба асорати сеҳромези сухан мегирад, сонияе тасаввури парандаи ба хок худро орамида баъди дарёфти дубораи ошёни худӣ (яъне меҳан) ҳар дилеро ба тапиш меорад, ҳеҷ имкон надорад, ки қалбе аз ин тасаввур такон набинад, магар ин ки диле аз санги хора бошад... Дар боло ишора шуд, ки бидуни талқини худшиносӣ шеъри ватандорӣ ҳаловате нахоҳад дошт. Ҳамин аст, ки тору пуди ин навъи шеъри шоир ишораҳое муассир ба маърифати хештандорӣ доранд. Ду намуна:

Аз санги хамӯши мо шарар мебезанд,
Аз реги дурушти мо гуҳар мебезанд.
З-ин хок, ки мо бар сари ҳам мебезем,
Бингар, ки дигарҳо ҳама зар мебезанд...

Ё:

Эй дил, ту бикӯш дар вафои дигарон,
Аз хеш бурун бишав барои дигарон.
Дасти дигарон бигир, к-охир биравӣ,
То бар лаби гӯри худ ба пойи дигарон... [8, с. 155].

Ҳамин тариқ, шеъри меҳанпарастонаи Рустам Ваҳҳобзода аз нигоҳи сохтор ва шаклу саноеъ, дар маҷмӯъ – паҳлуҳои гуногуни пешаи шоирӣ ҳусниёте дорад, ки имкони дар як навиштор фаро гирифтани онҳо нест. Ин навъи шеър як хосияте дорад, ки дар дигар анвоъ камтар ба дида мерасад, яъне зуҳури маънавият барҷаста аст. Онро шоире беҳтар мегӯяд, ки худ сифатҳои маънавии шоиста дошта бошад, ба ифодаи Низомии Арӯзӣ салимулфитра бошад.

Бешак, Рустам Ваҳҳобзода аз ҳамин гурӯҳи шуарост.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуманнон А. Фурӯғи чеҳраҳо. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Адиб, 2015. – 212 с.
2. Буало Н. Поэтическое искусство / Н.Буало. - М.: ГИХЛ, 1957. – 232 с.
3. Гельвеций К. Об уме / К. Гельвеций; пер. с фр. Э.Л. Радлова. – М.: Мир книги, 2006. – 560 с.
4. Добролюбов Н.А. Статьи о русской литературе / Н.А. Добролюбов. – М.: Эксмо-Пресс, 2002. – 540 с.
5. Кулиев К. Поэт всегда с людьми / К.Кулиев. – М.: Сов. писатель, 1986. – 336 с.
6. Лоҳутӣ А. Куллиёт.– Душанбе: Адиб, 1987. -Ҷ.1. – 212 с.
7. Писарев Д.И. Реалисты / Д.И. Писарев: сост.: Л.Н. Осьмакова // Хрестоматия по теории литературы.– М.: Просвещение, 1982. – 448 с.
8. Рустами Ваҳҳоб. Шаҳри хуршед. Маҷмӯаи ашъор. - Душанбе: Фарҳангистони байналмилалии шеъри ҷаҳон, 2008. – 165 с.
9. Рустами Ваҳҳоб. Салом. Маҷмӯаи ашъор. – Душанбе: Адиб, 2015. – 256 с.
10. Суворов Н.Н. Пути создания художественного образа / Н.Н. Суворов. – М.: Знание, 1984. – 64 с.
11. Шарифов Х. Шоир ва шеър. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Адиб, 1998. – 218 с.
12. Шиллер Ф. О наивной и сентиментальной поэзии / Ф. Шиллер. Собр. соч. в 7 т.– М.: Гос. изд-во художественной литературы, 1957. - Т. 6. – 788 с.

МОҲИЯТИ МУНДАРИҶАВИЮ ЭСТЕТИКИИ АШЪОРИ МЕҲАНПАРАСТОНА

(дар асоси эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода)

Гиромидошти ватан ва имони ватандорӣ дар адаби бадеӣ чун мавзӯоти дигари ҷовидонӣ, аз қабили меҳри модар, сидқу сафои муҳаббат, дӯстиву шафқат, родмардиву саҳо густардатарин мавзӯи адабиёти бадеӣ ба шумор меояд, ки дар давраи нави адабиёти тоҷик аз устод Айнӣ ибтидо гирифтааст. Дар ин навъи шеър самимияти эҳсос омили муҳим буда, маҳз тавассути он рӯҳия ё пафоси шеър мушаххас гардида, ҳаловати эстетикии асар барои дарки хонанда фароҳам оварда мешавад. Дар мақолаи зер дар мисоли ашъори ватандӯстона Рустам Ваҳҳобзода масъалаҳои ҳунари шоирии ӯ ва чанде аз авомили тозаандешиҳояш мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф ба ин назар аст, ки дар шинохти шеъри асил ду меъёр - бадеият ва ҳунари образофаринӣ асосӣ маҳсуб мешаванд. Меъёри дигаре, ки такя ба фалсафаи ҳунар – зебоишиносӣ дорад, таносуби ақл ва эҳсос дар эҷод аст: ҳар қадар ки ақл кашшофи ғояҳо бошад, ҳамон андоза эҳсоси мусаллаҳ бо тасаввури рушан дар дарёфти образҳои муассир пешгом хоҳад буд. Эҳсос дар худии худ дутаркиба аст, дар эстетикаи ғарбӣ онҳоро аз ҳам ҷудо мекунанд, ки яке мутааллиқ ба эҳтиёҷоти ҷисмонии мост, ки онро «sensations» мегӯянд ва дигаре дар робита бо ҷомеа ва парваришёфта аз ҷониби худи одамон аст, ки онро бо истилоҳи «sentiments» ном мебаранд. Дар мақола таҳлилу таҳқиқи муаллиф бар асоси ашъори ватандӯстонаи ду маҷмӯаи шеъри шоир – “Шаҳри Хуршед” ва “Салом”, аниктараш шеърҳои ин маҷмӯаҳо -“Ватан”, “Ёд”, “Ё соқӣ”, “Хатти фардо”, “Пайғом”, “Меҳан”, “Меҳрнома”, “Ошёни меҳр”, “Тоҷикистон”, “Дарди воло”, “Ихлос”, “Авҷи шаҳомат”, “Намози дил” ва ғайра маҳорати образофаринӣ ва суварисозии хаёли шоир сурат гирифтааст. Таваҷҷуҳи асосӣ ба яке аз аносири муҳимми сохтусози ашъори ватандӯстона – самимияти ифода равона шудааст.

Калидвожаҳо: эҳсос, шеър, мундариҷа, ғоя, образ, ифода, шакл, меъёрҳои маърифати шеър, таносуб, маъно, мундариҷа, ватан, ҷомеа, эстетика, ҳунар.

СОДЕРЖАТЕЛЬНО-ЭСТЕТИЧЕСКАЯ СУЩНОСТЬ СТИХОВ, ПОСВЯЩЕННЫХ РОДИНЕ

(на материале творчества Рустама Ваххобзода)

Тема Родины, ее воспевание и восхваление, является самой распространённой темой в мировой литературе. На новом этапе таджикской литературы, начиная с творчества устода Айни и по настоящее время, данная тема превалирует в отечественной поэзии. Одним из ярких представителей таджикской поэзии последних лет, в

творчестве которого стихи о Родине поражают своим глубоким содержанием и эстетическими особенностями, является Рустам Ваххобзода. Очевидно, что основными критериями поэтического мастерства всякого художника слова являются художественность в прямом смысле и мастерство создания образа, в качестве некоего уникального способа и результата взаимодействия и разрешения противоречий между духовными и чувственными началами. Однако не следует забывать, о том, что в гражданской лирике, куда можно отнести лирику, воспевающую любовь к Родине, существует другой критерий – искренность чувств, играющая огромную роль в лирике. В отличие от восточной эстетики, в западной эстетике различают два рода чувств: одни имеют отношение к нашим физическим потребностям и называются ощущениями – sensations, а другие относятся к страстям искусственным и известным под именем чувств – sentiments. В данной статье основное внимание автора сосредоточено именно на этом критерии художественного мастерства поэта и в качестве литературного материала для анализа выбраны стихи из двух поэтических сборников поэта – «Город Солнца» и «Приветствие». В этих сборниках 14 стихотворений поэта – «Родина», «Память», «О виночерпий!», «Письмо будущему», «Послание», «Письмо любви», «Гнездо привязанности», «Таджикистан», «Искренность», «Совершенство величия», «Молитва сердца» и др. посвящены теме Родины.

Ключевые слова: чувство, поэзия, содержание, идея, образ, выражение, искренность, форма, критерии восприятия стиха, соотношение, смысл, родина, общество, эстетика, мастерство.

IS SUBSTANTIAL-AESTHETIC ESSENCE OF THE VERSES DEVOTED TO THE NATIVE LAND
(on a material of creativity of Rustam Vahhobzoda)

The Native land theme, it воспевание and praise, is the most widespread in the world literature. In a new stage of the Tajik literature, since creativity Ajni on the present, the given theme prevails in domestic poetry. Rustam Vahhobzoda is one of bright representatives of the Tajik poetry of last years in which creativity verses on the Native land dominate the deep is substantial-aesthetic features. It is obvious that the basic criteria of poetic skill of any literary artist are artistry literally and skill of creation of an image, as a certain unique way and result of interaction and resolution of conflicts between the spiritual and sensual beginnings. However it is not necessary to forget, that in the civil lyrics where it is possible to carry the lyrics singing of love for the country, there is other criterion - sincerity of the feelings, playing a huge role in the lyric poet. Unlike east aesthetics, in the western aesthetics distinguish two sorts of feelings: one concern our physical requirements and are called as sensations - sensations, and others concern passions artificial and known under a name of feelings - sentiments. In given article the basic attention of the author is concentrated to this criterion of art skill of the poet and as a literary material for the analysis verses are chosen from two poetic collections of the poet - «the Sun City» and "Hello". In these collections of 14 poems of the poet - "Native land", "Memory", «About виночерпий», «the future Letter», "Message", «the love Letter», «an attachment Nest», "Tajikistan", "Sincerity", «Perfection of greatness», «a heart Prayer», etc., are devoted the Native land theme. In these verses the poet gives also real lines of the Native land, and its symbolical shape, shows the country from the different parties, many-sided and majestic in the immense width.

Key words: feeling, poetry, the maintenance, idea, an image, expression, sincerity, the form, criteria of perception of a verse, a parity, the native land, a society, an aesthetics, skill.

Сведения об авторе: ***Рахмонов Х.А.*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **hafizrahmon@mail.ru**. Тел.: **(+992) 900-90-04-29**

Information about the author: ***Rakhmonov Kh.A.*** - Tajik National University, Senior Lecturer at the Department of Theory and Latest Persian-Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **hafizrahmon@mail.ru.** Tel.: **(+992) 900-90-04-29**

УДК: 891.550-1

ТАҲАВВУЛИ АВЗОНИ АРӮЗИ ФОРСӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЙИДОИ НАСАФӢ

Одинаев Н., Ҷаъфарова Д.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ,
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Донишманди бузурги тоҷик Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар “Меъёр-ул-ашъор” вазнро чунин таъриф мекунад: “Ва аммо вазн ҳайатест тобеи низоми ҳаракот[††] ва саканот ва таносуби он дар ададу миқдор, ки нафс аз идроки он ҳайъат лаззати махсус ёбад ва онро дар ин маврид завқ хонанд” [4, с.15].

Дарвоқеъ, вазн яке аз умдатарин унсурҳои шеър буда, онро донишмандон аз ҷумлаи лавозимоти шеър донистанд, на аз фусули зотии он [6, с.127]. Аҳли мантиқ ҳузури вазнро дар бунёди шеър таъкид карда бошанд ҳам, вале ҷойгоҳи онро дар ҳунари суханварӣ ва тасвиргарӣ ба дараҷаи *тахайюлот* надидаанд. Вале дар баъзе мавридҳо инъикоси вазъи носолими замон ва рӯзгори пуртаззоди аҳли ҷомеа дар вазнҳои махсусие, ки ба рӯҳияи шоир мутобиқат пайдо кардаанд, вобаста мебошанд.

Вазни ғазалиёти Сайидо як марҳилаи рушд ва таҳаввули арӯзи тоҷикии форсӣ буда, он барои аниқ ва равшан намудани баъзе вижагиҳои шеъри шоирони ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр, аз ҷумла хусусиятҳои вазнии онҳо мувофиқ мебошад. Зеро Сайидо дар замони зиндагии худ пешгомтарин шоири даврон буда, ғазалиёти пурмуҳтавои ӯ ағлаб

[††] Ҳаракот-*ҷ.*ҳаракат, яъне аломат ва овозҳое, ки дар навишти арабӣ садонокҳои кӯтоҳи “а”, “у” ва “и”-ро ифода менамояд.

ҳавзаҳои адабии форсигӯйро зери таъсири худ қарор доштааст. Сайидо дар пайравии шоирони пешин ва ғазалсароёни ҳамзамонаш мухаммасҳои ҷолиб ва пурмазмун эҷод намуда, бо ин иқдом огоҳии худро аз шоирони бузурги марказҳои адабии Хуросон ва Мовароуннаҳр бозгӯӣ карда, беҳтарин анъана ва суннатҳои адабиёти классикии форсӣ-тоҷикро давом додааст. Ӯ дар пайравии шоирони бузурги адабиёти тоҷикии форсӣ ба монанди Соиб, Адо, Санҷар, Шонӣ, Калим, Ҳофиз, Гулшани Бухороӣ мухаммасоти басо равону дилнишин офарида, ба шеъри онҳо аз ҷиҳати мавзӯъ, вазн, қофия, миқдори ҳиҷоҳо пайравӣ намудааст. Шоир ғазалҳоеро аз эҷодиёти шоирони гузашта пазируфтааст, ки онҳо аз ҷиҳати мавзӯъ, мундариҷа, сохти қофиябандӣ, радиф ва вазн ба завқи зебоипарастии замонаш мувофиқ бошанд. Аз ҳамин назар, авзони интихобнамудаи Сайидо аксар равон, хушоҳанг ва тараннумӣ мебошад.

Ба назари мо барои таҳқиқ ва ташхиси воқеии авзони ғазалиёти Сайидо, пеш аз ҳама, мавзӯъ, мундариҷа, сохти қофиябандӣ ва радифи ғазалҳои шоирро ба эътибор гирифтан лозим меояд. Зеро дар аксар мавридҳо мавзӯъ ва мундариҷаи шеър, нафақат вазъи замонро бозгӯӣ мекунад, балки ба вазъи интихобнамудаи шоир низ таъсир расонида метавонад. Барои таҳкими ин андеша авзони ғазалҳои шоирро дар муносибат бо вазъи замон таҳқиқ намудан мувофиқ мебошад. Зеро вазни ғазалу мухаммасоти шоир аз кайфияту эҳсосоти рӯҳонӣ ба вуҷуд омада, ҳатто дар мавридҳои муносиб равонию хушоҳангии онҳо низ ба чигунагии вазни он алоқаманд мебошад.

Барои таҳқиқ ва ташхиси саҳеҳи вазни ғазалиёти Сайидо ду усул ба кор бурда шуд:

***усули анъанавӣ** тақтеи як байт, муқаррар намудани ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ва муайян намудани вазни ғазали интихобшуда.

***бо истифода аз барномаи компютерие**, ки муаллифони мақолаи мазкур соли 2013 таҳия намуданд, дар таҳқиқи авзони ғазалиёти Ҳофиз татбиқ гардид” [1, с.23]. Дар ин ҷо намунае аз усули барномавии таҳлили вазни як ғазали Сайидоро оварда, нишон медиҳем, ки барномаи таҳияшуда дар асоси қоидаҳои арӯз то кадом дараҷа як ғазалро дар меъёрҳои мавҷуда санҷида, сипас вазни ниҳоии ғазали мавриди таҳқиқро муайян мекунад:



Миқдори ғазалҳои дар шакли электронӣ интихобгардида ҳамагӣ 120 адад мебошанд, бинобар ин, на ҳама баҳрҳои арӯзро дар ғазалиёти шоир татбиқ намудан имконпазир гардид.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки Сайидои Насафӣ аз шоирони бузурги адабиёти форсии тоҷикӣ дар асри XVII буда, дар бораи моҳияти эҷодиёти ӯ аввалин бор Малеҳои Самарқандӣ дар тазкираи “Музокир-ул - асҳоб” чунин мегӯяд: “ Матлае нест, ки дар мақтааш номи ӯ, (Сайидо) пайваста набошад, ғазале нест, ки ӯ мухаммас набаста бошад. Ғазалҳои ғаррояш суханворонро санад аст ва мухаммасҳои раъноёш гули рӯйи сабад аст” [3, с.143].

Сайидо дар ғазалиёт ва мухаммасоташ замони тираю тори золимон, аҳли ҷоҳу мансабро дар зери тозиёнаи танқид кашида, зиндагии онҳоро дар гирдоби хун диданро орзу мекунад:

Та-ни зо - лим ` чу - до - ғи -ло | ла - дар гир- до | би хун - ғал – тад,
V - - - | V - - - | V - - - |V - - -
За – ми – ни бе | му – рув – ват беҳ, ` ки дашти Кар` ба ло гар-дад [7, с.45].

***Вазн**: Ҳазаҷи мусаммани солим*

Аз таҳқиқу ташхиси 120 ғазали Сайидо бармеояд, ки шоир барои ифодаи рӯҳияи адолатҷӯёнаи худ вазнҳои дарозро (иборат аз 14-17 ҳиҷо) бештар истифода намудааст, ки 100 (83,2%) адади он дар вазнҳои дарози аз 14-17 ҳиҷо иборат мебошад. Аз мазмуни ин намуд ғазалҳо бармеояд, ки шоирро харобии мамлакат ва зиндагии пурфоҷеаи аҳли заҳмат маҷбур намудааст, ки аз беҳбудии зиндагии худ дида, бештар толиби беҳбудии аҳли заҳмат бошад ва аз ғамҳои худ дида, бештар дар ғами табақаи мазлум ва бечорагон монад. Аз ҳамин сабаб бошад, ки ғазалҳои Сайидо тӯлонӣ буда, мазмуни онҳо бештар аз нодорию азобҳои худи шоир шикоятҳои пурсӯзу талхе дорад.

Доктор Парвиз Нотили Хонларӣ сабаби ба вазнҳои дарозу тӯлонӣ муроҷиат намудани шоиронро ба носолимии вазъи замон ва вайронию қашшоқӣ, ҳукмронии зулму ҷавр дар ҷомеа вобаста медонад. “Аз нимаи қарни VIII (асри XIV мелодӣ) кам – кам асари бадбахтиҳои иҷтимоӣ ошкор мешавад. Дар ғазалҳо батадриҷ замзамаи ҳузну андӯҳ ва навмедию нокомӣ ба гӯш мерасад. Авзони мутавассити сақил, хосса вазни №10‡‡, ки оҳанги матин ва сангину ғамангез доранд, барои баёни ин гуна мазомин мавриди истифода қарор мегирад ва то қарни IX (асри XV мелодӣ), ки истилои Темур ва ҳаводису инқилоботи дигар афсӯрдагӣ ва андуҳро дар роҳи эрониён мухаммар сохта, батадриҷ шева ва ривоҷи ин вазн бештар мешаванд” [5, с.205].

Ин андешаи ҷолиби доктор Хонлариро имкон дорад, дар таҳқиқи авзони ғазалиёти Сайидо санҷида, то кадом дараҷа мувофиқати ақидаи ӯро муайян намудан мумкин аст.

Таҳқиқи авзони ғазалиёти Сайидоро бо усули анъанавӣ гузаронида, саҳеҳияти онро дар барномаи компютерӣ санҷида, то ба қадри лозима маъмултарин авзони истифоданамудаи Сайидоро муайян менамоем. Зимни ташхиси ғазалиёти шоир ва муайян намудани вазни онҳо чунин натиҷа ба даст оварда шуд.

Ҷадвали 1

Номи баҳрҳои истифодашуда	**Миқдори ғазалҳои истифодашуда**		**Миқдори вазнҳои истифодашуда**	
	Миқдор	%	миқдор	%
Ҳазаҷ	25	20,8	10	23
Рамал	50	41,6	15	36
Музореъ	25	20,8	8	19
Раҷаз	10	8,3	5	12
Мутақориб	5	4,6	2	4,7
Мунсареҳ	5	4,6	2	4,7
Ҷамъ	120		42	

Дар ин ҷо чанд намуна аз баҳрҳои тадқиқшударо оварда, баъзе вижагиҳои авзони ғазалиёти Сайидоро нишон додан мумкин аст.

1.Зи хони аҳли дунё тар накарда дастам ба ангуште,
Қаноат кардам ҳамчун маҳи нав бо лаби ноне [7, с.351].
V - - - | V - - - | V - - - | V - - -
мафоъӣлун| мафоъӣлун| мафоъӣлун, мафоъӣлун

Вазн: ҳазаҷи мусаммани солим

Тавзеҳ: Ба қавли Хоҷаи Носир ин баҳр (яъне ҳазаҷ) дар наздики Арабу Аҷам мустаъмал аст. Вазни аслии ин байт дар мисраи аввал маълум намегардад. Дар ҳиҷои ёздаҳуми мисраи аввал аз ихтиёри шоир “ба ҷойи як ҳиҷои дароз овардани як ҳиҷои кӯтоҳ” истифода шудааст. Аммо дар сохтори мисраи дуюм ҳиҷои дарозу кӯтоҳ дар ҷойи худ омада, дар таҳқиқи вазни он мушкилоте ба назар намерасад. Ҳазаҷро арӯзиён ба маънои овози хушу гуворо ва тараннум маънидод кардаанд. Ғазалҳои дар ин вазн сурудашуда аз 16-17 ҳиҷо иборат буда, дар мавзӯи қаноат ба мушкиливу дармондагӣ бахшида шудааст.

Зи дунё ҳар кӣ шуд лабрез, умраш бебақо гардад,
Чу киштӣ пур шавад аз об, гирдоби фано гардад [7, с.145].
V - - - /V- - -/ V- - -/ V - - -

‡‡ Парвиз Нотили Хонларӣ дар “Вазни шеъри форсӣ” вазни рамали мусаммани мақсур(фоилотун/фоилотун/фоилотун/фоилун\ -V--\-V--\ -V--\ -V-)-ро дар таҳти рақами 10 ва вазни музореъи мусаммани ахраби мақфуфи маҳзуф(мафъӯлу\фоилотун\мафоилӯ\фоилун\ --V\-V--\-V--\-V-)-ро таҳти рақами 9 оварда, ҳар дуро мутавассити сақил номидааст.

мафоъилун | мафоъилун | мафоъилун | мафоъилун

Вазн: ҳазаҷи мусаммани солим

Зи ман ранҷидаӣ, сайёди ҳуши ман кӣ хоҳад шуд?
Калиди қуфли лабҳои хомӯши ман кӣ хоҳад шуд? [7, с.145].

V - - - /V- - -/ V- - -/ V - - -

мафоъилун | мафоъилун | мафоъилун | мафоъилун

Вазн: ҳазаҷи мусаммани солим

2. Ҷониби мо дидаро во карда пӯшидан чаро?
Ошноӣ кардану бегона гардидан чаро? [7, с.38].

-V - - / - V - - / - V - - / - V-

Фоъилотун **|** фоъилотун **|** фоъилотун **|** фоъилун

Вазн: рамали мусаммани маҳзуф.

Тавзеҳ: Вазни аслӣ аз мисраи аввал муайян намегардад агар ҳиҷои сеюми он “би” дароз талаффуз нашавад. Ҳамзамон ҳиҷои аввали мисраи дуюм “ош” – ро бо илова намудани садоноки “у” – и кӯтоҳ “О” – шу – талаффуз карда, онро ба қиммати якуним ҳиҷо баробар намудан лозим аст.

Рамал серистеъмолтарин баҳрест, ки Сайидо дар 50 ғазал аз 15 вазни баҳри мазкур истифода намудааст. Рамал дар фарҳангҳо ба маънои ***бурё бофтан, ғайбу ҳаракати шутур, бо шитоб хондани суруд*** омадааст. Ғазалҳои дар ин вазн сурудашуда бештар ба маънои ҳаётдӯстӣ ва васфи зебогиҳои фасли баҳор истифода шудаанд.

Оташам рӯзе, ки аз домони саҳро гул кунад [7, с.146].
Чашми оҳуро тамошохонаи булбул кунад.

- V - - / - V - -/ - V - -/ - V -

фоъилотун**|**фоъилотун **|**фоъилотун **|**фоъилун

Вазн: рамали мусаммани маҳзуф

Дар дили мо гар намеоӣ, ба чашми мо биё,
Аз муҳит андеша дорӣ, бар лаби дарё биё! [7, с.43].

- V - - / - V - -/ - V - -/ - V -

фоъилотун**|**фоъилотун **|**фоъилотун **|**фоъилун

Вазн: рамали мусаммани махзуф

3. Омад баҳору сайри гулистон ғанимат аст,
Базми висоли ғунчаи хандон ғанимат аст [7, с.108].

- - V/- V - V/ V - - V/- V -

мафъӣлу **|** фоъилоту **|** мафоъилу **|** фоъилун

Вазн: музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф.

Тавзеҳ: Вазни аслии ин ғазал дар мисраи аввал муайян мешавад, агар ҳамсадои “т”-и ҳиҷои 13 - умро ба бандаки хабарии “аст” пайваст намуда ин ду ҳиҷоро ба қиммати якуним ҳиҷо баробар донем. Ҳамчунин ҳиҷои дуюми мисраи дуюми байти мазкур дароз талаффуз шуда, ахрабро пурра месозад ва вазни аслии байти овардашуда саҳеҳ мешавад.

Музореъ ба маънои монанд омада “аз баҳрҳои серистеъмоли арӯзи форсӣ мебошад. Сайидо дар 27 ғазали худ 8 намуди вазнро истифода намудааст.

Ай аз лаби ту хушк даҳони пиёлаҳо
В-аз дурии ту ғарқа ба хун доғи лолаҳо [7, с.21].

- - V/- V- V/ V- - V/- V -

Мафъӣлу **|** фоъилоту **|** мафоъилу **|** фоъилун

Вазн: музореъи мусаммани ахраби макфуфи махзуф

Дар гулшане, ки мақдами он гул расидааст,
Аз рӯйи боғ ранг чу шабнам паридааст [7, с.145].

- - V/- V- V/ V- - V/- V -

Мафъӣлу **|** фоъилоту **|** мафоъилу **|** фоъилун

Вазн: музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф

4. Шабе, ки бӯйи гулат аз ҳаво суроғ кунам,
Равам ба боғ даҳ ангушти худ чароғ кунам [7, с.145].

V - V - / V V - - /V - V - / - -

мафоъилун|фаъилотун|мафъилун|фаълон

Вазн: муҷтасси мусаммани махбуни мақсур

Тавзеҳ: Вазни аслии ин ғазал дар мисраи аввал татбиқ мегардад, вале дар мисраи дуюм баъзе иловаҳо дар назар дошта мешавад. Дар мисраи дуюм ҳиҷоҳои 6-7–ум дар шакли “да – ҳан” хонда шуда, як ҳиҷои кутоҳ ва “ам” ҳиҷои дарозро ташкил намояд, он гоҳ вазни аслӣ дар мисраи дуюм низ саҳеҳ мегардад.

Зи бахти тираи мо тоза доғи лолаи мо,
Фатила оҳ бувад дар чароғи нолаи мо [7, с.32].

V - V -/ V V - -/ V- V - / V V

мафоъилун|фаъилотун|мафоъилун|фаъилон

Вазн: муҷтасси мусаммани махбуни мақсур

Дилам ба пардадариҳои ашк хурсанд аст,
Муҳаббат падари айбпӯши фарзанд аст [7, с.91].
V - V -/ V V - -/ V- V - / - -
мафоъилун/фаъилотун/мафоъилун/фаълун

Вазн: муҷтасси мусаммани махбуни аслам

5. Холи лабат нишонда дар оташ Халилро,
Зулфи ту баста бому пари Ҷабраилро [7, с.43].
-V V- |V - V - |- - V - -
мафтаилун мафоъилун мустафъилотун

Вазн: раҷази мусаддаси матвии музоли мураффаъ

Тавзеҳ: Вазни аслии байт, мазмунро дар мисраи якум муайян кардан мумкин аст. Вале дар мисраи дуюм ҳиҷои 8–9-ум, яъне “парӣ” ду ҳиҷои дароз хонда мешавад пас вазни он татбиқ мегардад.

6. Насозам зи бонги сагонат шикоят,
Ки дорад зи сарви равонат ривоят[7, с.120].
V- - | V- - | V- - | V- -
фаъулун фаъулун фаълун фаълун

Вазн: *мутақориби мусаммани солим*

Тавзеҳ: Вазни аслии байти мазкур дар ҳолате ҳосил мешавад, ки дар ҳиҷои 6-ум мисраи якум “чи” ва дуюм “ви” дароз хонда шавад.

Ҳамин тариқ, масоили то чӣ андоза ба ҳаёти воқеӣ ва вазъи замон вобаста будани вазни шеър дар шароити таърихӣ, рӯҳияи замонро ифода карда тавонистани шоир масъалаи муҳим ва пажӯҳишӣ мебошад. Дар ин робита иҷозати Сайидо ва намунаҳои барҷастаи ашъори шӯрангези ӯ, ба вазъи зиндагии эҷодкор комилан мувофиқат кардани мавзӯъ, ба вазни шеър масъалаест, ки татбиқи он боз ба шинохти шахсияти шоир ва татбиқи авзони шеъри ӯ саҳифаи наверо боз хохад кард.

Сайидо дар ғазалиёти худ асосан ҳамон вазнҳоеро, ки дар ғазалҳои классикӣ хело маълум буд, истифода намуда, онро бо вазъи рӯҳияи замон мутобиқ кардааст. Шоир тавонистааст новобаста аз тӯлонӣ будани ғазал ва ё миқдори ҳиҷоҳо аз вазъи замон берун намонад. Пажӯҳиш ва таҳқиқи вазни ашъори Сайидо нишон дод, ки шоир асосан аз вазни ҳазаҷ, рамал ва музореъ фаровон истифода намудааст, ки дар гузашта ин вазнҳо мавриди эътибори тамоми шоирони ғазалсаро қарор доштанд. Сайидо ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳро бо истифода аз ихтирооти шоирӣ тарзе истифода намудааст, ки дар ҳолати баъзе гузашту иловаҳо номувофиқоии рукнҳо эҳсос карда намешавад.

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва пажӯҳиши вазни ашъори Сайидо ба мо имкон медиҳад, ки таҳаввули вазнҳои арӯзи форсии тоҷикиро дақиқ ва амиқ баррасӣ намоем.

А Д А Б И Ё Т

1. Джафарова Д.Ф.Модели лингвистических анализа текстов таджикского языка / Д.Ф. Джафарова. – Душанбе: АКД, 2013.
2. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан / Т.Зеҳнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1979. – 236 с.
3. Малеҳои Самарқандӣ. Музокирот-ул-асҳоб. - Душанбе, 2008. - С. 143.
4. Насируддини Тӯсӣ. Меъёр-ул-ашъор. - Душанбе: Маориф, 1992. - С. 15.
5. Парвиз Нотили Хонларӣ. Таҳқиқи интиқодӣ дар арӯзи форси ва чигунагии таҳаввули авзони ғазал. – Теҳрон, 1328. - С.205.
6. Сатторзода А. Шеър аз назари машшоиён // Куҳна ва нав. - Душанбе: Адиб, 2004. - С. 127.
7. Сайидои Насафӣ. Девон. - Душанбе: Адиб, 2017.

ТАҲАВВУЛИ АВЗОНИ АРӮЗИ ФОРСӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЙИДОИ НАСАФӢ

Дар мақолаи мазкур таҳаввули арӯзи суннатии тоҷикон дар замони Сайидои Насафӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Бояд қайд намуд, ки вазни ғазалиёти Сайидо як марҳилаи рушд ва таҳаввули арӯзи тоҷикии форсӣ буда, он барои аниқ ва равшан намудани баъзе вижагиҳои шеъри шоирони ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр, аз ҷумла хусусиятҳои вазнии онҳо мувофиқ мебошад. Зеро Сайидо дар замони зиндагии худ пешгомтарин шоири даврон буда, ғазалиёти пурмуҳтавои ӯ ағлаб ҳавзаҳои адабии форсигӯйро зери таъсири худ қарор додааст. Муҳаққиқон бо истифода аз усулҳои тақтеъи шеър ба хулоса меоянд, ки Сайидо бо истифода аз бахрҳои солими арӯз вазъи пуристироб ва фоҷианоки замонашро таҷассум намуда, кӯшиш намудааст, ки забони ғазалиёташро фаҳмо ва ба тафаккури мардуми одӣ наздик баён намояд. Пажӯҳиш ва таҳқиқи вазни ашъори Сайидо нишон дод, ки шоир асосан аз вазни ҳазаҷ, рамал ва музореъ фаровон истифода намудааст, ки дар гузашта ин вазнҳо мавриди эътибори тамоми шоирони ғазалсаро қарор доштанд. Муҳаққиқон ба чунин хулоса меоянд, ки Сайидо ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳро бо истифода аз ихтирооти шоирӣ тарзе истифода намудааст, ки дар ҳолати баъзе гузашту иловаҳо номувофиқоии рукнҳо эҳсос карда намешавад. Ҳамин тариқ, муҳаққиқон ба хулоса меоянд, ки омӯзиш ва пажӯҳиши вазни ашъори Сайидо имкон медиҳад, ки таҳаввули вазнҳои арӯзи форсии тоҷикиро дар мисоли эҷодиёти Сайидо ва ҳамзамононаш дақиқ ва амиқ баррасӣ намоем.

Калидвожаҳо: арӯз, забон, баҳр, ҳиҷо, шоир, адабиёт, ихтироот.

УСОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ РАЗМЕРА ПЕРСИДСКОГО АРУЗА В ГАЗЕЛЯХ САЙИДО НАСАФИ

В данной статье рассмотрено преобразование таджикского традиционного аруза в эпоху Сайидои Насафи. Следует отметить, что размер газелей Сайидо является определенным этапом развития и эволюции таджикско-персидского аруза, уточнения некоторых особенностей творчества поэтов литературного круга Мавераннахра, а также определения особенностей его размера. Так как Сайидо в свое время был самым передовым поэтом, его содержательные газели имели свое влияние и приводили большинство поэтов того времени в восторг. Исследователь, используя метод определения размера стиха, приходит к выводу, что Сайидо, используя ***размеры совершенного арӯза*** (баҳрҳои солими арӯз), представлял трагическое и беспокойное состояние своего времени и старался, чтобы язык его газелей был понятен и был ближе к взглядом простых людей. Исследование и анализ размера газелей Сайидо показал, что поэт использовал в основном размеры (ҳазаҷ, рамал ва музореъ), которые в прошлом набирали популярность у всех поэтов поющих газели. Исследователь, пришел к выводу, что Сайидо использовал длинные и короткие слоги с использованием поэтических закономерностей, и в этом случае по-видимому не испытываются некоторые вариации и несоответствия. Таким образом, исследователь приходит к выводу, что обучение и исследование размера поэзии Сайидо даёт возможность рассмотреть детально и глубоко эволюцию размера таджикско-персидского аруза на примере газелей Сайидо и его современников.

Ключевые слова: аруз, язык, размер, слог, поэт, литература, изобретения.

IMPROVING THE DIMENSIONS OF PERSIAN ARUS IN THE POETRY (GASELLES) OF SAYIDO NASAFI

This article discusses the transformation of the Tajik traditional “aruz” in Sayidoi Nasafi’s era. It should be noted that the dimensions of the poetry (gazelles) of Sayido is a step in development and evolution of Tajik-Persian “aruz”. The step refines and clarifies some features of the poetry by poets of Movarounnahr literary region and conforms with the peculiarities of their dimension. Since Sayido was a leading poet of his time, his informative poetry (gazelles) influenced and delighted most of the poets of that time. The researcher, using a method of sizing verses of the poetry, concludes that Sayido using dimensions the perfect “aruz” represented tragic and restless state of his time and tried so that the language of his poetry (gazelles) was understandable and closer to thinking of the ordinary people. This study and analysis of the dimensions of the Sayido’s poetry showed that the poet mainly used dimensions (the forms of “ghazel”, “ramal” and ”muzore”) which were popular with the poets creating poetry in the form of “gazelles” in the past. The researcher concluded that Sayido used long and short syllables along with poetic patterns in a way that made variations and inconsistencies not apparently sensed. Thus, the researcher concludes that learning and the exploring the dimension of Sayido's poetry provides an opportunity to perform a detailed and deep analysis of the evolution of the dimension of the Tajik-Persian “aruz” on the basis of the poetry (gazelles) by Sayido and his contemporaries.

Key words: aruz, language, dimension, syllable, poet, literature, inventions.

Сведения об авторах: ***Одинаев Нурмухаммад Сафарович*** - Институт языка и литературы им. А.Рудаки АН РТ, научный сотрудник. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21. E-mail: **odinaievn@mail.ru**
Джафарова Давлатхоним Файзалиевна - Технологический университет Таджикистана, кандидат филологических наук, доцент кафедры высшей математики и информатики. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Карабаева 63/3. E-mail: **parvinajafarova@mail.ru.** Тел.: **(+992) 555-55-54-21**

Information about the authors: ***Odinayev Nurmuhammad Safarovich*** - Institute of Language and Literature named after A.Rudaki, research fellow. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, pr. Rudaki 21. E-mail: **odinaievn@mail.ru**
Jafarova Davlatkhonim Fayzalievna - Technological University of Tajikistan, Candidate of Philological Sciences, Department of Higher Mathematics and Informatics. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Karabaeva 63/3. E-mail: **parvinajafarova@mail.ru**. Tel.: **(+992) 555-55-54-21**

УДК: 891.550-1

МАҶАЛЛАИ «СУХАН» ВА МАСОИЛИ ЗАБОНИ ШЕЪР

Забирзода Сунатулло
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Миёни маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки нимаи дуюми асри XX дар ҷомеаи адабии Эрон арзи вуҷуд намуданд, нақши маҷаллаи «Сухан» дар баррасиву таҳқиқи масоили марбут ба шеър ниҳоят барҷаста аст.

Тавре ки маълум аст, сардабирии ин маҷалла ба дӯши шоир ва муҳаққиқи номдор Парвиз Нотили Хонларӣ вогузор шуда буд. Мазкур аз нахустин рӯзҳои ба фаъолият шурӯъ намудани «Сухан» саъй намуд, беҳтарин муҳаққиқону донишмандон ва шоирони ҳаммисли хеш, аз қабили Нодири Нодирпур, Нусрат Раҳмонӣ, Маҳди Ахавони Солис ва дигаронро ба ҳамкорӣ ва фаъолияти доимӣ ҷалб созад.

Аслан таъсису коргирӣ аз ҳар нашрия дар ҳар ҷомеае ҳадафу мақсадҳои муайянеро пешорӯ дорад, ки «Сухан» низ аз ин радиф мустасно набуд. Маҷаллаи «Сухан» ҳамон гуна, ки равшан аст, органи ҷамъияти дӯстии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Эрон буд ва мусаллам аст, ки ҳадафҳои муайяни сиёсиро пайгирӣ менамуд. Вале аз муруру шинохти матолиби мундариҷ дар он равшан мегардад, ки дастандаркорони он тавонистанд неруи зеҳниву ақлонии нашрияро барои пешрафту такомули бунёнҳои фикрӣ, адабӣ ва фарҳангии Эрон, рушди зеҳнияти миллӣ ба кор бигиранд. Барои равшан шудани мавзӯи

мазкур қавлеро аз мақолаи «Ба сӯйи оянда» нақл мекунем, ки мунъакискунандаи марому мақсади ниҳоии дастандаркорони онро ташкил медиҳад: «Соли дигар ба сар омад, аммо, «Сухан» ба сар намерасад ва поён надорад. Роҳе, ки паймудаем бо ҳамаи дуриву душворӣ дар муқобили он чӣ ҳанӯз дар пеш дорем, ба шумор намеояд. Ба куҷо меравем?...меравем, ки ба ҷаҳони имрӯз ҳамдӯшу ҳамроҳ шавем. Вопас мондаем. Шитоб бояд кард. Бим аст, ки дар роҳ бимонем ва аз по дарафтем. Дар ин ки ақиб мондаем, касе нест, ки ба мо мувофиқ набошад. Ихтилоф дар шинохти роҳест, ки бояд паймуд»[5, с.18].

Дар тӯли фаъолияти дарозмуддати худ нашрияи мазкур матолиби фаровонеро дар заминаи адабиёти миллӣ, адабиёти ҷаҳон, фарҳанг, таърих, тарҷума, санъату ҳунар ба чоп расондааст, аммо яке аз мавзӯъҳои калидии мавриди назри маҷалла шеър, махсусан шеъри форсӣ ва шебу фарози он дар тӯли замон буд. Таваҷҷуҳи донишмандону адабиётшиносон ва дар маҷмӯъ ҷомеаи адабии Эрон дар он замон ба шеъру масоили пурпечи он беиллат набуд.

Гап дар ин аст, ки дар адабиёти муосир бар асари таҳаввулоте, ки дар кишвар ва дар паҳнаи дунё мегузашт, тағйироти чашмгире ба вуҷуд омада буд. Махсусан, бар асари зуҳури Нимо ва мактаби ӯ тамоюлҳои тозае дар арсаи шеър ба зуҳур мерасиданд. Маҳзи хотири ин баҳсу мунозираҳои доманадоре дар атрофи ин падидаи нави адабӣ, яъне «шеъри нав» сурат мегирифт. Бояд гуфт, ки аксари мақолоту матолибе, ки дар ин замина ба нашр расида, ҷанбаи назариявӣ доранд.

Таҳқиқи матолиби мунташира гувоҳ бар ин аст, ки шинохти дақиқу амиқи онҳо имрӯз низ дар маърифати шеър ниҳоят арзишманданд. Яке аз мақолаҳои маншур дар нашрия мақолаи «Забони шеър» аст, ки иборат аз чанд қисм аст ва ҷанбаи неруманди назариявӣ дорад.

Дар бахши аввали он муаллиф ба ин нуқта ишорат меварзад, ки фазои корбурдии забон мухталиф аст ва ҳар шахсе ба таври худ аз забон кор мегирад ва дар раванди ин коргирӣ абзори муҳимми забонӣ «калима» аст. Калима ҳамчун унсури бунёдии забон барои ҳама дар рафъи ниёзмандиҳои шахсӣ, отифӣ, ҳиссиёти эшон хидмат мекунад, аммо мушкил миёни суханшиносон ё аҳли таҳқиқ замоне оғоз мешавад, ки масъалаи таъйину маърифати ҷойгоҳи калима дар мутуни адабӣ ё дигар анвои матн дар миён меафтад, зеро истифода аз калима ҳамчун унсури аслии калом дар ҳар навъе аз баён чи шифоҳӣ ё зеҳнӣ дорои вижагиҳои хос аст. Бо назардошти ин ҷанбаҳо, махсусан ҷанбаи корбурдии вижагонӣ, дар мақола забон табақабандӣ шудааст. Муаллиф барои ҳар як навъ забон чи забони гуфтору забони илм, забони насру забони шеър хусусиятҳои вижаеро ташхис додааст. Ба андешаи ӯ забони гуфтор забони ниёзу эҳтиёҷ аст. Дар забони гуфтор манзур аз истифодаи калима баёни маънии муайяне мебошад. Муҳаққиқ бар ин назар аст, ки «забони гуфтор дар ҳар замон тобеи урфу одат аст ва гӯянда маҷоли онро надорад ва дар андешаи ин нест, ки дар ин забон тасарруфе раво дорад. Шумораи алфоз низ дар забони гуфтор маҳдуд аст, зеро ки шумораи маонии мақсуд фаровон аст. Барои баёни ҳамаи эҳтиёҷоти одӣ ва рӯзона шояд понсад лафз бас бошад» [5, с.157].

Хонларӣ қиёсе миёни забони гуфтору забони илм анҷом дода, хотирнишон месозад, ки забони илм низ бо вуҷуди он ки шумори вожагон дар он бештар аст, вале маҳдуду муқайяд аст.

Вижагии аслии забони илм аз он иборат аст, ки дар он ҳар вожае барои баёни матлабу мавзӯи хоссе баргузида шудааст. Ҳеҷ касе наметавонад барои баён мафҳуму матлаби илмии хоссе ба ҷойи калимаи таъйиншуда, вожаи дигарро ба кор бигирад. Ба иборати дигар дар забони илм, ки бештар ба истилоҳот сарукор дорад, «майдони ҷавлон тангу маҳдуд аст. Фақат алфози муайяне дар он ба кор меравад. Ҳатто калимоте, ки дар зиндагии рӯзона ҷой доранд, ҳаргиз аз дарвозаи забони илмӣ намегузаранд. Дар ҳеҷ илме калимоти «шавқ»-у «меҳр» ва «шӯр» -у «ноз» ва монанди онҳо роҳ надоранд» [5, с.158].

Муҳаққиқи ёдшуда дар мақола аз «забони наср» ҳамчун забони ҷудогона зикри ном намуда, дар бисёр маворид онро наздик ва шабеҳи забони гуфтору илм медонад. Забони насрро низ забони «тангмайдону маҳдуд» меҳисобад ва ҳамзамон бар ин назар аст, ки «агар нависанда бихоҳад, ки дар хонанда ба тариқе таъсир кунад ва ҳолате дар ӯ падид оварад, ба қаламрави шоирӣ по гузоштааст ва ночор бояд забони шеърро ихтиёр кунад ва дар ин ҳол навиштаи ӯ навъе аз шеър шумурда мешавад»[5, с.158].

Албатта, дар сиҳати ин андеша шакку тардиде нест, вале набояд фаромӯшкард, ки дар тӯли замон перомуни вожагони забони наср дидгоҳҳои бешуморе ироа шуда, ки забони насрро комилан барҷаста намуда ва онро мутафовит аз дигар забонҳо сохтааст.

Дар мақола пасон дар атрофи «забони шеър» сухан меравад ва зимнан ишорате ба забони наср ва шохисҳои он мешавад. Ба андешаи Хонларӣ дар забони шеър вожагон ду вазифаи умда доранд, ки вазифаи аввалӣ, ифодаи маънӣ ё матлабрасонӣ аст, ки барои ҳамаи анвои забон умумӣ аст. Вале вазифаи дуюм хосси шеър аст. Дар шеър ҳар калимае сурат ва ҳайати хосси худро дорад, ки шоир нисбат ба онҳо бетафовут нест. Ҳар калима чеҳра, ҳуввият ва чаҳоне дорад, ки шоирро маҷзуби худ месозад. Ба навиштаи Хонларӣ

«шоир ба сурати алфоз беэътино нест. Ҳар калимае назди ӯ чеҳрае дорад. Яке сарду хунук, яке гирандаву дилнишин. Ин як нарму диловез, он яке тунду хашмгин. Инҷо каламот сикаҳои бозабон нестанд Ҷон доранд ва бо ҳам меҳру кин меварзанд. Маҷмаи баъзе саросар ситезу пархош аст»[5, с.159].

Хонларӣ забони шеърро иборат аз бахшҳои зиёде медонад, ки яке аз онҳо бахши номгузорӣ аст. Манзур аз ин бахш дар он аст, ки дар мутуни адабии мансур вожагон гувоҳи маънии равшану муайян мебошанд, ки дар зеҳни ҳама яксону якхел мавҷуданд. Вале вожагон дар дастгоҳи эҷодии шоир ҷойгоҳи дигартаре доранд. Калимот назди ӯ абзору василае мебошанд, ки шоир бояд ба онҳо маъниофаринӣ кунад.

Хонларӣ барои равшан шудани масъала мисоли аҷибе мезанад, ки нақли асли онро муносиб медонем. Нахуст байтеро аз Хоҷа Ҳофиз ба шарҳи зер нақл менамояд:

«Сокинони ҳарами сатру афофи малакут,
Бо мани роҳнишин бодаи мастона заданд.

«Ин ҳарами сатру афоф» куҷост? Пеш аз Ҳофиз, ки ба онҷо рафта буд? Ростӣ он аст, ки чунин оламе набувад. Ин оламро нахуст барои шоир ва дар зеҳни шоир офаридаанд. Ӯст, ки нахустин бор аз он хабаре овардааст. Пас, ӯст, ки бояд бар он кадам, бигузорад. Ҳофиз онҷоро «ҳарами сатру афофи» хондаст. Акнун дигар чунин ҷойе ҳаст ва лафзе низ ҳаст, ки монанди калид дар маъбаде Шуморо ба онҷо роҳбарӣ мекунад» [5, с.160].

Нуктаи дигаре, ки дар заминаи забони шеър муҳаққиқ ба он таъкид меварзад ба ихтиёри шоир дар гузиниши алфоз ё вожагон иртибот мегирад. Ба ақидаи мавсуф забони наср бештар бар асари падидаҳои иҷтимоӣ сохтаву пардохта мешавад ва инсонҳо ҷуз пазируфтани чунин забоне чораи дигаре надоранд. Аммо бар хилофи забони наср забони шеърро худи шоир месозад. Асбобу абзори кории ӯ вожагон мебошанд. Ҳарчанд шоир калимаҳоро намеофарад, вале дар истифодаи онҳо ба дилхоҳи худ озодии комил дорад.

Шоир ба ганҷинаи бепоёни вожагони куҳан дастрасӣ дорад. Ҳамаи онҷиро суханварони пеш аз ӯ доштаанд, шоир ба мерос мегирад. Вале коргирӣ ва истифодаи баҷову бамавқеъ вобастаи тавоноӣ ва истеъдоду нубуғи ӯст.

Шоир ҳамчунин дар истифодаи таркибҳо низ соҳибихтиёр аст. Ӯ метавонад бар асоси зарфиятҳои мавҷуди забон хориҷ аз одати маъмулӣ гардад. Яъне, таркибҳои тоза биофаринад.

Аммо аҷиб аст, ки муҳаққиқ барои ин ихтиёрот марзи муайянеро қоил аст. Ба қавли ӯ «забони шеър» мисли гуфтор ӯро озоду мухтор намекунад, балки қайдҳои дигаре барои ӯ падид меоварад. Шоир ночор аст, ки қисмати бузурге аз қуюди забони гуфторро бипазирад, зеро ки дар ғайри ин ҳол, мумкин аст, касе манзури ӯро дарнаёбад. Ё аҳли забон бегона бишуморанд. Аммо илова бар ин, забони шеър тобеи қуюди дигаре низ ҳаст, ки аз сунани адабӣ сарчашма мегирад» [5, с.161].

Бояд гуфт, ки ихтиёроти шоир дар навбати худ дорои талаботу иқтизои муайяне мебошад. Ба ин маънӣ, ки шоир бо корбурди каламоту таркибот қодир мебошад барои шеъри мавриди назар оҳанг ва вазни хоссеро эҷод намояд.

Масъалаи дигаре, ки барои муҳаққиқ зимни баррасии забони шеър бисёр муҳим ба назар мерасад, мусиқии калимот аст.

Аз нигоҳи ӯ ҳамин мусиқии вожагон аст, ки барои як шеър оҳангу лаҳн ва вазни хоссеро фароҳам месозад.

Мавзӯи дигаре, ки дар мақолаи ёдшуда мавриди арзёбӣ қарор гирифта, ҷанбаи дугонагӣ дар дунёи калимот аст. Шоир мардум дар фаъолияти худ ба ду ҷанбаи вожагон сару кор дорад. Ҷанбаи аввал калима ва савтҳои малфуз ё талаффузшавандаашон ва ҷанбаи дуюм маънӣ ва мафҳуме, ки овозҳои малфуз ба он далолат менамоянд. Аз сӯйи дигар, зимни муқоисаи забони шеър бо забони гуфтору забони наср маълум мегардад, ки забони шеър дорои қайду такаллуфи муайяне мебошад, ки намунааш, баробарии мисраъҳо, назми муайяни ҳиҷоҳои кӯтоҳу дароз, қофия ва муошират печидаамон, риояи пайвандҳои савтии он вожагон ва вуҷуди ороишҳои адабие мебошад, ки дар адабиётшиносӣ аз онҳо ҳамчун «санъатҳои бадеӣ» ёд мекунанд.

Дар идомаи мақола донишманди фозил назари бархе аз шоирону муҳаққиқони хориҷиро дар атрофи қайду бандҳои шеър зикр намуда, таъкид менамояд, ки чунин қайду побандиҳое дар шеъри дигар қавму миллатҳо низ мавҷуд аст. Аз ҷумла, аз шоири бузурги олмонӣ Ф.Роберт ёдовар шуда, хотирнишон месозад, ки аз диди вай барои шоир қайди нахустин ихтиёри вазн аст, ки шоирро дар интихоби калимот озод намегузорад. Ҳар калимае, ки дар шеър ба кор меравад, озодии калимоти баъдиро маҳдуд месозад. Дар мақола ҳамчунин дидгоҳҳои Т.С.Алют арзёбӣ шудаанд. Аз нигоҳи ӯ шоире, ки мехоҳад кори дақиқу дурустеро анҷом диҳад, ҳаргиз наметавонад озод бошад. Хонларӣ хеле мӯшикофона дар таъйини сарчашмаи ин мушкилоту қуюди шеър изҳори назар намуда, забони шеърро забони эҳсосу авотир мешуморад. Забони гуфтор барои расонандагии ин эҳсосу авотиф имконоти фаровонеро дар ихтиёр дорад. Бар асоси саҳмҳои зиндагӣ метавонанд гуногун бошанд.

Дар талаффузи матолиби мавриди назар мо озодем. Дар забони гуфтор «лаҳни ҷумлае, ки мутазаммини хабаре бошад, бо лаҳни ҳамон ҷумла, ки дареғу афсӯсеро дарбар дорад, яксон нест. Аҷзои калом, яъне алфозу ҳиҷоҳо ба ҳасби ағрозу ҳолати отифӣ ё шиддати бештар ё камтаре адо мешаванд. Баъзе аз савтҳои малфузро бештар ё камтар имтидод медиҳем ва ҳамин ихтилофи имтидод гоҳе натанҳо ҳолот, балки ҳатто маонии мухталиферо баён мекунанд… забони навиштан аз ҳамаи ин васоил бебаҳра аст. Дар инҷо танҳо бо калимаҳо сару кор дорем, ки ҷуз далолати сода бар маънии муайян вазифаи дигареро ба дӯш надоранд, ё аз уҳдаи он барнамеоянд. Аз инҷост, ки душвории кори шоир оғоз мешавад. Шоир бояд ин нуқс, яъне ин камбудии васоили илқои авотифро, ки дар забони навиштан вуҷуд дорад, бо васоил ва тадобири дигарҷуброн кунад»[5, с.164].

Масъалаи ҷолиби дигаре, ки дар мақола матраҳ шудааст, масъалаи нағмаи ҳарфҳо мебошад. Мақсуд аз ин мавзӯъ таъкид ба пайванду робитае мебошад, ки миёни овозҳои табиӣ вуҷуд дорад. Ба навиштаи Хонларӣ ин масъала дар пажӯҳишҳои Абӯалӣ Сино низ баррасӣ шудааст.

Бояд зикр намуд, ки таваҷҷуҳи зиёди П.Н.Хонларӣ ба ҷанбаи овозии ҳарфҳо беиллат нест. Ӯ яке аз овошиносони маъруфи муосир аст ва таҳқиқоти арзишмандеро дар ин замина анҷом додааст.

Масъалаи охирине, ки дар мавриди забони шеър аз ҷониби Хонларӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифта, мавзӯи сохтор ё наҳви шеър аст, ки ба таври муфассал бо забони наср қиёсу татбиқ шудааст. Ба ақидаи муҳаққиқ фарқияти боризи ин ду забон дар шеваи истифода ва сифат, таркиботи вожагон аст.

Гап дар ин аст, ки дар забони наср ё гуфтор барои бозтобу инъикоси ҳолоти мухталифи равонӣ, ҳадафу мақсад, ба ҷуз маънии калимаҳо воситаҳои зиёди ёрирасон аст. Аз қабили оҳанги ҷумла бар асоси сохтораш. Масалан, дар як ҷумла бо гузоштани задаи мантиқӣ рӯйи калимаи мухталиф мо метавонем анвои мухталифи оҳангҳоро барои ҷумла ҳосил намоем. Ё ки дар забони наср мо метавонем дар назму тартиби калимот тағйирот ворид намуда, сохтмони ҷумларо дигаргун созем. Ин дигаргуниҳо ҳатман барои расонидани ҳадафи муайяне корсозанд. Вале дар шеъри асил ин амр номумкин аст, зеро агар мо дар садади он бошем, ки айни маъниву мазмуни шеърро ба наср ифода намоем, дучори мушкил мешавем. Гап дар ин аст, ки дар шеър як робитаи зеҳнӣ миёни шунавандаву гӯянда аст, ки нодида гирифтани он ғайриимкон аст. Дар сохтмони як шеър тамоми аҷзои он саҳиманд. Ҳама аҷзо вазифаи хоссеро иҷро мекунанд. Масалан пайвандаки «ки» гоҳо рисолати як ҷумларо иҷро менамояд.

Бад-ин тариқ, Хонларӣ забони шеърро забоне медонад, ки дар имтидоди замон инсиҷому истеҳкоми лозимро касб намуда ва коркард шудааст. Ин амр танҳо хосси забони шеъри форсӣ набуда, забони шеъри аксари қавму миллатҳо аз ин вижагиҳо бархӯрдоранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Дорри Д. Х. Персидская литература XX века / Д. Х. Дурри. – М., Муравей. 2005. – 190 с.
2. Зарқонӣ С. М. Чашмандози шеъри муосири Эрон. – Теҳрон: Солис, 1384. – 710 с.
3. Кляшторина В. Б. Новая поэзия в Иране/ В. Б. Кляшторина. –М., 1975. – 225 с.
4. Лангруди Ш. Таърихи таҳлилии шеъри нав. Ҷилди 1/ Ш. Лангруди. – Теҳрон: Марказ, 1377. – 647 с.
5. Хонларӣ П. Н. Ҳафтод сухан. – Теҳрон: Тус, - Ҷ. І. – 420 с.
6. Шафеии Кадканӣ Муҳаммадризо. Заминаи иҷтимоии шеъри форсӣ. -Теҳрон: Замон, 1318. -С.480.

МАҶАЛЛАИ «СУХАН» ВА МАСОИЛИ ЗАБОНИ ШЕЪР

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи осори илмии олиму шоири машҳури муосири Эрон Парвиз Нотили Хонларӣ ва махсусан масоили шеъру зебошинохтии он бахшида шудааст. Ногуфта намонад, ки дар оғози солҳои чилуми асри XX дар натиҷаи вуруди кишварҳои хориҷӣ ба хоки Эрон дар зиндагии сиёсӣ-иҷтимоии кишвар таҳаввулоти чашмгире ба вуқуъ пайваст. Ҳокимияти истибдодии Ризошоҳ вожгун гардид ва ба ҷойи ӯ писараш ба тахт нишаст. Авзои тозаи сиёсӣ шароити мусоидро барои рушду камоли адабиёт зуҳури мактабҳои нави илмӣ-адабӣ ва ҷараёнҳои навгароёна мусоид сохт. Мисоли равшани ин таҳаввулот таъсиси маҷаллаҳову рӯзномаҳои тоза буд, ки ҷанбаи адабӣ-иҷтимоӣ доштанд. Нашрияи қобили мулоҳиза дар даврони мазкур, беш аз ҳама, маҷаллаи «Сухан» ба назар мерасад, ки аз соли 1943 оғоз ба нашр намуд ва бо танаффусҳои кутоҳмуддат то солҳои 70-уми асри гузашта фаъолият дошт. Муассис ва сардабири «Сухан» муҳаққиқ ва шоири боқариҳаи муосир Парвиз Нотили Хонларӣ буд.Парвиз Нотили Хонларӣ бо дигар дастандаркорони маҷалла тавониста дар шинохту муаррифии адабиёти ҷаҳон, таблиғи шеъри нав ва ошноӣ бо ҷараёнҳои тозаи шеърӣ нақши корсозе дошта бошанд. Худ Хонларӣ ҳамчун донишманди адабиёт форсӣ ва муталлеъ аз вазъи умумии адабиёти ҷаҳон дар фаъолияти маҷалла нақши муҳиммеро иҷро намудааст. Дар мақола дидгоҳҳои олим дар иртибот бо забони шеър ва вижагиҳои забони шоирона баррасӣ шудаанд.

Калидвожаҳо: журнал, Хонларӣ, «Сухан», адабиётшиносӣ, назм, наср, забони гуфторӣ, фарҳанг, забони шеър, сабк, вазн, нақди адабӣ.

ЖУРНАЛ «СУХАН» И ВОПРОСЫ «ЯЗЫКА ПОЭЗИИ»

Статья посвящена анализу научных работ знаменитого иранского учёного и поэта Парвиза Нотила Хонлари по вопросам поэзии и поэтики. Анализируемые работы были опубликованы в разное время в журнале «Сухан». Надо отметить, что в начале сороковых годов XX века в результате вторжения иностранных государств в Иран в общественно-политической жизни страны произошли большие перемены. Был свергнут диктаторский режим Ризашаха. Новая политическая обстановка создавала благоприятные

условия для развития литературы, появления новых научно-литературных школ и модернистских тенденций в литературном обществе Ирана. Ярким примером данного периода было учреждение многочисленных изданий литературно-общественного характера. Крупным общественно значимым изданием в рассматриваемом периоде был и журнал «Сухан», издававшийся с 1943 года. «Сухан» с некоторым перерывом просуществовал до 70-х годов прошлого века. Следует отметить, что издателем и главным редактором журнала был выдающийся ученый, поэт и литературный критик современной литературы Ирана Парвиз Нотил Хонлари. В течение долгих лет работники журнала проводили большую работу по ознакомлению культурно-литературной общественности Ирана с шедеврами современной и мировой литературы, с новыми тенденциями современной персидской поэзии. Хонлари как знаток литературы, новых литературных школ и течений мировой литературы внес большой вклад в это направлении. Его перу принадлежит многочисленные статьи по вопросам литературы, теории литературы, особенностей персидской метрики. В статье подробно рассмотрены взгляды учёного по вопросам языка поэзии и особенностей поэтического языка.

Ключевые слова: журнал, Хонлари, «Сухан», литературоведение, поэзия, проза, разговорная речь, культура, язык поэзии, стиль, метрика, критика.

THE JOURNAL «SUKHAN» AND PROBLEMS «THE LANGUAGE OF THE POETRY»

The article is devoted to the analysis of the scientific works of the famous Iranian literary critic, the poet Parviz Notil Honlari. The analyzed works were published in the journal “Sukhan” in different ytimes.In the early of 20th century, as a result of the invasion of foreign states into Iran, great changes occurred in the society and political life of the country. Rizasah’s dictatorial regime was overthrow. The new political situation created a favorable condition for the development of literature, the emergence of new scientific and literary schools and modernist tendencies in the literary society of Iran.A vivid example of this period was the establishment of numerous publications of a literary and social nature.A major public publication in the reviewed period was the magazine “Sukhan” which began publication in 1943. "Sukhan" served, with some interruption, until the 70s of the last century. The publisher and editor-in-chief of the magazine was a visionary, poet and literary critic of Iran's contemporary literature Parviz Notil Honlari.As the editor-in-chief of the magazine with his co-thinkers, launched a great work on acquainting the cultural and literary community of Iran with the masterpieces of modern and world literature. Honlari as a connoisseur of literature, new literature of schools and world literature in this direction made a great contribution. His pen belongs to numerous articles on literature, the theory of literature, and the peculiarities of the Persian metric.

Key words: journal, Honlari, "Sukhan" literary poetry, prose, oral speech, culture, style, the language of poetry, metrics, criticism.

Сведения об авторе: ***Забирзода Сунатулло*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры Иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
Тел.: **(+992) 902-55-25-52**

Information about the author: ***Zabirzoda Sunatullo*** - Tajik National University, researcher at the Department of Iranian philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 902-55-25-52**

УДК: 891.550-1

ТАҲҚИҚИ ЁДКАРДАҲОИ УБАЙДИ РАҶАБ ДАР БОРАИ УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА ДАР КИТОБИ “ЗИНДА БА ИШҚ”

Ҳусейнзода Ф., Давлатов У.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Агар адабиёти муосири тоҷикро ба кишвари сабзу хурраме нисбат диҳем, дарёи пурфайзу пурбаракати он эҷодиёти шоири бузург ва абадзиндаи мо устод Мирзо Турсунзода мебошад. Ин дарё пур аз дуру гавҳар аст. Ашъори ҳамеша тару тоза ва дилрабои лирикӣ ва иҷтимоӣ, достонҳои пурсӯзу гудоз ва ҳаяҷонбахш, либретто ва драмаҳои таърихӣ ва ишқии романтикӣ, мақола ва маърӯзаҳои оташини пурмуҳтаво, мусоҳибаҳои илмии адабӣ ва ғайра аз чакидаҳои хомаи эҷозофарини устод Мирзо Турсунзода ба шумор мераванд, ки бӯстони назму наср, драматургия ва нақди адабии тоҷикро шодобу ботароват, муаттару дилкаш кардааст. Дар ин хусус дар таҳқиқоти донишмандони ватанию хориҷӣ андешаҳои илмии исботшуда мавҷуданд.

Табиист, ки шоир дар заминаи адабиёти классикии тоҷикӣ- форс ва осори даҳанакии халқи худ тарбия ёфта, завқи баланди бадеӣ ҳосил кард, ки ӯ бо олами хушрангубори маънавии миллӣ маҳдуд нашуд, балки бо омӯзиши таҷрибаи адабиёти ҷаҳон машғул гардид. Ӯ ба адабиёти форси мамлакатҳои Шарқ - Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон ва Покистон майлу рағбати гарму ҷӯшон зоҳир намуд, сабақҳои мактаби адабии рус ва тавассути он дастовардҳои адабиёти дигар халқҳоро фаро гирифт. Тавре ки яке аз донишмандони маъруфи Афғонистон доктор Сайид Махдуми Раҳин нисбати устод Мирзо Турсунзода қайд кардааст: «Ӯ осорашро вақфи шарҳи дардҳо ва сияҳрӯзиҳои одамизоди асраш кард. Шеърҳояш латифу бепироя ва насраш таровишёфта аз гӯйиши мардум буд» [1, с.10].

Аз ҳамин ҷост, ки эҷоди Мирзо Турсунзода намунаи дурахшони анъанаҳои назми миллӣ ва байналмилалӣ масҳуб мешавад. Ин хусусиятҳо дар шеъру достонҳои шоир ба

дараҷаи баланди ягонагӣ расидаанд, ки ҷиҳатҳои миллӣ ва байналмилалии онҳоро аз ҳамдигар ҷудо кардан мумкин аст.

Аз осори ин устоди шеър бӯйи муаттари гулу гиёҳҳои равонбахши Тоҷикистон, нашъаи махмуркунандаи бешазорони нопайдоканори рус, нафаси атромези боғу ҷангалҳои афсонавии Ҳиндустон, шӯру қиёми мамлакатҳои Африқо, файзу саховати рӯди Нил ва ҳикмати бостонии кишварҳои араб ва амсоли онҳо амиқ эҳсос мешавад. Шоир ҳамаи инро бо забони содаву ширин, лафзи маънавии рангин, аҳамияти комил ва ҳиссиёти баланди шаҳрвандӣ ифода кардааст. Ба назар чунин мерасад, ки тамоми зебоиҳои мафтункунандаи машриқзамин дар оинаи поку беғубори осори Мирзо Турсунзода акс андохтаанд, тамоми мамолики Осиё ва Африқо қаҳрамонҳои шеъру достонҳои шоир, тамоми дунёи тамаддун манбаи парвози фикру андеша ва хаёлоти мунаққаши ӯ мебошад. Бо вуҷуди ин, дар ҷараёни тахайюли бадеӣ ва образофарии шоир, кишвари офтобиамон-Тоҷикистон дар ҷойи аввал қарор дорад. Ватани азиз бо мардуми заҳматкашу бунёдкораш, бо водиҳои зархезу кӯҳҳои осмонбӯсаш, бо рӯдҳои хушсадо ва чашмасорони пурҷилояш, бо хиёбонҳо ва гулгаштҳояш ба майдону боғистонҳои шаҳдрезаш дар осори Мирзо Турсунзода мақоми шоистаеро ишғол кардаст. Шоир барои васфи онҳо аз мағзи дилу ҷон суханҳои мувофиқу муносиб пайдо менамояд. Ин аст, ки ӯ шоири ҷаҳондида бошад ҳам, ҳамеша бо Ватан буд ва худро фақат дар оғӯши Ватан шоду масрур медонад:

Агарчи борҳо афтодаам аз ёру диёрам дур,
Ба сайёҳӣ маро карданд гарчи дӯстон машҳур.
Вале ман дар ҳама ҷо, дар ҳама кунҷу канори даҳр,
Ҳамеша бо Ватан будам, ҳамеша бо Ватан масрур [1, с.41].

Устод Мирзо Турсунзода бо шеъру достонҳои андешапарвар, фалсафӣ, умумибашарӣ ва баландпарвози худ дар инкишофи назми муосири тоҷик воқеан давраи навро ба вуҷуд овард.

Убайди Раҷаб яке аз шоироне буд, ки қалби саршори меҳру муҳаббат ва садоқати усоди арҷманди худ Мирзо Турсунзодаро ёд меоварду талқин мекард, мехост ба эҳтиромаш шаб зинда дораду чанд варақи сафедро аз ёддоштҳои устодаш сиёҳ кунад. Барои Убайди Раҷаб ба ёд овардани ёддоштҳои устод ҳам осону ҳам душвор буд. Осон буданаш аз он нигоҳ дуруст буд, ки шахсияти устодро тӯли 17-сол хуб медонист, ҳамроҳашон фаъолият дошт, дар суҳбат ва мулоқотҳояшон ширкат меварзид ва ҳини сафарҳои наздику дур ҳампой ва ҳамхабар буд. Душвор ва сахт буданаш дар он аст, ки устод як фарди фидоӣ буданд, нанг ва номуси халқро таҷассум мекарданд, дилу ҷонашонро барои миллати тоҷик месӯхт. Одамгарӣ, бузургманишии он касро тасвир кардан кори саъб аст. Имрӯз ҳар кас дар ҳар андешааст, дониставу надониста ҳар хел сухан мегӯяд, яке аз рӯйи адл ва дигаре аз рӯйи ҳасуд ва нотавонбинӣ.

Мақсади асосии У.Раҷаб устодро чи тавре ки дидааст ва ҳарфашро шунидаву маънӣ бардоштааст, он гуна ёддошт намуданаст. Он хотираҳое, ки Убайди Раҷаб дар бораи устод мавриди баён истфода карда буд, ба тариқи лавҳа ва лаҳза айнан сурат гирифтааст. Бо ин роҳ Убайди Раҷаб мехост, ки дар иҷрои ин кори сангин аз рӯҳи устод мадад хоҳад.

“Убайди Раҷаб баъди хуроки чошт сари қадам ба нашриёт рафту рафиқаш Абдулмаҷиди Замон коҳиш кард. Шуморо Боқӣ Раҳимзода ду маротиба занги телефонӣ карданд. Ҳангоми шунидани ин суханҳо чи хаёлҳо ба сари ӯ омад ва тез ба назди Б.Раҳимзода рафтанро пеша кард. Вақте ки ба назди устод Б.Раҳимзода расид, саргарми таҳрири шеър буд».

Воқеаро Убайд Раҷаб ба тафсил ба ёд меорад, ки дар пажӯҳиши «Фурӯғи шаъми маҳфилҳо»-и адабиётшинос Ф.Ҳусейнзода ба тафсил зикр шудааст:

«Хуб кардӣ, ки омадӣ, Мирзо Турсунзода пурсида буд, шояд гапе дорад. Ҳарду ба назди Турсунзода рафтанд. Мирзо дар ин лаҳза саргарми суҳбати телефонӣ буд ва вақте ки шарфаи по ва сурфаи огоҳомези Боқиро шунид гапро кӯтоҳ намуд.

-Муллоубайд, ана ҳамин кас, -муаррифӣ кард Боқӣ Раҳимзода, -шинос шавед, Мирзоҷон.

-Мешиносам, онҳоро ба нишастан даъват намуд.

-Кори рӯзнома вазнин нест Муллоубайд? Тоқат кардан мумкин аст. Сипас, онҳо ба сари матлаб омаданд, ҳамин шеърро таъҷилӣ ба тоҷикӣ бояд гардонид. Ба онҳо ду рӯз вақт дод. Оё ба коратон халал намерасонад, Убайдҷон.

-Матни шеърро аз дасти устод гиред. Тарҷума тайёр шавад аз назари Боқӣ гузаронед.

-Албатта, гуфта берун баромад».

Дар он айём дар Тоҷикистон Ҳафтаи адабиёти туркман мегузашт ва ду рӯз пас маҷлиси хотимавӣ барпо мегардид. Дар ҷамъбасти маҷлис шоири туркман муаллифи шеъри «Рӯди Душанбе» Мамед Саид баромад мекунад. Аз ин лиҳоз, бояд шеъраш тарҷума шуда баъди суханрониаш шеъраш ба забони тоҷикӣ садо диҳад.

Убайд Раҷаб ба кӯча баромаду дар сараш суханҳои гуногун пайдо гардид. Ба андеша рафт, ки чаро маҳз ин корро ба ман супорид? Чаро дили устод маҳз ба ман об хӯрд? Ҳар чанд кӯшид сабаби ин муамморо пайдо карда натавонисту аз пайи иҷрои он гардид.

Шеърро бо пуррагӣ тарҷума намуда ба назди Боқӣ Раҳимзода раҳсипор гардид. Дар ин лаҳза ӯро дар ҷойи кораш хушдил дида, тарҷумаро болои мизаш гузошт. Убайд Раҷаб тарҷумаро хонд.

Боқӣ гуфт:

-Як маротибаи дигар хонед.

Оиди кор кардани баъзе сатрҳои шеър маслиҳат доду ҳамроҳ таҳрир намудем. Аз нигоҳи устод маълум гардид, ки тарҷума хуб баромадааст.

Онҳо ин тарҷумаро бо ҳамроҳии Боқӣ пеши устод бурданд ва баъди хондан, хоҳиши дубора хондани онро хоҳиш кард ва инчунин якчанд хатти ишора кашид. Баъд аз ин онҳо якчанд мисраъро ҳамроҳ тарҷума намуданд. Баъди хондани ду устоди бузург хомии шеър пухта гардид ва ин шаклро гирифт:

Салом, эй рӯди кӯҳӣ, аз Копеттоғ,
Ба наздат омадам шоду сарафроз,
Чу фарзанди худ истиқбол гирӣ
Маро аз соҳили хушбаҳраат боз.
Ба ёдат ҳаст оё, рӯи санге
Замоне дар барат биншаста будам,
Ба хоку сабзаву кӯҳи канорат
Чу як дилбанди ту дил баста будам.
Чу аспи маст мерафтӣ сӯйи пеш.
Бағал ба рӯи ман бикшода будӣ.
Бубин, эй рӯди шӯх, албоми худро
Дар он акси маро ҷо дода будӣ…[7, с.5-6].

Устод баъди хондани ин тарҷума ба шоир муроҷиат карда гуфт, ки ин шеърро дар маҷлис худатон,-Муллоубайд мехонед.

Мирзо Турсунзода дар маҷлиси хотимаи базми адабиёти туркман, баъди баромади шоири туркман Мамед Саид ба Убайди Раҷаб сухан доданд, ки матни тоҷикии шеър ба саъми ҳозирон расонида шуд.

Баъди анҷоми Ҳафтаи адабиёти туркман устод Мирзо Турсунзода Убайди Раҷабро барои кори доимӣ ба Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон хонданд ва дар ин лаҳза бо Абдумалик Баҳорӣ суҳбат доштанд, ки чанд моҳ пеш ба ҷойи Толис муҳаррири «Шарқи Сурх» таъйин шуда буданд.

Баъди аз рухсатӣ баргаштан У. Раҷаб хабари аз ҷониби ҳайати кормандони «Комсомоли Тоҷикистон» ба муҳарририи нашрияи таҳрир пешбарӣ шудани худро дониста бошад ҳам, ба касе даҳон накушодааст.

Он боварие, ки устод М.Турсунзода ба ӯ дошт, аз лаҳва хотираш дур намегашт. Ӯ аз устод А.Баҳорӣ ва М.Миршакар хоҳиши маслиҳат гирифтанро ихтиёр намуд, аммо онҳо ихтиёрро ба худи ӯ ҳавола доданд. Пагоҳи рӯзи дигар ба назди устод М.Турсунзода хоҳиши омадану маслиҳат гирифтан шуд. Вақте ки ба остонаи дари устод расид бо касе телефонӣ суҳбат мекард ва фикри мусоҳиби худро рад мекард.

-Не, намешавад, аз дигар ҷо муҳаррир ҷӯед,- ман барои аз ин ҷо рафтани У.Раҷаб маслиҳат намедиҳам, пай бурд, ки ин суҳбат дар хусуси ӯ рафта истодааст. Умуман, маслиҳати Гулҷаҳон Бобоевнаро напазируфт.

Бо ҳамин суҳбати устод масъалаи муҳаррири «Комсомоли Тоҷикистон» таъйин шудани У.Раҷаб аз миён бардошта шуд.

Он меҳрубониҳое, ки устод М.Турсунзода нисбати У.Раҷаб дошт, ин аз поквичдонӣ ва ҳалолкории ӯ маншаъ мегирифт. Шояд устод Мирзо Турсунзода аз ҳамин сабаб дар тамоми сафарҳои дохилӣ ва хориҷӣ ӯро ҳамроҳи худ мегирифт. Тавре таассуроти сафари Доғистони кишвари Россияро Убайди Раҷаб хуб ёддошт кардааст:

Вақте ки дар шаҳри Махачқалъа, пойтахти Доғистон, иди адабиёт кушода шуд, Дар қатори дигарон Убайди Раҷаб ва Акобир Шарифӣ аз шумори иштироккунандагони ин маърака буданд. Меҳмонони ҳозиршударо ба ду гурӯҳ ҷудо намуданд. Ба гурӯҳе, ки Расул Ғамзатов роҳбарӣ менамуд, У.Раҷаб ва Акобир Шарифӣ шомил буданд, ба ноҳияи Хунзах, ба водие, ки сукунатгоҳи асосии мардуми авар аст, бо мадади тайёра раҳсипор шуданд. Мақсади асосии ба баландтарин нуқтаи Доғистон бурдани мо ин буд, ки зодгоҳи шоирони бузурги худ Маҳмуд, Ҳамзат Садаса ва Расул Ҳамзатовро нишон додан мехостанд. Ҳангоми вориди он ҷо гардидан аз табиати зебо ва чашмаҳои нукрасо ва қатраҳои равонбахши он ҷо ҳаловат бурданд. Баъди тамошои дилфиреби манзараҳои Доғистон, ба тарафи маркази шаҳраки Хунзах раҳсипор гардиданд. Онҳоро хеле хуб қабул намуда, суннати деринаро ба ҷо оварданд: меҳмононро хона ба хона бурданд.

Маҷлиси мулоқот дар хонаи маданият барпо гардид ва меҳмононро ба ҳам пайваст. Баъди анҷоми маҷлис ҳама ба ҷойи таъйиншудаашон раҳсипор гардиданд. Лаҳзаи ба хонаи котиби якуми кумитаи ҳизби ноҳия рафтани Мирзо Турсунзода расид, Расул Ҳамзатов ба онҳо монеъ гардида гуфт:

«Муншии муҳтарам, мо ба хонаи шумо рафта наметавонем. Худатон медонед, ки ба падари шодравонам пеш аз вафоташ чи қавле додам. Хоҳиши охирини падар аз ман ин буд, ки шаҳрӣ шуда, роҳи деҳаи Садаро аз ёд набарам ва ҳар боре, ки саргаштаи ин ҷониб шавам, дар Сада, дар хонае бихобам, ки маро ба дунё додаст, вагарна рӯҳаш парешон мешавад. Қавл додам, ки ҳамон тавр рафтор мекунам, чунонки ӯ мехоҳад. Бинобар ин, ба Сада меравем ва меҳмони азиз Мирзои Турсунзодаро низ ҳамроҳ мебарем. Ӯ бародархонди ман аст. Писар бояд дар хонаи падар шабро ба сар барад» [5, с.14].

Онҳо шаш нафар ба мошин нишастанд. Бо хоҳиши Расул Ҳамзатов, нависанда Умураҳил Шапиева низ ҳамроҳашон мерафт.

Ба деҳаи Сада расиданду дар хонаи писарамаки Расул Ҳамзатов, ки дар шафати хонаи худи онҳост, ба меҳмонон ҷой густурданд.

Манзараи деҳа дар зери нури чароғҳои фурӯзон тамошо карданаш душворие надошт. Сада дар поёнии шохаҳои бузурге, ки торашон майдони фурӯдгоҳи ҳавопаймост, доман кашидааст.

Суҳбати Мирзо Турсунзода, У.Раҷаб, А.Шарифӣ бо устод Расул Ҳамзатов гарму ҷӯшон идома ёфт. Онҳо дар бораи адабиёти форсу тоҷик ва адибони Доғистон суҳбат намуданд. Он шаби кӯтоҳи борони тобистон чӣ гуна саҳар шуд, касе надонист.

Яке аз он воқеаҳои хотирмоне, ки дар ҳаёти Убайди Раҷаб то охир боқӣ монд, ин он ғамхориҳои падаронаи устод Мирзо Турсунзода нисбати қаламкашони эҷодкори солҳои 50-60- уми асри ХХ буд. Устод Мирзо Турсунзода аз рӯйи имконият ба ҳар кадоме аз ин шахсон имкон фароҳам овардааст, ки бо нобиғаҳои ин ё он адабиёти ҷаҳон шинос гашта, аз эҷоди эшон баҳравар гарданд. Масалан, Убайди Раҷаб аз забони устод Мирзо Турсунзода дар бораи Н.Тихонов чунин ёддошт додаст:

Фурсат даст доду ин ҳикояро аз забони устод шунидам.

«Ман ҳаждаҳ сол боз бо ин мард сафар мекунам, соли 1947,-гуфтанд устод, -аммо бо асарҳояш пештар шиносоӣ пайдо кардам. Хусусан, баъди хондани достони «Сами». Симои ҳиндуписар Сами, ки аз зарби тозиёнаи аҷнабии соҳиб қомат хам кардааст ва рӯзи беҳро аз айём металабад, аз лавҳи хотирам ҳеҷ дур намеравад. Ин достон аз шоҳкориҳои назми рус мебошад. Яке аз шоҳбайтҳои он пайваста вирди забони ман аст:

Мех мебоист кард аз ин касон,
Сахт мехе з-он набудӣ дар ҷаҳон.

Чунин байтро фақат Николай Тихонов барин шоирони бузург гуфта метавонанд. Дар тӯли солҳое, ки ҳамроҳ сафар мекунем, ба ростӣ гармию сардиро фаровон дидем, шаби зиёдеро дур аз ёру диёр ҳамроҳ рӯз кардем, ба ғаму шодии якдигар шарик шудем» [5, с.23].

Убайди Раҷаб он ёддошҳое, ки устод Мирзо Турсунзода ба ҳамроҳи Мусо Ойбеку Анатолий Сафронов ба Покистон доштанд, фаҳмидан мехост. Акнун ин сафари ёддоштии Мирзо Турсунзодаро аз забони ширинаш мешунавад.

«Ин воқеа соли 1949 ба вуқӯъ пайваста буд. Сафари онҳо се моҳ тӯл кашид. Вақте ки онҳо аз хоки Афғонистон ба хоки Покистон майли гузаштан карданду хостанд аз сарҳад гузаранд, хангоми тафтиши сарҳадӣ устод, ки забони форсиро медонист шиносномаҳоро болои ҳам гузошта, ба афсари сарҳадбон дароз кард. Афсари сарҳадбон як марди миёнқади гандумгуни ҷиддитабиате буд, бодиққат ва оромона шиносномаҳои онҳоро тафтиш мекард. Ба сурати устод нигариста баъд ба сӯяш назар афканд ва боз чашм ба сурат давонд ва аз устод суол кард.

-Ҷаноби муҳтарам, ба ман бигӯед, ки оё Мирзо Турсунзодае, ки шиносномааш дар дасти ман аст ва Мирзо Турсунзодае, ки «Қиссаи Ҳиндустон»-ро навиштааст, ҳар ду як нафар ҳастанд?

-Бале, ҷаноб, дуруст пай бурдед, посух дод устод, мақсади пурсишашро надониста.

-Агар дуруст аст, аз ин сӯ гузаред, афсар ғавчӯбро боз карда, онҳоро ба хона даъват намуд. Ҳангоми роҳрав онҳо хаёлҳои гуногунро пеши назар меоварданд. Вақте ки вориди хона шуданд, диданд, ки хон густурда шудааст. Ҳама ҳайратзада буданд ва аз таги гап бехабар андеша ба сад кӯй мебурд» [5, с.23].

Баъди пазироии онҳо суҳбат аз шеъру адабиёт ба миён омад ва ба ин васила се-чор соат ин суҳбати онҳо идома ёфт. Баъди шиносоиҳо фурсати хайрбод фаро расиду қабл аз ташаккур гуфтан устод суолаш кард, ки инчунин лутфу марҳамат аз ҷониби ишон ба ҳама касон аст, ки аз ин нуқтаи сарҳад мегузаранд, ё танҳо барои мост.

Дар Покистон саду панҷоҳ миллион одам ҳаст, на ба рӯйи ҳар кас бахт он тавр механдад, ки се-чаҳор соат бо муаллифи «Қиссаи Ҳиндустон» ва ҳамсафарони ӯ гирди як

хон сари суҳбат нишаста бошад. Биравед, ҳамаи роҳҳо ба рӯятон кушода, Покистон дар ихтиёри шумост [5, с.24].

Чанд қадаме вориди сарҳад гардиданду Николай Тихонов шодона хитоб кард:

«Ана, дӯстони азизи ман, қувваи каломи шоир чӣ гуна аст! Кореро ба ҷо меорад, ки шамшер адо карда наметавонад» [5, с.24].

Убайди Раҷаб дар бораи шодравон, устод Мирзо Турсунзода хотироти хело зиёд дорад. Ғамхории Мирзо Турсунзода нисбати Убайди Раҷаб таърихи аҷибе дорад. Тавре зикр кардем, Убайд Раҷаб 17-сол дар паҳлуи устод фаъолият намуда, зимни сафарҳои корӣ бисёр пастию баландиро аз эшон омӯхтааст, ки дар китоби «Зинда ба ишқ» он воқеъбинона инъикос ёфтааст.

Он меҳру муҳаббат, самимиву меҳрубониҳо, ҳамгоми шунидани марги Мирзо Турсунзода Убайди Раҷабро хело ғамгину маъюс намуд. Аз байн шахсе рафт, ки ба Убайд ғамхории падарона мекард, шахсе рафт, ки ҳамдаму ҳамроз, ғамхору мушфиқи ӯ буд.

Убайди Раҷаб мисли дигар шуарои адабиёт барои устоди худ марсияе эҷод намудааст. Ба қавли шоир «он рӯз тавассути ин сатрҳо дили пур аз дард» холӣ шуд:

Рафт ӯ,
Хоксори хоксорон,
Меҳрубони меҳрубонон,
Дӯстдори дӯстдорон,
Қадрдони қадрдонон,
Пуштибони мулки шеъру достон,
Рафт чун барқи баҳорон,
Ахтаре аз каҳкашонҳо канда шуд,
Ашки мо аз дидаи мо канда шуд.
Чашма шуд чашмони гирён,
Нури чашми як ҷаҳон рафт.
Об шуд дилҳои бирён,
Бо сиришк аз дидаи дарёдилон рафт…
Рафт ӯ,
Дар дили гарми Лучоби шодмон,
Дар баландӣ, чун уқобе
Монд зебо ошён
Рафт ӯ…
Шеър монду меҳр монд,
Қисса монду достон… [7, с.44-45].

Ба ҳамин минвол ёдкардаҳои Убайди Раҷаб др бораи пири барнодили адабиёти садаи ХХ устод Мирзо Турсунзода сари вақт ва айни муддаост, ки риояи суннатии жанри ёддошт ҳаматарафа риоя шудааст, ки гуфтаи фавқ шаммае аз он аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Муҳаммадҷаъфари Раҷаб. Гулчини ашъори Мирзо Турсунзода; бо кӯшиш ва интихоби Муҳаммадҷаъфар Ранҷбар. – Душанбе, 2011. - 10 с.
2. Набавӣ А.Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср. - Душанбе: Адиб, 2009. - 332 с.
3. Сайфуллоев А. Ҳалқаҳои пайванди адабӣ / А. Сайфуллоев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. - 440 с.
4. Солиҳов Ш. Адабиёт ва шинохти он / Ш. Солиҳов. - Душанбе: Ирфон, 2009. – 240 с.
5. Убайди Раҷаб. Зинда ба ишқ. - Душанбе: Адиб, 2001. - 234 с.
6. Ф. Ҳусейнода. Саҳми Убайди Раҷаб дар шинохти адибони номвар // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2014. - №4(59). - С.240 -244.
7. Фарҳод Ҳусейнзода. Фуруғи шамъи маҳфилҳо. - Душанбе: Адиб, 2010.-С. 3-45.

ТАҲҚИҚИ ЁДКАРДАҲОИ УБАЙДИ РАҶАБ ДАР БОРАИ УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА ДАР КИТОБИ “ЗИНДА БА ИШҚ”

Шоири халқии Тоҷикистон дорандаи мукофоти давлатии ба номи Рӯдакӣ ва мукофоти давлатии СССР устод Мирзо Турсунзода солҳои зиёд (1946-1977) сарварии раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро ба дӯш доштанд. Дар ин давра ба қаламкашони боистеъдод ғамхорӣ зоҳир намудаанд. Ҳамин ғамхорӣ нисбат ба М.Қаноат, Ашӯр Сафар, Убайди Раҷаб, Гулчеҳра Сулаймонӣ, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор Сафиева, Мастон Шералӣ, Бозор Собир, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Салимшоҳ Ҳалимшо, Гулназар Келдӣ, Ҳақназар Ғоиб, Муҳаммад Ғоиб, Ширин Бунёд ва даҳҳо қаламкашони дигар эҳсос карда мешавад. Ғамхории Мирзо Турсунзода нисбат ба Убайди Раҷаб таърихчаи аҷибе дорад. Убайди Раҷаб 17 сол дар паҳлуи устод кор карда, зимни сафарҳои корӣ бисёр пастию баландиро аз эшон омӯхтааст. Дар асари ёддоштии «Зинда ба ишқ» он воқеъбинона инъикос ёфтааст. Дар Тоҷикистон ҳафтаи адабиёти бародарони туркман барпо мегардад. Зарурате пеш омад, ки ба таври таъҷилӣ шеъри Мамед Саид аз туркманӣ ба тоҷикӣ тарҷума карда шавад. Он «Рӯди Душанбе» ном дошт. Бо тавсияи Мирзо Турсунзода Боқӣ Раҳимзода вазифадор шуд, ки мудири шуъбаи ташвиқот ва тарғиботи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон») Убайди Раҷабро пайдо кунанд. Аз ҳамин лаҳза сар карда шиносоӣ ва устодиву шогирдии Мирзо Турсунзода ва Убайди Раҷаб оғоз меёбад. Ғайр аз ин сафарҳои якҷояи онҳо дар Тоҷикистон ва берун аз он мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст. Масалан, тобистони соли 1965 рӯзҳои адабиёти тоҷик дар кишвари Русия мегузашт. Мирзо Турсунзода дар қатори дигар қаламкашон Акобир Шарифӣ ва Убайди Раҷабро дар ин сафар шомил месозанд. Оғози он дар шаҳри

Махачқалъа, пойтахти Доғистон, сурат мегирад. Корвони мошинҳо ба ду самт, яке ба тарафи қалъаи Норин, ки дар вақти подшоҳии шоҳони форс, Яздигурд, Қубодшоҳ ва Анӯшервон бунёд шудааст, дигаре ба кӯҳистон Хунзах, ки аз сатҳи баҳр 2800 метр баланд буд раҳсипор гардиданд. Дар мақола зикр шудааст, ки ин ҷо зодгоҳи шоирони бузург Ҳамза Садаса ва Расул Ҳамзатов мебошад. Аз тасвири Убайди Раҷаб бармеояд, ки устод Мирзо Турсунзода воқеаҳои ачиберо барои ҷавонҳо нақл кардааст ва дар пешравии кори эҷодии ҳар кадоме аз инҳо роҳ нишон додааст. Ковишҳои илмии асар ва нақди он ба хонанда имкон медиҳад, ки сухани нав ва тоза гуфта тавонад, ки мақолаи зикршуда шаммае аз он аст.

Калидвожаҳо: адабиёти форс-тоҷик, М.Турсунзода, У.Раҷаб, Ватан, Тоҷикистон, устод, шеър, поквиҷдонӣ, ғамхориҳои падарона, ёддошт, мамолик, шоир.

ИССЛЕДОВАНИЯ ВОСПОМИНАНИЙ У.РАДЖАБА О ВЕЛИКОМ УЧЁНОМ М.ТУРСУНЗОДЕ В СТИХОТВОРЕНИИ “ЖИВЯ ЛЮБОВЬЮ”

Народный поэт Таджикистана, обладатель государственной премии им.Рудаки и государственной премии СССР М.Турсунзода многие годы (1946-1977) был председател Союза писателей Таджикистана. В этом период было оказно большое внимание десяткам талантливых писателей, таких как М.Каноат, А.Сафар,У.Раджаб, Г.Сулаймони, К.Киром, Л.Шерали, Г.Сафиева, М.Шерали, Б.Собир, Ш.Ёдгори, С. Халимшо, Г. Келди, Х.Гоиб, Ш.Бунёд и др. Забота М.Турсунзоде в отношении У.Раджаба имеет свою историю У.Раҷаб 17 лет работал рядом со своим наставникам и многому научился у него. Это было описано в мемуаре “Живущий за любовь”. В Таджикистане состоялась неделя литературы братьев –туркмен. Появилась необходимость в срочном переводе стихотворения Мамед Саида с туркменского на таджикский .Оно называлось “Река Душанбе”. По рекомендатции М.Турсунзоде поэт Б.Раҳимзоде обязался найти У.Раджаба, который был заведуюшим отдела пропаганды журнала “Комсомолец Таджикистана” (сейчас “Молодёжь Таджикистана”). С этого момента началась знакомство М.Турсунзоде и У.Раджаба. Кроме того, их совместные поездки в Таджикистане и за его пределами подвергались научным изысканиям. Осенью 1965 г.прошли Дны таджикской литературы в России . М.Турсунзаде наряду с другими писателями часто брал собой А.Шарифи и У.Раджаба. Они встретились в столице Дагестан в г. Махачкале. Караван машин направился в две стороны: одни в сторону замка Нарин, который был основан во времена царствования персидских правителей Яздигурда, Кубодшаха и Анушервана, другие в горный массив Хунзах, который находится на высоте 2800 метров от уровня моря. В статье упоминалось от том, что это место было Родиной великих поэтов Х.Садаса и Р.Гамзатова. По описанию У.Раджаба, М.Турсунзаде рассказал молодым необычайные истории и помогал каждому из них в достижении творческих успехов. Научные поиски и критика произведения дают возможность читателю вникнуть в суть новых идей.

Ключевые слова: персидско-таджикская литература, М.Турсунзаде, Родина, Таджикистан, наставник, стихи , добросовестность, отцовская забота, воспоминания, страна, поэт, У.Раджаб.

RESEARCH OF MEMORY OF U. RADJAB ABOUT THE GREAT SCIENTIST M. TURSUNZADE IN THE LIFE “LIVING LOVE”

The National Poet of Tajikistan has been awarded the title of the Rudaki State Sovereign State and the State Sovereignty of the USSR Mavzo Tursunzade for many years (1946-1977), the head of the Tajik Writers' Union.The National Poet of Tajikistan was awarded the title of the Rudaki State Sovereign Order of the Soviet Union and Mirzo Tursunzade, a longtime (1946-1977) head of the Tajik Writers' Union.In this period, the caregivers have shown an interest in M.Kanato, Ashur Safar, Aga Khan Rajab, Gulchehra Sulaymon, Qutbi Kirom, Loiq Sherali, Gulrukhsor Safieva, Maston Sherali, Bozor Sobir, Shammuzhtar Yagwari, Salimshoh Halimsho, Gulnazar Keldi , Haqnaz Ghayib, Muhammad Gozo, Shirin Boudoir and other tens of other pagans.She has been working on a 17-year-old teacher, studying at the very high level of work she has done. She has been reflecting on the reality of the "Love of Love." In Tajikistan, the weekly newspapers of Turkic brothers are being held. poet Mamed Said from Turks translated into Tajik. This is called "Dushanbe Dushanbe".According to Mirzo Tursunzoda, Baki Rahimzoda has been appointed to head the Department of Communications and Advocacy of the "Komsomol Tajikistan" newspaper (now "Youth of Tajikistan"). Find out about the Rajabab. At that moment, the acquaintance, teacher and disciple Mirzo Tursunzoda and Ubaydhi Rajab will start.According to Mirzo Tursunzoda, Baki Rahimzoda has been appointed to head the Department of Communications and Advocacy of the "Komsomol Tajikistan" newspaper (now "Youth of Tajikistan"). Find out about the Rajabab. At that moment, the acquaintance, teacher and disciple Mirzo Tursunzoda and Ubaydhi Rajab will start. In addition, their joint tourist activities in Tajikistan and beyond are studied scientifically. In the summer of 1965, Tajik writers are traveling to Russia in Tursunzoda. In addition, Tursunzoda is also involved in other tournaments such as Akobir Sharif and Ubaydah Rajab in this trip. in Mahashkara city of Dagestan.The car was constructed in two directions, one on the north side of Norman, when it was built in the Persian king of Persia, Yazdugur, Qubodshah and Anusherville, another to the mountainous Honduran, which was elevated to a height of 2800 meters. the poet of the great poets Hamza Sadaa and Rasul Hamzatov.The car was constructed in two directions, one on the north side of Norman, when it was built in the Persian king of Persia, Yazdugur, Qubodshah and Anusherville, another to the mountainous Honduran, which was elevated to a height of 2800 meters. the poet of the great poets Hamza Sadaa and Rasul Hamzatov.From the picture of the Ubeda Rajab, Mirzo Tursunzoda has described an amazing story for young people and demonstrates every aspect of their creative work. The creative work of the art and his cash allows the reader to say new and new words that the article It is said that it is a flame.From the picture of the Ubeda Raja, Mirzo Tursunzoda has described an amazing story for young people and demonstrates every aspect of their creative work. The creative work of the art and his cash allows the reader to say new and new words that the article It is said that it is a flame.

Key words: perian-Tajik Literature**,** M. Tursunzoda, U. Rajab, motherland, Tagikistan , master poet, honestly care like fater remembrance, countries.

Сведения об авторах: ***Хусейнзода Фарход*** – Дангаринский государственный университет, доктор филологических наук, заведующий кафедрой таджикского языка и литература. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Шарифова, 3. Тел.: **(+992) 92-753-87-65**

Давлатов У.М. - Дангаринский государственный университет, старший преподаватель кафедры таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Шарифова, 3.
Тел.: **(+992) 907-85-01-06**

Information about the authors: ***Huseinzoda Farhod*** - Dangara State University, doctor of philological sciences, head of the Tajik language and literature department. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, ul. Sharifova, 3. Tel.: **(+992) 92-753-87-65**
Davlatov U.M. - Dangara State University, Senior Lecturer in the Tajik Language and Literature Department. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, ul. Sharifova, 3.Tel.: **(+992) 907-85-01-06**

УДК: 891.550-1:82

КОРБУРДИ САНЪАТИ ТАЛМЕҲ ДАР ОСОРИ ТУҒРАЛ

Бобобеков А.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз шоирони нозукбаёни тоҷик Нақибхон Туғрал Аҳрорӣ дар адабиёт ва ҷаҳони шеър мавқеи хоссаеро доро буда, суханаш марҳами дилу дидаи ҳазорон дӯстдорони каломи манзум аст. Ашъори шоир пур аз баёни андешаҳои волост. Сухани гуфтааш дар саноеи мухталиф ашъорашро ҷолиб кардаву диққати шеършиносонро сӯйи осораш кашидааст. Андешаамонро ба дарозо накашида мехоҳем дар бораи корбурди санъати талмеҳ аз ҷониби шоир чанд сухан гӯем.

Чуноне ки медонем бо талмеҳ сухан гуфтан осон нест. Ба гуфтаву шунидаҳо, қиссаву ривоятҳо, ҳикояву воқеаҳо мурочиат намуда, бо истифодаи мазмуни онҳо образу тасвирҳо ва маъниҳои нав офаридан душвор аст.

Чи тавре ки дар луғатҳо овардаанд, талмеҳ нигоҳи сабук кардан ба сӯйи чизест. Ва ҳам овардаанд, ки дар шакли «тамлеҳ» ба маънии милҳ, яъне намакин кардан меояд. Дар адабиёти бадеӣ ишора кардан ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо ва ба шеъри маъруфи яке аз саромадони сухан мебошад

Пас аз мутолиаи шеъри Туғрал ба хулосае омадем, ки шоир ашъори шуарои пешинро хуб омӯхтаву аз қиссаву ривоётҳои зиёде бохабар будааст. Дар баъзе абёти шеъраш қиссаву ривоятҳоро пайи ҳам ва бо иртиботи андешаҳои наҷиб овардааст:

Ҷони ширин меканад дар Бесутун,
Қисмати Фарҳод кӯҳсор асту бас!
Пеши чашми ошиқи Маҷнуни мо,
Кӯҳу саҳро ҷумла ҳамвор асту бас.
Нест ҳақ даъвои ҳар кас дар ҷаҳон,
Як сари Мансур бар дор асту бас!
Бесабаб кай меравад Мӯсо ба Тур?
Матлабаш як арзи дидор асту бас! [3, с.230].

Дар байти зер, ишоракунон ба гуфтаи Низомии Ганҷавӣ:

Хате дид аз саводи ҳайбатангез,

Навишта: «Аз Муҳаммад сӯйи парвез», будаву Низомӣ ҷамъбасти сухани паямбарро чунин овардааст:

Дар оташ мондай в-ин ҳаст нох (в) аш,
Мусулмон шав, мусаллам гард аз оташ.

Ва амали Хусраву ниҳояти кораш нохуб буда:

Дарид он номаи гарданшиканро,
На нома, балки номи хештанро…
Зи муъҷизҳои шаръи мустафоӣ,
Бар ӯ ошуфта гашт он подшоӣ.
Сарирашро сипеҳр аз зер бардошт,
Писар дар куштанаш шамшер бардошт.
Баромад ногаҳ аз гардун тароқе,
Зи айвонаш фурӯ афтод токе.
Пуле бар Даҷла з-оҳан буд баста,
Даромад селу он пул шуд шикаста.
Падид омад самуми оташангез,
На Гулгун монд бар охур, на Шабдез.
Табаҳ шуд лашкараш дар ҳарби зайқор,
Уқобашро кабӯтар зад ба минқор [1, с. 391-392].

Туғрал гӯяд:

Зинҳор, адаб пеша намо, бин, ки чиҳо дид,
Аз номаи пайғамбари мо Хусрави Парвиз! [3, с.229].

Нақибхон Туғрал ҳангоми истифодаи санъати мазкур ба қиссаҳои паямбарон Мӯсову Сулаймон, Айюбу Масеҳо, Нӯҳу Хизр, Юсуфу Муҳаммад ва ашхоси машҳури қиссаву достонҳо Дорову Сикандар, Сому Рустаму Баҳром ва дигарон ишораҳо менамояд.

Бояд гуфт, ки шоир ҳам дар истифодаи асотири эронӣ (пешазисломӣ) ва ҳам асотири исломӣ ба андозаи кофӣ аз андеша ва ақоиди роиҷ дар адабиёт огоҳ аст ва дар корбурди талмеҳот ҳадди авсатро риоя намудааст, яъне байни асотири исломӣ ва эронӣ ҳадди таъодулро нигоҳ доштааст:

Оқибат аз дасти найранги Зулайхои қадар,
Гӯшаи зиндони меҳнат шуд чу Юсуф ҷойи ман! [3, с.331].

Шоир бо истифода аз санъати талмеҳ ҳолати хешро ба Юсуфи аз дасти Зулайхо ба зиндонафтода монанд кардааст.

Аз он рӯзе, ки ҳуснат аз таҷаллӣ партавафкан шуд,
Ба Тури қурби Мӯсо з-он сабаб аз най калом омад [3, с.171].

Шоир дар осори хеш ба ашхоси воқеӣ низ ишораҳо дорад:

Шоҳиди ҳар кас ба қадри даъвии ишқи худ аст,
Гар тамошои Аёзаш мекунӣ, Маҳмуд бош! [3, с.239].

Акси чашми масти ӯ, Туғрал, ба ҳангоми рақам,
Монию Беҳзод бо мижгони оҳу мекашад. [3, с.165].

Ҳар кӣ сармасти хаёли бодаи васлаш бувад,
Меканад мехи таноби хаймаи Хайёмро [3, с.44].

Чунонки дидем, шоир дар ашъораш санъати талмеҳро зиёд истифода кардаву зимни ишора ба қисса ва шахсиятҳои асотириву таърихӣ ва динӣ барои инсоният ба таври муъҷаз ибрати рӯзгори гузаштагонро ёдрас менамояд, то аз хеш асари нек гузорем.

А Д А Б И Ё Т

1. Низомии Ганҷавӣ. Куллиёт: Иборат аз панҷ ҷилд; ба чоп ҳозиркунанда ва муаллифи сарсухан З. Аҳрорӣ). - Душанбе: Ирфон, 1983. – Ҷ.1. - 464 с.
2. Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик; ба кӯшиши дуктур Алии Равоқӣ. - Теҳрон, 1385. - 372 с.
3. Туғрали Аҳрорӣ. Навойи кибриё // Куллиёти ашъор; таҳия ва тавзеҳи Асрори Раҳмонфар ва Мирзо Шукурзода. – Душанбе: Адиб, 2014. - 440 с.
4. Шарифов Х. Услуб ва камолоти сухан / Х.Шарифов. - Душанбе, 1985. - 176 с.

КОРБУРДИ САНЪАТИ ТАЛМЕҲ ДАР ОСОРИ ТУҒРАЛ

Мақолаи мазкур ба омӯзиши корбурди санъати талмеҳ дар осори шоири нозукбаёни тоҷик Нақибхон Туғрал Аҳрорӣ бахшида шудааст, ки ӯ дар адабиёт ва ҷаҳони шеър мавқеи хоссаеро доро буда, суханаш марҳами дилу дидаи ҳазорон дӯстдорони каломи манзум аст. Ашъори шоир пур аз баёни андешаҳои волост. Сухани гуфтааш дар саноеи мухталиф ашъорашро ҷолиб кардаву диққати шеършиносонро сӯйи осораш кашидааст. Андешаамонро ба дарозо накашида мехоҳем дар бораи корбурди санъати талмеҳ аз ҷониби шоир чанд сухан гӯем.Чуноне ки медонем бо талмеҳ сухан гуфтан осон нест. Ба гуфтаву шунидаҳо, қиссаву ривоятҳо, ҳикояву воқеаҳо муроҷиат намуда, бо истифодаи мазмуни онҳо образу тасвирҳо ва маъниҳои нав офаридан душвор аст. Дар адабиёти бадеӣ ишора кардан ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо ва ба шеъри маъруфи яке аз саромадони сухан мебошад. Пас аз мутолиаи шеъри Туғрал ба хулосае омадем, ки шоир ашъори шуарои пешинро хуб омӯхтаву аз қиссаву ривоётҳои зиёде бохабар будааст. Дар баъзе абёти шеъраш қиссаву ривоятҳоро пайи ҳам ва бо иртиботи андешаҳои наҷиб овардааст.

Калидвожаҳо: Нақибхон Туғрал Аҳрорӣ, талмеҳ, корбурди санъати талмеҳ, адабиёти бадеӣ, мутолиаи шеъри Туғрал,

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИСКУССТВА ТАЛМЕХ В НАСЛЕДИИ ТУГРАЛА

Данная статья посвящена изучению использования искусства талмех в наследии таджикского поэта Накибхона Туграла Ахрори, который занимает особое место в таджикской литературе и в мире поэзии. Накибхон Туграл является одним из талантливых и обладающих широким кругозором поэтов персидско-таджикской литературы, который благодаря своему поэтическому таланту, стал объектом пристального внимания ученых и литературоведов. В своих сочинениях он использовал разновидности художественных приёмов и тем самым добился обогащения, красочности и привлекательности своих стихов. Одной из значимых особенностей газелей Туграла является простота и доступность выражения, понятность содержания. Анализ и исследование художественных приёмов газелей Туграла показывает, что он действительно талантливый поэт, обладающий своим художественным стилем и своей тонкой, нежной и выразительной манерой письма. Накибхон Туграл можно назвать одним из выдающихся поэтов в истории персидско - таджикской литературы, который, несмотря на жизненные неурядицы и нестабильность обстановки того времени продолжил традиции персидско-таджикской классической литературы в большинстве литературных жанров.

Ключевые слова: Накибхон Туграл Ахрори, талмех, использование искусства талмех, художественная литература, изучение поэзии Туграла.

THE USE OF THE ART OF TALMECH IN THE HERITAGE OF THE TUGAL

This article is devoted to the study of the use of talmeh art in the heritage of the Tajik poet Nakibhona Tugrala Ahrori, who occupies a special place in Tajik literature and in the world of poetry. Naqibhon Tugral is one of the most talented and broad-minded poets of Persian-Tajik literature, who, thanks to his poetic talent, has become the object of close attention of scholars and literary critics. In his writings, he used a variety of artistic techniques and thereby achieved the enrichment, beauty and attractiveness of his poems. One of the significant features of the gazelles of Tugral is the simplicity and accessibility of expression, understandable content. Analysis and research of the artistic techniques of the ghazal Tugulala shows that he is really a talented poet, who has his own artistic style and his delicate, tender and expressive manner of writing. Nakibhon Tugral can be called one of the eminent poets in the history of Persian-Tajik literature, who,

despite the turmoil of life and instability of the situation at that time, continued the traditions of Persian-Tajik classical literature in most literary genres.
Key words: Naqibhon Tugral Ahrori, talmeh, the use of talmeh art, fiction, the study of poetry Tougrala.

Сведение об авторе: ***Бобобеков Алишер Мирбобоевич*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **bobobekov.65@mail.ru**. Тел.: **(+992) 935-64-04-40**

Information about the author: ***Bobobekov Alisher Mirboboevich*** - Tajik National University, candidate of philological sciences, dotcent of the Department of Tajik Language and Methods of Teaching Tajik Language and Literature. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **bobobekov.65@mail.ru**.
Tel.: **(+992) 935-64-04-40**

УДК: 891.550:82

САФАРНОМАҲОИ “НАВОДИР-УЛ-ВАҚОЕЪ”-И АҲМАДИ ДОНИШ

Олимова Х.Ҳ.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Асарҳои воқеӣ, ки шумораашон дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ кам нестанд, пеш аз ҳам, баёнгари аҳволи мардум мебошанд. Аксари онҳо барои хонандаи имрӯз метавонанд ҳамчун воситаи қиёси иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва пайдо намудани як фазои муайяни ҳаёти иҷтимоии асрҳои қаблӣ бо назардошти проблемаҳои муҳимтарини ақвоми Шарқ хидмат расонанд. Дар ин гуна асарҳо, тасвири мавзеъҳои гуногун, аҳволи табақоти иҷтимоӣ, вазъи сиёсӣ ва дигар масъалаҳои умдатарини ҷомеа муфассал ифода ёфтааст.

Дар адабиёти классикии форсу тоҷик сафарномаҳои зиёде таълиф гардидаанд, ки дар он натиҷа, мушоҳида ва хулосаҳои носирон воқеъбинона зикр гардидааст.

Сафарнома аз диди Ш. Солеҳов “анвои маъруфи насри классикӣ, ки дар тадвину таҳрири он нақши мусаннифу муаллиф равшан эҳсос мешавад ва ... қаҳрамони асосии сафарнома худи муаллиф аст” [1, с.35]. Агар сафарнома таҳиякунандаи сафари як нафаре бошад, пас ёддошт- чунон жанри махсуси эпикӣ буда, дар таърихи адабиёти мо собиқаи қадима дорад. Дар навбати худ дар адабиёти форсу тоҷик осори зиёде ҳаст, ки аз ҳаёти фозилон, орифон, шоирони мутақаддим ва муосири мусаннифон нақл мекунад. Дар ин маврид Аълохон Афсаҳзод дар омӯзиши осори Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ чунин тазаккур медиҳад: “Маноқибҳои роҷеъ ба Ҷомӣ навиштаи Абдулғафури Лорӣ, Мавлоно Пиршамс ва Абдулвосеи Низомӣ намунаҳои хуби насри ёддоштӣ буда, асари Ғиёсиддин Хондамир «Макорим-ул-ахлоқ» низ ба силсилаи шарҳи ҳоли бузургони адаб дохил шуда, зиндагӣ, сират, муаллафот ва эҷодиёти Навоиро баён мекунанд. «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ роҷеъ ба адибону мамдуҳони онҳо нақлу ривоятҳои марғуб дорад. Дар бисёр асарҳои ахлоқ, кутуби сӯфия, аҳволи вазирон ва ҳолати ҳунарварон низ порчаҳои дилчасп ва марғуби бадеӣ ба назар мерасанд” [2, с.34].

Яъне гуфтан ҷоиз аст, ки дар осори қаблии адабиёти форсу тоҷик ба ғайр аз асарҳои мукаммали ёддоштӣ мусаввадаҳо, мактубҳои мутааддид, қайду ишораҳо сафарномаҳое низ ба назар мерасанд, ки воқеаҳои зиндагиву рӯзгори муосирон ва ё гузаштагон тазаккур гардидааст. Чунин дарҷи ёддоштҳоро метавон дар ҳошияи дастнависҳо низ дид, ки ин танҳо тадқиқоти доманадори матншиносӣ метавонад чунин матнҳоро омӯхта, моҳияти илмию эстетикии онро баён созад.

Методи ягонаи ёддошт ё ин ки сафарнома реализм мебошад. Гоҳе нависанда барои муассиртар кушодани моҳияти иҷтимоии замона, бо нияти дилчасптар шудани асар романтизмро ҳам ба кор мебарад. Аммо романтизм ҳамчун унсур, дар тасвири ҳодиса ва масъалаҳои ҷудогона ба кор бурда мешавад. Имкониятҳои ёддошт дар офариниши образу характер аз жанрҳои дигари эпикӣ маҳдудтаранд. Нависандаи забардаст дар асоси тасвири ҳодисаю воқеаҳои ҷудогона ҷиҳатҳои муҳимтарини характерро офарида метавонад. Ба ибораи дигар, асарҳои таърихнигорон, ҷуғрофиёнависон, мақолаҳои иҷтимоӣ, сафарномаву саёҳатномаҳо, ёддоштҳо ва ғайраҳоро ба соҳаи наср дохил намуда, дар адабиёти илмӣ ин навъ офаридаҳоро таҳти ибораҳои насри таърихӣ, насри ёддоштӣ, насри ҷуғрофиёӣ, илмӣ, сафарӣ ва ҳоказо мешинохтанд. Муаллифонро дар якҷоягӣ “насрнавис” мегуфтанд. Муҳаммад Ҳайдари Жубал сари адабиёти муосири Афғонистон баҳс ороста, он ҷо истилоҳҳои “муаррих”, “адабиётшинос”, “мунаққид” ва ғайра унвонҳои ихтисосиро истифода наменамояд. Ӯ як зумра олимони афғонӣ: Кӯҳзод, Ғубор, Халилӣ ва амсоли ононро “насрнавис” муаррифӣ кардааст. Дар мавриди дигар, ба маънии “насрнавис” истилоҳи “достоннавис”-ро истифода менамоянд, ки манзур адиби “достоннавис” аст [3, с.34].

Дар «Наводир-ул-вақоеъ» бобҳо пайи ҳам омада, худи мутафаккир унвони ҳар як бобро дар оғоз нишон додааст. Зимнан унвонҳо бо истилоҳи «дар таҳқиқи…, дар сафорати…, дар ҳикояти…, дар одоби…, дар ташхиси…, дар таҳрири…» ва амсоли ин оғоз меёбанд. Номи бобҳо идомаи баҳси боби дигар буда, ҳамчунин оғози ҳикоят ё таҳқиқ будани онро баён месозад. Лозим ба ёдоварист, ки Худоӣ Шарифов дар «Назарияи наср» дар мавриди унвонгузорӣ чунин хулоса меорад: «Талаби мувофиқати унвон бо мазмун аз шароити қаблии нависандагӣ дар ҳамаи замонҳо будааст» [4, с.179] ва “баргузидатарин падидаи иродаи муаллиф унвони китоб аст... Номи китоб метавонад шартӣ, рамзӣ, воқеӣ, бошад ва дар ҳама ҳолат ирода ва хоҳиши муаллиф ҳузур хоҳад дошт”. [4, с.232]. Мутобиқ ба андешаи Расул Ҳодизода шабоҳати «Наводир-ул-вақоеъ» аз лиҳози мазмун чунин аст: «Дар назари аввал аз унвони асар ва мазмуни бобҳои ҷудогона чунин тасаввуроте ҳосил мешавад, ки гӯё «Наводир-ул-вақоеъ» аз пайвасти бобҳои гуногунмазмун ва бо ҳам номарбут иборат аст. Аз ин ҷост, ки ин асари Аҳмади Донишро аз рӯйи ҳамрадифии номи китоб ва гуногунии унвони бобҳо бо «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ шабеҳ донистаанд» [5, с.206].

Боиси зикр аст, ки бобҳои ҷудогонаи “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Донишро метавон чун сафарномаҳои худи Дониш ва ё ашхоси алоҳида номид. Бобҳои “Дар ҳикояти Абулқосимбӣ ва сафари Русия”, “Дар сафорати Абдулқодирбӣ ва аҷоиби ҷашни Русия”, “Дар ҳикояти гирдоби Искандар ва ғанои марди аҷамӣ” ва “Дар ҳикояти ҳоҷӣ ва манофеи сафар ва хислати занон” сафарномаи худи муаллиф ва ё ҳамсуҳбатонашро бо тафсил овардааст. Бобҳои “Дар ҳикояти Абулқосимбӣ ва сафари Русия” ва “Дар сафорати Абдулқодирбӣ ва аҷоиби ҷашни Русия” натоиҷи сафарҳои Аҳмади Донишро инъикос менамояд, ки андешаҳои маорифпарварии мутафаккир маҳз дар ҳамин асар инъикоси худро ёфтаанд. Дар фасли “Дар ҳикояти Абулқосимбӣ ва сафари Русия” мутафаккир барои ифодаи воқеият ва мақсади сафар ишора менамояд: “Навбате, ки ба масҳуби Сайид Абдулфаттоҳ-тӯра ва рафоқати Абулқосим-бӣ ба сафорати Рус иттифоқи вуруд афтод, расм аст, ки дар он ҷо элчиёнро барои изҳори ҷоҳу дастгоҳи давлати хеш ба маҷолису маҳофили бузург ва тамошохонаҳою имороти олия ва хазоину дафоин мегардонанд ва бад-он тафохуру мубоҳот мекунанд” [6, с.165].

Сафари Аҳмади Дониш ба Русия дар тафаккур ва зеҳни ӯ бетаъсир намондааст. Бархӯрди ду ҷаҳонбинӣ ва таҳқиқи таҳқурсии онҳо дар мафкураи нависанда инқилоби маънавиро эҷод менамояд. Аҳмади Дониш мафтуну дилбохтаи зебоӣ ва хушнудии зоҳирии ҷамъияти Русия, латофату назокати занони ин кишвар гардида, номақбулии базму тараб ва маҷлису маъракаҳои онҳоро мисол оварда ба хулосае меояд, ки ин ҳама ба зиндагии воқеии заҳматкашон ҳеҷ иртиботе надорад. Дар «Ҳикояти Абдулқодирбек бӣ ва сафари Русия» ва «Ҳикояти Абдулқодирбек ва баёни аҷоиботи базм ва ҷашни Русия» нависанда аз дидани «… маҳрӯёни садафтинату сарвқадони офтобталъат» бесатр дар ҳайрат меафтад ва бо муболиға чунин тасвир мекунад: «Бад-он зебу зинат чун бархезанд, ақл аз кохи димоғ ба парвоз ояд ва чун бишинанд, ҷон дар ҳуҷраи дил хомӯш гардад» [6, с.168]. Муҳити ба чашм комилан нави ҷамъияти Русия ба тазоде дар тахайюли Аҳмади Дониш замина гузошта, аз худ мепурсад: «Ин чӣ ҷосту куҷост?» [6, с.166].

Дар натиҷаи мушоҳидакориҳо ва ҷустуҷӯи саҳеҳ ба суоли хеш похус ёфта, маҳфилҳои пуробуранги қишри олимартабаи русро инчунин шарҳ медиҳад: «Вазъи ин маҳфил барои он аст, ки чун дар он вилоят сатру ҳиҷоб нест, мардону занони акобир ва дӯшизагон ва ҷавонони аъзозим ба ҳамдигар волову дилдода шаванд ва маъшуқ ба хона бурдан, бинобар монеи таоззур дорад, чунки дар шариати эшон мард зиёда аз як зан ба никоҳ натавонад овард ва зан то шавҳар намирад, шавҳари дигар натавонад кард» [6, с.170].

Мутафаккир вазъияти худро дар маҳфил ингуна тасвир менамояд: “Дар он асно дасте булӯрӣ ба синаи мо меомад барои дурбош, ки ҳала, эй ифритиёни одамисурат ва эй одамиёни ҳайвонсират, дониста пой ниҳед, ки домани нози мо ба ранги чатри товус бар замин кашон аст. Ва мо ҳар яке ба шакли товуси маст хиромон, то домани моро ба пойи ноҳанҷори худ магазед ва ба қудуми шуми худ маёлоед!» [6, с.167].

Сипас, Аҳмади Дониш ба тасвири маҳофили ашрофони Русия мепардозад ва тавсиф аз он чи дидааст, менамояд. Яъне, ҳадаф аз маҳфилороии ҷамъияти олимартабаи Русия ишқварзӣ ва бодапарастӣ мебошад, ки оқибат ба бадахлоқӣ меанҷомад. Аз ин хотир, Дониш фарҷоми беадабӣ ва бадахлоқии ашрофзодагони русро дар костагии аҳкоми онҳо дидааст. Аҳмади Дониш чун сафири Бухоро бо шарикии Абдулқодирбеки Додхоҳ дар базми арӯсии духтари шоҳ Александри II даъват шуда, бо машварати тарҷимон Козимбек мадҳияе ба ин муносибат навиштааст. Русия чун оғози олами навине дар умқи тафаккури Аҳмади Дониш муҷиби пайдоиши андешаҳои маорифпарварии вай гашт. Барои нависанда ҳама урфу одати либоспӯшӣ, сарфи ғизо, сайру гашт, мулоқот…аҷиб менамуданд, вале ӯ мафтуни зебоии зоҳирии тамаддуни Ғарб нагашта, дар «Наводир-ул-вақоеъ» меорад: «… чун назари ман бештар ба ибрат буд, ҳузну яъс, ки дар акобиру

асоғири он диёр мулоҳиза намудам, таабу машаққати исломиён ҳама ночиз менамуд» [6, с.187].

Аз нигоҳи Дониш ҳамаи ин хушҳолиҳо маснӯӣ буда, ҷуз ниқоб чизе нест. Аҳмади Дониш пешрафти сиёсӣ, иқтисодию фарҳангии мулки Русияро муаррифӣ намуда, онро ба муҳити аморати Бухоро қиёс мекунад ва ғаму андуҳи ҷамъиятро дар рашку ҳасудӣ ва бахшиши акобиру асоғири Русия мебинад: «Аз камоли таассубу такаллуф доим ба ҳама ранг ва зебу зинат ранги зану марди эшон зарду кабуд метофт, чунки бисёр ғам мехӯранд, аз ҳолату ғайрати ҳамдигар, (ва) ҳамчунин дар базмхонаҳо мудом дар рафтору кирдор ва гуфтори ҳамдигар нозир буданд ва дар садади қадҳу айби ҳамдигар. Ва ин нохушӣ ба ҳама сағиру кабир ва фақиру амири эшон омм буд» [6, с.191].

Ҳамчунин вобаста ба санадҳое, ки дар «Наводир-ул-вақоеъ» омадааст, аз имкон дур нест, ки Дониш аз рӯзномаҳои кишварҳои Шарқи пешрафта огоҳӣ доштааст. Масалан, «Дар ҳикояти гирдоби Искандар ва ғанои марди аҷамӣ» миқдори мардуми минтақаҳои гуногуни дунёро номбар мекунад.

Мутафаккир дар ҳамин боб бо шаҳодати марди эроние марказҳои фарҳангӣ ва шаҳрҳои бузурги дунёро чунин шарҳ медиҳад: «Фарангиён гӯянд: Дар арсаи олам се шаҳр аст: аввалаш Ландан, дувум Порис, сеюм Фетербурх. Дигари билод ҳукми қария ва қишлоқ дорад ва вулоти онҳо ҳукми арбоб ва раис.» [6, с.193]. Аз ин маълум мегардад, ки Дониш дар мавриди кишварҳои пешрафтаи Аврупо маълумоти зиёде доштааст. Номи мамолики Шарқ мисли Туркистон, Ҳиндустон, Эрон, Арабистон дар бисёр маврид аз ҷониби мутафаккир оварда шудааст. Ба ҷуз ин Амрико дар шакли Амриқо ва Янги Дунё ифода ёфтааст. Дониш фазои бадеиро вобаста ба ҷаҳонбинии васеи сиёсӣ ва иттилооти ғанӣ инъикос менамояд. Мусофирати Русия ва тасвири муҳити он дар якчанд ҳикояти «Наводир-ул-вақоеъ» барои маърифат намудани ин кишвар ба ҳамзамонони нависанда кумак менамояд. Дар тасвир муаллиф кӯшиш намудааст, ки тамоми ҷузъиёти хурдтарини муҳити бегонаро нишон диҳад. Агар зоҳиран тасвир намудани маҳофил ва базми арӯсии духтари подшоҳи Русия барои ошно намудани ҳамзамонон ба оину анъанаҳои мардуми ғайримусалмон, бахусус ҷамъияти олии рус бошад, пас пешрафти иқтисодӣ ва сукути маънавии муҳити онро барҷаста нишон медиҳад. Муаллиф фазои бадеиро дар бобҳои алоҳида дар тафаккур ва такомули мушоҳидаҳои худ ҷолиб ва воқеӣ ба қалам медиҳад. Масалан, «Дар ҳикояти ҳоҷӣ ва манофеи сафар ва хислати занон» тасвири фазои бадеӣ лаҳзаҳои гуногунро дар бар мегирад. Дониш дар ҳикояти мазкур сафари “ҳоҷии узбакро» инъикос намуда, баробари он ҷаҳонбинии танги ӯро ифода менамояд. Сафари мусофир аз бозгашти ҳаҷ оғоз меёбад, ки идомаи он дар Ҳиндустон, Пешовар, Кобул, Миср, биёбонҳои Қазоқистон, Тошканду Бухоро сурат мепазирад. Дониш кӯшиш намудааст, ки фазои маънавии ин кишварҳоро тасвир намояд. Нависанда лаҳза ба лаҳза аз як муҳит ба муҳити дигар гузашта, аснод дар мавриди таназзули ин кишварҳо меорад. Дар ин ҳикоят найранги фарангӣ, ҷаҳолати аморати Бухоро, фасодии занони Миср, харобии маънавии бодиянишинони қазоқ ва амсоли инҳо бо далелу бурҳони қотеъ собит гардидааст. “Дар ҳикояти гирдоби Искандар ва ғанои марди аҷамӣ” саргузашти марди эрониеро ҳамсуҳбаташ пас аз бозгашт аз ҳаҷ тавассути Ҳиндустон нақл менамояд ва меорад, ки “Маро саргузаштест дароз, (ва воқеаест) бас ҷонгудоз, ки шояд касеро тоқати шунидан набошад ё баъд аз истимоъ бовар надорад» [6, с.192]. Марди эронӣ аз он ҳикоят менамояд, ки «Ман дар бадви ҳол аз Хуросон барои тиҷорат ва таҳсили мол ва таламмузи забони фаранг ва немиса ба Порис рафтам ва дар он ҷо як-ду сол иқомат варзида, (баъд аз фироғ аз такопӯи раста ва бозор соате ба дабиристон рафта) ба истилоҳи забони фаранг ва тариқи савдо ва муомалот вуқуфи куллӣ ҳосил кардам, ки тиҷорат дар Фарангистон мухолатат ба он қавм бе забондонӣ муҷиби зиёну зарар ва офат аст” [6, с.192-193]. Дар ҳикояти мазкур муаллиф фазо ва вақтро дар як ченаки замонӣ берун аз замони тираю тори Бухорои ақибмонда тасвир менамояд ва меорад: “Мардумаш аз тамоми мардуми Янги-Дунё ва Фетербурх зиёда аст. Ва гӯянд саканаи ин шаҳр ба ҳасби ҷамъият ва ашхос аз тамоми мардуми Рум ба ду мартаба бештар аст вааз Порис ду сулс ҷамъияташ зиёдатӣ дорад ва аз тамоми мардуми Хито ба як рубъ бешӣ дорад ва ба се баробар зиёдат аз тамоми мамлакати Юнон аст. Ва Ланданро ба шаҳр хондан сазовор нест, балки ӯро мамлакат ва иёлат гӯянд, равост” [6, с.194].

Аз рӯйи нақли ноқили эронӣ ба хотири тиҷорат ба Ҳинд тавассути киштиҳои оташӣ ва бодӣ рафтаанд. Ва ба қавли ноқил “ ба сайри васат ва нузул дар савоҳил ба арзи ҳаждаҳ моҳ ба итмом мерасад” [6, с. 233].

Ровӣ вазъияти сафарашро ба суйи Ҳиндустон ҳангоми киштӣ тасвир менамояд: “Ва мо дар баҳр даромада, гоҳо даҳ рӯз ва гоҳо понздаҳ рӯз ва гоҳ як моҳ дар баҳр мерондем ва башаҳрҳо, ки дар савоҳили Муҳит аз тавобеоти Фаранг ва Ҳинд бошад, фуруд омада тамошо карда ва байъу широ намудава ду-се рӯзе иқомат ихтиёр карда боз дар баҳр менишастем. То рӯзе дар даруни Муҳит будем ва боди мурод вазида” [6, с.194].

Дарвоқеъ, Муҳаммад Ғаззолӣ дар “Кимиёи саодат” дар баррасии ваҷҳи сафар муҳиммияти онро аз масъалаҳои суннатии мусалмонон медонад ва тазаккур медиҳад, ки “он ки сафар кунад, то хештанро ва ахлоқи хештанро бишиносад, то ба илоҷи сифоте, ки дар вай мазмум бувад, машғул шавад. Ва ин низ муҳим аст, ки мардум, то дар хонаи хеш бувад ва корҳо ба муроди вай меравад, ба хештан гумони неку барад ва пиндорад, ки некуахлоқ аст. Ва дар сафар пардаи он ахлоқи ботин бархезад ва аҳволе пеш ояд, ки заъфу бадхӯӣ ва оҷизии хеш бишиносад; ва чун иллат бозёбад, ба илоҷ машғул тавонад шуд. Ва ҳар кӣ сафар накарда бошад, дар корҳо мардона набошад” [7, с.341].

«Дар ҳикояти Ҳоҷӣ ва манофеи сафар ва хислати занон» Дониш қиссаи Яҳёхоҷаро меорад, ки бо роҳҳои тӯлонӣ ба сафари ҳаҷ рафта, дар он ҷо пас аз бозгашт ба воқеаҳои ғароиб дучор мегардад. Махсусан, ровӣ дар бораи мушкилоти надонистани забонҳои хориҷӣва дар муошират азоб кашиданаш зикр менамояд, ки Аҳмади Дониш бо ровӣ мувофиқ буданашро тазаккур дода, барои исботи фикр қисса аз рӯзгори худ ҳангоми дар Петербург сафар намуданаш менамояд:“Ва ман худ боре дар пойтахти импротури рус будам дар Фетербурх. Шаб аз хоб, бинобар тараддуди мардум дар кӯча, бархостам, дидам, руфақо ҳама рафтаанд. Сабаб пурсидам. – Гуфтанд: «Маҳаллае оташ гирифта, ба тамошо баромаданд». Ман ҳам хоболуд бе он ки тааммуқе ва тадаббуре фармоям, ба кӯча баромадам. Дидам, ароба ва ходими он тайёр аст. Ва ба ишора ва забон маълум кардам, ки «ман ҳам ба тамошо меравам» Алалфавр маро ба ароба нишонида, дар он маҳалла расонид. Фуруд омадам, боз ба имову ишора (ва лафзҳои ғалати бемаънӣ) гуфтам, ки «ин ҷо бош ва маро ба манзил хоҳӣ бурд. Қабул намуд” [6, с.137].

Дар ин ҳикоя ҳолати равонии Аҳмади Дониш бо тасвири мушкилоти ба сараш омада инъикос гардидааст: «Вақти омадан ба воситаи маҳтоб ва софии ҳаво уфуқ ва ҷиҳот ва ситорагонро нишон гирифта будам. Дар муроҷаат ба воситаи тарокуми барф ва талотуми ҳаво ҳеҷ самт мушаххас намешуд. Аммо роҳи омадагӣ шарқӣ буд, пас ҷанубӣ. Ин бачаи ходим маро рост ба тарафи шимол бурд ва имову ишорати маро фаҳм намекард. Ва ҳар ҷо асб нигоҳ дошта, бо ман сухане мегуфт, ки «ман туро то куҷо мебарам» ба лафзи русӣ. Ва ман чизе мегуфтам ба фурсӣ ӯро. Маро дашноме медод ва ман ӯро нафрине мегуфтам” [6, с.138].

Аз тасвири вазъияти муаллиф маълум карда мешавад, ки ҳиссиёти кунҷковонаи Дониш ӯро ба тамошои сӯхтор бурдааст. Аҳмади Дониш дар як муддат роҳи бозгашташро аз рӯйи мавқеи ситораҳо таъйин менамояд, ки дар ҳолати дигар бинобар сардии роҳ имкони бозгашт барояш мушкил мегардад. Дониш бо овардани ҳолати худ таъкид бар он мекунад, ки омӯзиши забонҳои бегона барои элчиён, мусофирон ва дигарон муҳим мебошад. Сафари ҳоҷӣ фосила ва масоҳати зиёдеро дар бар мегирад. Ин муддат дарки мушкилоти фаровони иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо баёни аҳволи мардум ва баҳси аҷнабӣ андешаҳои Донишро комилтар гардониданд.

Воқеияти дигар дар ин аст, ки дар ин асар бо дарназардошти таҳлили вазъи сиёсии кишвари Русия ва тадқиқи авзои иҷтимоии ин мардум хулосаи Донишро ба анҷом овардааст. Ин хулоса бо таҳлили рӯҳияи ин мардум ба охир мерасад. Услуб ва тарзи тасвири ҳикояҳои марбут ба сафари Русия хеле осон буда, нависанда кӯшиш намудааст, ки дар шакли ахбор санад орад ва тахайюлро дур созад. Шояд ин ба хотири ба ақшори гуногуни ҷомеа мафҳум гардидани шарҳи сафари Русия бошад. Мулоҳизаҳои нависанда дар мавриди сафари Русия, пеш аз ҳама, дар робита бо қиёс аз вазъи нобаҳангоми тамоми муслимин анҷом пазируфтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Солеҳов Ш. Роман дар адабиёти тоҷикии қарни XX / Ш.Солеҳов. - Душанбе: Ирфон, **2011. -** 335 с.
2. Аълохон Афсаҳзод. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ-адиб ва муттафаккири номӣ. - Душанбе: Адиб, 2014. - 463 с.
3. Асозода Х. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он. - Душанбе: Маориф, 1991. - 128 с.
4. Шарипов Х.Назарияи наср / Х.Шарипов. – Душанбе: 2004. - 320 с.
5. Ҳодизода Р. Аҳмади Дониш. - Душанбе: Ирфон, 1976.
6. Дониш, Аҳмад. Наводирулвақоеъ. Китоби 1. – Душанбе: Дониш, 1988. - 288 с.
7. Муҳаммади Ғаззолӣ. Кимиёи саодат (Ҷилдҳои I ва II). - Теҳрон,1999. - 828 с

САФАРНОМАҲОИ “НАВОДИРУЛВАҚОЕЪ”-И АҲМАДИ ДОНИШ

Сафарномаҳое, ки дар охири асри XIX дар адабиёти тоҷик таълиф гардидаанд, воқеияти аҳволи табақоти мухталифи, иҷтимоӣ, вазъи сиёсӣ ва дигар масъалаҳои умдатарини ҷомеъаро муфассал ифода намудааст. Аз зумраи ин сафарномаҳо «Савоне-ул-масолик»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, “Рӯзномаи сафари Искандарқӯл” ва “Рӯзномаи виставкаи Маскоб”-и Абдурраҳмони Мустаҷир буда, баъзе бобҳои “Наводир-ул-вақоеъ” низ дар мавриди сафари Аҳмади Дониш ва ё ҳамсуҳбатонаш нақл менамояд. Муҳокима ва ёддоштҳо дар бораи сафари Русия ва ҳикояти ҳамзамонон дар бораи саёҳати Аврупо, Миср, Эрон ва Афғонистон дар “Наводир-ул-вақоеъ” хеле олӣ тасвир гардидааст. Аз рӯйи нақли сайёҳон ва мушоҳидаҳои онҳо аз кишварҳои мухталифи фарангӣ, таҳлил ва баррасии фарҳанги мардуми рус ба андешаҳои Аҳмади Дониш як таҳавуллоти азимеро ба амал овард. Асари муҳташами асосгузори равияи маорифпарварӣ ва ислоҳотхоҳӣ Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ», ки бо тасвири воқеии замон ва макон ба насри

мустанади адабиёти тоҷик замина гузошта, сабк ва услуби он то ба имрӯз ба таври амиқ таҳқиқ нагардидааст. Аҳмади Дониш ба ҳайси як маорифпарвари охири асри XIX пазируфта шудааст. Дар мақолаи мазкур муаллиф дар мавриди ҳаёти мардуми гуногуни дунё маълумот додааст.

Калидвожаҳо: асарҳои воқеӣ, адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, фазо, ҳаёт, тасвир, сафарнома, натиҷа, мушоҳида, хулоса, насри классикӣ, нақши мусанниф, муаллиф қаҳрамон, жанр, масъала, равшангарӣ, адабиёти ҷадида, адабиёти маорифпарварӣ, ёддошт, таърихнигорон, ҷуғрофиёнависон, мақолаҳои иҷтимоӣ, сафарномаву саёҳатномаҳо, ёддоштҳо.

ПУТЕВЫЕ ЗАМЕТКИ В “НАВОДИРУЛВАКОЕЪ” АХМАДА ДОНИША

Путевые заметки, которые были написаны в конце Х1Х столетия в таджикской литературе, описывают реальную жизнь разных социальных слоев, политическую ситуацию и другие проблем общества. В том числе, «Савонехулмасолик» Рањматуллох Возеха, “Рузномаи сафари Искандаркул” и “Рузномаи виставкаи Маскоб” Абдурахмона Мустаджира, а также размышления и воспоминания Ахмада Дониша и рассказы современников о путешествии. Размышления и воспоминания о путешествии по России и рассказы современников о путешествии в Европу, Египет, Иран и Афганистан описывается в «Наводирулвакоеъ» Ахмада Дониша. По рассказам путешественников, также в соответствии с увиденным в разных странах мира, внимательное отношение к положению в европейских странах, способствовавшие осмыслению своеобразия русской культуры, служили резким толчком к положительным суждениям и выводам Дониша.Крупнейшее произведение основоположника таджикского просветительства и реформизма Ахмада Дониша «Наводирулвакоеъ» («Редкостные события»), которым было положено начало таджикской документальной прозе в современном ее понимании, его поэтические особенности, отражение в нем художественного времени и пространства до настоящего времени не были объектом изучения. Он был одним из первых деятелей культуры Средней Азии, который сумел трезво оценить достижения других народов. В данной статье автор подчёркивает практическое значение путевых заметок в «Наводирулвакоеъ» Ахмада Дониша.

Ключевые слова: реальное произведение, персидско-таджикская литература, пространство, жизнь, изображение, путевые заметки, итоги, заключение, классическая проза, роль автора, герой, жанр, проблема, просветительская литература, воспоминание, историковедение, географияведение.

TRAVEL NOTES IN “NOVODIRULVAKOE” AHMAD DONISH

Travel notes, which were written in the late XIX century in Tajik literature, describe the reality of life of different social strata, the political situation and other problems of society. Including "Savonehulmasolik" of Ramatullah Vozeh, "Ruznomai safari Iskandarkul" and " Ruznomai vistavkai Mascob" of Abduraman Mostajir, and some chapters "Novodirulvakoe" of Ahmad Donish while traveling or from the story of the interlocutors. Thoughts and memories of the journey to Russia and the stories of contemporaries about travel in Europe, Egypt, Iran, and Afghanistan is described in "Novodirulvakoe" of Ahmad Donish. According to the stories of travelers, also in accordance with what they saw in different countries of the world, an attentive attitude to the situation in European countries, which contributed to the understanding of the uniqueness of Russian culture, served as a sharp impetus to the positive judgments and conclusions of Donish. The largest piece of the founder of the Tajik enlightenment and reformism Ahmad Donish "Novodirulvakoe" ("Rare events"), which was the beginning of the Tajik documentary prose in the modern sense of the word, its poetic features, reflected in this art of time and space has so far not been the object of study. Heroes of "Novodirulvakoe" are contemporaries Donish. He was one of the first cultural figures of Central Asia, who was able to soberly assess the achievements of other peoples. In this article the author emphasizes the practical importance of travel writing in "Novodirulvakoe" of Ahmad Donish.

Key words: real work, Persian-Tajik literature, space, life, image, travel notes, results, conclusion, classical prose, the role of the author, hero, genre, problem, educational literature, memory, historiography geogrophyology.

Сведения об авторе: ***Олимова Хосият Хакимовна*** - Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзода, кандидат илологических наук, доцент, докторант. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: **hosiyat.olimova@mail.ru.** Тел.: **(+992) 917-16-07-91**

Information about the author: ***Olimova Khosiyat Khakimovna*** - Tajik State Institute of Languages named after S.S. Ulugzoda, Candidate of Illological Sciences, Associate Professor, Doctoral Candidate. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Mukhammadiev 17/6. E-mail: hosiyat.olimova@mail.ru. Tel.: **(+992) 917-16-07-91**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

УДК: 82.3(2тоҷик)+07+002+008+05

ВОҚЕИЯТИ ЗАМОН ВА МАЪРИФАТИ ПУБЛИТСИСТИИ ОН

(дар мисоли маводи маҷаллаи «Садои Шарқ»)

Муродов М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҳар давру замон барои аҳли эҷод манбаи илҳом рӯйдодҳои фараҳбахши зиндагӣ ва предмети инъикосу тасвир воқеияти иҷтимоии рӯзаст, зеро аҳли қаламҳамеша ғояи пешқадам ва созандаро дастгирӣ намуда, тавассути нигоштаҳои худ, ки ифодагари рӯҳияи давру замони муайянанд, онро тарғиб ва талқин месозанд. Ин ҳадаф дар навъҳои гуногуни эҷодсурат мегирад, ки маъмултарини он осори бадеӣ ва публитсистӣ мебошад. Ҳарчанд ин типҳои эҷод вижагиҳои хос доранд ва соҳаҳои мустақиланд, аммо то дараҷае мақсади ягонаро соҳибанд, ки он тарбияи инсон аст. Агар адабиёти бадеӣ ин рисолатро дар такя ба тахайюл ва воситаҳои тасвири каломи бадеъ иҷро кунад, дар публитсистика бештар фикри пешқадам ва созанда барои расидан ба ҳадаф ба кор бурда мешавад. Дар баробари ин, адабиёти бадеӣ бе фикр ва публитсистика бе образу воситаҳои тасвир буда наметавонанд. Ин аст, ки дар замони муосир баъзан миёни ин типи осор наметавон фарқ гузошт. Чунки истиқбол аз тақозои замон, ҳамовозӣ бо корҳои созандагӣ, саҳмгузорӣ дар бунёдкориҳо вамавқеъгирӣ дар фазои иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа барои ағлаби адибону публитсистон мақсади меҳварӣ гардидааст. Аз тарафи дигар, раванди бунёдкориву созандагиҳои кишвар, ки воқеан дар таърихи давлатдории мо беназир аст, таваҷҷуҳи аҳли қаламро ба худ ҷалб накарда наметавонад.

Ба ин мазмун, ағлаби асарҳои бадеии мансуру манзуми «Садои Шарқ», ҳамчунин асарҳои чопии алоҳидаро метавон ифодагари рӯҳияи замон ва мунъакискунандаи воқеиятҳои тақдирсози Тоҷикистони муосир номид. Ин шеваи нигориши публитсистӣ аст, зеро дар он «садои зиндаи давру замон» [1, с.120] баландтар аст. Албатта,маърифати воқеиёти замон, усул ва дараҷаи инъикосу тасвири он дар ин гуна осор яксон нест. Дар осори публитсистӣ воқеияти асл дар ҷойи аввал ва дар асарҳои бадеӣ иҷтимоигароӣ дар ҷойи дуюм қарор мегирад.

Манзур аз ин фабула, нишон додани умумият ва фарқи адабиёти бадеӣ ва публитсистика ва ё бартарӣ гузоштан ба яке аз онҳо набуда, балки ишора ба он аст, ки нашрияи миллии адабии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон «Садаи Шарқ» дар самти тарғиби осори бадеиву публитсистӣ ва ҳамчунин илмиву фарҳангӣ дар баробари идомаи анъанаҳо иқдоми тозаро ихтиёр кардааст. Рангорангиимавзӯот ва шаклҳои инъикосу тасвири воқеияти замон, ки зери рубрикаҳои гуногуни нашрия рӯйи чоп меоянд, аз ин далолат мекунанд.

Яке аз чунин рубрикаҳо «Иҷтимоиёт» аст, ки қаблан «Очерк ва публитсистика» ном дошт. «Ба «Иҷтимоиёт» табдили ном кардани ин рубрика мантиқанва мазмунан дуруст аст, зеро очерк, ки худ жанри публитсистика мебошад, чи тавр метавон онро аз публитсистика ҷудо намуд.Аз тарафи дигар, «иҷтимоиёт» мазмуни васеъ дошта, матолиби ин рубрикаро пурра фаро гирифта метавонад.

Дар соли 2018 нашрияи «Садои Шарқ» зери ин рубрика 14 мавод интишор намудааст, ки ду мақола ба қалами Холназар Муҳаббатов ва нигоштаҳои дигар ба муаллифони касбу кори гуногун мансубанд. Матолиби ин рубрика аз нигоҳи мавзӯъ ва шакли баён рангоранганд.Аз ин теъдодду мақола ба об ва масъалаҳои марбути он, се нигошта ба сохтмони Роғун ва мақолаҳои дигар ба масъалаҳои гуногун бахшида шудаанд. Дар маҷмӯъ ағлаби матолиби ин рубрика ифодагари муҳимтарин масъалаҳои замони муосир мебошанд, ки ҳаллу фасли оқилонаи онҳо на танҳо ба суди Тоҷикистон, балки моҳияти байналмилалӣ доранд. Зеро дар онҳо «кӯшиши босамари паҳн намудани манфиатҳои миллӣ, майлнокӣ ба ҳалли масъалаҳои минтақа, мамалакат ва ҷаҳон, ба манфиати ҳамаи шаҳрвандон ва кулли инсоният»[3, с.342], мавқеи меҳварӣ дорад. Бавижа, мақолаҳои Холназар Муҳаббатов «Роҳи бузурги абрешим» (№1, С. 97-112), Ҳусейн Аброров «Об ва муаммоҳои он» (№2, С. 63-70), Даврони Шариф «Тағйири иқлими сайёра» (№4, С. 129-134) ва Ҳасан Асоев «Об ва кишоварзӣ» (№10, С.100-104) аз ин хусусият бештар бархӯрдоранд.

Мавзӯи мақолаи Х. Муҳаббатов «Роҳи бузурги абрешим»басо пураҳамият буда, дар «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» интишор шудани он тақозои набзи замон аст. Аз тарафи дигар, ба ҳам омадани тамаддунҳо, вусъат пайдо кардани ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва фарҳангӣ, фароҳам омадани шароиту имконот барои рушди сайёҳӣ аҳамият ва зарурати чопи ин мақоларо дучанд мегардонад.

Мақсади меҳварии мақола нишон додани зарурати эҳёи Роҳи Бузурги Абрешим аст. Барои нишон додани мақсад ва бовар кунонидани хонанда, муаллиф доманаи баҳси масъаларо васеътаргирифта, кӯшиш намудааст, киаз як тараф, хонандаро ба сайри таърихии ин шоҳроҳи бузург барад, ӯро ба замина ва омилҳои пайдоиши Роҳи Бузурги Абрешим ошно созад, аз сӯйи дигар, нақши ин роҳро дар пешбурди корҳои савдову тиҷорат, муошрату муомилот ва дар ба вуҷуд овардани шароиту имконот барои ба ҳам наздик шудани тамаддунҳои Аврупову Осиё нишон диҳад. Ин роҳ дар асрҳои II-III -и пеш аз милод ибтидо гирифта, дар сохтан ва бехатар гардонидани он империяҳои бузурги давру замони гуногун, бавижа чиниҳову суғдиён саҳми арзанда гузоштаанд. Бо шарофати онҳоинтиқол ва табодули молу коло зиёд гардида, равобит байни халқҳои гуногун аз ҷумла, Осиёи Миёна бо кишварҳои Шарқу Ғарб густариш ёфт. Ин ҳамкориҳо дар ибтидо бо тиҷорати молу коло шурӯъ гардида, тадриҷан ба наздик кардани фарҳангҳо, табодули анъана, расму ойин ва ҳунарҳои суннатии ҳамдигар, муҳоҷирати этникӣ, ташаккули дараҷаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давлатҳои мухталиф таъсири мусбат расонидааст. Ба таъбири муаллиф- «Солҳо ва асрҳои тӯлонӣ ба воситаи ин роҳ мардум ба фикру ақида, ҳунармандӣ, технология ва андешаҳои ҳамдигар ошно мешуданд».

Мақола хусусияти илмиву оммавӣ дорад. Онро метавон як рисолаи хурди илмӣ номид, ки паҳлуҳои гуногуни як масъаларо бо назардошти манфиатҳои кишвариву байналмилалӣ фаро гирифтааст. Муаллиф дар заминаи маълумоти зиёди сарчашмавию илмӣ ва бардоштҳои бевоситаи худ аз ҳамоишу чорабиниҳои марбут ба ин масъала, ки аз ҷониби созмонҳои бузурги байналмилалӣ баргузор гардидааст, масъаларо бо назардошти омилҳои таърихӣ, иҷтимоиву сиёсӣ ва тиҷориву фарҳангӣ бо услуб ва забони содаву равон баррасӣ намудааст, ки дар шароити раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва ба ҳам омадани тамаддунҳо аз аҳамият холӣ нест. Маълумотҳои фаровон, тафсилҳоибодалел, баррасиҳои асосноки вазъу ҳолати Роҳи Бузурги Абрешим дар давраҳои гуногун, ки аз ҷониби муаллиф хеле доманадор ва пурвусъат сурат гирифтааст, на танҳо аз аҳамияти гузаштаи ин шоҳроҳ дарак медиҳад, балки зарурати эҳёи онро бозгӯ месозад. Ин роҳ барои Тоҷикистон имкониятҳои зиёдеро фароҳам хоҳад овард.

Мақолаи Ҳ. Аброров «Об ва муаммоҳои он» (№2) аз нигоҳи дараҷаи аҳамиятимавзӯъ, таркиби матн ва ҳатто ҳаҷм ба мақолаи боло наздикӣ дорад. Ин ҷо низ предмети баҳсмасъалаи глобалӣ аст, ки ҳаллу фасли он аз имконоти як кишвар берун буда, дастгирии бисёрҷонибаро тақозо мекунад. Ин масъалаи об аст, ки дар замони имрӯз диққати ҷаҳониёнро ба худ кашида бошад ҳам, аммо Тоҷикистон бо иқдомҳои байналмилалии худ дар ҷойи аввал қарор дорад, балки дар ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба об пешгом аст. Бо иқдом ва ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдат – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2003 – «Соли байналмилалии оби тоза», солҳои 2005-2015 Даҳсолаи амал «Об барои ҳаёт», соли 2013 соли ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи об, солҳои 2018-2028 даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон гардид.

Ба ин манзур мақолаи мавриди баррасӣ ба мавзӯи муҳим ва замонавие бахшида шудааст, ки аҳли башарро ба ташвиш овардааст. Заҳмати муаллиф ва иқдоми нашрия боиси қабул ва дастгирист. Дар мақола тафсилоти хосияти об ва баррасии масъалаҳои он нисбатан васеъ ва доманадор сурат гирифта бошад ҳам, ҳадафи асосии муаллиф саҳм гузоштан дар баланд бардоштани маърифат ва фарҳанги аҳолӣ бобати истифодаи об ва захираҳои обӣ мебошад. Нигоранда барои асоснок намудани зарурати баррасии ин масъала, дар аввал хосият ва фазилатҳои обро аз нигоҳи кимиёвӣ маънидод намуда, ҷанбаъҳои ҷуғрофии онро шарҳ дода, сипас бо зикри факту арқом ба шарҳу таҳлили муфассали аҳамияти об дар ҳаёти инсон, муносибати мардум ба он, сабабҳои камшавии оби ширин, ифлосшавии обҳои ҷорӣ ва хавфи кам шудани обҳои ошомиданӣ пардохта, ба ин васила понорамаи васеи иттилооту маълумотро доир ба об, хосият ва қазияҳои он манзури хонанда мегардонад.

Таҳлилу баррасиҳои пур аз факту далел ва андешаҳои доманадори муаллиф бори дигар собит месозад, ки ташаббусҳои Тоҷикистон доир ба даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» саривақтӣ буда, барҳӯрдор аз аҳамияти ҷаҳонӣ аст. Об дар баробари асоси ҳаёт будан ба сари инсонҳо мушкилоти зиёдеро низ пеш меорад. Сар задани ин мушкилот ба ду омил вобаста аст. Агар омили аввал тағйирёбии иқлим ва ҳодисаҳои табиӣ бошад, омили дигар муносибатинодурусти мардум ба ин неъмати бебаҳо аст. Маҳз муносибати нодурустукаммаърифатона ва бепарвоии мардум боиси сар задани мушкилоти об мешавад. Аз ин рӯ, муаллиф дар фарҷоми мақолааш ҳушдор месозад, ки: «обро бояд оқилонаю сарфакорона истифода намуд, аз ифлосшавӣ ҳифз кард, муаммоҳои онро ҳал намуд, вагарна инсон ба решаи худ теша мезанад».

Мавзӯи мақолаи Д. Шариф «Тағйири иқлими сайёра» (№4, С.129-134) ҳарчанд глобалӣ буда, ба омилҳои гуногун иртибот мегирад, аммо як ҷанбаи асосии онро об ташкил медиҳад. Яъне дар тағйирёбии иқлим таъсири об низ кам нест ва аксари офатҳое,

ки бо тағйирёбии иқлими сайёра ба вуҷуд меоянд ба обу ҳаво иртибот доранд. Ҳарчанд дар иномилҳо инсон ҳам даст дорад. Ин мақола бештар хусусияти илмӣ дорад ва аз нигоҳи мундариҷа ҷолиб ҳам ҳаст. Дар он аз ҳодисаҳое ёдрас мешавад, ки бори аввал рух додаанд ва касе собиқаи онҳоро дар ёд надорад. Ин ҳодисаҳобаланд шудани ҳарорати гармӣ, сардии бемаврид, боришоти зиёди нобаҳангом, вазидани тӯфон, обхезӣ ва амсоли инҳо мебошанд, ки бо таъсири дигаргуншавии иқлим рух додаанд. Муаллиф дар заминаи пажӯҳишҳои соҳаи ҷуғрофияшиносӣ ҳолатҳои таъсиррасон дар тағйирёбии глобалии иқлимро бо овардани мисолҳо ва факту далелҳо баррасӣ намуда, ба хулосае мерасад, ки «дар атрофи ин масъала байни олимону мутахассисон ихтилофу нофаҳмиҳои зиёд вуҷуд дорад». Аммо олимони тоҷик метавонанд дар кам кардани сар задани ин ҳолатҳо таъсир гузоранд. Дар ин бобат муаллиф назари худро иброз намуда, баъзе пешниҳодҳо менамояд, ки тақозои замон буда, ба назар гирифтанашон аз манфиат холӣ нест.

Дар мақолаи Ҳ. Асоев «Об ва кишоварзӣ» (№10,С.100-104) масъалаи об ба соҳаи кишоварзӣ иртибот дорад. Тавре муаллиф менависад: «муаммоҳои об дар соҳаи кишоварзӣ яке аз масъалаҳои глобалӣ буда, ҳоло ҳар як давлат новобаста ба мавқеи географии хеш, кӯшиш менамояд, ки дар алоқа ба дастовардҳои илмӣ муаммоҳои сарбастаи онро бартараф созад». Дар ин зимн муаллиф хостааст сари он «далелу андешаҳое баҳс орад, ки зарурати коркарди захираҳои обу замини кишварамонро аз нигоҳи экологӣ низ таъмин карда тавонад».

Масъалаи мазкур дар такя ба фактҳои омории илмииаз пажӯҳишҳои муҳаққиқон ва созмонҳои байналмилалӣ ҳосил гардида ва истифода аз усули муқоиса таҳқиқу таҳлил шуда, нисбатан тамоюли тахассусӣ пайдо кардааст. Баррасиҳои муаллиф дар ошкор намудани камбудиҳои мавҷудаи соҳа ва нишон додани роҳҳои бартараф кардани онҳо таъсири мусбат расонида метавонад.

Муаллифи матни «Амнияти фарҳангӣ» (№5, С.122-132) Абдулвосеъ Сангиновро масъалаи бо таъсири омилҳои гуногуни худиву бегона омехта шудани фарҳанги миллӣ ва ҳифзу гиромидошти он дар раванди ҷаҳонишавӣ ба ташвиш овардааст. Идораи нашрия ин мақоларо зери ишораи зеррубрикаи «Баҳс ва андеша» ҷой додааст, ки бесабаб нест. Воқеан фикру андешаҳои нигоранда ағлаб заминаи воқеӣ дошта, дар асоси мушоҳидаҳои бевосита ва маърифати фазои фарҳангии кишвар ҳосил шуда бошанд ҳам, нисбатан баҳсноканд.

Зимнан баҳс ва андешаи мубоҳисавӣаслан хосси рӯзнома аст, зеро ин восита фосилаи чопаш наздиктар ва доираи хонандагонаш зиёдтар мебошад. Мавзӯи дар боло зикраш рафта, аз ҷиҳати сатҳи баён дар муқоиса ба мақалла ба услуби рӯзнома наздикӣ дорад, яъне дар он нисбат ба муҳокимаҳои илмиву публитсистӣ, шарҳу тафсили оммавии масъала афзалият пайдо кардааст. Ин ҳолатро бо чанд нуқта метавон асоснок кард: а) мавзӯи баҳс домана ва фазои нисбатан васеъро фаро гирифтааст; б) мазмун ва мундариҷаи мақола аслан дар заминаи таассурот ва мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ҳосил шудааст; в) матлаб ба мухотабони умум дахл дошта, муаллиф ба тамоми ҳамватанон мурочиат мекунад; г) муҳтаво на бо усули музокира (хосси мақалла), балки бо усули нақл (хосси рӯзнома) баён шудааст.

Бо ин вуҷуд мавзӯи баҳс талаби рӯз буда, оҳанги баланди иҷтимоӣ дорад. Нигоранда аз камбудиҳои он дилсӯзона ҳарф мезанад, ҳамчун дӯстдори фарҳангу миллат аз муносибати бепарвоёна ва ё каммасъулиятии баъзе ҳамдиёронаш афсӯс мехӯрад, барои рафъи омилҳои номатлуб изҳори нигаронӣ мекунад. Ӯ зимни таҳлилу баррасии масъала кӯшиш намудааст, ки омилҳои эҳёи фарҳанги миллӣ, ҳифзу гиромидошт ва тарғиби арзишҳои фарҳангиро дар заминаи эҳсосу маърифати фазои иҷтимоиву мадании кишварнишон диҳад. Муаллифро беш аз ҳама, ба манфиати шахсӣ ва ё гурӯҳи паст кардани эътибори миллат дар назди хориҷиён, нодида гирифтани суннатҳои миллӣ, тарғиби бемаърифатонаи «арзишҳои» фарҳангимиллатҳои дигар, тақлидҳои кӯркӯрона ба либоспӯшии аҷнабиён ва амсоли ин ба изтироб овардааст, ки бо ҳаяҷон бо нақли дидаву шунидаҳояш ҳолати фазои фарҳангии кишварро манзури хонанда гардонида, ҳалли масъаларо ба музокираи омм мегузорад. Ба назари ӯ дар олудашавии фарҳанги миллӣ, тарғиби фарҳангҳои бегона ва нодида гирифтани арзишҳои фарҳангӣ ҳам ВАО, ҳам кино ва ҳам адабиёти бадеӣ таъсир дорад. Ин андешаи муаллиф ҳарчанд беасос нест, аммо онро ба сифати ҳукм қабул кардан нашояд.

Ин масъала барои аксари мо маълум аст, чунин амалҳоро дигарон низ дидаанд, дар ВАО навиштаанду гуфтаанд, аммо муаллифи ин матлаб кӯшиш намудааст, ки паҳлуҳои гуногун ва мухталифи онро баррасӣ намояд, омилҳои зуҳури мушкилот ва роҳҳои пешгириашро нишон диҳад ва ба ин васила хонандаро ҷиҳати гиромидошти арзишҳои фарҳанги худӣбананг орад.

Мақолаи С. Ҳасанзода «Давлат бе сиёсат намешавад» (№9, С.102-105)-ро аз ду ҷиҳат метавон ба матлаби боло алоқаманд намуд. Аввалан, ин мақола низ хусусияти мубоҳисавӣ дошта, дар ҳошияи мусоҳибаи С. Фатоҳзода ва мақолаҳои М. Шарифзода ва З. Мирзоиён,

ки дар нашрияҳои «Озодагон» ва «Минбари халқ» ба табъ расидаанд, навишта шудааст. Баъдан, ин муаллиф низ аз ба дӯши мардум бор гардидани расму оини аҷнабиён ва тақлидҳои мутафаххирона ба онҳо изҳори нигаронӣ мекунад. Дар баробари ин, мақолаи дуюмӣ аз мақолаи аввал фарқ мекунад. Ин фарқ, пеш аз ҳама, дар доираи мавзӯъ ва муносибати муаллиф ба он намудор мегардад. Агар А. Сангинов ҳалли масъаларо дар баланд бардоштани маърифат ва фарҳанги мардум донад, С. Ҳасанзода қабули конунҳо ва ба кор даровардани онҳоро зарур меҳисобад. Бинобар ин, ӯ андешаҳои С. Фатоҳзода ва З. Мирзоиёнро ҷонибдорӣ намуда, бо руҷӯи таърихӣ ба таҷрибаи ислоҳотхоҳонаи сиёсатмадорони бузург, таассуроти китобӣ ва баёни мушоҳидаҳои худ фикри онҳоро тақвият бахшида, ба натиҷае мерасад, ки «Ривоҷи фарҳанги офатбори бегонаву зиёноварро пешгирӣ бояд кард, то ба рӯзҳои босаодат бирасем». Ин мақола низ хусусияти оммавӣ дорад ва дар нашрияи «Минбари халқ» (2018.– 17 январ) чоп шудани он дурустии ин гумонро тақвият мебахшад.

Миёни маводи рубрикаи «Иҷтимоиёт» се маводба сохтмони неругоҳҳои баркӣ, хосса Неругоҳи барқи обии Роғун бахшида шудааст. Инҳо нигоштаҳои Бахтиёр Муртазо «Аз Осиёб то неругоҳ» (№11, С. 89-98), Шералӣ Мусо «Достони Роғун» (№11, С. 99-131) ва Камол Насрулло «Роғун рамзи шуҷоати миллат аст» (№9, С.89-93) мебошанд. Ёддошти Мурод Ёров «Торсакии тақдирсоз» (№9, с.99-101)-ро низ метавон ба ин қатор дохил намуд, зеро бештари хотироти ӯ ба сохтмони неругоҳи Норак рабт дошта, дар ташаккули шахсияти иҷтимоии муаллифин муҳит таъсиргузор будааст.

Воқеан, сохтмони Роғун барои адибону публитсистон аз муҳимтарин мавзӯи рӯз маҳсуб меёбад. Хосса, ба кор андохтани агрегати якуми ин иншооти тақдирсоз, ки ба таъбири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «ибтидои гардиши куллӣ дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва як қадами устувору бузурги кишвари мо дар самти расидан ба ҳадафи якуми стратегияи миллӣ – истиқлолияти энергетикӣ ба ҳисоб меравад» [4, с.1], рӯҳияи эҷодии публитсистону адибонро боз ҳам болида гардонд.

Матлаби Б. Муртазоевро метавон очерк номид, ки симои қаҳрамони меҳнат, дорандаи нишони Байрақи Сурхи Меҳнат Камол Ҳамсариевро намо медиҳад. Муаллиф қаҳрамони очеркашро надидааст, бо ӯ рӯбарӯ нашудаст, аммо таҷрибаи ғании кори эҷодӣ ва маҳорати баланди нигорандагӣ барояш имкон додааст, китавассути эҳёихотироти гузашта, суҳбату вохӯриҳо бо фарзандону шогирдон доир ба зиндагиномаи «талху ширин»-и ин марди меҳнат маълумот пайдо кунад ва дар заминаи онташаккули хислати ӯро ҳамчун шахси меҳнатдӯст, ташкилотчӣ ва кордону коромӯз нишон диҳад. Ба ибораи дигар, «Маълумоти тарҷумаиҳолиро истифода карда, муаллиф ба иҷтимогарони шахсият такя намуда, дар чархи гардонба тағйироти равонию иҷтимоии қаҳрамон таваҷҷуҳ менамояд» [5, с.164], Камол Ҳамсариев саргузаштиҷолиб, вале ҳузнангез дорад. Дар хурди ятим мемонад, тасодуфан усто Миршукур ӯро ба парастории худ мегирад, бо шарофати ин мард касб меомӯзад, соҳиби ҳунар мегардад, оила барпо мекунад. Бо шуруи сохтмони Неругоҳи барқи обии Сарбанд бо розигиипадархондаш дар ин ҷо ба сифати бетонрез ба кор қабул мешавад. Кор дар ин неругоҳ ва баъдтар дар неругоҳҳои Нораку Роғун тақдири ӯро дигар мекунад, зиндагӣ ва кору пайкорашро ибратомӯз мегардонад, ки ифтихори ҳамкорону ҳамдиёронаш мегардад. Имрӯз шогирдонаш корномаи ӯро идома медиҳанд.

«Достони Роғун»-и Ш. Мусо баёнгари мухтасариасари ҳамном аст, ки соли 2015 аз ҷониби нашриёти Адиб чоп шудааст. Он шомили ҳашт достон буда, дар онҳо паҳлуҳои гуногуни сохтмон, азму талош, ҷасорату матонат ва фидокориҳои бинокорони ин кохи нур ба риштаи тасвир кашида шудааст. Дар «Садои Шарқ» ин асар ба таври мухтасар хулоса шуда бошад ҳам, таркиботи он ифодагари муҳтавои асар буда, дар маҷмӯъ раванди бунёди ин сохтмони асрро, ки дар «Достони Роғун» инъикос шудааст, фаро гирифтааст. Ин раванд дар фаслҳои алоҳида: «Оғоз», «Санг ҳам диле дорад», «Пире аз дили санг», «Анҷом» ва «Шуълаи ҳақиқат» шакл мегирад ва инкишоф меёбад. Оғози сохтмони НБО Роғун, монеа ва мушкилот дар бунёди он, муроҷиати Президенти кишвар ба мардум ҷиҳати пуштибонӣ аз тарҳи Роғун, дастгирии мардум, фазои ботантанаи харидани саҳмияҳо, ба вуҷуд омадани фазои иғвоангез, дастгирӣ ёфтани сиёсати устувори Ҳукумати Тоҷикистон ва бо суръат ва сифати баланд идома ёфтани корҳои сохтмонӣ дар ин неругоҳ аз ҷузъҳое мебошанд, ки хатти ҳаракати ин асарро ташкил медиҳанд.

Муаллиф дар нақли мушоҳидаҳо ва тасвири воқеаҳо бисёр ҳассос аст.Ӯ бо ҳаяҷони баланд сухан меронад,(бо ремаркаҳои хос саҳнаҳои сужавӣ меофарад, бо тасвироти образӣ ба ҷисми бечон рӯҳ мебахшад, аз усули муколама ва гуфтугӯ моҳирона истифода мекунад, қаҳрамононашро ба сухан медарорад, эҳсоси меҳру муҳаббати онҳоро намо медиҳад, гуфторашро бо воситаҳои муассирсози сухан ва ашъори ҳикматангези ба матлаб мувофиқ зинат мебахшад ва ба ин васила меҳру садоқати худ ва қаҳрамону персонажҳои асарашро нисбати Ватан ва Сарвари он нишон медиҳад. Воқеан, тавре ки Камол Насрулло навштааст: «Наметавон дар бораи Роғун, ин сохтмони бузурги беназир ва тақдирсози

кишвар беиэтиробу ҳаяҷон, бемуҳаббату эҳсосоти баланд сухан кард, хусусан баъди боздид аз ин ҳама бунёдкориҳои шигифтангез, ин ҳама муъҷизоте, ки инсон ба дасти худ дар қаъри замин сохтааст» [2, с.89].

Ш. Мусо ва Б. Муртазо аз адибониимтимоигароянд, ки солҳои тӯлонӣ НБО Роғунро манбаи ҷусторҳои эҷодии худ қарор дода, пайваста аз раванди ин сохтмон воқиф будаанд, зимни сафару боздидҳо бо коргарон суҳбатҳо намудаанд, ба иборае тору пуди сохтмон ва азму талоши бунёдкорони онро амиқу аниқ омӯхтаанд. Онҳо шоҳидони бевоситаираванди бунёди ин неругоҳанд, бо ҷушӯ хурӯш ва суръат пеш рафтани корҳои сохтмонро дида илҳоми тоза гирифтаанд,бинобар ин дар асарҳояшон набзи воқеии он бештар эҳсос мегардад.

Чунин эҳсосотро дар асариКамол Насрулло «Роғун рамзи шуҷоатҳои миллат аст» низ мушоҳида мекунем. Аммо дар ин асар на инъикосу тасвири воқеаву рӯйдод, балки таассуроти эҳсоси ботинии нигоранда афзалият пайдо кардааст. Аз тарафи дигар, агар асоси сужаи «Достони Роғун»-росилсилаи воқеаҳо ва низоми мантиқии онҳо ташкил диҳад, дар«Роғун рамзи шуҷоатҳои миллат аст» ҷойи ин аносирро фикри муаллиф ишғолнамудааст. Ҳадафи муаллиф на тасвири мавзеъ, иқлими корӣ ва кору пайкори бунёдкорони Роғун, ки ба қавли ӯ «метавон алоҳида очерку қиссаву китобҳо навишт», балки нишон додани ҳашамати ин сохтмони бузургу беназир ҳамчун ифодагари «эътиқоду эътимод ва бовар ба Ватани соҳибистиқлол, Пешвои воқеан муаззами миллат», рамзи дӯстии халқҳо ва пирӯзии миллат аст. Аз ин рӯ, нигоранда ба фактҳои ҷузъӣ камтар эътибор медиҳад, суханро ба дарозо намекашад, балкидидаву шунида ва хондаҳояшро дар зеҳни эҷодии худ коркард намуда, таассуроти нисбатан комилеро доир ба рамзи шуҷоат будани Роғун ҳосил менамояд. Тасвироту рамзофариҳои муаллиф ҳарчанд заминаи воқеӣ доранд, аммо тасаввуроти инфиродии ӯянд, ки аз қобилияти эҷодӣ ва садоқату самимияташ ба Ватану миллат ва дар қолаби жанри эссе эҷод шудани асар дарак медиҳанд.Муаллиф дар доманаи сухани мухайял воқеияти ҳолро матраҳ намуда, љ аззобияти фикрро таъмин мекунад.Барои далел: «Неругоҳи барқи обии Роғун аз рӯйи иқтидор бузургтарин неругоҳи барқи обӣ дар Осиёи Миёна буда, сарбанди он ба баландии 335 метр дар дунё баландтарин сарбанд маҳсуб меёбад. Ва ин баландии танҳо сарбанд нест, балки баландии дастовардҳои Истиқлолияти давлатии мо, баландии ниҳоди миллати накуманиш ва хайрхоҳу заҳматдӯсти мост».

Тавре ки ишора рафт, «Торсакии тақдирсоз»-и М.Ёровасари ёддоштӣ аст, ки бо зикри нашрия бо илҳом аз мутолиаи асари Ёрдан Милев, ки дар шумораҳои пешини ин маҷалла бозчоп шудааст, иншо гардидааст. Дар назари аввал ин асар як навъ нақли зиндагиномаи муаллифро мемонад, ки бо обуранги андаке бадеӣ навишта шудааст. Аммо моҳиятан он танҳо баёнгари хатти ҳаракати ташаккули шахсиятииҷтимоии муаллиф набуда, балки ифодагари хислатҳои накуи инсонӣ амсоли одаму одамгарӣ,дастгирии ҳамдигар, дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ тарбия намудани ҷавонон, дарки масъулият, эҳсоси фаъолмандӣ дар корҳои ҷамъиятӣ ва кӯшиши ободкорӣ мебошад. Аз тарафи дигар, ин асарротанҳо нақли хотирот аз лаҳзаҳои зиндагии гузаштаи муаллифномидан нашояд. Ҷавҳари он омӯхтани сабақҳои гузашта ва истифодаи он дар зиндагии имрӯз аст. Инро муаллиф дар заминаи нақлитаҷрибаи корнамоиҳои бемислу монанди комсомолони сохтмони неругоҳи барқи обии Норак, ҷалби ҷавонон ба сохтмонҳои азим, ташкили мусобиқаҳо байни бригадаҳо ваамсоли ин нишон додааст, ки сабақи имрӯзиён буда метавонад.

Ин асар аҳамияти тарбиявӣ ва иҷтимоӣ дорад. Аз мутолиаи он хонанда эътимод ҳосил мекунад, ки воқеанкӯшишу ғайрати сидқӣ, омӯзиши доимӣ, заҳмату меҳнати ҳалол, иродаи қавӣ ва мушкилнописандӣ касро ба қуллаҳои баланд мерасонад. Чунончи нигорандаи он бо чунин хисоилва ирода аз «содаи деҳотӣ» то «зиёии шаҳрӣ» расида, имрӯз аз роҳи тайкардаи худ розӣ аст.Ва чунин зиндагӣ барҳақ ба дигарон шоистаи ибрат буда метавонад.

Мақолаҳои дигар ба қалами Холназар Муҳаббатов «Боғи миллии Тоҷикистон» (№8, С.90-101), Диловари Мирзо «Лахш: қадамҳо дар ҷодаи рушди устуворанд» (№4, С.117-128) ва Саъдулло Раҳимов «Ҳунармандони мардумӣ» (№12, С. 88-103) тааллуқ дошта, мавзӯву масъалаҳои гуногунро дар бар гирифтаанд. Агардар мақолаи Ҳ. Муҳаббатов дирӯз ва имрӯзи боғи миллии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта бошад, Д. Мирзо кӯшиш намудааст, ки пешравӣ ва дастовардҳои ноҳияи Лахшро дар замони истиқлолияти давлатии кишвар нишон диҳад. Дар мақолаи С. Раҳимов вазъи фаъолияти ҳунармандони мардумӣ таҳлилу арзёбӣ гардидааст. Ду мақолаи аввал аз нигоҳи истифодаи манбаъ, маърифати мавзӯъ ва усули таҳлилу баррасӣ ба ҳам наздикӣ дошта бошанд ҳам, нигоштаи сеюм нисбатан фарқкунанда аст. Х. Муҳаббатов ва Д. Мирзо гарчанде дар таълифи матолиби худ аз маълумоти тариқи мушоҳидаву суҳбат ҳосилшуда истифода кардаанд, аммо манбаи асосӣ дар нигоштаҳои онҳоҳуҷҷат аст. Агар дар мақолаи аввал ин гуна

ҳуҷҷат осори илмиву таҳқиқӣ бошад, дар матлаби дуюм ҳисоботи нимсолаи раиси ноҳия аст, ки бо шарофати таҷриба ва маҳорати муаллиф дар шакли суҳбат аз забони раис садо додааст. Инро метавон маҳоратутавоноии муаллиф номид.

Матлаби сеюм, ки дар заминаи маводи экспедитсияи донишҷӯён навишта шудааст, як навъ ҳисоботи илмиро аз ин навъи пажӯҳиш ба хотир меорад. Ҳарчанд муаллиф онро очерк номидааст, аммо он хусусияти махлутӣ дошта аносири жанрҳои гуногунро ба худ гирифтааст. Дар оғоз зарурати эҳёи эҷодиёти мардумӣ ва мақсади мақола шарҳу тавзеҳ ёфта, сипас ҳунармандони жанри намоишҳои театрикунонидашуда дар алоҳидагӣ муаррифӣ шудаанд. Театри суруд ва навъҳои сурудҳои мардумӣ идомаи баррасиҳои муаллиф қарор гирифтаанд.Бо таҳлилу баррасиҳои вазъи ҳунармандӣ, фаъолияти чанде аз ҳунармандони мардумӣ, устоҳо ва сарояндагони халқӣ муаллиф ба хулосае меояд, ки «ҷаҳонишавӣ то дер замон ба ин қишри фарҳанги мо дахолат намекунад».

Муносибати Ҳ. Муҳаббатов ва С. Раҳимов ба масъалаи мавриди инъикос нисбатан илмӣ ва соҳавӣ бошад, муносибати Д. Мирзо пурра публитсистӣ аст. Ин омилҳо на танҳо рангорангии мавзӯот, балки гуногунии шеваи хосси муносибат ба мавзӯъ, диду назар, инъикосу тасвир ва таҳлилу баррасии муаллифонро нишон медиҳанд.

Умуман, нашрияи «Садои Шарқ» дар баробари чопи осори адабӣ ва адабиётшиносӣ ба интишори масъалаҳои иҷтимоии замони муосир таваҷҷуҳи хос дорад. Қариб дар ҳар шумораи он чунин матолибро пайдокардан мумкин аст. Ин гуна нигоштаҳо аз нигоҳи мавзӯву масъала ва ҳамчунин муаллифон гуногун бошанд ҳам, нашрия кӯшидааст, ки бештар масъалаҳои муҳимму мубрамро, ки тақозои ҷомеаи имрӯзаанд, интишор намояд. Ба ин мазмун тамоми матолибе, ки зери рубрикаи «Иҷтимоиёт» ба табъ расидаанд, на танҳо ба фазои иҷтимоиву фарҳангии кишвари мо, балки бафазои ҷаҳонӣ иртибот доранд. Дар ин самт муаллифони матолиб ҳар кадом вобаста ба сатҳи маърифат, қобилияту маҳорат ва имконоти эҷодӣ масъалаҳоро матраҳ намудаанд, ки ифодагари диду назар ва мавқеи эшон аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Муродов М.Б. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ. Монография / М.Б. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2017.– 224 с.
2. Насрулло К. Роғун рамзи шуҷоатҳои миллат аст // Садои Шарқ. – 2018. –№9 . – С.89-93.
3. Прохоров Е.П. Введение в теорию журналистики. Учебное пособие / Е.П. Прохоров.– М. МГУ, 2005. – 268 с..
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвоимиллатмуҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 26 декабрисоли 2018 // Ҷумҳурият, 2016.– 26 декабр.
5. Солеҳов Н. Муаммои назарияи публитсистика. Маводи дарсӣ / С. Нуралиев, А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2015. – 184 с.

ВОҚЕИЯТИ ЗАМОН ВА МАЪРИФАТИ ПУБЛИТСИСТИИ ОН

(дар мисоли маводи маҷаллаи «Садои Шарқ»)

Дар мақола матолиби публитсистии маҷаллаи «Садои Шарқ» дар соли 2018 мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ин маҷалла дар самти тарғиби осори бадеиву публитсистӣ ва ҳамчунин илмиву фарҳангӣ таваҷҷуҳи хос дорад. Ба рангорангии шаклумундариҷа ва инъикосу тасвири воқеияти замон, дар маводи публитсистӣ эътибор медиҳад. Дар давоми соли 2018 «Садои Шарқ» зери рубрикаи «Иҷтимоиёт» 14 мавод интишор намудааст, ки муаллифонашон намояндагони касбу кори гуногунанд. Матолиби ин рубрика аз нигоҳи мавзӯъ ва шакли баён рангоранг аст. Мавзӯи ду мақола ба об ва масъалаҳои марбути он, се нигошта ба сохтмони Роғун як нигошта ба масъалаи эҳёи Роҳи бузурги Абрешим ва мақолаҳои дигар ба масъалаҳои фарҳангиву иҷтимоӣ бахшида шудаанд. Дар маҷмӯъ ағлаби матолиби ин рубрика ифодагари муҳимтарин масъалаҳои замони муосир мебошанд, ки ҳаллу фасли оқилонаи онҳо на танҳо ба манфиати Тоҷикистон, балки ба судитамоми минтақа аст. Дар мақола тамоми матолиби зери рубрикаи «Иҷтимоиёт» таҳлилу баррасӣ гардида, вижагиҳои мундариҷаву жанр, дарку маърифат ва қобилияту маҳорати муаллифон дар баёни матлаб бо усули муқоиса нишон дода шудааст. Хулоса мешавад, ки муаллифон ҳар кадом вобаста ба сатҳи маърифат, қобилияту маҳорат, ҷаҳонбинӣ ва имконоти эҷодӣ масъалаҳоро матраҳ намудаанд, ки ифодагари диду назар ва мавқеи иҷтимоии эшон аст.

Калидвожаҳо: иҷтимоиёт, масъала, воқеият, маърифат, мундариҷа, жанр, таҳлил, маҳорат, публитсистика, хусусият.

ДЕЙСТВИТЕЛЬНОСТЬ ВРЕМЕНИ И ЕЕ ПУБЛИЦИСТИЧЕСКОЕ ПОЗНАНИЕ

(на материалах журнала «Садои Шарк» / Голос Востока)

В данной статье рассматриваются публицистические материалы журнала «Садои Шарк», опубликованные в 2018 г. Журнал уделяет особое внимание пропаганде художественных и публицистических произведений. Привлекает внимание разновидность формы и содержания, а также описания действительности и времени в публицистических материалах журнала. В течение 2018 года журналом «Садои Шарк» под рубрикой «Иджтимоиёт» (Социальность) опубликовано 14 материалов, авторамикоторыхявляются личности, представляющие разного рода профессии. Материалы рубрики «Иджтимоиёт» по тематике и формам выражения имеют общие и отличительные черты. Тематика 2 материаловотносится к проблеме пресной воды и вопросам, связанным с водой, три из них посвящены строительству Рогунский ГЭС, одна статья охватывает проблемы восстанавливания Великого Шелкового Пути и остальные посвящены общественным и культурным проблемам. В общем, большинство материалов этой рубрики представляют собой важнейшие проблемы современной жизни эпохи, решение которые

принесет пользу не только Таджтикистану, но и всему региону в целом. Статья охватывает все материалы данной рубрики, определяются их содержательные и жанровые особенности, показывает их публицистические особенности, и мастерство авторов в изложении основных идей. Заключается, что каждый автор согласно своих познаний, творческой способности, мировоззрения и уровня публицистического мастерство отражал современной проблемы.

Ключевые слова:социальнная проблема, действительность, познание, содержание, жанр, анализ, мастерство, публицистика, особенность.

REALITY OF TIME AND HER PUBLICISTIC KNOWLEDGE

(on the example of materials ofmagazine"Voice of East")

This article examines the journalistic materials of the Sadoi Shark magazine published in 2018. The journal pays special attention to the promotion of artistic and journalistic works. Attracts attention to a variety of forms and content, as well as descriptions of the reality of time in journalistic materials of the journal. During 2018, Sadoi Shark magazine under the Ijtimoiyyot (Sociality) heading published 14 articles, which are authored by individuals representing various professions. The materials of the Idzhimiyo heading on the subject and form of expression have a common and distinctive features. Subject 2 of the materials relates to the problem of fresh water and water-related issues, three of which are devoted to the construction of the Rogun hydropower station, one article covers the problems of restoring the Great Silk Road and the rest are devoted to social and cultural problems.In general, the majority of materials from this column represent the most important problems of modern life of the epoch, which make their decisions useful not only for Tajikistan, but also for the whole region. The article covers all the materials of this rubric, defines their content and genre features, shows their journalistic degrees, and the authors' skill in presenting the main ideas. It turns out that each author in distinctiveness, according to his knowledge, creative ability, world view and knowledge of the business and the level of journalistic skill, reflected the modern problem.

Key words: social problem, reality, cognition, content, genre, analysis, skill, journalism, feature.

Сведения об авторе: ***Муродов Мурод Бердиевич*** – Таджикский национальний университет, доктор филологических наук, профессор кафедры печати. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **murodi-65@mail.ru**

Information about the authors: ***Murodov Murod Berdievish*** **–** Tajik national University, doctor of philology, professor of the department of printing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E - mail: **murodi-65@mail.ru**

УДК: 654.19 (075.8)

ОСНОВЫ РАБОТЫ «КЫРГЫЗ РАДИОСУ» В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ: ТЕОРИЯ И ПРАКТИКА

Султанова Ж.О.
Кыргызско-Российский (Славянский) университет им. Б.Н. Ельцина

Последнее десятилетие XX века для Кыргызстана, как и для всех других бывших союзных республик, можно назвать во всех отношениях переходным. Попытки формирования новой устойчивой политико-экономической системы стали ставиться под угрозу возрастающими потребностями властьимущих к обретению еще большей власти и денег. Средства массовой информации в общем и радио в частности стали превращаться в рупор политической пропаганды. Любая «политическая манипуляция направлена на группы, массы людей. Она спланированная и осознанная. Соответственно, её конечной целью является управление населением, контроль над ним» [3, с.996]. Все «средства массовой информации являются важнейшим и эффективным инструментом формирования мнения в обществе и имеют колоссальное количество методов и способов влияния на общественное сознание не только человека, но и всего государства» [2, с.993]. Это касается как проправительственных, так и оппозиционных СМИ. Культурно-просветительская функция журналистики начала тоже превращаться в пропагандистскую. К примеру, исследования героического эпоса кыргызского народа «Манас», передачи о котором стали ещё более популярны на «Кыргыз радиосу», в 1990-е годы стали особенно актуальны. Материалы радиопрограмм базировались на мнениях экспертов, ведущих манасоведов, записях, взятых из архива и золотого фонда. Такое внимание к эпосу связано с тем, что «Манас» передаёт весь исторический уклад, быт кыргызского народа, и в условиях переформатирования уставных ценностей, эпос послужил готовой платформой для выведения национальной идеалогии, постулатов государственности независимой республики. «Манас» - это огромная родословная кыргызов, санжыра[§§] всех сорока родов.

Подобная практика сказывается и на жанрово-содержательной стороне радиопередач, они становятся более публицистическими, открытыми к дискуссиям, «живому» диалогу. Они оперируют такими жанрами, как беседа, комментарий, радиоочерк, радиофельетон, радиорассказ, документальная драма, радиокомпозиция. Учёные сходятся во мнении, что «современная публицистика характеризуется тенденцией к взаимопроникновению, смешению

[§§] Санжыра переводится как родословная

жанров. Жанр, наполняясь новым содержанием, приобретает новые формы, однако серьезных преобразований обычно не претерпевает. Тем не менее, со временем некоторые новые тенденции превращаются в отдельные жанры» [5]. При этом тот или иной жанр в чистом виде встречается очень редко. В основном, авторские радиопрограммы журналистов состоят из нескольких жанровых блоков, сменяющих, и, соответственно, дополняющих друг друга. Слушатель становится капризным в своих вкусах – старые формы подачи информации ему приедаются, он начинает терять к ним интерес. Отсюда следует, что его необходимо привлекать новым наполнением и углом подачи информации. Как говорится, спрос рождает предложение. Так произошло и с материалами «Кыргыз радиосу». Известный исследователь Таджикистана Н.Н. Салихов пишет, что «пробуждение сознания, борьба за национальное самопознание, призывы к изучению древней истории и извлечение уроков из исторических процессов - это отличительные черты публицистики 90-х годов» [9, с.18]. Эти процессы происходили и в журналистике Кыргызской Республики. Культурно-просветительские радиопередачи являлись основными источниками такого рода информации.

В первое пятнадцатилетие обретения Кыргызстаном своей независимости СМИ проходят довольно неоднозначный, но интересный путь развития, связанный как с политическим переустройством государства, так и их собственной структурной трансформацией. «Кыргыз радиосу» (как часть ОТРК) подвергается постоянному реформированию в первую очередь, поскольку эта телерадиокорпорация, будучи сначала Государственной телерадиовещательной компанией, Государственной телерадиокорпорацией, становится в 2003 году Национальной телерадиокорпорацией. Постоянные реорганизации, безусловно, влияют на качественный состав опытных радиожурналистов, и, соответственно, самих радиопрограмм. К 2000-м годам население начинает сомневаться в работоспособности действующей власти, и доверие к ней резко снижается. Это сопровождается явными проблемами, наметившимися в экономике. Например, «конец 1998 года характеризовался ухудшением социально-экономического положения в республике. В определенной степени трудности были связаны с последствиями мирового финансового кризиса, в том числе российского и азиатского, сказавшегося на всех сферах жизни, и снижением темпов экономического роста. Негативную роль сыграли и внутренние факторы. При кажущейся стабилизации в стране происходило накопление кризисного потенциала. Одной из причин кризиса явилась некоординированность экономической политики, в результате чего упал уровень производства, заметно снизились темпы экономического роста, и вырос импорт. Это и подтвердил кризис 1998-1999 годов, в результате которого инфляция вновь возросла, а обменный курс сома девальвировался примерно в 2,5 раза» [10].

Это всё - нелегкие испытания, через которые «Кыргыз радиосу» пришлось пройти в первое десятилетие независимости республики. Но время идёт, соответственно, происходят изменения. В современных условиях вещания «Кыргыз радиосу» обладает рядом явных преимуществ. В качестве одного из старейших СМИ на кыргызском языке оно, во-первых, имеет самый большой территориальный охват (вплоть до самых отдалённых уголков республики), во-вторых, уже завоевало авторитет среди большинства кыргызскоговорящих слушателей. Особую роль культурно-просветительские радиопрограммы сыграли и продолжают играть в вопросе самоидентификации народа, определении его корней, утверждения ценностных ориентиров. При этом не стоит ошибочно считать, что это касается лишь сельского населения, которое является основным носителем кыргызского языка. И «…нет нужды в противопоставлении городского и провинциального сознания. Следуя этим путем, можно прийти к заключению, что провинциальное сознание - реакционно, оно еще не обрело своей формы, а городское - передовое, оно полностью сформировано и способно к глубокому пониманию» [8]. И совсем наоборот, авторы приходят к мнению, что «порой наступает момент, когда провинциальное развитие идет более быстрыми шагами. На самом деле, большинство литераторов в городах составляют выходцы из провинции, и именно эта группа считается наиболее политически и культурно подкованной. Проведенное исследование подтолкнуло нас к тому мнению, что определение разграничительной линии между провинциальным и городским сознанием не является конструктивным» [8]. Тесно взаимосвязанные между собой, оба этих сознания служат основой для формирования общего сознания нации, и только пробужденное национальное сознание способно определить место любого общества в мировых глобальных процессах и способствовать его дальнейшему развитию [8].

Таким образом, потенциальная слушательская аудитория «Кыргыз радиосу» тоже растёт, работает над собой, трансформируется и представляет собой прогрессивных людей, идущих в ногу со временем. Одним из структурных факторов, влияющих на развитие всех этих процессов, является технический прогресс. В условиях бурно развивающихся новых технологий жанры и тематика культурно-просветительских передач радиостанции «Кыргыз радиосу» тоже не могли не подвергнуться преобразованиям. И с каждым новым этапом

развития происходит новая трансформация. Вот что много лет назад писал немецкий поэт и драматург, теоретик искусства Б. Брехт: Я вспоминаю, как впервые услышал о радио. Это были иронические газетные заметки о настоящем радиоурагане, грозящем опустошить Америку. Тем не менее, создавалось впечатление, что речь идет не только о модном, но действительно современном деле» [1, с.5]. Он добавляет, что «это впечатление затем рассеялось очень скоро, когда мы услышали радио и у себя. Сперва, разумеется, удивлялись, как доходят эти звуковые передачи, но потом это удивление сменилось другим удивлением: что за передачи приходят из воздушных сфер. То был колоссальный триумф техники: венский вальс и кулинарные рецепты отныне, наконец, доступны всему миру. Приходят, так сказать, из небытия» [1, с.5]. Всё, а тем более, техника меняется очень быстро, на смену старому приходит новое, а СМИ в качестве двигателя этого прогресса просто необходимо успевать за этими процессами. Радио, с одной стороны, находится на острие этих трансформаций, проходя через конвергенцию и другие преобразования. С другой стороны, появляются новые мультимедийные источники информации, выполняющие и информационную, и эстетическую, и рекреативную функции. В данном случае, актуальность радио традиционного формата ставится под угрозу, а, соответственно, идёт смена акцентов, и перед этим видом СМИ ставятся задачи поиска новых способов удержания аудитории. Таким образом, радио отталкивается от потребностей своих слушателей, для которых на сегодняшний день на первый план вышла именно функция развлечения.

В связи с этим даже такая авторитетная радиостанция с многолетней историей за плечами, как «Кыргыз радиосу» на современном этапе вносит в свою сетку вещания всё больше программ развлекательного характера. В основном, это утренние и вечерние юмористические или публицистические шоу.

Журналистика в современном мире должна отвечать требованиям «новой журналистики». Её главная характеристика – аналитичность. Исследователи А.Н. Нуралиев, Н.И. Брукер, А.А. Афсахзод считают, что в её задачи входит: «… не только информировать аудиторию, но и выявлять истинные причины явления и события, придерживаясь объективной линии» [7, с.6]. Поэтому даже развлекательные радиопередачи на «Кыргыз радиосу» имеют аналитическое начало, ненавязчиво просвещая и воспитывая своего слушателя. В содержательном отношении всё больше внимания и времени уделяется циклам передач, таким образом, радиопрограммы структурируются по конкретным блокам, меняются лишь герои или темы передач. В данном случае легче систематизировать материалы. Здесь приходится вести речь о моножанровости радиопрограмм. То есть, получается, что на радио остаются жанры, востребованные и любимые аудиторией, а другие, исчерпав себя, за ненадобностью сначала отходят на второй план, а затем и вовсе исчезают. Но в любом случае, радио синтезирует в себе все необходимые человеку звуковые источники информации, и со временем эта система звуковых знаков только расширяется. К примеру, «во времена Брехта мобилизующие способности радио еще только предстояло открыть. Маклюэн[***] также назвал радио «нервной системой», вынесенной наружу. Он рассматривает все технологии в качестве протезов чувств, формирующих индивидуальное восприятие. Брехтовская идея эпического театра, как и его «пожелания» к устройству радио, критичны по отношению к индивидуализации опыта восприятия, которую внесла современность. Он пишет, что по радио не следует транслировать оперу: «ведь она застигает у приемника человека, находящегося в одиночестве, и из всех алкогольных эксцессов нет ничего более опасного, чем пьянство в одиночку»» [1, с.60, 62]. При этом многие авторы сравнивают радио с театром. Как в материалах, входящих в понятие «театр у микрофона», само радио представляется целым представлением, разворачивающимся в функционально-содержательном отношении перед всеми слоями общества. В качестве мобильного средства массовой информации радио меняет свои краски в соответствии с реалиями окружающей социально-политической и экономической среды. Но и в этих утверждениях нужно быть осторожными, употребляя их с теми или иными оговорками, ибо «радио и театр должны стать политическими не в конкретных проявлениях, а в интенции к объединению людей для благих целей. Брехт отводил исключительное место в производстве политического сознания представлению и постановке, политизированными у него оказываются не только театр и радио, но и сама политика наделяется театральными свойствами» [1, с.62].

Радиопередачи, в частности, культурно-просветительского характера – это не просто определённый морально-нравственный посыл, это определённая система воспитания общества, формирования его ценностей. Чем точнее работает эта система, тем лучше видны результаты этой работы, а именно: люди с нужными и правильными ориентирами и ценностными установками. Однако эта модель выстраивания отношений представляется утопической,

[***] Герберт Маршалл Маклюэн (Herbert Marshall McLuhan; 1911–1980) - канадский философ, филолог, литературовед, теоретик медиа и коммуникации.

поскольку вмешательство внешних факторов, сопровождающих все сферы нашей жизни, а тем более, средства массовой информации, вносят свои глобальные коррективы. Общественная телерадиовещательная корпорация, в составе которой и находится «Кыргыз радиосу», за всю свою долгую историю пережила огромное количество реформ, каждая из которых оказывала влияние на её работу, и далеко не всегда это воздействие было положительным.

Безусловно, «в этом плане сама журналистская профессия в современных условиях требует хороших знаний, целостного, научного и социального мировоззрения, а также практических навыков, своего рода универсализма, то есть работы в разных СМИ, включая мультимедийные, а также смелости, патриотизма, мотивированности желания заниматься таким нелёгким и ответственным делом» [6, с.85].

Поскольку в культурно-просветительских программах тесно переплетаются фактологичность и художественность, то при анализе передач «Кыргыз радиосу» стоит особо учитывать то, что «журналистика отличается от художественного творчества тем, что в ней вымысел, домысел подчинены факту. Факт первичен» [4, с.86]. Этот вопрос порождает немало споров. Но «сегодня современные медиа в едином информационном пространстве соединяют журналистику и не-журналистику. Не-журналистика термин, не несущий негативного смысла. <…>. Не-журналистика занимает промежуточное пространство между собственно журналистикой и художественным творчеством. Не-журналистика всегда автобиографична, публицистична, риторична, познавательна (автор – своего рода просветитель» [4, с.86]. В передачах исследуемой нами радиостанции мы можем наблюдать именно такой подход к делу. Зачастую вместе с профессиональными журналистами, авторами программ становятся известные деятели искусства, представляющие на суд публики информационные продукты, относящиеся к не-журналистике. Получается, что журналистские и нежурналистские материалы появляются в эфире практически в равном количестве.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Брехт Б. Теория радио. 1927–1932 / Б.Брехт. – М: ООО «Ад Маргинем Пресс», 2014. – 63 с.
2. Гуржий Д. А. Влияние СМИ на формирование общественного мнения / Д. А.Гуржий // Молодой ученый. - 2015. - №12. - С. 991-993.
3. Каратеева А. Г. Технологии психологических манипуляций и управленческих воздействий в журналистике / А. Г. Каратеева // Молодой ученый. - 2015. - №12. - С. 995-1001.
4. Кацев А.С. Журналистика и не-журналистика в современном медиапространстве (тезисы) / А.С. Кацев // Актуальные проблемы филологии (сборник докладов международной научно-практической конференции «Актуальные проблемы филологии и лингводидактики). – Душанбе, 2017. –С. 86-87
5. Кириллова Е. Что такое публицистика? Определение, публицистические жанры / Е.Кириллова // FB.ru [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://fb.ru/article/254894/chto-takoe-publitsistika-opredelenie-publitsisticheskie-janryi
6. Куватова А.А. Функционирование СМИ в Таджикистане: проблемы и тенденции развития / А.А. Куватова // Актуальные проблемы филологии (сборник докладов международной научно-практической конференции «Актуальные проблемы филологии и лингводидактики). – Душанбе, 2017. –С. 83-86
7. Нуралиев А.Н. Информационные жанры печати. Учебное пособие / А.Н.Нуралиев, Н.И.Брукер, А.А. Афсахзод. – Душанбе, 2005. - 131 с.
8. Саидмуроди Ходжазод. Роль радио «Таджикистан» в формировании общественного мнения в период независимости: автореф. … дис. доктора филол. наук. – Душанбе, 2015. Dislib.net (Библиотека диссертаций) [Электронный ресурс] - Режим доступа: http://www.dslib.net/zhurnalistika/rol-radio-tadzhikistan-v-formirovanii-obwestvennogo-mneniia-v-period-nezavisimosti.html#7228534
9. Салихов Н.Н. Проблемы формирования общественного сознания в таджикской публицистике периода государственного суверенитета: автореф. … дис. доктора филол. Наук / Н.Н. Салихов. – Душанбе, 2010. – 47 с.
10. Экономика Кыргызстана в 1991 - 2005 годах//Open.kg Открытый Кыргызстан [Электронная версия]. - Режим доступа: http://www.open.kg/about-kyrgyzstan/kyrgyz-economy/241-ekonomika-kyrgyzstana-v-1991-2005-godah.html

ФАЪОЛИЯТИ АСОСИИ «КИРҒИЗ РАДИОСУ» ДАР ШАРОИТИ МУОСИР: НАЗАРИЯ ВА АМАЛ

Ин мақола ба таҳлили асосҳои фаъолияти назарӣ ва амалии радиои қирғизӣ дар шароити муосир бахшида шуда ва хамчунин ин муаллиф мавзӯъро аз дидгохи таърихӣ баррасӣ менамояд. Дар чахорчӯбаи ин тадқиқот давраи муҳимми таърихи Қирғизистон –яъне солҳои истиқлолият, ки аз ҳар назар гуногунҷабҳа мебошад, мавриди омӯзиш қарор ёфтааст. Дар понздах соли аввали истиқлолияти Қирғизистон, ВАУ як марҳалаи ғайримаъмулӣ ва аммо давраи ҷолиби рушду такомулро тай намуданд. Ин марҳила ба тағйирёбиҳои сиёсии давлат ва тахаввулотҳои сохтории худи расонаҳо рост меояд. «Қирғиз радиосу» ба унвони як бахши ҷудонашавандаи ширкати телевизион ва радиои ҷамъиятӣ, ба таври доимӣ ислоҳотро аз сар мегузаронд. Чунончи, дар нахуст ин корхона чун Ширкати давлатии телевизион ва радио матрах мегардид. Дар соли 2003 он ба Ширкати телевизион ва радиои миллӣ тағйири ном намуд. Ин гуна тағйироту ислоҳот бедуни шак, ба бехбуди сифати кормандони касбии радиожурналистика таъсир намуда ва дар як вақт барномаҳо низ ҷаззобиятро ба даст меоваранд. Радио, аз як тараф, дар сарҳадгози ин тахаввулоту ислоҳот қарор ёфта, аз ин тариқ, худ ба худ нуқсону камбудро паси сар мекунад. Аз дигар тараф бошад, манбаъҳои нави иттилоъотии гуногунҷабҳа рӯйи кор меоянд, ки нақши маълумотрасонӣ, зебоипарастӣ ва рекреативиро ба дӯш мегиранд. Дар ин ҳолат, муҳиммияти радиои суннатӣ тахти хатар қарор мегирад. Ҳамзамон ҳадафу равишҳои кор дар радио тағйир меёбад ва кормандони ин бахши ВАУ-ро зарур меояд, ба манзури аз даст надодани шунаванда ва муштарии худ, шеваҳои нави тозаро ҷустуҷӯ ва пайдо кунанд. Бад-ин тартиб, радио аз ниёзҳои шунавандаи хеш канда мегардад ва барои ин ба муштарӣ

айни хол барномаҳои шодиовару истироҳатӣ дар қадами аввал қарор гирифтааст. Бо таваҷҷуҳ ба ин вокеъият, ҳатто «Қирғиз радиосу» бо душтани таҷрибаи чандинсола, водор шудааст дар барномаҳои хеш бозбинӣ намудаву ҳар чӣ бештар барономаҳои истироҳатиро дар нақшаҳои худ ҷой диҳад. Дар ин росто аз барномаҳои субҳгоҳӣ ва шабонаи вақвӣ ва шоу-публитсистӣ кор гирифта мешавад.

Калидвожаҳо: радио дар Қирғизистон, ҷанбаи сифатии барномаҳои радиоӣ, назария ва амал, буҳрони иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангӣ, ислоҳоти ВАУ, самтҳои фарҳангиву маорифпарварӣ, не-журналистика.

ОСНОВЫ РАБОТЫ «КЫРГЫЗ РАДИОСУ» В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ: ТЕОРИЯ И ПРАКТИКА

Статья посвящена анализу теоретических и практических основ работы кыргызского радио в условиях как современного, так и исторического подходов к изучению проблемы. Рамки исследования включают такой неоднозначный, но очень важный период в истории Кыргызстана, как годы независимости. В первое пятнадцатилетие обретения Кыргызстаном своей независимости СМИ проходят довольно неоднозначный, но интересный путь развития, связанный как с политическим переустройством государства, так и их собственной структурной трансформацией. «Кыргыз радиосу», являясь частью общественной телерадиокорпорации, подвергается постоянному реформированию в первую очередь, поскольку эта телерадиокорпорация, будучи сначала Государственной телерадиовещательной компанией, Государственной телерадиокорпорацией, становится в 2003 году Национальной телерадиокорпорацией. Постоянные реорганизации, безусловно, влияют на качественный состав опытных радиожурналистов, и, соответственно, самих радиопрограмм. Радио, с одной стороны, находится на острие этих трансформаций, проходя через конвергенцию и другие преобразования. С другой стороны, появляются новые мультимедийные источники информации, выполняющие и информационную, и эстетическую, и рекреативную функции. В данном случае, актуальность радио традиционного формата ставится под угрозу, а, соответственно, идёт смена акцентов, и перед этим видом СМИ ставятся задачи поиска новых способов удержания аудитории. Таким образом, радио отталкивается от потребностей своих слушателей, для которых на сегодняшний день на первый план вышла именно функция развлечения. В связи с этим даже авторитетная радиостанция с многолетней историей за плечами «Кыргыз радиосу» на современном этапе вносит в свою сетку вещания всё больше программ развлекательного характера. В основном, это утренние и вечерние юмористические или публицистические шоу.

Ключевые слова: радио в Кыргызстане, качественный состав радиопередач, теория и практика, общественно-политический и культурный кризис; реформирование СМИ; культурно-просветительское направление, не-журналистика.

“THE KYRGYZ RADIO" WORK BASIS IN MODERN CONDITIONS: THEORY AND PRACTICE

The article is devoted to the analysis of the theoretical and practical bases of the work of “the Kyrgyz radio” in conditions of both modern and historical approaches to the study of the problem. The research framework includes such an ambiguous, but very important period in the history of Kyrgyzstan, as the years of independence. In the first fifteen years of the independence of Kyrgyzstan the media are developed in a rather ambiguous, but interesting way that was associated, both with the political reorganization of the state and with their own structural transformation. As a part of the public television and radio corporation, the “Kyrgyz Radio” has been subjected to the constant reform first of all, since this television and radio company, being first the State Broadcasting Company, the State Television and Radio Corporation, in 2003 became the National Television and Radio Corporation. Constant reorganizations, of course, influence on the qualitative composition of experienced radio journalists, and, accordingly, the radio programs themselves. Radio, on the one hand, is at the forefront of these transformations, passing through convergence and other transformations. On the other hand, there are new multimedia sources of information that perform informational, aesthetic, and recreational functions. In this case, the urgency of the traditional format radio is being jeopardized, and, accordingly, there is a change of emphasis is noticed, and before this type of media are put the tasks of finding new ways to retain the audience. Thus, the radio is repelled by the needs of its listeners, for whom, to date, the entertainment function is on the first place. In this regard, even an authoritative radio station with a long history the "Kyrgyz radio" at the present stage makes more entertainment programs in its broadcast network. Basically, this is the morning and evening humorous or journalistic shows. Key words: radio in Kyrgyzstan; qualitative content of the radio programs; theory and practice; socio-political and cultural crisis; media reform; cultural and educational direction; non-journalism.

Сведения об авторе: ***Султанова Жыпар Оморовна*** - Кыргызско-Российский Славянский университет им. Б.Н. Ельцина, кандидат филологических наук, доцент кафедры международной журналистики. **Адрес:** 720000, Кыргызская Республика, г. Бишкек, ул. Киевская, 44. E-mail: **jeep502@inbox.ru.**
Тел.: **(+996 312) 66-24-27; (+996) 702-33-22-63**
Information about the author: ***Sultanova Zhypar Omorovna*** - Kyrgyz-Russian Slavic University named after B. N. Yeltsin, Candidate of Philology, Associate Professor, Department of International Journalism. **Address:** 720000, Kyrgyz Republic, Bishkek, st. Kiev, 44. E-mail: **jeep502@inbox.ru.** Tel.: **(+996 312) 66-24-27; (+996) 702-33-22-63**

УДК: 070:050:327

ШАБАКАҲОИ ПАХШИ ШАРҚИ НАЗДИК ТАРҒИБГАРИ МАНФИАТҲОИ ИМА

Муқимов М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ ба табдили иттилоъ ҳамчун омили муборизаи сиёсӣ ва олоти амалигардонии ҳадафҳои давлат дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд. ВАО силоҳи пурқудрати таъсиррасонӣ ба муҳити иттилоотӣ ва имиҷи давлат мегардад [2, с.253]. Имрӯз ҷанги иттилоотӣ як рукни асосии сиёсати хориҷии кишварҳои абарқудрат барои амалӣ сохтани ҳадафҳои геополитикӣ мебошад. Ҳамин аст, ки кишварҳои абарқудрат барои роҳандозии сиёсати хориҷии худ як қатор расонаҳоро таъсис додаанд.

Масалан, ИМА аз ҷумлаи кишварҳоест, ки тавассути дастгоҳҳои тарғиботиаш ба мисли Телевизион ва радиои «Садои Америка», Телевизиони «Ал-Ҳурра», Радиои «Сава» (барои кишварҳои Шарқи Наздик ва Африкаи Шимолӣ), Радио ва телевизиони Мартӣ (барои Куба), Радиои «Аврупои озод»/«Озодӣ», Радиои «Осиёи озод» ба 61 забони миллӣ ва ба 125 кишвари дунё ҷанги иттилоотии густурда мебарад [3, с.267].

Шабакаҳои пахши Шарқи Наздик - Middle East Broadcasting Networks, Inc. (MBN) – ташкилоти ғайритиҷоратии иттилоотии ИМА буда, телевизионҳои «Ал-Ҳурра», «Ал-Ҳурра-Ироқ», Радиои «Сава», Радиои «Офия Дарфур», лоиҳаҳои интернетии «Садо баланд бикун», «Садоҳои Мағриб»-ро идора мекунад.

Расонаҳои мазкур ба забони арабӣ буда ба қавли муассисони MBN ҳамчун пуле байни ИМА ва мардуми кишварҳои Шарқи Наздик ва Африкаи Шимолӣ хизмат мекунанд. Онҳо дар бораи Америка иттилои аниқу воқеӣ пахш карда, муштариёнро бо сиёсати ин кишвар ва одамонаш шинос менамоянд [21]. Ҳамчунин дар Телевизиони «Ал-Ҳурра» ва Радиои «Сава» мубоҳисаҳо оид ба ҳуқуқи инсон, осодии баён ва дин сурат мегирад, ки ин мавзӯъҳо дар ВАО-и Шарқи Наздик баррасӣ намешаванд.

Шабакаҳои пахши Шарқи Наздик ҳамчунин аз тариқи Интернет тавассути функсияи MBN «Digital» фаъолияти густурда бурда, муҳтавои шабакаҳои иҷтимоиро барои телевизион ва радио мувофиқ менамоянд. Масалан, MBN «Digital» барои аудиторияи худ ҳисоботҳои асливу иттилооти интерактивӣ аз тариқи «Facebook» ва омезиши онҳоро дар вақти пахши барномаҳои эфирӣ пешниҳод мекунад. Дар вақти прайм-таймӣ барномаҳои иттилоотиву ҷорӣ бошад, дар шабакаҳои иҷтимоӣ расонаҳои иҷтимоӣ пахш карда мешаванд.

MBN аз буҷаи федеролии ИМА (тавассути Конгресс) маблағгузорӣ гардида, аз ҷониби Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ (аз соли 1995 то 22 августи соли 2018 Шӯрои идораи пахши барномаҳо – BBG) идора карда мешавад. «Шабакаҳои пахши Шарқи Наздик қаблан, то соли 2005 Шабакаи телевизионии Шарқи Наздик ном дошт» [15].

Штаб-квартираи ширкати мазкур дар шаҳри Спрингфилди иёлоти Виргиния ҷойгир аст. Шабакаҳои мазкур барномаҳои худро аз штаб-квартираи MBN дар Виргинияи Шимолӣ ва бюроҳояш дар Қоҳира, Дубай, Байтулмуқаддас, Бейрут, Эрбил, Работ, Бағдод ва Вашингтон пахш мекунанд. Ҳамчунин MBN дар тамоми Шарқи Наздик ва Африкаи Шимолӣ хабарнигорони худро дорад.

17 июли соли 2017 Алберто М. Фернандес президенти Шабакаҳои пахши Шарқи Наздик (Middle East Broadcasting Networks, Inc.) таъин гардид. Қаблан ба шабакаи мазкур Брайан Коннифф 11 сол роҳбарӣ кард.

Дар сохторҳои Шабакаҳои пахши Шарқи Наздик 869 нафар фаъолият карда, буҷаи солонаи он ба 112,6 млн. доллари ИМА баробар аст [20].

Радиои «Сава». Баъди амалиёти террористии 11 сентябри соли 2001 сиёсати ИМА оид ба радиошунавонӣ барои Шарқи Наздику Миёна мувоҷеҳи тағйироти ҷиддӣ гардид. Формати нави радиошунавонӣ бо муҳтавои нав пайдо шуд. Як пажӯҳиши бахши арабии Радиои «Садои Америка» нишон дод, ки вай ба 22 кишвари арабзабон - аз халиҷи Форс то уқёнуси Атлантика беҳуда барнома пахш мекардааст ва рейтинги радиои мазкур дар минтақа ҳамагӣ 1-2 фоизро ташкил медодааст. Зеро дар ин минтақа касе намехост барномаҳои арабии Радиои «Садои Америка»-ро, ки аз Исроил ҷонибдорӣ менамояд, гӯш кунад. Ҳамин тавр 21-уми марти соли 2002-юм охирин маротиба барномаҳои арабии Радиои «Садои Америка» пахш шуданд.

Ба ҷои он 23 марти соли 2002 Радиои «Сава» (www.radiosawa.com) ба пахши шабонарӯзии барномаҳояш ба забони арабӣ шурӯъ кард. «Сава» аз забони арабӣ ба тоҷикӣ маънои «ҳамроҳ»-ро дорад. Радиои «Сава» ба шунавандаҳо формати нави тафреҳиро, ки аз суруду мусиқӣ ва ахбори кӯтоҳ иборат буд, пешниҳод кард. Дар он аксаран суруду мусиқии попи арабӣ ва ғарбӣ барои ҷавонон пахш мешуд. Радио дар як ҳафта беш аз 370 барномаи иттилотӣ дорад, ки давомнокии ҳар яке аз 5 то 10 дақиқа буда, ҳар 30 дақиқа садо медиҳанд. Формати чандир имкон медиҳад, ки радио дар ҳолати зарурӣ ахбор ва ё барномаи мустақим пахш намояд. Ахбор ва барномаҳои ҷорӣ ҳудуди сеяки ҳаҷми пахши радиоро ташкил медиҳанд. Дар барномаҳои таҳлилии радио ҳаводиси рӯз, варзиш, масоили сиёсиву иҷтимоӣ, бизнес ва санъат дар омезиш бо беҳтарин мусиқии ғарбӣ ва маъруфтарин мусиқии арабӣ баррасӣ мегарданд [8].

Пахши иттилои воқеӣ ва беғараз дар бораи минтақа, ҷаҳон ва ИМА барои шунавандаҳои мамолики Шарқи Наздик рисолати асосии Радиои «Сава» мебошад. Радиои «Сава» аз ҷониби Шабакаҳои пахши Шарқи Наздик (Middle East Broadcasting Networks, Inc – MBN) идора гарида, аз ҷониби Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ назорат карда мешавад. Радио мазкурро чун дигар дастгоҳҳои тарғиботии ИМА Конгресс маблағгузорӣ мекунад. Дар аввали таъсисаш буҷаи солонаи Радиои «Сава» 35 миллион

долларро ташкил медод. Мақари асосии Радиои «Сава» дар шаҳри Вашингтон буда, Вилям Сабатинӣ директори генералии он мебошад.

Бо тафовут аз Радиои «Садои Америка», ки барои ҳамаи кишварҳои Араб барномаи ягонаро пахш мекард, Радиои «Сава" бевосита ба ҳар як мамлакат ва халқи он рӯ меорад ва мушаххасан ба онҳо барнома мешунавонад. Масалан, аз 6 июни соли 2002-юм барномаи махсус барои Ироқ пахш мешавад. Дар он мусиқии ором ва баъд барномаи сиёсӣ, вале бе тарғибот садо медиҳад, то ки эътимоди шунавандаҳо, махсусан ҷавононро, ки дар Ироқ аксари аҳолиро ташкил медиҳанд, ба даст орад. Интихоби мавзӯъ дар радио аз афзалияти сиёсати хориҷии ИМА вобаста аст.

"Шумо моро гӯш мекунед, мо шуморо. Мо мехоҳем, ки ба рушди озодӣ ва демократия мусоидат намоем. Бинобар ин ба ҳама мубоҳисаи озод ва табодули назарро пешниҳод мекунем» [6], гуфта буд дар солҳои аввали фаъолияти Радиои «Сава» Норман Паттиз, собиқ узви Шӯрои идораи пахши барномаҳои хориҷии ИМА. Воқеан, ӯ ровии телевизион, бизнесмени соҳаи ВАО буда, соли 1976 Ширкати «Westwood One»-ро таъсис дод, ки баъдан ба бузургтарин шабакаи радиоӣ дар ҷаҳон табдил ёфт. Н. Паттиз ҳамчунин соли 2010 Ширкати «Courtside Entertainment Group»-ро таъсис дода, директори генералии он буд.

Ӯ, вақте ки раиси кумита оид ба корҳои Шарқи Наздики Шӯрои идораи пахши барномаҳои хориҷии ИМА буд, дар таъсиси Радиои «Сава» ва Телевизиони «Ал-Ҳурра» кумак кардааст [17].

Пеш аз он ки Норман Паттиз фаъолияти радиоро ба роҳ монад, дар тӯли ду ҳафта бо завқааш ва якчанд кормандони дигар ба кишварҳои Шарқи Наздик ва Африкаи Шимолӣ сафар карда, аудиторияи радио ва холигии фазои иттилоотиро омӯхт [11].

Маълум шуд, ки 60 фоизи аҳолии минтақа то 30-сола мебошанд ва ба сиёсат таваҷҷуҳ надоранд. Бинобар ҳамин ҳам ҳудуди 75 фоизи вақти барномаҳои Радиои «Сава»-ро суруду мусиқӣ ташкил медиҳанд.

Ба қавли ӯ бори аввал буд, ки формати ғарбии радио дар Шарқи Наздик барои ҷалби шунавандаҳо муваффақ истифода шуд. "Мо инкор намекунем, ки ҷавонон Радиои «Сава»-ро барои мусиқиаш гӯш мекунанд. Вале ҳамзамон мо барои шунавандаҳо иттилои ҷиддитарро пахш мекунем"[6], - гуфта буд Н. Паттиз. Дар як муддати кӯтоҳ Радиои «Сава» бо пахши мусиқиаш байни ҷавонони араб нисбати радиоҳои маҳаллӣ маҳбуб гардид. Онҳо радиоро гӯш мекунанд ва медонанд, ки баъди барномаи иттилоотӣ боз мусиқӣ пахш мешавад.

Радиои «Сава» дар мавҷҳои миёна (АМ), FM, моҳвораҳои «Eutelsat», «Nilesat», «Arabsat» ва дар Интернет барнома пахш мекунад.

Чӣ хеле ки қайд намудем, Радиои «Сава» дар баробари барномаҳои умумӣ барои ҳар кишвари минтақа барномаҳои алоҳида пахш мекунад, ки дар Интернет ҳам дастрасанд. Масалан, Радиои «Сава - Миср», Радиои «Сава - Ироқ», Радиои «Сава - Урдун», Радиои «Сава - Халиҷ», Радиои «Сава - Лубнон», Радиои «Сава - Либиё», Радиои «Сава - Марокко» ва Радиои «Сава - Судон». Аз ҷумла, Радиои «Сава - Марокко» ахбори ҷорӣ, барномаҳои тафреҳӣ ба забони арабӣ барои кишварҳои Шарқи Наздик ва ғайра пахш мекунад. Дар радио суруду мусиқии маҳаллӣ ва ғарбӣ пахш мешаванд [7].

Барномаҳои Радиои «Сава» борҳо ғолиби озмунҳои байналмилалӣ гардидаанд. Аз ҷумла, барномаи «Марди минаҳои заминӣ»-и Радиои «Сава», ки дар бораи марди ироқӣ нақл мекунад, соли 2016 дар бахши «Беҳтарин маводи радиожурналистӣ» ғолиби озмуни Ассосиатсияи пахши байналхалқӣ гардид. Қаҳрамони барнома 22 сол қабл дар натиҷаи таркиши мина ҳар ду пояшро аз даст додааст, вале ба ин нигоҳ накарда, дар марзи Ироқу Эрон мина меҷӯяд [23].

Аз рӯи иттилои ширкати таҳқиқотии Gallup, Телевизиони «Ал-Ҳурра» ва Радиои «Сава» дар Шарқи Наздик 25,7 миллион нафар муштарӣ доранд.

Телевизиони «Ал-Ҳурра». Ибтидои солҳои 2000-ум телевизионҳои маҳаллии арабӣ нисбати ИМА ва сиёсати он дар минтақа назари хуш надоштанд ва ин албатта, ба тафаккури бинандагон нисбати ин кишвари абарқудрат ақидаи манфиро ба вуҷуд меоварданд. Ин нуктаро ба назар гирифта, мансабдорони Ҳукумати ИМА қӯшиш карданд, ки бо таъсиси як шабакаи телевизионӣ ба забони арабӣ масъаларо барои худ ҳал бикунанд.

Норман Паттиз, узви собиқи Шӯрои идораи пахши барномаҳои хориҷии ИМА (BBG) дар баробари Радиои «Сава» асосгузори таъсиси Телевизиони «Ал-Ҳурра» мебошад [25].

Ба қавли Н. Паттиз назари бинандаҳои араб ба ИМА вобаста ба инъикоси ҷанг дар Афғонистон, Ироқ ва муноқишаҳои Исроилу Фаластин дар ахбори телевизионҳои маҳаллӣ таъсири манфӣ мерасонад. Барои тарғиби сиёсати ИМА ва баланд бардоштани обрӯи он дар кишварҳои арабзабон бояд барои ин минтақа телевизиони моҳворавии арабӣ таъсис дода мешуд.

Дар натиҷаи кӯшишҳои Н. Паттиз ҳукумати президент Буш аз Конгресси ИМА барои соли аввали фаъолияташ 62 миллион доллар маблағ гирифт. Ҳамин тавр тирамоҳи соли 2003 сохтмони бинои телевизион оғоз гардид.

Телевизиони «Ал-Ҳурра» шабакаи моҳворавӣ буда, аз 14 феврали соли 2004 ба забони арабӣ ва лаҳҷаҳои он ба 22 кишвари Шарқи Наздик ва Африкаи Шимолӣ аз қабили Алҷазоир, Аморати Муттаҳидаи Араб, Арабистони Саудӣ, Баҳрайн, Ироқ, Кувайт, Қатар, Лубнон, Либиё, Мавритания, Марокко (Марокаш), Миср, Ҷибутӣ, Урдун, Уммон, Фаластин, Сомалӣ, Судон ва Яман барнома пахш мекунад [10].

Телевизиони «Ал-Ҳурра» ба Шабакаҳои пахши Шарқи Наздик тааллуқ дошта, аз ҷониби Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ маблағгузорӣ (аз ҷониби Конгресс) ва идора карда мешавад. «Ал-Ҳурра» аз забони Арабӣ маънои «озод»-ро дорад ва ба монанди дигар расонаҳои тарғиботии ИМА, аз қабили Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ», Радиои «Осиёи озод» номгузорӣ шуда, барои ҷанги иттилоотӣ истифода мешавад. Сомонаи расмии телевизиони мазкур www.alhurra.com мебошад.

Мақари асосии Телевизиони «Ал-Ҳурра дар шаҳри Спрингфилди иёлоти Виргиния ҷойгир аст. Шабакаи мазкур ҳамчунин дар Бағдод ва Дубай бюро дошта, марказҳои истеҳсоли барномаҳояш дар Бейрут, Байтулмуқаддас, Қоҳира ва Вашингтон ҷойгиранд. Телевизиони «Ал-Ҳурра» дар кишварҳои Шарқи Наздик, Африкаи Шимолӣ, ИМА ва Аврупо хабарнигорони худро дорад.

Рисолати телевизиони мазкур ба қавли муассисаш пешниҳоди иттилои аниқ ва воқеиву беғараз буда, он арзишҳои демократиро дастгирӣ менамояд.

Телевизиони «Ал-Ҳурра» шабонарӯзӣ ба забони арабӣ ахбор ва барномаҳои таҳлилӣ пахш мекунад ва ҳафтае беш аз 17 миллион бинанда дорад. Ҳоло вай аз рӯи маъруфият дар байни телевизионҳои хориҷии арабизабон BBC, «France 24 Arabic», RTV, CCTV, CNNi, «Sky Arabia» ва RT ҷой гирифтааст.

Моҳи апрели соли 2004 шабакаи нави телевизионии «Ал-Ҳурра - Ироқ» ба пахши барномаҳояш оғоз кард. Муҳтавои асосии ин шабака барномаҳои Телевизиони «Ал-Ҳурра» буда, дар он иловатан барномаҳои махсус барои бинандаҳои Ироқ пахш мешаванд.

Телевизиони «Ал-Ҳурра» шабонарӯзӣ барнома пахш карда, ба мисли расонаҳои дигари тарғиботии ИМА барои бинандагон ройгон аст. Телевизиони мазкур ба ғайр аз ахбори минтақавӣ ва ҷаҳон вобаста ба ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқи занон, озодии виҷдон, озодии баён, навиди варзиш ва илму техника барнома пахш менамояд. Ҳамчунин вай барномаҳои иттилоотии машҳури телевизиони ИМА аз қабили «60 дақиқа»-и CBS-ро бо тарҷумаи забони арабӣ бознашр мекунад.

«Имрӯз» (اليوم) – барномаи мустақими ҳарӯзаи сесоата буда, ҳамзамон аз офисҳои Телевизиони «Ал-Ҳурра» дар 5 мамлакат - аз Дубай, Бейрут Қоҳира, Байтулмуқаддас ва шаҳри Спрингфилд пахш мешавад. Дар барнома ахбори охирини кишварҳои Шарқи Наздик, ИМА ва тамоми ҷаҳон инъикос мегардад. Ҳамчунин дар он масоили сиҳатӣ, тафреҳ, варзиш ва иҷтимоиёт баррасӣ мегардад. Дар барнома мусоҳибаҳо бо сиёсатмадорон, бизнесменҳо, варзишгарон ва ғайра пахш машаванд.

Барномаи «Вашингтон аз дохил» (داخل الداخل واشنطن) ҳар ҳафта як маротиба пахш гардида, дар он дар қатори меҳмонони мансабдор аз Қасри Сафед, Конгресс, Додгоҳи олии ИМА ва ғайра, ҳамчунин рӯзноманигорон аз газетаҳои «The New York Times», «The Wall Street Journal» ва расонаҳои дигар иштирок карда, масоили сиёсати Америкаро баррасӣ менамоянд.

Ҳунна (назари занон) барномаи яксоатаи ҳафтаина аст, ки дар он занҳои муваффақи араб масъалаҳои мубрами минтақаро баррасӣ мекунанд.

«Баробарӣ» (المساواة) ток-шоуи ҳарҳафтаина аст, ки дар он ҳуқуқи занон дар халиҷи Форс ва Шарқи наздик баррасӣ мешавад.

«Ҳикоёти Акрами Хузам (حكايات مع أكرم خزام) барномаи мустанад аст, ки ҳар ҳафта оид ба масоили иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, аз қабили бекорӣ, меҳнати кӯдакон, бесаводӣ, хатнаи занон ва муҳоҷират ба кишварҳои Ғарб дар кишварҳои Араб пахш мешавад.

Дар ток-шоуи ҳафтаинаи «Гуфтугӯи халиҷ (حديث الخليج) масъалахои муҳими сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таҳсилотии халиҷи Форс баррасӣ мегарданд.

Барномаи мустанади «Америкоиҳо» ("الأمريكيين") дар бораи ҳаёти рӯзмараи сокинони ИМА, эътиқоди онҳо ва андешаашон дар бораи оянда нақл мекунад.

Барномаи ҳафтаинаи «Вол стрит» (مين وول ستريت) аз биржаи саҳмияҳои Ню-Йорк пахш шуда, дар он оид ба ахбори молиявӣ аз тамоми ҷаҳон маълумот дода мешавад.

Дар барномаи «Чашмандоз» (لتركيز) ҳисоботҳои гуногун аз тамоми олам оид ба сиёсат, илму фарҳанг, бизнес ва ғайра пахш мешаванд. Дар ҳисоботҳо ҳамчунин барномаҳо аз бойгонии «News Hour»-и Телевизиони PBS, ки ба забони арабӣ тарҷума шудаанд, намоиш дода мешаванд.

«Ал-маҷалла» (المجلة) барномаи мустанад аст, ки асосан ба таърихи Иёлоти Муттаҳидаи Америка бахшида шудааст. Дар он ҳуқуқи шаҳрвандии ИМА, меъморӣ, навъҳои шадиди варзиш, санъат ва тарзи ҳаёти америкоиҳо ва ҳаёти арабҳои муваффақи америка баррасӣ мегардад.

Дар барномаи ҳафтаинаи яксоатаи «Ҳадяи Ал-Ҳурра» (هدايا الحرة) мусоҳибаҳо бо хабарсозони маъруфи Шарқи Наздик пахш карда мешавад.

Дар ҳамин ҳол телевизион дар баъзе масъалаҳо худсонсурӣ мекунад. Ба навиштаи муҳаққиқи телевизионҳои Шарқи наздик, профессори британӣ Наомӣ Сакр Телевизиони «Ал-Ҳурра» дар пахши ахбори ҳарбӣ вобаста ба ИМА сонсурро риоя карда, маълумоте, ки ба низомиёни ин кишвар зиён меорад, пахш намекунад [22].

Ба қавли аввалин директори барномаи ахбори Телевизиони «Ал-Ҳурра» Муаффақ Ҳарб, ки соли 2006 истеъфо дод, дар барномаҳои иттилоотӣ на ин ки хабарҳо пахш мешуданд, балки сиёсати хориҷии ИМА пеш бурда мешуд. Он вақт ҳадафи телевизион на хуш омадан ба бинандаҳои араб, балки мақбул шудан ба Вашингтон буд [26].

Қобили зикр аст, ки Телевизиони «Ал-Ҳурра» бо беш аз 550 шабакаҳои моҳворавӣ ба забони арабӣ, ки дар Шарқи наздик барнома пахш мекунанд, рақобат дорад.

Хабарнигорони Телевизиони «Ал-Ҳурра» борҳо аз ҷониби мақомоти давлативу ғайридавлатии кишварҳои пахши барномаҳо ва ашхоси алоҳида мавриди лату кӯб ва зӯроварӣ қарор гирифтаанд. Масалан, моҳи октябри соли 2010 дар Ироқ хабарнигори ғайриштатӣ Таҳрир Кадхим Ҷавод дар натиҷаи инфиҷори мошинаш кушта шуд [16]. Моҳи марти соли 2011 бошад, хабарнигор Абдул Карим Ал-Шайбонӣ дар шаҳри Санои Яман аз ҷониби шахсони номаълум лату кӯб шуд.

Барномаҳои Телевизиони «Ал-Ҳурра» борҳо бо ҷоизаҳои озмунҳои байналхалқӣ қадр гаштаанд. Аз ҷумла, соли 2018 ролики тарғиботии Телевизиони «Ал-Ҳурра» ба филми «Баромад аз ДИИШ» соҳиби медали нуқраи Фестивали байналхалқии телевизион ва кино дар Ню-Йорк гардид.

Соли 2017 барномаи ҳафтаинаи «Ал-Маҷалла»-и Телевизиони «Ал-Ҳурра» дар бахши «Санъат ва фарҳанг»-и Озмуни ҳарсолаи Ассосиатсияи пахши байналхалқӣ (AIB) дар Лондон ғолиб омад.

Радиои «Офия Дарфур». 29-уми сентябри соли 2008 Шабакаҳои Шарқи Наздик барои минтақаи Дарфури Судон ва қисми шарқии Ҷумҳурии Чад лоиҳаи нави худро ба забони арабии судонӣ бо номи Радиои «Офия Дарфур» (عافية دارفور) - сиҳатии Дарфур роҳандозӣ намуд. Барномаи аслии ҳаррӯзаи он, аз ахбор ва мусоҳибаҳо бо ашхоси расмии ИМА, коршиносон оид ба ҳуқуқи инсон, намояндаҳои ТҒД, гурӯҳҳои мусаллаҳ, гурезаҳои даргириҳо дар Судон ва фаъолони ҷомеа иборат буд. Ҳамчунин дар барнома хулосаи матбуоти хориҷӣ оид ба Судон ва масоили фарҳангу мероси фарҳангӣ пахш мешуданд. Барномаи аслии нимсоатаи Радиои «Офия Дарфур» дар мавҷи кӯтоҳ ба вақти Судон дар соати 21 пахш шуда, он ҳамон рӯз соати 22 ва рӯзи дигар соати 6-и субҳ такрор мешуд. Дар таъсиси радиои мазкур профессорон Зубайр Усмон Тайиб ва Заҳра Ал-Ола Абу Зайд саҳми зиёд доранд [9].

Баъди қариб 10 соли пахш, 10-уми сентябри соли 2018 Радиои «Офия Дарфур» фаъолияташро қатъ кард [18].

Сабаби қатъи фаъолияти радиоро муассисонаш ба камбуди молиявӣ нисбат медиҳанд. Вале ба назари мо, сабаби асосӣ, ин рисолати худро иҷро кардани радио мебошад. Зеро ҳанӯз 15 ноябри соли 2008 бо ибтикори радиои мазкур барои Судон Радиои «Дабанга» таъсис ёфта буд, ки тӯли ин солҳо хеле рушд кард ва ҳоло шабонарӯзе дуву ним соат барнома пахш мекунад. Соли 2013 бошад, шабакаи моҳворавии Телевизиони «Дабанга» ба фаъолият шурӯъ кард [12].

Радиои «Дабанга» лоиҳаи Шабакаи Радиои «Офия Дарфур», Иттиҳоди журналистони Судон ва созмонҳои байналхалқӣ оид ба рушди ВАО бо дастгирии консорсиуми донорҳои байналхалқӣ, созмонҳои башардӯстона ва ТҒД-и маҳаллӣ мебошад. Вай аз ҷониби Созмони «Free Press Unlimited», ки дар Нидерланд аст, идора карда мешавад.

Ба қавли ҳукуматдорони Судон Радиои «Дабанга» ба мухолифин тааллуқ дошта, аз хориҷ маблағгузорӣ мешавад. Аз ҳамин сабаб радио дар пахши хабарҳо беғараз нест ва воқеиятро намегӯяд. Аз ҷумла, радио аз қавли Созмони ҳифзи ҳуқуқи инсон (Human Rights Watch) дар бораи моҳи октябри соли 2014 таҷовуз шудани беш аз 200 занону духтарон дар Дарфур аз ҷониби ҳарбиёни Судон иттилоъ дода буд. Президенти Судон Умар ал-Башир ин хабарро дар мусоҳибааш ба Телевизиони «Евронюс» такзиб карда, гуфт, ки Комиссияи СММ ин воқеаро тафтиш кард ва хабар тасдиқ нашуд [5].

Ҳамин аст, ки ҳукуматдорони Судон кӯшиш мекунанд, ки Радиои «Дабанга», ки худро расонаи мустақил медонад, дар кишвар пахш нашавад. Аз ҷумла, 18-уми феврали соли 2018 Ширкати моҳворавии хизматрасонии Миср «Nilesat» пахши мавҷи Радиои «Дабанга»-ро бе огоҳии пешакӣ қатъ карда буд ва танҳо рӯзи дигар мавҷи ин лоиҳаи

Радиои «Офия Дарфур» дар моҳвораи «Eutelsat» барои шунавандаҳо дастрас гардид. Ба қавли вазири иттилооти Судон ҳукумати онҳо оид ба пахши барномаҳои радио аз ҷониби ширкати моҳворавӣ «Nilesat» ба ҳукуматдорони Миср шикоят карданд. Вале ба ин мушкилот нигоҳ накарда, Радиои «Дабанга» бо кумаки созмонҳои хориҷӣ фаъолияти худро ба таври муваффақ идома медиҳад.

Лоиҳаҳои интернетӣ. Соли 2015 бо роҳбарии президенти вақти Шабакаҳои пахши Шарқи Наздик Брайан Т. Коннифф лоиҳаи чандрасонаии «Садо баланд бикун» роҳандозӣ шуд, ки ҳамаи расонаҳои ширкати мазкурро фаро гирифта, тавассути телевизион, радио ва Интернет амалӣ мегардад. Лоиҳаи мазкур барои бурдани тарғибот зидди гурӯҳи ифротиву террористии «Давлати исломӣ», махсусан дар Ироқу Сурия равона шудааст. Он ба муштариён имкони ибрози озодонаи назарашонро доир ба ин масъала муҳайё мекунад. Дар муҳлати беш аз як соле, ки лоиҳаи «Садо баланд бикун» роҳандозӣ шуд, танҳо дар саҳифаҳои «Facebook»» 1,3 миллион обуначиён сабти ном шуданд ва ба қиссаҳои дар ин ҷо чопшуда 350 ҳазор шарҳ навиштанд [24]. Лоиҳа ҳамчун радио-шоу пешкаши шунавандагон мегардад ва таваҷҷуҳи онҳоро ҷалб мекунад.

Дар ин лоиҳа ҳамчунин ҷонибдорони гурӯҳи мамнуи ифротиву террористии «Давлати исломӣ» низ метавонистанд озодона иштирок бикунанд ва ақидаи худро иброз доранд.

Баъди муваффақ шудани «Садо баланд бикун» лоиҳаи интернетии «Садоҳои Мағриб» оғоз гардид. Шабакаҳои пахши Шарқи Наздик барои иттилоотонӣ ва ҳамкорӣ бо мардуми Мағриби Африкаи Шимолӣ моҳи майи соли 2017 сомонаи «Садоҳои Мағриб»-ро бо суроғаи https://www.maghrebvoices.com/ роҳандозӣ намуд [19].

Сомонаи мазкур барои қариб 100 млн. нафар сокинони минтақа пешбинӣ шуда, дар мубоҳисаҳои он масъалаҳои доғи рӯз аз қабили муборизаи бар зидди гурӯҳи «Давлати исломӣ», ҳуқуқи инсон, коррупсия, одамфурӯшӣ, ғуломӣ, ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ баррасӣ мешаванд.

Барои осон шудани мубоҳисаҳо кормандони «Садоҳои Мағриб» роҳбарони ҷамоаҳоро ҷалб мекунанд. Онҳо ба кӯчаҳои Марокаш, Алҷазоир, Тунис, Либиё ва Мавритания баромада, назари шаҳрвандони оддиро оид ба мавзӯъҳои муҳим мегиранд ва тавассути сомона пахш мекунанд. Ҳамчунин дар сомона ахбори ҷамоаҳои Мағриб, ИМА, Нидерланд, Франсия ва Испания пахш мешавад.

Масалан, дар як бахши сомонаи мазкур гурезаҳо дар бораи пайваст шуданашон ба гурӯҳҳои террористӣ ва баъди дарк кардан гурехтан аз онҳоро нақл мекунанд. Дар як бахши дигари сомона муштариён саволи дилхоҳашонро оид ба ИМА пурсон мешванд. Ба ин суолҳо кормандони сомона посухи муфассал медиҳанд. Ҳамчунин барои муштариён муҳтавои видеоӣ ва ғайра пешниҳод мешавад. Барои онҳое, ки мехоҳанд забони англисиро омӯзанд, дар сомона дарсҳои Радиои «Садои Америка» дастрас мебошанд.

«Садоҳои Мағриб» ҳамчунин барои мубоҳисаҳои шабонарӯзӣ аз шабакаҳои иҷтимоӣ чун «Facebook», «Instagram», «Snapchat», «Twitter» ва «WhatsApp» истифода мекунад.

Чӣ тавре ки қаблан зикр кардем, расонаҳои америкоӣ мекӯшанд, ки муштариёни худро ба иртиботи тарафайн ҷалб намоянд. Дар ҳамин ҳол Шабакаҳои пахши Шарқи наздик барои шарҳнависӣ дар сомонаҳо ва саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоии худ талаботи хосаро ҷорӣ кардааст. Масалан, шарҳи хонандаҳо набояд аз 300 калима зиёд бошад. Дар сурати аз ин меъёр зиёд будани шарҳ он чоп карда намешавад [13]. Ҳангоми навиштан шореҳ набояд аз забони дағалу хусуматомез ва ба зӯроварӣ даъваткунанда истифода барад.

Ҳамчунин хонандаҳо дар навиштаҳои худ набояд касеро тарсонанд, таҳқир кунанд, суханҳои ноҷо гӯянд, ба нажодпарастӣ роҳ диҳанд ва умуман ҳуқуқи қонунии дигаронро поймол намоянд.

Ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ низ набояд поймол карда шавад. Дар шарҳҳо тарғиботи шахс, молу хизматрасонӣ ва брендҳо низ манъ аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Муким Дж. Радио «Свобода»: ложь и правда. Монография / Джовид Муким. - Душанбе: «Деваштич», – 2005. – 181 с.
2. Муқимов М. А. Нақши ВАО дар низоми нави ҷаҳонӣ / М.А. Муқимов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ,. - Душанбе: Сино, 2018. -№ 2 - С. 251 – 255.
3. Муқимов М. А. Ҷанги иттилоотӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотӣ / М.А. Муқимов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017.- 4/2. - С. 266.-271.
4. Муқим Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ. Монография / Ҷовид Муқим. – Душанбе: Деваштич, 2006.- 71 с.
5. Президент Судана ответил на обвинения в отношении суданских военнослужащих:/ Euronews. 2018. [Манбаи электронӣ] -- URL: https://ru.euronews.com/2015/02/13/euronews-exclusive-sudan-president-challenges-reports-of-mass-rape-by-soldiers (Санаи истифодабарӣ: 15.10.2018).
6. Радиовойна против Ирака:/ Deutsche Welle. 2018. [Манбаи электронӣ] -- URL: https://www.dw.com/ru/%D1%80%D0%B0%D0%B4%D0%B8%D0%BE%D0%B2%D0%BE%D0%B9%D0%BD

%D0%B0-%D0%BF%D1%80%D0%BE%D1%82%D0%B8%D0%B2-%D0%B8%D1%80%D0%B0%D0%BA%D0%B0/a-813260 (Санаи истифодабарӣ: 10.10.2018).
7. Радио «Сава Марокко»:/ LiveOnlineRadio.Net. 2018. [Манбаи электронӣ] - https://www.liveonlineradio.net/ru/morocco/radio-sawa-maroc.htm (Санаи истифодабарӣ: 29.09.2018).
8. About Radio SAWA:/ Radio SAWA. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.radiosawa.com/AboutUs (Санаи истифодабарӣ: 29.09.2018).
9. Afia Darfur shut down:/ Afia Darfur/ 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: http://www.afiadarfur.com/afiadarfur-shut-down/ (Санаи истифодабарӣ: 15.10.2018).
10. Alhurra:/ Wikipedia. 2018. Манбаи электронӣ] - URL: https://en.wikipedia.org/wiki/Alhurra (Санаи истифодабарӣ: 12.10.2018).
11. Al Jazeera, Radio Sawa founders report on Media in the Middle East:/ International.ucla.edu. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: http://www.international.ucla.edu/lai/article/5087#.W7D0TdRkit8 (Санаи истифодабарӣ: 12.10.2018).
12. Beginning of Radio Dabanga:/ Radio Dabanga. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.dabangasudan.org/en/about-us (Санаи истифодабарӣ: 12.10.2018).
13. Commenting policy:/ Radio Sawa. 2018 . [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.radiosawa.com/p/407.html (Санаи истифодабарӣ: 11.10.2018).
14. Company Overview of Alhurra Television:/ Bloomberg L.P. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.bloomberg.com/research/stocks/private/snapshot.asp?privcapId=12617501 (Санаи истифодабарӣ: 11.10.2018).
15. Company Overview of Middle East Broadcasting Networks, Inc. :/ Bloomberg L.P. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.bloomberg.com/research/stocks/private/snapshot.asp?privcapid=24739353 (Санаи истифодабарӣ: 11.10.2018).
16. Freelance cameraman slain in Iraq:/ CPJ. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: http://www.cpj.org/2010/10/freelance-cameraman-slain-in-iraq.php (Санаи истифодабарӣ: 14.10.2018).
17. From Westwood One to PodcastOne, Pioneer Norm Pattiz:/ Audioboom. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: https://audioboom.com/posts/3356355-from-westwood-one-to-podcastone-pioneer-norm-pattiz (Санаи истифодабарӣ: 12.10.2018).
18. Lack of funding causes Radio Afia Darfur to stop its broadcasts:/ Radio Dabanga. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.dabangasudan.org/en/all-news/article/lack-of-funding-causes-radio-afia-darfur-to-stop-its-broadcasts (Санаи истифодабарӣ: 13.10.2018).
19. MBN's Maghreb Voices, a new platform for open and free discussions:/ BBG. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.bbg.gov/2017/05/24/mbn-maghreb-voices-platform-for-open-and-free-discussions/ (Санаи истифодабарӣ: 12.10.2018).
20. Middle East Broadcasting Networks. Alhurra and Radio Sawa:/ BBG. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.bbg.gov/networks/mbn/ (Санаи истифодабарӣ: 27.09.2018).
21. Mission:/USAGM. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.usagm.gov/networks/mbn/ (Санаи истифодабарӣ: 25.09.2018).
22. Naomi, Sakr. Arab Television Today:/ Sakr, Naomi. - I.B. Tauris. -2007, p. 63.
23. Radio Sawa documentary shortlisted for AIB award:/ USAGM. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.usagm.gov/award/radio-sawa-documentary-shortlisted-aib-award/ (Санаи истифодабарӣ: 18.10.2018).
24. "Raise Your Voice" campaign makes an impact in Iraq:/ BBG. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.bbg.gov/2016/09/30/raise-voice-makes-impact-iraq/ https://www.rfa.org/about/info/15th-anniversary-resolution.html (Санаи истифодабарӣ: 25.09.2018).
25. U.S. Senate Committee on Foreign Relations. "The Broadcasting Board of Governors: Finding The Right Media For The Message In The Middle East (PDF)".- U.S. Government Printing Office, 2004.- April 29.
26. Whitlock, Craig. U.S. Network Falters in Middle East Mission:/ Craig Whitlock. - The Washington Post, 2008.- 22 June.

ШАБАКАҲОИ ПАХШИ ШАРҚИ НАЗДИК ТАРҒИБГАРИ МАНФИАТҲОИ ИМА

Дар мақола нақши шабакаҳои пахши Шарқи Наздик дар амалӣ намудани ҳадафҳои геополитикии ИМА баррасӣ гардидааст. Шабакаҳои пахши Шарқи Наздик ташкилоти ғайритиҷоратии иттилоотии ИМА буда, телевизионҳои «Ал-Ҳурра», «Ал-Ҳурра-Ироқ», Радиои «Сава», Радиои «Офия Дарфур», лоиҳаҳои интернетии «Садо баланд бикун», «Садоҳои Мағриб»-ро идора мекунад. Расонаҳои мазкур ба забони арабӣ буда ба қавли муассисонаш ҳамчун пуле байни ИМА ва мардуми кишварҳои Шарқи Наздик ва Африкаи Шимолӣ хизмат мекунанд. Онҳо дар бораи Америка иттилои аниқу воқеӣ пахш карда, муштариёнро бо сиёсати ин кишвар ва одамонаш шинос менамоянд. Ҳамчунин дар Телевизиони «Ал-Ҳурра» ва Радиои «Сава» мубоҳисаҳо оид ба ҳуқуқи инсон, осодии баён ва дин сурат мегирад, ки ин мавзӯъҳо дар ВАО-и Шарқи Наздик баррасӣ намешаванд. Шабакаҳои пахши Шарқи Наздик ҳамчунин аз тариқи Интернет тавассути функсияи MBN «Digital» фаъолияти густурда бурда, муҳтавои шабакаҳои иҷтимоиро барои телевизион ва радио мувофиқ менамояд. Масалан, MBN «Digital» барои аудиторияи худ ҳисоботҳои асливу иттилооти интерактивӣ аз тариқи «Facebook» ва омезиши онҳоро дар вақти пахши барномаҳои эфирӣ пешниҳод мекунад. Дар вақти прайм-тайми барномаҳои иттилоотиву ҷорӣ бошад, дар шабакаҳои иҷтимоӣ расонаҳои иҷтимоӣ пахш карда мешаванд. MBN аз буҷаи федеролии ИМА маблағгузорӣ гардида, аз ҷониби Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ идора карда мешавад. Штаб-квартираи ширкати мазкур дар шаҳри Спрингфилди иёлоти Виргиния ҷойгир аст. Шабакаҳои мазкур барномаҳои худро аз штаб-квартираи MBN дар Виргинияи Шимолӣ ва бюроҳояш дар Қоҳира, Дубай, Байтулмуқаддас, Бейрут, Эрбил, Работ, Бағдод ва Вашингтон пахш мекунад. Ҳамчунин MBN дар тамоми Шарқи Наздик ва Африкаи Шимолӣ хабарнигорони худро дорад. Дар сохторҳои Шабакаҳои пахши Шарқи Наздик 869 нафар фаъолият карда, буҷаи солонаи он ба 112,6 млн. доллари ИМА баробар аст.

Калимаҳои калидӣ: «Facebook», «Twitter», «YouTube», «Instagram», «WhatsApp», Радиои «Озодӣ», Радиои «Сава», Радиои «Дабанга», Телевизиони «Ал-Ҳурра», шабакаи иҷтимоӣ, ҷанги иттилоотӣ, тарғибот, ИМА, Ироқ, Судон, Дарфур.

БЛИЖНЕВОСТОЧНЫЕ СЕТЫ ПРОПАГАНДИЧЕСКАЯ ВЕЩАНИЯ ИНТЕРЕСОВ США

В статье анализируется роль Ближневосточных сетей вещания в ведение пропаганды для решения геополитических целей США. Ближневосточные сеты вещания являются некоммерческой информационной организации США, которая управляет телевидением «Ал-Хурра», «Ал-Хурра-Ирак», Радио «Сава», Радио «Афья Дарфур», интернетные проекты «Поднимай свой голос» и «Голоса Магриба». Эти СМИ ведут передачи на арабском языке и, по словам их основателей, служат мостом между США и народами стран Ближнего Востока и Северной Африки. Оны передают об Америке объективную и беспристрастную информацию, и знакомят свою аудиторию с политикой США и жизнь их людей. Также в Телевидение «Ал-Хурра» и Радио «Сава» передаются дебаты про права человека, свобода слова и вероисповедания, которые не освещаются местными СМИ. Также Ближневосточные сеты вещания ведут активные действие в Интернете через функции MBN «Digital». Они содержание социальных сетей адаптируют для телевидения и радио. К примеру, «Digital» для своей аудитории во время прямых трансляций через «Facebook» представляет оригинальных отчетов и интерактивных информаций. В прайм-тайме информационные и повседневные программы передаются в социальных сетях. Ближневосточные сеты вещания финансируются из Федерального бюджета США, и управляется Агентством США по глобальным СМИ. Сети транслируют новости и информацию из своих штаб-квартир в городе Спрингфилд в Северной Виржинии, а также бюро в Каире, Дубае, Иерусалиме, Бейруте, Эрбиле, Рабате, Багдаде и Вашингтоне. Ближневосточные сеты имеют своих корреспондентов по всему Ближнему Востоку и Северной Африке. В структурах Ближневосточных сетей вещания работают 869 человек, и годовой бюджет организации составляет 112,6 млн. долларов США.

Ключевые слова: «Facebook», «Twitter», «YouTube», «Instagram» «Telegram», «WhatsApp», Радио «Свобода», Радио «Сава», Радио «Дабанга», Телевидение «Ал-Хурра» социальные сеты, информационная война, пропаганда, США, Ирак, Судан, Дарфур.

MIDDLE EAST NETWORKS PROPAGANDIC BROADCASTING OF US INTERESTS

The article analyzes the role of the Middle East broadcasting networks in conducting propaganda to solve the geopolitical goals of the United States. The Middle East Broadcasting Sets are a non-profit US news organization that runs Al-Hurra, Al-Hurra-Iraq, Radio Sava, Afya Darfur, Raise Your Voice and The Maghreb Voices. These media outlets are broadcast in Arabic and, according to their founders, serve as a bridge between the United States and the peoples of the Middle East and North Africa. They convey objective and impartial information about America, and introduce their audiences to US policy and the lives of their people. Also, Al-Hurra TV and Radio Sava broadcast debates about human rights, freedom of speech and religion, which are not covered by the local media. Also, the Middle East broadcasting networks are active on the Internet through the MBN Digital functions. They adapt the content of social networks for television and radio. For example, "Digital" for its audience during live broadcasts through "Facebook" presents original reports and interactive information. In prime time, information and everyday programs are transmitted in social networks. Middle East broadcasting networks are funded from the US federal budget, and are managed by the US Global Media Agency. The networks broadcast news and information from their headquarters in the city of Springfield in Northern Virginia, as well as offices in Cairo, Dubai, Jerusalem, Beirut, Erbil, Rabat, Baghdad and Washington. Middle Eastern sets have their correspondents throughout the Middle East and North Africa. In the structures of the Middle East broadcasting networks 869 people work, and the annual budget of the organization is 112.6 million US dollars.

Key words: Facebook, Twitter, YouTube, Instagram, Telegram, WhatsApp, Radio Liberty, Radio Sava, Radio Dabanga, Television Al-Hurra, social networks, information war, propaganda, USA, Iraq, Sudan, Darfur.

Сведения об авторе: ***Мукимов Мухамади Аминович (Джовид Муким)*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Information about the author: ***Muqimov Muhamadi Aminovich (Jovid Muqim)*** - Tajik National University, Dr. of Science (Philology Science), Professor of the Department of International Journalism. **Address:** 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

УДК: 070.891.550

МУАССИРИЯТИ ГУЗОРИШИ ТАҲҚИҚӢ БАР ТАҒЙИРИ ВАЗЪИЯТИ ИҶТИМОӢ

Мухторов Қ., Аҳмал Соис
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Донишгоҳи Парвони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

Кишварҳо ва миллатҳо тавассути низомҳо ва ҳукуматҳои гуногун идора ва роҳбарӣ мегарданд, ки идораҳои ҳоким барои пешбурди умури кишвар, стратегияҳо ва полисиҳои мушаххасро дар мутобиқат ба набзи иҷтимоӣ ва ё бо пешравӣ аз низоми демократӣ таҳия ва амалӣ месозанд, ки дар низомҳои демократӣ, озодии баён ва расонаҳо ба унвони қувваи чаҳорум ҷойгоҳ ва мавқеият дорад. Давлатҳои демократӣ дорои дорои низомҳои матбуоти озод бидуни сонсур, худсонсурӣ, кадрҳои маслаки журналистӣ, техник, шароит ва муҳити муносибу мусоид мебошанд, ки маъмули гузоришҳои таҳқиқӣ дар ҳамин гуна низомҳо ва ё таҳти таъсири давлатҳои демократӣ, қудрат ва тавони тағйири иҷтимоӣ, ислоҳи фаъолиятҳои ҳукуматӣ, ҷилавгирӣ аз фасод ва истеъфои момурини олирутбаро дар худ пайдо мекунад. Дар акси он, яъне давлатҳои истибдодӣ ва низомҳои матбуоти диктатуронаи озодии баён, мафҳум ва маънӣ пайдо карда наметавонад. Ва гузашта аз он, ҷой барои журналисти таҳқиқӣ ва ё гузоришгари таҳқиқӣ намемонад. Дар ин мақолаи илмӣ кӯшиш бар он хоҳад шуд, то бар чигунагии таҳияи гузориши таҳқиқӣ ва роҳҳои

муассир сохтани гузоришҳои таҳқиқӣ бар вазъияти иҷтимоӣ ва давлатдорӣ тамаркуз намоем, то роҳе бошад барои журналистони азиз, ки дар ин замина алоқа ва тавони фаъолият ва муборизаро доранд.

Гузориши таҳқиқӣ. Гузориши таҳқиқӣ, ки дар бархе аз манобеъ аз он ба унвони акаунт (Enquate) номбурда шуда, аслан калимаи фаронсавӣ аст.

Истилоҳи фаронсавӣ барои ин навъ гузоришҳо Inquiry ба маънии таҳқиқ ё Investigaive хонда мешавад. Дар ин навъ гузориш гузоришгар бо баррасӣ ва таҳқиқоти густарда саъй мекунад, асрореро ошкор кунад, ки фард ё афрод қасди мамониат аз интишори онро доранд.

Гузориши таҳқиқӣ яке аз фаъолиятҳои хеле ҳам муфид ва боарзиш дар миёни соири фаъолиятҳои журналистӣ буда, ки сабаби дигаргуниҳои амиқ дар ҷомеаҳои имрӯза гардида ва яке аз авомили бездорандаи фасод, ихтилос, ришваситонӣ, нобаробариҳо, беадолатиҳо ва сӯистифодаҳои молӣ дар дастгоҳҳои давлатҳо, ҳукуматҳо ва ширкатҳои хусусӣ ва шахсӣ ба шумор меравад.

Ҳамон тавре ки аз номи гузориши таҳқиқӣ пайдост, таҳқиқ, ҷустӯҷӯи амиқнигарӣ, яке аз вижагиҳои муҳимми ин жанрро ташкил медиҳад. Доктор Ҳорворд Дворил дар таърифи гузориши таҳқиқӣ менависад: «Ин навъ гузориш посух ба шаш саволи аслӣ: «чӣ, чаро, чӣ гуна, кӣ, кай, куҷо» аст, ба шевае ки иттилоот ва ҷузъиёти нуҳуфтаи рӯйдодро, ки донистани иттилоот дар мавриди он ба нафъи умум аст, матраҳ кунад».

Аз дидгоҳи доктор Козим Муътамаднажод: «Гузориши таҳқиқӣ навъи гузорише аст, ки илова бар тавсиф ва тавзеҳи воқеа ба таҳқиқи амиқи масоили он низ таваҷҷуҳ дорад».

Дар канори дарёфти фаҳм аз маънӣ ва мафҳум гузориши таҳқиқӣ нуқтаи муҳимми дигари таҳияи ин гуна гузоришҳои пурмуҳтаво ва муассир, мусоид шудан пеши заминаҳо ва шароиту фазои мавриди ниёз аст, ки дар мавҷудияти он гузоришгарони таҳқиқӣ метавонанд ҳар қазияи мавриди таҳқиқро ба таври самарабахш ба натиҷа бирасонанд.

Шароит ва фазои мавриди ниёзи гузоришгари таҳқиқӣ. Давлатҳои посухгӯ: Давлатҳои устувор бар иродаи воқеии мардум ба таври мутадовим талош меварзанд, то миллатро аз рӯйдодҳои ҷории кишвар ба таври ҳақиқӣ дар ҷараён қарор диҳанд, то миллат ва мардум дар ҳар марҳалае аз тасмимгириҳову амалкарди масъулини давлат худро шарик ва эҳсоси моликият бар умури кишваре намоянд. Вале баръакс ҳукуматҳо ва масъулини диктатур ва мустанад ҳамеша барои боқӣ мондан ба сари иқтидор, заъиф сохтани мухолифини сиёсӣ, махфӣ нигоҳ доштани нуқтаҳои заъиф ва норасоиҳои эшон ва ҳамчунин баҳрабардории иқтисодӣ ва моддӣ ба нафъи шахс ё гурӯҳе иҷоза намедиҳанд, ки журналистон аз чигунагиву умқи фаъолиятҳои эшон бохабар шаванд, ки мабодо бо интиқоли воқеъиятҳои мавҷуд ба гӯши мардум, иродаи мардум ба қудрати мустабидонаи онҳо поён диҳанд ва аъмоли ғайриқонунии эшон ба ҳама ифшо гардад.

Баррасии ҳамаҷониба ва амиқ. Тавре ки гузориши инъикоси тавзеҳӣ, тафсирӣ ва тавсифии як воқеа, рӯйдод ва ё ҳодиса мебошад, гузоришҳои таҳқиқӣ бар иловаи хусусияти фавқ ба ҳамаҷонибанигарӣ ва амиқнигарӣ сару кор доранд ва моҳияти мавзӯот ва қазияҳое, ки афроди ҳақиқӣ ва ё ҳокиме мехоҳанд онро аз назари омма дур нигоҳ дошта ва бипӯшонанд, бо маҳоратҳои журналистӣ ва таҳқиқӣ ва ҳамчунон бо талошҳои хастагӣ нопазир ва мудовим, рӯшан сохта ва арзи қазоват ба назари омма пешкаш менамояд, ки дар ин замина чанд нуқта қобили диққат ва заминасоз аст:

1. Давлатҳои демократӣ бояд аз тариқи вазъ намудани қавонини мушаххас (қонуни ҳаққи дастрасӣ ба иттилоот) ва соири қавонин заминаи таҳқиқи амиқ ва ҳамаҷонибаро барои журналистон мусоид созанд, то афроди истифодаҷӯ ва муфсид натавонанд мавонеъро бар сари роҳи фаъолияти журналистон эҷод кунанд ва аз сӯйи дигар, журналистон бо хотири ором ва мутмаин ба таҳқиқи журналистии хеш идома диҳанд, ки ин замина дар мавҷудияти низоми матбуоти озодгаро таҳқиқ пазируфта метавонад на низоми матбуоти омирона.

Мавҷудияти низоми расонаи озод. Низоми расонаи озодигаро баръакси низоми омирона яке аз хубтарин низомҳоест, ки метавонад рисолати воқеии рӯзноманигорро дар худ ҷой диҳад. Дар ин низом рӯзноманигор қодир ба пурсишгарӣ ва наққодӣ мебошад, аммо дар низоми омирона коре карда наметавонад. Бар ҳамин далел мавҷудияти низоми расонаи озод яке аз заруриёти гузоришгари таҳқиқӣ аст, ки дар зери чатри ин низом метавонад кори хубтаре анҷом диҳад.

Вижагиҳои низоми омиронаро чунин ҷамъбандӣ кардаанд: дар низоми омирона матбуот ҳама имконот ва абзорҳои чопу нашр дар хидмати сиёсатҳо ва аҳдофи давлат аст. Боидҳо ва набоидҳои рӯзноманигориро режими сиёсӣ таъйин мекунад, рӯзномаҳо ва матбуот ҳаққи дахолат дар умури давлатро надоранд ва интиқод аз зимомдорони ҷурм талаққӣ мешавад. Дар низоми омирона фарз бар ин аст, ки мардум кунишпазир ва аз дарки масоили сиёсӣ оҷизанд, гарчи моликияти матбуот метавонад хусусӣ ва ё давлатӣ бошад. Аммо зарурати дарёфти ҷавози интишор, аъмоли сонсури қабл аз чоп, тааҳҳуд ва ё супурда васиқаи молӣ аз хусусиёти низоми омирона аст.

2. Дониш ва маҳорати фардӣ. Дарк ва фаҳми фардӣ яке аз шартҳои дигаре аз гузоришгари таҳқиқӣ аст, ки бояд ҳар гузоришгар, бахусус гузоришгарони таҳқиқӣ онро дошта бошанд. Агар дониш ва маҳорати фардӣ дар миён набошад, гузоришгар бо чолиш мувоҷеҳ хоҳад шуд. Бинобар ин, тавзеҳ мешавад, ки гузоришгари таҳқиқӣ бояд асосан рӯзноманигорӣ, равиши таҳқиқ, қудрати ба даст овардану ҷамъоварии маълумот ва ирояи иттилоот ба дигаронро дошта бошад.

3. Ҳусни виҷдон ҷамъи дониш. Замоне ки гузоришгар худро виҷдони гурӯҳе фикр кунад, дар ин ҳолат метавонад содиқона барои ҷомеа кор кунад дар ғайри он, на. Бинобар ин, гузоришгар бояд пешшарти калоне дошта бошад, ки ӯ содиқ будан дар қиболи худхидматгузорӣ аст. Яъне, касе мехоҳад гузоришгари таҳқиқӣ бошад, яке аз бузургтарин вижагиҳояш доштани дастгоҳи ба ном виҷдон аст, ки битавонад ҳиссиёти чашм, гӯш ва забони ҷомеаро бозӣ кунад. Агар дар ин ҳавза чизи ба ном виҷдон ҷамъу муқаддас вуҷуд надошта бошад, пас кор содиқона пеш нахоҳад рафт.

4. Имконоти созмонӣ. Яке дигар аз лузумоти гузоришгари таҳқиқӣ ин аст, ки суҳулатҳо ва имконоти созмонӣ бояд барои гузоришгар мусоид бошад, то дар гирдоварии иттилоот, таҳияи гузориш ва навиштани он ба мушкил мувоҷеҳ набошад. Имконоти созмонӣ аз қалам оғоз мешавад то камра, мутар, равобит бо созмонҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ. Таъмин кардани масорифи молӣ ва ғайра ниёзҳои дигар бар ҳамин далел имконоти созмонӣ яке аз заруриёти муҳимми дигар дар ҳавзаи таҳқиқи расонаҳо мебошад. Он ҳам барои гузоришгари таҳқиқӣ, ки бо ҳамин гуна мушкил мувоҷеҳ нашавад.

5. Мавҷудияти амният. Будани амният саросар яке аз ниёзҳоест, ки ҳама мардум онро мехоҳад то зери сояи он зиндагӣ кунад. Аммо мавҷудияти амният барои гузоришгари таҳқиқӣ далели хубе аст баҳри таҳияи гузориши таҳқиқӣ. Агар амният набошад ба ҳеҷ ваҷҳ гузоришгар қодир ба таҳияи тамоми айёри гузориш нахоҳад шуд ва ӯ наметавонад, ки ба соҳоти мухталиф ҷихати таҳияи гузориш сафар намояд. Набудани амният яке аз хатарҳои муҳимме аст, ки дар ҳар қадам гузоришгарро таҳдид мекунад ва фиқдон он боис мешавад, то рӯзноманигор кор карда тавонад.

6. Адами ҳокимияти сонсур ва набуди сонсури ғайриқонунӣ. Ҳокимият, қонун ва набуди сонсур аз ниёзҳои асаргузори гузоришгари таҳқиқӣ аст. Агар қонун дар кишвар ҳукмфармо набуд, нашри гузориш ҳам бенатиҷа хоҳад монд ва таҳаввуле ҳам дар қибол нахоҳад дошт. Ба ҳамин гуна агар сонсур вуҷуд дошт дар ин ҳолат гузоришгар дучори мушкил мегардад ва гузориши он мавриди сонсур қарор мегирад, ки сонсури ғайриқонунӣ боз хатарноктар аъмол мешавад то сонсури қонунӣ. Бинобар ин, фиқдоин сонсур дар ҷомеа барои газоришгари таҳқиқӣ бисёр муҳим ва арзишманд аст ва мавҷудияташ низ метавонад дар таҳия ва нашри гузориш бисёр муфид воқеъ шавад.

7. Маҳоратҳои таҳқиқӣ ва арзиш ба расонаҳо. Фаҳми хубтар аз равиши таҳқиқ хеле муҳим аст. Гузоришгари таҳқиқӣ бояд ба ин равиш бадеияти хубе дошта бошад, то дар гирдоварии иттилоот битавонад боқудрат ва бомаҳорат пеш биравад. Ба ҳамин гуна пазириш арзишгузорӣ ба расонаҳо ҳам бисёр муҳим ва аз ҷойгоҳи хубе бархӯрдор аст, ки арҷгузорӣ ба расона ва аҳли расона боис мешавад, то рӯзноманигор ба хубӣ дар ин ҳавза кор кунад, аммо дар ғайри он гузоришгар наметавонад бо рӯҳия пеш биравад ва ба кори гузоришгариаш идома бидиҳад.

8. Адами мавҷудияти худсонсурӣ. Баъзе шароит ва ҳолоти сиёсӣ, амниятӣ ва иҷтимоии ҳоким дар кишварҳо тавре пеш меояд, ки бидуни он ки қонуне дар робита ба сонсур бар нашриёти васоити ахбори омма вуҷуд дошта бошад. Журналистон ва бахусус гузоришгарони таҳқиқӣ ба хотири ҳарос аз фишорҳои номаъуми соҳибони қудрати давлатӣ ва ғайридавлатӣ, гурӯҳҳои зӯргӯ, бандҳои мофиёӣ ва ҷиноятқорони ҳирфаӣ бо вуҷуд доштани маълумоти комил, аз баёну инъикоси воқеият худдорӣ менамоянд ва ба наҳви изҳороти вазъ ва мустақимашон ба парокандагӣ ва ҳошияравӣ мубаддал мешаванд, ки инчунин вазъият дар зоти худ мушкили бузург ва монеаи умда дар фарорӯҳ таҳия ва нашри гузоришҳои муассир ва мусмир ба ҳисоб меояд.

Асароти гузоришгари таҳқиқӣ. Гузоришгари таҳқиқӣ таъсиргузортарин навъ аз анвои кори расонаӣ аст, ки ба ҳамин далел бархе аз пайомадҳои гузоришгари таҳқиқӣ дар зер ба баҳс гирифта шудааст, ки таҳия ва нашри як гузориши таҳқиқӣ метавонад, яке аз пайомадҳоро ба ҳамроҳ дошта бошад.

-тағйиру таҳаввули мусбат ва хатми чолишҳои иҷтимоӣ. Яке аз умдатарин пайомадҳои гузоришгари таҳқиқӣ масъалаи таҳвил ва дигаргунии мусбат аст. Нашри як гузориши таҳқиқӣ бидуни шак ба як чолиши бузурги иҷтимоӣ нуқтаи поён мегузорад. Агар гузоришгар дақиқ кор карда бошад ва аз завоёи мухталиф болои мавзӯи мавриди таҳқиқ нигоҳ карда бошад, нашри як чунин гузориш дар кишваре, ки дорои қонуну қонунмадорӣ бошад, метавонад барои поён додан ба ин чолиш, ки гузоришгар аз он пардабардорӣ кардааст, иқдоми ҷиддӣ намояд. Аммо тағйиру таҳвили бештар дар кишварҳое иттифоқ меафтад, ки ҳарфи аввалро қонун бизанад на беқонунӣ. Бо ин ҳам

рисолати гузоришгари таҳқиқӣ ҳамин аст, ки дунболи ифшогарӣ биравад, ин ки салоҳияти иҷроӣ надорад, ҳеҷ ҷойи нигаронӣ нест.

-тағйири полисӣ ё хатти маши нодурусти давлат. Гузоришгари таҳқиқӣ бо таҳия ва нашри як гузориши таҳқиқӣ метавонад, ки сиёсат ё маши нодурусти давлатҳоро тағйир бидиҳад. Ҳар шохае аз давлат агар гирифтори як полиси номуносиб бошад, пардабардорӣ аз рӯйи ин полиси нодуруст аз мукаллафиятҳои гузоришгари таҳқиқӣ аст ва овардани тағйир дар ин полисӣ аз салоҳиятҳои низоми ҳоким мебошад.

-канорагирии мақомоти фосид аз саҳнаи сиёсат ё давлат. Тардиде вуҷуд надорад, ки як мақоми давлатӣ бо фасод оғушта бошад ва сарпӯш аз ин фасодпешагӣ бардошта шавад ва дар ин ҳолат ӯ аз самташ канорагирӣ накунад, чун мустанад ва бо мадорики муътабар агар парда аз рӯйи ин фасодзадагӣ як мақом бардошта шавад. Дар ин ҳолат вуҷуди он вазъиятро тарк мекунад ва ин тарк кардан сабаб бурузи вазислоҳот мешавад. Пас канорагирии мақомоти фасод боиси фош шудани хиёнатҳои эшон баҳонаи хубе барои дафни як чолиши калони иҷтимоӣ аст.

-баланд кардани садои мардум дар пайванд ба вуҷуди мушкилотҳояшон. Гузоришгари таҳқиқӣ дунболи ин мегардад, ки садои хомӯши мардумро баланд кунад ва пояи устуворе бошад миёни миллат ва давлат. Яке аз муҳимтарин гузина барои расидан ба чолишҳои иҷтимоӣ мавҷудияти гузоришгари таҳқиқӣ аст, ки онон метавонанд бо нашри гузоришашон баҳси оммаро баланд кунанд, то онон худашон қодир шаванд, ки барои додхоҳӣ дар пайванд ба ҳаққи талафшудаашон иқдом намоянд. Дар ғайри он мушкил ба мушкилоте мубаддал мешаванд ва касе ҳам барои ҳалли ин мушкилот садо баланд намекунад.

-таваҷҷуҳ кардан ба масоил ва соҳоти дурафтода. Гузоришгари таҳқиқӣ замон ва маконро намешиносонад ва аз ҳар ҷомеа аз ҳар шаҳр то русто бароиши мафҳум нест, бароиш фақат фош кардани масоили муҳим аст, ки дигарон дар пайи сарпӯшгузорӣ ба он ҳастанд. Дар ҳар кишвар соҳоти дурафтодае ҳаст, ки ҳукумати марказӣ ба он ба таносиби шаҳрҳо камтар таваҷҷуҳ дорад ва чолишҳои эшон ҳам бештар аз шаҳрҳост. Ба ҳамин далел нашри гузориши таҳқиқӣ дар мавриди рустоҳо ва манотиқи дур аз чашми ҳукумати марказӣ яке аз пайомадҳои арзандаи соҳаи таҳқиқи расонаӣ аст, ки бо нашри як чунин гузориш таваҷҷуҳи давлат ба соҳоти дурафтода бештар хоҳад шуд.

-хӯроки хуб барои бақияи расонаҳо. Замоне ки як гузоришгари таҳқиқӣ ҳафтаҳо, моҳҳо ва ё бештар аз он болои як гузориши таҳқиқӣ кор мекунад, шаке нест, ки иттилооти фаровонеро ҷамъоварӣ кардааст. Бинобар ин, дар ин ҳолат нашри ин гуна гузориш метавонад як сужаи хуб барои расонаҳо бошад, то расонаҳое, ки тавонмандии гирдоварии иттилооти бештареро надоранд, аз ин гузоришҳо ба унвони як хӯроки доғу тоза истифода мекунанд. Як гузориши таҳқиқӣ, ки ба лиҳози замоне дар як муддати номушаххас таҳия мегардад, вақте нашр шавад, як ғавғои калонеро аз расонаҳо гирифта то мардуму масъулин дар қибол хоҳанд дошт.

Натиҷагирӣ. Бо таваҷҷуҳ ба меъёрҳои илмӣ, ҳуқуқӣ ва маслаки ҳоким дар соҳаи фаъолиятҳои журналистӣ ва низомҳои ҳоким дар кишварҳо дар сурате ки иродаи қотеъ ва воқеӣ барои ба миён овардани тағйироти муассир ва пешрафту тараққӣ аз сӯйи масъулини давлатӣ вуҷуд дошта бошад. Ҳамчунон гузоришгари таҳқиқӣ зимни доштани дониш, маслак, маҳорати нависандагӣ ва нависандагии мутаассиркунанда, огоҳӣ доштан аз вазифа ва макфиятҳои масъулини идороти давлатӣ ва ғайридавлатӣ, доштани фаҳм ва маҳорати таҳқиқу мусоид шудани шароиту ҳолот ва рафъи ниёзмандиҳое, ки аз он ёдоварӣ шуд. Мутмаинан, ки гузоришҳои таҳқиқӣ дар ҳамчу фазову шароити мунтаҷи ба канор рафтани муфсидин, ашхоси худгараз, худхоҳ, манфиатҷӯ, сӯиистифодачӯ… ва ғайра гардида ва баръакс заминаи кор барои ашхоси маслакӣ, тавоно, ватандӯст, мутааҳҳид ва холиқ дар идороти давлатӣ ва ғайридавлатӣ мусоид гардида, ки тадовими ин вазъият боиси тағйироти мусбат, муассир ва мусмир дар арсаи тараққӣ ва пешрафти миллатҳо ва кишварҳо мегардад, ки ба таври намуна метавон аз маъруфтарини ин навъ гузоришҳо, ки гузориши мавсум ба номи «вотаргит» буд, ишора кард, ки хабарнигорони рӯзномаи америкоӣ қариб ду сол баррасӣ ва пайгириву таҳқиқ бурда, аз иқдомоти хилофи қонуни раиси ҷумҳури америко дар ҷараёни муборизоти интихоботӣ бардоштанд ва вайро маҷбур ба истеъфо карданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Иброҳими Ноил. Рӯзноманигории пажӯҳишӣ. – Кобул: Чопи хонаи тамаддун, 1395.
2. Бадеъи Наим, Ҳусейн Қандӣ. Рӯзноманигории навин. – Теҳрон: Интишороти аллома Таботабоӣ, 1382. - Чопи савум.
3. ذلیق،میرمحمدصدیق.چیترد رسی. - کابل ,1395.
4. رحیل،محمدیحی.ژورنالیزم تحقیقی . -ابل :انتشارات رسالت, 1392.
5. راهل،شفیع.لکچرنوت گزارشدهی تحقیقاتی.فاکولته ژورنالیزم - .1384.
6. Зоҳид Валӣ. Раҳнамои журнализми таҳқиқӣ. – Кобул: Матбааи фахр, 1387.

7. Шикеб Ҳошимӣ Фаҳима. Гузориши таҳқиқӣ ва чигунагии он дар расонаҳои Афғонистон. – Кобул: Чопи матбааи корвон, 1393.
8. Муътамаднажод Козим, Мунсафӣ Абулқосим. Рӯзноманигорӣ. – Теҳрон: Донишкадаи иртиботи улуми иҷтимоӣ, 1358

МУАССИРИЯТИ ГУЗОРИШИ ТАҲҚИҚӢ БАР ТАҒЙИРИ ВАЗЪИЯТИ ИҶТИМОӢ

Гузориш ва гузоришгари таҳқиқӣ ба унвони муҳимтарин жанр ва унсури фаъолиятҳои журналистӣ дар миёни соири жанрҳои журналистӣ ҷойгоҳи хоссе дорад. Бинобар тавзеҳу тавсифи паҳлуҳои гуногуни як воқеа, рӯйдод ва ё ҳодиса дошта, гузоришгари таҳқиқӣ, яъне бо афзуда шудани таҳқиқ дар канори гузоришгарӣ ва баррасии қазияҳо ва воқеаҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳукуматдорӣ ва фасодгустарда ба таври амиқ ва натиҷабахш аҳаммияти ин фаъолияти журналистиро чанд баробар бештар сохта, ки ба таваҷҷуҳ ба гузашта гузоришгари таҳқиқӣ ба самар расида, ин навъ аз талошҳои журналистони мубориз боиси истеъфои мамурини олирутбаи давлатӣ, ҳатто вузаро ва руасои ҷумҳурии кишварҳо гардидааст ва дигаргуниҳои мусбати иҷтимоиро дар кишварҳо ба миён овардааст.

Калидвожаҳо: гузориш, гузоришгари таҳқиқӣ, жанр, фаъолияти журналистӣ,

ВОЗДЕЙСТВУЮЩЕЕ ВЛИЯНИЕ РАССЛЕДОВАТЕЛЬСКОГО РЕПОРТАЖА НА ИЗМЕНЕНИЕ СОЦИАЛЬНОГО ПОЛОЖЕНИЯ

Репортаж, как сугубо информационный жанр журналистики, сегодня подвергается качественным изменениям за счет обогащения своей жанровой структуры.Метод расследования значительно обогащает поисковый инструментарий журналиста, и влияет на жанрово-композиционные и стилистические формы текста. Общественная значимость журналистских расследований требует всестороннего научного анализа и предполагает использование специфических приемов, организацию определенного режима работы, последовательность операций и процедур, принятия решений, которые тесно связаны с применяемыми средствами, и изучаемыми документами. Усиление аналитических и публицистических начал в репортаже — не просто дань моде, а практическая необходимость в более полном освещении и отображении действительности во всей ее сложности и многогранности.Очень часто мы видим, что автор репортажа делится не только собственными впечатлениями и чувствами, но и мыслями.

Ключевые слова: репортаж и расследовательский репортаж, жанр, журналистская деятельность.

EFFECTIVE IMPACT OF INVESTIGATION REPORT ON CHANGE OF SOCIAL SITUATION

The report, as a purely informational genre of journalism, today undergoes qualitative changes due to the enrichment of its genre structure. The investigation method significantly enriches the search toolkit of a journalist and affects the genre-compositional and stylistic forms of the text. The social significance of investigative journalism requires a comprehensive scientific analysis and involves the use of specific techniques, the organization of a certain mode of operation, a sequence of operations and procedures, decision-making, which are closely related to the means used, and the documents studied. Strengthening the analytical and journalistic principles in the report is not just a tribute to fashion, but a practical need for a more complete coverage and reflection of reality in all its complexity and versatility.

Key words: reporting and investigative reporting, genre, journalistic activity.

Сведения об авторах: ***Мухторов Қутбиддин*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17
Аджмал Соис – Университет Парвон Исламской Республики Афганистан, ассистент.
E-mail: Ajmalsayes7@jmail.com. Телефон: **(+992) 919-14-23-33**

Information about the authors: ***Qutbiddin Mukhtorov*** - Tajik National University, candidate of philological sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17
Ajmal Sois - University of Parvon Islamic Republic of Afghanistan, assistant. E-mail: **Ajmalsayes7@jmail.com.** Phone: **(+992) 919-14-23-33**

УДК: 070 (575.3)

МАСЪАЛАИ ОИЛА ВА ТАРБИЯИ ФАРЗАНДИ СОЛИМ ДАР НАШРИЯИ “ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН”

Мардонов С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Оила асоси ҷамъият аст, зеро ҷамъият фарогирандаи оилаҳоест, бо ҳама тарафҳои манфиву мусбат. Агар кӯдакон дар оилаи солим тарбия ёбанд, ҷамъият осуда ва қонунҳои мавҷуда ба хубӣ иҷро карда мешаванд. Баръакси ин, бачагоне, ки дар оилаҳои номукаммал, аз ҳам ҷудогашта ба воя мерасанд, дар зиндагӣ ба душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ мегарданд. Ҷомеае, ки дар он чунин оилаҳо зиёда аст, ноустувор буда, ҷиноятқорӣ дар он бештар мешавад.

Масъалаи тарбияи дурусти фарзанд дар оила аз қадим то ба имрӯз актуалӣ буд ва хоҳад монд, зеро “оила мактаби аввалинест, ки инсон дар он тарбия мегирад, донишу малакаи рӯзгордориро аз худ мекунад, ҳамзистӣ бо атрофиёнро меомӯзад. Фарзандон ҳамарӯза аз ин дабистон, ки омӯзгоронаш падару модаронанд, таълим мегиранд. Таъсири оила ба инкишофи минбаъдаи шахсият хеле бузург аст” [1, с. 5]. Воқеан тарбияи фарзанд дар рӯҳияи баланди ватандӯстӣ ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, пеш аз ҳама, аз

муҳити хонавода сарчашма мегирад. Агар фарзанд аз овони кӯдакӣ дар муҳити орому солим тарбия наёбад ва моҳияти таълиму тарбияро дарк накунад, дар ҳаёти минбаъда ба мушкилоти зиёд мувоҷеҳ мегардад ва дар ҷомеа мақоми худро пайдо карда наметавонад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар масоили рушди солимии фарзанд бетараф нест. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2015 махсус таъкид намуданд, ки: “масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад” [10].

Яке аз сабабҳои эълон шудани соли 2015 ҳамчун “Соли оила” масъулияти волидонро дар таълиму тарбияи фарзандон боз ҳам ҷиддитар кардан буд. Маълум аст, ки тарбияи дурусти фарзанд кори саҳл нест. Ба қавли равоншинос Ш. Қурбоналӣ: “Душвортарин фаъолияти инсон ин таълим, тарбия ва инкишоф додани шахсияти солим дар фарзанд аст, ки он аз рӯзҳои аввали ба дунё омадани тифл оғоз мегардад. Ҳар як падару модар орзуманди он аст, ки фарзанди ӯро саломатии ҷисмонию равонӣ, ақли солиму хислати нек насиб бошад. Амалӣ гардонидани ин орзу ба донистани хусусиятҳои инкишофи ҷисмонию равонии кӯдак дар марҳилаҳои синнусолии рушд, махсусан, аз рӯзи таваллуд то ба мактаб рафтани ӯ вобаста мебошад” [3, с. 5].

Масъалаи рушди солимии фарзандон дар оила дар тамоми воситаҳои ахбори омма пайваста инъикос ва таҳлилу баррасӣ мешавад. Аз ҷумла, матбуоти даврӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, бо ҳамкорӣ бо равоншиносону педагогҳо матлабҳои таъсирбахш нашр мекунанд. Хусусан, баъд аз эълон шудани соли 2015 ҳамчун «Соли оила» эътибор ба масъалаи рушди солимии фарзандон зиёдтар шуд. Албатта, дар як мақолаи илмӣ баррасӣ намудани нақши матбуоти даврӣ дар инъикоси масъалаи мазкур имкон надорад. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, ки инъикоси ин масъаларо танҳо дар ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» таҳлилу баррасӣ намоем.

Нашрияи “Ҷавонони Тоҷикистон” аз 5 апрели соли 1930 чоп мешавад. Нашрия, аслан, аз ҳаёту фаъолияти ҷавонон ва нақши онҳо дар бунёди ҷомеаи солим мавод инъикос менамояд. Ҳамзамон ин нашрия масъалаҳои дигарро низ инъикос мекунад. Аз ҷумла, масъалаи рушди солимии фарзандон дар оила аз мавзӯи актуалии он ба ҳисоб меравад, зеро фарзандони имрӯзаи оила фардо ҷавонони умедбахши ҷомеа мегарданд.

Бино ба таҳлилҳои мо танҳо дар шаш моҳи аввали соли 2016 (январ-июн) дар ин нашрия 9 мавод марбут ба масъалаи мавриди пажӯҳиш нашр гардидааст, ки нигоштаҳои Шаҳло Эшонова “Наврасӣ – давраи душвори тарбия” (2016. – 7 январ), “Биомузем, то омӯзонем” (2016. – 10 март), “Кӯдаконро иммунизатсия кунед” (2016. – 28 апрел), “Кӯдакиро аз кӯдакон нагирем” (2016. – 26 май), Манзумаи Фирӯз “Ба кӯдакон сина маконед” (2016. – 7 январ), “Ҳадаф аз тавлиди тифл чист?” (2016. – 24 март), Фарзона Маҳмадиева “Кӯдакони оворагард” (2016. – 14 январ), Б. Сафарзода “Дарси ибрат” (2016. – 3 март), Абдуллоҷон Баёнов “Тарбияи фарзанд масъулият мехоҳад” (2016. – 10 март) аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Тавре аз унвони матолиб бармеояд, дар онҳо масъалаи тарбияи оилаи солим мавриди инъикос қарор гирифтааст.

Шаҳло Эшонова сабабҳои асосии душвортарбия гаштани кӯдакону наврасонро ба сатҳи пасти таълиму тарбия дар мактабу оила марбут дониста, дар нигоштаи худ “Наврасӣ – давраи душвори тарбия” қайд мекунад, ки: “Наврасоне ҳастанд, ки бе маҷбурсозии касе худ ба таҳсил ва ё коре машғул мешаванду тадриҷан ба ин одат мекунанд, вале аксари наврасон бе маҷбуркунии калонсолон ба чунин фаъолият машғул шудан намехоҳанд. Аз ин рӯ, дахолати калонсолон ва назорати пайвастаи онҳо дар ин давра хеле бамаврид аст, то наврас лаҳзае бекор намонад.” Воқеан, тарбия фарзанд дар давраи наврасӣ хеле мушкил аст, зеро дар ин давра дар организми наврас тағйиротҳои куллии биологӣ ба вуҷуд меояд ва дар заминаи он як қатор хусусиятҳои равонӣ шакл мегиранд. Маҳз чунин тағйирот боиси душвортарбия шудани наврасон мегардад. Ҳамчунин ҳангоми ташкили тарзи ҳаёти нодуруст ва беназорат гузоштани реҷаи рӯз наврас ба беҳудагардиву каҷрафторӣ майл менамояд, ки оқибат ба душвортарбия шудани ӯ оварда мерасонанд. Волидон бо рафтору кирдорашон ба фарзандон намунаи ибрат бошанд. Беҳуда нагуфтаанд, ки: “Гандум аз гандум мерӯяду ҷав аз ҷав”. Ба қавли Т. Каҷкулоева “Таваллуд кардан маҳорат нест, хурдтарин ҳашарот низ ин қобилиятро дорост, аммо тарбияи фарзанд дар ҳақиқат маҳорати баландро талаб мекунад. Вале тарбия дар ҷойи хушку холӣ ба вуҷуд намеояд. Тарзи тартиби зиндагӣ, муомилаю муносибат ва рафтору гуфтори падару модар, ба фарзандон таъсири амиқ мегузорад. Агар онҳо одил, хайрхоҳ, боинсоф, дилсӯзу ғамхор, пуршафқату меҳрубон бошанд, фарзандон низ ҳамон хел камол меёбанд. Агар ин хислатҳо дар онҳо набошад, пас фарзандон аз

одобу ахлоқи писандида, ки нишони одамият бувад, бенасиб мемонанд. Ин аст, ки падару модарон масъулияти азимро бар дӯши худ доранд” [2, с. 233].

Манзумаи Фирӯз дар матлаби “Ба кӯдакон сина маконед” аз он гила мекунад, ки “модарон ба ҷойи шири пистони худ ба тифлашон ширҳои гуногуни сунъӣ медиҳанд. Баъзе модарон ба хотири хуб нигоҳ доштани шакли зоҳириашон (фигура) ин корро мекунанд”. Ширҳои сунъӣ аз хориҷи кишвар ворид шуда, то чӣ андоза софу покиза ва аз элементҳои химиявӣ орӣ ҳастанд, касе намедонад. “Масунияти (иммунитет) кӯдаконе, ки ба таври зарурӣ аз шири модар истифода кардаанд, бамаротиб бештар аз масунияти кӯдаконест, ки камтар ё аслан шири модарро масраф накардаанд [13]. Ба таъбири муаллиф “Шири модар метавонад тифлро аз пайдошавии бемориҳои ҳассос, монанди диққи нафас ва шукуфа муҳофизат кунад”. Инчунин агар кӯдакон дар 6 моҳи аввали ҳаёташон танҳо аз шири модар ғизо гиранд ва дар ин муддат ба кӯдак ҳатто об ҳам надиҳанд, дар ин сурат имкон аст ҳамасола дар ҷаҳон ҳаёти 1, 2 миллион кӯдак наҷот дода шавад [11].

Яке аз масъалаҳои доғи рӯз дар таълиму тарбия оворагардии наврасон мебошад. Муаллифи мақолаи “Кӯдакони оворагард” дар бозори Корвон кӯдаконеро мушоҳида мекунад, ки бо ҷойи таҳсил ва илмомӯзӣ ба селофанфурӯшӣ машғуланд. Ба назари ӯ волидони чунин кӯдакон масъулиятро эҳсос накардаанд. Танҳо дар 4 моҳи аввали соли 2018 6318 ноболиғ дар Тоҷикистон аз тарафи Вазорати корҳои дохилӣ бо ҷурмҳои гуногуне, чун оворагардиву талбандагӣ дастгир шудаанд [6]. Дар ҳолате ки моддаи 5-уми қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” талаб мекунад: “Вазифаи падару модар фароҳам овардани шароити моддӣ, маънавӣ ва равонӣ дар таълиму тарбияи дурусти фарзанд мебошад”. Дар моддаи 9-уми қонунгузории мазкур омадааст, ки падару модар уҳдадоранд: “донишомӯзӣ ва иштироки фарзандонро дар раванди таълим назорат карда, бо омӯзгорон, ҳайати кормандон ва роҳбарияти муассисаи таълмӣ оид ба таълими фарзанд мунтазам ҳамкорӣ намоянд”. Дар замоне, ки фарзандон тавассути технологияи муосир ба тамоми шакли иттилоъ, аз ҷумла, маълумоти бароятон зарраасон дастрасӣ доранд, масъулияти волидон дучанд мегардад. Бо афзоиш ёфтани ин қабил наврасону ҷавонон, ҳам зиндагии оянда табоҳ мегардад ва ҳам дар ҷомеа бесаводию ақибмондагӣ реша медавонад. Пас, волидон дар назорати фарзандон боз ҳам ҷиддӣ муносибат карда, аз оқибатҳои нохушоянди наврасони оворагард эмин бошанд.

“Дарси ибрат” ҳикоя бар бораи онест, ки волидон дар оила бо пиронсолон чӣ гуна муомила намоянд, фардо ҳамон гуна аз фарзандони худ подош хоҳанд дид. Чунин ҳикояҳои хурд баъзан аз мақолаҳои публитсистӣ таъсирбахш буда, меҳру муҳаббат ва ҳиссиёти хонандаро дар оила зиёд мегардонад. Зане ба утоқи фарзандонаш даромада мебинад, ки ҳама машғули дарстайёркунианд ва танҳо кӯдаки аз ҳама хурдсол, ки ба мактаб намерафт, ба бозӣ машғул аст. Модар ба ӯ якчанд варақи сафед доду гуфт:

– Писарам, ту расм каш ва ба бародаронат халал нарасон.

Инро гуфта модар дастархонро гирифта, ба назди хусураш, ки дар кунҷи боғи ҳавлӣ ҳуҷрае дошт, рафт то ба ӯ хӯрок омода созад. Баъди чанд лаҳза баргашта, чашмаш ба сурате афтид, ки кӯдаки хурдсол кашида буд. Писарак айнан сурати хонаашонро кашида буд. Модар аз тифлак пурсид:

–Ҷони модар, ту чӣ кашидӣ?

Ӯ бо алфози кӯдакона ба модар тасвири худро чунин шарҳ дод:

–Дар расм хонаи ояндаи худро кашидаам. Дар ин хона ҳамроҳи ҳамсарам зиндагӣ мекунам. Дар он ҳуҷраҳо фарзандонам умр ба сар хоҳанд бурд.

Дар кунҷи варақ хоначаи хурде тасвир ёфта буд. Модар пурсид:

– Ин хонача аз они кист?

Кӯдак ҷавоб дод:

– Ин хонаи шумо хоҳад шуд. Ҳамон гунае, ки имрӯз бобоям аз мо дур, дар кунҷи боғ умр ба сар мебаранд. Шумо низ вақти пирӣ соҳиби чунин ҳуҷра мешавед ва аз мо дуртар зиндагӣ хоҳед кард.

Модар баъди шунидани суханони фарзанди хурдсолаш хеле мутаассир гашт ва зуд ба сӯйи падаршӯяш давид. Ӯро ба беҳтарин ҳуҷраи хонаашон ҷой кард. Бегоҳӣ чун шавҳараш аз кор омад, падарашро дар меҳмонхона дид, ки болои чанд қабат кӯрпача нишаста, телевизион тамошо мекунад. Мард аз ин ҳолат ба ҳайрат омад ва аз ҳамсараш, ки тоби дидани падари шавҳарро надошт, пурсид:

– Чӣ ҳодиса рух додааст, ки имрӯз ҳолати аҷиберо мушоҳида мекунам?

Он гоҳ зан асли воқеаро ба шавҳараш нақл кард. Шавҳар гирён шуд ва гуфт:

– Шукри Худо, ки сари вақт аз ғафлати худ огоҳ шудем”.

Ҳамин гуна ин ду нафар аз падар узр пурсида, барои хатояшон тавба карданд.

Мутаассифона, кам ҳам бошад, ҳастанд нафароне, ки аз волидони пиронсоли худ дурӣ ҷӯста, аз ин гуна ҳодисаҳо дарси ибрат намегиранд. Ба қадри падару модар дар зиндагӣ намерасанд. Баъди марги эшон гиря ва афсӯсу надомат дигар фоида надорад.

Дар мақолаи “Биомӯзем, то омӯзонем” Шаҳло Эшонова ба андешае, ки ба тарбияи фарзанд бояд бештар модарон машғул шаванд, чандон розӣ нест. Ин бар он далел аст, ки модарон бештар дар хона ва дар бари фарзандонанд. Ин ақида ғалат аст. Дар тарбияи фарзанд нақши падару модар баробар мебошад. Баробарҳуқуқии падару модар дар тарбияи фарзанд дар моддаи 6-уми қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” зикр шудааст: “Падару модар, новобаста аз он ки якҷоя ё ҷудо зиндагӣ мекунанд, дар таълиму тарбияи фарзанд ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар доранд”. Фарзанд агар дар оила хислатҳои таҳаммулпазириву муҳаббат ба наздикон ва низому тартиброро аз модар омӯзад, пас, далериву шуҷоат, худшиносиву ватандӯстӣ ва устувориву суботро аз падар ба мерос мегирад. Масъалаи мавриди зикр дар моддаи 63-юми Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ омадааст: “Падару модар барои тарбия ва рушду камоли фарзандонашон масъулият дошта, вазифадоранд, ки дар бораи саломатӣ, такомули ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ, таълим, касбомӯзии фарзандонашон ғамхорӣ намоянд”. Мутаассифона, на ҳама падару модар бо таъсиррасонӣ ба фарзанд онҳоро тарбия карда метавонад. Тарбия омӯзондану талқин намудани дониш малакаҳое мебошанд, ки кӯдакро ба инсон табдил медиҳанд. Барои ин, қабл аз ҳама, худи волидон бояд аз чунин таълиму тарбия бархӯрдор ва бофаҳму идрок бошанд. Воқеан, танҳо дар паҳлуи фарзандон будан кифоя нест. Бояд дар хусуси таълиму тарбия аз тамоми воситаҳо истифода намуда, роҳу усулҳои навро аз худ карда ба онҳо омӯзонд.

Муаллифи мақолаи “Тарбияи фарзанд масъулият мехоҳад” дар он ақида аст, ки сабаби тарбия дода натавонистани волидон серфарзандӣ аст. Ӯ қайд мекунад, ки оилаҳои зиёде ҳастанд, ки шароити хуби зиндагӣ надоранд, вале фарзанди зиёд ба дунё оварда, ҳам саломатии модарро зери хатар мегузоранд, ҳам дар таълиму тарбия ва ба воя расонидани онҳо душворӣ мекашанд. Мутахассисони соҳаи тиб қайд мекунанд, ки риоя накардани фосилаи ҳомиладорӣ модарро ба фавт оварда мерасонад. “Фосилаи тавлиди фарзандон бояд на кам аз се - чор сол бошад, то ин ки саломатии модарон барқарор шаваду тифли солим ба дунё ояд” [4, с. 12].

Манзумаи Фирӯз дар нигоштаи худ “Ҳадаф аз тавлиди тифл чист?” овардааст, ки бештари оилаҳо дар Тоҷикистон хушбахтии худро дар тавлиди тифли зиёд медонанд. Онҳо тавлиди бармаҳали тифлро доди Худо дониста, ба вазъи иқтисодии худ аҳамият намедиҳанд. Ҳатто андеша доранд, ки ризқи ҳар кӯдаки таваллудшударо Худованд худаш медиҳад. Муаллиф аз он гила мекунад, ки волидон тавлиди тифли зиёдро мехоҳанд, вале дар хусуси таълиму тарбия, солимии модару кӯдак ва ба шароити лозима муҳайё кардани фарзанд андеша намекунанд. Инчунин қайд мекунад, ки риоя накардани фосилаи тавлид байни фарзандон, ки на кам аз 3-4 сол аст, ба модару кӯдак зарари ҷисмонӣ ва ҳатто ба ҳалокат оварда мерасонад. Мувофиқи иттилои Созмони байналмилалии тандурустӣ ҳамарӯза дар дунё тақрибан 830 зан ҳангоми ҳомиладорӣ ё таваллуд мефавтанд [7]. Дар кишвари мо низ вазъият аз он беҳтар набуда, оморҳо ташвишовар аст. “Тоҷикистон аз назари марги модару кӯдак дар Осиёи Марказӣ дар мақоми аввал аст. Мувофиқи иттилои Созмони байналмилалии тандурустӣ дар Тоҷикистон аз ҳар 100 000 модар дар як сол 65 нафар ва аз ҳар 100 000 кӯдаки то 5 сола 43 тифл ба иллатҳои мухталиф мефавтанд” [12]. Пас ба хулосае омадан лозим аст, ки ҳадаф аз тавлиди тифл дар чист? Соҳиби фарзанди зиёд шудан ё бо назардошти шароит тавлид карда, фарзанди солим ва инсони комил ба воя расондан аст. Ба қавле солимии модару кӯдак солимии ҷомеа мебошад.

“Кӯдаконро иммунизатсия кунед” матлабест, ки доир ба зарур будани уммунизатсияи (эмкӯбӣ) саривақтии кӯдакон бо факту далелҳо маълумот ироа гардидааст. Зикр мешавад, ки иммунизатсия аз ҷумлаи амалиёти пешгирикунандае мебошад, ки нисбатан арзон ва барои солимии ҷомеа муҳим аст. Он, асосан, барои пешгирии бемориҳои сироятӣ, аз қабили фалаҷ, гулӯзиндонак, сулфакабутак, кузоз, сурхча, гулафшон, сил, гепатити В, диареяи кӯдакон ва амсоли инҳо пешбинӣ шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 200 ҳазор кӯдак таваллуд мешавад, ки иммунизатсияи онҳо ҳатмист. Бояд қайд намуд, ки иммунизатсия ба таври ройгон ба роҳ монда шуда, на танҳо барои кӯдакон, балки барои калонсолон низ зарур мебошад.

Иммунизатсия кӯдаконро аз ҳама гуна бемориҳои сироятӣ эмин нигоҳ медорад. Ҳамасола бо шарофати истифодаи ваксинаҳои ҳаётан муҳим 2-3 миллион нафар аз фавт пешгирӣ мегардад. Масалан, ваксинаи зидди бемории сурхча дар саросари ҷаҳон аз соли 1960 истифода меша-вад ва аз соли 2000 то соли 2013 ваксинатсия бар зидди ин беморӣ 15,6 миллион фавтро пешгирӣ намуд. Дар натиҷаи дар сатҳи баланд ба роҳ мондани

иммунизатсия бар зидди бемориҳои сироятӣ ҳодисаи гирифторшавӣ ба бемории гулафшон, ки дар соли 2005 1231 нафарро ташкил медод, дар соли 2014 пурра аз байн бурда шуд. Ҳамчунин аз соли 2007 ягон ҳодисаи гирифторӣ ба бемории гулӯзиндонак ба қайд гирифта нашудааст. Барои мисол дар Олмон бе ҳуҷҷати исботкунандаи иммунизатсиягузарӣ кӯдакро ба боғча намегиранд [5]. Мувофиқи иттилои Созмони байналмилалии тандурустӣ соли 2018 85% аҳолии ҷаҳон аз иммунизатсия гузаштаанд [8]. Ҳадафи чунин ваксинаҳо ба воя расонидани насли солим мебошад. Аз ин хотир, волидон дар масъалаи мавриди зикр бояд ҷиддӣ бошанд.

Шаҳло Эшонова бо таассуф дар мақолааш “Кӯдакиро аз кӯдакон нагирем” менависад, ки “ношукрии бархе аз волидон аз фарзандони худ касро ба даҳшат меандозад. Куштори фарзанд аз ҷониби модар вақтҳои охир зиёд ба чашм мехӯрад. Модарони худобехабар куштори худ ва кӯдакони бегуноҳро василаи қасосгирӣ аз нобарориҳои зиндагӣ ва ё бераҳмиҳои тақдир ҳисобида, бо ин роҳ гӯё аз тақдир “қасос” мегиранд. Зан барои “ҷазо додани” шавҳари хиёнаткор худ ва фарзандонашро ба дарё андохта, ғарқ мекунад ва ё баръакс мард барои гуноҳи зан фарзандашро ба қатл мерасонад, то ба ин васила занро “ҷазо” дода бошад”. Вобаста ба ин, дар моддаи 37-уми “Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак” омадааст: “Ягон кӯдак таҳти шиканҷа ё дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф қарор дода нашавад”.

Инчунин, нигорандаи ин мақола қайд мекунад, ки бо вуҷуди он ки ҳамарӯза ташкилоту созмонҳои хориҷиву дохилӣ аз ҳуқуқи кӯдакон, истифодаи меҳнати кӯдакон изҳори нигаронӣ кардаву барномаҳои зиёде дар ин самт қабул ва роҳандозӣ менамоянд, аммо то ҳол мо кӯдаконро дар кӯчаву бозору истгоҳу мағозаҳо дар ҳоли машғул будан ба меҳнати вазнини ҷисмонӣ мебинем. Ҳаррӯза кӯдакон мошинҳои моро мешӯянду, пойафзоламонро тоза мекунанд, сумкаҳои пурбори моро бардошта мебаранду дар нақлиёт дарро ба рӯйи мо мекушоянд. Дар деҳот бошад, бешак меҳнати вазинтарин, аз қабили нигоҳубини гову мол, чарондани онҳо, кишту кори замину бетонрезиву алафдаравӣ ва амсоли инҳо бар зиммаи кӯдакон аст. “Дар дунё тақрибан 250 миллион кӯдакони ноболиғ ба меҳнат ҷалб карда шудааст” [9]. “Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак” ба меҳнат ҷалб кардани кӯдакони ноболиғро маҳкум мекунад. Сабаби асосии меҳнати кӯдакон шароити пасти иқтисодӣ дар оила ва зиёд шудани бекорӣ мебошад. Дар чунин аҳвол кӯдак чӣ гуна метавонад аз олами кӯдакиву беғамӣ баҳраманд шаваду ба таҳсил фаро гирифта, орзуҳои беҳтарин дошта бошад?

Аз таҳлил ва баррасии матолиби нашрияи “Ҷавонони Тоҷикистон” доир ба масъалаи оила ва тарбияи фарзанд маълум гардид, ки ин нашрия дар инъикоси масъалаи мазкур нақши муҳим дорад. Муаллифони гуногункасб аз минбари ин нашрия истифода намуда, бо нигоштаҳои худ, аз як тараф, дар ифшои камбудиҳои мавҷуда ва нишон додани омилҳои манфӣ дар тарбияи фарзанд, аз ҷониби дигар, бо баррасиҳои паҳлуҳои гуногуни масъала дар оммавӣ гардонидани он ва ба ин васила рушди солимии фарзандон дар оила саҳм гузоштаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Акмалӣ Э. Асрори хушбахтии оила. - Душанбе: Ирфон, 2008. - 112 с.
2. Каҷкулоева Т. Нақши падару модар дар тарбияи фарзанд / Т. Каҷкулоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе: Сино, 2012. - №3/1. - С. 233.
3. Қурбоналӣ Ш. Рушди солими кӯдак – 1. – Душанбе: Дунёи дониш, 2017. – 74 с.
4. Ҳакимова С. Танзими оила / С. Ҳакимова. – Душанбе: Адиб, 2004. – 106 с.
5. Вакцинация в разных странах мира [Манбаи электронӣ]. URL: https://zik.ua/ru/news/2018/01/25/vaktsynatsyya_v_raznih_stranah_myra_1251811 (санаи истифодабарӣ: 29.11.2018)
6. ВКД: Аксари кӯдакони оворагард ва талбанда аз оилаҳои муҳоҷиранд [Манбаи электронӣ]. URL: http://orien.info/jomea/12223-vkd-aksari-kdakoni-ovoragard-va-talbanda-az-oilaoi-muoironand.html (санаи истифодабарӣ: 29.11.2018)
7. Материнская смертность [манбаи электронӣ]. URL: http://www.who.int/ru/news-room/fact-sheets/detail/maternal-mortality (санаи истифодабарӣ: 29.11.2018)
8. Охват иммунизацией [манбаи электронӣ]. URL: http://www.who.int/ru/news-room/fact-sheets/detail/immunization-coverage (санаи истифодабарӣ: 29.11.2018)
9. Опасный детский труд [манбаи электронӣ]. URL: http://www.who.int/ceh/risks/labour/ru/ (санаи истифодабарӣ: 29.11.2018)
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.01.2015 [манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/8136 (санаи истифодабарӣ: 30.11.2018)
11. Фарзона Ф. Кӯдак ва аҳамияти шири модар дар камолоти ӯ [манбаи электронӣ]. URL: http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=30454 (санаи истифодабарӣ: 28.11.2018)
12. Фавти модару кӯдак дар таваллудхона. Додситонӣ таҳқиқ мекунад [манбаи электронӣ]. URL: https://www.ozodi.org/a/29346678.html (санаи истифодабарӣ: 29.11.2018)
13. Ҳафтаи шири модар дар Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: http://www.bbc.co.uk/tajik/news/2009/08/090807_sq_breasfeeding (санаи истифодабарӣ: 28.11.2018)

МАСЪАЛАИ ОИЛА ВА ТАРБИЯИ ФАРЗАНДИ СОЛИМ ДАР НАШРИЯИ "ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН"

Дар мақола нақши нашрияи "Ҷавонони Тоҷикистон" дар инъикоси масъалаи рушди солимии фарзанд дар оила мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар заминаи таҳлили матолиби ин нашрия (январ – июни соли 2016) паҳлуҳои гуногуни тарбияи фарзандонро дар оила бо зикри далелҳои мушаххас таҳқиқ намуда, омилҳои мусбат ва манфии онро нишон додааст. Омӯзиш ва таҳлили матолиби рӯзнома нишон дод, ки муаллифон дар инъикос ва баррасии ин масъала бештар ба мушкилоти тарбияи фарзандон дар оила, бехабар будани модарон аз надонистани одитарин талаботҳои тиббӣ, ба назар нагирифтани он дар раванди тарбия, оворагардӣ ва талбандагии кӯдакони ноболиғ, коҳиш ёфтани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандон, беэътиноӣ ба ҳуқуқи кӯдак дар оила, ба меҳнати ҷисмонии баъзан вазнин ҷалб шудани онҳо, бенизомӣ дар тавлиди модарон ва амсоли ин эътибор додаанд. Бо инъикоси ин масъалаҳо нашрияи "Ҷавонони Тоҷикистон", аз як тараф, дар ифшои камбудиҳои мавҷуда ва нишон додани омилҳои манфӣ дар тарбияи фарзанд, аз ҷониби дигар, дар баланд бардоштани маърифати оиладорӣ, хосса тарбияи фарзандони солим дар оила нақш гузоштааст.

Калидвожаҳо: оила, фарзанд, таҳлил, инъикос, нашрия, масъала, баррасӣ, оилаи солим, тарбия, ҳуқуқи кӯдакон.

ВОПРОСЫ СЕМЬИ И ВОСПИТАНИЯ ЗДОРОВОГО ПОКОЛЕНИЯ НА СТРАНИЦАХ ГАЗЕТЫ "ДЖАВОНОНИ ТОДЖИКИСТОН"

В статье анализируется вопросы воспитания здорового поколения детей в семье и роль газеты "Джавонони Тоджикистон" (Молодёжь Таджикистана) в постановке и освещении данной проблемы. Автор в процессе анализа материалов газеты за период с января по июнь 2016 года показал разные грани процесса воспитания и места СМИ в этом процессе, отметив положительные и отрицательные факторы. Анализ газетного материала показывает, что авторы уделяют основное внимание освещению трудностей воспитательного процесса, осведомлённости родителей в элементарных медицинских вопросах, темам попрошайничества и бродяжничества среди детей и подростков, ответственности родителей в воспитании и образовании детей, игнорирования прав ребёнка в семье, принуждения детей к тяжёлому физическому труду, безответственного отношения к планированию семьи и т. п. Исследуя упомянутые проблемы, газета играет достаточно важную роль, с одной стороны, в деле освещения существующих недостатков, с другой стороны, в повышении культуры семейных отношений, и в особенности воспитании здорового, в всех смыслах этого слова, поколения.

Ключевые слова: семья, дети, освещение, исследование, издание, здоровая семья, воспитание, права ребёнка.

THE FAMILY ISSUES AND EDUCATION OF HEALTHY CHILDREN IN THE "JAVONONI TOJIKISTON" PUBLICATION

The article has analyzed the role of the "Youth of Tajikistan" published in the issue of the development of healthy children in the family. The author analyzed the findings of this publication (January - June 2016) showing different aspects of the education of children in the family with specific facts and showed positive and negative factors. Studying and analyzing the content of the newspaper showed that authors' reflection and comments on this issue were more problematic in raising the issue of child rearing in the family, mothers' not being aware of the lack of basic medical necessity, not taking into account the training, displacement and incitement of juvenile children, the irresponsibility of parents in education and training of children, neglected to have children's rights in the family, their involvement in serious labor, and so on. In the context of these issues, the "Youth of Tajikistan" publishes on the one hand, revealing the weaknesses and demonstrating the negative factors in raising children, on the other hand, raising the awareness of the family, especially the development of healthy children in the family.

Key words: family, children, analysis, reflection, publication, issue, comment, healthy family, education, child rights.

Сведения об авторе: ***Мардонов Саймумин Бегмуродович*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры переодической печати. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17.
E-mail: **saidmuminmardonov@mail.ru**. Тел.: **(+992) 900-33-06-87**

Information about the author: ***Mardonov Saymumin Begmurodovich*** **–** Tajik National University, Assistant of the Department of Periodical Press. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **saidmuminmardonov@mail.ru**. Tel.: **(+992) 900-33-06-87**

УДК: 07:32.001(487) (575.3)

ТАЪСИРИ РАВАНДҲОИ СИЁСИИ РУСИЯ БА ТОҶИКИСТОН ВА ШАРҲИ ОНҲО ДАР ВАО

Шарифов К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мафҳуми «раванди сиёсӣ» яке аз категорияҳои марказӣ, умумитарин ва махсуси илмҳои сиёсӣ буда, мавриди истифодаи васеи муҳаққиқон ва афкори омма гардидааст. Аз сабабе ки мафҳуми «раванди сиёсӣ» вобаста ба мақомаш аҳамияти хосса пайдо намудааст, зарурати дарки амиқи он пеш меояд. Мафҳуми «раванди сиёсӣ» аз ҷониби донишмандон табиист, ки ҳар хел тафсир мешавад. Т.Парсонс, аҳамият ва хусусиятҳои асосии раванди сиёсиро дар оқибатҳои амали системаи ҷомеа меҷӯяд. Р. Дарендорф бошад, раванди сиёсиро дар ҷараёни мубориза ва муқовимати гурӯҳҳо баҳри мақом ва имконияти

ҳокимият дидан мехоҳад. Ё худ Р.Доуз раванди сиёсиро бо худи сиёсат як медонад [9, с. 40].

Таҳлили назария ва ғояҳои мухталиф боиси ба таври барҷаста нишон додани ду хосияти раванди сиёсӣ мегардад: моҳияти функсионалӣ ва динамикӣ. Хусусияти аввал тарзи амали системаи сиёсӣ, таҷдид ва худнигоҳдорию худмуҳофизатии онро фаро мегирад. Хосияти баъдина бошад, инкишофи эволютсионӣ, ислоҳотпазирӣ, нашъунамо ва таназзулу фанои системаи сиёсии ҷомеаро дар бар мегирад.

Мафҳуми «раванди сиёсӣ» тағйироти гуногуни системаи сиёсиро, хоҳ онҳо сатҳӣ бошанд, ё хоҳ амиқ ба амал оянд, таҷассум менамояд ва гузариши онро аз як ҳолат ба ҳолати дигар нишон медиҳад. Чунин вазъият аз нақш ва вазифаҳои субъектҳои раванди сиёсӣ вобастаанд. Фаъолияти онҳо гуногунҷабҳа буда, агар дар як вақт сабаби инкишофу таҷдиди унсури муайяни системаи сиёсӣ гарданд, дар замон ва макони дигар боиси таназзул ва шикасти унсури дигар мешаванд. Ҳамин тариқ, мафҳуми «раванди сиёсӣ» таҷассумгари инкишофи ҳодисаю падидаҳои сиёсӣ, маҷмӯи фаъолияти субъектҳои сиёсӣ дар нисбати воқеӣ гаштани нақш ва вазифаҳои онҳо дар муносибат ба ҳокимият мебошад, ки ташаккул, инкишоф ва амали системаи сиёсиро дар фазою вақт инъикос менамояд.

Инкишофи раванди сиёсӣ боиси ба ҳамтаъсиррасонӣ ва ба ҳамалоқамандии омилҳои гуногуни ҳокимиятӣ мешавад. Чунин ҳолат сабаби баланд гаштани сатҳи мувофиқоии системаи сиёсӣ бо соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа мегардад. Системаи сиёсии ҷомеа натанҳо мураккаб, балки бештар коршоям гашта, қобилияти баланди қабули қарорҳои лозимӣ, муайян намудани стратегия, тактика ва технологияи идораи самараноки ҷомеаро пайдо менамояд. Дар натиҷа, талаботу манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва шаҳрвандони алоҳида сарфи назар намегарданд ва ризоияти ҷомеа ба амал меояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон агарчи бо Федератсияи Русия ҳаммарз ва ҳамминтақа нест, вале бо назардошти ин ки аз охирҳои асри XIX то ба имрӯз ба гуфти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ҳам «дар муҳити умумии геополитикӣ ва сиёсию иқтисодӣ » [2, с.78] буд ва муҳофизати марзҳои хориҷиаш баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ маҳз бар дӯши марзбонони русӣ афтод, ҳамчунин бо дарки он ки Русия имрӯз ҳам ба ҳайси ба ҳайси яке аз кишварҳои бонуфуз дар минтақаи Евроосиё ва дунё ба истилоҳ «бозингарони асосии минтақа» ва «нақши меҳварӣ» дошта боқӣ мондааст. Дар робита ба ин, кишвар ҳаққи афзалият медиҳад ва онро аз ҷумлаи шарикони стратегии ҳамаҷонибаи иқтисодӣ, тиҷоратӣ, низомӣ ва фарҳангӣ бо Федератсияи Русия омили муассири суботи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва амниятӣ дар кишвар ва минтақа мебошад.

Бо дарёфти истиқлолият дар таърихи муносибатҳои Русия саҳифаи нав боз шуд. Ин кишвар яке аз аввалинҳое буд, ки истиқлолияти давлатӣ ва соҳибихтиёрии ҷумҳурии моро эътироф намуд.

8-уми апрели соли 1992 дар шаҳри Душанбе протокол «Оид ба барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ байни ин ду кишвари бародар» ба имзо расид. 4-уми майи соли 1992 сафорати Федератсияи Русия дар Душанбе ифтитоҳ ёфт ва 17-уми июли ҳамон сол сафири нахустини Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон М.И. Сенкернич эътиборномаашро супорид ва ба фаъолият оғоз намуд. Дар навбати худ Тоҷикистон низ дар моҳи декабри соли 1993 сафорати худро дар Маскав боз кард ва Р.Мирзоев сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маскав таъйин гардид.

Ҳукумати Тоҷикистон ва Русия аз ибтидо ҳамаҷониба буда, қариб тамоми соҳаро фаро гирифтаанд: сиёсат, иқтисод, тиҷорат, низомӣ, гуманитарӣ, молиявӣ ва қарз, маводи сӯхт ва барқ, саноат ва корпоратсияи саноатӣ, мудофиаи граждани, ҳолати фавқулода ва ғайра.

Махсусан, дар соҳаи сиёсӣ робитаҳои дуҷониба миёни Тоҷикистон ва Русия дар сатҳи бағоят баланд инкишоф меёбанд. Тоҷикистон ва Русия аз ибтидои муносибатҳояшон дар соҳаи низомӣ ва низомиву техникӣ ҳамкориҳои судманд доштанд ва он дар гузашта нисбат ба соҳаҳои дигар афзалият дошт. Марзбонони русӣ дар ҳифзи сарҳади мо бо Афғонистон дар таъмини амнияти кишвар ва минтақа нақши мусбат бозиданд. Мувофиқи «Шартномаи байни Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақом ва шароити будани пойгоҳи низомии русӣ дар ҳоки Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 16-уми апрели соли 1999, ки аз ҷониби ҳардуи кишвар ба тасвиб расид, дивизияи 201-ум ба пойгаҳи низомӣ табдил ёфт.

Марзбонони Русия мувофиқи моддаи 9-уми созишномаи соли 1993 баробари тадриҷан ташаккул ва тақвият ёфтани неруҳои сарҳадии Тоҷикистон масъулияти ҳифз ва таъмини амнияти минтақаҳои сарҳадиро ба ихтиёри онҳо гузоштанд. Вале ҳамкории низомиву техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Русия, аз он ҷумла бо марзбонони русӣ, идома дорад. Танҳо шаклҳои он ҳамкориҳо дигар шудаанд. Робитаҳои байнипарлумонӣ ҳам хуб ҷараён доштанд. Ҳайати парлумонии Русия ба таври мунтазам ба Тоҷикистон ташриф меоранд ва ба масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ ба робитаҳои дуҷониба таваҷҷуҳ зоҳир мешавад. Ин мулоқотҳо дар наздик

гардонидани қонунгузориҳои миллии ҷонибҳо, танзим ва таҳияи қонунҳои намунавӣ ва санадҳои ҳуқуқии пешниҳодӣ, аз ҷумла марбут ба фаъолияти иқтисодӣ, бозорӣ нақши намоёне бозидаанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба маҷлиси Олӣ аз робитаҳои ҳасанаи Тоҷикистон бо Федератсияи Русия дар тӯли даҳ соли охир ёд карда, бо таассуф зикр карда буд, ки «Сарфи назар аз кӯшишҳои пайгиронаи мо, ки ман борҳо дар давоми чанд соли охир таъкид карда будам, дараҷаи ҳамкории иқтисодӣ бо Русия ба талаботи замон ва манфиатҳои ҳарду мамлакат ҷавобгӯ нест» [4, с. 142]. Аҷибаш дар он аст, ки масъалаҳои муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар сохтори робитаҳои Тоҷикистон ва Русия бахши аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳаматарафа такмилшуда буд, ки ин кишвар мисли шарики тиҷоратии асосӣ мебошад. Саҳми Русия дар робитаҳои иқтисодии хориҷии Тоҷикистон сол то сол дар ҳоли пастшавӣ аст.

Дар ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Тоҷикистон оқибпартоӣ кардани Русия боиси пайдо шудани фикру тахминҳои гуногуне шуд.

Аз ҷумла муҳаққиқе бо имзои мустаори Муҳаммадалӣ Зокир дар рӯзномаи «Азия Плюс» дар мақолаи худ бо унвони «Муҳаббати беҷавоб, ё никоҳи беҳадаф?» бар он ақида аст, ки шарики стратегӣ будани Федератсияи Русия бо Ҷумҳурии Тоҷикистон декларативӣ аст. Ҳамкориҳои иқтисоди миёни ин кишварҳо танҳо дар сухан аст, на дар амал. Ба фикри ӯ «Тоҷикистон ба хотири ҳифзи имиҷи шарики стратегӣ, худро қурбон мекард ва мекунад»[3]. Вале Русия аз ин сӯистифода намуда, ҳадафҳои геостратегии худро тақвият ва густариши ҳузури низомияшро дар Тоҷикистон амалӣ мегардонад. Ва масъалаҳои қарзи «сохтаи» 300 млн доллари амрикоӣ ва муҳоҷирони тоҷикро ба миён мегузоранд. Оид ба муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии Русия ва Тоҷикистон то имрӯз 75 санади дуҷониба дар заминаҳои молияву қарз, илму техника, иҷтимоиёт, нақлиёт, неруи барқ, андоз ва сармоягузорӣ ба имзо расидааст. Аммо баррасии вазъи онҳо нишон медиҳад, ки баъзе аз ин созишномаҳо ба сабаби то ҳол анҷом наёфтаи расмиёти дохилидавлатӣ ва ё зарурати худро гум кардан, ё худ аз ҷиҳати молӣ то таъмин нагардидани онҳо тамоман амал намекунанд. Ва ё амалӣ шуда бошад, ҳам, қисман аст. Ин гуфтаҳо аз ҷумла ба созишномаи байниҳукуматии «Дар бораи ба анҷом расонидани истгоҳи барқии Роғун дар дарёи Вахш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (13-уми апрели соли 1994) «Дар бораи аниқ гардонидани ҳамкориҳои иқтисодӣ ва инкишофи алоқаҳои ҳамкорӣ» (27-уми соли 1995), «Дар бораи принсипҳои асосии ташкили гурӯҳҳои молӣ ва саноатӣ» (7-уми сентябри соли 1995) ва ғайра низ дахл дорад.

Дар соҳаи гуманитарӣ Тоҷикистон бо Русия 24 санад дорад. Асоси онҳоро «Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳанг, илму техника, маориф, тандурустӣ, иттилоот, варзиш ва ҷаҳонгардӣ» ташкил медиҳад. Дар муносибати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Русия масъалаҳои ҳалталаб кам нестанд. Яке аз онҳо масъалаи ба таври маданӣ танзим намудани ҳузури муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар кишварашон мебошад.

Лоиҳаи «Созишнома оид ба фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи меҳнаткашони муҳоҷир», ки аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида буд, аз моҳи ноябри соли 2002 то октябри соли 2004 дар баррасии ҳукумати Русия қарор дошт. Ин созишнома дар ҷараёни сафари Президенти Федератсияи Русия В.В Путин ба Душанбе, дар якҷоягӣ бо санадҳо оид ба масъалаҳои низомӣ ба имзо расид. Шарти ҷониби русӣ ҳамин тавр буд.

Маскав имзои созишномаи мазкурро ба масъалаҳои сирф сиёсӣ мепайваст. Ҳол он ки масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ масъалаи иҷтимоист, на сиёсӣ. Бо вуҷуди ин, ҷониби русӣ ҳамаи санадҳои он маҷмӯъ (пакет)-ро аз расмиёти дохилидавлатӣ гузаронид, ба ҷуз аз созишномаи мазкур. Расмиёти дохили давлатии он хеле дер анҷом ёфт. Вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар Русия имрӯз ҳам беҳбудӣ мехоҳад. Дар матбуот, радио ва телевизионҳои федералии Русия ва минтақаҳои он дар ҳаққи муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон зиёдагӯиҳо ва ҳатто таҳқирҳо нисбати муҳоҷирони корӣ мо шуда истодааст. Ба андешаи қисме аз мансабдорони Русия гӯё тамоми маводи мухаддири ба Федератсияи Русия дохилшаванда, тариқи Тоҷикистон мегузашта бошад. Вале боре аз ҳисобу китоби СММ, ки воридшавии маводи мухаддирро ба Русия муайян кардааст, сухан намекунанд. Аз рӯйи омори муайяннамудаи СММ 50 фисади маводи мухаддири ба Русия ва кишварҳои минтақа аз Афғонистон содиршаванда ба тариқи Покистон ва Эрон, 50%-и дигари он ба воситаи Ӯзбекистон (17,4%), Қазоқистон (12,7%) ва аз тариқи хоки Тоҷикистон танҳо (13,6%) ба кишварҳои минтақа, Русия ва ғайра расонида мешавад. Зимнан Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарофати фаъолияти босамари Агентии муборизаи бо маводи мухаддири назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати боздошти маводи мухаддир дар ҷаҳон ҷойи 4-умро ишғол кардааст. Аз баски ҷумҳуриҳои дигари минтақа, монанди Ӯзбекистон ва Туркманистон ба СММ маълумоти пурра намедиҳанд.

Ба навиштаи Раҳматкарими Давлат, хабарнигори радиои «Озодӣ», «мақомоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз афзоиши гузоришҳои муғризонаи

расонаҳои Русия зимни як нишасти хабарӣ изҳори нигаронӣ кардаанд» [6]. Муаллиф аз забони сардори ситоди Оҷонсии назорат бар гардиши маводи мухаддири Тоҷикистон Фахриддин Ҷонмаҳмадов овардааст, ки баъзе аз расонаҳои русӣ ва доираҳои манфиатдор натиҷаҳои мусбати фаъолияти оҷонсии мазкурро нодида мегиранд ва дар саҳифаҳои расонаҳо ҳамеша аз норасоиҳо ҳарф мезананд.

Миёни расонаҳои хабарии Русия рӯзномаи «Комсомолская Правда» дар инъикоси воқеоти Тоҷикистон фаъолтар аст. Агарчи дар гузашта ҳам рӯзномаҳои чопӣ Русия дар Тоҷикистон фаъолият мекарданд, аммо аз моҳи октябри соли 2007 инҷониб, нашрияҳои «Комсомолская Правда» ва «АиФ» барои инъикоси вазъи Тоҷикистон чопи махсусро ба роҳ монданд. Сармуҳаррири ҳафтаномаи «Фараж» Хуршеди Атоулло сафаргуфторҳои як мухбири рӯзномаи «Комсомолская Правда»-ро доир ба бебарқӣ ва бекории аксари шаҳрвандони Тоҷикистон таҳқиромез ва таҳрикдиҳандаи низои нажодӣ хонда, менависад: «Агар мақомоти расмии Тоҷикистон ба ин гуна мақолот ҷавоби реалӣ надиҳанд ва ин гуна дурӯғпароканиҳо аз ҷониби хабарнигорони миллатгаро идома ёбад, паёмади он танҳо пас аз қабули бештари тобутҳои оҳанин дарк хоҳад шуд» [7].

Инкишофи ҳамкориҳои судманди ҳаматарафа бо Федератсияи Русия дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, низомӣ ва ғайра ба манфиати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад. Манфиатҳои геополитикии Русия ба ақидаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Ба ҳеҷ ваҷҳ ба манфиатҳои аслии стратегӣ ва миллии Тоҷикистон муқобил нестанд [5, с.50]. Бар замми ин, ӯ бар он бовар аст, ки «Русия шарики асосии стратегӣ на танҳо дар чаҳорчӯбаи ИДМ, балки дар миқёси байналмилалӣ буд ва ҳаст» [5, с.16].

Тоҷикистон сарфи назар аз ҳама гуна монеаҳое, ки дар сари роҳи муносибатҳояш бо Русия баъзан пайдо мешавад, аз ҷумла «Ҷангҳои ҳақиқии матбуотӣ», ки дар он ҳатто вакилони Думаи давлатӣ ҳам иштирок намудаанд, мавқеи стратегии худро тағйир надод. Президенти Федератсияи Русия В.В Путин дар барқияи хеш ба муносибати 10-солагии барқароркунии робитаҳои дипломатӣ миёни кишвараш ва Тоҷикистон, 8-уми апрели соли 2002 ба унвони сардори давлат ва ҳукумати Тоҷикистон навишта буд, ки «Роҳе, ки дар ин муҳлат сипарӣ шуд, ба таври боваринок нисбат кард, ки самти интихоб намудани мо – шарики стратегӣ, ки бо шартнома оид ба ҳамкориҳои ҳамиттиҳодии ба асри XXI нигаронидашуда тасдиқ гардидааст, дуруст буд» [2, с.274]. Ин маънои онро надорад, ки на танҳо Тоҷикистон ба Русия, балки Русия ҳам ба Тоҷикистон ба сифати ҳамкори содиқи стратегӣ эҳтиёҷ дорад. Русия дар тамоми даврaҳои муқовиматҳои сиёсӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва музокироти сулҳи тоҷикон пуштибони асосии давлату ҳукумати Тоҷикистон буд. Мавқеи қатъии Русия ба мамлакатҳои исломӣ имкон надод, ки ба таври ҷиддӣ алайҳи Тоҷикистон ҷанг оғоз намояд.

Ҳамин маъно дар муносибати эҳтиромкоронаи ҳукумати Тоҷикистон бо Русия инъикос меёбад.

Дар масъалаи муносибат бо Русия, Тоҷикистон ҳамеша он воқеиятро дар назар дошт, ки Русия узви доимии Шӯрои амният баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ бори гарон ва масъулияти таъмини сулҳу амниятро дар қисми бештари қаламрави Иттиҳоди Шӯравии собиқ ба уҳда гирифт. Бо камоли қаноатмандӣ таъкид менамоем, ки ҷидду ҷаҳди серзаҳмати Русия самара мебахшад. Халқи сермиллати Тоҷикистон фаъолияти сулҳҳоҳонаи Русияро ҳамаҷониба таъкид мекунанд ва маъқул мешуморанд. Ин масъала мавзӯи асосии мақолаи Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзномаи «Сегодня» «Тоҷикистон дар остонаи фардо» [9, с.274] буд, ки 24-уми июли соли 1997 чоп шудааст. Инчунин моҳи июли соли 2000-ум Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон масъалаи муносибати Тоҷикистонро бо Русия чунин шарҳ дода буд: «Дар хусуси муносибатҳои дуҷониба сухан ронда, гуфтан лозим аст, ки онҳо ҳамкории бисёрҷонибаро иваз намекунанд. Дар робита барои мо ширкат ва ҳамкории стратегӣ бо Федератсияи Русия ниҳоят муҳим мебошад. Аз ҷиҳати геополитикӣ ва геоиқтисодӣ манфиатҳои миллии Тоҷикистон бо манфиатҳои Русия чи дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва чи дар миқёси мамлакатҳои собиқи Шӯравӣ аз бисёр ҷиҳат мувофиқат мекунад. Русия дар айни ҳол мисли солҳои гузашта ба Тоҷикистон ҳамаҷониба кумак мерасонд ва мерасонад. Нақши Русия дар бобати бо роҳи сиёсӣ яктарафа кардани муноқишаи байни тоҷикон ниҳоят бузург мебошад. Русия ва Тоҷикистон зиёда аз 100 ҳуҷҷати байнидавлатӣ ва байниҳукуматиро имзо кардаанд. Рӯйдодҳои охири Русия дар охири соли гузашта ба ақидаи мо, бояд ба ташаккули муносибатҳои ҳарду кишвар таъсири мусбат расонд, ки дар ояндаи наздик боз ҳам густариш ёфта, самараи афзунтар хоҳад дод» [2, с.274]. Давлатҳои абарқудрат барои амалӣ намудани ҳадафҳои геополитикии худ дар кишварҳои дигар, ба ҳар роҳу восита тарғибу ташвиқ мебаранд. Маълум аст, ки роҳи асосии таблиғи ҳар як аҳдоф ВАО ба ҳисоб меравад. Яъне, ВАО ҳамчун олоти аввалиндараҷа истифода бурда мешавад. Барои паҳн кардани сиёсати ҳар як кишвар ВАО нақши назаррасеро гузошта метавонад.

Журналисти Амрикоӣ Уолтер Липпман ҳанӯз соли 1922 таъсири ВАО-ро ба тафаккури инсон омӯхта, навишта буд: «Ба он чизе, ки бовар дорем, вай бароямон воқеият менамояд ва мо ба он чунин муносибат мекунем, ки ин ҳамон воқеияти аз ахбор ҷилвагаршуда аст» [10, с.8]. Журналистика бидуни гумоне имрӯз вусъатбахши равандҳои сиёсии ҷомеа мебошад. Равандҳои сиёсии Русия ба равандҳои сиёсии Тоҷикистон низ вобастагӣ дорад, чунки Тоҷикистон ва Русия аз нигоҳи иқтисодӣ, шарики стратегӣ ба ҳисоб мераванд. Аммо вазъияте, ки имрӯзҳо миёни ин ду кишвар ҳукмфармост, метавонад ба иқтисодиёти Тоҷикистон латма ворид созад. Чи дар муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва чи дар масъалаҳои геополитикӣ имрӯзҳо баъзе нуқсҳо пайдо шудааст. Аз сабаби он ки мо аз ҷиҳати иқтисодӣ ба Русия ниёз дорем, наметавонем, ки чунин як манбаи сердаромадро ба осонӣ раҳо кунем. Агар ба тавозуни иқтисодии давлат нигоҳ кунем, қисми зиёди воридоти молу колои Тоҷикистон аз Русия мебошад.

Тибқи қарори ҳукумати Русия нархи боҷи содиротии маҳсулоти нафтӣ барои Тоҷикистон афзоиш ёфтааст. Ин дар ҳолест, ки 90 дар сади маҳсулоти нафтии Тоҷикистон аз Русия ворид мешавад. Бояд зикр намуд, ки аз соли 2010 инҷониб, тарафҳо барои ҳалли ин мушкилот ба мувофиқа нарасидаанд. Дар ҳамин ҳол, Русия боҷи содироти гумрукии маҳсулоти нафтиро барои Ҷумҳурии Қирғизистон барҳам дод. Тибқи ин қарор боҷи содиротӣ ба Тоҷикистон барои маҳсулоти нафтӣ 5,3% зиёд шудааст. Афзоиши нархи маҳсулоти нафтӣ барои кишвари мо чӣ пайомад дорад? Ва барҳам додани боҷи гумрукӣ ба иқтисодиёти мо чӣ таъсир мерасонад? Вобаста ба ҳамин дар нашрияи «Фараж» матлабе бо номи «Нархи маҳсулоти нафтӣ зиёд мешавад?» рӯйи чоп омадааст, ки дар он коршиносони масоили иқтисодӣ фикру андешаҳояшонро ба таври зайл овардаанд:

Давлатмурод Ҷумъаев, иқтисодшиноси тоҷик бар он назар аст, ки «ҳалли ин мушкилот, пеш аз ҳама, ба дипломатияи тоҷик вобастагӣ дорад. Мо бояд бо далелҳои қатъӣ ин чизро исбот карда тавонем ва шояд гузаштҳои дипломатӣ лозим бошад. Агар тарафҳо ба мувофиқа расанд, яъне шарту шароити Русияро мо қабул карда тавонем, барҳам додани боҷи гумрукии маҳсулоти нафтӣ осон мегардад. Мақсади аслии Русия аз чунин тасмимгириҳо, пайдо сохтани ҳадафҳои стратегӣ аст». Инчунин ӯ қайд менамояд, ки «инро метавон фишори навбатии иқтисоди Русия ва Тоҷикистон номид. Муҳимтарин пайомад ҳамин хоҳад буд, ки нархи маҳсулоти нафтӣ арзон хоҳад шуд» [7]. Аз ҳисоби воридоти дигар намуди маҳсулот, аз қабили гандуму шакар, ин кишвар метавонад ба мо таъсир расонад. Яъне, дар дилхоҳ вақт Русия имкон дорад вазъи иқтисодии моро вазнин кунад. Барои ҳамин он муносибатҳое, ки феълан ба миён омадааст онро зуд бартараф кардан даркораст ва он муносибатҳоеро, ки пеш буд, ба роҳ мондан лозим.

Азбаски Тоҷикистон дар як мавқеи географие ҷойгир шудааст, ки аз нуқтаи назари геополитикӣ барои ҳамаи давлатҳо аҳамияти стратегӣ дорад, бинобар ин, Русия низ мехоҳад муносибатҳояшро бо кишвари мо ба таври хуб ба кишвари мо ба роҳ монад, ки ин аз дониш ва тарзи фаъолияти кории дипломатҳои ин ду кишвар вобастагӣ дорад. Агар муносибат миёни ин ду кишвар қатъ гардад ва ё боз ҳам сард гардад, таъсири он ба бахшҳои мухталифи кишвар мерасад, ки онро ҳодисаҳои охири соли 2011 нишон доданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикистон дар роҳи демократия ва ҷомеаи муттамадин. Монография / Э.Ш. Раҳмонов. - Душанбе, 1996. – 309 с.
2. Раҳмонов Э.Ш Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Монография / Э.Ш.Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – Ҷ.1. – 305 с.
3. Муҳаммадалии Зокир. Муҳаббати ҷавон никоҳи беҳадаф // «Азия плюс» 2011, 22, январ. - 4с.
4. Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик. Монография / Т.Назаров. –Душанбе. - 222 с.
5. Саидов З.Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2017 гг) Учеьное пособие / З. Саидов. - Душанбе: Контраст, 2017. - 142 с.
6. Раҳматкарими Давлат. Нигаронӣ аз расонаҳои русӣ // Радиои «Озодӣ» 31.03.2009.
7. Хуршеди Атоулло. Комсомолская правда иғво меангезад //«Фараж», 2011,24, январ. -№36.-6 с.
8. Усмонов И.К. Назарияи публисистика. Монография / И.К. Усмонов. – Душанбе, 1999. - 300 с.
9. Усмонов И.К. Воситаҳои ахбори омма ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон Монография / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2003. - 274 с.
10. Журналистикаи байналхалқӣ // Маҷмӯи мақолаҳо - С.8.

ТАЪСИРИ РАВАНДҲОИ СИЁСИИ РУСИЯ БА ТОҶИКИСТОН ВА ШАРҲИ ОНҲО ДАР ВАО

Мақолаи мазкур фарогири маълумотҳо оиди равандҳои сиёсии Федератсияи Русия ва таъсири онҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муаллиф кӯшиш кардааст, то ҳадди имкон сатҳи таъсири онҳоро муайян кунад. Дар оғоз муаллиф оиди худи мафҳуми «раванди сиёсӣ» маълумоти мухтасар дода, нуқтаи назари олимони гуногунро овардааст. Раванди барқароршавии муносибатҳои дипломатӣ, таърихи муносибатҳои дутарафаи Тоҷикистон бо Русия дар замони соҳибихтиёрӣ ва шумораи созишномаҳои имзошуда дар мақола нишон дода шудаанд. Нақши Русия дар савдои хориҷии Тоҷикистон ва саҳми сармояи русӣ дар иқтисоди Тоҷикистон ба таври мухтасар нишон дода шуда, дурнамои он то ҳадди имкон муайян шудааст. Иқтибосҳои гуногуни тарафдорон ва мунаққидони муносибатҳои Тоҷикистон бо Русия дар ВАО-и русиягӣ ва тоҷикистонӣ бо муҳтавои гуногун оварда шудаанд. Дар мақола ба тарзи шарҳи муносибатҳои ду давлат дар ВАО-и давлатӣ ва ғайридавлатии ҳар ду давлат диққати муҳим дода шудааст. Заъфҳо ва камбудиҳои

мунсобатҳои дутарафа ба таври объективӣ муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳо низ аз тарафи муаллиф нишон дода шудаанд.

Калидвожаҳо: раванди сиёсӣ, муносибат, иқтисодиёт, сарҳад, ВАО, шарҳ, Тоҷикистон, Русия, ҳамкорӣ, шарики стратегӣ, мушкилот.

ВЛИЯНИЕ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ РОССИИ НА ТАДЖИКИСТАН И ИХ ОБЗОР В СМИ

Данная статья содержит в себе информацию о политических процессах Российской Федерации и их влиянии на Республику Таджикистан. Автор старается, по мере возможности, определить степень их влияния на республику. В начале автор даёт краткую информацию о самом термине «политический процесс» и приводит разные научные точки зрения. В статье рассмотрены процесс установления дипломатических отношений, история двусторонних Таджикско-Российских отношений в годы независимости и число подписанных соглашений. Коротко показана роль России во внешней торговле Таджикистана и доля российских инвестиций в таджикскую экономику, по мере возможности, сделан прогноз их перспектив. Приведены некоторые цитаты сторонников и критиков отношений Таджикистана и России в СМИ. В статье особое внимание уделяется форме комментариев об отношениях двух государств в государственных и негосударственных СМИ обеих государств. Объективно показаны недостатки и трудности в двухсторонних отношениях, и автор показывает пути их разрешения.

Ключевые слова: политический процесс, отношения, экономика, граница, СМИ, обзор, Таджикистан, Россия, сотрудничество, стратегический партнер, проблемы.

IMPACT OF RUSSIA'S POLITICAL PROCESSES ON TAJIKISTAN AND THEIR REVIEW IN THE MEDIA

This article contains information about the political processes of the Russian Federation and their impact on the Republic of Tajikistan. The author tries, as far as possible, to determine the degree of their influence on the republic. At the beginning, the author gives a brief information about the term “political process” itself and gives different scientific points of view. The article describes the process of establishing diplomatic relations, the history of bilateral Tajik-Russian relations in the years of independence and the number of signed agreements. The role of Russia in foreign trade of Tajikistan and the share of Russian investment in the Tajik economy are briefly shown, and, if possible, a forecast of their prospects is made. Various quotes by supporters and critics of relations between Tajikistan and Russia in the media are given. The article focuses on the form of commentary on the relations of the two states in the state and non-state media of both states. Objectively, the shortcomings and difficulties in bilateral relations are shown and the author shows ways to resolve them.

Key words: political process, relations, economy, border, mass media, survey, Tajikistan, Russia, cooperation, strategic partner, problems.

Сведения об авторе: ***Шарифов Камолиддин Худойбердиевич*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **kamoliddin_sh@mail.ru.** Тел.: **(+992)938-36-64-65**

Information about the author: ***Sharifov Kamoliddin Khudoiberdievich*** - Tajik National University, aspirant of the department of international journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **kamoliddin_sh@mail.ru.** Tel.: **(+992)938-36-64-65**

МУНДАРИҶА-СОДЕРЖАНИЕ

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ - Я З Ы К О З Н А Н И Е

Хонхужаева А. Тематическая классификация этнографической лексики, относящейся к траурным традициям…….. **5**
Маҷидов Ҳ. Системаи шаклҳои категорияи замони феъли забони тоҷикӣ…… **10**
Кабиров Ш. Ҳамнишинии воҳидҳои луғавӣ аз лиҳози маншаъ…….. **18**
Гулназарова Ж. Навъҳои таносуби парадигматикии феъл…… **21**
Ахмедова Н.К. Грамматическое значение артикля и его место в таджикском и английском языках…….. **26**
Шафоатов А.Н. Аз таърихи ташаккул ва таҳаввули истилоҳи «варзиш» дар забони тоҷикӣ..... **30**
Сайдалиева С.С. Баъзе маълумотҳо дар бораи сохтори овозии шеваи тоҷикони Кӯлоб…… **33**
Исматуллоева П.Р. Особенности семантики императивных предложений в английском языке..... **36**
Яқубов Т. Феълҳои музореи маҳзум ва мансуби забони арабӣ ва ҳолатҳои истисноии онҳо..... **41**
Талабова Т.М. Структурный анализ возвратных местоимений в английском и таджикском языках…….. **45**
Намозова Ш.Ҳ. Воҳидҳои ҷамъсози исм дар забонҳои тоҷикӣ ва форсавӣ (таҳлили муқоисавӣ дар мисоли повести «Одина»-и С.Айнӣ)…….. **51**
Орзуева П.Ҷ., Алиева Г.З. Хусусиятҳои хосси нутқи мазмунан нақлшуда дар забони англисӣ…… **56**
Амонова М.Н. Сабки истифодаи вожаҳои куҳнашуда ва камкорбурд дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав…….. **59**
Асоева Б. Вижагиҳои калимасозии вандӣ дар «Зафарномаи хусравӣ»..... **62**
Турахасанов К.Ш. Семантико-синтаксические способы медицинского терминообразования таджикского языка…….. **68**
Гадоев Н. Ҷумлаҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубу шарқии минтақаи Кӯлоб..... **71**
Давлатов И.А. Хусусиятҳои маъноии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ..... **75**
Кесамирова С.Р. О понятии переводческой эквивалентности (на материале английского и таджикского языков)…….. **81**
Ҷалилова А. Вожаҳои баёнгари эҳсосоту майлҳои иродавии манфӣ дар ашъори Ашӯр Сафар..... **86**
Исмонов К.Б. Наҳв: аз луғат то истилоҳ..... **91**
Бойматова Н.К. Лексико-семантический анализ концепта beauty - красота (по данным словарей и национальных корпусов)…….. **95**
Джамирова Л.И. Лексико-семантическое поле «возраст» в русском и таджикском языках……. **99**
Музаффарова Ш.М. Тарзҳои ташаккули истилоҳоти соҳаи бонкдорӣ дар забони тоҷикӣ..... **103**
Эшназарова С.М. Концептив «линейное (социальное время)» в русско-таджикских соответствиях..... **109**
Ширинбекова С.Ҳ., Акрамова З.А. Хусусиятҳои хосси воҳидҳои фразеологии забони англисӣ ҳангоми тарҷума..... **114**
Муҳаммадиева С. Корбурди калимаҳои мураккаб дар ғазалиёти Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ..... **117**
Файзиева С.А. Функциональные и структурные особенности глаголов эмоционального ощущения таджикского и русского языков……. **123**
Наврузшоев Б.Х. Махсусиятҳои маъноиву услубии тарҷумаи тасвирии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ба забони англисӣ (дар заминаи маводи матбуот)..... **128**
Мирзоева М.М. Роль лексических синонимов в выражении временного оттенка в художественных произведениях С. Айни…….. **131**
Умаров Ф.А., Сайдалиева Г.М. Таъмини самаранокии таълими забони англисӣ бо роҳи усулҳои нави таълим..... **134**
Давлатмирова М.Б. Лингвокультурные аспекты макроконцепта «судьба» в арабском языковом сознании: результаты ассоциативного эксперимента **138**
Муминов Ф.Б. Вожасозии феъли «кардан» дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ»..... **145**
Назарова М. О. Неопределенные местоимения «*баъзе, ягон, кадом»* и их переводы на французский язык (на основе романа Дж. Икрами «Дочь огня»)…….. **151**
Тураев А. Муарработ (наввожа)-ҳои хориҷӣ (англисӣ) дар забони арабии муосир…… **155**
Назарова М.Р., Асомова У.И. Хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ…….. **159**
Шукуров Г.Х. Таҳқиқи сохти вожаҳо дар забоншиносии классикии тоҷик…….. **163**
Давлатзода Ҳ., Сайдалиева Г.М. Усулҳои таълими маҳорати азхудкунии грамматикаи забони англисӣ…… **166**
Ниҳмонова Р. Муродифоти феълҳо ва ибораҳои фразеологии феълӣ дар публитсистикаи С. Айнӣ.. **169**
Раҳимов Ф. Асосҳои назарии забоншиносии пайкаравӣ ва технологияи иттилоотии муосир..... **172**
Туйчиева А. Проблемы разъединения произносимого и письменного высказывания…… **178**
Маҳмадҷонов О., Лузинаи Зафардухт. Истилоҳоти ифодакунандаи маҳфумҳои динӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ…… **181**
Шафоатов А.Н. Вожаҳои ифодагари мафҳуми шахсияти варзишгар ва сифатҳои ҷисмонию рӯҳии онҳо дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ..... **187**

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ - Л И Т Е Р А Т У Р О В Е Д Е Н И Е

Маҳмадаминов А., Шарифзода Л. Шинохти осор ва шахсияти Садриддин Айнӣ аз нигоҳи М. Турсунзода..... **191**
Солеҳов М. Ҳаким Саноӣ ва истиқболи ашъори Рӯдакӣ..... **196**
Махмудов Д.О. Восход, развитие и закат сюжетной линии французской литературной сказки и воздействие на нее ориентальных веяний..... **200**
Анварова М.Н. Таъсири "Латоиф-ул-амсол"-и Рашидуддини Ватвот ба "Нафоис-ул-фунун"-и Шамсуддини Омулӣ..... **203**
Ғаффоров Ш. "Рисолаи дилкушо"- и Убайди Зоконӣ ва нигоҳи оморӣ ба персонажҳои он..... **209**
Каримов И. Ҷанбаҳои забонии шарҳи «Калимоти қисор»-и Бобо Тоҳири Урён..... **215**
Мансурова Р. Тарҷума ва интихоби матн (нигоҳе ба муҳтавои тарҷумаҳои Фурӯғи Фаррухзод)..... **218**
Юсупов Ф. Номанигорӣ дар аҳди Тоҳириён (дар мисоли номаи Тоҳир ибни Ҳусайн ба фарзандаш Абдуллоҳ)..... **222**
Наҷмиддинова У. Махсусиятҳои осори насрии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (дар мисоли "Мактубот")..... **226**
Қутбиддинов А.Ҳ., Иноятова З.П. Нақши ноқил дар анвои наср..... **229**
Исматова З. Марҳилаҳои асосии пайдоиш ва ташаккули жанри ривоят дар адабиёти форсии тоҷикӣ..... **234**
Фақиров Х. Карим -девона боз дар саҳна..... **240**
Мансурова З.А. «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» Иззуддина Кашани как памятник суфийской прозы в персидско-таджикской литературе..... **245**
Кодиров К. Величия «ирфанической любви» в газели Мир Сайида Али Хамадани..... **248**
Абдусаломзода А.М. Баъзе вижагиҳои манзумаи «Афсона»-и Нимо Юшиҷ..... **255**
Асил Шарифа. Чеҳраҳои номвари давраи муосир дар адабиёти форсии дарӣ..... **259**
Раҳмонов Ҳ.А. Моҳияти мундариҷавию эстетикии ашъори меҳанпарастона (дар асоси эҷодиёти Рустам Ваххобзода)..... **263**
Одинаев Н., Ҷаъфарова Д. Таҳаввули авзони арӯзи форсӣ дар ғазалиёти Сайидои Насафӣ..... **272**
Забирзода Сунатулло. Маҷаллаи «Сухан» ва масоили забони шеър..... **277**
Ҳусейнзода Ф., Давлатов У. Таҳқиқи ёдкардаҳои Убайди Рақаб дар бораи устод Мирзо Турсунзода дар китоби "Зинда ба ишқ"..... **281**
Бобобеков А.М. Корбурди санъати талмеҳ дар осори Туғрал..... **287**
Олимова Х.Ҳ. Сафарномаҳои "Наводир-ул-вақоеъ"-и Аҳмади Дониш..... **289**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

Муродов М. Воқеияти замон ва маърифати публитсистии он (дар мисоли маводи маҷаллаи «Садои Шарқ»)..... **294**
Султанова Ж.О. Основы работы «Кыргыз радиосу» в современных условиях: теория и практика..... **300**
Муқимов М.А. Шабакаҳои пахши Шарқи Наздик тарғибгари манфиатҳои ИМА..... **304**
Мухторов Қ., Аҷмал Соис. Муассирияти гузориши таҳқиқӣ бар тағйири вазъияти иҷтимоӣ..... **311**
Мардонов С. Масъалаи оила ва тарбияи фарзанди солим дар нашрияи "Ҷавонони Тоҷикистон"..... **315**
Шарифов К. Таъсири равандҳои сиёсии Русия ба Тоҷикистон ва шарҳи онҳо дар ВАО..... **320**

ТАРТИБИ ТАҚРИЗДИҲӢ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМИЕ, КИ БА МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН. БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ» БАРОИ ЧОП ПЕШНИҲОД МЕГАРДАНД

Мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, аз ташхиси пешакӣ гузаронида мешаванд (ташхис аз ҷониби аъзоёни ҳайати таҳририя – мутахассисони соҳаи дахлдор анҷом дода мешавад) ва сипас дар доираи тартиботи ҷорӣ барои чоп қабул мегарданд. Талабот барои тартиб додани шакли ниҳоии матни мақола дар ҳар як шумораи маҷалла чоп карда мешавад.

Ҳангоми қабули шакли дастнависи мақола, корбарони маҷалла нисбат ба мундариҷа ва риояи талаботи асосӣ ба муаллиф хабар медиҳанд ва он норасоиҳое, ки дар мақола ҷой доранд, то оғози ташхис аз ҷониби муаллиф бояд бартараф карда шаванд.

Сипас мақолаи илмӣ, дар доираи талаботи ҷорӣ, барои ташхис ба аъзоёни ҳайати таҳририя ва ё мутахассисони соҳаи дахлдор (номзадҳо ва докторони илм) равон карда мешавад.

Дар тақриз бояд хусусиятҳои муҳимми мақола асоснок карда шаванд. Аз ҷумла, навоварии илмӣ, муҳиммияти омӯзиши масъала, арзиши таърихӣ ва фактологии мақола, дурустии иқтибосҳои нишондодашуда, услуби матн, истифодаи адабиёти солҳои охир ва камбудию норасоиҳои мақола. Дар охири тақриз ба мақола баҳои умумӣ дода мешавад ва ба ҳайати таҳририя дар мазмунҳои зерин хулосаи муқарриз пешниҳод мегардад: ба чоп тавсия карда шавад; баъди ислоҳи камбудиҳо ба чоп тавсия карда шавад; барои тақриз иловатан ба мутахассиси дигари масъалаи дахлдор фиристода шавад; барои чоп тавсия карда намешавад. Ҳаҷми тақриз бояд аз як саҳифа кам набошад.

Мақолаҳои илмии барои чоп қабулгардида, аммо ба тағйирот ниёздошта, бо нишон додани тавсияҳои муқарриз ва муҳаррир ба муаллифон фиристода мешаванд. Муаллифон бояд камбудию норасоиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, шакли ниҳоии матни чопӣ ва электронии мақоларо бо дастхати пештарааш ба маҷалла пешниҳод намоянд. Баъди ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта мақолаи илмӣ такроран барои тақриз супорида мешавад ва сипас аз ҷониби ҳайати таҳририя барои чопи он иҷозат дода мешавад.

Мақолае, ки ба он тақризи мусбӣ дода шудааст ва чопи он аз ҷониби ҳайати таҳририя ҷонибдорӣ гардидааст, барои нашр қабулгардида ба ҳисоб меравад.

Раванди тақриздиҳӣ ба мақолаҳои дастнавис ошкоро намебошад. Паҳн намудани хабар дар бораи раванди тақриздиҳии мақолаи дастнавис боиси поймол гардидани ҳуқуқи муаллиф мегардад. Муқарризон барои нусхабардорӣ намудани матни мақола ва истифода намудани он барои эҳтиёҷоти худ ҳуқуқ надоранд.

Муқарризон, инчунин аъзоёни ҳайати таҳририя то нашри мақола иттилооти дар матни мақолаи дастнавис ҷойдоштаро ба манфиати худ истифода бурда наметавонанд.

Тақризҳо дар нашрияи маҷалла ба муддати 5 то сол нигоҳдорӣ мешаванд.

Идораи нашрия ҳангоми дархости дахлдор нусхаҳои тақризҳоро ба Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ирсол менамояд.

Инчунин идораи нашрия ҳангоми дархости дахлдор нусхаҳои тақризҳоро ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ирсол менамояд.

ПОРЯДОК
РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА. СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в каждом номере журнала.

Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет.

Редакция журнала направляет копии рецензий в Министерство образования и науки Российской Федерации при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ» пешниҳод мегарданд

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гунна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарипов Д.М.);

–номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

–матни асосии мақола;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний;

– информация об авторе на русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название.

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук» основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим группам специальностей: 10.01.00 – Литературоведение и 10.02.00 – Языкознание. Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

2019. №3

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор таджикского языка: М.Н.Набиева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

Издательский центр
Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 8,5, усл. п.л. 8.
Подписано в печать 10.04.2019 г. Заказ №2018/04-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.